

Шарҳи маъонии Қуръони карим

ба забони тоҷикӣ

Маркази Рувод-ут-тарҷама





9 786038 297827





Шарҳи маъонии

Қуръони карим

ба забони тоҷикӣ

Маркази Рувод-ут-тарҷама





ح المكتب التعاوني للدعوة والإرشاد وتوعية الجاليات بالربوة، ١٤٤٢هـ
فهرسة مكتبة الملك فهد الوطنية أثناء النشر

مؤسسة رواد الترجمة للاتصالات وتقنية المعلومات
بيان معاني القرآن الكريم باللغة الطاجيكية. / مؤسسة رواد
الترجمة للاتصالات وتقنية المعلومات. - الرياض، ١٤٤٢هـ
(١٣٤٠ ص)؛ .. سم

ردمك : ٧-٨٢-٨٢٩٧-٦٠٣-٩٧٨

١- القرآن - ترجمة ٢- القرآن - تفسير الحديث أ.العنوان
ديوي ٤٩١٥٧، ٢٢١ ٩٣٤ / ١٤٤٢

رقم الإيداع : ٩٣٤/ ١٤٤٢
ردمك : ٧-٨٢-٨٢٩٧-٦٠٣-٩٧٨

الطبعة الأولى ١٤٤٧ هـ
للتحقق من التحديثات

23/04/2024 (V1.0.2)
للتواصل: info@quranenc.com

نحو توفير تفاسير وتراجم موثوقة لمعاني القرآن بلغات العالم

جمعية الربوة

المحتوى الإسلامي

مقدمة

ما هو القرآن الكريم ؟

القرآن الكريم هو كلام الله رب العالمين وخالقهم، أنزله على خاتم الأنبياء والمرسلين محمد ﷺ ليبين للبشرية الغاية من خلقهم، ولهدايتهم إلى ما فيه سعادتهم في الدنيا والآخرة، وتخليصهم من الشقاء الأبدي بعد الموت، وهو آخر الكتب الإلهية نزولاً، مصدقا لها، وناسخا لشرائعها.

والقرآن الكريم آية ومعجزة أبدية، وهو دليل على نبوة رسول الله محمد ﷺ، تحدى الله الإنس والجن على أن يأتوا بمثله بل ولو بسورة منه، فعجزوا عن ذلك.

لم تصل إليه يد التحريف والتبديل منذ نزوله قبل أكثر من ١٤٠٠ سنة، وسيبقى محفوظاً باللغة العربية التي نزل بها، حيث تكفل الله سبحانه وتعالى بحفظه الى آخر الزمان.

والقرآن الكريم هو المصدر الرئيس للإسلام، والدستور الذي ينظم حياة البشر ويحكمها في كل زمان ومكان، يدعو إلى عبادة الإله الخالق وحده، ويبين ما يحتاجه الإنسان لمعرفة ربه ودينه، وبداية خلق الكون، وأطوار خلق الإنسان، ويخبر عن غيوب ماضية ومستقبلة، وعن قصص أنبياء سابقين عليهم السلام، وكيف نصرهم الله وأهلك أعداءهم، وفيه أصول العبادات والمعاملات والدعوة إلى الأخلاق المحمودة، والتحذير من الأخلاق المذمومة، والمصير في الآخرة؛ إما الجنة دار المؤمنين وإما النار دار الظالمين والكافرين.

ولأهمية هذا الكتاب العظيم الذي أنزله الله باللغة العربية، وأمر بإبلاغه للبشرية؛ يطيب لنا -أيها القارئ الكريم- أن نقدم لك ترجمة لمعانيه بلغتك، تسهيلاً لفهمه وتحقيقاً لتبليغه، وقد بذل فريق العمل جهده في فهم معانيه وترجمتها، مع العلم اليقيني أنه مهما بلغت دقة الترجمة فستظل قاصرة عن أداء المعاني العظيمة التي يدل عليها نص القرآن الكريم المعجز الذي يفوق أي عمل بشري، ومن أراد أن يقف على مزيد من الحقائق التي جاء بها القرآن الكريم؛ فنوصيه بتعلم اللغة العربية التي نزل بها.

وسلام على المرسلين، والحمد لله رب العالمين.

موسوعة القرآن الكريم

يمكنك الإطلاع على معاني القرآن الكريم بلغتك من خلال مسح الرمز المرئي (QR Code) بكاميرا الهاتف

•يسعدنا أن نستقبل مقترحاتكم وملاحظاتكم لتطوير الترجمة من خلال نافذة الملاحظات الموجودة أمام كل آية في موقع موسوعة القرآن الكريم

(www.quranenc.com)

وعند الرغبة في التواصل معنا يمكن مراسلتنا عبر البريد الإلكتروني:

info@quranenc.com

Сарсухан

Қуръони карим – каломи Аллоҳ, ки Парвардигори ҷаҳониёну Холиқи онҳост, мебошад ва онро бар хотами паёмбарон – Муҳаммад (с) нозил кардааст, то ба башарият равшан созад, ки ҳадаф аз офариниши онҳо чист. Инчунин, онҳоро ба роҳе ҳидоят намояд, ки саодаташонро дар дунёву охират ба дунбол дорад ва онҳоро аз бадбахтии абадии баъд аз марг раҳоӣ бахшад. Қуръони карим охирин китоби илоҳии нозилшуда буда, тасдиққунандаи китобҳои гузашта ва бекоркунандаи тамоми шариатҳои пешини илоҳист.

Қуръони карим нишонаву муъҷизаи абадӣ буда, далеле бар нубувати Расулуллоҳ – Муҳаммад (с) мебошад. Аллоҳи мутаол инсонҳову ҷинҳоро ба чолиш кашида, то монанди онро ё ҳатто сурае монанди онро биёваранд, аммо оҷизу нотавон монданд.

Бо ин ки беш аз 1400 сол аз нузули Қуръон мегузарад, аммо дасти таҳрифу табдил ба он нарасидааст ва ҳамвора ба забони арабӣ, ки забони нузули он аст, маҳфуз боқӣ мондааст, зеро Аллоҳ таоло Худ ӯҳдадори ҳифозат аз он то рӯзи қиёмат гаштааст.

Қуръони карим манбаъи аслии Ислом ва қонунест, ки дар ҳар замону маконе ҳаёти башариро ба назму тартиб дароварда, устувор сохтааст. Он ба ибодати ягона маъбуди Холиқ фаро мехонад ва он чиро, ки инсон барои шинохти Парвардигораш ва дини Ӯ ниёз дорад, баён мекунад. Аз ибтидои офариниши ҳастӣ ва мароҳили хилқати инсон сухан гуфта, аз умури ғайбу ниҳон дар гузашта ва оянда хабар медиҳад. Аз саргузаштҳои паёмбарони гузашта (а) ва ин ки чи тавр Аллоҳи мутаол онҳоро ёрӣ намуду душманонашонро нобуд сохт, ҳикоят мекунад. Асли ибодоту муомилот ва даъват ба ахлоқи писандидаро дар худ ҷой дода, нисбат ба ахлоқи накуҳида ҳушдор додааст. Инчунин, он дар бораи фарҷоми ухравӣ, ки ё ба сӯи биҳишт, ки сарои мӯъминон аст, ё ба сӯи дӯзах, ки сарои кофирон аст, сухан мегӯяд.

Ба далели аҳамияти ин китоби бузург, ки Аллоҳ таоло онро ба забони арабӣ нозил карда ва ба иблоғи он ба башар амр намудааст, хушҳол мешавем, ки тарҷумаи маъонии онро ба забони шумо тақдими ҳузуратон кунем, то фаҳми он осон гашта ва таблиғи он сурат гирифта бошад. Гурӯҳе, ки барои анҷоми ин кор муваззаф шуда буд, тамоми талоши худро барои фаҳми маъонии он ба кор гирифтааст, то тарҷумаи дақиқеро ироа диҳад. Аммо хуб медонем, ки ҳар андоза тарҷума дақиқ бошад, боз ҳам ироаи маъонии бузург ва волое, ки насси Қуръони карим бар онҳо далолат мекунад, ба забони дигар начандон пурраву комил аст, зеро насси Қуръони карим мӯъҷизае бартару болотар аз ҳар амали башариест. Аз ин рӯ, ба ҳар касе, ки ҷӯёи ҳақоиқи бештаре аз ҷумлаи мавориде, ки Қуръони карим дар худ ҷой додааст, тавсия мекунем забони арабиро биёмӯзад, зеро Қуръон ба ин забон нозил шудааст.

Ва салому дуруд бар паёмбарон, ва ҳама ситоишҳо махсуси Аллоҳ – Парвардигори ҷаҳониён аст.

Доират-ул-маорифи Қуръони карим

www.quranenc.com

Хушҳол мешавем барои беҳтар шудани тарҷума пешниҳодоту мулоҳизоти шуморо аз тариқи панҷараи мулоҳизот, ки дар баробари ҳар оят дар вебсайти Доират-ул-маорифи Қуръони карим

(www.quranenc.com)

қарор гирифтааст, дарёфт намоем. Дар сурати тамоюл ба иртибот бо мо, метавонед аз тариқи ин почтаи электронӣ

info@quranenc.com

бо мо тамос бошед.

(1) Фотиҳа الفاتحة

Ҷузъи 1

1. Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон.	بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ١
2. Сипос махсуси Аллоҳ таоло-Парвардигори ҷаҳониён аст.	ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢
3. Бахшандаи меҳрубон аст.	ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ٣
4. Молики рӯзи ҷазост.	مَٰلِكِ يَوۡمِ ٱلدِّينِ ٤
5. [Парвардигоро] Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем.	إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ ٥
6. Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо [ва ҳамвора собитқадам бигардон].	ٱهۡدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ ٦
7. Роҳи касоне [ҳамчун паёмбарон, шаҳидон, ростгӯён ва накукорон], ки ба онон неъмат додаӣ ва дар зумраи ғазабшудагон [яҳудиён] ва гумроҳон [масеҳиён] нестанд.	صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ أَنۡعَمۡتَ عَلَيۡهِمۡ غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ عَلَيۡهِمۡ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ ٧

(2) Бақара(*) البقرة

Ҷузъи 1

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓمٓ ﴿١﴾

1. Алиф, лом, мим.(1)

ذَٰلِكَ ٱلْكِتَٰبُ لَا رَيْبَ ۛ فِيهِ ۛ هُدًى لِّلْمُتَّقِينَ ﴿٢﴾

2. Ин китобест, ки ҳеҷ тардиде [шакку гумоне] дар [китоби илоҳӣ будани] он нест ва мояи ҳидояти парҳезгорон аст.

ٱلَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِٱلْغَيْبِ وَيُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَمِمَّا رَزَقْنَٰهُمْ يُنفِقُونَ ﴿٣﴾

3. Он касоне, ки [дар ниҳону ошкор] ба ғайб имон доранд ва намоз барпо медоранд ва аз он чи ба эшон рӯзӣ додаем, инфоқ [сарфу харҷ ва хайр] мекунанд.

وَٱلَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيْكَ وَمَآ أُنزِلَ مِن قَبْلِكَ وَبِٱلْءَاخِرَةِ هُمْ يُوقِنُونَ ﴿٤﴾

4. Ва онҳое, ки ба он чи бар ту ва [бар паёмбарони] пеш аз ту нозил шудааст, имон меоваранд ва бар рӯзи растохез яқин доранд.

أُو۟لَٰٓئِكَ عَلَىٰ هُدًى مِّن رَّبِّهِمْ ۖ وَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٥﴾

5. Онҳо аз ҷониби Парвардигорашон аз ҳидоят бархӯрдоранд ва ононад, ки растагоранд.

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ سَوَآءٌ عَلَيْهِمْ ءَأَنذَرْتَهُمْ أَمْ لَمْ تُنذِرْهُمْ لَا يُؤْمِنُونَ ﴿٦﴾

6. Бар касоне, ки кофир шудаанд, баробар аст, ки оё бимашон додаӣ, ё надодаӣ, имон нахоҳанд овард.

خَتَمَ ٱللَّهُ عَلَىٰ قُلُوبِهِمْ وَعَلَىٰ سَمْعِهِمْ ۖ وَعَلَىٰٓ أَبْصَٰرِهِمْ غِشَٰوَةٌ ۖ وَلَهُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿٧﴾

7. Аллоҳ таоло бар дилҳо ва гӯшҳояшон муҳр [-и ғафлат] задааст ва бар чашмҳояшон пардаест ва барояшон азоби бузурге [дар пеш] аст

وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَقُولُ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ وَبِٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ وَمَا هُم بِمُؤْمِنِينَ ﴿٨﴾

8. Бархе аз мардум мегӯянд: «Ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон овардаем», дар ҳоле ки имон надоранд

يُخَٰدِعُونَ ٱللَّهَ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَمَا يَخْدَعُونَ إِلَّآ أَنفُسَهُمْ وَمَا يَشْعُرُونَ ﴿٩﴾

9. Онон [гумон мекунанд] Аллоҳ таоло ва муъминонро фиреб медиҳанд, дар ҳоле ки фақат худро фиреб медиҳанд, вале намефаҳманд.

(*) Бақара (Гов)

(1) Зикр гардидани ҳуруфи муқаттаъа (ҳарфҳои ҷудошуда) дар оғози ин сура нишонае аз эъҷози Қуръон аст. Дар воқеъ, ин ҳуруф мушрикони Қурайшро ба чолишу мубориза даъват кард ва сарфи назар аз ин ки он ҳарфҳо барояшон ошно буд, онон тавони ибрози эътироз ба онро надоштанд. Инчунин бовҷуди ин ки онон беҳтарин суханварони Араб буданд - аз овардани ояту сурае ҳаммонанди Қуръон оҷизу нотавон монданд, ки ин далолат бар Ваҳй ва муъҷиза будани Каломуллоҳ мекунад.

فِي قُلُوبِهِم مَّرَضٌ فَزَادَهُمُ ٱللَّهُ مَرَضًا ۖ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌۢ بِمَا كَانُوا۟ يَكْذِبُونَ ﴿١٠﴾

10. Дар дилҳояшон беморӣ (шак, нифоқ ва палидӣ) аст ва Аллоҳ таоло бар бемории онон афзудааст ва ба хотири дурӯғҳое, ки мегуфтанд, азоби дардноке [дар пеш] хоҳанд дошт

وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ لَا تُفْسِدُوا۟ فِي ٱلْأَرْضِ قَالُوٓا۟ إِنَّمَا نَحْنُ مُصْلِحُونَ ﴿١١﴾

11. Ҳар гоҳ ба онон гуфта шавад: «Дар замин фасод накунед», [ба дурӯғ] мегӯянд: «Мо албатта худ ислоҳгарем»

أَلَآ إِنَّهُمْ هُمُ ٱلْمُفْسِدُونَ وَلَٰكِن لَّا يَشْعُرُونَ ﴿١٢﴾

12. Огоҳ бошед! Онон [табаҳқор ва] муфсиданд, вале намефаҳманд

وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ ءَامِنُوا۟ كَمَآ ءَامَنَ ٱلنَّاسُ قَالُوٓا۟ أَنُؤْمِنُ كَمَآ ءَامَنَ ٱلسُّفَهَآءُ ۗ أَلَآ إِنَّهُمْ هُمُ ٱلسُّفَهَآءُ وَلَٰكِن لَّا يَعْلَمُونَ ﴿١٣﴾

13. Ва вақте ба онон гуфта шавад: «Шумо низ ҳамчун мардум [-и боинсоф ва воқеъбин] имон оваред», мегӯянд: «Оё [интизор доред] ҳамчун камхирадон имон оварем»? Огоҳ бошед! [Маҳз худи] Ононанд, ки камхирад ҳастанд, вале намедонанд

وَإِذَا لَقُوا۟ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ قَالُوٓا۟ ءَامَنَّا وَإِذَا خَلَوْا۟ إِلَىٰ شَيَٰطِينِهِمْ قَالُوٓا۟ إِنَّا مَعَكُمْ إِنَّمَا نَحْنُ مُسْتَهْزِءُونَ ﴿١٤﴾

14. Ва ҳангоме ки муъминонро мулоқот мекунанд, мегӯянд: «Мо [низ ҳамчун шумо] имон овардаем» ва ҳангоме ки бо васвасагарони шайтонсифати худ хилват мекунанд [дар танҳоӣ якҷо мешаванд], мегӯянд: «Мо бо шумо ҳастем ва фақат [онҳоро] масхара мекунем»

ٱللَّهُ يَسْتَهْزِئُ بِهِمْ وَيَمُدُّهُمْ فِي طُغْيَٰنِهِمْ يَعْمَهُونَ ﴿١٥﴾

15. Аллоҳ таоло тамасхурашон мекунад ва дар туғёнашон саргашта нигаҳ медорад

أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ ٱشْتَرَوُا۟ ٱلضَّلَٰلَةَ بِٱلْهُدَىٰ فَمَا رَبِحَت تِّجَٰرَتُهُمْ وَمَا كَانُوا۟ مُهْتَدِينَ ﴿١٦﴾

16. Онон касоне ҳастанд, ки гумроҳиро ба [баҳои] ҳидоят хариданд, пас, тиҷораташон суде надорад ва ҳидоятёфта набуданд.

مَثَلُهُمْ كَمَثَلِ ٱلَّذِى ٱسْتَوْقَدَ نَارًا فَلَمَّآ أَضَآءَتْ مَا حَوْلَهُۥ ذَهَبَ ٱللَّهُ بِنُورِهِمْ وَتَرَكَهُمْ فِي ظُلُمَٰتٍ لَّا يُبْصِرُونَ ﴿١٧﴾

17. Достони инон [мунофиқон] ҳаммонанди достони касест, ки оташе афрӯхт, пас, чун оташ перомунашро равшан сохт, Аллоҳ таоло нурашонро бигирифт ва дар торикиҳое, ки намебинанд, раҳояшон кард

صُمٌّۢ بُكْمٌ عُمْىٌ فَهُمْ لَا يَرْجِعُونَ ﴿١٨﴾

18. Кару лолу кӯранд ва [аз гумроҳии худ] бознамегарданд

أَوْ كَصَيِّبٍ مِّنَ ٱلسَّمَآءِ فِيهِ ظُلُمَٰتٌ وَرَعْدٌ وَبَرْقٌ يَجْعَلُونَ أَصَٰبِعَهُمْ فِىٓ ءَاذَانِهِم مِّنَ ٱلصَّوَٰعِقِ حَذَرَ ٱلْمَوْتِ ۚ وَٱللَّهُ مُحِيطٌۢ بِٱلْكَٰفِرِينَ ﴿١٩﴾

19. Ё [мисолашон] ҳамчун [гирифторони] борони сахт (сел) аст, ки аз осмон [фурӯ мерезад] ва дар

он торикиҳо ва раъду барқ бошад ва онон аз тарси марг ангуштони худро дар гӯшҳояшон фурӯ мебаранд, то садои соиқа [оташак]-ро нашнаванд ва Аллоҳ таоло ба кофирон иҳота дорад

يَكَادُ ٱلْبَرْقُ يَخْطَفُ أَبْصَٰرَهُمْ ۖ كُلَّمَآ أَضَآءَ لَهُم مَّشَوْا۟ فِيهِ وَإِذَآ أَظْلَمَ عَلَيْهِمْ قَامُوا۟ ۚ وَلَوْ شَآءَ ٱللَّهُ لَذَهَبَ بِسَمْعِهِمْ وَأَبْصَٰرِهِمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٢٠﴾

20. Наздик аст, ки барқ чашмонашонро бирабояд, ҳар гоҳ ки [барқ мезанад ва роҳро] бар онон равшан месозад, қадаме дар [партави] он мегузоранд ва чун торикӣ ононро фаро гирад, [ҳайратзада] бозмеистанд; ва агар Аллоҳ таоло бихоҳад, шунавоӣ ва биноиашонро аз байн мебарад, зеро Аллоҳ таоло бар ҳар коре тавоност

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱعْبُدُوا۟ رَبَّكُمُ ٱلَّذِى خَلَقَكُمْ وَٱلَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ ﴿٢١﴾

21. Эй мардум, Парвардигори худро парастиш кунед; он касе, ки шумо ва пешиниёни шуморо офарид. Бошад, ки парҳезгор шавед.

ٱلَّذِى جَعَلَ لَكُمُ ٱلْأَرْضَ فِرَٰشًا وَٱلسَّمَآءَ بِنَآءً وَأَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَخْرَجَ بِهِۦ مِنَ ٱلثَّمَرَٰتِ رِزْقًا لَّكُمْ ۖ فَلَا تَجْعَلُوا۟ لِلَّهِ أَندَادًا وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٢٢﴾

22. Он, ки заминро барои шумо бигустурд ва осмонро [ҳамчун сақфе] болои саратон қарор дод ва аз осмон обе фурӯ фиристод ва ба василаи он анвои меваҳоро ба вуҷуд овард, то рӯзии шумо бошад. Бинобар ин барои Аллоҳ таоло ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки [ҳақиқатро] медонед.

وَإِن كُنتُمْ فِى رَيْبٍ مِّمَّا نَزَّلْنَا عَلَىٰ عَبْدِنَا فَأْتُوا۟ بِسُورَةٍ مِّن مِّثْلِهِۦ وَٱدْعُوا۟ شُهَدَآءَكُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٢٣﴾

23. Ва агар дар бораи он чи бар бандаи худ [Муҳаммад] нозил кардаем, дар шакку тардид ҳастед, агар рост мегӯед, сурае ҳаммонанди он биёваред ва гувоҳони худро - ғайр аз Аллоҳ таоло - фаро хонед.

فَإِن لَّمْ تَفْعَلُوا۟ وَلَن تَفْعَلُوا۟ فَٱتَّقُوا۟ ٱلنَّارَ ٱلَّتِى وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلْحِجَارَةُ ۖ أُعِدَّتْ لِلْكَٰفِرِينَ ﴿٢٤﴾

24. Пас, агар чунин накардед - ва ҳаргиз натавонед кард - аз оташе битарсед, ки ҳезуми он мардуму сангҳо ҳастанд ва барои кофирон омода шудааст.

وَبَشِّرِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أَنَّ لَهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ ۖ كُلَّمَا رُزِقُوا۟ مِنْهَا مِن ثَمَرَةٍ رِّزْقًا قَالُوا۟ هَٰذَا ٱلَّذِى رُزِقْنَا مِن قَبْلُ ۖ وَأُتُوا۟ بِهِۦ مُتَشَٰبِهًا ۖ وَلَهُمْ فِيهَآ أَزْوَٰجٌ مُّطَهَّرَةٌ ۖ وَهُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٢٥﴾

25. [Эй Паёмбар] Ба касоне, ки имон оварда ва корҳои шоиста анҷом додаанд, мужда бидеҳ, ки боғҳое [аз биҳишт] барояшон [дар пеш] аст, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорӣ аст. Ҳар замон, ки мевае аз он ба эшон дода шавад, мегӯянд: «Ин ҳамон аст, ки пеш аз ин [дар дунё] рӯзии мо шуда буд; дар ҳоле ки шабеҳи он ба эшон дода шуда

буд [на худи он] ва [дар он ҷо] ҳамсарони поке доранд ва ҷовидона дар он хоҳанд буд»

26. Аллоҳ таоло аз ин, ки ба пашшае-ё болотар аз он-масал бизанад, шарм намекунад. Онон, ки имон овардаанд, медонанд, ки он [масал] ҳақ аст аз тарафи Парвардигорашон [ва аз он панд мегиранд] ва аммо онҳое, ки кофиранд, мегӯянд: «Аллоҳ таоло аз ин масал чӣ хостааст?» Аллоҳ таоло [бо баёни ин амсол] гурӯҳи бисёреро [ки муставҷиби онанд ҳайрон ва] гумроҳ ва гурӯҳи бисёреро ҳидоят мекунад; ва танҳо [мунофиқон ва] фосиқонро бо он гумроҳ месозад

۞إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَسۡتَحۡيِۦٓ أَن يَضۡرِبَ مَثَلٗا مَّا بَعُوضَةٗ فَمَا فَوۡقَهَاۚ فَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ فَيَعۡلَمُونَ أَنَّهُ ٱلۡحَقُّ مِن رَّبِّهِمۡۖ وَأَمَّا ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فَيَقُولُونَ مَاذَآ أَرَادَ ٱللَّهُ بِهَٰذَا مَثَلٗاۘ يُضِلُّ بِهِۦ كَثِيرٗا وَيَهۡدِي بِهِۦ كَثِيرٗاۚ وَمَا يُضِلُّ بِهِۦٓ إِلَّا ٱلۡفَٰسِقِينَ ٢٦

27. [Ҳамон] касоне, ки паймони Аллоҳро - пас аз маҳкам сохтанаш - мешикананд ва равобити [накуи хешовандӣ]-ро, ки Аллоҳ таоло ба барқарории он фармон додааст, қатъ ва дар замин фасод мекунанд. Инон [дар дунё ва охират] зиёндидагонанд.

ٱلَّذِينَ يَنقُضُونَ عَهۡدَ ٱللَّهِ مِنۢ بَعۡدِ مِيثَٰقِهِۦ وَيَقۡطَعُونَ مَآ أَمَرَ ٱللَّهُ بِهِۦٓ أَن يُوصَلَ وَيُفۡسِدُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ ٢٧

28. Чи гуна [яктоии] Аллоҳро инкор мекунед, дар ҳоле ки (моддаи) бечон будед ва Ӯ шуморо ҳаёт бахшид. Боз шуморо мемиронад ва баъд аз он зинда хоҳад кард, баъд аз он [барои бозпурсӣ] ба пешгоҳаш боз гардонда мешавед.

كَيۡفَ تَكۡفُرُونَ بِٱللَّهِ وَكُنتُمۡ أَمۡوَٰتٗا فَأَحۡيَٰكُمۡۖ ثُمَّ يُمِيتُكُمۡ ثُمَّ يُحۡيِيكُمۡ ثُمَّ إِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ ٢٨

29. Ӯст, ки ҳамаи он чиро, ки дар замин аст, бароятон офарид, Пас аз он ба сӯи осмон рӯй овард ва онҳоро ба сурати ҳафт осмон сомон дод ва Ӯ ба ҳар чиз доност.

هُوَ ٱلَّذِي خَلَقَ لَكُم مَّا فِي ٱلۡأَرۡضِ جَمِيعٗا ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰٓ إِلَى ٱلسَّمَآءِ فَسَوَّىٰهُنَّ سَبۡعَ سَمَٰوَٰتٖۚ وَهُوَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٞ ٢٩

30. Ва [ёд кун] ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон гуфт: «Ман дар замин ҷонишине хоҳам гумошт. Онон гуфтанд: Оё касеро дар он ҷо мегуморӣ, ки табаҳкорӣ ва хунрезӣ кунад, дар ҳоле ки мо Туро бо сипос ба покӣ меситоем ва тақдис мекунем? Аллоҳ таоло гуфт: «Ман [дар бораи ҳадафу маслиҳати офариниши ӯ] чизҳое медонам, ки шумо намедонед»

وَإِذۡ قَالَ رَبُّكَ لِلۡمَلَٰٓئِكَةِ إِنِّي جَاعِلٞ فِي ٱلۡأَرۡضِ خَلِيفَةٗۖ قَالُوٓاْ أَتَجۡعَلُ فِيهَا مَن يُفۡسِدُ فِيهَا وَيَسۡفِكُ ٱلدِّمَآءَ وَنَحۡنُ نُسَبِّحُ بِحَمۡدِكَ وَنُقَدِّسُ لَكَۖ قَالَ إِنِّيٓ أَعۡلَمُ مَا لَا تَعۡلَمُونَ ٣٠

وَعَلَّمَ ءَادَمَ ٱلْأَسْمَآءَ كُلَّهَا ثُمَّ عَرَضَهُمْ عَلَى ٱلْمَلَٰٓئِكَةِ فَقَالَ أَنۢبِـُٔونِى بِأَسْمَآءِ هَٰٓؤُلَآءِ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٣١﴾

31. Он гоҳ ҳамаи номҳо [-и ашё ва мавҷудот]-ро ба Одам омӯхт. Сипас онҳоро ба фариштагон арза дошт ва фармуд: «Агар рост мегӯед, аз номҳои инҳо ба ман хабар диҳед»

قَالُوا۟ سُبْحَٰنَكَ لَا عِلْمَ لَنَآ إِلَّا مَا عَلَّمْتَنَآ ۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَلِيمُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٣٢﴾

32. [Фариштагон] Гуфтанд: «Муназзаҳӣ [покӣ], Ту! Мо чизе ҷуз он чи ба мо омӯхтаӣ намедонем. Ту донои ҳакимӣ»

قَالَ يَٰٓـَٔادَمُ أَنۢبِئْهُم بِأَسْمَآئِهِمْ ۖ فَلَمَّآ أَنۢبَأَهُم بِأَسْمَآئِهِمْ قَالَ أَلَمْ أَقُل لَّكُمْ إِنِّىٓ أَعْلَمُ غَيْبَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَأَعْلَمُ مَا تُبْدُونَ وَمَا كُنتُمْ تَكْتُمُونَ ﴿٣٣﴾

33. Фармуд: «Эй Одам, ононро аз номҳояшон огоҳ кун». Ҳангоме ки вай ононро огоҳ кард, [Аллоҳ таоло] фармуд: «Оё ба шумо нагуфтам, ки ман асрори осмонҳову заминро медонам ва аз он чи, ки ошкор мекунед ва пинҳон медоштед, огоҳам»?

وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَٰٓئِكَةِ ٱسْجُدُوا۟ لِـَٔادَمَ فَسَجَدُوٓا۟ إِلَّآ إِبْلِيسَ أَبَىٰ وَٱسْتَكْبَرَ وَكَانَ مِنَ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٣٤﴾

34. [Ёд кун] Ҳангоме ки ба фариштагон гуфтем: «Барои [бузургдошту эҳтиром бар] Одам саҷда кунед»! Пас, [ҳамагӣ] саҷда карданд, ба ҷуз иблис, ки худдорӣ кард ва такаббур варзид ва аз кофирон шуд.

وَقُلْنَا يَٰٓـَٔادَمُ ٱسْكُنْ أَنتَ وَزَوْجُكَ ٱلْجَنَّةَ وَكُلَا مِنْهَا رَغَدًا حَيْثُ شِئْتُمَا وَلَا تَقْرَبَا هَٰذِهِ ٱلشَّجَرَةَ فَتَكُونَا مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٣٥﴾

35. Гуфтем: «Эй Одам, ту ва ҳамсарат [Ҳавво] дар биҳишт сукунат кунед ва аз [неъматҳои] он - аз ҳар ҷо, ки мехоҳед - гуворо бихӯред, аммо ба ин дарахт наздик нашавед, ки [ба хотири сарпечӣ аз фармони илоҳӣ] дар зумраи ситамгорон хоҳед буд»

فَأَزَلَّهُمَا ٱلشَّيْطَٰنُ عَنْهَا فَأَخْرَجَهُمَا مِمَّا كَانَا فِيهِ ۖ وَقُلْنَا ٱهْبِطُوا۟ بَعْضُكُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ ۖ وَلَكُمْ فِى ٱلْأَرْضِ مُسْتَقَرٌّ وَمَتَٰعٌ إِلَىٰ حِينٍ ﴿٣٦﴾

36. Пас, шайтон муҷиби лағжиш [ва сарпечии] он ду шуд. Сипас Аллоҳ таоло онҳоро аз он чи дар он буданд [биҳишт] берун кард ва [ба он ду тан ва шайтон] гуфтем: «Ҳамагӣ [ба замин] фуруд оед, дар ҳоле ки душмани якдигар хоҳед буд ва бароятон дар замин то муддати муайян қароргоҳ ва василаи баҳрабардорӣ вуҷуд хоҳад дошт»

فَتَلَقَّىٰٓ ءَادَمُ مِن رَّبِّهِۦ كَلِمَٰتٍ فَتَابَ عَلَيْهِ ۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ﴿٣٧﴾

37. Он гоҳ Одам аз Парвардигораш калимоте фаро гирифт [ва дархости бахшоиш намуд] ва Аллоҳ таоло тавбаи ӯро пазируфт, чаро ки Аллоҳ таоло тавбапазиру меҳрубон аст

قُلْنَا ٱهْبِطُوا۟ مِنْهَا جَمِيعًا ۖ فَإِمَّا يَأْتِيَنَّكُم مِّنِّى هُدًى فَمَن تَبِعَ هُدَاىَ فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٣٨﴾

38. Гуфтем: «Ҳамагӣ аз он [биҳишт] фуруд оед ва ҳар гоҳ аз ҷониби Ман раҳнамуде бароятон омад, касоне, ки аз он [ҳидоят] пайравӣ кунанд, на тарсе хоҳанд дошт ва на андӯҳгин мешаванд»

وَٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَكَذَّبُوا۟ بِـَٔايَـٰتِنَآ أُو۟لَـٰٓئِكَ أَصْحَـٰبُ ٱلنَّارِ ۖ هُمْ فِيهَا خَـٰلِدُونَ ﴿٣٩﴾

39. Ва касоне, ки кофир шуданд ва нишонаҳои [қудрату яктоии] моро дурӯғ пиндоштанд, онон аҳли дӯзаханд ва ҳамеша дар он хоҳанд буд

يَـٰبَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ٱذْكُرُوا۟ نِعْمَتِىَ ٱلَّتِىٓ أَنْعَمْتُ عَلَيْكُمْ وَأَوْفُوا۟ بِعَهْدِىٓ أُوفِ بِعَهْدِكُمْ وَإِيَّـٰىَ فَٱرْهَبُونِ ﴿٤٠﴾

40. Эй Бани Исроил [фарзандони Яъқуб], неъматҳоеро, ки ба шумо арзонӣ доштам, ба ёд оваред ва ба паймоне, ки бо ман бастаед, вафо кунед, то Ман низ ба паймони [худ бо] шумо [дар бораи неъматҳои дунё ва охират] вафо кунам ва танҳо аз ман битарсед

وَءَامِنُوا۟ بِمَآ أَنزَلْتُ مُصَدِّقًا لِّمَا مَعَكُمْ وَلَا تَكُونُوٓا۟ أَوَّلَ كَافِرٍۭ بِهِۦ ۖ وَلَا تَشْتَرُوا۟ بِـَٔايَـٰتِى ثَمَنًا قَلِيلًا وَإِيَّـٰىَ فَٱتَّقُونِ ﴿٤١﴾

41. Ва ба он чи нозил кардаам [Қуръон] имон биёваред, ки тасдиққунандаи чизест, ки бо шумост ва нахустин кофир ба он набошед ва оёти маро ба баҳои ночиз нафурӯшед ва танҳо аз Ман битарсед

وَلَا تَلْبِسُوا۟ ٱلْحَقَّ بِٱلْبَـٰطِلِ وَتَكْتُمُوا۟ ٱلْحَقَّ وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٤٢﴾

42. Ва, дар ҳоле ки [ҳақиқатро] медонед, ҳақро бо ботил наёмезед ва онро китмон [пинҳон] накунед

وَأَقِيمُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُوا۟ ٱلزَّكَوٰةَ وَٱرْكَعُوا۟ مَعَ ٱلرَّٰكِعِينَ ﴿٤٣﴾

43. Ва намоз барпо доред ва закот бипардозед ва бо намозгузорон намоз бихонед

أَتَأْمُرُونَ ٱلنَّاسَ بِٱلْبِرِّ وَتَنسَوْنَ أَنفُسَكُمْ وَأَنتُمْ تَتْلُونَ ٱلْكِتَـٰبَ ۚ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ﴿٤٤﴾

44. Оё, дар ҳоле ки китоби [Таврот] - ро мехонед, мардумро ба некӣ фармон медиҳеду худро фаромӯш мекунед? Оё намеандешед?

وَٱسْتَعِينُوا۟ بِٱلصَّبْرِ وَٱلصَّلَوٰةِ ۚ وَإِنَّهَا لَكَبِيرَةٌ إِلَّا عَلَى ٱلْخَـٰشِعِينَ ﴿٤٥﴾

45. Ва аз сабру намоз ёрӣ ҷӯед; ва ба ростӣ, ки он [намоз] ҷуз ба фурӯтанон душвору гарон аст

ٱلَّذِينَ يَظُنُّونَ أَنَّهُم مُّلَـٰقُوا۟ رَبِّهِمْ وَأَنَّهُمْ إِلَيْهِ رَٰجِعُونَ ﴿٤٦﴾

46. Ҳамон касоне, ки яқин доранд, ки ба дидори Парвардигори хеш ноил хоҳанд шуд ва ба пешгоҳи Ӯ бозмегарданд

يَـٰبَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ٱذْكُرُوا۟ نِعْمَتِىَ ٱلَّتِىٓ أَنْعَمْتُ عَلَيْكُمْ وَأَنِّى فَضَّلْتُكُمْ عَلَى ٱلْعَـٰلَمِينَ ﴿٤٧﴾

47. Эй Бани Исроил, неъматҳоеро, ки ба шумо арзонӣ доштам, ба ёд оваред ва [низ] ин ки

шуморо [ба далели бархӯрдорӣ аз ҳидоят] ба ҷаҳониён бартарӣ додам

وَٱتَّقُواْ يَوۡمٗا لَّا تَجۡزِي نَفۡسٌ عَن نَّفۡسٖ شَيۡـٔٗا وَلَا يُقۡبَلُ مِنۡهَا شَفَٰعَةٞ وَلَا يُؤۡخَذُ مِنۡهَا عَدۡلٞ وَلَا هُمۡ يُنصَرُونَ ٤٨

48. Ва аз рӯзе битарсед, ки касе чизе [аз азоби Аллоҳ таоло] - ро аз касе дафъ намекунад ва аз ӯ шафоат пазируфта намешавад ва на ғаромату фидяе гирифта мешавад ва на ёрӣ мешаванд

وَإِذۡ نَجَّيۡنَٰكُم مِّنۡ ءَالِ فِرۡعَوۡنَ يَسُومُونَكُمۡ سُوٓءَ ٱلۡعَذَابِ يُذَبِّحُونَ أَبۡنَآءَكُمۡ وَيَسۡتَحۡيُونَ نِسَآءَكُمۡۚ وَفِي ذَٰلِكُم بَلَآءٞ مِّن رَّبِّكُمۡ عَظِيمٞ ٤٩

49. Ва [ба ёд оваред] ҳангоме ки шуморо аз чанголи фиръавниён наҷот додем. [Онон] Бадтарин азобро бар саратон меоварданд: Писаронатонро мекуштанд ва занонатонро [барои канизӣ] зинда нигаҳ медоштанд ва дар инҳо озмоиши бузурге аз ҷониби Парвардигоратон барои шумо буд

وَإِذۡ فَرَقۡنَا بِكُمُ ٱلۡبَحۡرَ فَأَنجَيۡنَٰكُمۡ وَأَغۡرَقۡنَآ ءَالَ فِرۡعَوۡنَ وَأَنتُمۡ تَنظُرُونَ ٥٠

50. Ва [ба ёд оваред] ҳангоме ки дарёро бароятон шикофтем ва шуморо наҷот додем ва фиръавниёнро, дар ҳоле ки [ба азоби онҳо бо чашми худ] менигаристед, ғарқ сохтем

وَإِذۡ وَٰعَدۡنَا مُوسَىٰٓ أَرۡبَعِينَ لَيۡلَةٗ ثُمَّ ٱتَّخَذۡتُمُ ٱلۡعِجۡلَ مِنۢ بَعۡدِهِۦ وَأَنتُمۡ ظَٰلِمُونَ ٥١

51. Ва [ба ёд оваред] ҳангомеро ки [барои нузули Таврот] чиҳил шаб бо Мӯсо ваъда гузоридем, он гоҳ шумо баъд аз ӯ гӯсоларо [ба парастиш] гирифтед, дар ҳоле ки [нисбат ба хештан] ситамгор будед

ثُمَّ عَفَوۡنَا عَنكُم مِّنۢ بَعۡدِ ذَٰلِكَ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ٥٢

52. Сипас шуморо баъд аз он [гуноҳ] бахшидем; бошад, ки сипосгузорӣ кунед

وَإِذۡ ءَاتَيۡنَا مُوسَى ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡفُرۡقَانَ لَعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ ٥٣

53. Ва [низ ба ёд оваред] ҳангоме ки ба Мӯсо китоби [Таврот] - ро, ки ҷудокунанда [-и ҳақ аз ботил] аст, ато кардем; бошад, ки ҳидоят шавед

وَإِذۡ قَالَ مُوسَىٰ لِقَوۡمِهِۦ يَٰقَوۡمِ إِنَّكُمۡ ظَلَمۡتُمۡ أَنفُسَكُم بِٱتِّخَاذِكُمُ ٱلۡعِجۡلَ فَتُوبُوٓاْ إِلَىٰ بَارِئِكُمۡ فَٱقۡتُلُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ ذَٰلِكُمۡ خَيۡرٞ لَّكُمۡ عِندَ بَارِئِكُمۡ فَتَابَ عَلَيۡكُمۡۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ٥٤

54. Ва [ба ёд оваред] замонеро, ки Мӯсо ба қавми худ гуфт: «Эй қавми ман, шумо бо интихоби гӯсола [барои парастиш] ба худ ситам кардаед, пас, ба сӯйи Офаридгори худ бозгардед ва тавба кунед ва [хатокорони] худро бикушед. Ин кор барои шумо дар пешгоҳи Парвардигоратон беҳтар аст». Он гоҳ Аллоҳ таоло тавбаи шуморо пазируфт. Ба ростӣ, ки Ӯ тавбапазиру меҳрубон аст

وَإِذْ قُلْتُمْ يَٰمُوسَىٰ لَن نُّؤْمِنَ لَكَ حَتَّىٰ نَرَى ٱللَّهَ جَهْرَةً فَأَخَذَتْكُمُ ٱلصَّٰعِقَةُ وَأَنتُمْ تَنظُرُونَ ﴿٥٥﴾

55. Ва [ба ёд оваред] ҳангомеро ки гуфтед: «Эй Мӯсо, мо ҳаргиз ба ту имон намеоварем, магар ин ки Аллоҳро ошкоро бубинем». Пас, соиқа [оташак] шуморо дар ҳоле гирифт, ки [азоби худро бо чашми хеш] менигаристед

ثُمَّ بَعَثْنَٰكُم مِّنۢ بَعْدِ مَوْتِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ ﴿٥٦﴾

56. Сипас шуморо пас аз маргатон барангехтем, бошад, ки сипосгузорӣ кунед

وَظَلَّلْنَا عَلَيْكُمُ ٱلْغَمَامَ وَأَنزَلْنَا عَلَيْكُمُ ٱلْمَنَّ وَٱلسَّلْوَىٰ ۖ كُلُوا۟ مِن طَيِّبَٰتِ مَا رَزَقْنَٰكُمْ ۚ وَمَا ظَلَمُونَا وَلَٰكِن كَانُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ ﴿٥٧﴾

57. Ва абрро бар шумо соябон қарор додем ва манну салво [шаҳду бедона] бароятон фурӯ фиристодем [ва гуфтем]: «Аз неъматҳои покизае, ки ба шумо рӯзӣ додаем, бихӯред» [вале куфр варзидед]. Онон [бо носипосиву нофармонӣ] ба мо ситам накарданд, балки ба худ ситам раво доштанд

وَإِذْ قُلْنَا ٱدْخُلُوا۟ هَٰذِهِ ٱلْقَرْيَةَ فَكُلُوا۟ مِنْهَا حَيْثُ شِئْتُمْ رَغَدًا وَٱدْخُلُوا۟ ٱلْبَابَ سُجَّدًا وَقُولُوا۟ حِطَّةٌ نَّغْفِرْ لَكُمْ خَطَٰيَٰكُمْ ۚ وَسَنَزِيدُ ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿٥٨﴾

58. Ва [ба ёд оваред] замонеро, ки гуфтем: «Ба ин шаҳр [Байт-ул-муқаддас] ворид шавед ва аз [неъматҳои] он, аз ҳар ҷо [ва ҳар вақт], ки хостед, бихӯред ва бо фурӯтанӣ аз дарвоза ворид шавед ва бигӯед: «[Парвардигоро, гуноҳонамонро] фурӯ рез». [Чунин бигӯед] То гуноҳонатонро биёмурзем ва [яқинан] бар [подоши] накукорон хоҳем афзуд

فَبَدَّلَ ٱلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ قَوْلًا غَيْرَ ٱلَّذِى قِيلَ لَهُمْ فَأَنزَلْنَا عَلَى ٱلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ رِجْزًا مِّنَ ٱلسَّمَآءِ بِمَا كَانُوا۟ يَفْسُقُونَ ﴿٥٩﴾

59. Он гоҳ ситамгарон ин суханро, ки ба онҳо гуфта шуда буд, тағйир доданд [ва ба ҷояш калимоти масхараомезе гуфтанд]. Аз ин рӯ, бар ситамгарон, ба сазои ин нофармониашон, азобе аз осмон нозил кардем

۞ وَإِذِ ٱسْتَسْقَىٰ مُوسَىٰ لِقَوْمِهِۦ فَقُلْنَا ٱضْرِب بِّعَصَاكَ ٱلْحَجَرَ ۖ فَٱنفَجَرَتْ مِنْهُ ٱثْنَتَا عَشْرَةَ عَيْنًا ۖ قَدْ عَلِمَ كُلُّ أُنَاسٍ مَّشْرَبَهُمْ ۖ كُلُوا۟ وَٱشْرَبُوا۟ مِن رِّزْقِ ٱللَّهِ وَلَا تَعْثَوْا۟ فِى ٱلْأَرْضِ مُفْسِدِينَ ﴿٦٠﴾

60. Ва [ба ёд оваред] замонеро, ки Мӯсо барои қавми хеш об хост, пас, гуфтем: «Асои худро бар санг бизан». Он гоҳ дувоздаҳ чашма аз он ҷӯшид ва ҳар гурӯҳе обнӯшгоҳи худро донист [ва гуфтем]: «Аз рӯзии Аллоҳ таоло бихӯред ва биёшомед ва дар замин ба фасод [ва табоҳӣ] накӯшед»

وَإِذْ قُلْتُمْ يَٰمُوسَىٰ لَن نَّصْبِرَ عَلَىٰ طَعَامٍ وَٰحِدٍ فَٱدْعُ لَنَا رَبَّكَ يُخْرِجْ لَنَا مِمَّا تُنۢبِتُ ٱلْأَرْضُ مِنۢ بَقْلِهَا وَقِثَّآئِهَا وَفُومِهَا وَعَدَسِهَا

61. Ва [ба ёд оваред] замонеро, ки гуфтед: «Эй Мӯсо, мо ҳаргиз тобу таҳаммули як навъ ғизоро

وَبَصَلِهَا ۖ قَالَ أَتَسْتَبْدِلُونَ ٱلَّذِى هُوَ أَدْنَىٰ بِٱلَّذِى هُوَ خَيْرٌ ۚ ٱهْبِطُوا۟ مِصْرًا فَإِنَّ لَكُم مَّا سَأَلْتُمْ ۗ وَضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ ٱلذِّلَّةُ وَٱلْمَسْكَنَةُ وَبَآءُو بِغَضَبٍ مِّنَ ٱللَّهِ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ كَانُوا۟ يَكْفُرُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَيَقْتُلُونَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ بِغَيْرِ ٱلْحَقِّ ۚ ذَٰلِكَ بِمَا عَصَوا۟ وَّكَانُوا۟ يَعْتَدُونَ ﴿٦١﴾

надорем, пас, Парвардигори хешро бихон, то аз рӯиданиҳои замин, аз сабзиву бодиринг ва гандуму наск ва пиёз бароямон бирӯёнад». [Мӯсо] Гуфт: «Оё чизеро, ки пасттар аст, бо чизи беҳтар ҷойгузин мекунед? Ба шаҳре фуруд оед; зеро он чи ки хостед, дар он ҷо бароятон вуҷуд дорад» ва [чунин шуд, ки муҳри] зиллату бенавоӣ бар онон зада шуд ва сазовори хашми Аллоҳ таоло гардиданд, чаро ки онон ба оёти Аллоҳ таоло куфр меварзиданд ва паёмбаронро ба ноҳақ мекуштанд. Инҳо ба хотири он буд, ки гунаҳгору мутаҷовиз буданд

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَٱلَّذِينَ هَادُوا۟ وَٱلنَّصَٰرَىٰ وَٱلصَّٰبِـِٔينَ مَنْ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْـَٔاخِرِ وَعَمِلَ صَٰلِحًا فَلَهُمْ أَجْرُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ وَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٦٢﴾

62. Дар ҳақиқат касоне, ки [холисона ба ислом] имон овардаанд ва онон, ки яҳудӣ шуданд ва масеҳиёну собеон [фитратгароён], ҳар, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон биёварад ва кори шоистае анҷом диҳад, подошашон назди Парвардигорашон аст; на тарсе хоҳанд дошт ва на андӯҳгин мешаванд

وَإِذْ أَخَذْنَا مِيثَٰقَكُمْ وَرَفَعْنَا فَوْقَكُمُ ٱلطُّورَ خُذُوا۟ مَآ ءَاتَيْنَٰكُم بِقُوَّةٍ وَٱذْكُرُوا۟ مَا فِيهِ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ ﴿٦٣﴾

63. Ва [ба ёд оваред] замонеро, ки аз шумо паймон гирифтем ва [кӯҳи] Турро болои саратон барафроштем [ва гуфтем]: «Он чи [аз аҳкоми Таврот] ба шумо додаем, бо ҷиддият бигиред ва ончиро, ки дар он аст, ёд кунед, бошад, ки парҳезкор шавед»

ثُمَّ تَوَلَّيْتُم مِّنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ ۖ فَلَوْلَا فَضْلُ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَتُهُۥ لَكُنتُم مِّنَ ٱلْخَٰسِرِينَ ﴿٦٤﴾

64. Вале баъд [аз он ҳама аҳду паймон] аз ин [фармон] рӯй бартофтед ва агар фазлу бахшиши Аллоҳ таоло бар шумо намебуд, яқинан дар зумраи зиёнкорон будед

وَلَقَدْ عَلِمْتُمُ ٱلَّذِينَ ٱعْتَدَوْا۟ مِنكُمْ فِى ٱلسَّبْتِ فَقُلْنَا لَهُمْ كُونُوا۟ قِرَدَةً خَٰسِـِٔينَ ﴿٦٥﴾

65. Мусалламан аз [шарҳи ҳоли] касоне аз худатон огоҳ шудаед, ки дар [мавриди ҳукми ҳурмати сайди моҳӣ дар рӯзҳои] шанбе таҷовуз карданд. Пас, ба онҳо гуфтем: «Бӯзинаҳои хору рондашуда бошед»!

فَجَعَلْنَٰهَا نَكَٰلًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهَا وَمَا خَلْفَهَا وَمَوْعِظَةً لِّلْمُتَّقِينَ ﴿٦٦﴾

66. Пас, он [кайфар] - ро ибрате барои мардуми он замон ва наслҳои пас аз эшон ва [ҳамчунин] панду андарзе барои парҳезгорон қарор додем

67. Ва [ба ёд оваред] замоне, ки Мӯсо ба қавми худ гуфт: «Аллоҳ таоло ба шумо дастур медиҳад, ки модаговеро забҳ кунед». Онон гуфтанд: «Оё моро масхара мекунӣ»? [Мӯсо] гуфт: «[Тамасхур кори ҷоҳилон аст ва] Ба Аллоҳ таоло паноҳ мебарам, аз ин ки дар зумраи ҷоҳилон бошам»

وَإِذْ قَالَ مُوسَىٰ لِقَوْمِهِۦٓ إِنَّ ٱللَّهَ يَأْمُرُكُمْ أَن تَذْبَحُوا۟ بَقَرَةً ۖ قَالُوٓا۟ أَتَتَّخِذُنَا هُزُوًا ۖ قَالَ أَعُوذُ بِٱللَّهِ أَنْ أَكُونَ مِنَ ٱلْجَٰهِلِينَ ﴿٦٧﴾

68. Гуфтанд: «Аз Парвардигорат бихоҳ, то барои мо равшан кунад, ки он чи гуна [гове] аст»? [Мӯсо] Гуфт: [Аллоҳ таоло] Мефармояд: «Он гове аст на пир ва на ҷавон, балки миёнасоли байни ин ду бошад. Пас, [акнун] он чиро, ки дастур ёфтаед, анҷом диҳед»

قَالُوا۟ ٱدْعُ لَنَا رَبَّكَ يُبَيِّن لَّنَا مَا هِىَ ۚ قَالَ إِنَّهُۥ يَقُولُ إِنَّهَا بَقَرَةٌ لَّا فَارِضٌ وَلَا بِكْرٌ ۖ عَوَانٌۢ بَيْنَ ذَٰلِكَ ۖ فَٱفْعَلُوا۟ مَا تُؤْمَرُونَ ﴿٦٨﴾

69. Гуфтанд: «Аз Парвардигорат бихоҳ, то барои мо равшан созад, ки рангаш чи гуна аст»? [Мӯсо] Гуфт: [Аллоҳ таоло] Мефармояд: «Он гов зарди пуррангест, ки [рангаш] бинандагонро шод мекунад»

قَالُوا۟ ٱدْعُ لَنَا رَبَّكَ يُبَيِّن لَّنَا مَا لَوْنُهَا ۚ قَالَ إِنَّهُۥ يَقُولُ إِنَّهَا بَقَرَةٌ صَفْرَآءُ فَاقِعٌ لَّوْنُهَا تَسُرُّ ٱلنَّٰظِرِينَ ﴿٦٩﴾

70. Гуфтанд: «Аз Парвардигорат [боз ҳам] бихоҳ, то чигунагии он говро [аз ҳар ҷиҳат] барои мо равшан созад, зеро [вижагиҳои] ин гов ҳанӯз бароямон мубҳам аст ва иншоаллоҳ [бо тавзеҳоти ту] ҳидоят хоҳем шуд»

قَالُوا۟ ٱدْعُ لَنَا رَبَّكَ يُبَيِّن لَّنَا مَا هِىَ إِنَّ ٱلْبَقَرَ تَشَٰبَهَ عَلَيْنَا ۖ وَإِنَّآ إِن شَآءَ ٱللَّهُ لَمُهْتَدُونَ ﴿٧٠﴾

71. [Мӯсо] гуфт: «Вай мефармояд: «Он гове аст на чунон ром, ки заминро ҷуфт кунад ва ё киштзорро об диҳад, [аммо] беайб асту якранг ва дар он ҳеҷ ранги дигаре нест». Онон гуфтанд: «Инак сухани дуруст овардӣ». Сипас [чунон говеро пайдо карданд ва] онро сар буриданду [албатта] наздик буд, ки ин корро накунанд

قَالَ إِنَّهُۥ يَقُولُ إِنَّهَا بَقَرَةٌ لَّا ذَلُولٌ تُثِيرُ ٱلْأَرْضَ وَلَا تَسْقِى ٱلْحَرْثَ ۖ مُسَلَّمَةٌ لَّا شِيَةَ فِيهَا ۚ قَالُوا۟ ٱلْـَٰٔنَ جِئْتَ بِٱلْحَقِّ ۚ فَذَبَحُوهَا وَمَا كَادُوا۟ يَفْعَلُونَ ﴿٧١﴾

72. Ва [ба ёд оваред] ҳангоме ки фардеро куштед ва дар бораи [қотили] ӯ ба низоъ пардохтед ва Аллоҳ таоло чизеро, ки пинҳон мекардед, ошкор намуд

وَإِذْ قَتَلْتُمْ نَفْسًا فَٱدَّٰرَأْتُمْ فِيهَا ۖ وَٱللَّهُ مُخْرِجٌ مَّا كُنتُمْ تَكْتُمُونَ ﴿٧٢﴾

73. Пас гуфтем: «Порае аз [бадани] говро ба мақтул бизанед [то зинда шавад ва қотили хешро

فَقُلْنَا ٱضْرِبُوهُ بِبَعْضِهَا ۚ كَذَٰلِكَ يُحْىِ ٱللَّهُ ٱلْمَوْتَىٰ وَيُرِيكُمْ ءَايَٰتِهِۦ لَعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ ﴿٧٣﴾

муаррифӣ кунад]. Аллоҳ таоло мурдагонро ҳамин гуна зинда мекунад ва нишонаҳои [ошкори қудрати] хешро ба шумо нишон медиҳад, бошад, ки бияндешед»

ثُمَّ قَسَتْ قُلُوبُكُم مِّنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ فَهِيَ كَٱلْحِجَارَةِ أَوْ أَشَدُّ قَسْوَةً ۚ وَإِنَّ مِنَ ٱلْحِجَارَةِ لَمَا يَتَفَجَّرُ مِنْهُ ٱلْأَنْهَٰرُ ۚ وَإِنَّ مِنْهَا لَمَا يَشَّقَّقُ فَيَخْرُجُ مِنْهُ ٱلْمَآءُ ۚ وَإِنَّ مِنْهَا لَمَا يَهْبِطُ مِنْ خَشْيَةِ ٱللَّهِ ۗ وَمَا ٱللَّهُ بِغَٰفِلٍ عَمَّا تَعْمَلُونَ ﴿٧٤﴾

74. Пас аз он [бо вуҷуди ин муъҷизаи бузург] дилҳои шумо сахт шуд, ҳамчун санг, ё сахттар, зеро [ҳоли дилҳоятон ҳаргиз тағйир намекунад, аммо сангҳо дучори тағйиру таҳаввул мешаванд, чунон ки] бархе аз сангҳо мешикофанд ва аз онҳо ҷӯйборҳое ҷорӣ мешаванд ва бархе мешикофанду [чашмаҳои] об аз онҳо меҷӯшад ва бархе аз тарси Аллоҳ таоло [аз фарози кӯҳҳо] фурӯ меафтанд. Ва Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, ғофил нест

أَفَتَطْمَعُونَ أَن يُؤْمِنُوا۟ لَكُمْ وَقَدْ كَانَ فَرِيقٌ مِّنْهُمْ يَسْمَعُونَ كَلَٰمَ ٱللَّهِ ثُمَّ يُحَرِّفُونَهُۥ مِنۢ بَعْدِ مَا عَقَلُوهُ وَهُمْ يَعْلَمُونَ ﴿٧٥﴾

75. [Эй муъминон, ҳоло ки ҳақиқати душмании яҳудиён бароятон ошкор гардид] Оё умед доред, ки ба [оини] шумо имон биёваранд, бо ин ки гурӯҳе аз [уламои] онон суханони Аллоҳро [дар Таврот] мешуниданд ва пас аз фаҳмиданаш [алфозу маонии] онро таҳриф мекарданд, ҳол он ки [аз бузургии гуноҳи хеш] иттилоъ доштанд

وَإِذَا لَقُوا۟ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ قَالُوٓا۟ ءَامَنَّا وَإِذَا خَلَا بَعْضُهُمْ إِلَىٰ بَعْضٍ قَالُوٓا۟ أَتُحَدِّثُونَهُم بِمَا فَتَحَ ٱللَّهُ عَلَيْكُمْ لِيُحَآجُّوكُم بِهِۦ عِندَ رَبِّكُمْ ۚ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ﴿٧٦﴾

76. Ва [яке аз фиребкориҳояшон ин аст, ки] вақте бо муъминон рӯбарӯ мешаванд мегӯянд: «[Мо ҳам] имон овардаем», вале ҳангоме ки бо якдигар хилват мекунанд, мегӯянд: «Чаро матолиберо, ки [дар бораи вижагиҳои паёмбар ва ҳаққонияти ислом дар Таврот омадааст ва] Аллоҳ таоло барои шумо баён кардааст, барои мусулмонон бозгӯ мекунед, то [рӯзи қиёмат] дар пешгоҳи Парвардигоратон алайҳи [бар зидди] шумо ба он истидлол кунанд? Оё намефаҳмед»?

أَوَلَا يَعْلَمُونَ أَنَّ ٱللَّهَ يَعْلَمُ مَا يُسِرُّونَ وَمَا يُعْلِنُونَ ﴿٧٧﴾

77. Оё намедонанд, ки Аллоҳ таоло он чиро, ки пинҳон медоранд ва ошкор месозанд, [ҳамаро] медонад?!

وَمِنْهُمْ أُمِّيُّونَ لَا يَعْلَمُونَ ٱلْكِتَٰبَ إِلَّآ أَمَانِىَّ وَإِنْ هُمْ إِلَّا يَظُنُّونَ ﴿٧٨﴾

78. Ва бархе аз онон бесаводоне ҳастанд, ки [фақат ба тиловати содаи Таврот дилхушанд] ва китоби

Аллоҳро ҷуз мушти хаёлоти хом намедонанд ва танҳо ба пиндорҳои хеш [ки аз бузургонашон фаро гирифтаанд] дил бастаанд

فَوَيْلٌ لِّلَّذِينَ يَكْتُبُونَ ٱلْكِتَٰبَ بِأَيْدِيهِمْ ثُمَّ يَقُولُونَ هَٰذَا مِنْ عِندِ ٱللَّهِ لِيَشْتَرُوا۟ بِهِۦ ثَمَنًا قَلِيلًا ۖ فَوَيْلٌ لَّهُم مِّمَّا كَتَبَتْ أَيْدِيهِمْ وَوَيْلٌ لَّهُم مِّمَّا يَكْسِبُونَ ﴿٧٩﴾

79. Пас, вой бар касоне, ки бо дасти худ менависанд, сипас мегӯянд: «Ин аз ҷониби Аллоҳ таоло аст», то онро ба баҳои андак бифурушанд! Пас, вой бар онҳо аз он чи дастҳояшон навиштааст ва вой бар онон аз он чи [аз ин роҳ] ба даст меоваранд!

وَقَالُوا۟ لَن تَمَسَّنَا ٱلنَّارُ إِلَّآ أَيَّامًا مَّعْدُودَةً ۚ قُلْ أَتَّخَذْتُمْ عِندَ ٱللَّهِ عَهْدًا فَلَن يُخْلِفَ ٱللَّهُ عَهْدَهُۥٓ ۖ أَمْ تَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ ﴿٨٠﴾

80. Ва [яҳудиён] гуфтанд: «Оташи дӯзах ҷуз чанд рӯзи маҳдуде ҳаргиз ба мо нахоҳад расид». Бигӯ: «Оё аз назди Аллоҳ таоло паймоне гирифтаед, ки Аллоҳ таоло ҳаргиз хилофи паймонаш накунад? Ё чизеро, ки намедонед, ба Аллоҳ таоло нисбат медиҳед»?!

بَلَىٰ مَن كَسَبَ سَيِّئَةً وَأَحَٰطَتْ بِهِۦ خَطِيٓـَٔتُهُۥ فَأُو۟لَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلنَّارِ ۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٨١﴾

81. Оре, ҳар ки муртакиби гуноҳе шавад ва гуноҳонаш ӯро иҳота кунад, онон аҳли оташанд ва ҷовидона дар он хоҳанд буд

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أُو۟لَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلْجَنَّةِ ۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٨٢﴾

82. Ва касоне, ки имон оваранд ва корҳои шоиста анҷом диҳанд, онон аҳли биҳиштанд ва ҷовидона дар он хоҳанд монд

وَإِذْ أَخَذْنَا مِيثَٰقَ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ لَا تَعْبُدُونَ إِلَّا ٱللَّهَ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَانًا وَذِى ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْيَتَٰمَىٰ وَٱلْمَسَٰكِينِ وَقُولُوا۟ لِلنَّاسِ حُسْنًا وَأَقِيمُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُوا۟ ٱلزَّكَوٰةَ ثُمَّ تَوَلَّيْتُمْ إِلَّا قَلِيلًا مِّنكُمْ وَأَنتُم مُّعْرِضُونَ ﴿٨٣﴾

83. Ва [ба ёд оваред] ҳангоме ки аз Бани Исроил паймон гирифтем, ки: «Ҷуз Аллоҳи ягонаро парастиш накунед ва ба падару модару наздикону ятимон ва бенавоён некӣ кунед ва ба мардум [сухани] нек бигӯеду намоз барпо доред ва закот бипардозед», вале ҳамаи шумо, ҷуз иддаи каме пушт гардонидед ва рӯйгардон шудед

وَإِذْ أَخَذْنَا مِيثَٰقَكُمْ لَا تَسْفِكُونَ دِمَآءَكُمْ وَلَا تُخْرِجُونَ أَنفُسَكُم مِّن دِيَٰرِكُمْ ثُمَّ أَقْرَرْتُمْ وَأَنتُمْ تَشْهَدُونَ ﴿٨٤﴾

84. Ва [ба ёд оваред] ҳангоме ки аз шумо паймон гирифтем, ки хуни якдигарро нарезед ва ҳамдигарро аз сарзаминатон берун накунед; сипас шумо иқрор кардед ва худ [бар он паймон] гувоҳӣ медиҳед

ثُمَّ أَنتُمْ هَٰٓؤُلَآءِ تَقْتُلُونَ أَنفُسَكُمْ وَتُخْرِجُونَ فَرِيقًا مِّنكُم مِّن دِيَٰرِهِمْ تَظَٰهَرُونَ عَلَيْهِم بِٱلْإِثْمِ وَٱلْعُدْوَٰنِ وَإِن يَأْتُوكُمْ

85. Пас аз он, ҳамин шумо ҳастед, ки якдигарро мекушед ва гурӯҳе аз худатонро аз сарзаминашон

أُسَٰرَىٰ تُفَٰدُوهُمْ وَهُوَ مُحَرَّمٌ عَلَيْكُمْ إِخْرَاجُهُمْ ۚ أَفَتُؤْمِنُونَ بِبَعْضِ ٱلْكِتَٰبِ وَتَكْفُرُونَ بِبَعْضٍ ۚ فَمَا جَزَآءُ مَن يَفْعَلُ ذَٰلِكَ مِنكُمْ إِلَّا خِزْىٌ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا ۖ وَيَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ يُرَدُّونَ إِلَىٰٓ أَشَدِّ ٱلْعَذَابِ ۗ وَمَا ٱللَّهُ بِغَٰفِلٍ عَمَّا تَعْمَلُونَ ﴿٨٥﴾

берун мекунед ва ба гуноҳу ситам алайҳи онон ба якдигар ёрӣ мекунед ва агар [баъзе аз онон дар ҷанг бо ҳампаймонони араби шумо гирифтор шаванд ва ба сурати] асир наздатон биёянд [бо он ки ҳамдини шумо ҳастанд, дар баробари озодиашон] фидя мегиред, ҳол он ки ихроҷи онон [аз ҳамон оғоз] бар шумо ҳаром буд. Оё ба бахше аз [дастуроти] китоб [-и осмонӣ дар мавриди фидя гирифтан] имон меоваред ва ба бахше [ки шуморо дар бораи ҳамдинонатон супориш мекунад] кофир мешавед? Пас, ҷазои ҳар касе аз шумо, ки чунин кунад, ҷуз расвоӣ ва хорӣ дар ин ҷаҳон нахоҳад буд ва дар рӯзи қиёмат ба шадидтарин азоб гирифтор мешаванд; ва [яқин бидонед, ки] Аллоҳ таоло аз он чи анҷом медиҳед, ғофил нест

أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ ٱشْتَرَوُا۟ ٱلْحَيَوٰةَ ٱلدُّنْيَا بِٱلْءَاخِرَةِ ۖ فَلَا يُخَفَّفُ عَنْهُمُ ٱلْعَذَابُ وَلَا هُمْ يُنصَرُونَ ﴿٨٦﴾

86. Инон касоне ҳастанд, ки зиндагонии дунёро ба баҳои охират хариданд, пас, азоби онҳо сабук карда намешавад ва касе ёриашон нахоҳад кард

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا مُوسَى ٱلْكِتَٰبَ وَقَفَّيْنَا مِنۢ بَعْدِهِۦ بِٱلرُّسُلِ ۖ وَءَاتَيْنَا عِيسَى ٱبْنَ مَرْيَمَ ٱلْبَيِّنَٰتِ وَأَيَّدْنَٰهُ بِرُوحِ ٱلْقُدُسِ ۗ أَفَكُلَّمَا جَآءَكُمْ رَسُولٌۢ بِمَا لَا تَهْوَىٰٓ أَنفُسُكُمُ ٱسْتَكْبَرْتُمْ فَفَرِيقًا كَذَّبْتُمْ وَفَرِيقًا تَقْتُلُونَ ﴿٨٧﴾

87. Ҳамоно ба Мӯсо китоби [Таврот] додем ва пас аз ӯ паёмбарони пайдарпай фиристодем; ва ба Исо писари Марям муъҷизоту далоили равшан додем ва ӯро ба василаи Рӯҳулқудус [Ҷабраил] тақвият кардем. Оё чунин нест, ки ҳар гоҳ паёмбаре чизе бархилофи ҳавои нафсатон оварад, дар баробараш такаббур намудед ва гурӯҳеро такзиб кардед ва гурӯҳеро куштед

وَقَالُوا۟ قُلُوبُنَا غُلْفٌۢ ۚ بَل لَّعَنَهُمُ ٱللَّهُ بِكُفْرِهِمْ فَقَلِيلًا مَّا يُؤْمِنُونَ ﴿٨٨﴾

88. Ва [яҳудиён барои пайравӣ накардан аз Муҳаммад (с) аз рӯйи тамасхур] гуфтанд: «Дилҳои мо пӯшида ва дар ғилоф аст», [чунин нест] балки Аллоҳ таоло онро ба сазои куфрашон лаънат кардааст, пас, [ба ҳамин далел аст, ки] бисёр кам имон меоваранд

وَلَمَّا جَآءَهُمْ كِتَٰبٌ مِّنْ عِندِ ٱللَّهِ مُصَدِّقٌ لِّمَا مَعَهُمْ وَكَانُوا۟ مِن قَبْلُ يَسْتَفْتِحُونَ عَلَى ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ فَلَمَّا جَآءَهُم مَّا عَرَفُوا۟ كَفَرُوا۟ بِهِۦ ۚ فَلَعْنَةُ ٱللَّهِ عَلَى ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٨٩﴾

89. Ва ҳангоме ки аз тарафи Аллоҳ таоло китобе [Қуръон] барои онон омад, ки тасдиққунандаи матолибе буд, ки бо худ доштанд [Таврот] ва

[ба интизор расидани ин китоб] аз қабл ба худ навиди пирӯзӣ бар кофиронро медоданд, бо ин ҳама вақте он касеро, ки аз пеш шинохта буданд [Муҳаммад], наздашон омад, инкораш карданд. Лаънати Аллоҳ таоло бар кофирон бод!

بِئۡسَمَا ٱشۡتَرَوۡاْ بِهِۦٓ أَنفُسَهُمۡ أَن يَكۡفُرُواْ بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ بَغۡيًا أَن يُنَزِّلَ ٱللَّهُ مِن فَضۡلِهِۦ عَلَىٰ مَن يَشَآءُ مِنۡ عِبَادِهِۦۖ فَبَآءُو بِغَضَبٍ عَلَىٰ غَضَبٖۚ وَلِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٞ مُّهِينٞ ٩٠

90. Ба чи баҳои баде худро фурӯхтанд, ки аз рӯйи ҳасад [ва бартарихоҳӣ] ба он чи Аллоҳ таоло фиристода буд, кофир шуданд, ки чаро Аллоҳ таоло аз фазли хеш бар ҳар кас аз бандагонаш, ки мехоҳад [ваҳй] нозил мекунад. Пас, [ба хотири ин ҳасодат] беш аз пеш ба хашми [илоҳӣ] гирифтор шуданд ва барои кофирон азоби хоркунандае [дар пеш] аст

وَإِذَا قِيلَ لَهُمۡ ءَامِنُواْ بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ قَالُواْ نُؤۡمِنُ بِمَآ أُنزِلَ عَلَيۡنَا وَيَكۡفُرُونَ بِمَا وَرَآءَهُۥ وَهُوَ ٱلۡحَقُّ مُصَدِّقٗا لِّمَا مَعَهُمۡۗ قُلۡ فَلِمَ تَقۡتُلُونَ أَنۢبِيَآءَ ٱللَّهِ مِن قَبۡلُ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ ٩١

91. Ва чун ба онон гуфта шавад: «Ба он чи Аллоҳ таоло нозил кардааст, имон биёваред», мегӯянд: «Мо ба чизе имон меоварем, ки бар худи мо нозил шудааст» ва ба ғайри он кофир мешаванд, дар ҳоле ки он [Қуръон сухани] ҳақ ва тасдиққунандаи матолибе аст, ки бо худ доранд. [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Агар [рост мегӯед ва] муъминед, пас, чаро паёмбарони Аллоҳро пеш аз ин мекуштед»?!

وَلَقَدۡ جَآءَكُم مُّوسَىٰ بِٱلۡبَيِّنَٰتِ ثُمَّ ٱتَّخَذۡتُمُ ٱلۡعِجۡلَ مِنۢ بَعۡدِهِۦ وَأَنتُمۡ ظَٰلِمُونَ ٩٢

92. Ва ба ростӣ, Мӯсо муъҷизаҳову нишонаҳои равшане бароятон овард, он гоҳ шумо пас аз вай дар ҳоле гӯсоларо [барои парастиш] баргузидед, ки [ба хотири ин ширкварзӣ нисбат ба худ] ситамгор будед

وَإِذۡ أَخَذۡنَا مِيثَٰقَكُمۡ وَرَفَعۡنَا فَوۡقَكُمُ ٱلطُّورَ خُذُواْ مَآ ءَاتَيۡنَٰكُم بِقُوَّةٖ وَٱسۡمَعُواْۖ قَالُواْ سَمِعۡنَا وَعَصَيۡنَا وَأُشۡرِبُواْ فِي قُلُوبِهِمُ ٱلۡعِجۡلَ بِكُفۡرِهِمۡۚ قُلۡ بِئۡسَمَا يَأۡمُرُكُم بِهِۦٓ إِيمَٰنُكُمۡ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ ٩٣

93. Ва [ба ёд оваред] ҳангомеро, ки аз шумо паймон гирифтем [ки аз фармудаҳои илоҳӣ ва раҳнамудҳои Мӯсо пайравӣ кунед] ва [кӯҳи] Турро болои саратон барафроштем [ва гуфтем]: «Он чи [аз аҳкоми Таврот] ба шумо додаем, маҳкам бигиред ва [ба каломи Аллоҳ таоло] гӯш фаро диҳед». Гуфтанд: «[Бо гӯшҳоямон] Шунидем, [вале бо рафторамон] нофармонӣ кардем»; ва ба сабаби куфрашон бо [муҳаббати] гӯсола дар дилҳояшон ҷой гирифт. [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Агар

[воқеан] муъмин ҳастед, имонатон чи фармони баде ба шумо медиҳад»

قُلْ إِن كَانَتْ لَكُمُ ٱلدَّارُ ٱلْـَٔاخِرَةُ عِندَ ٱللَّهِ خَالِصَةً مِّن دُونِ ٱلنَّاسِ فَتَمَنَّوُا۟ ٱلْمَوْتَ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٩٤﴾

94. Бигӯ: «[Эй қавми яҳуд] Агар назди Аллоҳ таоло сарои охират вижаи шумост на барои дигар мардум, пас, агар рост мегӯед, орзуи марг кунед [то ҳар чи зудтар ба ин ҷойгоҳ даст ёбед]»

وَلَن يَتَمَنَّوْهُ أَبَدًۢا بِمَا قَدَّمَتْ أَيْدِيهِمْ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌۢ بِٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٩٥﴾

95. Вале онон ба хотири он чи [аз куфру такзиб ва таҳриф] пеш фиристодаанд, ҳаргиз орзуи марг нахоҳанд кард ва Аллоҳ таоло ба [аҳволи] ситамгорон доност

وَلَتَجِدَنَّهُمْ أَحْرَصَ ٱلنَّاسِ عَلَىٰ حَيَوٰةٍ وَمِنَ ٱلَّذِينَ أَشْرَكُوا۟ ۚ يَوَدُّ أَحَدُهُمْ لَوْ يُعَمَّرُ أَلْفَ سَنَةٍ وَمَا هُوَ بِمُزَحْزِحِهِۦ مِنَ ٱلْعَذَابِ أَن يُعَمَّرَ ۗ وَٱللَّهُ بَصِيرٌۢ بِمَا يَعْمَلُونَ ﴿٩٦﴾

96. [Эй паёмбар] Ҳатман, эшон [яҳудиён]-ро ҳаристарини мардум бар зиндагӣ хоҳӣ ёфт, [ҳатто] ҳаристар аз мушрикон. Ҳар як аз онон дӯст дорад, ки ҳазор сол умр бинад, дар ҳоле ки [ҳатто] агар ин умр [-и дароз] ба ӯ дода шавад, [боз ҳам тӯли умраш] ӯро аз азоб дур намекунад ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунанд, биност

قُلْ مَن كَانَ عَدُوًّا لِّجِبْرِيلَ فَإِنَّهُۥ نَزَّلَهُۥ عَلَىٰ قَلْبِكَ بِإِذْنِ ٱللَّهِ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ وَهُدًى وَبُشْرَىٰ لِلْمُؤْمِنِينَ ﴿٩٧﴾

97. Бигӯ: «Касе, ки душмани Ҷабраил бошад, [дар ҳақиқат душмани Аллоҳ таоло аст, зеро] ӯ ба фармони Аллоҳ таоло Қуръонро бар қалби ту нозил кардааст, ки китобҳои осмонии пеш аз худро тасдиқ мекунад ва барои муъминон ҳидояту башорат аст»

مَن كَانَ عَدُوًّا لِّلَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَرُسُلِهِۦ وَجِبْرِيلَ وَمِيكَىٰلَ فَإِنَّ ٱللَّهَ عَدُوٌّ لِّلْكَٰفِرِينَ ﴿٩٨﴾

98. Ҳар ки душмани Аллоҳ таоло ва фариштагони Ӯ ва паёмбаронаш ва Ҷабраилу Микоил бошад, [бидонад, ки] Аллоҳ таоло душмани кофирон аст

وَلَقَدْ أَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ءَايَٰتٍۭ بَيِّنَٰتٍ ۖ وَمَا يَكْفُرُ بِهَآ إِلَّا ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿٩٩﴾

99. [Эй паёмбар] Ба ростӣ, ки мо нишонаҳои равшане бар ту нозил кардем ва ҷуз мунҳарифон [аз дин] касе ба онҳо куфр намеварзад

أَوَكُلَّمَا عَٰهَدُوا۟ عَهْدًا نَّبَذَهُۥ فَرِيقٌ مِّنْهُم ۚ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يُؤْمِنُونَ ﴿١٠٠﴾

100. Оё чунин нест, ки ҳар гоҳ онон паймоне [бо Аллоҳ таоло ва Расул] бастанд, гурӯҳе аз эшон онро дур афкандаанд [ва паймон шикастанд]?! Оре бештарашон имон намеоваранд

وَلَمَّا جَآءَهُمْ رَسُولٌ مِّنْ عِندِ ٱللَّهِ مُصَدِّقٌ لِّمَا مَعَهُمْ نَبَذَ فَرِيقٌ مِّنَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلْكِتَٰبَ كِتَٰبَ ٱللَّهِ وَرَآءَ ظُهُورِهِمْ كَأَنَّهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿١٠١﴾

101. Ва ҳангоме ки фиристодае аз сӯйи Аллоҳ таоло ба суроғашон омад, ки бо нишонаҳое, ки [дар Таврот] назди онон буд мутобиқат дошт, гурӯҳе аз эшон, ки ба онҳо китоби [Таврот] дода шуда буд, китоби Аллоҳро пушти сар афканданд, гӯё [аз он нишонаҳо] ҳеҷ намедонанд

وَٱتَّبَعُواْ مَا تَتْلُواْ ٱلشَّيَٰطِينُ عَلَىٰ مُلْكِ سُلَيْمَٰنَ ۖ وَمَا كَفَرَ سُلَيْمَٰنُ وَلَٰكِنَّ ٱلشَّيَٰطِينَ كَفَرُواْ يُعَلِّمُونَ ٱلنَّاسَ ٱلسِّحْرَ وَمَآ أُنزِلَ عَلَى ٱلْمَلَكَيْنِ بِبَابِلَ هَٰرُوتَ وَمَٰرُوتَ ۚ وَمَا يُعَلِّمَانِ مِنْ أَحَدٍ حَتَّىٰ يَقُولَآ إِنَّمَا نَحْنُ فِتْنَةٌ فَلَا تَكْفُرْ ۖ فَيَتَعَلَّمُونَ مِنْهُمَا مَا يُفَرِّقُونَ بِهِۦ بَيْنَ ٱلْمَرْءِ وَزَوْجِهِۦ ۚ وَمَا هُم بِضَآرِّينَ بِهِۦ مِنْ أَحَدٍ إِلَّا بِإِذْنِ ٱللَّهِ ۚ وَيَتَعَلَّمُونَ مَا يَضُرُّهُمْ وَلَا يَنفَعُهُمْ ۚ وَلَقَدْ عَلِمُواْ لَمَنِ ٱشْتَرَىٰهُ مَا لَهُۥ فِى ٱلْءَاخِرَةِ مِنْ خَلَٰقٍ ۚ وَلَبِئْسَ مَا شَرَوْاْ بِهِۦٓ أَنفُسَهُمْ ۚ لَوْ كَانُواْ يَعْلَمُونَ ﴿١٠٢﴾

102. Ва аз он чи шаётин дар [аҳди] фармонравоии Сулаймон [бар мардум] мехонданд, пайравӣ карданд [ва муддаӣ шуданд, ки Сулаймон подшоҳии хешро бо сеҳр устувор кардааст] ва [ҳол он ки] Сулаймон [ҳаргиз даст ба сеҳр наолуд] ва кофир нашуд, вале шаётин [ки] куфр варзиданд ба мардум сеҳр меомӯхтанд ва [низ] аз он чи бар ду фариштa: Ҳорут ва Морут дар Бобул нозил шуда буд, [пайравӣ карданд, вале он ду фариштa] ба ҳеҷ кас чизе ёд намедоданд, магар ин ки [қаблан аз рӯйи хайрхоҳӣ ба ӯ] мегуфтанд: «Мо василаи озмоиш ҳастем, пас, [бо истифода бурдани сеҳр] кофир нашав». Онон [яҳудиён] аз он ду [фариштa] чизҳое меомӯхтанд, ки [битавонанд] тавассути он миёни марду ҳамсараш ҷудоӣ афкананд, ҳол он ки бидуни иҷозати Аллоҳ таоло наметавонистанд ба василаи он (сеҳр) ба касе зиёне бирасонанд ва чизе меомӯхтанд, ки [фақат] ба онон зиён мерасонад ва суде намедод ва ҳатман медонистанд, ки ҳар кас [муштоқу] харидори он [ҷодуҳо] бошад, дар охират баҳрае нахоҳад дошт. Агар [ҳақиқатро] медонистанд [мутаваҷҷеҳ мешуданд, ки] чи бадуи зишт буд он чи худро ба он фурӯхтанд!

وَلَوْ أَنَّهُمْ ءَامَنُواْ وَٱتَّقَوْاْ لَمَثُوبَةٌ مِّنْ عِندِ ٱللَّهِ خَيْرٌ ۚ لَّوْ كَانُواْ يَعْلَمُونَ ﴿١٠٣﴾

103. Ва агар онҳо имон меовардand ва парҳезгорӣ мекарданд, агар огаҳӣ доштанд [дармеёфтанд, ки] подоше, ки назди Аллоҳ таоло ҳаст, бароятшон беҳтар буд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَقُولُواْ رَٰعِنَا وَقُولُواْ ٱنظُرْنَا وَٱسْمَعُواْ ۗ وَلِلْكَٰفِرِينَ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿١٠٤﴾

104. Эй касоне, ки имон овардаед, [ҳангоме ки аз паёмбар барои дарки оёти Қуръон дархости муҳлат мекунед] нагӯед: «Роъино» [Зеро

таъбири мазкур илова бар маънои аслӣ мафҳуми тавҳиномезе ҳамгуни «нодонӣ»-ро ба зеҳн мерасонад], балки бигӯед: «Унзурно» [каме ба мо фурсат бидеҳ] ва [он гоҳ ба оёти Қуръон] гӯш кунед ва [яқин бидонед, ки] кофирон [ва тамасхуркунандагони паёмбар] азоби дарднок [дар пеш] доранд

مَّا يَوَدُّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ وَلَا ٱلۡمُشۡرِكِينَ أَن يُنَزَّلَ عَلَيۡكُم مِّنۡ خَيۡرٖ مِّن رَّبِّكُمۡۚ وَٱللَّهُ يَخۡتَصُّ بِرَحۡمَتِهِۦ مَن يَشَآءُۚ وَٱللَّهُ ذُو ٱلۡفَضۡلِ ٱلۡعَظِيمِ ١٠٥

105. Кофирон - аз аҳли китоб ва мушрикон - дӯст намедоранд, ки аз ҷониби Парвардигоратон хайру баракате бар шумо нозил гардад, дар ҳоле ки Аллоҳ таоло раҳмати худро ба ҳар кас, ки бихоҳад, ихтисос медиҳад ва Аллоҳ таоло дорои фазли бузург аст

۞مَا نَنسَخۡ مِنۡ ءَايَةٍ أَوۡ نُنسِهَا نَأۡتِ بِخَيۡرٖ مِّنۡهَآ أَوۡ مِثۡلِهَآۗ أَلَمۡ تَعۡلَمۡ أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٌ ١٠٦

106. Ҳар оятеро насх кунем ё [аз дили мардум бизудоем ва] фаромӯшаш гардонем, беҳтар аз он ё ҳаммонандашро меоварем. [Эй паёмбар] Оё намедонӣ, ки Аллоҳ таоло бар ҳар чиз тавоност

أَلَمۡ تَعۡلَمۡ أَنَّ ٱللَّهَ لَهُۥ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ وَمَا لَكُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ مِن وَلِيّٖ وَلَا نَصِيرٍ ١٠٧

107. Оё намедонӣ, ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст ва шумо ба ҷуз Аллоҳ таоло [ҳеҷ] дӯсту ёваре надоред [ки корсозатон бошад]

أَمۡ تُرِيدُونَ أَن تَسۡـَٔلُواْ رَسُولَكُمۡ كَمَا سُئِلَ مُوسَىٰ مِن قَبۡلُۗ وَمَن يَتَبَدَّلِ ٱلۡكُفۡرَ بِٱلۡإِيمَٰنِ فَقَدۡ ضَلَّ سَوَآءَ ٱلسَّبِيلِ ١٠٨

108. [Эй муъминон] Оё мехоҳед аз паёмбари худ [мавриди номаъқуле ҳамчун дидори Аллоҳро] дархост кунед, ки пеш аз ин аз Мӯсо хоста шуд? Касе, ки куфрро ба [ҷойи] имон баргузинад, мусалламан роҳи ростро гум кардааст

وَدَّ كَثِيرٞ مِّنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ لَوۡ يَرُدُّونَكُم مِّنۢ بَعۡدِ إِيمَٰنِكُمۡ كُفَّارًا حَسَدٗا مِّنۡ عِندِ أَنفُسِهِم مِّنۢ بَعۡدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُمُ ٱلۡحَقُّۖ فَٱعۡفُواْ وَٱصۡفَحُواْ حَتَّىٰ يَأۡتِيَ ٱللَّهُ بِأَمۡرِهِۦٓۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ١٠٩

109. Бисёре аз аҳли китоб пас аз ин, ки ҳақ барояшон ошкор гардид, ба хотири ҳасодате, ки дар вуҷудашон аст, орзу доранд, ки шуморо баъд аз имонатон ба ҳоли куфр бозгардонанд. Пас, шумо афв кунед ва [аз эшон] даргузаред, то Аллоҳ таоло фармони хешро [барои ҷиҳод бо онон] содир намояд. Ҳамоно Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност

وَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَۚ وَمَا تُقَدِّمُواْ لِأَنفُسِكُم مِّنۡ خَيۡرٖ تَجِدُوهُ عِندَ ٱللَّهِۗ إِنَّ ٱللَّهَ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ١١٠

110. Ва намоз барпо доред ва закот бипардозед ва [бидонед, ки] ҳар кори неке, ки барои

худ пеш мефиристед, [подоши] онро назди Аллоҳ таоло хоҳед ёфт. Яқинан Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, биност

وَقَالُواْ لَن يَدۡخُلَ ٱلۡجَنَّةَ إِلَّا مَن كَانَ هُودًا أَوۡ نَصَٰرَىٰۗ تِلۡكَ أَمَانِيُّهُمۡۗ قُلۡ هَاتُواْ بُرۡهَٰنَكُمۡ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ١١١

111. [Аҳли китоб] Гуфтанд: «Ҷуз яҳудӣ ё масеҳӣ [ҳеҷ кас] ҳаргиз дохили биҳишт нахоҳад шуд. Ин орзуҳои [ботили] онҳост.» [Эй паёмбар ба онон] Бигӯ: «Агар рост мегӯед, далели худро биёваред»

بَلَىٰ مَنۡ أَسۡلَمَ وَجۡهَهُۥ لِلَّهِ وَهُوَ مُحۡسِنٞ فَلَهُۥٓ أَجۡرُهُۥ عِندَ رَبِّهِۦ وَلَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ١١٢

112. Оре, подоши касе, ки холисона таслими Аллоҳ таоло гардад ва накукор бошад, назди Парвардигораш маҳфуз аст ва [чунин касоне] на тарсе хоҳанд дошт ва на андӯҳгин мешаванд

وَقَالَتِ ٱلۡيَهُودُ لَيۡسَتِ ٱلنَّصَٰرَىٰ عَلَىٰ شَيۡءٖ وَقَالَتِ ٱلنَّصَٰرَىٰ لَيۡسَتِ ٱلۡيَهُودُ عَلَىٰ شَيۡءٖ وَهُمۡ يَتۡلُونَ ٱلۡكِتَٰبَۗ كَذَٰلِكَ قَالَ ٱلَّذِينَ لَا يَعۡلَمُونَ مِثۡلَ قَوۡلِهِمۡۚ فَٱللَّهُ يَحۡكُمُ بَيۡنَهُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ فِيمَا كَانُواْ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَ ١١٣

113. Яҳудиён гуфтанд: «Масеҳиён барҳақ [ва бар оини саҳеҳе] нестанд» ва масеҳиён [низ] гуфтанд: «Яҳудиён барҳақ [ва бар оини саҳеҳе] нестанд», дар ҳоле ки [ҳар ду гурӯҳи] онон китоб [-и осмонӣ]-ро мехонанд. Ҳамчунин, касоне [монанди мушрикон], ки [аз паёми илоҳӣ ҳеҷ] намедонанд [сухане] ҳаммонанди онон гуфтанд. Пас, Аллоҳ таоло рӯзи қиёмат дар мавриди он чи бо ҳам ихтилоф доштанд, миёнашон доварӣ хоҳад кард

وَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّن مَّنَعَ مَسَٰجِدَ ٱللَّهِ أَن يُذۡكَرَ فِيهَا ٱسۡمُهُۥ وَسَعَىٰ فِي خَرَابِهَآۚ أُوْلَٰٓئِكَ مَا كَانَ لَهُمۡ أَن يَدۡخُلُوهَآ إِلَّا خَآئِفِينَۚ لَهُمۡ فِي ٱلدُّنۡيَا خِزۡيٞ وَلَهُمۡ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ عَذَابٌ عَظِيمٞ ١١٤

114. Кист ситамгортар аз он, ки аз бурдани номи Аллоҳ таоло дар масоҷид ҷилавгирӣ кунад ва дар вайронии онҳо бикӯшад?! Шоиста нест, ки онон ҷуз бо ҳоли ваҳшату тарс вориди ин масоҷид шаванд. Баҳраи онон дар дунё хорӣ ва расвоӣ аст ва дар охират [низ] азоби бузурге [дар пеш] доранд

وَلِلَّهِ ٱلۡمَشۡرِقُ وَٱلۡمَغۡرِبُۚ فَأَيۡنَمَا تُوَلُّواْ فَثَمَّ وَجۡهُ ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ وَٰسِعٌ عَلِيمٞ ١١٥

115. Машриқу мағриб аз они Аллоҳ таоло аст, пас, ба ҳар сӯйе рӯ кунед, рӯ [ба] Аллоҳ таоло аст. Ҳамоно Аллоҳ таоло кушоишгари доност

وَقَالُواْ ٱتَّخَذَ ٱللَّهُ وَلَدٗاۗ سُبۡحَٰنَهُۥۖ بَل لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ كُلّٞ لَّهُۥ قَٰنِتُونَ ١١٦

116. [Аҳли китоб ва мушрикон] Гуфтанд: «Аллоҳ таоло [барои худ] фарзанде баргузидааст». Ӯ [аз чунин нисбатҳое] муназзаҳ [-у пок]

аст. [Аллоҳ таоло на танҳо ниёзе ба фарзанд надорад, балки] Он чи дар осмонҳо ва замин аст, мутааллиқ ба Ӯст, [ва] ҳама фармонбардори Ӯ ҳастанд

بَدِيعُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ وَإِذَا قَضَىٰٓ أَمۡرٗا فَإِنَّمَا يَقُولُ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ١١٧

117. [Ӯ] падидоварандаи осмонҳо ва замин аст ва чун ба коре ирода фармояд, танҳо ба он мегӯяд: «Бош», пас, мешавад

وَقَالَ ٱلَّذِينَ لَا يَعۡلَمُونَ لَوۡلَا يُكَلِّمُنَا ٱللَّهُ أَوۡ تَأۡتِينَآ ءَايَةٞۗ كَذَٰلِكَ قَالَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِم مِّثۡلَ قَوۡلِهِمۡۘ تَشَٰبَهَتۡ قُلُوبُهُمۡۗ قَدۡ بَيَّنَّا ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يُوقِنُونَ ١١٨

118. Онон, ки [аз аҳли китоб ва мушрикон ҳастанд ва аз оини илоҳи чизе] намедонанд гуфтанд: «Чаро Аллоҳ таоло бо мо сухан намегӯяд? Ё [чаро] муъҷиза ва нишонае барои мо намеояд»? Касоне, ки пеш аз эшон буданд, ҳамин гуна сухан мегуфтанд. [Афкор ва] Дилҳояшон ҳаммонанди якдигар аст. Бе тардид, мо нишонаҳо [-и яктоӣ ва қудрати хеш]-ро барои гурӯҳе, ки яқин доранд, ошкор ва равшан сохтаем

إِنَّآ أَرۡسَلۡنَٰكَ بِٱلۡحَقِّ بَشِيرٗا وَنَذِيرٗاۖ وَلَا تُسۡـَٔلُ عَنۡ أَصۡحَٰبِ ٱلۡجَحِيمِ ١١٩

119. [Эй паёмбар] Мо туро ба ҳақ фиристодем, то башоратбахшу бимдиҳанда бошӣ ва [ту ҳаргиз дар охират] дар бораи [куфру бединии] дузахиён бозхост нахоҳӣ шуд

وَلَن تَرۡضَىٰ عَنكَ ٱلۡيَهُودُ وَلَا ٱلنَّصَٰرَىٰ حَتَّىٰ تَتَّبِعَ مِلَّتَهُمۡۗ قُلۡ إِنَّ هُدَى ٱللَّهِ هُوَ ٱلۡهُدَىٰۗ وَلَئِنِ ٱتَّبَعۡتَ أَهۡوَآءَهُم بَعۡدَ ٱلَّذِي جَآءَكَ مِنَ ٱلۡعِلۡمِ مَا لَكَ مِنَ ٱللَّهِ مِن وَلِيّٖ وَلَا نَصِيرٍ ١٢٠

120. Яҳудиён ва масеҳиён ҳаргиз аз ту хушнуд нахоҳанд шуд, магар ин ки аз оини онон пайравӣ кунӣ. Бигӯ: «Бе тардид, ҳидоят [-и ростин] ҳидояти Аллоҳ таоло аст» ва [яқин бидон] агар пас аз донише, ки ба ту расидааст, аз ҳавасҳои онон пайравӣ кунӣ, дар баробари Аллоҳ таоло ҳеҷ дӯсту ёваре нахоҳӣ дошт

ٱلَّذِينَ ءَاتَيۡنَٰهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ يَتۡلُونَهُۥ حَقَّ تِلَاوَتِهِۦٓ أُوْلَٰٓئِكَ يُؤۡمِنُونَ بِهِۦۗ وَمَن يَكۡفُرۡ بِهِۦ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ ١٢١

121. Касоне, ки китоби осмонӣ [Таврот ва Инҷил] ба онҳо додаем [ва] онро чунон, ки шоистааст мехонанд, ба [матолиби] он [ки дар бораи ҳаққонияти Муҳаммад ва рисолаташ мебошад] имон меоваранд; ва касоне, ки ба ӯ [ва оинаш] кофир шаванд, онон зиёндидагонанд

يَٰبَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ ٱذۡكُرُواْ نِعۡمَتِيَ ٱلَّتِيٓ أَنۡعَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ وَأَنِّي فَضَّلۡتُكُمۡ عَلَى ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٢٢

122. Эй Бани Исроил, неъматҳоеро, ки ба шумо арзонӣ доштам, ба ёд оваред ва [низ] ин ки

шуморо [ба далели бархӯрдорӣ аз ҳидоят] ба ҷаҳониён бартарӣ додам

وَٱتَّقُواْ يَوۡمٗا لَّا تَجۡزِي نَفۡسٌ عَن نَّفۡسٖ شَيۡـٔٗا وَلَا يُقۡبَلُ مِنۡهَا عَدۡلٞ وَلَا تَنفَعُهَا شَفَٰعَةٞ وَلَا هُمۡ يُنصَرُونَ ١٢٣

123. Аз рӯзе битарсед, ки ҳеҷ кас аз дигаре дифоъ намекунад ва ҳеҷ товону фидяе аз ӯ пазируфта намешавад ва шафоат барояш суде надорад ва [инсонҳо] ёрӣ намешаванд

وَإِذِ ٱبۡتَلَىٰٓ إِبۡرَٰهِـۧمَ رَبُّهُۥ بِكَلِمَٰتٖ فَأَتَمَّهُنَّۖ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامٗاۖ قَالَ وَمِن ذُرِّيَّتِيۖ قَالَ لَا يَنَالُ عَهۡدِي ٱلظَّٰلِمِينَ ١٢٤

124. Ва [эй паёмбар, ёд кун аз] ҳангоме ки Аллоҳ таоло Иброҳимро бо суханон [-и фарогир бар аҳкому таколифи шаръӣ] озмуд ва ӯ ҳамаро ба хубӣ ба анҷом расонд. [Аллоҳ таоло ба вай] Фармуд: «Ман туро пешвои мардум қарор медиҳам». [Иброҳим] гуфт: «[Парвардигоро] Аз фарзандонам [низ пешвоёне қарор бидеҳ, то мардум ба онон иқтидо кунанд]». [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Аҳду паймони Ман [бо ту дар мавриди пешвои дин] ба ситамгорон намерасад»

وَإِذۡ جَعَلۡنَا ٱلۡبَيۡتَ مَثَابَةٗ لِّلنَّاسِ وَأَمۡنٗا وَٱتَّخِذُواْ مِن مَّقَامِ إِبۡرَٰهِـۧمَ مُصَلّٗىۖ وَعَهِدۡنَآ إِلَىٰٓ إِبۡرَٰهِـۧمَ وَإِسۡمَٰعِيلَ أَن طَهِّرَا بَيۡتِيَ لِلطَّآئِفِينَ وَٱلۡعَٰكِفِينَ وَٱلرُّكَّعِ ٱلسُّجُودِ ١٢٥

125. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки хонаи [Каъба] - ро маҳалли бозгашт [-и ҳоҷиёни муштоқ] ва [ҷойи] амне барои мардум қарор додем ва [муқаррар кардем, ки] мақоми Иброҳимро намозгоҳе барои хеш интихоб кунед ва мо ба Иброҳим ва Исмоил ваҳй кардем, ки: «Хонаи маро барои тавофкунандагону муътакифон ва рукуъу суҷудкунандагон [намозгузорон] поку покиза кунед»

وَإِذۡ قَالَ إِبۡرَٰهِـۧمُ رَبِّ ٱجۡعَلۡ هَٰذَا بَلَدًا ءَامِنٗا وَٱرۡزُقۡ أَهۡلَهُۥ مِنَ ٱلثَّمَرَٰتِ مَنۡ ءَامَنَ مِنۡهُم بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۖ قَالَ وَمَن كَفَرَ فَأُمَتِّعُهُۥ قَلِيلٗا ثُمَّ أَضۡطَرُّهُۥٓ إِلَىٰ عَذَابِ ٱلنَّارِۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ١٢٦

126. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки Иброҳим гуфт: «Парвардигоро, ин [сарзамини Макка]-ро шаҳри амн бигардон ва аҳли онро - [яъне] касоне аз эшонро, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон овардаанд - аз меваҳои [гуногун] рӯзӣ бидеҳ». [Аллоҳ таоло] фармуд: «Ҳар ки кофир шавад, андаке баҳрамандаш месозам, сипас ӯро ба азоби оташ мекашонам ва чи бад саранҷоме аст»!

وَإِذۡ يَرۡفَعُ إِبۡرَٰهِـۧمُ ٱلۡقَوَاعِدَ مِنَ ٱلۡبَيۡتِ وَإِسۡمَٰعِيلُ رَبَّنَا تَقَبَّلۡ مِنَّآۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ١٢٧

127. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки Иброҳим ва Исмоил пояҳои хонаи [Каъба] - ро боло мебурданд [ва

мегуфтанд]:»Парвардигоро, [аъмоли неки мо, аз ҷумла бинои ин хонаи муқаддасро] аз мо бипазир, ки бе тардид Ту шунавову доной»

رَبَّنَا وَٱجۡعَلۡنَا مُسۡلِمَيۡنِ لَكَ وَمِن ذُرِّيَّتِنَآ أُمَّةٗ مُّسۡلِمَةٗ لَّكَ وَأَرِنَا مَنَاسِكَنَا وَتُبۡ عَلَيۡنَآۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ١٢٨

128. Парвардигоро, моро [таслим ва] фармонбардори худ қарор бидеҳ ва аз фарзандонамон [низ] уммате фармонбардори худ [падид овар] ва одоби ибодатамонро ба мо нишон бидеҳ ва тавбаи моро бипазир. Ҳаққо, ки Ту тавбапазиру меҳрубонӣ

رَبَّنَا وَٱبۡعَثۡ فِيهِمۡ رَسُولٗا مِّنۡهُمۡ يَتۡلُواْ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِكَ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحِكۡمَةَ وَيُزَكِّيهِمۡۚ إِنَّكَ أَنتَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ١٢٩

129. Парвардигоро, дар миёни онон [мардуми Макка] паёмбаре аз худашон [аз насли Исмоил] барангез, то оёти Туро бар онон бихонад ва ба эшон китобу ҳикмате биёмӯзаду [аз ширку нодонӣ] покиза гардонад. Ҳамоно ки Ту пирӯзманду ҳакимӣ

وَمَن يَرۡغَبُ عَن مِّلَّةِ إِبۡرَٰهِـۧمَ إِلَّا مَن سَفِهَ نَفۡسَهُۥۚ وَلَقَدِ ٱصۡطَفَيۡنَٰهُ فِي ٱلدُّنۡيَاۖ وَإِنَّهُۥ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ لَمِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ١٣٠

130. Ва чи касе ҷуз он ки худро ба [сабуксариву] нодонӣ меандозад аз оини Иброҳим рӯйгардон мегардад? Ва ба ростӣ, ки мо ӯро дар дунё баргузидем ва бе тардид дар охират [низ] аз шоистагон хоҳад буд

إِذۡ قَالَ لَهُۥ رَبُّهُۥٓ أَسۡلِمۡۖ قَالَ أَسۡلَمۡتُ لِرَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٣١

131. Он гоҳ, ки Парвардигораш ба ӯ фармуд: «[Холисона] Таслим шав» [ва ӯ дар посух] гуфт: «Таслими Парвардигори ҷаҳониён шудам»

وَوَصَّىٰ بِهَآ إِبۡرَٰهِـۧمُ بَنِيهِ وَيَعۡقُوبُ يَٰبَنِيَّ إِنَّ ٱللَّهَ ٱصۡطَفَىٰ لَكُمُ ٱلدِّينَ فَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم مُّسۡلِمُونَ ١٣٢

132. Ва Иброҳиму Яқуб фарзандони худро ба ин оин супориш карданд [ва ҳар як ба онон мегуфтанд]: «Эй фарзандони ман, Аллоҳ таоло ин оинро барои шумо баргузида аст [пас, ба он бигаравед] ва аз дунё наравед, магар ин ки таслими [фармони Ҳақ] бошед»

أَمۡ كُنتُمۡ شُهَدَآءَ إِذۡ حَضَرَ يَعۡقُوبَ ٱلۡمَوۡتُ إِذۡ قَالَ لِبَنِيهِ مَا تَعۡبُدُونَ مِنۢ بَعۡدِيۖ قَالُواْ نَعۡبُدُ إِلَٰهَكَ وَإِلَٰهَ ءَابَآئِكَ إِبۡرَٰهِـۧمَ وَإِسۡمَٰعِيلَ وَإِسۡحَٰقَ إِلَٰهٗا وَٰحِدٗا وَنَحۡنُ لَهُۥ مُسۡلِمُونَ ١٣٣

133. Оё ҳангоме ки марги Яқуб фаро расид, шумо ҳозир будед? Он гоҳ, ки ба фарзандони худ гуфт: «Баъд аз ман чи чизро мепарастед»? Гуфтанд: «Маъбуди ту ва маъбуди падаронат - Иброҳим ва Исмоилу Исҳоқ - Аллоҳи якторо мепарастем ва мо таслими Ӯ ҳастем»

تِلْكَ أُمَّةٌ قَدْ خَلَتْ ۖ لَهَا مَا كَسَبَتْ وَلَكُم مَّا كَسَبْتُمْ ۖ وَلَا تُسْـَٔلُونَ عَمَّا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿١٣٤﴾

134. Онон уммате буданд, ки даргузаштанд, он чи ки [аз натиҷаи аъмолашон] касб кардаанд, барои онҳост ва он чи шумо касб кардаед, барои шумост ва шумо дар бораи он чи [онон] мекарданд, бозхост нахоҳед шуд

وَقَالُوا۟ كُونُوا۟ هُودًا أَوْ نَصَـٰرَىٰ تَهْتَدُوا۟ ۗ قُلْ بَلْ مِلَّةَ إِبْرَٰهِـۧمَ حَنِيفًا ۖ وَمَا كَانَ مِنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ﴿١٣٥﴾

135. Ва [аҳли китоб] гуфтанд: «Яҳудӣ ё масеҳӣ шавед, то ҳидоят ёбед». [Эй паёмбар ба онон] Бигӯ: «[На аз оини шумо] Балки аз оини Иброҳим [пайравӣ мекунем], ки ҳақгаро буд ва ҳаргиз дар зумраи мушрикон набуд»

قُولُوٓا۟ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ وَمَآ أُنزِلَ إِلَيْنَا وَمَآ أُنزِلَ إِلَىٰٓ إِبْرَٰهِـۧمَ وَإِسْمَـٰعِيلَ وَإِسْحَـٰقَ وَيَعْقُوبَ وَٱلْأَسْبَاطِ وَمَآ أُوتِىَ مُوسَىٰ وَعِيسَىٰ وَمَآ أُوتِىَ ٱلنَّبِيُّونَ مِن رَّبِّهِمْ لَا نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِّنْهُمْ وَنَحْنُ لَهُۥ مُسْلِمُونَ ﴿١٣٦﴾

136. [Эй муъминон ба аҳли китоб] бигӯед: «Мо ба Аллоҳ таоло имон овардаем ва ба он чи бар мо нозил шудааст ва ба он чи, ки бар Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва наводагон [-и Яъқуб] нозил гардид ва [ҳамчунин] ба он чи, ки ба Мӯсо ва Исо дода шудааст ва ба он чи, ки ба паёмбарони [дигар] аз тарафи Парвардигорашон дода шудааст [ore, ба ҳамаи онон имон меоварем] ва миёни ҳеҷ як аз эшон тафовут намегузорем ва мо [ҳамагӣ] таслими Аллоҳ таоло ҳастем»

فَإِنْ ءَامَنُوا۟ بِمِثْلِ مَآ ءَامَنتُم بِهِۦ فَقَدِ ٱهْتَدَوا۟ ۖ وَّإِن تَوَلَّوْا۟ فَإِنَّمَا هُمْ فِى شِقَاقٍ ۖ فَسَيَكْفِيكَهُمُ ٱللَّهُ ۚ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴿١٣٧﴾

137. Пас, агар онон [низ] ба он чи шумо имон овардаед, имон оваранд, ҳатман, ҳидоят ёфтаанд ва агар пушт гардонанд, пас, ҷуз ин нест, ки ҳатман сари ситез [ва ҷудоӣ] доранд, пас, [эй паёмбар, Парвардигори якто барои ҳимояти ту кофӣ аст ва] ба зудӣ Аллоҳ таоло [шарри] онҳоро аз ту дафъ хоҳад намуд ва Ӯ шунавову доност

صِبْغَةَ ٱللَّهِ ۖ وَمَنْ أَحْسَنُ مِنَ ٱللَّهِ صِبْغَةً ۖ وَنَحْنُ لَهُۥ عَـٰبِدُونَ ﴿١٣٨﴾

138. Ранги илоҳӣ [ва дини Ӯро бипазиред ва ба он пойбанд бошед] ва чи касе хушнигорандатар аз Аллоҳ таоло аст! Ва мо танҳо Ӯро мепарастем

قُلْ أَتُحَآجُّونَنَا فِى ٱللَّهِ وَهُوَ رَبُّنَا وَرَبُّكُمْ وَلَنَآ أَعْمَـٰلُنَا وَلَكُمْ أَعْمَـٰلُكُمْ وَنَحْنُ لَهُۥ مُخْلِصُونَ ﴿١٣٩﴾

139. [Эй паёмбар ба аҳли китоб] Бигӯ: «Оё дар бораи Аллоҳ таоло бо мо муҷодала мекунед, дар ҳоле ки Ӯ парвардигори мо ва шумост ва кирдори мо аз они мо ва кирдори шумо аз они шумост ва мо Ӯро бо ихлос парастиш мекунем»

أَمْ تَقُولُونَ إِنَّ إِبْرَٰهِـۧمَ وَإِسْمَٰعِيلَ وَإِسْحَٰقَ وَيَعْقُوبَ وَٱلْأَسْبَاطَ كَانُوا۟ هُودًا أَوْ نَصَٰرَىٰ ۗ قُلْ ءَأَنتُمْ أَعْلَمُ أَمِ ٱللَّهُ ۗ وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّن كَتَمَ شَهَٰدَةً عِندَهُۥ مِنَ ٱللَّهِ ۗ وَمَا ٱللَّهُ بِغَٰفِلٍ عَمَّا تَعْمَلُونَ ﴿١٤٠﴾

140. [Оё] Мегӯед: «Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва наводагон [-и ӯ] яҳудӣ ё масеҳӣ буданд [дар ҳоле ки Таврот ва Инҷил пас аз ин паёмбарон нозил шудааст]»? Бигӯ: «Шумо донотаред ё Аллоҳ таоло»? Ва кист ситамгортар аз он, ки шаҳодатеро, ки аз [ҷониби] Аллоҳ таоло [дар китобҳои осмонӣ дар бораи ин паёмбарон омада ва] назди Ӯст, китмон (пинҳон) мекунад? Ва [яқин бидонед, ки] Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, ғофил нест

تِلْكَ أُمَّةٌ قَدْ خَلَتْ ۖ لَهَا مَا كَسَبَتْ وَلَكُم مَّا كَسَبْتُمْ ۖ وَلَا تُسْـَٔلُونَ عَمَّا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿١٤١﴾

141. Онон уммате буданд, ки даргузаштанд, он чи ки [аз натиҷаи аъмолашон] касб кардаанд, барои онҳост ва он чи шумо касб кардаед, барои шумост ва шумо дар бораи он чи [онон] мекарданд, бозхост нахоҳед шуд

سَيَقُولُ ٱلسُّفَهَآءُ مِنَ ٱلنَّاسِ مَا وَلَّىٰهُمْ عَن قِبْلَتِهِمُ ٱلَّتِى كَانُوا۟ عَلَيْهَا ۚ قُل لِّلَّهِ ٱلْمَشْرِقُ وَٱلْمَغْرِبُ ۚ يَهْدِى مَن يَشَآءُ إِلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿١٤٢﴾

142. Ба зудӣ гурӯҳе аз мардуми камхирад [яҳудӣ] хоҳанд гуфт: «Чӣ чизе онҳо [мусулмонон]-ро аз қиблаашон [Байт-ул-муқаддас], ки бар он буданд, [ба сӯйи Каъба] бозгардонд»? [Эй паёмбар] Бигӯ: «Машриқу мағриб аз они Аллоҳ таоло аст, ҳар касро бихоҳад ба роҳи рост ҳидоят мекунад»

وَكَذَٰلِكَ جَعَلْنَٰكُمْ أُمَّةً وَسَطًا لِّتَكُونُوا۟ شُهَدَآءَ عَلَى ٱلنَّاسِ وَيَكُونَ ٱلرَّسُولُ عَلَيْكُمْ شَهِيدًا ۗ وَمَا جَعَلْنَا ٱلْقِبْلَةَ ٱلَّتِى كُنتَ عَلَيْهَآ إِلَّا لِنَعْلَمَ مَن يَتَّبِعُ ٱلرَّسُولَ مِمَّن يَنقَلِبُ عَلَىٰ عَقِبَيْهِ ۚ وَإِن كَانَتْ لَكَبِيرَةً إِلَّا عَلَى ٱلَّذِينَ هَدَى ٱللَّهُ ۗ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيُضِيعَ إِيمَٰنَكُمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ بِٱلنَّاسِ لَرَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿١٤٣﴾

143. Ҳамон гуна [ки қиблаи шумо як қиблаи миёна аст] шуморо низ уммати миёна [ва аҳли эътидол] қарор додем то [дар рӯзи қиёмат] бар мардум гувоҳ бошед [ки паёмбарони илоҳӣ паёмашонро ба дурустӣ расонидаанд] ва паёмбар бар шумо гувоҳ бошад [ки каломи Аллоҳро ба шумо расонидааст] ва мо қиблаеро, ки бештар бар он будӣ [Байт-ул-муқаддас], қарор надодем, магар барои ин ки касеро, ки аз паёмбар пайравӣ мекунад, аз касе, ки ба ақиб бозмегардад [ва аз итоати Аллоҳ таоло ва расулаш рӯйгардон мешавад], бозшиносем. Мусалламан ин [ҳукм] ҷуз бар касоне, ки Аллоҳ таоло ҳидояташон карда бошад, сангину душвор аст. Аллоҳ таоло ҳаргиз имон [ва намоз]-и шуморо зоеъ намегардонад.

Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло нисбат ба мардум дилсӯзу меҳрубон аст

قَدْ نَرَىٰ تَقَلُّبَ وَجْهِكَ فِي ٱلسَّمَآءِ ۖ فَلَنُوَلِّيَنَّكَ قِبْلَةً تَرْضَىٰهَا ۚ فَوَلِّ وَجْهَكَ شَطْرَ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ ۚ وَحَيْثُ مَا كُنتُمْ فَوَلُّوا۟ وُجُوهَكُمْ شَطْرَهُۥ ۗ وَإِنَّ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْكِتَٰبَ لَيَعْلَمُونَ أَنَّهُ ٱلْحَقُّ مِن رَّبِّهِمْ ۗ وَمَا ٱللَّهُ بِغَٰفِلٍ عَمَّا يَعْمَلُونَ ﴿١٤٤﴾

144. [Эй паёмбар] Ба ростӣ, ки мо гардондани рӯятро ба [сӯйи] осмон [ки дар интизори ваҳйи илоҳӣ барои тағйири қибла ҳастӣ] мебинем. Акнун туро ба [сӯйи] қиблае бозмегардонем, ки ба он хушнуд мешавӣ, пас, рӯйи худро ба сӯйи Масҷид-ул-ҳаром кун ва [шумо низ, эй муъминон, барои адои намоз] ҳар ҷо будед, рӯйи худро ба сӯйи он бигардонед. Касоне, ки китоби [осмонӣ] ба онҳо дода шуд, ба хубӣ медонанд, ки ин [тағйири қибла фармони] ҳақ аст [ва] аз ҷониби Парвардигорашон мебошад ва Аллоҳ таоло аз он чи мекунанд, ғофил нест

وَلَئِنْ أَتَيْتَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْكِتَٰبَ بِكُلِّ ءَايَةٍ مَّا تَبِعُوا۟ قِبْلَتَكَ ۚ وَمَآ أَنتَ بِتَابِعٍ قِبْلَتَهُمْ ۚ وَمَا بَعْضُهُم بِتَابِعٍ قِبْلَةَ بَعْضٍ ۚ وَلَئِنِ ٱتَّبَعْتَ أَهْوَآءَهُم مِّنۢ بَعْدِ مَا جَآءَكَ مِنَ ٱلْعِلْمِ ۙ إِنَّكَ إِذًا لَّمِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٤٥﴾

145. Агар барои онон, ки китоби [осмонӣ] ба эшон дода шудааст, ҳар нишона [ва далеле барои ҳаққонияти тағйири қибла] биёварӣ, [боз ҳам] аз қиблаи ту пайравӣ намекунанд ва ту [низ] аз қиблаи онон пайравӣ нахоҳӣ кард ва бархе аз онон низ аз қиблаи бархе дигар пайравӣ намекунанд ва агар пас аз он ки илму дониш ба ту расидааст, аз хостаҳои [нафсонии] онон [дар мавриди қибла ва дигар аҳком] пайравӣ кунӣ, дар ин сурат мусалламан аз ситамгорон хоҳӣ буд

ٱلَّذِينَ ءَاتَيْنَٰهُمُ ٱلْكِتَٰبَ يَعْرِفُونَهُۥ كَمَا يَعْرِفُونَ أَبْنَآءَهُمْ ۖ وَإِنَّ فَرِيقًا مِّنْهُمْ لَيَكْتُمُونَ ٱلْحَقَّ وَهُمْ يَعْلَمُونَ ﴿١٤٦﴾

146. Касоне, ки ба онон китоби [осмонӣ] додаем, [Муҳаммад]-ро чунон мешиносанд, ки фарзандони худро мешиносанд [ва медонанд, ки суханаш барҳақ аст], вале гурӯҳе аз онон, дар ҳоле ки худ низ медонанд, ҳақро китмон мекунанд

ٱلْحَقُّ مِن رَّبِّكَ فَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلْمُمْتَرِينَ ﴿١٤٧﴾

147. [Эй паёмбар он чи бар ту нозил мегардад, ҳукми] Ҳақ аз ҷониби Парвардигори туст, пас, ҳаргиз аз тардидкунандагон мабош

وَلِكُلٍّ وِجْهَةٌ هُوَ مُوَلِّيهَا ۖ فَٱسْتَبِقُوا۟ ٱلْخَيْرَٰتِ ۚ أَيْنَ مَا تَكُونُوا۟ يَأْتِ بِكُمُ ٱللَّهُ جَمِيعًا ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿١٤٨﴾

148. Ҳар яке [аз умматҳо] чиҳате доранд, ки [ҳангоми намоз] бад-он рӯ мекунанд, пас, [шумо эй

муъминон] дар некиҳо [бар якдигар] сабқат бигиред. Ҳар ҷо ки бошед, Аллоҳ таоло [дар рӯзи қиёмат] ҳамаи шуморо ҳозир мекунад. Ҳамоно Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност

وَمِنْ حَيْثُ خَرَجْتَ فَوَلِّ وَجْهَكَ شَطْرَ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ ۖ وَإِنَّهُۥ لَلْحَقُّ مِن رَّبِّكَ ۗ وَمَا ٱللَّهُ بِغَٰفِلٍ عَمَّا تَعْمَلُونَ ﴿١٤٩﴾

149. [Эй паёмбар] Аз ҳар ҷо ки [ба қасди сафар] хориҷ шудӣ, пас, [ба ҳангоми намоз] рӯйи худро ба сӯйи Масҷид-ул-ҳаром кун ва ба дурустӣ, ки ин [рӯ карданат] ҳаққе аз ҷониби Парвардигорат аст ва Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, ғофил нест

وَمِنْ حَيْثُ خَرَجْتَ فَوَلِّ وَجْهَكَ شَطْرَ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ ۖ وَحَيْثُ مَا كُنتُمْ فَوَلُّوا۟ وُجُوهَكُمْ شَطْرَهُۥ لِئَلَّا يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَيْكُمْ حُجَّةٌ إِلَّا ٱلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ مِنْهُمْ فَلَا تَخْشَوْهُمْ وَٱخْشَوْنِى وَلِأُتِمَّ نِعْمَتِى عَلَيْكُمْ وَلَعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ ﴿١٥٠﴾

150. Ва аз ҳар ҷо, ки берун шудӣ, пас, [дар ҳангоми намоз] рӯйи худро ба сӯйи Масҷид-ул-ҳаром кун ва [шумо, эй муъминон] ҳар ҷо ки бошед, рӯйи худро ба сӯйи он [масҷид] кунед, то мардум алайҳи шумо ҳуҷҷате надошта бошанд [то бо истинод ба онҳо баҳонатарошӣ кунанд], магар касоне аз эшон, ки ситам карданд [ва ҳамвора душманатон хоҳанд буд]. Пас, аз онҳо натарсед ва аз ман битарсед [ин тағйири қибла барои он буд], ки неъматамро бар шумо тамом кунам [ва шуморо мутамоиз созам], бошад, ки ҳидоят шавед

كَمَآ أَرْسَلْنَا فِيكُمْ رَسُولًا مِّنكُمْ يَتْلُوا۟ عَلَيْكُمْ ءَايَٰتِنَا وَيُزَكِّيكُمْ وَيُعَلِّمُكُمُ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَيُعَلِّمُكُم مَّا لَمْ تَكُونُوا۟ تَعْلَمُونَ ﴿١٥١﴾

151. Ҳамчунон ки [неъмати дигаре низ ба шумо арзонӣ доштем ва] паёмбаре аз худатон ба миёнатон фиристодем, ки оёти моро бар шумо мехонад ва шуморо [бо амри маъруф ва наҳйи мункар аз палидиҳо] пок мегардонад ва ба шумо китоби [Қуръон] ва ҳикмате меомӯзад ва он чиро [ки аз умури дину дунёятон] намедонистед, ба шумо омӯзиш медиҳад

فَٱذْكُرُونِىٓ أَذْكُرْكُمْ وَٱشْكُرُوا۟ لِى وَلَا تَكْفُرُونِ ﴿١٥٢﴾

152. Пас, Маро ёд кунед, то шуморо ёд кунам ва Маро сипос гӯед ва ба Ман носипосӣ накунед

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱسْتَعِينُوا۟ بِٱلصَّبْرِ وَٱلصَّلَوٰةِ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلصَّٰبِرِينَ ﴿١٥٣﴾

153. Эй касоне, ки имон овардаед, аз шикебоиву намоз ёрӣ биҷӯед [ки] бе тардид Аллоҳ таоло бо сабркунандагон аст

وَلَا تَقُولُواْ لِمَن يُقْتَلُ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ أَمْوَٰتٌۚ بَلْ أَحْيَآءٌ وَلَٰكِن لَّا تَشْعُرُونَ ﴿١٥٤﴾

154. Ва ба онҳо, ки дар роҳи Аллоҳ таоло кушта мешаванд, мурда нагӯед, балки онон [назди Парвардигорашон] зиндаанд, вале шумо намефаҳмед

وَلَنَبْلُوَنَّكُم بِشَيْءٍ مِّنَ ٱلْخَوْفِ وَٱلْجُوعِ وَنَقْصٍ مِّنَ ٱلْأَمْوَٰلِ وَٱلْأَنفُسِ وَٱلثَّمَرَٰتِۗ وَبَشِّرِ ٱلصَّٰبِرِينَ ﴿١٥٥﴾

155. Ва ҳатман шуморо бо чизе аз [қабили] тарсу гуруснагӣ [қаҳтӣ] ва зиёни молӣ [нобудӣ ё душвории касби он] ва ҷонӣ [маргу мир ё шаҳодат] ва зиёни маҳсулот [-и кишоварзӣ] меозмоем ва [эй паёмбар] сабркунандагонро [ба он чи дар дунё ва охират барояшон фароҳам меояд] башорат бидеҳ

ٱلَّذِينَ إِذَآ أَصَٰبَتْهُم مُّصِيبَةٌ قَالُوٓاْ إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّآ إِلَيْهِ رَٰجِعُونَ ﴿١٥٦﴾

156. Онон, ки ҳар гоҳ мусибате ба эшон мерасад, [аз рӯйи ризоият ва таслим] мегӯянд: «Ба ростӣ, ки мо аз они Аллоҳ таоло ҳастем ва ба сӯйи Ӯ бозмегардем»

أُوْلَٰٓئِكَ عَلَيْهِمْ صَلَوَٰتٌ مِّن رَّبِّهِمْ وَرَحْمَةٌۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُهْتَدُونَ ﴿١٥٧﴾

157. Инҳо ҳастанд, ки дурудҳо ва раҳмате аз Парвардигорашон бар эшон аст ва маҳз инҳо ҳидоятёфтагонанд

۞إِنَّ ٱلصَّفَا وَٱلْمَرْوَةَ مِن شَعَآئِرِ ٱللَّهِۖ فَمَنْ حَجَّ ٱلْبَيْتَ أَوِ ٱعْتَمَرَ فَلَا جُنَاحَ عَلَيْهِ أَن يَطَّوَّفَ بِهِمَاۚ وَمَن تَطَوَّعَ خَيْرًا فَإِنَّ ٱللَّهَ شَاكِرٌ عَلِيمٌ ﴿١٥٨﴾

158. «Сафо» ва «Марва» аз нишонаҳои [зоҳири шариати] Аллоҳ таоло аст. Пас, ҳар ки ҳаҷҷи хона [-и Каъба] ё умра ба ҷой меовард, бар ӯ гуноҳе нест, ки тавофи [саъй] байни он дуро [низ] анҷом диҳад [ва ин кор аз рафторҳои ҷоҳилият шуморида намешавад] ва касе, ки ба майли худ кори неке анҷом диҳад, пас, [бидонад, ки] бе тардид Аллоҳ таоло сипосгузори доност

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكْتُمُونَ مَآ أَنزَلْنَا مِنَ ٱلْبَيِّنَٰتِ وَٱلْهُدَىٰ مِنۢ بَعْدِ مَا بَيَّنَّٰهُ لِلنَّاسِ فِي ٱلْكِتَٰبِ أُوْلَٰٓئِكَ يَلْعَنُهُمُ ٱللَّهُ وَيَلْعَنُهُمُ ٱللَّٰعِنُونَ ﴿١٥٩﴾

159. Касоне, ки он чиро аз далоили равшан ва ҳидоят нозил кардаем - пас аз он, ки дар китоби [Таврот ва Инҷил] барои мардум баёнаш намудем - пинҳон медоранд, Аллоҳ таоло ононро лаънат мекунад ва лаънаткунандагон [аз фариштагону муъминон] лаънаташон мекунанд

إِلَّا ٱلَّذِينَ تَابُواْ وَأَصْلَحُواْ وَبَيَّنُواْ فَأُوْلَٰٓئِكَ أَتُوبُ عَلَيْهِمْ وَأَنَا ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٦٠﴾

160. Магар касоне, ки тавба кунанд ва [корҳои ношоистаи худро] ислоҳ намоянд ва [ҳақиқатро]

ошкор созанд. Инон ҳастанд, ки тавбаашонро мепазирам ва Ман тавбапазиру меҳрубонам

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَمَاتُواْ وَهُمۡ كُفَّارٌ أُوْلَٰٓئِكَ عَلَيۡهِمۡ لَعۡنَةُ ٱللَّهِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ وَٱلنَّاسِ أَجۡمَعِينَ ١٦١

161. Касоне, ки куфр варзиданд [ва ба инкори ҳақ кӯшиданд] ва дар ҳоли куфр мурданд, лаънати Аллоҳ таоло ва фариштагон ва ҳамаи мардум бар онҳо хоҳад буд

خَٰلِدِينَ فِيهَا لَا يُخَفَّفُ عَنۡهُمُ ٱلۡعَذَابُ وَلَا هُمۡ يُنظَرُونَ ١٦٢

162. Дар он [лаънат ва азоби онон] ҷовидона боқӣ мемонанд ва на аз азобашон коста мешавад ва на муҳлат [-и узрхоҳӣ] меёбанд

وَإِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلرَّحۡمَٰنُ ٱلرَّحِيمُ ١٦٣

163. [Эй мардум] маъбуди шумо маъбуди ягона аст [ки] ба ҷуз Ӯ [ҳеҷ] маъбуде [ба ҳақ] нест; бахшандаву меҳрубон аст

إِنَّ فِي خَلۡقِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَٱخۡتِلَٰفِ ٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ وَٱلۡفُلۡكِ ٱلَّتِي تَجۡرِي فِي ٱلۡبَحۡرِ بِمَا يَنفَعُ ٱلنَّاسَ وَمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مِن مَّآءٖ فَأَحۡيَا بِهِ ٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ مَوۡتِهَا وَبَثَّ فِيهَا مِن كُلِّ دَآبَّةٖ وَتَصۡرِيفِ ٱلرِّيَٰحِ وَٱلسَّحَابِ ٱلۡمُسَخَّرِ بَيۡنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَعۡقِلُونَ ١٦٤

164. Ба ростӣ дар офариниши осмонҳо ва замину гузари шабу рӯз ва киштиҳое, ки барои баҳрабардории мардум дар дарё равонанд ва обе, ки Аллоҳ таоло аз осмон нозил намудааст, ки бо он заминро пас аз хушкӣ ва хазонаш зинда карда ва анвои ҷунбандагонро дар он пароканда аст ва [ҳамчунин] дар тағйири масири бодҳо ва абрҳое, ки дар миёни осмон ва замин ба хидмат [-и инсон] гумошта шудаанд, барои касоне, ки меандешанд, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст

وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَندَادٗا يُحِبُّونَهُمۡ كَحُبِّ ٱللَّهِۖ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَشَدُّ حُبّٗا لِّلَّهِۗ وَلَوۡ يَرَى ٱلَّذِينَ ظَلَمُوٓاْ إِذۡ يَرَوۡنَ ٱلۡعَذَابَ أَنَّ ٱلۡقُوَّةَ لِلَّهِ جَمِيعٗا وَأَنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعَذَابِ ١٦٥

165. [Бо вуҷуди ин оёти равшан] бархе аз мардум ҳамтоёни ғайр аз Аллоҳро [барои парастиш] бармегузинанд ва онҳоро ҳамчун Аллоҳ таоло дӯст медоранд, вале касоне, ки имон овардаанд, Аллоҳро бештар дӯст доранд ва онон, ки [бо ширку иртикоби гуноҳон] ситам карданд, ҳангоме ки азоби [қиёмат] - ро бубинанд, [хоҳанд донист], ки тамоми қудрат аз они Аллоҳ таоло аст ва ин ки Аллоҳ таоло сахткайфар аст

إِذۡ تَبَرَّأَ ٱلَّذِينَ ٱتُّبِعُواْ مِنَ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُواْ وَرَأَوُاْ ٱلۡعَذَابَ وَتَقَطَّعَتۡ بِهِمُ ٱلۡأَسۡبَابُ ١٦٦

166. Он гоҳ, ки раҳбарон [-и гумроҳгар] аз пайравони худ безорӣ мечӯянд ва азобро мебинанд ва асбоб [-у равобите, ки муҷиби наҷоташон мешуд, ҳамагӣ] гусаста мегардад

وَقَالَ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُواْ لَوۡ أَنَّ لَنَا كَرَّةٗ فَنَتَبَرَّأَ مِنۡهُمۡ كَمَا تَبَرَّءُواْ مِنَّاۗ كَذَٰلِكَ يُرِيهِمُ ٱللَّهُ أَعۡمَٰلَهُمۡ حَسَرَٰتٍ عَلَيۡهِمۡۖ وَمَا هُم بِخَٰرِجِينَ مِنَ ٱلنَّارِ ١٦٧

167. Ва [дар ин ҳангом] касоне, ки [дар дунё аз раҳбарони гумроҳгар] пайравӣ карда буданд, мегӯянд: «Кош барои мо бозгаште [ба дунё] буд, то ҳамон гуна, ки онон аз мо безорӣ ҷустанд, [мо низ] аз онҳо безорӣ ҷӯем. Аллоҳ таоло чунин рафтори эшонро, ки мояи ҳасрататашон аст, ба онҳо нишон медиҳад ва ҳаргиз аз оташи [дӯзах] берун нахоҳанд омад

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ كُلُواْ مِمَّا فِي ٱلۡأَرۡضِ حَلَٰلٗا طَيِّبٗا وَلَا تَتَّبِعُواْ خُطُوَٰتِ ٱلشَّيۡطَٰنِۚ إِنَّهُۥ لَكُمۡ عَدُوّٞ مُّبِينٌ ١٦٨

168. Эй мардум, аз он чи дар замин аст ҳалолу покиза бихӯред ва аз [роҳҳо ва] гомҳои шайтон [ки ба василаи онҳо ба тадриҷ шуморо ба сӯйи азоб мекашад], пайравӣ накунед, ки ба ростӣ ӯ душмани ошкори шумост

إِنَّمَا يَأۡمُرُكُم بِٱلسُّوٓءِ وَٱلۡفَحۡشَآءِ وَأَن تَقُولُواْ عَلَى ٱللَّهِ مَا لَا تَعۡلَمُونَ ١٦٩

169. [Ӯ] Шуморо фақат ба бадӣ ва зиштӣ фармон медиҳад ва [бар он медорад, то] он чиро, ки намедонед, ба Аллоҳ таоло нисбат диҳед

وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ ٱتَّبِعُواْ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ قَالُواْ بَلۡ نَتَّبِعُ مَآ أَلۡفَيۡنَا عَلَيۡهِ ءَابَآءَنَآۚ أَوَلَوۡ كَانَ ءَابَآؤُهُمۡ لَا يَعۡقِلُونَ شَيۡـٔٗا وَلَا يَهۡتَدُونَ ١٧٠

170. Ва ҳангоме ки ба онон [кофирон] гуфта шавад: «Аз он чи Аллоҳ таоло нозил кардааст, пайравӣ кунед», мегӯянд: [На] Балки мо аз чизе пайравӣ мекунем, ки падарони худро бар он ёфтаем. Оё агар падаронашон [аз ҳақиқат] чизе нафаҳмидаву ҳидоят наёфта бошанд [боз ҳам аз онон пайравӣ мекунанд]!?

وَمَثَلُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ كَمَثَلِ ٱلَّذِي يَنۡعِقُ بِمَا لَا يَسۡمَعُ إِلَّا دُعَآءٗ وَنِدَآءٗۚ صُمُّۢ بُكۡمٌ عُمۡيٞ فَهُمۡ لَا يَعۡقِلُونَ ١٧١

171. Масали [даъвати ту - эй Муҳаммад - барои ҳидояти ин] кофирон ҳамчун касест, ки чаҳорпоеро садо мезанад, ки ҷуз садо ва овозе намешунавад. [Ин кофирон дар рӯёрӯй бо ҳақ] кару лолу кӯр ҳастанд, аз ин рӯ, намеандешанд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُلُواْ مِن طَيِّبَٰتِ مَا رَزَقۡنَٰكُمۡ وَٱشۡكُرُواْ لِلَّهِ إِن كُنتُمۡ إِيَّاهُ تَعۡبُدُونَ ١٧٢

172. Эй касоне, ки имон овардаед, аз чизҳои покизае, ки рӯзии шумо кардаем, бихӯред ва шукри Аллоҳро ба ҷо оваред, агар танҳо Ӯро мепарастед

إِنَّمَا حَرَّمَ عَلَيۡكُمُ ٱلۡمَيۡتَةَ وَٱلدَّمَ وَلَحۡمَ ٱلۡخِنزِيرِ وَمَآ أُهِلَّ بِهِۦ لِغَيۡرِ ٱللَّهِۖ فَمَنِ ٱضۡطُرَّ غَيۡرَ بَاغٖ وَلَا عَادٖ فَلَآ إِثۡمَ عَلَيۡهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٌ ١٧٣

173. [Аллоҳ таоло] Танҳо мурдор ва хуну гӯшти хук ва он чиро, ки [ҳангоми забҳ] номи ғайри Аллоҳ таоло бар он бурда шавад, бар шумо ҳаром кардааст. Пас, ҳар ки [барои ҳифзи ҷони

худ ба хӯрдани онҳо] ночор шавад [ва] саркашу зиёдахоҳ набошад, бар ӯ гуноҳе нест. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло омурзандаву меҳрубон аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكۡتُمُونَ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَيَشۡتَرُونَ بِهِۦ ثَمَنٗا قَلِيلًا أُوْلَٰٓئِكَ مَا يَأۡكُلُونَ فِي بُطُونِهِمۡ إِلَّا ٱلنَّارَ وَلَا يُكَلِّمُهُمُ ٱللَّهُ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَلَا يُزَكِّيهِمۡ وَلَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٌ ١٧٤

174. Касоне, ки он чиро Аллоҳ таоло дар китоби [Таврот дар бораи нубуввати Муҳаммад] нозил кардааст, китмон мекунанд ва онро [барои касби молу мақоми дунё] ба баҳои андаке мефурӯшанд [дар ҳақиқат] чуз оташ дар шикамҳояшон фурӯ намебаранд ва Аллоҳ таоло рӯзи қиёмат бо онон сухан намегӯяд ва [аз палидии гуноҳ] покашон намекунад ва азоби дардноке хоҳанд дошт

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ ٱشۡتَرَوُاْ ٱلضَّلَٰلَةَ بِٱلۡهُدَىٰ وَٱلۡعَذَابَ بِٱلۡمَغۡفِرَةِۚ فَمَآ أَصۡبَرَهُمۡ عَلَى ٱلنَّارِ ١٧٥

175. Инон касоне ҳастанд, ки гумроҳиро ба [баҳои] ҳидоят ва азобро ба [баҳои] омурзиш хариданд, пас, бар оташи [дӯзах] чи шикебо ҳастанд!

ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ نَزَّلَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّۗ وَإِنَّ ٱلَّذِينَ ٱخۡتَلَفُواْ فِي ٱلۡكِتَٰبِ لَفِي شِقَاقِۭ بَعِيدٖ ١٧٦

176. Ин [муҷозот бар китмони ҳақ] ба хотири он аст, ки Аллоҳ таоло китоб [-ҳои осмони]-ро ба ҳақ нозил кардааст ва касоне, ки дар он ихтилоф карданд, [аз ҳақиқат] бисёр дуранд

۞لَّيۡسَ ٱلۡبِرَّ أَن تُوَلُّواْ وُجُوهَكُمۡ قِبَلَ ٱلۡمَشۡرِقِ وَٱلۡمَغۡرِبِ وَلَٰكِنَّ ٱلۡبِرَّ مَنۡ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ وَٱلۡكِتَٰبِ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ وَءَاتَى ٱلۡمَالَ عَلَىٰ حُبِّهِۦ ذَوِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينَ وَٱبۡنَ ٱلسَّبِيلِ وَٱلسَّآئِلِينَ وَفِي ٱلرِّقَابِ وَأَقَامَ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَى ٱلزَّكَوٰةَ وَٱلۡمُوفُونَ بِعَهۡدِهِمۡ إِذَا عَٰهَدُواْۖ وَٱلصَّٰبِرِينَ فِي ٱلۡبَأۡسَآءِ وَٱلضَّرَّآءِ وَحِينَ ٱلۡبَأۡسِۗ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ صَدَقُواْۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُتَّقُونَ ١٧٧

177. Некӣ [фақат] ин нест, ки [барои намоз] рӯйи худро ба сӯйи машриқ ва [ё] мағриб кунед, балки некӣ [рафтори] он касе аст, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат ва фариштагону китоби [осмонӣ] ва паёмбарон имон оварда бошад ва моли [худ]-ро, бо вуҷуди дӯст доштанаш, ба хешовандону ятимон ва мустамандон ва дар роҳмондагону дархосткунандагон [гадоён] ва дар [роҳи озодии] бардагон бибахшад ва намоз бар пой дорад ва закот бипардозад ва [низ] онон, ки чун аҳд мебанданд, ба паймонашон вафо мекунанд ва [касоне, ки] дар фақру сахтӣ ва зиёну беморӣ ва ба ҳангоми [шиддат гирифтани] набард, [пойдорӣ ва] шикебоӣ мекунанд, онон [ки ба ин вижагиҳо оростаанд], касоне ҳастанд, ки рост гуфтанд ва онон парҳезгоронанд

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلۡقِصَاصُ فِي ٱلۡقَتۡلَىۖ ٱلۡحُرُّ بِٱلۡحُرِّ وَٱلۡعَبۡدُ بِٱلۡعَبۡدِ وَٱلۡأُنثَىٰ بِٱلۡأُنثَىٰۚ فَمَنۡ عُفِيَ لَهُۥ مِنۡ أَخِيهِ شَيۡءٞ فَٱتِّبَاعُۢ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَأَدَآءٌ إِلَيۡهِ بِإِحۡسَٰنٖۗ ذَٰلِكَ تَخۡفِيفٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَرَحۡمَةٞۗ فَمَنِ ٱعۡتَدَىٰ بَعۡدَ ذَٰلِكَ فَلَهُۥ عَذَابٌ أَلِيمٞ ١٧٨

178. Эй касоне, ки имон овардаед, дар [мавриди] куштагон [ки барқасд ба қатл расонида шудаанд, ҳукми] қасос бар шумо муқаррар гаштааст: Озод дар баробари озод ва барда дар баробари барда ва зан дар баробари зан. Пас, агар касе [хешованди мақтул] дар ҳаққи бародар [-и дини]-аш [қотил] бахшиш намояд, бояд [аз азобу озораш бипарҳезад ва бо ӯ] хушрафторӣ намояд ва [қотил низ бояд мутақобилан дия-хунбаҳоро] ба некӣ ба ӯ бипардозад. Ин [ҳукм] тахфифу раҳмате аст аз сӯйи Парвардигоратон. Пас, агар касе баъд аз он [гузашту қабули дия] таҷовуз кунад, азоби дарднок [дар интизор] дорад

وَلَكُمۡ فِي ٱلۡقِصَاصِ حَيَوٰةٞ يَـٰٓأُوْلِي ٱلۡأَلۡبَٰبِ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٧٩

179. Эй хирадмандон, дар [ин] қасос барои шумо [давоми] зиндагӣ аст, бошад, ки тақво пеша кунед

كُتِبَ عَلَيۡكُمۡ إِذَا حَضَرَ أَحَدَكُمُ ٱلۡمَوۡتُ إِن تَرَكَ خَيۡرًا ٱلۡوَصِيَّةُ لِلۡوَٰلِدَيۡنِ وَٱلۡأَقۡرَبِينَ بِٱلۡمَعۡرُوفِۖ حَقًّا عَلَى ٱلۡمُتَّقِينَ ١٨٠

180. Бар шумо муқаррар шудааст, ки ҳар гоҳ замони марги яке аз шумо фаро расад, агар моле аз худ ба ҷой гузоштааст, барои падару модар ва хешовандон ба шеваи шоиста васият кунад. Ин [кор] ҳаққе аст бар парҳезкорон [ки бояд анҷом диҳанд]

فَمَنۢ بَدَّلَهُۥ بَعۡدَ مَا سَمِعَهُۥ فَإِنَّمَآ إِثۡمُهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ يُبَدِّلُونَهُۥٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٞ ١٨١

181. Пас, ҳар ки он [васият]-ро пас аз шуниданаш тағйир диҳад, гуноҳаш танҳо бар [уҳдаи] касонест, ки онро тағйир медиҳанд. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло шунавову доност

فَمَنۡ خَافَ مِن مُّوصٖ جَنَفًا أَوۡ إِثۡمٗا فَأَصۡلَحَ بَيۡنَهُمۡ فَلَآ إِثۡمَ عَلَيۡهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ١٨٢

182. Пас, касе, ки аз беадолатӣ [ва майли бечойи] васияткунанда [нисбат ба ворисон] ё аз гуноҳи ӯ [дар васият ба кори хилоф] битарсад ва [бо ислоҳи васият] миёни онон [ворисон]-ро созиш диҳад, бар ӯ гуноҳе нест, [ки] ҳамоно Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٨٣

183. Эй касоне, ки имон овардаед, рӯза бар шумо воҷиб шудааст, ҳамон гуна ки бар касоне, ки пеш аз шумо буданд, низ воҷиб шуда буд; бошад, ки парҳезкор шавед

أَيَّامًا مَّعْدُودَٰتٍۚ فَمَن كَانَ مِنكُم مَّرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَۚ وَعَلَى ٱلَّذِينَ يُطِيقُونَهُۥ فِدْيَةٌ طَعَامُ مِسْكِينٍۖ فَمَن تَطَوَّعَ خَيْرًا فَهُوَ خَيْرٌ لَّهُۥۚ وَأَن تَصُومُواْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿١٨٤﴾

184. Рӯзҳои муайян [-ро рӯзадорӣ кунед], пас, ҳар кас аз шумо, ки бемор ё мусофир бошад, [ба андозаи он рӯзҳое, ки натавонистааст рӯза бигирад] теъдоде аз рӯзҳои дигар [-ро рӯза бигирад] ва бар касоне, ки тавоноии онро надоранд, лозим аст каффора бидиҳанд [ва он ба баробари ҳар рӯз] хӯрок додан ба як тиҳидаст аст ва ҳар ки ба майли худ [бештар] накуӣ кунад, он [афзунбахшӣ ба суди ӯст ва] барояш беҳтар аст ва агар [фазилати рӯзадориро] бидонед, рӯза бароятон беҳтар [аз рӯзахӯрӣ ва пардохти каффора] аст

شَهْرُ رَمَضَانَ ٱلَّذِىٓ أُنزِلَ فِيهِ ٱلْقُرْءَانُ هُدًى لِّلنَّاسِ وَبَيِّنَٰتٍ مِّنَ ٱلْهُدَىٰ وَٱلْفُرْقَانِۚ فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُۖ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَۗ يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلْعُسْرَ وَلِتُكْمِلُواْ ٱلْعِدَّةَ وَلِتُكَبِّرُواْ ٱللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَىٰكُمْ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ ﴿١٨٥﴾

185. Моҳи рамазон [моҳе] аст, ки Қуръон дар он нозил шудааст; [китобе,] ки роҳнамои мардум аст ва далоили ошкоре аз ҳидоят [бо худ дорад] ва ҷудокунанда [-и ҳақ аз ботил] аст. Пас, ҳар яке аз шумо [ки муқиму солим аст] ин моҳро дарёбад, бояд онро рӯза бидорад ва ҳар ки бемор ё дар сафар бошад, [бояд ба теъдоди рӯзҳое, ки рӯза нагирифтааст] рӯзҳои дигаре [-ро рӯза бигирад]. Аллоҳ таоло [бо баёни ин аҳком] бароятон осонӣ мехоҳад ва душворӣ намехоҳад, то [битавонед рӯзадорӣ дар моҳи рамазон]-ро комил кунед ва Аллоҳро барои он ки ҳидоятатон кардааст, ба бузургӣ ёд кунед; бошад, ки шукр гузоред

وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِى عَنِّى فَإِنِّى قَرِيبٌۖ أُجِيبُ دَعْوَةَ ٱلدَّاعِ إِذَا دَعَانِۖ فَلْيَسْتَجِيبُواْ لِى وَلْيُؤْمِنُواْ بِى لَعَلَّهُمْ يَرْشُدُونَ ﴿١٨٦﴾

186. Ва [эй паёмбар] чун бандагонам дар бораи Ман аз ту бипурсанд, [ба онон] бигӯ: Ман наздикам ва дуои дуокунандаро - ҳангоме ки маро бихонад - иҷобат мекунам, пас, [онон фақат] бояд даъвати Маро бипазаранд ва ба Ман имон биёваранд; бошад, ки роҳ ёбанд

أُحِلَّ لَكُمْ لَيْلَةَ ٱلصِّيَامِ ٱلرَّفَثُ إِلَىٰ نِسَآئِكُمْۚ هُنَّ لِبَاسٌ لَّكُمْ وَأَنتُمْ لِبَاسٌ لَّهُنَّۗ عَلِمَ ٱللَّهُ أَنَّكُمْ كُنتُمْ تَخْتَانُونَ أَنفُسَكُمْ فَتَابَ عَلَيْكُمْ وَعَفَا عَنكُمْۖ فَٱلْـَٰٔنَ بَٰشِرُوهُنَّ وَٱبْتَغُواْ مَا كَتَبَ ٱللَّهُ لَكُمْۚ وَكُلُواْ وَٱشْرَبُواْ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَكُمُ ٱلْخَيْطُ ٱلْأَبْيَضُ مِنَ ٱلْخَيْطِ ٱلْأَسْوَدِ مِنَ ٱلْفَجْرِۖ ثُمَّ أَتِمُّواْ ٱلصِّيَامَ إِلَى ٱلَّيْلِۚ وَلَا

187. [Эй муъминон] Омезиш бо ҳамсаронатон дар шаб [-ҳои] рӯза бар шумо ҳалол гардидааст. Онон либоси шумо ҳастанд ва шумо либоси эшон. Аллоҳ таоло медонист, ки шумо бар худ хиёнат мекардед [ва бо он ки дар авоили ислом омезиш дар моҳи рамазон ҳаром

تُبَٰشِرُوهُنَّ وَأَنتُمۡ عَٰكِفُونَ فِي ٱلۡمَسَٰجِدِۗ تِلۡكَ حُدُودُ ٱللَّهِ فَلَا تَقۡرَبُوهَاۗ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ ءَايَٰتِهِۦ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمۡ يَتَّقُونَ ١٨٧

буд, шумо бар он бетаваҷҷуҳ будед], пас, тавбаатонро пазируфту аз шумо даргузашт. Пас, акнун [дар шабҳои рамазон метавонед] бо онон омезиш кунед ва он чиро, ки Аллоҳ таоло бароятон муқаррар доштааст [аз эшон] талаб кунед. Бихӯред ва биошомед, то риштаи сапеди субҳ [фаҷри содиқ] аз риштаи сиёҳ [шаб] бароятон ошкор гардад, он гоҳ рӯзаро то шаб ба поён бирасонед ва, дар ҳоле ки дар масоҷид муътакиф ҳастед, бо занон омезиш накунед. Ин марзҳо [-и аҳком]-и илоҳӣ аст, пас, ба онҳо наздик нашавед. Аллоҳ таоло чунин оёт [ва аҳком]-и худро барои мардум равшан месозад, бошад, ки парҳезкор шаванд

وَلَا تَأۡكُلُوٓاْ أَمۡوَٰلَكُم بَيۡنَكُم بِٱلۡبَٰطِلِ وَتُدۡلُواْ بِهَآ إِلَى ٱلۡحُكَّامِ لِتَأۡكُلُواْ فَرِيقٗا مِّنۡ أَمۡوَٰلِ ٱلنَّاسِ بِٱلۡإِثۡمِ وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ١٨٨

188. Ва амволатонро байни худ ба ботил [ва ноҳақ] нахӯред ва барои он, ки бахше аз моли мардумро ба гуноҳ бихӯред, қазияро ба ҳокимон накашонед, дар ҳоле ки медонед [ки ин кор гуноҳ аст]

يَسۡـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلۡأَهِلَّةِۖ قُلۡ هِيَ مَوَٰقِيتُ لِلنَّاسِ وَٱلۡحَجِّۗ وَلَيۡسَ ٱلۡبِرُّ بِأَن تَأۡتُواْ ٱلۡبُيُوتَ مِن ظُهُورِهَا وَلَٰكِنَّ ٱلۡبِرَّ مَنِ ٱتَّقَىٰۗ وَأۡتُواْ ٱلۡبُيُوتَ مِنۡ أَبۡوَٰبِهَاۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ١٨٩

189. [Эй паёмбар] Аз ту дар бораи ҳилолҳо [-и моҳ] мепурсанд, бигӯ: «Онҳо баёни авқот [ва гоҳшумории табиӣ] барои мардум ва [василаи таъйини вақти] ҳаҷ ҳастанд». Накукорӣ он нест, ки [монанди даврони ҷоҳилият дар ҳоли эҳром] аз пушти хонаҳо ворид шавед, балки накукор касест, ки тақво пеша кунад [пас, парҳезкор бошед] ва ба хонаҳо аз дарҳояшон ворид шавед ва аз Аллоҳ таоло битарсед, бошад, ки растагор шавед

وَقَٰتِلُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ ٱلَّذِينَ يُقَٰتِلُونَكُمۡ وَلَا تَعۡتَدُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُعۡتَدِينَ ١٩٠

190. Ва дар роҳи Аллоҳ таоло бо касоне, ки бо шумо меҷанганд, биҷангед [вале бо мусла кардан ва куштани кӯдакону занон ва пиронсолон] аз ҳад таҷовуз накунед, [ки] ба ростӣ Аллоҳ таоло таҷовузгаронро дӯст намедорад

وَٱقۡتُلُوهُمۡ حَيۡثُ ثَقِفۡتُمُوهُمۡ وَأَخۡرِجُوهُم مِّنۡ حَيۡثُ أَخۡرَجُوكُمۡۚ وَٱلۡفِتۡنَةُ أَشَدُّ مِنَ ٱلۡقَتۡلِۚ وَلَا تُقَٰتِلُوهُمۡ عِندَ ٱلۡمَسۡجِدِ ٱلۡحَرَامِ حَتَّىٰ يُقَٰتِلُوكُمۡ فِيهِۖ فَإِن قَٰتَلُوكُمۡ فَٱقۡتُلُوهُمۡۗ كَذَٰلِكَ جَزَآءُ ٱلۡكَٰفِرِينَ ١٩١

191. Ва онон [мушрикон]-ро ҳар куҷо ёфтед, бикушед ва аз он ҷо [Макка], ки шуморо берун кардаанд, берун кунед ва фитна [куфру ширк]

бадтар аз қатл аст ва бо онҳо дар канори Масҷид-ул-ҳаром пайкор накунед, магар ин ки бо шумо дар он ҷо биҷанганд. Пас, агар [дар он ҷо] бо шумо ҷангиданд, эшонро бикушед, [ки] сазои кофирон чунин аст

فَإِنِ ٱنتَهَوْاْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١٩٢﴾

192. Пас, агар [аз куфрашон] даст бардоштанд [аз набард даст бикашед, ки] бе гумон Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَقَٰتِلُوهُمْ حَتَّىٰ لَا تَكُونَ فِتْنَةٌ وَيَكُونَ ٱلدِّينُ لِلَّهِ ۖ فَإِنِ ٱنتَهَوْاْ فَلَا عُدْوَٰنَ إِلَّا عَلَى ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٩٣﴾

193. Ва бо онҳо биҷангед, то фитнаи [ширк] боқӣ намонад ва дин [холисона] аз они Аллоҳ таоло гардад. Пас, агар даст бардоштанд, [ситам накунед, ки] ситам ҷуз бар ситамгорон раво нест

ٱلشَّهْرُ ٱلْحَرَامُ بِٱلشَّهْرِ ٱلْحَرَامِ وَٱلْحُرُمَٰتُ قِصَاصٌ ۚ فَمَنِ ٱعْتَدَىٰ عَلَيْكُمْ فَٱعْتَدُواْ عَلَيْهِ بِمِثْلِ مَا ٱعْتَدَىٰ عَلَيْكُمْ ۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿١٩٤﴾

194. [Ин] Моҳи ҳаром [соли ҳафтуми ҳичрӣ, ки имкони умра гузоридан ёфтед] дар баробари моҳи ҳаром [-и соли гузашта] аст [ки мушрикон шуморо аз адои ҳаҷ боздошта буданд] ва [таҷовузи] ҳурматҳо [-и сарзамину моҳи ҳаром] қасос дорад; пас, ҳар ки ситам кард, ба ҳамон гуна ки бар шумо ситам кардааст, бар ӯ ситам раво доред ва аз Аллоҳ таоло парво кунед ва бидонед, ки Аллоҳ таоло бо парҳезкорон аст

وَأَنفِقُواْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلَا تُلْقُواْ بِأَيْدِيكُمْ إِلَى ٱلتَّهْلُكَةِ ۛ وَأَحْسِنُوٓاْ ۛ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿١٩٥﴾

195. Ва дар роҳи Аллоҳ таоло инфоқ кунед ва [бо фирор аз майдони ҷиҳод ва тарки инфоқ] худро бо дасти хештан ба ҳалокат наафканед ва некӣ кунед, [ки] ба ростӣ Аллоҳ таоло накукоронро дӯст медорад

وَأَتِمُّواْ ٱلْحَجَّ وَٱلْعُمْرَةَ لِلَّهِ ۚ فَإِنْ أُحْصِرْتُمْ فَمَا ٱسْتَيْسَرَ مِنَ ٱلْهَدْىِ ۖ وَلَا تَحْلِقُواْ رُءُوسَكُمْ حَتَّىٰ يَبْلُغَ ٱلْهَدْىُ مَحِلَّهُۥ ۚ فَمَن كَانَ مِنكُم مَّرِيضًا أَوْ بِهِۦٓ أَذًى مِّن رَّأْسِهِۦ فَفِدْيَةٌ مِّن صِيَامٍ أَوْ صَدَقَةٍ أَوْ نُسُكٍ ۚ فَإِذَآ أَمِنتُمْ فَمَن تَمَتَّعَ بِٱلْعُمْرَةِ إِلَى ٱلْحَجِّ فَمَا ٱسْتَيْسَرَ مِنَ ٱلْهَدْىِ ۚ فَمَن لَّمْ يَجِدْ فَصِيَامُ ثَلَٰثَةِ أَيَّامٍ فِى ٱلْحَجِّ وَسَبْعَةٍ إِذَا رَجَعْتُمْ ۗ تِلْكَ عَشَرَةٌ كَامِلَةٌ ۗ ذَٰلِكَ لِمَن لَّمْ يَكُنْ أَهْلُهُۥ حَاضِرِى ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ ۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلْعِقَابِ ﴿١٩٦﴾

196. Ва ҳаҷҷу умраро барои Аллоҳ таоло ба поён расонед ва агар [ба василаи душман ё беморӣ аз ин кор] бозмонед, он чи аз қурбонӣ [хоҳ аз шутуру гов ё гӯсфанд] фароҳам шавад [забҳ кунед ва он гоҳ аз эҳром хориҷ шавед] ва сарҳои худро натарошед, то қурбонӣ ба ҷойгоҳаш [дар қурбонгоҳ] бирасад ва агар касе аз шумо бемор буду ё нороҳатие дар сар дошт [ки ночор буд бад-он хотир дар ҳоли эҳром

сари худро битарошад], пас, фидя диҳад, аз [қабили се рӯз] рӯза ё садақа [таом додани шаш тиҳидасти ҳарам] ё қурбонӣ кардани гӯсфанде [ки миёни тиҳидастони ҳарам тақсим шавад]. Пас, ҳангоме ки дар амон будед, ҳар ки аз умра баҳраманд гардид ва сипас [аъмоли] ҳаҷро оғоз кард, он чи аз қурбонӣ [барояш] муяссар шуд [забҳ кунад] ва ҳар ки [қурбонӣ] наёфт, се рӯз дар [айёми] ҳаҷ ва ҳафт рӯз ҳангоме ки [ба хона] бозгаштед, рӯза бигиред. Ин даҳ [рӯзи] комил аст. Ин [ҳукми ҳаққи таматтуъ] барои касест, ки хонаводааш сокини Масҷид-ул-ҳаром [Макка ва атрофи он] набошад ва аз Аллоҳ таоло парво кунед ва бидонед, ки Аллоҳ таоло сахткайфар аст

197. [Мавсими] ҳаҷ дар моҳҳои мушаххасе аст [аз оғози Шаввол то даҳуми Зулҳиҷҷа]; пас, касе, ки дар ин моҳҳо ҳаҷро [бар худ] воҷиб гардонад, [бояд бидонад, ки] дар ҳаҷ, омезиши ҷинсӣ ва [иртикоби] гуноҳ ва даргирӣ [ва ҷидол раво] нест ва он чи аз корҳои нек анҷом медиҳед, Аллоҳ таоло онро медонад; ва [хӯроку пӯшоки мавриди ниёзи ҳаҷро барои худ фароҳам кунед ва] тӯша баргиред, [вале ба ёд дошта бошед, ки] ба ростӣ, беҳтарин тӯша парҳезкорист ва, эй хирадмандон, аз ман парво кунед

ٱلْحَجُّ أَشْهُرٌ مَّعْلُومَٰتٌ ۚ فَمَن فَرَضَ فِيهِنَّ ٱلْحَجَّ فَلَا رَفَثَ وَلَا فُسُوقَ وَلَا جِدَالَ فِى ٱلْحَجِّ ۗ وَمَا تَفْعَلُوا۟ مِنْ خَيْرٍ يَعْلَمْهُ ٱللَّهُ ۗ وَتَزَوَّدُوا۟ فَإِنَّ خَيْرَ ٱلزَّادِ ٱلتَّقْوَىٰ ۚ وَٱتَّقُونِ يَٰٓأُو۟لِى ٱلْأَلْبَٰبِ ﴿١٩٧﴾

198. Гуноҳе бар шумо нест, ки [дар айёми ҳаҷ бо хариду фурӯш] аз фазли Парвардигоратон [манфиат ва рӯзӣ] талаб кунед ва ҳангоме ки [рӯзи нуҳум пас аз вуқуф] аз Арафот кӯч кардед, Аллоҳро дар «Машъар-ул-ҳаром» ёд кунед; ва Ӯро ёд кунед, чаро ки шуморо, ки пештар аз гумроҳон будед, [ба адои маносики ҳаққу дигар аъмоли ибодӣ] ҳидоят кард

لَيْسَ عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ أَن تَبْتَغُوا۟ فَضْلًا مِّن رَّبِّكُمْ ۚ فَإِذَآ أَفَضْتُم مِّنْ عَرَفَٰتٍ فَٱذْكُرُوا۟ ٱللَّهَ عِندَ ٱلْمَشْعَرِ ٱلْحَرَامِ ۖ وَٱذْكُرُوهُ كَمَا هَدَىٰكُمْ وَإِن كُنتُم مِّن قَبْلِهِۦ لَمِنَ ٱلضَّآلِّينَ ﴿١٩٨﴾

199. Пас, аз ҳамон ҷо, ки мардум [пайравони Иброҳим] равона мешаванд, [шумо низ аз Арафот ба сӯйи Мино] ҳаракат кунед ва аз Аллоҳ таоло омурзиш бихоҳед, [чаро ки] бе тардид Аллоҳ таоло омурзандаву меҳрубон аст

ثُمَّ أَفِيضُوا۟ مِنْ حَيْثُ أَفَاضَ ٱلنَّاسُ وَٱسْتَغْفِرُوا۟ ٱللَّهَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١٩٩﴾

فَإِذَا قَضَيْتُم مَّنَاسِكَكُمْ فَٱذْكُرُواْ ٱللَّهَ كَذِكْرِكُمْ ءَابَآءَكُمْ أَوْ أَشَدَّ ذِكْرًا ۗ فَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَقُولُ رَبَّنَآ ءَاتِنَا فِى ٱلدُّنْيَا وَمَا لَهُۥ فِى ٱلْءَاخِرَةِ مِنْ خَلَٰقٍ ﴿٢٠٠﴾

200. Пас, чун маносики [ҳаҷҷи] худро ба ҷой овардед, ҳамон гуна, ки падаронатонро [бо фахру ғурур] ёд мекардед, балки [беҳтар ва] бештар аз он Аллоҳро ёд кунед; ва бархе аз мардум [кофироне] ҳастанд, ки мегӯянд: «Парвардигоро, ба мо дар дунё [молу фарзанд] ато кун». Ин шахс дар охират баҳрае [аз неъматҳои илоҳӣ] надорад

وَمِنْهُم مَّن يَقُولُ رَبَّنَآ ءَاتِنَا فِى ٱلدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِى ٱلْءَاخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ ٱلنَّارِ ﴿٢٠١﴾

201. Ва бархе [дигар] аз эшон [муъминоне] ҳастанд, ки мегӯянд: «Парвардигоро, ба мо дар дунё некӣ [рӯзӣ, саломатӣ, дониш ва имон] ато кун ва дар охират [низ] некӣ [ато фармо] ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор»

أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمْ نَصِيبٌ مِّمَّا كَسَبُواْ ۚ وَٱللَّهُ سَرِيعُ ٱلْحِسَابِ ﴿٢٠٢﴾

202. Инҳоанд, ки аз дастовардашон баҳрае доранд ва Аллоҳ таоло дар ҳисобрасӣ сареъ аст

۞ وَٱذْكُرُواْ ٱللَّهَ فِىٓ أَيَّامٍ مَّعْدُودَٰتٍ ۚ فَمَن تَعَجَّلَ فِى يَوْمَيْنِ فَلَآ إِثْمَ عَلَيْهِ وَمَن تَأَخَّرَ فَلَآ إِثْمَ عَلَيْهِ ۖ لِمَنِ ٱتَّقَىٰ ۗ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّكُمْ إِلَيْهِ تُحْشَرُونَ ﴿٢٠٣﴾

203. Аллоҳро дар рӯзҳои муайян [се рӯзи айёми ташриқ ёздаҳум то сенздаҳуми Зулҳиҷҷа] ёд кунед; пас, касе, ки шитоб кунад ва тайи ду рӯз [аъмолро анҷом диҳад], гуноҳе бар ӯ нест; ва касе, ки таъхир кунад [ва аъмолро дар се рӯз анҷом диҳад], гуноҳе бар ӯ нест. [Ин фурсат] Барои касе аст, ки тақво пеша кунад; ва [эй муъминон] аз Аллоҳ таоло парво кунед ва бидонед, ки ба сӯйи Ӯ ҳашр хоҳед шуд

وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يُعْجِبُكَ قَوْلُهُۥ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا وَيُشْهِدُ ٱللَّهَ عَلَىٰ مَا فِى قَلْبِهِۦ وَهُوَ أَلَدُّ ٱلْخِصَامِ ﴿٢٠٤﴾

204. Ва [эй паёмбар], аз мардум касе аст, ки гуфтораш дар [мавриди] зиндагии дунё туро ба шигифт меандозад ва Аллоҳро бар [имони қалбӣ ва] он чи дар дилаш дорад, гувоҳ мегирад [то ҷойе, ки ӯро ростгӯ мепиндорӣ] ва ҳол он ки ӯ [дар зумраи] сарсахттарин душманон [ва бадхоҳони ислому муслимин] аст

وَإِذَا تَوَلَّىٰ سَعَىٰ فِى ٱلْأَرْضِ لِيُفْسِدَ فِيهَا وَيُهْلِكَ ٱلْحَرْثَ وَٱلنَّسْلَ ۚ وَٱللَّهُ لَا يُحِبُّ ٱلْفَسَادَ ﴿٢٠٥﴾

205. Ӯ ҳангоме ки [аз ту] рӯй бармегардонад ва [аз наздат] меравад [ё ба раёсате мерасад], дар роҳи фасод дар замин мекӯшад ва [маҳсулоти] кишоварзӣ ва чаҳорпоёнро нобуд месозад; ва Аллоҳ таоло фасоду [табоҳкорӣ]-ро дӯст надорад

وَإِذَا قِيلَ لَهُ ٱتَّقِ ٱللَّهَ أَخَذَتْهُ ٱلْعِزَّةُ بِٱلْإِثْمِ ۚ فَحَسْبُهُۥ جَهَنَّمُ ۚ وَلَبِئْسَ ٱلْمِهَادُ ﴿٢٠٦﴾

206. Ва ҳангоме ки ба ӯ гуфта мешавад: «Аз Аллоҳ таоло битарс», худбузургбинӣ [ва ғурураш] ӯро ба [идома додан бар анҷоми] гуноҳ мекашонад; пас, [оташи] ҷаҳаннам барояш кофӣ аст ва чи бад ҷойгоҳе аст!

وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَشْرِى نَفْسَهُ ٱبْتِغَآءَ مَرْضَاتِ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ رَءُوفٌۢ بِٱلْعِبَادِ ﴿٢٠٧﴾

207. Ва аз мардум касе [низ] ҳаст, ки ҷони худро барои касби хушнудии Аллоҳ таоло дареғ намедорад; ва Аллоҳ таоло нисбат ба бандагон меҳрубон аст

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱدْخُلُوا۟ فِى ٱلسِّلْمِ كَآفَّةً وَلَا تَتَّبِعُوا۟ خُطُوَٰتِ ٱلشَّيْطَـٰنِ ۚ إِنَّهُۥ لَكُمْ عَدُوٌّ مُّبِينٌ ﴿٢٠٨﴾

208. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳамагӣ ба ислом [ва итоати Аллоҳ таоло] дароед ва аз қадамҳо [роҳҳо]-и шайтон пайравӣ накунед. Ба ростӣ, ки ӯ душмани ошкори шумост

فَإِن زَلَلْتُم مِّنۢ بَعْدِ مَا جَآءَتْكُمُ ٱلْبَيِّنَـٰتُ فَٱعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٢٠٩﴾

209. Пас, агар баъд аз он ки нишонаҳои равшану ошкор бароятон омад, лағжиш кардед ва [мунҳариф шудед], бидонед, ки Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст

هَلْ يَنظُرُونَ إِلَّآ أَن يَأْتِيَهُمُ ٱللَّهُ فِى ظُلَلٍ مِّنَ ٱلْغَمَامِ وَٱلْمَلَـٰٓئِكَةُ ۖ وَقُضِىَ ٱلْأَمْرُ ۚ وَإِلَى ٱللَّهِ تُرْجَعُ ٱلْأُمُورُ ﴿٢١٠﴾

210. Оё интизорӣ [-и онон, ки пайрави шайтонанд] ғайр аз ин аст, ки Аллоҳ таоло [дар рӯзи қиёмат барои доварӣ] дар сояҳое аз абрҳо ба сӯяшон биёяд ва фариштагон [низ барои иҷрои азоби илоҳӣ ононро иҳота кунанд] ва кор яксара шавад? Ва [огоҳ бошед, ки ҳамаи] корҳо ба сӯйи Аллоҳ таоло бозгардонда мешавад

سَلْ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ كَمْ ءَاتَيْنَـٰهُم مِّنْ ءَايَةٍۭ بَيِّنَةٍ ۗ وَمَن يُبَدِّلْ نِعْمَةَ ٱللَّهِ مِنۢ بَعْدِ مَا جَآءَتْهُ فَإِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلْعِقَابِ ﴿٢١١﴾

211. [Эй паёмбар], аз Бани Исроил бипурс, [ки] чӣ андоза нишонаҳои ошкор ба онҳо додаем; ва касе, ки неъмати Аллоҳро пас аз он ки насибаш шуд, [ба куфру носипосӣ] табдил кунад, [азоби сахте хоҳад дошт ва бояд бидонад, ки] Аллоҳ таоло сахткайфар аст

زُيِّنَ لِلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَا وَيَسْخَرُونَ مِنَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ۘ وَٱلَّذِينَ ٱتَّقَوْا۟ فَوْقَهُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَـٰمَةِ ۗ وَٱللَّهُ يَرْزُقُ مَن يَشَآءُ بِغَيْرِ حِسَابٍ ﴿٢١٢﴾

212. Зиндагии дунё барои кофирон ороста шудааст ва муъминонро масхара мекунанд, ҳол он ки парҳезкорон дар рӯзи қиёмат болотар аз онон ҳастанд; [зеро дар биҳишт ҷовидонанд] ва Аллоҳ таоло ҳар киро бихоҳад, бешумор рӯзӣ медиҳад

كَانَ ٱلنَّاسُ أُمَّةً وَٰحِدَةً فَبَعَثَ ٱللَّهُ ٱلنَّبِيِّـۧنَ مُبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ وَأَنزَلَ مَعَهُمُ ٱلْكِتَٰبَ بِٱلْحَقِّ لِيَحْكُمَ بَيْنَ ٱلنَّاسِ فِيمَا ٱخْتَلَفُوا۟ فِيهِ ۚ وَمَا ٱخْتَلَفَ فِيهِ إِلَّا ٱلَّذِينَ أُوتُوهُ مِنۢ بَعْدِ مَا جَآءَتْهُمُ ٱلْبَيِّنَٰتُ بَغْيًۢا بَيْنَهُمْ ۖ فَهَدَى ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لِمَا ٱخْتَلَفُوا۟ فِيهِ مِنَ ٱلْحَقِّ بِإِذْنِهِۦ ۗ وَٱللَّهُ يَهْدِى مَن يَشَآءُ إِلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿٢١٣﴾

213. [Дар оғоз] мардум як уммат буданд [аммо дар амри дин ихтилоф карданд]; он гоҳ Аллоҳ таоло паёмбаронро башоратбахшу бимдиҳанда барангехт ва ҳамроҳ бо онон китоб [-и осмонӣ]-ро ба ҳақ нозил кард, то миёни мардум дар он чи ихтилоф доштанд, доварӣ кунанд; ва фақат касоне, ки Таврот] ба онон дода шуда буд - пас аз он ки нишонаҳои равшан ба онҳо расид - ба хотири ситам ва ҳасодате, ки байнашон буд, дар мавриди он ихтилоф карданд; пас, Аллоҳ таоло ба фармони хеш касонеро, ки имон оварда буданд, ба ҳақиқате, ки дар он ихтилоф доштанд, ҳидоят намуд; ва Аллоҳ таоло ҳар киро бихоҳад, ба роҳи рост ҳидоят мекунад

أَمْ حَسِبْتُمْ أَن تَدْخُلُوا۟ ٱلْجَنَّةَ وَلَمَّا يَأْتِكُم مَّثَلُ ٱلَّذِينَ خَلَوْا۟ مِن قَبْلِكُم ۖ مَّسَّتْهُمُ ٱلْبَأْسَآءُ وَٱلضَّرَّآءُ وَزُلْزِلُوا۟ حَتَّىٰ يَقُولَ ٱلرَّسُولُ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مَعَهُۥ مَتَىٰ نَصْرُ ٱللَّهِ ۗ أَلَآ إِنَّ نَصْرَ ٱللَّهِ قَرِيبٌ ﴿٢١٤﴾

214. [Эй муъминон] Оё пиндоштаед, ки вориди биҳишт мешавед, ҳол он ки ҳанӯз монанди он чи бар [сари] пешиниёни шумо омад, бар [сари] шумо наомадааст? Душворӣ ва зиён ба эшон расид ва [он чунон сахтӣ кашиданд ва] ба ларза афтоданд, ки паёмбар ва касоне, ки бо ӯ имон оварда буданд, гуфтанд: «Ёрии Аллоҳ таоло кай фаро хоҳад расид»? Огоҳ бошед! Бе тардид ёрии Аллоҳ таоло наздик аст

يَسْـَٔلُونَكَ مَاذَا يُنفِقُونَ ۖ قُلْ مَآ أَنفَقْتُم مِّنْ خَيْرٍ فَلِلْوَٰلِدَيْنِ وَٱلْأَقْرَبِينَ وَٱلْيَتَٰمَىٰ وَٱلْمَسَٰكِينِ وَٱبْنِ ٱلسَّبِيلِ ۗ وَمَا تَفْعَلُوا۟ مِنْ خَيْرٍ فَإِنَّ ٱللَّهَ بِهِۦ عَلِيمٌ ﴿٢١٥﴾

215. [Эй паёмбар, ёронат] Аз ту мепурсанд, чи чизе инфоқ кунанд, бигӯ: «Ҳар моле, ки инфоқ кардед, барои падару модару наздикон ва ятимону тиҳидастон ва дарроҳмондагон аст ва ҳар кори неке, ки анҷом диҳед, Аллоҳ таоло ба он доност»

كُتِبَ عَلَيْكُمُ ٱلْقِتَالُ وَهُوَ كُرْهٌ لَّكُمْ ۖ وَعَسَىٰٓ أَن تَكْرَهُوا۟ شَيْـًٔا وَهُوَ خَيْرٌ لَّكُمْ ۖ وَعَسَىٰٓ أَن تُحِبُّوا۟ شَيْـًٔا وَهُوَ شَرٌّ لَّكُمْ ۚ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ وَأَنتُمْ لَا تَعْلَمُونَ ﴿٢١٦﴾

216. [Эй муъминон] Ҷиҳод [дар роҳи Аллоҳ таоло] бар шумо воҷиб шудааст, дар ҳоле ки барои шумо ноҳушоянд аст [зеро харҷи молӣ ва ҷонӣ дорад]. Чи басо чизеро хуш надошта бошед, ҳол он ки бароятон беҳтар аст ва чи басо чизеро дӯст дошта бошед, ҳол он ки бароятон бад аст; ва Аллоҳ таоло [хайру шарри корҳоро] медонад ва шумо намедонед

يَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلشَّهْرِ ٱلْحَرَامِ قِتَالٍ فِيهِ ۖ قُلْ قِتَالٌ فِيهِ كَبِيرٌ ۚ وَصَدٌّ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ وَكُفْرٌۢ بِهِۦ وَٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ وَإِخْرَاجُ أَهْلِهِۦ مِنْهُ أَكْبَرُ عِندَ ٱللَّهِ ۚ وَٱلْفِتْنَةُ أَكْبَرُ مِنَ ٱلْقَتْلِ ۗ وَلَا يَزَالُونَ يُقَٰتِلُونَكُمْ حَتَّىٰ يَرُدُّوكُمْ عَن دِينِكُمْ إِنِ ٱسْتَطَٰعُوا۟ ۚ وَمَن يَرْتَدِدْ مِنكُمْ عَن دِينِهِۦ فَيَمُتْ وَهُوَ كَافِرٌ فَأُو۟لَٰٓئِكَ حَبِطَتْ أَعْمَٰلُهُمْ فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْـَٔاخِرَةِ ۖ وَأُو۟لَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلنَّارِ ۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٢١٧﴾

217. [Эй паёмбар] Аз ту дар бораи ҷанг дар моҳи ҳаром [Муҳаррам, Рачаб, Зулқаъда ва Зулҳиҷҷа] мепурсанд, бигӯ: «Ҷанг дар он [моҳҳо гуноҳи] бузург аст ва боздоштан аз роҳи Аллоҳ таоло ва куфр варзидан ба Ӯ ва [ҷилавгирӣ аз вуруди мардум ба] Масҷид-ул-ҳаром ва берун рондани аҳлаш аз он ҷо назди Аллоҳ таоло [гуноҳи] бузургтар аст ва фитна [-и ширк] аз қатл бузургтар аст». Ва [эй муъминон, мушрикон] ҳамвора бо шумо меҷанганд, то агар битавонанд шуморо аз динатон баргардонанд; ва ҳар як аз шумо, ки аз динаш бозгардад ва дар ҳоли куфр бимирад, аъмолаш дар дунё ва охират табоҳ мегардад ва онон аҳли оташанд ва ҳамеша дар он хоҳанд буд

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَٱلَّذِينَ هَاجَرُوا۟ وَجَٰهَدُوا۟ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ أُو۟لَٰٓئِكَ يَرْجُونَ رَحْمَتَ ٱللَّهِ ۚ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٢١٨﴾

218. Касоне, ки имон оварданд ва касоне, ки [барои барпоии дини ҳақ] ҳиҷрат намуданд ва дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод карданд, онон ба раҳмати Аллоҳ таоло умедворанд ва Аллоҳ таоло [нисбат ба эшон] омурзандаи меҳрубон аст

يَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلْخَمْرِ وَٱلْمَيْسِرِ ۖ قُلْ فِيهِمَآ إِثْمٌ كَبِيرٌ وَمَنَٰفِعُ لِلنَّاسِ وَإِثْمُهُمَآ أَكْبَرُ مِن نَّفْعِهِمَا ۗ وَيَسْـَٔلُونَكَ مَاذَا يُنفِقُونَ ۖ قُلِ ٱلْعَفْوَ ۗ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمُ ٱلْـَٔايَٰتِ لَعَلَّكُمْ تَتَفَكَّرُونَ ﴿٢١٩﴾

219. [Эй паёмбар, асҳобат] аз ту дар бораи шароб ва қимор мепурсанд, бигӯ: «Дар он ду гуноҳи бузург ва [низ] судҳое барои мардум вуҷуд дорад, вале гуноҳи он ду аз судашон [бештар ва] бузургтар аст»; ва аз ту мепурсанд, чӣ чизе инфоқ кунанд, бигӯ: «Он чӣ афзун ояд [аз ниёзмандии худ]. Аллоҳ таоло оётро инчунин барои шумо равшан месозад; бошад, ки бияндешед»

فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْـَٔاخِرَةِ ۗ وَيَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلْيَتَٰمَىٰ ۖ قُلْ إِصْلَاحٌ لَّهُمْ خَيْرٌ ۖ وَإِن تُخَالِطُوهُمْ فَإِخْوَٰنُكُمْ ۚ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ ٱلْمُفْسِدَ مِنَ ٱلْمُصْلِحِ ۚ وَلَوْ شَآءَ ٱللَّهُ لَأَعْنَتَكُمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٢٢٠﴾

220. Дар бораи дунё ва охират [бияндешед]; ва [эй паёмбар] аз ту дар мавриди [чигунагии сарпарастиашон бар] ятимон мепурсанд; бигӯ: «Ислоҳи [кору парҳез аз дахолат дар амволи] онон беҳтар аст; ва агар бо [ҷамъ кардани амволи онон бо дороии худ дар нафақаҳои зиндагӣ ва маскан бо] онон ҳамзистӣ кунед, [эроде дар ин кор нест; зеро] онҳо бародарони [динии] шумо ҳастанд». Ва Аллоҳ таоло табаҳқорро аз дурусткор бозмешиносад; ва агар Аллоҳ таоло

мехост, [дар мавриди ятимон сахтгирӣ мекард ва] шуморо ба заҳмат меандохт. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст

وَلَا تَنكِحُواْ ٱلۡمُشۡرِكَٰتِ حَتَّىٰ يُؤۡمِنَّۚ وَلَأَمَةٞ مُّؤۡمِنَةٌ خَيۡرٞ مِّن مُّشۡرِكَةٖ وَلَوۡ أَعۡجَبَتۡكُمۡۗ وَلَا تُنكِحُواْ ٱلۡمُشۡرِكِينَ حَتَّىٰ يُؤۡمِنُواْۚ وَلَعَبۡدٞ مُّؤۡمِنٌ خَيۡرٞ مِّن مُّشۡرِكٖ وَلَوۡ أَعۡجَبَكُمۡۗ أُوْلَٰٓئِكَ يَدۡعُونَ إِلَى ٱلنَّارِۖ وَٱللَّهُ يَدۡعُوٓاْ إِلَى ٱلۡجَنَّةِ وَٱلۡمَغۡفِرَةِ بِإِذۡنِهِۦۖ وَيُبَيِّنُ ءَايَٰتِهِۦ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمۡ يَتَذَكَّرُونَ ٢٢١

221. Ва [эй муъминон] бо занони мушрик то имон наёвардаанд, издивоҷ накунед; ва бе гумон канизи муъмин, аз зани [озоди] мушрик беҳтар аст; агарчи [зебоӣ ё дороиаш] мавриди писандатон воқеъ гардад; ва [занони мусулмонро] ба издивоҷи мардони мушрик дарнаёваред, магар он ки имон биёваранд; ва ҳатман бардаи муъмин аз марди [озоди] мушрик беҳтар аст; агарчи шефтаи [дорой ва мавқеияти] ӯ шуда бошед. Онон ба сӯйи оташ [-и дузах] даъват мекунанд ва Аллоҳ таоло ба фармон [ва тавфиқ]-и хеш ба сӯйи биҳишт ва омурзиш даъват мекунанд ва оёт [-у аҳкоми] худро барои мардум равшан месозад; бошад, ки панд гиранд

وَيَسۡـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلۡمَحِيضِۖ قُلۡ هُوَ أَذٗى فَٱعۡتَزِلُواْ ٱلنِّسَآءَ فِي ٱلۡمَحِيضِ وَلَا تَقۡرَبُوهُنَّ حَتَّىٰ يَطۡهُرۡنَۖ فَإِذَا تَطَهَّرۡنَ فَأۡتُوهُنَّ مِنۡ حَيۡثُ أَمَرَكُمُ ٱللَّهُۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلتَّوَّٰبِينَ وَيُحِبُّ ٱلۡمُتَطَهِّرِينَ ٢٢٢

222. Ва [эй паёмбар] аз ту дар бораи ҳайз [одати моҳонаи занон] мепурсанд, бигӯ: «Он [ҳолат] навъи нороҳатӣ аст; пас, дар ҳолати қоидагӣ аз занон канорагирӣ кунед ва бо онон наздикӣ накунед, то пок шаванд. Пас, ҳангоме ки пок шуданд [ва ғусл карданд], аз ҳамон ҷойе, ки Аллоҳ таоло ба шумо фармон додааст, бо эшон омезиш кунед. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло тавбакунандагонро дӯст медорад ва покизагонро [низ] дӯст медорад»

نِسَآؤُكُمۡ حَرۡثٞ لَّكُمۡ فَأۡتُواْ حَرۡثَكُمۡ أَنَّىٰ شِئۡتُمۡۖ وَقَدِّمُواْ لِأَنفُسِكُمۡۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّكُم مُّلَٰقُوهُۗ وَبَشِّرِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٢٢٣

223. Занони шумо [дар ҳукми] киштзоре барои шумо ҳастанд, пас, ҳар гуна ки мехоҳед ба киштзори худ дароед ва [тӯшае ҳамчун фарзанди солеҳ] барои худ пеш бифиристед ва аз Аллоҳ таоло парво кунед ва бидонед, ки Ӯро мулоқот хоҳед кард ва [эй паёмбар, дар бораи неъматҳои илоҳӣ] ба муъминон башорат бидеҳ

وَلَا تَجۡعَلُواْ ٱللَّهَ عُرۡضَةٗ لِّأَيۡمَٰنِكُمۡ أَن تَبَرُّواْ وَتَتَّقُواْ وَتُصۡلِحُواْ بَيۡنَ ٱلنَّاسِۚ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٞ ٢٢٤

224. Ва Аллоҳро дастовези савгандҳои худ қарор надиҳед, то [ба ин баҳона] аз накукорӣ ва

парҳезкориву оштӣ додан миёни мардум [даст бардоред]; ва [бидонед, ки] Аллоҳ таоло шунавову доност

لَّا يُؤَاخِذُكُمُ ٱللَّهُ بِٱللَّغۡوِ فِيٓ أَيۡمَٰنِكُمۡ وَلَٰكِن يُؤَاخِذُكُم بِمَا كَسَبَتۡ قُلُوبُكُمۡۗ وَٱللَّهُ غَفُورٌ حَلِيمٞ ٢٢٥

225. Аллоҳ таоло шуморо ба хотири савгандҳое, ки беҳуда ва бидуни қасд ёд мекунед, бозпурсӣ намекунад, вале ба хотири он чи дилҳоятон [амдан] касб кардааст [ва савгандҳои дурӯғе, ки огоҳона бар забон овардаед] бозхост мекунад ва [агар тавба кунед] Аллоҳ таоло омурзандаи бурдбор аст

لِّلَّذِينَ يُؤۡلُونَ مِن نِّسَآئِهِمۡ تَرَبُّصُ أَرۡبَعَةِ أَشۡهُرٖۖ فَإِن فَآءُو فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٢٢٦

226. Барои касоне, ки [ба расми ҷоҳилият] бар тарки омезиш бо занони худ савганд ёд кунанд, чаҳор моҳ интизор [ва муҳлат] аст. Пас, агар [дар муддати чаҳор моҳ ё камтар пушаймон шуданд ва ба занонашон] бозгаштанд, [бидонанд, ки] Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَإِنۡ عَزَمُواْ ٱلطَّلَٰقَ فَإِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٞ ٢٢٧

227. Ва агар [бар тарки занонашон пофишорӣ кунанд ва] тасмим ба талоқ гирифтанд, [бидонанд, ки] ҳамоно Аллоҳ таоло шунавову доност

وَٱلۡمُطَلَّقَٰتُ يَتَرَبَّصۡنَ بِأَنفُسِهِنَّ ثَلَٰثَةَ قُرُوٓءٖۚ وَلَا يَحِلُّ لَهُنَّ أَن يَكۡتُمۡنَ مَا خَلَقَ ٱللَّهُ فِيٓ أَرۡحَامِهِنَّ إِن كُنَّ يُؤۡمِنَّ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۚ وَبُعُولَتُهُنَّ أَحَقُّ بِرَدِّهِنَّ فِي ذَٰلِكَ إِنۡ أَرَادُوٓاْ إِصۡلَٰحٗاۚ وَلَهُنَّ مِثۡلُ ٱلَّذِي عَلَيۡهِنَّ بِٱلۡمَعۡرُوفِۚ وَلِلرِّجَالِ عَلَيۡهِنَّ دَرَجَةٞۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ٢٢٨

228. Занони талоқшуда [пеш аз издивоҷи муҷаддад] бояд ба муддати се бор покӣ [дидани се бор одати моҳона] интизор бикашанд; ва агар ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон доранд, бар онон раво нест, ки он чиро Аллоҳ таоло дар раҳимҳояшон офаридааст, китмон кунанд; ва агар шавҳаронашон хоҳони оштӣ ҳастанд, барои бозгардондани онон [ба зиндагии заношӯӣ] дар ин [муддат аз дигарон] сазовортаранд; ва занон ҳуқуқи шоистае доранд, ҳаммонанд [-у ҳамсангии вазоифе], ки бар уҳда доранд ва мардон [дар сарпарастиву амри талоқ] бар онон бартарӣ доранд; ва Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст

ٱلطَّلَٰقُ مَرَّتَانِۖ فَإِمۡسَاكُۢ بِمَعۡرُوفٍ أَوۡ تَسۡرِيحُۢ بِإِحۡسَٰنٖۗ وَلَا يَحِلُّ لَكُمۡ أَن تَأۡخُذُواْ مِمَّآ ءَاتَيۡتُمُوهُنَّ شَيۡـًٔا إِلَّآ أَن يَخَافَآ أَلَّا يُقِيمَا حُدُودَ ٱللَّهِۖ فَإِنۡ خِفۡتُمۡ أَلَّا يُقِيمَا حُدُودَ ٱللَّهِ فَلَا جُنَاحَ عَلَيۡهِمَا

229. Талоқ [-и рақъӣ] ду бор аст; пас, [аз он мард ё бояд ҳамсарашро] ба тарзи шоиста нигоҳ дорад, ё ба некӣ раҳо кунад; ва [эй мардони мусулмон]

فِيمَا ٱفْتَدَتْ بِهِۦ ۗ تِلْكَ حُدُودُ ٱللَّهِ فَلَا تَعْتَدُوهَا ۚ وَمَن يَتَعَدَّ حُدُودَ ٱللَّهِ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٢٢٩﴾

бароятон ҳалол нест, ки [заррае] аз он чиро ба онон додаед [маҳрия ва монанди он] пас бигиред, магар он ки [зану шавҳар] битарсанд, ки натавонанд [ҳуқуқи заношӯиву] ҳудуди илоҳиро барпо доранд; пас, [ҳалли ихтилофро ба хешовандон ё дӯстони худ месупоранд; ва шумо эй муъминон] агар тарсидед, ки [мумкин аст завҷайн] ҳудуди илоҳиро барпо надоранд, гуноҳе бар он ду нест, ки зан [барои розӣ кардани мард ба талоқ маҳрияашро бибахшад ё ба ӯ] фидяе бипардозад [ва талоқи хулъ бигирад] . Инҳо ҳудуди [аҳкоми] илоҳӣ аст; пас, аз онҳо таҷовуз накунед; ва ҳар ки аз ҳудуди Аллоҳ таоло таҷовуз кунад, пас чунин одамон, бешак, ситамгоронанд.

فَإِن طَلَّقَهَا فَلَا تَحِلُّ لَهُۥ مِنۢ بَعْدُ حَتَّىٰ تَنكِحَ زَوْجًا غَيْرَهُۥ ۗ فَإِن طَلَّقَهَا فَلَا جُنَاحَ عَلَيْهِمَآ أَن يَتَرَاجَعَآ إِن ظَنَّآ أَن يُقِيمَا حُدُودَ ٱللَّهِ ۗ وَتِلْكَ حُدُودُ ٱللَّهِ يُبَيِّنُهَا لِقَوْمٍ يَعْلَمُونَ ﴿٢٣٠﴾

230. Агар [шавҳар барои бори савум] ӯро талоқ дод, пас аз он [зан] барояш ҳалол нест; магар ин ки [бо қасди издивоҷи ҳақиқӣ ва на барои ҳалол шудан] бо шавҳари ғайр аз ӯ издивоҷ кунад [ва бо вай ҳамбистар шавад. Дар ин сурат] Агар [шавҳари баъдӣ фавт кард ё] ӯро талоқ дод, агар [ду ҳамсари собиқ] мепиндоранд, ки ҳудуди [аҳкоми] Аллоҳро барпо медоранд, гуноҳе бар он ду нест, ки [бо издивоҷи муҷаддад] ба якдигар бозгарданд. Инҳо ҳудуди Аллоҳ таоло аст, ки онҳоро барои мардуме, ки огоҳанд [ва ба ислом имон доранд], баён мекунад

وَإِذَا طَلَّقْتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَبَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ فَأَمْسِكُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ أَوْ سَرِّحُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ ۚ وَلَا تُمْسِكُوهُنَّ ضِرَارًا لِّتَعْتَدُوا۟ ۚ وَمَن يَفْعَلْ ذَٰلِكَ فَقَدْ ظَلَمَ نَفْسَهُۥ ۚ وَلَا تَتَّخِذُوٓا۟ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ هُزُوًا ۚ وَٱذْكُرُوا۟ نِعْمَتَ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ وَمَآ أَنزَلَ عَلَيْكُم مِّنَ ٱلْكِتَٰبِ وَٱلْحِكْمَةِ يَعِظُكُم بِهِۦ ۚ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَٱعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمٌ ﴿٢٣١﴾

231. Ва ҳангоме ки занонро талоқ [-и рақъӣ] додед ва ба поёни [рӯзҳои] иддаи хеш расиданд, ба шоистагӣ ононро нигаҳ доред ва ё ба некиву хубӣ раҳояшон созед; ва [ҳамчун даврони ҷоҳилият] ононро ба хотири [озору] зиён расондан нигаҳ надоред, то [ба ҳуқуқашон] таҷовуз кунед; ва ҳар ки чунин кунад, ҳатман ба худ ситам кардааст; ва оёти Аллоҳро ба сухра [лаҳву лаъб] нагиред ва неъмати Аллоҳро бар худ ва он чиро, ки аз китоб [Қуръон] ва ҳикмат бар шумо нозил кардааст ва шуморо бо он панд медиҳад, ба ёд биёваред

ва аз Аллоҳ таоло парво кунед ва бидонед, ки Аллоҳ таоло ба ҳама чиз доност

وَإِذَا طَلَّقْتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَبَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ فَلَا تَعْضُلُوهُنَّ أَن يَنكِحْنَ أَزْوَٰجَهُنَّ إِذَا تَرَٰضَوْا۟ بَيْنَهُم بِٱلْمَعْرُوفِ ۗ ذَٰلِكَ يُوعَظُ بِهِۦ مَن كَانَ مِنكُمْ يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ ۗ ذَٰلِكُمْ أَزْكَىٰ لَكُمْ وَأَطْهَرُ ۚ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ وَأَنتُمْ لَا تَعْلَمُونَ ﴿٢٣٢﴾

232. Ва ҳангоме ки занонро талоқ додед ва [муддате] иддаи худро ба поён расонданд, [шумо, эй сарпарастон] ононро боз надоред, ки агар [бар асоси меъёрҳои шаръӣ] ба тарзи писандидае байни хеш ба тавофуқ расида буданд, бо шавҳарони [собиқи] худ издивоҷ кунанд. Ин [дастуре аст], ки ҳар яке аз шумо, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон дорад, ба он [ҳукм] панд дода мешавад; ва ин [дастур] бароятон пурбаракаттар ва покизатар аст; ва Аллоҳ таоло [хайру салоҳи шуморо] медонад ва шумо намедонед

وَٱلْوَٰلِدَٰتُ يُرْضِعْنَ أَوْلَٰدَهُنَّ حَوْلَيْنِ كَامِلَيْنِ ۖ لِمَنْ أَرَادَ أَن يُتِمَّ ٱلرَّضَاعَةَ ۚ وَعَلَى ٱلْمَوْلُودِ لَهُۥ رِزْقُهُنَّ وَكِسْوَتُهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ لَا تُكَلَّفُ نَفْسٌ إِلَّا وُسْعَهَا ۚ لَا تُضَآرَّ وَٰلِدَةٌۢ بِوَلَدِهَا وَلَا مَوْلُودٌ لَّهُۥ بِوَلَدِهِۦ ۚ وَعَلَى ٱلْوَارِثِ مِثْلُ ذَٰلِكَ ۗ فَإِنْ أَرَادَا فِصَالًا عَن تَرَاضٍ مِّنْهُمَا وَتَشَاوُرٍ فَلَا جُنَاحَ عَلَيْهِمَا ۗ وَإِنْ أَرَدتُّمْ أَن تَسْتَرْضِعُوٓا۟ أَوْلَٰدَكُمْ فَلَا جُنَاحَ عَلَيْكُمْ إِذَا سَلَّمْتُم مَّآ ءَاتَيْتُم بِٱلْمَعْرُوفِ ۗ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَٱعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ بِمَا تَعْمَلُونَ بَصِيرٌ ﴿٢٣٣﴾

233. Ва модарон [бояд] фарзандони худро ду соли тамом шир диҳанд. [Ин дастур] Барои касест, ки бихоҳад даврони ширхораги [-и фарзандаш]-ро такмил кунад; ва бар соҳиби фарзанд [падар] лозим аст хӯроку пӯшоки онон [модарон]-ро [дар муддати шир додан] ба таври шоиста [фароҳам кунад]. Ҳеҷ кас ҷуз ба андозаи тавоноиаш мукаллаф намешавад; на модар бояд ба хотири фарзандаш зиён бубинад ва на падар ба сабаби фарзандаш. [Агар падари кӯдак фавт карда буд ва моле ҳам надошт] Монанди ҳамин [тааҳҳудоти падар] бар ворис [низ] лозим аст; пас, агар он ду [падару модар] бо ризояту машварати якдигар бихоҳанд [кӯдакро зудтар] аз шир бозгиранд, гуноҳе бар онҳо нест; ва агар хостед, ки барои фарзандатон дояе бигиред, гуноҳе бар шумо нест; ба шарте ки он чи [аз ҳуқуқу дастмузд] муқаррар кардаед, ба таври шоиста бипардозед; ва аз Аллоҳ таоло парво кунед ва бидонед, ки Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳед биност

وَٱلَّذِينَ يُتَوَفَّوْنَ مِنكُمْ وَيَذَرُونَ أَزْوَٰجًا يَتَرَبَّصْنَ بِأَنفُسِهِنَّ أَرْبَعَةَ أَشْهُرٍ وَعَشْرًا ۖ فَإِذَا بَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ فَلَا جُنَاحَ عَلَيْكُمْ فِيمَا فَعَلْنَ فِىٓ أَنفُسِهِنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۗ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ﴿٢٣٤﴾

234. Ва афроде аз шумо, ки мемиранд ва ҳамсарон [-и ғайри бордор аз худ] бокӣ мегузоранд, [он занон барои издивоҷи муҷаддад] бояд чаҳор

моҳ ва даҳ рӯз интизор бикашанд [ва идда нигаҳ доранд] ва ҳангоме ки муддати иддаи худро ба поён расониданд, дар мавриди он чи онон ба таври шоиста [ва машруъ] дар бораи [зиндагии] худ анҷом диҳанд, гуноҳе бар шумо [сарпарастон] нест; ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, огоҳ аст

وَلَا جُنَاحَ عَلَيۡكُمۡ فِيمَا عَرَّضۡتُم بِهِۦ مِنۡ خِطۡبَةِ ٱلنِّسَآءِ أَوۡ أَكۡنَنتُمۡ فِيٓ أَنفُسِكُمۡۚ عَلِمَ ٱللَّهُ أَنَّكُمۡ سَتَذۡكُرُونَهُنَّ وَلَٰكِن لَّا تُوَاعِدُوهُنَّ سِرًّا إِلَّآ أَن تَقُولُواْ قَوۡلٗا مَّعۡرُوفٗاۚ وَلَا تَعۡزِمُواْ عُقۡدَةَ ٱلنِّكَاحِ حَتَّىٰ يَبۡلُغَ ٱلۡكِتَٰبُ أَجَلَهُۥۚ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ مَا فِيٓ أَنفُسِكُمۡ فَٱحۡذَرُوهُۚ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ حَلِيمٞ ٢٣٥

235. Ва гуноҳе бар шумо нест, ки ба таври киноя аз занони [бева ё талоқшудае, ки идда нигаҳ доштаанд] хостгорӣ кунед ва ё дар дил тасмим бар ин кор бигиред [бидуни ин ки онро баён кунед]. Аллоҳ таоло медонист, ки шумо ба зудӣ ба ёди онон хоҳед афтод; вале пинҳонӣ ба онҳо ваъда [-и заношӯӣ] надиҳед, магар ин ки [ба киноя] сухани писандида бигӯед ва [ҳамчунин] тасмим ба ақди издивоҷ нагиред, то муддати муқаррар [идда] ба сар ояд; ва бидонед, ки Аллоҳ таоло он чиро, ки дар дилҳои шумост, медонад; пас, аз [мухолифат бо] Ӯ парво кунед ва бидонед, ки ба ростӣ Аллоҳ таоло омурзандаи бурдбор аст

لَّا جُنَاحَ عَلَيۡكُمۡ إِن طَلَّقۡتُمُ ٱلنِّسَآءَ مَا لَمۡ تَمَسُّوهُنَّ أَوۡ تَفۡرِضُواْ لَهُنَّ فَرِيضَةٗۚ وَمَتِّعُوهُنَّ عَلَى ٱلۡمُوسِعِ قَدَرُهُۥ وَعَلَى ٱلۡمُقۡتِرِ قَدَرُهُۥ مَتَٰعَۢا بِٱلۡمَعۡرُوفِۖ حَقًّا عَلَى ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٢٣٦

236. Агар занонро пеш аз омезиш ва таъйини маҳрия [ба далоиле] талоқ диҳед, гуноҳе бар шумо нест ва [дар ин сурат дилчӯӣ кунед ва] ононро [бо ҳадяи муносиб] баҳраманд созед; тавонгар ба андозаи тавонаш ва тангдаст ба андозаи тавонаш. [Иҷрои ин ҳукм] Бар накукорон [ҳаққи собит ва] илзомист

وَإِن طَلَّقۡتُمُوهُنَّ مِن قَبۡلِ أَن تَمَسُّوهُنَّ وَقَدۡ فَرَضۡتُمۡ لَهُنَّ فَرِيضَةٗ فَنِصۡفُ مَا فَرَضۡتُمۡ إِلَّآ أَن يَعۡفُونَ أَوۡ يَعۡفُوَاْ ٱلَّذِي بِيَدِهِۦ عُقۡدَةُ ٱلنِّكَاحِۚ وَأَن تَعۡفُوٓاْ أَقۡرَبُ لِلتَّقۡوَىٰۚ وَلَا تَنسَوُاْ ٱلۡفَضۡلَ بَيۡنَكُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ٢٣٧

237. Агар пеш аз наздикӣ бо онон хостед талоқашон бидиҳед ва маҳрияе барояшон таъйин карда будед, нисфи он чиро, ки таъйин кардаед [ба онон бипардозед]; магар ин ки [ҳаққи худро] бибахшанд ё [шавҳар, яъне] касе, ки [тасмимгирӣ дар мавриди] пайванди издивоҷ бо ӯст, гузашт кунад [ва тамоми маҳрияро бипардозад]. Гузашт кардани шумо [ва бахшидани тамоми маҳрия ба занон] ба парҳезкорӣ наздиктар аст. [Эй муъминон, ҳангоми пардохти ҳуқуқ, осонгирӣ

ва] некиро миёни худ фаромӯш накунед [ва бидонед, ки] ба ростӣ Аллоҳ таоло ба он чи мекунед биност

حَٰفِظُواْ عَلَى ٱلصَّلَوَٰتِ وَٱلصَّلَوٰةِ ٱلۡوُسۡطَىٰ وَقُومُواْ لِلَّهِ قَٰنِتِينَ ٢٣٨

238. [Эй мусулмонон] бар [анҷоми] ҳама намозҳо ва [ба хусус] намози аср кӯшо бошед [саъю талош кунед] ва бо фурӯтаниву фармонбардорӣ барои Аллоҳ таоло ба по хезед

فَإِنۡ خِفۡتُمۡ فَرِجَالًا أَوۡ رُكۡبَانٗاۖ فَإِذَآ أَمِنتُمۡ فَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ كَمَا عَلَّمَكُم مَّا لَمۡ تَكُونُواْ تَعۡلَمُونَ ٢٣٩

239. Агар [аз хатар] тарсидед, дар ҳоли пиёда ё савора [ё ҳатто бо имо ва ишора намозро ба ҷой оваред] ва чун эмин шудед, Аллоҳро [чунонки ба шумо омӯхтааст] ёд кунед [ва шукрашро ба ҷо оваред], ки он чиро намедонистед ба шумо ёд дод

وَٱلَّذِينَ يُتَوَفَّوۡنَ مِنكُمۡ وَيَذَرُونَ أَزۡوَٰجٗا وَصِيَّةٗ لِّأَزۡوَٰجِهِم مَّتَٰعًا إِلَى ٱلۡحَوۡلِ غَيۡرَ إِخۡرَاجٖۚ فَإِنۡ خَرَجۡنَ فَلَا جُنَاحَ عَلَيۡكُمۡ فِي مَا فَعَلۡنَ فِيٓ أَنفُسِهِنَّ مِن مَّعۡرُوفٖۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٞ ٢٤٠

240. Касоне аз шумо, ки маргашон фаро мерасад ва ҳамсароне [аз худ] ба ҷо мегузоранд, бояд барои ҳамсаронашон васият кунанд, ки [ворисон] то як сол ононро [бо пардохтани харҷи зиндагӣ] баҳраманд созанд, бидуни он ки [аз хонаи шавҳар] берун кунанд. Пас, агар [ба майли худ пеш аз поёни як сол хонаро тарк кунанд ва] берун бираванд, дар бораи он чи, ки нисбат ба [зоҳир ва зиндагии] худ ба таври шоиста [ва машруъ] анҷом медиҳанд [аз қабили зинат кардан ва издивоҷи муҷаддад] гуноҳе бар шумо нест; ва Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст

وَلِلۡمُطَلَّقَٰتِ مَتَٰعُۢ بِٱلۡمَعۡرُوفِۖ حَقًّا عَلَى ٱلۡمُتَّقِينَ ٢٤١

241. Ва барои занони талоқшуда ҳадяи муносибу шоиста лозим аст [ки аз тарафи шавҳар пардохта шавад, то дилшикастагиаш ҷуброн гардад. Иҷрои ин ҳукм], ҳаққе аст бар мардони парҳезкор

كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمۡ ءَايَٰتِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَعۡقِلُونَ ٢٤٢

242. [Эй муъминон] Аллоҳ таоло оёти худро [ки муштамал бар ҳудуд ва аҳком аст] инчунин бароятон ба равшанӣ баён мекунад; бошад, ки бияндешед

۞أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ خَرَجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَهُمۡ أُلُوفٞ حَذَرَ ٱلۡمَوۡتِ فَقَالَ لَهُمُ ٱللَّهُ مُوتُواْ ثُمَّ أَحۡيَٰهُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَذُو فَضۡلٍ عَلَى ٱلنَّاسِ وَلَٰكِنَّ

243. [Эй паёмбар] Оё намедонӣ, [достони] афроде [аз бани Исроил]-ро, ки ҳазорон нафар буданд,

أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَشۡكُرُونَ ﴿٢٤٣﴾

ки аз тарси [беморӣ ва] марг аз хонаҳояшон фирор карданд? Аллоҳ таоло ба онон гуфт: Бимиред [пас мурданд]. Сипас Аллоҳ таоло онҳоро зинда кард [то барояшон равшан гардонад, ки тамоми корҳо ба дасти Ӯст]. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло нисбат ба бандагонаш бахшоиш дорад, вале бештари мардум шукр [-и неъматҳо] -ашро ба ҷой намеоваранд

وَقَٰتِلُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٞ ﴿٢٤٤﴾

244. Ва [эй муъминон] дар роҳи Аллоҳ таоло бичангед ва бидонед, ки бе тардид Аллоҳ таоло шунавову доност

مَّن ذَا ٱلَّذِي يُقۡرِضُ ٱللَّهَ قَرۡضًا حَسَنٗا فَيُضَٰعِفَهُۥ لَهُۥٓ أَضۡعَافٗا كَثِيرَةٗۚ وَٱللَّهُ يَقۡبِضُ وَيَبۡصُۜطُ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ ﴿٢٤٥﴾

245. Кист, ки ба Аллоҳ таоло қарз диҳад; қарзи наку [ва аз амволаш дар роҳи хушнудии Парвардигор инфоқ кунад], то [Аллоҳ таоло] онро барояш чандин баробар кунад? Ва Аллоҳ таоло аст, ки [аз рӯйи ҳикмат ва адолат, дар рӯзии бандагонаш] тангӣ ва кушоиш падид меоварад ва [ҳамагӣ дар охират] ба сӯйи Ӯ бозгардонда мешавед

أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلۡمَلَإِ مِنۢ بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ مِنۢ بَعۡدِ مُوسَىٰٓ إِذۡ قَالُواْ لِنَبِيّٖ لَّهُمُ ٱبۡعَثۡ لَنَا مَلِكٗا نُّقَٰتِلۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِۖ قَالَ هَلۡ عَسَيۡتُمۡ إِن كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلۡقِتَالُ أَلَّا تُقَٰتِلُواْۖ قَالُواْ وَمَا لَنَآ أَلَّا نُقَٰتِلَ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَقَدۡ أُخۡرِجۡنَا مِن دِيَٰرِنَا وَأَبۡنَآئِنَاۖ فَلَمَّا كُتِبَ عَلَيۡهِمُ ٱلۡقِتَالُ تَوَلَّوۡاْ إِلَّا قَلِيلٗا مِّنۡهُمۡۗ وَٱللَّهُ عَلِيمُۢ بِٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٢٤٦﴾

246. [Эй паёмбар] Оё [аз достони] гурӯҳе аз [ашрофу бузургони] Бани Исроил хабар дорӣ, ки баъд аз Мӯсо ба паёмбари худ гуфтанд: «Фармонравое бароямон интихоб кун, то [ба дастураш] дар роҳи Аллоҳ таоло бичангем»? [Паёмбарашон] Гуфт: «Шояд агар ҷиҳод бар шумо муқаррар шавад, [сарпечӣ кунед ва] ҷиҳод накунед». Гуфтанд: «Чаро дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод накунем, дар ҳоле ки аз хонаҳоямон ронда шудаем ва писаронамон [-ро куштаанд ё ба асорат бурдаанд]»? Пас, ҳангоме ки ҷанг бар эшон муқаррар шуд - ҷуз иддаи каме аз онон - [ҳамагӣ] сарпечӣ карданд; ва Аллоҳ таоло ба [ҳоли паймоншиканон ва] ситамгорон доност

وَقَالَ لَهُمۡ نَبِيُّهُمۡ إِنَّ ٱللَّهَ قَدۡ بَعَثَ لَكُمۡ طَالُوتَ مَلِكٗاۚ قَالُوٓاْ أَنَّىٰ يَكُونُ لَهُ ٱلۡمُلۡكُ عَلَيۡنَا وَنَحۡنُ أَحَقُّ بِٱلۡمُلۡكِ مِنۡهُ وَلَمۡ يُؤۡتَ سَعَةٗ مِّنَ ٱلۡمَالِۚ قَالَ إِنَّ ٱللَّهَ ٱصۡطَفَىٰهُ عَلَيۡكُمۡ وَزَادَهُۥ بَسۡطَةٗ فِي ٱلۡعِلۡمِ

247. Паёмбарашон ба онон гуфт: «Аллоҳ таоло Толутро ба фармонравоии шумо баргузидааст». [Онон] гуфтанд: «Чи гуна ӯ бар мо фармонравоӣ

وَٱلۡجِسۡمِۖ وَٱللَّهُ يُؤۡتِي مُلۡكَهُۥ مَن يَشَآءُۚ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٞ ٢٤٧

мекунад, дар ҳоле ки мо ба фармонравоӣ аз ӯ сазовортарем ва аз мол [-и дунё низ] баҳраи чандоне [ба вай] дода нашудааст»? Ӯ гуфт: «Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло ӯро бар шумо баргузида ва донишу неруи ҷисмиашро вусъат бахшидааст; ва Аллоҳ таоло фармонравоии худро ба ҳар ки бихоҳад медиҳад ва Аллоҳ таоло кушоишгару доност»

وَقَالَ لَهُمۡ نَبِيُّهُمۡ إِنَّ ءَايَةَ مُلۡكِهِۦٓ أَن يَأۡتِيَكُمُ ٱلتَّابُوتُ فِيهِ سَكِينَةٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَبَقِيَّةٞ مِّمَّا تَرَكَ ءَالُ مُوسَىٰ وَءَالُ هَٰرُونَ تَحۡمِلُهُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لَّكُمۡ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ ٢٤٨

248. Паёмбарашон ба онҳо гуфт: Нишонаи [ростӣ ва дурустии] фармонравоии ӯ, ин аст, ки тобути аҳд бароятон мерасад, ки мояи оромише аз сӯйи Парвардигаратон мебошад ва дарунаш бозмондаи мероси хонадони Мӯсо ва Ҳорун [ҳамчун асо ва бархе алвоҳи Таврот] қарор дорад ва дар ҳоле мерасад, ки фариштагон онро бардоштаанд. Агар муъмин бошед, мусалламан дар ин [амр] нишонае [дар мавриди ҳаққонияти Толут] бароятон вуҷуд дорад

فَلَمَّا فَصَلَ طَالُوتُ بِٱلۡجُنُودِ قَالَ إِنَّ ٱللَّهَ مُبۡتَلِيكُم بِنَهَرٖ فَمَن شَرِبَ مِنۡهُ فَلَيۡسَ مِنِّي وَمَن لَّمۡ يَطۡعَمۡهُ فَإِنَّهُۥ مِنِّيٓ إِلَّا مَنِ ٱغۡتَرَفَ غُرۡفَةَۢ بِيَدِهِۦۚ فَشَرِبُواْ مِنۡهُ إِلَّا قَلِيلٗا مِّنۡهُمۡۗ فَلَمَّا جَاوَزَهُۥ هُوَ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥ قَالُواْ لَا طَاقَةَ لَنَا ٱلۡيَوۡمَ بِجَالُوتَ وَجُنُودِهِۦۚ قَالَ ٱلَّذِينَ يَظُنُّونَ أَنَّهُم مُّلَٰقُواْ ٱللَّهِ كَم مِّن فِئَةٖ قَلِيلَةٍ غَلَبَتۡ فِئَةَۢ كَثِيرَةَۢ بِإِذۡنِ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ مَعَ ٱلصَّٰبِرِينَ ٢٤٩

249. Пас, ҳангоме ки Толут бо лашкариён раҳсипор шуд, ба онон гуфт: «Аллоҳ таоло [шикебоии] шуморо ба василаи як наҳр [об] озмоиш мекунад; ҳар ки аз он бинӯшад, аз [ёрони] ман нест ва ҳар ки аз он нанӯшад, ҳатман аз [ёрони] ман аст; магар касе, ки бо дасти худ муште [аз он об] баргирад [ва ба андозаи кафи дасте биошомад]». Пас, ҷуз иддаи каме ҳамагӣ аз он [об] нӯшиданд; ва ҳангоме ки ӯ ва касоне, ки бо ӯ имон оварда буданд, аз он [наҳр] гузаштанд, [аз камии афроди худ нороҳат шуданд ва бархе] гуфтанд: «Имрӯз мо тавоноии [муқобилият] бо Ҷолут ва сипоҳиёнашро надорем». [Дар ин ҳангом касоне, ки ба дидори Аллоҳ таоло [дар охират] яқин доштанд, гуфтанд: «Чи басо гурӯҳи кучаке, ки ба фармони Аллоҳ таоло бар гурӯҳи бисёр пирӯз шуданд ва [бидонед, ки ҳамвора] Аллоҳ таоло ҳамроҳи сабркунандагон аст»

وَلَمَّا بَرَزُواْ لِجَالُوتَ وَجُنُودِهِۦ قَالُواْ رَبَّنَآ أَفۡرِغۡ عَلَيۡنَا صَبۡرٗا وَثَبِّتۡ أَقۡدَامَنَا وَٱنصُرۡنَا عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٢٥٠

250. Ва ҳангоме ки [Толут ва ҳамроҳонаш] барои [мубориза] бо Ҷолут ва сипоҳиёнаш ба майдон

омаданд, гуфтанд: «Парвардигоро, бар [дилҳои] мо сабру шикебоӣ фурӯ рез ва гомҳоямонро устувор бидор ва моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон»

فَهَزَمُوهُم بِإِذۡنِ ٱللَّهِ وَقَتَلَ دَاوُۥدُ جَالُوتَ وَءَاتَىٰهُ ٱللَّهُ ٱلۡمُلۡكَ وَٱلۡحِكۡمَةَ وَعَلَّمَهُۥ مِمَّا يَشَآءُۗ وَلَوۡلَا دَفۡعُ ٱللَّهِ ٱلنَّاسَ بَعۡضَهُم بِبَعۡضٖ لَّفَسَدَتِ ٱلۡأَرۡضُ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ ذُو فَضۡلٍ عَلَى ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢٥١

251. Пас, ба фармони Аллоҳ таоло, онҳоро шикаст доданд ва Довуд [ҷавони неруманду шуҷое, ки дар лашкари Толут буд] Ҷолутро кушт ва Аллоҳ таоло фармонравоиву нубувватро ба ӯ бахшид ва аз он чи мехост, ба ӯ омӯхт; ва агар Аллоҳ таоло [фитнаи] бархе аз мардумро тавассути бархи дигар [дур намекард] намеронд, ҳатман замин табоҳ мегардид; вале Аллоҳ таоло бар ҷаҳониён бахшиш дорад

تِلۡكَ ءَايَٰتُ ٱللَّهِ نَتۡلُوهَا عَلَيۡكَ بِٱلۡحَقِّۚ وَإِنَّكَ لَمِنَ ٱلۡمُرۡسَلِينَ ٢٥٢

252. [Эй паёмбар] Инҳо оёти Аллоҳ таоло аст, ки онро ба ҳақ бар ту мехонем ва ба ростӣ, ту аз паёмбарон ҳастӣ

تِلۡكَ ٱلرُّسُلُ فَضَّلۡنَا بَعۡضَهُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖۘ مِّنۡهُم مَّن كَلَّمَ ٱللَّهُۖ وَرَفَعَ بَعۡضَهُمۡ دَرَجَٰتٖۚ وَءَاتَيۡنَا عِيسَى ٱبۡنَ مَرۡيَمَ ٱلۡبَيِّنَٰتِ وَأَيَّدۡنَٰهُ بِرُوحِ ٱلۡقُدُسِۗ وَلَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ مَا ٱقۡتَتَلَ ٱلَّذِينَ مِنۢ بَعۡدِهِم مِّنۢ بَعۡدِ مَا جَآءَتۡهُمُ ٱلۡبَيِّنَٰتُ وَلَٰكِنِ ٱخۡتَلَفُواْ فَمِنۡهُم مَّنۡ ءَامَنَ وَمِنۡهُم مَّن كَفَرَۚ وَلَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ مَا ٱقۡتَتَلُواْ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَفۡعَلُ مَا يُرِيدُ ٢٥٣

253. Ин паёмбарон [ки номи бархе аз онон гузашт] бархе аз эшонро [дар дарёфти ваҳй ва теъдоди пайравон] бар бархе дигар бартарӣ додем. Аз [миёни] эшон касе [ҳамчун] буд, ки Аллоҳ таоло бо ӯ сухан гуфт ва дараҷоти бархе [дигар] аз ононро боло бурд; ва ба Исо писари Марям нишонаҳои равшане [бар исботи нубувваташ] додем ва ӯро тавассути Руҳулқудус [Ҷабраил] таъйид [ва тақвият] кардем; ва агар Аллоҳ таоло мехост, касоне, ки баъд аз онҳо буданд, пас аз он [ҳама] нишонаҳои равшане, ки барояшон омад, бо якдигар ҷанг намекарданд; вале [бо ҳам] ихтилоф карданд ва бархе аз онон имон оварданд ва бархе куфр варзиданд; ва агар Аллоҳ таоло мехост, [ҳаргиз] бо ҳам намеҷангиданд; вале Аллоҳ таоло он чиро мехоҳад, анҷом медиҳад

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَنفِقُواْ مِمَّا رَزَقۡنَٰكُم مِّن قَبۡلِ أَن يَأۡتِيَ يَوۡمٞ لَّا بَيۡعٞ فِيهِ وَلَا خُلَّةٞ وَلَا شَفَٰعَةٞۗ وَٱلۡكَٰفِرُونَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ٢٥٤

254. Эй касоне, ки имон овардаед, аз он чи ба шумо рӯзӣ додаем, инфоқ кунед, пеш аз он ки рӯзе фаро расад, ки дар он на хариду фурӯше ҳаст ва на дӯстиву шафоате; ва кофирон [ба сабаби куфрашон] ҳамон ситамгоронанд

ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُۚ لَا تَأۡخُذُهُۥ سِنَةٞ وَلَا نَوۡمٞۚ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ مَن ذَا ٱلَّذِي يَشۡفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦۚ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡۖ وَلَا يُحِيطُونَ بِشَيۡءٖ مِّنۡ عِلۡمِهِۦٓ إِلَّا بِمَا شَآءَۚ وَسِعَ كُرۡسِيُّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ ٢٥٥

255. Аллоҳ таоло [маъбуди ростин аст] ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест; зиндаи поянда [ва қоим ба зот] аст; на хоби сабук [ғанаб, пинак] Ӯро фаро мегирад ва на хоби сангин; он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. Кист, ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармонаш шафоат кунад?! Гузашта ва ояндаи эшон [бандагон]-ро медонад ва [онон] ба чизе аз илми Ӯ иҳота [ва огоҳӣ] намеёбанд, магар он чи худ бихоҳад. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дар бар гирифтааст ва нигаҳ доштани онҳо бар Ӯ [сангину] душвор нест ва Ӯ баландмартаба [ва] бузург аст

لَآ إِكۡرَاهَ فِي ٱلدِّينِۖ قَد تَّبَيَّنَ ٱلرُّشۡدُ مِنَ ٱلۡغَيِّۚ فَمَن يَكۡفُرۡ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسۡتَمۡسَكَ بِٱلۡعُرۡوَةِ ٱلۡوُثۡقَىٰ لَا ٱنفِصَامَ لَهَاۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ٢٥٦

256. Дар [пазириши] дин, ҳеҷ иҷборе нест; ба ростӣ, ки роҳи рост [ва ҳидоят] аз роҳи инҳироф [ва гумроҳӣ] равшан шудааст; пас, ҳар кас ба тоғут [он чи ба ҷойи Аллоҳ таоло парастиш мешавад] куфр биварзад ва ба Аллоҳ таоло имон оварад, ҳатман, ба маҳкамтарин дастовез чанг задааст, ки ҳаргиз нахоҳад гусаст; ва Аллоҳ таоло шунавову доност

ٱللَّهُ وَلِيُّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ يُخۡرِجُهُم مِّنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِۖ وَٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَوۡلِيَآؤُهُمُ ٱلطَّٰغُوتُ يُخۡرِجُونَهُم مِّنَ ٱلنُّورِ إِلَى ٱلظُّلُمَٰتِۗ أُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ٢٥٧

257. Аллоҳ таоло ёвар [ва корсози] касоне аст, ки имон овардаанд; ононро аз торикиҳо ба сӯйи нур берун мебарад; ва касоне, ки кофир шуданд, [корсоз ва] ёварашон тоғут аст, [ки] ононро аз нур [-и имон ва илм] ба сӯйи торикиҳо [-и куфру нодонӣ] берун мебарад. Онон аҳли оташанд [ва] дар он ҷовидонанд

أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِي حَآجَّ إِبۡرَٰهِـۧمَ فِي رَبِّهِۦٓ أَنۡ ءَاتَىٰهُ ٱللَّهُ ٱلۡمُلۡكَ إِذۡ قَالَ إِبۡرَٰهِـۧمُ رَبِّيَ ٱلَّذِي يُحۡيِۦ وَيُمِيتُ قَالَ أَنَا۠ أُحۡيِۦ وَأُمِيتُۖ قَالَ إِبۡرَٰهِـۧمُ فَإِنَّ ٱللَّهَ يَأۡتِي بِٱلشَّمۡسِ مِنَ ٱلۡمَشۡرِقِ فَأۡتِ بِهَا مِنَ ٱلۡمَغۡرِبِ فَبُهِتَ ٱلَّذِي كَفَرَۗ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٢٥٨

258. [Эй паёмбар], оё [достони] он шахсро надонистай, ки аз [сари мастӣ] он ки Аллоҳ таоло бар ӯ фармонравоӣ бахшида буд бо Иброҳим дар бораи Парвардигораш муҷодала мекард? Ҳангоме ки Иброҳим гуфт: «Парвардигори ман касе аст, ки зинда мекунад ва мемиронад». [Намруд] Гуфт: «Ман [низ] зинда мекунам ва мемиронам». Иброҳим гуфт: «Аллоҳ таоло хуршедро аз машриқ [берун] меоварад, пас, ту онро аз мағриб биёвар». [Дар ин ҷо] Он

ки куфр варзида буд, мабҳут шуд; ва Аллоҳ таоло ситамгоронро ҳидоят намекунад

أَوْ كَٱلَّذِى مَرَّ عَلَىٰ قَرْيَةٍ وَهِىَ خَاوِيَةٌ عَلَىٰ عُرُوشِهَا قَالَ أَنَّىٰ يُحْىِۦ هَٰذِهِ ٱللَّهُ بَعْدَ مَوْتِهَا ۖ فَأَمَاتَهُ ٱللَّهُ مِاْئَةَ عَامٍ ثُمَّ بَعَثَهُۥ ۖ قَالَ كَمْ لَبِثْتَ ۖ قَالَ لَبِثْتُ يَوْمًا أَوْ بَعْضَ يَوْمٍ ۖ قَالَ بَل لَّبِثْتَ مِاْئَةَ عَامٍ فَٱنظُرْ إِلَىٰ طَعَامِكَ وَشَرَابِكَ لَمْ يَتَسَنَّهْ ۖ وَٱنظُرْ إِلَىٰ حِمَارِكَ وَلِنَجْعَلَكَ ءَايَةً لِّلنَّاسِ ۖ وَٱنظُرْ إِلَى ٱلْعِظَامِ كَيْفَ نُنشِزُهَا ثُمَّ نَكْسُوهَا لَحْمًا ۚ فَلَمَّا تَبَيَّنَ لَهُۥ قَالَ أَعْلَمُ أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٢٥٩﴾

259. Ё ҳамчун он, ки аз шаҳр [-и вайрону матрук] гузашт, ки сақфҳо ва деворҳояш фурӯ рехта буд. [Ӯ бо худ] Гуфт: «Чи гуна Аллоҳ таоло [аҳли] ин [диёр] - ро пас аз маргашон зинда мекунад»? Пас Аллоҳ таоло ӯро [ба муддати] сад сол миронид, [ва] сипас зинда кард [ва ба ӯ] гуфт: «Чанд муддат [дар ин ҳол] мондаӣ»? Гуфт: «Як рӯз ё бахше аз як рӯз [дар ин ҳол] мондаам». Фармуд: «Чунин нест; сад сол [дар чунин ҳоле] мондаӣ. Ба хӯрданиву нӯшиданиат бингар, ки бо гузашти замон дигаргун нашудааст ва ба дарозгӯши худ бингар [ки чӣ гуна муталошӣ шудааст. Мо чунин кардем то ба суолат посух гӯем] ва туро барои мардум нишонае [дар мавриди қиёмат] қарор диҳем. [Акнун] Ба устухонҳои он [ҳайвон] нигоҳ кун, ки чи гуна онҳоро ба ҳам пайванд медиҳем ва сипас гӯште бар он мепӯшонем». Пас, ҳангоме ки [қудрати илоҳӣ бар зинда кардани мурдагон] барояш ошкор шуд, гуфт: «[Ба яқин] Медонам, ки Аллоҳ таоло бар ҳар коре тавоност»

وَإِذْ قَالَ إِبْرَٰهِـۧمُ رَبِّ أَرِنِى كَيْفَ تُحْىِ ٱلْمَوْتَىٰ ۖ قَالَ أَوَلَمْ تُؤْمِن ۖ قَالَ بَلَىٰ وَلَٰكِن لِّيَطْمَئِنَّ قَلْبِى ۖ قَالَ فَخُذْ أَرْبَعَةً مِّنَ ٱلطَّيْرِ فَصُرْهُنَّ إِلَيْكَ ثُمَّ ٱجْعَلْ عَلَىٰ كُلِّ جَبَلٍ مِّنْهُنَّ جُزْءًا ثُمَّ ٱدْعُهُنَّ يَأْتِينَكَ سَعْيًا ۚ وَٱعْلَمْ أَنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٢٦٠﴾

260. Ва [Эй паёмбар, ёд кун аз] ҳангоме ки Иброҳим гуфт: «Парвардигоро, ба ман нишон бидеҳ, чи гуна мурдагонро зинда мекунӣ»? [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Магар имон наёвардаӣ»? Гуфт: «Бале, вале [мехоҳам] қалбам ором бигирад». Фармуд: «Пас, чаҳор парранда бигир [ва бикуш] ва пора - пора кун [ва дар ҳам биёмез], сипас бар ҳар кӯҳе порае аз онҳоро бигзор, [ва] онгоҳ онҳоро [ба сӯйи худ] фаро хон; [хоҳӣ дид, ки зинда мешаванд ва] шитобон ба сӯйи ту меоянд; ва [эй Иброҳим], бидон, ки Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст»

مَّثَلُ ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَٰلَهُمْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ كَمَثَلِ حَبَّةٍ أَنۢبَتَتْ سَبْعَ سَنَابِلَ فِى كُلِّ سُنۢبُلَةٍ مِّاْئَةُ حَبَّةٍ ۗ وَٱللَّهُ يُضَٰعِفُ لِمَن يَشَآءُ ۚ

261. Масали [аҷру савоби] касоне, ки амволи худро дар роҳи Аллоҳ таоло инфоқ мекунанд,

ҳаммонанди донаест, ки ҳафт хӯша мерӯёнад, ки дар ҳар хӯша сад дона аст; ва Аллоҳ таоло барои ҳар ки бихоҳад, [подошашро] чанд баробар мекунад ва Аллоҳ таоло кушоишгару доност

وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ﴿٢٦١﴾

262. Касоне, ки амволашонро дар роҳи Аллоҳ таоло мебахшанд ва дар пайи бахшиши худ миннату озор раво намедоранд, подошашон назди Парвардигорашон [маҳфуз] аст; на тарсе хоҳанд дошт ва на андӯҳгин мешаванд

ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمۡوَٰلَهُمۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ ثُمَّ لَا يُتۡبِعُونَ مَآ أَنفَقُواْ مَنّٗا وَلَآ أَذٗى لَّهُمۡ أَجۡرُهُمۡ عِندَ رَبِّهِمۡ وَلَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ﴿٢٦٢﴾

263. Сухани писандида [дар бархурд бо ниёзмандон] ва гузашт [аз исрору тундии онон], беҳтар аз садақае аст, ки озоре ба дунболаш бошад; ва Аллоҳ таоло бениёзу бурдбор аст

۞قَوۡلٞ مَّعۡرُوفٞ وَمَغۡفِرَةٌ خَيۡرٞ مِّن صَدَقَةٖ يَتۡبَعُهَآ أَذٗىۗ وَٱللَّهُ غَنِيٌّ حَلِيمٞ ﴿٢٦٣﴾

264. Эй касоне, ки имон овардаед, садақаҳои худро бо миннату озор ботил накунед, ҳамчун касе, ки моли худро барои намоиш додан ба мардум инфоқ мекунад ва ба Аллоҳу рӯзи қиёмат имон надорад; пас, масали ӯ ҳамчун масали санги софест, ки рӯйи он [андаке] хок нишастааст; он гоҳ борони тунде бар он мезанад [ва ҳамаи хокҳоро аз санг мешӯяд] ва онро соф [-у бидуни хок] раҳо мекунад. Онон [риёкорон] аз он чи, ки анҷом додаанд, чизе ба даст намеоваранд; ва Аллоҳ таоло гурӯҳи кофиронро ҳидоят намекунад

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُبۡطِلُواْ صَدَقَٰتِكُم بِٱلۡمَنِّ وَٱلۡأَذَىٰ كَٱلَّذِي يُنفِقُ مَالَهُۥ رِئَآءَ ٱلنَّاسِ وَلَا يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۖ فَمَثَلُهُۥ كَمَثَلِ صَفۡوَانٍ عَلَيۡهِ تُرَابٞ فَأَصَابَهُۥ وَابِلٞ فَتَرَكَهُۥ صَلۡدٗاۖ لَّا يَقۡدِرُونَ عَلَىٰ شَيۡءٖ مِّمَّا كَسَبُواْۗ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡكَٰفِرِينَ ﴿٢٦٤﴾

265. Ва масали касоне, ки амволи худро барои талаби хушнудии Аллоҳ таоло ва ба хотири боваре, ки дар дилҳояшон [ба подоши Аллоҳ таоло] доранд, инфоқ мекунанд, ҳамчун бӯстоне бар теппае аст, ки борони тунде бар он борад ва меваҳояшро дучандон ба бор оварад; ва агар борони тунде ҳам ба он нарасад, борони сабук [низ замини покашро пурсамар месозад]; ва Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, огоҳ аст

وَمَثَلُ ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمۡوَٰلَهُمُ ٱبۡتِغَآءَ مَرۡضَاتِ ٱللَّهِ وَتَثۡبِيتٗا مِّنۡ أَنفُسِهِمۡ كَمَثَلِ جَنَّةِۭ بِرَبۡوَةٍ أَصَابَهَا وَابِلٞ فَـَٔاتَتۡ أُكُلَهَا ضِعۡفَيۡنِ فَإِن لَّمۡ يُصِبۡهَا وَابِلٞ فَطَلّٞۗ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٌ ﴿٢٦٥﴾

266. Оё ҳеҷ як аз шумо дӯст дорад, ки боғе аз дарахтони хурмо ва ангур дошта бошад, ки

أَيَوَدُّ أَحَدُكُمۡ أَن تَكُونَ لَهُۥ جَنَّةٞ مِّن نَّخِيلٖ وَأَعۡنَابٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ لَهُۥ فِيهَا مِن كُلِّ ٱلثَّمَرَٰتِ وَأَصَابَهُ ٱلۡكِبَرُ وَلَهُۥ ذُرِّيَّةٞ

ضُعَفَآءُ فَأَصَابَهَآ إِعۡصَارٞ فِيهِ نَارٞ فَٱحۡتَرَقَتۡۗ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمُ ٱلۡأٓيَٰتِ لَعَلَّكُمۡ تَتَفَكَّرُونَ ٢٦٦

аз зери онҳо ҷӯйборҳо [-и гуворо] равон аст ва ҳар гуна мева барояш ба бор меоварад ва [аммо] дар ҳоле ки ба синни пирӣ расида ва фарзандон [-и хурдсол] ва нотавон дорад, ногаҳон гирдбоди оташин дар он занаду [ҳамаи боғ] бисӯзад? [Ҳоли касоне, ки садақаҳои худро бо миннату озор ва риё ботил мекунанд низ чунин аст]. Аллоҳ таоло бад-ин гуна оёт [-и худ]-ро барои шумо равшан месозад; бошад, ки биандешед

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَنفِقُواْ مِن طَيِّبَٰتِ مَا كَسَبۡتُمۡ وَمِمَّآ أَخۡرَجۡنَا لَكُم مِّنَ ٱلۡأَرۡضِۖ وَلَا تَيَمَّمُواْ ٱلۡخَبِيثَ مِنۡهُ تُنفِقُونَ وَلَسۡتُم بِـَٔاخِذِيهِ إِلَّآ أَن تُغۡمِضُواْ فِيهِۚ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ غَنِيٌّ حَمِيدٌ ٢٦٧

267. Эй касоне, ки имон овардаед, аз чизҳои покизае, ки ба даст овардаед ва аз он чи аз замин барои шумо баровардаем, инфоқ кунед; ва ба суроғ [-и моли] нопок наравед, ки аз он инфоқ намоед; дар ҳоле ки худатон ҳозир ба пазируфтанаш нестед, магар бо чашмпӯшӣ [ва бемайлӣ] нисбат ба он; [пас, чӣ гуна чизеро, ки барои худ намеписандед, барои Аллоҳ таоло раво медоред]? Ва бидонед, ки Аллоҳ таоло бениёзу сутуда аст

ٱلشَّيۡطَٰنُ يَعِدُكُمُ ٱلۡفَقۡرَ وَيَأۡمُرُكُم بِٱلۡفَحۡشَآءِۖ وَٱللَّهُ يَعِدُكُم مَّغۡفِرَةٗ مِّنۡهُ وَفَضۡلٗاۗ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٞ ٢٦٨

268. Шайтон шуморо [ба ҳангоми инфоқ метарсонад ва] ваъдаи тиҳидастӣ медиҳад ва шуморо ба зиштиҳо [гуноҳ намудан] амр мекунад; вале Аллоҳ таоло аз ҷониби худ ба шумо ваъдаи омурзиш ва афзуни [-и неъмат] медиҳад ва Аллоҳ таоло кушоишгару доност

يُؤۡتِي ٱلۡحِكۡمَةَ مَن يَشَآءُۚ وَمَن يُؤۡتَ ٱلۡحِكۡمَةَ فَقَدۡ أُوتِيَ خَيۡرٗا كَثِيرٗاۗ وَمَا يَذَّكَّرُ إِلَّآ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ ٢٦٩

269. [Аллоҳ таоло] Ба ҳар ки бихоҳад, ҳикмат [ростӣ дар гуфтор ва кирдор] медиҳад ва бе тардид, ба ҳар ки ҳикмат дода шавад, хайри фаровоне ато шудааст; ва ба ҷуз хирадмандон [аз оёти илоҳӣ] панд намегиранд

وَمَآ أَنفَقۡتُم مِّن نَّفَقَةٍ أَوۡ نَذَرۡتُم مِّن نَّذۡرٖ فَإِنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُهُۥۗ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٍ ٢٧٠

270. Ҳар чизе, ки инфоқ кунед ё ҳар назре, ки [бо худ] аҳд кунед, ҳатман, Аллоҳ таоло онро медонад [Ҳар ки аз иҷрои фармудаҳои илоҳӣ чилавгирӣ кунад, ситамгор аст] ва ситамгорон [дар охират] ҳеҷ ёваре надоранд

إِن تُبْدُواْ ٱلصَّدَقَٰتِ فَنِعِمَّا هِيَ ۖ وَإِن تُخْفُوهَا وَتُؤْتُوهَا ٱلْفُقَرَآءَ فَهُوَ خَيْرٌ لَّكُمْ ۚ وَيُكَفِّرُ عَنكُم مِّن سَيِّـَٔاتِكُمْ ۗ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ﴿٢٧١﴾

271. Агар садақаҳоро ошкор кунед, чи накуст! Ва агар онҳоро пинҳон доред ва ба тиҳидастон бидиҳед, бароятон беҳтар аст ва [ин гуна садақаи холисона ва пинҳонӣ] аз гуноҳонатон мезудояд; ва [бидонед, ки дар ҳама сурат] Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, огоҳ аст

لَّيْسَ عَلَيْكَ هُدَىٰهُمْ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَهْدِى مَن يَشَآءُ ۗ وَمَا تُنفِقُواْ مِنْ خَيْرٍ فَلِأَنفُسِكُمْ ۚ وَمَا تُنفِقُونَ إِلَّا ٱبْتِغَآءَ وَجْهِ ٱللَّهِ ۚ وَمَا تُنفِقُواْ مِنْ خَيْرٍ يُوَفَّ إِلَيْكُمْ وَأَنتُمْ لَا تُظْلَمُونَ ﴿٢٧٢﴾

272. [Эй паёмбар] Ҳидояти онон бар уҳдаи ту нест; балки Аллоҳ таоло ҳар киро бихоҳад ҳидоят мекунад; ва [эй муъминон] он чи аз моли [худ] инфоқ мекунед, ба суди худатон аст ва [ба ёд дошта бошед, ки] ҷуз барои хушнудии Аллоҳ таоло инфоқ накунед; ва он чи аз мол инфоқ мекунед, [подошаш] ба таври комил ва тамом ба шумо дода мешавад ва [ҳаргиз] ситам нахоҳед дид

لِلْفُقَرَآءِ ٱلَّذِينَ أُحْصِرُواْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ لَا يَسْتَطِيعُونَ ضَرْبًا فِى ٱلْأَرْضِ يَحْسَبُهُمُ ٱلْجَاهِلُ أَغْنِيَآءَ مِنَ ٱلتَّعَفُّفِ تَعْرِفُهُم بِسِيمَٰهُمْ لَا يَسْـَٔلُونَ ٱلنَّاسَ إِلْحَافًا ۗ وَمَا تُنفِقُواْ مِنْ خَيْرٍ فَإِنَّ ٱللَّهَ بِهِۦ عَلِيمٌ ﴿٢٧٣﴾

273. [Садақоти шумо] Барои афроди тангдасте аст, ки ҳудро вақф [-и ҷиҳод] дар роҳи Аллоҳ таоло кардаанд ва наметавонанд [барои таъмини харҷҳои зиндагӣ] дар замин сафар кунанд. Аз шиддати [нақобат ва] хештандорӣ афроди ноогоҳ ононро бениёз мепиндоранд. Эшонро аз нишонаҳояшон [ки дар либосу вазъияти зоҳириашон ошкор аст, ба таври ошкор] мешиносӣ [ва онон ҳаргиз] бо исрор чизе аз мардум намехоҳанд; ва он чи аз мол инфоқ мекунед, ҳатман, Аллоҳ таоло аз он огоҳ аст

ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَٰلَهُم بِٱلَّيْلِ وَٱلنَّهَارِ سِرًّا وَعَلَانِيَةً فَلَهُمْ أَجْرُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ وَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٢٧٤﴾

274. Касоне, ки амволи худро дар шабу рӯз, пинҳону ошкор инфоқ мекунанд, подошашон назди Парвардигорашон [маҳфуз] аст; на тарсе хоҳанд дошт ва на андӯҳгин мешаванд

ٱلَّذِينَ يَأْكُلُونَ ٱلرِّبَوٰاْ لَا يَقُومُونَ إِلَّا كَمَا يَقُومُ ٱلَّذِى يَتَخَبَّطُهُ ٱلشَّيْطَٰنُ مِنَ ٱلْمَسِّ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَالُوٓاْ إِنَّمَا ٱلْبَيْعُ مِثْلُ ٱلرِّبَوٰاْ ۗ وَأَحَلَّ ٱللَّهُ ٱلْبَيْعَ وَحَرَّمَ ٱلرِّبَوٰاْ ۚ فَمَن جَآءَهُۥ مَوْعِظَةٌ مِّن رَّبِّهِۦ فَٱنتَهَىٰ فَلَهُۥ مَا سَلَفَ وَأَمْرُهُۥٓ إِلَى ٱللَّهِ ۖ وَمَنْ عَادَ فَأُوْلَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلنَّارِ ۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٢٧٥﴾

275. Касоне, ки рибо мехӯранд, [рӯзи қиёмат аз қабр] барнамехезанд; магар монанди бархостани касе, ки бар асари тамоси шайтон девона шудааст ва [наметавонад таодули худро ҳифз кунад]. Ин бад-он сабаб аст, ки онон [рибохорон] гуфтанд: «Доду ситад низ монанди рибост [ва ин ҳар ду молро афзун

мекунад]»; дар ҳоле ки Аллоҳ таоло, доду ситадро ҳалол ва риборо ҳаром намудааст. Пас, ҳар ки аз [ҷониби] Парвардигораш панде ба ӯ бирасад ва [аз рибохорӣ] даст бардорад, он чи гузашта ва [судҳое, ки қабл аз нузули ҳукми рибо дарёфт кардааст] аз они ӯст ва [дар мавриди оянда низ] кораш ба Аллоҳ таоло вогузор мешавад; ва [аммо] касоне, ки [ба рибохорӣ] бозмегарданд, аҳли оташанд ва дар он ҷовидонанд

276. Аллоҳ таоло риборо нобуд [ва бебаракат] мегардонад ва садақотро [бо изофа кардан бар савобаш] афзоиш [ва баракат] медиҳад; ва Аллоҳ таоло ҳеҷ кофири лаҷуҷу гунаҳгореро дӯст намедорад

يَمْحَقُ ٱللَّهُ ٱلرِّبَوٰا۟ وَيُرْبِى ٱلصَّدَقَٰتِ ۗ وَٱللَّهُ لَا يُحِبُّ كُلَّ كَفَّارٍ أَثِيمٍ ﴿٢٧٦﴾

277. Касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд ва намоз барпо доштаанд ва закот пардохтаанд, подошашон назди Парвардигорашон [маҳфуз] аст; на тарсе хоҳанд дошт ва на андӯҳгин мешаванд

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَأَقَامُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَوُا۟ ٱلزَّكَوٰةَ لَهُمْ أَجْرُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ وَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٢٧٧﴾

278. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед] ва агар муъмин ҳастед, он чиро, ки аз [мутолиботи] рибо боқӣ мондааст, раҳо кунед

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَذَرُوا۟ مَا بَقِىَ مِنَ ٱلرِّبَوٰٓا۟ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿٢٧٨﴾

279. Агар [чунин] накардед, бидонед, ки Аллоҳ таоло ва расулаш бо шумо пайкор хоҳанд кард; ва агар тавба кардед, асли сармояҳоятон аз они шумост; на [бо гирифтани суди сармояатон ба касе] ситам мекунед ва на [бо чашмпӯшӣ аз он суди ҳаром] бар шумо ситам меравад

فَإِن لَّمْ تَفْعَلُوا۟ فَأْذَنُوا۟ بِحَرْبٍ مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ۖ وَإِن تُبْتُمْ فَلَكُمْ رُءُوسُ أَمْوَٰلِكُمْ لَا تَظْلِمُونَ وَلَا تُظْلَمُونَ ﴿٢٧٩﴾

280. Ва агар [шахси қарздор] тангдаст бувад, то [ҳангоми] кушоиш [ва тавоноии бозпардохт ба ӯ] муҳлат диҳед ва [агар тавоноии пардохт надошт], бахшидани он [қарз] бароятон беҳтар аст, агар [савоби ин корро] бидонед

وَإِن كَانَ ذُو عُسْرَةٍ فَنَظِرَةٌ إِلَىٰ مَيْسَرَةٍ ۚ وَأَن تَصَدَّقُوا۟ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٢٨٠﴾

وَٱتَّقُواْ يَوۡمٗا تُرۡجَعُونَ فِيهِ إِلَى ٱللَّهِۖ ثُمَّ تُوَفَّىٰ كُلُّ نَفۡسٖ مَّا كَسَبَتۡ وَهُمۡ لَا يُظۡلَمُونَ ٢٨١

281. Ва аз [азоби] рӯзе битарсед, ки дар он ба сӯйи Аллоҳ таоло бозгардонда мешавед; сипас ба ҳар кас [подоши] он чи анҷом додааст, ба таври комил дода мешавад ва ба онон ситам нахоҳад шуд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا تَدَايَنتُم بِدَيۡنٍ إِلَىٰٓ أَجَلٖ مُّسَمّٗى فَٱكۡتُبُوهُۚ وَلۡيَكۡتُب بَّيۡنَكُمۡ كَاتِۢبُۢ بِٱلۡعَدۡلِۚ وَلَا يَأۡبَ كَاتِۢبٌ أَن يَكۡتُبَ كَمَا عَلَّمَهُ ٱللَّهُۚ فَلۡيَكۡتُبۡ وَلۡيُمۡلِلِ ٱلَّذِي عَلَيۡهِ ٱلۡحَقُّ وَلۡيَتَّقِ ٱللَّهَ رَبَّهُۥ وَلَا يَبۡخَسۡ مِنۡهُ شَيۡـٔٗاۚ فَإِن كَانَ ٱلَّذِي عَلَيۡهِ ٱلۡحَقُّ سَفِيهًا أَوۡ ضَعِيفًا أَوۡ لَا يَسۡتَطِيعُ أَن يُمِلَّ هُوَ فَلۡيُمۡلِلۡ وَلِيُّهُۥ بِٱلۡعَدۡلِۚ وَٱسۡتَشۡهِدُواْ شَهِيدَيۡنِ مِن رِّجَالِكُمۡۖ فَإِن لَّمۡ يَكُونَا رَجُلَيۡنِ فَرَجُلٞ وَٱمۡرَأَتَانِ مِمَّن تَرۡضَوۡنَ مِنَ ٱلشُّهَدَآءِ أَن تَضِلَّ إِحۡدَىٰهُمَا فَتُذَكِّرَ إِحۡدَىٰهُمَا ٱلۡأُخۡرَىٰۚ وَلَا يَأۡبَ ٱلشُّهَدَآءُ إِذَا مَا دُعُواْۚ وَلَا تَسۡـَٔمُوٓاْ أَن تَكۡتُبُوهُ صَغِيرًا أَوۡ كَبِيرًا إِلَىٰٓ أَجَلِهِۦۚ ذَٰلِكُمۡ أَقۡسَطُ عِندَ ٱللَّهِ وَأَقۡوَمُ لِلشَّهَٰدَةِ وَأَدۡنَىٰٓ أَلَّا تَرۡتَابُوٓاْ إِلَّآ أَن تَكُونَ تِجَٰرَةً حَاضِرَةٗ تُدِيرُونَهَا بَيۡنَكُمۡ فَلَيۡسَ عَلَيۡكُمۡ جُنَاحٌ أَلَّا تَكۡتُبُوهَاۗ وَأَشۡهِدُوٓاْ إِذَا تَبَايَعۡتُمۡۖ وَلَا يُضَآرَّ كَاتِۢبٞ وَلَا شَهِيدٞۚ وَإِن تَفۡعَلُواْ فَإِنَّهُۥ فُسُوقُۢ بِكُمۡۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ وَيُعَلِّمُكُمُ ٱللَّهُۗ وَٱللَّهُ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٞ ٢٨٢

282. Эй касоне, ки имон овардаед, агар ба ҳамдигар воме [пардохтед ё муомилаи насияе анҷом] додед, ки саррасиди муайяне дошт, онро бинависед; ва бояд нависанда [карордоди ин корро] бар асоси адолат байни шумо бинависад ва ҳеҷ нависандае набояд аз навиштанаш худдорӣ кунад, ҳамон гуна [ва ба шукронаи он], ки Аллоҳ таоло ба ӯ омӯзиш додааст; ва касе, ки вом бар уҳдаи ӯст [қарздор] бояд имло кунад ва ӯ [нависанда] бинависад; ва бояд аз Аллоҳ таоло, ки Парвардигори ӯст, бипарҳезад ва аз [маблағ ва муддати] он [вом] чизе накоҳад. Агар касе, ки вом бар уҳдаи ӯст, сафеҳ [кӯдак ё девона] ё нотавон аст ё худ наметавонад имло кунад, бояд сарпарасти ӯ бо [риояти] адолат имло кунад ва ду шоҳид аз мардонатонро [бар он қарордод] гувоҳ бигиред. Агар ду мард набошад, як марду ду зан аз миёни гувоҳоне, ки [ба адолати онон] ризоият доред [гувоҳ бигиред], то агар яке аз он ду [зан] фаромӯш кард, дигаре ба ӯ ёдоварӣ кунад; ва ҳангоме ки гувоҳон [барои адои шаҳодат] даъват шаванд, набояд [аз омадан] худдорӣ кунанд. Ва аз навиштани [қарз] то саррасидаш [озурда ва] дилгир нашавед, хоҳ [маблағаш] кам бошад хоҳ зиёд. Ин [кор] дар назди Аллоҳ таоло ба адолат наздиктар ва барои гувоҳӣ додан устувортар ва барои он, ки [дар миқдор ва муддати вом] дучори тардид нашавед, [ба адолат] наздиктар аст; магар ин ки доду ситади нақдӣ бошад, ки байни худ даст ба даст мекунед. Дар ин сурат гуноҳе бар шумо нест, ки онро нанависед; ва ҳангоме ки доду ситад [-и нақдӣ] кардед, гувоҳ бигиред ва [дар ин миён] набояд ба нависанда ва гувоҳ

[ҳеҷ] ранҷу зиёне бирасад; ва агар [чунин] кунед; бе шак [баёнгари] нофармонии шумо хоҳад буд; ва [эй муъминон], аз Аллоҳ таоло парво кунед [ва муомилотро ба ҳамон шакле, ки амр мекунад, анҷом диҳед]. Аллоҳ таоло [он чиро, ки барои дунё ва охирататон судманд аст] ба шумо омӯзиш медиҳад ва Аллоҳ таоло ба ҳар чиз доност

283. Агар дар сафар будед ва нависандае наёфтед [ки санади вомро бинависад, чизе] гарав бигиред ва агар яке аз шумо дигареро амин донист [ва чизе гарав нагирифт ва навиштаву гувоҳе низ надошт], он ки амин шумурда шудааст, бояд амонат [ва қарзи] худро бозпас диҳад ва бояд аз Аллоҳ таоло, ки Парвардигори ӯст, парво кунад; ва шаҳодатро китмон накунед ва [бидонед, ки] ҳар касе онро китмон кунад, бе шак, қалбаш гунаҳкор аст; ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, доност

۞وَإِن كُنتُمْ عَلَىٰ سَفَرٍ وَلَمْ تَجِدُوا۟ كَاتِبًا فَرِهَٰنٌ مَّقْبُوضَةٌ ۖ فَإِنْ أَمِنَ بَعْضُكُم بَعْضًا فَلْيُؤَدِّ ٱلَّذِى ٱؤْتُمِنَ أَمَٰنَتَهُۥ وَلْيَتَّقِ ٱللَّهَ رَبَّهُۥ ۗ وَلَا تَكْتُمُوا۟ ٱلشَّهَٰدَةَ ۚ وَمَن يَكْتُمْهَا فَإِنَّهُۥٓ ءَاثِمٌ قَلْبُهُۥ ۗ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ عَلِيمٌ ﴿٢٨٣﴾

284. Он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст. Агар он чиро дар дили худ доред, ошкор кунед ё пинҳонаш намоед, Аллоҳ таоло шуморо бар [асоси] он муҳосиба [бозпурсӣ] мекунад; пас, [бар асоси бахшиш ва раҳмати хеш] ҳар киро бихоҳад, мебахшад ва [аз рӯйи адолат ва ҳикматаш низ] ҳар киро бихоҳад, азоб мекунад; ва Аллоҳ таоло бар [анҷоми] ҳар коре тавоност

لِّلَّهِ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ ۗ وَإِن تُبْدُوا۟ مَا فِىٓ أَنفُسِكُمْ أَوْ تُخْفُوهُ يُحَاسِبْكُم بِهِ ٱللَّهُ ۖ فَيَغْفِرُ لِمَن يَشَآءُ وَيُعَذِّبُ مَن يَشَآءُ ۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٢٨٤﴾

285. Расул [-и Аллоҳ таоло] ба он чи аз [сӯйи] Парвардигораш бар ӯ нозил шуда, имон овардааст ва муъминон [низ] ҳамагӣ ба Аллоҳ таоло ва фариштагону китобҳо ва паёмбаронаш имон овардаанд; [ва суханашон ин аст, ки]: «Миёни ҳеҷ як аз паёмбаронаш [дар имон ба эшон] тафовуте намегузорем» ва гуфтанд: «Шунидем ва итоат кардем. Парвардигоро, омурзиши Туро [хоҳонем] ва бозгашти [тамоми умур] ба сӯйи Туст»

ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيْهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلْمُؤْمِنُونَ ۚ كُلٌّ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ لَا نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِّن رُّسُلِهِۦ ۚ وَقَالُوا۟ سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا ۖ غُفْرَانَكَ رَبَّنَا وَإِلَيْكَ ٱلْمَصِيرُ ﴿٢٨٥﴾

لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا وُسۡعَهَاۚ لَهَا مَا كَسَبَتۡ وَعَلَيۡهَا مَا ٱكۡتَسَبَتۡۗ رَبَّنَا لَا تُؤَاخِذۡنَآ إِن نَّسِينَآ أَوۡ أَخۡطَأۡنَاۚ رَبَّنَا وَلَا تَحۡمِلۡ عَلَيۡنَآ إِصۡرٗا كَمَا حَمَلۡتَهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِنَاۚ رَبَّنَا وَلَا تُحَمِّلۡنَا مَا لَا طَاقَةَ لَنَا بِهِۦۖ وَٱعۡفُ عَنَّا وَٱغۡفِرۡ لَنَا وَٱرۡحَمۡنَآۚ أَنتَ مَوۡلَىٰنَا فَٱنصُرۡنَا عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٢٨٦

286. Аллоҳ таоло ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавонаш таклиф [уҳдадор] намекунад. Он чи [аз хубӣ] ба даст овардааст ба суди ӯст ва он чи [аз бадӣ] касб кардааст, ба зиёни ӯст. [Паёмбарон ва муъминон гуфтанд:] «Парвардигоро, агар фаромӯш ё хато кардем, моро бозхост макун. Парвардигоро, бори гарон [ва таклифи сангин] бар [дӯши] мо магзор; чунон ки онро [ба муҷозоти гуноҳ ва саркашӣ] бар [дӯши] касоне, ки пеш аз мо буданд [яҳудиён] ниҳодӣ. Парвардигоро, он чи, ки тоби таҳаммулашро надорем, бар [дӯши] мо магзор ва моро биёмурз ва ба мо раҳм кун. Ту ёр [-у корсози] моӣ; пас, моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон»

(3) Оли Имрон[*] آل عمران

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓمٓ ﴿١﴾

1. АЛМ [Алиф, Лом, Мим].[1]

ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلْحَىُّ ٱلْقَيُّومُ ﴿٢﴾

2. Аллоҳ таоло [маъбуди ростин] аст, ки ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест; зиндаи поянда [ва қоим ба зот] аст

نَزَّلَ عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ بِٱلْحَقِّ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ وَأَنزَلَ ٱلتَّوْرَىٰةَ وَٱلْإِنجِيلَ ﴿٣﴾

3. Ин китоб [Қуръон]-ро, ки таъйидкунандаи китобҳои [осмонии] пешин аст, ба дурустӣ бар ту нозил кард ва Тавроту Инҷилро…

مِن قَبْلُ هُدًى لِّلنَّاسِ وَأَنزَلَ ٱلْفُرْقَانَ ۗ إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ لَهُمْ عَذَابٌ شَدِيدٌ ۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ ذُو ٱنتِقَامٍ ﴿٤﴾

4. Пеш аз он [Тавроту Инҷилро] барои ҳидояти мардум нозил кард; ва [низ] Фурқонро [Қуръон, ки ҷудокунандаи ҳақ аз ботил аст] нозил намуд. Касоне, ки ба оёти Аллоҳ таоло кофир шуданд, азоби сахте [дар пеш] доранд; ва Аллоҳ таоло шикастнопазир [-у] интиқомгиранда аст

إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَخْفَىٰ عَلَيْهِ شَىْءٌ فِى ٱلْأَرْضِ وَلَا فِى ٱلسَّمَآءِ ﴿٥﴾

5. Бе тардид, ҳеҷ чиз - [на] дар замин ва на дар осмон - аз Аллоҳ таоло пӯшида наметонад

هُوَ ٱلَّذِى يُصَوِّرُكُمْ فِى ٱلْأَرْحَامِ كَيْفَ يَشَآءُ ۚ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٦﴾

6. Ӯст, ки шуморо ҳар гуна ки бихоҳад дар раҳимҳо шакл медиҳад. Ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ шикастнопазиру ҳаким нест

هُوَ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ مِنْهُ ءَايَٰتٌ مُّحْكَمَٰتٌ هُنَّ أُمُّ ٱلْكِتَٰبِ وَأُخَرُ مُتَشَٰبِهَٰتٌ ۖ فَأَمَّا ٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِمْ زَيْغٌ فَيَتَّبِعُونَ مَا تَشَٰبَهَ مِنْهُ ٱبْتِغَآءَ ٱلْفِتْنَةِ وَٱبْتِغَآءَ تَأْوِيلِهِۦ ۗ وَمَا يَعْلَمُ تَأْوِيلَهُۥٓ إِلَّا ٱللَّهُ ۗ وَٱلرَّٰسِخُونَ فِى ٱلْعِلْمِ يَقُولُونَ ءَامَنَّا بِهِۦ كُلٌّ مِّنْ عِندِ رَبِّنَا ۗ وَمَا يَذَّكَّرُ إِلَّآ أُو۟لُوا۟ ٱلْأَلْبَٰبِ ﴿٧﴾

7. [Эй паёмбар] Ӯст, ки китоб [-и Қуръон]-ро бар ту нозил кард. Бахше аз он оёти муҳкам [сареҳу равшан] аст, ки онҳо асоси китобанду [бахши] дигар муташобеҳот аст [ки таъвилпазиранд]; аммо касоне, ки дар дилҳояшон инҳироф аст, барои фитнаҷӯӣ [ва гумроҳ кардани мардум] ва ба хотири таъвили он [ба дилхоҳи худ], аз муташобеҳи он пайравӣ мекунанд; ҳол он ки

(*) Оли Имрон (Хонадони Имрон)

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

таъвилашро [касе] ҷуз Аллоҳ таоло намедонад; ва росихони дар илм [уламои дин] мегӯянд: «Мо ба ҳамаи он [оёт, чи муҳкаму чи муташобеҳ] имон овардем; ҳама аз тарафи Парвардигори мост»; ва ҷуз хирадмандон касе панд намегирад

8. Онон мегӯянд: «Парвардигоро, дилҳои моро - баъд аз он, ки ҳидоятамон кардӣ - [аз роҳи ҳақ] мунҳариф магардон ва аз сӯйи худ раҳмате ба мо арзонӣ дор, [ки] бе тардид, Ту бисёр бахшандаӣ

رَبَّنَا لَا تُزِغْ قُلُوبَنَا بَعْدَ إِذْ هَدَيْتَنَا وَهَبْ لَنَا مِن لَّدُنكَ رَحْمَةً ۚ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْوَهَّابُ ﴿٨﴾

9. Парвардигоро, бешак, Ту мардумро барои рӯзе, ки дар [омадани] он тардид нест, ҷамъ хоҳӣ кард. Ҳатман, Аллоҳ таоло дар ваъдаи [худ] хилоф намекунад»

رَبَّنَآ إِنَّكَ جَامِعُ ٱلنَّاسِ لِيَوْمٍ لَّا رَيْبَ فِيهِ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُخْلِفُ ٱلْمِيعَادَ ﴿٩﴾

10. Дар ҳақиқат, касоне, ки куфр варзиданд, амволу фарзандонашон чизе аз [азоби] Аллоҳро аз онон дур нахоҳад кард ва онон худ ҳезуми оташ [-и дӯзах] ҳастанд

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لَن تُغْنِىَ عَنْهُمْ أَمْوَٰلُهُمْ وَلَآ أَوْلَٰدُهُم مِّنَ ٱللَّهِ شَيْـًٔا ۖ وَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمْ وَقُودُ ٱلنَّارِ ﴿١٠﴾

11. [Шеваи ин кофирон] Ҳамчун шеваи хонадони Фиръавн ва [равиши] касонест, ки пеш аз онҳо буданд: Оёти моро такзиб карданд; пас, Аллоҳ таоло ононро ба [сазои] гуноҳонашон азоб кард; ва Аллоҳ таоло [нисбат ба кофирон] сахткайфар аст

كَدَأْبِ ءَالِ فِرْعَوْنَ وَٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ ۚ كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا فَأَخَذَهُمُ ٱللَّهُ بِذُنُوبِهِمْ ۗ وَٱللَّهُ شَدِيدُ ٱلْعِقَابِ ﴿١١﴾

12. Ба касоне, ки куфр варзиданд, бигӯ: «Ба зудӣ [аз муъминон] шикаст хоҳед хӯрд ва [он гоҳ дар қиёмат] ба сӯйи ҷаҳаннам маҳшур мешавед; ва чи бад ҷойгоҳе аст»!

قُل لِّلَّذِينَ كَفَرُوا۟ سَتُغْلَبُونَ وَتُحْشَرُونَ إِلَىٰ جَهَنَّمَ ۖ وَبِئْسَ ٱلْمِهَادُ ﴿١٢﴾

13. Ҳатман, дар [рӯёрӯйи] ду гурӯҳе, ки [дар Бадр] бо ҳам рӯбарӯ шуданд, нишона [ва ибрат]-е барои шумо буд; як гурӯҳ дар роҳи Аллоҳ таоло меҷангид ва [гурӯҳи] дигар кофирон буданд. Онҳо ба чашми худ [муъминонро] ду баробари он чи буданд, медиданд; ва Аллоҳ таоло ҳар киро бихоҳад, бо ёрии худ таъйид мекунад. Ба ростӣ, дар ин [моҷаро] барои аҳли биниш, ибрате аст

قَدْ كَانَ لَكُمْ ءَايَةٌ فِى فِئَتَيْنِ ٱلْتَقَتَا ۖ فِئَةٌ تُقَٰتِلُ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَأُخْرَىٰ كَافِرَةٌ يَرَوْنَهُم مِّثْلَيْهِمْ رَأْىَ ٱلْعَيْنِ ۚ وَٱللَّهُ يُؤَيِّدُ بِنَصْرِهِۦ مَن يَشَآءُ ۗ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَعِبْرَةً لِّأُو۟لِى ٱلْأَبْصَٰرِ ﴿١٣﴾

زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ ٱلشَّهَوَٰتِ مِنَ ٱلنِّسَآءِ وَٱلْبَنِينَ وَٱلْقَنَٰطِيرِ ٱلْمُقَنطَرَةِ مِنَ ٱلذَّهَبِ وَٱلْفِضَّةِ وَٱلْخَيْلِ ٱلْمُسَوَّمَةِ وَٱلْأَنْعَٰمِ وَٱلْحَرْثِ ۗ ذَٰلِكَ مَتَٰعُ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا ۖ وَٱللَّهُ عِندَهُۥ حُسْنُ ٱلْمَـَٔابِ ﴿١٤﴾

14. Ишқ ба хостаниҳо [-и моддӣ], аз [ҷумла] занону фарзандон ва амволи ҳангуфт - аз тилло ва нуқра ва аспҳои нишондор ва домҳову киштзор [ҳо] - барои мардум ороста шудааст. Ин [ҳама, лаззатҳо ва] колои [зудгузари] зиндагии дунёст ва [ҳол он ки] саранҷоми нек назди Аллоҳ таоло аст

۞قُلْ أَؤُنَبِّئُكُم بِخَيْرٍ مِّن ذَٰلِكُمْ ۚ لِلَّذِينَ ٱتَّقَوْا۟ عِندَ رَبِّهِمْ جَنَّٰتٌ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا وَأَزْوَٰجٌ مُّطَهَّرَةٌ وَرِضْوَٰنٌ مِّنَ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ بَصِيرٌۢ بِٱلْعِبَادِ ﴿١٥﴾

15. [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Оё [мехоҳед] шуморо аз чизе огоҳ кунам, ки аз ин [дороиҳо ва лаззатҳои моддӣ] беҳтар бошад»? Касоне, ки тақво пеша кардаанд, назди Парвардигорашон боғҳое доранд, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо равон аст; ҷовидона дар он хоҳанд буд ва ҳамсарони покиза [ва беайб доранд] ва [ҳамчунин] аз хушнудии Аллоҳ таоло [бархӯрдоранд]; ва Аллоҳ таоло ба [аҳволи] бандагон биност

ٱلَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَآ إِنَّنَآ ءَامَنَّا فَٱغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا وَقِنَا عَذَابَ ٱلنَّارِ ﴿١٦﴾

16. [Ин биҳиштиён] Касоне [ҳастанд], ки мегӯянд: «Парвардигоро, ба ростӣ, ки мо имон овардаем; пас, гуноҳонамонро биёмурз ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор»

ٱلصَّٰبِرِينَ وَٱلصَّٰدِقِينَ وَٱلْقَٰنِتِينَ وَٱلْمُنفِقِينَ وَٱلْمُسْتَغْفِرِينَ بِٱلْأَسْحَارِ ﴿١٧﴾

17. Онон [дар баробари мушкилот ва дар роҳи итоат ва тарки гуноҳ] шикебоӣ меварзанд ва [дар гуфтору рафторашон] ростгӯ ҳастанд ва [дар баробари фармудаҳои илоҳӣ] фармонбардоранд ва [барои хушнудии Бори таоло] инфоқ мекунанд ва дар саҳаргоҳон омурзиш металабанд

شَهِدَ ٱللَّهُ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةُ وَأُو۟لُوا۟ ٱلْعِلْمِ قَآئِمًۢا بِٱلْقِسْطِ ۚ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿١٨﴾

18. Аллоҳ таоло, ки [дар ҷаҳони ҳастӣ] барподорандаи адл аст, гувоҳӣ додааст, ки маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест ва фариштагону уламо [низ бар ягонагӣ ва адолати илоҳӣ гувоҳӣ медиҳанд]. Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест, [ки] шикастнопазиру ҳаким аст

إِنَّ ٱلدِّينَ عِندَ ٱللَّهِ ٱلْإِسْلَٰمُ ۗ وَمَا ٱخْتَلَفَ ٱلَّذِينَ أُو۟تُوا۟ ٱلْكِتَٰبَ إِلَّا مِنۢ بَعْدِ مَا جَآءَهُمُ ٱلْعِلْمُ بَغْيًۢا بَيْنَهُمْ ۗ وَمَن يَكْفُرْ بِـَٔايَٰتِ

19. Дар ҳақиқат, дини [писандида] назди Аллоҳ таоло ҳамон ислом аст; ва касоне, ки китоби

ٱللَّهِ فَإِنَّ ٱللَّهَ سَرِيعُ ٱلۡحِسَابِ ١٩

[осмонӣ] ба онон дода шудааст, бо якдигар ба ихтилоф напардохтанд, магар пас аз он, ки илм бароямон [ҳосил] омад [ва ҳуҷҷат бароямон тамом шуд]. Он [ихтилоф ва тафриқа] ҳам ба хотири саркашӣ ва ҳасаде [буд], ки миёнашон вуҷуд дошт; ва ҳар ки ба оёти Аллоҳ таоло куфр биварзад, [бидонад, ки] Аллоҳ таоло дар ҳисобрасӣ сареъ аст

فَإِنۡ حَآجُّوكَ فَقُلۡ أَسۡلَمۡتُ وَجۡهِيَ لِلَّهِ وَمَنِ ٱتَّبَعَنِۗ وَقُل لِّلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡأُمِّيِّـۧنَ ءَأَسۡلَمۡتُمۡۚ فَإِنۡ أَسۡلَمُواْ فَقَدِ ٱهۡتَدَواْۖ وَّإِن تَوَلَّوۡاْ فَإِنَّمَا عَلَيۡكَ ٱلۡبَلَٰغُۗ وَٱللَّهُ بَصِيرُۢ بِٱلۡعِبَادِ ٢٠

20. [Эй паёмбар] Агар [дар бораи ислом ва тавҳид] бо ту муҷодала карданд, бигӯ: «Ман дар баробари Аллоҳ таоло [ва авомиру аҳкомаш] таслим шудаам ва пайравонам [низ чунин ҳастанд]»; ва ба аҳли китоб [яҳудиён ва масеҳиён] ва мушрикон бигӯ: «Оё шумо ҳам таслим шудаед»? Агар таслим шаванд, ҳатман ҳидоят ёфтаанд ва агар рӯйгардон шуданд [ва сарпечӣ карданд, ғамгин машав, зеро] ту вазифае ҷуз расондан [-и ваҳй] надорӣ; ва Аллоҳ таоло ба [аҳволи] бандагон биност

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكۡفُرُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَيَقۡتُلُونَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ بِغَيۡرِ حَقّٖ وَيَقۡتُلُونَ ٱلَّذِينَ يَأۡمُرُونَ بِٱلۡقِسۡطِ مِنَ ٱلنَّاسِ فَبَشِّرۡهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٍ ٢١

21. Ба ростӣ, касоне, ки ба оёти Аллоҳ таоло куфр меварзанд ва паёмбаронро ба ноҳақ [ва фақат аз рӯйи ситаму душманӣ] мекушанд ва [низ] касонеро, ки ба адолат амр мекунанд, ба қатл мерасонанд, ононро ба азоби дарднок башорат деҳ!

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ حَبِطَتۡ أَعۡمَٰلُهُمۡ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِ وَمَا لَهُم مِّن نَّٰصِرِينَ ٢٢

22. Онон касоне ҳастанд, ки аъмолашон дар дунё ва охират табоҳ шудааст ва [дар охират] ҳеҷ ёваре надоранд

أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ أُوتُواْ نَصِيبٗا مِّنَ ٱلۡكِتَٰبِ يُدۡعَوۡنَ إِلَىٰ كِتَٰبِ ٱللَّهِ لِيَحۡكُمَ بَيۡنَهُمۡ ثُمَّ يَتَوَلَّىٰ فَرِيقٞ مِّنۡهُمۡ وَهُم مُّعۡرِضُونَ ٢٣

23. [Эй паёмбар] Оё достони касонеро, ки баҳрае аз китоб [-и Таврот] ёфтаанд, надонистай, ки чун ба [бозгашт ба] сӯйи китоби Аллоҳ таоло фаро хонда мешаванд, то миёнашон ҳукм кунад, гурӯҳе аз [уламову бузургони] онон [ки ҳақиқатро хилофи майлу манфиати худ мебинанд] ба ҳоли сарпечӣ рӯ барметобанд?

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ قَالُواْ لَن تَمَسَّنَا ٱلنَّارُ إِلَّآ أَيَّامٗا مَّعۡدُودَٰتٖۖ وَغَرَّهُمۡ فِي دِينِهِم مَّا كَانُواْ يَفۡتَرُونَ ٢٤

24. Ин [рӯйгардонӣ аз ҳақ], бад-он сабаб аст, ки гуфтанд: «Оташ [-и дӯзах] ҷуз чанд рӯзе

ба мо нахоҳад расид»; ва ин [ифтироҳо] ва дурӯғҳое, ки мебофтанд, ононро дар динашон фирефта сохт

فَكَيْفَ إِذَا جَمَعْنَٰهُمْ لِيَوْمٍ لَّا رَيْبَ فِيهِ وَوُفِّيَتْ كُلُّ نَفْسٍ مَّا كَسَبَتْ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ ﴿٢٥﴾

25. Пас, [ҳоли пушаймониашон] чи гуна хоҳад буд? [Оре, дар бадтарин ҳол хоҳанд буд] Он гоҳ ки ононро барои рӯзе, ки [ҳеҷ] тардиде дар он нест, гирд оварем ва ба ҳар кас [подоши] он чи, ки фароҳам кардааст, ба тамом ва камол дода шавад ва ба эшон ситам нахоҳад шуд

قُلِ ٱللَّٰهُمَّ مَٰلِكَ ٱلْمُلْكِ تُؤْتِى ٱلْمُلْكَ مَن تَشَآءُ وَتَنزِعُ ٱلْمُلْكَ مِمَّن تَشَآءُ وَتُعِزُّ مَن تَشَآءُ وَتُذِلُّ مَن تَشَآءُ ۖ بِيَدِكَ ٱلْخَيْرُ ۖ إِنَّكَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٢٦﴾

26. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Бор Илоҳо, эй Фармонравои ҳастӣ, ҳар киро бихоҳӣ, ҳукумат мебахшӣ ва аз ҳар ки бихоҳӣ, ҳукуматро бозпас мегирӣ; ва ба ҳар ки бихоҳӣ, иззат [-у қудрат] медиҳӣ ва ҳар киро бихоҳӣ, хор медорӣ. [Парвардигоро] Хубӣ ба дасти Туст ва бе гумон, Ту бар ҳар чизе тавоноӣ

تُولِجُ ٱلَّيْلَ فِى ٱلنَّهَارِ وَتُولِجُ ٱلنَّهَارَ فِى ٱلَّيْلِ ۖ وَتُخْرِجُ ٱلْحَىَّ مِنَ ٱلْمَيِّتِ وَتُخْرِجُ ٱلْمَيِّتَ مِنَ ٱلْحَىِّ ۖ وَتَرْزُقُ مَن تَشَآءُ بِغَيْرِ حِسَابٍ ﴿٢٧﴾

27. Шабро ба рӯз дармеоварӣ ва рӯзро ба шаб дармеоварӣ [ва аз тӯли яке мекоҳӣ ва бар дигаре меафзоӣ] ва [мавҷуди] зиндаро аз [моддаи] бечон берун меоварӣ [рӯйиши гиёҳ аз дона] ва [моддаи] бечонро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозӣ [берун омадани тухм аз паррандагон] ва ба ҳар ки бихоҳӣ, бешумор рӯзӣ медиҳӣ»

لَّا يَتَّخِذِ ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلْكَٰفِرِينَ أَوْلِيَآءَ مِن دُونِ ٱلْمُؤْمِنِينَ ۖ وَمَن يَفْعَلْ ذَٰلِكَ فَلَيْسَ مِنَ ٱللَّهِ فِى شَىْءٍ إِلَّآ أَن تَتَّقُوا۟ مِنْهُمْ تُقَىٰةً ۗ وَيُحَذِّرُكُمُ ٱللَّهُ نَفْسَهُۥ ۗ وَإِلَى ٱللَّهِ ٱلْمَصِيرُ ﴿٢٨﴾

28. Муъминон набояд кофиронро ба ҷойи муъминон дӯсти худ бигиранд; ва ҳар ки чунин кунад, бо Аллоҳ таоло ҳеҷ пайванде надорад ва [Аллоҳ таоло аз ӯ безорӣ меҷӯяд]; магар он ки [ночор шавед бо нармӣ дар гуфтору рафтор] хешро аз [озори] эшон дар амон доред [ва ба хотири ҳифзи ҷонатон эҳтиёт кунед]; ва Аллоҳ таоло шуморо аз [кайфари] хеш барҳазар медорад; ва бозгашт [-и ҳама] ба сӯйи Аллоҳ таоло аст

قُلْ إِن تُخْفُوا۟ مَا فِى صُدُورِكُمْ أَوْ تُبْدُوهُ يَعْلَمْهُ ٱللَّهُ ۗ وَيَعْلَمُ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ ۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٢٩﴾

29. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Агар ҳар он чи [аз дӯстӣ ва муҳаббати кофирон, ки] дар дилҳоятон аст, пинҳон доред, ё ошкораш кунед, Аллоҳ

таоло онро медонад, [ва низ] он чиро, ки дар осмонҳо ва замин аст, медонад; ва Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност»

30. [Рӯзи қиёмат] Рӯзе [аст], ки ҳар кас он чиро аз кори нек [ва бад] анҷом додааст, ҳозир мебинад ва орзу мекунад миёни ӯ ва аъмоли баде, ки анҷом додааст, фосилаи бисёре бошад; ва Аллоҳ таоло шуморо аз [нофармонӣ ва кайфари] худ барҳазар медорад; ва Аллоҳ таоло нисбат ба бандагон [-и худ] дилсӯз аст

يَوْمَ تَجِدُ كُلُّ نَفْسٍ مَّا عَمِلَتْ مِنْ خَيْرٍ مُّحْضَرًا وَمَا عَمِلَتْ مِن سُوٓءٍ تَوَدُّ لَوْ أَنَّ بَيْنَهَا وَبَيْنَهُۥٓ أَمَدًۢا بَعِيدًا ۗ وَيُحَذِّرُكُمُ ٱللَّهُ نَفْسَهُۥ ۗ وَٱللَّهُ رَءُوفٌۢ بِٱلْعِبَادِ ﴿٣٠﴾

31. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Агар Аллоҳро дӯст медоред, аз ман пайравӣ кунед, то Аллоҳ таоло шуморо дӯст бидорад ва гуноҳонатонро биёмурзад; ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст»

قُلْ إِن كُنتُمْ تُحِبُّونَ ٱللَّهَ فَٱتَّبِعُونِى يُحْبِبْكُمُ ٱللَّهُ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ ۚ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٣١﴾

32. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Аллоҳ таоло ва паёмбар [-и Ӯ]-ро итоат кунед»; пас, агар пушт карданд [ва сарпечӣ намуданд], ҳатман, Аллоҳ таоло кофиронро дӯст надорад

قُلْ أَطِيعُوا۟ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ ۖ فَإِن تَوَلَّوْا۟ فَإِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٣٢﴾

33. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло Одаму Нуҳ ва хонадони Иброҳиму хонадони Имронро бар ҷаҳониён [бартарӣ дод ва] баргузид

۞ إِنَّ ٱللَّهَ ٱصْطَفَىٰٓ ءَادَمَ وَنُوحًا وَءَالَ إِبْرَٰهِيمَ وَءَالَ عِمْرَٰنَ عَلَى ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٣٣﴾

34. Фарзандоне, ки бархе аз онон [дар тавҳиду ибодат] аз [пайи] бархи дигаранд; ва Аллоҳ таоло шунавову доност

ذُرِّيَّةًۢ بَعْضُهَا مِنۢ بَعْضٍ ۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿٣٤﴾

35. [Эй паёмбар, ёд кун аз] Ҳангоме ки ҳамсари Имрон гуфт: «Парвардигоро, ман он чиро дар шикам дорам, барои Ту назр кардам, ки озод [аз ҳар чиз дар хидмати Байт-ул-муқаддас ва парастишгари Ту] бошад; пас, аз ман бипазир, ки Ту худ шунавову доной»

إِذْ قَالَتِ ٱمْرَأَتُ عِمْرَٰنَ رَبِّ إِنِّى نَذَرْتُ لَكَ مَا فِى بَطْنِى مُحَرَّرًا فَتَقَبَّلْ مِنِّىٓ ۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴿٣٥﴾

36. Пас, ҳангоме ки ӯро бизод, гуфт: «Парвардигоро, ман ӯро духтар зодаам - вале Аллоҳ таоло ба он чи ӯ ба дунё оварда буд, донотар буд - ва писар ҳаммонанди духтар нест ва ман ӯро

فَلَمَّا وَضَعَتْهَا قَالَتْ رَبِّ إِنِّى وَضَعْتُهَآ أُنثَىٰ وَٱللَّهُ أَعْلَمُ بِمَا وَضَعَتْ وَلَيْسَ ٱلذَّكَرُ كَٱلْأُنثَىٰ ۖ وَإِنِّى سَمَّيْتُهَا مَرْيَمَ وَإِنِّىٓ أُعِيذُهَا بِكَ وَذُرِّيَّتَهَا مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿٣٦﴾

Марям ном ниҳодам ва ӯву фарзандонашро аз [шарри] шайтони рондашуда дар паноҳи Ту қарор медиҳам»

فَتَقَبَّلَهَا رَبُّهَا بِقَبُولٍ حَسَنٍ وَأَنۢبَتَهَا نَبَاتًا حَسَنًا وَكَفَّلَهَا زَكَرِيَّا ۖ كُلَّمَا دَخَلَ عَلَيۡهَا زَكَرِيَّا ٱلۡمِحۡرَابَ وَجَدَ عِندَهَا رِزۡقٗا ۖ قَالَ يَٰمَرۡيَمُ أَنَّىٰ لَكِ هَٰذَا ۖ قَالَتۡ هُوَ مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ ۖ إِنَّ ٱللَّهَ يَرۡزُقُ مَن يَشَآءُ بِغَيۡرِ حِسَابٖ ٣٧

37. Он гоҳ Парвардигораш ӯ [Марям]-ро ба накуӣ пазируфт ва [ниҳоли вуҷудашро] ба шеваи шоистае парвариш дод ва сарпарастиашро ба Закариё супурд. Ҳар гоҳ Закариё вориди ибодатгоҳ [-и ӯ] мешуд, наздаш ғизое меёфт [пас, бо шигифтӣ] мегуфт: «Эй Марям, ин [ғизо] аз куҷо бароят омадааст»? [Марям] Мегуфт: «Ин [ғизо] аз ҷониби Аллоҳ таоло аст. Бе гумон, Аллоҳ таоло ба ҳар ки бихоҳад, бешумор рӯзӣ медиҳад»

هُنَالِكَ دَعَا زَكَرِيَّا رَبَّهُۥ ۖ قَالَ رَبِّ هَبۡ لِي مِن لَّدُنكَ ذُرِّيَّةٗ طَيِّبَةً ۖ إِنَّكَ سَمِيعُ ٱلدُّعَآءِ ٣٨

38. Он ҷо [буд, ки] Закариё Парвардигорашро хонд [ва] гуфт: «Парвардигоро, аз ҷониби хеш фарзанди поку писандида ба ман ато кун, [ки] бе тардид, Ту шунавандаи дуоӣ»

فَنَادَتۡهُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَهُوَ قَآئِمٞ يُصَلِّي فِي ٱلۡمِحۡرَابِ أَنَّ ٱللَّهَ يُبَشِّرُكَ بِيَحۡيَىٰ مُصَدِّقَۢا بِكَلِمَةٖ مِّنَ ٱللَّهِ وَسَيِّدٗا وَحَصُورٗا وَنَبِيّٗا مِّنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ٣٩

39. Пас, дар ҳоле ки ӯ [Закариё] истода дар ибодатгоҳ намоз мехонд, фариштагон нидояш доданд, ки: «Аллоҳ таоло туро ба [вилодати] Яҳё башорат медиҳад, [ки] тасдиққунандаи калимаи Аллоҳ таоло [Исо] аст ва [дар илму ибодат, бар қавми хеш] сарвар аст ва порсост [ба шаҳавот таваҷҷуҳе надорад] ва паёмбаре аз шоистагон аст»

قَالَ رَبِّ أَنَّىٰ يَكُونُ لِي غُلَٰمٞ وَقَدۡ بَلَغَنِيَ ٱلۡكِبَرُ وَٱمۡرَأَتِي عَاقِرٞ ۖ قَالَ كَذَٰلِكَ ٱللَّهُ يَفۡعَلُ مَا يَشَآءُ ٤٠

40. [Закариё] Гуфт: «Парвардигоро, чи гуна маро фарзанде хоҳад буд, ҳол он ки пирӣ ба суроғам омадаву ҳамсарам нозост»? [Аллоҳ таоло] Гуфт: «[амри офариниш] Чунин аст, [ки] Аллоҳ таоло ҳар чи бихоҳад анҷом медиҳад»

قَالَ رَبِّ ٱجۡعَل لِّيٓ ءَايَةٗ ۖ قَالَ ءَايَتُكَ أَلَّا تُكَلِّمَ ٱلنَّاسَ ثَلَٰثَةَ أَيَّامٍ إِلَّا رَمۡزٗا ۗ وَٱذۡكُر رَّبَّكَ كَثِيرٗا وَسَبِّحۡ بِٱلۡعَشِيِّ وَٱلۡإِبۡكَٰرِ ٤١

41. [Закариё] Гуфт: «Парвардигоро, бароям нишонае қарор бидеҳ»; [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Нишонаат ин аст, ки се [шабона] рӯз [бидуни ин ки бемор бошӣ] ҷуз бо ишора қодир ба сухан гуфтан бо мардум нестӣ [пас, сабур бош] ва Парвардигоратро бисёр ёд кун ва шомгоҳону субҳгоҳон [Ӯро] тасбеҳ бигӯ»

42. Ва [Эй паёмбар, ёд кун аз] ҳангоме ки фариштагон гуфтанд: «Эй Марям, Аллоҳ таоло туро баргузида ва пок сохта ва туро [дар асри худ] бар занони ҷаҳон бартарӣ додааст»

وَإِذْ قَالَتِ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ يَٰمَرْيَمُ إِنَّ ٱللَّهَ ٱصْطَفَىٰكِ وَطَهَّرَكِ وَٱصْطَفَىٰكِ عَلَىٰ نِسَآءِ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٤٢﴾

43. Эй Марям, [ҳамвора] ибодатгари Парвардигори хеш бошу [ва барои Ӯ] саҷда бигзор ва ҳамроҳи рукуъкунандагон рукуъ кун»

يَٰمَرْيَمُ ٱقْنُتِى لِرَبِّكِ وَٱسْجُدِى وَٱرْكَعِى مَعَ ٱلرَّٰكِعِينَ ﴿٤٣﴾

44. [Эй паёмбар] Ин [хабар] аз хабарҳои ғайбест, ки ба ту ваҳй мекунем ва ту ҳангоме ки [уламои мазҳаби яҳуд] қаламҳои худро [барои қуръакашӣ ба об] меафканданд, то [таъйин кунанд, ки] кадом як сарпарастии Марямро ба уҳда гирад, наздашон набудӣ; ва [низ] вақте ки [ба сари ин мавзӯъ] бо якдигар кашмакаш мекарданд, канорашон ҳузур надоштӣ

ذَٰلِكَ مِنْ أَنۢبَآءِ ٱلْغَيْبِ نُوحِيهِ إِلَيْكَ ۚ وَمَا كُنتَ لَدَيْهِمْ إِذْ يُلْقُونَ أَقْلَٰمَهُمْ أَيُّهُمْ يَكْفُلُ مَرْيَمَ وَمَا كُنتَ لَدَيْهِمْ إِذْ يَخْتَصِمُونَ ﴿٤٤﴾

45. Ва [Эй паёмбар, ёд кун аз] ҳангоме ки фариштагон гуфтанд: «Эй Марям, Аллоҳ таоло туро ба калимае аз ҷониби хеш башорат медиҳад, ки номаш Масеҳ - Исо ибни Марям - аст; дар ҳоле ки [ӯ] дар дунё ва охират обрӯманд ва аз наздикони [даргоҳи илоҳӣ] аст»

إِذْ قَالَتِ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ يَٰمَرْيَمُ إِنَّ ٱللَّهَ يُبَشِّرُكِ بِكَلِمَةٍ مِّنْهُ ٱسْمُهُ ٱلْمَسِيحُ عِيسَى ٱبْنُ مَرْيَمَ وَجِيهًا فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ وَمِنَ ٱلْمُقَرَّبِينَ ﴿٤٥﴾

46. Ӯ дар гаҳвора [ба эъҷоз] ва дар куҳансолӣ [ба ваҳйи илоҳӣ] бо мардум сухан мегӯяд ва аз шоистагон аст»

وَيُكَلِّمُ ٱلنَّاسَ فِى ٱلْمَهْدِ وَكَهْلًا وَمِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ﴿٤٦﴾

47. [Марям] Гуфт: «Парвардигоро, чи гуна фарзанде хоҳам дошт, дар ҳоле [ҳеҷ] башаре ба ман даст назадааст»? [Фариштa] Гуфт: «Аллоҳ таоло бад-ин сон ҳар чиро бихоҳад, меофаринад, [ва] ҳар гоҳ, ки иродаи чизе кунад, фақат ба он мегӯяд: «Бош», пас, он [бедиранг] мавҷуд мешавад»

قَالَتْ رَبِّ أَنَّىٰ يَكُونُ لِى وَلَدٌ وَلَمْ يَمْسَسْنِى بَشَرٌ ۖ قَالَ كَذَٰلِكِ ٱللَّهُ يَخْلُقُ مَا يَشَآءُ ۚ إِذَا قَضَىٰٓ أَمْرًا فَإِنَّمَا يَقُولُ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ﴿٤٧﴾

48. Ва [низ башорат дод, ки Аллоҳ таоло] ба ӯ китобу ҳикмат ва Тавроту Инҷил меомӯзад

وَيُعَلِّمُهُ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَٱلتَّوْرَىٰةَ وَٱلْإِنجِيلَ ﴿٤٨﴾

49. Ва паёмбаре ба сӯйи Бани Исроил аст, ки [ба онон мегӯяд]: «Ман аз сӯйи Парвардигоратон

وَرَسُولًا إِلَىٰ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ أَنِّى قَدْ جِئْتُكُم بِـَٔايَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ أَنِّىٓ أَخْلُقُ لَكُم مِّنَ ٱلطِّينِ كَهَيْـَٔةِ ٱلطَّيْرِ فَأَنفُخُ فِيهِ فَيَكُونُ

طَيْرًۢا بِإِذْنِ ٱللَّهِ ۖ وَأُبْرِئُ ٱلْأَكْمَهَ وَٱلْأَبْرَصَ وَأُحْىِ ٱلْمَوْتَىٰ بِإِذْنِ ٱللَّهِ ۖ وَأُنَبِّئُكُم بِمَا تَأْكُلُونَ وَمَا تَدَّخِرُونَ فِى بُيُوتِكُمْ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَةً لَّكُمْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿٤٩﴾

барои шумо нишонае овардаам: Ман аз гил бароятон [чизе] ба шакли парранда месозам; он гоҳ дар он медамам ва ба фармони Аллоҳ таоло [он гили бечон табдил ба] паррандае мешавад; ва [ҳамчунин] ба фармони Аллоҳ таоло кӯри модарзод ва мубталоён ба песиро беҳбудӣ мебахшам ва мурдагонро зинда мекунам ва аз он чи мехуред ва дар хонаҳоятон захира мекунед, ба шумо хабар медиҳам. Мусалламан, агар имон дошта бошед, дар инҳо нишонае барои шумост [ки нубувватамро бовар кунед]

وَمُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَىَّ مِنَ ٱلتَّوْرَىٰةِ وَلِأُحِلَّ لَكُم بَعْضَ ٱلَّذِى حُرِّمَ عَلَيْكُمْ ۚ وَجِئْتُكُم بِـَٔايَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ فَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿٥٠﴾

50. Ва [мегӯяд: «Омадаам то] тасдиқкунандаи Таврот бошам, ки пеш аз ман [нозил шуда] аст; ва [фиристода шудаам] то бархе аз чизҳоеро, ки бар шумо ҳаром шуда буд, ҳалол кунам; ва нишонае аз тарафи Парвардигоратон барои шумо овардаам; пас, аз Аллоҳ таоло парво (ва тақво) дошта бошед ва маро итоат кунед

إِنَّ ٱللَّهَ رَبِّى وَرَبُّكُمْ فَٱعْبُدُوهُ ۗ هَٰذَا صِرَٰطٌ مُّسْتَقِيمٌ ﴿٥١﴾

51. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло, Парвардигори ману Парвардигори шумост; пас, Ӯро бипарастед, [ки] роҳи рост ин аст»

فَلَمَّآ أَحَسَّ عِيسَىٰ مِنْهُمُ ٱلْكُفْرَ قَالَ مَنْ أَنصَارِىٓ إِلَى ٱللَّهِ ۖ قَالَ ٱلْحَوَارِيُّونَ نَحْنُ أَنصَارُ ٱللَّهِ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ ۖ وَٱشْهَدْ بِأَنَّا مُسْلِمُونَ ﴿٥٢﴾

52. Сипас чун Исо ба куфри онон пай бурд, гуфт: «Чи касоне ёварони ман [дар роҳи даъват] ба сӯйи Аллоҳ таоло ҳастанд»? Ҳавориюн гуфтанд: «Мо ёварони [дини] Аллоҳ таоло ҳастем; ба Аллоҳ таоло имон овардаем ва [ту низ, эй Исо] гувоҳ бош, ки мо таслим [-и Ӯ] ҳастем

رَبَّنَآ ءَامَنَّا بِمَآ أَنزَلْتَ وَٱتَّبَعْنَا ٱلرَّسُولَ فَٱكْتُبْنَا مَعَ ٱلشَّٰهِدِينَ ﴿٥٣﴾

53. Парвардигоро, ба он чи нозил кардаӣ, имон овардем ва аз фиристода [-и Ту] пайравӣ намудем; пас, моро дар зумраи гувоҳон [ба ҳақ ва муъминон ба паёмбарат] бинавис»

وَمَكَرُوا۟ وَمَكَرَ ٱللَّهُ ۖ وَٱللَّهُ خَيْرُ ٱلْمَٰكِرِينَ ﴿٥٤﴾

54. [Пас аз муддате кофирони Бани Исроил барои куштани Исо] Макр варзиданд ва Аллоҳ таоло [низ дар посухашон] макр намуд ва Аллоҳ таоло бехтарин макрангезон аст

إِذْ قَالَ ٱللَّهُ يَٰعِيسَىٰٓ إِنِّى مُتَوَفِّيكَ وَرَافِعُكَ إِلَىَّ وَمُطَهِّرُكَ مِنَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَجَاعِلُ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوكَ فَوْقَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓا۟ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ ۖ ثُمَّ إِلَىَّ مَرْجِعُكُمْ فَأَحْكُمُ بَيْنَكُمْ فِيمَا كُنتُمْ فِيهِ تَخْتَلِفُونَ ﴿٥٥﴾

55. [Ёд кун аз] Ҳангоме ки Аллоҳ таоло [ба Исо] фармуд: «Эй Исо, ман туро бармегирам ва ба сӯйи хеш боло мебарам ва туро аз [олоишу туҳмати] касоне, ки куфр варзиданд, пок мегардонам ва то рӯзи растохез касонеро, ки аз ту пайравӣ карданд [ва ба Муҳаммад имон оварданд], бартар аз касоне қарор медиҳам, ки куфр варзиданд. Сипас бозгаштатон ба сӯйи ман аст; он гоҳ дар [мавриди] он чи дар он ихтилоф мекардед, миёнатон доварӣ мекунам

فَأَمَّا ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ فَأُعَذِّبُهُمْ عَذَابًا شَدِيدًا فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ وَمَا لَهُم مِّن نَّٰصِرِينَ ﴿٥٦﴾

56. Аммо касоне, ки куфр варзиданд, дар дунё ва охират ба азоби сахт муҷозоташон мекунам ва ёвароне нахоҳанд дошт

وَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَيُوَفِّيهِمْ أُجُورَهُمْ ۗ وَٱللَّهُ لَا يُحِبُّ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥٧﴾

57. Ва аммо касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом доданд, [Аллоҳ таоло] подошашонро ба таври комил ба эшон хоҳад дод; ва Аллоҳ таоло ситамгоронро дӯст намедорад

ذَٰلِكَ نَتْلُوهُ عَلَيْكَ مِنَ ٱلْءَايَٰتِ وَٱلذِّكْرِ ٱلْحَكِيمِ ﴿٥٨﴾

58. [Эй паёмбар] Инҳо, ки [аз моҷарои Исо] бар ту мехонем, аз нишонаҳо [-и равшан аст далолаткунанда бар ростгӯии ту ва дурустии ин] андарзи ҳикматомез [Қуръон]

إِنَّ مَثَلَ عِيسَىٰ عِندَ ٱللَّهِ كَمَثَلِ ءَادَمَ ۖ خَلَقَهُۥ مِن تُرَابٍ ثُمَّ قَالَ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ﴿٥٩﴾

59. Дар ҳақиқат, масали Исо назди Аллоҳ таоло ҳамчун масали [офариниши] Одам аст, [ки] ӯро аз хок офариду сипас ба ӯ фармуд: «Бош»; пас, [бедиранг] мавҷуд шуд

ٱلْحَقُّ مِن رَّبِّكَ فَلَا تَكُن مِّنَ ٱلْمُمْتَرِينَ ﴿٦٠﴾

60. [Он чи дар бораи Исо баён кардем] Ҳақиқате аз ҷониби Парвардигори туст; пас, ҳаргиз аз тардидкунандагон мабош

فَمَنْ حَآجَّكَ فِيهِ مِنۢ بَعْدِ مَا جَآءَكَ مِنَ ٱلْعِلْمِ فَقُلْ تَعَالَوْا۟ نَدْعُ أَبْنَآءَنَا وَأَبْنَآءَكُمْ وَنِسَآءَنَا وَنِسَآءَكُمْ وَأَنفُسَنَا وَأَنفُسَكُمْ ثُمَّ نَبْتَهِلْ فَنَجْعَل لَّعْنَتَ ٱللَّهِ عَلَى ٱلْكَٰذِبِينَ ﴿٦١﴾

61. Пас, [эй паёмбар] ҳар ки [аз масеҳиёни Наҷрон] пас аз он донише, ки дар бораи ӯ [Исо] бароят [ҳосил] омадааст, бо ту баҳсу ҷадал кунад, [ба онҳо] бигӯ: «Биёед [ҳамагиро] фаро бихонем: писарони мову писарони шумо ва занони мову занони шумо ва худи мову шумо [низ ҳозир шавем]; сипас ба [даргоҳи илоҳӣ тазарруъ ва]

дуо кунем ва лаънати Аллоҳро бар дурӯғгӯён қарор диҳем»

إِنَّ هَٰذَا لَهُوَ ٱلْقَصَصُ ٱلْحَقُّ ۚ وَمَا مِنْ إِلَٰهٍ إِلَّا ٱللَّهُ ۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٦٢﴾

62. Ин ҳамон достони ҳақиқӣ [-и Масеҳ] аст ва ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Аллоҳ таоло нест ва бе гумон, Аллоҳ таоло аст, ки шикастнопазир [ва] ҳаким аст

فَإِن تَوَلَّوْا۟ فَإِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌۢ بِٱلْمُفْسِدِينَ ﴿٦٣﴾

63. Пас, агар [аз сухани ҳақ] рӯй гардонанд, [бидон, ки] Аллоҳ таоло аз [ҳоли] муфсидон огоҳ аст

قُلْ يَٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ تَعَالَوْا۟ إِلَىٰ كَلِمَةٍ سَوَآءٍۭ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا ٱللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِۦ شَيْـًٔا وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِّن دُونِ ٱللَّهِ ۚ فَإِن تَوَلَّوْا۟ فَقُولُوا۟ ٱشْهَدُوا۟ بِأَنَّا مُسْلِمُونَ ﴿٦٤﴾

64. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Эй аҳли китоб, ба сӯйи сухане биёед, ки миёни мо ва шумо одилона аст [ва инҳирофе аз ҳақ дар он нест]: ки ҷуз Аллоҳро напарастем ва чизеро [дар қудрату тадбир] бо Ӯ шарик насозем ва бархе аз мо бархи дигарро ба ҷой Аллоҳ таоло [ба парастиш] нагиранд». Агар онон [аз ин даъват] рӯй гардонанд, пас, [эй муъминон, ба эшон] бигӯед: «Гувоҳ бошед, ки мо таслим [-и авомири илоҳӣ] ҳастем»

يَٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ لِمَ تُحَآجُّونَ فِىٓ إِبْرَٰهِيمَ وَمَآ أُنزِلَتِ ٱلتَّوْرَىٰةُ وَٱلْإِنجِيلُ إِلَّا مِنۢ بَعْدِهِۦٓ ۚ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ﴿٦٥﴾

65. Эй аҳли китоб, чаро дар бораи Иброҳим муҷодила мекунед; дар ҳоле ки Таврот ва Инҷил баъд аз ӯ нозил шудааст? Оё намеандешед?

هَٰٓأَنتُمْ هَٰٓؤُلَآءِ حَٰجَجْتُمْ فِيمَا لَكُم بِهِۦ عِلْمٌ فَلِمَ تُحَآجُّونَ فِيمَا لَيْسَ لَكُم بِهِۦ عِلْمٌ ۚ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ وَأَنتُمْ لَا تَعْلَمُونَ ﴿٦٦﴾

66. Ҳон! Шумо [аҳли китоб] касоне ҳастед, ки дар бораи он чи нисбат ба он огоҳӣ ва илм доштед, баҳсу ситез мекардед; пас, чаро [инак] дар мавриди чизе, ки бад-он илм надоред [ва дар китобҳоятон наёмадааст], баҳсу ситез мекунед? Дар ҳоле ки Аллоҳ таоло [ҳақоиқи умурро] медонад ва шумо намедонед

مَا كَانَ إِبْرَٰهِيمُ يَهُودِيًّا وَلَا نَصْرَانِيًّا وَلَٰكِن كَانَ حَنِيفًا مُّسْلِمًا وَمَا كَانَ مِنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ﴿٦٧﴾

67. Иброҳим на яҳудӣ буд ва на масеҳӣ; балки ҳақгарои мусулмон буд ва ҳаргиз дар зумраи мушрикон набуд

إِنَّ أَوْلَى ٱلنَّاسِ بِإِبْرَٰهِيمَ لَلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُ وَهَٰذَا ٱلنَّبِىُّ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ۗ وَٱللَّهُ وَلِىُّ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٦٨﴾

68. Ба ростӣ, сазовортарин мардум ба Иброҳим ҳамон касоне ҳастанд, ки аз ӯ пайравӣ кардаанд; ва [аз ҷумла] ин паёмбар [-и шумо-Муҳаммад] ва касоне, ки [мусулмонанд ва

ба ӯ] имон овардаанд; ва Аллоҳ таоло [ёру] корсози муъминон аст

69. [Эй муъминон] Гурӯҳе аз аҳли китоб орзу мекарданд, кош шуморо гумроҳ мекарданд; дар ҳоле ки ҷуз худашон [касе]-ро гумроҳ намекунанд ва [аммо] намефаҳманд

وَدَّت طَّآئِفَةٌ مِّنْ أَهْلِ ٱلْكِتَٰبِ لَوْ يُضِلُّونَكُمْ وَمَا يُضِلُّونَ إِلَّآ أَنفُسَهُمْ وَمَا يَشْعُرُونَ ﴿٦٩﴾

70. Эй аҳли китоб, чаро ба оёти Аллоҳ таоло кофир мешавед, дар ҳоле ки худ [ба дурустии он] гувоҳӣ медиҳед?

يَٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ لِمَ تَكْفُرُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَأَنتُمْ تَشْهَدُونَ ﴿٧٠﴾

71. Эй аҳли китоб, чаро ҳақро ба ботил меомезед ва ҳақиқат [-и паёмбарии Муҳаммад]-ро пинҳон мекунед, дар ҳоле ки худ медонед?

يَٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ لِمَ تَلْبِسُونَ ٱلْحَقَّ بِٱلْبَٰطِلِ وَتَكْتُمُونَ ٱلْحَقَّ وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٧١﴾

72. Гурӯҳе аз [уламои] аҳли китоб [ба ҳамдигар] гуфтанд: «Дар оғози рӯз ба он чи ба муъминон нозил шудааст, имон биёваред ва дар поён [-и рӯз] кофир шавед; шояд онон [низ тардид кунанд ва аз ислом] баргарданд

وَقَالَت طَّآئِفَةٌ مِّنْ أَهْلِ ٱلْكِتَٰبِ ءَامِنُوا۟ بِٱلَّذِىٓ أُنزِلَ عَلَى ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَجْهَ ٱلنَّهَارِ وَٱكْفُرُوٓا۟ ءَاخِرَهُۥ لَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ ﴿٧٢﴾

73. Ва [ин ки] имон наёваред магар ба касе, ки аз дини шумо пайравӣ мекунад». [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Дар ҳақиқат, ҳидоят ҳидояти Аллоҳ таоло аст. [Боз гуфтанд: «Ҳаргиз чизе ба мусулмонон наёмӯзед ва иҷозат надиҳед] ба каси он чи ба шумо додааст, дода шавад ё [далеле дар ихтиёрашон нагузоред, ки битвонанд] дар пешгоҳи Парвардигоратон бо шумо баҳс кунанд». [Эй паёмбар] Бигӯ: «Бе тардид, фазл [-у бартарӣ] ба дасти Аллоҳ таоло аст; онро ба ҳар ки бихоҳад, мебахшад; ва Аллоҳ таоло кушоишгари доност

وَلَا تُؤْمِنُوٓا۟ إِلَّا لِمَن تَبِعَ دِينَكُمْ قُلْ إِنَّ ٱلْهُدَىٰ هُدَى ٱللَّهِ أَن يُؤْتَىٰٓ أَحَدٌ مِّثْلَ مَآ أُوتِيتُمْ أَوْ يُحَآجُّوكُمْ عِندَ رَبِّكُمْ ۗ قُلْ إِنَّ ٱلْفَضْلَ بِيَدِ ٱللَّهِ يُؤْتِيهِ مَن يَشَآءُ ۗ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ﴿٧٣﴾

74. Раҳмати хешро ба ҳар ки бихоҳад, ихтисос медиҳад; ва Аллоҳ таоло дорои бахшиши бузург [ва беандоза] аст»

يَخْتَصُّ بِرَحْمَتِهِۦ مَن يَشَآءُ ۚ وَٱللَّهُ ذُو ٱلْفَضْلِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٧٤﴾

75. Аз аҳли китоб касе ҳаст, ки агар моли фаровоне ба ӯ амонат диҳӣ, онро ба ту бозмегардонад;

۞ وَمِنْ أَهْلِ ٱلْكِتَٰبِ مَنْ إِن تَأْمَنْهُ بِقِنطَارٍ يُؤَدِّهِۦٓ إِلَيْكَ وَمِنْهُم مَّنْ إِن تَأْمَنْهُ بِدِينَارٍ لَّا يُؤَدِّهِۦٓ إِلَيْكَ إِلَّا مَا دُمْتَ عَلَيْهِ قَآئِمًا

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَالُوا۟ لَيْسَ عَلَيْنَا فِى ٱلْأُمِّيِّـۧنَ سَبِيلٌ وَيَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلْكَذِبَ وَهُمْ يَعْلَمُونَ ﴿٧٥﴾

ва аз [миёни] онон касе ҳаст, ки агар ӯро бар диноре амин бишуморӣ, онро ба ту бознамегардонад; магар он ки пайваста бар [дарёфти] он истодагӣ кунӣ. Ин бад-он хотир аст, ки онон мегӯянд: «Дар мавриди [хурдани амволи] қавми араб, гуноҳе бар мо нест»; ва [бад-ин гуна онон] дар ҳоле ки [ҳақиқатро] медонанд, бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебанданд

بَلَىٰ مَنْ أَوْفَىٰ بِعَهْدِهِۦ وَٱتَّقَىٰ فَإِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿٧٦﴾

76. Оре, [ин кор гуноҳ аст; аммо] ҳар ки ба паймони худ вафо кунад ва парҳезгорӣ намояд, [бидонад, ки] бе тардид, Аллоҳ таоло парҳезгоронро дӯст медорад

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَشْتَرُونَ بِعَهْدِ ٱللَّهِ وَأَيْمَٰنِهِمْ ثَمَنًا قَلِيلًا أُو۟لَٰٓئِكَ لَا خَلَٰقَ لَهُمْ فِى ٱلْءَاخِرَةِ وَلَا يُكَلِّمُهُمُ ٱللَّهُ وَلَا يَنظُرُ إِلَيْهِمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ وَلَا يُزَكِّيهِمْ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٧٧﴾

77. Касоне, ки паймони Аллоҳ таоло [дар бораи иҷрои аҳком] ва савгандҳои худ [дар бораи пайравӣ аз Муҳаммад]-ро ба баҳои ночизе мефурушанд, яқинан баҳрае дар охират нахоҳанд дошт ва Аллоҳ таоло рӯзи қиёмат бо онон сухан намегӯяд ва ба эшон наменигарад ва онҳоро [аз гуноҳ] пок намесозад ва азоби дардноке [дар пеш] доранд

وَإِنَّ مِنْهُمْ لَفَرِيقًا يَلْوُۥنَ أَلْسِنَتَهُم بِٱلْكِتَٰبِ لِتَحْسَبُوهُ مِنَ ٱلْكِتَٰبِ وَمَا هُوَ مِنَ ٱلْكِتَٰبِ وَيَقُولُونَ هُوَ مِنْ عِندِ ٱللَّهِ وَمَا هُوَ مِنْ عِندِ ٱللَّهِ ۖ وَيَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلْكَذِبَ وَهُمْ يَعْلَمُونَ ﴿٧٨﴾

78. Ва гурӯҳе аз онон [яҳудиён] ҳастанд, ки забони худро ба [ҳангоми тиловати] китоби [Таврот] чунон мегардонанд, ки гумон мекунед, [он чи мехонанд, воқеан,] аз [матолиби он] китоб аст, дар ҳоле ки аз он китоб нест; ва [боз ба дурӯғ] мегӯянд: «Он [ҷумалот] аз ҷониби Аллоҳ таоло аст»; дар сурате ки аз ҷониби Аллоҳ таоло нест ва бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебанданд, дар ҳоле ки худ [низ ҳақиқатро] медонанд

مَا كَانَ لِبَشَرٍ أَن يُؤْتِيَهُ ٱللَّهُ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحُكْمَ وَٱلنُّبُوَّةَ ثُمَّ يَقُولَ لِلنَّاسِ كُونُوا۟ عِبَادًا لِّى مِن دُونِ ٱللَّهِ وَلَٰكِن كُونُوا۟ رَبَّٰنِيِّـۧنَ بِمَا كُنتُمْ تُعَلِّمُونَ ٱلْكِتَٰبَ وَبِمَا كُنتُمْ تَدْرُسُونَ ﴿٧٩﴾

79. Барои ҳеҷ башаре сазовор нест, ки Аллоҳ таоло ба ӯ китоб ва ҳукм [донишу фаҳм] ва паёмбарӣ диҳад, сипас ӯ ба мардум бигӯяд: «Ба ҷойи Аллоҳ таоло, бандагони ман бошед». Балки [сазовор аст, ки паёмбарон ба мардум бигӯянд]: «Ба хотири он, ки китоб [-и Таврот]-ро омӯзиш медодед ва аз он ҷо, ки [ақоиду аҳкоми онро ба дигарон] дарс медодед, [фақеҳону донишмандони] илоҳӣ бошед»

وَلَا يَأۡمُرَكُمۡ أَن تَتَّخِذُواْ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةَ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ أَرۡبَابًاۚ أَيَأۡمُرُكُم بِٱلۡكُفۡرِ بَعۡدَ إِذۡ أَنتُم مُّسۡلِمُونَ ٨٠

80. Ва на ин ки ба шумо фармон диҳад, ки фариштагон ва паёмбаронро [ба ҷойи Аллоҳ таоло] соҳибихтиёр [ба парастиш] бигиред. Оё [ин шахс] шуморо пас аз он, ки мусулмон шудед, ба куфр фармон медиҳад?

وَإِذۡ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ لَمَآ ءَاتَيۡتُكُم مِّن كِتَٰبٖ وَحِكۡمَةٖ ثُمَّ جَآءَكُمۡ رَسُولٞ مُّصَدِّقٞ لِّمَا مَعَكُمۡ لَتُؤۡمِنُنَّ بِهِۦ وَلَتَنصُرُنَّهُۥۚ قَالَ ءَأَقۡرَرۡتُمۡ وَأَخَذۡتُمۡ عَلَىٰ ذَٰلِكُمۡ إِصۡرِيۖ قَالُوٓاْ أَقۡرَرۡنَاۚ قَالَ فَٱشۡهَدُواْ وَأَنَا۠ مَعَكُم مِّنَ ٱلشَّٰهِدِينَ ٨١

81. Ва [эй паёмбар, ёд кун аз] ҳангоме ки Аллоҳ таоло аз паёмбарон паймон гирифт [ва фармуд]: «Ҳар гоҳ ба шумо китобу ҳикмате додам, он гоҳ фиристодае [Муҳаммад] ба сӯятон омад, ки он чиро бо шумост, тасдиқ кард, бояд ба ӯ имон оваред ва ёриаш кунед». [Он гоҳ] Фармуд: «Оё иқрор кардед ва паймони муҳками маро дар ин бора пазируфтед»? [Онон] Гуфтанд: «Иқрор кардем». [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Пас, [бар худу умматҳоятон] гувоҳ бошед ва ман [низ] бо шумо аз гувоҳонам»

فَمَن تَوَلَّىٰ بَعۡدَ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَٰسِقُونَ ٨٢

82. Пас, ҳар ки баъд аз ин [паймон, аз аҳди хеш] рӯй бигардонад, ононанд, ки фосиқанд

أَفَغَيۡرَ دِينِ ٱللَّهِ يَبۡغُونَ وَلَهُۥٓ أَسۡلَمَ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ طَوۡعٗا وَكَرۡهٗا وَإِلَيۡهِ يُرۡجَعُونَ ٨٣

83. Оё [кофирон, оине] ба ҷуз дини Аллоҳро мечӯянд? Ҳол он ки ҳар ки [ва ҳар чи] дар осмонҳо ва замин аст - хоҳ ноҳоҳ - сар ба фармони Ӯ ниҳодааст ва [ҳамагӣ] ба сӯйи Ӯ бозгардонда мешаванд

قُلۡ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ وَمَآ أُنزِلَ عَلَيۡنَا وَمَآ أُنزِلَ عَلَىٰٓ إِبۡرَٰهِيمَ وَإِسۡمَٰعِيلَ وَإِسۡحَٰقَ وَيَعۡقُوبَ وَٱلۡأَسۡبَاطِ وَمَآ أُوتِيَ مُوسَىٰ وَعِيسَىٰ وَٱلنَّبِيُّونَ مِن رَّبِّهِمۡ لَا نُفَرِّقُ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّنۡهُمۡ وَنَحۡنُ لَهُۥ مُسۡلِمُونَ ٨٤

84. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Ба Аллоҳ таоло ва он чи бар мо нозил шудааст, имон овардем ва [ҳамчунин ба] он чи бар Иброҳим ва Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва [паёмбароне, ки аз] наводагон [-и Яқуб буданд] нозил гардидааст ва он чи ба Мӯсо ва Исо ва [дигар] паёмбарон аз ҷониби Парвардигорашон дода шудааст; миёни ҳеҷ як аз онон фарқе намегузорем ва таслими Ӯ ҳастем»

وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٨٥

85. Ҳар ки дине ғайр аз ислом баргузинад, ҳаргиз аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёнкорон аст

كَيۡفَ يَهۡدِي ٱللَّهُ قَوۡمٗا كَفَرُواْ بَعۡدَ إِيمَٰنِهِمۡ وَشَهِدُوٓاْ أَنَّ ٱلرَّسُولَ حَقّٞ وَجَآءَهُمُ ٱلۡبَيِّنَٰتُۚ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٨٦

86. Чи гуна Аллоҳ таоло қавмеро ҳидоят мекунад, ки баъд аз имонашон ва [пас аз он ки] гувоҳӣ

доданд ба ин ки паёмбар [-и ислом] барҳақ аст, барояшон далоили равшан омад, кофир шуданд? Ва, албатта, Аллоҳ таоло қавми ситамгорро ҳидоят намекунад

أُوْلَٰٓئِكَ جَزَآؤُهُمْ أَنَّ عَلَيْهِمْ لَعْنَةَ ٱللَّهِ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةِ وَٱلنَّاسِ أَجْمَعِينَ ﴿٨٧﴾

87. Ҷазояшон ин аст, ки лаънати Аллоҳ таоло ва фариштагону мардум ҳамагӣ бар онҳост

خَٰلِدِينَ فِيهَا لَا يُخَفَّفُ عَنْهُمُ ٱلْعَذَابُ وَلَا هُمْ يُنظَرُونَ ﴿٨٨﴾

88. Дар он [лаънат ва азоби онон] ҷовидона боқӣ мемонанд ва на аз азобашон коста мешавад ва на муҳлат [-и узрхоҳӣ] меёбанд

إِلَّا ٱلَّذِينَ تَابُواْ مِنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ وَأَصْلَحُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٨٩﴾

89. Магар касоне, ки пас аз он тавба карданд ва [бо дурусткорӣ, рафторашонро] ислоҳ намуданд; пас, бе гумон, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بَعْدَ إِيمَٰنِهِمْ ثُمَّ ٱزْدَادُواْ كُفْرًا لَّن تُقْبَلَ تَوْبَتُهُمْ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلضَّآلُّونَ ﴿٩٠﴾

90. Ба ростӣ касоне, ки пас аз имони худ кофир шуданд ва бар куфр [-и хеш] афзуданд, ҳаргиз тавбаи онон пазируфта нахоҳад шуд ва ононанд, ки гумроҳанд

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَمَاتُواْ وَهُمْ كُفَّارٌ فَلَن يُقْبَلَ مِنْ أَحَدِهِم مِّلْءُ ٱلْأَرْضِ ذَهَبًا وَلَوِ ٱفْتَدَىٰ بِهِۦٓ ۗ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ وَمَا لَهُم مِّن نَّٰصِرِينَ ﴿٩١﴾

91. Касоне, ки куфр варзиданд ва дар ҳоли куфр аз дунё рафтанд, агарчи рӯйи замин пур аз тилло бошад ва онро ба унвони фидя [ва каффораи аъмоли бади хеш] бипардозанд, ҳаргиз аз ҳеҷ як аз онҳо пазируфта нахоҳад шуд ва муҷозоти дарднок [дар пеш] доранд ва ёвароне нахоҳанд дошт

لَن تَنَالُواْ ٱلْبِرَّ حَتَّىٰ تُنفِقُواْ مِمَّا تُحِبُّونَ ۚ وَمَا تُنفِقُواْ مِن شَىْءٍ فَإِنَّ ٱللَّهَ بِهِۦ عَلِيمٌ ﴿٩٢﴾

92. [Эй муъминон] Ҳаргиз ба [манзалату савоби] накукорӣ даст намеёбед, магар он ки аз он чи дӯст медоред, инфоқ кунед; ва бе тардид, Аллоҳ таоло ба он чи инфоқ мекунед, доност

كُلُّ ٱلطَّعَامِ كَانَ حِلًّا لِّبَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ إِلَّا مَا حَرَّمَ إِسْرَٰٓءِيلُ عَلَىٰ نَفْسِهِۦ مِن قَبْلِ أَن تُنَزَّلَ ٱلتَّوْرَىٰةُ ۗ قُلْ فَأْتُواْ بِٱلتَّوْرَىٰةِ فَٱتْلُوهَآ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٩٣﴾

93. Ҳама ғизоҳо барои Бани Исроил ҳалол буд, магар он чи Исроил (Яъқуб) пеш аз нузули Таврот бар худ ҳаром карда буд. [Эй паёмбар, ба яҳудиён] Бигӯ: «Агар рост мегӯед [ва суханамро бовар надоред], Тавротро биёваред ва онро бихонед»

فَمَنِ ٱفْتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ ٱلْكَذِبَ مِنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٩٤﴾

94. Пас, ҳар ки пас аз он бар Аллоҳ таоло дурӯғ бандад, ононанд, ки ситамгоранд

قُلْ صَدَقَ ٱللَّهُ ۗ فَٱتَّبِعُوا۟ مِلَّةَ إِبْرَٰهِيمَ حَنِيفًا ۖ وَمَا كَانَ مِنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ﴿٩٥﴾

95. [Эй паймбар] Бигӯ: «Аллоҳ таоло [дар мавриди Яъқуб ва ҳар чи нозил фармудааст] рост гуфт; пас, аз оини Иброҳим пайравӣ кунед, ки ҳақгаро буд ва ҳаргиз дар зумраи мушрикон набуд»

إِنَّ أَوَّلَ بَيْتٍ وُضِعَ لِلنَّاسِ لَلَّذِى بِبَكَّةَ مُبَارَكًا وَهُدًى لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿٩٦﴾

96. Дар ҳақиқат, нахустин хонае, ки барои [ибодати] мардум қарор дода шуд, ҳамонест, ки дар Макка қарор дорад, ки пурбаракат ва [мояи] ҳидояти ҷаҳониён аст

فِيهِ ءَايَٰتٌۢ بَيِّنَٰتٌ مَّقَامُ إِبْرَٰهِيمَ ۖ وَمَن دَخَلَهُۥ كَانَ ءَامِنًا ۗ وَلِلَّهِ عَلَى ٱلنَّاسِ حِجُّ ٱلْبَيْتِ مَنِ ٱسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا ۚ وَمَن كَفَرَ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَنِىٌّ عَنِ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٩٧﴾

97. Дар он [хона], нишонаҳои равшан, [аз ҷумла] мақоми Иброҳим аст ва [дигар ин ки] ҳар ки дохили он [ҳарам] шавад, дар амон хоҳад буд; ва бар мардум [воҷиб] аст, ки барои [ибодати] Аллоҳ таоло қасди он хона кунанд [албатта, барои] касе, ки тавоноии [молӣ ва ҷисмӣ] рафтан ба сӯйи онро дорад; ва ҳар ки [ба фаризаи ҳаҷ] куфр варзад, бе тардид, Аллоҳ таоло аз ҷаҳониён бениёз аст

قُلْ يَٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ لِمَ تَكْفُرُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَٱللَّهُ شَهِيدٌ عَلَىٰ مَا تَعْمَلُونَ ﴿٩٨﴾

98. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Эй аҳли китоб, чаро ба Аллоҳ таоло куфр меварзед? Ҳол он ки Аллоҳ таоло бар он чи мекунед, гувоҳ аст»

قُلْ يَٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ لِمَ تَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ مَنْ ءَامَنَ تَبْغُونَهَا عِوَجًا وَأَنتُمْ شُهَدَآءُ ۗ وَمَا ٱللَّهُ بِغَٰفِلٍ عَمَّا تَعْمَلُونَ ﴿٩٩﴾

99. Бигӯ: «Эй аҳли китоб, чаро касеро, ки имон овардааст, аз роҳи Аллоҳ таоло бозмедоред ва онро мунҳариф [раҳгумзадаву гумроҳшуда] мехоҳед? Дар ҳоле ки шумо [худ ба дурустии он] гувоҳед; ва Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, ғофил нест»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِن تُطِيعُوا۟ فَرِيقًا مِّنَ ٱلَّذِينَ أُو۟تُوا۟ ٱلْكِتَٰبَ يَرُدُّوكُم بَعْدَ إِيمَٰنِكُمْ كَٰفِرِينَ ﴿١٠٠﴾

100. Эй касоне, ки имон овардаед, агар аз гурӯҳе аз аҳли китоб итоат кунед, шуморо пас аз имонатон ба куфр бозмегардонанд

وَكَيْفَ تَكْفُرُونَ وَأَنتُمْ تُتْلَىٰ عَلَيْكُمْ ءَايَٰتُ ٱللَّهِ وَفِيكُمْ رَسُولُهُۥ ۗ وَمَن يَعْتَصِم بِٱللَّهِ فَقَدْ هُدِىَ إِلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿١٠١﴾

101. Ва чи гуна шумо кофир мешавед, дар ҳоле ки оёти Аллоҳ таоло бар шумо хонда мешавад ва паёмбараш миёни шумост? Ва

ҳар ки ба [китоби] Аллоҳ таоло [ва суннати паёмбараш] тамассук ҷӯяд, ҳатман, ба роҳи рост ҳидоят шудааст

102. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло - он гуна ки шоистаи парво кардан [тарсидан] аз Ӯст - парво кунед [битарсед] ва ҷуз дар мусулмонӣ намиред

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ حَقَّ تُقَاتِهِۦ وَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم مُّسۡلِمُونَ ١٠٢

103. Ва ҳамагӣ ба ресмони Аллоҳ таоло [Қуръону Суннат] чанг занед ва пароканда нашавед; ва неъмати [бузурги] Аллоҳро бар худ ба ёд ored, ки чи гуна душмани якдигар будед ва ӯ миёни дилҳоятон улфат эҷод кард ва ба [лутфу баракати] неъматаш бародар шудед; ва [пеш аз он ба хотири куфратон] бар остонаи партгоҳи оташ будед, [ки] Аллоҳ таоло шуморо аз он наҷот дод. Аллоҳ таоло, инчунин, оёти худро бароятон ошкор месозад; бошад, ки ҳидоят ёбед

وَٱعۡتَصِمُواْ بِحَبۡلِ ٱللَّهِ جَمِيعٗا وَلَا تَفَرَّقُواْۚ وَٱذۡكُرُواْ نِعۡمَتَ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ إِذۡ كُنتُمۡ أَعۡدَآءٗ فَأَلَّفَ بَيۡنَ قُلُوبِكُمۡ فَأَصۡبَحۡتُم بِنِعۡمَتِهِۦٓ إِخۡوَٰنٗا وَكُنتُمۡ عَلَىٰ شَفَا حُفۡرَةٖ مِّنَ ٱلنَّارِ فَأَنقَذَكُم مِّنۡهَاۗ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمۡ ءَايَٰتِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ ١٠٣

104. Ва [эй муъминон] бояд гуруҳе аз шумо бошанд, ки [мардумро] ба кор [-ҳои] шоиста [ки ақлу дин меписандад] водоранд ва аз зиштӣ боздоранд; ва ононанд, ки растагоранд

وَلۡتَكُن مِّنكُمۡ أُمَّةٞ يَدۡعُونَ إِلَى ٱلۡخَيۡرِ وَيَأۡمُرُونَ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَيَنۡهَوۡنَ عَنِ ٱلۡمُنكَرِۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ١٠٤

105. Ва монанди касоне набошед, ки пас аз он ки далоили равшан барояшон омад, пароканда шуданд ва ихтилоф карданд. Онон азоби бузург [дар пеш] доранд

وَلَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ تَفَرَّقُواْ وَٱخۡتَلَفُواْ مِنۢ بَعۡدِ مَا جَآءَهُمُ ٱلۡبَيِّنَٰتُۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ لَهُمۡ عَذَابٌ عَظِيمٞ ١٠٥

106. Рӯзе, ки чеҳраҳое сапед ва чеҳраҳое сиёҳ мегардад; аммо [ба] онон, ки чеҳраҳояшон сиёҳ шудааст [гуфта мешавад]: «Оё баъд аз имонатон кофир шудед? Пас, ба сабаби он чи куфр меварзидед, азобро бичашед»

يَوۡمَ تَبۡيَضُّ وُجُوهٞ وَتَسۡوَدُّ وُجُوهٞۚ فَأَمَّا ٱلَّذِينَ ٱسۡوَدَّتۡ وُجُوهُهُمۡ أَكَفَرۡتُم بَعۡدَ إِيمَٰنِكُمۡ فَذُوقُواْ ٱلۡعَذَابَ بِمَا كُنتُمۡ تَكۡفُرُونَ ١٠٦

107. Ва аммо онон, ки чеҳраҳояшон сапед гаштааст, дар раҳмати Аллоҳ таоло [дар биҳишти барин] ҷой мегиранд ва дар он ҷовидонанд

وَأَمَّا ٱلَّذِينَ ٱبۡيَضَّتۡ وُجُوهُهُمۡ فَفِي رَحۡمَةِ ٱللَّهِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ١٠٧

تِلْكَ ءَايَٰتُ ٱللَّهِ نَتْلُوهَا عَلَيْكَ بِٱلْحَقِّ ۗ وَمَا ٱللَّهُ يُرِيدُ ظُلْمًا لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿١٠٨﴾

108. [Эй паёмбар] Инҳо оёти Аллоҳ таоло аст, ки онро ба ҳақ бар ту мехонем; ва Аллоҳ таоло [ҳеҷ гоҳ] ситаме барои ҷаҳониён намехоҳад

وَلِلَّهِ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ ۚ وَإِلَى ٱللَّهِ تُرْجَعُ ٱلْأُمُورُ ﴿١٠٩﴾

109. Ва ҳар чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст ва [ҳама] корҳо ба сӯйи Аллоҳ таоло бозгардонда мешавад

كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِٱلْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَتُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ ۗ وَلَوْ ءَامَنَ أَهْلُ ٱلْكِتَٰبِ لَكَانَ خَيْرًا لَّهُم ۚ مِّنْهُمُ ٱلْمُؤْمِنُونَ وَأَكْثَرُهُمُ ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿١١٠﴾

110. [Эй уммати Муҳаммад] Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум падидор шудаед: Ба кори нек фармон медиҳед ва аз кори нописанд бозмедоред ва ба Аллоҳ таоло имон доред; ва агар аҳли китоб [низ] имон меоварданд, ҳатман, барояшон беҳтар буд; бархе аз онон муъминанд ва [аммо] бештарашон [фосиқу] нофармонанд

لَن يَضُرُّوكُمْ إِلَّآ أَذًى ۖ وَإِن يُقَٰتِلُوكُمْ يُوَلُّوكُمُ ٱلْأَدْبَارَ ثُمَّ لَا يُنصَرُونَ ﴿١١١﴾

111. [Фосиқони аҳли китоб] Ҷуз озори андак [ҳамчун таъна ва тамасхур] ҳаргиз зиёне ба шумо нахоҳанд расонд ва агар бо шумо бичанганд, [шикаст мехӯранд ва] ба шумо пушт мекунанд; он гоҳ [низ аз сӯйи ҳеҷ кас] ёрӣ намешаванд

ضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ ٱلذِّلَّةُ أَيْنَ مَا ثُقِفُوٓا۟ إِلَّا بِحَبْلٍ مِّنَ ٱللَّهِ وَحَبْلٍ مِّنَ ٱلنَّاسِ وَبَآءُو بِغَضَبٍ مِّنَ ٱللَّهِ وَضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ ٱلْمَسْكَنَةُ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ كَانُوا۟ يَكْفُرُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَيَقْتُلُونَ ٱلْأَنۢبِيَآءَ بِغَيْرِ حَقٍّ ۚ ذَٰلِكَ بِمَا عَصَوا۟ وَّكَانُوا۟ يَعْتَدُونَ ﴿١١٢﴾

112. [Яҳудиён] Ҳар куҷо ёфт шаванд, [доғи нангу] хорӣ бар онон зада шудааст; магар он ки дар паноҳи амони Аллоҳ таоло ва мардум бошанд; ва онон ба хашме аз Аллоҳ таоло гирифтор шудаанд ва [доғи] дармондагӣ бар онон зада шудааст. Ин бад-он сабаб буд, ки ба оёти Аллоҳ таоло куфр меварзиданд ва паёмбаронро ба ноҳақ мекуштанд; [ва низ] ин [сазо] ба хотири он буд, ки нофармонӣ карданд ва аз ҳудуд [-и илоҳӣ] таҷовуз менамуданд

۞ لَيْسُوا۟ سَوَآءً ۗ مِّنْ أَهْلِ ٱلْكِتَٰبِ أُمَّةٌ قَآئِمَةٌ يَتْلُونَ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ ءَانَآءَ ٱلَّيْلِ وَهُمْ يَسْجُدُونَ ﴿١١٣﴾

113. [Вале ҳамаи онон] Яксон нестанд. Гурӯҳе аз аҳли китоб ҳастанд, ки дурусткоранд, [ва] дар дили шаб, дар ҳоле ки ба намоз истодаанд, оёти Аллоҳро мехонанд

يُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ وَيَأْمُرُونَ بِٱلْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَيُسَٰرِعُونَ فِى ٱلْخَيْرَٰتِ ۖ وَأُو۟لَٰٓئِكَ مِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ﴿١١٤﴾

114. [Бархе аз] Онон ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон доранд ва [мардумро] ба некӣ

амр мекунанд ва аз бадӣ бозмедоранд ва дар [анҷоми] корҳои нек мешитобанд ва ононанд, ки аз шоистагонанд

115. Ва ҳар кори неке, ки анҷом диҳанд, ҳаргиз дар бораи он носипосӣ нахоҳанд дид; ва Аллоҳ таоло ба [ҳоли] парҳезгорон доност

وَمَا يَفْعَلُواْ مِنْ خَيْرٍ فَلَن يُكْفَرُوهُۗ وَٱللَّهُ عَلِيمُۢ بِٱلْمُتَّقِينَ ﴿١١٥﴾

116. Бе гумон касоне, ки куфр варзиданд, ҳаргиз амволу фарзандонашон чизе аз [азоби] Аллоҳро аз эшон дафъ нахоҳад кард ва онон аҳли оташанд [ва] ҷовидона дар он мемонанд

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَن تُغْنِيَ عَنْهُمْ أَمْوَٰلُهُمْ وَلَآ أَوْلَٰدُهُم مِّنَ ٱللَّهِ شَيْـًٔاۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿١١٦﴾

117. Масали он чи [кофирон] дар ин зиндагии дунё инфоқ мекунанд, ҳаммонанди боде аст, ки сармои сахте бо худ дорад ва ба киштзори қавме, ки бар худ ситам кардаанд, мерасад ва нобудашон месозад. Аллоҳ таоло ба онон ситам накардааст, балки эшон худ бар хештан ситам кардаанд

مَثَلُ مَا يُنفِقُونَ فِي هَٰذِهِ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا كَمَثَلِ رِيحٍ فِيهَا صِرٌّ أَصَابَتْ حَرْثَ قَوْمٍ ظَلَمُوٓاْ أَنفُسَهُمْ فَأَهْلَكَتْهُۚ وَمَا ظَلَمَهُمُ ٱللَّهُ وَلَٰكِنْ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ ﴿١١٧﴾

118. Эй касоне, ки имон овардаед, аз ғайри худатон [дӯсту] ҳамроз нагиред. Онон аз ҳеҷ нобакорӣ [ва шарре] дар ҳаққи шумо кӯтоҳӣ намекунанд [ва] дӯст доранд, ки шумо дар ранҷу заҳмат бошед. Дар ҳақиқат, [нишонаҳои] душманӣ аз гуфторашон ошкор аст ва он чи дар дилҳояшон пинҳон медоранд бузургтар аст. Агар бияндешед, ҳатман, [хоҳед донист, ки] мо нишонаҳо [-и пандомӯз ва роҳи саодати дунё ва охират]-ро бароятон ба равшанӣ баён кардаем

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ بِطَانَةً مِّن دُونِكُمْ لَا يَأْلُونَكُمْ خَبَالًا وَدُّواْ مَا عَنِتُّمْ قَدْ بَدَتِ ٱلْبَغْضَآءُ مِنْ أَفْوَٰهِهِمْ وَمَا تُخْفِي صُدُورُهُمْ أَكْبَرُۚ قَدْ بَيَّنَّا لَكُمُ ٱلْأٓيَٰتِۖ إِن كُنتُمْ تَعْقِلُونَ ﴿١١٨﴾

119. Ҳон! Шумо [эй муъминон] касоне ҳастед, ки ононро дӯст доред, дар ҳоле ки онҳо шуморо дӯст надоранд ва шумо ба ҳама китоб [-ҳои осмонӣ] имон доред [вале онон ба Қуръон имон надоранд]; ва чун бо шумо мулоқот мекунанд, мегӯянд: «Имон овардаем» ва чун танҳо мешаванд, аз шиддати хашм бар шумо сарангуштон [-и худ]-ро ба дандон мегазанд.

هَٰٓأَنتُمْ أُوْلَآءِ تُحِبُّونَهُمْ وَلَا يُحِبُّونَكُمْ وَتُؤْمِنُونَ بِٱلْكِتَٰبِ كُلِّهِۦ وَإِذَا لَقُوكُمْ قَالُوٓاْ ءَامَنَّا وَإِذَا خَلَوْاْ عَضُّواْ عَلَيْكُمُ ٱلْأَنَامِلَ مِنَ ٱلْغَيْظِۚ قُلْ مُوتُواْ بِغَيْظِكُمْۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمُۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ﴿١١٩﴾

[Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Ба хашми худ бимиред». Бе гумон, Аллоҳ таоло ба [рози] даруни синаҳо доност

إِن تَمۡسَسۡكُمۡ حَسَنَةٞ تَسُؤۡهُمۡ وَإِن تُصِبۡكُمۡ سَيِّئَةٞ يَفۡرَحُواْ بِهَاۖ وَإِن تَصۡبِرُواْ وَتَتَّقُواْ لَا يَضُرُّكُمۡ كَيۡدُهُمۡ شَيۡـًٔاۗ إِنَّ ٱللَّهَ بِمَا يَعۡمَلُونَ مُحِيطٞ ١٢٠

120. [Эй муъминон] Агар ба шумо некӣ [ва хушӣ] расад, ононро андӯҳгин месозад ва агар ба шумо бадӣ [ва газанде] расад, бад-он шодмон мешаванд; ва агар [бар тақдири илоҳӣ] сабру парҳезгорӣ намоед, макру найрангашон ҳеҷ зиёне ба шумо намерасонад, [чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло ба он чи мекунанд, иҳота дорад

وَإِذۡ غَدَوۡتَ مِنۡ أَهۡلِكَ تُبَوِّئُ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ مَقَٰعِدَ لِلۡقِتَالِۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ١٢١

121. Ва [эй паёмбар, ба ёд овар] замоне, ки [дар ҷанги Уҳуд] бомдодон аз хона ва кошонаат берун омадӣ, [ва] муъминонро барои ҷангидан дар мавозеи худ мегуморидӣ; ва Аллоҳ таоло шунавову доност

إِذۡ هَمَّت طَّآئِفَتَانِ مِنكُمۡ أَن تَفۡشَلَا وَٱللَّهُ وَلِيُّهُمَاۗ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلۡيَتَوَكَّلِ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ١٢٢

122. Ва [ба ёд овар] ҳангоме ки ду гурӯҳ аз шумо [Бани Салама ва Бани Ҳориса] хостанд сустӣ варзанд [ва ҳамроҳи мунофиқон ба Мадина бозгарданд]; вале Аллоҳ таоло ёвар [-у нигаҳдор]-и онон буд; ва муъминон бояд танҳо бар Аллоҳ таоло таваккал кунанд

وَلَقَدۡ نَصَرَكُمُ ٱللَّهُ بِبَدۡرٖ وَأَنتُمۡ أَذِلَّةٞۖ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ١٢٣

123. Ва [эй муъминон] бе гумон, Аллоҳ таоло шуморо дар [ҷанги] Бадр дар ҳоле ёрӣ кард, ки [ба сабаби камбуди афрод ва аслиҳа] нотавон будед; пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед; бошад, ки сипос гузоред

إِذۡ تَقُولُ لِلۡمُؤۡمِنِينَ أَلَن يَكۡفِيَكُمۡ أَن يُمِدَّكُمۡ رَبُّكُم بِثَلَٰثَةِ ءَالَٰفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُنزَلِينَ ١٢٤

124. [Эй паёмбар, ба ёд овар] он гоҳ ки ба муъминон мегуфтӣ: «Оё бароятон кофӣ нест, ки Парвардигоратон шуморо бо се ҳазор фариштa, ки [аз осмон] фуруд меоянд, ёрӣ кунад»

بَلَىٰٓۚ إِن تَصۡبِرُواْ وَتَتَّقُواْ وَيَأۡتُوكُم مِّن فَوۡرِهِمۡ هَٰذَا يُمۡدِدۡكُمۡ رَبُّكُم بِخَمۡسَةِ ءَالَٰفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُسَوِّمِينَ ١٢٥

125. Оре, агар шикебоиву порсоӣ кунед ва душманон дар ин [ҳаяҷон ва] шитоби хеш бар шумо битозанд, Парвардигоратон шуморо бо панҷ ҳазор фариштаи нишондор ёрӣ хоҳад кард

وَمَا جَعَلَهُ ٱللَّهُ إِلَّا بُشۡرَىٰ لَكُمۡ وَلِتَطۡمَئِنَّ قُلُوبُكُم بِهِۦۚ وَمَا ٱلنَّصۡرُ إِلَّا مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ ٱلۡعَزِيزِ ٱلۡحَكِيمِ ١٢٦

126. Ва Аллоҳ таоло он [ёрӣ]-ро ҷуз башорате барои [пирӯзии] шумо қарор надод, то [бад-ин васила] дилҳоятон бад-он оромиш гирад; ва [-гарна] пирӯзӣ ҷуз аз ҷониби Аллоҳи шикастнопазиру ҳаким нест

لِيَقۡطَعَ طَرَفٗا مِّنَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَوۡ يَكۡبِتَهُمۡ فَيَنقَلِبُواْ خَآئِبِينَ ١٢٧

127. [Ин пирӯзӣ барои он буд] То [Аллоҳ таоло] гурӯҳе аз касонеро, ки куфр варзиданд, ҳалок созад, ё хору мағлубашон намояд, то маъюс [ва хор ба Макка] бозгарданд

لَيۡسَ لَكَ مِنَ ٱلۡأَمۡرِ شَيۡءٌ أَوۡ يَتُوبَ عَلَيۡهِمۡ أَوۡ يُعَذِّبَهُمۡ فَإِنَّهُمۡ ظَٰلِمُونَ ١٢٨

128. [Эй паёмбар] Ҳеҷ чизе аз кор [-и бандагон] дар дасти ту нест; ё [Аллоҳ таоло] тавбаи онон [мушрикон]-ро мепазирад [ва аз гуноҳашон дармегузарад] ё азобашон мекунад; зеро онон ситамгоранд

وَلِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ يَغۡفِرُ لِمَن يَشَآءُ وَيُعَذِّبُ مَن يَشَآءُۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ١٢٩

129. Он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст. Ӯ ҳар киро, ки бихоҳад [ба раҳмат] меомурзад ва ҳар киро бихоҳад [ба адолат] азоб мекунад; ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَأۡكُلُواْ ٱلرِّبَوٰٓاْ أَضۡعَٰفٗا مُّضَٰعَفَةٗۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ١٣٠

130. Эй касоне, ки имон овардаед, риборо [бо суди] чанд баробар нахӯред ва аз Аллоҳ таоло парво кунед; бошад, ки растагор шавед

وَٱتَّقُواْ ٱلنَّارَ ٱلَّتِيٓ أُعِدَّتۡ لِلۡكَٰفِرِينَ ١٣١

131. Ва аз оташе, ки барои кофирон омода шудааст, бипарҳезед

وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ١٣٢

132. Ва аз Аллоҳу паёмбар итоат кунед; бошад, ки мавриди раҳмат [-и Аллоҳ таоло] қарор гиред

وَسَارِعُوٓاْ إِلَىٰ مَغۡفِرَةٖ مِّن رَّبِّكُمۡ وَجَنَّةٍ عَرۡضُهَا ٱلسَّمَٰوَٰتُ وَٱلۡأَرۡضُ أُعِدَّتۡ لِلۡمُتَّقِينَ ١٣٣

133. Ва ба сӯйи омурзиши Парвардигоратон ва биҳиште бишитобед, ки густура [паҳно]-и он [ба андозаи] осмонҳо ва замин аст [ва] барои парҳезгорон муҳайё шудааст

ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ فِي ٱلسَّرَّآءِ وَٱلضَّرَّآءِ وَٱلۡكَٰظِمِينَ ٱلۡغَيۡظَ وَٱلۡعَافِينَ عَنِ ٱلنَّاسِۗ وَٱللَّهُ يُحِبُّ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١٣٤

134. Он касоне, ки дар [ҳангоми] тавонгарӣ ва тангдастӣ инфоқ мекунанд ва хашми худро фурӯ мебаранд ва аз мардум дармегузаранд; ва Аллоҳ таоло накукоронро дӯст медорад

وَٱلَّذِينَ إِذَا فَعَلُوا۟ فَٰحِشَةً أَوْ ظَلَمُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ ذَكَرُوا۟ ٱللَّهَ فَٱسْتَغْفَرُوا۟ لِذُنُوبِهِمْ وَمَن يَغْفِرُ ٱلذُّنُوبَ إِلَّا ٱللَّهُ وَلَمْ يُصِرُّوا۟ عَلَىٰ مَا فَعَلُوا۟ وَهُمْ يَعْلَمُونَ ﴿١٣٥﴾

135. Ва [ҳамон] касоне, ки чун муртакиб [-и гуноҳи бузург ва] кори зиште шуданд ё [бо анҷоми дигар гуноҳон] бар худ ситам карданд, Аллоҳро ба ёд меоваранд ва барои гуноҳонашон омурзиш мехоҳанд - ва ҷуз Аллоҳ таоло чи касе гуноҳонро меомурзад? - Ва бар он чи кардаанд пофишорӣ намекунанд, дар ҳоле ки медонанд [гунаҳкоранд ва Аллоҳ таоло бахшоянда ва тавбапазир аст]

أُو۟لَٰٓئِكَ جَزَآؤُهُم مَّغْفِرَةٌ مِّن رَّبِّهِمْ وَجَنَّٰتٌ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا ۚ وَنِعْمَ أَجْرُ ٱلْعَٰمِلِينَ ﴿١٣٦﴾

136. Подоши эшон омурзише аз [ҷониби] Парвардигорашон аст ва боғҳое, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорӣ аст; ҷовидона дар он мемонанд; ва подоши [накукорон ва] аҳли амал чӣ накуст!

قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِكُمْ سُنَنٌ فَسِيرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ فَٱنظُرُوا۟ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلْمُكَذِّبِينَ ﴿١٣٧﴾

137. [Эй осебдидагони Уҳуд] Бе тардид, пеш аз шумо [низ миллатҳо ва] суннатҳое гузаштааст; пас, дар замин бигардед ва бингаред, ки саранҷоми такзибкунандагон [-и оёти илоҳӣ] чи гуна будааст

هَٰذَا بَيَانٌ لِّلنَّاسِ وَهُدًى وَمَوْعِظَةٌ لِّلْمُتَّقِينَ ﴿١٣٨﴾

138. Ин [Қуръон] баёни ошкор барои мардум ва ҳидояту андарзе барои парҳезгорон аст

وَلَا تَهِنُوا۟ وَلَا تَحْزَنُوا۟ وَأَنتُمُ ٱلْأَعْلَوْنَ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿١٣٩﴾

139. Ва [эй муъминон, аз ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ таоло] суст нашавед ва андӯҳгин нагардед; ва [бидонед, ки] агар имон дошта бошед, шумо бартаред

إِن يَمْسَسْكُمْ قَرْحٌ فَقَدْ مَسَّ ٱلْقَوْمَ قَرْحٌ مِّثْلُهُۥ ۚ وَتِلْكَ ٱلْأَيَّامُ نُدَاوِلُهَا بَيْنَ ٱلنَّاسِ وَلِيَعْلَمَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَيَتَّخِذَ مِنكُمْ شُهَدَآءَ ۗ وَٱللَّهُ لَا يُحِبُّ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٤٠﴾

140. Агар [дар Уҳуд] ба шумо газанде расид, ба душманони шумо низ [дар ҷанги Бадр ба ҳамон шакл] осеб расид [пас, муқовимат кунед]. Мо ин рӯзҳо [-и шикасту пирӯзӣ]-ро миёни мардум мегардонем, то Аллоҳ таоло, муъминон [-и воқеӣ]-ро маълум дорад ва аз шумо муъминон [онеро, ки собитқадам аст] бар дигарон гувоҳ гирад; ва Аллоҳ таоло ситамгоронро дӯст намедорад

وَلِيُمَحِّصَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَيَمْحَقَ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿١٤١﴾

141. Ва [моҷарои Уҳуд василаи имтиҳон буд] то Аллоҳ таоло касонеро, ки имон овардаанд [аз

гуноҳонашон пок кунад] ва холис гардонад ва кофиронро нобуд созад

أَمْ حَسِبْتُمْ أَن تَدْخُلُواْ ٱلْجَنَّةَ وَلَمَّا يَعْلَمِ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ جَٰهَدُواْ مِنكُمْ وَيَعْلَمَ ٱلصَّٰبِرِينَ ﴿١٤٢﴾

142. [Эй асҳоби Муҳаммад], оё пиндоштаед, ки [танҳо бо иддаои имон] ба биҳишт меравед, ҳол он ки Аллоҳ таоло ҳанӯз ҷиҳодгарону шикебоёни шуморо маълум надоштааст?

وَلَقَدْ كُنتُمْ تَمَنَّوْنَ ٱلْمَوْتَ مِن قَبْلِ أَن تَلْقَوْهُ فَقَدْ رَأَيْتُمُوهُ وَأَنتُمْ تَنظُرُونَ ﴿١٤٣﴾

143. Ва [эй муъминон] ба ростӣ, ки пеш аз рӯёрӯ шудан бо марг [дар ғазваи Уҳуд] орзуи шаҳодат доштед. Саранҷом он [маъракаи ҷанг]-ро дидед ва [акнун пешорӯйи шумост ва] ба он менигаред

وَمَا مُحَمَّدٌ إِلَّا رَسُولٌ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِ ٱلرُّسُلُ ۚ أَفَإِيْن مَّاتَ أَوْ قُتِلَ ٱنقَلَبْتُمْ عَلَىٰٓ أَعْقَٰبِكُمْ ۚ وَمَن يَنقَلِبْ عَلَىٰ عَقِبَيْهِ فَلَن يَضُرَّ ٱللَّهَ شَيْـًٔا ۗ وَسَيَجْزِى ٱللَّهُ ٱلشَّٰكِرِينَ ﴿١٤٤﴾

144. Ва Муҳаммад ҷуз фиристодае нест, ки пеш аз ӯ [низ] фиристодагоне [буданд ва] гузаштанд. Оё агар ӯ бимирад ё кушта шавад, ба ақиб бозмегардед [ва дини худро раҳо мекунед]? Ва ҳар ки [аз ақидаи ростини худ] бозгардад, [бидонад, ки] ҳаргиз ба Аллоҳ таоло зиёне намерасонад ва [ба зудӣ] Аллоҳ таоло сипосгузоронро подош хоҳад дод

وَمَا كَانَ لِنَفْسٍ أَن تَمُوتَ إِلَّا بِإِذْنِ ٱللَّهِ كِتَٰبًا مُّؤَجَّلًا ۗ وَمَن يُرِدْ ثَوَابَ ٱلدُّنْيَا نُؤْتِهِۦ مِنْهَا وَمَن يُرِدْ ثَوَابَ ٱلْءَاخِرَةِ نُؤْتِهِۦ مِنْهَا ۚ وَسَنَجْزِى ٱلشَّٰكِرِينَ ﴿١٤٥﴾

145. Ва ҳеҷ касе ҷуз ба фармони Аллоҳ таоло намемирад, [чаро ки марг] сарнавиште аст замондор [ва муайян]; ва ҳар ки подоши ин дунёро бихоҳад, насибаш мекунем ва ҳар ки подоши охиратро бихоҳад [низ] насибаш хоҳем кард ва [ба зудӣ] сипосгузоронро подош хоҳем дод

وَكَأَيِّن مِّن نَّبِيٍّ قَٰتَلَ مَعَهُۥ رِبِّيُّونَ كَثِيرٌ فَمَا وَهَنُواْ لِمَآ أَصَابَهُمْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَمَا ضَعُفُواْ وَمَا ٱسْتَكَانُواْ ۗ وَٱللَّهُ يُحِبُّ ٱلصَّٰبِرِينَ ﴿١٤٦﴾

146. Ва чи бисёр паёмбароне, ки тӯдаҳои анбӯҳе ҳамроҳашон набард карданд; онон ҳеҷ гоҳ дар баробари [сахтиҳо ва] он чи, ки дар роҳи Аллоҳ таоло ба эшон расид, сустӣ наварзиданд ва [дар муқобили душман] дармонда нашуданд; ва Аллоҳ таоло шикебоёнро дӯст медорад

وَمَا كَانَ قَوْلَهُمْ إِلَّآ أَن قَالُواْ رَبَّنَا ٱغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا وَإِسْرَافَنَا فِىٓ أَمْرِنَا وَثَبِّتْ أَقْدَامَنَا وَٱنصُرْنَا عَلَى ٱلْقَوْمِ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿١٤٧﴾

147. Ва суханашон танҳо ин буд, ки: «Парвардигоро, гуноҳонамонро биёмурз ва аз зиёдаравии мо дар корамон [даргузар] ва гомҳоямонро

устувор бидор ва моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон»

فَـَٔاتَىٰهُمُ ٱللَّهُ ثَوَابَ ٱلدُّنۡيَا وَحُسۡنَ ثَوَابِ ٱلۡأٓخِرَةِۗ وَٱللَّهُ يُحِبُّ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١٤٨

148. Пас Аллоҳ таоло, подоши ин дунё ва подоши неки охиратро ба онон ато кард; ва Аллоҳ таоло накукоронро дӯст медорад

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تُطِيعُواْ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ يَرُدُّوكُمۡ عَلَىٰٓ أَعۡقَـٰبِكُمۡ فَتَنقَلِبُواْ خَـٰسِرِينَ ١٤٩

149. Эй касоне, ки имон овардаед, агар аз касоне, ки куфр варзидаанд, итоат кунед, шуморо [ба куфр] бозмегардонанд, онгоҳ [дар дунё ва охират] зиёндида мегардед

بَلِ ٱللَّهُ مَوۡلَىٰكُمۡۖ وَهُوَ خَيۡرُ ٱلنَّـٰصِرِينَ ١٥٠

150. [Бар кофирон такя накунед], балки Аллоҳ таоло [ёру] корсози шумост ва Ӯ беҳтарин ёригарон аст

سَنُلۡقِي فِي قُلُوبِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱلرُّعۡبَ بِمَآ أَشۡرَكُواْ بِٱللَّهِ مَا لَمۡ يُنَزِّلۡ بِهِۦ سُلۡطَـٰنٗاۖ وَمَأۡوَىٰهُمُ ٱلنَّارُۖ وَبِئۡسَ مَثۡوَى ٱلظَّـٰلِمِينَ ١٥١

151. Ба зудӣ дар дилҳои касоне, ки куфр варзиданд, биму ҳарос хоҳем афканд; бад-ин хотир, ки чизеро шарики Аллоҳ таоло қарор додаанд, ки ҳеҷ далеле бар [ҳаққонияти] он нозил накардааст; ва ҷойгоҳашон оташ аст ва ҷойгоҳи ситамгорон чӣ бад аст!

وَلَقَدۡ صَدَقَكُمُ ٱللَّهُ وَعۡدَهُۥٓ إِذۡ تَحُسُّونَهُم بِإِذۡنِهِۦۖ حَتَّىٰٓ إِذَا فَشِلۡتُمۡ وَتَنَـٰزَعۡتُمۡ فِي ٱلۡأَمۡرِ وَعَصَيۡتُم مِّنۢ بَعۡدِ مَآ أَرَىٰكُم مَّا تُحِبُّونَۚ مِنكُم مَّن يُرِيدُ ٱلدُّنۡيَا وَمِنكُم مَّن يُرِيدُ ٱلۡأٓخِرَةَۚ ثُمَّ صَرَفَكُمۡ عَنۡهُمۡ لِيَبۡتَلِيَكُمۡۖ وَلَقَدۡ عَفَا عَنكُمۡۗ وَٱللَّهُ ذُو فَضۡلٍ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ١٥٢

152. Ва он гоҳ ки [дар оғози ҷанги Уҳуд] ба фармони Ӯ онон [кофирон]-ро мекуштед, ба ростӣ, Аллоҳ таоло ваъдаи худро ба шумо таҳаққуқ бахшид, то [тарсидед ва дар ҳифзи мавқеияти худ] суст шудед ва дар кор [-и ҷангу ҷамъоварии ғанимат] бо якдигар ба низоъ пардохтед; ва пас аз он ки [Аллоҳ таоло] он чиро дӯст медоштед [пирӯзӣ], ба шумо нишон дод, [аз дастури паёмбар] сарпечӣ кардед; бархе аз шумо хоҳони дунё буданд ва бархе хоҳони охират. Сипас [Аллоҳ таоло] барои он ки шуморо биёзмояд, аз [таъқиби] онон мунсариф [рӯгардон]-атон атон кард [ва пирӯзиятон ба шикаст анҷомид] ва [чун аз гуноҳ ва кӯтоҳии худ дар нофармонӣ аз расул пушаймон шудед] аз шумо даргузашт; ва Аллоҳ таоло нисбат ба муъминон бахшоиш [-и бисёр] дорад

إِذْ تُصْعِدُونَ وَلَا تَلْوُۥنَ عَلَىٰٓ أَحَدٍ وَٱلرَّسُولُ يَدْعُوكُمْ فِىٓ أُخْرَىٰكُمْ فَأَثَٰبَكُمْ غَمًّۢا بِغَمٍّ لِّكَيْلَا تَحْزَنُوا۟ عَلَىٰ مَا فَاتَكُمْ وَلَا مَآ أَصَٰبَكُمْ ۗ وَٱللَّهُ خَبِيرٌۢ بِمَا تَعْمَلُونَ ﴿١٥٣﴾

153. Ва [эй муъминон, ба ёд оваред] ҳангоме ки [дар ҳоли гурез аз кӯҳ] боло мерафтед ва [чунон тарсида будед, ки] ба ҳеҷ кас таваҷҷуҳ намекардед ва паёмбар [ки дар майдони ҷанг муқовимат мекард] аз пушти саратон шуморо садо мезад [ки: «Эй бандагони Аллоҳ таоло, ба сӯйи ман бишитобед»; вале шумо таваҷҷуҳ намекардед]; пас, [Аллоҳ таоло низ] бо андӯҳе дар пайи андӯҳи [дигар] муҷозотатон кард. Ин бад-ин хотир буд, ки бар он чи аз даст додаед [пирӯзӣ ва ғанимат] ва он чи бар саратон омадааст [шикасту тарс], андӯҳгин нашавед ва [бидонед, ки] Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, огоҳ аст

ثُمَّ أَنزَلَ عَلَيْكُم مِّنۢ بَعْدِ ٱلْغَمِّ أَمَنَةً نُّعَاسًا يَغْشَىٰ طَآئِفَةً مِّنكُمْ ۖ وَطَآئِفَةٌ قَدْ أَهَمَّتْهُمْ أَنفُسُهُمْ يَظُنُّونَ بِٱللَّهِ غَيْرَ ٱلْحَقِّ ظَنَّ ٱلْجَٰهِلِيَّةِ ۖ يَقُولُونَ هَل لَّنَا مِنَ ٱلْأَمْرِ مِن شَىْءٍ ۗ قُلْ إِنَّ ٱلْأَمْرَ كُلَّهُۥ لِلَّهِ ۗ يُخْفُونَ فِىٓ أَنفُسِهِم مَّا لَا يُبْدُونَ لَكَ ۖ يَقُولُونَ لَوْ كَانَ لَنَا مِنَ ٱلْأَمْرِ شَىْءٌ مَّا قُتِلْنَا هَٰهُنَا ۗ قُل لَّوْ كُنتُمْ فِى بُيُوتِكُمْ لَبَرَزَ ٱلَّذِينَ كُتِبَ عَلَيْهِمُ ٱلْقَتْلُ إِلَىٰ مَضَاجِعِهِمْ ۖ وَلِيَبْتَلِىَ ٱللَّهُ مَا فِى صُدُورِكُمْ وَلِيُمَحِّصَ مَا فِى قُلُوبِكُمْ ۚ وَٱللَّهُ عَلِيمٌۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ﴿١٥٤﴾

154. Сипас [Аллоҳ таоло] баъд аз он андӯҳ оромише бар шумо фурӯ фиристод, [ба гунае] ки гурӯҳе аз шуморо [ба сабаби итминону оромише, ки дар дилҳояшон буд] хоби сабук фаро гирифт ва гурӯҳи дигар [мунофиқин] танҳо дар фикри ҷони худ буданд ва дар бораи Аллоҳ таоло гумонҳои нораво [ва ботиле] ҳамчун гумонҳои [даврони] ҷоҳилият доштанд. Онон мегуфтанд: «Оё мо дар ин кор ихтиёре дорем»? [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Ҳамаи корҳо [ва шикасту пирӯзӣ] ба дасти Аллоҳ таоло аст». Онҳо чизеро дар дилҳояшон пинҳон медоранд, ки барои ту ошкор намесозанд, [ва] мегӯянд: «Агар дар ин кор ихтиёр доштем, дар ин ҷо кушта намешудем». Бигӯ: «Агар шумо дар хонаҳои худ низ будед, касоне, ки кушта шудан бар онон муқаррар шуда буд, ҳатман, [бо пойи худ] ба сӯйи қатлгоҳҳои хеш мерафтанд». Ва [ин рӯйдодҳо] барои он аст, ки Аллоҳ таоло он чиро дар синаҳоятон [пинҳон] дорад [дар амал] биёзмояд ва он чиро дар дилҳоятон аст, пок гардонад; ва Аллоҳ таоло ба [рози] даруни синаҳо доност

إِنَّ ٱلَّذِينَ تَوَلَّوْا۟ مِنكُمْ يَوْمَ ٱلْتَقَى ٱلْجَمْعَانِ إِنَّمَا ٱسْتَزَلَّهُمُ ٱلشَّيْطَٰنُ بِبَعْضِ مَا كَسَبُوا۟ ۖ وَلَقَدْ عَفَا ٱللَّهُ عَنْهُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ حَلِيمٌ ﴿١٥٥﴾

155. [Эй асҳоби паёмбар] Афроде аз шумо, ки дар рӯзи бархӯрди ду гурӯҳ [мусулмонон

ва кофирон дар ҷанги Уҳуд] фирор карданд, дар ҳақиқат шайтон ононро ба сабаби баъзе аз кирдор [ва гуноҳон]-е, ки муртакиб шуда буданд, ба инҳироф кашонд ва, ҳатман, Аллоҳ таоло аз онон даргузашт. Бе гумон, Аллоҳ таоло омурзандаи бурдбор аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَقَالُواْ لِإِخۡوَٰنِهِمۡ إِذَا ضَرَبُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ أَوۡ كَانُواْ غُزّٗى لَّوۡ كَانُواْ عِندَنَا مَا مَاتُواْ وَمَا قُتِلُواْ لِيَجۡعَلَ ٱللَّهُ ذَٰلِكَ حَسۡرَةٗ فِي قُلُوبِهِمۡۗ وَٱللَّهُ يُحۡيِۦ وَيُمِيتُۗ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ١٥٦

156. Эй касоне, ки имон овардаед, монанди афроде набошед, ки куфр варзиданд ва дар бораи бародаронашон - ҳангоме ки [дар пайи касби рӯзӣ] ба сафар рафтанд [ва мурданд] ё дар ҷанг ширкат карданд [ва кушта шуданд] - гуфтанд: «Агар онон назди мо буданд, намемурданд ва кушта намешуданд». [Ин эътиқод дар вуҷудашон ниҳода шуд] То Аллоҳ таоло [бад-ин гуна андӯҳ ва] ҳасрате дар дилҳояшон қарор диҳад; ва Аллоҳ таоло [аст, ки] зинда мекунад ва мемиронад; ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, биност

وَلَئِن قُتِلۡتُمۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ أَوۡ مُتُّمۡ لَمَغۡفِرَةٞ مِّنَ ٱللَّهِ وَرَحۡمَةٌ خَيۡرٞ مِّمَّا يَجۡمَعُونَ ١٥٧

157. Ва агар дар роҳи Аллоҳ таоло кушта шавед ё бимиред, ҳатман, омурзиш ва раҳмати Аллоҳ таоло беҳтар аст аз чизе [ки] онон [дунёдӯстон] ҷамъ мекунанд

وَلَئِن مُّتُّمۡ أَوۡ قُتِلۡتُمۡ لَإِلَى ٱللَّهِ تُحۡشَرُونَ ١٥٨

158. Ва агар бимиред ё [дар арсаи ҷиҳод] кушта шавед, яқинан ба сӯйи Аллоҳ таоло маҳшур мешавед

فَبِمَا رَحۡمَةٖ مِّنَ ٱللَّهِ لِنتَ لَهُمۡۖ وَلَوۡ كُنتَ فَظًّا غَلِيظَ ٱلۡقَلۡبِ لَٱنفَضُّواْ مِنۡ حَوۡلِكَۖ فَٱعۡفُ عَنۡهُمۡ وَٱسۡتَغۡفِرۡ لَهُمۡ وَشَاوِرۡهُمۡ فِي ٱلۡأَمۡرِۖ فَإِذَا عَزَمۡتَ فَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُتَوَكِّلِينَ ١٥٩

159. [Эй паёмбар] Ба [сабаби] раҳмати илоҳӣ аст, ки ту бо онон [асҳоб] нармхӯ [ва меҳрубон] шудӣ; ва агар тундхӯ ва сангдил будӣ, ҳатман, аз атрофат пароканда мешуданд; пас, аз эшон даргузар ва барояшон омурзиш бихоҳ ва дар корҳо бо онон машварат кун ва он гоҳ ки тасмим [бар анҷоми коре] гирифтӣ, бар Аллоҳ таоло таваккал кун; [чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло таваккалкунандагонро дӯст медорад

إِن يَنصُرۡكُمُ ٱللَّهُ فَلَا غَالِبَ لَكُمۡۖ وَإِن يَخۡذُلۡكُمۡ فَمَن ذَا ٱلَّذِي يَنصُرُكُم مِّنۢ بَعۡدِهِۦۗ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلۡيَتَوَكَّلِ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ١٦٠

160. Агар Аллоҳ таоло шуморо ёрӣ кунад, ҳеҷ кас бар шумо пирӯз нахоҳад шуд ва [аммо] агар

шуморо ба худ вогузорад, кист, ки пас аз Ӯ ёриатон кунад? Ва муъминон бояд танҳо бар Аллоҳ таоло таваккал кунанд

وَمَا كَانَ لِنَبِيٍّ أَن يَغُلَّ ۚ وَمَن يَغْلُلْ يَأْتِ بِمَا غَلَّ يَوْمَ ٱلْقِيَـٰمَةِ ۚ ثُمَّ تُوَفَّىٰ كُلُّ نَفْسٍ مَّا كَسَبَتْ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ ﴿١٦١﴾

161. Ва сазовор нест ҳеҷ паёмбаре [бо гирифтани саҳми изофӣ аз ғаноим ба асҳобаш] хиёнат кунад; ва ҳар ки хиёнат кунад, рӯзи қиёмат, бо он чи [дар он] хиёнат кардааст, меояд; сипас ба ҳар кас подоши ҳар чи [аз неку бад] кардааст, ба таври комил дода мешавад ва ба онон ситам нахоҳад шуд

أَفَمَنِ ٱتَّبَعَ رِضْوَٰنَ ٱللَّهِ كَمَنۢ بَآءَ بِسَخَطٍ مِّنَ ٱللَّهِ وَمَأْوَىٰهُ جَهَنَّمُ ۖ وَبِئْسَ ٱلْمَصِيرُ ﴿١٦٢﴾

162. Оё касе, ки хушнудии Аллоҳро металабад, ҳаммонанди касест, ки ба хашме аз Аллоҳ таоло дучор шуда ва ҷойгоҳаш дӯзах аст? Ва [дӯзах] чи бад ҷойгоҳест!

هُمْ دَرَجَـٰتٌ عِندَ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ بَصِيرٌۢ بِمَا يَعْمَلُونَ ﴿١٦٣﴾

163. [Ҳар як аз] Эшон дараҷот [-и мутафовит]-е назди Аллоҳ таоло доранд ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунанд, биност

لَقَدْ مَنَّ ٱللَّهُ عَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ بَعَثَ فِيهِمْ رَسُولًا مِّنْ أَنفُسِهِمْ يَتْلُوا۟ عَلَيْهِمْ ءَايَـٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلْكِتَـٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَإِن كَانُوا۟ مِن قَبْلُ لَفِى ضَلَـٰلٍ مُّبِينٍ ﴿١٦٤﴾

164. Ба ростӣ, Аллоҳ таоло бар муъминон миннат ниҳод, ки миёни онон паёмбаре аз худашон барангехт, то оёти Ӯ [Қуръон]-ро бар эшон бихонад ва [аз гуноҳ] покашон гардонад ва ба онон китоби [Қуръон] ва ҳикмат [суннат] биёмурзад; дар ҳоле ки дар гузашта дар гумроҳии ошкоре буданд

أَوَلَمَّآ أَصَـٰبَتْكُم مُّصِيبَةٌ قَدْ أَصَبْتُم مِّثْلَيْهَا قُلْتُمْ أَنَّىٰ هَـٰذَا ۖ قُلْ هُوَ مِنْ عِندِ أَنفُسِكُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿١٦٥﴾

165. [Эй муъминон] Оё чун ба шумо [дар ҷанги Уҳуд] мусибате расид - [бо он ки дар ҷанги Бадр] ду баробарашро [ба душманони худ] расондед - гуфтед: «Ин [мусибат] аз кучо [ба мо] расид»? [Эй паёмбар] Бигӯ: «Он [шикаст] аз ҷониби худатон [ва натиҷаи нофармонӣ аз дастури паёмбар] аст». Бе гумон, Аллоҳ таоло ба ҳар коре тавоност

وَمَآ أَصَـٰبَكُمْ يَوْمَ ٱلْتَقَى ٱلْجَمْعَانِ فَبِإِذْنِ ٱللَّهِ وَلِيَعْلَمَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٦٦﴾

166. Ва рӯзе, ки [дар ҷанги Уҳуд] ду гурӯҳ [муъминон ва кофирон] бо ҳам бархӯрд карданд, он чи ба шумо расид, ба фармони

Аллоҳ таоло буд [то шуморо биёзмояд] ва муъминонро маълум дорад

وَلِيَعْلَمَ ٱلَّذِينَ نَافَقُواْۚ وَقِيلَ لَهُمْ تَعَالَوْاْ قَٰتِلُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ أَوِ ٱدْفَعُواْۖ قَالُواْ لَوْ نَعْلَمُ قِتَالًا لَّٱتَّبَعْنَٰكُمْۗ هُمْ لِلْكُفْرِ يَوْمَئِذٍ أَقْرَبُ مِنْهُمْ لِلْإِيمَٰنِۚ يَقُولُونَ بِأَفْوَٰهِهِم مَّا لَيْسَ فِي قُلُوبِهِمْۚ وَٱللَّهُ أَعْلَمُ بِمَا يَكْتُمُونَ ﴿١٦٧﴾

167. Ва касонеро, ки нифоқ варзиданд [низ] маълум дорад, ки [чун] ба эшон гуфта шуд: «Биёед, дар роҳи Аллоҳ таоло бичангед ё [аз хонавода ва қабилаатон] дифоъ кунед». Гуфтанд: «Агар медонистем, ҷанге рӯй хоҳад дод, ҳатман, аз шумо пайравӣ мекардем». Онон дар он ҳангом ба куфр наздиктар буданд то имон; ба забони хеш чизе мегӯянд, ки дар дилҳояшон нест ва Аллоҳ таоло ба он чи [дар дил] пинҳон мекунанд, огоҳтар аст

ٱلَّذِينَ قَالُواْ لِإِخْوَٰنِهِمْ وَقَعَدُواْ لَوْ أَطَاعُونَا مَا قُتِلُواْۗ قُلْ فَٱدْرَءُواْ عَنْ أَنفُسِكُمُ ٱلْمَوْتَ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿١٦٨﴾

168. Касоне, ки [худ дар хона] нишастанд [аз ҷиҳод сар боз заданд] ва дар бораи бародарони худ гуфтанд: «Агар онҳо аз мо пайравӣ мекарданд, кушта намешуданд». [Эй паёмбар, ба ин мунофиқон] Бигӯ: «Агар рост мегӯед, пас, маргро аз худ дур созед»

وَلَا تَحْسَبَنَّ ٱلَّذِينَ قُتِلُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ أَمْوَٰتًاۚ بَلْ أَحْيَآءٌ عِندَ رَبِّهِمْ يُرْزَقُونَ ﴿١٦٩﴾

169. Ҳаргиз касонеро, ки дар роҳи Аллоҳ таоло кушта шудаанд, мурда мапиндор; балки зиндаанд ва назди Парвардигорашон рӯзӣ дода мешаванд

فَرِحِينَ بِمَآ ءَاتَىٰهُمُ ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦ وَيَسْتَبْشِرُونَ بِٱلَّذِينَ لَمْ يَلْحَقُواْ بِهِم مِّنْ خَلْفِهِمْ أَلَّا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿١٧٠﴾

170. Онон ба он чи Аллоҳ таоло аз фазли худ ба эшон додааст, шодмонанд ва барои [саранҷоми неки] касоне, ки [роҳи] ононро пай гирифтаанд ва [ҳанӯз] ба онон напайвастаанд, шодӣ мекунанд; чаро ки [ҳеҷ як аз] эшон тарсу андӯҳе нахоҳанд дошт

۞يَسْتَبْشِرُونَ بِنِعْمَةٍ مِّنَ ٱللَّهِ وَفَضْلٍ وَأَنَّ ٱللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٧١﴾

171. [Ҳамчунин] Ба неъмату фазли Аллоҳ таоло шодмонанд ва ин ки [мебинанд] Аллоҳ таоло подоши муъминонро зоеъ намекунад

ٱلَّذِينَ ٱسْتَجَابُواْ لِلَّهِ وَٱلرَّسُولِ مِنۢ بَعْدِ مَآ أَصَابَهُمُ ٱلْقَرْحُۚ لِلَّذِينَ أَحْسَنُواْ مِنْهُمْ وَٱتَّقَوْاْ أَجْرٌ عَظِيمٌ ﴿١٧٢﴾

172. Касоне, ки даъвати Аллоҳ таоло ва паёмбарро - пас аз он ки [дар ғазваи Уҳуд] ба онон ҷароҳат [ва сахтии бисёр] расид - иҷобат карданд [ва барои таъқиби мушрикон ба сӯйи «Ҳамро-

ул-асад» рафтанд], барои [он идда аз] эшон, ки некӣ ва парҳезкорӣ карданд, подоши бузурге [дар пеш] аст

173. Ҳамон касоне, ки бархе [аз мушрикон] ба онон гуфтанд: «Мардум [-и Макка] барои [ҷанг бо] шумо гирд омадаанд; пас, аз онҳо битарсед» ва [аммо ин сухан] бар имонашон афзуд ва гуфтанд: «Аллоҳ таоло барои [муҳофизат аз] мо бас аст ва [Ӯ] беҳтарин [муроқиб ва] коргузор аст»

ٱلَّذِينَ قَالَ لَهُمُ ٱلنَّاسُ إِنَّ ٱلنَّاسَ قَدْ جَمَعُواْ لَكُمْ فَٱخْشَوْهُمْ فَزَادَهُمْ إِيمَٰنًا وَقَالُواْ حَسْبُنَا ٱللَّهُ وَنِعْمَ ٱلْوَكِيلُ ﴿١٧٣﴾

174. Пас ба неъмату фазли Аллоҳ таоло [аз Ҳамро-ул-асад ба Мадина] бозгаштанд, дар ҳоле ки ҳеҷ осебе ба онон нарасида буд ва ҳамчунон дар пайи [касби] хушнудии Аллоҳ таоло буданд; ва Аллоҳ таоло фазлу бахшиши бузурге дорад

فَٱنقَلَبُواْ بِنِعْمَةٍ مِّنَ ٱللَّهِ وَفَضْلٍ لَّمْ يَمْسَسْهُمْ سُوٓءٌ وَٱتَّبَعُواْ رِضْوَٰنَ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ ذُو فَضْلٍ عَظِيمٍ ﴿١٧٤﴾

175. Дар ҳақиқат, ин шайтон аст, ки [шуморо аз ҳайбати] дӯстонаш метарсонад, пас, агар имон доред, аз онон [мушрикон] натарсед ва аз ман битарсед

إِنَّمَا ذَٰلِكُمُ ٱلشَّيْطَٰنُ يُخَوِّفُ أَوْلِيَآءَهُۥ فَلَا تَخَافُوهُمْ وَخَافُونِ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿١٧٥﴾

176. Ва [эй паёмбар] касоне, ки дар [ёрӣ кардани] куфр мешитобанд, туро андӯҳгин насозанд. Яқинан, онон ҳаргиз зиёне ба Аллоҳ таоло намерасонанд. Аллоҳ таоло мехоҳад, ки баҳрае барояшон дар охират қарор надиҳад ва азоби бузург [дар пеш] доранд

وَلَا يَحْزُنكَ ٱلَّذِينَ يُسَٰرِعُونَ فِى ٱلْكُفْرِ ۚ إِنَّهُمْ لَن يَضُرُّواْ ٱللَّهَ شَيْـًٔا ۗ يُرِيدُ ٱللَّهُ أَلَّا يَجْعَلَ لَهُمْ حَظًّا فِى ٱلْءَاخِرَةِ ۖ وَلَهُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿١٧٦﴾

177. Ба ростӣ, касоне, ки куфрро ба [баҳои] имон хариданд, ҳаргиз ба Аллоҳ таоло зиёне намерасонанд ва азоби дардноке [дар пеш] доранд

إِنَّ ٱلَّذِينَ ٱشْتَرَوُاْ ٱلْكُفْرَ بِٱلْإِيمَٰنِ لَن يَضُرُّواْ ٱللَّهَ شَيْـًٔا ۖ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿١٧٧﴾

178. Ва касоне, ки кофир шуданд, мапиндоранд, ки чун ба онон муҳлат медиҳем ба судашон аст. Ҷуз ин нест, ки ба онон муҳлат медиҳем, то бар гуноҳи [худ] бияфзоянд ва азоби хоркунандае [пурдарде дар пеш] доранд

وَلَا يَحْسَبَنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَنَّمَا نُمْلِى لَهُمْ خَيْرٌ لِّأَنفُسِهِمْ ۚ إِنَّمَا نُمْلِى لَهُمْ لِيَزْدَادُوٓاْ إِثْمًا ۚ وَلَهُمْ عَذَابٌ مُّهِينٌ ﴿١٧٨﴾

مَّا كَانَ ٱللَّهُ لِيَذَرَ ٱلْمُؤْمِنِينَ عَلَىٰ مَآ أَنتُمْ عَلَيْهِ حَتَّىٰ يَمِيزَ ٱلْخَبِيثَ مِنَ ٱلطَّيِّبِ ۗ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيُطْلِعَكُمْ عَلَى ٱلْغَيْبِ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَجْتَبِى مِن رُّسُلِهِۦ مَن يَشَآءُ ۖ فَـَٔامِنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ ۚ وَإِن تُؤْمِنُوا۟ وَتَتَّقُوا۟ فَلَكُمْ أَجْرٌ عَظِيمٌ ﴿١٧٩﴾

179. [Эй муъминон] Чунин набуд [ва аз ҳикмати илоҳӣ нест], ки Аллоҳ таоло муъминонро бар ин ҳол, ки шумо ҳастед [во гузорад ва муъмину мунофиқро дар канори якдигар] раҳо созад, [балки шуморо бо таколифу озмоишҳои гуногун меозмояд] то палидро аз пок ҷудо кунед; ва чунин набуд, ки Аллоҳ таоло [барои бозшиносии муъминон аз мунофиқон] шуморо аз [асрори] ғайб огоҳ кунад; вале Аллоҳ таоло аз миёни фиристодагонаш ҳар киро бихоҳад, бармегузинад [ва ӯро бар бахше аз ғайб огоҳ мекунад]; пас, ба Аллоҳ таоло ва фиристодагонаш имон биёваред; ва агар имон биёваред ва тақво пеша кунед, подоши бузурге бароятон [дар пеш] аст

وَلَا يَحْسَبَنَّ ٱلَّذِينَ يَبْخَلُونَ بِمَآ ءَاتَىٰهُمُ ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦ هُوَ خَيْرًا لَّهُم ۖ بَلْ هُوَ شَرٌّ لَّهُمْ ۖ سَيُطَوَّقُونَ مَا بَخِلُوا۟ بِهِۦ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ ۗ وَلِلَّهِ مِيرَٰثُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۗ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ﴿١٨٠﴾

180. Ва касоне, ки ба он чи Аллоҳ таоло аз фазли хеш ба онон додааст, бухл меварзанд, гумон накунанд, ки он [бухл] бароямон хайр аст; балки бароямон шар аст. Дар рӯзи қиёмат он чи ба он бухл меварзиданд, тавқи гарданашон хоҳад шуд [ва бо он азоб мешаванд]; ва мероси осмонҳову замин аз они Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, огоҳ аст

لَّقَدْ سَمِعَ ٱللَّهُ قَوْلَ ٱلَّذِينَ قَالُوٓا۟ إِنَّ ٱللَّهَ فَقِيرٌ وَنَحْنُ أَغْنِيَآءُ ۘ سَنَكْتُبُ مَا قَالُوا۟ وَقَتْلَهُمُ ٱلْأَنۢبِيَآءَ بِغَيْرِ حَقٍّ وَنَقُولُ ذُوقُوا۟ عَذَابَ ٱلْحَرِيقِ ﴿١٨١﴾

181. Бе тардид, Аллоҳ таоло сухани касонеро шунид, ки гуфтанд: «Аллоҳ таоло фақир аст ва [аз мо қарз мехоҳад ва] мо бениёзем». [Мо ин] Гуфторашон ва [низ] қатли ноҳаққи паёмбаронро хоҳем навишт ва рӯзи қиёмат ба [онон] мегӯем: «Азоби сӯзон [-и дӯзах]-ро бичашед»

ذَٰلِكَ بِمَا قَدَّمَتْ أَيْدِيكُمْ وَأَنَّ ٱللَّهَ لَيْسَ بِظَلَّٰمٍ لِّلْعَبِيدِ ﴿١٨٢﴾

182. [Эй яҳудиён] Ин [муҷозот] ба хотири кирдори пешини шумост; ва [-гарна] Аллоҳ таоло ҳаргиз ба бандагони [худ] ситамгор нест

ٱلَّذِينَ قَالُوٓا۟ إِنَّ ٱللَّهَ عَهِدَ إِلَيْنَآ أَلَّا نُؤْمِنَ لِرَسُولٍ حَتَّىٰ يَأْتِيَنَا بِقُرْبَانٍ تَأْكُلُهُ ٱلنَّارُ ۗ قُلْ قَدْ جَآءَكُمْ رُسُلٌ مِّن قَبْلِى بِٱلْبَيِّنَٰتِ وَبِٱلَّذِى قُلْتُمْ فَلِمَ قَتَلْتُمُوهُمْ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿١٨٣﴾

183. [Ин яҳудиён ҳамон] Касоне ҳастанд, ки гуфтанд: «Аллоҳ таоло бо мо аҳду паймон бастааст, ки ба ҳеҷ паёмбаре имон наёварем, то [фиристодае ҳамроҳи худ] бароямон

курбоние биёварад, ки оташ [-и аз соиқа бархоста] онро [ба нишонаи пазириш] бисӯзонад». [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Ҳатман, пеш аз ман паёмбароне буданд, ки далоили ошкорро ҳамроҳи он чи гуфтед, бароятон оварданд. Агар рост мегӯед, пас, чаро ононро куштед»?

184. Пас, агар [яҳудиён ва кофирон] такзибат карданд, [ғамгин мабош ва бидон] паёмбароне, ки пеш аз ту буданд ва муъҷизоту навиштаҳо ва китобҳои равшангар оварда буданд, [низ] такзиб шуданд

فَإِن كَذَّبُوكَ فَقَدْ كُذِّبَ رُسُلٌ مِّن قَبْلِكَ جَآءُو بِٱلْبَيِّنَٰتِ وَٱلزُّبُرِ وَٱلْكِتَٰبِ ٱلْمُنِيرِ ﴿١٨٤﴾

185. Ҳар касе чашандаи [таъми] марг аст ва яқинан рӯзи қиёмат подошҳоятонро ба тамомӣ хоҳед гирифт; пас, ҳар киро аз оташ дур доранд ва дар биҳишт дароваранд, ҳатман, растагор шудааст; ва зиндагии дунё чизе ҷуз мояи фиреб нест

كُلُّ نَفْسٍ ذَآئِقَةُ ٱلْمَوْتِ ۗ وَإِنَّمَا تُوَفَّوْنَ أُجُورَكُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ ۖ فَمَن زُحْزِحَ عَنِ ٱلنَّارِ وَأُدْخِلَ ٱلْجَنَّةَ فَقَدْ فَازَ ۗ وَمَا ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَآ إِلَّا مَتَٰعُ ٱلْغُرُورِ ﴿١٨٥﴾

186. [Эй муъминон] Бе тардид шумо дар [мавриди базли] амволу ҷонҳоятон озмоиш мешавед ва [ҳамчунин] аз касоне, ки пеш аз шумо ба онон китоби [осмонӣ] дода шудааст [яҳудиён ва масеҳиён] ва [низ] аз касоне, ки ширк варзиданд, суханони озордиҳандаи бисёре хоҳед шунид; ва [аммо] агар сабр кунед ва тақво пеша созед, [шоистатар аст; зеро] ин [истодагӣ] баёнгари азми устувор [-и шумо] дар корҳост

۞ لَتُبْلَوُنَّ فِىٓ أَمْوَٰلِكُمْ وَأَنفُسِكُمْ وَلَتَسْمَعُنَّ مِنَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْكِتَٰبَ مِن قَبْلِكُمْ وَمِنَ ٱلَّذِينَ أَشْرَكُوٓا۟ أَذًى كَثِيرًا ۚ وَإِن تَصْبِرُوا۟ وَتَتَّقُوا۟ فَإِنَّ ذَٰلِكَ مِنْ عَزْمِ ٱلْأُمُورِ ﴿١٨٦﴾

187. Ва [эй паёмбар, ёд кун] ҳангоме ки Аллоҳ таоло аз касоне, ки китоби [осмонӣ] ба онон дода шуда буд, паймон гирифт, ки: «Ҳатман, [омӯзаҳои ҳидоятбахши] онро барои мардум баён намоед ва [он чиро, ки нубуввати Муҳаммад хабар медиҳад] китмон [пинҳон]-аш накунед»; ва [-ле] он [аҳд]-ро пушти сари хеш андохтанд [бад-он таваҷҷуҳе накарданд] ва ба баҳои андаке [ҳамчун молу мақом] фурӯхтанд. Чи бад аст, он чи мехаранд!

وَإِذْ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْكِتَٰبَ لَتُبَيِّنُنَّهُۥ لِلنَّاسِ وَلَا تَكْتُمُونَهُۥ فَنَبَذُوهُ وَرَآءَ ظُهُورِهِمْ وَٱشْتَرَوْا۟ بِهِۦ ثَمَنًا قَلِيلًا ۖ فَبِئْسَ مَا يَشْتَرُونَ ﴿١٨٧﴾

188. Касоне, ки аз аъмоли [зишти] худ хушнуд мегарданд ва дӯст доранд дар муқобили кор [-и

لَا تَحْسَبَنَّ ٱلَّذِينَ يَفْرَحُونَ بِمَآ أَتَوا۟ وَّيُحِبُّونَ أَن يُحْمَدُوا۟ بِمَا لَمْ يَفْعَلُوا۟ فَلَا تَحْسَبَنَّهُم بِمَفَازَةٍ مِّنَ ٱلْعَذَابِ ۖ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿١٨٨﴾

нек] -е, ки анҷом надодаанд, мавриди ситоиш қарор гиранд, гумон мабар, ки аз азоб [-и илоҳӣ] барканоранд; [балки] барои онон азоби дардноке [дар пеш] аст

189. Фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло ба ҳар чизе тавоност

وَلِلَّهِ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿١٨٩﴾

190. Ба ростӣ, дар офариниши осмонҳо ва замин ва омадушуди шабу рӯз нишонаҳо [и ошкор]-е барои хирадмандон аст

إِنَّ فِى خَلْقِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَٱخْتِلَٰفِ ٱلَّيْلِ وَٱلنَّهَارِ لَءَايَٰتٍ لِّأُو۟لِى ٱلْأَلْبَٰبِ ﴿١٩٠﴾

191. [Ҳамон] Касоне, ки Аллоҳро [дар ҳамаи аҳвол] истода ва нишаста ва бар паҳлу орамида, ёд мекунанд ва дар офариниши осмонҳо ва замин меандешанд [ва мегӯянд]: «Парвардигоро, инҳоро беҳуда наофаридаӣ; муназзаҳӣ Ту. Пас, моро аз азоби оташ [-и дузах] нигаҳ дор

ٱلَّذِينَ يَذْكُرُونَ ٱللَّهَ قِيَٰمًا وَقُعُودًا وَعَلَىٰ جُنُوبِهِمْ وَيَتَفَكَّرُونَ فِى خَلْقِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ رَبَّنَا مَا خَلَقْتَ هَٰذَا بَٰطِلًا سُبْحَٰنَكَ فَقِنَا عَذَابَ ٱلنَّارِ ﴿١٩١﴾

192. Парвардигоро, касеро, ки Ту ба оташ [-и дузах] дароварӣ, яқинан, хору расвояш кардаӣ ва ситамгорон [ҳеҷ] ёваре надоранд

رَبَّنَآ إِنَّكَ مَن تُدْخِلِ ٱلنَّارَ فَقَدْ أَخْزَيْتَهُۥ ۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنْ أَنصَارٍ ﴿١٩٢﴾

193. Парвардигоро, мо шунидем, даъватгаре ба имон фаро мехонад, ки: «Ба Парвардигори худ имон оваред». Пас, мо имон овардем. Парвардигоро, пас, гуноҳонамонро бибахш ва бадиҳоямонро бипӯшон ва моро дар зумраи некон бимирон

رَّبَّنَآ إِنَّنَا سَمِعْنَا مُنَادِيًا يُنَادِى لِلْإِيمَٰنِ أَنْ ءَامِنُوا۟ بِرَبِّكُمْ فَـَٔامَنَّا ۚ رَبَّنَا فَٱغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا وَكَفِّرْ عَنَّا سَيِّـَٔاتِنَا وَتَوَفَّنَا مَعَ ٱلْأَبْرَارِ ﴿١٩٣﴾

194. Парвардигоро, он чиро, ки ба василаи фиристодагонат ба мо ваъда додаӣ, ба мо ато кун ва дар рӯзи қиёмат расвоямон магардон. Бе тардид, Ту хилофи ваъда намекунӣ»

رَبَّنَا وَءَاتِنَا مَا وَعَدتَّنَا عَلَىٰ رُسُلِكَ وَلَا تُخْزِنَا يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ ۗ إِنَّكَ لَا تُخْلِفُ ٱلْمِيعَادَ ﴿١٩٤﴾

195. Пас, Парвардигорашон дуои ононро иҷобат кард [ва фармуд]: «Ман [подоши] амали ҳеҷ соҳибамале аз шуморо - аз мард ё зан - ки ҳамнавъи якдигаред, табоҳ намекунам; пас, касоне, ки [аз ватани худ] ҳиҷрат кардаанд ва [ё] аз хонаҳои худ ронда шудаанд ва дар

فَٱسْتَجَابَ لَهُمْ رَبُّهُمْ أَنِّى لَآ أُضِيعُ عَمَلَ عَٰمِلٍ مِّنكُم مِّن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَىٰ ۖ بَعْضُكُم مِّنۢ بَعْضٍ ۖ فَٱلَّذِينَ هَاجَرُوا۟ وَأُخْرِجُوا۟ مِن دِيَٰرِهِمْ وَأُوذُوا۟ فِى سَبِيلِى وَقَٰتَلُوا۟ وَقُتِلُوا۟ لَأُكَفِّرَنَّ عَنْهُمْ سَيِّـَٔاتِهِمْ وَلَأُدْخِلَنَّهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ ثَوَابًا مِّنْ عِندِ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ عِندَهُۥ حُسْنُ ٱلثَّوَابِ ﴿١٩٥﴾

роҳи ман озор дидаанд ва ҷангидаанд ва кушта шудаанд, ҳатман, бадиҳояшонро аз онон мезудоям ва [ба унвони] подоше аз ҷониби Аллоҳ таоло эшонро дар боғҳое дармеоварам, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорист ва Аллоҳ таоло аст, ки подоши наку назди Ӯст

196. [Эй паёмбар] Рафтуомади кофирон [барои тиҷорат] дар шаҳрҳо [ва молу мақоми онон] туро нафиребад

لَا يَغُرَّنَّكَ تَقَلُّبُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فِى ٱلۡبِلَٰدِ ١٩٦

197. [Ин] Баҳрамандии ночизест; сипас ҷойгоҳашон дузах аст ва чи бад ҷойгоҳе аст!

مَتَٰعٞ قَلِيلٞ ثُمَّ مَأۡوَىٰهُمۡ جَهَنَّمُۚ وَبِئۡسَ ٱلۡمِهَادُ ١٩٧

198. Аммо касоне, ки тақвои Парвардигорашонро намудаанд, [дар биҳишт] боғҳое доранд, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорист [ва] ҷовидона дар он мемонанд. [Ин] Пазирой аз ҷониби Аллоҳ таоло [муҳайё шуда] аст ва он чи назди Аллоҳ таоло аст, барои накукорон беҳтар аст

لَٰكِنِ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ رَبَّهُمۡ لَهُمۡ جَنَّٰتٞ تَجۡرِى مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا نُزُلٗا مِّنۡ عِندِ ٱللَّهِۗ وَمَا عِندَ ٱللَّهِ خَيۡرٞ لِّلۡأَبۡرَارِ ١٩٨

199. Ва касоне аз аҳли китоб ҳастанд, ки ба Аллоҳ таоло ва он чи бар шумо нозил шуда ва он чи бар худашон нозил шудааст, имон доранд; дар баробари Аллоҳ таоло фурӯтан ҳастанд ва оёти Аллоҳро ба баҳои ночизе намефурушанд. Инонанд, ки подошашон назди Парвардигорашон [маҳфуз] аст. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло дар ҳисобрасӣ сареъ аст

وَإِنَّ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ لَمَن يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَمَآ أُنزِلَ إِلَيۡكُمۡ وَمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِمۡ خَٰشِعِينَ لِلَّهِ لَا يَشۡتَرُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ ثَمَنٗا قَلِيلًاۚ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمۡ أَجۡرُهُمۡ عِندَ رَبِّهِمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ سَرِيعُ ٱلۡحِسَابِ ١٩٩

200. Эй касоне, ки имон овардаед, [бар таколифи динӣ ва ранҷҳои дунявӣ] шикебой варзед ва [дар баробари душманон] пойдор бошед ва парҳезгорӣ пеша кунед; бошад, ки растагор шавед

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱصۡبِرُواْ وَصَابِرُواْ وَرَابِطُواْ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٢٠٠

(4) Нисо(*) النساء

Ҷузъи 4

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِى خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَٰحِدَةٍ وَخَلَقَ مِنْهَا زَوْجَهَا وَبَثَّ مِنْهُمَا رِجَالًا كَثِيرًا وَنِسَآءً ۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ٱلَّذِى تَسَآءَلُونَ بِهِۦ وَٱلْأَرْحَامَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلَيْكُمْ رَقِيبًا ﴿١﴾

1. Эй мардум, аз Парвардигоратон парво кунед [битарсед], [ҳамон зоте] ки шуморо аз як тан офарид ва ҳамсарашро [низ] аз ӯ офарид ва аз [насли] он ду мардону занони бисёре пароканд. Ва аз Парвардигоре, ки ба [номи] Ӯ аз якдигар дархост мекунед, парво [тақво] намоед ва аз [гусастани] пайванди хешовандӣ бипарҳезед. Бе гумон, Аллоҳ таоло ҳамвора мурақиб [-у нигаҳбони] шумост

وَءَاتُواْ ٱلْيَتَٰمَىٰٓ أَمْوَٰلَهُمْ ۖ وَلَا تَتَبَدَّلُواْ ٱلْخَبِيثَ بِٱلطَّيِّبِ ۖ وَلَا تَأْكُلُوٓاْ أَمْوَٰلَهُمْ إِلَىٰٓ أَمْوَٰلِكُمْ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ حُوبًا كَبِيرًا ﴿٢﴾

2. Ва [эй сарпарастон] амволи ятимонро [пас аз булуғу рушд] ба эшон бозгардонед ва [моли камарзишу] номарғуб [-и худ]-ро бо [моли арзишманду] марғуб [-и онон] иваз накунед ва амволи эшонро ҳамроҳи амволи худ нахӯред. Ба ростӣ, ки ин [кор] гуноҳи бузурге аст

وَإِنْ خِفْتُمْ أَلَّا تُقْسِطُواْ فِى ٱلْيَتَٰمَىٰ فَٱنكِحُواْ مَا طَابَ لَكُم مِّنَ ٱلنِّسَآءِ مَثْنَىٰ وَثُلَٰثَ وَرُبَٰعَ ۖ فَإِنْ خِفْتُمْ أَلَّا تَعْدِلُواْ فَوَٰحِدَةً أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَٰنُكُمْ ۚ ذَٰلِكَ أَدْنَىٰٓ أَلَّا تَعُولُواْ ﴿٣﴾

3. Ва агар тарсидед, ки [ба хотири костан аз маҳрия ё бадрафторӣ] натавонед адолатро дар ҳаққи духтарони ятим риоя намоед, [аз издивоҷ бо онон сарфи назар кунед ва] аз занон [-и дигар]-е, ки мавриди писанди шумост, [як ё] ду ва [ё] се ва [ё] чаҳор танро ба ҳамсарӣ дароваред. Пас, агар бим доред, ки натавонед адолат кунед, ба як [зан] ё ба он чи [аз канизон], ки молики онҳоед [иктифо намоед]. Ин [кор] наздиктар аст ба ин, ки ситам накунед

وَءَاتُواْ ٱلنِّسَآءَ صَدُقَٰتِهِنَّ نِحْلَةً ۚ فَإِن طِبْنَ لَكُمْ عَن شَىْءٍ مِّنْهُ نَفْسًا فَكُلُوهُ هَنِيٓـًٔا مَّرِيٓـًٔا ﴿٤﴾

4. Ва маҳрияи занонро ба унвони ҳадя [ва фаризаи илоҳӣ] бо хушдилӣ ба онон бидиҳед. Пас, агар онон чизе аз онро бо ризояти хотир ба шумо бахшиданд, онро хушу гуворо бихӯред

(*) Нисо (Занҳо)

وَلَا تُؤْتُواْ ٱلسُّفَهَآءَ أَمْوَٰلَكُمُ ٱلَّتِى جَعَلَ ٱللَّهُ لَكُمْ قِيَٰمًا وَٱرْزُقُوهُمْ فِيهَا وَٱكْسُوهُمْ وَقُولُواْ لَهُمْ قَوْلًا مَّعْرُوفًا ۝٥

5. Ва ба камхирадоне, ки Аллоҳ таоло шуморо ба сарпарастии онон гумоштааст, амволашонро надиҳед ва аз [даромади] он ба эшон хӯроку пӯшок диҳед ва бо онон ба шоистагӣ сухан бигӯед

وَٱبْتَلُواْ ٱلْيَتَٰمَىٰ حَتَّىٰٓ إِذَا بَلَغُواْ ٱلنِّكَاحَ فَإِنْ ءَانَسْتُم مِّنْهُمْ رُشْدًا فَٱدْفَعُوٓاْ إِلَيْهِمْ أَمْوَٰلَهُمْ ۖ وَلَا تَأْكُلُوهَآ إِسْرَافًا وَبِدَارًا أَن يَكْبَرُواْ ۚ وَمَن كَانَ غَنِيًّا فَلْيَسْتَعْفِفْ ۖ وَمَن كَانَ فَقِيرًا فَلْيَأْكُلْ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ فَإِذَا دَفَعْتُمْ إِلَيْهِمْ أَمْوَٰلَهُمْ فَأَشْهِدُواْ عَلَيْهِمْ ۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ حَسِيبًا ۝٦

6. Ва ятимонро [аз лиҳози тавоноӣ бар муроқибат аз амволашон] биозмоед то вақте ба [синни] издивоҷ бирасанд, пас, агар дар эшон рушд [-и фикрии кофӣ] ёфтед, амволашонро ба онон бидиҳед ва онро [аз бими он ки мабодо] бузург шаванд [ва аз шумо пас бигиранд], ба исрофу шитоб махӯред. Ва ҳар ки бениёз аст, бояд [аз гирифтани уҷрату музди сарпарастӣ] худдорӣ кунад ва ҳар ки ниёзманд аст, бояд ба тарзи шоиста [ва мутобиқи урф аз он] бихӯрад. Пас, ҳар гоҳ амволашонро ба онон боз гардондед, бар эшон гувоҳ бигиред ва [бидонед] Аллоҳ таоло барои ҳисобрасӣ кофӣ аст

لِّلرِّجَالِ نَصِيبٌ مِّمَّا تَرَكَ ٱلْوَٰلِدَانِ وَٱلْأَقْرَبُونَ وَلِلنِّسَآءِ نَصِيبٌ مِّمَّا تَرَكَ ٱلْوَٰلِدَانِ وَٱلْأَقْرَبُونَ مِمَّا قَلَّ مِنْهُ أَوْ كَثُرَ ۚ نَصِيبًا مَّفْرُوضًا ۝٧

7. Мардон аз он чи падару модар ва хешовандон [ба унвони ирс] бар ҷой гузоштаанд, саҳме доранд ва занон [низ] аз он чи падару модар ва хешовандон бар ҷой гузоштаанд, саҳме доранд - хоҳ он [мол] кам бошад ё зиёд. [Чунин] Баҳрае [аз ҷониби Аллоҳ таоло] муайян [ва муқаррар шуда] аст

وَإِذَا حَضَرَ ٱلْقِسْمَةَ أُوْلُواْ ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْيَتَٰمَىٰ وَٱلْمَسَٰكِينُ فَٱرْزُقُوهُم مِّنْهُ وَقُولُواْ لَهُمْ قَوْلًا مَّعْرُوفًا ۝٨

8. Ва ҳар гоҳ хешовандон [-и ғайри ворис] ва ятимону тиҳидастон бар тақсими [мерос] ҳозир шаванд, [пеш аз тақсим чизе] аз он [амволро аз боби истиҳбоб] ба онон бидиҳед ва ба шоистагӣ бо эшон сухан бигӯед

وَلْيَخْشَ ٱلَّذِينَ لَوْ تَرَكُواْ مِنْ خَلْفِهِمْ ذُرِّيَّةً ضِعَٰفًا خَافُواْ عَلَيْهِمْ فَلْيَتَّقُواْ ٱللَّهَ وَلْيَقُولُواْ قَوْلًا سَدِيدًا ۝٩

9. Ва касоне, ки агар фарзандони нотавоне аз худ бар ҷой бигзоранд, бар [ояндаи] онон бим доранд, бояд [аз ситам дар бораи ятимони мардум низ] битарсанд. Пас, бояд аз Аллоҳ таоло парво кунанд [битарсанд] ва сухани [санҷида ва] дуруст бигӯянд

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَأْكُلُونَ أَمْوَٰلَ ٱلْيَتَٰمَىٰ ظُلْمًا إِنَّمَا يَأْكُلُونَ فِى بُطُونِهِمْ نَارًا ۖ وَسَيَصْلَوْنَ سَعِيرًا ۝١٠

10. Дар ҳақиқат, касоне, ки амволи ятимонро ба ситам мехӯранд, ҷуз ин нест, ки оташ дар

шиками хеш фурӯ мебаранд ва ба зудӣ ба оташе барафрӯхта дармеоянд

يُوصِيكُمُ ٱللَّهُ فِيٓ أَوۡلَٰدِكُمۡۖ لِلذَّكَرِ مِثۡلُ حَظِّ ٱلۡأُنثَيَيۡنِۚ فَإِن كُنَّ نِسَآءٗ فَوۡقَ ٱثۡنَتَيۡنِ فَلَهُنَّ ثُلُثَا مَا تَرَكَۖ وَإِن كَانَتۡ وَٰحِدَةٗ فَلَهَا ٱلنِّصۡفُۚ وَلِأَبَوَيۡهِ لِكُلِّ وَٰحِدٖ مِّنۡهُمَا ٱلسُّدُسُ مِمَّا تَرَكَ إِن كَانَ لَهُۥ وَلَدٞۚ فَإِن لَّمۡ يَكُن لَّهُۥ وَلَدٞ وَوَرِثَهُۥٓ أَبَوَاهُ فَلِأُمِّهِ ٱلثُّلُثُۚ فَإِن كَانَ لَهُۥٓ إِخۡوَةٞ فَلِأُمِّهِ ٱلسُّدُسُۚ مِنۢ بَعۡدِ وَصِيَّةٖ يُوصِي بِهَآ أَوۡ دَيۡنٍۗ ءَابَآؤُكُمۡ وَأَبۡنَآؤُكُمۡ لَا تَدۡرُونَ أَيُّهُمۡ أَقۡرَبُ لَكُمۡ نَفۡعٗاۚ فَرِيضَةٗ مِّنَ ٱللَّهِۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيمًا حَكِيمٗا ١١

11. Аллоҳ таоло дар бораи фарзандонатон ба шумо супориш мекунад: Саҳми писар монанди саҳми ду духтар аст. Ва агар [ворисон ду духтар ё] бештар аз ду духтар бошад, саҳми онон ду савуми тарака аст. Ва агар фақат як духтар бошад, саҳми ӯ нисфи тарака аст. Агар [майит] фарзанд дошта бошад, барои ҳар як аз падару модараш, як шашуми тарака аст ва агар фарзанд надошта бошад ва [танҳо] падару модараш аз ӯ ирс бибаранд, дар ин сурат, барои модараш як савум [сеяк] аст [ва барои падар ду савум] ва агар ӯ [майит] бародароне дошта бошад, саҳми модараш як шашум [шашяк] аст. [Ин тақсими мерос] Пас аз амал ба васиятест, ки карда ва ё [пардохти] воме [ки дорад анҷом мегирад]. Шумо намедонед, ки падаронатон ва [ё] фарзандонатон, кадом як бароятон судмандтар аст. [Ин аҳком] Фариза [-и муайян ва муқаррар] аз ҷониби Аллоҳ таоло аст. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

وَلَكُمۡ نِصۡفُ مَا تَرَكَ أَزۡوَٰجُكُمۡ إِن لَّمۡ يَكُن لَّهُنَّ وَلَدٞۚ فَإِن كَانَ لَهُنَّ وَلَدٞ فَلَكُمُ ٱلرُّبُعُ مِمَّا تَرَكۡنَ مِنۢ بَعۡدِ وَصِيَّةٖ يُوصِينَ بِهَآ أَوۡ دَيۡنٖۚ وَلَهُنَّ ٱلرُّبُعُ مِمَّا تَرَكۡتُمۡ إِن لَّمۡ يَكُن لَّكُمۡ وَلَدٞۚ فَإِن كَانَ لَكُمۡ وَلَدٞ فَلَهُنَّ ٱلثُّمُنُ مِمَّا تَرَكۡتُمۚ مِّنۢ بَعۡدِ وَصِيَّةٖ تُوصُونَ بِهَآ أَوۡ دَيۡنٖۗ وَإِن كَانَ رَجُلٞ يُورَثُ كَلَٰلَةً أَوِ ٱمۡرَأَةٞ وَلَهُۥٓ أَخٌ أَوۡ أُخۡتٞ فَلِكُلِّ وَٰحِدٖ مِّنۡهُمَا ٱلسُّدُسُۚ فَإِن كَانُوٓاْ أَكۡثَرَ مِن ذَٰلِكَ فَهُمۡ شُرَكَآءُ فِي ٱلثُّلُثِۚ مِنۢ بَعۡدِ وَصِيَّةٖ يُوصَىٰ بِهَآ أَوۡ دَيۡنٍ غَيۡرَ مُضَآرّٖۚ وَصِيَّةٗ مِّنَ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَلِيمٞ ١٢

12. Ва [эй шавҳарон] агар ҳамсаронатон фарзанде надошта бошанд, ниме аз тарака барои шумост ва агар фарзанде дошта бошанд, як чаҳоруми [чаҳоряк] тарака аз они шумост. [Албатта] Пас аз [амал ба] васияте, ки кардаанд ё [пардохти] воме, ки доранд. Ва агар шумо фарзанде надошта бошед, як чаҳоруми таракаи шумо барои занонатон аст ва агар фарзанде дошта бошед, як ҳаштуми таракаи шумо аз они эшон аст. [Албатта] Пас аз амал ба васияте, ки кардаед ва [пардохти] воме [ки доред]. Ва агар мард ё зане, ки аз ӯ ирс мебаранд, падар ё фарзанд надошта бошад [калола бошад] ва бародар ё хоҳар дошта бошад, пас, барои ҳар як аз онон як шашуми [тарака] аст. Ва агар [хешовандони чунин шахсе] беш аз ин [ду нафар] бошанд, дар ин сурат, дар як савум [аз

тарака] шариканд. [Албатта] Пас аз анҷоми васияте, ки бад-он супориш шуда ё воме, ки [бояд пардохт гардад, ба шарти он ки аз ин тариқ], зиёне [ба ворисон] нарасонад. [Ин ҳукм] Супориши Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло донои бурдбор аст

تِلْكَ حُدُودُ ٱللَّهِۚ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ يُدْخِلْهُ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَاۚ وَذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٣﴾

13. Инҳо ҳудуди илоҳӣ аст ва ҳар ки аз Аллоҳ таоло ва паёмбараш итоат кунад, вайро ба боғҳое дармеоварад, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорӣ аст, дар он ҷовидонаанд ва ин ҳамон комёбии бузург аст

وَمَن يَعْصِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَيَتَعَدَّ حُدُودَهُۥ يُدْخِلْهُ نَارًا خَٰلِدًا فِيهَا وَلَهُۥ عَذَابٌ مُّهِينٌ ﴿١٤﴾

14. Ва ҳар ки аз Аллоҳ таоло ва паёмбараш нофармонӣ намояд ва аз ҳудуди Ӯ тачовуз кунад, вайро дар оташе ворид мекунад, ки ҷовидона дар он хоҳад монд ва барояш азоби хоркунанда [дар пеш] аст

وَٱلَّٰتِى يَأْتِينَ ٱلْفَٰحِشَةَ مِن نِّسَآئِكُمْ فَٱسْتَشْهِدُواْ عَلَيْهِنَّ أَرْبَعَةً مِّنكُمْۖ فَإِن شَهِدُواْ فَأَمْسِكُوهُنَّ فِى ٱلْبُيُوتِ حَتَّىٰ يَتَوَفَّىٰهُنَّ ٱلْمَوْتُ أَوْ يَجْعَلَ ٱللَّهُ لَهُنَّ سَبِيلًا ﴿١٥﴾

15. Ва касоне аз занони шумо, ки муртакиби зино мешаванд, чаҳор нафар [марди одил] аз худатонро бар онон гувоҳ гиред. Пас, агар гувоҳе доданд, он занонро дар хонаҳо нигаҳ доред, то маргашон фаро расад ё Аллоҳ таоло роҳе барояшон қарор диҳад

وَٱلَّذَانِ يَأْتِيَٰنِهَا مِنكُمْ فَـَٔاذُوهُمَاۖ فَإِن تَابَا وَأَصْلَحَا فَأَعْرِضُواْ عَنْهُمَآۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ تَوَّابًا رَّحِيمًا ﴿١٦﴾

16. Аз миёни шумо он марду зане, ки муртакиби он [амали зишт] мешаванд, [бо танбеҳу тавбих] озорашон диҳед. Пас, агар тавба карданд ва дурусткор шуданд, аз эшон сарфи назар кунед, [чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло тавбапазири меҳрубон аст

إِنَّمَا ٱلتَّوْبَةُ عَلَى ٱللَّهِ لِلَّذِينَ يَعْمَلُونَ ٱلسُّوٓءَ بِجَهَٰلَةٍ ثُمَّ يَتُوبُونَ مِن قَرِيبٍ فَأُوْلَٰٓئِكَ يَتُوبُ ٱللَّهُ عَلَيْهِمْۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمًا ﴿١٧﴾

17. Ҷуз ин нест, ки [пазириши] тавба аз сӯйи Аллоҳ таоло барои касонест, ки аз рӯйи нодонӣ кори ношоистае анҷом медиҳанд, он гоҳ ба зудӣ [ва пеш аз фаро расидани марг] тавба мекунанд. Инонанд, ки Аллоҳ таоло тавбаашонро мепазирад ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

وَلَيْسَتِ ٱلتَّوْبَةُ لِلَّذِينَ يَعْمَلُونَ ٱلسَّيِّـَٔاتِ حَتَّىٰٓ إِذَا حَضَرَ أَحَدَهُمُ ٱلْمَوْتُ قَالَ إِنِّى تُبْتُ ٱلْـَٰٔنَ وَلَا ٱلَّذِينَ يَمُوتُونَ وَهُمْ كُفَّارٌ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ أَعْتَدْنَا لَهُمْ عَذَابًا أَلِيمًا ﴿١٨﴾

18. Ва барои касоне, ки [то поёни умр ҳамвора] муртакиби корҳои ношоиста мешаванд ва ҳангоме ки марги яке аз онон фаро мерасад мегӯяд: «Акнун тавба кардам» [ҳеч] тавба [ва бахшише дар кор] нест ва на барои касоне, ки дар ҳоли куфр мемиранд. Инон ҳастанд, ки барояшон азоби дардноке муҳайё сохтаем

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا يَحِلُّ لَكُمْ أَن تَرِثُوا۟ ٱلنِّسَآءَ كَرْهًا ۖ وَلَا تَعْضُلُوهُنَّ لِتَذْهَبُوا۟ بِبَعْضِ مَآ ءَاتَيْتُمُوهُنَّ إِلَّآ أَن يَأْتِينَ بِفَـٰحِشَةٍ مُّبَيِّنَةٍ ۚ وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ فَإِن كَرِهْتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكْرَهُوا۟ شَيْـًٔا وَيَجْعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيْرًا كَثِيرًا ﴿١٩﴾

19. Эй касоне, ки имон овардаед, барои шумо ҳалол нест, ки занон [-и падаронатон]-ро бар хилофи майлашон ба ирс баред [ё маҷбур ба издивоҷ бо дигарон кунед] ва [дар мавриди ҳамсарони худатон низ ҳукм ин аст, ки] ононро зери фишор қарор надиҳед, то бархе аз он чиро, ки [ба унвони маҳрия] ба эшон додаед, пас бигиред, магар ин ки муртакиби амали ношоистаи ошкоре [монанди зино] шаванд. [Аммо дар мавриди занони покдомани худ накугуфтор бошед] Ва бо онҳо ба таври шоиста рафтор кунед ва агар аз онон [хушатон наёмад ва] кароҳат доштед, пас, [шикебой кунед]. Чи басо чизеро хуш намедоред ва Аллоҳ таоло хайри бисёре дар он қарор медиҳад

وَإِنْ أَرَدتُّمُ ٱسْتِبْدَالَ زَوْجٍ مَّكَانَ زَوْجٍ وَءَاتَيْتُمْ إِحْدَىٰهُنَّ قِنطَارًا فَلَا تَأْخُذُوا۟ مِنْهُ شَيْـًٔا ۚ أَتَأْخُذُونَهُۥ بُهْتَـٰنًا وَإِثْمًا مُّبِينًا ﴿٢٠﴾

20. Агар хостед ҳамсар [-и дигаре] ба ҷойи ҳамсар [-и пешини худ] баргузинед ва ба яке аз онон моли фаровоне [ба унвони маҳрия] пардохтаед, чизе аз онро пас нагиред. Оё мехоҳед он [мол]-ро ба буҳтон ва гуноҳи ошкор бозпас бигиред?

وَكَيْفَ تَأْخُذُونَهُۥ وَقَدْ أَفْضَىٰ بَعْضُكُمْ إِلَىٰ بَعْضٍ وَأَخَذْنَ مِنكُم مِّيثَـٰقًا غَلِيظًا ﴿٢١﴾

21. Ва чи гуна он [маҳрия]-ро бозпас мегиред, дар ҳоле ки аз якдигар баҳраманд шудаед [ва аз асрори якдигар огоҳед] ва онон [ҳангоми ақди издивоҷ] аз шумо паймони маҳкаму устувор гирифтаанд

وَلَا تَنكِحُوا۟ مَا نَكَحَ ءَابَآؤُكُم مِّنَ ٱلنِّسَآءِ إِلَّا مَا قَدْ سَلَفَ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ فَـٰحِشَةً وَمَقْتًا وَسَآءَ سَبِيلًا ﴿٢٢﴾

22. Ва бо заноне, ки падаронатон [бо онҳо] издивоҷ кардаанд, [пас аз марги падар] издивоҷ накунед, магар он чи [аз ин навъ издивоҷ, ки дар замони ҷоҳилият рух дода ва] бахшида шудааст, [чаро ки] бе тардид, ин кор амали зишту танаффурангез ва роҳи нодуруст аст

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمْ أُمَّهَٰتُكُمْ وَبَنَاتُكُمْ وَأَخَوَٰتُكُمْ وَعَمَّٰتُكُمْ وَخَٰلَٰتُكُمْ وَبَنَاتُ ٱلْأَخِ وَبَنَاتُ ٱلْأُخْتِ وَأُمَّهَٰتُكُمُ ٱلَّٰتِيٓ أَرْضَعْنَكُمْ وَأَخَوَٰتُكُم مِّنَ ٱلرَّضَٰعَةِ وَأُمَّهَٰتُ نِسَآئِكُمْ وَرَبَٰٓئِبُكُمُ ٱلَّٰتِي فِي حُجُورِكُم مِّن نِّسَآئِكُمُ ٱلَّٰتِي دَخَلْتُم بِهِنَّ فَإِن لَّمْ تَكُونُواْ دَخَلْتُم بِهِنَّ فَلَا جُنَاحَ عَلَيْكُمْ وَحَلَٰٓئِلُ أَبْنَآئِكُمُ ٱلَّذِينَ مِنْ أَصْلَٰبِكُمْ وَأَن تَجْمَعُواْ بَيْنَ ٱلْأُخْتَيْنِ إِلَّا مَا قَدْ سَلَفَ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ غَفُورًا رَّحِيمًا ﴿٢٣﴾

23. [Издивоҷ бо ин афрод] Бар шумо ҳаром шудааст: модару духтар ва хоҳару амма ва холаву духтари бародару духтари хоҳар, модаре, ки ба шумо шир додааст ва хоҳари разоӣ ва модари зану духтари ҳамсаре, ки [он духтар] дар хонаи шумо парвариш ёфтааст ва бо он ҳамсар ҳамбистар шудаед - вале агар бо он зан омезиш накардаед, гуноҳе нест [ки бо духтараш издивоҷ кунед] - ҳамчунин, ҳамсари писаратон, ки аз пушти худатон аст ва издивоҷ бо ду хоҳар [низ бар шумо ҳаром аст], магар он чи [аз ин навъ издивоҷ, ки дар замони ҷоҳилият рух дода ва] бахшида шудааст, [чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَٱلْمُحْصَنَٰتُ مِنَ ٱلنِّسَآءِ إِلَّا مَا مَلَكَتْ أَيْمَٰنُكُمْ ۖ كِتَٰبَ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ ۚ وَأُحِلَّ لَكُم مَّا وَرَآءَ ذَٰلِكُمْ أَن تَبْتَغُواْ بِأَمْوَٰلِكُم مُّحْصِنِينَ غَيْرَ مُسَٰفِحِينَ ۚ فَمَا ٱسْتَمْتَعْتُم بِهِۦ مِنْهُنَّ فَـَٔاتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ فَرِيضَةً ۚ وَلَا جُنَاحَ عَلَيْكُمْ فِيمَا تَرَٰضَيْتُم بِهِۦ مِنۢ بَعْدِ ٱلْفَرِيضَةِ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيمًا حَكِيمًا ﴿٢٤﴾

24. Занони шавҳардор [бар шумо ҳароманд], магар заноне, ки [канизатон ҳастанд ва шумо] молики онҳо шудаед. [Ин] Фаризаи илоҳист, ки бар шумо муқаррар доштааст ва ғайр аз инҳо [ки гуфта шуд], бароятон ҳалол аст, дар ҳоле ки покдоманӣ меварзед ва зинокор нестед, бо амволи худ [занони дигарро] талаб кунед. Пас, он заноне, ки [ба издивоҷ даровардед ва] аз онон ком гирифтед, бояд маҳрияашонро ба унвони фаризае ба онон бидиҳед ва дар мавриди он чи баъд аз таъйини маҳрия [дар мавриди бешу ками он] бо якдигар тавофуқ мекунед, гуноҳе бар шумо нест. Бе гумон, Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

وَمَن لَّمْ يَسْتَطِعْ مِنكُمْ طَوْلًا أَن يَنكِحَ ٱلْمُحْصَنَٰتِ ٱلْمُؤْمِنَٰتِ فَمِن مَّا مَلَكَتْ أَيْمَٰنُكُم مِّن فَتَيَٰتِكُمُ ٱلْمُؤْمِنَٰتِ ۚ وَٱللَّهُ أَعْلَمُ بِإِيمَٰنِكُم ۚ بَعْضُكُم مِّنۢ بَعْضٍ ۚ فَٱنكِحُوهُنَّ بِإِذْنِ أَهْلِهِنَّ وَءَاتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ مُحْصَنَٰتٍ غَيْرَ مُسَٰفِحَٰتٍ وَلَا مُتَّخِذَٰتِ أَخْدَانٍ ۚ فَإِذَآ أُحْصِنَّ فَإِنْ أَتَيْنَ بِفَٰحِشَةٍ فَعَلَيْهِنَّ نِصْفُ مَا عَلَى ٱلْمُحْصَنَٰتِ مِنَ ٱلْعَذَابِ ۚ ذَٰلِكَ لِمَنْ خَشِىَ ٱلْعَنَتَ مِنكُمْ ۚ وَأَن تَصْبِرُواْ خَيْرٌ لَّكُمْ ۗ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٢٥﴾

25. Ва ҳар як аз шумо аз лиҳози молӣ тавоноии издивоҷ бо занони озодаи муъминро надорад, пас, бо канизакони боимоне, ки дар ихтиёри шумо [ё дигар мусулмонон] ҳастанд [издивоҷ кунад]. Ва Аллоҳ таоло ба имонатон донотар аст. [Шумо ва онон] Ҳамагӣ аз ҷинси якдигаред [ва бо якдигар баробаред], пас, бо иҷозати сарпарасташон бо онон издивоҷ кунед ва маҳрияҳояшонро ба таври писандида ба эшон бидиҳед, [ба шарти он ки] покдоман бошанд на

зинокор ва на [дар зумраи] касоне, ки пинҳонӣ [барои худ] дӯст мегиранд. Он гоҳ чун издивоҷ карданд, агар муртакиби зино шуданд, пас, муҷозоташон [панҷоҳ тозиёна, яъне] нисфи муҷозоти занони озод аст. Ин [иҷозати издивоҷ бо канизон] барои касе аз шумост, ки аз олоиш ба гуноҳ битарсад, ва [-ле дар мавриди издивоҷ бо канизон] агар шикебоӣ [ва покдоманӣ] пеша кунед, бароятон беҳтар аст ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

26. Аллоҳ таоло мехоҳад, ки [аҳкоми хешро] бароятон равшан созад ва шуморо ба роҳу равиши касоне, ки пеш аз шумо буданд, роҳнамоӣ кунад ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيُبَيِّنَ لَكُمْ وَيَهْدِيَكُمْ سُنَنَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ وَيَتُوبَ عَلَيْكُمْ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٢٦﴾

27. Ва Аллоҳ таоло мехоҳад тавбаи шуморо бипазирад [ва аз олудагии гуноҳ покатон намояд], ва [-ле] касоне, ки пайрави шаҳавот ҳастанд, мехоҳанд, ки шумо дастхуши инҳирофи бузурге шавед

وَٱللَّهُ يُرِيدُ أَن يَتُوبَ عَلَيْكُمْ وَيُرِيدُ ٱلَّذِينَ يَتَّبِعُونَ ٱلشَّهَوَٰتِ أَن تَمِيلُواْ مَيْلًا عَظِيمًا ﴿٢٧﴾

28. Аллоҳ таоло [бо ташреъи ин аҳком] мехоҳад бар шумо осон гирад. Ва инсон нотавон офарида шудааст

يُرِيدُ ٱللَّهُ أَن يُخَفِّفَ عَنكُمْ ۚ وَخُلِقَ ٱلْإِنسَٰنُ ضَعِيفًا ﴿٢٨﴾

29. Эй касоне, ки имон овардаед, амволи якдигарро ба ботил [ва аз роҳҳои номашруъе ҳамчун ғасбу дуздӣ ва ришва] нахӯред, магар ин ки тиҷорате бо ризоияти шумо [анҷом гирифта] бошад; ва [ҳамчунин] якдигарро накушед ва худкушӣ накунед; ҳамоно Аллоҳ таоло [нисбат] ба шумо меҳрубон аст [ва шуморо аз ин корҳо боз медорад]

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَأْكُلُوٓاْ أَمْوَٰلَكُم بَيْنَكُم بِٱلْبَٰطِلِ إِلَّآ أَن تَكُونَ تِجَٰرَةً عَن تَرَاضٍ مِّنكُمْ ۚ وَلَا تَقْتُلُوٓاْ أَنفُسَكُمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِكُمْ رَحِيمًا ﴿٢٩﴾

30. Ва ҳар ки [огоҳона ва] аз рӯйи таҷовуз ва ситам чунин кунад, пас, ба зудӣ ӯро дар оташ [-и сӯзон] дармеоварем ва ин [кор] барои Аллоҳ таоло осон аст

وَمَن يَفْعَلْ ذَٰلِكَ عُدْوَٰنًا وَظُلْمًا فَسَوْفَ نُصْلِيهِ نَارًا ۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرًا ﴿٣٠﴾

31. [Эй муъминон] Агар аз гуноҳони бузурге, ки аз он наҳй шудаед, дурӣ кунед, гуноҳон [-и

إِن تَجْتَنِبُواْ كَبَآئِرَ مَا تُنْهَوْنَ عَنْهُ نُكَفِّرْ عَنكُمْ سَيِّـَٔاتِكُمْ وَنُدْخِلْكُم مُّدْخَلًا كَرِيمًا ﴿٣١﴾

саҒиратон]-ро аз шумо мезудоем ва шуморо дар ҷойгоҳи шоистаи [биҳишт] ворид мекунем

وَلَا تَتَمَنَّوْاْ مَا فَضَّلَ ٱللَّهُ بِهِۦ بَعْضَكُمْ عَلَىٰ بَعْضٍۚ لِّلرِّجَالِ نَصِيبٌ مِّمَّا ٱكْتَسَبُواْۖ وَلِلنِّسَآءِ نَصِيبٌ مِّمَّا ٱكْتَسَبْنَۚ وَسْـَٔلُواْ ٱللَّهَ مِن فَضْلِهِۦٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمًا ﴿٣٢﴾

32. [Эй муъминон] Он чиро, ки Аллоҳ таоло ба василаи он бархе аз шуморо бар бархе дигар бартарӣ додааст, орзу макунед [то дучори ҳасад нашавед]. Мардон аз он чи ба даст овардаанд, [подошу] баҳрае доранд ва занон [низ] аз он чи ба даст овардаанд, [аҷру] баҳрае доранд ва аз бахшиши Аллоҳ таоло [чизе] бихоҳед. Бе тардид, Аллоҳ таоло ба ҳар чизе доност

وَلِكُلٍّ جَعَلْنَا مَوَٰلِىَ مِمَّا تَرَكَ ٱلْوَٰلِدَانِ وَٱلْأَقْرَبُونَۚ وَٱلَّذِينَ عَقَدَتْ أَيْمَٰنُكُمْ فَـَٔاتُوهُمْ نَصِيبَهُمْۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ شَهِيدًا ﴿٣٣﴾

33. Мо барои ҳар кас ворисоне қарор додаем, ки аз он чи падару модар ва хешовандон бар ҷой гузоштаанд, ирс бибаранд ва [низ] ба касоне, ки [бо онон] паймони [бародарӣ ва ёрӣ] бастаед, саҳмашонро [аз ирс] бидиҳед. Бе гумон, Аллоҳ таоло бар ҳар чизе гувоҳ аст

ٱلرِّجَالُ قَوَّٰمُونَ عَلَى ٱلنِّسَآءِ بِمَا فَضَّلَ ٱللَّهُ بَعْضَهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ وَبِمَآ أَنفَقُواْ مِنْ أَمْوَٰلِهِمْۚ فَٱلصَّٰلِحَٰتُ قَٰنِتَٰتٌ حَٰفِظَٰتٌ لِّلْغَيْبِ بِمَا حَفِظَ ٱللَّهُۚ وَٱلَّٰتِى تَخَافُونَ نُشُوزَهُنَّ فَعِظُوهُنَّ وَٱهْجُرُوهُنَّ فِى ٱلْمَضَاجِعِ وَٱضْرِبُوهُنَّۖ فَإِنْ أَطَعْنَكُمْ فَلَا تَبْغُواْ عَلَيْهِنَّ سَبِيلًاۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيًّا كَبِيرًا ﴿٣٤﴾

34. Мардон бар занон сарпарасту нигаҳбонанд, ба хотири он ки Аллоҳ таоло бархе аз эшонро бар бархе бартарӣ додааст ва [низ] ба хотири он ки аз амволи хеш [барои занон] харҷ мекунанд. Пас, занони солеҳ, [ононад, ки ҳам аз Аллоҳ таоло ва ҳам аз шавҳаронашон] фармонбардоранд [ва] ба поси он чи Аллоҳ таоло [барояшон] ҳифз кардааст [асрору ҳуқуқи шавҳарони худро] дар ғайби [онон] ҳифз мекунанд. Ва [эй шавҳарон] ба заноне, ки аз нофармониашон бим доред, панду андарз диҳед, [агар фармонбардор нашуданд] дар бистар аз эшон дурӣ кунед [ва агар таъсир накард], ононро [тавре, ки озор набинанд] бизанед. Пас, агар аз шумо итоат карданд, ҳеҷ роҳе [барои баҳоначӯӣ ва сарзаниш] бар онҳо маҷӯед [ва бидонед, ки] ба ростӣ, Аллоҳ таоло баландмартабаи бузург аст

وَإِنْ خِفْتُمْ شِقَاقَ بَيْنِهِمَا فَٱبْعَثُواْ حَكَمًا مِّنْ أَهْلِهِۦ وَحَكَمًا مِّنْ أَهْلِهَآ إِن يُرِيدَآ إِصْلَٰحًا يُوَفِّقِ ٱللَّهُ بَيْنَهُمَآۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيمًا خَبِيرًا ﴿٣٥﴾

35. Ва [шумо, эй сарпарастони зану мард] агар аз ихтилофу ҷудоӣ миёни он ду [зану шавҳар] бим доштед, пас, як довар аз хонаводаи шавҳар ва як довар аз хонаводаи зан [таъйин кунед ва

барои тасмимгирӣ] бифиристед. Агар ин ду [довар] қасди ислоҳ [ва оштӣ байни завҷайн] дошта бошанд, Аллоҳ таоло миёни он ду [зану шавҳар] созгорӣ хоҳад дод. Бе гумон, Аллоҳ таоло донои огоҳ аст

۞وَٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗاۖ وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَٰنٗا وَبِذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱلۡجَارِ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡجَارِ ٱلۡجُنُبِ وَٱلصَّاحِبِ بِٱلۡجَنۢبِ وَٱبۡنِ ٱلسَّبِيلِ وَمَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ مَن كَانَ مُخۡتَالٗا فَخُورًا ٣٦

36. Ва Аллоҳро бипарастед ва чизеро бо Ӯ шарик нагардонед ва ба падару модар некӣ кунед ва [низ] ба хешовандону ятимон ва тиҳидастону ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи ғайри хешованд ва ҳамнишину [мусофири] дар роҳмонда ва [канизону] бардагоне, ки молики онҳо ҳастед [некӣ кунед ва бидонед, ки] яқинан, Аллоҳ таоло касеро, ки мутакаббир ва фахрфурӯш бошад, дӯст намедорад

ٱلَّذِينَ يَبۡخَلُونَ وَيَأۡمُرُونَ ٱلنَّاسَ بِٱلۡبُخۡلِ وَيَكۡتُمُونَ مَآ ءَاتَىٰهُمُ ٱللَّهُ مِن فَضۡلِهِۦۗ وَأَعۡتَدۡنَا لِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٗا مُّهِينٗا ٣٧

37. [Ҳамон] Касоне, ки бухл меварзанд ва мардумро ба бухл вомедоранд ва он чи [аз сарвату дониш]-ро, ки Аллоҳ таоло аз фазли хеш ба онон бахшидааст, пинҳон мекунанд. Ва мо барои кофирон [ва носипосон] азоби хоркунанда муҳайё кардаем

وَٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمۡوَٰلَهُمۡ رِئَآءَ ٱلنَّاسِ وَلَا يُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَلَا بِٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۗ وَمَن يَكُنِ ٱلشَّيۡطَٰنُ لَهُۥ قَرِينٗا فَسَآءَ قَرِينٗا ٣٨

38. Ва [низ барои] касоне, ки амволашонро барои [худнамоӣ ва] нишон додан ба мардум инфоқ мекунанд ва ба Аллоҳ таоло ва рӯзи охират имон надоранд [чунин шахсе ёри шайтон аст] ва касе,ки шайтон ҳамдамаш бошад, чи бад ҳамдаме дорад!

وَمَاذَا عَلَيۡهِمۡ لَوۡ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ وَأَنفَقُواْ مِمَّا رَزَقَهُمُ ٱللَّهُۚ وَكَانَ ٱللَّهُ بِهِمۡ عَلِيمًا ٣٩

39. Ва барои онон чи зиёне дошт, агар ба Аллоҳ таоло ва рӯзи охират имон меоварданд ва аз он чи Аллоҳ таоло ба онон рӯзӣ додааст, инфоқ мекарданд? Ва Аллоҳ таоло ба [ҳолу аъмоли] эшон доност

إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَظۡلِمُ مِثۡقَالَ ذَرَّةٖۖ وَإِن تَكُ حَسَنَةٗ يُضَٰعِفۡهَا وَيُؤۡتِ مِن لَّدُنۡهُ أَجۡرًا عَظِيمٗا ٤٠

40. Бе гумон, Аллоҳ таоло ба андозаи заррае [ба бандагонаш] ситам намекунад ва агар кори неке бошад, онро дучандон мекунад ва аз пешгоҳи худ [ба онон] подоши бузурге ато мекунад

فَكَيْفَ إِذَا جِئْنَا مِن كُلِّ أُمَّةٍۭ بِشَهِيدٍ وَجِئْنَا بِكَ عَلَىٰ هَٰٓؤُلَآءِ شَهِيدًا ﴿٤١﴾

41. Ва ҳол [-у рӯзи нобоварон] чи гуна бошад, он гоҳ, ки аз ҳар уммате шоҳидеро [ки паёмбари ҳамон уммат бошад] ба миён меоварем ва туро [низ эй паёмбар, дар бораи иблоғи паёми илоҳӣ] бар инон гувоҳ меоварем

يَوْمَئِذٍ يَوَدُّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَعَصَوُا۟ ٱلرَّسُولَ لَوْ تُسَوَّىٰ بِهِمُ ٱلْأَرْضُ وَلَا يَكْتُمُونَ ٱللَّهَ حَدِيثًا ﴿٤٢﴾

42. Он рӯз касоне, ки кофир шуданд ва аз паёмбар нофармонӣ карданд, орзу мекунанд, ки эй кош, бо хок яксон мешуданд ва ҳеҷ суханеро наметавонанд аз Аллоҳ таоло пинҳон кунанд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا تَقْرَبُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَنتُمْ سُكَٰرَىٰ حَتَّىٰ تَعْلَمُوا۟ مَا تَقُولُونَ وَلَا جُنُبًا إِلَّا عَابِرِى سَبِيلٍ حَتَّىٰ تَغْتَسِلُوا۟ ۚ وَإِن كُنتُم مَّرْضَىٰٓ أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ أَوْ جَآءَ أَحَدٌ مِّنكُم مِّنَ ٱلْغَآئِطِ أَوْ لَٰمَسْتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَلَمْ تَجِدُوا۟ مَآءً فَتَيَمَّمُوا۟ صَعِيدًا طَيِّبًا فَٱمْسَحُوا۟ بِوُجُوهِكُمْ وَأَيْدِيكُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَفُوًّا غَفُورًا ﴿٤٣﴾

43. Эй касоне, ки имон овардаед, дар ҳоли мастӣ ба намоз наистед, то замоне, ки бидонед чи мегӯед ва [ҳамчунин] ҳангоме ки ҷунуб ҳастед, то ғусл накардаед, ба намоз [ва масҷид] наздик нашавед, магар он ки раҳгузар бошед. Ва агар бемор ё мусофир будед, ё яке аз шумо аз макони қазои ҳоҷат омад ё бо занон омезиш кардед ва [барои вузу ё ғусл] об наёфтаед, пас, [бояд] бо хоки пок таяммум кунед, [ба ин равиш, ки] чеҳра ва дастҳоятонро [бо он] маҳс намоед. Бе гумон, Аллоҳ таоло бахшояндаи омурзгор аст

أَلَمْ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ نَصِيبًا مِّنَ ٱلْكِتَٰبِ يَشْتَرُونَ ٱلضَّلَٰلَةَ وَيُرِيدُونَ أَن تَضِلُّوا۟ ٱلسَّبِيلَ ﴿٤٤﴾

44. [Эй паёмбар] Оё касоне [аз яҳудиён]-ро, ки баҳрае аз китоб ба онҳо дода шудааст, надидай [ки чи гуна] гумроҳиро мехаранд ва мехоҳанд шумо [муъминон низ монанди эшон] гумроҳ шавед

وَٱللَّهُ أَعْلَمُ بِأَعْدَآئِكُمْ ۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ وَلِيًّا وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ نَصِيرًا ﴿٤٥﴾

45. Ва [эй муъминон] Аллоҳ таоло ба душманони шумо донотар аст ва кофӣ аст, ки Аллоҳ таоло ёр [-у корсозатон] бошад ва кофист, ки Аллоҳ таоло ёвар [-у мададгоратон] бошад

مِّنَ ٱلَّذِينَ هَادُوا۟ يُحَرِّفُونَ ٱلْكَلِمَ عَن مَّوَاضِعِهِۦ وَيَقُولُونَ سَمِعْنَا وَعَصَيْنَا وَٱسْمَعْ غَيْرَ مُسْمَعٍ وَرَٰعِنَا لَيًّۢا بِأَلْسِنَتِهِمْ وَطَعْنًا فِى ٱلدِّينِ ۚ وَلَوْ أَنَّهُمْ قَالُوا۟ سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا وَٱسْمَعْ وَٱنظُرْنَا لَكَانَ خَيْرًا لَّهُمْ وَأَقْوَمَ وَلَٰكِن لَّعَنَهُمُ ٱللَّهُ بِكُفْرِهِمْ فَلَا يُؤْمِنُونَ إِلَّا قَلِيلًا ﴿٤٦﴾

46. Бархе аз яҳудиён, калимоти [Аллоҳ таоло]-ро аз ҷойи худ таҳриф мекунанд ва бо печондани забони худ ва ба қасди таъна задан дар дин [бо даромехтани забони ибрӣ бо арабӣ ба паёмбар] мегӯянд: «Шунидем ва нофармонӣ кардем» ва «Бишнав, ки [кош] ношунаво гардӣ»! Ва [низ ба тамасхур мегӯянд]: «Роъино» [ки дар ибрӣ мафҳуми тавҳиномезе дорад]. Вале агар

онон мегуфтанд: «Шунидем ва итоат кардем» ва «[суханони моро] бишнав ва ба мо муҳлат бидеҳ», ҳатман, бароятон беҳтар ва дурусттар буд. Вале Аллоҳ таоло ононро ба хотири куфрашон лаънат кардааст. Пас, ҷуз [гурӯҳи] андак имон намеоваранд

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ ءَامِنُواْ بِمَا نَزَّلۡنَا مُصَدِّقٗا لِّمَا مَعَكُم مِّن قَبۡلِ أَن نَّطۡمِسَ وُجُوهٗا فَنَرُدَّهَا عَلَىٰٓ أَدۡبَارِهَآ أَوۡ نَلۡعَنَهُمۡ كَمَا لَعَنَّآ أَصۡحَٰبَ ٱلسَّبۡتِۚ وَكَانَ أَمۡرُ ٱللَّهِ مَفۡعُولًا ٤٧

47. Эй аҳли китоб, ба он чи ки [бар Муҳаммад] нозил кардем ва китоби осмонӣ шуморо тасдиқ мекунад, имон биёваред, пеш аз он ки чеҳраҳоро маҳв кунем ва онҳоро [ҳамчун] пушти сарашон [софу зишт] бигардонем, ё эшонро ҳамчун асҳоби сабт [яҳудиёни нофармоне, ки рӯзи шанбе моҳӣ гирифтанд] лаънат кунем [ва ба шакли маймун дароварем] ва [бидонед, ки] фармони Аллоҳ таоло, ҳатман, ба вуқуъ мепайвандад

إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُۚ وَمَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱفۡتَرَىٰٓ إِثۡمًا عَظِيمًا ٤٨

48. Бе гумон, Аллоҳ таоло ин гуноҳро, ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад ва ғайр аз онро - барои ҳар ки бихоҳад - мебахшад; ва ҳар ки ба Аллоҳ таоло ширк варзад, яқинан, гуноҳи бузург ба гардан гирифтааст

أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ يُزَكُّونَ أَنفُسَهُمۡۚ بَلِ ٱللَّهُ يُزَكِّي مَن يَشَآءُ وَلَا يُظۡلَمُونَ فَتِيلًا ٤٩

49. [Эй паёмбар] Оё надидӣ касонеро, ки хештанро пок мешуморанд [ва худситоӣ мекунанд? Чунин нест], балки Аллоҳ таоло ҳар киро бихоҳад пок мегардонад ва ба эшон ба андозаи зарраи ночиз [ҳатто ба андозаи нахи рӯйи ҳастаи хурмо] ситам намешавад

ٱنظُرۡ كَيۡفَ يَفۡتَرُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَۖ وَكَفَىٰ بِهِۦٓ إِثۡمٗا مُّبِينًا ٥٠

50. [Эй паёмбар] Бингар, ки чи гуна бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебанданд! Ва ҳамин [амал ба унвони] гуноҳи ошкор кофӣ аст

أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ أُوتُواْ نَصِيبٗا مِّنَ ٱلۡكِتَٰبِ يُؤۡمِنُونَ بِٱلۡجِبۡتِ وَٱلطَّٰغُوتِ وَيَقُولُونَ لِلَّذِينَ كَفَرُواْ هَٰٓؤُلَآءِ أَهۡدَىٰ مِنَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ سَبِيلًا ٥١

51. Оё афроде [аз қавми яҳуд]-ро, ки баҳрае аз китоби [осмонӣ] ба онон дода шудааст, надидай [ки чи гуна] ба бутҳо ва маъбудони ботил имон меоваранд? [Ин афрод аз рӯйи дӯстӣ ва мадоро] Дар бораи касоне, ки куфр варзидаанд, мегӯянд: «Инон аз касоне, ки имон овардаанд, ҳидоятёфтатаранд»

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ لَعَنَهُمُ ٱللَّهُۖ وَمَن يَلْعَنِ ٱللَّهُ فَلَن تَجِدَ لَهُۥ نَصِيرًا ﴿٥٢﴾

52. Онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таоло лаънаташон кардааст ва ҳар киро Аллоҳ таоло лаънат кунад, ҳаргиз барояш ёваре нахоҳӣ ёфт

أَمْ لَهُمْ نَصِيبٌ مِّنَ ٱلْمُلْكِ فَإِذًا لَّا يُؤْتُونَ ٱلنَّاسَ نَقِيرًا ﴿٥٣﴾

53. Оё онон баҳрае аз ҳукумат доранд? [Агар ҳам доштанд] Камтарин чизе ба мардум намедоданд

أَمْ يَحْسُدُونَ ٱلنَّاسَ عَلَىٰ مَآ ءَاتَىٰهُمُ ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦۖ فَقَدْ ءَاتَيْنَآ ءَالَ إِبْرَٰهِيمَ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَءَاتَيْنَٰهُم مُّلْكًا عَظِيمًا ﴿٥٤﴾

54. Оё ба мардум [Муҳаммад ва ёронаш] ба хотири он чи Аллоҳ таоло аз фазли хеш ба онон бахшидааст, ҳасад меварзанд? Дар ҳақиқат, Мо [пештар низ] ба хонадони Иброҳим китобу ҳикмат додем ва ба онон фармонравоии бузурге бахшидем

فَمِنْهُم مَّنْ ءَامَنَ بِهِۦ وَمِنْهُم مَّن صَدَّ عَنْهُۚ وَكَفَىٰ بِجَهَنَّمَ سَعِيرًا ﴿٥٥﴾

55. Пас, бархе аз онон ба вай имон оварданд ва бархе аз онон аз ӯ рӯй гардонданд [пас, нисбат ба даъвати Муҳаммад низ чунин карданд] ва [барои ин кофирон] оташи афрӯхтаи дузах кофист

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِـَٔايَٰتِنَا سَوْفَ نُصْلِيهِمْ نَارًا كُلَّمَا نَضِجَتْ جُلُودُهُم بَدَّلْنَٰهُمْ جُلُودًا غَيْرَهَا لِيَذُوقُواْ ٱلْعَذَابَۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَزِيزًا حَكِيمًا ﴿٥٦﴾

56. Бе гумон, касонеро, ки ба оёти мо куфр варзиданд, дар оташ [-и сӯзон] ворид хоҳем кард, ки ҳар чи пӯсташон бирён гардад, пӯстҳои дигаре ба ҷояш қарор медиҳем, то [таъми] азобро бичашанд. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло шикастнопазири ҳаким аст

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ سَنُدْخِلُهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًاۖ لَّهُمْ فِيهَآ أَزْوَٰجٌ مُّطَهَّرَةٌۖ وَنُدْخِلُهُمْ ظِلًّا ظَلِيلًا ﴿٥٧﴾

57. Ва касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, ба боғҳое [аз биҳишт] ворид хоҳем намуд, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорӣ аст; ҳамвора дар он хоҳанд монд ва дар он ҷо ҳамсарони покиза доранд ва ононро зери сояҳои густурда [ва анбӯҳ] ҷой медиҳем

۞إِنَّ ٱللَّهَ يَأْمُرُكُمْ أَن تُؤَدُّواْ ٱلْأَمَٰنَٰتِ إِلَىٰٓ أَهْلِهَا وَإِذَا حَكَمْتُم بَيْنَ ٱلنَّاسِ أَن تَحْكُمُواْ بِٱلْعَدْلِۚ إِنَّ ٱللَّهَ نِعِمَّا يَعِظُكُم بِهِۦٓۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ سَمِيعًۢا بَصِيرًا ﴿٥٨﴾

58. Аллоҳ таоло ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро [ба таври комил] ба соҳибонашон бозгардонед ва ҳангоме ки миёни мардум доварӣ мекунед, ба адолат доварӣ кунед. Аллоҳ таоло ба амри нек пандатон медиҳад. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло шунавои биност

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَأُوْلِى ٱلۡأَمۡرِ مِنكُمۡۖ فَإِن تَنَـٰزَعۡتُمۡ فِى شَىۡءٖ فَرُدُّوهُ إِلَى ٱللَّهِ وَٱلرَّسُولِ إِن كُنتُمۡ تُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۚ ذَٰلِكَ خَيۡرٞ وَأَحۡسَنُ تَأۡوِيلًا ٥٩

59. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло ва паёмбар ва коргузорон [-у фармондеҳони мусулмони худ] итоат кунед ва агар дар чизе ихтилоф кардед, онро ба [Китоби] Аллоҳ таоло ва [Суннати] паёмбар бозгардонед. Агар ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон доред, [яқин дошта бошед, ки] ин [бозгашт ва Қуръону Суннат бароятон] беҳтар ва хушфарҷомтар аст

أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ يَزۡعُمُونَ أَنَّهُمۡ ءَامَنُواْ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ وَمَآ أُنزِلَ مِن قَبۡلِكَ يُرِيدُونَ أَن يَتَحَاكَمُوٓاْ إِلَى ٱلطَّٰغُوتِ وَقَدۡ أُمِرُوٓاْ أَن يَكۡفُرُواْ بِهِۦ وَيُرِيدُ ٱلشَّيۡطَٰنُ أَن يُضِلَّهُمۡ ضَلَٰلَۢا بَعِيدٗا ٦٠

60. [Эй паёмбар] Оё афроде [аз яҳудиён]-ро надидай, ки гумон мекунанд, ба он чи бар ту нозил шуда ва он чи пеш аз ту нозил шуда имон овардаанд, ва [-ле] мехоҳанд барои доварӣ назди Тоғут [ва ҳокимони худкома] раванд? Бо он ки ба эшон дастур дода шудааст, ки ба ӯ куфр варзанд, ва [-ле] шайтон мехоҳад ононро дар гумроҳии дуру дарозе қарор диҳад

وَإِذَا قِيلَ لَهُمۡ تَعَالَوۡاْ إِلَىٰ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ وَإِلَى ٱلرَّسُولِ رَأَيۡتَ ٱلۡمُنَـٰفِقِينَ يَصُدُّونَ عَنكَ صُدُودٗا ٦١

61. Ва чун ба онон гуфта шавад: «Ба сӯйи он чи Аллоҳ таоло нозил кардааст [Қуръон] ва ба сӯйи паёмбари [Ӯ] биёед», мунофиқонро мебинӣ, ки аз ту сахт рӯй мегардонанд

فَكَيۡفَ إِذَآ أَصَـٰبَتۡهُم مُّصِيبَةُۢ بِمَا قَدَّمَتۡ أَيۡدِيهِمۡ ثُمَّ جَآءُوكَ يَحۡلِفُونَ بِٱللَّهِ إِنۡ أَرَدۡنَآ إِلَّآ إِحۡسَـٰنٗا وَتَوۡفِيقًا ٦٢

62. Пас, чи гуна аст, ки вақте ба [сазои] корҳои бадашон мусибате ба онон мерасад, назди ту меоянд ва ба Аллоҳ таоло савганд ёд мекунанд, ки: «Манзури мо [аз додхоҳӣ назди дигарон чизе] ҷуз некӣ ва тавофуқ [миёни тарафайн] набудааст»?

أُوْلَـٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ يَعۡلَمُ ٱللَّهُ مَا فِى قُلُوبِهِمۡ فَأَعۡرِضۡ عَنۡهُمۡ وَعِظۡهُمۡ وَقُل لَّهُمۡ فِىٓ أَنفُسِهِمۡ قَوۡلَۢا بَلِيغٗا ٦٣

63. Инон ҳамон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таоло медонад, ки чи дар дил доранд. Пас, [эй паёмбар] аз онон рӯй бигардон ва андарзашон бидеҳ ва бо баёни расо [натоиҷи] кирдорашонро ба эшон гӯшзад кун

وَمَآ أَرۡسَلۡنَا مِن رَّسُولٍ إِلَّا لِيُطَاعَ بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ وَلَوۡ أَنَّهُمۡ إِذ ظَّلَمُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ جَآءُوكَ فَٱسۡتَغۡفَرُواْ ٱللَّهَ وَٱسۡتَغۡفَرَ لَهُمُ ٱلرَّسُولُ لَوَجَدُواْ ٱللَّهَ تَوَّابٗا رَّحِيمٗا ٦٤

64. Ва ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар барои ин ки ба фармони Аллоҳ таоло [мардум аз вай] итоат кунанд ва агар ҳангоме ки онон [бо гуноҳу нофармонӣ] бар хештан ситам мекарданд, [то зинда ҳастӣ] наздат меомаданд ва аз Аллоҳ

таоло омурзиш мехостанд, бе тардид Аллоҳро тавбапазири меҳрубон меёфтанд

فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لَا يَجِدُوا۟ فِىٓ أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا۟ تَسْلِيمًا ﴿٦٥﴾

65. На! Савганд ба Парвардигорат, [эй Муҳаммад] ки онон имон намеоваранд, магар ин ки дар ихтилофоташон туро довар қарор диҳанд ва аз доварии ту дар дили хеш эҳсоси нороҳатӣ накунанд ва комилан таслим бошанд

وَلَوْ أَنَّا كَتَبْنَا عَلَيْهِمْ أَنِ ٱقْتُلُوٓا۟ أَنفُسَكُمْ أَوِ ٱخْرُجُوا۟ مِن دِيَٰرِكُم مَّا فَعَلُوهُ إِلَّا قَلِيلٌ مِّنْهُمْ ۖ وَلَوْ أَنَّهُمْ فَعَلُوا۟ مَا يُوعَظُونَ بِهِۦ لَكَانَ خَيْرًا لَّهُمْ وَأَشَدَّ تَثْبِيتًا ﴿٦٦﴾

66. Ва агар [монанди Бани Исроил] бар онон муқаррар мекардем, ки «[нофармонони] худро бикушед ё аз хонаву шаҳратон берун биравед», ҷуз андаке аз эшон [ба он дастурҳо] амал намекарданд. Ва агар ба он чи андарз дода шуданд, амал мекарданд, бе тардид барояшон беҳтар ва дар пойдоришон [бар дин] муассиртар буд

وَإِذًا لَّءَاتَيْنَٰهُم مِّن لَّدُنَّآ أَجْرًا عَظِيمًا ﴿٦٧﴾

67. Ва дар ин сурат, аз пешгоҳи худ подоши бузурге ба онон медодем

وَلَهَدَيْنَٰهُمْ صِرَٰطًا مُّسْتَقِيمًا ﴿٦٨﴾

68. Ва ба роҳи рост ҳидояташон мекардем

وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ فَأُو۟لَٰٓئِكَ مَعَ ٱلَّذِينَ أَنْعَمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِم مِّنَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ وَٱلصِّدِّيقِينَ وَٱلشُّهَدَآءِ وَٱلصَّٰلِحِينَ ۚ وَحَسُنَ أُو۟لَٰٓئِكَ رَفِيقًا ﴿٦٩﴾

69. Ва касе, ки Аллоҳ таоло ва паёмбарро итоат кунад, [рӯзи қиёмат] ҳамнишини касоне хоҳад буд, ки Аллоҳ таоло эшонро гиромӣ доштааст, [яъне] бо паёмбарону сиддиқон [тасдиққунандагони паёмбар] ва шаҳидону солеҳон. Ва инон чи наку рафиқоне ҳастанд!

ذَٰلِكَ ٱلْفَضْلُ مِنَ ٱللَّهِ ۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ عَلِيمًا ﴿٧٠﴾

70. Ин фазлу бахшиш аз ҷониби Аллоҳ таоло аст ва ҳамин бас, ки Аллоҳ таоло [ба аҳволи бандагон] доност

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ خُذُوا۟ حِذْرَكُمْ فَٱنفِرُوا۟ ثُبَاتٍ أَوِ ٱنفِرُوا۟ جَمِيعًا ﴿٧١﴾

71. Эй касоне, ки имон овардаед, силоҳи худро баргиред, сипас гурӯҳ-гурӯҳ ё як порча [барои ҷиҳод бо душман] раҳсипор гардед

وَإِنَّ مِنكُمْ لَمَن لَّيُبَطِّئَنَّ فَإِنْ أَصَٰبَتْكُم مُّصِيبَةٌ قَالَ قَدْ أَنْعَمَ ٱللَّهُ عَلَىَّ إِذْ لَمْ أَكُن مَّعَهُمْ شَهِيدًا ﴿٧٢﴾

72. Ва [эй мусулмонон] бе тардид, аз [миёни] шумо касе ҳаст, ки [ба хотири тарс аз ширкат дар майдони ҷиҳод] сустӣ меварзад ва агар мусибате ба шумо бирасад, мегӯяд: «Аллоҳ

таоло ба ман лутф кард, ки ҳамроҳи онон [дар ҷанг] ҳозир набудам»

وَلَئِنۡ أَصَٰبَكُمۡ فَضۡلٞ مِّنَ ٱللَّهِ لَيَقُولَنَّ كَأَن لَّمۡ تَكُنۢ بَيۡنَكُمۡ وَبَيۡنَهُۥ مَوَدَّةٞ يَٰلَيۡتَنِي كُنتُ مَعَهُمۡ فَأَفُوزَ فَوۡزًا عَظِيمَۢا ٧٣

73. Ва [-ле] агар бахшишу ғанимате аз ҷониби Аллоҳ таоло ба шумо расад, чунонки гӯё ҳаргиз миёни шумо ва ӯ [робитаи] дӯстӣ набудааст, [бо ҳасрат] мегӯяд: «Эй кош, ман низ ҳамроҳи онон будам ва ба комёбии бузурге мерасидам»

فَلۡيُقَٰتِلۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ ٱلَّذِينَ يَشۡرُونَ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا بِٱلۡأٓخِرَةِۚ وَمَن يُقَٰتِلۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ فَيُقۡتَلۡ أَوۡ يَغۡلِبۡ فَسَوۡفَ نُؤۡتِيهِ أَجۡرًا عَظِيمٗا ٧٤

74. Пас, касоне, ки зиндагии дунёро ба охират фурӯхтаанд,бояд дар роҳи Аллоҳ таоло пайкор кунанд ва ба ҳар касе, ки дар роҳи Аллоҳ таоло пайкор кунад, хоҳ кушта шавад ё пирӯз гардад, ба зудӣ подоши бузурге хоҳем дод

وَمَا لَكُمۡ لَا تُقَٰتِلُونَ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱلۡمُسۡتَضۡعَفِينَ مِنَ ٱلرِّجَالِ وَٱلنِّسَآءِ وَٱلۡوِلۡدَٰنِ ٱلَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَآ أَخۡرِجۡنَا مِنۡ هَٰذِهِ ٱلۡقَرۡيَةِ ٱلظَّالِمِ أَهۡلُهَا وَٱجۡعَل لَّنَا مِن لَّدُنكَ وَلِيّٗا وَٱجۡعَل لَّنَا مِن لَّدُنكَ نَصِيرًا ٧٥

75. Ва [эй муъминон] шуморо чи шудааст, ки дар роҳи Аллоҳ таоло ва [барои ёрии] мардону занон ва кӯдакони ситамдида пайкор намекунед? Ҳамон касоне, ки мегӯянд: «Парвардигоро, моро аз ин шаҳр [-и Макка], ки аҳлаш ситамгоранд, берун бибар ва аз сӯйи хеш барои мо ёру корсозе қарор бидеҳ ва аз ҷониби худ ёвару мададгоре бароямон бигумор»

ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ يُقَٰتِلُونَ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِۖ وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ يُقَٰتِلُونَ فِي سَبِيلِ ٱلطَّٰغُوتِ فَقَٰتِلُوٓاْ أَوۡلِيَآءَ ٱلشَّيۡطَٰنِۖ إِنَّ كَيۡدَ ٱلشَّيۡطَٰنِ كَانَ ضَعِيفًا ٧٦

76. Онон, ки имон овардаанд, дар роҳи Аллоҳ таоло пайкор мекунанд ва онон, ки кофиранд, дар роҳи Тоғут [ва ҳокимони худкома] меҷанганд. Пас, бо ёрони шайтон биҷангед, ки ҳатман, найранг [ва нақшаи] шайтон заиф аст

أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ قِيلَ لَهُمۡ كُفُّوٓاْ أَيۡدِيَكُمۡ وَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ فَلَمَّا كُتِبَ عَلَيۡهِمُ ٱلۡقِتَالُ إِذَا فَرِيقٞ مِّنۡهُمۡ يَخۡشَوۡنَ ٱلنَّاسَ كَخَشۡيَةِ ٱللَّهِ أَوۡ أَشَدَّ خَشۡيَةٗۚ وَقَالُواْ رَبَّنَا لِمَ كَتَبۡتَ عَلَيۡنَا ٱلۡقِتَالَ لَوۡلَآ أَخَّرۡتَنَآ إِلَىٰٓ أَجَلٖ قَرِيبٖۗ قُلۡ مَتَٰعُ ٱلدُّنۡيَا قَلِيلٞ وَٱلۡأٓخِرَةُ خَيۡرٞ لِّمَنِ ٱتَّقَىٰ وَلَا تُظۡلَمُونَ فَتِيلًا ٧٧

77. [Эй паёмбар] Оё касонеро надидӣ, ки [дар Макка] ба онҳо гуфта шуд: «[Акнун] Даст аз ҷанг бардоред ва намоз барпо доред ва закот бипардозед», ва [-ле] чун [дар Мадина] чиҳод бар онон муқаррар шуд, он гоҳ гурӯҳе аз эшон аз мардум [-и мушрики Макка] тарсиданд, монанди тарс аз Аллоҳ таоло ё [ҳатто] бештар ва гуфтанд: «Парвардигоро, чаро чиҳодро бар мо муқаррар намудӣ? Чаро ба мо то муддати кӯтоҳе муҳлат надодӣ [то аз неъматҳои дунявӣ баҳраманд гардем]»? [Ба онон] Бигӯ: «Бархӯрдорӣ [аз лаззатҳои ин] дунё ночиз аст ва

барои касе, ки парҳезкор бошад, сарои охират беҳтар аст ва [дар он ҷо] кучактарин ситаме ба шумо нахоҳад шуд

أَيْنَمَا تَكُونُواْ يُدْرِككُّمُ ٱلْمَوْتُ وَلَوْ كُنتُمْ فِى بُرُوجٍ مُّشَيَّدَةٍ ۗ وَإِن تُصِبْهُمْ حَسَنَةٌ يَقُولُواْ هَٰذِهِۦ مِنْ عِندِ ٱللَّهِ ۖ وَإِن تُصِبْهُمْ سَيِّئَةٌ يَقُولُواْ هَٰذِهِۦ مِنْ عِندِكَ ۚ قُلْ كُلٌّ مِّنْ عِندِ ٱللَّهِ ۖ فَمَالِ هَٰٓؤُلَآءِ ٱلْقَوْمِ لَا يَكَادُونَ يَفْقَهُونَ حَدِيثًا ﴿٧٨﴾

78. Ҳар кучо бошед, марг шуморо дармеёбад, ҳарчанд дар бурҷҳои устувор бошед. Ва агар ба онон [мунофиқон] хайре [ҳамчун фарзанд ва моли фаровон] бирасад, мегӯянд: «Ин аз ҷониби Аллоҳ таоло аст» ва агар шарре [ҳамчун маргу зиёни молӣ] ба эшон бирасад, [расули Аллоҳро бадном медонанд ва ба ӯ] мегӯянд: «Ин аз ҷониби туст». [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Ҳама [чиз] аз ҷониби Аллоҳ таоло аст». Чаро ин қавм ҳозир нестанд, ки суханеро дарк кунанд

مَّآ أَصَابَكَ مِنْ حَسَنَةٍ فَمِنَ ٱللَّهِ ۖ وَمَآ أَصَابَكَ مِن سَيِّئَةٍ فَمِن نَّفْسِكَ ۚ وَأَرْسَلْنَٰكَ لِلنَّاسِ رَسُولًا ۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ شَهِيدًا ﴿٧٩﴾

79. [Эй инсон] Он чи аз некиҳо ба ту мерасад, аз ҷониби Аллоҳ таоло аст ва он чи аз бадиҳо ба ту мерасад, аз ҷониби худи туст. Ва [эй паёмбар] Мо туро барои [ҳидояти] мардум фиристодем ва гувоҳии Аллоҳ таоло [дар ин бора] кофӣ аст

مَّن يُطِعِ ٱلرَّسُولَ فَقَدْ أَطَاعَ ٱللَّهَ ۖ وَمَن تَوَلَّىٰ فَمَآ أَرْسَلْنَٰكَ عَلَيْهِمْ حَفِيظًا ﴿٨٠﴾

80. Ҳар ки аз паёмбар итоат кунад, дар ҳақиқат, аз Аллоҳ таоло итоат кардааст ва ҳар ки рӯйгардон шавад, [аз ӯ андуҳгин мабош, эй паёмбар, зеро Мо ҳаргиз] туро бар онон нигаҳбон [-у муроқиб] нафиристодаем

وَيَقُولُونَ طَاعَةٌ فَإِذَا بَرَزُواْ مِنْ عِندِكَ بَيَّتَ طَآئِفَةٌ مِّنْهُمْ غَيْرَ ٱلَّذِى تَقُولُ ۖ وَٱللَّهُ يَكْتُبُ مَا يُبَيِّتُونَ ۖ فَأَعْرِضْ عَنْهُمْ وَتَوَكَّلْ عَلَى ٱللَّهِ ۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ وَكِيلًا ﴿٨١﴾

81. Онон [назди ту] мегӯянд: «Фармонбардорем», вале чун аз ҳузурат берун мераванд, гурӯҳе аз онон шабона чизе ҷуз он чи ту гуфтаӣ, тадбир мекунанд ва Аллоҳ таоло ҳар чиро, ки шабона дар сар мепарваранд, сабт мекунад. Пас, аз онон рӯй бигардон ва бар Аллоҳ таоло таваккал кун ва ҳамин бас, ки Аллоҳ таоло [муроқибу] коргузор [-и ту] бошад

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلْقُرْءَانَ ۚ وَلَوْ كَانَ مِنْ عِندِ غَيْرِ ٱللَّهِ لَوَجَدُواْ فِيهِ ٱخْتِلَٰفًا كَثِيرًا ﴿٨٢﴾

82. Оё дар Қуръон намеандешанд, ки агар аз сӯйи [касе] ғайр аз Аллоҳ таоло буд, ҳатман, ихтилоф [ва танокузи] бисёре дар он меёфтанд?

وَإِذَا جَآءَهُمْ أَمْرٌ مِّنَ ٱلْأَمْنِ أَوِ ٱلْخَوْفِ أَذَاعُواْ بِهِۦ ۖ وَلَوْ رَدُّوهُ إِلَى ٱلرَّسُولِ وَإِلَىٰٓ أُوْلِى ٱلْأَمْرِ مِنْهُمْ لَعَلِمَهُ ٱلَّذِينَ يَسْتَنۢبِطُونَهُۥ مِنْهُمْ ۗ وَلَوْلَا فَضْلُ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَتُهُۥ لَٱتَّبَعْتُمُ ٱلشَّيْطَٰنَ إِلَّا قَلِيلًا ﴿٨٣﴾

83. Ҳангоме ки хабаре аз эминӣ [ва пирӯзӣ] ё тарс [ва шикаст] ба онон мерасад, [бидуни ҳеҷ таҳқиқе] онро фош месозанд, ва [-ле] агар онро ба паёмбар ва фармондеҳонашон бозгардонанд, афроде аз онон, ки аҳли [фаҳму] истинбот ҳастанд, ҳатман, [маслиҳати эълом ё китмони ахборро беҳтар] медонанд. Ва [эй муъминон] агар фазлу раҳмати Аллоҳ таоло бар шумо набуд, ҷуз андаке [ҳамагӣ] аз шайтон пайравӣ мекардед

فَقَٰتِلْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ لَا تُكَلَّفُ إِلَّا نَفْسَكَ ۚ وَحَرِّضِ ٱلْمُؤْمِنِينَ ۖ عَسَى ٱللَّهُ أَن يَكُفَّ بَأْسَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ۚ وَٱللَّهُ أَشَدُّ بَأْسًا وَأَشَدُّ تَنكِيلًا ﴿٨٤﴾

84. Пас, [эй паёмбар] дар роҳи Аллоҳ таоло пайкор кун. Ту уҳдадори касе ҷуз худ нестӣ, ва [-ле] муъминонро [низ ба ҷиҳод] ташвиқ кун. Умед аст, ки Аллоҳ таоло осеби кофиронро аз шумо боздорад ва Аллоҳ таоло қудрататаш бештар ва кайфараш сахттар аст

مَّن يَشْفَعْ شَفَٰعَةً حَسَنَةً يَكُن لَّهُۥ نَصِيبٌ مِّنْهَا ۖ وَمَن يَشْفَعْ شَفَٰعَةً سَيِّئَةً يَكُن لَّهُۥ كِفْلٌ مِّنْهَا ۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ مُّقِيتًا ﴿٨٥﴾

85. Касе, ки шафоати писандидае кунад, аз [хайри] он насибе хоҳад дошт ва касе, ки шафоати нописанде кунад, аз [шарри] он насибе хоҳад дошт. Ва Аллоҳ таоло ҳамвора бар ҳар чизе мурақиб аст

وَإِذَا حُيِّيتُم بِتَحِيَّةٍ فَحَيُّواْ بِأَحْسَنَ مِنْهَآ أَوْ رُدُّوهَا ۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ حَسِيبًا ﴿٨٦﴾

86. [Эй муъминон] Ҳар гоҳ бо дуруди самимона ба шумо салом гӯянд, шумо посухи беҳтар ва ё ҳамонанди он бигӯед, [чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло ҳамвора бар ҳар чизе ҳисобгар аст

ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۚ لَيَجْمَعَنَّكُمْ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ لَا رَيْبَ فِيهِ ۗ وَمَنْ أَصْدَقُ مِنَ ٱللَّهِ حَدِيثًا ﴿٨٧﴾

87. Аллоҳ таоло [ки маъбуди ростин аст ва] ҳеҷ маъбуде ҷуз Ӯ нест, яқинан, ҳамагӣ шуморо рӯзи қиёмат, ки тардиде дар [вуқуи] он нест, ҷамъ мекунад. Ва кист, ки аз Аллоҳ таоло ростгӯйтар бошад?

فَمَا لَكُمْ فِى ٱلْمُنَٰفِقِينَ فِئَتَيْنِ وَٱللَّهُ أَرْكَسَهُم بِمَا كَسَبُوٓاْ ۚ أَتُرِيدُونَ أَن تَهْدُواْ مَنْ أَضَلَّ ٱللَّهُ ۗ وَمَن يُضْلِلِ ٱللَّهُ فَلَن تَجِدَ لَهُۥ سَبِيلًا ﴿٨٨﴾

88. [Эй муъминон] Шуморо чи пеш омадааст, ки дар мавриди [тарзи рафтор бо] мунофиқон ду гурӯҳ шудаед, ҳол он ки Аллоҳ таоло ононро ба хотири он чи анҷом додаанд, сарнагун сохта [ва ба куфру гумроҳӣ бозгардонда] аст? Оё мехоҳед, касеро, ки Аллоҳ таоло гумроҳ кардааст, ҳидоят кунед? Ва [-ле] ҳар киро Аллоҳ таоло гумроҳ кунад, роҳе [ба сӯйи ҳидоят] барояш нахоҳӣ ёфт

وَدُّواْ لَوۡ تَكۡفُرُونَ كَمَا كَفَرُواْ فَتَكُونُونَ سَوَآءٗۖ فَلَا تَتَّخِذُواْ مِنۡهُمۡ أَوۡلِيَآءَ حَتَّىٰ يُهَاجِرُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِۚ فَإِن تَوَلَّوۡاْ فَخُذُوهُمۡ وَٱقۡتُلُوهُمۡ حَيۡثُ وَجَدتُّمُوهُمۡۖ وَلَا تَتَّخِذُواْ مِنۡهُمۡ وَلِيّٗا وَلَا نَصِيرًا ٨٩

89. Онон [мунофиқон] орзу мекунанд, ки шумо низ ҳамчун эшон куфр биварзед, то бо ҳам баробар шавед. Пас, ҳеҷ як аз ононро ба дӯстӣ нагиред, магар он ки [мусулмон шаванд ва] дар роҳи Аллоҳ таоло ҳиҷрат кунанд. Пас, агар аз [ислом ва ҳиҷрат] рӯй бартофтанд [ва рафторашонро идома доданд], ҳар ҷо ки онҳоро ёфтед, дастгирашон кунед ва бикушедашон ва аз онон дӯсту ёваре ихтиёр накунед

إِلَّا ٱلَّذِينَ يَصِلُونَ إِلَىٰ قَوۡمِۭ بَيۡنَكُمۡ وَبَيۡنَهُم مِّيثَٰقٌ أَوۡ جَآءُوكُمۡ حَصِرَتۡ صُدُورُهُمۡ أَن يُقَٰتِلُوكُمۡ أَوۡ يُقَٰتِلُواْ قَوۡمَهُمۡۚ وَلَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ لَسَلَّطَهُمۡ عَلَيۡكُمۡ فَلَقَٰتَلُوكُمۡۚ فَإِنِ ٱعۡتَزَلُوكُمۡ فَلَمۡ يُقَٰتِلُوكُمۡ وَأَلۡقَوۡاْ إِلَيۡكُمُ ٱلسَّلَمَ فَمَا جَعَلَ ٱللَّهُ لَكُمۡ عَلَيۡهِمۡ سَبِيلٗا ٩٠

90. Магар онҳое, ки бо ҳампаймонони шумо паймон бастаанд ё онҳое, ки наздатон меоянд ва аз ҷанг бо шумо ё қавми худ ба танг омадаанд. Ва агар Аллоҳ таоло мехост, ононро бар шумо мусаллат мекард, ки бо шумо биҷанганд, пас, агар аз шумо канорагирӣ карданд ва бо шумо наҷангиданд ва таслим [-у фармонбардор]-и шумо шуданд, [бидонед, ки дигар] Аллоҳ таоло барои шумо роҳе [барои таҷовуз] бар онон қарор надодааст

سَتَجِدُونَ ءَاخَرِينَ يُرِيدُونَ أَن يَأۡمَنُوكُمۡ وَيَأۡمَنُواْ قَوۡمَهُمۡ كُلَّ مَا رُدُّوٓاْ إِلَى ٱلۡفِتۡنَةِ أُرۡكِسُواْ فِيهَاۚ فَإِن لَّمۡ يَعۡتَزِلُوكُمۡ وَيُلۡقُوٓاْ إِلَيۡكُمُ ٱلسَّلَمَ وَيَكُفُّوٓاْ أَيۡدِيَهُمۡ فَخُذُوهُمۡ وَٱقۡتُلُوهُمۡ حَيۡثُ ثَقِفۡتُمُوهُمۡۚ وَأُوْلَٰٓئِكُمۡ جَعَلۡنَا لَكُمۡ عَلَيۡهِمۡ سُلۡطَٰنٗا مُّبِينٗا ٩١

91. [Эй муъминон] Ба зудӣ [гурӯҳи] дигаре [аз мунофиқон]-ро хоҳед ёфт, ки [зоҳиран] мехоҳанд аз шумо ва қавми худ дар амон бошанд, ва [-ле] ҳар гоҳ ба фитнаи [ширк] бозгардонда шаванд, дар он фурӯ мераванд. Пас, агар аз шумо канора нагирифтанд ва аз дари сулҳу оштӣ ворид нашуданд ва даст аз [ҷанг бо] шумо барнадоштанд, он гоҳ ононро ҳар куҷо ёфтед, дастгирашон кунед ва бикушедашон. Онон ҳастанд, ки мо барои шумо алайҳи эшон далели ошкор [барои дастгирӣ ва қатлашон] қарор додаем

وَمَا كَانَ لِمُؤۡمِنٍ أَن يَقۡتُلَ مُؤۡمِنًا إِلَّا خَطَـٔٗاۚ وَمَن قَتَلَ مُؤۡمِنًا خَطَـٔٗا فَتَحۡرِيرُ رَقَبَةٖ مُّؤۡمِنَةٖ وَدِيَةٞ مُّسَلَّمَةٌ إِلَىٰٓ أَهۡلِهِۦٓ إِلَّآ أَن يَصَّدَّقُواْۚ فَإِن كَانَ مِن قَوۡمٍ عَدُوّٖ لَّكُمۡ وَهُوَ مُؤۡمِنٞ فَتَحۡرِيرُ رَقَبَةٖ مُّؤۡمِنَةٖۖ وَإِن كَانَ مِن قَوۡمِۭ بَيۡنَكُمۡ وَبَيۡنَهُم مِّيثَٰقٞ فَدِيَةٞ مُّسَلَّمَةٌ إِلَىٰٓ أَهۡلِهِۦ وَتَحۡرِيرُ رَقَبَةٖ مُّؤۡمِنَةٖۖ فَمَن لَّمۡ يَجِدۡ فَصِيَامُ شَهۡرَيۡنِ مُتَتَابِعَيۡنِ تَوۡبَةٗ مِّنَ ٱللَّهِۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمٗا ٩٢

92. Ҳеҷ муъмине муҷоз нест [иҷозат надорад], ки муъминеро бикушад, магар ба иштибоҳ [ва беқасд]. Ва касе, ки муъминеро ба иштибоҳ бикушад, бояд як бардаи муъмин озод кунад ва хунбаҳое ба хонаводаи ӯ [ба ворисони мақтул] бипардозад, магар ин ки онҳо гузашт кунанд. Ва агар [мақтул] аз қавме бошад, ки душманони шумо ҳастанд ва [худи] ӯ муъмин аст, озод кардани як бардаи муъмин [ба унвони

каффора кофӣ аст, зеро кофир аз муъмин ирс намебарад] ва агар [мақтул муъмин набошад, вале] аз қавме бошад, ки миёни шумо ва эшон паймоне барқарор аст, бояд хунбаҳое ба хонаводаи ӯ бипардозад ва як бардаи муъминро [низ] озод кунад. Ва ҳар ки [тавони молӣ надошт ё бардае барои озод кардан] наёфт, пас, [бояд] ба унвони тавбае ба даргоҳи Аллоҳ таоло ду моҳ паёпай рӯза бигирад. Ва ҳамвора Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

93. Ва ҳар кас муъминеро амдан ба қатл бирасонад, кайфараш дузах аст, [ки] дар он ҷовидона мемонад ва Аллоҳ таоло бар вай ғазаб мекунад ва ӯро аз раҳмати хеш дур месозад ва азоби бузурге барояш омода сохтааст

وَمَن يَقْتُلْ مُؤْمِنًا مُّتَعَمِّدًا فَجَزَآؤُهُۥ جَهَنَّمُ خَٰلِدًا فِيهَا وَغَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيْهِ وَلَعَنَهُۥ وَأَعَدَّ لَهُۥ عَذَابًا عَظِيمًا ﴿٩٣﴾

94. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки дар роҳи Аллоҳ таоло [барои ҷиҳод] раҳсипор шудед, [паҳлуҳои корро хуб] баррасӣ кунед ва ба касе, ки изҳори сулҳу ислом намуд, нагӯед: «Ту муъмин нестӣ», то [битавонед ӯро бикушед ва ғаноиму] сармояи нопойдори дунёро ба даст оваред, зеро ғаниматҳои бисёре [барои шумо] назди Аллоҳ таоло аст. Шумо низ қаблан инчунин будед [ва имонатонро пинҳон мекардед], сипас Аллоҳ таоло бар шумо миннат ниҳод [ва ҳидоят шудед]. Бинобар ин, ба дурустӣ баррасӣ кунед, [чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا ضَرَبْتُمْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ فَتَبَيَّنُواْ وَلَا تَقُولُواْ لِمَنْ أَلْقَىٰٓ إِلَيْكُمُ ٱلسَّلَٰمَ لَسْتَ مُؤْمِنًا تَبْتَغُونَ عَرَضَ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا فَعِندَ ٱللَّهِ مَغَانِمُ كَثِيرَةٌ ۚ كَذَٰلِكَ كُنتُم مِّن قَبْلُ فَمَنَّ ٱللَّهُ عَلَيْكُمْ فَتَبَيَّنُوٓاْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرًا ﴿٩٤﴾

95. Он муъминон [-и хонанишин]-е, ки бидуни ҳеҷ беморӣ ва ранҷе аз ҷиҳод бознишастанд, бо муҷоҳидоне, ки дар роҳи Аллоҳ таоло бо молу ҷони худ ҷиҳод карданд, [ҳаргиз] яксон нестанд. Аллоҳ таоло касонеро, ки бо молу ҷонашон ҷиҳод карданд, бар хонанишинон ба мартабаи [бузург] бартарӣ бахшидааст ва Аллоҳ таоло бар ҳар як [аз муҷоҳидон ё хонанишинони маъзур] ваъдаи наку додааст, ва [-ле] Аллоҳ таоло муҷоҳидонро бар хонанишинон бо подоши бузург бартарӣ додааст

لَّا يَسْتَوِى ٱلْقَٰعِدُونَ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ غَيْرُ أُو۟لِى ٱلضَّرَرِ وَٱلْمُجَٰهِدُونَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ ۚ فَضَّلَ ٱللَّهُ ٱلْمُجَٰهِدِينَ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ عَلَى ٱلْقَٰعِدِينَ دَرَجَةً ۚ وَكُلًّا وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلْحُسْنَىٰ ۚ وَفَضَّلَ ٱللَّهُ ٱلْمُجَٰهِدِينَ عَلَى ٱلْقَٰعِدِينَ أَجْرًا عَظِيمًا ﴿٩٥﴾

دَرَجَٰتٍ مِّنْهُ وَمَغْفِرَةً وَرَحْمَةً ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا ﴿٩٦﴾

96. [Подоше, ки] Ба унвони дараҷоту омурзиш ва раҳмате аз [пешгоҳи] Ӯ [насибашон мегардад] ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ تَوَفَّىٰهُمُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ ظَالِمِىٓ أَنفُسِهِمْ قَالُوا۟ فِيمَ كُنتُمْ ۖ قَالُوا۟ كُنَّا مُسْتَضْعَفِينَ فِى ٱلْأَرْضِ ۚ قَالُوٓا۟ أَلَمْ تَكُنْ أَرْضُ ٱللَّهِ وَٰسِعَةً فَتُهَاجِرُوا۟ فِيهَا ۚ فَأُو۟لَٰٓئِكَ مَأْوَىٰهُمْ جَهَنَّمُ ۖ وَسَآءَتْ مَصِيرًا ﴿٩٧﴾

97. Касоне, ки [бо мондан дар сарзамини куфр] нисбат ба хеш ситамгор буданд, [вақте] фариштагон ҷонашонро мегиранд, [ба онон] мегӯянд: «Дар чи [ҳол] будед»? Посух медиҳанд: «Мо дар замин аз ситамдидагон будем». [Фариштагон] Мегӯянд: «Оё замини Аллоҳ таоло густурда набуд, то дар он муҳоҷират кунед [ва имонатонро ҳифз намоед]»? Пас, ҷойгоҳашон дузах аст ва чи бад саранҷомест!

إِلَّا ٱلْمُسْتَضْعَفِينَ مِنَ ٱلرِّجَالِ وَٱلنِّسَآءِ وَٱلْوِلْدَٰنِ لَا يَسْتَطِيعُونَ حِيلَةً وَلَا يَهْتَدُونَ سَبِيلًا ﴿٩٨﴾

98. Магар мардону занон ва кӯдакони ситамдидае, ки наметавонанд чорае бияндешанд ва роҳ ба ҷойе намебаранд

فَأُو۟لَٰٓئِكَ عَسَى ٱللَّهُ أَن يَعْفُوَ عَنْهُمْ ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَفُوًّا غَفُورًا ﴿٩٩﴾

99. Пас, онон [ки узре доранд] умед аст, ки Аллоҳ таоло аз эшон даргузарад ва ҳамвора Аллоҳ таоло бахшояндаи омурзгор аст

۞ وَمَن يُهَاجِرْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ يَجِدْ فِى ٱلْأَرْضِ مُرَٰغَمًا كَثِيرًا وَسَعَةً ۚ وَمَن يَخْرُجْ مِنۢ بَيْتِهِۦ مُهَاجِرًا إِلَى ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ثُمَّ يُدْرِكْهُ ٱلْمَوْتُ فَقَدْ وَقَعَ أَجْرُهُۥ عَلَى ٱللَّهِ ۗ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا ﴿١٠٠﴾

100. Ва ҳар ки дар роҳи Аллоҳ таоло ҳиҷрат кунад, дар замин сарпаноҳи бисёр ва кушоише [дар рӯзӣ ва кор] меёбад ва касе, ки ба қасди ҳиҷрат ба сӯйи Аллоҳ таоло ва паёмбараш аз хонааш хориҷ шавад ва он гоҳ маргаш фаро расад, ҳатман, подошаш бар [уҳдаи] Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَإِذَا ضَرَبْتُمْ فِى ٱلْأَرْضِ فَلَيْسَ عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ أَن تَقْصُرُوا۟ مِنَ ٱلصَّلَوٰةِ إِنْ خِفْتُمْ أَن يَفْتِنَكُمُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓا۟ ۚ إِنَّ ٱلْكَٰفِرِينَ كَانُوا۟ لَكُمْ عَدُوًّا مُّبِينًا ﴿١٠١﴾

101. Ва [эй муъминон] ҳар гоҳ дар замин сафар кунед, агар тарсидед, онон, ки куфр варзиданд, бар шумо зиёне бирасонанд, гуноҳе бар шумо нест, ки аз [ракаоти] намоз бикоҳед [ва онро шикаста бихонед], зеро кофирон ҳамвора бароятон душмани ошкоре ҳастанд

وَإِذَا كُنتَ فِيهِمْ فَأَقَمْتَ لَهُمُ ٱلصَّلَوٰةَ فَلْتَقُمْ طَآئِفَةٌ مِّنْهُم مَّعَكَ وَلْيَأْخُذُوٓا۟ أَسْلِحَتَهُمْ ۖ فَإِذَا سَجَدُوا۟ فَلْيَكُونُوا۟ مِن وَرَآئِكُمْ وَلْتَأْتِ طَآئِفَةٌ أُخْرَىٰ لَمْ يُصَلُّوا۟ فَلْيُصَلُّوا۟ مَعَكَ وَلْيَأْخُذُوا۟ حِذْرَهُمْ وَأَسْلِحَتَهُمْ ۗ وَدَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لَوْ تَغْفُلُونَ عَنْ أَسْلِحَتِكُمْ

102. Ва [эй паёмбар] чун [вақти ҷанг] дар миёни онон будӣ ва барояшон намоз барпо доштӣ, пас, бояд гурӯҳе аз онон бо ту [ба намоз] истанд ва [ҳамчунин] бояд ҷангафзорҳояшонро

وَأَمۡتِعَتِكُمۡ فَيَمِيلُونَ عَلَيۡكُم مَّيۡلَةٗ وَٰحِدَةٗۚ وَلَا جُنَاحَ عَلَيۡكُمۡ إِن كَانَ بِكُمۡ أَذٗى مِّن مَّطَرٍ أَوۡ كُنتُم مَّرۡضَىٰٓ أَن تَضَعُوٓاْ أَسۡلِحَتَكُمۡۖ وَخُذُواْ حِذۡرَكُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ أَعَدَّ لِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٗا مُّهِينٗا ١٠٢

бо худ баргиранд [ва як ракаатро ҳамроҳи ту бихонанд ва намозро ба сурати фуродо (танҳо) идома диҳанд] ва чун саҷда карданд [ва намозашон тамом шуд], бояд пушти саратон қарор гиранд ва бояд он дастае, ки намоз нахондаанд, биёянд ва [як ракъат] бо ту намоз бихонанд [ва пас аз ин ки намозат ба поён расид, идомаи намозашонро комил кунанд] ва [онон низ] бояд эҳтиёт кунанд ва ҷангафзорҳояшонро [дар намоз бо худ] баргиранд, [зеро] кофирон умед доранд, ки шумо аз ҷангафзорҳо ва таҷҳизоти худ ғофил шавед, то якбора бар шумо битозанд. Ва агар аз борон [ё монеаҳои дигар] дар ранҷ будед ва [ё] бемор [ва маҷруҳ] будед, гуноҳе бар шумо нест, ки ҷангафзорҳои худро [бар замин] бигзоред, вале ҷониби эҳтиётро риоя кунед. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло барои кофирон азоби хоркунанда муҳайё кардааст

فَإِذَا قَضَيۡتُمُ ٱلصَّلَوٰةَ فَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ قِيَٰمٗا وَقُعُودٗا وَعَلَىٰ جُنُوبِكُمۡۚ فَإِذَا ٱطۡمَأۡنَنتُمۡ فَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَۚ إِنَّ ٱلصَّلَوٰةَ كَانَتۡ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ كِتَٰبٗا مَّوۡقُوتٗا ١٠٣

103. Пас, чун намозро ба поён расонидед, Аллоҳро [дар ҳама ҳол] истода ва нишаста ва бар паҳлу хуфта [хобида] ёд кунед; ва ҳар гоҳ оромиш ёфтед [ва тарс аз байн рафт], намозро [комил] барпо доред, [чаро ки] бе тардид, намоз [фаризаест, ки] дар авқоти муайяне бар муъминон воҷиб шудааст

وَلَا تَهِنُواْ فِي ٱبۡتِغَآءِ ٱلۡقَوۡمِۖ إِن تَكُونُواْ تَأۡلَمُونَ فَإِنَّهُمۡ يَأۡلَمُونَ كَمَا تَأۡلَمُونَۖ وَتَرۡجُونَ مِنَ ٱللَّهِ مَا لَا يَرۡجُونَۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمًا ١٠٤

104. Ва [эй муъминон] дар таъқиби он гурӯҳ [душман] сустӣ накунед. Агар шумо [аз хастагӣ ва ҷароҳат] ранҷ мебаред, онон низ чунон ки шумо ранҷ мебаред, ранҷ бурдаанд, вале шумо умеде ба Аллоҳ таоло доред, ки онон надоранд. Ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

إِنَّآ أَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ لِتَحۡكُمَ بَيۡنَ ٱلنَّاسِ بِمَآ أَرَىٰكَ ٱللَّهُۚ وَلَا تَكُن لِّلۡخَآئِنِينَ خَصِيمٗا ١٠٥

105. [Эй паёмбар] Мо [ин] китобро ба ҳақ бар ту нозил кардаем, то ба [муҷиби] он чи Аллоҳ таоло ба ту омӯхтааст, дар миёни мардум доварӣ кунӣ ва мудофеи хиёнаткорон мабош

وَٱسۡتَغۡفِرِ ٱللَّهَۖ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ١٠٦

106. Ва аз Аллоҳ таоло омурзиш бихоҳ. Бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَلَا تُجَٰدِلْ عَنِ ٱلَّذِينَ يَخْتَانُونَ أَنفُسَهُمْۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ مَن كَانَ خَوَّانًا أَثِيمًا ﴿١٠٧﴾

107. Ва аз касоне, ки [бо иртикоби гуноҳ] ба худ хиёнат мекунанд, дифоъ накун, [чаро ки] бе гумон, Аллоҳ таоло ҳар киро хиёнаткор [ва] гунаҳгор бошад, дӯст намедорад

يَسْتَخْفُونَ مِنَ ٱلنَّاسِ وَلَا يَسْتَخْفُونَ مِنَ ٱللَّهِ وَهُوَ مَعَهُمْ إِذْ يُبَيِّتُونَ مَا لَا يَرْضَىٰ مِنَ ٱلْقَوْلِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ بِمَا يَعْمَلُونَ مُحِيطًا ﴿١٠٨﴾

108. Онҳо [зишткориҳои худро] аз мардум пинҳон медоранд, вале наметавонанд, чизеро аз Аллоҳ таоло пинҳон кунанд ва [ҳол он ки] Ӯ ҳамроҳашон аст, он гоҳ, ки шабона чораандешӣ мекунанд ва [аз сари дурӯғу ифтиро] суханоне мегӯянд, ки Ӯ намеписандад ва Аллоҳ таоло ҳамвора ба он чи мекунанд, иҳота дорад

هَٰٓأَنتُمْ هَٰٓؤُلَآءِ جَٰدَلْتُمْ عَنْهُمْ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا فَمَن يُجَٰدِلُ ٱللَّهَ عَنْهُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ أَم مَّن يَكُونُ عَلَيْهِمْ وَكِيلًا ﴿١٠٩﴾

109. Ҳон! Шумо касоне ҳастед, ки дар зиндагии дунё аз онон дифоъ кардед. Пас, кист, ки рӯзи қиёмат дар баробари Аллоҳ таоло аз онон дифоъ кунад? Ё чи касест, ки [муроқибу] коргузорашон бошад?

وَمَن يَعْمَلْ سُوٓءًا أَوْ يَظْلِمْ نَفْسَهُۥ ثُمَّ يَسْتَغْفِرِ ٱللَّهَ يَجِدِ ٱللَّهَ غَفُورًا رَّحِيمًا ﴿١١٠﴾

110. Ва ҳар ки амали ношоистае муртакиб шавад ё [бо нофармонӣ аз дастури Аллоҳ таоло ва расулаш] ба худ ситам кунад, [ва] сипас аз Аллоҳ таоло омурзиш бихоҳад, Аллоҳро омурзандаи меҳрубон хоҳад ёфт

وَمَن يَكْسِبْ إِثْمًا فَإِنَّمَا يَكْسِبُهُۥ عَلَىٰ نَفْسِهِۦۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمًا ﴿١١١﴾

111. Ва ҳар ки гуноҳе муртакиб шавад, пас, танҳо ба зиёни хеш [чунин] мекунад ва Аллоҳ таоло ҳамвора донои ҳаким аст

وَمَن يَكْسِبْ خَطِيٓـَٔةً أَوْ إِثْمًا ثُمَّ يَرْمِ بِهِۦ بَرِيٓـًٔا فَقَدِ ٱحْتَمَلَ بُهْتَٰنًا وَإِثْمًا مُّبِينًا ﴿١١٢﴾

112. Ва ҳар ки хато ё гуноҳе муртакиб шавад, сипас онро бар гардани бегуноҳе бияндозад, ҳатман, [бори] буҳтон ва гуноҳи ошкореро бар дӯш гирифтааст

وَلَوْلَا فَضْلُ ٱللَّهِ عَلَيْكَ وَرَحْمَتُهُۥ لَهَمَّت طَّآئِفَةٌ مِّنْهُمْ أَن يُضِلُّوكَ وَمَا يُضِلُّونَ إِلَّآ أَنفُسَهُمْۖ وَمَا يَضُرُّونَكَ مِن شَىْءٍۚ وَأَنزَلَ ٱللَّهُ عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَعَلَّمَكَ مَا لَمْ تَكُن تَعْلَمُۚ وَكَانَ فَضْلُ ٱللَّهِ عَلَيْكَ عَظِيمًا ﴿١١٣﴾

113. Ва [эй паёмбар] агар фазли Аллоҳу раҳматаш бар ту набуд, гурӯҳе аз онон қасд доштанд, ки туро гумроҳ кунанд [то ноодилона қазоват кунӣ], ва [-ле] ҷуз худашон [касе]-ро гумроҳ намесозанд ва ҳеҷ зиёне ба ту намерасонанд. Ва Аллоҳ таоло китоб [Қуръон] ва ҳикмат [Суннат]-ро бар ту нозил кард ва он чиро

намедонистӣ, ба ту омӯхт ва ҳамвора фазли Аллоҳ таоло бар ту бузург [-у бисёр] будааст

۞لَّا خَيۡرَ فِي كَثِيرٖ مِّن نَّجۡوَىٰهُمۡ إِلَّا مَنۡ أَمَرَ بِصَدَقَةٍ أَوۡ مَعۡرُوفٍ أَوۡ إِصۡلَٰحِۭ بَيۡنَ ٱلنَّاسِۚ وَمَن يَفۡعَلۡ ذَٰلِكَ ٱبۡتِغَآءَ مَرۡضَاتِ ٱللَّهِ فَسَوۡفَ نُؤۡتِيهِ أَجۡرًا عَظِيمٗا ١١٤

114. Дар бисёре аз розгӯиҳои онон [мардум] хайре нест, магар [дар гуфтори] касе, ки ба [додани] садақае ё коре писандида ё созише миёни мардум фармон диҳад. Ва ҳар ки барои хушнудии Аллоҳ таоло чунин кунад, ба зудӣ подоши бузурге ба вай хоҳем дод

وَمَن يُشَاقِقِ ٱلرَّسُولَ مِنۢ بَعۡدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُ ٱلۡهُدَىٰ وَيَتَّبِعۡ غَيۡرَ سَبِيلِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ نُوَلِّهِۦ مَا تَوَلَّىٰ وَنُصۡلِهِۦ جَهَنَّمَۖ وَسَآءَتۡ مَصِيرًا ١١٥

115. Ва ҳар кас пас аз он ки [роҳи ҳақ ва] ҳидоят барояш равшан шуд, бо паёмбар мухолифат кунад ва аз роҳе ҷуз роҳи муъминон пайравӣ кунад, ӯро ба он чи [барои худ баргузида ва аз он] пайравӣ кардааст, вомегузорем ва ба дузах мекашонем. Ва [ҳаққо, ки дузах] чи бад ҷойгоҳест!

إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُۚ وَمَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ ضَلَّ ضَلَٰلَۢا بَعِيدًا ١١٦

116. Аллоҳ таоло [ин] гуноҳро, ки ба ӯ ширк оварда шавад, ҳатман, намеомурзад ва ба ҷуз он [ҳар гуноҳе]-ро барои ҳар ки бихоҳад, меомурзад ва ҳар ки ба Аллоҳ таоло ширк оварад, пас, бе тардид, дар гумроҳии дуру дарозе афтодааст

إِن يَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦٓ إِلَّآ إِنَٰثٗا وَإِن يَدۡعُونَ إِلَّا شَيۡطَٰنٗا مَّرِيدٗا ١١٧

117. [Мушрикон] Ба ҷойи Аллоҳ таоло бутҳои модинае [ҳамчун Лоту Уззо]-ро мехонанд ва [дар ҳақиқат] ҷуз шайтони саркашро намехонанд

لَّعَنَهُ ٱللَّهُۘ وَقَالَ لَأَتَّخِذَنَّ مِنۡ عِبَادِكَ نَصِيبٗا مَّفۡرُوضٗا ١١٨

118. [Ҳамон ки] Аллоҳ таоло ӯро аз раҳмати хеш дур сохт ва ӯ гуфт: «Аз бандагони Ту саҳми муайян бархоҳам гирифт

وَلَأُضِلَّنَّهُمۡ وَلَأُمَنِّيَنَّهُمۡ وَلَأٓمُرَنَّهُمۡ فَلَيُبَتِّكُنَّ ءَاذَانَ ٱلۡأَنۡعَٰمِ وَلَأٓمُرَنَّهُمۡ فَلَيُغَيِّرُنَّ خَلۡقَ ٱللَّهِۚ وَمَن يَتَّخِذِ ٱلشَّيۡطَٰنَ وَلِيّٗا مِّن دُونِ ٱللَّهِ فَقَدۡ خَسِرَ خُسۡرَانٗا مُّبِينٗا ١١٩

119. Ва мусалламан, ононро гумроҳ мекунам ва ба орзуҳои ботил меафканам ва ба эшон дастур медиҳам, ки гӯши чаҳорпоёнро бишкофанд ва водорашон мекунам, то офариниши Аллоҳро тағйир диҳанд». Ва ҳар ки шайтонро ба ҷойи Аллоҳ таоло дӯст [-у корсози] худ гирад, ҳатман, зиёни ошкор кардааст

يَعِدُهُمۡ وَيُمَنِّيهِمۡۖ وَمَا يَعِدُهُمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ إِلَّا غُرُورًا ١٢٠

120. [Ope] Шайтон ба онон ваъда медиҳад ва дар [доми] орзуҳо меандозадашон ва ба онон ваъдае ҷуз фиреб намедиҳад

أُوْلَٰٓئِكَ مَأۡوَىٰهُمۡ جَهَنَّمُ وَلَا يَجِدُونَ عَنۡهَا مَحِيصٗا ١٢١

121. Онон [пайравони шайтон] ҷойгоҳашон дузах аст ва аз он ҳеҷ роҳи фироре намеёбанд

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ سَنُدۡخِلُهُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۖ وَعۡدَ ٱللَّهِ حَقّٗاۚ وَمَنۡ أَصۡدَقُ مِنَ ٱللَّهِ قِيلٗا ١٢٢

122. Ва касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, ба зудӣ ононро дар боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунем, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорист, ҷовидона дар он хоҳанд монд, ваъдаи Аллоҳ таоло ҳақ аст ва кист, ки дар гуфтор [-у ваъдаҳояш] аз Аллоҳ таоло ростгӯйтар бошад?!

لَّيۡسَ بِأَمَانِيِّكُمۡ وَلَآ أَمَانِيِّ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِۗ مَن يَعۡمَلۡ سُوٓءٗا يُجۡزَ بِهِۦ وَلَا يَجِدۡ لَهُۥ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَلِيّٗا وَلَا نَصِيرٗا ١٢٣

123. [Эй мусулмонон, наҷоту растагорӣ вобаста] Ба орзуҳои шумо ва орзуҳои аҳли китоб нест. Ҳар кас кори ношоистае анҷом диҳад, ба кайфараш хоҳад расид ва ҷуз Аллоҳ таоло барои худ дӯсту ёваре нахоҳад ёфт

وَمَن يَعۡمَلۡ مِنَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِن ذَكَرٍ أَوۡ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤۡمِنٞ فَأُوْلَٰٓئِكَ يَدۡخُلُونَ ٱلۡجَنَّةَ وَلَا يُظۡلَمُونَ نَقِيرٗا ١٢٤

124. Ва ҳар кас, аз зану мард, ки корҳои шоиста кунад ва муъмин бошад, [ҳамаи] онон вориди биҳишт мешаванд ва ба андозаи зарраи ночизе [ҳатто ба андозаи шикофи ҳастаи хурмо низ] ба эшон ситам нахоҳад шуд

وَمَنۡ أَحۡسَنُ دِينٗا مِّمَّنۡ أَسۡلَمَ وَجۡهَهُۥ لِلَّهِ وَهُوَ مُحۡسِنٞ وَٱتَّبَعَ مِلَّةَ إِبۡرَٰهِيمَ حَنِيفٗاۗ وَٱتَّخَذَ ٱللَّهُ إِبۡرَٰهِيمَ خَلِيلٗا ١٢٥

125. Ва чи касе некоинтар аз касест, ки худро таслими Аллоҳ таоло карда ва накукор аст ва аз оини Иброҳими ҳақгаро пайравӣ намудааст? Ва Аллоҳ таоло Иброҳимро ба дӯстии худ баргузид

وَلِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ بِكُلِّ شَيۡءٖ مُّحِيطَۢا ١٢٦

126. Ва он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло ҳамвора ба ҳар чизе иҳота дорад

وَيَسۡتَفۡتُونَكَ فِي ٱلنِّسَآءِۖ قُلِ ٱللَّهُ يُفۡتِيكُمۡ فِيهِنَّ وَمَا يُتۡلَىٰ عَلَيۡكُمۡ فِي ٱلۡكِتَٰبِ فِي يَتَٰمَى ٱلنِّسَآءِ ٱلَّٰتِي لَا تُؤۡتُونَهُنَّ مَا كُتِبَ لَهُنَّ وَتَرۡغَبُونَ أَن تَنكِحُوهُنَّ وَٱلۡمُسۡتَضۡعَفِينَ مِنَ ٱلۡوِلۡدَٰنِ وَأَن تَقُومُواْ لِلۡيَتَٰمَىٰ بِٱلۡقِسۡطِۚ وَمَا تَفۡعَلُواْ مِنۡ خَيۡرٖ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِهِۦ عَلِيمٗا ١٢٧

127. Ва [эй паёмбар, мусулмонон] аз ту дар бораи занон назархоҳӣ мекунанд; Бигӯ: «Аллоҳ таоло дар бораи онон фатво медиҳад ва дар он чи аз китоб [Қуръон] бар шумо хонда мешавад, [низ] омадааст, ки [ҳукми Ӯ] дар бораи духтарони ятиме, ки ҳаққи муқаррарашон [аз маҳрияи ворис]-ро намепардозед ва майл ба издивоҷ бо онон надоред [ва аз рӯйи тамаъ дар амволашон

ононро аз издивоҷ манъ мекунед] ва [ҳамчунин, дастураш дар мавриди] кӯдакони нотавон [ин аст], ки: «Дар ҳаққи ятимон ба адлу инсоф бикӯшед» ва ҳар он чи аз некиҳо, ки анҷом медиҳед, Аллоҳ таоло ба он огоҳ аст

وَإِنِ ٱمۡرَأَةٌ خَافَتۡ مِنۢ بَعۡلِهَا نُشُوزًا أَوۡ إِعۡرَاضٗا فَلَا جُنَاحَ عَلَيۡهِمَآ أَن يُصۡلِحَا بَيۡنَهُمَا صُلۡحٗاۚ وَٱلصُّلۡحُ خَيۡرٞۗ وَأُحۡضِرَتِ ٱلۡأَنفُسُ ٱلشُّحَّۚ وَإِن تُحۡسِنُواْ وَتَتَّقُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِمَا تَعۡمَلُونَ خَبِيرٗا ١٢٨

128. Ва агар зане аз носозгорӣ ё рӯйгардонии шавҳараш бим дошт, пас, бар он ду нафар гуноҳе нест, ки бо [сарфи назар аз бархе ҳуқуқ ва вазоиф] бо якдигар оштӣ кунанд. Ва оштӣ беҳтар [аз талоқ] аст ва [-ле тамаъ ва] бухл нафсҳоро фаро гирифтааст [ва ҳеҷ кас аз ҳаққи хеш намегузарад] ва агар некӣ кунед ва парҳезкорӣ пеша созед, ҳатман, Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст

وَلَن تَسۡتَطِيعُوٓاْ أَن تَعۡدِلُواْ بَيۡنَ ٱلنِّسَآءِ وَلَوۡ حَرَصۡتُمۡۖ فَلَا تَمِيلُواْ كُلَّ ٱلۡمَيۡلِ فَتَذَرُوهَا كَٱلۡمُعَلَّقَةِۚ وَإِن تُصۡلِحُواْ وَتَتَّقُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ١٢٩

129. Ва [шумо мардон] ҳарчанд бикӯшед, ҳаргиз наметавонед [аз назари муҳаббати қалбӣ] миёни занон адолат барқарор кунед, пас, яксара [ба яке майл накунед ва] аз яке рӯ нагардонед, ки ӯро билотаклиф раҳо кунед. Ва агар созиш намоед ва парҳезгорӣ кунед, бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَإِن يَتَفَرَّقَا يُغۡنِ ٱللَّهُ كُلّٗا مِّن سَعَتِهِۦۚ وَكَانَ ٱللَّهُ وَٰسِعًا حَكِيمٗا ١٣٠

130. Ва агар он ду [зану шавҳар] аз якдигар ҷудо шаванд, Аллоҳ таоло ҳар яке аз ононро аз кушоиш [ва бахшиши] хеш бениёз месозад ва Аллоҳ таоло ҳамвора кушоишгару ҳаким аст

وَلِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ وَلَقَدۡ وَصَّيۡنَا ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ مِن قَبۡلِكُمۡ وَإِيَّاكُمۡ أَنِ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ وَإِن تَكۡفُرُواْ فَإِنَّ لِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ غَنِيًّا حَمِيدٗا ١٣١

131. Ва он чи дар осмонҳо ва замин аст аз они Аллоҳ таоло аст ва мо ба касоне, ки пеш аз шумо ба онон китоб [-и осмонӣ] дода шуд ва [ҳамчунин] ба шумо супориш кардем, ки: «Аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед]» ва агар кофир шудед, [бидонед, ки] он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло бениёзи сутуда аст

وَلِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ وَكِيلٗا ١٣٢

132. Ва он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст ва ҳамин бас, ки Аллоҳ таоло [муроқибу] коргузор [-и бандагон] бошад

إِن يَشَأۡ يُذۡهِبۡكُمۡ أَيُّهَا ٱلنَّاسُ وَيَأۡتِ بِـَٔاخَرِينَۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلَىٰ ذَٰلِكَ قَدِيرًا ﴿١٣٣﴾

133. Эй мардум, агар Ӯ бихоҳад, шуморо аз миён мебарад ва дигаронро меоварад ва Аллоҳ таоло ҳамвора бар ин [кор] тавоност

مَّن كَانَ يُرِيدُ ثَوَابَ ٱلدُّنۡيَا فَعِندَ ٱللَّهِ ثَوَابُ ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ سَمِيعَۢا بَصِيرًا ﴿١٣٤﴾

134. Ҳар ки [дар қиболи корҳояш] подоши дунёро мехоҳад, пас, [бидонад, ки] подоши дунё ва охират назди Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло ҳамвора шунавову биност

۞يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُونُواْ قَوَّٰمِينَ بِٱلۡقِسۡطِ شُهَدَآءَ لِلَّهِ وَلَوۡ عَلَىٰٓ أَنفُسِكُمۡ أَوِ ٱلۡوَٰلِدَيۡنِ وَٱلۡأَقۡرَبِينَۚ إِن يَكُنۡ غَنِيًّا أَوۡ فَقِيرًا فَٱللَّهُ أَوۡلَىٰ بِهِمَاۖ فَلَا تَتَّبِعُواْ ٱلۡهَوَىٰٓ أَن تَعۡدِلُواْۚ وَإِن تَلۡوُۥٓاْ أَوۡ تُعۡرِضُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِمَا تَعۡمَلُونَ خَبِيرًا ﴿١٣٥﴾

135. Эй касоне, ки имон овардаед, барподорандаи адолат бошед [ва] барои Аллоҳ таоло шаҳодат диҳед, агарчи ба зиёни худатон ё падару модар ва наздикон [-и шумо] бошад. Агар [яке аз ду тарафи даъво] тавонгар ё ниёзманд бошад, [боз ҳам] Аллоҳ таоло [аз шумо] ба он ду нафар сазовортар аст, пас, аз ҳавои нафс пайравӣ накунед, ки [аз ҳақ] мунҳариф мешавед. Ва агар забонро бигардонед, [ва ҳақро таҳриф кунед] ё [аз изҳори он] худдорӣ намоед, мусалламан, Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ ءَامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِي نَزَّلَ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ مِن قَبۡلُۚ وَمَن يَكۡفُرۡ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ فَقَدۡ ضَلَّ ضَلَٰلَۢا بَعِيدًا ﴿١٣٦﴾

136. Эй касоне, ки имон овардаед, ба Аллоҳ таоло ва паёмбараш ва китобе, ки бар ӯ нозил кардааст ва [ба ҳар] китобе, ки пеш аз ин фиристодааст, имон биёваред [ва бар он пойдор бошед] ва ҳар, ки ба Аллоҳ таоло ва фариштагони Ӯ ва китобҳову паёмбаронаш ва рӯзи қиёмат куфр биварзад, бе тардид, дар гумроҳии дуру дарозе афтодааст

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ثُمَّ كَفَرُواْ ثُمَّ ءَامَنُواْ ثُمَّ كَفَرُواْ ثُمَّ ٱزۡدَادُواْ كُفۡرًا لَّمۡ يَكُنِ ٱللَّهُ لِيَغۡفِرَ لَهُمۡ وَلَا لِيَهۡدِيَهُمۡ سَبِيلَۢا ﴿١٣٧﴾

137. Бе тардид, касоне ки имон оварданд, сипас кофир шуданд ва пас аз он имон оварданд ва боз кофир шуданд ва он гоҳ бар куфри [худ] афзуданд, Аллоҳ таоло ҳаргиз бар он нест, ки ононро бибахшояд ва ба роҳ [-и рост, ки ба саодати абадӣ хатм мегардад] ҳидояташон кунад

بَشِّرِ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ بِأَنَّ لَهُمۡ عَذَابًا أَلِيمًا ﴿١٣٨﴾

138. [Эй паёмбар] Ба мунофиқон хабар бидеҳ, ки азоби дарднок барояшон [дар пеш] аст

ٱلَّذِينَ يَتَّخِذُونَ ٱلۡكَٰفِرِينَ أَوۡلِيَآءَ مِن دُونِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَۚ أَيَبۡتَغُونَ عِندَهُمُ ٱلۡعِزَّةَ فَإِنَّ ٱلۡعِزَّةَ لِلَّهِ جَمِيعًا ١٣٩

139. [Ҳамон] Касоне, ки кофиронро ба ҷойи муъминон ба дӯстӣ бармегузинанд. Оё сарбаландиро назди онон меҷӯянд? Пас, [бояд бидонанд, ки] ҳамаи сарбаландӣ аз они Аллоҳ таоло аст

وَقَدۡ نَزَّلَ عَلَيۡكُمۡ فِي ٱلۡكِتَٰبِ أَنۡ إِذَا سَمِعۡتُمۡ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ يُكۡفَرُ بِهَا وَيُسۡتَهۡزَأُ بِهَا فَلَا تَقۡعُدُواْ مَعَهُمۡ حَتَّىٰ يَخُوضُواْ فِي حَدِيثٍ غَيۡرِهِۦٓۚ إِنَّكُمۡ إِذٗا مِّثۡلُهُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ جَامِعُ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ وَٱلۡكَٰفِرِينَ فِي جَهَنَّمَ جَمِيعًا ١٤٠

140. Ва [эй муъминон] мусалламан, [Аллоҳ таоло ин ҳукмро] дар ин китоб [Қуръон] бар шумо нозил кардааст, ки: «Чун шунидед [афроде] оёти Аллоҳро инкор мекунанд ва онро ба тамасхур мегиранд, бо онон нанишинед, то ба сухани дигар бипардозанд. [Агар бо онон биншинед] Дар ин сурат, ҳатман, шумо [низ] ҳаммонанди онон хоҳед буд». Бе тардид, Аллоҳ таоло ҳамаи мунофиқон ва кофиронро дар дузах гирд меоварад

ٱلَّذِينَ يَتَرَبَّصُونَ بِكُمۡ فَإِن كَانَ لَكُمۡ فَتۡحٞ مِّنَ ٱللَّهِ قَالُوٓاْ أَلَمۡ نَكُن مَّعَكُمۡ وَإِن كَانَ لِلۡكَٰفِرِينَ نَصِيبٞ قَالُوٓاْ أَلَمۡ نَسۡتَحۡوِذۡ عَلَيۡكُمۡ وَنَمۡنَعۡكُم مِّنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَۚ فَٱللَّهُ يَحۡكُمُ بَيۡنَكُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۚ وَلَن يَجۡعَلَ ٱللَّهُ لِلۡكَٰفِرِينَ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ سَبِيلَۢا ١٤١

141. [Ҳамон] Касоне, ки [аз сари бадхоҳӣ ҳамвора] шуморо зери назар доранд, агар пирӯзӣ ва кушоише аз ҷониби Аллоҳ таоло насибатон гардад, мегӯянд: «Магар мо бо шумо набудем»? Ва агар баҳрае насиби кофирон гардад, [ба онон] мегӯянд: «Магар мо пуштибонатон набудем ва шуморо аз [газанди] муъминон боз надоштем»? Пас, Аллоҳ таоло рӯзи қиёмат миёни шумо доварӣ мекунад ва Аллоҳ таоло ҳаргиз барои кофирон роҳе [барои тасаллут] бар муъминон қарор надодааст

إِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ يُخَٰدِعُونَ ٱللَّهَ وَهُوَ خَٰدِعُهُمۡ وَإِذَا قَامُوٓاْ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ قَامُواْ كُسَالَىٰ يُرَآءُونَ ٱلنَّاسَ وَلَا يَذۡكُرُونَ ٱللَّهَ إِلَّا قَلِيلٗا ١٤٢

142. Бе тардид, мунофиқон [бо дурӯғгӯӣ ва тазоҳурашон] бо Аллоҳ таоло фиребкорӣ мекунанд [ва ҳол он ки ба сазои рафторашон] Аллоҳ таоло фиребдиҳандаи ононаст; ва чун ба намоз бархезанд, бо сустӣ ва коҳилӣ бармехезанд [ва] бо мардум риёкорӣ мекунанд ва Аллоҳро ҷуз андаке ёд намекунанд

مُّذَبۡذَبِينَ بَيۡنَ ذَٰلِكَ لَآ إِلَىٰ هَٰٓؤُلَآءِ وَلَآ إِلَىٰ هَٰٓؤُلَآءِۚ وَمَن يُضۡلِلِ ٱللَّهُ فَلَن تَجِدَ لَهُۥ سَبِيلٗا ١٤٣

143. [Мунофиқон] Байни ин ду [гурӯҳ: муъминон ва кофирон] саргаштаанд, на бо инонанд ва на бо онон. Ва [эй паёмбар] ҳар киро Аллоҳ таоло гумроҳ кунад, роҳе барои [ҳидояти] ӯ нахоҳӣ ёфт

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ ٱلۡكَٰفِرِينَ أَوۡلِيَآءَ مِن دُونِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَۚ أَتُرِيدُونَ أَن تَجۡعَلُواْ لِلَّهِ عَلَيۡكُمۡ سُلۡطَٰنٗا مُّبِينًا ١٤٤

144. Эй касоне, ки имон овардаед, кофиронро ба ҷойи муъминон, дӯстони [худ] нагиред. Оё мехоҳед, барои Аллоҳ таоло далели ошкоре ба зиёни худ [барои азоб] падид оваред?

إِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ فِي ٱلدَّرۡكِ ٱلۡأَسۡفَلِ مِنَ ٱلنَّارِ وَلَن تَجِدَ لَهُمۡ نَصِيرًا ١٤٥

145. Ҳамоно мунофиқон дар фурӯтарин дараҷоти дузаханд ва ҳаргиз ёваре барояшон нахоҳӣ ёфт

إِلَّا ٱلَّذِينَ تَابُواْ وَأَصۡلَحُواْ وَٱعۡتَصَمُواْ بِٱللَّهِ وَأَخۡلَصُواْ دِينَهُمۡ لِلَّهِ فَأُوْلَٰٓئِكَ مَعَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَۖ وَسَوۡفَ يُؤۡتِ ٱللَّهُ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ أَجۡرًا عَظِيمٗا ١٤٦

146. Магар онон, ки тавба карданд ва [ботини хешро] ислоҳ намуданд ва ба [китоби] Аллоҳ таоло тамассук ҷустанд ва дини худро барои Аллоҳ таоло холис гардонданд. Пас, инон бо муъминонанд ва Аллоҳ таоло ба муъминон подоши бузурге хоҳад дод

مَّا يَفۡعَلُ ٱللَّهُ بِعَذَابِكُمۡ إِن شَكَرۡتُمۡ وَءَامَنتُمۡۚ وَكَانَ ٱللَّهُ شَاكِرًا عَلِيمًا ١٤٧

147. Агар шукр кунед ва имон оваред, Аллоҳ таоло чи ниёзе ба муҷозоти шумо дорад? Ва Аллоҳ таоло ҳамвора шукргузори доност

۞لَّا يُحِبُّ ٱللَّهُ ٱلۡجَهۡرَ بِٱلسُّوٓءِ مِنَ ٱلۡقَوۡلِ إِلَّا مَن ظُلِمَۚ وَكَانَ ٱللَّهُ سَمِيعًا عَلِيمًا ١٤٨

148. Аллоҳ таоло бадгӯии ошкорро дӯст намедорад, магар аз ҷониби касе, ки ба ӯ ситам шудааст [ва ночор забон ба шикояту нафрин мекушояд]. Ва Аллоҳ таоло ҳамвора шунавову доност

إِن تُبۡدُواْ خَيۡرًا أَوۡ تُخۡفُوهُ أَوۡ تَعۡفُواْ عَن سُوٓءٖ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَفُوّٗا قَدِيرًا ١٤٩

149. Агар кори некро ошкор кунед ё онро пинҳон доред ё аз бадӣ [ва ситаме, ки ба шумо расидааст] даргузаред, пас, [бидонед, ки] бе тардид, Аллоҳ таоло ҳамвора омурзандаи тавоност

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكۡفُرُونَ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَيُرِيدُونَ أَن يُفَرِّقُواْ بَيۡنَ ٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَيَقُولُونَ نُؤۡمِنُ بِبَعۡضٖ وَنَكۡفُرُ بِبَعۡضٖ وَيُرِيدُونَ أَن يَتَّخِذُواْ بَيۡنَ ذَٰلِكَ سَبِيلًا ١٥٠

150. Касоне, ки ба Аллоҳ таоло ва паёмбаронаш куфр меварзанд ва мехоҳанд миёни Аллоҳ таоло ва паёмбаронаш ҷудоӣ андозанд ва мегӯянд: «Мо ба баъзе имон дорем ва баъзеро инкор мекунем» ва мехоҳанд дар ин [миён байни куфру имон барои худ] роҳе баргузинанд

أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ حَقّٗاۚ وَأَعۡتَدۡنَا لِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٗا مُّهِينٗا ١٥١

151. Ононанд, ки ба ростӣ, кофиранд ва мо барои кофирон азоби хоркунандае муҳайё кардаем

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَلَمۡ يُفَرِّقُواْ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّنۡهُمۡ أُوْلَٰٓئِكَ سَوۡفَ يُؤۡتِيهِمۡ أُجُورَهُمۡۚ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ١٥٢

152. Ва касоне, ки ба Аллоҳ таоло ва паёмбаронаш имон оварданд ва миёни ҳеҷ кадом аз онон

фарқ намегузоранд, ба зудӣ [Аллоҳ таоло] подошашонро ато мекунад ва Аллоҳ таоло ҳамвора омурзандаи меҳрубон аст

يَسْـَٔلُكَ أَهْلُ ٱلْكِتَٰبِ أَن تُنَزِّلَ عَلَيْهِمْ كِتَٰبًا مِّنَ ٱلسَّمَآءِ ۚ فَقَدْ سَأَلُوا۟ مُوسَىٰٓ أَكْبَرَ مِن ذَٰلِكَ فَقَالُوٓا۟ أَرِنَا ٱللَّهَ جَهْرَةً فَأَخَذَتْهُمُ ٱلصَّٰعِقَةُ بِظُلْمِهِمْ ۚ ثُمَّ ٱتَّخَذُوا۟ ٱلْعِجْلَ مِنۢ بَعْدِ مَا جَآءَتْهُمُ ٱلْبَيِّنَٰتُ فَعَفَوْنَا عَن ذَٰلِكَ ۚ وَءَاتَيْنَا مُوسَىٰ سُلْطَٰنًا مُّبِينًا ﴿١٥٣﴾

153. [Эй паёмбар] Аҳли китоб аз ту мехоҳанд, ки [ба нишонаи ростгӯӣ] барояшон китобе аз осмон нозил кунӣ. [Ин дархосташонро бузург машмор, зеро онон] Аз Мӯсо [чизи бузургтар ва] аҷибтар аз ин хостанд ва гуфтанд: «Аллоҳро ошкоро ба мо нишон бидеҳ». Он гоҳ ба хотири дархости ноҳақашон, соиқа [ё марге] ононро фурӯ гирифт, он гоҳ [чун Аллоҳ таоло ононро дубора зинда кард] пас аз он ки нишонаҳои ошкор барояшон омад, гӯсолапарастӣ карданд, ва [-ле мо пас аз он ки тавба карданд] аз он [гуноҳашон низ] даргузаштем ва ба Мӯсо далели ошкор бахшидем

وَرَفَعْنَا فَوْقَهُمُ ٱلطُّورَ بِمِيثَٰقِهِمْ وَقُلْنَا لَهُمُ ٱدْخُلُوا۟ ٱلْبَابَ سُجَّدًا وَقُلْنَا لَهُمْ لَا تَعْدُوا۟ فِى ٱلسَّبْتِ وَأَخَذْنَا مِنْهُم مِّيثَٰقًا غَلِيظًا ﴿١٥٤﴾

154. Ва ба сабаби паймон [гирифтан аз] онон [кӯҳи] Тӯрро болои сарашон барафроштем ва ба эшон гуфтем: «Бо фурӯтанӣ аз дарвоза [-и Байт-ул-муқаддас] ворид шавед» ва [ҳамчунин] ба онон гуфтем: «Ҳурмати шанберо нашканед [ва аз сайди моҳӣ даст бикашед]» ва аз онон паймони сахту устувор гирифтем

فَبِمَا نَقْضِهِم مِّيثَٰقَهُمْ وَكُفْرِهِم بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَقَتْلِهِمُ ٱلْأَنۢبِيَآءَ بِغَيْرِ حَقٍّ وَقَوْلِهِمْ قُلُوبُنَا غُلْفٌ ۚ بَل طَبَعَ ٱللَّهُ عَلَيْهَا بِكُفْرِهِمْ فَلَا يُؤْمِنُونَ إِلَّا قَلِيلًا ﴿١٥٥﴾

155. Пас, ба [сазои] паймоншиканишон ва инкорашон нисбат ба оёти Аллоҳ таоло ва куштори ноҳаққи онон [аз] паёмбарон [лаънаташон кардем] ва [ба хотири ин] суханашон, ки: «Дилҳои мо [ҷойи сухани ҳақ нест ва] пӯшида аст», балки Аллоҳ таоло ба хотири куфрашон бар дилҳояшон муҳр задааст. Бинобар ин ҷуз андаке имон намеоваранд

وَبِكُفْرِهِمْ وَقَوْلِهِمْ عَلَىٰ مَرْيَمَ بُهْتَٰنًا عَظِيمًا ﴿١٥٦﴾

156. Ва [низ] ба сазои куфрашон ва он туҳмати бузурге, ки ба Марям заданд

وَقَوْلِهِمْ إِنَّا قَتَلْنَا ٱلْمَسِيحَ عِيسَى ٱبْنَ مَرْيَمَ رَسُولَ ٱللَّهِ وَمَا قَتَلُوهُ وَمَا صَلَبُوهُ وَلَٰكِن شُبِّهَ لَهُمْ ۚ وَإِنَّ ٱلَّذِينَ ٱخْتَلَفُوا۟ فِيهِ لَفِى شَكٍّ مِّنْهُ ۚ مَا لَهُم بِهِۦ مِنْ عِلْمٍ إِلَّا ٱتِّبَاعَ ٱلظَّنِّ ۚ وَمَا قَتَلُوهُ يَقِينًۢا ﴿١٥٧﴾

157. Ва [ононро лаънат кардаем ба хотири ин] суханашон, ки: «Мо Масеҳ - Исо писари Марям - паёмбари Аллоҳро куштем», дар

ҳоле ки на ӯро куштанд ва на ба дор овехтанд, вале [амр] бар онон муштабаҳ шуд [ва мардеро, ки шабеҳи Исо буд, ба дор кашиданд] ва касоне, ки дар бораи ӯ ихтилоф карданд, ҳатман, дар бораш дучори тардиданд ва ҳеҷ илме бад-он надоранд, магар он ки аз гумон пайравӣ мекунанд ва яқинан, ӯро накуштанд

بَل رَّفَعَهُ ٱللَّهُ إِلَيۡهِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمًا ١٥٨

158. Балки Аллоҳ таоло ӯро ба сӯйи Хеш боло бурд. Ва Аллоҳ таоло шикастнопазири ҳаким аст

وَإِن مِّنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ إِلَّا لَيُؤۡمِنَنَّ بِهِۦ قَبۡلَ مَوۡتِهِۦۖ وَيَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ يَكُونُ عَلَيۡهِمۡ شَهِيدًا ١٥٩

159. Ва [касе] аз аҳли китоб нест, магар ин ки пеш аз маргаш, ҳатман, ба ӯ [Исо] имон меоварад ва рӯзи қиёмат [низ] вай бар [куфру имони] онон гувоҳ хоҳад буд

فَبِظُلۡمٖ مِّنَ ٱلَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمۡنَا عَلَيۡهِمۡ طَيِّبَٰتٍ أُحِلَّتۡ لَهُمۡ وَبِصَدِّهِمۡ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ كَثِيرًا ١٦٠

160. Пас, ба сазои ситаме, ки аз яҳудиён сар зад ва ба сабаби боздоштани бисёре [аз мардум] аз роҳи Аллоҳ таоло, [мо низ] чизҳои покизаеро, ки барояшон ҳалол буд, бар онон ҳаром кардем

وَأَخۡذِهِمُ ٱلرِّبَوٰاْ وَقَدۡ نُهُواْ عَنۡهُ وَأَكۡلِهِمۡ أَمۡوَٰلَ ٱلنَّاسِ بِٱلۡبَٰطِلِۚ وَأَعۡتَدۡنَا لِلۡكَٰفِرِينَ مِنۡهُمۡ عَذَابًا أَلِيمًا ١٦١

161. Ва [низ ба сабаби] рибо гирифтанашон, бо он ки аз он наҳй шуда буданд ва ин ки моли мардумро ба нораво мехӯрданд. Ва мо барои кофиронашон азоби дарднок муҳайё кардаем

لَّٰكِنِ ٱلرَّٰسِخُونَ فِي ٱلۡعِلۡمِ مِنۡهُمۡ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَ يُؤۡمِنُونَ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ وَمَآ أُنزِلَ مِن قَبۡلِكَۚ وَٱلۡمُقِيمِينَ ٱلصَّلَوٰةَۚ وَٱلۡمُؤۡتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۚ أُوْلَٰٓئِكَ سَنُؤۡتِيهِمۡ أَجۡرًا عَظِيمًا ١٦٢

162. Вале аз миёни онон росихони дар илм [уламои яҳуд] ва муъминон [яъне онон, ки] ба он чи бар ту нозил шудааст ва он чи ки пеш аз ту нозил шудааст, имон меоварандва [ҳамчунин] намозгузорону закотдиҳандагон ва имоноварандагон ба Аллоҳ таоло ва рӯзи бозпасин, ба [ҳамаи] инҳо подоши бузурге хоҳем дод

إِنَّآ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ كَمَآ أَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ نُوحٖ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ مِنۢ بَعۡدِهِۦۚ وَأَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰٓ إِبۡرَٰهِيمَ وَإِسۡمَٰعِيلَ وَإِسۡحَٰقَ وَيَعۡقُوبَ وَٱلۡأَسۡبَاطِ وَعِيسَىٰ وَأَيُّوبَ وَيُونُسَ وَهَٰرُونَ وَسُلَيۡمَٰنَۚ وَءَاتَيۡنَا دَاوُۥدَ زَبُورٗا ١٦٣

163. [Эй паёмбар] Бе тардид мо ба ту ваҳй фиристодем; ҳамон гуна, ки ба Нуҳу паёмбарони баъд аз ӯ ваҳй фиристодем ва [низ] ба Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва наводагон [-и Яъқуб] ва Исову Аюб ва Юнусу Ҳорун ва Сулаймон ваҳй фиристодем ва ба Довуд Забур додем

وَرُسُلًا قَدْ قَصَصْنَٰهُمْ عَلَيْكَ مِن قَبْلُ وَرُسُلًا لَّمْ نَقْصُصْهُمْ عَلَيْكَ ۚ وَكَلَّمَ ٱللَّهُ مُوسَىٰ تَكْلِيمًا ﴿١٦٤﴾

164. Ва паёмбароне [фиристодем], ки дар ҳақиқат, [саргузашти] ононро пеш аз ин барои ту ҳикоят намудем ва паёмбароне [-ро низ барангехтаем], ки [достони] эшонро бароят баён накардаем. Ва Аллоҳ таоло бо Мӯсо ошкор [ва бевосита] сухан гуфт

رُّسُلًا مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلَّا يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى ٱللَّهِ حُجَّةٌۢ بَعْدَ ٱلرُّسُلِ ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمًا ﴿١٦٥﴾

165. Паёмбароне [фиристодем], ки башоратбахшу бимдиҳанда буданд, то барои мардум пас аз [биъсати] паёмбарон дар муқобили Аллоҳ таоло [ҳеҷ баҳона ва] ҳуҷҷате набошад. Ва Аллоҳ таоло ҳамвора шикастнопазири ҳаким аст

لَّٰكِنِ ٱللَّهُ يَشْهَدُ بِمَآ أَنزَلَ إِلَيْكَ ۖ أَنزَلَهُۥ بِعِلْمِهِۦ ۖ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةُ يَشْهَدُونَ ۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ شَهِيدًا ﴿١٦٦﴾

166. [Эй паёмбар, кофирон паёматро инкор мекунанд] Вале Аллоҳ таоло ба [дурустии] он чи бар ту нозил кардааст, шаҳодат медиҳад. Онро ба илми хеш нозил кардааст ва фариштагон низ шаҳодат медиҳанд. Ва [барои ҳаққонияти Қуръон] кофист, ки Аллоҳ таоло гувоҳ бошад

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَصَدُّوا۟ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ قَدْ ضَلُّوا۟ ضَلَٰلًۢا بَعِيدًا ﴿١٦٧﴾

167. Бе тардид, касоне, ки куфр варзиданд ва [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло боздоштанд, ба гумроҳии дуру дарозе афтодаанд

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَظَلَمُوا۟ لَمْ يَكُنِ ٱللَّهُ لِيَغْفِرَ لَهُمْ وَلَا لِيَهْدِيَهُمْ طَرِيقًا ﴿١٦٨﴾

168. Бе тардид, касоне, ки куфр варзиданд ва [бо ин кор бар худ] ситам карданд, Аллоҳ таоло ҳаргиз бар он нест, ки биёмурзадашон ва ба роҳ [-и дуруст низ] ҳидояташон намекунад

إِلَّا طَرِيقَ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرًا ﴿١٦٩﴾

169. Магар роҳи ҷаҳаннам, ки ҷовидона дар он мемонанд ва ин [кор] бар Аллоҳ таоло осон аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدْ جَآءَكُمُ ٱلرَّسُولُ بِٱلْحَقِّ مِن رَّبِّكُمْ فَـَٔامِنُوا۟ خَيْرًا لَّكُمْ ۚ وَإِن تَكْفُرُوا۟ فَإِنَّ لِلَّهِ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمًا ﴿١٧٠﴾

170. Эй мардум, ин паёмбар аз ҷониби Парвардигоратон [ҳидояту дини] ҳақро бароятон овардааст, пас, имон биёваред, ки ба хайр [-у салоҳ]-и шумост. Ва агар [суханашро напазиред ва] куфр биварзед, [бидонед, ки] он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст [ва куфри шумо бар Ӯ зиёне намерасонад] ва Аллоҳ таоло ҳамвора донои ҳаким аст

يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ لَا تَغۡلُواْ فِي دِينِكُمۡ وَلَا تَقُولُواْ عَلَى ٱللَّهِ إِلَّا ٱلۡحَقَّۚ إِنَّمَا ٱلۡمَسِيحُ عِيسَى ٱبۡنُ مَرۡيَمَ رَسُولُ ٱللَّهِ وَكَلِمَتُهُۥٓ أَلۡقَىٰهَآ إِلَىٰ مَرۡيَمَ وَرُوحٞ مِّنۡهُۖ فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦۖ وَلَا تَقُولُواْ ثَلَٰثَةٌۚ ٱنتَهُواْ خَيۡرٗا لَّكُمۡۚ إِنَّمَا ٱللَّهُ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ سُبۡحَانَهُۥٓ أَن يَكُونَ لَهُۥ وَلَدٞۘ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ وَكِيلٗا ١٧١

171. Эй [масеҳиёни] аҳли китоб, дар дини худ ғулув накунед ва дар бораи Аллоҳ таоло ҷуз [сухани] ҳақ нагӯед. Бе тардид, Масеҳ - Исо писари Марям - фиристодаи Аллоҳ таоло ва калимаи Ӯст, ки [амр кард: «Бош», пас, бедиранг мавҷуд шуд ва бад-ин сурат ба амри Аллоҳ таоло [Ҷабраил] вайро ба Марям илқо кард ва [Исо] рӯҳе аз ҷониби Ӯст. Пас, ба Аллоҳ таоло ва паёмбаронаш имон биёваред ва нагӯед: «[Маъбуд] Сегона аст». [Аз ин сухан] Бозистед, ки барои шумо беҳтар аст. Аллоҳ таоло танҳо маъбуди ягона аст [ва] аз ин ки фарзанде дошта бошад, пок [-у муназзаҳ] аст. Он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст ва ҳамин бас аст, ки Аллоҳ таоло коргузор [-у муроқиби махлуқот] бошад

لَّن يَسۡتَنكِفَ ٱلۡمَسِيحُ أَن يَكُونَ عَبۡدٗا لِّلَّهِ وَلَا ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ ٱلۡمُقَرَّبُونَۚ وَمَن يَسۡتَنكِفۡ عَنۡ عِبَادَتِهِۦ وَيَسۡتَكۡبِرۡ فَسَيَحۡشُرُهُمۡ إِلَيۡهِ جَمِيعٗا ١٧٢

172. Масеҳ ва фариштагони муқарраб ҳаргиз [сар намепечанд ва] ибо надоранд, аз ин ки бандаи Аллоҳ таоло бошанд. Ва ҳар ки аз парастиши Ӯ сарпечӣ кунад ва такаббур варзад, ҳамаи ононро [барои ҳисобрасӣ] назди хеш ҷамъ хоҳад кард

فَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَيُوَفِّيهِمۡ أُجُورَهُمۡ وَيَزِيدُهُم مِّن فَضۡلِهِۦۖ وَأَمَّا ٱلَّذِينَ ٱسۡتَنكَفُواْ وَٱسۡتَكۡبَرُواْ فَيُعَذِّبُهُمۡ عَذَابًا أَلِيمٗا وَلَا يَجِدُونَ لَهُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ وَلِيّٗا وَلَا نَصِيرٗا ١٧٣

173. Аммо онон, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, [Аллоҳ таоло] подошҳояшонро ба таври комил медиҳад ва аз фазли хеш бар онҳо меафзояд. Ва аммо онон, ки ибо карданд ва такаббур варзиданд, ба азоби дарднок азобашон мекунад ва барои худ ғайр аз Аллоҳ таоло дӯсту ёваре намеёбанд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدۡ جَآءَكُم بُرۡهَٰنٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَأَنزَلۡنَآ إِلَيۡكُمۡ نُورٗا مُّبِينٗا ١٧٤

174. Эй мардум, ба ростӣ, ки барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон далели равшан [Муҳаммад] омад ва нури ошкор [Қуръон] ба сӯятон нозил кардем

فَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَٱعۡتَصَمُواْ بِهِۦ فَسَيُدۡخِلُهُمۡ فِي رَحۡمَةٖ مِّنۡهُ وَفَضۡلٖ وَيَهۡدِيهِمۡ إِلَيۡهِ صِرَٰطٗا مُّسۡتَقِيمٗا ١٧٥

175. Аммо онон, ки ба Аллоҳ таоло имон оварданд ва ба он [Қуръон] тамассук ҷустанд, ҳамаро дар раҳмату фазли худ ворид хоҳад кард ва ба роҳи рост ба сӯйи хеш раҳнамун мегардонад

يَسْتَفْتُونَكَ قُلِ ٱللَّهُ يُفْتِيكُمْ فِي ٱلْكَلَٰلَةِۚ إِنِ ٱمْرُؤٌاْ هَلَكَ لَيْسَ لَهُۥ وَلَدٌ وَلَهُۥٓ أُخْتٌ فَلَهَا نِصْفُ مَا تَرَكَۚ وَهُوَ يَرِثُهَآ إِن لَّمْ يَكُن لَّهَا وَلَدٌۚ فَإِن كَانَتَا ٱثْنَتَيْنِ فَلَهُمَا ٱلثُّلُثَانِ مِمَّا تَرَكَۚ وَإِن كَانُوٓاْ إِخْوَةً رِّجَالًا وَنِسَآءً فَلِلذَّكَرِ مِثْلُ حَظِّ ٱلْأُنثَيَيْنِۗ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمْ أَن تَضِلُّواْۗ وَٱللَّهُ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمُۢ ﴿١٧٦﴾

176. [Эй Паёмбар, дар бораи чигунагии тақсими ирс байни бародару хоҳари он майите, ки падару модар ва фарзанд надорад] аз ту мепурсанд. Бигӯ: «Аллоҳ таоло дар [мавриди] калола бароятон ҳукм содир мекунад: Агар марде, ки [падару модар ва] фарзанде надорад, фавт кунад ва хоҳаре дошта бошад, нисфи тарака аз они ӯст. [Ва агар зане фавт кунад ва бародаре дошта бошад] Дар сурате ки фарзанд надошта бошад, он мард [ҳамаи таракаро] аз ӯ ба ирс мебарад. Ва агар ду хоҳар [ё бештар аз майит] боқӣ бимонад, ду савуми тарака барои онҳост. Ва агар бародарону хоҳарон [бо ҳам] бошанд, ҳар марде [муодили] саҳми ду занро дорад. Аллоҳ таоло [ин аҳкомро] бароятон равшан месозад, то гумроҳ нашавед [ва дар тақсими ирс ба роҳи хато наравед] ва Аллоҳ таоло ба ҳар чизе доност»

(5) Моида(*) المائدة

Ҷузъи 6

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَوۡفُواْ بِٱلۡعُقُودِۚ أُحِلَّتۡ لَكُم بَهِيمَةُ ٱلۡأَنۡعَٰمِ إِلَّا مَا يُتۡلَىٰ عَلَيۡكُمۡ غَيۡرَ مُحِلِّي ٱلصَّيۡدِ وَأَنتُمۡ حُرُمٌۗ إِنَّ ٱللَّهَ يَحۡكُمُ مَا يُرِيدُ ١

1. Эй касоне, ки имон овардаед, ба паймонҳо [-и худ] вафо кунед. [Хӯрдани гушти] Чаҳорпоён бар шумо ҳалол аст, магар он чи [ҳукмаш] бар шумо хонда шавад ва [ба шарти он ки] дар ҳоли эҳром [ҳаҷ ё умра] шикорро ҳалол нашуморед. Ҳамоно Аллоҳ таоло ҳар чи бихоҳад ҳукм мекунад

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُحِلُّواْ شَعَٰٓئِرَ ٱللَّهِ وَلَا ٱلشَّهۡرَ ٱلۡحَرَامَ وَلَا ٱلۡهَدۡيَ وَلَا ٱلۡقَلَٰٓئِدَ وَلَآ ءَآمِّينَ ٱلۡبَيۡتَ ٱلۡحَرَامَ يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّن رَّبِّهِمۡ وَرِضۡوَٰنٗاۚ وَإِذَا حَلَلۡتُمۡ فَٱصۡطَادُواْۚ وَلَا يَجۡرِمَنَّكُمۡ شَنَـَٔانُ قَوۡمٍ أَن صَدُّوكُمۡ عَنِ ٱلۡمَسۡجِدِ ٱلۡحَرَامِ أَن تَعۡتَدُواْۘ وَتَعَاوَنُواْ عَلَى ٱلۡبِرِّ وَٱلتَّقۡوَىٰۖ وَلَا تَعَاوَنُواْ عَلَى ٱلۡإِثۡمِ وَٱلۡعُدۡوَٰنِۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ إِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ٢

2. Эй касоне, ки имон овардаед, [ҳурмати] шаоири [фароиз ва муқаддасоти] илоҳӣ ва моҳи ҳаром [-ро нигаҳ доред] ва [ҳамчунин, ҳурмати] қурбонии бенишон ва қурбониҳои қалодадор (гарданбанддор) ва роҳиёни Байт-ул-ҳаром, ки фазлу хушнудии Парвардигорашонро металабанд. Ва чун аз эҳром хориҷ шудед, [метавонед озодона] ба шикор бипардозед ва [мабодо] душмании гурӯҳе, ки шуморо аз масҷидулҳаром боз доштанд, ба тааддӣ ва таҷовуз водоратон кунад. Ва дар накукорӣ ва парҳезгорӣ бо якдигар ёрӣ кунед ва дар гуноҳу таҷовуз дастёри ҳам нашавед ва аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед, чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло сахткайфар аст

حُرِّمَتۡ عَلَيۡكُمُ ٱلۡمَيۡتَةُ وَٱلدَّمُ وَلَحۡمُ ٱلۡخِنزِيرِ وَمَآ أُهِلَّ لِغَيۡرِ ٱللَّهِ بِهِۦ وَٱلۡمُنۡخَنِقَةُ وَٱلۡمَوۡقُوذَةُ وَٱلۡمُتَرَدِّيَةُ وَٱلنَّطِيحَةُ وَمَآ أَكَلَ ٱلسَّبُعُ إِلَّا مَا ذَكَّيۡتُمۡ وَمَا ذُبِحَ عَلَى ٱلنُّصُبِ وَأَن تَسۡتَقۡسِمُواْ بِٱلۡأَزۡلَٰمِۚ ذَٰلِكُمۡ فِسۡقٌۗ ٱلۡيَوۡمَ يَئِسَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن دِينِكُمۡ فَلَا تَخۡشَوۡهُمۡ وَٱخۡشَوۡنِۚ ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ فَمَنِ ٱضۡطُرَّ فِي مَخۡمَصَةٍ غَيۡرَ مُتَجَانِفٖ لِّإِثۡمٖ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٣

3. [Инҳо ҳама] Бар шумо ҳаром шудааст: [Гӯшти] Мурдор ва хуну гӯшти хук ва он чи [ҳангоми забҳ] номи ғайри Аллоҳ таоло бар он бурда шавад ва [ҳайвони ҳалолгӯшти] хафашуда ва ба зарби [чӯбу санг] мурда ва азбаландиафтода ва шоххӯрдаву нимхӯрдаи [ҳайвоноти] дарранда - магар он чи [пеш аз мурдан] забҳ [-и шаръӣ] карда бошед - ва [ҳамчунин] он чи дар баробари бутҳо забҳ мешавад ва он чи бо чӯбҳои қуръа тақсим мекунед. Ва [ба яқин бидонед, ки рӯй

(*) Моида (Дастархон)

овардан ба тамоми] инҳо нофармонӣ аст. Имрӯз кофирон аз дини шумо [ва бозгаштатон ба куфр] ноумед шудаанд, пас, аз онон натарсед ва аз ман битарсед. Имрӯз динатонро комил кардам ва неъматро бар шумо тамом намудам ва исломро [ба унвони беҳтарин] дин бароятон баргузидам. Пас, ҳар ки [барои ҳифзи ҷони худ ва] бидуни он ки ба гуноҳе мутамоил бошад, ночор [ба хӯрдани гӯштҳои манъшуда] шавад [бар ӯ гуноҳе нест]. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

4. [Эй паёмбар, асҳобат] Аз ту мепурсанд, чи чиз барояшон ҳалол шудааст. Бигӯ: «Чизҳои покиза бароятон ҳалол гаштааст ва [ҳамчунин] он чи ба кумаки ҳайвоноти шикорӣ [ба даст меоваред, чаро], ки онҳоро бо он чи Аллоҳ таоло ба шумо омӯхтааст, дастомӯз мекунед. Пас, аз он чи [худ нахӯрдаанд ва] барои шумо гирифтаанд, бихӯред ва [ба ҳангоми забҳ ё фиристодани ҳайвоноти шикорӣ] номи Аллоҳро бар он бибаред ва аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед]. Бе гумон, Аллоҳ таоло дар ҳисобрасӣ сареъ аст»

يَسْـَٔلُونَكَ مَاذَآ أُحِلَّ لَهُمْۖ قُلْ أُحِلَّ لَكُمُ ٱلطَّيِّبَٰتُ وَمَا عَلَّمْتُم مِّنَ ٱلْجَوَارِحِ مُكَلِّبِينَ تُعَلِّمُونَهُنَّ مِمَّا عَلَّمَكُمُ ٱللَّهُۖ فَكُلُواْ مِمَّآ أَمْسَكْنَ عَلَيْكُمْ وَٱذْكُرُواْ ٱسْمَ ٱللَّهِ عَلَيْهِۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَرِيعُ ٱلْحِسَابِ ۝٤

5. [Эй мусулмонон] Имрӯз хӯрокҳои покиза бароятон ҳалол шудааст ва [забоиҳу] ғизои аҳли китоб барои шумо ҳалол аст ва ғизои шумо [низ] барои онон ҳалол аст ва [ҳамчунин издивоҷ бо] занони покдомани мусулмон ва занони покдоман аз [аҳли китоб, яъне] касоне, ки пеш аз шумо ба онон китоб [-и осмонӣ] дода шудааст [ҳалол мебошад], ба шарти он ки маҳрияҳои ононро бипардозед, дар ҳоле ки худ покдоман бошед, на зинокор бошед ва на [занонро] пинҳонӣ ба дӯстӣ бигиред. Ва ҳар ки ба [аркони] имон куфр биварзад, ҳатман, амалаш табоҳ шудааст ва дар охират аз зиёндидагон хоҳад буд

ٱلْيَوْمَ أُحِلَّ لَكُمُ ٱلطَّيِّبَٰتُۖ وَطَعَامُ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلْكِتَٰبَ حِلٌّ لَّكُمْ وَطَعَامُكُمْ حِلٌّ لَّهُمْۖ وَٱلْمُحْصَنَٰتُ مِنَ ٱلْمُؤْمِنَٰتِ وَٱلْمُحْصَنَٰتُ مِنَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلْكِتَٰبَ مِن قَبْلِكُمْ إِذَآ ءَاتَيْتُمُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ مُحْصِنِينَ غَيْرَ مُسَٰفِحِينَ وَلَا مُتَّخِذِيٓ أَخْدَانٍۗ وَمَن يَكْفُرْ بِٱلْإِيمَٰنِ فَقَدْ حَبِطَ عَمَلُهُۥ وَهُوَ فِى ٱلْأَخِرَةِ مِنَ ٱلْخَٰسِرِينَ ۝٥

6. Эй касоне, ки имон овардаед чун ба [қасди] намоз бархостед, рӯйи худ ва дастҳоятонро

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا قُمْتُمْ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ فَٱغْسِلُواْ وُجُوهَكُمْ وَأَيْدِيَكُمْ إِلَى ٱلْمَرَافِقِ وَٱمْسَحُواْ بِرُءُوسِكُمْ وَأَرْجُلَكُمْ إِلَى

ٱلْكَعْبَيْنِ ۚ وَإِن كُنتُمْ جُنُبًا فَٱطَّهَّرُوا۟ ۚ وَإِن كُنتُم مَّرْضَىٰٓ أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ أَوْ جَآءَ أَحَدٌ مِّنكُم مِّنَ ٱلْغَآئِطِ أَوْ لَٰمَسْتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَلَمْ تَجِدُوا۟ مَآءً فَتَيَمَّمُوا۟ صَعِيدًا طَيِّبًا فَٱمْسَحُوا۟ بِوُجُوهِكُمْ وَأَيْدِيكُم مِّنْهُ ۚ مَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيَجْعَلَ عَلَيْكُم مِّنْ حَرَجٍ وَلَٰكِن يُرِيدُ لِيُطَهِّرَكُمْ وَلِيُتِمَّ نِعْمَتَهُۥ عَلَيْكُمْ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ ۝٦

то оринҷ бишӯед ва саратонро масҳ кунед ва пойҳоятонро то ду шитолинг [буҷулак бишӯед] ва агар ҷунуб будед, худро [бо ғусл кардан] пок созед ва агар бемор ё мусофиред ё ҳар як аз шумо аз маҳалли қазои ҳоҷат омадааст ё бо занон омезиш кардаед ва об намеёбед, пас, ба хоки пок таяммум кунед ва аз он бар сурату дастҳоятон бикашед. Аллоҳ таоло намехоҳад шуморо ба сахтӣ бияндозад, балки мехоҳад шуморо пок созад ва неъмати хешро бар шумо тамом кунад, бошад, ки шукр гузоред

وَٱذْكُرُوا۟ نِعْمَةَ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ وَمِيثَٰقَهُ ٱلَّذِى وَاثَقَكُم بِهِۦٓ ۙ إِذْ قُلْتُمْ سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا ۖ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ۝٧

7. Ва ба ёд оваред неъмати Аллоҳро бар хеш ва [низ] паймоне, ки шуморо ба [анҷоми] он муваззаф гардондааст, он ҷоҳ ки [дар бораи даъват ба фармонбардорӣ ба паёмбар] гуфтед: «Шунидем ва итоат кардем». Ва аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед], [ки] бе тардид, Аллоҳ таоло ба он чи даруни синаҳост, доност

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ كُونُوا۟ قَوَّٰمِينَ لِلَّهِ شُهَدَآءَ بِٱلْقِسْطِ ۖ وَلَا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَـَٔانُ قَوْمٍ عَلَىٰٓ أَلَّا تَعْدِلُوا۟ ۚ ٱعْدِلُوا۟ هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَىٰ ۖ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ خَبِيرٌۢ بِمَا تَعْمَلُونَ ۝٨

8. Эй касоне, ки имон овардаед, барои Аллоҳ таоло ба адл бархезед, [ва] ба адолат шаҳодат диҳед. Ва албатта, набояд душмании як гурӯҳ шуморо бар он дорад, ки адолат накунед. Адолат кунед, ки ин [кор] ба парҳезкорӣ наздиктар аст ва аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед], [ки] бе тардид, Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст

وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُم مَّغْفِرَةٌ وَأَجْرٌ عَظِيمٌ ۝٩

9. Аллоҳ таоло ба онон, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, ваъдаи омурзиш ва подоши бузурге додааст

وَٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَكَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَآ أُو۟لَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلْجَحِيمِ ۝١٠

10. Ва касоне, ки куфр варзиданд ва оёти моро такзиб карданд, онон аҳли дузаханд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱذْكُرُوا۟ نِعْمَتَ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ هَمَّ قَوْمٌ أَن يَبْسُطُوٓا۟ إِلَيْكُمْ أَيْدِيَهُمْ فَكَفَّ أَيْدِيَهُمْ عَنكُمْ ۖ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ ۚ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلْيَتَوَكَّلِ ٱلْمُؤْمِنُونَ ۝١١

11. Эй касоне, ки имон овардаед, неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд оваред, он ҷоҳ ки гурӯҳе [аз душманон] қасд карданд, ки ба сӯятон даст дароз кунанд, пас, [Аллоҳ таоло] дасташонро аз шумо боздошт. Ва аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед]. Ва муъминон бояд танҳо бар Аллоҳ таоло таваккал кунанд

۞وَلَقَدۡ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ وَبَعَثۡنَا مِنۡهُمُ ٱثۡنَيۡ عَشَرَ نَقِيبٗاۖ وَقَالَ ٱللَّهُ إِنِّي مَعَكُمۡۖ لَئِنۡ أَقَمۡتُمُ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَيۡتُمُ ٱلزَّكَوٰةَ وَءَامَنتُم بِرُسُلِي وَعَزَّرۡتُمُوهُمۡ وَأَقۡرَضۡتُمُ ٱللَّهَ قَرۡضًا حَسَنٗا لَّأُكَفِّرَنَّ عَنكُمۡ سَيِّـَٔاتِكُمۡ وَلَأُدۡخِلَنَّكُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُۚ فَمَن كَفَرَ بَعۡدَ ذَٰلِكَ مِنكُمۡ فَقَدۡ ضَلَّ سَوَآءَ ٱلسَّبِيلِ ١٢

12. Ва бе тардид, Аллоҳ таоло аз Бани Исроил паймон гирифт ва аз миёни онон [ба теъдоди қабоилашон] дувоздаҳ солор баргумоштем ва Аллоҳ таоло гуфт: «Ман бо шумо ҳастам. Агар намоз барпо доред ва закот бипардозед ва ба паёмбарони ман имон биёваред ва ононро гиромӣ доред ва дар роҳи Аллоҳ таоло вом наку диҳед, гуноҳонатонро мезудоям ва шуморо ба боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунам, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст. Пас, ҳар як аз шумо, ки баъд аз ин кофир шавад, мусалламан, роҳи ростро гум кардааст»

فَبِمَا نَقۡضِهِم مِّيثَٰقَهُمۡ لَعَنَّٰهُمۡ وَجَعَلۡنَا قُلُوبَهُمۡ قَٰسِيَةٗۖ يُحَرِّفُونَ ٱلۡكَلِمَ عَن مَّوَاضِعِهِۦ وَنَسُواْ حَظّٗا مِّمَّا ذُكِّرُواْ بِهِۦۚ وَلَا تَزَالُ تَطَّلِعُ عَلَىٰ خَآئِنَةٖ مِّنۡهُمۡ إِلَّا قَلِيلٗا مِّنۡهُمۡۖ فَٱعۡفُ عَنۡهُمۡ وَٱصۡفَحۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١٣

13. Пас, ба [сазои] паймоншиканиашон ононро аз раҳмати хеш дур сохтем ва дилҳояшонро сахт гардондем, [зеро бо тағйири лафзу таъвили маъно] суханон [-и Аллоҳ таоло]-ро аз ҷойгоҳаш таҳриф мекунанд ва бахше аз он чиро бад-он панд дода шуданд, фаромӯш карданд. Ва [эй паёмбар] ту пайваста дар бораи хиёнате аз сӯйи онон огоҳ мешавӣ, магар [шумори] андак аз эшон [ки хиёнаткор нестанд]. Пас, аз онон даргузар ва чашмпӯшӣ кун, [ки] бе тардид, Аллоҳ таоло накукоронро дӯст медорад

وَمِنَ ٱلَّذِينَ قَالُوٓاْ إِنَّا نَصَٰرَىٰٓ أَخَذۡنَا مِيثَٰقَهُمۡ فَنَسُواْ حَظّٗا مِّمَّا ذُكِّرُواْ بِهِۦ فَأَغۡرَيۡنَا بَيۡنَهُمُ ٱلۡعَدَٰوَةَ وَٱلۡبَغۡضَآءَ إِلَىٰ يَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِۚ وَسَوۡفَ يُنَبِّئُهُمُ ٱللَّهُ بِمَا كَانُواْ يَصۡنَعُونَ ١٤

14. Ва [ҳамчунин] аз касоне, ки гуфтанд: «Мо масеҳӣ ҳастем», паймон гирифтем, [ки пайрави Қуръон ва расули Аллоҳ таоло бошанд] ва [-ле динашонро таҳриф намуданд ва] бахше аз он чиро, ки бад-он панд дода шуданд, фаромӯш карданд ва мо [низ] то рӯзи қиёмат миёнашон душманиву кина афкандем ва [дар он рӯз] Аллоҳ таоло ононро [аз натиҷаи] он чи кардаанд, огоҳ хоҳад сохт

يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ قَدۡ جَآءَكُمۡ رَسُولُنَا يُبَيِّنُ لَكُمۡ كَثِيرٗا مِّمَّا كُنتُمۡ تُخۡفُونَ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَيَعۡفُواْ عَن كَثِيرٖۚ قَدۡ جَآءَكُم مِّنَ ٱللَّهِ نُورٞ وَكِتَٰبٞ مُّبِينٞ ١٥

15. Эй аҳли китоб, ҳамоно паёмбари мо ба сӯйи шумо омадааст, ки бисёре аз [матолибу омӯзаҳои] китоб [-и осмонии худ]-ро, ки пинҳон мекардед, бароятон ба равшанӣ баён кунад ва аз бисёре [аз матолибу аҳкоми он] даргузарад. Ҳатман, аз ҷониби Аллоҳ таоло бароятон нуру китоби равшангар омадааст

يَهْدِي بِهِ ٱللَّهُ مَنِ ٱتَّبَعَ رِضْوَٰنَهُۥ سُبُلَ ٱلسَّلَٰمِ وَيُخْرِجُهُم مِّنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِ بِإِذْنِهِۦ وَيَهْدِيهِمْ إِلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿١٦﴾

16. Аллоҳ таоло ба василаи ин [китоб] касонеро, ки аз хушнудии Ӯ пайравӣ кунанд, ба роҳҳои саломат ҳидоят мекунад ва ба фармони Хеш ононро аз торикиҳо ба сӯйи рӯшноӣ мебарад ва ба роҳи рост ҳидояташон мекунад

لَّقَدْ كَفَرَ ٱلَّذِينَ قَالُوٓاْ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْمَسِيحُ ٱبْنُ مَرْيَمَ ۚ قُلْ فَمَن يَمْلِكُ مِنَ ٱللَّهِ شَيْـًٔا إِنْ أَرَادَ أَن يُهْلِكَ ٱلْمَسِيحَ ٱبْنَ مَرْيَمَ وَأُمَّهُۥ وَمَن فِى ٱلْأَرْضِ جَمِيعًا ۗ وَلِلَّهِ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا ۚ يَخْلُقُ مَا يَشَآءُ ۚ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿١٧﴾

17. Касоне, ки гуфтанд: «Аллоҳ таоло ҳамон Масеҳ - писари Марям - аст», яқинан, кофир шуданд. [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Агар Аллоҳ таоло бихоҳад, ки Масеҳ - писари Марям - ва модараш ва ҳамаи касонеро, ки рӯйи замин ҳастанд, нобуд кунад, чи касе дар баробари Аллоҳ таоло ихтиёре дорад, ки монеъ шавад? Фармонравоии осмонҳо ва замин ва он чи миёни он ду қарор дорад, аз они Аллоҳ таоло аст; ҳар чи бихоҳад меофаринад ва Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност»

وَقَالَتِ ٱلْيَهُودُ وَٱلنَّصَٰرَىٰ نَحْنُ أَبْنَٰٓؤُاْ ٱللَّهِ وَأَحِبَّٰٓؤُهُۥ ۚ قُلْ فَلِمَ يُعَذِّبُكُم بِذُنُوبِكُم ۖ بَلْ أَنتُم بَشَرٌ مِّمَّنْ خَلَقَ ۚ يَغْفِرُ لِمَن يَشَآءُ وَيُعَذِّبُ مَن يَشَآءُ ۚ وَلِلَّهِ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا ۖ وَإِلَيْهِ ٱلْمَصِيرُ ﴿١٨﴾

18. Яҳудиён ва масеҳиён гуфтанд: «Мо фарзандони Аллоҳ таоло ва дӯстони Ӯ ҳастем». [Эй паёмбар, дар посухашон] Бигӯ: «Пас, чаро Ӯ шуморо ба кайфари гуноҳонатон азоб мекунад? Балки шумо [низ] башар ва аз ҷумлаи афроде ҳастед, ки офаридааст. Ҳар киро бихоҳад, меомурзад ва ҳар киро бихоҳад, азоб мекунад ва фармонравоии осмонҳо ва замин ва он чи миёни он ду қарор дорад, аз они Аллоҳ таоло аст ва бозгашт [-и ҳама] ба сӯйи Ӯст»

يَٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ قَدْ جَآءَكُمْ رَسُولُنَا يُبَيِّنُ لَكُمْ عَلَىٰ فَتْرَةٍ مِّنَ ٱلرُّسُلِ أَن تَقُولُواْ مَا جَآءَنَا مِنۢ بَشِيرٍ وَلَا نَذِيرٍ ۖ فَقَدْ جَآءَكُم بَشِيرٌ وَنَذِيرٌ ۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿١٩﴾

19. Эй аҳли китоб, паёмбари мо ба сӯйи шумо омад, то дар давраи фатрати паёмбарон [фосила байни биъсати Исо ва Муҳаммад] [аҳкому омӯзаҳои илоҳиро] ба равшанӣ бароятон баён кунад, ки мабодо [рӯзи қиёмат] бигӯед: «На башоратбахше ба суроғамон омад, на бимдиҳандае». Пас, яқинан, [инак] паёмбари башоратбахш ва бимдиҳанда ба сӯятон омадааст ва Аллоҳ таоло бар ҳама чиз тавоност

وَإِذْ قَالَ مُوسَىٰ لِقَوْمِهِۦ يَٰقَوْمِ ٱذْكُرُواْ نِعْمَةَ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ جَعَلَ فِيكُمْ أَنۢبِيَآءَ وَجَعَلَكُم مُّلُوكًا وَءَاتَىٰكُم مَّا لَمْ يُؤْتِ أَحَدًا مِّنَ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٢٠﴾

20. Ва [эй паёмбар, ёд кун аз] Ҳангоме ки Мӯсо ба қавмаш гуфт: «Эй қавми ман, неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд оваред, он гоҳ ки байни шумо

паёмбароне барангехт ва [пас аз бардагии Фиръавн афроде аз] шуморо фармонравоён [-и худатон] сохт ва чизҳое ба шумо бахшид, ки ба ҳеҷ як аз ҷаҳониён [-и муосиратон] надода буд

21. Эй қавм, ба сарзамини муқаддасе, ки Аллоҳ таоло бароятон муқаррар намудааст, ворид шавед ва ба ақиб бознагардед [ва аз динатон даст накашед], ки зиёндида хоҳед шуд»

يَٰقَوۡمِ ٱدۡخُلُواْ ٱلۡأَرۡضَ ٱلۡمُقَدَّسَةَ ٱلَّتِي كَتَبَ ٱللَّهُ لَكُمۡ وَلَا تَرۡتَدُّواْ عَلَىٰٓ أَدۡبَارِكُمۡ فَتَنقَلِبُواْ خَٰسِرِينَ ٢١

22. [Онон] Гуфтанд: «Эй Мӯсо, бе гумон он ҷо қавми зӯрманд ҳастанд, [ва] то онон аз он ҷо берун нараванд, мо ҳаргиз вориди он намешавем. Пас, агар аз он ҷо берун бираванд, мо ворид хоҳем шуд»

قَالُواْ يَٰمُوسَىٰٓ إِنَّ فِيهَا قَوۡمٗا جَبَّارِينَ وَإِنَّا لَن نَّدۡخُلَهَا حَتَّىٰ يَخۡرُجُواْ مِنۡهَا فَإِن يَخۡرُجُواْ مِنۡهَا فَإِنَّا دَٰخِلُونَ ٢٢

23. Ду тан аз мардоне, ки [аз нофармонӣ ва азоби илоҳӣ] метарсиданд ва Аллоҳ таоло ба онон неъмат [-и итоат ва бандагӣ] дода буд, гуфтанд: «Аз он дарвоза бар эшон [ҳуҷум баред ва] ворид шавед, ки агар аз он даромадед, ҳатман, пирӯз хоҳед шуд ва агар муъминед, бар Аллоҳ таоло таваккал кунед»

قَالَ رَجُلَانِ مِنَ ٱلَّذِينَ يَخَافُونَ أَنۡعَمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِمَا ٱدۡخُلُواْ عَلَيۡهِمُ ٱلۡبَابَ فَإِذَا دَخَلۡتُمُوهُ فَإِنَّكُمۡ غَٰلِبُونَ وَعَلَى ٱللَّهِ فَتَوَكَّلُوٓاْ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ ٢٣

24. [Бани Исроил] Гуфтанд: «Эй Мӯсо, то замоне ки онон дар он ҷо ҳастанд, мо ҳаргиз ворид намешавем. Ту ва Парвардигорат биравед ва биҷангед. Мо ҳамин ҷо менишинем»

قَالُواْ يَٰمُوسَىٰٓ إِنَّا لَن نَّدۡخُلَهَآ أَبَدٗا مَّا دَامُواْ فِيهَا فَٱذۡهَبۡ أَنتَ وَرَبُّكَ فَقَٰتِلَآ إِنَّا هَٰهُنَا قَٰعِدُونَ ٢٤

25. [Мӯсо] Гуфт: «Парвардигоро, ман ҷуз ихтиёри худам ва бародарам [ихтиёри шахси дигареро] надорам, пас, миёни мо ва ин гурӯҳи нофармон ҷудоӣ бияфкан»

قَالَ رَبِّ إِنِّي لَآ أَمۡلِكُ إِلَّا نَفۡسِي وَأَخِيۖ فَٱفۡرُقۡ بَيۡنَنَا وَبَيۡنَ ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡفَٰسِقِينَ ٢٥

26. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Дар ин сурат [вуруд ба] он [сарзамини муқаддас] то чиҳил сол бар онон ҳаром шудааст, [ва пайваста] дар замин саргардон хоҳанд буд. Пас, ба хотири [рафтори] ин гурӯҳи нофармон афсӯс махӯр»

قَالَ فَإِنَّهَا مُحَرَّمَةٌ عَلَيۡهِمۡ أَرۡبَعِينَ سَنَةٗۚ يَتِيهُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِۗ فَلَا تَأۡسَ عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡفَٰسِقِينَ ٢٦

27. Ва [эй Паёмбар] достони ду писари Одам [Ҳобил ва Қобил]-ро ба ҳақ бар эшон бихон: ҳангоме

۞وَٱتۡلُ عَلَيۡهِمۡ نَبَأَ ٱبۡنَيۡ ءَادَمَ بِٱلۡحَقِّ إِذۡ قَرَّبَا قُرۡبَانٗا فَتُقُبِّلَ مِنۡ أَحَدِهِمَا وَلَمۡ يُتَقَبَّلۡ مِنَ ٱلۡأٓخَرِۖ قَالَ لَأَقۡتُلَنَّكَۖ قَالَ إِنَّمَا يَتَقَبَّلُ

ки [ҳар кадом] барои тақарруб [ба даргоҳи Аллоҳ таоло] як қурбонӣ тақдим карданд, аз яке пазируфта шуд ва аз дигаре пазируфта нашуд. [Қобил ба Ҳобил] Гуфт: «Ҳатман, туро хоҳам кушт». [Ҳобил] Гуфт: «Аллоҳ таоло [қурбониро] фақат аз парҳезкорон мепазирад

ٱللَّهُ مِنَ ٱلۡمُتَّقِينَ ٢٧

28. Агар ту дастатро барои куштани ман дароз кунӣ, ман ҳаргиз дастамро барои куштан ба сӯят дароз нахоҳам кард, [зеро] бе тардид, ман аз Аллоҳ таоло - Парвардигори ҷаҳониён - метарсам

لَئِنۢ بَسَطتَ إِلَيَّ يَدَكَ لِتَقۡتُلَنِي مَآ أَنَا۠ بِبَاسِطٖ يَدِيَ إِلَيۡكَ لِأَقۡتُلَكَۖ إِنِّيٓ أَخَافُ ٱللَّهَ رَبَّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢٨

29. [Он гоҳ барои он ки ӯро битарсонад гуфт] «Ман мехоҳам, ки ту бо гуноҳи [қатли] ман ва гуноҳи [аъмоли] худат [ба сӯйи Аллоҳ таоло] бозгардӣ ва аз аҳли дузах бошӣ. Ва ин аст сазои ситамгорон»

إِنِّيٓ أُرِيدُ أَن تَبُوٓأَ بِإِثۡمِي وَإِثۡمِكَ فَتَكُونَ مِنۡ أَصۡحَٰبِ ٱلنَّارِۚ وَذَٰلِكَ جَزَٰٓؤُاْ ٱلظَّٰلِمِينَ ٢٩

30. Пас, нафси [саркаши] ӯ куштани бародарашро барояш орост [ва муваққаҳу осон ҷилва дод]. Пас, ӯро кушт ва аз зиёнкорон шуд

فَطَوَّعَتۡ لَهُۥ نَفۡسُهُۥ قَتۡلَ أَخِيهِ فَقَتَلَهُۥ فَأَصۡبَحَ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٣٠

31. Он гоҳ Аллоҳ таоло калоғ [зоғ]-ero фиристод, ки дар замин ҷустуҷӯ [ва ковиш] мекард, то [калоғи мурдаеро дафн кунад ва ин гуна] ба вай нишон диҳад, ки чи гуна ҷасади бародарашро бипӯшонад. [Қобил] Гуфт: «Вой бар ман! Оё нотавон будам аз ин ки ҳамчун ин калоғ бошам ва ҷасади бародарамро бипӯшонам»? Он гоҳ [ба сахтӣ аз кори зишти хеш] пушаймон шуд

فَبَعَثَ ٱللَّهُ غُرَابٗا يَبۡحَثُ فِي ٱلۡأَرۡضِ لِيُرِيَهُۥ كَيۡفَ يُوَٰرِي سَوۡءَةَ أَخِيهِۚ قَالَ يَٰوَيۡلَتَىٰٓ أَعَجَزۡتُ أَنۡ أَكُونَ مِثۡلَ هَٰذَا ٱلۡغُرَابِ فَأُوَٰرِيَ سَوۡءَةَ أَخِيۖ فَأَصۡبَحَ مِنَ ٱلنَّٰدِمِينَ ٣١

32. Ба ҳамин сабаб, бар Бани Исроил муқаррар доштем, ки ҳар кас инсонеро ҷуз барои [қасоси] касе ё фасоде [ки] дар замин [муртакиб шудааст] ба қатл бирасонад, чунон аст, ки гӯӣ ҳамаи мардумро куштааст ва ҳар кас [бо ҳуддорӣ аз қатлҳои худсарона ва беҳуда] инсонеро зинда бидорад, чунон аст, ки ҳамаи мардумро зинда кардааст. Ва бе гумон, паёмбарони мо бо далоили равшан барои онон [Бани Исроил] омаданд, [вале] боз ҳам бисёре аз эшон пас аз

مِنۡ أَجۡلِ ذَٰلِكَ كَتَبۡنَا عَلَىٰ بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ أَنَّهُۥ مَن قَتَلَ نَفۡسَۢا بِغَيۡرِ نَفۡسٍ أَوۡ فَسَادٖ فِي ٱلۡأَرۡضِ فَكَأَنَّمَا قَتَلَ ٱلنَّاسَ جَمِيعٗا وَمَنۡ أَحۡيَاهَا فَكَأَنَّمَآ أَحۡيَا ٱلنَّاسَ جَمِيعٗاۚ وَلَقَدۡ جَآءَتۡهُمۡ رُسُلُنَا بِٱلۡبَيِّنَٰتِ ثُمَّ إِنَّ كَثِيرٗا مِّنۡهُم بَعۡدَ ذَٰلِكَ فِي ٱلۡأَرۡضِ لَمُسۡرِفُونَ ٣٢

он [бо иртикоби гуноҳ] дар замин [по аз ҳудуди илоҳӣ фаротар гузоштанд ва] зиёдаравӣ карданд

إِنَّمَا جَزَٰٓؤُاْ ٱلَّذِينَ يُحَارِبُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَيَسۡعَوۡنَ فِي ٱلۡأَرۡضِ فَسَادًا أَن يُقَتَّلُوٓاْ أَوۡ يُصَلَّبُوٓاْ أَوۡ تُقَطَّعَ أَيۡدِيهِمۡ وَأَرۡجُلُهُم مِّنۡ خِلَٰفٍ أَوۡ يُنفَوۡاْ مِنَ ٱلۡأَرۡضِۚ ذَٰلِكَ لَهُمۡ خِزۡيٞ فِي ٱلدُّنۡيَاۖ وَلَهُمۡ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ عَذَابٌ عَظِيمٌ ٣٣

33. Сазои касоне, ки бо Аллоҳ таоло ва паёмбараш мечанганд ва [бо қатлу дуздӣ ва фаҳшо] дар замин ба фасод мекӯшанд, ҷуз ин нест, ки кушта шаванд ё ба дор овехта шаванд ё даст [-и рост] ва пой [-и чапи] онҳо дар хилоф [ҷиҳати якдигар] қатъ шавад ё аз сарзамин [-и худ] табъид гарданд. Ин [муҷозот мояи] расвоии онҳо дар дунёст ва дар охират [низ] азоби бузург [дар пеш] доранд

إِلَّا ٱلَّذِينَ تَابُواْ مِن قَبۡلِ أَن تَقۡدِرُواْ عَلَيۡهِمۡۖ فَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٣٤

34. Магар касоне, ки [шумо ҳокимон] пеш аз он ки бар онон даст ёбед, тавба кунанд. Пас, [агар чунин карданд, аз онон даргузаред ва] бидонед, ки Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱبۡتَغُوٓاْ إِلَيۡهِ ٱلۡوَسِيلَةَ وَجَٰهِدُواْ فِي سَبِيلِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٣٥

35. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед] ва [бо анҷоми корҳои нек, барои тақарруб] ба сӯйи Ӯ васила биҷӯед ва дар роҳаш ҷиҳод кунед, бошад, ки растагор шавед

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَوۡ أَنَّ لَهُم مَّا فِي ٱلۡأَرۡضِ جَمِيعٗا وَمِثۡلَهُۥ مَعَهُۥ لِيَفۡتَدُواْ بِهِۦ مِنۡ عَذَابِ يَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِ مَا تُقُبِّلَ مِنۡهُمۡۖ وَلَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ ٣٦

36. Дар ҳақиқат касоне, ки куфр варзиданд, агар тамоми он чи дар замин аст, барои онон бошад ва ҳаммонандаш [низ] бо он [дар ихтиёрашон бошад ва бихоҳанд], то ба бад-он васила худро аз азоби рӯзи қиёмат бозхаранд, аз эшон пазируфта намешавад ва азоби дарднок [дар пеш] доранд

يُرِيدُونَ أَن يَخۡرُجُواْ مِنَ ٱلنَّارِ وَمَا هُم بِخَٰرِجِينَ مِنۡهَاۖ وَلَهُمۡ عَذَابٞ مُّقِيمٞ ٣٧

37. Мехоҳанд аз оташ [-и дузах] берун раванд, ва [-ле] аз он [азоб] наметавонанд хориҷ шаванд ва барояшон азоби пойдор [муҳайё] аст

وَٱلسَّارِقُ وَٱلسَّارِقَةُ فَٱقۡطَعُوٓاْ أَيۡدِيَهُمَا جَزَآءَۢ بِمَا كَسَبَا نَكَٰلٗا مِّنَ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٞ ٣٨

38. [Эй ҳокимони мусулмон] Дасти марду зани дуздро ба сазои амале, ки муртакиб шудаанд, ба унвони муҷозоте аз ҷониби Аллоҳ таоло қатъ кунед ва [бидонед, ки] Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст

فَمَن تَابَ مِنۢ بَعۡدِ ظُلۡمِهِۦ وَأَصۡلَحَ فَإِنَّ ٱللَّهَ يَتُوبُ عَلَيۡهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٌ ٣٩

39. Пас, ҳар ки баъд аз [гуноҳ ва] ситам карданаш тавба кунад ва [аъмоли худро ҷуброн ва] ислоҳ

намояд, бе тардид, Аллоҳ таоло тавбаашро мепазирад. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ ٱللَّهَ لَهُۥ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ يُعَذِّبُ مَن يَشَآءُ وَيَغْفِرُ لِمَن يَشَآءُ ۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٤٠﴾

40. Оё намедонӣ, ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст, [ва] ҳар киро бихоҳад азоб мекунад ва ҳар киро бихоҳад мебахшад? Ва Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност

۞ يَٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ لَا يَحْزُنكَ ٱلَّذِينَ يُسَٰرِعُونَ فِى ٱلْكُفْرِ مِنَ ٱلَّذِينَ قَالُوٓا۟ ءَامَنَّا بِأَفْوَٰهِهِمْ وَلَمْ تُؤْمِن قُلُوبُهُمْ ۛ وَمِنَ ٱلَّذِينَ هَادُوا۟ ۛ سَمَّٰعُونَ لِلْكَذِبِ سَمَّٰعُونَ لِقَوْمٍ ءَاخَرِينَ لَمْ يَأْتُوكَ ۖ يُحَرِّفُونَ ٱلْكَلِمَ مِنۢ بَعْدِ مَوَاضِعِهِۦ ۖ يَقُولُونَ إِنْ أُوتِيتُمْ هَٰذَا فَخُذُوهُ وَإِن لَّمْ تُؤْتَوْهُ فَٱحْذَرُوا۟ ۚ وَمَن يُرِدِ ٱللَّهُ فِتْنَتَهُۥ فَلَن تَمْلِكَ لَهُۥ مِنَ ٱللَّهِ شَيْـًٔا ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ لَمْ يُرِدِ ٱللَّهُ أَن يُطَهِّرَ قُلُوبَهُمْ ۚ لَهُمْ فِى ٱلدُّنْيَا خِزْىٌ ۖ وَلَهُمْ فِى ٱلْءَاخِرَةِ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿٤١﴾

41. Эй паёмбар, касоне, ки дар [роҳи] куфр шитоб мекунанд, туро ғамгин насозад - [хоҳ] аз касоне, ки ба забонашон мегӯянд: «Имон овардем» ва қалбашон имон наовардааст ва [хоҳ] аз яҳудиён [бошанд, ҳамон касоне, ки ба суханони пешвоёну бузургонашон] гӯш месупоранд, [ore, онон фақат] шунавандаи [дурӯғҳо ва муқаллиди дастурҳои] гурӯҳи дигаре [аз уламояшон] ҳастанд, ки [туро бовар надоранд ва ҳаргиз] наздат наомадаанд. Онон суханон [-и Аллоҳ таоло]-ро [бар асоси майлу манфиати худ] аз ҷойгоҳашон таҳриф мекунанд ва [ба якдигар] мегӯянд: «Агар ин [ҳукм аз суйи Муҳаммад] ба шумо дода шуд, пас, [аз ӯ] бипазиред ва агар он [чизи дилхоҳатон аст] ба шумо дода нашуд, [аз ӯ] дурӣ кунед». Ва [эй паёмбар] ҳар ки Аллоҳ таоло гумроҳиашро хоста бошад, ту ҳаргиз дар баробари Аллоҳ таоло барояш ихтиёр надорӣ [ва наметавонӣ аз ӯ дифоъ кунӣ]. Онон [яҳудиён ва мунофиқон] касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таоло нахостааст дилҳояшонро [аз палидии куфр] пок кунад. Онон дар дунё расвоӣ [ва хорӣ дар интизор] доранд ва дар охират барояшон азоби бузурге [дар пеш] аст

سَمَّٰعُونَ لِلْكَذِبِ أَكَّٰلُونَ لِلسُّحْتِ ۚ فَإِن جَآءُوكَ فَٱحْكُم بَيْنَهُمْ أَوْ أَعْرِضْ عَنْهُمْ ۖ وَإِن تُعْرِضْ عَنْهُمْ فَلَن يَضُرُّوكَ شَيْـًٔا ۖ وَإِنْ حَكَمْتَ فَٱحْكُم بَيْنَهُم بِٱلْقِسْطِ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُقْسِطِينَ ﴿٤٢﴾

42. Онон [яҳудиён] бисёр гӯш ба дурӯғ месупоранд, [ва] моли ҳароми фаровон мехӯранд. Пас, [эй паёмбар] агар [барои додхоҳӣ] наздат омаданд, миёнашон доварӣ кун ё аз эшон рӯй бигардон. Ва [яқин бидон, ки] агар аз онон рӯй бигардонӣ, ба ту ҳеҷ зиёне намерасонанд, ва [-ле] агар доварӣ кардӣ, бо адолат миёнашон доварӣ кун. Бе тардид, Аллоҳ таоло додгаронро дӯст медорад

وَكَيْفَ يُحَكِّمُونَكَ وَعِندَهُمُ ٱلتَّوْرَىٰةُ فِيهَا حُكْمُ ٱللَّهِ ثُمَّ يَتَوَلَّوْنَ مِنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ ۚ وَمَآ أُو۟لَٰٓئِكَ بِٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٤٣﴾

43. Ва онон чи гуна туро ба довари металабанд, дар ҳоле ки Таврот наздашон аст, [ва] ҳукми Аллоҳ таоло дар он вуҷуд дорад? Сипас баъд аз он [додхоҳӣ, агар сухане хилофи майлашон бигӯӣ, аз дастури Таврот ва ҳукми ту] руй мегардонанд ва инон муъмин нестанд

إِنَّآ أَنزَلْنَا ٱلتَّوْرَىٰةَ فِيهَا هُدًى وَنُورٌ ۚ يَحْكُمُ بِهَا ٱلنَّبِيُّونَ ٱلَّذِينَ أَسْلَمُوا۟ لِلَّذِينَ هَادُوا۟ وَٱلرَّبَّٰنِيُّونَ وَٱلْأَحْبَارُ بِمَا ٱسْتُحْفِظُوا۟ مِن كِتَٰبِ ٱللَّهِ وَكَانُوا۟ عَلَيْهِ شُهَدَآءَ ۚ فَلَا تَخْشَوُا۟ ٱلنَّاسَ وَٱخْشَوْنِ وَلَا تَشْتَرُوا۟ بِـَٔايَٰتِى ثَمَنًا قَلِيلًا ۚ وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْكَٰفِرُونَ ﴿٤٤﴾

44. Ба ростӣ, Мо Тавротро нозил кардем, ки дар он ҳидоят ва нур аст. Паёмбароне, ки [дар баробари фармони Аллоҳ таоло] таслим буданд, бар асоси [омӯзаҳои] он барои яҳудиён доварӣ мекарданд ва донишмандону фақеҳон [-и яҳудӣ], ки посдорӣ аз китоби Аллоҳ таоло [ва чилавгирӣ аз таҳрифи Таврот] ба онон супурда шуда буд ва бар [ҳаққонияти] он гувоҳ буданд [ва бино ба дастурҳояш ҳукм мекарданд]. Пас, [эй яҳудиён, дар иҷрои аҳкоми илоҳӣ] аз мардум натарсед ва аз Ман битарсед ва оётамро ба баҳои ночиз нафурӯшед. Ва ҳар кас ба аҳкоме, ки Аллоҳ таоло нозил кардааст, доварӣ накунад, кофир аст

وَكَتَبْنَا عَلَيْهِمْ فِيهَآ أَنَّ ٱلنَّفْسَ بِٱلنَّفْسِ وَٱلْعَيْنَ بِٱلْعَيْنِ وَٱلْأَنفَ بِٱلْأَنفِ وَٱلْأُذُنَ بِٱلْأُذُنِ وَٱلسِّنَّ بِٱلسِّنِّ وَٱلْجُرُوحَ قِصَاصٌ ۚ فَمَن تَصَدَّقَ بِهِۦ فَهُوَ كَفَّارَةٌ لَّهُۥ ۚ وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٤٥﴾

45. Ва дар он [Таврот] барои эшон [Бани Исроил] муқаррар доштем, ки: «Ҷон дар баробари ҷону чашм дар баробари чашм ва бинӣ дар баробари бинӣ ва гӯш дар баробари гӯш ва дандон дар баробари дандон аст ва [ҳатто] захмҳо қасос доранд». Пас, ҳар ки аз он гузашт намояд, он [бахшиш] каффораи [гуноҳони] ӯст. Ва ҳар кас ба аҳкоме, ки Аллоҳ таоло нозил кардааст, ҳукм накунад, [аз ҳудуди илоҳӣ фаротар рафтааст ва] ситамгор аст

وَقَفَّيْنَا عَلَىٰٓ ءَاثَٰرِهِم بِعِيسَى ٱبْنِ مَرْيَمَ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ ٱلتَّوْرَىٰةِ ۖ وَءَاتَيْنَٰهُ ٱلْإِنجِيلَ فِيهِ هُدًى وَنُورٌ وَمُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ ٱلتَّوْرَىٰةِ وَهُدًى وَمَوْعِظَةً لِّلْمُتَّقِينَ ﴿٤٦﴾

46. Ва ба дунболи онон [паёмбарони Бани Исроил] Исо писари Марямро фиристодем, ки тасдиққунандаи Таврот буд, ки пеш аз ӯ фиристода будем ва Инҷилро, ки дар он ҳидоят ва нур буд, ба ӯ додем, ки тасдиққунандаи Тавроти пеш аз вай буд ва ҳидояту андарзе буд барои парҳезкорон

وَلْيَحْكُمْ أَهْلُ ٱلْإِنجِيلِ بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فِيهِ ۚ وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿٤٧﴾

47. Ва аҳли Инҷил бояд ба он чи Аллоҳ таоло дар он [китоб] нозил кардааст, ҳукм кунанд. Ва

ҳар ки ба он чи Аллоҳ таоло нозил кардааст, ҳукм накунад, нофармон аст

وَأَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَمُهَيۡمِنًا عَلَيۡهِۖ فَٱحۡكُم بَيۡنَهُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُۖ وَلَا تَتَّبِعۡ أَهۡوَآءَهُمۡ عَمَّا جَآءَكَ مِنَ ٱلۡحَقِّۚ لِكُلّٖ جَعَلۡنَا مِنكُمۡ شِرۡعَةٗ وَمِنۡهَاجٗاۚ وَلَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ لَجَعَلَكُمۡ أُمَّةٗ وَٰحِدَةٗ وَلَٰكِن لِّيَبۡلُوَكُمۡ فِي مَآ ءَاتَىٰكُمۡۖ فَٱسۡتَبِقُواْ ٱلۡخَيۡرَٰتِۚ إِلَى ٱللَّهِ مَرۡجِعُكُمۡ جَمِيعٗا فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ فِيهِ تَخۡتَلِفُونَ ٤٨

48. Ва [эй паёмбар, мо ин] китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, [ки] тасдиқкунандаи китобҳои пешин аст ва мавриди эътимод [-и китобҳои осмонӣ ба унвони меъёре барои ҳақ ва ботил] аст. Пас, байни онон бар асоси он чи Аллоҳ таоло нозил кардааст, ҳукм кун ва ба ҷойи ҳақиқате, ки [аз ҷониби Қуръон] ба ту раисдааст, аз ҳавасҳои онон пайравӣ макун. [Эй мардум] Мо барои ҳар яке аз шумо оину роҳи равшан карор додем ва агар Аллоҳ таоло мехост, ҳамаи шуморо уммати воҳид карор медод, вале [Аллоҳ таоло мехоҳад] шуморо дар [мавриди] он чи ба шумо бахшидааст, биозмояд, пас, дар некиҳо бар якдигар пешӣ гиред. Бозгашти ҳамаи шумо ба сӯйи Аллоҳ таоло аст. Он гоҳ Ӯ аз он чи дар он ихтилоф мекардед, огоҳатон месозад

وَأَنِ ٱحۡكُم بَيۡنَهُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ وَلَا تَتَّبِعۡ أَهۡوَآءَهُمۡ وَٱحۡذَرۡهُمۡ أَن يَفۡتِنُوكَ عَنۢ بَعۡضِ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ إِلَيۡكَۖ فَإِن تَوَلَّوۡاْ فَٱعۡلَمۡ أَنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ أَن يُصِيبَهُم بِبَعۡضِ ذُنُوبِهِمۡۗ وَإِنَّ كَثِيرٗا مِّنَ ٱلنَّاسِ لَفَٰسِقُونَ ٤٩

49. Ва [эй паёмбар] миёни онон [яҳуд] бар асоси он чи Аллоҳ таоло [дар Қуръон] нозил кардааст, ҳукм кун ва аз ҳавасҳояшон пайравӣ макун ва бар ҳазар бош аз ин ки туро аз бархе аз он чи Аллоҳ таоло бар ту нозил кардааст, мунҳариф кунанд. Пас, агар [аз пазириши доварии ту] рӯй гардонанд, бидон, ки Аллоҳ таоло мехоҳад ононро ба [хотири] бархе аз гуноҳонашон муҷозот кунад. Ва ба ростӣ, ки бисёре аз мардум нофармонанд

أَفَحُكۡمَ ٱلۡجَٰهِلِيَّةِ يَبۡغُونَۚ وَمَنۡ أَحۡسَنُ مِنَ ٱللَّهِ حُكۡمٗا لِّقَوۡمٖ يُوقِنُونَ ٥٠

50. Оё онон доварии [бар асоси ченакҳои] ҷоҳилиятро мехоҳанд? Ва барои аҳли яқин, доварии чи касе беҳтар аз Аллоҳ таоло аст?

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ ٱلۡيَهُودَ وَٱلنَّصَٰرَىٰٓ أَوۡلِيَآءَۘ بَعۡضُهُمۡ أَوۡلِيَآءُ بَعۡضٖۚ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمۡ فَإِنَّهُۥ مِنۡهُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٥١

51. Эй касоне, ки имон овардаед, яҳудиён ва масеҳиёнро ба дӯстӣ нагиред. Онон дӯстони якдигаранд ва ҳар ки аз шумо, ки бо эшон дӯстӣ кунад, ҳатман, аз онҳост. Бе тардид, Аллоҳ таоло гурӯҳи ситамгоронро [ба хотири дӯстӣ бо кофирон] ҳидоят намекунад

فَتَرَى ٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِم مَّرَضٌ يُسَـٰرِعُونَ فِيهِمْ يَقُولُونَ نَخْشَىٰٓ أَن تُصِيبَنَا دَآئِرَةٌ ۚ فَعَسَى ٱللَّهُ أَن يَأْتِىَ بِٱلْفَتْحِ أَوْ أَمْرٍ مِّنْ عِندِهِۦ فَيُصْبِحُوا۟ عَلَىٰ مَآ أَسَرُّوا۟ فِىٓ أَنفُسِهِمْ نَـٰدِمِينَ ﴿٥٢﴾

52. Пас, [эй паёмбар] касонеро, ки дар дилҳояшон беморӣ [нифоқ] аст, мебинӣ, ки дар [дӯстӣ бо] онон мешитобанд, [ва] мегӯянд: «Метарсем, ки [агар пирӯз шаванд, аз ҷониби онон] осебе ба мо бирасад». Умед аст, ки Аллоҳ таоло [барои мусулмонон] аз ҷониби Худ пирӯзӣ [ва кушоише] пеш оварад, он гоҳ [ин мунофиқон] аз он чи дар дили худ пинҳон медоштанд, пушаймон шаванд

وَيَقُولُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ أَهَـٰٓؤُلَآءِ ٱلَّذِينَ أَقْسَمُوا۟ بِٱللَّهِ جَهْدَ أَيْمَـٰنِهِمْ ۙ إِنَّهُمْ لَمَعَكُمْ ۚ حَبِطَتْ أَعْمَـٰلُهُمْ فَأَصْبَحُوا۟ خَـٰسِرِينَ ﴿٥٣﴾

53. Ва онон, ки имон овардаанд мегӯянд: «Оё инҳо [мунофиқон] ҳамон касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ таоло савгандҳои сахт мехӯрданд, ки бо шумо ҳастанд»? Аъмолашон табоҳ гашт ва зиёнкор шуданд

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مَن يَرْتَدَّ مِنكُمْ عَن دِينِهِۦ فَسَوْفَ يَأْتِى ٱللَّهُ بِقَوْمٍ يُحِبُّهُمْ وَيُحِبُّونَهُۥٓ أَذِلَّةٍ عَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى ٱلْكَـٰفِرِينَ يُجَـٰهِدُونَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلَا يَخَافُونَ لَوْمَةَ لَآئِمٍ ۚ ذَٰلِكَ فَضْلُ ٱللَّهِ يُؤْتِيهِ مَن يَشَآءُ ۚ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ﴿٥٤﴾

54. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар касе аз шумо, ки аз дини худ баргардад [ба Аллоҳ таоло зиёне намерасонад], Аллоҳ таоло ба зудӣ гурӯҳеро меоварад, ки ононро дӯст медорад ва онҳо [низ] Ӯро дӯст медоранд, [онон] нисбат ба муъминон фурӯтан ва дар баробари кофирон сарсахт ҳастанд, дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод мекунанд ва аз сарзаниши ҳеҷ маломатгаре намеҳаросанд. Ин фазли Аллоҳ таоло аст, ки ба ҳар кас бихоҳад медиҳад ва Аллоҳ таоло кушоишгари доност

إِنَّمَا وَلِيُّكُمُ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱلَّذِينَ يُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤْتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَهُمْ رَٰكِعُونَ ﴿٥٥﴾

55. [Эй муъминон] Бе тардид, [ёвару] дӯсти шумо фақат Аллоҳ таоло ва паёмбараш ва [ҳамчунин] афроде ҳастанд, ки имон овардаанд. [Ҳамон] Касоне, ки намоз барпо медоранд ва бо фурӯтанӣ [ва ризояти комил] закот мепардозанд

وَمَن يَتَوَلَّ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ فَإِنَّ حِزْبَ ٱللَّهِ هُمُ ٱلْغَـٰلِبُونَ ﴿٥٦﴾

56. Ва ҳар ки Аллоҳ таоло ва паёмбараш ва муъминонро ба дӯстӣ бигирад, [аз гурӯҳи Аллоҳ таоло аст ва] яқинан, гурӯҳи Аллоҳ таоло пирӯзанд

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا تَتَّخِذُوا۟ ٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُوا۟ دِينَكُمْ هُزُوًا وَلَعِبًا مِّنَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْكِتَـٰبَ مِن قَبْلِكُمْ وَٱلْكُفَّارَ أَوْلِيَآءَ ۚ

57. Эй касоне, ки имон овардаед, касонеро, ки динатонро ба тамасхур ва бозӣ гирифтаанд,

وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ ٥٧

дӯст [-они худ] нагиред, [хоҳ] аз касоне [бошанд], ки пеш аз шумо ба онон китоб дода шудааст ва [хоҳ аз] кофирон. Ва агар имон доред, аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед]

وَإِذَا نَادَيۡتُمۡ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ ٱتَّخَذُوهَا هُزُوٗا وَلَعِبٗاۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ قَوۡمٞ لَّا يَعۡقِلُونَ ٥٨

58. Ва [ин афрод касоне ҳастанд, ки] вақте [тавассути азон мардумро] ба намоз мехонед, онро ба масхара ва бозӣ мегиранд, зеро онон гурӯҳе ҳастанд, ки намеандешанд

قُلۡ يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ هَلۡ تَنقِمُونَ مِنَّآ إِلَّآ أَنۡ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ وَمَآ أُنزِلَ إِلَيۡنَا وَمَآ أُنزِلَ مِن قَبۡلُ وَأَنَّ أَكۡثَرَكُمۡ فَٰسِقُونَ ٥٩

59. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Эй аҳли китоб, оё [иллати ин ки] бар мо хурда мегиред, ҷуз ин аст, ки мо ба Аллоҳ таоло ва он чи бар мо нозил шуда ва [ба] он чи пеш аз мо нозил гардидааст, имон овардаем ва [ҳамчунин бар ин боварем, ки] ағлаби шумо нофармонед»

قُلۡ هَلۡ أُنَبِّئُكُم بِشَرّٖ مِّن ذَٰلِكَ مَثُوبَةً عِندَ ٱللَّهِۚ مَن لَّعَنَهُ ٱللَّهُ وَغَضِبَ عَلَيۡهِ وَجَعَلَ مِنۡهُمُ ٱلۡقِرَدَةَ وَٱلۡخَنَازِيرَ وَعَبَدَ ٱلطَّٰغُوتَۚ أُوْلَٰٓئِكَ شَرّٞ مَّكَانٗا وَأَضَلُّ عَن سَوَآءِ ٱلسَّبِيلِ ٦٠

60. Бигӯ: «Оё [мехоҳед] шуморо аз [ҳоли] касоне огоҳ кунам, ки назди Аллоҳ таоло ҷазое аз ин бадтар доранд? [Онон] Касоне [ҳастанд], ки Аллоҳ таоло лаънаташон кард ва бар эшон хашм гирифт ва бархе аз ононро [масх намуд ва ба шакли] бузина ва хук даровард ва [низ] касоне, ки [ба ҷойи Аллоҳ таоло] тоғут [ва ҳокимони худкома]-ро бандагӣ карданд. Инон [аз ҳама] бадмақомтар ва аз роҳи рост гумгаштатаранд

وَإِذَا جَآءُوكُمۡ قَالُوٓاْ ءَامَنَّا وَقَد دَّخَلُواْ بِٱلۡكُفۡرِ وَهُمۡ قَدۡ خَرَجُواْ بِهِۦۚ وَٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِمَا كَانُواْ يَكۡتُمُونَ ٦١

61. Ва [эй Паёмбар] вақте [яҳудиёни мунофиқ] наздатон меоянд, мегӯянд: «Имон овардаем», ҳол он ки бо куфр ворид шуданд ва бо ҳамон [куфр] берун рафтаанд; ва Аллоҳ таоло ба он чи пинҳон мекарданд, донотар аст

وَتَرَىٰ كَثِيرٗا مِّنۡهُمۡ يُسَٰرِعُونَ فِي ٱلۡإِثۡمِ وَٱلۡعُدۡوَٰنِ وَأَكۡلِهِمُ ٱلسُّحۡتَۚ لَبِئۡسَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٦٢

62. Ва бисёре аз ононро мебинӣ, ки дар гуноҳ ва таҷовуз [ба ҳуқуқи дигарон] ва ҳаромхӯрӣ шитоб мекунанд. Чи бад аст, он чи мекунанд!

لَوۡلَا يَنۡهَىٰهُمُ ٱلرَّبَّٰنِيُّونَ وَٱلۡأَحۡبَارُ عَن قَوۡلِهِمُ ٱلۡإِثۡمَ وَأَكۡلِهِمُ ٱلسُّحۡتَۚ لَبِئۡسَ مَا كَانُواْ يَصۡنَعُونَ ٦٣

63. Чаро донишмандон ва фақеҳон [-и яҳуд] ононро аз гуфтори гуноҳ [-олуд] ва ҳаромхорагиашон бознамедоранд? Ростӣ, чи бад аст, он чи анҷом медиҳанд!

وَقَالَتِ ٱلۡيَهُودُ يَدُ ٱللَّهِ مَغۡلُولَةٌۚ غُلَّتۡ أَيۡدِيهِمۡ وَلُعِنُواْ بِمَا قَالُواْۘ بَلۡ يَدَاهُ مَبۡسُوطَتَانِ يُنفِقُ كَيۡفَ يَشَآءُۚ وَلَيَزِيدَنَّ كَثِيرٗا مِّنۡهُم مَّآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَ طُغۡيَٰنٗا وَكُفۡرٗاۚ وَأَلۡقَيۡنَا بَيۡنَهُمُ ٱلۡعَدَٰوَةَ وَٱلۡبَغۡضَآءَ إِلَىٰ يَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِۚ كُلَّمَآ أَوۡقَدُواْ نَارٗا لِّلۡحَرۡبِ أَطۡفَأَهَا ٱللَّهُۚ وَيَسۡعَوۡنَ فِي ٱلۡأَرۡضِ فَسَادٗاۚ وَٱللَّهُ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُفۡسِدِينَ ٦٤

64. Ва яҳудиён [ҳангоми сахтӣ ва тангдастӣ] гуфтанд: «Дасти Аллоҳ таоло [аз хайру бахшиш] бастааст». Дастҳояшон баста бод ва ба сазои он чи гуфтанд лаънат бар онон бод! [Ҳаргиз чунин нест] Балки ҳар ду дасти Ӯ кушодааст [ва] ҳар гуна ки бихоҳад, мебахшад. [Эй паёмбар] Ин оёт, ки аз тарафи Парвардигорат бар ту нозил шудааст, бар саркашӣ ва куфри бисёре аз онон меафзояд. Мо миёнашон то рӯзи қиёмат душманӣ ва кина афкандем. Ҳар замон оташи ҷанг барафрӯхтанд, Аллоҳ таоло онро хомӯш кард. Онон [пайваста] дар замин ба табаҳкорӣ [ва фасод] мекӯшанд ва Аллоҳ таоло табаҳкоронро дӯст намедорад

وَلَوۡ أَنَّ أَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ ءَامَنُواْ وَٱتَّقَوۡاْ لَكَفَّرۡنَا عَنۡهُمۡ سَيِّـَٔاتِهِمۡ وَلَأَدۡخَلۡنَٰهُمۡ جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ٦٥

65. Ва агар аҳли китоб имон меоварданд ва парҳезкорӣ мекарданд, яқинан, гуноҳонашонро мезудудем ва ононро ба боғҳои пурнеъмат [-и биҳишт] ворид мекардем

وَلَوۡ أَنَّهُمۡ أَقَامُواْ ٱلتَّوۡرَىٰةَ وَٱلۡإِنجِيلَ وَمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِم مِّن رَّبِّهِمۡ لَأَكَلُواْ مِن فَوۡقِهِمۡ وَمِن تَحۡتِ أَرۡجُلِهِمۡۚ مِّنۡهُمۡ أُمَّةٞ مُّقۡتَصِدَةٞۖ وَكَثِيرٞ مِّنۡهُمۡ سَآءَ مَا يَعۡمَلُونَ ٦٦

66. Ва агар онон ба Таврот ва Инҷил ва он чи аз сӯйи Парвардигорашон бар онҳо нозил шудааст [Қуръон] амал мекарданд, ҳатман, аз [баракоти осмони] болои сарашон ва аз [неъматҳои замини] зери пояшон бархӯрдор мешуданд. Бархе аз онон миёнарав ҳастанд, ва [-ле] бисёре аз эшон [ба сабаби беимонӣ] корҳои баде анҷом медиҳанд

۞يَٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ بَلِّغۡ مَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَۖ وَإِن لَّمۡ تَفۡعَلۡ فَمَا بَلَّغۡتَ رِسَالَتَهُۥۚ وَٱللَّهُ يَعۡصِمُكَ مِنَ ٱلنَّاسِۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٦٧

67. Эй Паёмбар, он чиро аз тарафи Парвардигорат бар ту нозил шудааст, [ба таври комил ба мардум] иблоғ кун ва агар [чунин] накунӣ, рисолати Ӯро [ба анҷом] нарасондай ва Аллоҳ таоло туро аз [газанди] мардум ҳифз мекунад. Бе тардид, Аллоҳ таоло гурӯҳи кофиронро ҳидоят намекунад

قُلۡ يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ لَسۡتُمۡ عَلَىٰ شَيۡءٍ حَتَّىٰ تُقِيمُواْ ٱلتَّوۡرَىٰةَ وَٱلۡإِنجِيلَ وَمَآ أُنزِلَ إِلَيۡكُم مِّن رَّبِّكُمۡۗ وَلَيَزِيدَنَّ كَثِيرٗا مِّنۡهُم مَّآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَ طُغۡيَٰنٗا وَكُفۡرٗاۖ فَلَا تَأۡسَ عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٦٨

68. Бигӯ: «Эй аҳли китоб, шумо бар ҳеҷ [оини дурусте] нестед, магар ин ки Таврот ва Инҷил ва он чиро, ки аз тарафи Парвардигоратон бар шумо нозил шудааст, барпо доред». Ва [эй паёмбар] бе тардид, он чи аз сӯйи Парвардигорат

бар ту нозил шудааст, бар саркашӣ ва куфри бисёре аз онон меафзояд, пас, бар [ин] гурӯҳи кофир афсӯс махӯр

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَٱلَّذِينَ هَادُواْ وَٱلصَّٰبِـُٔونَ وَٱلنَّصَٰرَىٰ مَنْ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْأٓخِرِ وَعَمِلَ صَٰلِحًا فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٦٩﴾

69. Бе гумон, касоне, ки имон овардаанд ва касоне, ки яҳудӣ ва собиӣ [фитратгаро] ва масеҳӣ ҳастанд, ҳар ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон оварад ва корҳои шоиста анҷом диҳад, на тарсе хоҳанд дошт ва на андуҳгин мешаванд

لَقَدْ أَخَذْنَا مِيثَٰقَ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ وَأَرْسَلْنَآ إِلَيْهِمْ رُسُلًا ۖ كُلَّمَا جَآءَهُمْ رَسُولٌۢ بِمَا لَا تَهْوَىٰٓ أَنفُسُهُمْ فَرِيقًا كَذَّبُواْ وَفَرِيقًا يَقْتُلُونَ ﴿٧٠﴾

70. Яқинан, мо аз Бани Исроил [дар мавриди итоат аз фармони ҳақ] паймон гирифтем ва паёмбароне ба сӯяшон фиристодем. Ҳар гоҳ паёмбаре чизе овард, ки ҳавои нафсашон намеписандад, гурӯҳеро дурӯғгӯ хонданд ва гурӯҳеро куштанд

وَحَسِبُوٓاْ أَلَّا تَكُونَ فِتْنَةٌ فَعَمُواْ وَصَمُّواْ ثُمَّ تَابَ ٱللَّهُ عَلَيْهِمْ ثُمَّ عَمُواْ وَصَمُّواْ كَثِيرٌ مِّنْهُمْ ۚ وَٱللَّهُ بَصِيرٌۢ بِمَا يَعْمَلُونَ ﴿٧١﴾

71. [Оре, яҳудиён паймон шикастанд] Ва пиндоштанд, ки муҷозоте дар кор нест, пас, кӯр гаштанд [ва ҳақро надиданд] ва кар шуданд [ва ҳақро нашуниданд]. Он гоҳ [тавба карданд ва] Аллоҳ таоло тавбаи эшонро пазируфт. Сипас бисёре аз эшон [боз ҳам дар баробари ҳидоят] кӯру кар шуданд ва Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳанд, биност

لَقَدْ كَفَرَ ٱلَّذِينَ قَالُوٓاْ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْمَسِيحُ ٱبْنُ مَرْيَمَ ۖ وَقَالَ ٱلْمَسِيحُ يَٰبَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ٱعْبُدُواْ ٱللَّهَ رَبِّى وَرَبَّكُمْ ۖ إِنَّهُۥ مَن يُشْرِكْ بِٱللَّهِ فَقَدْ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِ ٱلْجَنَّةَ وَمَأْوَىٰهُ ٱلنَّارُ ۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنْ أَنصَارٍ ﴿٧٢﴾

72. Онон, ки гуфтанд: «Аллоҳ таоло ҳамон Масеҳ писари Марям аст», яқинан кофир шуданд, дар ҳоле ки [худи] Масеҳ гуфт: «Эй Бани Исроил, Аллоҳро бипарастед, ки Парвардигори ману Парвадигори шумост. Бе тардид, ҳар ки ба Аллоҳ таоло ширк оварад, Аллоҳ таоло биҳиштро бар ӯ ҳаром кардааст ва ҷойгоҳаш дузах аст ва ситамгорон ҳеҷ ёваре надоранд»

لَّقَدْ كَفَرَ ٱلَّذِينَ قَالُوٓاْ إِنَّ ٱللَّهَ ثَالِثُ ثَلَٰثَةٍ ۘ وَمَا مِنْ إِلَٰهٍ إِلَّآ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ ۚ وَإِن لَّمْ يَنتَهُواْ عَمَّا يَقُولُونَ لَيَمَسَّنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنْهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٧٣﴾

73. Касоне, ки [маъбуди ҳақиқиро мачмуаи падар, писар ва Руҳ-ул-қудус донистанд ва] гуфтанд: «Аллоҳ таоло савумин [нафар аз се [маъбуд] аст», ҳатман, кофир шуданд. Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз маъбуди ягона нест. Ва агар аз он чи мегӯянд, бознаистанд, ҳатман, ба афроде аз эшон, ки куфр варзиданд, азоби дардноке хоҳад расид

أَفَلَا يَتُوبُونَ إِلَى ٱللَّهِ وَيَسْتَغْفِرُونَهُۥ ۚ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٧٤﴾

74. Оё ба сӯйи Аллоҳ таоло бознамегарданд ва аз Ӯ талаби омурзиш намекунанд? Ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

مَّا ٱلْمَسِيحُ ٱبْنُ مَرْيَمَ إِلَّا رَسُولٌ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِ ٱلرُّسُلُ وَأُمُّهُۥ صِدِّيقَةٌ ۖ كَانَا يَأْكُلَانِ ٱلطَّعَامَ ۗ ٱنظُرْ كَيْفَ نُبَيِّنُ لَهُمُ ٱلْءَايَٰتِ ثُمَّ ٱنظُرْ أَنَّىٰ يُؤْفَكُونَ ﴿٧٥﴾

75. Масеҳ писари Марям ҷуз паёмбаре нест, ки пеш аз ӯ [низ] паёмбарони дигаре буданд ва модараш зани ростгӯ буд. Ҳар ду [монанди инсонҳои дигар] ғизо мехӯрданд. [Эй паёмбар] Бингар, ки чи гуна оёт [-и худ]-ро барояшон равшан месозем ва боз бингар, ки чи гуна рӯйгардон мешаванд

قُلْ أَتَعْبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَمْلِكُ لَكُمْ ضَرًّا وَلَا نَفْعًا ۚ وَٱللَّهُ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴿٧٦﴾

76. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Оё чизеро ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастед, ки суду зиёне бароятон надорад? Ва [ҳол он ки] Аллоҳ таоло шунавову доност»

قُلْ يَٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ لَا تَغْلُوا۟ فِى دِينِكُمْ غَيْرَ ٱلْحَقِّ وَلَا تَتَّبِعُوٓا۟ أَهْوَآءَ قَوْمٍ قَدْ ضَلُّوا۟ مِن قَبْلُ وَأَضَلُّوا۟ كَثِيرًا وَضَلُّوا۟ عَن سَوَآءِ ٱلسَّبِيلِ ﴿٧٧﴾

77. Бигӯ: «Эй аҳли китоб, дар дини худ ба ноҳақ ғулув [ва зиёдаравӣ] накунед ва аз ҳавасҳои гурӯҳе пайравӣ накунед, ки пештар гумроҳ шуданд ва бисёре [аз пайравонашон]-ро гумроҳ карданд ва аз роҳи рост мунҳариф гаштаанд»

لُعِنَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ مِنۢ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ عَلَىٰ لِسَانِ دَاوُۥدَ وَعِيسَى ٱبْنِ مَرْيَمَ ۚ ذَٰلِكَ بِمَا عَصَوا۟ وَّكَانُوا۟ يَعْتَدُونَ ﴿٧٨﴾

78. [Афроде] Аз Бани Исроил, ки куфр варзиданд, аз забони Довуд [дар Забур] ва [аз қавли] Исо писари Марям [дар Инҷил] мавриди лаънат қарор гирифтанд. Ин [нафрин] ба хотири он буд, ки нофармонӣ карданд ва [аз ҳудуди илоҳӣ] таҷовуз менамуданд

كَانُوا۟ لَا يَتَنَاهَوْنَ عَن مُّنكَرٍ فَعَلُوهُ ۚ لَبِئْسَ مَا كَانُوا۟ يَفْعَلُونَ ﴿٧٩﴾

79. Онон якдигарро аз [гуноҳону] кор [-ҳои] зиште, ки анҷом медоданд, наҳй намекарданд. Ба ростӣ, чи бад буд он чи мекарданд!

تَرَىٰ كَثِيرًا مِّنْهُمْ يَتَوَلَّوْنَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ۚ لَبِئْسَ مَا قَدَّمَتْ لَهُمْ أَنفُسُهُمْ أَن سَخِطَ ٱللَّهُ عَلَيْهِمْ وَفِى ٱلْعَذَابِ هُمْ خَٰلِدُونَ ﴿٨٠﴾

80. [Эй паёмбар] Бисёре аз ононро мебинӣ, ки бо кофирон дӯстӣ мекунанд. Ба ростӣ, чи зишт аст, он чи барои худ пеш фиристоданд, ки [дар натиҷаи он низ] Аллоҳ таоло бар онон хашм гирифт ва ҷовидона дар азоб мемонанд

وَلَوْ كَانُوا۟ يُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلنَّبِىِّ وَمَآ أُنزِلَ إِلَيْهِ مَا ٱتَّخَذُوهُمْ أَوْلِيَآءَ وَلَٰكِنَّ كَثِيرًا مِّنْهُمْ فَٰسِقُونَ ﴿٨١﴾

81. Ва агар [яҳудиён] ба Аллоҳ таоло ва паёмбар ва он чи бар ӯ нозил шудааст, имон меоварданд,

онон [кофирон]-ро ба дӯстӣ намегирифтанд, вале бисёре аз онон нофармонанд

لَتَجِدَنَّ أَشَدَّ ٱلنَّاسِ عَدَٰوَةً لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱلۡيَهُودَ وَٱلَّذِينَ أَشۡرَكُواْۖ وَلَتَجِدَنَّ أَقۡرَبَهُم مَّوَدَّةً لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱلَّذِينَ قَالُوٓاْ إِنَّا نَصَٰرَىٰۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّ مِنۡهُمۡ قِسِّيسِينَ وَرُهۡبَانٗا وَأَنَّهُمۡ لَا يَسۡتَكۡبِرُونَ ٨٢

82. [Эй паёмбар] Яқинан, яҳудиён ва касонеро, ки ширк варзиданд, душмантарини мардум нисбат ба муъминон хоҳӣ ёфт ва наздиктарин дӯстон ба муъминонро касоне хоҳӣ ёфт, ки мегӯянд: «Мо масеҳӣ ҳастем». Ин ба хотири он аст, ки миёни эшон кашишон ва роҳибон [-и ҳақпараст] ҳастанд ва [низ] аз он рӯст, ки такаббур намеварзанд

وَإِذَا سَمِعُواْ مَآ أُنزِلَ إِلَى ٱلرَّسُولِ تَرَىٰٓ أَعۡيُنَهُمۡ تَفِيضُ مِنَ ٱلدَّمۡعِ مِمَّا عَرَفُواْ مِنَ ٱلۡحَقِّۖ يَقُولُونَ رَبَّنَآ ءَامَنَّا فَٱكۡتُبۡنَا مَعَ ٱلشَّٰهِدِينَ ٨٣

83. Ва чун оётеро, ки бар паёмбар нозил шудааст, мешунаванд, мебинӣ бар асари он чи аз ҳақ шинохтаанд, чашмонашон ашк меборад ва мегӯянд: «Парвардигоро, имон овардем, пас, моро дар зумраи [мусулмонон ва] гувоҳон бинавис

وَمَا لَنَا لَا نُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَمَا جَآءَنَا مِنَ ٱلۡحَقِّ وَنَطۡمَعُ أَن يُدۡخِلَنَا رَبُّنَا مَعَ ٱلۡقَوۡمِ ٱلصَّٰلِحِينَ ٨٤

84. Чаро ба Аллоҳ таоло ва он чи аз ҳақ ба мо расидааст, имон наёварем, ҳол он ки умед дорем, ки Парвардигорамон моро бо гурӯҳи шоистагон [ба биҳишт] дароварад»?

فَأَثَٰبَهُمُ ٱللَّهُ بِمَا قَالُواْ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَاۚ وَذَٰلِكَ جَزَآءُ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٨٥

85. Пас, Аллоҳ таоло ба поси он чи гуфтанд, ба онон боғҳое [аз биҳишт] подош дод, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорӣ аст ва ҷовидона дар он хоҳанд монд. Ва ин аст ҷазои накукорон

وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَكَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَآ أُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلۡجَحِيمِ ٨٦

86. Ва касоне, ки куфр варзиданд ва оёти моро такзиб карданд, онон аҳли дузаханд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُحَرِّمُواْ طَيِّبَٰتِ مَآ أَحَلَّ ٱللَّهُ لَكُمۡ وَلَا تَعۡتَدُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُعۡتَدِينَ ٨٧

87. Эй касоне, ки имон овардаед, чизҳои покизаеро, ки Аллоҳ таоло барои [истифодаи] шумо ҳалол кардааст, [ба баҳонаи зуҳду диндорӣ бар худ] ҳаром накунед ва [аз ҳад] таҷовуз нанамоед. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло мутаҷовизон [-и ҳудуди илоҳӣ]-ро дӯст намедорад

وَكُلُواْ مِمَّا رَزَقَكُمُ ٱللَّهُ حَلَٰلٗا طَيِّبٗاۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ٱلَّذِيٓ أَنتُم بِهِۦ مُؤۡمِنُونَ ٨٨

88. Ва аз чизҳои ҳалол [ва] покизае, ки Аллоҳ таоло бар шумо рӯзӣ додааст, бихӯред ва аз Аллоҳ таоло, ки ба Ӯ имон доред, парво кунед

لَا يُؤَاخِذُكُمُ ٱللَّهُ بِٱللَّغۡوِ فِيٓ أَيۡمَٰنِكُمۡ وَلَٰكِن يُؤَاخِذُكُم بِمَا عَقَّدتُّمُ ٱلۡأَيۡمَٰنَۖ فَكَفَّٰرَتُهُۥٓ إِطۡعَامُ عَشَرَةِ مَسَٰكِينَ مِنۡ أَوۡسَطِ مَا تُطۡعِمُونَ أَهۡلِيكُمۡ أَوۡ كِسۡوَتُهُمۡ أَوۡ تَحۡرِيرُ رَقَبَةٖۖ فَمَن لَّمۡ يَجِدۡ فَصِيَامُ ثَلَٰثَةِ أَيَّامٖۚ ذَٰلِكَ كَفَّٰرَةُ أَيۡمَٰنِكُمۡ إِذَا حَلَفۡتُمۡۚ وَٱحۡفَظُوٓاْ أَيۡمَٰنَكُمۡۚ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمۡ ءَايَٰتِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ٨٩

89. Аллоҳ таоло шуморо ба хотири савгандҳои беҳуда [ва беихтиёратон] бозхост намекунад, вале дар савгандҳое, ки [огоҳона] мехӯред [ва мешканед], муохаза мекунад. Пас, каффораи он, хӯрок додан ба даҳ тиҳидаст аз ғизоҳои [маъмулӣ ва] мутавассити шаҳратон аст ё либос додан ба даҳ нафар [аз мустамандон] ё озод кардани як барда. Агар касе [тавоноии молӣ надорад ё ҳеҷ як аз инҳоро] намеёбад, пас, се рӯз рӯза [бигирад]. Ин каффораи савгандҳои шумост, [барои] ҳар замон, ки савганд ёд кардед [ва онро шикастед]. Ва савгандҳои худро ҳифз кунед [ва нашканед]. Аллоҳ таоло ин чунин оёти худро барои шумо баён мекунад, бошад, ки сипос гузоред

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّمَا ٱلۡخَمۡرُ وَٱلۡمَيۡسِرُ وَٱلۡأَنصَابُ وَٱلۡأَزۡلَٰمُ رِجۡسٞ مِّنۡ عَمَلِ ٱلشَّيۡطَٰنِ فَٱجۡتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٩٠

90. Эй касоне, ки имон овардаед, бе тардид, шаробу қимор ва бутҳову тирҳои қуръакашӣ палид [ва] аз кор [-ҳои] шайтон ҳастанд, пас, аз онҳо дурӣ кунед, бошад, ки растагор шавед

إِنَّمَا يُرِيدُ ٱلشَّيۡطَٰنُ أَن يُوقِعَ بَيۡنَكُمُ ٱلۡعَدَٰوَةَ وَٱلۡبَغۡضَآءَ فِي ٱلۡخَمۡرِ وَٱلۡمَيۡسِرِ وَيَصُدَّكُمۡ عَن ذِكۡرِ ٱللَّهِ وَعَنِ ٱلصَّلَوٰةِۖ فَهَلۡ أَنتُم مُّنتَهُونَ ٩١

91. Дар ҳақиқат, шайтон мехоҳад бо шаробу қимор, миёнатон душманӣ ва кина эҷод кунад ва шуморо аз ёди Аллоҳ таоло ва аз намоз боздорад, пас, [эй муъминон, ҳоло ки ҳақиқатро донистед] оё аз онҳо даст бармедоред?

وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَٱحۡذَرُواْۚ فَإِن تَوَلَّيۡتُمۡ فَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّمَا عَلَىٰ رَسُولِنَا ٱلۡبَلَٰغُ ٱلۡمُبِينُ ٩٢

92. Ва аз Аллоҳ таоло итоат кунед ва фармонбари паёмбар бошед ва [аз гуноҳу нофармонӣ] ҳазар кунед. Пас, агар рӯй гардондед, бидонед, ки вазифаи паёмбари Мо [чизе] ҷуз иблоғи ошкор нест

لَيۡسَ عَلَى ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ جُنَاحٞ فِيمَا طَعِمُوٓاْ إِذَا مَا ٱتَّقَواْ وَّءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ ثُمَّ ٱتَّقَواْ وَّءَامَنُواْ ثُمَّ ٱتَّقَواْ وَّأَحۡسَنُواْۗ وَٱللَّهُ يُحِبُّ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٩٣

93. Бар касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, гуноҳе дар он чи [пеш аз ҳукми таҳрими шароб] хӯрдаанд, нест, [албатта] дар сурате ки [аз муҳаррамот] парҳез кунанд ва имон биоваранд ва корҳои шоиста анҷом диҳанд, сипас парҳезкорӣ кунад ва имон биоваранд, он гоҳ [беш аз пеш] парҳезкорӣ кунанд ва некӣ намоянд. Ва Аллоҳ таоло накукоронро дӯст медорад

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَيَبۡلُوَنَّكُمُ ٱللَّهُ بِشَيۡءٖ مِّنَ ٱلصَّيۡدِ تَنَالُهُۥٓ أَيۡدِيكُمۡ وَرِمَاحُكُمۡ لِيَعۡلَمَ ٱللَّهُ مَن يَخَافُهُۥ بِٱلۡغَيۡبِۚ فَمَنِ ٱعۡتَدَىٰ بَعۡدَ ذَٰلِكَ فَلَهُۥ عَذَابٌ أَلِيمٞ ٩٤

94. Эй касоне, ки имон овардаед, Аллоҳ таоло шуморо [дар ҳоле ки дар эҳром ҳастед] ба чизе аз шикори [саҳроӣ], ки дар дастраси шумо ва найзаҳоятон бошад, меозмояд, то маълум дорад, чи касе дар ниҳон аз Ӯ метарсад. Пас, ҳар ки баъд аз ин [озмун] аз ҳад даргузарад [ва дар ҳоли ҳаҷ ё умра шикор кунад], азоби дарднок [дар пеш] дорад

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَقۡتُلُواْ ٱلصَّيۡدَ وَأَنتُمۡ حُرُمٞۚ وَمَن قَتَلَهُۥ مِنكُم مُّتَعَمِّدٗا فَجَزَآءٞ مِّثۡلُ مَا قَتَلَ مِنَ ٱلنَّعَمِ يَحۡكُمُ بِهِۦ ذَوَا عَدۡلٖ مِّنكُمۡ هَدۡيَۢا بَٰلِغَ ٱلۡكَعۡبَةِ أَوۡ كَفَّٰرَةٞ طَعَامُ مَسَٰكِينَ أَوۡ عَدۡلُ ذَٰلِكَ صِيَامٗا لِّيَذُوقَ وَبَالَ أَمۡرِهِۦۗ عَفَا ٱللَّهُ عَمَّا سَلَفَۚ وَمَنۡ عَادَ فَيَنتَقِمُ ٱللَّهُ مِنۡهُۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٞ ذُو ٱنتِقَامٍ ٩٥

95. Эй касоне, ки имон овардаед, дар ҳоли эҳром, шикорро накушед ва ҳар касе аз шумо, ки қасдан онро бикушад, бояд ҳаммонанди он чи ки куштааст, каффорае аз чаҳорпоён бидиҳад, [ба шарте] ки ду нафари одил аз шумо [баробарзишии] онро таъйид кунанд ва [он гоҳ он каффораро ба сурати] қурбонӣ [ба мустамандони перомуни] Каъба бирасонад ё [муодили баҳои онро] ба тиҳидастони [Ҳарам] ғизо диҳад ё [агар тавони молӣ надошт] муодили онро [дар муқобили ҳар фақир як] рӯза бигирад, то кайфари амали худро бичашад. Аллоҳ таоло он чиро, ки [пеш аз ин таҳрим] гузаштааст, авф намуд ва ҳар ки [ба ин гуноҳ] бозгардад, [бидонад, ки] Аллоҳ таоло аз ӯ интиқом мегирад ва Аллоҳ таоло шикастнопазири додситон аст

أُحِلَّ لَكُمۡ صَيۡدُ ٱلۡبَحۡرِ وَطَعَامُهُۥ مَتَٰعٗا لَّكُمۡ وَلِلسَّيَّارَةِۖ وَحُرِّمَ عَلَيۡكُمۡ صَيۡدُ ٱلۡبَرِّ مَا دُمۡتُمۡ حُرُمٗاۗ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ٱلَّذِيٓ إِلَيۡهِ تُحۡشَرُونَ ٩٦

96. [Эй мусулмонон, дар ҳоли эҳром] Сайди дарёӣ ва хӯроки он барои шумо ҳалол шудааст, то шумо [ки дар Макка муқим ҳастед] ва корвониён [ки мусофиранд, ҳамагӣ] аз он бархӯрдор шавед, ва [-ле] то замоне ки дар эҳром ҳастед, сайди саҳроӣ бар шумо ҳаром аст ва аз Аллоҳ таоло, ки [рӯзи қиёмат] назди Ӯ ҷамъ мешавед, парво кунед

۞ جَعَلَ ٱللَّهُ ٱلۡكَعۡبَةَ ٱلۡبَيۡتَ ٱلۡحَرَامَ قِيَٰمٗا لِّلنَّاسِ وَٱلشَّهۡرَ ٱلۡحَرَامَ وَٱلۡهَدۡيَ وَٱلۡقَلَٰٓئِدَۚ ذَٰلِكَ لِتَعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِ وَأَنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمُۢ ٩٧

97. Аллоҳ таоло Каъбаи Байт-ул-ҳаромро василае барои устуворӣ [ва сомон бахшидан ба кори] мардум қарор дод ва [ҳамчунин, ҳурмати ҷангу даргирӣ дар] моҳи ҳаром ва [куштани] қурбонӣ [-и бенишон] ва қурбонии қалодадор [-ро барои осоиши мардум вазъ кард]. Ин [гуна аҳком]

барои он аст, ки бидонед Аллоҳ таоло он чиро, ки дар осмонҳо ва замин аст медонад ва ин ки Аллоҳ таоло ба ҳар чизе доност

ٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ وَأَنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٩٨

98. [Эй мардум] Бидонед, ки Аллоҳ таоло сахткайфар аст ва [дар айни ҳол] Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

مَّا عَلَى ٱلرَّسُولِ إِلَّا ٱلۡبَلَٰغُۗ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ مَا تُبۡدُونَ وَمَا تَكۡتُمُونَ ٩٩

99. Паёмбар вазифае ҷуз расондани [ваҳй] надорад ва Аллоҳ таоло он чиро, ки ошкор мекунед ва пинҳон медоред, [ҳамаро] медонад

قُل لَّا يَسۡتَوِي ٱلۡخَبِيثُ وَٱلطَّيِّبُ وَلَوۡ أَعۡجَبَكَ كَثۡرَةُ ٱلۡخَبِيثِۚ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ يَٰٓأُوْلِي ٱلۡأَلۡبَٰبِ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ١٠٠

100. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Палид ва пок яксон нестанд, ҳарчанд фаровонии палид [ӣ] туро ба шигифт оварад. Пас, эй хирадмандон, аз Аллоҳ таоло парво кунед, бошад, ки растагор шавед»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَسۡـَٔلُواْ عَنۡ أَشۡيَآءَ إِن تُبۡدَ لَكُمۡ تَسُؤۡكُمۡ وَإِن تَسۡـَٔلُواْ عَنۡهَا حِينَ يُنَزَّلُ ٱلۡقُرۡءَانُ تُبۡدَ لَكُمۡ عَفَا ٱللَّهُ عَنۡهَاۗ وَٱللَّهُ غَفُورٌ حَلِيمٞ ١٠١

101. Эй касоне, ки имон овардаед, аз чизҳое напурсед, ки агар [посухи ҳақиқиаш] бароятон ошкор гардад, андуҳгинатон мекунад ва агар замоне, ки Қуръон нозил мегардад, пурсуҷӯ кунед, [ҳукму посухи пурсишҳоятон] бар шумо ошкор мегардад. Аллоҳ таоло аз он [масоил ва баёни онҳо] даргузашт ва Аллоҳ таоло омурзандаи бурдбор аст

قَدۡ سَأَلَهَا قَوۡمٞ مِّن قَبۡلِكُمۡ ثُمَّ أَصۡبَحُواْ بِهَا كَٰفِرِينَ ١٠٢

102. Дар ҳақиқат, гурӯҳе [ки] пеш аз шумо [буданд низ] аз ин [гуна] пурсишҳо карданд, сипас [вақте ки ҷавоби ногувор барояшон омад], ба он [амал накарданд ва] куфр варзиданд

مَا جَعَلَ ٱللَّهُ مِنۢ بَحِيرَةٖ وَلَا سَآئِبَةٖ وَلَا وَصِيلَةٖ وَلَا حَامٖ وَلَٰكِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ يَفۡتَرُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَۖ وَأَكۡثَرُهُمۡ لَا يَعۡقِلُونَ ١٠٣

103. Аллоҳ таоло ҳеҷ гуна «баҳира» ва «соиба» ва «васила» ва «ҳом» [анвои шутурҳои мухталифе, ки мушрикон вақфи бутҳояшон мекарданд]-ро [барои худ] қарор надодааст, вале касоне, ки куфр варзиданд, [бо иддаои ҳурмати ин ҳайвонот] бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебанданд ва бештарашон дарнамеёбанд

وَإِذَا قِيلَ لَهُمۡ تَعَالَوۡاْ إِلَىٰ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ وَإِلَى ٱلرَّسُولِ قَالُواْ حَسۡبُنَا مَا وَجَدۡنَا عَلَيۡهِ ءَابَآءَنَآۚ أَوَلَوۡ كَانَ ءَابَآؤُهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ شَيۡـٔٗا وَلَا يَهۡتَدُونَ ١٠٤

104. Ва ҳангоме ки ба онон гуфта шавад: «Ба сӯйи он чи Аллоҳ таоло нозил кардааст ва ба сӯйи

паёмбар биёед», мегӯянд: «Он чи ниёгонамонро бар он ёфтаем, бароямон кофист». Оё агар ниёгонашон чизе намедонистанд ва ҳидоят наёфта буданд [боз ҳам аз онон пайравӣ мекарданд]?

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ عَلَيۡكُمۡ أَنفُسَكُمۡۖ لَا يَضُرُّكُم مَّن ضَلَّ إِذَا ٱهۡتَدَيۡتُمۡۚ إِلَى ٱللَّهِ مَرۡجِعُكُمۡ جَمِيعٗا فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ١٠٥

105. Эй касоне, ки имон овардаед, муроқиби [имон ва тоати] худ бошед. Агар ҳидоят ёфта бошед, гумроҳии касоне, ки гумроҳ шудаанд, ба шумо зиёне намерасонад. Бозгашти ҳамаи шумо ба сӯйи Аллоҳ таоло аст, он гоҳ шуморо аз он чи мекардед, огоҳ месозад

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ شَهَٰدَةُ بَيۡنِكُمۡ إِذَا حَضَرَ أَحَدَكُمُ ٱلۡمَوۡتُ حِينَ ٱلۡوَصِيَّةِ ٱثۡنَانِ ذَوَا عَدۡلٖ مِّنكُمۡ أَوۡ ءَاخَرَانِ مِنۡ غَيۡرِكُمۡ إِنۡ أَنتُمۡ ضَرَبۡتُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ فَأَصَٰبَتۡكُم مُّصِيبَةُ ٱلۡمَوۡتِۚ تَحۡبِسُونَهُمَا مِنۢ بَعۡدِ ٱلصَّلَوٰةِ فَيُقۡسِمَانِ بِٱللَّهِ إِنِ ٱرۡتَبۡتُمۡ لَا نَشۡتَرِي بِهِۦ ثَمَنٗا وَلَوۡ كَانَ ذَا قُرۡبَىٰ وَلَا نَكۡتُمُ شَهَٰدَةَ ٱللَّهِ إِنَّآ إِذٗا لَّمِنَ ٱلۡأٓثِمِينَ ١٠٦

106. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки [нишонаҳои] марги яке аз шумо фаро расид, ҳангоми васият бояд аз миёнатон ду нафари одилро гувоҳ бигиред ё агар мусофират кардед ва пешомади марг ба шумо расид [ва мусулмонеро наёфтед], ду нафар аз ғайри худ [ғайри мусулмон]-ро ба гувоҳӣ биталабед ва агар [дар ростгӯии онҳо] тардид доштед, он дуро баъд аз намоз нигоҳ доред, то ба Аллоҳ таоло савганд бихӯранд, ки: «Мо ҳозир нестем он [васият]-ро ба чизе фурӯшем, агарчи [ба суди] хешонамон бошад. Ва шаҳодати Аллоҳро китмон намекунем, ки дар ин сурат, ҳатман, аз гунаҳгорон хоҳем буд»

فَإِنۡ عُثِرَ عَلَىٰٓ أَنَّهُمَا ٱسۡتَحَقَّآ إِثۡمٗا فَـَٔاخَرَانِ يَقُومَانِ مَقَامَهُمَا مِنَ ٱلَّذِينَ ٱسۡتَحَقَّ عَلَيۡهِمُ ٱلۡأَوۡلَيَٰنِ فَيُقۡسِمَانِ بِٱللَّهِ لَشَهَٰدَتُنَآ أَحَقُّ مِن شَهَٰدَتِهِمَا وَمَا ٱعۡتَدَيۡنَآ إِنَّآ إِذٗا لَّمِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ١٠٧

107. Пас, агар маълум шуд, ки он ду муртакиби гуноҳ [хиёнат ва дурӯғгӯӣ] шудаанд, ду тан аз касоне, ки мавриди ҷафои гувоҳон қарор гирифтаанд ва аз наздикон [-и майит] ҳастанд, ба ҷойи онон бархезанд ва ба Аллоҳ таоло савганд бихӯранд, ки: «Гувоҳии мо аз гувоҳии он ду дурустар аст ва мо [аз ҳақ] таҷовуз намекунем ва дар ғайри ин сурат, аз ситамгорон хоҳем буд»

ذَٰلِكَ أَدۡنَىٰٓ أَن يَأۡتُواْ بِٱلشَّهَٰدَةِ عَلَىٰ وَجۡهِهَآ أَوۡ يَخَافُوٓاْ أَن تُرَدَّ أَيۡمَٰنُۢ بَعۡدَ أَيۡمَٰنِهِمۡۗ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱسۡمَعُواْۗ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡفَٰسِقِينَ ١٠٨

108. Ин [равиш] наздиктар аст ба он ки шаҳодат ба сурати дурусташ адо шавад ё шоҳидон битарсанд, ки пас аз савганди онон [ворисон]

савгандҳояшон рад шавад [ва хиёнаташон ошкор гардад] ва аз Аллоҳ таоло парво кунед ва [ин пандҳоро] бишнавед ва [бидонед, ки] Аллоҳ таоло мардуми [бадкор ва] нофармонро ҳидоят намекунад

109. Рӯзе [хоҳад расид], ки Аллоҳ таоло паёмбаронро гирд меоварад ва мепурсад: «[Умматҳоятон] Чи посухе ба [даъвати] шумо доданд»? Онон гӯянд: «Мо донише [ба ҳақиқати амр] надорем. Бе тардид, Туӣ, ки донои розҳои ниҳонӣ»

۞يَوْمَ يَجْمَعُ ٱللَّهُ ٱلرُّسُلَ فَيَقُولُ مَاذَآ أُجِبْتُمْ ۖ قَالُوا۟ لَا عِلْمَ لَنَآ ۖ إِنَّكَ أَنتَ عَلَّٰمُ ٱلْغُيُوبِ ﴿١٠٩﴾

110. [Эй паёмбар, ёд кун аз] Ҳангоме ки Аллоҳ таоло фармуд: «Эй Исо - писари Марям, неъмати маро бар худ ва бар модарат ба ёд овар, он гоҳ ки туро бо Рӯҳ-ул-кудус [Ҷабраил] таъйид кардам, ки дар гаҳвора [ба эъҷоз] ва дар миёнсолӣ [ба ваҳй] бо мардум сухан мегуфтӣ ва он гоҳ ки ба ту китобу ҳикмат ва Тавроту Инҷил омӯхтам ва он гоҳ ки ба фармони Ман аз гил [чизе] ба шакли паранда месохтӣ ва дар он медамидӣ ва ба фармони Ман паррандае мешуд ва кӯри модарзоду бемории мубтало ба песиро ба фармони Ман шифо медодӣ ва он гоҳ ки мурдагонро ба фармони Ман [зинда аз қабр] берун меовардӣ ва он гоҳ ки [озори] Бани Исроилро - он гоҳ ки муъҷизоти ошкор барояшон оварда будӣ - аз ту боздоштам. Пас, касоне аз онон, ки куфр варзида буданд, гуфтанд: «Ин [корҳо чизе] нест магар афсуни ошкор»

إِذْ قَالَ ٱللَّهُ يَٰعِيسَى ٱبْنَ مَرْيَمَ ٱذْكُرْ نِعْمَتِى عَلَيْكَ وَعَلَىٰ وَٰلِدَتِكَ إِذْ أَيَّدتُّكَ بِرُوحِ ٱلْقُدُسِ تُكَلِّمُ ٱلنَّاسَ فِى ٱلْمَهْدِ وَكَهْلًا ۖ وَإِذْ عَلَّمْتُكَ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَٱلتَّوْرَىٰةَ وَٱلْإِنجِيلَ ۖ وَإِذْ تَخْلُقُ مِنَ ٱلطِّينِ كَهَيْـَٔةِ ٱلطَّيْرِ بِإِذْنِى فَتَنفُخُ فِيهَا فَتَكُونُ طَيْرًۢا بِإِذْنِى ۖ وَتُبْرِئُ ٱلْأَكْمَهَ وَٱلْأَبْرَصَ بِإِذْنِى ۖ وَإِذْ تُخْرِجُ ٱلْمَوْتَىٰ بِإِذْنِى ۖ وَإِذْ كَفَفْتُ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ عَنكَ إِذْ جِئْتَهُم بِٱلْبَيِّنَٰتِ فَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ مِنْهُمْ إِنْ هَٰذَآ إِلَّا سِحْرٌ مُّبِينٌ ﴿١١٠﴾

111. Ва [Эй Исо, ба ёд овар] Замоне, ки ба ҳавориён ваҳй фиристодам, ки: «Ба Ман ва ба фиристодаам имон биёваред». Онон гуфтанд: «Имон овардем ва гувоҳ бош, ки мо таслим [-и фармонат] шудаем»

وَإِذْ أَوْحَيْتُ إِلَى ٱلْحَوَارِيِّـۧنَ أَنْ ءَامِنُوا۟ بِى وَبِرَسُولِى ۖ قَالُوٓا۟ ءَامَنَّا وَٱشْهَدْ بِأَنَّنَا مُسْلِمُونَ ﴿١١١﴾

112. [Ва ёд кун аз] Он гоҳ ки ҳавориён гуфтанд: «Эй Исо - писари Марям, оё Парвардигорат метавонад суфрае [пур аз ғизо] аз осмон бар

إِذْ قَالَ ٱلْحَوَارِيُّونَ يَٰعِيسَى ٱبْنَ مَرْيَمَ هَلْ يَسْتَطِيعُ رَبُّكَ أَن يُنَزِّلَ عَلَيْنَا مَآئِدَةً مِّنَ ٱلسَّمَآءِ ۖ قَالَ ٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿١١٢﴾

мо нозил кунад»? [Исо дар посух] Гуфт: «Агар муъмин ҳастед, аз Аллоҳ таоло парво кунед»

قَالُواْ نُرِيدُ أَن نَّأۡكُلَ مِنۡهَا وَتَطۡمَئِنَّ قُلُوبُنَا وَنَعۡلَمَ أَن قَدۡ صَدَقۡتَنَا وَنَكُونَ عَلَيۡهَا مِنَ ٱلشَّٰهِدِينَ ١١٣

113. Онон гуфтанд: «Мехоҳем аз он бихӯрем ва дилҳоямон [ба рисолати ту] итминон ёбад ва бидонем, ки ба мо рост гуфтаӣ ва худ аз гувоҳони он бошем»

قَالَ عِيسَى ٱبۡنُ مَرۡيَمَ ٱللَّهُمَّ رَبَّنَآ أَنزِلۡ عَلَيۡنَا مَآئِدَةٗ مِّنَ ٱلسَّمَآءِ تَكُونُ لَنَا عِيدٗا لِّأَوَّلِنَا وَءَاخِرِنَا وَءَايَةٗ مِّنكَۖ وَٱرۡزُقۡنَا وَأَنتَ خَيۡرُ ٱلرَّٰزِقِينَ ١١٤

114. Исо - писари Марям - [дуо кард ва] гуфт: «Бор Илоҳо, Парвардигоро, суфраи [пурғизо] аз осмон бар мо бифрист, то иде бошад барои имрӯзиён ва ояндагонамон ва [ҳамчунин] муъҷизае аз [ҷониби Ту] бошад ва ба мо рӯзӣ деҳ, ки Ту беҳтарин рузидиҳандаӣ»

قَالَ ٱللَّهُ إِنِّي مُنَزِّلُهَا عَلَيۡكُمۡۖ فَمَن يَكۡفُرۡ بَعۡدُ مِنكُمۡ فَإِنِّيٓ أُعَذِّبُهُۥ عَذَابٗا لَّآ أُعَذِّبُهُۥٓ أَحَدٗا مِّنَ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١١٥

115. Аллоҳ таоло [дуои ӯро иҷобат кард ва] фармуд: «Ман онро бар шумо нозил мекунам, аммо ҳар касе аз шумо, ки пас аз он куфр биварзад, ӯро ба чунон азоб [-и сахт] дучор мекунам, ки ҳеҷ як аз ҷаҳониёнро ончунон азоб накарда бошам»

وَإِذۡ قَالَ ٱللَّهُ يَٰعِيسَى ٱبۡنَ مَرۡيَمَ ءَأَنتَ قُلۡتَ لِلنَّاسِ ٱتَّخِذُونِي وَأُمِّيَ إِلَٰهَيۡنِ مِن دُونِ ٱللَّهِۖ قَالَ سُبۡحَٰنَكَ مَا يَكُونُ لِيٓ أَنۡ أَقُولَ مَا لَيۡسَ لِي بِحَقٍّۚ إِن كُنتُ قُلۡتُهُۥ فَقَدۡ عَلِمۡتَهُۥۚ تَعۡلَمُ مَا فِي نَفۡسِي وَلَآ أَعۡلَمُ مَا فِي نَفۡسِكَۚ إِنَّكَ أَنتَ عَلَّٰمُ ٱلۡغُيُوبِ ١١٦

116. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки [рӯзи қиёмат] Аллоҳ таоло мефармояд: «Эй Исо - писари Марям, оё ту ба мардум гуфтӣ, ки: «Ману модарамро [ҳамчун] ду маъбуд ба ҷойи Аллоҳ таоло баргузинед»? [Исо] мегӯяд: «[Бор Илоҳо] Ту муназзаҳӣ, шоиста нест, ки ман [дар бораи хештан] чизе, ки ҳаққам нест бигӯям. Агар чунин [суханеро] гуфта бошам, бе гумон, Ту медонӣ. Ту он чиро, ки дар нафси ман аст, медонӣ ва [-ле] ман он чиро, ки дар зоти [поки] Туст намедонам. Бе тардид, Ту худ донои розҳои ниҳонӣ

مَا قُلۡتُ لَهُمۡ إِلَّا مَآ أَمَرۡتَنِي بِهِۦٓ أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ رَبِّي وَرَبَّكُمۡۚ وَكُنتُ عَلَيۡهِمۡ شَهِيدٗا مَّا دُمۡتُ فِيهِمۡۖ فَلَمَّا تَوَفَّيۡتَنِي كُنتَ أَنتَ ٱلرَّقِيبَ عَلَيۡهِمۡۚ وَأَنتَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ شَهِيدٌ ١١٧

117. Ҷуз он чи маро ба он фармон додӣ, чизе ба онон нагуфтам. [Гуфтам, ки] «Аллоҳро бипарастед, ки Парвардигори ману шумост». Ва то замоне, ки миёнашон ба сар мебурдам, бар [суханони] онон гувоҳ будам ва чун маро [ба сӯйи Хеш] баргирифтӣ, Ту худ мурақибашон будӣ ва Ту бар ҳар чизе гувоҳӣ

إِن تُعَذِّبْهُمْ فَإِنَّهُمْ عِبَادُكَ ۖ وَإِن تَغْفِرْ لَهُمْ فَإِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿١١٨﴾

118. Агар ононро [бо адолатат] азоб кунӣ, бандагони Ту ҳастанд ва агар ононро [бо раҳматат] бубахшоӣ, Туӣ, ки шикастнопазири ҳакимӣ»

قَالَ ٱللَّهُ هَٰذَا يَوْمُ يَنفَعُ ٱلصَّٰدِقِينَ صِدْقُهُمْ ۚ لَهُمْ جَنَّٰتٌ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ۖ رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا۟ عَنْهُ ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١١٩﴾

119. Аллоҳ таоло мефармояд: «Имрӯз рӯзест, ки ростии ростгӯён ба онон суд мебахшад. Онон боғҳое [дар биҳишт] доранд, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст ва то абад ҷовидона дар он мемонанд. Аллоҳ таоло аз [аъмоли] онон хушнуд аст ва онон [низ] аз [подоши] Ӯ хушнуданд. Ин ҳамон растагории бузург аст»

لِلَّهِ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا فِيهِنَّ ۚ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿١٢٠﴾

120. Фармонравоии осмонҳо ва замин ва он чи дар онҳост, аз они Аллоҳ таоло аст ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност

(6) Анъом(*) الأنعام

Ҷузъи 7

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ وَجَعَلَ ٱلظُّلُمَٰتِ وَٱلنُّورَ ۖ ثُمَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ بِرَبِّهِمْ يَعْدِلُونَ ①

1. Ситоиш Аллоҳ таолорост, ки осмонҳо ва заминро офарид ва торикиҳо ва рӯшноӣ [шабу рӯз]-ро падид овард. Бо ин ҳама, касоне, ки куфр варзидаанд, [дигаронро дар тавону тадбир] бо Парвардигори худ баробар медонанд

هُوَ ٱلَّذِى خَلَقَكُم مِّن طِينٍ ثُمَّ قَضَىٰٓ أَجَلًا ۖ وَأَجَلٌ مُّسَمًّى عِندَهُۥ ۖ ثُمَّ أَنتُمْ تَمْتَرُونَ ②

2. Ӯст, ки шуморо аз гил офарид, он гоҳ муддатеро [барои ҳаётатон] муқаррар дошт ва аҷал, ҳатман, назди Ӯст. Бо ин ҳама шумо [дар қудрати Ӯ барои барпо шудани қиёмат] тардид мекунед

وَهُوَ ٱللَّهُ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَفِى ٱلْأَرْضِ يَعْلَمُ سِرَّكُمْ وَجَهْرَكُمْ وَيَعْلَمُ مَا تَكْسِبُونَ ③

3. Ва Ӯст Аллоҳ таоло [Маъбуди ягона] дар осмонҳо ва замин, ниҳону ошкоратонро медонад ва он чиро ба даст меоваред,[ва анҷом медиҳед низ] медонад

وَمَا تَأْتِيهِم مِّنْ ءَايَةٍ مِّنْ ءَايَٰتِ رَبِّهِمْ إِلَّا كَانُوا۟ عَنْهَا مُعْرِضِينَ ④

4. Ва ҳеҷ нишонае аз нишонаҳои Парвардигорашон ба инон [кофирон] намеояд, магар ин ки аз он рӯйгардон мешаванд

فَقَدْ كَذَّبُوا۟ بِٱلْحَقِّ لَمَّا جَآءَهُمْ ۖ فَسَوْفَ يَأْتِيهِمْ أَنۢبَٰٓؤُا۟ مَا كَانُوا۟ بِهِۦ يَسْتَهْزِءُونَ ⑤

5. Ҳамоно онон ҳақро, ҳангоме ки ба сӯяшон омад, дурӯғ шумурданд, пас, ба зудӣ хабарҳои он чиро, ки масхарааш мекарданд, ба онон хоҳад расид

أَلَمْ يَرَوْا۟ كَمْ أَهْلَكْنَا مِن قَبْلِهِم مِّن قَرْنٍ مَّكَّنَّٰهُمْ فِى ٱلْأَرْضِ مَا لَمْ نُمَكِّن لَّكُمْ وَأَرْسَلْنَا ٱلسَّمَآءَ عَلَيْهِم مِّدْرَارًا وَجَعَلْنَا ٱلْأَنْهَٰرَ تَجْرِى مِن تَحْتِهِمْ فَأَهْلَكْنَٰهُم بِذُنُوبِهِمْ وَأَنشَأْنَا مِنۢ بَعْدِهِمْ قَرْنًا ءَاخَرِينَ ⑥

6. Оё [кофирон] надиданд, ки пеш аз онон чи [бисёр] гурӯҳҳое аз мардумро нобуд кардем? [Уммати ҳоз] Ки дар замин ба эшон чунон иқтидор [ва неруе] дода будем, ки [ҳаргиз] ба шумо чунон имконоте надодаем ва борони осмонро паёпай бар онон фиристодем ва наҳрҳо падид овардем, ки зери [хонаҳои] онон ҷорӣ буд. Пас, [ҳангоме ки носипосӣ карданд, Мо]

(*) Анъом (Чаҳорпоён)

эшонро ба [сазои] гуноҳҳояшон нобуд кардем ва пас аз онҳо гурӯҳи дигаре падид овардем

7. Ва [эй паёмбар, ҳатто] агар китобе [навишта] бар коғаз бар ту нозил мекардем ва эшон он [китоб]-ро бо дастони хеш ламс мекарданд, ҳатман, касоне, ки куфр варзидаанд мегуфтанд: «Ин [китоб чизе] нест, магар ҷодуи ошкор»

وَلَوْ نَزَّلْنَا عَلَيْكَ كِتَٰبًا فِى قِرْطَاسٍ فَلَمَسُوهُ بِأَيْدِيهِمْ لَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓا۟ إِنْ هَٰذَآ إِلَّا سِحْرٌ مُّبِينٌ ﴿٧﴾

8. Ва [кофирон] гуфтанд: «Чаро фариштае ба ӯ нозил нашудааст [то гувоҳи ростгӯияш бошад]»? Ва агар фариштае мефиристодем [ва имон намеоварданд], ҳатман, кор ба поён мерасид ва муҳлате [барои тавба] намеёфтанд [ва ҳалок мешуданд]

وَقَالُوا۟ لَوْلَآ أُنزِلَ عَلَيْهِ مَلَكٌ ۖ وَلَوْ أَنزَلْنَا مَلَكًا لَّقُضِىَ ٱلْأَمْرُ ثُمَّ لَا يُنظَرُونَ ﴿٨﴾

9. Ва агар он [фиристода]-ро фариштае қарор медодем, ҳатман, вайро ба шакли марде дармеовардем [то битавонанд ӯро бубинанд ва суханонашро бифаҳманд] ва яқинан, ононро дучори ҳамон иштибоҳе мекардем, ки қаблан дар он буданд [зеро ӯ низ сурати инсон дошт]

وَلَوْ جَعَلْنَٰهُ مَلَكًا لَّجَعَلْنَٰهُ رَجُلًا وَلَلَبَسْنَا عَلَيْهِم مَّا يَلْبِسُونَ ﴿٩﴾

10. [Эй паёмбар] Ҳатман, паёмбароне пеш аз ту [низ аз сӯйи кофирон] мавриди тамасхур воқеъ шуданд, пас, он чи ки масхарааш мекарданд, домонашонро гирифт [ва гирифтори азоб шуданд]

وَلَقَدِ ٱسْتُهْزِئَ بِرُسُلٍ مِّن قَبْلِكَ فَحَاقَ بِٱلَّذِينَ سَخِرُوا۟ مِنْهُم مَّا كَانُوا۟ بِهِۦ يَسْتَهْزِءُونَ ﴿١٠﴾

11. [Эй паёмбар, ба кофирон] Бигӯ: «Дар замин гардиш кунед ва бингаред, ки саранҷоми такзибкунандагон [-и оёти илоҳӣ] чигуна будааст»

قُلْ سِيرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ ثُمَّ ٱنظُرُوا۟ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلْمُكَذِّبِينَ ﴿١١﴾

12. Бигӯ: «Он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они кист»? Бигӯ: «Аз они Аллоҳи мутаол аст, ки раҳматро бар хеш вочиб гардонидааст, [ва] ҳатман, шуморо дар рӯзи қиёмат, ки дар он шакке нест, [назди худ] ҷамъ хоҳад кард. Ва касоне, ки ба хеш зиён расонидаанд, имон намеоваранд

قُل لِّمَن مَّا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ قُل لِّلَّهِ ۚ كَتَبَ عَلَىٰ نَفْسِهِ ٱلرَّحْمَةَ ۚ لَيَجْمَعَنَّكُمْ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ لَا رَيْبَ فِيهِ ۚ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ فَهُمْ لَا يُؤْمِنُونَ ﴿١٢﴾

۞وَلَهُۥ مَا سَكَنَ فِي ٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِۚ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ١٣

13. Ва ҳарчи дар шабу рӯз ором [-у қарор] дорад аз они Ӯст ва Ӯ шуновову доност

قُلۡ أَغَيۡرَ ٱللَّهِ أَتَّخِذُ وَلِيّٗا فَاطِرِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَهُوَ يُطۡعِمُ وَلَا يُطۡعَمُۗ قُلۡ إِنِّيٓ أُمِرۡتُ أَنۡ أَكُونَ أَوَّلَ مَنۡ أَسۡلَمَۖ وَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ١٤

14. Бигӯ: «Оё ғайри Аллоҳи мутаолро [барои худ дӯст ва] корсоз гирам? [Парвардигоре] Ки падидоварандаи осмонҳо ва замин аст ва Ӯст, ки рӯзӣ медиҳад ва худ рӯзӣ дода намешавад». Бигӯ: «Ман фармон ёфтаам, ки нахустин касе [аз ин уммат] бошам, ки таслим [-и амри илоҳӣ] шудааст ва [Аллоҳ таоло бар ман фармон дод, ки]: “Ҳаргиз аз мушрикон набошам”

قُلۡ إِنِّيٓ أَخَافُ إِنۡ عَصَيۡتُ رَبِّي عَذَابَ يَوۡمٍ عَظِيمٖ ١٥

15. Бигӯ: «Агар ман аз [ҳукми] парвардигорам нофармонӣ кунам, бе тардид аз азоби рӯзи бузург метарсам»

مَّن يُصۡرَفۡ عَنۡهُ يَوۡمَئِذٖ فَقَدۡ رَحِمَهُۥۚ وَذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡمُبِينُ ١٦

16. Ҳар ки дар он рӯз ба вай азоб нарасад, ҳатман, [Аллоҳ таоло] ба ӯ раҳм кардааст ва ин ҳамон пирӯзии ошкор аст

وَإِن يَمۡسَسۡكَ ٱللَّهُ بِضُرّٖ فَلَا كَاشِفَ لَهُۥٓ إِلَّا هُوَۖ وَإِن يَمۡسَسۡكَ بِخَيۡرٖ فَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ١٧

17. [Эй инсон] Агар Аллоҳ таоло [бихоҳад] зиёне ба ту расонад, ҳеҷ касе ҷуз Ӯ бартарафкунандаи он нест; ва агар [ирода кунад, ки] хайре ба ту расонад, [касе боздорандаи он нест] пас, Ӯ бар ҳама чиз тавоност

وَهُوَ ٱلۡقَاهِرُ فَوۡقَ عِبَادِهِۦۚ وَهُوَ ٱلۡحَكِيمُ ٱلۡخَبِيرُ ١٨

18. Ва Ӯст, ки бар бандагони худ чира [ва мусаллат] аст ва Ӯ ҳакими огоҳ аст

قُلۡ أَيُّ شَيۡءٍ أَكۡبَرُ شَهَٰدَةٗۖ قُلِ ٱللَّهُۖ شَهِيدُۢ بَيۡنِي وَبَيۡنَكُمۡۚ وَأُوحِيَ إِلَيَّ هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانُ لِأُنذِرَكُم بِهِۦ وَمَنۢ بَلَغَۚ أَئِنَّكُمۡ لَتَشۡهَدُونَ أَنَّ مَعَ ٱللَّهِ ءَالِهَةً أُخۡرَىٰۚ قُل لَّآ أَشۡهَدُۚ قُلۡ إِنَّمَا هُوَ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞ وَإِنَّنِي بَرِيٓءٞ مِّمَّا تُشۡرِكُونَ ١٩

19. [Эй паёмбар, бар мушрикон] Бигӯ: «Гувоҳии чи касе аз ҳама беҳтар аст»? Бигӯ: «Аллоҳ таоло [ки] миёни ману шумо гувоҳ аст ва ин Қуръон [аз ҷониби Ӯ] бар ман ваҳй шудааст, то ба василаи он ба шумо ва ҳар ки [ин паём ба ӯ] мерасад, ҳушдор диҳам. Оё шумо ба ростӣ гувоҳӣ медиҳед, ки бо Аллоҳ таоло маъбудони дигаре ҳаст?» Бигӯ: «Ман [ҳаргиз ба чунин чизе] гувоҳӣ намедиҳам». Бигӯ: «Яқинан Ӯ танҳо маъбуди ягона аст ва ман аз он чи [бо Ӯ] шарик қарор медиҳед, безорам»

20. Касоне, ки ба онон китоб [-и осмонӣ] додаем, ҳамон гуна ки писарони худро мешиносанд, [паёмбар]-ро мешиносанд. Онон ки [бо пайравӣ аз ҳавои нафс] ба хеш зиён расонидаанд, имон намеоваранд

ٱلَّذِينَ ءَاتَيۡنَٰهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ يَعۡرِفُونَهُۥ كَمَا يَعۡرِفُونَ أَبۡنَآءَهُمُۘ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ فَهُمۡ لَا يُؤۡمِنُونَ ٢٠

21. Ва кист ситамгортар аз он ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебандад [ва барояш шарик мепиндорад] ё оёташро дурӯғ меангорад? Яқинан, ситамгорони [мушрик] растагор намешаванд

وَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّنِ ٱفۡتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا أَوۡ كَذَّبَ بِـَٔايَٰتِهِۦٓۚ إِنَّهُۥ لَا يُفۡلِحُ ٱلظَّٰلِمُونَ ٢١

22. Ва [ёд кун аз қиёмат] рӯзе, ки ҳамаи ононро ҷамъ мекунем ва ба касоне, ки ширк варзидаанд, мегӯем: «Маъбудонатон, ки [шарики Аллоҳ таоло] мепиндоштед, куҷо ҳастанд»?

وَيَوۡمَ نَحۡشُرُهُمۡ جَمِيعٗا ثُمَّ نَقُولُ لِلَّذِينَ أَشۡرَكُوٓاْ أَيۡنَ شُرَكَآؤُكُمُ ٱلَّذِينَ كُنتُمۡ تَزۡعُمُونَ ٢٢

23. Онгоҳ [посух ва] узрашон ҷуз ин нест, ки мегӯянд: «Ба Аллоҳ таоло -Парвардигорамон- савганд, ки мо мушрик набудем»

ثُمَّ لَمۡ تَكُن فِتۡنَتُهُمۡ إِلَّآ أَن قَالُواْ وَٱللَّهِ رَبِّنَا مَا كُنَّا مُشۡرِكِينَ ٢٣

24. [Эй паёмбар] Бингар,чигуна бар худ дурӯғ бастанд ва он чи [дар мавриди шафоати маъбудонашон] ба дурӯғ мегуфтанд, [ҳама] маҳву нобуд шуд

ٱنظُرۡ كَيۡفَ كَذَبُواْ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡۚ وَضَلَّ عَنۡهُم مَّا كَانُواْ يَفۡتَرُونَ ٢٤

25. Ва афроде аз онон [мушрикон] ҳастанд, ки [ҳангоми тиловати Қуръон] ба ту гӯш месупоранд ва [-ле] мо бар дилҳояшон парда афкандаем, то онро нафаҳманд ва дар гӯшҳояшон сангинӣ [қарор додаем] ва агар тамоми муъҷизот [ва далоили тавҳид]-ро бубинанд, [боз ҳам] ба он имон намеоваранд, то наздат биёянд ва бо ту муҷодала кунанд. Касоне, ки куфр варзидаанд, мегӯянд: «Ин [Қуръон, чизе] Нест магар афсонаҳои пешиниён»

وَمِنۡهُم مَّن يَسۡتَمِعُ إِلَيۡكَۖ وَجَعَلۡنَا عَلَىٰ قُلُوبِهِمۡ أَكِنَّةً أَن يَفۡقَهُوهُ وَفِيٓ ءَاذَانِهِمۡ وَقۡرٗاۚ وَإِن يَرَوۡاْ كُلَّ ءَايَةٖ لَّا يُؤۡمِنُواْ بِهَاۖ حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءُوكَ يُجَٰدِلُونَكَ يَقُولُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ إِنۡ هَٰذَآ إِلَّآ أَسَٰطِيرُ ٱلۡأَوَّلِينَ ٢٥

26. Ва онон [мардум]-ро аз пайравии ӯ [паёмбар] бозмедоранд ва худ [низ] аз ӯ дур мешаванд ва [касе] ҷуз хештанро ҳалок намекунанд ва [-ле] намедонанд

وَهُمۡ يَنۡهَوۡنَ عَنۡهُ وَيَنۡـَٔوۡنَ عَنۡهُۖ وَإِن يُهۡلِكُونَ إِلَّآ أَنفُسَهُمۡ وَمَا يَشۡعُرُونَ ٢٦

27. Ва агар [ононро] ҳангоме ки дар баробари оташ [-и дузах] нигаҳ доштаанд, бубинӣ, [аз

وَلَوۡ تَرَىٰٓ إِذۡ وُقِفُواْ عَلَى ٱلنَّارِ فَقَالُواْ يَٰلَيۡتَنَا نُرَدُّ وَلَا نُكَذِّبَ بِـَٔايَٰتِ رَبِّنَا وَنَكُونَ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٢٧

ҳолашон шигифтзада мешавӣ, ки] мегӯянд: «Эй кош, [ба дунё] бозгардонда мешудем ва оёти Парвардигорамонро такзиб намекардем ва аз муъминон будем»!

بَلْ بَدَا لَهُم مَّا كَانُواْ يُخْفُونَ مِن قَبْلُۖ وَلَوْ رُدُّواْ لَعَادُواْ لِمَا نُهُواْ عَنْهُ وَإِنَّهُمْ لَكَٰذِبُونَ ﴿٢٨﴾

28. [Чунин нест, ки мегӯянд] Балки он чи пеш аз ин пинҳон мекарданд, барояшон ошкор шудааст ва агар [ҳам ба дунё] бозгардонда шаванд, бе тардид ба он чи аз он наҳӣ шуда буданд, бозмегарданд ва инон дурӯғгӯ ҳастанд

وَقَالُوٓاْ إِنْ هِيَ إِلَّا حَيَاتُنَا ٱلدُّنْيَا وَمَا نَحْنُ بِمَبْعُوثِينَ ﴿٢٩﴾

29. Ва [мушрикон] гуфтанд: «Ҷуз зиндагии мо дар дунё ҳеҷ [зиндагии дигаре] нест ва ҳаргиз барангехта нахоҳем шуд»

وَلَوْ تَرَىٰٓ إِذْ وُقِفُواْ عَلَىٰ رَبِّهِمْۚ قَالَ أَلَيْسَ هَٰذَا بِٱلْحَقِّۚ قَالُواْ بَلَىٰ وَرَبِّنَاۚ قَالَ فَذُوقُواْ ٱلْعَذَابَ بِمَا كُنتُمْ تَكْفُرُونَ ﴿٣٠﴾

30. Ва агар ононро ҳангоме ки дар пешгоҳи Парвардигорашон нигоҳ дошта мешаванд, бубинӣ, [шигифтзада мешавӣ. Аллоҳ таоло ба онон] мегӯяд: «Оё ин [зиндагии пас аз марг] ҳақ нест?» Онон мегӯянд: «Бале, қасам ба Парвардигорамон [ки ҳақ аст]. [Аллоҳ таоло] мегӯяд: «Пас, ба сазои он ки куфр меварзидед, ин азобро бичашед»

قَدْ خَسِرَ ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِلِقَآءِ ٱللَّهِۖ حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءَتْهُمُ ٱلسَّاعَةُ بَغْتَةً قَالُواْ يَٰحَسْرَتَنَا عَلَىٰ مَا فَرَّطْنَا فِيهَا وَهُمْ يَحْمِلُونَ أَوْزَارَهُمْ عَلَىٰ ظُهُورِهِمْۚ أَلَا سَآءَ مَا يَزِرُونَ ﴿٣١﴾

31. Касоне, ки дидори Парвардигорро дурӯғ ангоштаанд, ҳатман, зиён диданд, [пас] ҳангоме ки ногаҳон қиёмат бар онон фаро расад, дар ҳоле ки бори [сангини] гуноҳҳони хешро бар пушташон ҳамл мекунанду мегӯянд: «Эй дареғ, бар мо аз он чи дар бораи он [дар дунё] кӯтоҳӣ кардем»! Ҳон! Чи бад аст боре, ки [бар дӯш] мекашанд!

وَمَا ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَآ إِلَّا لَعِبٌ وَلَهْوٌۖ وَلَلدَّارُ ٱلْأٓخِرَةُ خَيْرٌ لِّلَّذِينَ يَتَّقُونَۚ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ﴿٣٢﴾

32. Зиндагии дунё [чизе] чуз бозича ва саргармӣ нест, ва ҳатман, сарои охират барои касоне, ки парво пеша мекунанд, беҳтар аст. Оё намеандешед?

قَدْ نَعْلَمُ إِنَّهُۥ لَيَحْزُنُكَ ٱلَّذِى يَقُولُونَۖ فَإِنَّهُمْ لَا يُكَذِّبُونَكَ وَلَٰكِنَّ ٱلظَّٰلِمِينَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ يَجْحَدُونَ ﴿٣٣﴾

33. [Эй Паёмбар] ба яқин мо медонем, ки ончи [мушрикон] мегӯянд, туро сахт ғамгин мекунад. Дар воқеъ, онон туро[дар дил] такзиб намекунанд,

балки ситамгорон [бо он ки ҳақиқатро медонанд] оёти Аллоҳ таолоро инкор мекунанд

وَلَقَدْ كُذِّبَتْ رُسُلٌ مِّن قَبْلِكَ فَصَبَرُواْ عَلَىٰ مَا كُذِّبُواْ وَأُوذُواْ حَتَّىٰٓ أَتَىٰهُمْ نَصْرُنَا وَلَا مُبَدِّلَ لِكَلِمَٰتِ ٱللَّهِ ۚ وَلَقَدْ جَآءَكَ مِن نَّبَإِى ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٣٤﴾

34. Ва пеш аз ту низ паёмбароне такзиб шудаанд, вале бар он чи такзиб шуданд ва озор диданд, шикебой карданд, то [саранҷом] ёрии мо бар онон фаро расид ва суханони Аллоҳ таоло [дар мавриди пирӯзии паёмбаронаш]-ро ҳеҷ тағйирдиҳандае нест [ки монеъ гардад] ва мусалламан, ахбори паёмбарони [пешин ва достони шикасти душманонашон] ба ту расидааст

وَإِن كَانَ كَبُرَ عَلَيْكَ إِعْرَاضُهُمْ فَإِنِ ٱسْتَطَعْتَ أَن تَبْتَغِىَ نَفَقًا فِى ٱلْأَرْضِ أَوْ سُلَّمًا فِى ٱلسَّمَآءِ فَتَأْتِيَهُم بِـَٔايَةٍ ۚ وَلَوْ شَآءَ ٱللَّهُ لَجَمَعَهُمْ عَلَى ٱلْهُدَىٰ ۚ فَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلْجَٰهِلِينَ ﴿٣٥﴾

35. Ва [эй паёмбар] агар рӯйгардонии онон [аз Қуръон] бар ту ногувор [ва душвор] аст, агар метавонӣ нақбе (тунел) дар замин ё нардбоне дар осмон биҷӯӣ, то муъҷиза [дигар] барояшон биёварӣ [пас, чунон кун, вале суде надорад]. Ва агар Аллоҳ таоло мехост, ҳатман, ононро бар [масири] ҳидоят ҷамъ мекард, пас, ҳаргиз аз нодонон мабош

۞إِنَّمَا يَسْتَجِيبُ ٱلَّذِينَ يَسْمَعُونَ ۘ وَٱلْمَوْتَىٰ يَبْعَثُهُمُ ٱللَّهُ ثُمَّ إِلَيْهِ يُرْجَعُونَ ﴿٣٦﴾

36. Ба ростӣ, танҳо касоне [даъвати ҳақро] мепазиранд, ки мешунаванд [ва дарк мекунанд] ва Аллоҳ таоло мурдагонро [рӯзи қиёмат] бармеангезад, сипас ба сӯйи Ӯ бозгардонда мешаванд

وَقَالُواْ لَوْلَا نُزِّلَ عَلَيْهِ ءَايَةٌ مِّن رَّبِّهِۦ ۚ قُلْ إِنَّ ٱللَّهَ قَادِرٌ عَلَىٰٓ أَن يُنَزِّلَ ءَايَةً وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٣٧﴾

37. Ва [мушрикон] гуфтанд: «Чаро нишонае [дар бораи ҳаққонияти Муҳаммад] аз тарафи Парвардигораш бар ӯ нозил нашудааст?» [Эй паёмбар] бигӯ: «Бе гумон, Аллоҳ таоло тавоност, ки нишонае [мутобиқи хости онон] нозил кунад», вале бештарашон намедонанд, [ки нузули ваҳй, бар асоси ҳикмату тадбир аст]

وَمَا مِن دَآبَّةٍ فِى ٱلْأَرْضِ وَلَا طَٰٓئِرٍ يَطِيرُ بِجَنَاحَيْهِ إِلَّآ أُمَمٌ أَمْثَالُكُم ۚ مَّا فَرَّطْنَا فِى ٱلْكِتَٰبِ مِن شَىْءٍ ۚ ثُمَّ إِلَىٰ رَبِّهِمْ يُحْشَرُونَ ﴿٣٨﴾

38. Ва ҳеҷ ҷунбандае дар замин нест ва на ҳеҷ парандае, ки бо болҳои худ парвоз мекунад, магар он ки онҳо [низ дар офариниш ва зиндагӣ] гурӯҳҳое монанди шумо ҳастанд. Мо ҳеҷ чизеро дар китоб [Лавҳи маҳфуз] фурӯгузор накардаем, сипас [ҳамаро рӯзи қиёмат] назди Парвардигорашон гирд меоваранд

39. Ва касоне, ки оёти моро дурӯғ ангоштаанд, кару гунг ва дар торикиҳо[-и ҷаҳл саргашта] ҳастанд. Аллоҳи мутаол ҳаркиро бихоҳад, гумроҳ мекунад ва ҳаркиро бихоҳад, бар роҳи рост қароораш медиҳад

وَٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا صُمٌّ وَبُكۡمٞ فِي ٱلظُّلُمَٰتِۗ مَن يَشَإِ ٱللَّهُ يُضۡلِلۡهُ وَمَن يَشَأۡ يَجۡعَلۡهُ عَلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ ٣٩

40. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Агар рост мегӯед, ба ман хабар диҳед, ки агар азоби Аллоҳи мутаол ба суроғатон биояд ё [ногаҳон] қиёмат барпо шавад, оё ғайр аз Аллоҳ таолоро [ба ёрӣ] мехонед?»

قُلۡ أَرَءَيۡتَكُمۡ إِنۡ أَتَىٰكُمۡ عَذَابُ ٱللَّهِ أَوۡ أَتَتۡكُمُ ٱلسَّاعَةُ أَغَيۡرَ ٱللَّهِ تَدۡعُونَ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ٤٠

41. Оре, танҳо Ӯро [ба дуо] мехонед ва агар Ӯ бихоҳад, он чиро ки ба хотираш ӯро фаро мехонед, аз байн мебарад ва шумо [низ аз тарси азоб] шарикеро, ки барояш қоил шудаед, аз ёд мебаред

بَلۡ إِيَّاهُ تَدۡعُونَ فَيَكۡشِفُ مَا تَدۡعُونَ إِلَيۡهِ إِن شَآءَ وَتَنسَوۡنَ مَا تُشۡرِكُونَ ٤١

42. [Эй Паёмбар] Бе тардид, пеш аз ту [низ паёмбароне] ба сӯйи уммаҳо[-и пешин] фиристодем ва ононро ба тангдастӣ ва нохушӣ дучор сохтем, бошад, ки [ба даргоҳи илоҳӣ фурӯтанӣ ва] тазарруъ кунанд

وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَآ إِلَىٰٓ أُمَمٖ مِّن قَبۡلِكَ فَأَخَذۡنَٰهُم بِٱلۡبَأۡسَآءِ وَٱلضَّرَّآءِ لَعَلَّهُمۡ يَتَضَرَّعُونَ ٤٢

43. Пас, чаро ҳангоме ки азоби мо ба онон расид, тазарруъ накарданд? Вале [дар ҳақиқат] дилҳояшон сахт шудааст ва шайтон он чиро анҷом медоданд, барояшон оростааст

فَلَوۡلَآ إِذۡ جَآءَهُم بَأۡسُنَا تَضَرَّعُواْ وَلَٰكِن قَسَتۡ قُلُوبُهُمۡ وَزَيَّنَ لَهُمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٤٣

44. Пас, вақте [мушрикон] ончиро, ки ба он панд дода шуда буданд, фаромӯш карданд, дарҳои ҳар чизе [аз неъматҳои илоҳӣ]-ро бар онон кушудем, то ба он чи ба эшон дода шуда буд, шод гардиданд. Ногаҳон ононро [ба куфр] гирифтем, пас, ҳамон дам [ҳамагӣ аз наҷоту раҳмат] маъюс шуданд

فَلَمَّا نَسُواْ مَا ذُكِّرُواْ بِهِۦ فَتَحۡنَا عَلَيۡهِمۡ أَبۡوَٰبَ كُلِّ شَيۡءٍ حَتَّىٰٓ إِذَا فَرِحُواْ بِمَآ أُوتُوٓاْ أَخَذۡنَٰهُم بَغۡتَةٗ فَإِذَا هُم مُّبۡلِسُونَ ٤٤

45. Пас, решаи он гурӯҳе, ки ситам карданд, барканда шуд ва ситоиш махсуси Аллоҳ таоло -Парвардигори ҷаҳониён- аст

فَقُطِعَ دَابِرُ ٱلۡقَوۡمِ ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْۚ وَٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٤٥

46. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Ба ман хабар диҳед, агар Аллоҳ таоло гӯшу чашмҳоятонро

قُلۡ أَرَءَيۡتُمۡ إِنۡ أَخَذَ ٱللَّهُ سَمۡعَكُمۡ وَأَبۡصَٰرَكُمۡ وَخَتَمَ عَلَىٰ قُلُوبِكُم مَّنۡ إِلَٰهٌ غَيۡرُ ٱللَّهِ يَأۡتِيكُم بِهِۗ ٱنظُرۡ كَيۡفَ نُصَرِّفُ

ٱلْأَيَٰتِ ثُمَّ هُمْ يَصْدِفُونَ ﴿٤٦﴾

бигирад ва бар дилҳоятон муҳр бизанад, кадом маъбуде ба ҷуз Аллоҳ таоло [метавонад] онҳоро ба шумо бозгардонад?» Бубин, чигуна оётро [ба шеваҳои] гуногун [баён] мекунем, онгоҳ онон рӯй мегардонанд

قُلْ أَرَءَيْتَكُمْ إِنْ أَتَىٰكُمْ عَذَابُ ٱللَّهِ بَغْتَةً أَوْ جَهْرَةً هَلْ يُهْلَكُ إِلَّا ٱلْقَوْمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٤٧﴾

47. Бигӯ: «Биандешед, агар азоби илоҳӣ ба ногоҳ ё ошкоро ба суроғатон биояд, оё ҷуз гурӯҳи ситамгорон [касе] нобуд мешавад?»

وَمَا نُرْسِلُ ٱلْمُرْسَلِينَ إِلَّا مُبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ ۖ فَمَنْ ءَامَنَ وَأَصْلَحَ فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٤٨﴾

48. Ва мо паёмбаронро ҷуз башоратгар ва бимдиҳанда намефиристем, пас, ҳар ки имон биовард ва [хештанро] ислоҳ кунад, на тарсе бар онон аст ва на андуҳгин мешаванд

وَٱلَّذِينَ كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا يَمَسُّهُمُ ٱلْعَذَابُ بِمَا كَانُوا۟ يَفْسُقُونَ ﴿٤٩﴾

49. Ва касоне, ки оёти моро дурӯғ шуморидаанд, ба [сазои] он ки нофармонӣ мекарданд, азоб [-и илоҳӣ] домангирашон хоҳад шуд

قُل لَّآ أَقُولُ لَكُمْ عِندِى خَزَآئِنُ ٱللَّهِ وَلَآ أَعْلَمُ ٱلْغَيْبَ وَلَآ أَقُولُ لَكُمْ إِنِّى مَلَكٌ ۖ إِنْ أَتَّبِعُ إِلَّا مَا يُوحَىٰٓ إِلَىَّ ۚ قُلْ هَلْ يَسْتَوِى ٱلْأَعْمَىٰ وَٱلْبَصِيرُ ۚ أَفَلَا تَتَفَكَّرُونَ ﴿٥٠﴾

50. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Ман намегӯям, ки ганҷинаҳои Аллоҳ таоло назди ман аст ва ғайб [низ] намедонам ва ба шумо намегӯям, ки ман фариштаам. Ман аз чизе пайравӣ намекунам магар аз он чи ки ба ман ваҳӣ мегардад». Бигӯ: «Оё нобино ва бино [кофир ва муъмин] яксонанд? Оё намеандешед»?

وَأَنذِرْ بِهِ ٱلَّذِينَ يَخَافُونَ أَن يُحْشَرُوٓا۟ إِلَىٰ رَبِّهِمْ لَيْسَ لَهُم مِّن دُونِهِۦ وَلِىٌّ وَلَا شَفِيعٌ لَّعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ ﴿٥١﴾

51. Ва [эй Паёмбар] бо ин [Қуръон] ба онон, ки метарсанд, ба сӯйи Парвардигорашон [барангехта] ва гирд оварда шаванд, ҳушдор деҳ, [чаро] ки ба ҷуз Ӯ барояшон на [дӯсту] корсозе ҳаст ва на шафоатгаре, бошад, ки парво кунанд

وَلَا تَطْرُدِ ٱلَّذِينَ يَدْعُونَ رَبَّهُم بِٱلْغَدَوٰةِ وَٱلْعَشِىِّ يُرِيدُونَ وَجْهَهُۥ ۖ مَا عَلَيْكَ مِنْ حِسَابِهِم مِّن شَىْءٍ وَمَا مِنْ حِسَابِكَ عَلَيْهِم مِّن شَىْءٍ فَتَطْرُدَهُمْ فَتَكُونَ مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥٢﴾

52. Ва касонеро, ки [фақиранд ва] бомдоду шомгоҳ Парвардигорашонро мехонанд [ва] хушнудии Ӯро металабанд [аз мақолиси худ] тард накун [ки ба бузургони мушрикин таваҷҷуҳ кунӣ], на чизе аз ҳисоби онҳо бар туст ва на чизе аз ҳисоби ту бар онҳост, ки [бихоҳӣ аз перомунат] тардашон кунӣ ва аз ситамгорон шавӣ

وَكَذَٰلِكَ فَتَنَّا بَعۡضَهُم بِبَعۡضٖ لِّيَقُولُوٓاْ أَهَٰٓؤُلَآءِ مَنَّ ٱللَّهُ عَلَيۡهِم مِّنۢ بَيۡنِنَآۚ أَلَيۡسَ ٱللَّهُ بِأَعۡلَمَ بِٱلشَّٰكِرِينَ ٥٣

53. Ва ин чунин бархе аз ишонро ба бархе дигар озмудем, то [кофирони сарватманд дар бораи муъминони мустаманд] бигӯянд: «Оё аз миёни мо инҳо ҳастанд, ки Аллоҳи таоло [бо бахшиши тавфиқи имон] бар онон миннат ниҳодааст?» Оё Аллоҳи мутаол ба [ҳоли] сипосгузорон донотар нест?

وَإِذَا جَآءَكَ ٱلَّذِينَ يُؤۡمِنُونَ بِـَٔايَٰتِنَا فَقُلۡ سَلَٰمٌ عَلَيۡكُمۡ كَتَبَ رَبُّكُمۡ عَلَىٰ نَفۡسِهِ ٱلرَّحۡمَةَ أَنَّهُۥ مَنۡ عَمِلَ مِنكُمۡ سُوٓءَۢا بِجَهَٰلَةٖ ثُمَّ تَابَ مِنۢ بَعۡدِهِۦ وَأَصۡلَحَ فَأَنَّهُۥ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٥٤

54. Ва [эй Паёмбар] ҳар гоҳ касоне, ки ба оёти Мо имон доранд, назди ту оянд, бигӯ: «Салом бар шумо. Парвардигоратон [дар ҳаққи шумо бахшоиш ва] раҳматро бар худ муқаррар доштааст. Ҳар касе аз шумо, ки ба нодонӣ кори баде анҷом диҳад ва онгоҳ тавба намояд ва [гузаштаи хешро] ислоҳ кунад, пас, [бидон, ки] яқинан, Ӯ омурзандаи меҳрубон аст»

وَكَذَٰلِكَ نُفَصِّلُ ٱلۡأٓيَٰتِ وَلِتَسۡتَبِينَ سَبِيلُ ٱلۡمُجۡرِمِينَ ٥٥

55. Ва инчунин оёти [ҳуд]-ро шарҳ медиҳем, то роҳи гунаҳкорон равшан шавад [ва шумо аз он дурӣ кунед]

قُلۡ إِنِّي نُهِيتُ أَنۡ أَعۡبُدَ ٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِۚ قُل لَّآ أَتَّبِعُ أَهۡوَآءَكُمۡ قَدۡ ضَلَلۡتُ إِذٗا وَمَآ أَنَا۠ مِنَ ٱلۡمُهۡتَدِينَ ٥٦

56. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Ман наҳӣ шудаам аз ин ки касонеро бипарастам, ки шумо ба ҷойи Аллоҳи мутаол мехонед». Бигӯ: «Ман аз ҳавасҳоятон пайравӣ намекунам, ки [агар чунин кунам] ҳатман, гумроҳ шудаам ва аз ҳидоятёфтагон нахоҳам буд»

قُلۡ إِنِّي عَلَىٰ بَيِّنَةٖ مِّن رَّبِّي وَكَذَّبۡتُم بِهِۦۚ مَا عِندِي مَا تَسۡتَعۡجِلُونَ بِهِۦٓۚ إِنِ ٱلۡحُكۡمُ إِلَّا لِلَّهِۖ يَقُصُّ ٱلۡحَقَّۖ وَهُوَ خَيۡرُ ٱلۡفَٰصِلِينَ ٥٧

57. Бигӯ: «Ман далели равшане аз Парвардигорам дорам, ва [-ле] шумо онро дурӯғ пиндоштед. Ва он чи ба шитоб хостораш ҳастед, [азоби илоҳӣ] назди ман нест. Фармон, танҳо аз они Аллоҳ таолост, [ки] ҳақро баён мекунад ва Ӯ беҳтарин ҷудокунанда[-и ҳақ аз ботил] аст»

قُل لَّوۡ أَنَّ عِندِي مَا تَسۡتَعۡجِلُونَ بِهِۦ لَقُضِيَ ٱلۡأَمۡرُ بَيۡنِي وَبَيۡنَكُمۡۗ وَٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِٱلظَّٰلِمِينَ ٥٨

58. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Агар он чи ки ба шитоб хостораш ҳастед, назди ман буд, [бар саратон фуруд меовардам ва] кори миёни ману шумо ба поён мерасид, ва [-ле] Аллоҳ таоло ба [ҳоли] ситамгорон донотар аст [ва ба онон муҳлат медиҳад]»

۞وَعِندَهُۥ مَفَاتِحُ ٱلْغَيْبِ لَا يَعْلَمُهَآ إِلَّا هُوَ ۚ وَيَعْلَمُ مَا فِى ٱلْبَرِّ وَٱلْبَحْرِ ۚ وَمَا تَسْقُطُ مِن وَرَقَةٍ إِلَّا يَعْلَمُهَا وَلَا حَبَّةٍ فِى ظُلُمَٰتِ ٱلْأَرْضِ وَلَا رَطْبٍ وَلَا يَابِسٍ إِلَّا فِى كِتَٰبٍ مُّبِينٍ ﴿٥٩﴾

59. Ва калидҳо [ганҷинаҳо]-и ниҳон назди Ӯст [ва] ҷуз Ӯ [ҳеҷ кас] онро намедонад ва [Ӯст, ки] он чиро дар хушкӣ ва дарёст медонад ва ҳеҷ барге [аз дарахт] намеафтад, магар ин ки онро медонад ва ҳеҷ донае дар торикиҳои замин ва ҳеҷ тару хушке нест, магар ин ки дар китоби равшан [Лавҳи маҳфуз] қарор дорад

وَهُوَ ٱلَّذِى يَتَوَفَّىٰكُم بِٱلَّيْلِ وَيَعْلَمُ مَا جَرَحْتُم بِٱلنَّهَارِ ثُمَّ يَبْعَثُكُمْ فِيهِ لِيُقْضَىٰٓ أَجَلٌ مُّسَمًّى ۖ ثُمَّ إِلَيْهِ مَرْجِعُكُمْ ثُمَّ يُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٦٠﴾

60. Ва Ӯст, ки шабонгоҳ рӯҳатонро [ҳангоми хоб] мегирад ва [ҳам Ӯст, ки] ончиро дар рӯз ба даст овардаед, медонад. Сипас шуморо дар он [рӯз] бедор мекунад, то он ки замони муайяне сипарӣ гардад,; онгоҳ [ки вафот кардед, дар қиёмат] бозгаштатон ба сӯйи Ӯст. Сипас шуморо аз ончи анҷом медодед, огоҳ мекунад

وَهُوَ ٱلْقَاهِرُ فَوْقَ عِبَادِهِۦ ۖ وَيُرْسِلُ عَلَيْكُمْ حَفَظَةً حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءَ أَحَدَكُمُ ٱلْمَوْتُ تَوَفَّتْهُ رُسُلُنَا وَهُمْ لَا يُفَرِّطُونَ ﴿٦١﴾

61. Ва Ӯ бар бандагонаш чира аст ва нигаҳбононе [аз фариштагон] бар шумо мефиристад, то замоне, ки марги яке аз шумо фаро расад, фиристодагони мо [бо ҳамроҳи фариштаи марг] ҷонашро мегиранд ва онон [дар маъмурияти худ] кӯтоҳӣ намекунанд

ثُمَّ رُدُّوٓا۟ إِلَى ٱللَّهِ مَوْلَىٰهُمُ ٱلْحَقِّ ۚ أَلَا لَهُ ٱلْحُكْمُ وَهُوَ أَسْرَعُ ٱلْحَٰسِبِينَ ﴿٦٢﴾

62. Он гоҳ ба сӯйи Аллоҳ таоло, ки [ёру] корсози ростинашон аст, бозгардонда мешаванд. Огоҳ бошед! Ҳукм аз они Ӯст ва Ӯ сареътарин ҳисобрас аст

قُلْ مَن يُنَجِّيكُم مِّن ظُلُمَٰتِ ٱلْبَرِّ وَٱلْبَحْرِ تَدْعُونَهُۥ تَضَرُّعًا وَخُفْيَةً لَّئِنْ أَنجَىٰنَا مِنْ هَٰذِهِۦ لَنَكُونَنَّ مِنَ ٱلشَّٰكِرِينَ ﴿٦٣﴾

63. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Кист, ки шуморо аз торикиҳо [ва сахтиҳои] хушкӣ ва дарё наҷот медиҳад? [Дар ҳоле ки] Ӯро ба зорӣ ва пинҳонӣ мехонед [ва мегӯед] “Агар моро аз ин [вартаи марг] наҷот диҳад, ҳатман, аз сипосгузорон хоҳем буд”»

قُلِ ٱللَّهُ يُنَجِّيكُم مِّنْهَا وَمِن كُلِّ كَرْبٍ ثُمَّ أَنتُمْ تُشْرِكُونَ ﴿٦٤﴾

64. Бигӯ: «Аллоҳи мутаол шуморо аз инҳо ва аз тамоми сахтиҳо наҷот медиҳад,он гоҳ шумо [боз ҳам] ширк меварзед»

قُلْ هُوَ ٱلْقَادِرُ عَلَىٰٓ أَن يَبْعَثَ عَلَيْكُمْ عَذَابًا مِّن فَوْقِكُمْ أَوْ مِن تَحْتِ أَرْجُلِكُمْ أَوْ يَلْبِسَكُمْ شِيَعًا وَيُذِيقَ بَعْضَكُم بَأْسَ

65. Бигӯ: «Ӯ тавоност, ки бар шумо азобе [ҳамчун соиқа ва тӯфон] аз болои саратон ё [ҳамчун

بَعۡضٖۗ ٱنظُرۡ كَيۡفَ نُصَرِّفُ ٱلۡأٓيَٰتِ لَعَلَّهُمۡ يَفۡقَهُونَ ٦٥

хушксолӣ ва зилзила] аз зери пойҳоятон бифиристад ё шуморо ба сурати гурӯҳҳои пароканда [ва ҷудо аз ҳам] даровард ва азоби бархе аз шуморо ба бархе [дигар] бичашонад». Бингар чигуна оёт [-и худ]-ро гуногун баён мекунем, бошад, ки дарёбанд

وَكَذَّبَ بِهِۦ قَوۡمُكَ وَهُوَ ٱلۡحَقُّۚ قُل لَّسۡتُ عَلَيۡكُم بِوَكِيلٖ ٦٦

66. [Эй Паёмбар] Қавми ту он [Қуръон]-ро дурӯғ шумурданд, дар ҳоле ки он [китоб] ҳақ аст. [Ба кофирони қавмат] Бигӯ: «Ман [муроқибу] коргузори шумо нестам»

لِّكُلِّ نَبَإٖ مُّسۡتَقَرّٞۚ وَسَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ٦٧

67. Ҳар хабаре саррасиде [барои вуқуъ] дорад ва [ба зудӣ] хоҳед донист [ки саранҷоматон чигуна аст]»

وَإِذَا رَأَيۡتَ ٱلَّذِينَ يَخُوضُونَ فِيٓ ءَايَٰتِنَا فَأَعۡرِضۡ عَنۡهُمۡ حَتَّىٰ يَخُوضُواْ فِي حَدِيثٍ غَيۡرِهِۦۚ وَإِمَّا يُنسِيَنَّكَ ٱلشَّيۡطَٰنُ فَلَا تَقۡعُدۡ بَعۡدَ ٱلذِّكۡرَىٰ مَعَ ٱلۡقَوۡمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ٦٨

68. Ва ҳаргоҳ касонеро дидӣ, ки дар оёти Мо [бо душманӣ ва тамасхур] гуфтугӯ мекунанд, аз онон рӯ бигардон, то ба сухани дигаре бипардозанд.Ва агар шайтон туро ба фаромӯшӣ андохт, пас, аз он ки ёд овардӣ, бо қавми ситамгор [мушрик] манишин

وَمَا عَلَى ٱلَّذِينَ يَتَّقُونَ مِنۡ حِسَابِهِم مِّن شَيۡءٖ وَلَٰكِن ذِكۡرَىٰ لَعَلَّهُمۡ يَتَّقُونَ ٦٩

69. Ва [ҳарчанд] чизе аз ҳисоб [ва гуноҳи] онон бар [уҳдаи] парҳезгорон нест, вале ёдоварӣ [ва иршод лозим] аст, бошад, ки парво кунанд

وَذَرِ ٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ دِينَهُمۡ لَعِبٗا وَلَهۡوٗا وَغَرَّتۡهُمُ ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَاۚ وَذَكِّرۡ بِهِۦٓ أَن تُبۡسَلَ نَفۡسُۢ بِمَا كَسَبَتۡ لَيۡسَ لَهَا مِن دُونِ ٱللَّهِ وَلِيّٞ وَلَا شَفِيعٞ وَإِن تَعۡدِلۡ كُلَّ عَدۡلٖ لَّا يُؤۡخَذۡ مِنۡهَآۗ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ أُبۡسِلُواْ بِمَا كَسَبُواْۖ لَهُمۡ شَرَابٞ مِّنۡ حَمِيمٖ وَعَذَابٌ أَلِيمُۢ بِمَا كَانُواْ يَكۡفُرُونَ ٧٠

70. Ва касонеро, ки динашонро ба бозӣ ва саргармӣ гирифтаанд ва зиндагии дунё ононро фирефтааст, раҳо кун ва [мардумро] бо ин [Қуръон] андарз деҳ, то мабодо касе ба [кайфари] ончи ба даст овардааст, ба ҳалокат биафтад, дар ҳоле ки дар баробари Аллоҳи мутаол барои [раҳоӣ аз азоби] он на [дӯст ва] корсозе дорад ва на шафоатгаре. Ва[ҳатто] агар [бихоҳад барои наҷоти хеш] ҳар фидяе диҳад, аз ӯ пазируфта намешавад. Инҳо ҳастанд, ки ба [кайфари] он чи ба даст овардаанд, ҳалок гаштаанд ва ба [сазоӣ] он ки куфр меварзиданд, шаробе аз оби ҷӯшон ва азобе пурдард [дар пеш] доранд

قُلْ أَنَدْعُواْ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَنفَعُنَا وَلَا يَضُرُّنَا وَنُرَدُّ عَلَىٰٓ أَعْقَٰبِنَا بَعْدَ إِذْ هَدَىٰنَا ٱللَّهُ كَٱلَّذِى ٱسْتَهْوَتْهُ ٱلشَّيَٰطِينُ فِى ٱلْأَرْضِ حَيْرَانَ لَهُۥٓ أَصْحَٰبٌ يَدْعُونَهُۥٓ إِلَى ٱلْهُدَى ٱئْتِنَا ۗ قُلْ إِنَّ هُدَى ٱللَّهِ هُوَ ٱلْهُدَىٰ ۖ وَأُمِرْنَا لِنُسْلِمَ لِرَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٧١﴾

71. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Оё ба ҷойи Аллоҳи мутаол чизеро бихонем, ки на ба мо суд медиҳад ва на зиён мерасонад? Ва оё пас аз он ки Аллоҳ таоло моро ҳидоят кардааст, [ба сӯйи гумроҳӣ] ба ақиб бозгардем? Ҳамчун касе, ки шаётин ӯро [фиреб дода ва аз роҳи рост] бадар бурдаанд ва ӯ дар замин ҳайрону саргашта мондааст, дар ҳоле ки ӯ ёрон [-и дилсӯз] дорад, ки ба ҳидоят даъваташ мекунанд [ва мегӯянд]: “Ба сӯйи мо биё”»!Бигӯ: «Бе тардид, ҳидояти [ростин] ҳидояти Аллоҳ таолост ва мо фармон ёфтаем, ки таслими Парвардигори ҷаҳониён бошем

وَأَنْ أَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَٱتَّقُوهُ ۚ وَهُوَ ٱلَّذِىٓ إِلَيْهِ تُحْشَرُونَ ﴿٧٢﴾

72. Ва ин ки намоз барпо доред ва аз ӯ парво кунед ва Ӯст, ки ба пешгоҳаш ҳашр хоҳед шуд»

وَهُوَ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ بِٱلْحَقِّ ۖ وَيَوْمَ يَقُولُ كُن فَيَكُونُ ۚ قَوْلُهُ ٱلْحَقُّ ۚ وَلَهُ ٱلْمُلْكُ يَوْمَ يُنفَخُ فِى ٱلصُّورِ ۚ عَٰلِمُ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ۚ وَهُوَ ٱلْحَكِيمُ ٱلْخَبِيرُ ﴿٧٣﴾

73. Ва Ӯст, ки осмонҳо ва заминро ба ҳақ офарид ва рӯзе, ки [Аллоҳ таоло ба ҳар чизе] бигӯяд: «Мавҷуд шав», пас, бедиранг мавҷуд мешавад. Сухани Ӯ ҳақ аст. Ва рӯзе, ки дар сур дамида мешавад, фармонравоӣ аз они Ӯст. Ӯ донои пинҳону пайдост ва Ӯст, ки ҳакими огоҳ аст

۞ وَإِذْ قَالَ إِبْرَٰهِيمُ لِأَبِيهِ ءَازَرَ أَتَتَّخِذُ أَصْنَامًا ءَالِهَةً ۖ إِنِّىٓ أَرَىٰكَ وَقَوْمَكَ فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٧٤﴾

74. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки Иброҳим ба падараш -Озар- гуфт: «Оё бутҳоро маъбуди [хеш] мегирӣ? Ба ростӣ, ки ман ту ва қавматро дар гумроҳии ошкоре мебинам»

وَكَذَٰلِكَ نُرِىٓ إِبْرَٰهِيمَ مَلَكُوتَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَلِيَكُونَ مِنَ ٱلْمُوقِنِينَ ﴿٧٥﴾

75. Ва ин гуна фармондиҳии [шукӯҳманди] осмонҳо ва заминро ба Иброҳим нишон додем, то [ягонагии Аллоҳ таоло ва гумроҳии Озар ва қавмашро дарёбад ва] аз аҳли яқин бошад

فَلَمَّا جَنَّ عَلَيْهِ ٱلَّيْلُ رَءَا كَوْكَبًا ۖ قَالَ هَٰذَا رَبِّى ۖ فَلَمَّآ أَفَلَ قَالَ لَآ أُحِبُّ ٱلْءَافِلِينَ ﴿٧٦﴾

76. Пас, ҳангоме ки [торикии] шаб Ӯро дарбар гирифт, ситорае дид, [ва] гуфт: «Ин Парвардигори ман аст».Ва чун ғуруб кард, гуфт: «Ғурубкунандагонро дӯст надорам»

فَلَمَّا رَءَا ٱلْقَمَرَ بَازِغًا قَالَ هَٰذَا رَبِّى ۖ فَلَمَّآ أَفَلَ قَالَ لَئِن لَّمْ يَهْدِنِى رَبِّى لَأَكُونَنَّ مِنَ ٱلْقَوْمِ ٱلضَّآلِّينَ ﴿٧٧﴾

77. Пас, ҳангоме ки моҳро тобанда дид, гуфт: «Ин Парвардигори ман аст».Ва чун ғуруб кард, гуфт: «Агар Парвардигорам маро ҳидоят накарда буд, ҳатман, аз гумроҳон будам»

فَلَمَّا رَءَا ٱلشَّمۡسَ بَازِغَةً قَالَ هَٰذَا رَبِّي هَٰذَآ أَكۡبَرُۖ فَلَمَّآ أَفَلَتۡ قَالَ يَٰقَوۡمِ إِنِّي بَرِيٓءٞ مِّمَّا تُشۡرِكُونَ ٧٨

78. Пас, ҳангоме ки хуршедро дурахшанда дид, гуфт: «Ин Парвардигори ман аст. Ин бузургтар аст». Он гоҳ вақте ки ғуруб кард, гуфт: «Эй қавм, ман аз он чи [барои Аллоҳ таоло] шарик қарор медиҳед, безорам»

إِنِّي وَجَّهۡتُ وَجۡهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ حَنِيفٗاۖ وَمَآ أَنَا۠ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ٧٩

79. Ба ростӣ, ки ман ҳақгароёна дин [-у ибодат]-и хешро барои касе холис кардам, ки осмонҳо ва заминро падид овардааст ва ҳаргиз дар зумраи мушрикон нестам»

وَحَآجَّهُۥ قَوۡمُهُۥۚ قَالَ أَتُحَٰٓجُّوٓنِّي فِي ٱللَّهِ وَقَدۡ هَدَىٰنِۚ وَلَآ أَخَافُ مَا تُشۡرِكُونَ بِهِۦٓ إِلَّآ أَن يَشَآءَ رَبِّي شَيۡـٔٗاۗ وَسِعَ رَبِّي كُلَّ شَيۡءٍ عِلۡمًاۗ أَفَلَا تَتَذَكَّرُونَ ٨٠

80. Ва қавми ӯ бо вай ба муҷодала пардохтанд, [ва ӯро аз хашми бутҳо тарсонданд. Иброҳим] гуфт: «Оё дар бораи Аллоҳи мутаол бо ман муҷодала мекунед, дар ҳоле ки Ӯ маро [ба роҳи рост] ҳидоят кардааст ва аз он чи бо Ӯ шарик мепиндоред, ҳеҷ наметарсам, магар он ки Парвардигорам чизе [аз суд ва зиён бароям] хоста бошад. Илми Парвардигорам ҳама чизро фаро гирифтааст. Оё панд намегиред?

وَكَيۡفَ أَخَافُ مَآ أَشۡرَكۡتُمۡ وَلَا تَخَافُونَ أَنَّكُمۡ أَشۡرَكۡتُم بِٱللَّهِ مَا لَمۡ يُنَزِّلۡ بِهِۦ عَلَيۡكُمۡ سُلۡطَٰنٗاۚ فَأَيُّ ٱلۡفَرِيقَيۡنِ أَحَقُّ بِٱلۡأَمۡنِۖ إِن كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٨١

81. Ва чигуна аз он чи шарик [-и Аллоҳ таоло] мепиндоред битарсам бо он ки шумо худ намеҳаросед аз ин ки чизеро шарики Аллоҳи мутаол сохтаед, ки Ӯ [ҳеҷ] далеле дар бораи [ҳаққонияти] он бар шумо нозил накардааст? Пас, агар медонед, [бигӯед] кадом як аз ин ду гурӯҳ [муваҳҳид ва мушрик] ба амният [ва дурӣ аз азоб] сазовортар аст?

ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَلَمۡ يَلۡبِسُوٓاْ إِيمَٰنَهُم بِظُلۡمٍ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلۡأَمۡنُ وَهُم مُّهۡتَدُونَ ٨٢

82. Касоне, ки имон овардаанд ва имонашонро ба [ҳеҷ] ширке наолудаанд, ононанд, ки амн [-у оромиш] доранд ва роҳёфтагонанд»

وَتِلۡكَ حُجَّتُنَآ ءَاتَيۡنَٰهَآ إِبۡرَٰهِيمَ عَلَىٰ قَوۡمِهِۦۚ نَرۡفَعُ دَرَجَٰتٖ مَّن نَّشَآءُۗ إِنَّ رَبَّكَ حَكِيمٌ عَلِيمٞ ٨٣

83. Ва ин [истидлол] ҳуҷҷати мо буд, ки ба Иброҳим дар баробари қавмаш додем. [Дар дунё ва охират мақоми] Ҳар киро, ки биҳоҳем, ба дараҷоти болое мебарем. [Эй паёмбар] Бе тардид, Парвардигорат ҳакиму доност

وَوَهَبۡنَا لَهُۥٓ إِسۡحَٰقَ وَيَعۡقُوبَۚ كُلّٗا هَدَيۡنَاۚ وَنُوحٗا هَدَيۡنَا مِن قَبۡلُۖ وَمِن ذُرِّيَّتِهِۦ دَاوُۥدَ وَسُلَيۡمَٰنَ وَأَيُّوبَ وَيُوسُفَ وَمُوسَىٰ وَهَٰرُونَۚ

84. Ва ба ӯ [Иброҳим] Исҳоқ ва Яъқубро бахшидем ва ҳамаро [ба роҳи рост] ҳидоят кардем.Ва

وَكَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٨٤

пештар Нуҳро [низ] ҳидоят карда будем ва аз насли ӯ Довуд, Сулаймон, Аюб, Юсуф, Мӯсо ва Ҳорунро [ба роҳи ҳақ раҳнамун гаштем] ва накукоронро ингуна подош медиҳем

وَزَكَرِيَّا وَيَحۡيَىٰ وَعِيسَىٰ وَإِلۡيَاسَۖ كُلّٞ مِّنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ٨٥

85. Ва [ҳамчунин] Закариё, Яҳё, Исо ва Илёс[-ро роҳ намудем, ки] ҳама аз шоистагон буданд

وَإِسۡمَٰعِيلَ وَٱلۡيَسَعَ وَيُونُسَ وَلُوطٗاۚ وَكُلّٗا فَضَّلۡنَا عَلَى ٱلۡعَٰلَمِينَ ٨٦

86. Ва Исмоил, Ясаъ, Юнус ва Лут[-ро низ ҳидоят кардем] ва ҷумлагиро бар ҷаҳониён бартарӣ додем

وَمِنۡ ءَابَآئِهِمۡ وَذُرِّيَّٰتِهِمۡ وَإِخۡوَٰنِهِمۡۖ وَٱجۡتَبَيۡنَٰهُمۡ وَهَدَيۡنَٰهُمۡ إِلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ ٨٧

87. Ва [низ] аз падарон ва фарзандону бародаронашон [бархеро бартарӣ додем ва] ононро баргузидем ва ба роҳи рост ҳидояташон кардем

ذَٰلِكَ هُدَى ٱللَّهِ يَهۡدِي بِهِۦ مَن يَشَآءُ مِنۡ عِبَادِهِۦۚ وَلَوۡ أَشۡرَكُواْ لَحَبِطَ عَنۡهُم مَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٨٨

88. Ин ҳидояти Аллоҳи мутаол аст, ки ҳар касе аз бандагонашро, ки бихоҳад, бо он ҳидоят мекунад ва агар ширк меварзиданд, он чи [аз аъмоли нек] ки анҷом дода буданд, табоҳ мешуд

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ ءَاتَيۡنَٰهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحُكۡمَ وَٱلنُّبُوَّةَۚ فَإِن يَكۡفُرۡ بِهَا هَٰٓؤُلَآءِ فَقَدۡ وَكَّلۡنَا بِهَا قَوۡمٗا لَّيۡسُواْ بِهَا بِكَٰفِرِينَ ٨٩

89. Инон касоне ҳастанд, ки ба эшон китобу ҳикмат ва нубувват бахшидем. Пас, [эй паёмбар] агар инон [мушрикон] ба ин [паёмбарон ва китобҳои илоҳӣ] куфр биварзанд, ҳатман, гурӯҳ [-и муҳоҷирин ва ансор ва тобеин]-ро бар [ҳифзу нигаҳбонии] он [усулу ақоид] мегуморем, ки нисбат ба он кофир набошанд

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ هَدَى ٱللَّهُۖ فَبِهُدَىٰهُمُ ٱقۡتَدِهۡۗ قُل لَّآ أَسۡـَٔلُكُمۡ عَلَيۡهِ أَجۡرًاۖ إِنۡ هُوَ إِلَّا ذِكۡرَىٰ لِلۡعَٰلَمِينَ ٩٠

90. Онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таоло ҳидояташон кардааст, пас, [эй паёмбар] аз ҳидоят [-у роҳи рост]-и эшон пайравӣ кун, [ва ба қавмат] бигӯ: «Ман дар баробари ин [рисолат] подоше аз шумо намехоҳам. Ин [Қуръон чизе] нест, магар [ёдоварӣ ва] панде барои ҷаҳониён»

وَمَا قَدَرُواْ ٱللَّهَ حَقَّ قَدۡرِهِۦٓ إِذۡ قَالُواْ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ عَلَىٰ بَشَرٖ مِّن شَيۡءٖۗ قُلۡ مَنۡ أَنزَلَ ٱلۡكِتَٰبَ ٱلَّذِي جَآءَ بِهِۦ مُوسَىٰ نُورٗا وَهُدٗى لِّلنَّاسِ تَجۡعَلُونَهُۥ قَرَاطِيسَ تُبۡدُونَهَا وَتُخۡفُونَ كَثِيرٗاۚ وَعُلِّمۡتُم مَّا لَمۡ تَعۡلَمُوٓاْ أَنتُمۡ وَلَآ ءَابَآؤُكُمۡۖ قُلِ ٱللَّهُۖ ثُمَّ ذَرۡهُمۡ فِي خَوۡضِهِمۡ يَلۡعَبُونَ ٩١

91. Ва [мушрикон бузургӣ ва мақоми] Аллоҳ таолоро чунон ки сазовори Ӯст нашинохтанд, чаро ки гуфтанд: «Аллоҳ таоло бар [ҳеҷ] башаре чизе нозил накардааст». [Эй паёмбар]

Бигӯ: «Он китоберо, ки Мӯсо овард, чи касе нозил кардааст? [Ҳамон китобе, ки] барои мардум рӯшноӣ ва раҳнамуде буд [ва шумо яҳудиён] онро ба сурати [пароканда бар] туморҳо дармеоваред [ва ҳар чиро ки мехоҳед] аз он ошкор месозед ва бисёреро пинҳон мекунед.Ва [акнун, эй қавми араб] чизҳое [аз оёт ва ахбори Қуръон] ба шумо омӯхта шуд, ки на худ медонистед ва на падаронатон». [Эй паёмбар] Бигӯ: «Аллоҳ таоло [онро нозил кардааст». Онгоҳ [дар ҷаҳлу гумроҳӣ] раҳояшон кун, то дар жарфо [-и ақоиди ботил]-и худ саргарми бозӣ бошанд

وَهَٰذَا كِتَٰبٌ أَنزَلْنَٰهُ مُبَارَكٌ مُّصَدِّقُ ٱلَّذِى بَيْنَ يَدَيْهِ وَلِتُنذِرَ أُمَّ ٱلْقُرَىٰ وَمَنْ حَوْلَهَا ۚ وَٱلَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِٱلْءَاخِرَةِ يُؤْمِنُونَ بِهِۦ ۖ وَهُمْ عَلَىٰ صَلَاتِهِمْ يُحَافِظُونَ ﴿٩٢﴾

92. Ва ин [Қуръон] китоби мубораке аст, ки онро нозил кардем, [то] тасдиққунандаи чизе бошад, ки пеш аз он нозил шудааст ва [ҳамчунин] барои он аст, ки ба [сокинони] Умму-л-қуро [Макка] ва [мардуми] перомунаш ҳушдор диҳӣ.Ва касоне, ки ба охират имон меоваранд, ба ин [китоб] низ имон меоваранд ва бар намози хеш мувозибат мекунанд

وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنِ ٱفْتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا أَوْ قَالَ أُوحِىَ إِلَىَّ وَلَمْ يُوحَ إِلَيْهِ شَىْءٌ وَمَن قَالَ سَأُنزِلُ مِثْلَ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ ۗ وَلَوْ تَرَىٰٓ إِذِ ٱلظَّٰلِمُونَ فِى غَمَرَٰتِ ٱلْمَوْتِ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةُ بَاسِطُوٓا۟ أَيْدِيهِمْ أَخْرِجُوٓا۟ أَنفُسَكُمُ ۖ ٱلْيَوْمَ تُجْزَوْنَ عَذَابَ ٱلْهُونِ بِمَا كُنتُمْ تَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ غَيْرَ ٱلْحَقِّ وَكُنتُمْ عَنْ ءَايَٰتِهِۦ تَسْتَكْبِرُونَ ﴿٩٣﴾

93. Ва кист ситамгортар аз он ки дурӯғе ба Аллоҳ таоло бибандад ё бигӯяд: «Ба ман [низ] ваҳй шудааст», дар ҳоле ки ҳеҷ ваҳйе ба ӯ нарасидааст ва [ё] касе, ки бигӯяд: «Ман [ҳам] монанди он чи ки Аллоҳ таоло нозил кардааст, [бароятон] нозил мекунам»? Ва [эй паёмбар, саҳнаи ҳавлноке аст] агар ҳангомеро бубинӣ, ки [ин] ситамгорон дар [тарсу] сахтиҳои марг фурӯ рафтаанд ва фариштагон [-и қабзи рӯҳ] дастҳояшонро [ба сӯйи онон] кушудаанд [ва фарёд мезананд]: «Ҷонҳои хешро [аз бадан] берун диҳед. Имрӯз ба [сазои] он чи ба ноҳақ бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебастед ва дар баробари оёташ такаббур мекардед, ба азоби хоркунанда муҷозот мешавед»

وَلَقَدْ جِئْتُمُونَا فُرَٰدَىٰ كَمَا خَلَقْنَٰكُمْ أَوَّلَ مَرَّةٍ وَتَرَكْتُم مَّا خَوَّلْنَٰكُمْ وَرَآءَ ظُهُورِكُمْ ۖ وَمَا نَرَىٰ مَعَكُمْ شُفَعَآءَكُمُ

94. Ва [рӯзи қиёмат Аллоҳи мутаол мефармояд] «ҳамон гуна ки шуморо нахустин бор [бидуни

молу мақом] офаридем, [акнун низ] ҳатман, танҳо ба сӯйи мо омадаед ва он чиро ба шумо арзонӣ карда будем, пушти сари худ [дар дунё] вогузоштед ва [маъбудону] шафоатгаронеро, ки дар [кори] хеш шарикони [Аллоҳ таоло] мепиндоштед, ҳамроҳатон намебинем. Ба ростӣ, пайванди миёни шумо гусаста аст ва он чи [шарики мо ва шафеъи худ] мепиндоштед, гум гаштааст»

ٱلَّذِينَ زَعَمْتُمْ أَنَّهُمْ فِيكُمْ شُرَكَآءُ ۚ لَقَد تَّقَطَّعَ بَيْنَكُمْ وَضَلَّ عَنكُم مَّا كُنتُمْ تَزْعُمُونَ ﴿٩٤﴾

95. Бе тардид Аллоҳ таоло шикофандаи дона[-и гиёҳҳо] ва ҳаста[-и хурмо дар дили замин] аст. [Мавҷуди] Зиндаро аз [моддаи] бечон берун меоварад [равиши гиёҳ аз дона] ва [моддаи ба зоҳир] бечонро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад [берун омадани тухм ё нутфа аз ҳайвонот]. Ин Аллоҳ таолост, [ки чунин қудрати мутлақе дорад]. Пас, чигуна [аз роҳи бандагии Ӯ] бозгарданда мешавед?

إِنَّ ٱللَّهَ فَالِقُ ٱلْحَبِّ وَٱلنَّوَىٰ ۖ يُخْرِجُ ٱلْحَىَّ مِنَ ٱلْمَيِّتِ وَمُخْرِجُ ٱلْمَيِّتِ مِنَ ٱلْحَىِّ ۚ ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ ۖ فَأَنَّىٰ تُؤْفَكُونَ ﴿٩٥﴾

96. [Ӯ] Шикофандаи сапедадам аст ва шабро [мояи] оромиш қарор дод ва хуршеду моҳро [низ] бо ҳисоб [ва назми дақиқ падид оварда]. Тақдири [Парвардигори] шикастнопазири доно чунинаст

فَالِقُ ٱلْإِصْبَاحِ وَجَعَلَ ٱلَّيْلَ سَكَنًا وَٱلشَّمْسَ وَٱلْقَمَرَ حُسْبَانًا ۚ ذَٰلِكَ تَقْدِيرُ ٱلْعَزِيزِ ٱلْعَلِيمِ ﴿٩٦﴾

97. Ва [эй фарзандони Одам] Ӯст, ки ситорагонро бароятон қарор дод,то дар торикиҳои хушкӣ ва дарё ба [кумаки] онҳо роҳ ёбед. Ба ростӣ, ки мо нишонаҳо [-и тавону тадбири хеш]-ро барои мардуме, ки медонанд, ба тафсил баён кардаем

وَهُوَ ٱلَّذِى جَعَلَ لَكُمُ ٱلنُّجُومَ لِتَهْتَدُوا۟ بِهَا فِى ظُلُمَٰتِ ٱلْبَرِّ وَٱلْبَحْرِ ۗ قَدْ فَصَّلْنَا ٱلْءَايَٰتِ لِقَوْمٍ يَعْلَمُونَ ﴿٩٧﴾

98. Ва Ӯст, ки шуморо аз як тан офарид, пас, барои шумо [дар раҳими модар] қароргоҳе аст ва [дар пушти падар] амонатгоҳе. Мо оёт [-и худ]-ро барои мардуме, ки [каломи илоҳиро] мефаҳманд, ба тафсил баён кардаем

وَهُوَ ٱلَّذِىٓ أَنشَأَكُم مِّن نَّفْسٍ وَٰحِدَةٍ فَمُسْتَقَرٌّ وَمُسْتَوْدَعٌ ۗ قَدْ فَصَّلْنَا ٱلْءَايَٰتِ لِقَوْمٍ يَفْقَهُونَ ﴿٩٨﴾

99. Ва Ӯст, ки аз осмон обе фурӯ рехт ва аз он [борон] ҳар гуна рӯйидание баровардем ва аз он [низ ҳар кишту гиёҳи] сабзеро рӯёнидем, [ки] аз он [гиёҳҳо низ барои тағзияи шумо]

وَهُوَ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَخْرَجْنَا بِهِۦ نَبَاتَ كُلِّ شَىْءٍ فَأَخْرَجْنَا مِنْهُ خَضِرًا نُّخْرِجُ مِنْهُ حَبًّا مُّتَرَاكِبًا وَمِنَ ٱلنَّخْلِ مِن طَلْعِهَا قِنْوَانٌ دَانِيَةٌ وَجَنَّٰتٍ مِّنْ أَعْنَابٍ وَٱلزَّيْتُونَ وَٱلرُّمَّانَ مُشْتَبِهًا وَغَيْرَ مُتَشَٰبِهٍ ۗ ٱنظُرُوٓا۟ إِلَىٰ ثَمَرِهِۦٓ إِذَآ أَثْمَرَ وَيَنْعِهِۦٓ ۚ إِنَّ فِى

ذَٰلِكُمْ لَآيَٰتٍ لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٩٩﴾

донаҳои мутарокиме [ҳамчун гандуму ҷав] падид меоварем ва [ҳамчунин] аз шукуфтаи нахл хӯшаҳои наздик ба якдигар [рӯёнидем] ва боғҳое аз ангур ва зайтуну анор [офаридем меваҳое, ки] бархе ҳаммонанд ва бархе ноҳаммонанд ҳастанд. Вақте ба бор нишаст ба меваҳои он ва [тарзи] расиданаш бингаред. Дар ин [офариниш] барои мардуме, ки имон доранд, нишонаҳои [равшану қудрати илоҳӣ] аст

وَجَعَلُوا۟ لِلَّهِ شُرَكَآءَ ٱلْجِنَّ وَخَلَقَهُمْ ۖ وَخَرَقُوا۟ لَهُۥ بَنِينَ وَبَنَٰتٍۭ بِغَيْرِ عِلْمٍ ۚ سُبْحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يَصِفُونَ ﴿١٠٠﴾

100. Ва [мушрикон] барои Аллоҳ таоло шариконе аз ҷин қоил шудаанд, ҳол онки [Аллоҳ таоло худ] онҳоро офаридааст.Ва[ҳамчунин] аз рӯйи нодонӣ барояш [фарзандон] писару духтар месозанд. Ӯ аз он чи васф мекунанд, поку бартар аст

بَدِيعُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ أَنَّىٰ يَكُونُ لَهُۥ وَلَدٌ وَلَمْ تَكُن لَّهُۥ صَٰحِبَةٌ ۖ وَخَلَقَ كُلَّ شَىْءٍ ۖ وَهُوَ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمٌ ﴿١٠١﴾

101. [Ӯ] падидоварандаи осмонҳо ва замин аст, чигуна мумкин аст фарзанд дошта бошад, дар ҳоле ки ҳамсаре надорад? Ва ҳама чизро офарида ва Ӯ ба ҳар чизе доност

ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمْ ۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ خَٰلِقُ كُلِّ شَىْءٍ فَٱعْبُدُوهُ ۚ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ وَكِيلٌ ﴿١٠٢﴾

102. Ин аст Аллоҳ таоло-Парвардигори шумо, ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест, офаринандаи ҳама чиз аст, пас, Ӯро бипарастед ва [бидонед, ки] Ӯ [муроқибу] коргузори ҳама чиз аст

لَّا تُدْرِكُهُ ٱلْأَبْصَٰرُ وَهُوَ يُدْرِكُ ٱلْأَبْصَٰرَ ۖ وَهُوَ ٱللَّطِيفُ ٱلْخَبِيرُ ﴿١٠٣﴾

103. Чашмҳо Ӯро дарнамеёбанд ва [-ле] Ӯ чашмҳоро дармеёбад ва Ӯст, ки борикбин ва огоҳ аст

قَدْ جَآءَكُم بَصَآئِرُ مِن رَّبِّكُمْ ۖ فَمَنْ أَبْصَرَ فَلِنَفْسِهِۦ ۖ وَمَنْ عَمِىَ فَعَلَيْهَا ۚ وَمَآ أَنَا۠ عَلَيْكُم بِحَفِيظٍ ﴿١٠٤﴾

104. [Эй паёмбар, ба мушрикон бигӯ] «Бароста далоили ошкоре аз ҷониби Парвардигоратон барои шумо омадааст, пас, ҳар ки [бо басирату мантиқ дар бораи он] биандешад, ба суди ӯст ва ҳар ки чашм [бар ҳақиқат] бибандад, ба зиёни ӯст ва ман нигаҳбони шумо нестам»

وَكَذَٰلِكَ نُصَرِّفُ ٱلْأَيَٰتِ وَلِيَقُولُوا۟ دَرَسْتَ وَلِنُبَيِّنَهُۥ لِقَوْمٍ يَعْلَمُونَ ﴿١٠٥﴾

105. Ва инчунин нишонаҳо [ва далоили қудрати илоҳӣ]-ро гуногун баён мекунем, то мабодо [мушрикон] бигӯянд: «[Онҳоро аз аҳли китоб] омӯхтай».Ва мо ин оятҳоро барои гурӯҳе, ки медонанд [ва мефаҳманд], ба равшанӣ баён мекунем

106. [Эй паёмбар] Аз ончи ки аз ҷониби Парвардигорат ба ту ваҳй шудааст, пайравӣ кун, ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест ва аз мушрикон рӯй бигардон

ٱتَّبِعۡ مَآ أُوحِيَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ وَأَعۡرِضۡ عَنِ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ١٠٦

107. Ва агар Аллоҳ таоло мехост, [онон ҳаргиз] ширк намеварзиданд.Ва мо туро бар онон нигаҳбон қарор надодаем ва ту [ҳаргиз муроқибу] коргузорашон нестӣ

وَلَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ مَآ أَشۡرَكُواْۖ وَمَا جَعَلۡنَٰكَ عَلَيۡهِمۡ حَفِيظٗاۖ وَمَآ أَنتَ عَلَيۡهِم بِوَكِيلٖ ١٠٧

108. Ва [эй муъминон, ҳаргиз] ба онҳо [бутҳо], ки [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ таоло [ба ниёиш] мехонанд, дашном надиҳед, [чаро ки] онон низ аз рӯйи душманӣ [ва] нодонӣ ба Аллоҳ таоло дашном медиҳанд. Ин гуна барои ҳар уммате кирдорашонро оростем. Сипас бозгашташон [дар қиёмат] ба сӯйи Парвардигорашон аст ва ононро аз ончи анҷом медоданд, огоҳ месозад

وَلَا تَسُبُّواْ ٱلَّذِينَ يَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ فَيَسُبُّواْ ٱللَّهَ عَدۡوَۢا بِغَيۡرِ عِلۡمٖۗ كَذَٰلِكَ زَيَّنَّا لِكُلِّ أُمَّةٍ عَمَلَهُمۡ ثُمَّ إِلَىٰ رَبِّهِم مَّرۡجِعُهُمۡ فَيُنَبِّئُهُم بِمَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٠٨

109. Ва [мушрикон] бо сахттарин савгандҳояшон ба Аллоҳ таоло савганд хӯрданд, ки агар муъҷизае [ки хостаанд] бар эшон биояд, ҳатман, имон меоваранд. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Муъҷизот фақат дар ихтиёри Аллоҳ таоло аст»ва шумо [эй муъминон] чи медонед, ки агар [муъҷизае ҳам] биёяд, имон намеоваранд

وَأَقۡسَمُواْ بِٱللَّهِ جَهۡدَ أَيۡمَٰنِهِمۡ لَئِن جَآءَتۡهُمۡ ءَايَةٞ لَّيُؤۡمِنُنَّ بِهَاۚ قُلۡ إِنَّمَا ٱلۡأٓيَٰتُ عِندَ ٱللَّهِۖ وَمَا يُشۡعِرُكُمۡ أَنَّهَآ إِذَا جَآءَتۡ لَا يُؤۡمِنُونَ ١٠٩

110. Ва мо дилҳо ва дидагонашонро [аз дарки ҳақоиқ] бармегардонем, чунончи нахустин бор ба он имон наёварданд ва ононро дар [нофармонӣ ва] туғёнашон саргашта раҳо мекунем

وَنُقَلِّبُ أَفۡـِٔدَتَهُمۡ وَأَبۡصَٰرَهُمۡ كَمَا لَمۡ يُؤۡمِنُواْ بِهِۦٓ أَوَّلَ مَرَّةٖ وَنَذَرُهُمۡ فِي طُغۡيَٰنِهِمۡ يَعۡمَهُونَ ١١٠

111. Ва агар мо фариштагонро ба сӯйи онон мефиристодем ва [ҳатто] агар мурдагон бо онон ба сухан меомаданд ва ҳар чизеро даста-даста дар баробарашон гирд меовардем, [то ростгӯйии паёмбарро гувоҳӣ диҳанд], боз ҳам имон намеоварданд, магар ин ки Аллоҳ таоло бихоҳад, вале бештарашон нодонӣ мекунанд

۞وَلَوۡ أَنَّنَا نَزَّلۡنَآ إِلَيۡهِمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةَ وَكَلَّمَهُمُ ٱلۡمَوۡتَىٰ وَحَشَرۡنَا عَلَيۡهِمۡ كُلَّ شَيۡءٖ قُبُلٗا مَّا كَانُواْ لِيُؤۡمِنُوٓاْ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَهُمۡ يَجۡهَلُونَ ١١١

112. Ва [эй Паёмбар- Муҳаммад, туро бо душмании мушрикон озмудем ва] ҳамчунин, барои ҳар

وَكَذَٰلِكَ جَعَلۡنَا لِكُلِّ نَبِيٍّ عَدُوّٗا شَيَٰطِينَ ٱلۡإِنسِ وَٱلۡجِنِّ يُوحِي بَعۡضُهُمۡ إِلَىٰ بَعۡضٖ زُخۡرُفَ ٱلۡقَوۡلِ غُرُورٗاۚ وَلَوۡ شَآءَ رَبُّكَ مَا فَعَلُوهُۖ

فَذَرْهُمْ وَمَا يَفْتَرُونَ ﴿١١٢﴾

паёмбаре душмане аз шаётини инс ва ҷин қарор додем, ки бархе аз онон дар ниҳон ба бархе дигар суханони фиребанда [ва беасос] илқо мекунанд ва агар Парвардигорат мехост, [ҳаргиз] чунин намекарданд.Пас, ононро ба дурӯғҳое, ки мебофанд, вогузор

وَلِتَصْغَىٰٓ إِلَيْهِ أَفْـِٔدَةُ ٱلَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ بِٱلْـَٔاخِرَةِ وَلِيَرْضَوْهُ وَلِيَقْتَرِفُوا۟ مَا هُم مُّقْتَرِفُونَ ﴿١١٣﴾

113. Ва [чунин кардем, то ононро биозмоем, хостем] то дилҳои касоне, ки ба охират имон намеоваранд, ба он [сухани фиребанда] бигарояд ва онро биписандад ва ҳар гуноҳе, ки мехоҳанд муртакиб шаванд

أَفَغَيْرَ ٱللَّهِ أَبْتَغِى حَكَمًا وَهُوَ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ إِلَيْكُمُ ٱلْكِتَٰبَ مُفَصَّلًا ۚ وَٱلَّذِينَ ءَاتَيْنَٰهُمُ ٱلْكِتَٰبَ يَعْلَمُونَ أَنَّهُۥ مُنَزَّلٌ مِّن رَّبِّكَ بِٱلْحَقِّ ۖ فَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلْمُمْتَرِينَ ﴿١١٤﴾

114. [Эй Паёмбар, ба мушрикон бигӯ] «Оё [сазост, ки барои қазоват дар бораи ихтилофи ману шумо] доваре ҷуз Аллоҳ таоло бичӯем? Ва ҳол он ки Ӯст, ки ин китобро бо тафсил ба сӯйи шумо нозил кардааст».Ва онҳо, ки китоб [-и осмонӣ] ба эшон додаем, медонанд, ки он [Қуръон] аз ҷониби Парвардигорат ба ҳақ нозил шудааст. Пас, ҳаргиз аз тардидкунандагон набош

وَتَمَّتْ كَلِمَتُ رَبِّكَ صِدْقًا وَعَدْلًا ۚ لَّا مُبَدِّلَ لِكَلِمَٰتِهِۦ ۚ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴿١١٥﴾

115. Ва суханони Парвардигорат [Қуръон] бо ростӣ [дар гуфтор] ва адл [дар аҳком] ба ҳадди тамом ба камол расид. Ҳеҷ тағйирдиҳандае барои суханонаш нест ва Ӯ шунавову доност

وَإِن تُطِعْ أَكْثَرَ مَن فِى ٱلْأَرْضِ يُضِلُّوكَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ إِن يَتَّبِعُونَ إِلَّا ٱلظَّنَّ وَإِنْ هُمْ إِلَّا يَخْرُصُونَ ﴿١١٦﴾

116. Ва агар аз бештари мардуми замин итоат кунӣ, аз роҳи Аллоҳ таоло гумроҳат мекунанд. Онон ҷуз гумон [-и беасоси худ аз чизе] пайравӣ намекунанд ва ҷуз дурӯғ намебофанд

إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعْلَمُ مَن يَضِلُّ عَن سَبِيلِهِۦ ۖ وَهُوَ أَعْلَمُ بِٱلْمُهْتَدِينَ ﴿١١٧﴾

117. Бе тардид, Парвардигорат ба [ҳоли] касе, ки аз роҳи Ӯ мунҳариф мешавад, донотар аст ва Ӯ ба [ҳоли] роҳёфтагон [низ] донотар аст

فَكُلُوا۟ مِمَّا ذُكِرَ ٱسْمُ ٱللَّهِ عَلَيْهِ إِن كُنتُم بِـَٔايَٰتِهِۦ مُؤْمِنِينَ ﴿١١٨﴾

118. Пас, [эй мардум] агар ба оёташ имон доред, [фақат] аз [гӯшти] он чи номи Аллоҳ таоло [ҳангоми забҳ] бар он бурдашудааст, бихӯред

وَمَا لَكُمْ أَلَّا تَأْكُلُوا۟ مِمَّا ذُكِرَ ٱسْمُ ٱللَّهِ عَلَيْهِ وَقَدْ فَصَّلَ لَكُم مَّا حَرَّمَ عَلَيْكُمْ إِلَّا مَا ٱضْطُرِرْتُمْ إِلَيْهِ ۗ وَإِنَّ كَثِيرًا

119. Ва [эй мусулмонон] шуморо чи мешавад, ки аз он чи номи Аллоҳ таоло бар он бурдашудааст,

لَيُضِلُّونَ بِأَهْوَآئِهِم بِغَيْرِ عِلْمٍۗ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعْلَمُ بِٱلْمُعْتَدِينَ ﴿١١٩﴾

намехӯред? Ҳол он ки [Аллоҳ таоло] он чиро бар шумо ҳаром кардааст, ба тафсил бароятон баён доштааст [пас, аз онҳо дурӣ кунед] магар чизе, ки ба [хӯрдани] он ночор шавед ва бе тардид, бисёре [аз мардум дигаронро] аз рӯйи нодонӣ бо ҳавасҳои хеш гумроҳ мекунанд. [Эй паёмбар] Яқинан, Парвардигорат ба [ҳоли] таҷовузкорон [аз ҳудуди илоҳӣ] донотар аст

وَذَرُواْ ظَٰهِرَ ٱلْإِثْمِ وَبَاطِنَهُۥٓۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكْسِبُونَ ٱلْإِثْمَ سَيُجْزَوْنَ بِمَا كَانُواْ يَقْتَرِفُونَ ﴿١٢٠﴾

120. Ва [эй мардум] гуноҳи ошкор ва пинҳонро раҳо кунед, [чаро ки] бе тардид, касоне, ки муртакиби гуноҳ мешаванд, ба зудӣ дар баробари ончи мекарданд, муҷозот хоҳанд шуд

وَلَا تَأْكُلُواْ مِمَّا لَمْ يُذْكَرِ ٱسْمُ ٱللَّهِ عَلَيْهِ وَإِنَّهُۥ لَفِسْقٌۗ وَإِنَّ ٱلشَّيَٰطِينَ لَيُوحُونَ إِلَىٰٓ أَوْلِيَآئِهِمْ لِيُجَٰدِلُوكُمْۖ وَإِنْ أَطَعْتُمُوهُمْ إِنَّكُمْ لَمُشْرِكُونَ ﴿١٢١﴾

121. Ва [эй муъминон] аз он чи [ҳангоми забҳ] номи Аллоҳ таоло бар он бурданашудааст, нахӯред, чаро ки он [кори] ҳатман, нофармонӣ аст ва дар ҳақиқат шаётин ба дӯстони худ илқо мекунанд, ки бо шумо [дар ин маврид] муҷодала намоянд.Ва агар аз онон итоат кунед, ҳатман, шумо [низ дар зумраи] мушрикон ҳастед

أَوَمَن كَانَ مَيْتًا فَأَحْيَيْنَٰهُ وَجَعَلْنَا لَهُۥ نُورًا يَمْشِى بِهِۦ فِى ٱلنَّاسِ كَمَن مَّثَلُهُۥ فِى ٱلظُّلُمَٰتِ لَيْسَ بِخَارِجٍ مِّنْهَاۚ كَذَٰلِكَ زُيِّنَ لِلْكَٰفِرِينَ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿١٢٢﴾

122. Оё касе, ки [дилаш аз ҷаҳлу ширк] мурда буд ва мо [бо тавҳиду имон] зиндааш гардонидем ва нуре барояш падид овардем, то дар партави [ҳидоят] он миёни мардум гом бардорад, ҳамчун касест, ки гӯё дар торикиҳо [гирифтор] аст ва аз он берун омаданӣ нест? Он чи кофирон мекарданд, ин гуна барояшон ороста шудааст

وَكَذَٰلِكَ جَعَلْنَا فِى كُلِّ قَرْيَةٍ أَكَٰبِرَ مُجْرِمِيهَا لِيَمْكُرُواْ فِيهَاۖ وَمَا يَمْكُرُونَ إِلَّا بِأَنفُسِهِمْ وَمَا يَشْعُرُونَ ﴿١٢٣﴾

123. Ва ба ин гуна дар ҳар шаҳре бузургони гунаҳкорашро мегуморем, то дар он ба найранг бипардозанд [ва мардумро аз роҳи Аллоҳ таоло боздоранд], ва [-ле] онон ҷуз ба худ найранг намезананд ва [ин ҳақиқатро] дарк намекунанд

وَإِذَا جَآءَتْهُمْ ءَايَةٌ قَالُواْ لَن نُّؤْمِنَ حَتَّىٰ نُؤْتَىٰ مِثْلَ مَآ أُوتِىَ رُسُلُ ٱللَّهِۘ ٱللَّهُ أَعْلَمُ حَيْثُ يَجْعَلُ رِسَالَتَهُۥۗ سَيُصِيبُ ٱلَّذِينَ أَجْرَمُواْ صَغَارٌ عِندَ ٱللَّهِ وَعَذَابٌ شَدِيدٌۢ بِمَا كَانُواْ يَمْكُرُونَ ﴿١٢٤﴾

124. Ва [мушрикон] чун ояте [аз Қуръон] барояшон меояд мегӯянд: «Ҳаргиз ба он имон намеоварем, магар он ки ҳаммонанди он чи ба паёмбарони

илоҳӣ додашудааст, ба мо низ дода шавад». Аллоҳ таоло беҳтар медонад, ки рисолати хешро куҷо [ва бар уҳдаи чи касе] қарор диҳад. Ба зудӣ бар онон, ки муртакиби [нофармонӣ ва] гуноҳ шуданд, ба сазои найранге, ки варзида буданд, аз ҷониби Аллоҳ таоло хорӣ ва азоби сахте хоҳад расид

فَمَن يُرِدِ ٱللَّهُ أَن يَهۡدِيَهُۥ يَشۡرَحۡ صَدۡرَهُۥ لِلۡإِسۡلَٰمِۖ وَمَن يُرِدۡ أَن يُضِلَّهُۥ يَجۡعَلۡ صَدۡرَهُۥ ضَيِّقًا حَرَجًا كَأَنَّمَا يَصَّعَّدُ فِي ٱلسَّمَآءِۚ كَذَٰلِكَ يَجۡعَلُ ٱللَّهُ ٱلرِّجۡسَ عَلَى ٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ ١٢٥

125. Пас, ҳар киро Аллоҳ таоло бихоҳад, ҳидоят кунад, дилашро барои [пазириши] Ислом мекушояд ва ҳаркиро бихоҳад, дар гумроҳӣ вогузорад, дилашро танг [ва баста] месозад [ва пазириши ҳақро чунон барояш маҳол мегардонад, ки] гӯё мехоҳад аз осмон боло равад [ва наметавонад], Аллоҳ таоло ин чунин азобро бар касоне, ки имон намеоваранд, мегуморад

وَهَٰذَا صِرَٰطُ رَبِّكَ مُسۡتَقِيمٗاۗ قَدۡ فَصَّلۡنَا ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يَذَّكَّرُونَ ١٢٦

126. Ва [эй Паёмбар] ин [дини Ислом] роҳи рости Парвардигори туст. Ба ростӣ, ки мо оёт [-и худ]-ро барои гурӯҳе, ки панд мегиранд, ба тафсил баён кардем

لَهُمۡ دَارُ ٱلسَّلَٰمِ عِندَ رَبِّهِمۡۖ وَهُوَ وَلِيُّهُم بِمَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٢٧

127. Барои онон назди Парвардигорашон сарои саломату амният аст ва Ӯ ба [подоши] корҳое, ки мекарданд, [дӯсту] корсозашон аст

وَيَوۡمَ يَحۡشُرُهُمۡ جَمِيعٗا يَٰمَعۡشَرَ ٱلۡجِنِّ قَدِ ٱسۡتَكۡثَرۡتُم مِّنَ ٱلۡإِنسِۖ وَقَالَ أَوۡلِيَآؤُهُم مِّنَ ٱلۡإِنسِ رَبَّنَا ٱسۡتَمۡتَعَ بَعۡضُنَا بِبَعۡضٖ وَبَلَغۡنَآ أَجَلَنَا ٱلَّذِيٓ أَجَّلۡتَ لَنَاۚ قَالَ ٱلنَّارُ مَثۡوَىٰكُمۡ خَٰلِدِينَ فِيهَآ إِلَّا مَا شَآءَ ٱللَّهُۚ إِنَّ رَبَّكَ حَكِيمٌ عَلِيمٞ ١٢٨

128. Ва [ёд кун аз қиёмат] рӯзе, ки ҳамаи онон [инсу ҷин]-ро гирд меоварад [ва мефармояд]: «Эй гурӯҳи ҷинниён, аз одамиён [бисёреро гумроҳ кардед ва пайравони] фаровон ёфтед». Ва дӯстони [мушрики] эшон аз [миёни] инсонҳо мегӯянд: «Парвардигоро, бархе аз мо аз бархе дигар баҳрабардорӣ карданд [ва дар куфру гуноҳ ба якдигар ёрӣ расониданд] ва [ин ки] мо ба поёне, ки бароямон муқаррар карда будӣ, расидаем» [Аллоҳ таоло] Мефармояд: «Ҷойгоҳатон оташ аст [ва] дар он ҷовидон хоҳед буд, магар он чиро Аллоҳ таоло бихоҳад [ки аз он бикоҳад ё бибахшояд]. Бе тардид,Парвардигорат ҳакиму доност»

وَكَذَٰلِكَ نُوَلِّى بَعْضَ ٱلظَّٰلِمِينَ بَعْضًۢا بِمَا كَانُوا۟ يَكْسِبُونَ ﴿١٢٩﴾

129. Ва инчунин баъзе аз ситамгоронро ба баъзе дигар ба [сазои] он чи мекарданд, мусаллат мегардонем

يَٰمَعْشَرَ ٱلْجِنِّ وَٱلْإِنسِ أَلَمْ يَأْتِكُمْ رُسُلٌ مِّنكُمْ يَقُصُّونَ عَلَيْكُمْ ءَايَٰتِى وَيُنذِرُونَكُمْ لِقَآءَ يَوْمِكُمْ هَٰذَا ۚ قَالُوا۟ شَهِدْنَا عَلَىٰٓ أَنفُسِنَا وَغَرَّتْهُمُ ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَا وَشَهِدُوا۟ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ أَنَّهُمْ كَانُوا۟ كَٰفِرِينَ ﴿١٣٠﴾

130. Эй гурӯҳи ҷин ва инс, оё аз миёни шумо фиристодагоне бароятон наёмаданд, ки оёти Маро бар шумо бихонанд ва аз дидори ин рӯз ба шумо ҳушдор диҳанд? Онон мегӯянд: «[Оре] Мо алайҳи хеш гувоҳӣ медиҳем [ки омаданд]».Ва зиндагии дунё фиребашон дод ва ба зиёни худ гувоҳӣ доданд, ки кофир буданд

ذَٰلِكَ أَن لَّمْ يَكُن رَّبُّكَ مُهْلِكَ ٱلْقُرَىٰ بِظُلْمٍ وَأَهْلُهَا غَٰفِلُونَ ﴿١٣١﴾

131. Ин [итмоми ҳуҷҷат] ба он хотир аст, ки Парвардигорат ҳеҷ гоҳ шаҳрҳоро, дар ҳоле ки мардумаш [аз паёми илоҳӣ бехабар ва] ғофиланд, ба ситам нобуд накардааст

وَلِكُلٍّ دَرَجَٰتٌ مِّمَّا عَمِلُوا۟ ۚ وَمَا رَبُّكَ بِغَٰفِلٍ عَمَّا يَعْمَلُونَ ﴿١٣٢﴾

132. Ва ҳамагон дар баробари он чи анҷом додаанд, дараҷоте доранд ва Парвардигорат аз он чи мекунанд, ғофил нест

وَرَبُّكَ ٱلْغَنِىُّ ذُو ٱلرَّحْمَةِ ۚ إِن يَشَأْ يُذْهِبْكُمْ وَيَسْتَخْلِفْ مِنۢ بَعْدِكُم مَّا يَشَآءُ كَمَآ أَنشَأَكُم مِّن ذُرِّيَّةِ قَوْمٍ ءَاخَرِينَ ﴿١٣٣﴾

133. Ва Парвардигорат бениёзу дорои раҳмат [-и бекарон] аст. [Эй бандагони гунаҳгор, Аллоҳ таоло] Агар бихоҳад, шуморо [бо азоб аз миён] мебарад ва пас аз шумо ҳаркиро бихоҳад, ҷойнишин месозад, ҳамчунонки шуморо низ аз насли гурӯҳи дигар офарид

إِنَّ مَا تُوعَدُونَ لَءَاتٍ ۖ وَمَآ أَنتُم بِمُعْجِزِينَ ﴿١٣٤﴾

134. [Эй кофирон] Он чи ба шумо ваъда дода мешавад, яқинан, хоҳад омад ва шумо наметавонед [Аллоҳ таолоро] нотавон созед [ва аз кайфараш бигурезед]

قُلْ يَٰقَوْمِ ٱعْمَلُوا۟ عَلَىٰ مَكَانَتِكُمْ إِنِّى عَٰمِلٌ ۖ فَسَوْفَ تَعْلَمُونَ مَن تَكُونُ لَهُۥ عَٰقِبَةُ ٱلدَّارِ ۚ إِنَّهُۥ لَا يُفْلِحُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿١٣٥﴾

135. Бигӯ: «Эй қавми ман, ба шеваи худ амал кунед [ва бар куфру гумроҳии худ бимонед, ки] бе тардид, ман [низ ба имони хеш] амал мекунам, пас, ба зудӣ хоҳед донист, ки [пирӯзии дунё ва] фарҷоми [некуи]он саро аз они кист. Бе гумон, ситамгорон [-и мушрик] растагор нахоҳанд шуд»

وَجَعَلُواْ لِلَّهِ مِمَّا ذَرَأَ مِنَ ٱلۡحَرۡثِ وَٱلۡأَنۡعَٰمِ نَصِيبٗا فَقَالُواْ هَٰذَا لِلَّهِ بِزَعۡمِهِمۡ وَهَٰذَا لِشُرَكَآئِنَاۖ فَمَا كَانَ لِشُرَكَآئِهِمۡ فَلَا يَصِلُ إِلَى ٱللَّهِۖ وَمَا كَانَ لِلَّهِ فَهُوَ يَصِلُ إِلَىٰ شُرَكَآئِهِمۡۗ سَآءَ مَا يَحۡكُمُونَ ١٣٦

136. Ва [мушрикон] барои Аллоҳ таоло аз он чи офаридааст, аз кишту чаҳорпоён, саҳме таъйин карданд ва ба гумони худ гуфтанд: «Ин махсуси Аллоҳ таолост ва ин махсуси шарикони мо [бутҳо]». Пас, он чи барои шариконашон буд, ба Аллоҳ таоло намерасад, ва [-ле] он чи барои Аллоҳ таоло буд, ба шарикони онҳо мерасад. Чи бад доварӣ мекунанд!

وَكَذَٰلِكَ زَيَّنَ لِكَثِيرٖ مِّنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ قَتۡلَ أَوۡلَٰدِهِمۡ شُرَكَآؤُهُمۡ لِيُرۡدُوهُمۡ وَلِيَلۡبِسُواْ عَلَيۡهِمۡ دِينَهُمۡۖ وَلَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ مَا فَعَلُوهُۖ فَذَرۡهُمۡ وَمَا يَفۡتَرُونَ ١٣٧

137. Ва ин гуна буд, ки шарикони онҳо [аз шаётину бутҳо] дар назари бисёре аз мушрикон [ки фақир буданд] қатли фарзандонашонро оростанд [ва зебо чилва доданд], то ҳалокашон кунанд ва оинашонро бар онон [ошуфта ва] муштабаҳ созанд.Ва агар Аллоҳ таоло мехост, чунин намекарданд, пас, [эй паёмбар, ту низ] ононро бо [туҳмату] дурӯғҳояшон вогузор

وَقَالُواْ هَٰذِهِۦٓ أَنۡعَٰمٞ وَحَرۡثٌ حِجۡرٞ لَّا يَطۡعَمُهَآ إِلَّا مَن نَّشَآءُ بِزَعۡمِهِمۡ وَأَنۡعَٰمٌ حُرِّمَتۡ ظُهُورُهَا وَأَنۡعَٰمٞ لَّا يَذۡكُرُونَ ٱسۡمَ ٱللَّهِ عَلَيۡهَا ٱفۡتِرَآءً عَلَيۡهِۚ سَيَجۡزِيهِم بِمَا كَانُواْ يَفۡتَرُونَ ١٣٨

138. Ва ба пиндори хеш гуфтанд: «[Истифода аз] Ин чаҳорпоён ва киштзор[-ҳое, ки вақфи бутҳо шуда] мамнуъ аст ва ҳеҷ кас аз он намехӯрад, магар он [гурӯҳ аз ходимони бутҳо] ки мо мехоҳем ва чаҳорпоёне ҳастанд, ки [савор шудан бар] пушташон ҳаром шудааст».Ва домҳое [доштанд], ки [ҳангоми забҳ] номи Аллоҳ таолоро бар онҳо намебурданд, [инҳо ҳама боварҳое буд, ки] ба дурӯғ ба Аллоҳ таоло нисбат медоданд [ва Аллоҳ таоло] ба хотири он чи ба дурӯғ мебофтанд, ҷазояшонро хоҳад дод

وَقَالُواْ مَا فِي بُطُونِ هَٰذِهِ ٱلۡأَنۡعَٰمِ خَالِصَةٞ لِّذُكُورِنَا وَمُحَرَّمٌ عَلَىٰٓ أَزۡوَٰجِنَاۖ وَإِن يَكُن مَّيۡتَةٗ فَهُمۡ فِيهِ شُرَكَآءُۚ سَيَجۡزِيهِمۡ وَصۡفَهُمۡۚ إِنَّهُۥ حَكِيمٌ عَلِيمٞ ١٣٩

139. Ва гуфтанд: «Он чи дар шиками ин чаҳорпоён аст, [агар зинда мутавалид шавад] ба мардони мо ихтисос дорад ва бар ҳамсаронамон ҳаром шудааст, ва [-ле] агар [чанин] мурда бошад, ҳамаи онон [аз зану мард] дар он шариканд. Ба зудӣ [Аллоҳ таоло] ононро ба сазои ин тавсифашон кайфар хоҳад дод. Ба ростӣ, ки Ӯ ҳакими доност

قَدۡ خَسِرَ ٱلَّذِينَ قَتَلُوٓاْ أَوۡلَٰدَهُمۡ سَفَهَۢا بِغَيۡرِ عِلۡمٖ وَحَرَّمُواْ مَا رَزَقَهُمُ ٱللَّهُ ٱفۡتِرَآءً عَلَى ٱللَّهِۚ قَدۡ ضَلُّواْ وَمَا كَانُواْ مُهۡتَدِينَ ١٤٠

140. Касоне, ки аз рӯйи [чаҳлу] бехирадӣ фарзандони худро [аз тарси фақр] куштанд ва бо дурӯғ

бастан ба Аллоҳ таоло он чиро, ки Аллоҳ таоло рӯзияшон карда буд, [бар худ] ҳаром донистанд, сахт зиён карданд. Бе тардид, онон гумроҳ шуданд ва ҳидоятёфта набуданд

۞وَهُوَ ٱلَّذِىٓ أَنشَأَ جَنَّٰتٍ مَّعْرُوشَٰتٍ وَغَيْرَ مَعْرُوشَٰتٍ وَٱلنَّخْلَ وَٱلزَّرْعَ مُخْتَلِفًا أُكُلُهُۥ وَٱلزَّيْتُونَ وَٱلرُّمَّانَ مُتَشَٰبِهًا وَغَيْرَ مُتَشَٰبِهٍ ۚ كُلُوا۟ مِن ثَمَرِهِۦٓ إِذَآ أَثْمَرَ وَءَاتُوا۟ حَقَّهُۥ يَوْمَ حَصَادِهِۦ ۖ وَلَا تُسْرِفُوٓا۟ ۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلْمُسْرِفِينَ ﴿١٤١﴾

141. Ӯст, ки боғҳое [бо буттаҳои] дорбастдор ва [дарахтони] бедорбаст падид оварда ва [низ] дарахти хурмо ва зироате, ки меваҳояш гуногун аст ва дарахти зайтун ва анор, ки [баргҳояшон] ҳаммонанд ва [меваҳояшон] ноҳаммонанд аст. [Эй мардум] Аз меваи он чун ба бор нишаст, бихӯред ва рӯзи чиданаш ҳаққи [закоти бенавоён аз] онро бипардозед, ва [-ле] исроф накунед, [чаро ки] бе тардид, Ӯ исрофкоронро дӯст намедорад

وَمِنَ ٱلْأَنْعَٰمِ حَمُولَةً وَفَرْشًا ۚ كُلُوا۟ مِمَّا رَزَقَكُمُ ٱللَّهُ وَلَا تَتَّبِعُوا۟ خُطُوَٰتِ ٱلشَّيْطَٰنِ ۚ إِنَّهُۥ لَكُمْ عَدُوٌّ مُّبِينٌ ﴿١٤٢﴾

142. Ва [низ] аз чаҳорпоён [ҳайвоноти] борбар ва [ҳайвоноти] ғайриборӣ [-ро офарид]. Аз он чи Аллоҳ таоло ба шумо рӯзӣ додааст, бихӯред ва аз гомҳои шайтон пайравӣ накунед. Бе гумон, ӯ душмани ошкоре барои шумост

ثَمَٰنِيَةَ أَزْوَٰجٍ ۖ مِّنَ ٱلضَّأْنِ ٱثْنَيْنِ وَمِنَ ٱلْمَعْزِ ٱثْنَيْنِ ۗ قُلْ ءَآلذَّكَرَيْنِ حَرَّمَ أَمِ ٱلْأُنثَيَيْنِ أَمَّا ٱشْتَمَلَتْ عَلَيْهِ أَرْحَامُ ٱلْأُنثَيَيْنِ ۖ نَبِّـُٔونِى بِعِلْمٍ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿١٤٣﴾

143. Ҳашт [раъси] нару мода [барои истифодаи шумо офарид] аз меш як ҷуфт ва аз буз як ҷуфт, [эй паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Оё [Аллоҳ таоло] он ду нарро ҳаром кардааст ё модаҳоро? Ё он чи ки раҳимҳои [ин] ду мода дар бар дорад? Агар рост мегӯед [ва бар таҳримашон далеле доред], аз рӯйи илм [-у мантиқ] ба ман хабар диҳед

وَمِنَ ٱلْإِبِلِ ٱثْنَيْنِ وَمِنَ ٱلْبَقَرِ ٱثْنَيْنِ ۗ قُلْ ءَآلذَّكَرَيْنِ حَرَّمَ أَمِ ٱلْأُنثَيَيْنِ أَمَّا ٱشْتَمَلَتْ عَلَيْهِ أَرْحَامُ ٱلْأُنثَيَيْنِ ۖ أَمْ كُنتُمْ شُهَدَآءَ إِذْ وَصَّىٰكُمُ ٱللَّهُ بِهَٰذَا ۚ فَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنِ ٱفْتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا لِّيُضِلَّ ٱلنَّاسَ بِغَيْرِ عِلْمٍ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٤٤﴾

144. Ва аз шутур як ҷуфт ва аз гов як ҷуфт [офарид]. Бигӯ: «Оё Аллоҳ таоло] он ду нарро ҳаром кардааст ё ду модаро? Ё он чи ки раҳимҳои [ин] ду мода дар бар дорад? Оё вақте Аллоҳ таоло шуморо ба ин [таҳрим] супориш мекард, [онҷо] ҳозир будед? Пас, кист ситамгортар аз он ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебандад, то бидуни ҳеҷ [санаду] илме мардумро гумроҳ кунад? Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло гурӯҳи ситамгоронро ҳидоят намекунад»

قُل لَّآ أَجِدُ فِي مَآ أُوحِيَ إِلَيَّ مُحَرَّمًا عَلَىٰ طَاعِمٍ يَطۡعَمُهُۥٓ إِلَّآ أَن يَكُونَ مَيۡتَةً أَوۡ دَمٗا مَّسۡفُوحًا أَوۡ لَحۡمَ خِنزِيرٖ فَإِنَّهُۥ رِجۡسٌ أَوۡ فِسۡقًا أُهِلَّ لِغَيۡرِ ٱللَّهِ بِهِۦۚ فَمَنِ ٱضۡطُرَّ غَيۡرَ بَاغٖ وَلَا عَادٖ فَإِنَّ رَبَّكَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ١٤٥

145. Бигӯ: «Дар он чи [аз аҳкоми илоҳӣ, ки] ба ман ваҳй шудааст, [ғизои] ҳаромеро, ки хӯрданаш барои хӯрандае ҳаром бошад, намеёбам, магар [гӯшти] мурдор ё хуни рехта ё гӯшти хук, ки ҳатман, палид [наҷасу ҳаром] аст, ё [қурбоние, ки ҳангоми забҳ] аз рӯйи нофармонӣ, номи ғайри Аллоҳ таоло бар он бурда бошанд». Пас, ҳар ки [барои ҳифзи ҷони худ, ба хӯрдани онҳо] ночор шавад, агар саркаш ва зиёдахоҳ набошад [бар ӯ гуноҳе нест]. Ба ростӣ, ки Парвардигорат омурзандаи меҳрубон аст

وَعَلَى ٱلَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمۡنَا كُلَّ ذِي ظُفُرٖۖ وَمِنَ ٱلۡبَقَرِ وَٱلۡغَنَمِ حَرَّمۡنَا عَلَيۡهِمۡ شُحُومَهُمَآ إِلَّا مَا حَمَلَتۡ ظُهُورُهُمَآ أَوِ ٱلۡحَوَايَآ أَوۡ مَا ٱخۡتَلَطَ بِعَظۡمٖۚ ذَٰلِكَ جَزَيۡنَٰهُم بِبَغۡيِهِمۡۖ وَإِنَّا لَصَٰدِقُونَ ١٤٦

146. Ва ҳар [ҳайвони] чанголдореро бар яҳудиён ҳаром кардем ва аз гову гӯсфанд, чарбҳои он дуро бар онон ҳаром кардем, магар чарбҳое, ки бар пушти онҳо ё даври рӯдаҳост ё он чи бо устухон даромехтааст. Ин гуна ононро ба сазои саркашияшон муҷозот кардем ва бе тардид, Мо ростгӯем

فَإِن كَذَّبُوكَ فَقُل رَّبُّكُمۡ ذُو رَحۡمَةٖ وَٰسِعَةٖ وَلَا يُرَدُّ بَأۡسُهُۥ عَنِ ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡمُجۡرِمِينَ ١٤٧

147. Пас, [эй Паёмбар] агар туро такзиб карданд, бигӯ: «Парвардигоратон раҳмати густурда дорад, ва [-ле] азобаш аз гурӯҳи гунаҳкорон бозгардонда нахоҳад шуд»

سَيَقُولُ ٱلَّذِينَ أَشۡرَكُواْ لَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ مَآ أَشۡرَكۡنَا وَلَآ ءَابَآؤُنَا وَلَا حَرَّمۡنَا مِن شَيۡءٖۚ كَذَٰلِكَ كَذَّبَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ حَتَّىٰ ذَاقُواْ بَأۡسَنَاۗ قُلۡ هَلۡ عِندَكُم مِّنۡ عِلۡمٖ فَتُخۡرِجُوهُ لَنَآۖ إِن تَتَّبِعُونَ إِلَّا ٱلظَّنَّ وَإِنۡ أَنتُمۡ إِلَّا تَخۡرُصُونَ ١٤٨

148. Касоне, ки ширк варзиданд, хоҳанд гуфт: «Агар Аллоҳ таоло мехост, на мо ширк меовардем ва на падаронамон ва [ҳамчунин] чизеро [худсарона] таҳрим намекардем». Касоне, ки пеш аз онон буданд, низ ҳамин гуна [паёмбарони худро] такзиб карданд, то азоби моро чашанд. [Эй Паёмбар, ба ин мушрикон] Бигӯ: «Оё [донишу] далеле наздатон ҳаст, ки барои Мо ошкор кунед? [Дар ҳақиқат] шумо ҷуз пиндор [аз чизе] пайравӣ намекунед ва ҷуз дурӯғ намегӯед»

قُلۡ فَلِلَّهِ ٱلۡحُجَّةُ ٱلۡبَٰلِغَةُۖ فَلَوۡ شَآءَ لَهَدَىٰكُمۡ أَجۡمَعِينَ ١٤٩

149. Бигӯ: «Далели расо ва равшан аз они Аллоҳ таолост ва агар мехост, ҳамаи шуморо ҳидоят мекард»

قُلۡ هَلُمَّ شُهَدَآءَكُمُ ٱلَّذِينَ يَشۡهَدُونَ أَنَّ ٱللَّهَ حَرَّمَ هَٰذَاۖ فَإِن شَهِدُواْ فَلَا تَشۡهَدۡ مَعَهُمۡۚ وَلَا تَتَّبِعۡ أَهۡوَآءَ ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا وَٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِٱلۡأٓخِرَةِ وَهُم بِرَبِّهِمۡ يَعۡدِلُونَ ١٥٠

150. Бигӯ: «Гувоҳони худро, ки гувоҳӣ медиҳанд, ки Аллоҳ таоло инҳоро ҳаром кардааст, биёваред». Пас, [ҳатто] агар гувоҳӣ доданд, ту бо онон [ба чунин дурӯғе] гувоҳӣ мадеҳ ва аз ҳавасҳои касоне, ки оёти Моро дурӯғ шумурданд ва касоне, ки ба охират имон намеоваранд ва [маъбудони ботилро] бо Парвардигорашон ҳамто қарор медиҳанд, пайравӣ накун

۞قُلۡ تَعَالَوۡاْ أَتۡلُ مَا حَرَّمَ رَبُّكُمۡ عَلَيۡكُمۡۖ أَلَّا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗاۖ وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَٰنٗاۖ وَلَا تَقۡتُلُوٓاْ أَوۡلَٰدَكُم مِّنۡ إِمۡلَٰقٖ نَّحۡنُ نَرۡزُقُكُمۡ وَإِيَّاهُمۡۖ وَلَا تَقۡرَبُواْ ٱلۡفَوَٰحِشَ مَا ظَهَرَ مِنۡهَا وَمَا بَطَنَۖ وَلَا تَقۡتُلُواْ ٱلنَّفۡسَ ٱلَّتِي حَرَّمَ ٱللَّهُ إِلَّا بِٱلۡحَقِّۚ ذَٰلِكُمۡ وَصَّىٰكُم بِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَعۡقِلُونَ ١٥١

151. Бигӯ: «Биёед он чиро, ки Парвардигоратон бар шумо ҳаром кардааст, бароятон бихонам: Ин ки чизеро бо Ӯ шарик қарор надиҳед ва ба падару модар некӣ кунед ва фарзандони худро аз [тарси] тангдастӣ накушед. Мо ба шумо ва онон рӯзӣ медиҳем ва ба корҳои зишт, чи ошкор ва чи ниҳон, наздик нашавед ва касеро, ки Аллоҳ таоло [қатлашро] ҳаром кардааст ҷуз ба ҳақ накушед. Ин аст [он чи Аллоҳ таоло] шуморо ба [пайравӣ аз] он супориш кардааст, бошад, ки биандешед

وَلَا تَقۡرَبُواْ مَالَ ٱلۡيَتِيمِ إِلَّا بِٱلَّتِي هِيَ أَحۡسَنُ حَتَّىٰ يَبۡلُغَ أَشُدَّهُۥۚ وَأَوۡفُواْ ٱلۡكَيۡلَ وَٱلۡمِيزَانَ بِٱلۡقِسۡطِۖ لَا نُكَلِّفُ نَفۡسًا إِلَّا وُسۡعَهَاۖ وَإِذَا قُلۡتُمۡ فَٱعۡدِلُواْ وَلَوۡ كَانَ ذَا قُرۡبَىٰۖ وَبِعَهۡدِ ٱللَّهِ أَوۡفُواْۚ ذَٰلِكُمۡ وَصَّىٰكُم بِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَذَكَّرُونَ ١٥٢

152. Ва ба моли ятим наздик нашавед, магар ба беҳтарин шакл [ки ба суду салоҳи ӯ бошад], то ба синни [булуғ ва] рушди худ бирасад ва [санҷиши] паймона ва тарозуро ба адолат комил кунед.Мо ҳеҷ касеро ҷуз ба андозаи тавонаш мукаллаф намесозем ва ҳангоме ки сухан мегӯед [ё гувоҳӣ медиҳед], пас, адолатро риоя кунед, ҳарчанд, [дар бораи] хешованд бошад ва ба аҳду паймони Аллоҳ таоло вафо кунед. Ин аст [он чи Аллоҳ таоло] шуморо ба [пайравӣ аз] он супориш кардааст, бошад, ки панд гиред

وَأَنَّ هَٰذَا صِرَٰطِي مُسۡتَقِيمٗا فَٱتَّبِعُوهُۖ وَلَا تَتَّبِعُواْ ٱلسُّبُلَ فَتَفَرَّقَ بِكُمۡ عَن سَبِيلِهِۦۚ ذَٰلِكُمۡ وَصَّىٰكُم بِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٥٣

153. Ва ин ки [огоҳ бошед] ин роҳи рости Ман аст, пас, аз он пайравӣ кунед ва аз [дигар] роҳҳо пайравӣ накунед, [чаро ки] шуморо аз роҳи Ӯ ҷудо месозад. Ин аст [он чи Аллоҳ таоло] шуморо ба [пайравӣ аз] он супориш кардааст, бошад, ки парво кунед

ثُمَّ ءَاتَيۡنَا مُوسَى ٱلۡكِتَٰبَ تَمَامًا عَلَى ٱلَّذِيٓ أَحۡسَنَ وَتَفۡصِيلٗا لِّكُلِّ شَيۡءٖ وَهُدٗى وَرَحۡمَةٗ لَّعَلَّهُم بِلِقَآءِ رَبِّهِمۡ يُؤۡمِنُونَ ١٥٤

154. Сипас ба Мӯсо китоб [Таврот] додем, то бар касе, ки некӣ кардааст, неъматро тамом кунем ва барои он ки [ҳукми] ҳар чизеро ба тафсил баён намоем ва раҳнамуду раҳмате гардад, бошад, ки ба дидори Парвардигорашон имон биёваранд

وَهَٰذَا كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ مُبَارَكٞ فَٱتَّبِعُوهُ وَٱتَّقُواْ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ١٥٥

155. Ва ин [Қуръон] ки нозил кардем, китоби пурбаракат аст, аз он пайравӣ кунед ва парво намоед, бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред

أَن تَقُولُوٓاْ إِنَّمَآ أُنزِلَ ٱلۡكِتَٰبُ عَلَىٰ طَآئِفَتَيۡنِ مِن قَبۡلِنَا وَإِن كُنَّا عَن دِرَاسَتِهِمۡ لَغَٰفِلِينَ ١٥٦

156. [Онро нозил кардем] То нагӯед: «Китоб [-и осмонӣ] танҳо бар ду тоифаи пеш аз мо [яҳудиён ва масеҳиён] нозил шуда буд ва мо аз қироату тиловати эшон бехабар будем»

أَوۡ تَقُولُواْ لَوۡ أَنَّآ أُنزِلَ عَلَيۡنَا ٱلۡكِتَٰبُ لَكُنَّآ أَهۡدَىٰ مِنۡهُمۡۚ فَقَدۡ جَآءَكُم بَيِّنَةٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَهُدٗى وَرَحۡمَةٞۚ فَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّن كَذَّبَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَصَدَفَ عَنۡهَاۗ سَنَجۡزِي ٱلَّذِينَ يَصۡدِفُونَ عَنۡ ءَايَٰتِنَا سُوٓءَ ٱلۡعَذَابِ بِمَا كَانُواْ يَصۡدِفُونَ ١٥٧

157. Ё нагӯед: «Агар китоб [-и осмонӣ] бар мо нозил мешуд, аз онон роҳёфтатар будем». Пас, бе тардид, [ин ки] аз ҷониби Парвардигоратон далели равшан ва ҳидоят ва раҳмате бароятон омадааст. Пас, кист ситамгортар аз он ки оёти Аллоҳ таолоро дурӯғ ангорад ва аз он рӯ бигардонад? Ба зудӣ касонеро, ки аз оёти Мо рӯ мегардонанд, ба сазои он ки [ба каломи илоҳӣ] пушт мекарданд, ба азоби сахт [-у дардовар] муҷозот хоҳем кард

هَلۡ يَنظُرُونَ إِلَّآ أَن تَأۡتِيَهُمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ أَوۡ يَأۡتِيَ رَبُّكَ أَوۡ يَأۡتِيَ بَعۡضُ ءَايَٰتِ رَبِّكَۗ يَوۡمَ يَأۡتِي بَعۡضُ ءَايَٰتِ رَبِّكَ لَا يَنفَعُ نَفۡسًا إِيمَٰنُهَا لَمۡ تَكُنۡ ءَامَنَتۡ مِن قَبۡلُ أَوۡ كَسَبَتۡ فِيٓ إِيمَٰنِهَا خَيۡرٗاۗ قُلِ ٱنتَظِرُوٓاْ إِنَّا مُنتَظِرُونَ ١٥٨

158. Оё [кофирон] интизори ҷуз ин доранд, ки фариштагон [-и марг] наздашон биёянд ё Парвардигорат [худ барои довариҳӣ] биояд ё бархе аз нишонаҳои Парвардигорат [дар мавриди қиёмат] фаро расад? Рӯзе, ки бархе аз нишонаҳои Парвардигорат ошкор гардад, имон овардани касе, ки пештар имон наёварда ё бо имонаш хайре ҳосил накарда аст, суде ба ҳолаш надорад. [Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Мунтазир бошед. Бе гумон мо [низ] мунтазирем»

إِنَّ ٱلَّذِينَ فَرَّقُواْ دِينَهُمۡ وَكَانُواْ شِيَعٗا لَّسۡتَ مِنۡهُمۡ فِي شَيۡءٍۚ إِنَّمَآ أَمۡرُهُمۡ إِلَى ٱللَّهِ ثُمَّ يُنَبِّئُهُم بِمَا كَانُواْ يَفۡعَلُونَ ١٥٩

159. [Эй Паёмбар] касоне, ки дини худро пароканда сохтанд ва фирқа-фирқа шуданд, бе тардид

туро бо онон коре нест; онон корашон фақат бо Аллоҳ таолост.Онгоҳ [Аллоҳ таоло дар рӯзи қиёмат] аз он чи мекарданд, огоҳашон месозад

160. [Дар он рӯз] Ҳар [муъмине] ки кори неке биоварад, даҳ баробараш [подош] хоҳад дошт ва ҳар ки кори баде биоварад, ҷуз монандаш кайфар нахоҳад дид ва ба онон ситам нахоҳад шуд

مَن جَآءَ بِٱلۡحَسَنَةِ فَلَهُۥ عَشۡرُ أَمۡثَالِهَاۖ وَمَن جَآءَ بِٱلسَّيِّئَةِ فَلَا يُجۡزَىٰٓ إِلَّا مِثۡلَهَا وَهُمۡ لَا يُظۡلَمُونَ ١٦٠

161. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Бе тардид, Парвардигорам маро ба роҳи рост ҳидоят кардааст: дини пойдор [ва] оини Иброҳим, ки ҳақгаро буд ва ҳаргиз дар зумраи мушрикон набуд»

قُلۡ إِنَّنِي هَدَىٰنِي رَبِّيٓ إِلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ دِينٗا قِيَمٗا مِّلَّةَ إِبۡرَٰهِيمَ حَنِيفٗاۚ وَمَا كَانَ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ١٦١

162. Бигӯ: «Бе тардид, намозам ва қурбониҳои ман ва зиндагӣ ва маргам ҳама барои Аллоҳ таоло - Парвардигори ҷаҳониён аст

قُلۡ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحۡيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٦٢

163. [Ҳам Ӯ ки] Шарике надорад ва ба ин [яктопарастӣ холисона] дастур ёфтаам ва ман нахустин мусулмон аз ин қавм ҳастам»

لَا شَرِيكَ لَهُۥۖ وَبِذَٰلِكَ أُمِرۡتُ وَأَنَا۠ أَوَّلُ ٱلۡمُسۡلِمِينَ ١٦٣

164. Бигӯ: «Оё ба ҷуз Аллоҳи мутаол парвардигореро биҷӯем ва ҳол он ки Ӯ Парвардигори ҳама чиз аст? Ва ҳеҷ касе [кори ношоистае] анҷом намедиҳад, магар он ки [бори гуноҳаш] бар худи ӯст ва ҳеҷ гунаҳгоре бори [гуноҳи] дигареро ба дӯш намекашад. Сипас бозгашти [ҳамаи] шумо ба сӯйи Парвардигоратон аст. Он гоҳ [дар рӯзи қиёмат, аз ҳақиқати] он чи дар он ихтилоф доштед, огоҳатон месозад

قُلۡ أَغَيۡرَ ٱللَّهِ أَبۡغِي رَبّٗا وَهُوَ رَبُّ كُلِّ شَيۡءٖۚ وَلَا تَكۡسِبُ كُلُّ نَفۡسٍ إِلَّا عَلَيۡهَاۚ وَلَا تَزِرُ وَازِرَةٞ وِزۡرَ أُخۡرَىٰۚ ثُمَّ إِلَىٰ رَبِّكُم مَّرۡجِعُكُمۡ فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ فِيهِ تَخۡتَلِفُونَ ١٦٤

165. Ва Ӯст, ки шуморо ҷойнишини [пешиниён дар] замин қарор дод ва дараҷоти бархе аз шуморо [дар офариниш ва сарват] бар бархи дигар бартарӣ дод, то [ба василаи] он чи ба шумо додааст, озмоишатон кунад. Бе тардид, Парвардигорат зудкайфар аст ва яқинан Ӯ бисёр омурзанда [ва] меҳрубон аст

وَهُوَ ٱلَّذِي جَعَلَكُمۡ خَلَٰٓئِفَ ٱلۡأَرۡضِ وَرَفَعَ بَعۡضَكُمۡ فَوۡقَ بَعۡضٖ دَرَجَٰتٖ لِّيَبۡلُوَكُمۡ فِي مَآ ءَاتَىٰكُمۡۗ إِنَّ رَبَّكَ سَرِيعُ ٱلۡعِقَابِ وَإِنَّهُۥ لَغَفُورٞ رَّحِيمٞ ١٦٥

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓمٓصٓ ﴿١﴾

1. Алиф, лом, мим, сод.(1)

كِتَٰبٌ أُنزِلَ إِلَيْكَ فَلَا يَكُن فِي صَدْرِكَ حَرَجٌ مِّنْهُ لِتُنذِرَ بِهِۦ وَذِكْرَىٰ لِلْمُؤْمِنِينَ ﴿٢﴾

2. [Эй Паёмбар, ин Қуръон] Китобест, ки бар ту нозил шудааст, пас, набояд дар синаат нисбат ба он тардиде бошад, [нозил шуда] то бо он [мардумро] бим диҳӣ ва барои муъминон панд [ва тазаккуре] бошад

ٱتَّبِعُوا۟ مَآ أُنزِلَ إِلَيْكُم مِّن رَّبِّكُمْ وَلَا تَتَّبِعُوا۟ مِن دُونِهِۦٓ أَوْلِيَآءَ ۗ قَلِيلًا مَّا تَذَكَّرُونَ ﴿٣﴾

3. [Эй мардум] Он чиро аз ҷониби Парвардигоратон бар шумо нозил шудааст, пайравӣ кунед ва аз [дӯстону] корсозони дигар ба ҷуз Ӯ пайравӣ накунед, чи андак панд мепазиред!

وَكَم مِّن قَرْيَةٍ أَهْلَكْنَٰهَا فَجَآءَهَا بَأْسُنَا بَيَٰتًا أَوْ هُمْ قَآئِلُونَ ﴿٤﴾

4. Чи бисёр [сокинони рустоҳо] ва шаҳрҳо, ки нобудашон кардем ва азоби Мо шабҳангом ё дар ҳоле ки ба хоби нимрӯзӣ фурӯ рафта буданд, ба суроғашон омад

فَمَا كَانَ دَعْوَىٰهُمْ إِذْ جَآءَهُم بَأْسُنَآ إِلَّآ أَن قَالُوٓا۟ إِنَّا كُنَّا ظَٰلِمِينَ ﴿٥﴾

5. Ва чун азоби Мо ба суроғашон омад, суханашон ҷуз ин набуд, ки гуфтанд: «Ба ростӣ, ки мо [кофиру] ситамгор будем»

فَلَنَسْـَٔلَنَّ ٱلَّذِينَ أُرْسِلَ إِلَيْهِمْ وَلَنَسْـَٔلَنَّ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٦﴾

6. Мусалламан, Мо аз касоне, ки [паёмбаронамон] ба сӯяшон фиристода шуданд, [дар бораи пазириши паёми ҳақ] суол хоҳем кард ва ҳатман, аз паёмбарон [низ дарбораи посухи умматашон ба даъвати онон] хоҳем пурсид

فَلَنَقُصَّنَّ عَلَيْهِم بِعِلْمٍ ۖ وَمَا كُنَّا غَآئِبِينَ ﴿٧﴾

7. Яқинан, [кирдори бандагонро] бо илм [-и худ] бароямон баён мекунем ва мо ҳаргиз ғоиб [ва ғофил аз аҳволи онон] набудаем

(*) Аъроф (Баландиҳо).
(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

8. Дар он рӯз, вазн [-у меъёри санҷиши аъмол, адолат] ҳақ аст. Пас,онҳое, ки вазни аъмолашон сангин бошад, ононанд, ки растагоранд

وَٱلْوَزْنُ يَوْمَئِذٍ ٱلْحَقُّ ۚ فَمَن ثَقُلَتْ مَوَٰزِينُهُۥ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٨﴾

9. Ва онҳое, ки вазни аъмолаш сабук бошад, онон касоне ҳастанд, ки ба хеш зиён расонидаанд, чаро ки [бо инкори Қуръон] ба оёти Мо ситам мекарданд

وَمَنْ خَفَّتْ مَوَٰزِينُهُۥ فَأُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓا۟ أَنفُسَهُم بِمَا كَانُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا يَظْلِمُونَ ﴿٩﴾

10. Ва [эй мардум] ба ростӣ, ки Мо шуморо дар замин ҷой додем ва дар онҷо бароятон васоил [-у имконот]-и зиндагӣ ниҳодем. Чи андак шукр мегузоред!

وَلَقَدْ مَكَّنَّٰكُمْ فِى ٱلْأَرْضِ وَجَعَلْنَا لَكُمْ فِيهَا مَعَٰيِشَ ۗ قَلِيلًا مَّا تَشْكُرُونَ ﴿١٠﴾

11. Ва бе тардид, Мо [насли] шуморо [дар замин] падид овардем, сипас шуморо [ба беҳтарин ҳолат] шакл додем, он гоҳ ба фариштагон гуфтем: «Барои [бузургдошту эҳтиром, бар] Одам саҷда кунед», пас, [ҳамагӣ] саҷда карданд, магар иблис, ки аз саҷдакунандагон набуд

وَلَقَدْ خَلَقْنَٰكُمْ ثُمَّ صَوَّرْنَٰكُمْ ثُمَّ قُلْنَا لِلْمَلَٰٓئِكَةِ ٱسْجُدُوا۟ لِـَٔادَمَ فَسَجَدُوٓا۟ إِلَّآ إِبْلِيسَ لَمْ يَكُن مِّنَ ٱلسَّٰجِدِينَ ﴿١١﴾

12. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Вақте ки туро [ба саҷда] фармон додам, чи чиз монеат шуд, ки саҷда кунӣ»? [Иблис] Гуфт: «Ман аз ӯ беҳтарам: маро аз оташ офаридӣ ва [-ле] ӯро аз гил падид овардӣ»

قَالَ مَا مَنَعَكَ أَلَّا تَسْجُدَ إِذْ أَمَرْتُكَ ۖ قَالَ أَنَا۠ خَيْرٌ مِّنْهُ خَلَقْتَنِى مِن نَّارٍ وَخَلَقْتَهُۥ مِن طِينٍ ﴿١٢﴾

13. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Аз ин [биҳишти барин] фуруд о, [зеро] ҳаққи ту нест, ки дар он [макон гарданкашӣ ва] такаббур кунӣ. Пас, берун рав, [ки] бе тардид, ту аз хоршудагонӣ»

قَالَ فَٱهْبِطْ مِنْهَا فَمَا يَكُونُ لَكَ أَن تَتَكَبَّرَ فِيهَا فَٱخْرُجْ إِنَّكَ مِنَ ٱلصَّٰغِرِينَ ﴿١٣﴾

14. [Иблис] Гуфт: «То рӯзе, ки [инсонҳо] барангехта шаванд, маро муҳлат бидеҳ [то фиребашон диҳам]

قَالَ أَنظِرْنِىٓ إِلَىٰ يَوْمِ يُبْعَثُونَ ﴿١٤﴾

15. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Ҳатман, ту аз муҳлатёфтагонӣ»

قَالَ إِنَّكَ مِنَ ٱلْمُنظَرِينَ ﴿١٥﴾

16. [Иблис] гуфт: «Пас, ба хотири он ки маро ба гумроҳӣ [ва ҳалокат] афкандӣ, ман низ бар

قَالَ فَبِمَآ أَغْوَيْتَنِى لَأَقْعُدَنَّ لَهُمْ صِرَٰطَكَ ٱلْمُسْتَقِيمَ ﴿١٦﴾

сари роҳи мустақими Ту барои [фиреби] онон менишинам

17. Сипас бар онон, аз рӯбарӯ ва аз пушти сар ва аз тарафи росту чапашон, дармеоям ва [чунон мекунам] бештарашро шукургузор [-и неъматҳои худ] намеёбӣ»

ثُمَّ لَآتِيَنَّهُم مِّنۢ بَيۡنِ أَيۡدِيهِمۡ وَمِنۡ خَلۡفِهِمۡ وَعَنۡ أَيۡمَٰنِهِمۡ وَعَن شَمَآئِلِهِمۡۖ وَلَا تَجِدُ أَكۡثَرَهُمۡ شَٰكِرِينَ ١٧

18. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Аз онҷо [биҳишт] накуҳида ва рондашуда берун рав. Ҳар касе аз онон, ки аз ту пайравӣ кунад, [дар сипоҳи туст ва рӯзи қиёмат] ҳатман, дузахро аз ҳамаи шумо пур хоҳам кард

قَالَ ٱخۡرُجۡ مِنۡهَا مَذۡءُومٗا مَّدۡحُورٗاۖ لَّمَن تَبِعَكَ مِنۡهُمۡ لَأَمۡلَأَنَّ جَهَنَّمَ مِنكُمۡ أَجۡمَعِينَ ١٨

19. Ва, эй Одам, ту ва ҳамсарат дар биҳишт сокин шавед ва аз [хӯрданиҳои он аз] ҳар ҷойе ки хостед бихуред, ва [-ле] ба ин дарахт наздик нашавед ки аз ситамгорони [нофармон] хоҳед буд»

وَيَٰٓـَٔادَمُ ٱسۡكُنۡ أَنتَ وَزَوۡجُكَ ٱلۡجَنَّةَ فَكُلَا مِنۡ حَيۡثُ شِئۡتُمَا وَلَا تَقۡرَبَا هَٰذِهِ ٱلشَّجَرَةَ فَتَكُونَا مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ١٩

20. Пас, шайтон он дуро васваса кард, то он чи аз шармгоҳашон ба онон пӯшида монда буд, бар эшон ошкор созад [пас, ҳилае андешид] ва гуфт: «Парвардигоратон шуморо аз [хӯрдани меваи] ин дарахт манъ накард, магар [барои] он ки [мабодо табдил ба] ду фариштa гардед ё аз ҷовидонон шавед»

فَوَسۡوَسَ لَهُمَا ٱلشَّيۡطَٰنُ لِيُبۡدِيَ لَهُمَا مَا وُۥرِيَ عَنۡهُمَا مِن سَوۡءَٰتِهِمَا وَقَالَ مَا نَهَىٰكُمَا رَبُّكُمَا عَنۡ هَٰذِهِ ٱلشَّجَرَةِ إِلَّآ أَن تَكُونَا مَلَكَيۡنِ أَوۡ تَكُونَا مِنَ ٱلۡخَٰلِدِينَ ٢٠

21. Ва барои он ду савганд хӯрд, ки: «Ман, ҳатман, хайрхоҳатон ҳастам»

وَقَاسَمَهُمَآ إِنِّي لَكُمَا لَمِنَ ٱلنَّٰصِحِينَ ٢١

22. Пас, онҳоро бо фиреб [аз мақому манзилашон] фуруд оварда ва чун аз [меваи] он дарахт бичашиданд, шармгоҳашон бар онон намоён шуд ва шурӯъ карданд ба қарор додани барги [дарахтони] биҳишт бар [шармгоҳи] худ.Ва Парвардигорашон [инчунин] ба онҳо нидо дод: «Оё шуморо аз [хӯрдани меваи] он дарахт манъ накардам ва ба шумо нагуфтам, ки бе тардид, шайтон душмани ошкори шумост»?!

فَدَلَّىٰهُمَا بِغُرُورٖۚ فَلَمَّا ذَاقَا ٱلشَّجَرَةَ بَدَتۡ لَهُمَا سَوۡءَٰتُهُمَا وَطَفِقَا يَخۡصِفَانِ عَلَيۡهِمَا مِن وَرَقِ ٱلۡجَنَّةِۖ وَنَادَىٰهُمَا رَبُّهُمَآ أَلَمۡ أَنۡهَكُمَا عَن تِلۡكُمَا ٱلشَّجَرَةِ وَأَقُل لَّكُمَآ إِنَّ ٱلشَّيۡطَٰنَ لَكُمَا عَدُوّٞ مُّبِينٞ ٢٢

23. [Он ду] Гуфтанд: «Парвардигоро, мо [бо сарпечӣ аз дастурат] ба хештан ситам кардаем ва агар

قَالَا رَبَّنَا ظَلَمۡنَآ أَنفُسَنَا وَإِن لَّمۡ تَغۡفِرۡ لَنَا وَتَرۡحَمۡنَا لَنَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٢٣

моро наёмурзӣ ва бар мо раҳм накунӣ, ҳатман, аз зиёнкорон хоҳем буд»

قَالَ ٱهۡبِطُواْ بَعۡضُكُمۡ لِبَعۡضٍ عَدُوّٞۖ وَلَكُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ مُسۡتَقَرّٞ وَمَتَٰعٌ إِلَىٰ حِينٖ ٢٤

24. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «[Аз биҳишт бар замин] фуруд оед, [дар ҳоле ки азин пас] бархе аз шумо душмани бархе дигаред ва дар замин бароятон то муддат [-и муайян]-е қароргоҳ ва баҳрамандӣ хоҳад буд»

قَالَ فِيهَا تَحۡيَوۡنَ وَفِيهَا تَمُوتُونَ وَمِنۡهَا تُخۡرَجُونَ ٢٥

25. [Ва] Фармуд: «Дар он зиндагӣ мекунед ва дар ҳамон[ҷо] мемиред ва [рӯзи қиёмат низ] аз он берун оварда мешавед»

يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ قَدۡ أَنزَلۡنَا عَلَيۡكُمۡ لِبَاسٗا يُوَٰرِي سَوۡءَٰتِكُمۡ وَرِيشٗاۖ وَلِبَاسُ ٱلتَّقۡوَىٰ ذَٰلِكَ خَيۡرٞۚ ذَٰلِكَ مِنۡ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ لَعَلَّهُمۡ يَذَّكَّرُونَ ٢٦

26. Эй фарзандони Одам, ҳамоно бароятон либосе фурӯ фиристодем, ки шармгоҳҳотонро мепӯшонад ва [мояи] зинати шумост ва [барои муъмин] либоси парҳезгорӣ беҳтар аст. Ин аз нишонаҳои [қудрати] Аллоҳ таолост, бошад, ки [инсонҳо] панд гиранд

يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ لَا يَفۡتِنَنَّكُمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ كَمَآ أَخۡرَجَ أَبَوَيۡكُم مِّنَ ٱلۡجَنَّةِ يَنزِعُ عَنۡهُمَا لِبَاسَهُمَا لِيُرِيَهُمَا سَوۡءَٰتِهِمَآۗ إِنَّهُۥ يَرَىٰكُمۡ هُوَ وَقَبِيلُهُۥ مِنۡ حَيۡثُ لَا تَرَوۡنَهُمۡۗ إِنَّا جَعَلۡنَا ٱلشَّيَٰطِينَ أَوۡلِيَآءَ لِلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ ٢٧

27. Эй фарзандони Одам, [огоҳ бошед, ки] шайтон шуморо нафиребад, чунончи падару модаратонро аз биҳишт берун кард ва либосашонро аз танашон [берун] кашид, то шармгоҳашонро ба онон нишон диҳад. Бе тардид, ӯ ва гурӯҳаш аз ҷойе, ки онҳоро намебинед, шуморо мебинанд. Ба ростӣ, ки Мо шаётинро дӯстони касоне қарор додаем, ки имон намеоваранд

وَإِذَا فَعَلُواْ فَٰحِشَةٗ قَالُواْ وَجَدۡنَا عَلَيۡهَآ ءَابَآءَنَا وَٱللَّهُ أَمَرَنَا بِهَاۗ قُلۡ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَأۡمُرُ بِٱلۡفَحۡشَآءِۖ أَتَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ مَا لَا تَعۡلَمُونَ ٢٨

28. Ва чун [мушрикон] кори зиште анҷом медиҳанд, мегӯянд: «Мо ниёгони худро бар ин [кор] ёфтаем ва Аллоҳ таоло моро ба [анҷоми] он фармон додаст». Бигӯ: «Аллоҳ таоло ҳаргиз ба зишткорӣ фармон намедиҳад. Оё суханеро, ки намедонед, ба Аллоҳ таоло нисбат медиҳед?»

قُلۡ أَمَرَ رَبِّي بِٱلۡقِسۡطِۖ وَأَقِيمُواْ وُجُوهَكُمۡ عِندَ كُلِّ مَسۡجِدٖ وَٱدۡعُوهُ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَۚ كَمَا بَدَأَكُمۡ تَعُودُونَ ٢٩

29. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Парвардигорам ба адолат фармон додааст ва [инки ҳама ҷо, ба вижа] дар ҳар масҷиде [холисона] рӯйи хешро ба сӯйи [қиблаи] Ӯ кунед ва Ӯро дар ҳоли [ба дуо ва ниёиш] бихонед ки дин [-и худ]-ро

барояш холис намудаед. [Ва бидонед] Ҳамон гуна ки шуморо дар оғоз падид овард, [пас аз марг низ бори дигар ба сӯяш] бозмегардед

فَرِيقًا هَدَىٰ وَفَرِيقًا حَقَّ عَلَيْهِمُ ٱلضَّلَٰلَةُ ۚ إِنَّهُمُ ٱتَّخَذُوا۟ ٱلشَّيَٰطِينَ أَوْلِيَآءَ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَيَحْسَبُونَ أَنَّهُم مُّهْتَدُونَ ﴿٣٠﴾

30. [Аллоҳ таоло] Гурӯҳеро ҳидоят кард ва бар гурӯҳ [-и дигар]-е гумроҳӣ муқаррар гаштааст; зеро онон ба ҷойи Аллоҳ таоло шаётинро [ба унвони] дӯстон [-и хеш] баргузиданд ва гумон мекарданд, ки ҳидоят ёфтаанд»

يَٰبَنِىٓ ءَادَمَ خُذُوا۟ زِينَتَكُمْ عِندَ كُلِّ مَسْجِدٍ وَكُلُوا۟ وَٱشْرَبُوا۟ وَلَا تُسْرِفُوٓا۟ ۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلْمُسْرِفِينَ ﴿٣١﴾

31. Эй фарзандони Одам, ҳангоми рафтан ба масҷид [ва дар ҳар намозе] зинати худро баргиред [ва либоси шоиста бипӯшед] ва [дар зиндагӣ, аз хӯрокҳои покиза] бихӯред ва биошомед, вале исроф накунед, [ки] бе тардид, Аллоҳ таоло исрофкунандагонро дӯст намедорад

قُلْ مَنْ حَرَّمَ زِينَةَ ٱللَّهِ ٱلَّتِىٓ أَخْرَجَ لِعِبَادِهِۦ وَٱلطَّيِّبَٰتِ مِنَ ٱلرِّزْقِ ۚ قُلْ هِىَ لِلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا خَالِصَةً يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ ۗ كَذَٰلِكَ نُفَصِّلُ ٱلْـَٔايَٰتِ لِقَوْمٍ يَعْلَمُونَ ﴿٣٢﴾

32. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Либос [-у зинатҳо]е-ро ки Аллоҳ таоло барои бандагонаш падид оварда ва [ҳамчунин] рӯзиҳои покизаро чи касе ҳаром кардааст?». Бигӯ: «Ин [неъматҳо] дар зиндагии дунё барои касонест, ки имон овардаанд, [ва агар чи кофирон низ аз онҳо баҳраманданд] рӯзи қиёмат махсус [-и муъминон] хоҳад буд. Мо инчунин оёт [-и худ]-ро барои гурӯҳе, ки медонанд, ба тафсил баён мекунем

قُلْ إِنَّمَا حَرَّمَ رَبِّىَ ٱلْفَوَٰحِشَ مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَمَا بَطَنَ وَٱلْإِثْمَ وَٱلْبَغْىَ بِغَيْرِ ٱلْحَقِّ وَأَن تُشْرِكُوا۟ بِٱللَّهِ مَا لَمْ يُنَزِّلْ بِهِۦ سُلْطَٰنًا وَأَن تَقُولُوا۟ عَلَى ٱللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ ﴿٣٣﴾

33. Бигӯ: «Парвардигорам зиштқориҳо, чи ошкор [бошад] ва чи пинҳон ва гуноҳу ситами ноҳақро ҳаром намудааст ва ин ки чизеро шарики Аллоҳ таоло бидонед, ки далеле бар [ҳаққонияти] он нозил накардааст ва инки чизеро, ки намедонед, ба Аллоҳ таоло нисбат диҳед

وَلِكُلِّ أُمَّةٍ أَجَلٌ ۖ فَإِذَا جَآءَ أَجَلُهُمْ لَا يَسْتَـْٔخِرُونَ سَاعَةً وَلَا يَسْتَقْدِمُونَ ﴿٣٤﴾

34. Ҳар уммате аҷале дорад.Пас, ҳангоме ки аҷалашон ба сар ояд, на лаҳзае [аз он] таъхир мекунанд ва на [бар он] пешӣ мегиранд

يَٰبَنِىٓ ءَادَمَ إِمَّا يَأْتِيَنَّكُمْ رُسُلٌ مِّنكُمْ يَقُصُّونَ عَلَيْكُمْ ءَايَٰتِى فَمَنِ ٱتَّقَىٰ وَأَصْلَحَ فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٣٥﴾

35. Эй фарзандони Одам, агар паёмбароне аз худи шумо [наздатон] биоянд, ки оёти Маро бароятон бихонанд, [аз он пайравӣ кунед] пас,

онон, ки парҳезгорӣ намоянд ва [рафторҳои гузаштаро] ислоҳ кунанд, на тарсе хоҳанд дошт ва на андуҳгин мешаванд

36. Ва касоне, ки оёти Моро дурӯғ мепиндоранд ва дар баробараш [гарданкашӣ ва] такаббур меварзанд, аҳли дузаханд ва ҷовидона дар он хоҳанд монд

وَٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا وَٱسۡتَكۡبَرُواْ عَنۡهَآ أُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ٣٦

37. Пас, кист ситамгортар аз он ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебандад ё оёташро дурӯғ мепиндорад? Онон касоне ҳастанд, ки насибашон аз ончи [дар Лавҳи маҳфуз] муқаррар шудааст, ба эшон хоҳад расид, то он гоҳ ки фиристодагони Мо ба суроғашон меоянд, ки ҷонашонро бигиранд, [ба онон] мегӯянд: «Онҳое, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастидед, куҷо ҳастанд»? [Онон] Мегӯянд: «Аз [назди] мо гум шуданд».Ва [ин гуна] алайҳи худ гувоҳӣ медиҳанд, ки кофир будаанд

فَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّنِ ٱفۡتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا أَوۡ كَذَّبَ بِـَٔايَٰتِهِۦٓۚ أُوْلَٰٓئِكَ يَنَالُهُمۡ نَصِيبُهُم مِّنَ ٱلۡكِتَٰبِۖ حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءَتۡهُمۡ رُسُلُنَا يَتَوَفَّوۡنَهُمۡ قَالُوٓاْ أَيۡنَ مَا كُنتُمۡ تَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِۖ قَالُواْ ضَلُّواْ عَنَّا وَشَهِدُواْ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ أَنَّهُمۡ كَانُواْ كَٰفِرِينَ ٣٧

38. [Фариштагон] Ба онҳо мегӯянд: «Дар байни гурӯҳҳое аз ҷин ва инс, ки пеш аз шумо [кофиру гумроҳ] буданд, дар оташ [-и дузах] ворид шавед». Ҳар гоҳ гурӯҳе ворид мешаванд, гурӯҳи дигарро лаънат мекунанд, то ҳангоме ки [саранҷом] ҳамагӣ дар онҷо ба ҳам мерасанд. Пайравони [фиребхӯрдаи] онҳо дар бораи раҳбаронашон мегӯянд: «Парвардигоро, инҳо буданд, ки моро гумроҳ карданд. Пас, азоби дучанд аз оташ ба онон бидеҳ». [Аллоҳ таоло] Мефармояд: «Барои ҳар кадом [аз шумо азоби] дучанд аст, вале намедонед»

قَالَ ٱدۡخُلُواْ فِيٓ أُمَمٖ قَدۡ خَلَتۡ مِن قَبۡلِكُم مِّنَ ٱلۡجِنِّ وَٱلۡإِنسِ فِي ٱلنَّارِۖ كُلَّمَا دَخَلَتۡ أُمَّةٞ لَّعَنَتۡ أُخۡتَهَاۖ حَتَّىٰٓ إِذَا ٱدَّارَكُواْ فِيهَا جَمِيعٗا قَالَتۡ أُخۡرَىٰهُمۡ لِأُولَىٰهُمۡ رَبَّنَا هَٰٓؤُلَآءِ أَضَلُّونَا فَـَٔاتِهِمۡ عَذَابٗا ضِعۡفٗا مِّنَ ٱلنَّارِۖ قَالَ لِكُلّٖ ضِعۡفٞ وَلَٰكِن لَّا تَعۡلَمُونَ ٣٨

39. Раҳбарони онҳо ба пайравонашон мегӯянд: «Шумо бар мо ҳеҷ имтиёзе надоред, пас, ба [кайфари] ончи мекардед, азобро бичашед»

وَقَالَتۡ أُولَىٰهُمۡ لِأُخۡرَىٰهُمۡ فَمَا كَانَ لَكُمۡ عَلَيۡنَا مِن فَضۡلٖ فَذُوقُواْ ٱلۡعَذَابَ بِمَا كُنتُمۡ تَكۡسِبُونَ ٣٩

40. Касоне, ки оёти Моро дурӯғ ангоштанд ва дар баробари онҳо [гарданкашӣ ва] такаббур намуданд, дарҳои осмон ҳаргиз барояшон кушода намешавад ва ба биҳишт ворид

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا وَٱسۡتَكۡبَرُواْ عَنۡهَا لَا تُفَتَّحُ لَهُمۡ أَبۡوَٰبُ ٱلسَّمَآءِ وَلَا يَدۡخُلُونَ ٱلۡجَنَّةَ حَتَّىٰ يَلِجَ ٱلۡجَمَلُ فِي سَمِّ ٱلۡخِيَاطِۚ وَكَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُجۡرِمِينَ ٤٠

нахоҳанд шуд, магар онки шутур аз сӯрохи сӯзан ворид шавад.Ва гунаҳгоронро инчунин кайфар медиҳем

لَهُم مِّن جَهَنَّمَ مِهَادٌ وَمِن فَوْقِهِمْ غَوَاشٍۚ وَكَذَٰلِكَ نَجْزِي ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٤١﴾

41. Бар эшон бистаре аз [оташи] дузах [муҳайёст] ва [рӯйандозашон низ] пӯшишҳое [аз оташ] аст ва ситамгоронро инчунин кайфар медиҳем

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَا نُكَلِّفُ نَفْسًا إِلَّا وُسْعَهَآ أُوْلَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلْجَنَّةِۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٤٢﴾

42. Касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд [ҳар андоза амали нек кардаанд, мепазирем, чаро ки] ва ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавонаш мукаллаф намесозем. Инон биҳиштиянд ва дар он ҷовидон хоҳанд буд

وَنَزَعْنَا مَا فِي صُدُورِهِم مِّنْ غِلٍّ تَجْرِي مِن تَحْتِهِمُ ٱلْأَنْهَٰرُۖ وَقَالُواْ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِي هَدَىٰنَا لِهَٰذَا وَمَا كُنَّا لِنَهْتَدِيَ لَوْلَآ أَنْ هَدَىٰنَا ٱللَّهُۖ لَقَدْ جَآءَتْ رُسُلُ رَبِّنَا بِٱلْحَقِّۖ وَنُودُوٓاْ أَن تِلْكُمُ ٱلْجَنَّةُ أُورِثْتُمُوهَا بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٤٣﴾

43. Ва ҳар кинаеро аз синаҳояшон мезудоем.Аз зери [қасрҳои] онон ҷуйборҳо ҷорӣ аст ва мегӯянд: «Сипос махсуси Аллоҳ таоло аст, ки моро [тавфиқи ибодат дод ва] ба ин [биҳишт] ҳидоят намуд.Ва агар Аллоҳ таоло ҳидоятамон намекард, ҳаргиз роҳ намеёфтем. Бе тардид, фиристодагони Парвардигорамон, ба ростӣ ва дурустӣ омаданд». [Он гоҳ] Ба онон нидо дода мешавад, ки: «Ин биҳишт ба подоши он чи мекардед, ба шумо расидааст»

وَنَادَىٰٓ أَصْحَٰبُ ٱلْجَنَّةِ أَصْحَٰبَ ٱلنَّارِ أَن قَدْ وَجَدْنَا مَا وَعَدَنَا رَبُّنَا حَقًّا فَهَلْ وَجَدتُّم مَّا وَعَدَ رَبُّكُمْ حَقًّاۖ قَالُواْ نَعَمْۚ فَأَذَّنَ مُؤَذِّنٌۢ بَيْنَهُمْ أَن لَّعْنَةُ ٱللَّهِ عَلَى ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٤٤﴾

44. Биҳиштиён дузахиёнро нидо медиҳанд, ки: «Мо он чиро, ки Парвардигорамон ба мо ваъда дода буд, дуруст ёфтем. Оё шумо [низ] он чиро, ки Парвардигоратон ваъда карда буд, дуруст ёфтед?» Онон мегӯянд: «Оре». Пас, нидодиҳандае миёнашон нидо медиҳад, ки: «Лаънати Аллоҳ таоло бар ситамгорон [кофирон] бод»!

ٱلَّذِينَ يَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ وَيَبْغُونَهَا عِوَجًا وَهُم بِٱلْأٓخِرَةِ كَٰفِرُونَ ﴿٤٥﴾

45. [Ҳамон] Касоне, ки [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло бозмедоштанд ва онро [бо илқои шубаҳот] мунҳариф мехостанд ва охиратро бовар надоштанд»

وَبَيْنَهُمَا حِجَابٌۚ وَعَلَى ٱلْأَعْرَافِ رِجَالٌ يَعْرِفُونَ كُلًّۢا بِسِيمَىٰهُمْۚ وَنَادَوْاْ أَصْحَٰبَ ٱلْجَنَّةِ أَن سَلَٰمٌ عَلَيْكُمْۚ لَمْ يَدْخُلُوهَا وَهُمْ يَطْمَعُونَ ﴿٤٦﴾

46. Дар миёни он ду [гурӯҳ: биҳиштӣ ва дузахӣ] монеъе аст ва бар аъроф [баландиҳои он монеъ]

мардоне ҳастанд, ки ҳар як [аз он ду гурӯҳ]-ро аз [нишонаҳои] чеҳраашон мешиносанд ва [аз баландии аъроф] аҳли биҳиштро нидо медиҳанд, ки: «Салом бар шумо бод». Инон умеди биҳишт доранд ва ҳанӯз ба он ворид нашудаанд

47. Ва чун чашмонашон мутаваҷҷеҳи аҳли дузах мешавад, мегӯянд: «Парвардигоро, моро бо гурӯҳи ситамгорон [дар якҷо] қарор мадеҳ»

وَإِذَا صُرِفَتْ أَبْصَٰرُهُمْ تِلْقَآءَ أَصْحَٰبِ ٱلنَّارِ قَالُوا۟ رَبَّنَا لَا تَجْعَلْنَا مَعَ ٱلْقَوْمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٤٧﴾

48. Аҳли аъроф мардоне [аз дузахиёнро], ки ононро аз чеҳраҳояшон мешиносанд, садо мезананд [ва] мегӯянд: «Ҷамъият [-у моландузӣ]-и шумо ва он [ҳама] гарданкашӣ [ва такаббур]-е, ки мекардед, ба ҳолатон суде надошт»

وَنَادَىٰٓ أَصْحَٰبُ ٱلْأَعْرَافِ رِجَالًا يَعْرِفُونَهُم بِسِيمَىٰهُمْ قَالُوا۟ مَآ أَغْنَىٰ عَنكُمْ جَمْعُكُمْ وَمَا كُنتُمْ تَسْتَكْبِرُونَ ﴿٤٨﴾

49. Оё инҳо [биҳиштиён] ҳамон касоне ҳастанд, ки савганд ёд мекардед, ки Аллоҳ таоло [ҳаргиз] раҳмате ба онон намерасонад? [Сипас Аллоҳ таоло мефармояд: эй муъминон] Ба биҳишт ворид шавед [ки дар онҷо], на тарсе хоҳед дошт ва на андуҳгин мешавед

أَهَٰٓؤُلَآءِ ٱلَّذِينَ أَقْسَمْتُمْ لَا يَنَالُهُمُ ٱللَّهُ بِرَحْمَةٍ ۚ ٱدْخُلُوا۟ ٱلْجَنَّةَ لَا خَوْفٌ عَلَيْكُمْ وَلَآ أَنتُمْ تَحْزَنُونَ ﴿٤٩﴾

50. Аҳли дузах биҳиштиёнро нидо медиҳанд, ки: «Аз он об ё ончи Аллоҳ таоло рӯзиятон додааст, андаке моро баҳраманд созед» [Онон дар посух] Мегӯянд: «Аллоҳ таоло ҳардуро бар кофирон ҳаром кардааст»

وَنَادَىٰٓ أَصْحَٰبُ ٱلنَّارِ أَصْحَٰبَ ٱلْجَنَّةِ أَنْ أَفِيضُوا۟ عَلَيْنَا مِنَ ٱلْمَآءِ أَوْ مِمَّا رَزَقَكُمُ ٱللَّهُ ۚ قَالُوٓا۟ إِنَّ ٱللَّهَ حَرَّمَهُمَا عَلَى ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٥٠﴾

51. [Ҳамон] Касоне, ки дини худро ба саргармӣ ва бозӣ гирифтанд ва зиндагии дунё фиребашон дод. Пас, чунон ки онон дидори имрӯзашонро аз ёд бурданд ва оёти Моро инкор карданд, Мо [низ] имрӯз ононро аз ёд мебарем [ва дар азоб раҳо мекунем]

ٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُوا۟ دِينَهُمْ لَهْوًا وَلَعِبًا وَغَرَّتْهُمُ ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَا ۚ فَٱلْيَوْمَ نَنسَىٰهُمْ كَمَا نَسُوا۟ لِقَآءَ يَوْمِهِمْ هَٰذَا وَمَا كَانُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا يَجْحَدُونَ ﴿٥١﴾

52. Ба ростӣ, мо барояшон китобе овардем, ки онро бар [асоси] илм [-и бекарони илоҳӣ] ба тафсил баён кардаем ва [нозил кардем, то] барои гурӯҳе, ки имон меоваранд, ҳидояту раҳмате бошад

وَلَقَدْ جِئْنَٰهُم بِكِتَٰبٍ فَصَّلْنَٰهُ عَلَىٰ عِلْمٍ هُدًى وَرَحْمَةً لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٥٢﴾

هَلۡ يَنظُرُونَ إِلَّا تَأۡوِيلَهُۥۚ يَوۡمَ يَأۡتِي تَأۡوِيلُهُۥ يَقُولُ ٱلَّذِينَ نَسُوهُ مِن قَبۡلُ قَدۡ جَآءَتۡ رُسُلُ رَبِّنَا بِٱلۡحَقِّ فَهَل لَّنَا مِن شُفَعَآءَ فَيَشۡفَعُواْ لَنَآ أَوۡ نُرَدُّ فَنَعۡمَلَ غَيۡرَ ٱلَّذِي كُنَّا نَعۡمَلُۚ قَدۡ خَسِرُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ وَضَلَّ عَنۡهُم مَّا كَانُواْ يَفۡتَرُونَ ٥٣

53. Оё онон [кофирон] ҷуз таъвили оёт [ва фаро расидани қиёмат] интизори [дигаре] доранд? Рӯзе, ки таъвилаш [қиёмат] фаро расад, касоне, ки онро пештар фаромӯш карда буданд, мегӯянд: «Яқинан, фиристодагони Парвардигорамон ба ҳақ омада буданд.Пас, оё [имрӯз] шафоатгароне дорем, ки шафоатамон кунанд ё [метавонем ба дунё] бозгардем, то корҳое ғайр аз ончи мекардем, анҷом диҳем»? Бе тардид, [онон] ба худ зиён заданд ва онҷиро ба дурӯғ [маъбуди худ] месохтанд, [ҳама] маҳву нобуд шуд

إِنَّ رَبَّكُمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِۖ يُغۡشِي ٱلَّيۡلَ ٱلنَّهَارَ يَطۡلُبُهُۥ حَثِيثٗا وَٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَ وَٱلنُّجُومَ مُسَخَّرَٰتِۭ بِأَمۡرِهِۦٓۗ أَلَا لَهُ ٱلۡخَلۡقُ وَٱلۡأَمۡرُۗ تَبَارَكَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٥٤

54. [Эй мардум] Бе гумон, Парвардигори шумо Аллоҳ таоло аст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт. [Торикии]Шабробо[рӯшноии]рӯзмепӯшонад, ки [ҳаряки] он [дигаре]-ро шитобон мечӯяд ва хуршеду моҳ ва ситорагонро [падид овард], ки [ҳамагӣ] ба фармони Ӯ ба хидмат [-иинсон] гумошта шудаанд. Огоҳ бошед! Офариниш ва фармонравоӣ аз они Ӯст. Пурбаракат [-у бузург] аст Аллоҳ таолое, ки Парвардигори ҷаҳониён аст

ٱدۡعُواْ رَبَّكُمۡ تَضَرُّعٗا وَخُفۡيَةًۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُعۡتَدِينَ ٥٥

55. [Эй муъминон] Парвардигоратонро ба зорӣ ва пинҳонӣ бихонед, ки Ӯ таҷовузкунандагон [-и ҳудуди илоҳӣ]-ро дӯст намедорад

وَلَا تُفۡسِدُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ بَعۡدَ إِصۡلَٰحِهَا وَٱدۡعُوهُ خَوۡفٗا وَطَمَعًاۚ إِنَّ رَحۡمَتَ ٱللَّهِ قَرِيبٞ مِّنَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٥٦

56. Ва дар замин, пас аз он ки [бо биъсати паёмбарон ва диндории муъминон] ислоҳ гаштааст, фитна ва фасод накунед ва Ӯ [Аллоҳ таоло]-ро бо биму умед бихонед, [ки] бе тардид, раҳмати Аллоҳ таоло ба накукорон наздик аст

وَهُوَ ٱلَّذِي يُرۡسِلُ ٱلرِّيَٰحَ بُشۡرَۢا بَيۡنَ يَدَيۡ رَحۡمَتِهِۦٓۖ حَتَّىٰٓ إِذَآ أَقَلَّتۡ سَحَابٗا ثِقَالٗا سُقۡنَٰهُ لِبَلَدٖ مَّيِّتٖ فَأَنزَلۡنَا بِهِ ٱلۡمَآءَ فَأَخۡرَجۡنَا بِهِۦ مِن كُلِّ ٱلثَّمَرَٰتِۚ كَذَٰلِكَ نُخۡرِجُ ٱلۡمَوۡتَىٰ لَعَلَّكُمۡ تَذَكَّرُونَ ٥٧

57. Ӯст, ки пешопеши [борони] раҳматаш бодҳоро башоратбахш мефиристад, то абрҳои сангинборро [бар дӯш] кашанд [ва] онро ба сӯйи замини [хушку] мурда мефиристем,он гоҳ бар он [сарзамин] об фурӯ меборем ва [аз баракати] он [об] ҳар гуна мевае бармеоварем. Ба ин сон, мурдагонро [низ аз қабр] хориҷ месозем, бошад, ки панд гиред

وَٱلۡبَلَدُ ٱلطَّيِّبُ يَخۡرُجُ نَبَاتُهُۥ بِإِذۡنِ رَبِّهِۦۖ وَٱلَّذِي خَبُثَ لَا يَخۡرُجُ إِلَّا نَكِدٗاۚ كَذَٰلِكَ نُصَرِّفُ ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يَشۡكُرُونَ ٥٨

58. Сарзамини покиза [ва омода] гиёҳаш ба фармони Парвардигораш [фаровону пурбор] мерӯяд ва аз он [шӯразоре], ки нопок аст, ҷуз [гиёҳи] андаку беарзиш намерӯяд. Ин гуна оёт [-и худ]-ро барои гурӯхе, ки сипос мегузоранд, гуногун баён мекунем

لَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا نُوحًا إِلَىٰ قَوۡمِهِۦ فَقَالَ يَٰقَوۡمِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنۡ إِلَٰهٍ غَيۡرُهُۥٓۖ إِنِّيٓ أَخَافُ عَلَيۡكُمۡ عَذَابَ يَوۡمٍ عَظِيمٖ ٥٩

59. Бе тардид, Мо Нуҳро ба сӯйи қавмаш фиристодем, пас, гуфт: «Эй қавми ман, Аллоҳ таолоро бипарастед, ки ҷуз Ӯ маъбуде [ба ҳақ] надоред. [Агар Ӯро ибодат накунед] Ман бар шумо аз азоби рӯзи бузург метарсам»

قَالَ ٱلۡمَلَأٞ مِن قَوۡمِهِۦٓ إِنَّا لَنَرَىٰكَ فِي ضَلَٰلٖ مُّبِينٖ ٦٠

60. Ашроф [-у бузургон]-и қавмаш гуфтанд: «Ба ростӣ, ки мо туро дар гумроҳии ошкор мебинем»

قَالَ يَٰقَوۡمِ لَيۡسَ بِي ضَلَٰلَةٞ وَلَٰكِنِّي رَسُولٞ مِّن رَّبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٦١

61. Ӯ гуфт: «Эй қавми ман, ҳеҷ гуна гумроҳӣ [ва инҳирофе] дар ман нест, балки ман фиристодае аз [ҷониби] Парвардигори ҷаҳониёнам

أُبَلِّغُكُمۡ رِسَٰلَٰتِ رَبِّي وَأَنصَحُ لَكُمۡ وَأَعۡلَمُ مِنَ ٱللَّهِ مَا لَا تَعۡلَمُونَ ٦٢

62. Паёмҳои Парвардигорамро ба шумо мерасонам ва бароятон хайрхоҳӣ мекунам ва аз [шариати] Аллоҳ таоло чизҳое медонам, ки шумо намедонед

أَوَعَجِبۡتُمۡ أَن جَآءَكُمۡ ذِكۡرٞ مِّن رَّبِّكُمۡ عَلَىٰ رَجُلٖ مِّنكُمۡ لِيُنذِرَكُمۡ وَلِتَتَّقُواْ وَلَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ٦٣

63. Оё тааҷҷуб кардаед, ки панде аз ҷониби Парвардигоратон тавассути марде аз худи шумо бароятон омада бошад, то шуморо [аз азоби қиёмат] бим диҳад, ки парво пеша кунед ва бошад, ки фарогирифтаи раҳмат гардед»?

فَكَذَّبُوهُ فَأَنجَيۡنَٰهُ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥ فِي ٱلۡفُلۡكِ وَأَغۡرَقۡنَا ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَآۖ إِنَّهُمۡ كَانُواْ قَوۡمًا عَمِينَ ٦٤

64. Пас, вайро дурӯғгӯ пиндоштанд,он гоҳ Мо ӯ ва касоне, ки ҳамроҳаш дар киштӣ буданд, наҷот додем ва касоне, ки оёти Моро дурӯғ ангошта буданд, ғарқ кардем. Ба ростӣ, ки онон [дар қабули ҳақ] гурӯҳи нобино буданд.

وَإِلَىٰ عَادٍ أَخَاهُمۡ هُودٗاۚ قَالَ يَٰقَوۡمِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنۡ إِلَٰهٍ غَيۡرُهُۥٓۖ أَفَلَا تَتَّقُونَ ٦٥

65. Ва ба [сӯйи қавми] Од бародарашон Ҳудро [фиристодем]. Ӯ гуфт: «Эй қавми ман, Аллоҳ таолоро бипарастед, ки ҷуз Ӯ маъбуди [барҳақ] надоред. Оё парво намекунед»?

قَالَ ٱلْمَلَأُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن قَوْمِهِۦٓ إِنَّا لَنَرَىٰكَ فِى سَفَاهَةٍ وَإِنَّا لَنَظُنُّكَ مِنَ ٱلْكَٰذِبِينَ ﴿٦٦﴾

66. Ашроф [-у бузургон]-и қавми ӯ ки кофир буданд, гуфтанд: «Бе гумон, мо туро дар нодонӣ мебинем ва мо, ҳатман, туро аз дурӯғгӯён мепиндорем»

قَالَ يَٰقَوْمِ لَيْسَ بِى سَفَاهَةٌ وَلَٰكِنِّى رَسُولٌ مِّن رَّبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٦٧﴾

67. Гуфт: «Эй қавми ман, ҳеҷгуна нодоние дар ман нест, балки ман фиристодае аз [ҷониби] Парвардигори ҷаҳониён ҳастам

أُبَلِّغُكُمْ رِسَٰلَٰتِ رَبِّى وَأَنَا۠ لَكُمْ نَاصِحٌ أَمِينٌ ﴿٦٨﴾

68. Паёмҳои Парвардигорамро ба шумо мерасонам ва ман бароятон хайрхоҳи амин ҳастам

أَوَعَجِبْتُمْ أَن جَآءَكُمْ ذِكْرٌ مِّن رَّبِّكُمْ عَلَىٰ رَجُلٍ مِّنكُمْ لِيُنذِرَكُمْ ۚ وَٱذْكُرُوٓاْ إِذْ جَعَلَكُمْ خُلَفَآءَ مِنۢ بَعْدِ قَوْمِ نُوحٍ وَزَادَكُمْ فِى ٱلْخَلْقِ بَصْۜطَةً ۖ فَٱذْكُرُوٓاْ ءَالَآءَ ٱللَّهِ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ﴿٦٩﴾

69. Оё тааҷҷуб кардаед, ки панде аз ҷониби Парвардигоратон тавассути марде аз худи шумо бароятон омада бошад, то шуморо [аз азоби қиёмат] бим диҳад? Ва ба ёд оваред, ҳангоме ки пас аз қавми Нуҳ шуморо ҷонишинон [-и онон] қарор дод ва ба шумо дар офариниш фузунӣ [ва қудрат] дод. Пас, неъматҳои Аллоҳ таолоро ба ёд оваред, бошад, ки растагор шавед»

قَالُوٓاْ أَجِئْتَنَا لِنَعْبُدَ ٱللَّهَ وَحْدَهُۥ وَنَذَرَ مَا كَانَ يَعْبُدُ ءَابَآؤُنَا ۖ فَأْتِنَا بِمَا تَعِدُنَآ إِن كُنتَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ﴿٧٠﴾

70. [Кофирон] Гуфтанд: «Оё сӯйи мо омадаӣ, ки фақат Аллоҳ таолоро бипарастем ва он чиро падаронамон мепарастиданд, раҳо кунем? Пас, агар аз ростгӯёнӣ, он чи [аз азоби илоҳӣ, ки] ба мо ваъда медиҳӣ биёвар»

قَالَ قَدْ وَقَعَ عَلَيْكُم مِّن رَّبِّكُمْ رِجْسٌ وَغَضَبٌ ۖ أَتُجَٰدِلُونَنِى فِىٓ أَسْمَآءٍ سَمَّيْتُمُوهَآ أَنتُمْ وَءَابَآؤُكُم مَّا نَزَّلَ ٱللَّهُ بِهَا مِن سُلْطَٰنٍ ۚ فَٱنتَظِرُوٓاْ إِنِّى مَعَكُم مِّنَ ٱلْمُنتَظِرِينَ ﴿٧١﴾

71. [Ҳуд] гуфт: «Бе тардид, азоб ва хашми [сахт] аз [сӯйи] Парвардигоратон бар шумо воқеъ шуда [ва шуморо фарогирифта] аст. Оё дар бораи исмҳое, ки худи шумо ва падаронатон онҳоро [маъбуд] ном ниҳодаед ва Аллоҳ таоло ҳеҷ далеле бар [ҳаққонияти] он нозил накардааст, бо ман муҷодала мекунед? Пас, мунтазир бошед, [ки] бе гумон, ман [низ] бо шумо аз мунтазиронам»

فَأَنجَيْنَٰهُ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥ بِرَحْمَةٍ مِّنَّا وَقَطَعْنَا دَابِرَ ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا ۖ وَمَا كَانُواْ مُؤْمِنِينَ ﴿٧٢﴾

72. Пас, ӯ ва касонеро, ки ҳамроҳаш буданд, ба раҳмат [ва лутфе] аз [ҷониби] хеш наҷот додем ва решаи касоне, ки оёти Моро дурӯғ ангоштанд ва аз муъминон набуданд, барандохтем

وَإِلَىٰ ثَمُودَ أَخَاهُمْ صَٰلِحًا ۚ قَالَ يَٰقَوْمِ ٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَٰهٍ غَيْرُهُۥ ۖ قَدْ جَآءَتْكُم بَيِّنَةٌ مِّن رَّبِّكُمْ ۖ هَٰذِهِۦ نَاقَةُ ٱللَّهِ لَكُمْ ءَايَةً ۖ فَذَرُوهَا تَأْكُلْ فِىٓ أَرْضِ ٱللَّهِ ۖ وَلَا تَمَسُّوهَا بِسُوٓءٍ فَيَأْخُذَكُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٧٣﴾

73. Ва ба [сӯйи қавми] Самуд бародарашон Солеҳ ро [фиристодем] Ӯ гуфт: «Эй қавми ман, Аллоҳ таолоро бипарастед, ки ҷуз Ӯ маъбуд [-и барҳақ] надоред. Бе тардид, далели равшане аз [сӯйи] Парвардигоратон барои шумо омадааст. Ин модашутури Аллоҳ таоло [ки аз дили сахраҳо берун омадааст] бароятон муъҷизаест, пас, ӯро [ба ҳоли худ] вогузоред, то дар замини Аллоҳ таоло [бичарад ва алаф] бихӯрад ва ба ӯ озор [-у осебе] нарасонед, ки шуморо азоби дардноке фаро хоҳад гирифт

وَٱذْكُرُوٓا۟ إِذْ جَعَلَكُمْ خُلَفَآءَ مِنۢ بَعْدِ عَادٍ وَبَوَّأَكُمْ فِى ٱلْأَرْضِ تَتَّخِذُونَ مِن سُهُولِهَا قُصُورًا وَتَنْحِتُونَ ٱلْجِبَالَ بُيُوتًا ۖ فَٱذْكُرُوٓا۟ ءَالَآءَ ٱللَّهِ وَلَا تَعْثَوْا۟ فِى ٱلْأَرْضِ مُفْسِدِينَ ﴿٧٤﴾

74. Ва ба ёд оваред, ҳангоме ки [Аллоҳ таоло] шуморо аз [қавми] Од ҷонишинон [-и онон] қарор дод ва дар замин мустақар сохт, ки дар даштҳояш қасрҳое бино мекунед ва дар кӯҳҳо хонаҳое метарошед. Пас, неъматҳои Аллоҳ таолоро ба ёд оваред ва дар замин ба фасод [-у табоҳӣ] накушед»

قَالَ ٱلْمَلَأُ ٱلَّذِينَ ٱسْتَكْبَرُوا۟ مِن قَوْمِهِۦ لِلَّذِينَ ٱسْتُضْعِفُوا۟ لِمَنْ ءَامَنَ مِنْهُمْ أَتَعْلَمُونَ أَنَّ صَٰلِحًا مُّرْسَلٌ مِّن رَّبِّهِۦ ۚ قَالُوٓا۟ إِنَّا بِمَآ أُرْسِلَ بِهِۦ مُؤْمِنُونَ ﴿٧٥﴾

75. Ашроф [-у бузургон]-и қавми ӯ, ки гарданкашӣ мекарданд, ба заифону бечорагон, ба [ҳамон] касоне, ки имон оварда буданд, гуфтанд: «Оё [ба яқин] медонед, ки Солеҳ аз [тарафи] Парвардигораш фиристода шудааст»? [Онон] Гуфтанд: «Мо ба он чи ӯ ба он фиристода шудааст, имон дорем»

قَالَ ٱلَّذِينَ ٱسْتَكْبَرُوٓا۟ إِنَّا بِٱلَّذِىٓ ءَامَنتُم بِهِۦ كَٰفِرُونَ ﴿٧٦﴾

76. Онон, ки гарданкашӣ мекарданд, гуфтанд: «Мо ба ончи шумо ба он имон овардаед, бовар надорем»

فَعَقَرُوا۟ ٱلنَّاقَةَ وَعَتَوْا۟ عَنْ أَمْرِ رَبِّهِمْ وَقَالُوا۟ يَٰصَٰلِحُ ٱئْتِنَا بِمَا تَعِدُنَآ إِن كُنتَ مِنَ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٧٧﴾

77. Пас, модашутурро пай карданд ва аз фармони Парвардигорашон сар печиданд ва гуфтанд: «Эй Солеҳ, агар аз паёмбарон [-илоҳӣ] ҳастӣ, ончи аз азоб, ки ба мо ваъда медиҳӣ, [бар сарамон] биёвар»

فَأَخَذَتْهُمُ ٱلرَّجْفَةُ فَأَصْبَحُوا۟ فِى دَارِهِمْ جَٰثِمِينَ ﴿٧٨﴾

78. Саранҷом заминларза ононро фаро гирифт, пас, дар хонаҳои худ ба рӯ афтоданд [ва ҳалок шуданд]

فَتَوَلَّىٰ عَنْهُمْ وَقَالَ يَٰقَوْمِ لَقَدْ أَبْلَغْتُكُمْ رِسَالَةَ رَبِّى وَنَصَحْتُ لَكُمْ وَلَٰكِن لَّا تُحِبُّونَ ٱلنَّٰصِحِينَ ﴿٧٩﴾

79. Пас, [Солеҳ] аз онон рӯ гардониду гуфт: «Эй қавми ман, ман паёми Парвардигорамро ба шумо расонидам ва бароятон хайрхоҳӣ кардам, вале шумо [хайрхоҳону] насиҳатгаронро дӯст намедоред»

وَلُوطًا إِذْ قَالَ لِقَوْمِهِۦٓ أَتَأْتُونَ ٱلْفَٰحِشَةَ مَا سَبَقَكُم بِهَا مِنْ أَحَدٍ مِّنَ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٨٠﴾

80. Ва Лутро [ба паёмбарӣ фиристодем], ки ба қавми худ гуфт: «Оё кори бисёр зиштеро анҷом медиҳед, ки пеш аз шумо ҳеҷ як аз ҷаҳониён анҷом надодааст?

إِنَّكُمْ لَتَأْتُونَ ٱلرِّجَالَ شَهْوَةً مِّن دُونِ ٱلنِّسَآءِ ۚ بَلْ أَنتُمْ قَوْمٌ مُّسْرِفُونَ ﴿٨١﴾

81. Шумо аз рӯйи шаҳват ба ҷойи занон бо мардон меомезед. Оре, шумо [аз ҳудуди илоҳӣ фаротар рафтаед ва] гурӯҳи таҷовузкоред»

وَمَا كَانَ جَوَابَ قَوْمِهِۦٓ إِلَّآ أَن قَالُوٓا۟ أَخْرِجُوهُم مِّن قَرْيَتِكُمْ ۖ إِنَّهُمْ أُنَاسٌ يَتَطَهَّرُونَ ﴿٨٢﴾

82. Ва [-ле] посухи қавмаш ҷуз ин набуд, ки гуфтанд: «Ононро аз шаҳратон берун кунед, [чароки] бе тардид, инҳо афроди покдоман [-у муқаддасмаоб] ҳастанд»

فَأَنجَيْنَٰهُ وَأَهْلَهُۥٓ إِلَّا ٱمْرَأَتَهُۥ كَانَتْ مِنَ ٱلْغَٰبِرِينَ ﴿٨٣﴾

83. Пас, Мо ӯ ва хонадонашро наҷот додем, магар ҳамсараш, ки аз бозмондагон [дар азоб] буд

وَأَمْطَرْنَا عَلَيْهِم مَّطَرًا ۖ فَٱنظُرْ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلْمُجْرِمِينَ ﴿٨٤﴾

84. Ва бороне [аз санг] бар онон боридем. Пас, бингар, ки саранҷоми гунаҳкорон чи гуна буд

وَإِلَىٰ مَدْيَنَ أَخَاهُمْ شُعَيْبًا ۚ قَالَ يَٰقَوْمِ ٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَٰهٍ غَيْرُهُۥ ۖ قَدْ جَآءَتْكُم بَيِّنَةٌ مِّن رَّبِّكُمْ ۖ فَأَوْفُوا۟ ٱلْكَيْلَ وَٱلْمِيزَانَ وَلَا تَبْخَسُوا۟ ٱلنَّاسَ أَشْيَآءَهُمْ وَلَا تُفْسِدُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ بَعْدَ إِصْلَٰحِهَا ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿٨٥﴾

85. Ва ба сӯйи [мардуми] Мадян бародараш Шуайбро [фиристодем]. Ӯ гуфт: «Эй қавми ман, Аллоҳ таолоро бипарастед, ки ҷуз Ӯ маъбуд [-и барҳақ] надоред. Яқинан, аз [сӯйи] Парвардигоратон барои шумо далели равшан омадааст, пас, [ҳаққи] паймона ва тарозуро комил [-у дуруст] адо кунед ва ба мардум ачносашонро кам надиҳед ва дар замин пас аз ислоҳаш фасод накунед. Агар имон доред, ин барои шумо беҳтар аст

وَلَا تَقْعُدُوا۟ بِكُلِّ صِرَٰطٍ تُوعِدُونَ وَتَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ مَنْ ءَامَنَ بِهِۦ وَتَبْغُونَهَا عِوَجًا ۚ وَٱذْكُرُوٓا۟ إِذْ كُنتُمْ قَلِيلًا فَكَثَّرَكُمْ ۖ وَٱنظُرُوا۟ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلْمُفْسِدِينَ ﴿٨٦﴾

86. Ва бар сари ҳар роҳе нанишинед, ки [бо зӯргирӣ ва дуздӣ мардумро] битарсонед ва ҳаркиро имон дорад, аз роҳи Аллоҳ таоло боздоред ва роҳашро мунҳариф бихоҳед [ки ба ҳидоят даст

наёбад]. Ва ба ёд оваред, ҳангомеро ки андак будед, сипас Аллоҳ таоло [теъдоди] шуморо фузунӣ бахшид ва бингаред, ки саранҷоми муфсидон [-и табаҳкор] чи гуна буд

وَإِن كَانَ طَآئِفَةٌ مِّنكُمْ ءَامَنُواْ بِٱلَّذِىٓ أُرْسِلْتُ بِهِۦ وَطَآئِفَةٌ لَّمْ يُؤْمِنُواْ فَٱصْبِرُواْ حَتَّىٰ يَحْكُمَ ٱللَّهُ بَيْنَنَا ۚ وَهُوَ خَيْرُ ٱلْحَٰكِمِينَ ﴿٨٧﴾

87. Агар гурӯҳе аз шумо ба ончи ба он фиристода шудаам, имон оварданд ва гурӯҳи дигар имон наоварданд, пас, сабр кунед, то Аллоҳ таоло миёни мо доварӣ кунад ва Ӯ беҳтарин довар аст»

قَالَ ٱلْمَلَأُ ٱلَّذِينَ ٱسْتَكْبَرُواْ مِن قَوْمِهِۦ لَنُخْرِجَنَّكَ يَٰشُعَيْبُ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَكَ مِن قَرْيَتِنَآ أَوْ لَتَعُودُنَّ فِى مِلَّتِنَا ۚ قَالَ أَوَلَوْ كُنَّا كَٰرِهِينَ ﴿٨٨﴾

88. Ашроф [-у бузургон]-и қавмаш, ки такаббур меварзиданд гуфтанд: «Эй Шуайб, ҳатман, ту ва касонеро, ки ҳамроҳат имон овардаанд, аз шаҳрамон берун мекунем, [пас, ё биравед] ё ба оини мо баргардед». [Шуайб] Гуфт: «Оё [бозгардем ҳатто] агар аз он кароҳат дошта [ва безор] бошем?

قَدِ ٱفْتَرَيْنَا عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا إِنْ عُدْنَا فِى مِلَّتِكُم بَعْدَ إِذْ نَجَّىٰنَا ٱللَّهُ مِنْهَا ۚ وَمَا يَكُونُ لَنَآ أَن نَّعُودَ فِيهَآ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ رَبُّنَا ۚ وَسِعَ رَبُّنَا كُلَّ شَىْءٍ عِلْمًا ۚ عَلَى ٱللَّهِ تَوَكَّلْنَا ۚ رَبَّنَا ٱفْتَحْ بَيْنَنَا وَبَيْنَ قَوْمِنَا بِٱلْحَقِّ وَأَنتَ خَيْرُ ٱلْفَٰتِحِينَ ﴿٨٩﴾

89. Агар ба оини шумо баргардем, пас аз он ки Аллоҳ таоло моро аз он наҷот бахшид, дар ҳақиқат, ба Аллоҳ таоло дурӯғ бастаем.Ва моро сазовор нест, ки ба он бозгардем, магар он ки Аллоҳ таоло - Парвардигори мо бихоҳад. Илми Парвардигорамон ҳама чизро фаро гирифтааст.Бар Аллоҳ таоло таваккал кардаем. Парвардигоро, миёни мо ва қавмамон ба ҳақ доварӣ кун ва Ту беҳтарин доварӣ»

وَقَالَ ٱلْمَلَأُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن قَوْمِهِۦ لَئِنِ ٱتَّبَعْتُمْ شُعَيْبًا إِنَّكُمْ إِذًا لَّخَٰسِرُونَ ﴿٩٠﴾

90. Ва ашроф [-у бузургон]-и қавмаш, ки кофир буданд, гуфтанд: «Агар аз Шуайб пайравӣ кунед, ҳатман, зиёнкор хоҳед буд»

فَأَخَذَتْهُمُ ٱلرَّجْفَةُ فَأَصْبَحُواْ فِى دَارِهِمْ جَٰثِمِينَ ﴿٩١﴾

91. Он гоҳ зилзила [-и шадид]-е ононро фаро гирифт, пас, дар хонаҳои худ ба рӯ дарафтоданд [ва ҳалок шуданд]

ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ شُعَيْبًا كَأَن لَّمْ يَغْنَوْاْ فِيهَا ۚ ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ شُعَيْبًا كَانُواْ هُمُ ٱلْخَٰسِرِينَ ﴿٩٢﴾

92. Онон, ки Шуайбро дурӯғгӯ ангоштанд, [чунон аз байн рафтанд ки] гӯӣ ҳаргиз дар он [диёр] набудаанд ва онон ки Шуайбро дурӯғгӯ ангоштанд, худ зиёнкорон буданд

فَتَوَلَّىٰ عَنْهُمْ وَقَالَ يَٰقَوْمِ لَقَدْ أَبْلَغْتُكُمْ رِسَٰلَٰتِ رَبِّى وَنَصَحْتُ لَكُمْ ۖ فَكَيْفَ ءَاسَىٰ عَلَىٰ قَوْمٍ كَٰفِرِينَ ﴿٩٣﴾

93. Пас, [Шуайб] аз эшон рӯй гардонду гуфт: «Эй қавми ман, бе тардид паёмҳои Парвардигорамро ба шумо расондам ва пандатон додам. Пас, чигуна барои гурӯҳи кофир [-и лаҷуҷ] андуҳгин бошам»?

وَمَآ أَرْسَلْنَا فِى قَرْيَةٍ مِّن نَّبِىٍّ إِلَّآ أَخَذْنَآ أَهْلَهَا بِٱلْبَأْسَآءِ وَٱلضَّرَّآءِ لَعَلَّهُمْ يَضَّرَّعُونَ ﴿٩٤﴾

94. Ва мо дар ҳеҷ шаҳр [ва диёре] паёмбаре нафиристодем, магар инки сокинонашро ба ранҷҳо ва сахтиҳо гирифтор сохтем, бошад, ки [ба даргоҳи илоҳӣ фурӯтанӣ ва] тазарруъ кунанд

ثُمَّ بَدَّلْنَا مَكَانَ ٱلسَّيِّئَةِ ٱلْحَسَنَةَ حَتَّىٰ عَفَواْ وَّقَالُواْ قَدْ مَسَّ ءَابَآءَنَا ٱلضَّرَّآءُ وَٱلسَّرَّآءُ فَأَخَذْنَٰهُم بَغْتَةً وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ ﴿٩٥﴾

95. Сипас ба ҷойи нохушӣ [ва бадӣ] некӣ [ва хушӣ] овардем, то афзун шуданд ва гуфтанд: «Бе тардид, ба падарони мо [низ ба ҳукми табиат] сахтӣ ва роҳате мерасид». Пас, дар ҳоле ки бехабар буданд, ононро [ба азоб] фаро гирифтем

وَلَوْ أَنَّ أَهْلَ ٱلْقُرَىٰٓ ءَامَنُواْ وَٱتَّقَوْاْ لَفَتَحْنَا عَلَيْهِم بَرَكَٰتٍ مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ وَلَٰكِن كَذَّبُواْ فَأَخَذْنَٰهُم بِمَا كَانُواْ يَكْسِبُونَ ﴿٩٦﴾

96. Ва агар аҳли он шаҳрҳо имон меоварданд ва парво мекарданд, [дарҳои] баракати осмон ва заминро бар онон мекушодем, вале [оёту паёмҳои Моро] дурӯғ ангоштаанд, пас, ба [кайфари] ончи мекарданд, ононро [ба азоб] фаро гирифтем

أَفَأَمِنَ أَهْلُ ٱلْقُرَىٰٓ أَن يَأْتِيَهُم بَأْسُنَا بَيَٰتًا وَهُمْ نَآئِمُونَ ﴿٩٧﴾

97. Оё сокинони [ин] шаҳрҳо дар амонанд аз инки азоби Мо [ногаҳон] шабҳангом, ки хуфтаанд ба суроғашон биояд?

أَوَأَمِنَ أَهْلُ ٱلْقُرَىٰٓ أَن يَأْتِيَهُم بَأْسُنَا ضُحًى وَهُمْ يَلْعَبُونَ ﴿٩٨﴾

98. Ва оё сокинони [ин] шаҳрҳо дар амонанд аз ин ки азоби Мо нимрӯзӣ, ки ба бозӣ [ва умури беҳуда] саргарманд, ба суроғашон биояд?

أَفَأَمِنُواْ مَكْرَ ٱللَّهِ ۚ فَلَا يَأْمَنُ مَكْرَ ٱللَّهِ إِلَّا ٱلْقَوْمُ ٱلْخَٰسِرُونَ ﴿٩٩﴾

99. Оё худро аз макр [-у тадбир]-и Аллоҳ таоло эмин донистаанд? [Ҳол он ки] Ҷуз мардуми зиёнкор [касе] худро аз макри Аллоҳ таоло дар амон намедонад

أَوَلَمْ يَهْدِ لِلَّذِينَ يَرِثُونَ ٱلْأَرْضَ مِنۢ بَعْدِ أَهْلِهَآ أَن لَّوْ نَشَآءُ أَصَبْنَٰهُم بِذُنُوبِهِمْ ۚ وَنَطْبَعُ عَلَىٰ قُلُوبِهِمْ فَهُمْ لَا يَسْمَعُونَ ﴿١٠٠﴾

100. Оё барои касоне, ки заминро пас аз сокинони [пешини] он ба ирс мебаранд, равшан нашудааст, ки агар мехостем, ононро ба [кайфари] гуноҳонашон нобуд мекардем ва ба дилҳояшон

муҳр мениҳодем, то дигар [нидои ҳақро] нашнаванд?

تِلْكَ ٱلْقُرَىٰ نَقُصُّ عَلَيْكَ مِنْ أَنۢبَآئِهَا ۚ وَلَقَدْ جَآءَتْهُمْ رُسُلُهُم بِٱلْبَيِّنَٰتِ فَمَا كَانُوا۟ لِيُؤْمِنُوا۟ بِمَا كَذَّبُوا۟ مِن قَبْلُ ۚ كَذَٰلِكَ يَطْبَعُ ٱللَّهُ عَلَىٰ قُلُوبِ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿١٠١﴾

101. [Эй паёмбар] Инҳо шаҳрҳоест, ки бархе аз хабарҳояшонро бар ту ҳикоят мекунем. Бе тардид, паёмбарони онҳо далоили равшан барои эшон оварданд, вале онон намехостанд ба чизе, ки пештар дурӯғ шумурда буданд, имон оваранд. Аллоҳ таоло бар дилҳои кофирон, ин гуна муҳр [-и ғафлат] мениҳад

وَمَا وَجَدْنَا لِأَكْثَرِهِم مِّنْ عَهْدٍ ۖ وَإِن وَجَدْنَآ أَكْثَرَهُمْ لَفَٰسِقِينَ ﴿١٠٢﴾

102. Ва дар бештарашон вафое ба аҳд наёфтем ва аксарашонро ҷиддан нофармон ёфтем

ثُمَّ بَعَثْنَا مِنۢ بَعْدِهِم مُّوسَىٰ بِـَٔايَٰتِنَآ إِلَىٰ فِرْعَوْنَ وَمَلَإِيْهِۦ فَظَلَمُوا۟ بِهَا ۖ فَٱنظُرْ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلْمُفْسِدِينَ ﴿١٠٣﴾

103. Сипас баъд аз онҳо Мӯсоро бо оёти хеш ба сӯйи Фиръавн ва бузургони қавмаш фиристодем, вале онҳо ба он [оёт] куфр варзиданд.Пас, бингар, ки саранҷоми табаҳкорон чигуна будааст

وَقَالَ مُوسَىٰ يَٰفِرْعَوْنُ إِنِّى رَسُولٌ مِّن رَّبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿١٠٤﴾

104. Ва Мӯсо гуфт: «Эй Фиръавн, ман фиристодае аз [сӯйи] Парвардигори ҷаҳониёнам

حَقِيقٌ عَلَىٰٓ أَن لَّآ أَقُولَ عَلَى ٱللَّهِ إِلَّا ٱلْحَقَّ ۚ قَدْ جِئْتُكُم بِبَيِّنَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ فَأَرْسِلْ مَعِىَ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ﴿١٠٥﴾

105. Сазовораст, ки дар мавриди Аллоҳ таоло ҷуз [ба ростӣ ва] ҳақ сухан нагӯем. Бе тардид, ман далел [ва муъҷизаи равшан] аз Парвардигоратон барои шумо овардаам.Пас,Бани Исроилро ҳамроҳи ман бифирист»

قَالَ إِن كُنتَ جِئْتَ بِـَٔايَةٍ فَأْتِ بِهَآ إِن كُنتَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ﴿١٠٦﴾

106. [Фиръавн] Гуфт: «Агар муъҷизае овардаӣ, [ва] агар рост мегӯӣ, онро биёвар»

فَأَلْقَىٰ عَصَاهُ فَإِذَا هِىَ ثُعْبَانٌ مُّبِينٌ ﴿١٠٧﴾

107. Пас, [Мӯсо] асои худро андохт ва ногаҳон [асо табдил ба] аждаҳои ошкор шуд

وَنَزَعَ يَدَهُۥ فَإِذَا هِىَ بَيْضَآءُ لِلنَّٰظِرِينَ ﴿١٠٨﴾

108. Ва дасти худро [аз гиребон] берун овард ва ногаҳон барои тамошогарон сапед [-у дурахшон] менамуд

قَالَ ٱلْمَلَأُ مِن قَوْمِ فِرْعَوْنَ إِنَّ هَٰذَا لَسَٰحِرٌ عَلِيمٌ ﴿١٠٩﴾

109. Ашроф [-у бузургони] қавми Фиръавн гуфтанд: «Ҳаққо, ки ин [мард] ҷодугари доност»

يُرِيدُ أَن يُخْرِجَكُم مِّنْ أَرْضِكُمْ ۖ فَمَاذَا تَأْمُرُونَ ﴿١١٠﴾

110. Фиръавн] Гуфт: «Ӯ мехоҳад шуморо аз сарзаминатон берун кунад пас назаратон чист»?

قَالُوٓاْ أَرۡجِهۡ وَأَخَاهُ وَأَرۡسِلۡ فِي ٱلۡمَدَآئِنِ حَٰشِرِينَ ١١١

111. Онон гуфтанд: «Кори ӯ ва бародарашро ба таъхир биандоз ва маъмурони ҷамъоварио ба [ҳамаи] шаҳрҳо бифирист

يَأۡتُوكَ بِكُلِّ سَحَّارٍ عَلِيمٖ ١١٢

112. То ҳамаи ҷодугарони доно [ва моҳир]-ро наздат оваранд

وَجَآءَ ٱلسَّحَرَةُ فِرۡعَوۡنَ قَالُوٓاْ إِنَّ لَنَا لَأَجۡرًا إِن كُنَّا نَحۡنُ ٱلۡغَٰلِبِينَ ١١٣

113. Ва [сарангҷом] ҷодугарон назди Фиръавн омаданд, [ва] гуфтанд: «Агар мо пирӯз шавем, [назди ту] подоше хоҳем дошт»?

قَالَ نَعَمۡ وَإِنَّكُمۡ لَمِنَ ٱلۡمُقَرَّبِينَ ١١٤

114. [Фиръавн] Гуфт: «Оре, ҳатман, шумо аз муқарробон [-и даргоҳам] хоҳед буд»

قَالُواْ يَٰمُوسَىٰٓ إِمَّآ أَن تُلۡقِيَ وَإِمَّآ أَن نَّكُونَ نَحۡنُ ٱلۡمُلۡقِينَ ١١٥

115. [Дар рӯзи мавъуд ҷодугарон мағрурона] Гуфтанд: «Эй Мӯсо, ё ту нахуст [асои худро] биафкан ё мо [абзори худро] меафканем»

قَالَ أَلۡقُواْۖ فَلَمَّآ أَلۡقَوۡاْ سَحَرُوٓاْ أَعۡيُنَ ٱلنَّاسِ وَٱسۡتَرۡهَبُوهُمۡ وَجَآءُو بِسِحۡرٍ عَظِيمٖ ١١٦

116. [Мӯсо] Гуфт: «Шумо биафканед». Ҳангоме ки [абзори худро] афканданд, чашмони мардумро афсун карданд ва ононро сахт тарсонданд ва ҷодуи бузург [падид] оварданд

وَأَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ أَنۡ أَلۡقِ عَصَاكَۖ فَإِذَا هِيَ تَلۡقَفُ مَا يَأۡفِكُونَ ١١٧

117. Ва [мо] ба Мӯсо ваҳй кардем, ки: «Асои худро биафкан». Пас, ногаҳон он [асо ба мори бузурге табдил шуд ва] ончиро, ки ба дурӯғ сохта буданд, фурӯ балъид

فَوَقَعَ ٱلۡحَقُّ وَبَطَلَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١١٨

118. Пас, ҳақиқат ошкор гардид ва он чи мекарданд, ботил шуд

فَغُلِبُواْ هُنَالِكَ وَٱنقَلَبُواْ صَٰغِرِينَ ١١٩

119. Ва [Фиръавну фиръавниён ҳамагӣ дар] онҷо шикаст хӯрданд ва хор гардиданд

وَأُلۡقِيَ ٱلسَّحَرَةُ سَٰجِدِينَ ١٢٠

120. Ва ҷодугарон ба саҷда афтоданд

قَالُوٓاْ ءَامَنَّا بِرَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٢١

121. Гуфтанд: «Ба Парвардигори ҷаҳониён имон овардем

رَبِّ مُوسَىٰ وَهَٰرُونَ ١٢٢

122. Парвардигори Мӯсо ва Ҳорун»

قَالَ فِرۡعَوۡنُ ءَامَنتُم بِهِۦ قَبۡلَ أَنۡ ءَاذَنَ لَكُمۡۖ إِنَّ هَٰذَا لَمَكۡرٞ مَّكَرۡتُمُوهُ فِي ٱلۡمَدِينَةِ لِتُخۡرِجُواْ مِنۡهَآ أَهۡلَهَاۖ فَسَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ١٢٣

123. Фиръавн гуфт: «Пеш аз онки ба шумо иҷозат диҳам, ба ӯ имон овардед? Ҳатман, ин

найрангест, ки дар шаҳр ба роҳ андохтаед, то сокинонашро аз он берун кунед. Пас, ба зудӣ [натиҷаи коратонро] хоҳед донист

124. Яқинан, дасту поятонро бархилофи якдигар [аз чапу рост] қатъ мекунам ва ҳамаи шуморо ба дор меовезам»

لَأُقَطِّعَنَّ أَيْدِيَكُمْ وَأَرْجُلَكُم مِّنْ خِلَٰفٍ ثُمَّ لَأُصَلِّبَنَّكُمْ أَجْمَعِينَ ﴿١٢٤﴾

125. Онон гуфтанд: «Бе тардид, мо [пас аз марг] ба сӯйи Парвардигорамон бозмегардем

قَالُوٓاْ إِنَّآ إِلَىٰ رَبِّنَا مُنقَلِبُونَ ﴿١٢٥﴾

126. Ва [эй Фиръавн] ту ҷуз барои ин моро ба кайфар намерасонӣ, ки ба муъҷизоти Парвардигорамон он гоҳ ки ба мо расид, имон овардем. Парвардигоро, бар мо шикебоӣ [ва истиқомат] бибор ва моро дар ҳоле бимирон ки таслими [фармони ту] ҳастем»

وَمَا تَنقِمُ مِنَّآ إِلَّآ أَنْ ءَامَنَّا بِـَٔايَٰتِ رَبِّنَا لَمَّا جَآءَتْنَا ۚ رَبَّنَآ أَفْرِغْ عَلَيْنَا صَبْرًا وَتَوَفَّنَا مُسْلِمِينَ ﴿١٢٦﴾

127. Ва бузургони қавми Фиръавн [ба ӯ] гуфтанд: «Оё Мӯсо ва қавмашро раҳо мекунӣ, то дар ин сарзамин фасод кунанд ва ту ва маъбудонатро вогузорад»? [Фиръавн] Гуфт: «[Ҳаргиз, балки] Писаронашонро хоҳем кушт ва занонашонро [барои канизӣ] зинда хоҳем гузошт ва мо бар онон чираем»

وَقَالَ ٱلْمَلَأُ مِن قَوْمِ فِرْعَوْنَ أَتَذَرُ مُوسَىٰ وَقَوْمَهُۥ لِيُفْسِدُواْ فِى ٱلْأَرْضِ وَيَذَرَكَ وَءَالِهَتَكَ ۚ قَالَ سَنُقَتِّلُ أَبْنَآءَهُمْ وَنَسْتَحْىِۦ نِسَآءَهُمْ وَإِنَّا فَوْقَهُمْ قَٰهِرُونَ ﴿١٢٧﴾

128. Мӯсо ба қавмаш гуфт: «Аз Аллоҳ таоло ёрӣ бичӯед ва шикебоӣ [ва истиқомат] пеша кунед. Бе тардид, замин аз они Аллоҳ таоло аст [ва] онро ба ҳар касе аз бандагонаш, ки бихоҳад, ба мерос медиҳад ва саранҷоми нек аз они парҳезгорон аст»

قَالَ مُوسَىٰ لِقَوْمِهِ ٱسْتَعِينُواْ بِٱللَّهِ وَٱصْبِرُوٓاْ ۖ إِنَّ ٱلْأَرْضَ لِلَّهِ يُورِثُهَا مَن يَشَآءُ مِنْ عِبَادِهِۦ ۖ وَٱلْعَٰقِبَةُ لِلْمُتَّقِينَ ﴿١٢٨﴾

129. [Бани Исроил] Гуфтанд: «Пеш аз он ки назди мо биёӣ ва [ҳатто] пас аз он ки назди мо омадӣ, [аз ситамҳои Фиръавн] озору азият дидаем» [Мӯсо] гуфт: «Умед аст, ки Парвардигори шумо душманатонро ҳалок кунад ва шуморо дар замин ҷонишин [-и онон] созад,он гоҳ бингарад, ки чигуна рафтор мекунед»

قَالُوٓاْ أُوذِينَا مِن قَبْلِ أَن تَأْتِيَنَا وَمِنۢ بَعْدِ مَا جِئْتَنَا ۚ قَالَ عَسَىٰ رَبُّكُمْ أَن يُهْلِكَ عَدُوَّكُمْ وَيَسْتَخْلِفَكُمْ فِى ٱلْأَرْضِ فَيَنظُرَ كَيْفَ تَعْمَلُونَ ﴿١٢٩﴾

130. Ва бе тардид, Мо фиръавниёнро ба хушксолӣ ва камбуди маҳсулот дучор кардем, бошад, ки панд гиранд [ва тавба кунанд]

وَلَقَدْ أَخَذْنَآ ءَالَ فِرْعَوْنَ بِٱلسِّنِينَ وَنَقْصٍ مِّنَ ٱلثَّمَرَٰتِ لَعَلَّهُمْ يَذَّكَّرُونَ ﴿١٣٠﴾

131. Пас, ҳангоме ки некӣ [ва фаровонии неъмат] ба онон мерасид, мегуфтанд: «Ин ба хотири [шоистагии] худи мост». Ва агар бадӣ [ва хушксолӣ] ба эшон мерасид, ба Мӯсо ва касоне, ки ҳамроҳаш буданд, фоли бад мезаданд. Огоҳ бошед! Сарнавишти шуми онон танҳо назди Аллоҳ таоло [ва ба дасти Ӯ] аст, аммо бештарашон намедонанд

فَإِذَا جَآءَتْهُمُ ٱلْحَسَنَةُ قَالُواْ لَنَا هَٰذِهِۦ ۖ وَإِن تُصِبْهُمْ سَيِّئَةٌ يَطَّيَّرُواْ بِمُوسَىٰ وَمَن مَّعَهُۥٓ ۗ أَلَآ إِنَّمَا طَٰٓئِرُهُمْ عِندَ ٱللَّهِ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿١٣١﴾

132. Ва [пайравони Фиръавн ба ӯ] гуфтанд: «Ҳар [муъҷиза ва] нишонае бароямон биёварӣ, то бо он ҷодуямон кунӣ, [ҳаргиз] ба ту имон намеоварем»

وَقَالُواْ مَهْمَا تَأْتِنَا بِهِۦ مِنْ ءَايَةٍ لِّتَسْحَرَنَا بِهَا فَمَا نَحْنُ لَكَ بِمُؤْمِنِينَ ﴿١٣٢﴾

133. Пас, бар онон [балоҳое ҳамчун] тӯфон ва малах ва шапуш ва қурбоқаҳо ва [рӯди пур]-и хун фиристодем, [ки] нишонаҳои ҷудо [аз ҳам ва паёпайе] буданд.Пас, [боз ҳам] гарданкашӣ карданд ва гурӯҳи гунаҳкор буданд

فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمُ ٱلطُّوفَانَ وَٱلْجَرَادَ وَٱلْقُمَّلَ وَٱلضَّفَادِعَ وَٱلدَّمَ ءَايَٰتٍ مُّفَصَّلَٰتٍ فَٱسْتَكْبَرُواْ وَكَانُواْ قَوْمًا مُّجْرِمِينَ ﴿١٣٣﴾

134. Ва ҳангоме ки азоб бар онон воқеъ шуд, гуфтанд: «Эй Мӯсо, аз Парвардигорат барои мо бихоҳ, ки бино ба паймоне, ки бо ту дорад, [тавбаи моро бипазирад ва ин балоҳоеро қатъ кунад] Агар ин азобро аз мо бардорӣ, ҳатман, ба ту имон меоварем ва Бани Исроилро ҳамроҳат равона мекунем»

وَلَمَّا وَقَعَ عَلَيْهِمُ ٱلرِّجْزُ قَالُواْ يَٰمُوسَى ٱدْعُ لَنَا رَبَّكَ بِمَا عَهِدَ عِندَكَ ۖ لَئِن كَشَفْتَ عَنَّا ٱلرِّجْزَ لَنُؤْمِنَنَّ لَكَ وَلَنُرْسِلَنَّ مَعَكَ بَنِيٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ﴿١٣٤﴾

135. Пас, ҳангоме ки азобро то муддати муайяне, ки [пеш аз ҳалокат] фурсат доштанд аз онон дур кардем, боз ҳам паймоншиканӣ карданд

فَلَمَّا كَشَفْنَا عَنْهُمُ ٱلرِّجْزَ إِلَىٰٓ أَجَلٍ هُم بَٰلِغُوهُ إِذَا هُمْ يَنكُثُونَ ﴿١٣٥﴾

136. Пас аз онон интиқом гирифтем ва дар дарё ғарқашон сохтем, зеро оёт [-у муъҷизоти] Моро дурӯғ меангоштанд ва аз он ғофил буданд

فَٱنتَقَمْنَا مِنْهُمْ فَأَغْرَقْنَٰهُمْ فِى ٱلْيَمِّ بِأَنَّهُمْ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا وَكَانُواْ عَنْهَا غَٰفِلِينَ ﴿١٣٦﴾

137. Ва ба он гурӯҳе, ки ҳамвора мавриди ситам воқеъ мешуданд, [бахшҳои] шарқӣ ва ғарбии

وَأَوْرَثْنَا ٱلْقَوْمَ ٱلَّذِينَ كَانُواْ يُسْتَضْعَفُونَ مَشَٰرِقَ ٱلْأَرْضِ وَمَغَٰرِبَهَا ٱلَّتِى بَٰرَكْنَا فِيهَا ۖ وَتَمَّتْ كَلِمَتُ رَبِّكَ ٱلْحُسْنَىٰ عَلَىٰ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ بِمَا

сарзамин [-и Шом]-ро, ки ба он баракат бахшида будем, ба мерос ато кардем ва ба подоши он ки шикебоӣ карданд, ваъдаи некуи Парвардигорат ба Бани Исроил [ёрии ситамдидагон] таҳаққуқ ёфт ва он чиро, ки Фиръавн ва қавмаш месохтанд ва бармеафроштанд, [яксара] вайрон кардем

صَبَرُواْۖ وَدَمَّرۡنَا مَا كَانَ يَصۡنَعُ فِرۡعَوۡنُ وَقَوۡمُهُۥ وَمَا كَانُواْ يَعۡرِشُونَ ١٣٧

138. Ва Бани Исроилро аз дарё гузарондем, пас, [дар роҳ] ба қавме расиданд, ки барои [парастиши] бутҳояшон гирд омада буданд, [пас, онон низ] гуфтанд: «Эй Мӯсо, ҳамонгуна ки онон маъбудоне доранд, барои мо [низ] маъбуде таъйин кун». [Мӯсо] Гуфт: «Бе тардид, шумо гурӯҳе ҳастед, ки нодонӣ мекунед [ва азамати Аллоҳ таолоро намедонед]

وَجَٰوَزۡنَا بِبَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ ٱلۡبَحۡرَ فَأَتَوۡاْ عَلَىٰ قَوۡمٖ يَعۡكُفُونَ عَلَىٰٓ أَصۡنَامٖ لَّهُمۡۚ قَالُواْ يَٰمُوسَى ٱجۡعَل لَّنَآ إِلَٰهٗا كَمَا لَهُمۡ ءَالِهَةٞۚ قَالَ إِنَّكُمۡ قَوۡمٞ تَجۡهَلُونَ ١٣٨

139. Яқинан, оини [мушриконаи] инҳо нобудшуданӣ аст ва ончи мекунанд, [низ] ботил аст»

إِنَّ هَٰٓؤُلَآءِ مُتَبَّرٞ مَّا هُمۡ فِيهِ وَبَٰطِلٞ مَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٣٩

140. [Сипас] Гуфт: «Оё ба ҷуз Аллоҳ таоло маъбуди [дигар] бароятон биҷӯям, дар ҳоле ки Ӯ шуморо бар ҷаҳониён [-и ҳамасратон] бартарӣ додааст»?

قَالَ أَغَيۡرَ ٱللَّهِ أَبۡغِيكُمۡ إِلَٰهٗا وَهُوَ فَضَّلَكُمۡ عَلَى ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٤٠

141. Ва [ба ёд оваред] замоне, ки шуморо аз [осеби] фиръавниён наҷот додем, [ки] бадтарин [ва хортарин] азобро бар саратон меоварданд: писаронатонро мекуштанд ва занонатонро [барои канизӣ] зинда нигаҳ медоштанд ва барои шумо дар ин [азобу наҷот] озмоиши бузург аз ҷониби Парвардигоратон буд

وَإِذۡ أَنجَيۡنَٰكُم مِّنۡ ءَالِ فِرۡعَوۡنَ يَسُومُونَكُمۡ سُوٓءَ ٱلۡعَذَابِ يُقَتِّلُونَ أَبۡنَآءَكُمۡ وَيَسۡتَحۡيُونَ نِسَآءَكُمۡۚ وَفِي ذَٰلِكُم بَلَآءٞ مِّن رَّبِّكُمۡ عَظِيمٞ ١٤١

142. Ва бо Мӯсо сӣ шаб [барои муноҷот] ваъда ниҳодем ва онро бо даҳ шаб [-и дигар] комил кардем.Пас, ваъдаи Парвардигораш [бо ӯ] дар чиҳил шаб тамом шуд. Ва Мӯсо [ҳангоми рафтан ба кӯҳи Тур] ба бародараш Ҳорун гуфт: «Ҷойнишини ман дар миёни қавм бош ва [умурашонро] ислоҳ кун ва аз роҳи муфсидон пайравӣ накун»

۞وَوَٰعَدۡنَا مُوسَىٰ ثَلَٰثِينَ لَيۡلَةٗ وَأَتۡمَمۡنَٰهَا بِعَشۡرٖ فَتَمَّ مِيقَٰتُ رَبِّهِۦٓ أَرۡبَعِينَ لَيۡلَةٗۚ وَقَالَ مُوسَىٰ لِأَخِيهِ هَٰرُونَ ٱخۡلُفۡنِي فِي قَوۡمِي وَأَصۡلِحۡ وَلَا تَتَّبِعۡ سَبِيلَ ٱلۡمُفۡسِدِينَ ١٤٢

143. Ва ҳангоме ки Мӯсо ба аҳдгоҳи Мо омад ва Парвардигораш [бевосита] бо ӯ сухан гуфт,

وَلَمَّا جَآءَ مُوسَىٰ لِمِيقَٰتِنَا وَكَلَّمَهُۥ رَبُّهُۥ قَالَ رَبِّ أَرِنِيٓ أَنظُرۡ إِلَيۡكَۚ قَالَ لَن تَرَىٰنِي وَلَٰكِنِ ٱنظُرۡ إِلَى ٱلۡجَبَلِ فَإِنِ ٱسۡتَقَرَّ مَكَانَهُۥ فَسَوۡفَ تَرَىٰنِيۚ

فَلَمَّا تَجَلَّىٰ رَبُّهُۥ لِلْجَبَلِ جَعَلَهُۥ دَكًّا وَخَرَّ مُوسَىٰ صَعِقًا ۚ فَلَمَّآ أَفَاقَ قَالَ سُبْحَٰنَكَ تُبْتُ إِلَيْكَ وَأَنَا۠ أَوَّلُ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٤٣﴾

[Мӯсо] арз кард: «Парвардиргоро, худро ба ман нишон бидеҳ, то ба Ту бингарам». [Аллоҳ таоло] Фармуд: «[Дар дунё] ҳаргиз Маро нахоҳӣ дид, вале ба ин кӯҳ бингар, агар дар ҷойи худ барқарор боқӣ монад, ту [низ] Моро хоҳӣ дид». Пас, чун Парвардигораш бар [он] кӯҳ тачаллӣ кард, онро муталошӣ [ва пароканда] сохт ва Мӯсо мадҳуш афтод ва чун ба ҳуш омад, арз кард: «[Бор илоҳо] Ту поку муназзаҳӣ. Ба даргоҳат тавба кардам ва бе тардид, ман [миёни қавми худ] нахустин муъмин ҳастам»

قَالَ يَٰمُوسَىٰٓ إِنِّى ٱصْطَفَيْتُكَ عَلَى ٱلنَّاسِ بِرِسَٰلَٰتِى وَبِكَلَٰمِى فَخُذْ مَآ ءَاتَيْتُكَ وَكُن مِّنَ ٱلشَّٰكِرِينَ ﴿١٤٤﴾

144. [Аллоҳ таоло] фармуд: «Эй Мӯсо, [бидон ки] ман туро ба паёмҳо ва каломи [бевоситаи] хеш бар мардумон баргузидам, ончи ба ту мебахшам, бигир ва сипосгузор бош»

وَكَتَبْنَا لَهُۥ فِى ٱلْأَلْوَاحِ مِن كُلِّ شَىْءٍ مَّوْعِظَةً وَتَفْصِيلًا لِّكُلِّ شَىْءٍ فَخُذْهَا بِقُوَّةٍ وَأْمُرْ قَوْمَكَ يَأْخُذُوا۟ بِأَحْسَنِهَا ۚ سَأُو۟رِيكُمْ دَارَ ٱلْفَٰسِقِينَ ﴿١٤٥﴾

145. Ва дар алвоҳ [Таврот] барои ӯ дар ҳар мавриде панде [овардем] ва барои ҳар амре шарҳе нигоштем [ва ба Мӯсо фармудем]: «Онро бо ҷиддият бигир ва ба қавмат дастур бидеҳ, ки некутарини онҳоро фаро гиранд [ва ба он амал кунанд] ва ба зудӣ [ҷойгоҳу] сарои нофармононро ба шумо нишон хоҳам дод»

سَأَصْرِفُ عَنْ ءَايَٰتِىَ ٱلَّذِينَ يَتَكَبَّرُونَ فِى ٱلْأَرْضِ بِغَيْرِ ٱلْحَقِّ وَإِن يَرَوْا۟ كُلَّ ءَايَةٍ لَّا يُؤْمِنُوا۟ بِهَا وَإِن يَرَوْا۟ سَبِيلَ ٱلرُّشْدِ لَا يَتَّخِذُوهُ سَبِيلًا وَإِن يَرَوْا۟ سَبِيلَ ٱلْغَىِّ يَتَّخِذُوهُ سَبِيلًا ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا وَكَانُوا۟ عَنْهَا غَٰفِلِينَ ﴿١٤٦﴾

146. Ба зудӣ касонеро ки ба ноҳақ дар замин [бартариҷӯӣ ва] такаббур мекунанд, аз [фаҳми] оёти хеш бозхоҳам дошт, [чунон ки] агар ҳар нишонае [аз кудратам]-ро бингаранд, ба он имон наоваранд ва агар роҳи ҳақро бубинанд, онро дар пеш нагиранд ва агар роҳи гумроҳиро бубинанд онро баргузинанд. Ин [муҷозот] барои он аст, ки оёти Моро дурӯғ ангоштанд ва аз онҳо ғофил буданд

وَٱلَّذِينَ كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا وَلِقَآءِ ٱلْءَاخِرَةِ حَبِطَتْ أَعْمَٰلُهُمْ ۚ هَلْ يُجْزَوْنَ إِلَّا مَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿١٤٧﴾

147. Ва касоне, ки оёти Мо ва дидори охиратро дурӯғ ангоштанд, корҳояшон табоҳ гаштааст. Оё ҷуз [дар баробари] ончи мекарданд, муҷозот мешаванд?

وَٱتَّخَذَ قَوْمُ مُوسَىٰ مِنۢ بَعْدِهِۦ مِنْ حُلِيِّهِمْ عِجْلًا جَسَدًا لَّهُۥ خُوَارٌ ۚ أَلَمْ يَرَوْا۟ أَنَّهُۥ لَا يُكَلِّمُهُمْ وَلَا يَهْدِيهِمْ سَبِيلًا ۘ ٱتَّخَذُوهُ وَكَانُوا۟ ظَٰلِمِينَ ﴿١٤٨﴾

148. Ва қавми Мӯсо пас аз [рафтани] ӯ [ба кӯҳи Тур] аз зеварҳояшон муҷассамаи гӯсолаеро

сохтанд [ва парастиданд], ки садое [ҳамчун садои гӯсола] дошт. Оё намедиданд, ки [он пайкари бечон] бо онон сухан намегӯяд ва ба роҳе ҳидояташон намекунад? Онро [ба парастиш] гирифтанд ва [ба хотири ин ширк нисбат ба хеш] ситамгор буданд

149. Ва чун [аз кардаи хеш] пушаймон шуданд ва диданд, ки ба ростӣ, гумроҳ шудаанд, гуфтанд: «Агар Парвардигорамон ба мо раҳм накунад ва моро наомурзад, мусалламан, зиёнкор хоҳем буд»

وَلَمَّا سُقِطَ فِيٓ أَيۡدِيهِمۡ وَرَأَوۡاْ أَنَّهُمۡ قَدۡ ضَلُّواْ قَالُواْ لَئِن لَّمۡ يَرۡحَمۡنَا رَبُّنَا وَيَغۡفِرۡ لَنَا لَنَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ١٤٩

150. Ва чун Мӯсо ба сӯйи қавмаш бозгашт [ва ононро бар ширк ва гумроҳӣ ёфт], бо хашму андуҳ гуфт: «Пас аз ман чи бад ҷонишинӣ кардед! Оё аз ҳукми Парвардигоратон пешӣ гирифтед»? Ва [он гоҳ] алвоҳро андохт ва [ришу мӯйи] сари бародари худро гирифт ва ба сӯйи худ кашид. [Ҳорун] Гуфт: «Эй писари модарам, ба ростӣ, ин қавм маро нотавон пиндоштанд [ва таҳқирам карданд] ва наздик буд маро бикушанд, пас, душманонро бо [сарзаниши] ман шодмон накун ва маро дар зумраи гурӯҳи ситамгор [-у нофармон] қарор надеҳ»

وَلَمَّا رَجَعَ مُوسَىٰٓ إِلَىٰ قَوۡمِهِۦ غَضۡبَٰنَ أَسِفٗا قَالَ بِئۡسَمَا خَلَفۡتُمُونِي مِنۢ بَعۡدِيٓۖ أَعَجِلۡتُمۡ أَمۡرَ رَبِّكُمۡۖ وَأَلۡقَى ٱلۡأَلۡوَاحَ وَأَخَذَ بِرَأۡسِ أَخِيهِ يَجُرُّهُۥٓ إِلَيۡهِۚ قَالَ ٱبۡنَ أُمَّ إِنَّ ٱلۡقَوۡمَ ٱسۡتَضۡعَفُونِي وَكَادُواْ يَقۡتُلُونَنِي فَلَا تُشۡمِتۡ بِيَ ٱلۡأَعۡدَآءَ وَلَا تَجۡعَلۡنِي مَعَ ٱلۡقَوۡمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ١٥٠

151. [Мӯсо] Гуфт: «Парвардигоро, ман ва бародарамро биёмурз ва моро дар [паноҳи] раҳмати хеш даровар.Ва Ту меҳрубонтарин меҳрубонӣ»

قَالَ رَبِّ ٱغۡفِرۡ لِي وَلِأَخِي وَأَدۡخِلۡنَا فِي رَحۡمَتِكَۖ وَأَنتَ أَرۡحَمُ ٱلرَّٰحِمِينَ ١٥١

152. Бе тардид, касоне, ки гӯсоларо [ба парастиш] гирифтанд, ба зудӣ хашме аз Парвардигорашон ва зиллате дар зиндагии дунё ба онон хоҳад расид ва мо дурӯғпардозонро инчунин кайфар медиҳем

إِنَّ ٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ ٱلۡعِجۡلَ سَيَنَالُهُمۡ غَضَبٞ مِّن رَّبِّهِمۡ وَذِلَّةٞ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۚ وَكَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُفۡتَرِينَ ١٥٢

153. Ва касоне, ки муртакиби корҳои ношоиста [куфру гуноҳ] шуданд, сипас баъд аз он тавба намуданд ва имон оварданд, бе гумон, Парвардигорат аз он пас омурзандаи меҳрубон аст

وَٱلَّذِينَ عَمِلُواْ ٱلسَّيِّـَٔاتِ ثُمَّ تَابُواْ مِنۢ بَعۡدِهَا وَءَامَنُوٓاْ إِنَّ رَبَّكَ مِنۢ بَعۡدِهَا لَغَفُورٞ رَّحِيمٞ ١٥٣

154. Ва чун хашми Мӯсо фурӯ нишаст, алвоҳ [-и Таврот]-ро баргирифт ва дар навиштаҳояш

وَلَمَّا سَكَتَ عَن مُّوسَى ٱلۡغَضَبُ أَخَذَ ٱلۡأَلۡوَاحَۖ وَفِي نُسۡخَتِهَا هُدٗى وَرَحۡمَةٞ لِّلَّذِينَ هُمۡ لِرَبِّهِمۡ يَرۡهَبُونَ ١٥٤

барои касоне, ки аз Парвардигорашон метарсанд, ҳидояту раҳмати [бузург] буд

وَٱخۡتَارَ مُوسَىٰ قَوۡمَهُۥ سَبۡعِينَ رَجُلٗا لِّمِيقَٰتِنَاۖ فَلَمَّآ أَخَذَتۡهُمُ ٱلرَّجۡفَةُ قَالَ رَبِّ لَوۡ شِئۡتَ أَهۡلَكۡتَهُم مِّن قَبۡلُ وَإِيَّيَۖ أَتُهۡلِكُنَا بِمَا فَعَلَ ٱلسُّفَهَآءُ مِنَّآۖ إِنۡ هِيَ إِلَّا فِتۡنَتُكَ تُضِلُّ بِهَا مَن تَشَآءُ وَتَهۡدِي مَن تَشَآءُۖ أَنتَ وَلِيُّنَا فَٱغۡفِرۡ لَنَا وَٱرۡحَمۡنَاۖ وَأَنتَ خَيۡرُ ٱلۡغَٰفِرِينَ ١٥٥

155. Ва Мӯсо аз қавмаш ҳафтод мардро барои ваъдагоҳи Мо [дар Тӯри Сино] баргузид [то ба хотири ширку гуноҳи қавмашон ба даргоҳи илоҳӣ тавба кунанд]. Пас, ҳангоме ки [ба далели нофармонӣ ва дархости руъяти Аллоҳ таоло] зилзила ононро фаро гирифт [ва ҳамагӣ мурданд, Мӯсо] гуфт: «Парвардигоро, агар мехостӣ, онон ва маро пеш аз ин ҳалок мекардӣ. Оё моро ба хотири ончи бехирадонамон кардаанд, ҳалок мекунӣ? Ин [азоб чизе] нест, магар озмоиши Ту [аз имони мо], ба [василаи] он ҳаркиро бихоҳӣ, гумроҳ месозӣ ва ҳаркиро бихоҳӣ, ҳидоят мекунӣ. Ту [дӯсту] корсози моӣ, пас, моро биёмурз ва бар мо раҳм овар ва Ту беҳтарин омурзандаӣ

وَٱكۡتُبۡ لَنَا فِي هَٰذِهِ ٱلدُّنۡيَا حَسَنَةٗ وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِ إِنَّا هُدۡنَآ إِلَيۡكَۚ قَالَ عَذَابِيٓ أُصِيبُ بِهِۦ مَنۡ أَشَآءُۖ وَرَحۡمَتِي وَسِعَتۡ كُلَّ شَيۡءٖۚ فَسَأَكۡتُبُهَا لِلَّذِينَ يَتَّقُونَ وَيُؤۡتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَٱلَّذِينَ هُم بِـَٔايَٰتِنَا يُؤۡمِنُونَ ١٥٦

156. Ва бароямон дар ин дунё ва дар сарои охират некӣ муқаррар фармо, [ки] бе тардид, мо ба сӯйи Ту бозгаштем». [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Азобамро ба ҳар ки бихоҳам мерасонам ва раҳматам ҳама чизро фаро гирифтааст, пас, онро барои касоне муқаррар хоҳам дошт, ки парво пеша мекунанд ва закот медиҳанд ва [ҳамчунин] барои касоне, ки ба оёти мо имон меоваранд

ٱلَّذِينَ يَتَّبِعُونَ ٱلرَّسُولَ ٱلنَّبِيَّ ٱلۡأُمِّيَّ ٱلَّذِي يَجِدُونَهُۥ مَكۡتُوبًا عِندَهُمۡ فِي ٱلتَّوۡرَىٰةِ وَٱلۡإِنجِيلِ يَأۡمُرُهُم بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَيَنۡهَىٰهُمۡ عَنِ ٱلۡمُنكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيۡهِمُ ٱلۡخَبَٰٓئِثَ وَيَضَعُ عَنۡهُمۡ إِصۡرَهُمۡ وَٱلۡأَغۡلَٰلَ ٱلَّتِي كَانَتۡ عَلَيۡهِمۡۚ فَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِهِۦ وَعَزَّرُوهُ وَنَصَرُوهُ وَٱتَّبَعُواْ ٱلنُّورَ ٱلَّذِيٓ أُنزِلَ مَعَهُۥٓ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ١٥٧

157. Касоне, ки аз фиристода ва паёмбари дарснохонда [уммӣ] пайравӣ мекунанд, [ҳамон] ки ном [ва нишонаҳои] ӯро назди худ дар Тавроту Инҷил навишта меёбанд, [ҳам ӯ] ки ононро ба некиҳо фармон медиҳад ва аз зиштиҳо [ва корҳои нописанд] бозашон медорад ва покизаҳоро барояшон ҳалол мегардонад ва палидиҳоро ба онон ҳаром мекунад ва бори гарони [таколифи шаръӣ]-ро, ки бар эшон будааст, аз [уҳдаи] онон бармедорад. Пас, касоне, ки ба Ӯ имон оварданд ва гиромияш доштанд ва ёриаш карданд ва аз нуре, ки бо ӯ нозил шудааст, пайравӣ намуданд, ононанд, ки растагоранд»

قُلْ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنِّى رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا ٱلَّذِى لَهُۥ مُلْكُ ٱلسَّمَـٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ لَآ إِلَـٰهَ إِلَّا هُوَ يُحْىِۦ وَيُمِيتُ ۖ فَـَٔامِنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِ ٱلنَّبِىِّ ٱلْأُمِّىِّ ٱلَّذِى يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ وَكَلِمَـٰتِهِۦ وَٱتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ ﴿١٥٨﴾

158. Бигӯ: «Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ таоло ба сӯйи ҳамаи шумо ҳастам.Ҳамон [Парвардигоре], ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст, маъбуде [барҳақ] ҷуз Ӯ нест; зинда мекунад ва мемиронад, пас, ба Аллоҳ таоло ва фиристодааш - он паёмбари дарснохондае, ки ба Аллоҳ таоло ва суханонаш бовар дорад, имон биёваред ва аз Ӯ пайравӣ кунед, бошад, ки ҳидоят шавед»

وَمِن قَوْمِ مُوسَىٰٓ أُمَّةٌ يَهْدُونَ بِٱلْحَقِّ وَبِهِۦ يَعْدِلُونَ ﴿١٥٩﴾

159. Ва гурӯҳе аз қавми Мӯсо ҳастанд, ки [мардумро] ба [роҳи] ҳақ ҳидоят мекунанд ва бар асоси он [низ қазоват ва] адолат мекунанд

وَقَطَّعْنَـٰهُمُ ٱثْنَتَىْ عَشْرَةَ أَسْبَاطًا أُمَمًا ۚ وَأَوْحَيْنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ إِذِ ٱسْتَسْقَىٰهُ قَوْمُهُۥٓ أَنِ ٱضْرِب بِّعَصَاكَ ٱلْحَجَرَ ۖ فَٱنۢبَجَسَتْ مِنْهُ ٱثْنَتَا عَشْرَةَ عَيْنًا ۖ قَدْ عَلِمَ كُلُّ أُنَاسٍ مَّشْرَبَهُمْ ۚ وَظَلَّلْنَا عَلَيْهِمُ ٱلْغَمَـٰمَ وَأَنزَلْنَا عَلَيْهِمُ ٱلْمَنَّ وَٱلسَّلْوَىٰ ۖ كُلُوا۟ مِن طَيِّبَـٰتِ مَا رَزَقْنَـٰكُمْ ۚ وَمَا ظَلَمُونَا وَلَـٰكِن كَانُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ ﴿١٦٠﴾

160. Ва ононро ба дувоздаҳ қабила [ки ҳар кадом] шохае аз наводагон [-и Яъқуб] буданд, тақсим кардем ва ба Мӯсо,он гоҳ ки қавмаш аз ӯ об хостанд, ваҳй кардем, ки: «Асоятро бар санг бизан», пас, дувоздаҳ чашмае аз он ҷӯшид [ва] ҳар гурӯҳе чашмаи худро шинохт ва абрро бар [сари] онон соягустар намудем ва бар эшон манну салво фурӯ фиристодем [ва гуфт] «Аз чизҳои покизае, ки рӯзиятон кардаем, бихӯред». Онон [бо нофармонӣ ва мухолифат, дар ҳақиқат] ба Мо ситам накарданд, балки ба хештан ситам менамуданд

وَإِذْ قِيلَ لَهُمُ ٱسْكُنُوا۟ هَـٰذِهِ ٱلْقَرْيَةَ وَكُلُوا۟ مِنْهَا حَيْثُ شِئْتُمْ وَقُولُوا۟ حِطَّةٌ وَٱدْخُلُوا۟ ٱلْبَابَ سُجَّدًا نَّغْفِرْ لَكُمْ خَطِيٓـَٔـَٰتِكُمْ ۚ سَنَزِيدُ ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿١٦١﴾

161. Ва [ёд кун аз] он гоҳ ки ба онон гуфта шуд: «Дар ин шаҳр [Байту-л-муқаддас] сокин шавед ва [аз неъматҳои] он, аз ҳар ҷо [ва ҳар вақт], ки хостед, бихӯред ва [барои узрхоҳӣ] бигӯед: «[Парвардигоро] Гуноҳонамонро фурӯ рез» ва бо фурӯтанӣ аз дарвоза[-и шаҳр] ворид шавед, то гуноҳонатонро биёмурзем, [ва подоши дунё ва охирати] накукоронро хоҳем афзуд»

فَبَدَّلَ ٱلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ مِنْهُمْ قَوْلًا غَيْرَ ٱلَّذِى قِيلَ لَهُمْ فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ رِجْزًا مِّنَ ٱلسَّمَآءِ بِمَا كَانُوا۟ يَظْلِمُونَ ﴿١٦٢﴾

162. Аммо афроде аз онҳо, ки [нофармону] ситамгор буданд, суханро ба чизе ғайр аз ончи ки ба онон гуфта шуда буд, табдил карданд [ва бақои истиғфор донаи ҷав хостанд]. Пас, ба [кайфари] онки ситам мекарданд, азобе аз осмон бар онон фурӯ фиристодем

وَسْـَٔلْهُمْ عَنِ ٱلْقَرْيَةِ ٱلَّتِى كَانَتْ حَاضِرَةَ ٱلْبَحْرِ إِذْ يَعْدُونَ فِى ٱلسَّبْتِ إِذْ تَأْتِيهِمْ حِيتَانُهُمْ يَوْمَ سَبْتِهِمْ شُرَّعًا وَيَوْمَ لَا يَسْبِتُونَ لَا تَأْتِيهِمْ ۚ كَذَٰلِكَ نَبْلُوهُم بِمَا كَانُوا۟ يَفْسُقُونَ ﴿١٦٣﴾

163. Ва [эй паёмбар] аз онон дар бораи [сокинони] шаҳре, ки наздики дарё буд, бипурс, ҳангоме ки онон аз [ҳукми таҳрими сайд дар рӯзи] шанбе таҷовуз мекарданд, он гоҳ ки моҳиҳои эшон дар рӯзҳои шанбе [ки рӯзи таътилу ибодат буд] рӯйи об зоҳир мешуданд ва рӯзҳои ғайри шанбе бар эшон [ҳеҷ сайде рӯйи об] намеомад. Ононро ба [хотири] он ки нофармонӣ мекарданд, инчунин озмудем

وَإِذْ قَالَتْ أُمَّةٌ مِّنْهُمْ لِمَ تَعِظُونَ قَوْمًا ٱللَّهُ مُهْلِكُهُمْ أَوْ مُعَذِّبُهُمْ عَذَابًا شَدِيدًا ۖ قَالُوا۟ مَعْذِرَةً إِلَىٰ رَبِّكُمْ وَلَعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ ﴿١٦٤﴾

164. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки гурӯҳе аз онон [ба гурӯҳи дигар] гуфтанд: «Чаро қавмеро панд медиҳед, [ки саранҷом] Аллоҳ таоло ҳалокашон хоҳад кард ё ба азоби шадид гирифторашон хоҳад намуд»? [Носеҳон] Гуфтанд: «Ин [панду наҳӣ дар ҳукми] маъзарате ба даргоҳи Парвардигори шумост ва бошад, ки парво кунанд»

فَلَمَّا نَسُوا۟ مَا ذُكِّرُوا۟ بِهِۦٓ أَنجَيْنَا ٱلَّذِينَ يَنْهَوْنَ عَنِ ٱلسُّوٓءِ وَأَخَذْنَا ٱلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ بِعَذَابٍۭ بَـِٔيسٍۭ بِمَا كَانُوا۟ يَفْسُقُونَ ﴿١٦٥﴾

165. Пас, чун ончиро ба эшон панд дода буданд, ба фаромӯшӣ супурданд, касонеро, ки аз [кори] бад бозмедоштанд, наҷот додем ва касонеро, ки [бо нодида гирифтани ҳукми илоҳӣ ба худ] ситам карда буданд, ба сазои онки нофармонӣ мекарданд, ба азоби шадид гирифтор намудем

فَلَمَّا عَتَوْا۟ عَن مَّا نُهُوا۟ عَنْهُ قُلْنَا لَهُمْ كُونُوا۟ قِرَدَةً خَـٰسِـِٔينَ ﴿١٦٦﴾

166. Ва чун дар баробари ончи аз он наҳӣ шуда буданд, [лаҷоҷату] сарпечӣ карданд, ба онон гуфтем: «Ба сурати бузинаҳое [хору] рондашуда дароед»

وَإِذْ تَأَذَّنَ رَبُّكَ لَيَبْعَثَنَّ عَلَيْهِمْ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَـٰمَةِ مَن يَسُومُهُمْ سُوٓءَ ٱلْعَذَابِ ۗ إِنَّ رَبَّكَ لَسَرِيعُ ٱلْعِقَابِ وَإِنَّهُۥ لَغَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١٦٧﴾

167. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки Парвардигорат фармуд, ки яқинан, то рӯзи қиёмат, касеро бар онон хоҳад гумошт, ки ҳамвора бадтарин [ва сангинтарин] азобро ба сарашон биёварад. Бе гумон, Парвардигорат зудкайфар аст, [ва ҳамчунин] яқинан, Ӯ омурзандаи меҳрубон аст

وَقَطَّعْنَـٰهُمْ فِى ٱلْأَرْضِ أُمَمًا ۖ مِّنْهُمُ ٱلصَّـٰلِحُونَ وَمِنْهُمْ دُونَ ذَٰلِكَ ۖ وَبَلَوْنَـٰهُم بِٱلْحَسَنَـٰتِ وَٱلسَّيِّـَٔاتِ لَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ ﴿١٦٨﴾

168. Ва ононро дар замин ба сурати гурӯҳҳои мухталиф пароканда сохтем. [Бархе] Аз

онон шоистаанд ва [бархе миёнарав ҳастанд ва гурӯҳе низ] ғайр аз инанд. Ва ононро ба некиҳо ва бадиҳо озмудем, бошад, ки [ба роҳи ҳақ] боз гарданд

فَخَلَفَ مِنۢ بَعۡدِهِمۡ خَلۡفٞ وَرِثُواْ ٱلۡكِتَٰبَ يَأۡخُذُونَ عَرَضَ هَٰذَا ٱلۡأَدۡنَىٰ وَيَقُولُونَ سَيُغۡفَرُ لَنَا وَإِن يَأۡتِهِمۡ عَرَضٞ مِّثۡلُهُۥ يَأۡخُذُوهُۚ أَلَمۡ يُؤۡخَذۡ عَلَيۡهِم مِّيثَٰقُ ٱلۡكِتَٰبِ أَن لَّا يَقُولُواْ عَلَى ٱللَّهِ إِلَّا ٱلۡحَقَّ وَدَرَسُواْ مَا فِيهِۗ وَٱلدَّارُ ٱلۡأٓخِرَةُ خَيۡرٞ لِّلَّذِينَ يَتَّقُونَۚ أَفَلَا تَعۡقِلُونَ ١٦٩

169. Ва пас аз онон ҷонишинон [-и ношоиста]-е омаданд, ки китоб [Таврот]-ро ба ирс бурданд. Онон [сарвату] колои ин [дунёи] пастро мегиранд, [ки суханони Аллоҳ таолоро таҳрифу ба ноҳақ ҳукм кунанд] ва мегӯянд: «Бахшида хоҳем шуд». Ва агар коло [-и дигар]-е ҳаммонанди он барояшон биояд, онро [низ] мегиранд. Оё дар китоб [-и осмонӣ] аз онон паймон гирифта нашудааст, ки дар бораи Аллоҳ таоло ҷуз [сухани] ҳақ нагӯянд? [Пас, нофармонияшон аз рӯйи нодонӣ нест, зеро борҳо Тавротро хондаанд] Ва ончиро, ки дар он аст, омӯхтаанд ва сарои охират барои касоне, ки парво кунанд, беҳтар аст. Оё намеандешед?

وَٱلَّذِينَ يُمَسِّكُونَ بِٱلۡكِتَٰبِ وَأَقَامُواْ ٱلصَّلَوٰةَ إِنَّا لَا نُضِيعُ أَجۡرَ ٱلۡمُصۡلِحِينَ ١٧٠

170. Ва касоне, ки ба китоби [Аллоҳ таоло] тамассук меҷӯянд ва намоз барпо медоранд, ба яқин [бидонанд, ки] Мо подоши накукоронро табоҳ намекунем

وَإِذۡ نَتَقۡنَا ٱلۡجَبَلَ فَوۡقَهُمۡ كَأَنَّهُۥ ظُلَّةٞ وَظَنُّوٓاْ أَنَّهُۥ وَاقِعُۢ بِهِمۡ خُذُواْ مَآ ءَاتَيۡنَٰكُم بِقُوَّةٖ وَٱذۡكُرُواْ مَا فِيهِ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٧١

171. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки кӯҳро [аз ҷой баркандем ва] ҳамчун соябоне бар фарозашон барафроштем ва пиндоштанд, ки бар онон фуруд меояд [ва дар ин ҳолат аз онон аҳд гирифтем ва гуфтем] «Он чиро, ки ба шумо додаем, бо неру [ва ҷиддият] бигиред ва ончиро, ки дар он аст, ба ёд дошта бошед [ва ба он амал намоед], бошад, ки парво кунед

وَإِذۡ أَخَذَ رَبُّكَ مِنۢ بَنِيٓ ءَادَمَ مِن ظُهُورِهِمۡ ذُرِّيَّتَهُمۡ وَأَشۡهَدَهُمۡ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ أَلَسۡتُ بِرَبِّكُمۡۖ قَالُواْ بَلَىٰۛ شَهِدۡنَآۛ أَن تَقُولُواْ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ إِنَّا كُنَّا عَنۡ هَٰذَا غَٰفِلِينَ ١٧٢

172. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки Парвардигорат аз пушти фарзандони Одам, наслашонро баргирифт ва ононро бар худашон гувоҳ гирифт [ва фармуд]: «Оё ман Парвардигори шумо нестам»? Онон гуфтанд: «Оре, [бар ин ҳақиқат] гувоҳӣ медиҳем». [Аллоҳ таоло фармуд: «Аз шумо иқрор гирифтам] То мабодо рӯзи қиёмат бигӯед, ки: «Мо, ҳатман, аз ин [амр] бехабар будем»

أَوْ تَقُولُوٓاْ إِنَّمَآ أَشْرَكَ ءَابَآؤُنَا مِن قَبْلُ وَكُنَّا ذُرِّيَّةً مِّنۢ بَعْدِهِمْۖ أَفَتُهْلِكُنَا بِمَا فَعَلَ ٱلْمُبْطِلُونَ ﴿١٧٣﴾

173. Ё [мабодо] бигӯед, ки падаронамон пештар ширк оварда буданд ва мо низ фарзандоне пас аз онон будем. Оё моро ба [сазои] ончи [кофирону] ботиландешон анҷом додаанд, ҳалок мекунӣ»?

وَكَذَٰلِكَ نُفَصِّلُ ٱلْأٓيَٰتِ وَلَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ ﴿١٧٤﴾

174. Ва инчунин оётро ба тафсил баён мекунем [то онҳоро бифаҳманд] ва бошад, ки [ба тавҳид] бозгарданд

وَٱتْلُ عَلَيْهِمْ نَبَأَ ٱلَّذِىٓ ءَاتَيْنَٰهُ ءَايَٰتِنَا فَٱنسَلَخَ مِنْهَا فَأَتْبَعَهُ ٱلشَّيْطَٰنُ فَكَانَ مِنَ ٱلْغَاوِينَ ﴿١٧٥﴾

175. Ва [эй паёмбар] саргузашти касеро бар онон ҳикоят кун, ки оёт [-у нишонаҳо]-и хешро ба ӯ додем ва [ӯ ҳаққонияташонро дарк кард, вале] аз онҳо ҷудо [ва орӣ] гашт.Пас, шайтон ба дунболаш афтод ва ӯ аз гумроҳон шуд

وَلَوْ شِئْنَا لَرَفَعْنَٰهُ بِهَا وَلَٰكِنَّهُۥٓ أَخْلَدَ إِلَى ٱلْأَرْضِ وَٱتَّبَعَ هَوَىٰهُۚ فَمَثَلُهُۥ كَمَثَلِ ٱلْكَلْبِ إِن تَحْمِلْ عَلَيْهِ يَلْهَثْ أَوْ تَتْرُكْهُ يَلْهَثْۚ ذَّٰلِكَ مَثَلُ ٱلْقَوْمِ ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَاۚ فَٱقْصُصِ ٱلْقَصَصَ لَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ ﴿١٧٦﴾

176. Ва агар мехостем, [мақому манзалати] ӯро ба хотири [пойбандӣ ва амал ба] он [оёт] боло мебурдем, вале ӯ ба дунё [ва пастӣ] гароид ва аз ҳавои нафси хеш пайравӣ кард. Пас, масали ӯ [дар дунёдӯстӣ] ҳамчун масали саг аст, ки агар ба он ҳамла кунӣ [ва аз худ дур кунӣ], забон аз даҳон берун меоварад ва агар онро [ба ҳоли худ] вогузорӣ, [боз ҳам] забон аз даҳон берун меоварад [чунин шахсеро низ чи панд бидиҳӣ ё надиҳӣ, тафовуте надорад]. Ин масали гурӯҳест, ки оёти Моро дурӯғ ангоштанд, пас, ин достонро [бар эшон] ҳикоят кун, бошад, ки бияндешанд

سَآءَ مَثَلًا ٱلْقَوْمُ ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا وَأَنفُسَهُمْ كَانُواْ يَظْلِمُونَ ﴿١٧٧﴾

177. Чи зишт аст достони гурӯҳе, ки оёти Моро дурӯғ ангоштанд ва ба хеш ситам карданд!

مَن يَهْدِ ٱللَّهُ فَهُوَ ٱلْمُهْتَدِىۖ وَمَن يُضْلِلْ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْخَٰسِرُونَ ﴿١٧٨﴾

178. Касеро, ки Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, пас, ӯ ҳидоятёфта [-и воқеӣ] аст ва касеро, ки гумроҳ созад, пас, ононанд, ки зиёндидагонанд

وَلَقَدْ ذَرَأْنَا لِجَهَنَّمَ كَثِيرًا مِّنَ ٱلْجِنِّ وَٱلْإِنسِۖ لَهُمْ قُلُوبٌ لَّا يَفْقَهُونَ بِهَا وَلَهُمْ أَعْيُنٌ لَّا يُبْصِرُونَ بِهَا وَلَهُمْ ءَاذَانٌ لَّا يَسْمَعُونَ بِهَآۚ أُوْلَٰٓئِكَ كَٱلْأَنْعَٰمِ بَلْ هُمْ أَضَلُّۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْغَٰفِلُونَ ﴿١٧٩﴾

179. Ва бе тардид, бисёре аз ҷинниён ва одамиёнро барои дузах офаридаем, [чаро ки] дилҳое доранд, ки бо онҳо [ҳақоикро] дарк намекунанд ва чашмоне доранд, ки бо онҳо [нишонаҳои

тавону тадбири илоҳиро] намебинанд ва гӯшҳое доранд, ки бо онҳо [суханони ҳақро] намешунаванд. Онон ҳамчун чаҳорпоёнанд, балки [аз онҳо ҳам] гумроҳтаранд. [Оре] Ононанд,ки [аз охират] ғофиланд

180. Ва зеботарин номҳо барои Аллоҳ таоло аст, пас, Ӯро ба он [номҳо] бихонед ва касонеро, ки дар [мавриди] номҳояш ба инҳироф мераванд [ва онҳоро таъвилу таҳриф мекунанд] раҳо кунед. Онон ба [сазои] ончи мекарданд, муҷозот хоҳанд шуд

وَلِلَّهِ ٱلْأَسْمَآءُ ٱلْحُسْنَىٰ فَٱدْعُوهُ بِهَا ۖ وَذَرُوا۟ ٱلَّذِينَ يُلْحِدُونَ فِىٓ أَسْمَٰٓئِهِۦ ۚ سَيُجْزَوْنَ مَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿١٨٠﴾

181. Ва аз [миёни] онон, ки офаридаем, гурӯҳе ҳастанд, ки [мардум] баҳақ ҳидоят менамоянд ва бар [асоси] он ба адолат рафтор мекунанд

وَمِمَّنْ خَلَقْنَآ أُمَّةٌ يَهْدُونَ بِٱلْحَقِّ وَبِهِۦ يَعْدِلُونَ ﴿١٨١﴾

182. Ва касоне, ки оёти Моро дурӯғ ангоштанд, [дарҳои рӯзиро ба рӯяшон мекушоем, то бештар дар гуноҳ ғарқ шаванд ва ба ин сон] андак андак аз ҷойе, ки намедонанд [ба кайфари худ] гирифторашон хоҳем сохт

وَٱلَّذِينَ كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا سَنَسْتَدْرِجُهُم مِّنْ حَيْثُ لَا يَعْلَمُونَ ﴿١٨٢﴾

183. Ва ба онон муҳлат медиҳам. Ба ростӣ, ки тадбири Ман устувор [ва ҳисобшуда] аст

وَأُمْلِى لَهُمْ ۚ إِنَّ كَيْدِى مَتِينٌ ﴿١٨٣﴾

184. Оё наандешидаанд, ки ҳамнишини онон [расулуллоҳ] ҳеҷ чунуне надорад? Ӯ ҷуз бимдиҳандаи ошкор нест

أَوَلَمْ يَتَفَكَّرُوا۟ ۗ مَا بِصَاحِبِهِم مِّن جِنَّةٍ ۚ إِنْ هُوَ إِلَّا نَذِيرٌ مُّبِينٌ ﴿١٨٤﴾

185. Оё дар фармонравоии осмонҳо ва замин ва ончи Аллоҳ таоло офаридааст, наменигаранд ва инки чи басо ҳангоми маргашон наздик шуда бошад? Пас, баъд аз ин [Қуръон] ба кадом сухан имон меоваранд?

أَوَلَمْ يَنظُرُوا۟ فِى مَلَكُوتِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا خَلَقَ ٱللَّهُ مِن شَىْءٍ وَأَنْ عَسَىٰٓ أَن يَكُونَ قَدِ ٱقْتَرَبَ أَجَلُهُمْ ۖ فَبِأَىِّ حَدِيثٍۭ بَعْدَهُۥ يُؤْمِنُونَ ﴿١٨٥﴾

186. Ҳар киро Аллоҳ таоло гумроҳ кунад, пас, [ҳеҷ] роҳнамое барояш нест ва ононро дар саркашии хеш саргардон раҳо мекунад

مَن يُضْلِلِ ٱللَّهُ فَلَا هَادِىَ لَهُۥ ۚ وَيَذَرُهُمْ فِى طُغْيَٰنِهِمْ يَعْمَهُونَ ﴿١٨٦﴾

187. [Эй Паёмбар, кофирони Макка] дар бораи қиёмат аз ту мепурсанд, [ки] кай воқеъ

يَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلسَّاعَةِ أَيَّانَ مُرْسَىٰهَا ۖ قُلْ إِنَّمَا عِلْمُهَا عِندَ رَبِّى ۖ لَا يُجَلِّيهَا لِوَقْتِهَآ إِلَّا هُوَ ۚ ثَقُلَتْ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ لَا تَأْتِيكُمْ

إِلَّا بَغۡتَةٗۗ يَسۡـَٔلُونَكَ كَأَنَّكَ حَفِيٌّ عَنۡهَاۖ قُلۡ إِنَّمَا عِلۡمُهَا عِندَ ٱللَّهِ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ١٨٧

мешавад? Бигӯ: «Бе тардид, дониши он назди Парвардигори ман аст ва ҳеҷ кас ҷуз Ӯ [наметавонад] онро дар вақти муайянаш падидор созад.Ин амр [зуҳури қиёмат] бар аҳли осмонҳо ва замин душвор аст ва ҷуз ба таври ногаҳонӣ ба сӯятон намеояд». [Онон чунон] Аз ту мепурсанд, ки гӯё ту худ муштоқи [донистани замони] он ҳастӣ [ҳол он ки ту дар бораи замони вуқуаш ҳеҷ намепурсӣ]. Бигӯ: «Дониши он фақат назди Аллоҳ таоло аст, вале бештари мардум намедонанд»

قُل لَّآ أَمۡلِكُ لِنَفۡسِي نَفۡعٗا وَلَا ضَرًّا إِلَّا مَا شَآءَ ٱللَّهُۚ وَلَوۡ كُنتُ أَعۡلَمُ ٱلۡغَيۡبَ لَٱسۡتَكۡثَرۡتُ مِنَ ٱلۡخَيۡرِ وَمَا مَسَّنِيَ ٱلسُّوٓءُۚ إِنۡ أَنَا۠ إِلَّا نَذِيرٞ وَبَشِيرٞ لِّقَوۡمٖ يُؤۡمِنُونَ ١٨٨

188. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ман молики суду зиёни хештан нестам, магар ончиро, ки Аллоҳ таоло бихоҳад ва агар ғайбро медонистам, хайр [-у суди] бисёре [барои худ] фароҳам месохтам ва ҳеҷ бадӣ [ва зиёне] ба ман намерасид. Ман [касе] нестам, магар бимдиҳанда ва башоратбахш [-и дилсӯз] барои гурӯҳе, ки имон доранд

هُوَ ٱلَّذِي خَلَقَكُم مِّن نَّفۡسٖ وَٰحِدَةٖ وَجَعَلَ مِنۡهَا زَوۡجَهَا لِيَسۡكُنَ إِلَيۡهَاۖ فَلَمَّا تَغَشَّىٰهَا حَمَلَتۡ حَمۡلًا خَفِيفٗا فَمَرَّتۡ بِهِۦۖ فَلَمَّآ أَثۡقَلَت دَّعَوَا ٱللَّهَ رَبَّهُمَا لَئِنۡ ءَاتَيۡتَنَا صَٰلِحٗا لَّنَكُونَنَّ مِنَ ٱلشَّٰكِرِينَ ١٨٩

189. [Эй мардум] Ӯст, ки шуморо аз як тан офарид ва ҳамсарашро аз ӯ падид овард, то дар канораш ором гирад. Пас, чун [Одам] бо вай [Ҳаво] даромехт, бордор шуд - бори сабук - ва [нахустин моҳҳои бордориро] гузаронд ва чун сангинбор шуд, Аллоҳ таоло - Парвардигори худро хонданд, ки: «Агар ба мо [фарзанди тандурусту] шоиста ато кунӣ, ҳатман, сипосгузор хоҳем буд»

فَلَمَّآ ءَاتَىٰهُمَا صَٰلِحٗا جَعَلَا لَهُۥ شُرَكَآءَ فِيمَآ ءَاتَىٰهُمَاۚ فَتَعَٰلَى ٱللَّهُ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ١٩٠

190. Пас, чун [Аллоҳ таоло фарзанди тандуруст ва] шоиста ба онон дод, дар ин неъмат, ки ба онҳо бахшида буд, барояш шариконе қарор доданд. Ва Аллоҳ таоло аз ончи шарик [ва ҳамтои] Ӯ месозанд, бартар аст

أَيُشۡرِكُونَ مَا لَا يَخۡلُقُ شَيۡـٔٗا وَهُمۡ يُخۡلَقُونَ ١٩١

191. Оё чизҳоеро шарик мегиранд, ки чизе намеофаринанд ва худ офарида мешаванд?

وَلَا يَسۡتَطِيعُونَ لَهُمۡ نَصۡرٗا وَلَآ أَنفُسَهُمۡ يَنصُرُونَ ١٩٢

192. Ва наметавонанд ононро ёрӣ кунанд ва на хештанро ёрӣ медиҳанд

وَإِن تَدۡعُوهُمۡ إِلَى ٱلۡهُدَىٰ لَا يَتَّبِعُوكُمۡۚ سَوَآءٌ عَلَيۡكُمۡ أَدَعَوۡتُمُوهُمۡ أَمۡ أَنتُمۡ صَٰمِتُونَ ١٩٣

193. Ва [эй мушрикон] агар онҳо [бутҳо]-ро ба ҳидоят даъват кунед, аз шумо пайравӣ намекунанд. Чи

даъваташон кунед ё хомӯш бошед, баробарон яксон аст [ва посухе нахоҳед шунид]

إِنَّ ٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ عِبَادٌ أَمۡثَالُكُمۡۖ فَٱدۡعُوهُمۡ فَلۡيَسۡتَجِيبُواْ لَكُمۡ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ١٩٤

194. Бе гумон, онҳое, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло мехонед, офаридагоне ҳамчун шумо ҳастанд [аммо ҷомид ва берӯҳ], пас, онҳоро [дар сахтиҳо] бихонед. Агар рост мегӯед, бояд посухатонро бидиҳанд

أَلَهُمۡ أَرۡجُلٞ يَمۡشُونَ بِهَآ أَمۡ لَهُمۡ أَيۡدٖ يَبۡطِشُونَ بِهَآ أَمۡ لَهُمۡ أَعۡيُنٞ يُبۡصِرُونَ بِهَآ أَمۡ لَهُمۡ ءَاذَانٞ يَسۡمَعُونَ بِهَاۗ قُلِ ٱدۡعُواْ شُرَكَآءَكُمۡ ثُمَّ كِيدُونِ فَلَا تُنظِرُونِ ١٩٥

195. Оё [бутҳое, ки маъбуди худ медонед] пойҳое доранд, ки бо онҳо роҳ бираванд ё дастҳое доранд, ки бо онҳо [ёриатон диҳанд ва аз шумо] дифоъ кунанд? Оё чашмоне доранд, ки бо онҳо бубинанд ё гӯшҳое доранд, ки бо онҳо бишнаванд? [Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Шариконатонро бихонед, сипас [алайҳи ман] тадбир [-у найранг] кунед ва маро муҳлат надиҳед

إِنَّ وَلِيِّيَ ٱللَّهُ ٱلَّذِي نَزَّلَ ٱلۡكِتَٰبَۖ وَهُوَ يَتَوَلَّى ٱلصَّٰلِحِينَ ١٩٦

196. Бе тардид, [дӯсту] корсози ман Аллоҳ таоло аст, ки [ин] китобро нозил кардааст ва Ӯ барои шоистагон [дӯстӣ ва] корсозӣ мекунад

وَٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ لَا يَسۡتَطِيعُونَ نَصۡرَكُمۡ وَلَآ أَنفُسَهُمۡ يَنصُرُونَ ١٩٧

197. Ва касонеро, ки [шумо мушрикон] ба ҷойи Ӯ мехонед, наметавонанд шуморо ёрӣ кунанд ва на ба хештан ёрӣ расонанд

وَإِن تَدۡعُوهُمۡ إِلَى ٱلۡهُدَىٰ لَا يَسۡمَعُواْۖ وَتَرَىٰهُمۡ يَنظُرُونَ إِلَيۡكَ وَهُمۡ لَا يُبۡصِرُونَ ١٩٨

198. Ва агар ононро ба ҳидоят даъват кунед, [суханонатонро] намешунаванд ва ононро мебинӣ, ки [зоҳиран] ба ту нигоҳ мекунанд, дар ҳоле [ҷимодоте ҳастанд] ки намебинанд»

خُذِ ٱلۡعَفۡوَ وَأۡمُرۡ بِٱلۡعُرۡفِ وَأَعۡرِضۡ عَنِ ٱلۡجَٰهِلِينَ ١٩٩

199. [Эй Паёмбар] Гузашт пеша кун ва ба некӣ фармон бидеҳ ва аз нодонон рӯ бигардон

وَإِمَّا يَنزَغَنَّكَ مِنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ نَزۡغٞ فَٱسۡتَعِذۡ بِٱللَّهِۚ إِنَّهُۥ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ٢٠٠

200. Ва агар васвасае аз сӯйи шайтон туро барангезонд, ба Аллоҳ таоло паноҳ бибар, [ки] бе тардид, Ӯ шунавову доност

إِنَّ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَواْ إِذَا مَسَّهُمۡ طَٰٓئِفٞ مِّنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ تَذَكَّرُواْ فَإِذَا هُم مُّبۡصِرُونَ ٢٠١

201. Дар ҳақиқат, касоне, ки [аз Аллоҳ таоло] парво мекунанд, чун васвасае аз ҷониби шайтон ба онон расад, [Аллоҳ таолоро] ба

ёд меоваранд ва он гоҳ [нисбат ба ҳақиқат] бино мешаванд

202. Ва бародаронашон [бародарони кофирон ва мушрикон, ки шаётин ҳастанд] ононро ба гумроҳӣ мекашонанд ва [ҳаргиз дар ин кор] кӯтоҳӣ намекунанд

وَإِخْوَٰنُهُمْ يَمُدُّونَهُمْ فِى ٱلْغَىِّ ثُمَّ لَا يُقْصِرُونَ ﴿٢٠٢﴾

203. Ва [эй Паёмбар] ҳангоме ки [нузули ваҳӣ ба таъхир меафтод ва] ту ояте бар эшон намеоварӣ, мегӯянд: «Чаро ту худ онро намесозӣ»? Бигӯ: «Ман фақат аз чизе пайравӣ мекунам, ки аз сӯйи Парвардигорам ба ман ваҳӣ мешавад. Ин [Қуръон шомили] равшангариҳое аз сӯйи Павардигоратон аст ва барои гурӯҳе, ки имон меоваранд, ҳидояту раҳмат аст

وَإِذَا لَمْ تَأْتِهِم بِـَٔايَةٍ قَالُوا۟ لَوْلَا ٱجْتَبَيْتَهَا ۚ قُلْ إِنَّمَآ أَتَّبِعُ مَا يُوحَىٰٓ إِلَىَّ مِن رَّبِّى ۚ هَٰذَا بَصَآئِرُ مِن رَّبِّكُمْ وَهُدًى وَرَحْمَةٌ لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٢٠٣﴾

204. Ва ҳангоме ки Қуръон хонда мешавад, пас, ба он гӯш фаро диҳед ва хомӯш бошед, бошад, ки фарогири раҳмат шавед»

وَإِذَا قُرِئَ ٱلْقُرْءَانُ فَٱسْتَمِعُوا۟ لَهُۥ وَأَنصِتُوا۟ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ ﴿٢٠٤﴾

205. Ва Парвардигоратро дар дили хеш бо тазарруъ ва тарс, бидуни овози баландгуфтор [дар] бомдодон ва шомгоҳон ёд кун ва [аз ёди Аллоҳ таоло] ғофил мабош

وَٱذْكُر رَّبَّكَ فِى نَفْسِكَ تَضَرُّعًا وَخِيفَةً وَدُونَ ٱلْجَهْرِ مِنَ ٱلْقَوْلِ بِٱلْغُدُوِّ وَٱلْـَٔاصَالِ وَلَا تَكُن مِّنَ ٱلْغَٰفِلِينَ ﴿٢٠٥﴾

206. [Эй Паёмбар] Касоне, ки назди Парвардигори ту ҳастанд [фариштагон], яқинан, аз парастиши Вай [саркашӣ ва] такаббур намеварзанд ва Ӯро ба покӣ меситоянд ва барояш саҷда мекунанд

إِنَّ ٱلَّذِينَ عِندَ رَبِّكَ لَا يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِهِۦ وَيُسَبِّحُونَهُۥ وَلَهُۥ يَسْجُدُونَ ۩ ﴿٢٠٦﴾

(8) Анфол[*] الأنفال

Ҷузъи 9

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلْأَنفَالِ ۖ قُلِ ٱلْأَنفَالُ لِلَّهِ وَٱلرَّسُولِ ۖ فَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَأَصْلِحُوا۟ ذَاتَ بَيْنِكُمْ ۖ وَأَطِيعُوا۟ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ①

1. [Эй Паёмбар] Аз ту дар бораи [тақсим] анфол [ғаноими ҷангӣ] мепурсанд, бигӯ: «Анфол аз они Аллоҳ таоло ва паёмбар аст, пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва бо якдигар созиш намоед ва агар имон доред, аз Аллоҳ таоло ва паёмбараш итоат кунед

إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ ٱللَّهُ وَجِلَتْ قُلُوبُهُمْ وَإِذَا تُلِيَتْ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتُهُۥ زَادَتْهُمْ إِيمَٰنًا وَعَلَىٰ رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ ②

2. Бе тардид, муъминон [-и ҳақиқӣ] касоне ҳастанд, ки чун ёди Аллоҳ таоло мешавад, дилҳояшон ҳаросон мегардад ва чун оёташ бар онон хонда мешавад, бар имонашон меафзояд ва бар Парвардигорашон таваккал мекунанд

ٱلَّذِينَ يُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَمِمَّا رَزَقْنَٰهُمْ يُنفِقُونَ ③

3. Касоне, ки намоз барпо медоранд ва аз ончи рӯзияшон кардаем, инфоқ мекунанд.

أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُؤْمِنُونَ حَقًّا ۚ لَّهُمْ دَرَجَٰتٌ عِندَ رَبِّهِمْ وَمَغْفِرَةٌ وَرِزْقٌ كَرِيمٌ ④

4. Онон ҳастанд, ки ба ростӣ муъминанд. Барои онон назди Парвардигорашон дараҷот [-и воло] ва омурзишу рӯзии наку хоҳад буд

كَمَآ أَخْرَجَكَ رَبُّكَ مِنۢ بَيْتِكَ بِٱلْحَقِّ وَإِنَّ فَرِيقًا مِّنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ لَكَٰرِهُونَ ⑤

5. [Эй Паёмбар, ихтиёри комили ту бар ғаноим муҷиби нохушнудии бархе афрод аст, дуруст] Ҳамон тавре ки Парвардигорат туро ба ҳақ аз хонаат [дар Мадина ба сӯйи майдони Бадр] берун овард ва ҳатман, гурӯҳе аз муъминон [аз ҷангидан] нохушнуд буданд

يُجَٰدِلُونَكَ فِى ٱلْحَقِّ بَعْدَمَا تَبَيَّنَ كَأَنَّمَا يُسَاقُونَ إِلَى ٱلْمَوْتِ وَهُمْ يَنظُرُونَ ⑥

6. Онон пас аз онки ҳақиқат ошкор шуд, дар бораи ҳақ [-и чиҳод] бо ту муҷодала мекунанд, гӯё эшонро ба сӯйи марг меронанд, дар ҳоле ки худ [ба мурданашон] менигаранд

وَإِذْ يَعِدُكُمُ ٱللَّهُ إِحْدَى ٱلطَّآئِفَتَيْنِ أَنَّهَا لَكُمْ وَتَوَدُّونَ أَنَّ غَيْرَ ذَاتِ ٱلشَّوْكَةِ تَكُونُ لَكُمْ وَيُرِيدُ ٱللَّهُ أَن يُحِقَّ ٱلْحَقَّ

7. Ва [эй муҷоҳидон, ба ёд оваред] ҳангоме ки Аллоҳ таоло ба шумо ваъда дод, ки [ғаноими]

(*) Анфол (Ғаниматҳо)

بِكَلِمَٰتِهِۦ وَيَقۡطَعَ دَابِرَ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٧

яке аз ду гурӯҳ [корвони тиҷорӣ ё лашкар] насибатон хоҳад шуд ва шумо дӯст доштед, ки корвони ғайри низомӣ [тиҷорӣ] барои шумо бошад ва Аллоҳ таоло мехост бо суханони хеш [дар бораи куштори кофирон] ҳақ [-и Ислом]-ро пойдор гардонад ва решаи кофиронро қатъ кунад

لِيُحِقَّ ٱلۡحَقَّ وَيُبۡطِلَ ٱلۡبَٰطِلَ وَلَوۡ كَرِهَ ٱلۡمُجۡرِمُونَ ٨

8. [Аллоҳ таоло Исломро пирӯз кард] То ҳақро собит намояд ва ботилро аз миён бардорад, ҳарчанд гунаҳгорон [-и мушрик] нохушнуд бошанд

إِذۡ تَسۡتَغِيثُونَ رَبَّكُمۡ فَٱسۡتَجَابَ لَكُمۡ أَنِّي مُمِدُّكُم بِأَلۡفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُرۡدِفِينَ ٩

9. [Рӯзи Бадрро ба ёд оваред] Он гоҳ ки аз Парвардигоратон фарёдрасӣ [ва ёрӣ] мехостед ва Ӯ [дархости] шуморо пазируфт [ва фармуд]: «Бе гумон, шуморо бо ҳазор фариштa, ки паёпай фуруд меоянд, ёрӣ мекунам»

وَمَا جَعَلَهُ ٱللَّهُ إِلَّا بُشۡرَىٰ وَلِتَطۡمَئِنَّ بِهِۦ قُلُوبُكُمۡۚ وَمَا ٱلنَّصۡرُ إِلَّا مِنۡ عِندِ ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ١٠

10. Ва Аллоҳ таоло ин [ёрӣ]-ро ҷуз муждае [бароятон] қарор надод, то дилҳоятон бо он ором гирад ва [бидонед, ки] пирӯзӣ ҷуз аз ҷониби Аллоҳ таоло нест. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло шикастнопазири ҳаким аст

إِذۡ يُغَشِّيكُمُ ٱلنُّعَاسَ أَمَنَةٗ مِّنۡهُ وَيُنَزِّلُ عَلَيۡكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ لِّيُطَهِّرَكُم بِهِۦ وَيُذۡهِبَ عَنكُمۡ رِجۡزَ ٱلشَّيۡطَٰنِ وَلِيَرۡبِطَ عَلَىٰ قُلُوبِكُمۡ وَيُثَبِّتَ بِهِ ٱلۡأَقۡدَامَ ١١

11. [Ва ба ёд оваред] Ҳангоме ки хоби сабук, ки оромише аз сӯйи Ӯ буд, шуморо фаро гирифт ва аз осмон обе бар шумо фурӯ фиристод, то бо он покатон кунад ва палидии шайтонро аз шумо дур созад ва дилҳоятонро маҳкам бидорад ва гомҳоятонро бо он устувор намояд

إِذۡ يُوحِي رَبُّكَ إِلَى ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ أَنِّي مَعَكُمۡ فَثَبِّتُواْ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْۚ سَأُلۡقِي فِي قُلُوبِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱلرُّعۡبَ فَٱضۡرِبُواْ فَوۡقَ ٱلۡأَعۡنَاقِ وَٱضۡرِبُواْ مِنۡهُمۡ كُلَّ بَنَانٖ ١٢

12. [Ва эй Паёмбар, ба ёд овар] ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон ваҳй кард,ки: «Ман бо шумо ҳастам, пас, касонеро, ки имон овардаанд, собитқадам доред. Ба зудӣ, дар дили касоне, ки куфр варзиданд, ҳарос меафканам, пас. [эй муҷоҳидон, шамшери хешро] бар фарози гарданҳояшон бизанед ва ҳамаи ангуштонашонро қатъ кунед [то силоҳ барнагиранд]

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ شَآقُّواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥۚ وَمَن يُشَاقِقِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَإِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ١٣

13. Ин ба хотири он аст, ки онон бо Аллоҳ таоло ва расулаш мухолифат карданд ва ҳар ки бо

Аллоҳ таоло ва расулаш мухолифат кунад, пас, [бидон, ки] Аллоҳ таоло сахткайфар аст

ذَٰلِكُمْ فَذُوقُوهُ وَأَنَّ لِلْكَٰفِرِينَ عَذَابَ ٱلنَّارِ ﴿١٤﴾

14. [Эй кофирон] Ин [азоби дунё]-ро бичашед ва [бидонед, ки] барои кофирон [дар қиёмат] азоби оташ аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا لَقِيتُمُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ زَحْفًا فَلَا تُوَلُّوهُمُ ٱلْأَدْبَارَ ﴿١٥﴾

15. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳаргоҳ [дар майдони ҷанг] бо анбӯҳи кофирон рӯбарӯ шудед, пас, ба онон пушт накунед [ва нагурезед]

وَمَن يُوَلِّهِمْ يَوْمَئِذٍ دُبُرَهُۥٓ إِلَّا مُتَحَرِّفًا لِّقِتَالٍ أَوْ مُتَحَيِّزًا إِلَىٰ فِئَةٍ فَقَدْ بَآءَ بِغَضَبٍ مِّنَ ٱللَّهِ وَمَأْوَىٰهُ جَهَنَّمُ ۖ وَبِئْسَ ٱلْمَصِيرُ ﴿١٦﴾

16. Ва ҳар ки дар он ҳангом ба онон пушт кунад, магар он ки [ангезааш фиреби душман ё] канорагирӣ барои набарди [дубора] ё пайвастан ба гурӯҳ [-и дигар аз сипоҳи мусулмонон] бошад, ҳатман, ба хашми Аллоҳ таоло гирифтор мегардад ва ҷойгоҳаш дузах аст. Ва чи бад саранҷомест!

فَلَمْ تَقْتُلُوهُمْ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ قَتَلَهُمْ ۚ وَمَا رَمَيْتَ إِذْ رَمَيْتَ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ رَمَىٰ وَلِيُبْلِيَ ٱلْمُؤْمِنِينَ مِنْهُ بَلَآءً حَسَنًا ۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿١٧﴾

17. Пас, [эй муъминон, дар рӯзи набард бо мушрикон дар Бадр] шумо [бо неруи худ] ононро накуштед, балки Аллоҳ таоло ононро кушт ва [эй паёмбар] ҳангоме ки [ба сӯяшон хоку санг] меандохтӣ, [дар ҳақиқат] ту наандохтӣ, балки Аллоҳ таоло андохт, то муъминонро ба озмоиши наку аз ҷониби худ биозмояд. Бе тардид, Аллоҳ таоло шунавову доност

ذَٰلِكُمْ وَأَنَّ ٱللَّهَ مُوهِنُ كَيْدِ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿١٨﴾

18. Ин [шикаст ва фирори мушрикон ва сарафрозии муъминон ҳама аз ҷониби Аллоҳ таоло] буд ва Аллоҳ таоло найранги кофиронро суст [-у беасар] мегардонад

إِن تَسْتَفْتِحُواْ فَقَدْ جَآءَكُمُ ٱلْفَتْحُ ۖ وَإِن تَنتَهُواْ فَهُوَ خَيْرٌ لَّكُمْ ۖ وَإِن تَعُودُواْ نَعُدْ وَلَن تُغْنِيَ عَنكُمْ فِئَتُكُمْ شَيْـًٔا وَلَوْ كَثُرَتْ وَأَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٩﴾

19. [Эй мушрикон] Агар хоҳони пирӯзӣ [бар мусулмонон ва фарорасидани азоби илоҳӣ ҳастед], инак пирӯзии [Ислом, ки бузургтарин ранҷ ва азоби шумост] ба суроғатон омад. Ва агар [аз куфру душманӣ бо паёмбар] даст бардоред, он [кор] бароятон беҳтар аст, ва [-ле] агар [ба ҷанг бо мусулмонон] баргардед, мо низ бармегардем.Ва [инро бидонед] ки гурӯҳи

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَلَا تَوَلَّوۡاْ عَنۡهُ وَأَنتُمۡ تَسۡمَعُونَ ٢٠

шумо, ҳарчанд зиёд бошад, ҳаргиз наметавонад шуморо аз чизе бениёз кунад ва [дигар] инки [ҳамвора] Аллоҳ таоло бо муъминон аст

وَلَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ قَالُواْ سَمِعۡنَا وَهُمۡ لَا يَسۡمَعُونَ ٢١

20. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло ва расулаш итоат кунед ва аз [аҳкому фармонҳои] Ӯ рӯ нагардонед, дар ҳоле ки [оёти Қуръонро] мешунавед

إِنَّ شَرَّ ٱلدَّوَآبِّ عِندَ ٱللَّهِ ٱلصُّمُّ ٱلۡبُكۡمُ ٱلَّذِينَ لَا يَعۡقِلُونَ ٢٢

21. Ва монанди касоне набошед, ки гуфтанд: «[Оёти илоҳиро] шунидем», ҳол онки намешуниданд

وَلَوۡ عَلِمَ ٱللَّهُ فِيهِمۡ خَيۡرٗا لَّأَسۡمَعَهُمۡۖ وَلَوۡ أَسۡمَعَهُمۡ لَتَوَلَّواْ وَّهُم مُّعۡرِضُونَ ٢٣

22. Бе гумон, бадтарин ҷунбандагон назди Аллоҳ таоло он [касоне ҳастанд, ки дар баробари ҳақ] кару гунг ҳастанд [ва ҳаққро], ки намеандешанд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱسۡتَجِيبُواْ لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمۡ لِمَا يُحۡيِيكُمۡۖ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ يَحُولُ بَيۡنَ ٱلۡمَرۡءِ وَقَلۡبِهِۦ وَأَنَّهُۥٓ إِلَيۡهِ تُحۡشَرُونَ ٢٤

23. Ва агар Аллоҳ таоло хайре дар онон суроғ дошт, [дар баробари каломи ҳақ] шунавояшон менамуд, ва [ле ҳатто] агар шунавояшон месохт, боз ҳам пушт мекарданд ва рӯйгардон мешуданд

وَٱتَّقُواْ فِتۡنَةٗ لَّا تُصِيبَنَّ ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ مِنكُمۡ خَآصَّةٗۖ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ٢٥

24. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳаргоҳе Аллоҳ таоло ва паёмбар, шуморо ба чизе фаро хонданд, ки ба шумо зиндагӣ мебахшад, ононро иҷобат кунед ва бидонед, ки Аллоҳ таоло миёни инсон ва дилаш қарор мегирад [ва аз асрор огоҳ аст] ва ин ки [дар қиёмат ҳамагӣ] назди Ӯ гирд оварда мешавед

وَٱذۡكُرُوٓاْ إِذۡ أَنتُمۡ قَلِيلٞ مُّسۡتَضۡعَفُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ تَخَافُونَ أَن يَتَخَطَّفَكُمُ ٱلنَّاسُ فَـَٔاوَىٰكُمۡ وَأَيَّدَكُم بِنَصۡرِهِۦ وَرَزَقَكُم مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ٢٦

25. Ва [эй муъминон] аз азоб бипарҳезед, ки танҳо домани ситамгоронатонро намегирад ва бидонед, ки Аллоҳ таоло сахткайфар аст

26. Ва ба ёд оваред замонеро, ки шумо дар сарзамини [Макка] андак ва нотавон будед [ва] метарсидед ки мардумон [-и мушрик] шуморо бирабоянд, пас, Аллоҳ таоло [дар Мадина] паноҳатон дод ва бо ёрии хеш нерумандатон сохт ва аз чизҳои покиза ба шумо рӯзӣ бахшид, бошад, ки сипос гузоред

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَخُونُواْ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ وَتَخُونُوٓاْ أَمَـٰنَـٰتِكُمْ وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٢٧﴾

27. Эй касоне, ки имон овардаед, [бо сарпечӣ аз авомир ва навоҳӣ] ба Аллоҳ таоло ва паёмбар хиёнат накунед ва [ҳамчунин] дар амонатҳои худ хиёнат накунед, дар ҳоле ки медонед [ин кор гуноҳ аст]

وَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّمَآ أَمْوَٰلُكُمْ وَأَوْلَـٰدُكُمْ فِتْنَةٌ وَأَنَّ ٱللَّهَ عِندَهُۥٓ أَجْرٌ عَظِيمٌ ﴿٢٨﴾

28. Ва бидонед, ки бе тардид, амволу фарзандонатон [василаи] озмоиш аст ва подоши бузург назди Аллоҳ таоло аст

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تَتَّقُواْ ٱللَّهَ يَجْعَل لَّكُمْ فُرْقَانًا وَيُكَفِّرْ عَنكُمْ سَيِّـَٔاتِكُمْ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ۗ وَٱللَّهُ ذُو ٱلْفَضْلِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٢٩﴾

29. Эй касоне, ки имон овардаед, агар аз Аллоҳ таоло парво кунед, барои шумо [неруи] ташхис [-и ҳаққу ботил] қарор медиҳад ва гуноҳонатонро аз шумо мезудояд ва шуморо меомурзад. Ва Аллоҳ таоло дорои бахшиши бузург аст

وَإِذْ يَمْكُرُ بِكَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لِيُثْبِتُوكَ أَوْ يَقْتُلُوكَ أَوْ يُخْرِجُوكَ ۚ وَيَمْكُرُونَ وَيَمْكُرُ ٱللَّهُ ۖ وَٱللَّهُ خَيْرُ ٱلْمَـٰكِرِينَ ﴿٣٠﴾

30. Ва [эй Паёмбар, ба ёд овар] он гоҳ ки кофирон дар бораат дасиса мекарданд, ки туро ба зиндон биафкананд ё бикушанд ё [аз Макка] берунат кунанд. Онон макр меандешиданд ва Аллоҳ таоло [низ тадбиру] макр мекард. Ва Аллоҳ таоло беҳтарини макрангезон аст

وَإِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ ءَايَـٰتُنَا قَالُواْ قَدْ سَمِعْنَا لَوْ نَشَآءُ لَقُلْنَا مِثْلَ هَـٰذَآ إِنْ هَـٰذَآ إِلَّآ أَسَـٰطِيرُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٣١﴾

31. Ва чун оёти Мо бар онон хонда шавад, мегӯянд: «Ба хубӣ шунидем. Агар мехостем, мо низ ҳатман, ҳаммонанди ин [суханон]-ро мегуфтем. Ин [Қуръон, чизе] нест, магар афсонаҳои пешиниён»

وَإِذْ قَالُواْ ٱللَّهُمَّ إِن كَانَ هَـٰذَا هُوَ ٱلْحَقَّ مِنْ عِندِكَ فَأَمْطِرْ عَلَيْنَا حِجَارَةً مِّنَ ٱلسَّمَآءِ أَوِ ٱئْتِنَا بِعَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿٣٢﴾

32. Ва [ба ёд овар] он гоҳ ки гуфтанд: «Парвардигоро, агар ин [Қуръон] ба ростӣ ҳақ аст ва аз чониби Туст, пас, аз осмон сангҳо [-и вайронгар] бар мо бибор ё азоби дарднок бар мо бифирист»

وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيُعَذِّبَهُمْ وَأَنتَ فِيهِمْ ۚ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ مُعَذِّبَهُمْ وَهُمْ يَسْتَغْفِرُونَ ﴿٣٣﴾

33. Ва[-ле эй Муҳаммад] дар миёни онон ҳастӣ, Аллоҳ таоло бар он нест ки азобашон кунад ва то замоне, ки [аз даргоҳи илоҳӣ] омурзиш металабанд, Аллоҳ таоло азобкунандаи эшон нест

وَمَا لَهُمْ أَلَّا يُعَذِّبَهُمُ ٱللَّهُ وَهُمْ يَصُدُّونَ عَنِ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ وَمَا كَانُوٓاْ أَوْلِيَآءَهُۥٓ ۚ إِنْ أَوْلِيَآؤُهُۥٓ إِلَّا ٱلْمُتَّقُونَ وَلَـٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٣٤﴾

34. Ва чаро Аллоҳ таоло [дар охират] азобашон накунад, бо инки онон [мардумро] аз [тавоф ва

ибодат дар] Масҷиду-л-ҳаром бозмедоранд? Ва [мушрикон] ҳаргиз дӯстони Аллоҳ таоло набудаанд, [зеро] дӯстони Аллоҳ таоло касе ҷуз парҳезгорон нестанд, вале бештарашон намедонанд

وَمَا كَانَ صَلَاتُهُمْ عِندَ ٱلْبَيْتِ إِلَّا مُكَآءً وَتَصْدِيَةً ۚ فَذُوقُواْ ٱلْعَذَابَ بِمَا كُنتُمْ تَكْفُرُونَ ﴿٣٥﴾

35. Ва намозашон назди хонаи [Каъба] чизе ҷуз фарёд кашидан ва каф задан набуд, пас, ба сазои он ки куфр меварзидед, азоб [-и шикасту асорат дар Бадр]-ро бичашед

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ يُنفِقُونَ أَمْوَٰلَهُمْ لِيَصُدُّواْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ فَسَيُنفِقُونَهَا ثُمَّ تَكُونُ عَلَيْهِمْ حَسْرَةً ثُمَّ يُغْلَبُونَ ۗ وَٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ إِلَىٰ جَهَنَّمَ يُحْشَرُونَ ﴿٣٦﴾

36. Онон ки куфр варзиданд, амволашонро харҷ мекунанд, то [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло боздоранд, пас, ба зудӣ ҳамаро харҷ мекунанд, он гоҳ [ин кор мояи] ҳасрат ва пушаймонияшон мегардад ва сипас шикаст мехӯранд ва [саранҷом] касоне, ки куфр варзиданд, ба сӯйи [оташи] дузах кашонда мешаванд

لِيَمِيزَ ٱللَّهُ ٱلْخَبِيثَ مِنَ ٱلطَّيِّبِ وَيَجْعَلَ ٱلْخَبِيثَ بَعْضَهُۥ عَلَىٰ بَعْضٍ فَيَرْكُمَهُۥ جَمِيعًا فَيَجْعَلَهُۥ فِى جَهَنَّمَ ۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْخَٰسِرُونَ ﴿٣٧﴾

37. То [тавассути азоби дузах] Аллоҳ таоло [муъминони] покро аз [мушрикони] палид ҷудо кунад ва [тамоми он амволи] палидро [ки барои нобудии Ислом сарф мешуд] бар ҳам ниҳад ва ҳамагиро мутароким созад ва сипас [якҷо] дар дузах қарор диҳад. Инон ҳамон зиёндидагони [воқеӣ] ҳастанд

قُل لِّلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ إِن يَنتَهُواْ يُغْفَرْ لَهُم مَّا قَدْ سَلَفَ وَإِن يَعُودُواْ فَقَدْ مَضَتْ سُنَّتُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٣٨﴾

38. [Эй Паёмбар] ба касоне, ки куфр варзиданд, бигӯ, [ки] агар [аз ширк ва душманӣ] даст бардоранд, гузаштаҳояшон бахшида мешавад, ва [-ле] агар [ба рафтори гузаштаи худ] бозгарданд, суннат [-у азоби илоҳӣ, ки дар мавриди] пешиниён гузашт, [такрор хоҳад шуд]

وَقَٰتِلُوهُمْ حَتَّىٰ لَا تَكُونَ فِتْنَةٌ وَيَكُونَ ٱلدِّينُ كُلُّهُۥ لِلَّهِ ۚ فَإِنِ ٱنتَهَوْاْ فَإِنَّ ٱللَّهَ بِمَا يَعْمَلُونَ بَصِيرٌ ﴿٣٩﴾

39. Ва [эй муъминон] бо онон пайкор кунед, то фитна [ширк] решакан шавад ва [парастишу] дин ҳама аз они Аллоҳ таоло гардад. Пас, агар онон [аз ширку озор] даст бардоштанд, [раҳояшон кунед, чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло ба ончи мекунанд, биност

وَإِن تَوَلَّوْاْ فَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ مَوْلَىٰكُمْۚ نِعْمَ ٱلْمَوْلَىٰ وَنِعْمَ ٱلنَّصِيرُ ﴿٤٠﴾

40. Ва агар [аз фармудаҳои илоҳӣ] сарпечӣ кунанд, пас, бидонед ки Аллоҳ таоло [дӯсту] корсози шумост. Чи наку корсоз ва чи наку ёваре ҳаст!

۞وَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّمَا غَنِمْتُم مِّن شَىْءٍ فَأَنَّ لِلَّهِ خُمُسَهُۥ وَلِلرَّسُولِ وَلِذِى ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْيَتَٰمَىٰ وَٱلْمَسَٰكِينِ وَٱبْنِ ٱلسَّبِيلِ إِن كُنتُمْ ءَامَنتُم بِٱللَّهِ وَمَآ أَنزَلْنَا عَلَىٰ عَبْدِنَا يَوْمَ ٱلْفُرْقَانِ يَوْمَ ٱلْتَقَى ٱلْجَمْعَانِۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٤١﴾

41. Ва бидонед ҳар ғанимате, ки ба даст овардед, як панҷумаш [панҷякаш] барои Аллоҳ таоло ва Паёмбар ва барои хешовандон [-и Паёмбар, аз Бани Ҳошим ва Бани Мутталиб] ва ятимони [ноболиғ] ва тиҳидастон ва дарроҳмондагон аст. Агар ба Аллоҳ таоло ва ончи ки бар бандаи худ дар рӯзи ҷудоӣ [ҳақ аз ботил], рӯзи бархӯрди ду гурӯҳ [муъминон ва мушрикон] нозил кардем, имон доред [ба ин аҳком амал кунед] ва [бидонед, ки] Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност

إِذْ أَنتُم بِٱلْعُدْوَةِ ٱلدُّنْيَا وَهُم بِٱلْعُدْوَةِ ٱلْقُصْوَىٰ وَٱلرَّكْبُ أَسْفَلَ مِنكُمْۚ وَلَوْ تَوَاعَدتُّمْ لَٱخْتَلَفْتُمْ فِى ٱلْمِيعَٰدِ وَلَٰكِن لِّيَقْضِىَ ٱللَّهُ أَمْرًا كَانَ مَفْعُولًا لِّيَهْلِكَ مَنْ هَلَكَ عَنۢ بَيِّنَةٍ وَيَحْيَىٰ مَنْ حَىَّ عَنۢ بَيِّنَةٍۗ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَسَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿٤٢﴾

42. Он гоҳ ки шумо [муъминон] бар доманаи наздиктар будед ва онон дар доманаи дуртар қарор доштанд ва корвон [-и тиҷории Курайш] поёнтар аз [майдони ҷанг ва дур аз тиррасии] шумо буд ва агар [шумо ва мушрикон] бо якдигар [дар мавриди маҳалли даргирӣ] ваъда гузошта будед, ҳатман, дар ваъдагоҳи худ ихтилоф мекардед, вале [ба иродаи илоҳӣ дар Бадр ҷамъ шудед], то Аллоҳ таоло кореро, ки ҳатман, [бояд] ба вуқуъ мепайваст, анҷом диҳад, то ҳар [кофире] ки ҳалок мешавад, [бо вуҷуди бартарии низомӣ ва ададӣ дар ширку гумроҳӣ] ҳалок гардад ва ҳар [муъмине] ки зинда мемонад, [ба ҳидоят] зиндагӣ ёбад [ва ин марг ва зиндагӣ] бар асоси далели равшан бошад ва ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло шунавову доност

إِذْ يُرِيكَهُمُ ٱللَّهُ فِى مَنَامِكَ قَلِيلًاۖ وَلَوْ أَرَىٰكَهُمْ كَثِيرًا لَّفَشِلْتُمْ وَلَتَنَٰزَعْتُمْ فِى ٱلْأَمْرِ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ سَلَّمَۚ إِنَّهُۥ عَلِيمٌۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ﴿٤٣﴾

43. [Ба ёд овар] Он гоҳ ки Аллоҳ таоло [иддаи] ононро дар хобат ба ту андак нишон дод ва агар эшонро бисёр нишон медод, мусалламан, суст [-у баддил] мешудед ва дар кори [ҷанг] ихтилоф мекардед. Вале Аллоҳ таоло [шуморо аз сустӣ ва ихтилоф] дар амон нигоҳ дошт. Бе гумон, Ӯ ба ончи дар синаҳост, огоҳ аст

وَإِذْ يُرِيكُمُوهُمْ إِذِ ٱلْتَقَيْتُمْ فِىٓ أَعْيُنِكُمْ قَلِيلًا وَيُقَلِّلُكُمْ فِىٓ أَعْيُنِهِمْ لِيَقْضِىَ ٱللَّهُ أَمْرًا كَانَ مَفْعُولًاۗ وَإِلَى ٱللَّهِ تُرْجَعُ ٱلْأُمُورُ ﴿٤٤﴾

44. Ва [ба ёд овар] ҳангоме ки бо ҳам рӯбарӯ шудед, ононро ба чашми шумо камтеъдод намуд ва

шуморо [низ] ба чашми онон андак чилва дод, то Аллоҳ таоло кореро, ки ҳатман, [бояд] ба вуқуъ мепайваст, анҷом диҳад ва [бидонед, ки ҳамаи] корҳо ба Аллоҳ таоло бозгардонда мешавад

45. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки бо гурӯҳе [аз душманон] рӯбарӯ шудед, пойдорӣ намоед ва Аллоҳ таолоро бисёр ёд кунед, бошад, ки растагор шавед

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا لَقِيتُمۡ فِئَةٗ فَٱثۡبُتُواْ وَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ كَثِيرٗا لَّعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٤٥

46. Ва аз Аллоҳ таоло ва Паёмбараш итоат кунед ва [дар тасмимгирӣ] бо якдигар кашмакаш накунед, ки суст мешавед ва [тавону] иқтидоратон аз байн меравад. Ва шикебой кунед, ки бе гумон, Аллоҳ таоло бо шикебоён аст

وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَلَا تَنَٰزَعُواْ فَتَفۡشَلُواْ وَتَذۡهَبَ رِيحُكُمۡۖ وَٱصۡبِرُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلصَّٰبِرِينَ ٤٦

47. Ва монанди касоне набошед, ки бо саркашию худнамой дар баробари мардум аз сарзамини худ [Макка] хориҷ шуданд ва [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло боздоштанд ва Аллоҳ таоло ба ончи мекунанд, иҳота дорад

وَلَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ خَرَجُواْ مِن دِيَٰرِهِم بَطَرٗا وَرِئَآءَ ٱلنَّاسِ وَيَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِۚ وَٱللَّهُ بِمَا يَعۡمَلُونَ مُحِيطٞ ٤٧

48. Ва [эй муъминон, ба ёд ored] ҳангоме ки шайтон аъмоли ононро дар назарашон орост ва гуфт: «Имрӯз ҳеҷ кас бар шумо пирӯз намешавад ва ман [ёвару] паноҳатон ҳастам». Аммо ҳангоме ки ду гурӯҳ [бо ҳам] рӯбарӯ шуданд, ба ақиб бозгашту гуфт: «Ба ростӣ, ки ман аз шумо безорам ва чизе [фариштагони ёригар] -ро мебинам, ки шумо намебинед. Ман аз Аллоҳ таоло метарсам ва [аз ҳалок бим дорам, чаро ки] Аллоҳ таоло сахткайфар аст»

وَإِذۡ زَيَّنَ لَهُمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ أَعۡمَٰلَهُمۡ وَقَالَ لَا غَالِبَ لَكُمُ ٱلۡيَوۡمَ مِنَ ٱلنَّاسِ وَإِنِّي جَارٞ لَّكُمۡۖ فَلَمَّا تَرَٰٓءَتِ ٱلۡفِئَتَانِ نَكَصَ عَلَىٰ عَقِبَيۡهِ وَقَالَ إِنِّي بَرِيٓءٞ مِّنكُمۡ إِنِّيٓ أَرَىٰ مَا لَا تَرَوۡنَ إِنِّيٓ أَخَافُ ٱللَّهَۚ وَٱللَّهُ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ٤٨

49. Ва [ба ёд ованед] ҳангоме ки мунофиқон ва касоне, ки дар дилҳояшон беморӣ буд, мегуфтанд: «Ин муъминонро динашон фирефта аст» ва ҳар ки бар Аллоҳ таоло таваккал кунад, пас, [осудахотир бошад, чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло шикастнопазири ҳаким аст

إِذۡ يَقُولُ ٱلۡمُنَٰفِقُونَ وَٱلَّذِينَ فِي قُلُوبِهِم مَّرَضٌ غَرَّ هَٰٓؤُلَآءِ دِينُهُمۡۗ وَمَن يَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱللَّهِ فَإِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٞ ٤٩

50. Ва агар медидӣ,он гоҳ ки фариштагон ҷони кофиронро меситонданд, бар сурату пушташон мезаданд ва [мегӯянд]: «Азоби сӯзонро бичашед

وَلَوۡ تَرَىٰٓ إِذۡ يَتَوَفَّى ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ يَضۡرِبُونَ وُجُوهَهُمۡ وَأَدۡبَٰرَهُمۡ وَذُوقُواْ عَذَابَ ٱلۡحَرِيقِ ٥٠

ذَٰلِكَ بِمَا قَدَّمَتۡ أَيۡدِيكُمۡ وَأَنَّ ٱللَّهَ لَيۡسَ بِظَلَّٰمٖ لِّلۡعَبِيدِ ٥١

51. Ин [ҷондодани сангин ва азоби дарднок] дар муқобили корҳоест, ки аз пеш фиристодаед, ва[-гарна] Аллоҳ таоло нисбат ба бандагони [худ] ситамгор нест».

كَدَأۡبِ ءَالِ فِرۡعَوۡنَ وَٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۚ كَفَرُواْ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ فَأَخَذَهُمُ ٱللَّهُ بِذُنُوبِهِمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ قَوِيّٞ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ٥٢

52. [Азоби ин кофирони ҳақситез] Ҳаммонанди шеваи [муҷозоти] фиръавниён ва [дигар] касонест, ки пеш аз онон буданд, [ки ҳамагӣ] ба оёти Аллоҳ таоло куфр варзиданд ва Аллоҳ таоло ононро ба [сазои] гуноҳонашон гирифтор кард. Бе тардид, Аллоҳ таоло нерумандии сахткайфар аст

ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ لَمۡ يَكُ مُغَيِّرٗا نِّعۡمَةً أَنۡعَمَهَا عَلَىٰ قَوۡمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُواْ مَا بِأَنفُسِهِمۡ وَأَنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٞ ٥٣

53. Ин [кайфари сахт] аз он рӯст, ки Аллоҳ таоло ҳаргиз бар он набудааст, ки неъматеро, ки бар мардуме арзонӣ доштааст, дигаргун кунад, магар онки онон [рафтори муваҳҳидонаи] худро тағйир диҳанд [ва куфру носипосӣ биварзанд] ва бе тардид, Аллоҳ таоло шунавову доност

كَدَأۡبِ ءَالِ فِرۡعَوۡنَ وَٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۚ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِمۡ فَأَهۡلَكۡنَٰهُم بِذُنُوبِهِمۡ وَأَغۡرَقۡنَآ ءَالَ فِرۡعَوۡنَۚ وَكُلّٞ كَانُواْ ظَٰلِمِينَ ٥٤

54. [Кофирон рафторе доранд] Ҳамчун рафтори фиръавниён ва касоне, ки пеш аз онон буданд, ки оёти Парвардигорашонро дурӯғ меангоштанд, пас, [Мо низ] ононро ба кайфари гуноҳҳояшон ҳалок кардем ва фиръавниёнро ғарқ намудем ва ҳамагӣ [мушрику] ситамгор буданд

إِنَّ شَرَّ ٱلدَّوَآبِّ عِندَ ٱللَّهِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فَهُمۡ لَا يُؤۡمِنُونَ ٥٥

55. Яқинан, бадтарин ҷунбандагон назди Аллоҳ таоло касоне ҳастанд, ки куфр варзиданд ва имон намеоваранд

ٱلَّذِينَ عَٰهَدتَّ مِنۡهُمۡ ثُمَّ يَنقُضُونَ عَهۡدَهُمۡ فِي كُلِّ مَرَّةٖ وَهُمۡ لَا يَتَّقُونَ ٥٦

56. [Ҳамон] Касоне, ки бо онон паймон бастӣ, вале ҳар бор паймонашонро мешикананд ва [аз Аллоҳ таоло] парво намекунанд

فَإِمَّا تَثۡقَفَنَّهُمۡ فِي ٱلۡحَرۡبِ فَشَرِّدۡ بِهِم مَّنۡ خَلۡفَهُمۡ لَعَلَّهُمۡ يَذَّكَّرُونَ ٥٧

57. Ва [эй Паёмбар] агар дар ҷанг бар онон даст ёфтӣ, чунон дар ҳам бикӯбошон, ки ибрати дигарон гардад, бошад, ки [дигарон] панд гиранд

وَإِمَّا تَخَافَنَّ مِن قَوۡمٍ خِيَانَةٗ فَٱنۢبِذۡ إِلَيۡهِمۡ عَلَىٰ سَوَآءٍۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ ٱلۡخَآئِنِينَ ٥٨

58. Ва агар аз гурӯҳе бими хиёнат дорӣ, [паймонашонро] ба онон бозгардон, [то огоҳии тарафайн аз шикасти паймон] ба таври яксон

[бошад]. Бе тардид, Аллоҳ таоло хоинонро дӯст надорад

59. Ва касоне, ки куфр варзиданд, ҳаргиз мапиндоранд ки ҷон бадар бурдаанд [ва наҷот ёфтаанд], онон ҳаргиз [аз маргу азоб] роҳи гурезе надоранд

وَلَا يَحۡسَبَنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ سَبَقُوٓاْۚ إِنَّهُمۡ لَا يُعۡجِزُونَ ٥٩

60. Ва [эй муъминон] ҳарчи дар тавон доред, аз неру ва аспҳои омода [ва ҷангафзор], басиҷ кунед, то бо ин [тадорукот] душмани Аллоҳ таоло ва душмани хешро битарсонед, ҳамчунин, [бо ин таҷҳизот душманони] дигареро ғайр аз эшон, ки шумо ононро намешиносед, ва [-ле] Аллоҳ таоло мешиносадашон [ба ваҳшат бияндозед] ва ҳарчи дар роҳи Аллоҳ таоло инфоқ кунед, подоши он ба шумо бозгардонда мешавад ва бар шумо ситам намеравад

وَأَعِدُّواْ لَهُم مَّا ٱسۡتَطَعۡتُم مِّن قُوَّةٖ وَمِن رِّبَاطِ ٱلۡخَيۡلِ تُرۡهِبُونَ بِهِۦ عَدُوَّ ٱللَّهِ وَعَدُوَّكُمۡ وَءَاخَرِينَ مِن دُونِهِمۡ لَا تَعۡلَمُونَهُمُ ٱللَّهُ يَعۡلَمُهُمۡۚ وَمَا تُنفِقُواْ مِن شَيۡءٖ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ يُوَفَّ إِلَيۡكُمۡ وَأَنتُمۡ لَا تُظۡلَمُونَ ٦٠

61. Ва агар [кофирон] ба сулҳ моил шуданд, пас, ту [низ эй Паёмбар] аз дари сулҳ даро ва бар Аллоҳ таоло таваккал кун. Бе гумон, Ӯст, ки шунавову доност

وَإِن جَنَحُواْ لِلسَّلۡمِ فَٱجۡنَحۡ لَهَا وَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱللَّهِۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ٦١

62. Ва агар [кофирон бо тазоҳур ба оштӣ] бихоҳанд фиребат диҳанд, пас, Аллоҳ таоло бароят кофӣ аст. Ӯст, ки бо ёрии худ ва муъминон, туро таъйид [-у тақвият] намуд

وَإِن يُرِيدُوٓاْ أَن يَخۡدَعُوكَ فَإِنَّ حَسۡبَكَ ٱللَّهُۚ هُوَ ٱلَّذِيٓ أَيَّدَكَ بِنَصۡرِهِۦ وَبِٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٦٢

63. Ва байни дилҳояшон [меҳрубонӣ ва] улфат барқарор намуд. [Эй Паёмбар] Агар ту тамоми ончиро, ки дар рӯйи замин аст, харҷ мекардӣ, [ҳаргиз] наметавонистӣ байни дилҳояшонро улфат диҳӣ, вале Аллоҳ таоло миёни онон улфат падид овард. Ба ростӣ, ки Ӯ шикастнопазири ҳаким аст

وَأَلَّفَ بَيۡنَ قُلُوبِهِمۡۚ لَوۡ أَنفَقۡتَ مَا فِي ٱلۡأَرۡضِ جَمِيعٗا مَّآ أَلَّفۡتَ بَيۡنَ قُلُوبِهِمۡ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ أَلَّفَ بَيۡنَهُمۡۚ إِنَّهُۥ عَزِيزٌ حَكِيمٞ ٦٣

64. Эй Паёмбар, [ҳимояти] Аллоҳ таоло барои ту ва [низ] барои муъминоне, ки аз ту пайравӣ кардаанд, кофӣ аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ حَسۡبُكَ ٱللَّهُ وَمَنِ ٱتَّبَعَكَ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٦٤

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ حَرِّضِ ٱلْمُؤْمِنِينَ عَلَى ٱلْقِتَالِۚ إِن يَكُن مِّنكُمْ عِشْرُونَ صَٰبِرُونَ يَغْلِبُواْ مِاْئَتَيْنِۚ وَإِن يَكُن مِّنكُم مِّاْئَةٌ يَغْلِبُوٓاْ أَلْفًا مِّنَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لَّا يَفْقَهُونَ ﴿٦٥﴾

65. Эй Паёмбар, муъминонро ба ҷанг ташвиқ кун. Агар аз шумо [муъминон] бист нафар [бар ҷиҳод] шикебо бошанд, бар дусад нафар [аз кофирон] ғалаба мекунанд ва агар сад нафар аз шумо [инчунин] бошанд, бар ҳазор нафар аз касоне, ки куфр варзиданд, ғалаба мекунанд, зеро онон гурӯҳе ҳастанд, ки [арзиши ҳақиқии ҷиҳодро] намефаҳманд

ٱلْـَٰٔنَ خَفَّفَ ٱللَّهُ عَنكُمْ وَعَلِمَ أَنَّ فِيكُمْ ضَعْفًاۚ فَإِن يَكُن مِّنكُم مِّاْئَةٌ صَابِرَةٌ يَغْلِبُواْ مِاْئَتَيْنِۚ وَإِن يَكُن مِّنكُمْ أَلْفٌ يَغْلِبُوٓاْ أَلْفَيْنِ بِإِذْنِ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ مَعَ ٱلصَّٰبِرِينَ ﴿٦٦﴾

66. Акнун Аллоҳ таоло ба шумо сабук гирифт ва донист, ки [бар асари ҷанг] заъфе дар вуҷудатон аст. Пас, агар аз [миёни] шумо сад нафар шикебо бошанд, бар дусад нафар [аз кофирон] пирӯз мешаванд ва агар аз шумо ҳазор нафар бошанд, ба фармони Аллоҳ таоло, бар ду ҳазор нафар ғолиб хоҳанд шуд. Ва Аллоҳ таоло бо шикебоён аст

مَا كَانَ لِنَبِيٍّ أَن يَكُونَ لَهُۥٓ أَسْرَىٰ حَتَّىٰ يُثْخِنَ فِى ٱلْأَرْضِۚ تُرِيدُونَ عَرَضَ ٱلدُّنْيَا وَٱللَّهُ يُرِيدُ ٱلْأَخِرَةَۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٦٧﴾

67. Барои ҳеҷ паёмбаре сазовор нест, ки асироне [аз лашкари кофирон] дошта бошад, ки [битавонад бо эъдоми онҳо] дар замин куштори бисёре ба роҳ андозад [то ба ин васила душманро ба ваҳшат биандозад], Шумо [муъминон бо гирифтани фидя аз асирони Бадр сарват ва] колои дунёро мехоҳед ва Аллоҳ таоло охиратро [бароятон] мехоҳад ва Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст

لَّوْلَا كِتَٰبٌ مِّنَ ٱللَّهِ سَبَقَ لَمَسَّكُمْ فِيمَآ أَخَذْتُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿٦٨﴾

68. Агар дар ончи [аз ғаноиму фидяҳо] гирифтаед, ҳукми пешини илоҳӣ вуҷуд надошт [ва онро бароятон ҳалол накарда буд], ҳатман, азоби бузург ба шумо мерасид

فَكُلُواْ مِمَّا غَنِمْتُمْ حَلَٰلًا طَيِّبًاۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٦٩﴾

69. Пас, [акнун] аз ончи ғанимат гирифтаед, ҳалолу покиза бихӯред ва аз Аллоҳ таоло парво кунед. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ قُل لِّمَن فِىٓ أَيْدِيكُم مِّنَ ٱلْأَسْرَىٰٓ إِن يَعْلَمِ ٱللَّهُ فِى قُلُوبِكُمْ خَيْرًا يُؤْتِكُمْ خَيْرًا مِّمَّآ أُخِذَ مِنكُمْ وَيَغْفِرْ لَكُمْۚ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٧٠﴾

70. Эй Паёмбар, ба асироне, ки дар дасти шумо ҳастанд, бигӯ: «Агар Аллоҳ таоло хайре дар дилҳоятон суроғ дошта бошад, беҳтар аз [фидя ва] ончиро, ки аз шумо гирифта шудааст, ба шумо медиҳад ва шуморо меомурзад ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَإِن يُرِيدُواْ خِيَانَتَكَ فَقَدۡ خَانُواْ ٱللَّهَ مِن قَبۡلُ فَأَمۡكَنَ مِنۡهُمۡۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ٧١

71. Ва [эй Паёмбар] агар бихоҳанд ба ту хиёнат кунанд, пас, [бидон, ки] онон, ҳатман, пеш аз ин [низ] ба Аллоҳ таоло хиёнат кардаанд ва Аллоҳ таоло [туро] бар онон пирӯз намуд ва Аллоҳ таоло донову ҳаким аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهَاجَرُواْ وَجَٰهَدُواْ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱلَّذِينَ ءَاوَواْ وَّنَصَرُوٓاْ أُوْلَٰٓئِكَ بَعۡضُهُمۡ أَوۡلِيَآءُ بَعۡضٖۚ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَلَمۡ يُهَاجِرُواْ مَا لَكُم مِّن وَلَٰيَتِهِم مِّن شَيۡءٍ حَتَّىٰ يُهَاجِرُواْۚ وَإِنِ ٱسۡتَنصَرُوكُمۡ فِي ٱلدِّينِ فَعَلَيۡكُمُ ٱلنَّصۡرُ إِلَّا عَلَىٰ قَوۡمِۭ بَيۡنَكُمۡ وَبَيۡنَهُم مِّيثَٰقٞۗ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ٧٢

72. Касоне, ки имон оварданд ва ҳиҷрат карданд ва бо амволу ҷонҳояшон дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод намуданд ва касоне, ки [муҳоҷиронро] паноҳ доданд ва ёрӣ намуданд, инон [ҳама] дӯстони якдигаранд. Ва касоне, ки имон оварданд, ва [-ле аз сарзамини куфр] ҳиҷрат накарданд, шумо ҳеҷ дӯстӣ [ва пайванде] бо онон надоред, магар онки ҳиҷрат кунанд. Ва агар дар [кори] дин аз шумо ёрӣ хостанд, пас, бар шумост, ки [ононро] ёрӣ кунед, магар [инки ин ёрихоҳӣ] алайҳи гурӯҳе бошад, ки миёни шумо ва онон паймоне барқарор аст. Ва Аллоҳ таоло ба ончи мекунед, биност

وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بَعۡضُهُمۡ أَوۡلِيَآءُ بَعۡضٍۚ إِلَّا تَفۡعَلُوهُ تَكُن فِتۡنَةٞ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَفَسَادٞ كَبِيرٞ ٧٣

73. Ва касоне, ки куфр варзиданд, [онон низ] дӯстони якдигаранд. Агар [шумо муъминон ба ин супориш дар бораи дӯсту душман] амал накунед, фитна ва фасоди бузург дар замин барпо мегардад

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهَاجَرُواْ وَجَٰهَدُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱلَّذِينَ ءَاوَواْ وَّنَصَرُوٓاْ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ حَقّٗاۚ لَّهُم مَّغۡفِرَةٞ وَرِزۡقٞ كَرِيمٞ ٧٤

74. Ва касоне, ки имон оварданд ва ҳиҷрат намуданд ва дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод карданд ва касоне, ки [ин муҳоҷиринро] паноҳ доданд ва ёрӣ намуданд, инон муъминони ҳақиқӣ ҳастанд. Барои онон [дар биҳишт] омурзиш ва рӯзии шоистае хоҳад буд

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مِنۢ بَعۡدُ وَهَاجَرُواْ وَجَٰهَدُواْ مَعَكُمۡ فَأُوْلَٰٓئِكَ مِنكُمۡۚ وَأُوْلُواْ ٱلۡأَرۡحَامِ بَعۡضُهُمۡ أَوۡلَىٰ بِبَعۡضٖ فِي كِتَٰبِ ٱللَّهِۗ إِنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمُۢ ٧٥

75. Ва касоне, ки пас аз онон имон оварданд ва ҳиҷрат намуданд ва ба ҳамроҳи шумо [муъминон] ҷиҳод карданд, пас, онон [низ] аз шумо ҳастанд. Ва дар [ҳукми] китоби Аллоҳ таоло хешовандон [дар мерос] нисбат ба якдигар сазовортаранд. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло ба ҳар чизе доност

بَرَآءَةٌ مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦٓ إِلَى ٱلَّذِينَ عَٰهَدتُّم مِّنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ﴿١﴾

1. [Ин оёт] Эъломи безорӣ [ва поёни тааҳҳуд] аз тарафи Аллоҳ таоло ва паёмбараш нисбат ба мушриконест, ки [шумо мусулмонон] бо онон паймон бастаед

فَسِيحُواْ فِي ٱلْأَرْضِ أَرْبَعَةَ أَشْهُرٍ وَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّكُمْ غَيْرُ مُعْجِزِي ٱللَّهِ وَأَنَّ ٱللَّهَ مُخْزِي ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٢﴾

2. Пас, [эй мушрикон, фақат] чаҳор моҳ [фурсат доред, ки бо амнияти комил] дар замин бигардед ва бидонед, ки [ҳаргиз] наметавонед Аллоҳ таолоро нотавон созед [ва аз азобаш бигурезед] ва Аллоҳ таоло расвокунандаи кофирон аст

وَأَذَٰنٌ مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦٓ إِلَى ٱلنَّاسِ يَوْمَ ٱلْحَجِّ ٱلْأَكْبَرِ أَنَّ ٱللَّهَ بَرِيٓءٌ مِّنَ ٱلْمُشْرِكِينَ وَرَسُولُهُۥ ۚ فَإِن تُبْتُمْ فَهُوَ خَيْرٌ لَّكُمْ ۖ وَإِن تَوَلَّيْتُمْ فَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّكُمْ غَيْرُ مُعْجِزِي ٱللَّهِ ۗ وَبَشِّرِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِعَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿٣﴾

3. Ва [ин] эъломест аз ҷониби Аллоҳ таоло ва Паёмбараш ба мардум дар рӯзи ҳаҷҷи акбар [иди қурбон], ки: «Аллоҳ таоло ва Паёмбараш аз мушрикон безоранд». Пас, агар тавба кунед, барои шумо беҳтар аст ва агар рӯ бигардонед [ва сарпечӣ кунед], пас, бидонед, ки шумо [ҳаргиз] наметавонед Аллоҳ таолоро нотавон созед [ва аз азобаш бигурезед]. Ва [ту эй Паёмбар] касонеро ки куфр варзиданд, ба азоби дардноке башорат бидеҳ

إِلَّا ٱلَّذِينَ عَٰهَدتُّم مِّنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ثُمَّ لَمْ يَنقُصُوكُمْ شَيْـًٔا وَلَمْ يُظَٰهِرُواْ عَلَيْكُمْ أَحَدًا فَأَتِمُّوٓاْ إِلَيْهِمْ عَهْدَهُمْ إِلَىٰ مُدَّتِهِمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿٤﴾

4. Магар касоне аз мушрикон, ки бо онон паймон бастаед ва чизе аз [тааҳҳудоти худ нисбат ба] шумо фурӯгузор накардаанд ва касеро алайҳи шумо пуштибонӣ накарданд. Пас, паймони ононро то поёни муддаташон ба поён бирасонед, [ки] бе тардид, Аллоҳ таоло парҳезгоронро дӯст медорад

فَإِذَا ٱنسَلَخَ ٱلْأَشْهُرُ ٱلْحُرُمُ فَٱقْتُلُواْ ٱلْمُشْرِكِينَ حَيْثُ وَجَدتُّمُوهُمْ وَخُذُوهُمْ وَٱحْصُرُوهُمْ وَٱقْعُدُواْ لَهُمْ كُلَّ مَرْصَدٍ ۚ فَإِن تَابُواْ وَأَقَامُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَوُاْ ٱلزَّكَوٰةَ فَخَلُّواْ سَبِيلَهُمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٥﴾

5. Пас, чун моҳҳои ҳаром сипарӣ шуд, мушриконро ҳар куҷо ёфтед, бикушед ва ононро дастгир кунед ва дар муҳосира бигузоред ва дар ҳар гузаргоҳе ба камини онон бинишинед.Пас, агар тавба карданд ва намоз барпо доштанд ва закот пардохтанд, раҳояшон кунед, [чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَإِنْ أَحَدٌ مِّنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ٱسْتَجَارَكَ فَأَجِرْهُ حَتَّىٰ يَسْمَعَ كَلَٰمَ ٱللَّهِ ثُمَّ أَبْلِغْهُ مَأْمَنَهُۥ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لَّا يَعْلَمُونَ ﴿٦﴾

6. Ва [эй Паёмбар] агар яке аз мушрикон аз ту паноҳ хост, пас, паноҳаш бидеҳ, то сухани

Аллоҳ таолоро бишнавад, сипас ӯро ба маҳалли амнаш бирасон. Ин [амон додан ба мушрикон] ба он сабаб аст, ки онон гурӯҳи нодонанд

كَيْفَ يَكُونُ لِلْمُشْرِكِينَ عَهْدٌ عِندَ ٱللَّهِ وَعِندَ رَسُولِهِۦٓ إِلَّا ٱلَّذِينَ عَٰهَدتُّمْ عِندَ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ ۖ فَمَا ٱسْتَقَٰمُوا۟ لَكُمْ فَٱسْتَقِيمُوا۟ لَهُمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿٧﴾

7. Чигуна мушрикон метавонанд назди Аллоҳ таоло ва Паёмбараш [аҳду] паймоне дошта бошанд? Магар [дар мавриди] касоне, ки бо онон наздики Масҷиду-л-ҳаром [дар Ҳудайбия] паймон бастаед. Пас, то [мушрикон дар мавриди он аҳд] бо шумо пойдоранд, шумо [низ] бо онон пойдор бошед, [чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло парҳезгоронро дӯст медорад

كَيْفَ وَإِن يَظْهَرُوا۟ عَلَيْكُمْ لَا يَرْقُبُوا۟ فِيكُمْ إِلًّا وَلَا ذِمَّةً ۚ يُرْضُونَكُم بِأَفْوَٰهِهِمْ وَتَأْبَىٰ قُلُوبُهُمْ وَأَكْثَرُهُمْ فَٰسِقُونَ ﴿٨﴾

8. Чигуна [паймони мушрикон арзиш дорад] бо инки агар бар шумо даст ёбанд, дар бораи шумо на [ҳаққи] хешовандиро муроот мекунанд ва на ҳеҷ паймонеро?! Онон шуморо бо забони худ хушнуд мекунанд ва ҳол онки дилҳояшон имтиноъ меварзад ва бештарашон нофармонанд

ٱشْتَرَوْا۟ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ ثَمَنًا قَلِيلًا فَصَدُّوا۟ عَن سَبِيلِهِۦٓ ۚ إِنَّهُمْ سَآءَ مَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿٩﴾

9. Оёти Аллоҳ таолоро ба баҳои ночизе фурӯхтанд ва [мардумро] аз роҳи Ӯ боздоштанд. Ба ростӣ, чи бад аъмоле анҷом медоданд!

لَا يَرْقُبُونَ فِى مُؤْمِنٍ إِلًّا وَلَا ذِمَّةً ۚ وَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُعْتَدُونَ ﴿١٠﴾

10. Инон дар ҳаққи ҳеҷ муъмине, на [ҳаққи] хешовандӣ муроот [риоя] мекунанд ва на паймонеро. Ва инонанд, ки таҷовузкоранд

فَإِن تَابُوا۟ وَأَقَامُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَوُا۟ ٱلزَّكَوٰةَ فَإِخْوَٰنُكُمْ فِى ٱلدِّينِ ۗ وَنُفَصِّلُ ٱلْـَٔايَٰتِ لِقَوْمٍ يَعْلَمُونَ ﴿١١﴾

11. Пас, [бо ин ҳол] агар тавба карданд ва намоз барпо доштанд ва закот пардохтанд, бародарони динии шумо [мусулмонон] ҳастанд ва Мо оёти худро барои гурӯҳе, ки медонанд, ба тафсил баён мекунем

وَإِن نَّكَثُوٓا۟ أَيْمَٰنَهُم مِّنۢ بَعْدِ عَهْدِهِمْ وَطَعَنُوا۟ فِى دِينِكُمْ فَقَٰتِلُوٓا۟ أَئِمَّةَ ٱلْكُفْرِ ۙ إِنَّهُمْ لَآ أَيْمَٰنَ لَهُمْ لَعَلَّهُمْ يَنتَهُونَ ﴿١٢﴾

12. Ва агар [тааҳҳуду] савгандашонро пас аз паймони хеш шикастанд ва дар динатон таъна заданд, пас бо пешвоёни куфр бичангед; зеро онон аҳд [-у паймоне бо шумо] надоранд, бошад, ки [аз рафтори худ] даст бардоранд

أَلَا تُقَٰتِلُونَ قَوْمًا نَّكَثُوٓا۟ أَيْمَٰنَهُمْ وَهَمُّوا۟ بِإِخْرَاجِ ٱلرَّسُولِ وَهُم بَدَءُوكُمْ أَوَّلَ مَرَّةٍ ۚ أَتَخْشَوْنَهُمْ ۚ فَٱللَّهُ أَحَقُّ أَن تَخْشَوْهُ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿١٣﴾

13. Эй муъминон] Чаро бо гурӯҳе намеҷангед, ки савганд [ва паймони] худро шикастанд

ва дар берун рондани Паёмбар [аз Макка] кӯшиданд? Онон буданд, ки нахустин бор [бо ёрӣ кардани қабилаи Бакр дар баробари Хузоа ҷангро] бо шумо оғоз карданд. Оё аз онон метарсед? Дар ҳоле ки агар имон доред, Аллоҳ таоло сазовортар аст, ки аз Ӯ битарсед

قَٰتِلُوهُمْ يُعَذِّبْهُمُ ٱللَّهُ بِأَيْدِيكُمْ وَيُخْزِهِمْ وَيَنصُرْكُمْ عَلَيْهِمْ وَيَشْفِ صُدُورَ قَوْمٍ مُّؤْمِنِينَ ﴿١٤﴾

14. Бо онон биҷангед, то Аллоҳ таоло ба дасти шумо азобашон кунад ва хорашон созад ва шуморо бар онон пирӯз гардонад ва дилҳои муъминонро ором бахшад

وَيُذْهِبْ غَيْظَ قُلُوبِهِمْ ۗ وَيَتُوبُ ٱللَّهُ عَلَىٰ مَن يَشَآءُ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿١٥﴾

15. Ва [бо шикасти кофирон] хашми дилҳои онон [муъминон] -ро бартараф кунад. Ва Аллоҳ таоло аз ҳар ки бихоҳад, дармегузарад. Ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

أَمْ حَسِبْتُمْ أَن تُتْرَكُوا۟ وَلَمَّا يَعْلَمِ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ جَٰهَدُوا۟ مِنكُمْ وَلَمْ يَتَّخِذُوا۟ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَلَا رَسُولِهِۦ وَلَا ٱلْمُؤْمِنِينَ وَلِيجَةً ۚ وَٱللَّهُ خَبِيرٌۢ بِمَا تَعْمَلُونَ ﴿١٦﴾

16. Оё пиндоштаед, ки [бидуни имтиҳони илоҳӣ] ба ҳоли худ раҳо мешавед? Дар ҳоле ки Аллоҳ таоло ҳанӯз касоне аз шуморо, ки ҷиҳод карданд ва ба ҷуз Аллоҳ таоло ва Паёмбар ва муъминон [касеро ба дӯстӣ ва] ҳамрозӣ нагирифтаанд, маълум надоштааст? Ва Аллоҳ таоло ба ончи мекунед, огоҳ аст

مَا كَانَ لِلْمُشْرِكِينَ أَن يَعْمُرُوا۟ مَسَٰجِدَ ٱللَّهِ شَٰهِدِينَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِم بِٱلْكُفْرِ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ حَبِطَتْ أَعْمَٰلُهُمْ وَفِى ٱلنَّارِ هُمْ خَٰلِدُونَ ﴿١٧﴾

17. Сазовор нест, ки мушрикон масоҷиди Аллоҳ таолоро обод кунанд, дар ҳоле ки онон [амалан] ба куфри хеш гувоҳанд [ва онро изҳор мекунанд], ононанд, ки аъмолашон табоҳ гаштааст ва худ дар оташи [дузах] ҷовидонанд

إِنَّمَا يَعْمُرُ مَسَٰجِدَ ٱللَّهِ مَنْ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ وَأَقَامَ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَى ٱلزَّكَوٰةَ وَلَمْ يَخْشَ إِلَّا ٱللَّهَ ۖ فَعَسَىٰٓ أُو۟لَٰٓئِكَ أَن يَكُونُوا۟ مِنَ ٱلْمُهْتَدِينَ ﴿١٨﴾

18. Масоҷиди Аллоҳ таолоро фақат касоне [бояд] обод кунанд, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи охират имон овардаанд ва намоз барпо медоранд ва закот мепардозанд ва аз ғайри Аллоҳ таоло наметарсанд. Умед аст, ки инон аз ҳидоятёфтагон бошанд

أَجَعَلْتُمْ سِقَايَةَ ٱلْحَآجِّ وَعِمَارَةَ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ كَمَنْ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ وَجَٰهَدَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ لَا يَسْتَوُۥنَ عِندَ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٩﴾

19. [Эй мушрикон] Оё об додан ба ҳоҷиён ва обод кардани Масҷиду-л-ҳаромро бо [имону амали] касе, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи вопасин

имон оварда ва дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод кардааст, баробар медонед? [Ин ду ҳаргиз] Назди Аллоҳ таоло баробар нестанд. Ва Аллоҳ таоло ситамгорон [-и мушрик]-ро ҳидоят намекунад

20. Касоне, ки имон оварданд ва ҳиҷрат карданд ва дар роҳи Аллоҳ таоло бо амвол ва ҷонҳои хеш ҷиҳод карданд, назди Аллоҳ таоло мақоми бартаре доранд ва инон ҳамон растагоронанд

ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهَاجَرُواْ وَجَٰهَدُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡ أَعۡظَمُ دَرَجَةً عِندَ ٱللَّهِۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَآئِزُونَ ٢٠

21. Парвардигорашон ононро аз ҷониби хеш ба раҳмату хушнудӣ ва боғҳое [дар биҳишт] мужда медиҳад, ки дар онҳо неъматҳои пойдор доранд

يُبَشِّرُهُمۡ رَبُّهُم بِرَحۡمَةٖ مِّنۡهُ وَرِضۡوَٰنٖ وَجَنَّٰتٖ لَّهُمۡ فِيهَا نَعِيمٞ مُّقِيمٌ ٢١

22. Ҳамвора дар он ҷовидонанд. Ба ростӣ, ки подоши бузург [фақат] назди Аллоҳ таоло аст

خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًاۚ إِنَّ ٱللَّهَ عِندَهُۥٓ أَجۡرٌ عَظِيمٞ ٢٢

23. Эй касоне, ки имон овардаед, агар падарону бародаронатон куфрро бар имон тарҷеҳ медиҳанд, [ононро] ба дӯстӣ нагиред ва ҳар касе аз шумо ононро ба дӯстӣ бигирад, онон ҳамон ситамгоронанд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُوٓاْ ءَابَآءَكُمۡ وَإِخۡوَٰنَكُمۡ أَوۡلِيَآءَ إِنِ ٱسۡتَحَبُّواْ ٱلۡكُفۡرَ عَلَى ٱلۡإِيمَٰنِۚ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمۡ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ٢٣

24. [Эй Паёмбар, ба муъминон] Бигӯ: «Агар падарону фарзандон ва бародарон ва ҳамсарон ва хешовандонатон ва амволе, ки ба даст овардаед ва тиҷорате, ки аз касодиаш метарсед ва хонаҳое, ки ба он дилхуш ҳастед, назди шумо аз Аллоҳ таоло ва Паёмбараш ва ҷиҳод дар роҳи Ӯ маҳбубтаранд, пас, мунтазир бошед, то Аллоҳ таоло фармони [азоби] хешро нозил кунад. Ва Аллоҳ таоло гурӯҳи нофармонро ҳидоят намекунад»

قُلۡ إِن كَانَ ءَابَآؤُكُمۡ وَأَبۡنَآؤُكُمۡ وَإِخۡوَٰنُكُمۡ وَأَزۡوَٰجُكُمۡ وَعَشِيرَتُكُمۡ وَأَمۡوَٰلٌ ٱقۡتَرَفۡتُمُوهَا وَتِجَٰرَةٞ تَخۡشَوۡنَ كَسَادَهَا وَمَسَٰكِنُ تَرۡضَوۡنَهَآ أَحَبَّ إِلَيۡكُم مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَجِهَادٖ فِي سَبِيلِهِۦ فَتَرَبَّصُواْ حَتَّىٰ يَأۡتِيَ ٱللَّهُ بِأَمۡرِهِۦۗ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡفَٰسِقِينَ ٢٤

25. Бе тардид, Аллоҳ таоло шумо [муъминон]-ро дар мавқеиятҳои бисёр ёрӣ кардааст ва низ дар ҷанги Ҳунайн, он гоҳ ки фаровонии теъдодатон шуморо [шоду] шигифтзада кард, вале ҳеҷ суде ба ҳолатон надошт ва замин бо ҳама густурдагӣ бар шумо танг омад, он гоҳ [ба душман] пушт кардед [ва гурехтед]

لَقَدۡ نَصَرَكُمُ ٱللَّهُ فِي مَوَاطِنَ كَثِيرَةٖ وَيَوۡمَ حُنَيۡنٍ إِذۡ أَعۡجَبَتۡكُمۡ كَثۡرَتُكُمۡ فَلَمۡ تُغۡنِ عَنكُمۡ شَيۡـٔٗا وَضَاقَتۡ عَلَيۡكُمُ ٱلۡأَرۡضُ بِمَا رَحُبَتۡ ثُمَّ وَلَّيۡتُم مُّدۡبِرِينَ ٢٥

ثُمَّ أَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَعَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ وَأَنزَلَ جُنُودًا لَّمْ تَرَوْهَا وَعَذَّبَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ۚ وَذَٰلِكَ جَزَآءُ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٢٦﴾

26. Сипас Аллоҳ таоло оромиши хешро бар Паёмбараш ва муъминон фурӯ фиристод ва сипоҳиёнеро, ки шумо намедидед [ба кумакатон] фиристод ва ононро, ки куфр варзида буданд, азоб кард. Ва ҷазои кофирон чунин аст

ثُمَّ يَتُوبُ ٱللَّهُ مِنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ عَلَىٰ مَن يَشَآءُ ۗ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٢٧﴾

27. Сипас Аллоҳ таоло баъд аз он [азоби хоркунанда] тавбаи ҳаркиро бихоҳад, мепазирад ва Аллоҳ таоло омурзандаву меҳрубон аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِنَّمَا ٱلْمُشْرِكُونَ نَجَسٌ فَلَا يَقْرَبُوا۟ ٱلْمَسْجِدَ ٱلْحَرَامَ بَعْدَ عَامِهِمْ هَٰذَا ۚ وَإِنْ خِفْتُمْ عَيْلَةً فَسَوْفَ يُغْنِيكُمُ ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦٓ إِن شَآءَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٢٨﴾

28. Эй касоне, ки имон овардаед, ҷуз ин нест, ки мушрикон ҳатман, палиданд, пас, набояд баъд аз имсол ба Масҷиду-л-ҳаром наздик шаванд. Ва агар [ба хотири қатъи тиҷорат бо онон] аз тангдастӣ бим доред, [бидонед, ки] агар Аллоҳ таоло бихоҳад, шуморо аз бахшиши хеш бениёз месозад. Бе тардид, Аллоҳ таоло доною ҳаким аст

قَٰتِلُوا۟ ٱلَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَلَا بِٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ وَلَا يُحَرِّمُونَ مَا حَرَّمَ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ وَلَا يَدِينُونَ دِينَ ٱلْحَقِّ مِنَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْكِتَٰبَ حَتَّىٰ يُعْطُوا۟ ٱلْجِزْيَةَ عَن يَدٍ وَهُمْ صَٰغِرُونَ ﴿٢٩﴾

29. Бо касоне [аз аҳли китоб], ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон намеоранд ва ончиро Аллоҳ таоло ва Паёмбараш ҳаром кардаанд, ҳаром намешуморанд ва дини ҳақро намепазиранд, биҷангед, то он гоҳ ки бо шикасту хорӣ ба дасти хеш ҷизя диҳанд

وَقَالَتِ ٱلْيَهُودُ عُزَيْرٌ ٱبْنُ ٱللَّهِ وَقَالَتِ ٱلنَّصَٰرَى ٱلْمَسِيحُ ٱبْنُ ٱللَّهِ ۖ ذَٰلِكَ قَوْلُهُم بِأَفْوَٰهِهِمْ ۖ يُضَٰهِـُٔونَ قَوْلَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ مِن قَبْلُ ۚ قَٰتَلَهُمُ ٱللَّهُ ۖ أَنَّىٰ يُؤْفَكُونَ ﴿٣٠﴾

30. Ва яҳудиён гуфтанд: «Узайр писари Аллоҳ таоло аст» ва масеҳиён гуфтанд: «Масеҳ писари Аллоҳ таоло аст». Ин сухан [-и ботил]-е аст, ки бар забон меоваранд ва ба гуфтори касоне, ки пеш аз ин куфр варзиданд, шабоҳат дорад. Аллоҳ таоло ҳалокашон кунад! Чигуна [аз ҳақ] мунҳариф мешаванд?

ٱتَّخَذُوٓا۟ أَحْبَارَهُمْ وَرُهْبَٰنَهُمْ أَرْبَابًا مِّن دُونِ ٱللَّهِ وَٱلْمَسِيحَ ٱبْنَ مَرْيَمَ وَمَآ أُمِرُوٓا۟ إِلَّا لِيَعْبُدُوٓا۟ إِلَٰهًا وَٰحِدًا ۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۚ سُبْحَٰنَهُۥ عَمَّا يُشْرِكُونَ ﴿٣١﴾

31. [Ин мушрикон] Уламо ва роҳибони худ ва [ҳамчунин] Масеҳ писари Марямро ба ҷойи Аллоҳ таоло [ба унвони] маъбудони хеш талаққӣ карданд, ҳол онки дастуре ҷуз ин надоштанд, ки фақат Аллоҳ таолои ягонаро бипарастанд, ки маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест. Ӯ аз ончи шарикаш қарор медиҳанд, муназзаҳ аст

يُرِيدُونَ أَن يُطْفِـُٔوا۟ نُورَ ٱللَّهِ بِأَفْوَٰهِهِمْ وَيَأْبَى ٱللَّهُ إِلَّآ أَن يُتِمَّ نُورَهُۥ وَلَوْ كَرِهَ ٱلْكَٰفِرُونَ ﴿٣٢﴾

32. Онон мехоҳанд нури Аллоҳ таолоро бо суханони хеш хомӯш кунанд, вале Аллоҳ таоло ҷуз ин намехоҳад, ки нури хешро комил кунад, ҳарчанд кофирон нохушнуд бошанд

هُوَ ٱلَّذِىٓ أَرْسَلَ رَسُولَهُۥ بِٱلْهُدَىٰ وَدِينِ ٱلْحَقِّ لِيُظْهِرَهُۥ عَلَى ٱلدِّينِ كُلِّهِۦ وَلَوْ كَرِهَ ٱلْمُشْرِكُونَ ﴿٣٣﴾

33. Ӯст, ки Паёмбарашро бо ҳидояту дини ҳақ фиристодааст, то онро бар ҳамаи адён пирӯз гардонад, ҳарчанд мушрикон нохушнуд бошанд

۞يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِنَّ كَثِيرًا مِّنَ ٱلْأَحْبَارِ وَٱلرُّهْبَانِ لَيَأْكُلُونَ أَمْوَٰلَ ٱلنَّاسِ بِٱلْبَٰطِلِ وَيَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ ۗ وَٱلَّذِينَ يَكْنِزُونَ ٱلذَّهَبَ وَٱلْفِضَّةَ وَلَا يُنفِقُونَهَا فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ فَبَشِّرْهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿٣٤﴾

34. Эй касоне, ки имон овардаед, бе тардид, бисёре аз уламо[-и яҳудӣ] ва роҳибон, амволи мардумро ба ноҳақ мехӯранд ва [ононро] аз роҳи Аллоҳ таоло бозмедоранд.Ва касоне, ки зару сим меандузанд ва онро дар роҳи Аллоҳ таоло инфоқ намекунанд, пас, ононро ба азоби дарднок башорат бидеҳ

يَوْمَ يُحْمَىٰ عَلَيْهَا فِى نَارِ جَهَنَّمَ فَتُكْوَىٰ بِهَا جِبَاهُهُمْ وَجُنُوبُهُمْ وَظُهُورُهُمْ ۖ هَٰذَا مَا كَنَزْتُمْ لِأَنفُسِكُمْ فَذُوقُوا۟ مَا كُنتُمْ تَكْنِزُونَ ﴿٣٥﴾

35. Рӯзе, ки он [ганҷинаҳо]-ро дар оташи дузах сурх кунанд ва пешонӣ ва паҳлу ва пушташонро бо он доғ ниҳанд [ва бигӯянд]: «Ин аст ончи барои хеш меандӯхтед, пас, бичашед ончиро, ки меандӯхтед»

إِنَّ عِدَّةَ ٱلشُّهُورِ عِندَ ٱللَّهِ ٱثْنَا عَشَرَ شَهْرًا فِى كِتَٰبِ ٱللَّهِ يَوْمَ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ مِنْهَآ أَرْبَعَةٌ حُرُمٌ ۚ ذَٰلِكَ ٱلدِّينُ ٱلْقَيِّمُ ۚ فَلَا تَظْلِمُوا۟ فِيهِنَّ أَنفُسَكُمْ ۚ وَقَٰتِلُوا۟ ٱلْمُشْرِكِينَ كَآفَّةً كَمَا يُقَٰتِلُونَكُمْ كَآفَّةً ۚ وَٱعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿٣٦﴾

36. Шумори моҳҳо назди Аллоҳ таоло [аз] рӯзе, ки осмонҳо ва заминро офаридааст, дар китоби Аллоҳ таоло [Лавҳи маҳфуз] дувоздаҳ моҳ аст, ки [ҷангу даргирӣ дар] чаҳор моҳ аз он ҳаром аст [Зулқаъда, Зулҳиҷҷа, Муҳаррам ва Раҷаб]. Ин аст оини устувор [ва роҳи ҳақ]. Пас, дар ин [чаҳор моҳ] бар худ ситам накунед ва ҳамагӣ бо мушрикон биҷангед, чунонки ҳамаи онон бо шумо меҷанганд ва бидонед, ки Аллоҳ таоло ҳамроҳи парҳезгорон аст

إِنَّمَا ٱلنَّسِىٓـُٔ زِيَادَةٌ فِى ٱلْكُفْرِ ۖ يُضَلُّ بِهِ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ يُحِلُّونَهُۥ عَامًا وَيُحَرِّمُونَهُۥ عَامًا لِّيُوَاطِـُٔوا۟ عِدَّةَ مَا حَرَّمَ ٱللَّهُ فَيُحِلُّوا۟ مَا حَرَّمَ ٱللَّهُ ۚ زُيِّنَ لَهُمْ سُوٓءُ أَعْمَٰلِهِمْ ۗ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٣٧﴾

37. Бе тардид, ба таъхир андохтан [-и моҳҳои ҳаром ва барҳам задани тартиби асли онҳо мучиби] афзоиши куфр аст [ва] касоне, ки куфр варзиданд, бо ин кор ба гумроҳӣ кашида мешаванд. Он [моҳ]-ро як сол ҳалол мешуморанд ва як сол [-и дигар] ҳаромаш медонанд, то бо теъдоди моҳҳое, ки Аллоҳ таоло ҳаром

кардааст, баробар созанд. Пас, [ба он сабаб] ончиро, ки Аллоҳ таоло ҳаром кардааст, [бар худ] ҳалол мекунанд.Зиштии аъмолашон бар эшон ороста шудааст ва Аллоҳ таоло гурӯҳи кофиронро ҳидоят намекунад

38. Эй касоне, ки имон овардаед, шуморо чи шудааст, ки чун ба шумо гуфта мешавад: «Дар роҳи Аллоҳ таоло раҳсипор [ҷиҳод] шавед», сустӣ ба харҷ медиҳед [ва дар хонаҳоятон менишинед]? Оё ба ҷойи охират ба зиндагии дунё дилхуш кардаед? [Пас, бидонед, ки] колои зиндагии дунё дар баробари охират ҷуз андаке нест

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مَا لَكُمْ إِذَا قِيلَ لَكُمُ ٱنفِرُوا۟ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ٱثَّاقَلْتُمْ إِلَى ٱلْأَرْضِ ۚ أَرَضِيتُم بِٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا مِنَ ٱلْـَٔاخِرَةِ ۚ فَمَا مَتَـٰعُ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا فِى ٱلْـَٔاخِرَةِ إِلَّا قَلِيلٌ ﴿٣٨﴾

39. [Эй муъминон] Агар раҳсипор [-и ҷиҳод] нагардед, [Аллоҳ таоло] ба азоби дарднок гирифторатон мекунад ва ба ҷойи шумо гурӯҳи дигареро меоварад ва [шумо бо нофармонӣ ҳаргиз] ба Ӯ зиёне намерасонед. Ва Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност

إِلَّا تَنفِرُوا۟ يُعَذِّبْكُمْ عَذَابًا أَلِيمًا وَيَسْتَبْدِلْ قَوْمًا غَيْرَكُمْ وَلَا تَضُرُّوهُ شَيْـًٔا ۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٣٩﴾

40. [Эй асҳоби Паёмбар] Агар шумо ӯро ёрӣ накунед, ҳатман, Аллоҳ таоло ёриаш намуд: ҳангоме ки кофирон ӯро [аз Макка] берун карданд, он гоҳ ки яке аз он ду, ки дар ғор [-и Савр паноҳ гирифта] буданд, ба ҳамроҳи худ [Абубакр] гуфт: «Андуҳгин мабош, [ки] бе тардид, Аллоҳ таоло бо мост». Пас, Аллоҳ таоло оромиши худро бар ӯ фурӯ фиристод ва ӯро бо сипоҳиёне, ки онҳоро намедидед, таъйид [-у тақвият] кард ва сухани касонеро, ки куфр варзиданд, пасттар гардонд. Ва сухани Аллоҳ таолост, ки бартар аст ва Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст

إِلَّا تَنصُرُوهُ فَقَدْ نَصَرَهُ ٱللَّهُ إِذْ أَخْرَجَهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ثَانِىَ ٱثْنَيْنِ إِذْ هُمَا فِى ٱلْغَارِ إِذْ يَقُولُ لِصَـٰحِبِهِۦ لَا تَحْزَنْ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَا ۖ فَأَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَيْهِ وَأَيَّدَهُۥ بِجُنُودٍ لَّمْ تَرَوْهَا وَجَعَلَ كَلِمَةَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ٱلسُّفْلَىٰ ۗ وَكَلِمَةُ ٱللَّهِ هِىَ ٱلْعُلْيَا ۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٤٠﴾

41. Сабукбору гаронбор [ба ҳар ҳолате барои ҷиҳод] раҳсипор шавед ва бо амволу ҷонҳои хеш дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод кунед. Агар бидонед, ин барои шумо беҳтар аст

ٱنفِرُوا۟ خِفَافًا وَثِقَالًا وَجَـٰهِدُوا۟ بِأَمْوَٰلِكُمْ وَأَنفُسِكُمْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٤١﴾

42. [Эй Паёмбар] Агар [ҳадафи мунофиқон аз ҳамроҳӣ бо ту касби ғанимат ва ёфтани] моле

لَوْ كَانَ عَرَضًا قَرِيبًا وَسَفَرًا قَاصِدًا لَّٱتَّبَعُوكَ وَلَـٰكِنۢ بَعُدَتْ عَلَيْهِمُ ٱلشُّقَّةُ ۚ وَسَيَحْلِفُونَ بِٱللَّهِ لَوِ ٱسْتَطَعْنَا لَخَرَجْنَا مَعَكُمْ

يُهۡلِكُونَ أَنفُسَهُمۡ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ إِنَّهُمۡ لَكَٰذِبُونَ ﴿٤٢﴾

дар дастрас ва сафари [осон ва] кӯтоҳ буд, ҳатман, ба дунболат меомаданд. Вале он роҳи пурмашаққати [Шом] бар эшон дур [-у душвор] намуд ва ба зудӣ ба Аллоҳ таоло савганд хоҳанд хӯрд, ки: «Агар метавонистем, ҳатман, бо шумо раҳсипор мешудем» [Онон бо нофармонӣ ва савганди дурӯғ] худро ба ҳалокат афканданд ва Аллоҳ таоло медонад, ки онон, яқинан, дурӯғгӯ ҳастанд

عَفَا ٱللَّهُ عَنكَ لِمَ أَذِنتَ لَهُمۡ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَكَ ٱلَّذِينَ صَدَقُواْ وَتَعۡلَمَ ٱلۡكَٰذِبِينَ ﴿٤٣﴾

43. [Эй Паёмбар] Аллоҳ таоло аз ту даргузарад! Чаро пеш аз онки [ҳоли] ростгӯён бар ту равшан гардад ва дурӯғгуёнро бозшиносӣ, ба онон иҷозат додӣ [ки дар ҷиҳод ширкат кунанд]?

لَا يَسۡتَـٔۡذِنُكَ ٱلَّذِينَ يُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ أَن يُجَٰهِدُواْ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡۗ وَٱللَّهُ عَلِيمُۢ بِٱلۡمُتَّقِينَ ﴿٤٤﴾

44. Касоне, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи вопасин имон доранд, дар ҷиҳод бо амволу ҷонҳояшон аз ту иҷозат [муофият] намехоҳанд. Ва Аллоҳ таоло ба [ҳоли] парҳезгорон доност

إِنَّمَا يَسۡتَـٔۡذِنُكَ ٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ وَٱرۡتَابَتۡ قُلُوبُهُمۡ فَهُمۡ فِي رَيۡبِهِمۡ يَتَرَدَّدُونَ ﴿٤٥﴾

45. Танҳо касоне аз ту иҷозат [-и муофият аз ҷиҳод] мехоҳанд, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи вопасин имон надоранд ва дилҳояшон ба тардид олуда аст ва дар тардиди худ саргардонанд

وَلَوۡ أَرَادُواْ ٱلۡخُرُوجَ لَأَعَدُّواْ لَهُۥ عُدَّةٗ وَلَٰكِن كَرِهَ ٱللَّهُ ٱنۢبِعَاثَهُمۡ فَثَبَّطَهُمۡ وَقِيلَ ٱقۡعُدُواْ مَعَ ٱلۡقَٰعِدِينَ ﴿٤٦﴾

46. Ва агар [ба ростӣ] иродаи раҳсипорӣ [ба қасди ҷиҳод] доштанд, ҳатман, созу барге барояш фароҳам мекарданд, вале Аллоҳ таоло раҳсипори ононро хуш надошт, пас, эшонро мунсариф намуд ва [ба онон] гуфта шуд: «Бо хонанишинон бимонед»

لَوۡ خَرَجُواْ فِيكُم مَّا زَادُوكُمۡ إِلَّا خَبَالٗا وَلَأَوۡضَعُواْ خِلَٰلَكُمۡ يَبۡغُونَكُمُ ٱلۡفِتۡنَةَ وَفِيكُمۡ سَمَّٰعُونَ لَهُمۡۗ وَٱللَّهُ عَلِيمُۢ بِٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٤٧﴾

47. [Эй муъминон] Агар [мунофиқон] ҳамроҳи шумо раҳсипор мешуданд, [ба сабаби бузділӣ ва фирор аз майдони ҷанг] ҷуз фитна ва фасод бароятон ба бор намеоварданд ва миёнатон нуфуз менамуданд ва дар ҳаққи шумо фитнаҷӯӣ мекарданд ва дар ҷамъатон ҷосусоне доранд. Ва Аллоҳ таоло ба [ҳоли] ситамгорон огоҳ аст

لَقَدِ ٱبۡتَغَوُاْ ٱلۡفِتۡنَةَ مِن قَبۡلُ وَقَلَّبُواْ لَكَ ٱلۡأُمُورَ حَتَّىٰ جَآءَ ٱلۡحَقُّ وَظَهَرَ أَمۡرُ ٱللَّهِ وَهُمۡ كَٰرِهُونَ ﴿٤٨﴾

48. Яқинан, пеш аз ин [низ мунофиқон бисёр] фитнаҷӯӣ карданд ва корҳоро бар ту [воруна

ва] ошуфта ҷилва доданд, то онки ҳақ омад ва фармони Аллоҳ таоло ошкор гардид, дар ҳоле ки онон кароҳат доштанд

وَمِنْهُم مَّن يَقُولُ ٱئْذَن لِّي وَلَا تَفْتِنِّيٓ ۚ أَلَا فِي ٱلْفِتْنَةِ سَقَطُوا۟ ۗ وَإِنَّ جَهَنَّمَ لَمُحِيطَةٌۢ بِٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٤٩﴾

49. Ва аз эшон касе ҳаст, ки мегӯяд: «Ба ман иҷозат бидеҳ, [ки ҷиҳод накунам] ва маро дар фитна наандоз». Огоҳ бошед! [Мунофиқон] Ҳам акнун низ дар фитна афтодаанд ва бе тардид, дузах бар кофирон иҳота дорад

إِن تُصِبْكَ حَسَنَةٌ تَسُؤْهُمْ ۖ وَإِن تُصِبْكَ مُصِيبَةٌ يَقُولُوا۟ قَدْ أَخَذْنَآ أَمْرَنَا مِن قَبْلُ وَيَتَوَلَّوا۟ وَّهُمْ فَرِحُونَ ﴿٥٠﴾

50. [Эй Паёмбар] Агар ба ту некӣ бирасад, ононро нороҳат мекунад ва агар мусибате ба ту расад, мегӯянд: «Мо пеш аз ин чораи кори худ андешидаем» ва шодмон [назди хонаводаҳояшон] бозмегарданд

قُل لَّن يُصِيبَنَآ إِلَّا مَا كَتَبَ ٱللَّهُ لَنَا هُوَ مَوْلَىٰنَا ۚ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلْيَتَوَكَّلِ ٱلْمُؤْمِنُونَ ﴿٥١﴾

51. Бигӯ: «Ҳаргиз [мусибате] ба мо намерасад, ҷуз ончи Аллоҳ таоло бароямон муқаррар кардааст. Ӯ [дӯсту] корсози мост ва муъминон бояд ба Аллоҳ таоло таваккал кунанд»

قُلْ هَلْ تَرَبَّصُونَ بِنَآ إِلَّآ إِحْدَى ٱلْحُسْنَيَيْنِ ۖ وَنَحْنُ نَتَرَبَّصُ بِكُمْ أَن يُصِيبَكُمُ ٱللَّهُ بِعَذَابٍ مِّنْ عِندِهِۦٓ أَوْ بِأَيْدِينَا ۖ فَتَرَبَّصُوٓا۟ إِنَّا مَعَكُم مُّتَرَبِّصُونَ ﴿٥٢﴾

52. [Ба мунофиқон] Бигӯ: «Оё барои мо ҷуз яке аз ду некӣ [пирӯзӣ ё шаҳодат]-ро интизор доред? Дар ҳоле ки мо интизор мекашем, ки Аллоҳ таоло аз ҷониби хеш ё ба дасти мо ба азоб [-и сахте] гирифторатон кунад. Пас, интизор бикашед, ки бе тардид, мо [низ] бо шумо мунтазирем»

قُلْ أَنفِقُوا۟ طَوْعًا أَوْ كَرْهًا لَّن يُتَقَبَّلَ مِنكُمْ ۖ إِنَّكُمْ كُنتُمْ قَوْمًا فَٰسِقِينَ ﴿٥٣﴾

53. [Ба мунофиқон] Бигӯ: «Чи бо рағбат, чи бо кароҳат инфоқ кунед, ҳаргиз аз шумо пазируфта намешавад, [чаро ки] бе тардид, шумо гурӯҳи нофармон будаед»

وَمَا مَنَعَهُمْ أَن تُقْبَلَ مِنْهُمْ نَفَقَٰتُهُمْ إِلَّآ أَنَّهُمْ كَفَرُوا۟ بِٱللَّهِ وَبِرَسُولِهِۦ وَلَا يَأْتُونَ ٱلصَّلَوٰةَ إِلَّا وَهُمْ كُسَالَىٰ وَلَا يُنفِقُونَ إِلَّا وَهُمْ كَٰرِهُونَ ﴿٥٤﴾

54. Ва ҳеҷ чиз монеи қабули бахшишҳояшон нашуд, ҷуз инки онон ба Аллоҳ таоло ва паёмбараш куфр варзиданд ва ҷуз бо сустӣ намоз намегузоранд ва ҷуз ба кароҳат [ва бемайлӣ] инфоқ намекунанд

فَلَا تُعْجِبْكَ أَمْوَٰلُهُمْ وَلَآ أَوْلَٰدُهُمْ ۚ إِنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيُعَذِّبَهُم بِهَا فِي ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا وَتَزْهَقَ أَنفُسُهُمْ وَهُمْ كَٰفِرُونَ ﴿٥٥﴾

55. Пас, [эй Паёмбар] амволу фарзандонашон туро шигифтзада накунад. Бе тардид, Аллоҳ

таоло мехоҳад дар зиндагии дунё ба василаи инҳо азобашон кунад ва дар ҳоле ки кофиранд, ҷонашон барояд

56. Ва онон [мунофиқон] ба Аллоҳ таоло савганд ёд мекунанд, ки аз шумо [муъминон] ҳастанд, дар ҳоле ки аз шумо нестанд, вале онон гурӯҳе ҳастанд, ки метарсанд [ва ба ин сабаб савганд мехӯранд]

وَيَحْلِفُونَ بِٱللَّهِ إِنَّهُمْ لَمِنكُمْ وَمَا هُم مِّنكُمْ وَلَٰكِنَّهُمْ قَوْمٌ يَفْرَقُونَ ﴿٥٦﴾

57. Агар паноҳгоҳ ё ғор ё гурезгоҳе пайдо кунанд, шитобон ба сӯйи он рӯ меоваранд

لَوْ يَجِدُونَ مَلْجَـًٔا أَوْ مَغَٰرَٰتٍ أَوْ مُدَّخَلًا لَّوَلَّوْا۟ إِلَيْهِ وَهُمْ يَجْمَحُونَ ﴿٥٧﴾

58. Ва барҳе аз онон ҳастанд, ки дар [тақсими] садақот [ва ғаноим] бар ту хурда мегиранд, пас, агар аз он [амвол] ба эшон дода шавад, хушнуд мегарданд ва агар аз он ба эшон дода нашавад, он гоҳ хашмгин мешаванд

وَمِنْهُم مَّن يَلْمِزُكَ فِى ٱلصَّدَقَٰتِ فَإِنْ أُعْطُوا۟ مِنْهَا رَضُوا۟ وَإِن لَّمْ يُعْطَوْا۟ مِنْهَآ إِذَا هُمْ يَسْخَطُونَ ﴿٥٨﴾

59. Ва [ҳатман, бар эшон беҳтар буд], агар онон ба ончи Аллоҳ таоло ва Паёмбараш ба эшон додаанд, хушнуд мегаштанд ва мегуфтанд: «Аллоҳ таоло бароямон кофист, ба зудӣ Аллоҳ таоло ва Паёмбараш аз фазлу бахшиши худ ба мо медиҳад ва мо ба Аллоҳ таоло [умедвор ва] муштоқем»

وَلَوْ أَنَّهُمْ رَضُوا۟ مَآ ءَاتَىٰهُمُ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ وَقَالُوا۟ حَسْبُنَا ٱللَّهُ سَيُؤْتِينَا ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦ وَرَسُولُهُۥٓ إِنَّآ إِلَى ٱللَّهِ رَٰغِبُونَ ﴿٥٩﴾

60. Садақот [ва закот] ихтисос дорад ба фақирон [-и тиҳидаст] ва мустамандон [-и тангдаст] ва коргузорон [-и ҷамъоварӣ ва тавзеи] он ва дилҷӯишудагон [тозамусулмон] ва барои [озод кардани] бардагон ва [пардохти воми] қарздорон ва дар роҳи Аллоҳ таоло ва [кумак ба] даррохмондагон. [Ин] Фаризаи [муқарраршуда] аз ҷониби Аллоҳ таоло аст ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

إِنَّمَا ٱلصَّدَقَٰتُ لِلْفُقَرَآءِ وَٱلْمَسَٰكِينِ وَٱلْعَٰمِلِينَ عَلَيْهَا وَٱلْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِى ٱلرِّقَابِ وَٱلْغَٰرِمِينَ وَفِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱبْنِ ٱلسَّبِيلِ ۖ فَرِيضَةً مِّنَ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٦٠﴾

61. Ва барҳе аз онон [мунофиқон] ҳастанд, ки Паёмбарро меозоранд ва мегӯянд: «Ӯ зудбовар [ва саропо гӯш] аст». [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ӯ барои шумо [фақат] шунавандаи сухани

وَمِنْهُمُ ٱلَّذِينَ يُؤْذُونَ ٱلنَّبِىَّ وَيَقُولُونَ هُوَ أُذُنٌ ۚ قُلْ أُذُنُ خَيْرٍ لَّكُمْ يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ وَيُؤْمِنُ لِلْمُؤْمِنِينَ وَرَحْمَةٌ لِّلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مِنكُمْ ۚ وَٱلَّذِينَ يُؤْذُونَ رَسُولَ ٱللَّهِ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٦١﴾

хайр аст. [Вай] ба Аллоҳ таоло имон дорад ва [сухани] муъминонро бовар дорад ва барои касоне аз шумо, ки имон овардаанд, раҳматест». Ва касоне, ки Расулуллоҳро меозоранд, азоби дарднок [дар пеш] доранд

يَحْلِفُونَ بِٱللَّهِ لَكُمْ لِيُرْضُوكُمْ وَٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥٓ أَحَقُّ أَن يُرْضُوهُ إِن كَانُوا۟ مُؤْمِنِينَ ﴿٦٢﴾

62. [Эй муъминон, мунофиқон] Бароятон ба Аллоҳ таоло савганд ёд мекунанд, то шуморо хушнуд созанд, дар ҳоле ки агар имон доштанд, шоистатар [ин] буд, ки Аллоҳ таоло ва паёмбарашро хушнуд созанд

أَلَمْ يَعْلَمُوٓا۟ أَنَّهُۥ مَن يُحَادِدِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَأَنَّ لَهُۥ نَارَ جَهَنَّمَ خَٰلِدًا فِيهَا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْخِزْىُ ٱلْعَظِيمُ ﴿٦٣﴾

63. Оё намедонанд, ҳар ки бо Аллоҳ таоло ва расулаш мухолифат [ва душманӣ] кунад, мусалламан, оташи ҷаҳаннам барои ӯст [ва] ҷовидона дар он хоҳад буд? Ин ҳамон расвоии бузург аст

يَحْذَرُ ٱلْمُنَٰفِقُونَ أَن تُنَزَّلَ عَلَيْهِمْ سُورَةٌ تُنَبِّئُهُم بِمَا فِى قُلُوبِهِمْ ۚ قُلِ ٱسْتَهْزِءُوٓا۟ إِنَّ ٱللَّهَ مُخْرِجٌ مَّا تَحْذَرُونَ ﴿٦٤﴾

64. Мунофиқон бим доранд, ки [мабодо] сурае дар бораи онон [бар паёмбар] нозил шавад ва онон [муъминон]-ро аз ончи дар дилҳои эшон [мунофиқон] аст, огоҳ созад. [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «[Ҳарчи мехоҳед] Масхара кунед, [ки] бе тардид, Аллоҳ таоло ончиро, ки [аз он мепарҳезед ва] ҳарос доред, ифшо хоҳад кард»

وَلَئِن سَأَلْتَهُمْ لَيَقُولُنَّ إِنَّمَا كُنَّا نَخُوضُ وَنَلْعَبُ ۚ قُلْ أَبِٱللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمْ تَسْتَهْزِءُونَ ﴿٦٥﴾

65. Ва агар аз онон бипурсӣ: [«Чаро тамасхур мекардед»?] Мусалламан, мегӯянд: «Мо ҷиддӣ намегуфтем ва [шӯхӣ ва] бозӣ мекардем». Бигӯ: «Оё Аллоҳ таоло ва оёти Ӯ ва паёмбарашро масхара мекардед»?

لَا تَعْتَذِرُوا۟ قَدْ كَفَرْتُم بَعْدَ إِيمَٰنِكُمْ ۚ إِن نَّعْفُ عَن طَآئِفَةٍ مِّنكُمْ نُعَذِّبْ طَآئِفَةًۢ بِأَنَّهُمْ كَانُوا۟ مُجْرِمِينَ ﴿٦٦﴾

66. Узр наоваред. Ба ростӣ, ки шумо пас аз имонатон кофир шудаед. Агар гурӯҳе аз шуморо [ба хотири тавбаашон] бибахшем, гурӯҳи дигарро [ба сабаби саркашӣ ва тарки инфоқ] азоб хоҳем кард, чаро ки бе тардид, онон табаҳкор буданд

ٱلْمُنَٰفِقُونَ وَٱلْمُنَٰفِقَٰتُ بَعْضُهُم مِّنۢ بَعْضٍ ۘ يَأْمُرُونَ بِٱلْمُنكَرِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمَعْرُوفِ وَيَقْبِضُونَ أَيْدِيَهُمْ ۚ نَسُوا۟ ٱللَّهَ فَنَسِيَهُمْ ۚ إِنَّ ٱلْمُنَٰفِقِينَ هُمُ ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿٦٧﴾

67. Мардону занони мунофиқ [монанди якдигар ва] аз як гурӯҳанд: ба корҳои зишт фармон медиҳанд ва аз некиҳо бозмедоранд ва дастҳои хешро [аз инфоқ] фурӯ мебанданд [ва] Аллоҳ таолоро

фаромӯш карданд. Пас, Аллоҳ таоло [низ бо бетафовутӣ] ононро ба фаромӯшӣ супурд [ва раҳмату тавфиқашро аз онон салб намуд]. Бе гумон, мунофиқон ҳамон фосиқонанд

وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ وَٱلۡمُنَٰفِقَٰتِ وَٱلۡكُفَّارَ نَارَ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَاۚ هِيَ حَسۡبُهُمۡۚ وَلَعَنَهُمُ ٱللَّهُۖ وَلَهُمۡ عَذَابٞ مُّقِيمٞ ٦٨

68. Аллоҳ таоло ба мардону занони мунофиқ ва [ҳамчунин] ба кофирон ваъдаи оташи дузах додааст, ҷовидона дар он хоҳанд монд. Ҳамон [оташ] барояшон кофист ва Аллоҳ таоло лаънаташон кардааст ва азоби пойдор [дар пеш] доранд

كَٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ كَانُوٓاْ أَشَدَّ مِنكُمۡ قُوَّةٗ وَأَكۡثَرَ أَمۡوَٰلٗا وَأَوۡلَٰدٗا فَٱسۡتَمۡتَعُواْ بِخَلَٰقِهِمۡ فَٱسۡتَمۡتَعۡتُم بِخَلَٰقِكُمۡ كَمَا ٱسۡتَمۡتَعَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُم بِخَلَٰقِهِمۡ وَخُضۡتُمۡ كَٱلَّذِي خَاضُوٓاْۚ أُوْلَٰٓئِكَ حَبِطَتۡ أَعۡمَٰلُهُمۡ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ ٦٩

69. [Шумо мунофиқон] Ҳаммонанди касоне [ҳастед], ки пеш аз шумо буданд, [балки] онон аз шумо нерумандтар буданд ва амволу фарзандони бештаре доштанд. Пас, аз баҳраи хеш [дар дунё] бархурдор шуданд ва шумо низ аз баҳраи худ бархурдор шудед ҳамчунон ки онон ки пеш аз шумо буданд [низ] аз баҳраи хеш бархурдор шуданд. Ва шумо [дар гуноҳи такзиби ҳақ ва тавҳин ба паёмбари худ] фурӯ рафтед, ҳамон тавре ки онон фурӯ рафтанд. Онон аъмолашон дар дунё ва охират табоҳ гашт ва ононанд, ки табоҳкоронанд

أَلَمۡ يَأۡتِهِمۡ نَبَأُ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ قَوۡمِ نُوحٖ وَعَادٖ وَثَمُودَ وَقَوۡمِ إِبۡرَٰهِيمَ وَأَصۡحَٰبِ مَدۡيَنَ وَٱلۡمُؤۡتَفِكَٰتِۚ أَتَتۡهُمۡ رُسُلُهُم بِٱلۡبَيِّنَٰتِۖ فَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيَظۡلِمَهُمۡ وَلَٰكِن كَانُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ يَظۡلِمُونَ ٧٠

70. Оё хабари касоне, ки пеш аз онон буданд, ба онон нарасидааст? [Касоне ҳамчун] Қавми Нуҳ ва Од ва Самуд ва қавми Иброҳим ва асҳоби Мадян [қавми Шуайб] ва шаҳрҳои зерурӯшуда [-и қавми Лут], ки паёмбаронашон далоили равшан барояшон оварданд [вале онон напазируфтанд]. Пас, Аллоҳ таоло бар он набуд, ки [бо нузули азоб] ба онон ситам кунад, балки худ бар хештан ситам мекарданд

وَٱلۡمُؤۡمِنُونَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتُ بَعۡضُهُمۡ أَوۡلِيَآءُ بَعۡضٖۚ يَأۡمُرُونَ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَيَنۡهَوۡنَ عَنِ ٱلۡمُنكَرِ وَيُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤۡتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَيُطِيعُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓۚ أُوْلَٰٓئِكَ سَيَرۡحَمُهُمُ ٱللَّهُۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٞ ٧١

71. Ва мардон ва занони муъмин дӯстони якдигаранд, [мардумро] ба некӣ фармон медиҳанд ва аз нописандӣ бозмедоранд ва намоз барпо мекунанд ва закот мепардозанд ва аз Аллоҳ таоло ва Паёмбараш итоат менамоянд. Инонанд, ки Аллоҳ таоло мавриди раҳмат қарорашон

хоҳад дод. Бе тардид, Аллоҳ таоло шикастнопазири ҳаким аст

وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا وَمَسَٰكِنَ طَيِّبَةً فِى جَنَّٰتِ عَدْنٍ ۚ وَرِضْوَٰنٌ مِّنَ ٱللَّهِ أَكْبَرُ ۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿٧٢﴾

72. Аллоҳ таоло ба мардону занони муъмин боғҳое [аз биҳишт] ваъда додааст, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст, ҷовидона дар он хоҳанд монд. Ва [низ] хонаҳои покизае дар биҳиштҳои ҷовидон [ба онон ваъда додааст] ва хушнудии Аллоҳ таоло [аз ҳамаи инҳо] бартар аст. Ин ҳамон [растагорӣ ва] комёбии бузург аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِىُّ جَٰهِدِ ٱلْكُفَّارَ وَٱلْمُنَٰفِقِينَ وَٱغْلُظْ عَلَيْهِمْ ۚ وَمَأْوَىٰهُمْ جَهَنَّمُ ۖ وَبِئْسَ ٱلْمَصِيرُ ﴿٧٣﴾

73. Эй паёмбар бо кофирон ва мунофиқон ҷиҳод кун ва бар онон сахтгир бош. Ва ҷойгоҳашон дузах аст ва чи бад саранҷомест!

يَحْلِفُونَ بِٱللَّهِ مَا قَالُوا۟ وَلَقَدْ قَالُوا۟ كَلِمَةَ ٱلْكُفْرِ وَكَفَرُوا۟ بَعْدَ إِسْلَٰمِهِمْ وَهَمُّوا۟ بِمَا لَمْ يَنَالُوا۟ ۚ وَمَا نَقَمُوٓا۟ إِلَّآ أَنْ أَغْنَىٰهُمُ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ مِن فَضْلِهِۦ ۚ فَإِن يَتُوبُوا۟ يَكُ خَيْرًا لَّهُمْ ۖ وَإِن يَتَوَلَّوْا۟ يُعَذِّبْهُمُ ٱللَّهُ عَذَابًا أَلِيمًا فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ ۚ وَمَا لَهُمْ فِى ٱلْأَرْضِ مِن وَلِىٍّ وَلَا نَصِيرٍ ﴿٧٤﴾

74. [Мунофиқон] Ба Аллоҳ таоло савганд ёд мекунанд, ки [суханони нописанде дар бораи Аллоҳ таоло ва Паёмбараш] нагуфтаанд ва ба ростӣ, ки сухани куфр гуфтаанд ва пас аз Ислом оварданашон [боз] кофир шуданд [ва бо дасиса барои қатли Паёмбар] тасмим ба коре гирифтанд, ки дар он муваффақ нашуданд. Ва ба айбҷӯӣ [ва мухолифат] барнахостанд, магар пас аз онки Аллоҳ таоло ва Паёмбараш [бо бахшидани ғаноим] ононро аз фазли хеш бениёз карданд. Пас, агар тавба кунанд, барояшон беҳтар аст ва агар рӯй бигардонанд, Аллоҳ таоло ононро дар дунё ва охират ба азоби дарднок дучор месозад ва дар замин ҳеҷ корсозу ёваре нахоҳанд дошт

وَمِنْهُم مَّنْ عَٰهَدَ ٱللَّهَ لَئِنْ ءَاتَىٰنَا مِن فَضْلِهِۦ لَنَصَّدَّقَنَّ وَلَنَكُونَنَّ مِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ﴿٧٥﴾

75. Баъзе аз онон бо Аллоҳ таоло [аҳду] паймон бастанд, ки: «Агар [Аллоҳ таоло] аз фазли худ [насибе] ба мо диҳад, ҳатман, садақа [ва закот] хоҳем дод ва аз накукорон хоҳем буд»

فَلَمَّآ ءَاتَىٰهُم مِّن فَضْلِهِۦ بَخِلُوا۟ بِهِۦ وَتَوَلَّوا۟ وَّهُم مُّعْرِضُونَ ﴿٧٦﴾

76. Пас чун [Аллоҳ таоло] аз фазли худ ба онон [насибе] бахшид, нисбат ба он бухл варзиданд ва [аз он паймон] рӯ гардонданд ва [аз ҳақ] сарпечӣ карданд

فَأَعۡقَبَهُمۡ نِفَاقٗا فِي قُلُوبِهِمۡ إِلَىٰ يَوۡمِ يَلۡقَوۡنَهُۥ بِمَآ أَخۡلَفُواْ ٱللَّهَ مَا وَعَدُوهُ وَبِمَا كَانُواْ يَكۡذِبُونَ ٧٧

77. Пас, бо сазои онки бо Аллоҳ таоло хилофи ваъда карданд ва ба он хотир, ки дурӯғ мегуфтанд, [Аллоҳ таоло низ] то рӯзе, ки Ӯро [дар қиёмат] мебинанд, дар дилҳояшон доғ [-у нанги] нифоқ ниҳод

أَلَمۡ يَعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ سِرَّهُمۡ وَنَجۡوَىٰهُمۡ وَأَنَّ ٱللَّهَ عَلَّٰمُ ٱلۡغُيُوبِ ٧٨

78. Оё надонистаанд, ки Аллоҳ таоло розу наҷвояшонро [ки дар маҳфилҳояшон баён мешавад, ба хубӣ] медонад ва Аллоҳ таоло донои розҳои ниҳон аст?

ٱلَّذِينَ يَلۡمِزُونَ ٱلۡمُطَّوِّعِينَ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ فِي ٱلصَّدَقَٰتِ وَٱلَّذِينَ لَا يَجِدُونَ إِلَّا جُهۡدَهُمۡ فَيَسۡخَرُونَ مِنۡهُمۡ سَخِرَ ٱللَّهُ مِنۡهُمۡ وَلَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٌ ٧٩

79. [Мунофиқон] Касоне [ҳастанд], ки бар муъминон айб мегиранд, ки ба хости хеш садақот [-и бисёр] медиҳанд ва [ҳамчунин, фуқаро ва] афродеро, ки беш аз тавони моли хеш чизе [барои садақа] намеёбанд, масхара мекунанд. Аллоҳ таоло ононро ба тамасхур мегирад ва барояшон азоби дарднок [дар пеш] хоҳад буд

ٱسۡتَغۡفِرۡ لَهُمۡ أَوۡ لَا تَسۡتَغۡفِرۡ لَهُمۡ إِن تَسۡتَغۡفِرۡ لَهُمۡ سَبۡعِينَ مَرَّةٗ فَلَن يَغۡفِرَ ٱللَّهُ لَهُمۡۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ كَفَرُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦۗ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡفَٰسِقِينَ ٨٠

80. [Эй Паёмбар] Чи барои онон омурзиш бихоҳӣ, чи омурзиш нахоҳӣ, [суде ба ҳолашон надорад, ҳатто] агар ҳафтод бор барояшон омурзиш бихоҳӣ, Аллоҳ таоло ҳаргиз ононро намеомурзад, чаро ки ба Аллоҳ таоло ва Паёмбараш куфр варзиданд, ва Аллоҳ таоло гурӯҳи нофармонро ҳидоят намекунад

فَرِحَ ٱلۡمُخَلَّفُونَ بِمَقۡعَدِهِمۡ خِلَٰفَ رَسُولِ ٱللَّهِ وَكَرِهُوٓاْ أَن يُجَٰهِدُواْ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَقَالُواْ لَا تَنفِرُواْ فِي ٱلۡحَرِّۗ قُلۡ نَارُ جَهَنَّمَ أَشَدُّ حَرّٗاۚ لَّوۡ كَانُواْ يَفۡقَهُونَ ٨١

81. Вомондагон [аз ғазваи Табук] пас аз [мухолифат бо] Расулуллоҳ аз хонанишинии худ шодмон шуданд ва аз инки бо амволу ҷонҳои хеш дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод кунанд, кароҳат доштанд ва [ба афроди сустимон] мегуфтанд: «Дар ин гармо раҳсипор [-и ҷиҳод] нашавед». [Эй Паёмбар ба онон] Бигӯ: «Агар дармеёфтанд, оташи дузах [аз ин бисёр] сӯзонтар аст»

فَلۡيَضۡحَكُواْ قَلِيلٗا وَلۡيَبۡكُواْ كَثِيرٗا جَزَآءَۢ بِمَا كَانُواْ يَكۡسِبُونَ ٨٢

82. Ба сазои ончи мекарданд, бояд [дар дунё] кам бихандand ва [дар охират] бисёр бигирянд

فَإِن رَّجَعَكَ ٱللَّهُ إِلَىٰ طَآئِفَةٖ مِّنۡهُمۡ فَٱسۡتَـٔۡذَنُوكَ لِلۡخُرُوجِ فَقُل لَّن تَخۡرُجُواْ مَعِيَ أَبَدٗا وَلَن تُقَٰتِلُواْ مَعِيَ عَدُوًّاۖ إِنَّكُمۡ رَضِيتُم بِٱلۡقُعُودِ

83. Ва агар Аллоҳ таоло туро ба сӯйи гурӯҳе аз онҳо бозгардонд ва аз ту барои ҳамроҳӣ [дар

أَوَّلَ مَرَّةٍ فَٱقْعُدُواْ مَعَ ٱلْخَٰلِفِينَ ﴿٨٣﴾

ҷиҳоди дигар] иҷозат хостанд, бигӯ: «[Аз ин пас] Ҳаргиз бо ман раҳсипор [-и ҷиҳод] нахоҳед шуд ва ҳаргиз ҳамроҳ бо ман бо ҳеҷ душмане набард нахоҳед кард, зеро шумо нахустин бор ба хонанишинӣ ризоият додед, пас, бо хонанишинон бинишинед

وَلَا تُصَلِّ عَلَىٰٓ أَحَدٍ مِّنْهُم مَّاتَ أَبَدًا وَلَا تَقُمْ عَلَىٰ قَبْرِهِۦٓ ۖ إِنَّهُمْ كَفَرُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَمَاتُواْ وَهُمْ فَٰسِقُونَ ﴿٨٤﴾

84. Ва ҳаргиз бар ҳеҷ мурдае аз онон намоз нахон ва [барои дуо хондан ва талаби омурзиш] бар сари қабраш наист, [чаро ки] бе тардид, онон ба Аллоҳ таоло ва Паёмбараш куфр варзидаанд ва дар ҳоле мурданд, ки нофармон буданд

وَلَا تُعْجِبْكَ أَمْوَٰلُهُمْ وَأَوْلَٰدُهُمْ ۚ إِنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ أَن يُعَذِّبَهُم بِهَا فِى ٱلدُّنْيَا وَتَزْهَقَ أَنفُسُهُمْ وَهُمْ كَٰفِرُونَ ﴿٨٥﴾

85. Ва [эй Паёмбар, афзунии] амвол ва фарзандонашон туро шигифтзада накунад. Ба ростӣ, ҷуз ин нест, ки Аллоҳ таоло мехоҳад ба ин [васила] дар дунё азобашон кунад ва дар ҳоле ки кофиранд, ҷонашон барояд

وَإِذَآ أُنزِلَتْ سُورَةٌ أَنْ ءَامِنُواْ بِٱللَّهِ وَجَٰهِدُواْ مَعَ رَسُولِهِ ٱسْتَـْٔذَنَكَ أُوْلُواْ ٱلطَّوْلِ مِنْهُمْ وَقَالُواْ ذَرْنَا نَكُن مَّعَ ٱلْقَٰعِدِينَ ﴿٨٦﴾

86. Ва ҳангоме ки сурае нозил шавад [ва амр мекунад], ки «Ба Аллоҳ таоло имон биёваред ва ҳамроҳи паёмбараш ҷиҳод кунед», сарватмандонашон [барои нарафтан ба ҷиҳод] аз ту иҷозат мехоҳанд ва мегӯянд: «Бигзор, мо бо хонанишинон бошем»

رَضُواْ بِأَن يَكُونُواْ مَعَ ٱلْخَوَالِفِ وَطُبِعَ عَلَىٰ قُلُوبِهِمْ فَهُمْ لَا يَفْقَهُونَ ﴿٨٧﴾

87. Онон розӣ шуданд, ки бо хонанишинон бошанд ва бар дилҳояшон муҳр [-и нифоқ] ниҳода шудааст. Пас, [хайру салоҳи хешро] дарнамеёбанд

لَٰكِنِ ٱلرَّسُولُ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥ جَٰهَدُواْ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ ۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلْخَيْرَٰتُ ۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٨٨﴾

88. Аммо Паёмбар ва касоне, ки бо ӯ имон овардаанд, бо амволу ҷонҳои худ [дар роҳи Аллоҳ таоло] ҷиҳод карданд. Ононанд, ки ҳамаи некиҳо барои эшон аст ва ононанд ки растагоранд

أَعَدَّ ٱللَّهُ لَهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿٨٩﴾

89. Аллоҳ таоло бар эшон боғҳое [аз биҳишт] муҳайё кардааст, ки ҷуйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст [ва] ҷовидона дар он мемонанд. Ин [ҳамон растагорӣ ва] комёбии бузург аст

وَجَآءَ ٱلۡمُعَذِّرُونَ مِنَ ٱلۡأَعۡرَابِ لِيُؤۡذَنَ لَهُمۡ وَقَعَدَ ٱلَّذِينَ كَذَبُواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥۚ سَيُصِيبُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنۡهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ ٩٠

90. Ва узртарошони бодиянишин омаданд, то ба онон иҷозати [маофият аз ҷиҳод] дода шавад ва касоне, ки [дар иддаои имони худ] ба Аллоҳ таоло ва Паёмбараш дурӯғ мегуфтанд, [бидуни ҳеҷ узре ва иҷозате ба ҷойи ҷиҳод] хонанишин бошанд. Ба зудӣ ба касоне аз онон, ки куфр варзиданд, азоби дарднок хоҳад расид

لَّيۡسَ عَلَى ٱلضُّعَفَآءِ وَلَا عَلَى ٱلۡمَرۡضَىٰ وَلَا عَلَى ٱلَّذِينَ لَا يَجِدُونَ مَا يُنفِقُونَ حَرَجٌ إِذَا نَصَحُواْ لِلَّهِ وَرَسُولِهِۦۚ مَا عَلَى ٱلۡمُحۡسِنِينَ مِن سَبِيلٖۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٩١

91. Бар нотавонон [занон ва кӯдакон] ва беморон ва бар касоне, ки чизе намеёбанд, [то дар роҳи ҷиҳод] харҷ кунанд, агар барои Аллоҳ таоло ва Паёмбараш хайрхоҳӣ кунанд, гуноҳе нест [ки дар ҷиҳод ширкат накунанд]. Бар накукорон [-и эшон низ] ҳеҷ роҳе [барои сарзаниш ва муҷозот] нест ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَلَا عَلَى ٱلَّذِينَ إِذَا مَآ أَتَوۡكَ لِتَحۡمِلَهُمۡ قُلۡتَ لَآ أَجِدُ مَآ أَحۡمِلُكُمۡ عَلَيۡهِ تَوَلَّواْ وَّأَعۡيُنُهُمۡ تَفِيضُ مِنَ ٱلدَّمۡعِ حَزَنًا أَلَّا يَجِدُواْ مَا يُنفِقُونَ ٩٢

92. Ва [ҳамчунин] гуноҳе нест бар касоне, ки чун наздат омаданд, то [барои рафтан ба ҷиҳод бар чаҳорпое] саворашон кунӣ, [ба онон] гуфтӣ: «Чизе пайдо намекунам, ки шуморо бар он биншонам». Онон бозгаштанд, дар ҳоле ки чашмонашон аз ин андуҳ ашкбор буд, ки чизе намеёбанд, то [дар роҳи ҷиҳод] харҷ кунанд

إِنَّمَا ٱلسَّبِيلُ عَلَى ٱلَّذِينَ يَسۡتَـٔۡذِنُونَكَ وَهُمۡ أَغۡنِيَآءُۚ رَضُواْ بِأَن يَكُونُواْ مَعَ ٱلۡخَوَالِفِ وَطَبَعَ ٱللَّهُ عَلَىٰ قُلُوبِهِمۡ فَهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ ٩٣

93. Роҳ [-и сарзанишу муҷозот] танҳо барои касоне [кушода] аст, ки бо онки тавонгар [ва имкони ҷиҳод доранд], аз ту иҷозат мехоҳанд [ки дар ҷиҳод ширкат накунанд]. Онон ба ин ризоят доданд, ки бо хонанишинон бошанд ва Аллоҳ таоло бар дилҳояшон муҳр [-и нифоқ] задааст, пас, [хайру салоҳи хешро] дарнамеёбанд

يَعۡتَذِرُونَ إِلَيۡكُمۡ إِذَا رَجَعۡتُمۡ إِلَيۡهِمۡۚ قُل لَّا تَعۡتَذِرُواْ لَن نُّؤۡمِنَ لَكُمۡ قَدۡ نَبَّأَنَا ٱللَّهُ مِنۡ أَخۡبَارِكُمۡۚ وَسَيَرَى ٱللَّهُ عَمَلَكُمۡ وَرَسُولُهُۥ ثُمَّ تُرَدُّونَ إِلَىٰ عَٰلِمِ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ٩٤

94. Вақте [аз ғазваи Табук] ба сӯяшон баргардед, бароятон узр меоваранд. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Узр наёваред, мо ҳаргиз [сухани] шуморо бовар намекунем. Дар ҳақиқат, Аллоҳ таоло моро аз ахбори шумо огоҳ кардааст ва ба зудӣ Аллоҳ таоло ва Паёмбараш рафторатонро хоҳанд дид [ки оё тавба мекунед ё бар нифоқ мемонед]. Он гоҳ ба сӯйи [Аллоҳ таолои]

донои пинҳон ва ошкор бозгардонда мешавед ва Ӯ шуморо аз ончи мекардед, огоҳ мекунад»

سَيَحْلِفُونَ بِٱللَّهِ لَكُمْ إِذَا ٱنقَلَبْتُمْ إِلَيْهِمْ لِتُعْرِضُواْ عَنْهُمْ ۖ فَأَعْرِضُواْ عَنْهُمْ ۖ إِنَّهُمْ رِجْسٌ ۖ وَمَأْوَىٰهُمْ جَهَنَّمُ جَزَآءًۢ بِمَا كَانُواْ يَكْسِبُونَ ﴿٩٥﴾

95. [Эй муъминон, пас аз ҷанг] вақте ба сӯйи онон [мунофиқон] бозгардед, бароятон ба Аллоҳ таоло савганд ёд мекунанд, то аз [гуноҳи] онон чашмпӯшӣ кунед. Пас, аз эшон рӯ бигардонед, [чаро ки] бе тардид, онон палиданд ва ба [сазои] ончи мекарданд, ҷойгоҳашон дузах аст

يَحْلِفُونَ لَكُمْ لِتَرْضَوْاْ عَنْهُمْ ۖ فَإِن تَرْضَوْاْ عَنْهُمْ فَإِنَّ ٱللَّهَ لَا يَرْضَىٰ عَنِ ٱلْقَوْمِ ٱلْفَٰسِقِينَ ﴿٩٦﴾

96. Бароятон савганд ёд мекунанд, то аз онон хушнуд шавед, [ҳатто] агар шумо аз он розӣ шавед, Аллоҳ таоло ҳаргиз аз гурӯҳи нофармон розӣ намегардад

ٱلْأَعْرَابُ أَشَدُّ كُفْرًا وَنِفَاقًا وَأَجْدَرُ أَلَّا يَعْلَمُواْ حُدُودَ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٩٧﴾

97. Куфру нифоқи аъроб [-и бодиянишин аз дигарон] шадидтар аст ва сазовортаранд, ки ҳудуди онҳиро, ки Аллоҳ таоло бар Паёмбараш нозил кардааст, надонанд. Ва Аллоҳ таоло донову ҳаким аст

وَمِنَ ٱلْأَعْرَابِ مَن يَتَّخِذُ مَا يُنفِقُ مَغْرَمًا وَيَتَرَبَّصُ بِكُمُ ٱلدَّوَآئِرَ ۚ عَلَيْهِمْ دَآئِرَةُ ٱلسَّوْءِ ۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿٩٨﴾

98. Ва бархе аз аъроб [-и бодиянишин] ҳастанд, ки онҳиро [дар роҳи Аллоҳ таоло] харҷ мекунанд, хасорате [барои худ] медонанд ва бароятон интизори пешомадҳои бад доранд [то аз шумо раҳоӣ ёбанд]. Пешомади бад барои онон хоҳад буд ва Аллоҳ таоло шунавову доност

وَمِنَ ٱلْأَعْرَابِ مَن يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ وَيَتَّخِذُ مَا يُنفِقُ قُرُبَٰتٍ عِندَ ٱللَّهِ وَصَلَوَٰتِ ٱلرَّسُولِ ۚ أَلَآ إِنَّهَا قُرْبَةٌ لَّهُمْ ۚ سَيُدْخِلُهُمُ ٱللَّهُ فِى رَحْمَتِهِۦٓ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٩٩﴾

99. Ва бархе аз аъроб [-и бодиянишин] ҳастанд, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи вопасин имон доранд ва онҳиро, ки инфоқ мекунанд, боиси наздикӣ ба Аллоҳ таоло ва дуоҳои Паёмбар [дар ҳаққи хеш] медонанд. Огоҳ бошед! [Ин инфоқ] Мояи наздикии онҳост. Аллоҳ таоло [дар қиёмат] ононро дар ҷивори раҳмати хеш дарҳоҳад овард. Бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلْأَوَّلُونَ مِنَ ٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحْسَٰنٍ رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُواْ عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى تَحْتَهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٠٠﴾

100. Ва пешгомони нахустин аз муҳоҷирону ансор ва касоне, ки ба некӣ аз онон пайравӣ карданд, Аллоҳ таоло аз онон хушнуд гашт ва онон

[низ] аз Ӯ хушнуд шуданд ва барояшон боғҳое [дар биҳишт] муҳайё кардааст, ки ҷуйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст, ҷовидона дар он хоҳанд монд. Ин ҳамон [растагорӣ ва] комёбии бузург аст

وَمِمَّنْ حَوْلَكُم مِّنَ ٱلْأَعْرَابِ مُنَٰفِقُونَ ۖ وَمِنْ أَهْلِ ٱلْمَدِينَةِ مَرَدُوا۟ عَلَى ٱلنِّفَاقِ لَا تَعْلَمُهُمْ ۖ نَحْنُ نَعْلَمُهُمْ ۚ سَنُعَذِّبُهُم مَّرَّتَيْنِ ثُمَّ يُرَدُّونَ إِلَىٰ عَذَابٍ عَظِيمٍ ﴿١٠١﴾

101. Ва бархе аз аъроб [-и бодиянишини Мадина], ки перомуни шумо ҳастанд, [гурӯҳи] мунофиқанд ва аз аҳли Мадина [низ] гурӯҳе ба нифоқ хӯ гирифтаанд. [Эй Паёмбар] Ту ононро намешиносӣ, [вале] мо ононро мешиносем. Ононро ду бор азоб хоҳем кард, сипас ба сӯйи азоби бузург [дар қиёмат] фиристода мешаванд

وَءَاخَرُونَ ٱعْتَرَفُوا۟ بِذُنُوبِهِمْ خَلَطُوا۟ عَمَلًا صَٰلِحًا وَءَاخَرَ سَيِّئًا ۖ عَسَى ٱللَّهُ أَن يَتُوبَ عَلَيْهِمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١٠٢﴾

102. Ва гурӯҳи дигар ба гуноҳони худ [дар бораи фирор аз ҷиҳод] эътироф кардаанд. [Онон] Кори шоиста ва ношоистаро ба ҳам омехтаанд. Умед аст Аллоҳ таоло тавбаи эшонро бипазирад, [чароки] бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

خُذْ مِنْ أَمْوَٰلِهِمْ صَدَقَةً تُطَهِّرُهُمْ وَتُزَكِّيهِم بِهَا وَصَلِّ عَلَيْهِمْ ۖ إِنَّ صَلَوٰتَكَ سَكَنٌ لَّهُمْ ۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿١٠٣﴾

103. Аз амволи онон [тавбакорон] садақа [ва закот] бигир, то ба ин васила ононро [аз гуноҳ] пок гардонӣ ва дараҷоташонро боло бибарӣ ва барояшон дуо кун, [чароки] яқинан дуои ту оромиш барои онон аст. Ва Аллоҳ таоло шунавову доност

أَلَمْ يَعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ هُوَ يَقْبَلُ ٱلتَّوْبَةَ عَنْ عِبَادِهِۦ وَيَأْخُذُ ٱلصَّدَقَٰتِ وَأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٠٤﴾

104. Оё намедонанд, ки Аллоҳ таоло аст, ки тавбаро аз бандагонаш мепазирад ва садақотро меситонад ва бе тардид, Аллоҳ таолост, ки тавбапазири меҳрубон аст

وَقُلِ ٱعْمَلُوا۟ فَسَيَرَى ٱللَّهُ عَمَلَكُمْ وَرَسُولُهُۥ وَٱلْمُؤْمِنُونَ ۖ وَسَتُرَدُّونَ إِلَىٰ عَٰلِمِ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿١٠٥﴾

105. Ва [эй Паёмбар, ба мутахаллифон аз ҷиҳод ва тавбакорон] бигӯ: «Ба амал кӯшед [ва ончиро, ки аз даст додаед, ҷуброн кунед]. Пас, Аллоҳ таоло ва Паёмбараш ва муъминон корҳои шуморо хоҳанд дид ва ба зудӣ ба сӯйи [Аллоҳ таолои] донои пинҳону ошкор бозгардонда мешавед, сипас Ӯ [дар қиёмат] шуморо аз ончи анҷом медодед, огоҳ месозад»

وَءَاخَرُونَ مُرْجَوْنَ لِأَمْرِ ٱللَّهِ إِمَّا يُعَذِّبُهُمْ وَإِمَّا يَتُوبُ عَلَيْهِمْ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿١٠٦﴾

106. Ва гурӯҳи дигар [аз мутахаллифони Табук ҳастанд, ки сарнавишташон] мавкул [вобасташуда] ба фармони Аллоҳ таоло аст: ё азобашон мекунад ва ё тавбаашонро мепазирад. Ва Аллоҳ таоло донову ҳаким аст

وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُوا۟ مَسْجِدًا ضِرَارًا وَكُفْرًا وَتَفْرِيقًۢا بَيْنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ وَإِرْصَادًا لِّمَنْ حَارَبَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ مِن قَبْلُ ۚ وَلَيَحْلِفُنَّ إِنْ أَرَدْنَآ إِلَّا ٱلْحُسْنَىٰ ۖ وَٱللَّهُ يَشْهَدُ إِنَّهُمْ لَكَٰذِبُونَ ﴿١٠٧﴾

107. Ва касоне [аз мунофиқон ҳастанд], ки барои зиён расондан [ба мусулмонон] ва [тақвияти] куфру тафриқаафканӣ миёни муъминон масҷиде сохтанд, [то] камингоҳе бошад барои касоне, ки бо Аллоҳ таоло ва паёмбараш аз пеш дар ҷанг буданд ва, албатта, онон савганд ёд мекунанд, ки қасде ҷуз некӣ [ва хидмат] надоштаем. Ва Аллоҳ таоло гувоҳӣ медиҳад, ки онон, ҳатман, дурӯғгӯ ҳастанд

لَا تَقُمْ فِيهِ أَبَدًا ۚ لَّمَسْجِدٌ أُسِّسَ عَلَى ٱلتَّقْوَىٰ مِنْ أَوَّلِ يَوْمٍ أَحَقُّ أَن تَقُومَ فِيهِ ۚ فِيهِ رِجَالٌ يُحِبُّونَ أَن يَتَطَهَّرُوا۟ ۚ وَٱللَّهُ يُحِبُّ ٱلْمُطَّهِّرِينَ ﴿١٠٨﴾

108. Эй Паёмбар] Ҳаргиз дар он масҷид [ба намоз] наист, [зеро] шоистатар аст дар масҷиде [ба намоз] биистӣ, ки аз рӯзи нахуст бар пояи парҳезгорӣ бино шудааст. [Ore, масҷиди Қубост] Ки дар он, мардоне ҳастанд, ки дӯст медоранд, ки [аз гуноҳу олудагӣ] поку покиза гарданд. Ва Аллоҳ таоло покизагонро дӯст медорад

أَفَمَنْ أَسَّسَ بُنْيَٰنَهُۥ عَلَىٰ تَقْوَىٰ مِنَ ٱللَّهِ وَرِضْوَٰنٍ خَيْرٌ أَم مَّنْ أَسَّسَ بُنْيَٰنَهُۥ عَلَىٰ شَفَا جُرُفٍ هَارٍ فَٱنْهَارَ بِهِۦ فِى نَارِ جَهَنَّمَ ۗ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٠٩﴾

109. Оё касе, ки бунёни [кори] хешро бар пояи парҳезгорӣ ва хушнудии Аллоҳ таоло бино ниҳода,беҳтар аст ё касе, ки бунёни хешро бар лаби партгоҳи фурӯрехтание бино ниҳодааст ва бо он дар оташи дузах сарнагун мегардад? Ва Аллоҳ таоло гурӯҳи ситамгоронро [ба сабаби куфру нифоқашон] ҳидоят намекунад

لَا يَزَالُ بُنْيَٰنُهُمُ ٱلَّذِى بَنَوْا۟ رِيبَةً فِى قُلُوبِهِمْ إِلَّآ أَن تَقَطَّعَ قُلُوبُهُمْ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿١١٠﴾

110. Он биное, ки онон бунён ниҳодаанд, пайваста дар дилҳояшон мояи тардид [ва нифоқ] хоҳад буд, магар онки дилҳояшон пора-пора шавад [ва бимиранд]. Ва Аллоҳ таоло донову ҳаким аст

۞ إِنَّ ٱللَّهَ ٱشْتَرَىٰ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ أَنفُسَهُمْ وَأَمْوَٰلَهُم بِأَنَّ لَهُمُ ٱلْجَنَّةَ ۚ يُقَٰتِلُونَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ فَيَقْتُلُونَ وَيُقْتَلُونَ ۖ وَعْدًا عَلَيْهِ حَقًّا فِى ٱلتَّوْرَىٰةِ وَٱلْإِنجِيلِ وَٱلْقُرْءَانِ ۚ وَمَنْ أَوْفَىٰ بِعَهْدِهِۦ مِنَ ٱللَّهِ ۚ فَٱسْتَبْشِرُوا۟

111. Бе тардид, Аллоҳ таоло аз муъминон ҷонҳо ва амволашонро ба [баҳои] инки биҳишт барои онон бошад, харидааст, ҳамон касоне,

بِبَيْعِكُمُ ٱلَّذِى بَايَعْتُم بِهِۦ ۚ وَذَٰلِكَ هُوَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١١١﴾

ки дар роҳи Аллоҳ таоло мечанганд ва [кофиронро] мекушанд ва [ё худ ба дасти онҳо] кушта мешаванд. [Ин подош] ба унвони ваъдаи росту дуруст дар Таврот ва Инҷил ва Қуръон бар уҳдаи Ӯст. Ва кист, ки аз Аллоҳ таоло ба паймони хеш вафодортар аст? Пас, [эй муъминон] ба муомилае, ки бо Ӯ кардаед, шодмон бошед ва ин ҳамон [растагорӣ ва] комёбии бузург аст

ٱلتَّٰٓئِبُونَ ٱلْعَٰبِدُونَ ٱلْحَٰمِدُونَ ٱلسَّٰٓئِحُونَ ٱلرَّٰكِعُونَ ٱلسَّٰجِدُونَ ٱلْءَامِرُونَ بِٱلْمَعْرُوفِ وَٱلنَّاهُونَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَٱلْحَٰفِظُونَ لِحُدُودِ ٱللَّهِ ۗ وَبَشِّرِ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١١٢﴾

112. [Онон, ки чунин подоше доранд, ҳамон] тавбакунандагон, парастишгарон, сипосгузорон, рӯзадорон, рукуъкунандагон, саҷдакунандагон, водорандагон ба корҳои писандида ва боздорандагон аз корҳои нописанд ва посдорони ҳудуд [ва аҳкоми] илоҳӣ ҳастанд. Ва он муъминонеро, [ки чунин ҳастанд, ба биҳишт] башорат бидеҳ

مَا كَانَ لِلنَّبِىِّ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ أَن يَسْتَغْفِرُوا۟ لِلْمُشْرِكِينَ وَلَوْ كَانُوٓا۟ أُو۟لِى قُرْبَىٰ مِنۢ بَعْدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُمْ أَصْحَٰبُ ٱلْجَحِيمِ ﴿١١٣﴾

113. Барои Паёмбар ва касоне, ки имон оварданд, сазовор нест, ки барои мушрикон, пас аз инки бар эшон ошкор шуд, ки онон аҳли дузаханд, омурзиш бихоҳанд, ҳарчанд аз наздикон бошанд

وَمَا كَانَ ٱسْتِغْفَارُ إِبْرَٰهِيمَ لِأَبِيهِ إِلَّا عَن مَّوْعِدَةٍ وَعَدَهَآ إِيَّاهُ فَلَمَّا تَبَيَّنَ لَهُۥٓ أَنَّهُۥ عَدُوٌّ لِّلَّهِ تَبَرَّأَ مِنْهُ ۚ إِنَّ إِبْرَٰهِيمَ لَأَوَّٰهٌ حَلِيمٌ ﴿١١٤﴾

114. Омурзишхоҳии Иброҳим барои падараш [Озар] ҷуз ба хотири ваъдае, ки ба ӯ дода буд, сурат нагирифт, вале ҳангоме ки барояш ошкор шуд, ки вай душмани Аллоҳ таолост, аз ӯ безорӣ ҷуст [ва барояш дуо накард]. Ба ростӣ, ки Иброҳим, басе ниёишгар ва бурдбор буд

وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيُضِلَّ قَوْمًۢا بَعْدَ إِذْ هَدَىٰهُمْ حَتَّىٰ يُبَيِّنَ لَهُم مَّا يَتَّقُونَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمٌ ﴿١١٥﴾

115. Ва Аллоҳ таоло ҳаргиз бар он нест, ки гурӯҳеро пас аз онки ҳидояташон кардааст, гумроҳ бигзорад. Магар онки чизеро, ки бояд [аз он] парҳез кунанд, барояшон равшан карда бошад [ва онон ба он амал накарда бошанд]. Бе тардид, Аллоҳ таоло ба ҳар чизе доност

إِنَّ ٱللَّهَ لَهُۥ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ يُحْىِۦ وَيُمِيتُ ۚ وَمَا لَكُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ مِن وَلِىٍّ وَلَا نَصِيرٍ ﴿١١٦﴾

116. Дар ҳақиқат, фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таолост. [Ӯст, ки] зинда мекунад ва мемиронад ва шумо ба ҷуз Аллоҳ таоло ҳеҷ корсозу ёваре надоред

لَّقَد تَّابَ ٱللَّهُ عَلَى ٱلنَّبِيِّ وَٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُ فِي سَاعَةِ ٱلْعُسْرَةِ مِنۢ بَعْدِ مَا كَادَ يَزِيغُ قُلُوبُ فَرِيقٍ مِّنْهُمْ ثُمَّ تَابَ عَلَيْهِمْ ۚ إِنَّهُۥ بِهِمْ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿١١٧﴾

117. Бе гумон, Аллоҳ таоло бар Паёмбар ва муҳоҷирин ва ансор, ки дар ҳангоми душворӣ [ғазваи Табук] аз Ӯ пайравӣ карданд, раҳмат овард, баъд аз онки наздик буд дилҳои гурӯҳе аз онон билағжад [ва ба сабаби сахтиҳои фаровон ҷиҳодро тарк кунанд], пас, [боз] тавбаи ононро пазируфт. Бе тардид, Ӯ [нисбат] ба онон дилсӯз [ва] меҳрубон аст

وَعَلَى ٱلثَّلَٰثَةِ ٱلَّذِينَ خُلِّفُواْ حَتَّىٰٓ إِذَا ضَاقَتْ عَلَيْهِمُ ٱلْأَرْضُ بِمَا رَحُبَتْ وَضَاقَتْ عَلَيْهِمْ أَنفُسُهُمْ وَظَنُّوٓاْ أَن لَّا مَلْجَأَ مِنَ ٱللَّهِ إِلَّآ إِلَيْهِ ثُمَّ تَابَ عَلَيْهِمْ لِيَتُوبُواْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١١٨﴾

118. Ва ба он се нафар, ки [аз ширкат дар ғазваи Табук] тахаллуф намуданд [ва пазириши тавбаашон ба таъхир афтод, низ лутфу эҳсон намуд],он гоҳ ки [мусулмонон аз онон, ки буриданд ва] замин боҳамаи фарохияш бар эшон танг шуд ва аз худ [низ] ба танг омаданд ва донистанд, ки аз Аллоҳ таоло ҷуз ба сӯйи худи Ӯ паноҳе нест. Пас, [Аллоҳ таоло бо бахшоиши хеш] ба онон бозгашт, то тавба кунанд [ва аз эшон даргузашт]. Яқинан, Аллоҳ таоло аст, ки тавбапазири меҳрубон аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَكُونُواْ مَعَ ٱلصَّٰدِقِينَ ﴿١١٩﴾

119. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва бо ростгӯён бошед

مَا كَانَ لِأَهْلِ ٱلْمَدِينَةِ وَمَنْ حَوْلَهُم مِّنَ ٱلْأَعْرَابِ أَن يَتَخَلَّفُواْ عَن رَّسُولِ ٱللَّهِ وَلَا يَرْغَبُواْ بِأَنفُسِهِمْ عَن نَّفْسِهِۦ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ لَا يُصِيبُهُمْ ظَمَأٌ وَلَا نَصَبٌ وَلَا مَخْمَصَةٌ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلَا يَطَـُٔونَ مَوْطِئًا يَغِيظُ ٱلْكُفَّارَ وَلَا يَنَالُونَ مِنْ عَدُوٍّ نَّيْلًا إِلَّا كُتِبَ لَهُم بِهِۦ عَمَلٌ صَٰلِحٌ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿١٢٠﴾

120. Сазовор нест, ки аҳли Мадина ва аъроб [-и бодиянишин] перомуни эшон аз [ҳамроҳӣ бо] Расулуллоҳ бозмонанд ва ҳифзи ҷони хешро муқаддам бар ӯ шуморанд, зеро дар роҳи Аллоҳ таоло ҳеҷ ташнагӣ ва ранҷу гуруснагие ба онон намерасад ва дар ҳеҷ маконе, ки кофиронро ба хашм меоварад, қадам намегузоранд ва аз душман ҳеҷ [шикаст ва] зарбае намехӯранд, магар инки ба [подоши] он кори шоиста барояшон сабт мешавад. Барастӣ, ки Аллоҳ таоло подоши накукоронро зоеъ намегардонад

وَلَا يُنفِقُونَ نَفَقَةً صَغِيرَةً وَلَا كَبِيرَةً وَلَا يَقْطَعُونَ وَادِيًا إِلَّا كُتِبَ لَهُمْ لِيَجْزِيَهُمُ ٱللَّهُ أَحْسَنَ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿١٢١﴾

121. Ва ҳеҷ моли кучак ва бузургеро [дар роҳи Аллоҳ таоло] инфоқ намекунанд ва [дар роҳи ҷиҳод] аз ҳеҷ сарзамине намегузаранд,

магар инки [подошаш] бар эшон сабт мешавад, то Аллоҳ таоло подоши накутарин кирдорашонро ба онон бидиҳад

122. Ва сазовор нест, ки муъминон ҳамагӣ раҳсипор [-и ҷиҳод] шаванд. Пас, чаро аз ҳар гурӯҳе аз онон иддае раҳсипор намешаванд [ва иддае низ ҳамроҳи Паёмбар намемонанд], то [ба сабаби ончи аз маҳзараш фаро мегиранд] дар ин огоҳӣ биёбанд ва қавми худро вақте ба сӯяшон бозгаштанд, бим диҳанд? Бошад, ки онон [аз кайфари илоҳӣ битарсанд ва] бипарҳезанд

۞وَمَا كَانَ ٱلْمُؤْمِنُونَ لِيَنفِرُواْ كَآفَّةً ۚ فَلَوْلَا نَفَرَ مِن كُلِّ فِرْقَةٍ مِّنْهُمْ طَآئِفَةٌ لِّيَتَفَقَّهُواْ فِى ٱلدِّينِ وَلِيُنذِرُواْ قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُوٓاْ إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ يَحْذَرُونَ ﴿١٢٢﴾

123. Эй касоне, ки имон овардаед, бо кофироне, ки наздики [маҳалли зиндагии] шумо ҳастанд, биҷангед [то хатарашонро рафъ намоед] ва онон бояд дар шумо шиддату хушунат биёбанд ва бидонед, ки Аллоҳ таоло бо парҳезгорон аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قَٰتِلُواْ ٱلَّذِينَ يَلُونَكُم مِّنَ ٱلْكُفَّارِ وَلْيَجِدُواْ فِيكُمْ غِلْظَةً ۚ وَٱعْلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿١٢٣﴾

124. Ва ҳангоме ки сурае нозил мегардад, бархе аз онон [ба дигаре] мегӯянд: « Ин сура ба имони кадом яке аз шумо афзуд»? Аммо касоне, ки имон овардаанд, бар имонашон меафзояд ва [ба он] шодмон мегарданд

وَإِذَا مَآ أُنزِلَتْ سُورَةٌ فَمِنْهُم مَّن يَقُولُ أَيُّكُمْ زَادَتْهُ هَٰذِهِۦٓ إِيمَٰنًا ۚ فَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ فَزَادَتْهُمْ إِيمَٰنًا وَهُمْ يَسْتَبْشِرُونَ ﴿١٢٤﴾

125. Ва аммо касоне, ки дар дилҳояшон беморӣ [шакку нифоқ] аст, пас, палидӣ бар палидияшон меафзояд ва дар ҳоле ки кофиранд, мемиранд

وَأَمَّا ٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِم مَّرَضٌ فَزَادَتْهُمْ رِجْسًا إِلَىٰ رِجْسِهِمْ وَمَاتُواْ وَهُمْ كَٰفِرُونَ ﴿١٢٥﴾

126. Оё онон намебинанд, ки ҳар сол як ё ду бор озмоиш мешаванд? Аммо на тавба мекунанд ва на панд мепазиранд

أَوَلَا يَرَوْنَ أَنَّهُمْ يُفْتَنُونَ فِى كُلِّ عَامٍ مَّرَّةً أَوْ مَرَّتَيْنِ ثُمَّ لَا يَتُوبُونَ وَلَا هُمْ يَذَّكَّرُونَ ﴿١٢٦﴾

127. Ва ҳангоме ки сурае нозил мешавад [ки аҳволи мунофиқонро баён намудааст], баъзе аз онон ба баъзи дигар нигоҳ мекунанд [ва мегӯянд]: «Оё касе шуморо мебинад»? Сипас [маҳфиёна аз он маҷлис] бозмегарданд. Аллоҳ таоло дилҳояшонро [аз хайру ҳидоят] бозгардондааст, зеро онон гурӯҳе ҳастанд, ки намефаҳманд

وَإِذَا مَآ أُنزِلَتْ سُورَةٌ نَّظَرَ بَعْضُهُمْ إِلَىٰ بَعْضٍ هَلْ يَرَىٰكُم مِّنْ أَحَدٍ ثُمَّ ٱنصَرَفُواْ ۚ صَرَفَ ٱللَّهُ قُلُوبَهُم بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لَّا يَفْقَهُونَ ﴿١٢٧﴾

لَقَدْ جَآءَكُمْ رَسُولٌ مِّنْ أَنفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُم بِٱلْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿١٢٨﴾

128. Яқинан, паёмбаре аз [миёни] худи шумо ба сӯятон омад, ки ранҷиданатон бар ӯ [гарону] душвор аст ва бар [ҳидояти] шумо сахт исрор дорад ва [нисбат] ба муъминон дилсӯз [ва] меҳрубон аст

فَإِن تَوَلَّوْاْ فَقُلْ حَسْبِيَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ ۖ وَهُوَ رَبُّ ٱلْعَرْشِ ٱلْعَظِيمِ ﴿١٢٩﴾

129. Пас, [эй Паёмбар] агар [мушрикон ва мунофиқон аз ҳақ рӯйгардон шуданд, бигӯ: «Аллоҳ таоло барои ман кофист. Ҳеҷ маъбуде [барҳақ] ҷуз Ӯ нест, танҳо бар Ӯ таваккал кардам ва Ӯ Парвардигори Арши бузург аст»

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓرۚ تِلۡكَ ءَايَٰتُ ٱلۡكِتَٰبِ ٱلۡحَكِيمِ ١

1. Алиф, лом, ро. Ин оёти китоби пурҳикмат аст.(1)

أَكَانَ لِلنَّاسِ عَجَبًا أَنۡ أَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ رَجُلٖ مِّنۡهُمۡ أَنۡ أَنذِرِ ٱلنَّاسَ وَبَشِّرِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَنَّ لَهُمۡ قَدَمَ صِدۡقٍ عِندَ رَبِّهِمۡۗ قَالَ ٱلۡكَٰفِرُونَ إِنَّ هَٰذَا لَسَٰحِرٞ مُّبِينٌ ٢

2. Оё барои мардум муҷиби шигифтист, ки ба марде аз худашон ваҳй кардаем, ки: «Ба мардум [дар бораи азоби охират] хушдор бидеҳ ва ба касоне, ки имон овардаанд, башорат бидеҳ, ки барои онон назди Парвардигорашон подоши накуст»? Кофирон гуфтанд: «Ин [мард], ҳатман, ҷодугари ошкор аст»

إِنَّ رَبَّكُمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِۖ يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَۖ مَا مِن شَفِيعٍ إِلَّا مِنۢ بَعۡدِ إِذۡنِهِۦۚ ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمۡ فَٱعۡبُدُوهُۚ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ ٣

3. Бе гумон, Парвардигори шумост, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт. Ӯ кор [-и ҷаҳон]-ро тадбир мекунад, [ва] ҳеҷ шафоатгаре нест, магар пас аз иҷозати Ӯ. Ин Аллоҳ таолост-Парвардигоратон, пас, Ӯро бипарастед. Оё панд намегиред?

إِلَيۡهِ مَرۡجِعُكُمۡ جَمِيعٗاۖ وَعۡدَ ٱللَّهِ حَقًّاۚ إِنَّهُۥ يَبۡدَؤُاْ ٱلۡخَلۡقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥ لِيَجۡزِيَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ بِٱلۡقِسۡطِۚ وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَهُمۡ شَرَابٞ مِّنۡ حَمِيمٖ وَعَذَابٌ أَلِيمُۢ بِمَا كَانُواْ يَكۡفُرُونَ ٤

4. Бозгашти ҳамаи шумо ба сӯйи Ӯст. Ваъдаи Аллоҳ таоло [дар мавриди қиёмат] ҳақ аст. Ӯст, ки офаринишро оғоз мекунад, он гоҳ [пас аз марг] онро бозмегардонад,то касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, ба адолат подош диҳад, касоне, ки куфр варзиданд, ба сазои онки кофир буданд, шарбате аз оби ҷӯшон ва азоби дарднок [дар пеш] доранд

هُوَ ٱلَّذِي جَعَلَ ٱلشَّمۡسَ ضِيَآءٗ وَٱلۡقَمَرَ نُورٗا وَقَدَّرَهُۥ مَنَازِلَ لِتَعۡلَمُواْ عَدَدَ ٱلسِّنِينَ وَٱلۡحِسَابَۚ مَا خَلَقَ ٱللَّهُ ذَٰلِكَ إِلَّا بِٱلۡحَقِّۚ يُفَصِّلُ ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يَعۡلَمُونَ ٥

5. Ӯст, ки хуршедро дурахшон намуд ва моҳро тобон кард ва барояш ҷойгоҳҳо [-и мушаххасе] қарор дод то [бо тағйир ва вазъи моҳ] шумориши солҳо ва ҳисоб [-и зиндагии худ]-ро бидонед. Аллоҳ таоло инҳоро ҷуз ба ҳақ наофаридааст. Ӯ нишона[-ҳои худ]-ро барои гурӯҳе, ки медонанд, ба тафсил баён мекунад

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

إِنَّ فِي ٱخۡتِلَٰفِ ٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ وَمَا خَلَقَ ٱللَّهُ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَتَّقُونَ ٦

6. Бе гумон, дар омадушуди шабу рӯз ва ончи Аллоҳ таоло дар осмонҳо ва замин офаридааст, барои касоне, ки парво мекунанд, нишонаҳо[-и қудрати илоҳӣ] аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ لَا يَرۡجُونَ لِقَآءَنَا وَرَضُواْ بِٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَٱطۡمَأَنُّواْ بِهَا وَٱلَّذِينَ هُمۡ عَنۡ ءَايَٰتِنَا غَٰفِلُونَ ٧

7. Онон, ки ба дидори Мо умед [ва бовар] надоранд ва ба зиндагонии дунё хушнуданд ва ба он дилбастаанд ва касоне, ки аз оёти Мо ғофиланд

أُوْلَٰٓئِكَ مَأۡوَىٰهُمُ ٱلنَّارُ بِمَا كَانُواْ يَكۡسِبُونَ ٨

8. Инон ба сазои ончи мекарданд, ҷойгоҳашон оташи [дузах] аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ يَهۡدِيهِمۡ رَبُّهُم بِإِيمَٰنِهِمۡۖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهِمُ ٱلۡأَنۡهَٰرُ فِي جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ٩

9. Бе тардид, касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, Парвардигорашон ононро ба поси имонашон ба боғҳо [-и биҳишти пур] неъмат ҳидоят мекунад, ки ҷуйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст

دَعۡوَىٰهُمۡ فِيهَا سُبۡحَٰنَكَ ٱللَّهُمَّ وَتَحِيَّتُهُمۡ فِيهَا سَلَٰمٞۚ وَءَاخِرُ دَعۡوَىٰهُمۡ أَنِ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٠

10. Дуояшон дар онҷо [ин аст]: «Илоҳо, Ту поку муназзаҳӣ» ва дурудашон [дар онҷо]: «Салом» аст ва поёни дуояшон ин аст, ки: «Ҳамду сипос, махсуси Аллоҳ таоло - Парвардигори ҷаҳониён аст»

۞وَلَوۡ يُعَجِّلُ ٱللَّهُ لِلنَّاسِ ٱلشَّرَّ ٱسۡتِعۡجَالَهُم بِٱلۡخَيۡرِ لَقُضِيَ إِلَيۡهِمۡ أَجَلُهُمۡۖ فَنَذَرُ ٱلَّذِينَ لَا يَرۡجُونَ لِقَآءَنَا فِي طُغۡيَٰنِهِمۡ يَعۡمَهُونَ ١١

11. Ва агар [Аллоҳ таоло] барои мардум, бадиро бо ҳамон шитоб мехост, ки онон некиро мехоҳанд [ва нафринҳое, ки дар ҳаққи худ ва амволу фарзандонашон мекунанд, мустаҷоб мекард], ҳатман, аҷалашон фаро расида буд. Пас, касонеро ки ба дидори Мо умед [-у бовар] надоранд, вомегузорем, то дар [гумроҳӣ ва] саркашияшон саргардон бимонанд

وَإِذَا مَسَّ ٱلۡإِنسَٰنَ ٱلضُّرُّ دَعَانَا لِجَنۢبِهِۦٓ أَوۡ قَاعِدًا أَوۡ قَآئِمٗا فَلَمَّا كَشَفۡنَا عَنۡهُ ضُرَّهُۥ مَرَّ كَأَن لَّمۡ يَدۡعُنَآ إِلَىٰ ضُرّٖ مَّسَّهُۥۚ كَذَٰلِكَ زُيِّنَ لِلۡمُسۡرِفِينَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٢

12. Ва чун ба инсон газанде мерасад, [дар ҳар ҳоле, ки бошад] ба паҳлу хобида ё нишаста ё истода Моро мехонад. Пас, ҳамин ки он газандро аз вай бартараф кардем, чунон меравад ки гӯӣ ҳаргиз Моро барои дафъи газанде, ки ба ӯ расида буд, нахондааст. Баҳамин сурат, барои исрофкорон [низ] ончи мекарданд, [дар назарашон] ороста шудааст

وَلَقَدۡ أَهۡلَكۡنَا ٱلۡقُرُونَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَمَّا ظَلَمُواْ وَجَآءَتۡهُمۡ رُسُلُهُم بِٱلۡبَيِّنَٰتِ وَمَا كَانُواْ لِيُؤۡمِنُواْۚ كَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡمُجۡرِمِينَ ١٣

13. Ва [эй мушрикон] бе тардид, мо умматҳои пеш аз шуморо, ҳангоме ки ситам карданд, ҳалок кардем, дар ҳоле ки паёмбаронашон бо далели равшан ба сӯяшон омаданд ва [-ле] онон бар он набуданд, ки имон ованд. Мо гурӯҳи муҷримонро ин гуна кайфар медиҳем

ثُمَّ جَعَلۡنَٰكُمۡ خَلَٰٓئِفَ فِي ٱلۡأَرۡضِ مِنۢ بَعۡدِهِمۡ لِنَنظُرَ كَيۡفَ تَعۡمَلُونَ ١٤

14. Сипас баъд аз онон шумо [мардум]-ро ҷонишинони онҳо [дар] замин қарор додем, то бингарем, ки чигуна рафтор мекунед

وَإِذَا تُتۡلَىٰ عَلَيۡهِمۡ ءَايَاتُنَا بَيِّنَٰتٖ قَالَ ٱلَّذِينَ لَا يَرۡجُونَ لِقَآءَنَا ٱئۡتِ بِقُرۡءَانٍ غَيۡرِ هَٰذَآ أَوۡ بَدِّلۡهُۚ قُلۡ مَا يَكُونُ لِيٓ أَنۡ أُبَدِّلَهُۥ مِن تِلۡقَآيِ نَفۡسِيٓۖ إِنۡ أَتَّبِعُ إِلَّا مَا يُوحَىٰٓ إِلَيَّۖ إِنِّيٓ أَخَافُ إِنۡ عَصَيۡتُ رَبِّي عَذَابَ يَوۡمٍ عَظِيمٖ ١٥

15. Ва ҳангоме ки оёти равшани Мо бар онон хонда мешавад, касоне, ки ба дидори Мо [дар қиёмат] умед надоранд, мегӯянд: «[Эй Муҳаммад] Қуръоне ғайр аз ин биёвар [ки мутобиқи майли мо бошад], ё онро тағйир бидеҳ». [Ту, эй паёмбар, ба онон] бигӯ: «Ман ҳақ надорам, ки онро аз пеши худ тағйир диҳам ва пайравӣ намекунам магар аз чизе, ки бар ман ваҳй мешавад ва агар аз Парвардигорам нофармонӣ кунам, аз азоби рӯзи бузург метарсам»

قُل لَّوۡ شَآءَ ٱللَّهُ مَا تَلَوۡتُهُۥ عَلَيۡكُمۡ وَلَآ أَدۡرَىٰكُم بِهِۦۖ فَقَدۡ لَبِثۡتُ فِيكُمۡ عُمُرٗا مِّن قَبۡلِهِۦٓۚ أَفَلَا تَعۡقِلُونَ ١٦

16. Бигӯ: «Агар Аллоҳ таоло мехост, на ман онро бар шумо мехондам ва на Ӯ [Аллоҳ таоло] шуморо аз он огоҳ мекард. Ба ростӣ, ки пеш аз ин [даъват] умреро дар миёни шумо гузарондаам. Оё намеандешед»?

فَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّنِ ٱفۡتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا أَوۡ كَذَّبَ بِـَٔايَٰتِهِۦٓۚ إِنَّهُۥ لَا يُفۡلِحُ ٱلۡمُجۡرِمُونَ ١٧

17. Пас, кист ситамгортар аз онки бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебандад ё оёташро дурӯғ меангорад? Бе гумон, муҷримон растагор нахоҳанд шуд

وَيَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُمۡ وَلَا يَنفَعُهُمۡ وَيَقُولُونَ هَٰٓؤُلَآءِ شُفَعَٰٓؤُنَا عِندَ ٱللَّهِۚ قُلۡ أَتُنَبِّـُٔونَ ٱللَّهَ بِمَا لَا يَعۡلَمُ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ سُبۡحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ١٨

18. Ва [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ таоло чизҳоеро мепарастанд, ки на ба онон зиёне мерасонанд ва на судашон мебахшад ва мегӯянд: «Ин бутҳо [воситаҳо ва] шафоатгарони мо назди Аллоҳ таоло ҳастанд». [Эй паёмбар] Бигӯ: «Оё [ба гумони худ] Аллоҳ таолоро аз чизе [шарике] огоҳ месозед, ки дар осмонҳо ва замин [барояш қоилед ва худ] намедонад?» Ӯ муназзаҳ аст ва аз ончи бо вай шарик месозанд, бартар аст

وَمَا كَانَ ٱلنَّاسُ إِلَّآ أُمَّةً وَٰحِدَةً فَٱخۡتَلَفُواْۚ وَلَوۡلَا كَلِمَةٞ سَبَقَتۡ مِن رَّبِّكَ لَقُضِيَ بَيۡنَهُمۡ فِيمَا فِيهِ يَخۡتَلِفُونَ ١٩

19. [Дар оғоз] Мардум ҷуз уммати воҳид [ва яктопараст] набуданд, сипас ихтилоф карданд. Ва агар пештар [дар мавриди муҳлат ба гунаҳгорон ва ҳисобрасӣ дар қиёмат] сухане аз ҷониби Парвардигорат баён нашуда буд, яқинан, [дар ҳамин дунё] дар бораи ончи бо ҳам ихтилоф мекунанд, миёнашон доварӣ мешуд

وَيَقُولُونَ لَوۡلَآ أُنزِلَ عَلَيۡهِ ءَايَةٞ مِّن رَّبِّهِۦۖ فَقُلۡ إِنَّمَا ٱلۡغَيۡبُ لِلَّهِ فَٱنتَظِرُوٓاْ إِنِّي مَعَكُم مِّنَ ٱلۡمُنتَظِرِينَ ٢٠

20. Ва [мушрикон] мегӯянд: «Чаро [муъҷиза ва] нишонае аз [ҷониби] Парвардигораш бар ӯ нозил нашудааст»? [Эй паёмбар] Бигӯ: «[Огоҳӣ аз] Ғайб танҳо аз они Аллоҳ таолост, пас, интизор бикашед, ки ман [низ] бо шумо аз мунтазиронам»

وَإِذَآ أَذَقۡنَا ٱلنَّاسَ رَحۡمَةً مِّنۢ بَعۡدِ ضَرَّآءَ مَسَّتۡهُمۡ إِذَا لَهُم مَّكۡرٞ فِيٓ ءَايَاتِنَاۚ قُلِ ٱللَّهُ أَسۡرَعُ مَكۡرًاۚ إِنَّ رُسُلَنَا يَكۡتُبُونَ مَا تَمۡكُرُونَ ٢١

21. Ва ҳангоме ки ба мардум пас аз [зиён ва] ранҷе, ки ба онон расидааст, [неъмату] раҳмате бичашонем, он гоҳ дар оёти Мо [тамасхуру] найранг мекунанд. Бигӯ: «Аллоҳ таоло дар найранг задан сареътар аст». Бе тардид, фиристодагон [фариштагон]-и Мо ҳарчи найранг мекунед, менависанд

هُوَ ٱلَّذِي يُسَيِّرُكُمۡ فِي ٱلۡبَرِّ وَٱلۡبَحۡرِۖ حَتَّىٰٓ إِذَا كُنتُمۡ فِي ٱلۡفُلۡكِ وَجَرَيۡنَ بِهِم بِرِيحٖ طَيِّبَةٖ وَفَرِحُواْ بِهَا جَآءَتۡهَا رِيحٌ عَاصِفٞ وَجَآءَهُمُ ٱلۡمَوۡجُ مِن كُلِّ مَكَانٖ وَظَنُّوٓاْ أَنَّهُمۡ أُحِيطَ بِهِمۡ دَعَوُاْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ لَئِنۡ أَنجَيۡتَنَا مِنۡ هَٰذِهِۦ لَنَكُونَنَّ مِنَ ٱلشَّٰكِرِينَ ٢٢

22. [Эй мардум] Ӯст, ки шуморо дар хушкӣ ва дарё ба ҳаракат дармеоварад, то он гоҳ ки дар [дарё бар] киштӣ қарор мегиред ва [киштиҳо] бо боди дилпазир ононро [ба сӯйи мақсад] ҳаракат медиҳанд ва [сарнишинон] ба он шодмон мешаванд. [Ногаҳон] Тӯфони шадиде мевазад ва мавҷ аз ҳар тараф [басӯяшон] меояд ва гумон мекунанд, ки роҳи гурезе надоранд [ва ҳалок хоҳанд шуд, пас] Аллоҳ таолоро аз рӯйи ихлос мехонанд, ки: «Агар моро аз ин [гирифторӣ] наҷот диҳӣ, ҳатман, аз сипосгузорон хоҳем шуд»

فَلَمَّآ أَنجَىٰهُمۡ إِذَا هُمۡ يَبۡغُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ بِغَيۡرِ ٱلۡحَقِّۗ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنَّمَا بَغۡيُكُمۡ عَلَىٰٓ أَنفُسِكُمۡۖ مَّتَٰعَ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۖ ثُمَّ إِلَيۡنَا مَرۡجِعُكُمۡ فَنُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ٢٣

23. Ва чун [Аллоҳ таоло] наҷоташон медиҳад, ба ноҳақ дар замин саркашӣ [ва ситам] мекунанд. Эй мардум, саркашӣ [ва ситами] шумо танҳо ба зиёни худатон аст, [чаро ки фақат] баҳраи [ночизе аз] зиндагии дунё [мебаред ва] сипас бозгаштатон ба сӯйи Мо хоҳад буд,он гоҳ шуморо аз ончи мекардед, бохабар месозем

إِنَّمَا مَثَلُ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا كَمَآءٍ أَنزَلْنَٰهُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ فَٱخْتَلَطَ بِهِۦ نَبَاتُ ٱلْأَرْضِ مِمَّا يَأْكُلُ ٱلنَّاسُ وَٱلْأَنْعَٰمُ حَتَّىٰٓ إِذَآ أَخَذَتِ ٱلْأَرْضُ زُخْرُفَهَا وَٱزَّيَّنَتْ وَظَنَّ أَهْلُهَآ أَنَّهُمْ قَٰدِرُونَ عَلَيْهَآ أَتَىٰهَآ أَمْرُنَا لَيْلًا أَوْ نَهَارًا فَجَعَلْنَٰهَا حَصِيدًا كَأَن لَّمْ تَغْنَ بِٱلْأَمْسِ ۚ كَذَٰلِكَ نُفَصِّلُ ٱلْءَايَٰتِ لِقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ ﴿٢٤﴾

24. Ҷуз ин нест, ки мисоли зиндагии дунё ҳамчун обест, ки аз осмон фурӯ рехтем, пас, гиёҳони [гуногуни] замин аз онҷи мардум ва чорпоён мехӯранд, бо он даромехт [ва рӯйид] то он гоҳ ки замин пирояи худро [бо гулҳо ва гиёҳон] баргирифт ва ороста шуд ва сокинонаш пиндоштанд, ки онон бар он тавоноие доранд [ки аз маҳсулоташ баҳраманд гарданд, вале ногаҳон] шабе ё рӯзе фармони [вайронии] Мо омад ва он [кишту мева]-ро чунон дарав кардем, ки гӯӣ дирӯз ҳеҷ набудааст. Мо нишонаҳо[-и худ]-ро барои мардуме, ки меандешанд, инчунин ба равшанӣ баён мекунем

وَٱللَّهُ يَدْعُوٓا۟ إِلَىٰ دَارِ ٱلسَّلَٰمِ وَيَهْدِى مَن يَشَآءُ إِلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿٢٥﴾

25. Ва Аллоҳ таоло [шуморо] ба сарои саломат [биҳишт] фаро мехонад ва ҳаркиро бихоҳад, ба роҳи рост ҳидоят мекунад

لِّلَّذِينَ أَحْسَنُوا۟ ٱلْحُسْنَىٰ وَزِيَادَةٌ ۖ وَلَا يَرْهَقُ وُجُوهَهُمْ قَتَرٌ وَلَا ذِلَّةٌ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلْجَنَّةِ ۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٢٦﴾

26. Барои касоне, ки некӣ кардаанд, подоши нек [биҳишт] аст ва афзун бар он [руъяти Бори таолост] ва тирагию хорӣ чеҳраҳояшонро нахоҳад пӯшонд. Инон аҳли биҳиштанд ва ҷовидона дар он хоҳанд монд

وَٱلَّذِينَ كَسَبُوا۟ ٱلسَّيِّـَٔاتِ جَزَآءُ سَيِّئَةٍ بِمِثْلِهَا وَتَرْهَقُهُمْ ذِلَّةٌ ۖ مَّا لَهُم مِّنَ ٱللَّهِ مِنْ عَاصِمٍ ۖ كَأَنَّمَآ أُغْشِيَتْ وُجُوهُهُمْ قِطَعًا مِّنَ ٱلَّيْلِ مُظْلِمًا ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلنَّارِ ۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٢٧﴾

27. Ва касоне, ки муртакиби бадиҳо шуданд, [бидонанд] сазои [ҳар] бадӣ ҳаммонанди он аст ва хорӣ [чеҳраҳои] ононро мепӯшонад ва дар баробари [азоби] Аллоҳ таоло ҳеҷ [монеъ ва] муҳофизе надоранд. [Чунон мешаванд, ки] гӯӣ чеҳраҳояшон бо порае аз шаби торик пӯшида шудааст. Инон аҳли оташанд ва ҷовидона дар он хоҳанд монд

وَيَوْمَ نَحْشُرُهُمْ جَمِيعًا ثُمَّ نَقُولُ لِلَّذِينَ أَشْرَكُوا۟ مَكَانَكُمْ أَنتُمْ وَشُرَكَآؤُكُمْ ۚ فَزَيَّلْنَا بَيْنَهُمْ ۖ وَقَالَ شُرَكَآؤُهُم مَّا كُنتُمْ إِيَّانَا تَعْبُدُونَ ﴿٢٨﴾

28. [Ва эй паёмбар, ёд кун аз] рӯзе, ки ҳамаи ононро гирд меоварем,он гоҳ ба касоне, ки ширкат варзидаанд, мегӯем: «Шумо ва шариконатон [маъбудонатон] бар ҷойи худ бимонед». Сипас миёни онҳо ҷудоӣ меафканем ва шариконашон мегӯянд: «Дар ҳақиқат, шумо моро намепарастидед

فَكَفَىٰ بِٱللَّهِ شَهِيدًۢا بَيۡنَنَا وَبَيۡنَكُمۡ إِن كُنَّا عَنۡ عِبَادَتِكُمۡ لَغَٰفِلِينَ ٢٩

29. Ва кофист, ки Аллоҳ таоло миёни мо ва шумо гувоҳӣ диҳад, [ки мо ба ширкварзии шумо розӣ набудем ва] аз парастиши шумо комилан бехабар будем»

هُنَالِكَ تَبۡلُواْ كُلُّ نَفۡسٖ مَّآ أَسۡلَفَتۡۚ وَرُدُّوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ مَوۡلَىٰهُمُ ٱلۡحَقِّۖ وَضَلَّ عَنۡهُم مَّا كَانُواْ يَفۡتَرُونَ ٣٠

30. Онҷост, ки ҳар касе ончиро аз пеш фиристодааст, меозмояд ва ҳамагӣ ба сӯйи Аллоҳ таоло - корсози ҳақиқияшон бозгардонда мешаванд ва дурӯғҳое, ки [дар бораи шафоати бутҳо] мебофтанд, ҳама маҳву нобуд мегардад

قُلۡ مَن يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ أَمَّن يَمۡلِكُ ٱلسَّمۡعَ وَٱلۡأَبۡصَٰرَ وَمَن يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَمَن يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَۚ فَسَيَقُولُونَ ٱللَّهُۚ فَقُلۡ أَفَلَا تَتَّقُونَ ٣١

31. [Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Кист, ки аз осмону замин ба шумо рӯзӣ мебахшад? Ё кист, ки бар гӯшҳо ва дидагон ҳоким аст? Ва кист, ки [мавҷуди] зиндаро аз [модаи] бечон берун меоварад ва [модаи] бечони мурдаро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад? Ва кист, ки кори [ҷаҳону ҷаҳониён]-ро тадбир мекунад»? Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ таоло». Пас, бигӯ: «Оё парво намекунед»?

فَذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمُ ٱلۡحَقُّۖ فَمَاذَا بَعۡدَ ٱلۡحَقِّ إِلَّا ٱلضَّلَٰلُۖ فَأَنَّىٰ تُصۡرَفُونَ ٣٢

32. Ва пас аз ҳақиқат ҷуз гумроҳӣ чист? Пас, чигуна [аз ҳақ] бозгардонда мешавед?

كَذَٰلِكَ حَقَّتۡ كَلِمَتُ رَبِّكَ عَلَى ٱلَّذِينَ فَسَقُوٓاْ أَنَّهُمۡ لَا يُؤۡمِنُونَ ٣٣

33. Ин гуна сухани Парвардигорат дар бораи касоне, ки [аз фармони Ӯ] нофармонӣ карданд, ба ҳақиқат пайваст, ки: «Онон имон намеоваранд»

قُلۡ هَلۡ مِن شُرَكَآئِكُم مَّن يَبۡدَؤُاْ ٱلۡخَلۡقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥۚ قُلِ ٱللَّهُ يَبۡدَؤُاْ ٱلۡخَلۡقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥۖ فَأَنَّىٰ تُؤۡفَكُونَ ٣٤

34. [Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Оё аз маъбудонатон [бутҳо] касе ҳаст, ки офаринишро оғоз кунад ва сипас онро [пас аз марг] бозгардонад?» Бигӯ: «Аллоҳ таоло аст, ки офаринишро оғоз мекунад ва сипас онро бозмегардонад, пас, ба куҷо мунҳариф мешавед?»

قُلۡ هَلۡ مِن شُرَكَآئِكُم مَّن يَهۡدِيٓ إِلَى ٱلۡحَقِّۚ قُلِ ٱللَّهُ يَهۡدِي لِلۡحَقِّۗ أَفَمَن يَهۡدِيٓ إِلَى ٱلۡحَقِّ أَحَقُّ أَن يُتَّبَعَ أَمَّن لَّا يَهِدِّيٓ إِلَّآ أَن يُهۡدَىٰۖ فَمَا لَكُمۡ كَيۡفَ تَحۡكُمُونَ ٣٥

35. Бигӯ: «Оё аз маъбудонатон касе ҳаст, ки ба сӯйи ҳақ раҳбарӣ кунад?». Бигӯ: «[Аллоҳ таоло] аст, ки ба сӯйи ҳақ раҳбарӣ мекунад. Пас, оё касе, ки ба сӯйи ҳақ раҳбарӣ мекунад, сазовортар аст, ки пайравӣ шавад ё касе, ки худ роҳ намеёбад, магар онки ҳидояташ кунанд? Пас, шуморо чи шудааст? Чигуна доварӣ мекунед?»

36. Ва бештарашон ҷуз аз гумон пайравӣ намекунанд, [дар ҳоле ки] гумон ҳаргиз [инсонро] аз [шинохти] ҳақ бениёз намекунад. Бе тардид, Аллоҳ таоло ба ончи мекунанд, доност

وَمَا يَتَّبِعُ أَكۡثَرُهُمۡ إِلَّا ظَنًّاۚ إِنَّ ٱلظَّنَّ لَا يُغۡنِي مِنَ ٱلۡحَقِّ شَيۡـًٔاۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمُۢ بِمَا يَفۡعَلُونَ ٣٦

37. Ва нашояд, ки ин Қуръон аз ҷониби ғайри Аллоҳ таоло [ва] ба дурӯғ сохта шуда бошад, балки тасдиқи китобҳоест, ки пеш аз он омадааст ва шарҳи [аҳкоми] онҳост ва тардид дар он нест [ва] аз [ҷониби] Парвардигори ҷаҳониён [нозил шуда] аст

وَمَا كَانَ هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانُ أَن يُفۡتَرَىٰ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَلَٰكِن تَصۡدِيقَ ٱلَّذِي بَيۡنَ يَدَيۡهِ وَتَفۡصِيلَ ٱلۡكِتَٰبِ لَا رَيۡبَ فِيهِ مِن رَّبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٣٧

38. Ё мегӯянд: «[Муҳаммад] Он [суханон]-ро ба дурӯғ [ба Аллоҳ таоло] нисбат додааст»? Бигӯ: «Агар рост мегӯед, пас, як сура ҳаммонанди он биёваред ва ба ҷуз Аллоҳ таоло ҳаркиро метавонед, [ба ёрӣ] бихонед»

أَمۡ يَقُولُونَ ٱفۡتَرَىٰهُۖ قُلۡ فَأۡتُواْ بِسُورَةٖ مِّثۡلِهِۦ وَٱدۡعُواْ مَنِ ٱسۡتَطَعۡتُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ٣٨

39. [Чунин нест] Балки чизеро дурӯғ шумурданд, ки ба шинохташ иҳота надоштанд ва ҳанӯз воқеияти он [ва ҳақиқати ахбораш] бар эшон равшан нашудааст. Касоне, ки пеш аз онон буданд, низ [оёти Қуръонро] ҳамингуна дурӯғ ангоштанд. Пас, [эй паёмбар] бингар, ки оқибати ситамгорон чигуна буд

بَلۡ كَذَّبُواْ بِمَا لَمۡ يُحِيطُواْ بِعِلۡمِهِۦ وَلَمَّا يَأۡتِهِمۡ تَأۡوِيلُهُۥۚ كَذَٰلِكَ كَذَّبَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۖ فَٱنظُرۡ كَيۡفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلظَّٰلِمِينَ ٣٩

40. Ва аз онон [мушрикон] касе ҳаст, ки ба он имон меоварад ва аз онон касе ҳаст, ки [ҳаргиз] ба он имон намеоварад ва Парвардигорат ба [ҳоли] муфсидон огоҳтар аст

وَمِنۡهُم مَّن يُؤۡمِنُ بِهِۦ وَمِنۡهُم مَّن لَّا يُؤۡمِنُ بِهِۦۚ وَرَبُّكَ أَعۡلَمُ بِٱلۡمُفۡسِدِينَ ٤٠

41. Ва агар [кофирон] туро дурӯғгӯ ангоштанд, пас, бигӯ: «[Натиҷаи] амали ман барои худам ва [сазои] амали шумо барои худатон аст. Шумо аз ончи ман мекунам, безоред ва ман [низ] аз ончи [шумо] мекунед безорам»

وَإِن كَذَّبُوكَ فَقُل لِّي عَمَلِي وَلَكُمۡ عَمَلُكُمۡۖ أَنتُم بَرِيٓـُٔونَ مِمَّآ أَعۡمَلُ وَأَنَا۠ بَرِيٓءٞ مِّمَّا تَعۡمَلُونَ ٤١

42. Ва бархе аз онҳо [дар зоҳир] ба ту гӯш фаро медиҳанд, аммо магар ту метавонӣ ношунавоёнро [ки аз шунидани каломи ҳақ оҷизанд] шунаво кунӣ, ҳарчанд хирадварзӣ накунанд?

وَمِنۡهُم مَّن يَسۡتَمِعُونَ إِلَيۡكَۚ أَفَأَنتَ تُسۡمِعُ ٱلصُّمَّ وَلَوۡ كَانُواْ لَا يَعۡقِلُونَ ٤٢

وَمِنْهُم مَّن يَنظُرُ إِلَيْكَ ۚ أَفَأَنتَ تَهْدِى ٱلْعُمْىَ وَلَوْ كَانُوا۟ لَا يُبْصِرُونَ ﴿٤٣﴾

43. Ва аз эшон касоне ҳастанд, ки [бо чашми зоҳирӣ] туро менигаранд, аммо оё ту метавонӣ нобиноёнро ҳидоят кунӣ, ҳарчанд аҳли басират набошанд?

إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَظْلِمُ ٱلنَّاسَ شَيْـًٔا وَلَٰكِنَّ ٱلنَّاسَ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ ﴿٤٤﴾

44. Яқинан, Аллоҳ таоло ба мардум ҳеҷ ситаме намекунад, вале мардум [ҳастанд, ки бо ширку нофармонӣ] ба хештан ситам мекунанд

وَيَوْمَ يَحْشُرُهُمْ كَأَن لَّمْ يَلْبَثُوٓا۟ إِلَّا سَاعَةً مِّنَ ٱلنَّهَارِ يَتَعَارَفُونَ بَيْنَهُمْ ۚ قَدْ خَسِرَ ٱلَّذِينَ كَذَّبُوا۟ بِلِقَآءِ ٱللَّهِ وَمَا كَانُوا۟ مُهْتَدِينَ ﴿٤٥﴾

45. Ва рӯзе, ки [Аллоҳ таоло] ононро [дар пешгоҳи хеш] гирд меоварад, [чунон эҳсос мекунанд, ки] гӯӣ ҷуз соате аз рӯз [дар дунё] диранг накардаанд [ва дар онҷо] якдигарро мешиносанд. Бе тардид, касоне, ки дидори Аллоҳ таолоро дурӯғ меангоштанд, зиён диданд ва ҳидоят наёфтанд

وَإِمَّا نُرِيَنَّكَ بَعْضَ ٱلَّذِى نَعِدُهُمْ أَوْ نَتَوَفَّيَنَّكَ فَإِلَيْنَا مَرْجِعُهُمْ ثُمَّ ٱللَّهُ شَهِيدٌ عَلَىٰ مَا يَفْعَلُونَ ﴿٤٦﴾

46. Ва [эй паёмбар] агар бахше аз ончи [аз азоб]-ро, ки ба онон ваъда додаем, нишонат диҳем ё ҷони туро [пеш аз азоби онон] бигирем, [дар ҳар ҳол] бозгаштатон ба сӯйи Мост, он гоҳ Аллоҳ таоло бар ончи мекунанд, гувоҳ аст

وَلِكُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولٌ ۖ فَإِذَا جَآءَ رَسُولُهُمْ قُضِىَ بَيْنَهُم بِٱلْقِسْطِ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ ﴿٤٧﴾

47. Ҳар уммате паёмбаре дорад, пас, ҳангоме ки паёмбарашон омад [бархе муъмин ва бархе кофир шуданд; ва рӯзи қиёмат] миёни онон ба адолат доварӣ мешавад ва [ҳаргиз] ба эшон ситам нахоҳад шуд

وَيَقُولُونَ مَتَىٰ هَٰذَا ٱلْوَعْدُ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٤٨﴾

48. [Мушрикон ба паёмбар] мегӯянд: «Агар [ту ва пайравонат] рост мегӯед, ин ваъдаи [азоб] кай хоҳад буд»?

قُل لَّآ أَمْلِكُ لِنَفْسِى ضَرًّا وَلَا نَفْعًا إِلَّا مَا شَآءَ ٱللَّهُ ۗ لِكُلِّ أُمَّةٍ أَجَلٌ ۚ إِذَا جَآءَ أَجَلُهُمْ فَلَا يَسْتَـْٔخِرُونَ سَاعَةً وَلَا يَسْتَقْدِمُونَ ﴿٤٩﴾

49. Бигӯ: «Ман барои хеш молики ҳеҷ зиёну суде нестам, магар ончи Аллоҳ таоло бихоҳад. Ҳар уммате аҷале дорад ва он гоҳ ки аҷалашон ба сар ояд, на соате [аз он] таъхир мекунанд ва на пешӣ мегиранд»

قُلْ أَرَءَيْتُمْ إِنْ أَتَىٰكُمْ عَذَابُهُۥ بَيَٰتًا أَوْ نَهَارًا مَّاذَا يَسْتَعْجِلُ مِنْهُ ٱلْمُجْرِمُونَ ﴿٥٠﴾

50. [Эй паёмбар, ба кофирон] бигӯ: «Ба ман бигӯед агар азоби Ӯ шабона ё дар [вақти] рӯз бар шумо нозил гардад, [чи мекунед ва] гунаҳкорон чи чизеро аз он [азоб] ба шитоб мехоҳанд?»

أَثُمَّ إِذَا مَا وَقَعَ ءَامَنتُم بِهِۦٓ ءَآلْـَٰٔنَ وَقَدْ كُنتُم بِهِۦ تَسْتَعْجِلُونَ ﴿٥١﴾

51. Оё пас аз онки [азоб] воқеъ шуд, бовараш мекунед? Оё акнун? Ва ҳол онки [пештар] онро ба шитоб мехостед

ثُمَّ قِيلَ لِلَّذِينَ ظَلَمُواْ ذُوقُواْ عَذَابَ ٱلْخُلْدِ هَلْ تُجْزَوْنَ إِلَّا بِمَا كُنتُمْ تَكْسِبُونَ ﴿٥٢﴾

52. Сипас ба касоне, ки ситам карданд, гуфта мешавад: «Азоби ҷовидонаро бичашед. Оё чизе дар баробари ончи мекардед мучозот мешавед?»

۞وَيَسْتَنۢبِـُٔونَكَ أَحَقٌّ هُوَ ۖ قُلْ إِى وَرَبِّىٓ إِنَّهُۥ لَحَقٌّ ۖ وَمَآ أَنتُم بِمُعْجِزِينَ ﴿٥٣﴾

53. Ва [эй паёмбар, мушрикон] Аз ту хабар мегиранд [ки]: «Оё он [азоб] ҳақиқат дорад»? Бигӯ: «Оре, савганд ба Парвардигорам,ки ҳатман, ҳақиқат дорад ва шумо наметавонед [Аллоҳ таолоро аз вуқуи маод ва азоб] дармонда кунед»

وَلَوْ أَنَّ لِكُلِّ نَفْسٍ ظَلَمَتْ مَا فِى ٱلْأَرْضِ لَٱفْتَدَتْ بِهِۦ ۗ وَأَسَرُّواْ ٱلنَّدَامَةَ لَمَّا رَأَوُاْ ٱلْعَذَابَ ۖ وَقُضِىَ بَيْنَهُم بِٱلْقِسْطِ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ ﴿٥٤﴾

54. Ва ҳар ки [бо иртикоби ширку гуноҳ] ситам кардааст, агар ончи дар замин аст, [дар ихтиёр] дошта бошад, ҳатман, онро барои бозхариди [худ аз азоб] худ медиҳад ва [мушрикон] вақте азобро бубинанд, пушаймонии худро пинҳон мекунанд ва миёнашон ба адолат доварӣ мешавад ва бар эшон ситам нameравад

أَلَآ إِنَّ لِلَّهِ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۗ أَلَآ إِنَّ وَعْدَ ٱللَّهِ حَقٌّ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٥٥﴾

55. Огоҳ бошед! Дар ҳақиқат ончи дар осмонҳо ва замин аст, [ҳама] аз они Аллоҳ таолост. Огоҳ бошед! Бе тардид, ваъдаи Аллоҳ таоло [дар мавриди кайфари кофирон] рост аст, вале бештарашон намедонанд

هُوَ يُحْىِۦ وَيُمِيتُ وَإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ ﴿٥٦﴾

56. Ӯст, ки зинда мекунад ва мемиронад ва [ҳамагӣ] ба сӯйи Ӯ бозгардонда мешавед

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدْ جَآءَتْكُم مَّوْعِظَةٌ مِّن رَّبِّكُمْ وَشِفَآءٌ لِّمَا فِى ٱلصُّدُورِ وَهُدًى وَرَحْمَةٌ لِّلْمُؤْمِنِينَ ﴿٥٧﴾

57. Эй мардум, барострӣ, барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон мавъизае омадааст ва шифое барои ончи дар дилҳост ва ҳидояту раҳмате барои муъминон

قُلْ بِفَضْلِ ٱللَّهِ وَبِرَحْمَتِهِۦ فَبِذَٰلِكَ فَلْيَفْرَحُواْ هُوَ خَيْرٌ مِّمَّا يَجْمَعُونَ ﴿٥٨﴾

58. Бигӯ: «[Муъминон] Бояд ба бахшишу раҳмати Аллоҳ таоло шодмон шаванд, ки ин [неъмат] аз ончи меандузанд, беҳтар аст»

قُلْ أَرَءَيْتُم مَّآ أَنزَلَ ٱللَّهُ لَكُم مِّن رِّزْقٍ فَجَعَلْتُم مِّنْهُ حَرَامًا وَحَلَٰلًا قُلْ ءَآللَّهُ أَذِنَ لَكُمْ ۖ أَمْ عَلَى ٱللَّهِ تَفْتَرُونَ ﴿٥٩﴾

59. Бигӯ: «Ба ман хабар диҳед, ки ончи аз [неъмат ва] рӯзӣ, ки Аллоҳ таоло бароятон фиристодааст,

[чаро] бахше аз онро ҳаром ва [бахши дигарро] ҳалол талаққӣ кардаед»? Бигӯ: «Оё Аллоҳ таоло бар шумо чунин дастур додааст ё бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебандед?»

وَمَا ظَنُّ ٱلَّذِينَ يَفۡتَرُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَذُو فَضۡلٍ عَلَى ٱلنَّاسِ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَهُمۡ لَا يَشۡكُرُونَ ٦٠

60. Ва касоне, ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебанданд, [дар бораи] рӯзи қиёмат чи мепиндоранд? Бе гумон, Аллоҳ таоло бар [ҳамаи] мардум фазл [-у бахшиш] дорад, вале бештарашон сипос намегузоранд

وَمَا تَكُونُ فِي شَأۡنٖ وَمَا تَتۡلُواْ مِنۡهُ مِن قُرۡءَانٖ وَلَا تَعۡمَلُونَ مِنۡ عَمَلٍ إِلَّا كُنَّا عَلَيۡكُمۡ شُهُودًا إِذۡ تُفِيضُونَ فِيهِۚ وَمَا يَعۡزُبُ عَن رَّبِّكَ مِن مِّثۡقَالِ ذَرَّةٖ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلَا فِي ٱلسَّمَآءِ وَلَآ أَصۡغَرَ مِن ذَٰلِكَ وَلَآ أَكۡبَرَ إِلَّا فِي كِتَٰبٖ مُّبِينٍ ٦١

61. Ва [эй паёмбар] ту машғули ҳеҷ коре нестӣ ва ҳеҷ [ояте аз] онро намехонӣ ва [шумо низ эй мардум] ҳеҷ коре намекунед, магар инки он гоҳ ки ба он мепардозед, Мо бар [корҳои] шумо гувоҳем ва ҳамвазни заррае - [на] дар замин ва на дар осмон - аз Парвардигорат пинҳон нест ва [ҳатто] кучактар ё бузургтар аз он [низ] чизе нест, магар инки бар китоби равшан [сабт шуда] аст

أَلَآ إِنَّ أَوۡلِيَآءَ ٱللَّهِ لَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ٦٢

62. Огоҳ бошед! Дӯстони Аллоҳ таоло на тарсе хоҳанд дошт ва на андуҳгин мешаванд

ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ يَتَّقُونَ ٦٣

63. [Ҳамон] Касоне, ки имон оварданд ва парҳезгорӣ мекарданд

لَهُمُ ٱلۡبُشۡرَىٰ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِۚ لَا تَبۡدِيلَ لِكَلِمَٰتِ ٱللَّهِۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ٦٤

64. Барои онон дар зиндагии дунё ва дар охират башорат аст. Суханони Аллоҳ таоло [дар бораи пирӯзӣ ва подоши ду ҷаҳон] тағйирнопазир аст. Ин ҳамон [растагорӣ ва] комёбии бузург аст

وَلَا يَحۡزُنكَ قَوۡلُهُمۡۘ إِنَّ ٱلۡعِزَّةَ لِلَّهِ جَمِيعًاۚ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ٦٥

65. [Эй паёмбар] Сухани онон туро ғамгин накунад. Бе тардид, тамоми иззат [-у пирӯзмандӣ] аз они Аллоҳ таолост [ва] Ӯ шунавову доност

أَلَآ إِنَّ لِلَّهِ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَن فِي ٱلۡأَرۡضِۗ وَمَا يَتَّبِعُ ٱلَّذِينَ يَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ شُرَكَآءَۚ إِن يَتَّبِعُونَ إِلَّا ٱلظَّنَّ وَإِنۡ هُمۡ إِلَّا يَخۡرُصُونَ ٦٦

66. Огоҳ бошед! Ҳар ки [ва ҳар чи] дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст, пас,касоне, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло шариконеро мехонанд, аз чи пайравӣ мекунанд? Инон ҷуз аз [тардиду] гумон пайравӣ намекунанд ва ҷуз дурӯғ намегӯянд

هُوَ ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلَّيۡلَ لِتَسۡكُنُواْ فِيهِ وَٱلنَّهَارَ مُبۡصِرًاۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَسۡمَعُونَ ٦٧

67. Ӯст, ки шабро бароятон падид оварда, то дар он биоромед ва рӯзро равшан сохт [то дар партави нураш ба кор бипардозед]. Бе тардид, дар инҳо барои гурӯҳе, ки [суханони ҳақро] мешунаванд, нишонаҳост

قَالُواْ ٱتَّخَذَ ٱللَّهُ وَلَدٗا سُبۡحَٰنَهُۥۖ هُوَ ٱلۡغَنِيُّۖ لَهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ إِنۡ عِندَكُم مِّن سُلۡطَٰنِۭ بِهَٰذَآۚ أَتَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ مَا لَا تَعۡلَمُونَ ٦٨

68. [Мушрикон] Гуфтанд: «Аллоҳ таоло фарзанде барои худ ихтиёр кардааст». Муназзаҳ аст Ӯ [ва] бениёз аст. Ончи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. [Эй мушрикон] Шумо бар ин [иддао] далеле надоред. Оё чизеро, ки намедонед, ба дурӯғ ба Аллоҳ таоло нисбат медиҳед?

قُلۡ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَفۡتَرُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَ لَا يُفۡلِحُونَ ٦٩

69. Бигӯ: «Касоне, ки ба Аллоҳ таоло нисбати дурӯғ медиҳанд, ҳаргиз растагор намешаванд»

مَتَٰعٞ فِي ٱلدُّنۡيَا ثُمَّ إِلَيۡنَا مَرۡجِعُهُمۡ ثُمَّ نُذِيقُهُمُ ٱلۡعَذَابَ ٱلشَّدِيدَ بِمَا كَانُواْ يَكۡفُرُونَ ٧٠

70. Онон баҳра [-и андак] дар дунё [доранд], сипас бозгашташон ба сӯи Мост. Он гоҳ ба [сазои] онки куфр меварзиданд, азоби сахт ба онон мечашонем

۞وَٱتۡلُ عَلَيۡهِمۡ نَبَأَ نُوحٍ إِذۡ قَالَ لِقَوۡمِهِۦ يَٰقَوۡمِ إِن كَانَ كَبُرَ عَلَيۡكُم مَّقَامِي وَتَذۡكِيرِي بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ فَعَلَى ٱللَّهِ تَوَكَّلۡتُ فَأَجۡمِعُوٓاْ أَمۡرَكُمۡ وَشُرَكَآءَكُمۡ ثُمَّ لَا يَكُنۡ أَمۡرُكُمۡ عَلَيۡكُمۡ غُمَّةٗ ثُمَّ ٱقۡضُوٓاْ إِلَيَّ وَلَا تُنظِرُونِ ٧١

71. [Эй паёмбар] Достони Нуҳро бар онон бозгӯ, он гоҳ ки бар қавмаш гуфт: «Эй қавми ман, агар монанди ман [дар миёни шумо] ва андарз додан ба оёти Аллоҳ таоло бар шумо гарон омадааст, [бидонед, ки ман] бар Аллоҳ таоло таваккал кардаам, пас, [дар тавтеа ва] коратон бо шарикони худ [алайҳи ман] ҳамдаст шавед ва дар коратон пардапӯшӣ накунед,он гоҳ [ҳар чи дар дил доред ва метавонед] алайҳи ман ба кор бандед ва муҳлатам надиҳед

فَإِن تَوَلَّيۡتُمۡ فَمَا سَأَلۡتُكُم مِّنۡ أَجۡرٍۖ إِنۡ أَجۡرِيَ إِلَّا عَلَى ٱللَّهِۖ وَأُمِرۡتُ أَنۡ أَكُونَ مِنَ ٱلۡمُسۡلِمِينَ ٧٢

72. Агар [аз даъвати ҳақ] рӯйгардон шудед, пас, [бидонед, ки] ман подоше аз шумо нахостаам, [чаро ки] подошам танҳо бар Аллоҳ таоло аст ва ман дастур ёфтаам, ки аз таслимшудагон [-и авомири илоҳӣ] бошам»

فَكَذَّبُوهُ فَنَجَّيۡنَٰهُ وَمَن مَّعَهُۥ فِي ٱلۡفُلۡكِ وَجَعَلۡنَٰهُمۡ خَلَٰٓئِفَ وَأَغۡرَقۡنَا ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَاۖ فَٱنظُرۡ كَيۡفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلۡمُنذَرِينَ ٧٣

73. Пас, [қавмаш] ӯро дурӯғгӯ ангоштанд ва Мо ӯ ва касонеро, ки дар киштӣ ҳамроҳаш буданд, наҷот додем ва ононро ғонишин [-и пешиниён]

сохтем ва касонеро, ки оёти Моро дурӯғ меангоштанд, ғарқ кардем. Пас, бингар, ки саранҷоми ҳушдорёфтагон чигуна буд

ثُمَّ بَعَثۡنَا مِنۢ بَعۡدِهِۦ رُسُلًا إِلَىٰ قَوۡمِهِمۡ فَجَآءُوهُم بِٱلۡبَيِّنَٰتِ فَمَا كَانُواْ لِيُؤۡمِنُواْ بِمَا كَذَّبُواْ بِهِۦ مِن قَبۡلُۚ كَذَٰلِكَ نَطۡبَعُ عَلَىٰ قُلُوبِ ٱلۡمُعۡتَدِينَ ٧٤

74. Сипас баъд аз ӯ паёмбароне ба сӯйи қавмаш фиристодем ва муъҷизоти равшан [бар эшон] оварданд, вале онҳо бар он набуданд, ки ба чизе имон биёваранд, ки аз пеш онро дурӯғ шумурда буданд. Бад-ин сон, бар дилҳои таҷовузкорон [аз ҳудуди илоҳӣ] муҳр мениҳем

ثُمَّ بَعَثۡنَا مِنۢ بَعۡدِهِم مُّوسَىٰ وَهَٰرُونَ إِلَىٰ فِرۡعَوۡنَ وَمَلَإِۡيهِۦ بِـَٔايَٰتِنَا فَٱسۡتَكۡبَرُواْ وَكَانُواْ قَوۡمٗا مُّجۡرِمِينَ ٧٥

75. Сипас баъд аз эшон Мӯсо ва Ҳорунро бо муъҷизоти хеш ба сӯйи Фиръавн ва бузургони қавмаш фиристодем, вале онон гарданкашӣ карданд ва қавме гунаҳкор буданд

فَلَمَّا جَآءَهُمُ ٱلۡحَقُّ مِنۡ عِندِنَا قَالُوٓاْ إِنَّ هَٰذَا لَسِحۡرٞ مُّبِينٞ ٧٦

76. Пас, чун ҳақ аз назди мо ба сӯяшон омад, гуфтанд: «Ин, ҳатман, ҷодуи ошкор аст»

قَالَ مُوسَىٰٓ أَتَقُولُونَ لِلۡحَقِّ لَمَّا جَآءَكُمۡۖ أَسِحۡرٌ هَٰذَا وَلَا يُفۡلِحُ ٱلسَّٰحِرُونَ ٧٧

77. Мӯсо гуфт: «Оё вақте ҳақ ба сӯятон омад, мегӯед [ҷодуст]? Оё ин ҷодуст? Ва ҳол онки ҷодугарон растагор намешаванд»

قَالُوٓاْ أَجِئۡتَنَا لِتَلۡفِتَنَا عَمَّا وَجَدۡنَا عَلَيۡهِ ءَابَآءَنَا وَتَكُونَ لَكُمَا ٱلۡكِبۡرِيَآءُ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَمَا نَحۡنُ لَكُمَا بِمُؤۡمِنِينَ ٧٨

78. [Фиръавниён] Гуфтанд: «Оё ба сӯйи мо омадаӣ, то моро аз шевае, ки падаронамонро бар он ёфтаем, бозгардонӣ ва [иззату] бузургӣ дар ин сарзамин барои шумо дутан бошад? Мо ҳаргиз ба шумо ду тан имон намеоварем»

وَقَالَ فِرۡعَوۡنُ ٱئۡتُونِي بِكُلِّ سَٰحِرٍ عَلِيمٖ ٧٩

79. Ва Фиръавн гуфт: «Тамоми ҷодугарони [моҳиру] доноро назди ман биёваред»

فَلَمَّا جَآءَ ٱلسَّحَرَةُ قَالَ لَهُم مُّوسَىٰٓ أَلۡقُواْ مَآ أَنتُم مُّلۡقُونَ ٨٠

80. Пас, чун ҷодугарон омаданд, Мӯсо ба онон гуфт: «Ончи [аз васоили ҷоду] мехоҳед, биафканед, [акнун] биафканед»

فَلَمَّآ أَلۡقَوۡاْ قَالَ مُوسَىٰ مَا جِئۡتُم بِهِ ٱلسِّحۡرُۖ إِنَّ ٱللَّهَ سَيُبۡطِلُهُۥٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُصۡلِحُ عَمَلَ ٱلۡمُفۡسِدِينَ ٨١

81. Пас, чун афканданд, Мӯсо гуфт: «Ончи овардаед, ҷодуст. Яқинан, Аллоҳ таоло онро ботил хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ таоло кори муфсидонро ислоҳ намекунад

وَيُحِقُّ ٱللَّهُ ٱلۡحَقَّ بِكَلِمَٰتِهِۦ وَلَوۡ كَرِهَ ٱلۡمُجۡرِمُونَ ٨٢

82. Ва Аллоҳ таоло бо суханони хеш ҳақро [собиту] пойдор мекунад, ҳарчанд мушрикон кароҳат дошта бошанд»

فَمَآ ءَامَنَ لِمُوسَىٰٓ إِلَّا ذُرِّيَّةٞ مِّن قَوۡمِهِۦ عَلَىٰ خَوۡفٖ مِّن فِرۡعَوۡنَ وَمَلَإِيْهِمۡ أَن يَفۡتِنَهُمۡۚ وَإِنَّ فِرۡعَوۡنَ لَعَالٖ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَإِنَّهُۥ لَمِنَ ٱلۡمُسۡرِفِينَ ٨٣

83. Пас ҳеҷ кас ба Мӯсо имон наёварад, магар гурӯҳе аз қавми ӯ [он ҳам] бо тарси Фиръавн ва атрофиёнаш, ки [мабодо] ононро биозорад. Ва бешак, Фиръавн дар замин саркаш [-у ҷоҳталаб] буд ва ба ростӣ, ки ӯ аз исрофкорон [дар куфру ҷиноят] буд

وَقَالَ مُوسَىٰ يَٰقَوۡمِ إِن كُنتُمۡ ءَامَنتُم بِٱللَّهِ فَعَلَيۡهِ تَوَكَّلُوٓاْ إِن كُنتُم مُّسۡلِمِينَ ٨٤

84. Мӯсо гуфт: «Эй қавми ман, агар ба Аллоҳ таоло имон овардаед ва агар аҳли таслим ҳастед, пас, бар Ӯ таваккал кунед»

فَقَالُواْ عَلَى ٱللَّهِ تَوَكَّلۡنَا رَبَّنَا لَا تَجۡعَلۡنَا فِتۡنَةٗ لِّلۡقَوۡمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ٨٥

85. Пас, онон гуфтанд: «Бар Аллоҳ таоло таваккал кардаем. Парвардигоро, моро дастхуши фитна [ва шиканҷа ва озори] гурӯҳи ситамгорон қарор мадеҳ

وَنَجِّنَا بِرَحۡمَتِكَ مِنَ ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٨٦

86. Ва ба [фазлу] раҳмати хеш моро аз [шарри] гурӯҳи кофирон раҳоӣ бубахш»

وَأَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰ وَأَخِيهِ أَن تَبَوَّـَٔآ لِقَوۡمِكُمَا بِمِصۡرَ بُيُوتٗا وَٱجۡعَلُواْ بُيُوتَكُمۡ قِبۡلَةٗ وَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَۗ وَبَشِّرِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٨٧

87. Ба Мӯсо ва бародараш [Ҳорун] ваҳйи кардем, ки: «Барои қавми худ, хонаҳое дар [сарзамини] Миср баргиред ва хонаҳоятонро ибодатгоҳ қарор диҳед ва намоз барпо доред. Ва[эй Мӯсо] муъминонро [ба пирӯзӣ ва биҳишт] башорат бидеҳ»

وَقَالَ مُوسَىٰ رَبَّنَآ إِنَّكَ ءَاتَيۡتَ فِرۡعَوۡنَ وَمَلَأَهُۥ زِينَةٗ وَأَمۡوَٰلٗا فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا رَبَّنَا لِيُضِلُّواْ عَن سَبِيلِكَۖ رَبَّنَا ٱطۡمِسۡ عَلَىٰٓ أَمۡوَٰلِهِمۡ وَٱشۡدُدۡ عَلَىٰ قُلُوبِهِمۡ فَلَا يُؤۡمِنُواْ حَتَّىٰ يَرَوُاْ ٱلۡعَذَابَ ٱلۡأَلِيمَ ٨٨

88. Мӯсо гуфт: «Парвардигоро, бе гумон, ту ба Фиръавн ва атрофиёнаш зинату амвол [-и фаровон] дар зиндагии дунё додай.Парвардигоро, то [ба он васила мардумро] аз роҳат гумроҳ кунанд. Парвардигоро, амволашонро нобуд кун ва дилҳояшонро сахт бигардон, ки имон наоваранд, то [вақте ки] азоби дарднокро бубинанд»

قَالَ قَدۡ أُجِيبَت دَّعۡوَتُكُمَا فَٱسۡتَقِيمَا وَلَا تَتَّبِعَآنِّ سَبِيلَ ٱلَّذِينَ لَا يَعۡلَمُونَ ٨٩

89. [Аллоҳ таоло] Фармуд: Ҳатман, дуои шумо ду нафар пазируфта шуд, пас, истиқомат кунед ва аз роҳи касоне, ки намедонанд, пайравӣ накунед»

۞وَجَٰوَزۡنَا بِبَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ ٱلۡبَحۡرَ فَأَتۡبَعَهُمۡ فِرۡعَوۡنُ وَجُنُودُهُۥ بَغۡيٗا وَعَدۡوًاۖ حَتَّىٰٓ إِذَآ أَدۡرَكَهُ ٱلۡغَرَقُ قَالَ ءَامَنتُ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱلَّذِيٓ ءَامَنَتۡ بِهِۦ بَنُوٓاْ إِسۡرَٰٓءِيلَ وَأَنَا۠ مِنَ ٱلۡمُسۡلِمِينَ ٩٠

90. Ва [саранҷом] Бани Исроилро аз дарё гузарондем, он гоҳ Фиръавн ва сипоҳиёнаш аз рӯйи ситам ва таҷовуз дар пайи онон рафтанд, то ҳангоме ки ғарқоби Ӯ [Фиръавн]-ро фаро гирифт, [бо ноумедӣ] гуфт: «Имон овардам, ки ҳеҷ маъбуде [бар ҳақ] нест, магар касе, ки Бани Исроил ба Ӯ имон овардаанд ва ман аз таслимшудагонам»

ءَآلۡـَٰٔنَ وَقَدۡ عَصَيۡتَ قَبۡلُ وَكُنتَ مِنَ ٱلۡمُفۡسِدِينَ ٩١

91. [Ба ӯ гуфта шуд] «Инак [имон меоварӣ]? Ва ҳол онки пештар сарпечӣ мекардӣ ва аз муфсидон будӣ?

فَٱلۡيَوۡمَ نُنَجِّيكَ بِبَدَنِكَ لِتَكُونَ لِمَنۡ خَلۡفَكَ ءَايَةٗۚ وَإِنَّ كَثِيرٗا مِّنَ ٱلنَّاسِ عَنۡ ءَايَٰتِنَا لَغَٰفِلُونَ ٩٢

92. [Бидон, ки] имрӯз пайкари [бечони] туро бар баландии [соҳил] меандозем, то барои ояндагонат мояи ибрат бошад ва ба ростӣ, бисёре аз мардум аз нишонаҳои [тавону тадбири] мо ғофиланд

وَلَقَدۡ بَوَّأۡنَا بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ مُبَوَّأَ صِدۡقٖ وَرَزَقۡنَٰهُم مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِ فَمَا ٱخۡتَلَفُواْ حَتَّىٰ جَآءَهُمُ ٱلۡعِلۡمُۚ إِنَّ رَبَّكَ يَقۡضِي بَيۡنَهُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ فِيمَا كَانُواْ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَ ٩٣

93. Ва бе тардид, Мо Бани Исроилро дар ҷойгоҳи шоиста [дар сарзамини Шом] ҷой додем ва аз неъматҳои покиза рӯзияшон кардем. Пас, онҳо ихтилоф накарданд, магар пас аз онки илм [ба ҳаққонияти Қуръон] ба сӯяшон омад. [Эй паёмбар] Парвардигорат рӯзи қиёмат дар бораи ончи ихтилоф мекарданд, ҳатман, миёнашон ҳукм мекунад

فَإِن كُنتَ فِي شَكّٖ مِّمَّآ أَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ فَسۡـَٔلِ ٱلَّذِينَ يَقۡرَءُونَ ٱلۡكِتَٰبَ مِن قَبۡلِكَۚ لَقَدۡ جَآءَكَ ٱلۡحَقُّ مِن رَّبِّكَ فَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡمُمۡتَرِينَ ٩٤

94. Пас, агар дар ончи бар ту нозил кардаем, тардиде дорӣ, аз касоне, ки пеш аз ту китоб [-ҳоиТаврот ва Инҷил]-ро мехонданд, суол кун. Яқинан ҳақ аз тарафи Парвардигорат ба сӯйи ту омадааст. Пас, ҳаргиз аз тардидкунандагон набош

وَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ فَتَكُونَ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٩٥

95. Ва [ҳамчунин] аз касоне набош, ки оёти Аллоҳ таолоро дурӯғ ангоштанд, ки аз зиёнкорон хоҳӣ буд

إِنَّ ٱلَّذِينَ حَقَّتۡ عَلَيۡهِمۡ كَلِمَتُ رَبِّكَ لَا يُؤۡمِنُونَ ٩٦

96. Бе тардид, касоне, ки сухани Парвардигорат дар бораи [куфр дар дунё бар] онон таҳаққуқ ёфтааст, имон намеоваранд

وَلَوۡ جَآءَتۡهُمۡ كُلُّ ءَايَةٍ حَتَّىٰ يَرَوُاْ ٱلۡعَذَابَ ٱلۡأَلِيمَ ٩٧

97. Гарчи ҳар нишона [ва панде] барояшон биёяд, [магар] вақте ки азоби дарднокро бубинанд

فَلَوْلَا كَانَتْ قَرْيَةٌ ءَامَنَتْ فَنَفَعَهَآ إِيمَٰنُهَآ إِلَّا قَوْمَ يُونُسَ لَمَّآ ءَامَنُواْ كَشَفْنَا عَنْهُمْ عَذَابَ ٱلْخِزْيِ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا وَمَتَّعْنَٰهُمْ إِلَىٰ حِينٍ ﴿٩٨﴾

98. Ҳеҷ шаҳре набуд, ки [аҳлаш] имон биёварад ва имонаш ба ҳоли он суд бахшад, магар қавми Юнус, ки чун [ба мавқеъ] имон оварданд, азоби хорӣ [ва расвоӣ] дар зиндагии дунёро аз онон бартараф намудем ва то муддате [ки зинда буданд, аз неъматҳои дунявӣ] бархӯрдорашон сохтем

وَلَوْ شَآءَ رَبُّكَ لَءَامَنَ مَن فِى ٱلْأَرْضِ كُلُّهُمْ جَمِيعًا ۚ أَفَأَنتَ تُكْرِهُ ٱلنَّاسَ حَتَّىٰ يَكُونُواْ مُؤْمِنِينَ ﴿٩٩﴾

99. Ва [эй паёмбар] агар Парвардигорат мехост, ҳатман, ҳар ки дар замин аст, ҳамагияшон имон меоварданд. Пас, оё ту мардумро водор мекунӣ, ки муъмин шаванд?

وَمَا كَانَ لِنَفْسٍ أَن تُؤْمِنَ إِلَّا بِإِذْنِ ٱللَّهِ ۚ وَيَجْعَلُ ٱلرِّجْسَ عَلَى ٱلَّذِينَ لَا يَعْقِلُونَ ﴿١٠٠﴾

100. Ва ҳеҷ касе наметавонад, [ба иродаи хеш] имон оварад, магар ба фармони Аллоҳ таоло. Ва [Аллоҳ таоло] палидӣ [ва азобу хорӣ]-ро бар касоне қарор медиҳад, ки намеандешанд

قُلِ ٱنظُرُواْ مَاذَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَمَا تُغْنِى ٱلْـَٔايَٰتُ وَٱلنُّذُرُ عَن قَوْمٍ لَّا يُؤْمِنُونَ ﴿١٠١﴾

101. [Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Бингаред, ки [нишонаҳои равшани Аллоҳ таоло] дар осмонҳо ва замин чист»? Ва[-ле ҳамаи] нишонаҳо ва ҳушдорҳо барои гурӯҳе, ки имон намеоваранд, суде намебахшад

فَهَلْ يَنتَظِرُونَ إِلَّا مِثْلَ أَيَّامِ ٱلَّذِينَ خَلَوْاْ مِن قَبْلِهِمْ ۚ قُلْ فَٱنتَظِرُوٓاْ إِنِّى مَعَكُم مِّنَ ٱلْمُنتَظِرِينَ ﴿١٠٢﴾

102. Оё онҳо [чизе] ҷуз ҳаммонанди рӯзгори пешиниён [ва азобҳо ва муҷозотҳояшон]-ро интизор мекашанд? Бигӯ: «Мунтазир бошед, ки ман [низ] бо шумо аз мунтазиронам»

ثُمَّ نُنَجِّى رُسُلَنَا وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ۚ كَذَٰلِكَ حَقًّا عَلَيْنَا نُنجِ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٠٣﴾

103. Сипас [ҳангоми нузули азоб] паёмбаронамон ва касонеро, ки [ба Аллоҳ таоло] имон овардаанд, наҷот медиҳем, зеро ҳақ бар уҳдаи мост, ки муъминонро наҷот диҳем

قُلْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِن كُنتُمْ فِى شَكٍّ مِّن دِينِى فَلَآ أَعْبُدُ ٱلَّذِينَ تَعْبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَلَٰكِنْ أَعْبُدُ ٱللَّهَ ٱلَّذِى يَتَوَفَّىٰكُمْ ۖ وَأُمِرْتُ أَنْ أَكُونَ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٠٤﴾

104. Бигӯ: «Эй мардум, агар дар дини ман тардид доред, пас, [огоҳ бошед ки ман] касонеро, ки шумо ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастед, намепарастам, балки он Аллоҳ таолоро мепарастам, ки ҷонатонро мегирад ва фармон ёфтаам, ки аз муъминон бошам»

وَأَنْ أَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفًا وَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ﴿١٠٥﴾

105. Ва [ба ман амр шудааст] ки: «Ҳақгароёна ба ин дин рӯ овар ва ҳаргиз дар зумраи мушрикон набош

وَلَا تَدْعُ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَنفَعُكَ وَلَا يَضُرُّكَ ۖ فَإِن فَعَلْتَ فَإِنَّكَ إِذًا مِّنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٠٦﴾

106. Ва ба ҷойи Аллоҳ таоло, чизеро, ки суду зиёне ба ту намерасонад, [ба парастишу ниёзхоҳӣ] махон, ки агар чунин кунӣ, он гоҳ ҳатман, аз ситамгорон [-и мушрик] хоҳӣ буд

وَإِن يَمْسَسْكَ ٱللَّهُ بِضُرٍّ فَلَا كَاشِفَ لَهُۥٓ إِلَّا هُوَ ۖ وَإِن يُرِدْكَ بِخَيْرٍ فَلَا رَآدَّ لِفَضْلِهِۦ ۚ يُصِيبُ بِهِۦ مَن يَشَآءُ مِنْ عِبَادِهِۦ ۚ وَهُوَ ٱلْغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٠٧﴾

107. Ва агар Аллоҳ таоло зиёне ба ту бирасонад, ҳеҷ касе барояш ба ҷуз Ӯ ҳеҷ боздорандае нест ва агар бароят иродаи хайре намояд, барои фазл [-у бахшиши] Ӯ ҳеҷ монеъе нест. [Ӯ бахшиши хешро] Ба ҳар касе аз бандагонаш, ки бихоҳад, мерасонад ва Ӯ омурзандаи меҳрубон аст»

قُلْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدْ جَآءَكُمُ ٱلْحَقُّ مِن رَّبِّكُمْ ۖ فَمَنِ ٱهْتَدَىٰ فَإِنَّمَا يَهْتَدِى لِنَفْسِهِۦ ۖ وَمَن ضَلَّ فَإِنَّمَا يَضِلُّ عَلَيْهَا ۖ وَمَآ أَنَا۠ عَلَيْكُم بِوَكِيلٍ ﴿١٠٨﴾

108. Бигӯ: «Эй мардум, ҳақ аз ҷониби Парвардигоратон бароятон омадааст, пас, ҳар ки ҳидоят ёбад, ба суди хеш ҳидоят меёбад ва ҳар ки гумроҳ гардад, ба зиёни хеш гумроҳ мегардад ва ман [муроқибу] коргузори шумо нестам»

وَٱتَّبِعْ مَا يُوحَىٰٓ إِلَيْكَ وَٱصْبِرْ حَتَّىٰ يَحْكُمَ ٱللَّهُ ۚ وَهُوَ خَيْرُ ٱلْحَٰكِمِينَ ﴿١٠٩﴾

109. Ва [эй паёмбар] аз ончи бар ту ваҳй мешавад пайравӣ кун ва шикебо бош, то Аллоҳ таоло [байни ту ва кофирон] доварӣ кунад ва Ӯ беҳтарин довар аст

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓرۚ كِتَٰبٌ أُحْكِمَتْ ءَايَٰتُهُۥ ثُمَّ فُصِّلَتْ مِن لَّدُنْ حَكِيمٍ خَبِيرٍ ۝١

1. Алиф, лом, ро.[1] Ин [Қуръон] китобест, ки оёти он истеҳком ёфтааст ва сипас аз ҷониби ҳакими огоҳ ба равшанӣ баён шудааст

أَلَّا تَعْبُدُوٓاْ إِلَّا ٱللَّهَۚ إِنَّنِى لَكُم مِّنْهُ نَذِيرٌ وَبَشِيرٌ ۝٢

2. [Паёми Паёмбар ин аст] Ки ҷуз Аллоҳро напарастед, [ки] бе тардид, ман аз сӯйи Ӯ бароятон бимдиҳанда ва башоратгар ҳастам

وَأَنِ ٱسْتَغْفِرُواْ رَبَّكُمْ ثُمَّ تُوبُوٓاْ إِلَيْهِ يُمَتِّعْكُم مَّتَٰعًا حَسَنًا إِلَىٰٓ أَجَلٍ مُّسَمًّى وَيُؤْتِ كُلَّ ذِى فَضْلٍ فَضْلَهُۥۖ وَإِن تَوَلَّوْاْ فَإِنِّىٓ أَخَافُ عَلَيْكُمْ عَذَابَ يَوْمٍ كَبِيرٍ ۝٣

3. Ва ин ки аз Парвардигоратон омурзиш бихоҳед, сипас ба даргоҳаш тавба кунед, то шуморо [дар зиндагии дунё] то саромади муайяне ба хайру хубӣ баҳраманд созад ва ба ҳар бофазилате [ки яктопарастӣ ва накукорӣ пеша кардааст, подошу] фузунӣ бахшад.Ва агар [аз имон] рӯ бигардонед, [бидонед, ки ман] ба ростӣ, бароятон аз азоби рӯзе саҳмгин метарсам

إِلَى ٱللَّهِ مَرْجِعُكُمْۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ۝٤

4. [Шумо эй мардум] Бозгаштатон ба сӯйи Аллоҳ таоло аст ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност

أَلَآ إِنَّهُمْ يَثْنُونَ صُدُورَهُمْ لِيَسْتَخْفُواْ مِنْهُۚ أَلَا حِينَ يَسْتَغْشُونَ ثِيَابَهُمْ يَعْلَمُ مَا يُسِرُّونَ وَمَا يُعْلِنُونَۚ إِنَّهُۥ عَلِيمٌۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ۝٥

5. Огоҳ бошед! Онҳо [куфрро] дар синаҳояшон ниҳон мекунанд, то онро аз Ӯ [Аллоҳ таоло] пинҳон доранд. Огоҳ бошед! Он гоҳ ки онон ҷомаҳояшонро бар сар мекашанд, Аллоҳ таоло он чи пинҳон месозанд ва он чи ошкор медоранд, [ҳамаро] медонад. Бе тардид, Ӯ ба асрори синаҳо доност

وَمَا مِن دَآبَّةٍ فِى ٱلْأَرْضِ إِلَّا عَلَى ٱللَّهِ رِزْقُهَا وَيَعْلَمُ مُسْتَقَرَّهَا وَمُسْتَوْدَعَهَاۚ كُلٌّ فِى كِتَٰبٍ مُّبِينٍ ۝٦

6. Ва ҳеҷ ҷунбандае дар замин нест, магар [ин ки] рӯзиаш бар уҳдаи Аллоҳ таоло аст ва [Ӯ] қароргоҳ ва маҳалли маргашро медонад. Ҳама [инҳо] дар китобе равшан [сабт] аст

وَهُوَ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ فِى سِتَّةِ أَيَّامٍ وَكَانَ عَرْشُهُۥ عَلَى ٱلْمَآءِ لِيَبْلُوَكُمْ أَيُّكُمْ أَحْسَنُ عَمَلًاۗ وَلَئِن قُلْتَ إِنَّكُم

7. Ва Ӯст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид ва [пеш аз он] Арши Ӯ бар об буд, то

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

مَّبۡعُوثُونَ مِنۢ بَعۡدِ ٱلۡمَوۡتِ لَيَقُولَنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ إِنۡ هَٰذَآ إِلَّا سِحۡرٞ مُّبِينٞ ٧

шуморо биозмояд, ки кадоматон накукортаред. Ва агар [ба мушрикон] бигӯед: «Шумо пас аз марг барангехта мешавед», касоне, ки куфр варзиданд мегӯянд: «Ин [Қуръон чизе] нест, магар ҷодуе ошкор»

وَلَئِنۡ أَخَّرۡنَا عَنۡهُمُ ٱلۡعَذَابَ إِلَىٰٓ أُمَّةٖ مَّعۡدُودَةٖ لَّيَقُولُنَّ مَا يَحۡبِسُهُۥٓۗ أَلَا يَوۡمَ يَأۡتِيهِمۡ لَيۡسَ مَصۡرُوفًا عَنۡهُمۡ وَحَاقَ بِهِم مَّا كَانُواْ بِهِۦ يَسۡتَهۡزِءُونَ ٨

8. Ва агар мо азобашонро то чанд муддате ба таъхир андозем, албатта,[аз рӯйи тамасхур] мегӯянд: «Чи чизе монеъи [вуқуъи] он шуда аст?» Огоҳ бошед! Рӯзе, ки [азоб] ба суроғашон биёяд, аз онон бозгардонида нахоҳад шуд ва он чиро ба масхара мегирифтанд, домангирашон хоҳад шуд

وَلَئِنۡ أَذَقۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ مِنَّا رَحۡمَةٗ ثُمَّ نَزَعۡنَٰهَا مِنۡهُ إِنَّهُۥ لَيَـُٔوسٞ كَفُورٞ ٩

9. Ва агар аз ҷониби хеш раҳмате ба инсон бичашонем, сипас онро аз ӯ бигирем, ҳатман, дилсард [ва] носипос мегардад

وَلَئِنۡ أَذَقۡنَٰهُ نَعۡمَآءَ بَعۡدَ ضَرَّآءَ مَسَّتۡهُ لَيَقُولَنَّ ذَهَبَ ٱلسَّيِّـَٔاتُ عَنِّيٓۚ إِنَّهُۥ لَفَرِحٞ فَخُورٌ ١٠

10. Ва агар пас аз ранҷе, ки ба ӯ расидааст, неъмате ба ӯ бичашонем, ҳатман, мегӯяд: «Сахтиҳо [ва ногувориҳо] аз ман дур шуд». Ҳаққо, ки ӯ шодмону фахрфурӯш аст

إِلَّا ٱلَّذِينَ صَبَرُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَأَجۡرٞ كَبِيرٞ ١١

11. Магар касоне, ки шикебоӣ намуданд ва корҳои нек карданд. Барои эшон омурзишу подоши бузурге [дар пеш] аст

فَلَعَلَّكَ تَارِكُۢ بَعۡضَ مَا يُوحَىٰٓ إِلَيۡكَ وَضَآئِقُۢ بِهِۦ صَدۡرُكَ أَن يَقُولُواْ لَوۡلَآ أُنزِلَ عَلَيۡهِ كَنزٌ أَوۡ جَآءَ مَعَهُۥ مَلَكٌۚ إِنَّمَآ أَنتَ نَذِيرٞۚ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ وَكِيلٌ ١٢

12. Ва [эй Паёмбар] мабодо [иблоғи] бархе аз он чиро, ки ба сӯят ваҳй мешавад, тарк кунӣ ва синаат аз он ба танг ояд, ки [мушрикон] мегӯянд: «Чаро ганҷе бар ӯ нозил нагаштааст ё фариштае бо ӯ наёмадааст»? Ҷуз ин нест, ки ту фақат бимдиҳандаӣ ва Аллоҳ таоло [муроқибу] коргузори ҳар чизест

أَمۡ يَقُولُونَ ٱفۡتَرَىٰهُۖ قُلۡ فَأۡتُواْ بِعَشۡرِ سُوَرٖ مِّثۡلِهِۦ مُفۡتَرَيَٰتٖ وَٱدۡعُواْ مَنِ ٱسۡتَطَعۡتُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ١٣

13. Ё мегӯянд: «[Муҳаммад] Он [китоб]-ро барсохтааст». Бигӯ: «Агар рост мегӯед, даҳ сура барсохта ҳаммонанди он биёваред ва ба ҷуз Аллоҳ таоло ҳар киро метавонед, ба ёрӣ бихонед»

فَإِلَّمۡ يَسۡتَجِيبُواْ لَكُمۡ فَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّمَآ أُنزِلَ بِعِلۡمِ ٱللَّهِ وَأَن لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ فَهَلۡ أَنتُم مُّسۡلِمُونَ ١٤

14. Пас, агар онон даъвататонро напазируфтанд, бидонед, ки [Қуръон] фақат ба илми Аллоҳ таоло нозил шудааст ва ин ки ҳеҷ маъбуде

[барҳақ] ҷуз Ӯ нест. Пас, оё таслим [-и амри Аллоҳ таоло ва паёмбар] мешавед?

مَن كَانَ يُرِيدُ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا وَزِينَتَهَا نُوَفِّ إِلَيۡهِمۡ أَعۡمَٰلَهُمۡ فِيهَا وَهُمۡ فِيهَا لَا يُبۡخَسُونَ ١٥

15. Касоне, ки зиндагии дунё ва зинати онро мехоҳанд, [подоши] корҳояшонро дар ин [дунё] ба тамомӣ ба онон медиҳем ва дар он [подош ҳеҷ] каму косте нахоҳанд дид

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ لَيۡسَ لَهُمۡ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ إِلَّا ٱلنَّارُۖ وَحَبِطَ مَا صَنَعُواْ فِيهَا وَبَٰطِلٞ مَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٦

16. Инон касоне ҳастанд, ки дар охират ба ҷуз оташ [-и дузах ҳеҷ насибе] нахоҳанд дошт ва он чи дар дунё анҷом додаанд, бар бод рафтааст ва он чи мекарданд, табоҳ аст

أَفَمَن كَانَ عَلَىٰ بَيِّنَةٖ مِّن رَّبِّهِۦ وَيَتۡلُوهُ شَاهِدٞ مِّنۡهُ وَمِن قَبۡلِهِۦ كِتَٰبُ مُوسَىٰٓ إِمَامٗا وَرَحۡمَةًۚ أُوْلَٰٓئِكَ يُؤۡمِنُونَ بِهِۦۚ وَمَن يَكۡفُرۡ بِهِۦ مِنَ ٱلۡأَحۡزَابِ فَٱلنَّارُ مَوۡعِدُهُۥۚ فَلَا تَكُ فِي مِرۡيَةٖ مِّنۡهُۚ إِنَّهُ ٱلۡحَقُّ مِن رَّبِّكَ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يُؤۡمِنُونَ ١٧

17. Оё касе [Паёмбар], ки далели ошкоре [Қуръон] аз Парвардигораш дорад ва шоҳиде [Ҷабраил] аз ҷониби Ӯ [Аллоҳ таоло] онро мехонад, [ҳаммонанди кофирони гумроҳ аст] ва ҳол он ки пеш аз он низ Мӯсо роҳнамо ва мояи раҳмат [-и эшон] буд. Инон [мусулмонон] ба он [китоб] имон доранд ва ҳар касе аз гурӯҳҳо[-и мухталифи мушрикон], ки ба он куфр биварзад [ва инкораш кунад], оташи дузах ваъдагоҳи ӯст. Пас,[эй паёмбар] аз [Қуръон ва ҳақиқати ваъдаҳои] он дар тардид мабош. Бе тардид, он [китобе] росту дуруст аз сӯи Парвардигори туст, вале бештари мардум имон намеоваранд

وَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّنِ ٱفۡتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًاۚ أُوْلَٰٓئِكَ يُعۡرَضُونَ عَلَىٰ رَبِّهِمۡ وَيَقُولُ ٱلۡأَشۡهَٰدُ هَٰٓؤُلَآءِ ٱلَّذِينَ كَذَبُواْ عَلَىٰ رَبِّهِمۡۚ أَلَا لَعۡنَةُ ٱللَّهِ عَلَى ٱلظَّٰلِمِينَ ١٨

18. Ва кист ситамгортар аз он кас, ки [бо нисбат додани фарзанд ё шарик] бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебандад? Онон [рӯзи қиёмат] бар Парвардигорашон арза мешаванд ва гувоҳон [паёмбарон ва фариштагон] мегӯянд: «Инҳо ҳамон касоне ҳастанд, ки бар Парвардигорашон дурӯғ мебастанд». Ҳон! Лаънати Аллоҳ таоло бар ситамгорони [мушрик] бод!!

ٱلَّذِينَ يَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ وَيَبۡغُونَهَا عِوَجٗا وَهُم بِٱلۡأٓخِرَةِ هُمۡ كَٰفِرُونَ ١٩

19. [Ҳамон] касоне, ки [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло бозмедоранд ва онро мунҳариф мехоҳанд ва онон худ охиратро бовар надоранд

أُوْلَٰٓئِكَ لَمْ يَكُونُواْ مُعْجِزِينَ فِي ٱلْأَرْضِ وَمَا كَانَ لَهُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ مِنْ أَوْلِيَآءَ يُضَٰعَفُ لَهُمُ ٱلْعَذَابُۚ مَا كَانُواْ يَسْتَطِيعُونَ ٱلسَّمْعَ وَمَا كَانُواْ يُبْصِرُونَ ﴿٢٠﴾

20. Онон дар замин нотавонкунанда [-и Аллоҳ аз азоби хеш] нестанд ва ҷуз Аллоҳ таоло дӯстоне надоранд. Азоб бар эшон дучанд мешавад,[чаро ки] онон на тавони шунидан [-и ҳақро] доштанд ва на [ҳақоикро] медиданд

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓاْ أَنفُسَهُمْ وَضَلَّ عَنْهُم مَّا كَانُواْ يَفْتَرُونَ ﴿٢١﴾

21. Инонанд, ки ба хеш зиён заданд ва дурӯғҳое, ки мебофтанд, [ҳама] маҳву нобуд шуд

لَا جَرَمَ أَنَّهُمْ فِي ٱلْأَخِرَةِ هُمُ ٱلْأَخْسَرُونَ ﴿٢٢﴾

22. Ногузир онон дар охират аз ҳама зиёнкортаранд

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَأَخْبَتُوٓاْ إِلَىٰ رَبِّهِمْ أُوْلَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلْجَنَّةِۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٢٣﴾

23. Касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд ва дар баробари Парвардигорашон фурӯтанӣ намудаанд, инон яқинан биҳиштианд [ва] ҳам инон дар он ҷовидонанд

۞مَثَلُ ٱلْفَرِيقَيْنِ كَٱلْأَعْمَىٰ وَٱلْأَصَمِّ وَٱلْبَصِيرِ وَٱلسَّمِيعِۚ هَلْ يَسْتَوِيَانِ مَثَلًاۚ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ ﴿٢٤﴾

24. Масали ин ду гурӯҳ [кофиру муъмин] ҳаммонанди нобино ва ношунаво [аз як сӯ] ва бино ва шунаво [аз сӯйи дигар] аст. Оё бо якдигар баробаранд? Оё панд намегиред?

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا نُوحًا إِلَىٰ قَوْمِهِۦٓ إِنِّي لَكُمْ نَذِيرٌ مُّبِينٌ ﴿٢٥﴾

25. Ва ба ростӣ Мо Нуҳро ба сӯйи қавмаш фиристодем [бо ин паём], ки: «Ба ростӣ, ки ман бароятон бимдиҳандае ошкорам

أَن لَّا تَعْبُدُوٓاْ إِلَّا ٱللَّهَۖ إِنِّيٓ أَخَافُ عَلَيْكُمْ عَذَابَ يَوْمٍ أَلِيمٍ ﴿٢٦﴾

26. Ҷуз Аллоҳро напарастед, [ки] бе тардид ман аз азоби рӯзе дарднок бар шумо метарсам»

فَقَالَ ٱلْمَلَأُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن قَوْمِهِۦ مَا نَرَىٰكَ إِلَّا بَشَرًا مِّثْلَنَا وَمَا نَرَىٰكَ ٱتَّبَعَكَ إِلَّا ٱلَّذِينَ هُمْ أَرَاذِلُنَا بَادِيَ ٱلرَّأْيِۖ وَمَا نَرَىٰ لَكُمْ عَلَيْنَا مِن فَضْلٍۭ بَلْ نَظُنُّكُمْ كَٰذِبِينَ ﴿٢٧﴾

27. Бузургоне аз қавми ӯ, ки куфр варзида буданд, [дар посух] гуфтанд: «Туро ҷуз башаре ҳаммонанди хеш намебинем ва ба ҷуз фурӯмоягони мо [он ҳам надониста ва] насанҷида [каси дигареро] намебинем, ки аз ту пайравӣ карда бошад ва бароятон [ҳеҷ] бартарие бар худ намебинем, балки шуморо дурӯғгӯ мепиндорем»

قَالَ يَٰقَوْمِ أَرَءَيْتُمْ إِن كُنتُ عَلَىٰ بَيِّنَةٍ مِّن رَّبِّي وَءَاتَىٰنِي رَحْمَةً مِّنْ عِندِهِۦ فَعُمِّيَتْ عَلَيْكُمْ أَنُلْزِمُكُمُوهَا وَأَنتُمْ لَهَا كَٰرِهُونَ ﴿٢٨﴾

28. [Нуҳ] гуфт: «Эй қавми ман, ба ман бигӯед, [ки] агар аз сӯйи Парвардигорам далел [-у муъҷизаи] ошкоре дошта бошам ва Ӯ аз ҷониби хеш ба ман раҳмате [нубувват] бахшида бошад ва [ин мавҳибат] аз диди шумо пӯшида бошад, оё мо

метавонем ба [пазириши] он водоратон кунем ва ҳол он ки кароҳат доред?

29. Ва эй қавми ман, барои ин [рисолат ман ҳеҷ сарват] ва моле аз шумо дархост намекунам. Подоши ман ҷуз бар [уҳдаи] Аллоҳ таоло нест ва касонеро, ки имон овардаанд, аз худ намеронам. Бе тардид, [рӯзи қиёмат] онон мулоқоткунандаи Парвардигори хешанд, вале ман шуморо гурӯҳе мебинам, ки нодонӣ мекунед

وَيَٰقَوۡمِ لَآ أَسۡـَٔلُكُمۡ عَلَيۡهِ مَالًاۖ إِنۡ أَجۡرِيَ إِلَّا عَلَى ٱللَّهِ وَمَآ أَنَا۠ بِطَارِدِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْۚ إِنَّهُم مُّلَٰقُواْ رَبِّهِمۡ وَلَٰكِنِّيٓ أَرَىٰكُمۡ قَوۡمٗا تَجۡهَلُونَ ٢٩

30. Ва эй қавми ман, агар ман ононро тард кунам, кист, ки маро дар баробари [кайфари] Аллоҳ таоло ёрӣ кунад? Пас, оё панд намегиред?

وَيَٰقَوۡمِ مَن يَنصُرُنِي مِنَ ٱللَّهِ إِن طَرَدتُّهُمۡۚ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ ٣٠

31. Ва ба шумо намегӯям, ки ганҷинаҳои Аллоҳ таоло назди ман аст ва ғайб намедонам ва намегӯям, ки ман фариштаам ва дар бораи касоне, ки ба чашми шумо ҳақир меоянд, намегӯям, ки Аллоҳ таоло хайре насибашон нахоҳад кард. Аллоҳ таоло ба он чи дар дилҳои эшон аст, огоҳтар аст. [Агар чунин бигӯям] Дар он сурат, ҳатман, аз ситамгорон хоҳам буд»

وَلَآ أَقُولُ لَكُمۡ عِندِي خَزَآئِنُ ٱللَّهِ وَلَآ أَعۡلَمُ ٱلۡغَيۡبَ وَلَآ أَقُولُ إِنِّي مَلَكٞ وَلَآ أَقُولُ لِلَّذِينَ تَزۡدَرِيٓ أَعۡيُنُكُمۡ لَن يُؤۡتِيَهُمُ ٱللَّهُ خَيۡرًاۖ ٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِمَا فِيٓ أَنفُسِهِمۡ إِنِّيٓ إِذٗا لَّمِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٣١

32. [Қавмаш] Гуфтанд: «Эй Нуҳ, ба ростӣ, ки бо мо ҷидол кардӣ ва бисёр [ҳам] ҷидол кардӣ, пас, агар рост мегӯӣ, он чи [аз азоб]-ро, ки ба мо ваъда медиҳӣ, биёвар»

قَالُواْ يَٰنُوحُ قَدۡ جَٰدَلۡتَنَا فَأَكۡثَرۡتَ جِدَٰلَنَا فَأۡتِنَا بِمَا تَعِدُنَآ إِن كُنتَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ٣٢

33. [Нуҳ] Гуфт: «Танҳо Аллоҳ таоло аст, ки агар бихоҳад, онро бар [сари] шумо меоварад ва шумо оҷизкунанда [-и Ӯ аз азоб кардан] нестед

قَالَ إِنَّمَا يَأۡتِيكُم بِهِ ٱللَّهُ إِن شَآءَ وَمَآ أَنتُم بِمُعۡجِزِينَ ٣٣

34. Ва агар ман бихоҳам насиҳататон кунам, насиҳат кардани ман суде бароятон надорад, агар Аллоҳ таоло бихоҳад [ки нобуду] гумроҳатон созад. Ӯ Парвардигори шумост ва [ҳамагӣ] ба сӯяш бозгардонда мешавед»

وَلَا يَنفَعُكُمۡ نُصۡحِيٓ إِنۡ أَرَدتُّ أَنۡ أَنصَحَ لَكُمۡ إِن كَانَ ٱللَّهُ يُرِيدُ أَن يُغۡوِيَكُمۡۚ هُوَ رَبُّكُمۡ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ ٣٤

35. Оё [мушрикон] мегӯянд: «Ӯ [Муҳаммад] ин суханонро ба дурӯғ ба Аллоҳ таоло нисбат

أَمۡ يَقُولُونَ ٱفۡتَرَىٰهُۖ قُلۡ إِنِ ٱفۡتَرَيۡتُهُۥ فَعَلَيَّ إِجۡرَامِي وَأَنَا۠ بَرِيٓءٞ مِّمَّا تُجۡرِمُونَ ٣٥

додааст? Бигӯ: «Агар ман инҳоро аз пеши худ сохта бошам ва ба Ӯ нисбат диҳам, гуноҳаш бар [уҳдаи] ман, ва[-ле] ман аз гуноҳони шумо безорам»

وَأُوحِيَ إِلَىٰ نُوحٍ أَنَّهُۥ لَن يُؤْمِنَ مِن قَوْمِكَ إِلَّا مَن قَدْ ءَامَنَ فَلَا تَبْتَئِسْ بِمَا كَانُوا۟ يَفْعَلُونَ ﴿٣٦﴾

36. Ва ба Нуҳ ваҳй шуд, ки: «Аз қавми ту ҷуз касоне, ки имон овардаанд, дигар ҳеҷ кас имон намеоварад, пас, бар он чи мекарданд, ғам махӯр

وَٱصْنَعِ ٱلْفُلْكَ بِأَعْيُنِنَا وَوَحْيِنَا وَلَا تُخَٰطِبْنِى فِى ٱلَّذِينَ ظَلَمُوٓا۟ ۖ إِنَّهُم مُّغْرَقُونَ ﴿٣٧﴾

37. Ва [акнун] киштиро зери назари Мо ва ба ваҳй [ва роҳнамоӣ]-и Мо бисоз ва дар бораи касоне, ки ситам карданд, бо Ман сухан магӯ [чаро ки] онҳо, ҳатман, ғарқшуданӣ ҳастанд»

وَيَصْنَعُ ٱلْفُلْكَ وَكُلَّمَا مَرَّ عَلَيْهِ مَلَأٌ مِّن قَوْمِهِۦ سَخِرُوا۟ مِنْهُ ۚ قَالَ إِن تَسْخَرُوا۟ مِنَّا فَإِنَّا نَسْخَرُ مِنكُمْ كَمَا تَسْخَرُونَ ﴿٣٨﴾

38. Ва [Нуҳ] киштиро месохт ва гоҳе бузургоне аз қавмаш бар ӯ мегузаштанд, масхарааш мекарданд. [Ӯ] Мегуфт: «Агар моро масхара мекунед, мо низ [ба ҳангомаш] ба ҳамон сурате, ки моро масхара мекунед, шуморо масхара хоҳем кард

فَسَوْفَ تَعْلَمُونَ مَن يَأْتِيهِ عَذَابٌ يُخْزِيهِ وَيَحِلُّ عَلَيْهِ عَذَابٌ مُّقِيمٌ ﴿٣٩﴾

39. Ба зудӣ хоҳед донист, ки азоби [илоҳӣ] суроғи чи касе меояд, ки хораш созад ва азобе пойдор бар ӯ фуруд ояд»

حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءَ أَمْرُنَا وَفَارَ ٱلتَّنُّورُ ۖ قُلْنَا ٱحْمِلْ فِيهَا مِن كُلٍّ زَوْجَيْنِ ٱثْنَيْنِ وَأَهْلَكَ إِلَّا مَن سَبَقَ عَلَيْهِ ٱلْقَوْلُ وَمَنْ ءَامَنَ ۚ وَمَآ ءَامَنَ مَعَهُۥٓ إِلَّا قَلِيلٌ ﴿٤٠﴾

40. [Ин ҳолат ҳамчунон идома дошт] то замоне, ки фармон [-и азоб] фаро расид ва [об аз] танӯр ҷӯшидан гирифт. [Ба Нуҳ] гуфтем: «Аз [аз ҳайвонот] як ҷуфт [нар ва мода] дар он [киштӣ] савор кун ва [ҳамчунин] хонадонатро, ба ҷуз касе, ки ваъда [-и ҳалок] қаблан бар ӯ муқаррар шудааст ва [низ] касонеро, ки имон овардаанд [низ савор кун]».Ва ҷуз иддаи андаке ҳамроҳи ӯ имон наоварда буданд

۞وَقَالَ ٱرْكَبُوا۟ فِيهَا بِسْمِ ٱللَّهِ مَجْرِىٰهَا وَمُرْسَىٰهَآ ۚ إِنَّ رَبِّى لَغَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٤١﴾

41. [Нуҳ] Гуфт: «Дар он [киштӣ] савор шавед. Ҳаракат ва таваққуфаш ба ном [-у хости] Аллоҳ таоло аст. Бе тардид, Парвардигорам омурзандаву меҳрубон аст»

وَهِيَ تَجْرِي بِهِمْ فِي مَوْجٍ كَٱلْجِبَالِ وَنَادَىٰ نُوحٌ ٱبْنَهُۥ وَكَانَ فِي مَعْزِلٍ يَٰبُنَيَّ ٱرْكَب مَّعَنَا وَلَا تَكُن مَّعَ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٤٢﴾

42. Ва он [киштӣ] ононро дар миёни амвоҷи кӯҳпайкаре [пеш] мебурд ва Нуҳ писарашро, ки дар каноре [истода] буд, садо зад: «Писарам, бо мо савор шав ва ҳамроҳи кофирон мабош»

قَالَ سَـَٔاوِيٓ إِلَىٰ جَبَلٍ يَعْصِمُنِي مِنَ ٱلْمَآءِ ۚ قَالَ لَا عَاصِمَ ٱلْيَوْمَ مِنْ أَمْرِ ٱللَّهِ إِلَّا مَن رَّحِمَ ۚ وَحَالَ بَيْنَهُمَا ٱلْمَوْجُ فَكَانَ مِنَ ٱلْمُغْرَقِينَ ﴿٤٣﴾

43. [Писари Нуҳ] Гуфт: «Ба кӯҳе паноҳ хоҳам бурд, ки аз об ҳифзам кунад». [Нуҳ] Гуфт: «Имрӯз ҳеҷ нигаҳдорандае дар баробари фармони Аллоҳ таоло нест, магар касе, ки [Аллоҳ таоло] ба ӯ раҳм кунад».Ва[-ле ногоҳ] мавҷ дар миёни он ду фосила андохт, пас, [вай низ] аз ғарқшудагон гардид

وَقِيلَ يَٰٓأَرْضُ ٱبْلَعِي مَآءَكِ وَيَٰسَمَآءُ أَقْلِعِي وَغِيضَ ٱلْمَآءُ وَقُضِيَ ٱلْأَمْرُ وَٱسْتَوَتْ عَلَى ٱلْجُودِيِّ ۖ وَقِيلَ بُعْدًا لِّلْقَوْمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٤٤﴾

44. Ва гуфта шуд: «Эй замин, обатро фурӯ бар ва эй осмон [аз боридан] боз ист ва об фурӯ нишаст ва кор ба анҷом расид ва [киштӣ] бар [кӯҳи] Ҷудӣ қарор гирифт ва гуфта шуд: «Дурӣ [аз раҳмати илоҳӣ] бар гурӯҳи ситамгорон бод»!

وَنَادَىٰ نُوحٌ رَّبَّهُۥ فَقَالَ رَبِّ إِنَّ ٱبْنِي مِنْ أَهْلِي وَإِنَّ وَعْدَكَ ٱلْحَقُّ وَأَنتَ أَحْكَمُ ٱلْحَٰكِمِينَ ﴿٤٥﴾

45. Ва Нуҳ Парвардигорашро нидо доду гуфт: «Парвардигоро, писарам аз хонадони ман аст ва бе гумон, ваъдаи Ту [дар бораи наҷоти хонадонам] ҳақ аст ва Ту беҳтарин доварӣ»

قَالَ يَٰنُوحُ إِنَّهُۥ لَيْسَ مِنْ أَهْلِكَ ۖ إِنَّهُۥ عَمَلٌ غَيْرُ صَٰلِحٍ ۖ فَلَا تَسْـَٔلْنِ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِۦ عِلْمٌ ۖ إِنِّيٓ أَعِظُكَ أَن تَكُونَ مِنَ ٱلْجَٰهِلِينَ ﴿٤٦﴾

46. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Эй Нуҳ, дар ҳақиқат, ӯ аз хонадони ту нест. [Кирдори] Ӯ кирдори ношоиста аст. Пас, чизеро, ки ба он дониш надорӣ, аз Ман маҳоҳ. Ман туро панд медиҳам, ки мабодо аз ҷоҳилон бошӣ»

قَالَ رَبِّ إِنِّيٓ أَعُوذُ بِكَ أَنْ أَسْـَٔلَكَ مَا لَيْسَ لِي بِهِۦ عِلْمٌ ۖ وَإِلَّا تَغْفِرْ لِي وَتَرْحَمْنِيٓ أَكُن مِّنَ ٱلْخَٰسِرِينَ ﴿٤٧﴾

47. [Нуҳ] Гуфт: «Парвардигоро, ман ба Ту паноҳ мебарам, ки аз Ту чизе бихоҳам, ки ба он донише надорам ва агар маро набахшӣ ва бар ман раҳм накунӣ, аз зиёнкоронам»

قِيلَ يَٰنُوحُ ٱهْبِطْ بِسَلَٰمٍ مِّنَّا وَبَرَكَٰتٍ عَلَيْكَ وَعَلَىٰٓ أُمَمٍ مِّمَّن مَّعَكَ ۚ وَأُمَمٌ سَنُمَتِّعُهُمْ ثُمَّ يَمَسُّهُم مِّنَّا عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٤٨﴾

48. Гуфта шуд: «Эй Нуҳ, бо [амнияту] саломат аз ҷониби Мо ва [низ ҳамроҳ бо] баракатҳои [фаровон] бар ту ва бар гурӯҳҳое, ки ҳамроҳат ҳастанд, [бар замин] фуруд о ва гурӯҳҳое [низ] ҳастанд, ки ба зудӣ ононро [аз неъматҳо] баҳраманд месозем, сипас азоби дардноке аз сӯйи Мо ба онон хоҳад расид»

تِلْكَ مِنْ أَنۢبَآءِ ٱلْغَيْبِ نُوحِيهَآ إِلَيْكَۖ مَا كُنتَ تَعْلَمُهَآ أَنتَ وَلَا قَوْمُكَ مِن قَبْلِ هَٰذَاۛ فَٱصْبِرْۖ إِنَّ ٱلْعَٰقِبَةَ لِلْمُتَّقِينَ ﴿٤٩﴾

49. [Эй паёмбар] Инҳо аз хабарҳои ғайб аст, ки онро ба ту ваҳй мекунем. На ту онҳоро пеш аз ин медонистӣ ва на қавмат, пас,[бар озорашон] шикебоӣ кун. Яқинан, оқибати [наку] аз они парҳезгорон аст

وَإِلَىٰ عَادٍ أَخَاهُمْ هُودًاۚ قَالَ يَٰقَوْمِ ٱعْبُدُواْ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَٰهٍ غَيْرُهُۥٓۖ إِنْ أَنتُمْ إِلَّا مُفْتَرُونَ ﴿٥٠﴾

50. Ва ба сӯйи қавми Од бародарашон Ҳудро [фиристодем, ки] гуфт: «Эй қавми ман, Аллоҳро бипарастед, ки маъбуд [-и барҳақ]-е ҷуз Ӯ надоред [ва] шумо [дар ширк ба Аллоҳ таоло] дурӯғбофоне беш нестед

يَٰقَوْمِ لَآ أَسْـَٔلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْرًاۖ إِنْ أَجْرِيَ إِلَّا عَلَى ٱلَّذِى فَطَرَنِىٓۚ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ﴿٥١﴾

51. «Эй қавми ман, барои [расонидани] ин [даъват] аз шумо подоше наметалабам. Подоши ман танҳо бар [уҳдаи] касест, ки маро офарид. Оё намеандешед?

وَيَٰقَوْمِ ٱسْتَغْفِرُواْ رَبَّكُمْ ثُمَّ تُوبُوٓاْ إِلَيْهِ يُرْسِلِ ٱلسَّمَآءَ عَلَيْكُم مِّدْرَارًا وَيَزِدْكُمْ قُوَّةً إِلَىٰ قُوَّتِكُمْ وَلَا تَتَوَلَّوْاْ مُجْرِمِينَ ﴿٥٢﴾

52. Ва эй қавми ман, аз Парвардигоратон талаби омурзиш кунед, сипас ба сӯйи Ӯ бозгардед [ва тавба кунед], то [борони] осмонро паёпай бар шумо бифиристад ва неруе бар неруятон биафзояд ва гунаҳкорона [аз ҳақ] рӯй нагардонед»

قَالُواْ يَٰهُودُ مَا جِئْتَنَا بِبَيِّنَةٍ وَمَا نَحْنُ بِتَارِكِىٓ ءَالِهَتِنَا عَن قَوْلِكَ وَمَا نَحْنُ لَكَ بِمُؤْمِنِينَ ﴿٥٣﴾

53. Онон гуфтанд: «Эй Ҳуд, бароямон далели равшане наовардаӣ ва мо ба [хотири] гуфтори ту маъбудонамонро раҳо намекунем ва ба ту имон намеоварем

إِن نَّقُولُ إِلَّا ٱعْتَرَىٰكَ بَعْضُ ءَالِهَتِنَا بِسُوٓءٍۗ قَالَ إِنِّىٓ أُشْهِدُ ٱللَّهَ وَٱشْهَدُوٓاْ أَنِّى بَرِىٓءٌ مِّمَّا تُشْرِكُونَ ﴿٥٤﴾

54. [Мо чизе] Ҷуз ин намегӯем, ки бархе аз маъбудонамон ба ту газанде расондаанд [ва девона шудаӣ]». [Ҳуд] Гуфт: «Аллоҳро гувоҳ мегирам ва шумо [низ] гувоҳ бошед, ки ман аз он чи [ба Аллоҳ таоло] шарик қарор медиҳед, безорам

مِن دُونِهِۦ فَكِيدُونِى جَمِيعًا ثُمَّ لَا تُنظِرُونِ ﴿٥٥﴾

55. Пас, ҳамагӣ дар бораи ман найранг кунед ва муҳлатам надиҳед

إِنِّى تَوَكَّلْتُ عَلَى ٱللَّهِ رَبِّى وَرَبِّكُمْۚ مَّا مِن دَآبَّةٍ إِلَّا هُوَ ءَاخِذٌۢ بِنَاصِيَتِهَآۚ إِنَّ رَبِّى عَلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿٥٦﴾

56. Ман бар Аллоҳ таоло, ки Парвардигори ману шумост, таваккал кардам. Ҳеҷ ҷунбандае нест, магар ин ки дар зери қудрат ва фармонравоии Ӯст. Бе тардид, Парвардигорам бар роҳи рост аст

فَإِن تَوَلَّوْاْ فَقَدْ أَبْلَغْتُكُم مَّآ أُرْسِلْتُ بِهِۦٓ إِلَيْكُمْۚ وَيَسْتَخْلِفُ رَبِّي قَوْمًا غَيْرَكُمْ وَلَا تَضُرُّونَهُۥ شَيْـًٔاۚ إِنَّ رَبِّي عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ حَفِيظٌ ﴿٥٧﴾

57. Пас, агар рӯй бигардонед, [бидонед, ки] ман яқинан, он чиро, ки ба хотираш ба сӯйи шумо фиристода шудаам ба шумо расонидам ва Парвардигори ман, қавме ғайр аз шуморо ҷонишинатон мекунад ва шумо наметавонед ҳеҷ зиёне ба Ӯ бирасонед, [чароки] бе тардид, Парвардигорам бар ҳар чиз нигаҳбон аст»

وَلَمَّا جَآءَ أَمْرُنَا نَجَّيْنَا هُودًا وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥ بِرَحْمَةٍ مِّنَّا وَنَجَّيْنَٰهُم مِّنْ عَذَابٍ غَلِيظٍ ﴿٥٨﴾

58. Ва ҳангоме ки фармони [азоби] Мо фаро расид, Ҳуд ва касонеро, ки ҳамроҳаш имон оварда буданд, ба раҳмате аз [ҷониби] хеш наҷот додем ва ононро аз азоби сахт раҳонидем

وَتِلْكَ عَادٌ جَحَدُواْ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِمْ وَعَصَوْاْ رُسُلَهُۥ وَٱتَّبَعُوٓاْ أَمْرَ كُلِّ جَبَّارٍ عَنِيدٍ ﴿٥٩﴾

59. Ва ин [қавми] Од буданд, ки оёти Парвардигорашонро инкор карданд ва аз паёмбаронаш нофармонӣ намуданд ва аз фармони ҳар саркаши ситезагаре пайравӣ карданд

وَأُتْبِعُواْ فِي هَٰذِهِ ٱلدُّنْيَا لَعْنَةً وَيَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِۗ أَلَآ إِنَّ عَادًا كَفَرُواْ رَبَّهُمْۗ أَلَا بُعْدًا لِّعَادٍ قَوْمِ هُودٍ ﴿٦٠﴾

60. Ва дар ин дунё ва рӯзи қиёмат [низ] лаънате ба дунболашон равон аст. Огоҳ бошед! Қавми Од ба Парвардигорашон куфр варзиданд. Ҳон! Од - қавми Ҳуд [аз раҳмати илоҳӣ] дур бод!

۞وَإِلَىٰ ثَمُودَ أَخَاهُمْ صَٰلِحًاۚ قَالَ يَٰقَوْمِ ٱعْبُدُواْ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَٰهٍ غَيْرُهُۥۖ هُوَ أَنشَأَكُم مِّنَ ٱلْأَرْضِ وَٱسْتَعْمَرَكُمْ فِيهَا فَٱسْتَغْفِرُوهُ ثُمَّ تُوبُوٓاْ إِلَيْهِۚ إِنَّ رَبِّي قَرِيبٌ مُّجِيبٌ ﴿٦١﴾

61. Ва ба сӯйи [қавми] Самуд бародарашон Солеҳро [фиристодем]. Ӯ гуфт: «Эй қавми ман Аллоҳро бипарастед, ки ҷуз Ӯ маъбуде [бар ҳақ] надоред. Ӯ шуморо аз замин падид овард ва ободонии онро ба шумо вогузошт, пас, аз Ӯ омурзиш биталабед, сипас ба сӯяш бозгардед [ва тавба кунед]. Бе тардид, Парвардигорам наздик [ва] иҷобатгар аст»

قَالُواْ يَٰصَٰلِحُ قَدْ كُنتَ فِينَا مَرْجُوًّا قَبْلَ هَٰذَآۖ أَتَنْهَىٰنَآ أَن نَّعْبُدَ مَا يَعْبُدُ ءَابَآؤُنَا وَإِنَّنَا لَفِي شَكٍّ مِّمَّا تَدْعُونَآ إِلَيْهِ مُرِيبٍ ﴿٦٢﴾

62. Онон гуфтанд: «Эй Солеҳ, пеш аз ин ту миёни мо мояи умедворӣ будӣ. Оё моро аз парастиши он чи падаронамон мепарастиданд, бозмедорӣ? Ва ба ростӣ, мо аз он чи ба сӯяш даъватамон мекунӣ, сахт тардид дорем»

قَالَ يَٰقَوْمِ أَرَءَيْتُمْ إِن كُنتُ عَلَىٰ بَيِّنَةٍ مِّن رَّبِّي وَءَاتَىٰنِي مِنْهُ رَحْمَةً فَمَن يَنصُرُنِي مِنَ ٱللَّهِ إِنْ عَصَيْتُهُۥۖ فَمَا تَزِيدُونَنِي غَيْرَ تَخْسِيرٍ ﴿٦٣﴾

63. [Солеҳ] Гуфт: «Эй қавми ман, ба ман бигӯед,[ки] агар аз сӯйи Парвардигорам далел [-у муъҷизаи] ошкоре дошта бошам ва Ӯ аз ҷониби хеш ба

ман раҳмате [нубувват] бахшида бошад, пас, агар аз Ӯ нофармонӣ кунам, чи касе маро дар баробари Аллоҳ таоло ёрӣ мекунад? Пас, шумо ҷуз зиёнкорӣ [чизе] бар ман намеафзоед

وَيَٰقَوۡمِ هَٰذِهِۦ نَاقَةُ ٱللَّهِ لَكُمۡ ءَايَةٗۖ فَذَرُوهَا تَأۡكُلۡ فِيٓ أَرۡضِ ٱللَّهِۖ وَلَا تَمَسُّوهَا بِسُوٓءٖ فَيَأۡخُذَكُمۡ عَذَابٞ قَرِيبٞ ٦٤

64. Эй қавми ман, ин модашутури Аллоҳ таоло аст, ки барои шумо нишонаест [бар дурустии даъватам], пас, бигзоред, то дар замини Аллоҳ таоло бичарад ва озоре ба ӯ нарасонед, ки [дар ғайри ин сурат] азобе зудрас шуморо фаро мегирад»

فَعَقَرُوهَا فَقَالَ تَمَتَّعُواْ فِي دَارِكُمۡ ثَلَٰثَةَ أَيَّامٖۖ ذَٰلِكَ وَعۡدٌ غَيۡرُ مَكۡذُوبٖ ٦٥

65. Пас, он [модашутур]-ро пай (захми) карданд, он гоҳ [Солеҳ ба онон] гуфт: «Се рӯз дар хонаҳоятон [аз неъматҳои дунё] баҳраманд гардед [ва пас аз он азоб хоҳад омад]. Ин ваъдаест, ки дурӯғ нахоҳад буд»

فَلَمَّا جَآءَ أَمۡرُنَا نَجَّيۡنَا صَٰلِحٗا وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥ بِرَحۡمَةٖ مِّنَّا وَمِنۡ خِزۡيِ يَوۡمِئِذٍۗ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ ٱلۡقَوِيُّ ٱلۡعَزِيزُ ٦٦

66. Пас, чун фармони [азоб]-и мо фаро расид, Солеҳ ва касонеро, ки ҳамроҳаш имон оварда буданд, ба раҳмате аз [ҷониби] хеш аз [азобу] расвоии он рӯз наҷот додем. Бе гумон, Парвардигорат ҳамон тавонманди шикастнопазир аст

وَأَخَذَ ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ ٱلصَّيۡحَةُ فَأَصۡبَحُواْ فِي دِيَٰرِهِمۡ جَٰثِمِينَ ٦٧

67. Ва касонеро, ки ситам карда буданд, бонг [-и маргбор]-е фаро гирифт, пас, дар ҷойи хеш ба рӯ афтоданд ва ҳалок шуданд

كَأَن لَّمۡ يَغۡنَوۡاْ فِيهَآۗ أَلَآ إِنَّ ثَمُودَاْ كَفَرُواْ رَبَّهُمۡۗ أَلَا بُعۡدٗا لِّثَمُودَ ٦٨

68. Чунончи гӯӣ дар он [диёр] набудаанд. Огоҳ бошед! [Қавми] Самуд ба Парвардигорашон куфр варзиданд. Ҳон! Самуд [аз раҳмати илоҳӣ] дур бод!

وَلَقَدۡ جَآءَتۡ رُسُلُنَآ إِبۡرَٰهِيمَ بِٱلۡبُشۡرَىٰ قَالُواْ سَلَٰمٗاۖ قَالَ سَلَٰمٞۖ فَمَا لَبِثَ أَن جَآءَ بِعِجۡلٍ حَنِيذٖ ٦٩

69. Ба ростӣ, фиристодагони Мо бо башорати [таваллуди фарзанд] назди Иброҳим омаданд,[ва] гуфтанд: «Салом [бар ту]». [Ӯ низ дар посух] Гуфт: «Салом [бар шумо]» ва дере напоид, ки [Иброҳим барояшон] гӯсолае бирён овард

فَلَمَّا رَءَآ أَيۡدِيَهُمۡ لَا تَصِلُ إِلَيۡهِ نَكِرَهُمۡ وَأَوۡجَسَ مِنۡهُمۡ خِيفَةٗۚ قَالُواْ لَا تَخَفۡ إِنَّآ أُرۡسِلۡنَآ إِلَىٰ قَوۡمِ لُوطٖ ٧٠

70. Пас, чун дид ба сӯйи он [ғизо] даст намебаранд [ва чизе намехӯранд], бо онон эҳсоси бегонагӣ

кард ва [аз бими он ки қасди қатлашро дошта бошанд] аз онон тарсе ба дил гирифт. [Фариштагон] Гуфтанд: «Натарс, мо ба сӯйи қавми Лут фиристода шудаем»

وَٱمۡرَأَتُهُۥ قَآئِمَةٞ فَضَحِكَتۡ فَبَشَّرۡنَٰهَا بِإِسۡحَٰقَ وَمِن وَرَآءِ إِسۡحَٰقَ يَعۡقُوبَ ٧١

71. Ва ҳамсараш [Сора, ки пушти парда] истода буд, [аз шунидани хабари таваллуди фарзанд] хандид, он гоҳ ӯро ба Исҳоқ ва пас аз ӯ ба Яъқуб башорат додем

قَالَتۡ يَٰوَيۡلَتَىٰٓ ءَأَلِدُ وَأَنَا۠ عَجُوزٞ وَهَٰذَا بَعۡلِي شَيۡخًاۖ إِنَّ هَٰذَا لَشَيۡءٌ عَجِيبٞ ٧٢

72. [Сора] Гуфт: «Эй вой бар ман! Оё дар ҳоле ки худам пиразанам ва ин шавҳарам пирамарде [фартут] аст, фарзанд мезоям? Ба ростӣ, ин чизе шигифтовар аст

قَالُوٓاْ أَتَعۡجَبِينَ مِنۡ أَمۡرِ ٱللَّهِۖ رَحۡمَتُ ٱللَّهِ وَبَرَكَٰتُهُۥ عَلَيۡكُمۡ أَهۡلَ ٱلۡبَيۡتِۚ إِنَّهُۥ حَمِيدٞ مَّجِيدٞ ٧٣

73. [Фариштагон] Гуфтанд: «Оё аз фармони Аллоҳ таоло тааҷҷуб мекунӣ? Раҳмати Аллоҳ таоло ва баракоташ бар шумо ва аҳли хона бод! Бе тардид, Ӯ сутудае бузургвор аст»

فَلَمَّا ذَهَبَ عَنۡ إِبۡرَٰهِيمَ ٱلرَّوۡعُ وَجَآءَتۡهُ ٱلۡبُشۡرَىٰ يُجَٰدِلُنَا فِي قَوۡمِ لُوطٍ ٧٤

74. Пас, чун тарс аз [дили] Иброҳим [берун] рафт ва башорати [таваллуди фарзанд] ба ӯ расид, дар бораи [таъхири азоб ё наҷоти муъминони] қавми Лут бо мо баҳс [ва ба чуну чаро] пардохт

إِنَّ إِبۡرَٰهِيمَ لَحَلِيمٌ أَوَّٰهٞ مُّنِيبٞ ٧٥

75. Ба ростӣ, ки Иброҳим бурдбору бисёрниёишгар ва бозоянда [ба даргоҳи Мо] буд

يَٰٓإِبۡرَٰهِيمُ أَعۡرِضۡ عَنۡ هَٰذَآۖ إِنَّهُۥ قَدۡ جَآءَ أَمۡرُ رَبِّكَۖ وَإِنَّهُمۡ ءَاتِيهِمۡ عَذَابٌ غَيۡرُ مَرۡدُودٖ ٧٦

76. [Фариштагон гуфтанд] «Эй Иброҳим, аз ин [сухан] бигзар, [чаро ки] ба ростӣ, фармони [азоби] Парвардигорат фаро расидааст ва мусалламан, азобе бозгаштнопазир бароямон хоҳад омад»

وَلَمَّا جَآءَتۡ رُسُلُنَا لُوطٗا سِيٓءَ بِهِمۡ وَضَاقَ بِهِمۡ ذَرۡعٗا وَقَالَ هَٰذَا يَوۡمٌ عَصِيبٞ ٧٧

77. Ва чун фиристодагони Мо назди Лут омаданд, аз [тасаввури бешармии қавмаш нисбат ба] онон нигарон ва дилтанг шуд ва гуфт: «Имрӯз рӯзи бисёр сахтест»

وَجَآءَهُۥ قَوۡمُهُۥ يُهۡرَعُونَ إِلَيۡهِ وَمِن قَبۡلُ كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٱلسَّيِّـَٔاتِۚ قَالَ يَٰقَوۡمِ هَٰٓؤُلَآءِ بَنَاتِي هُنَّ أَطۡهَرُ لَكُمۡۖ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُخۡزُونِ

78. Ва қавми ӯ шитобон [ба қасди комчӯӣ аз меҳмонони Лут] ба [хонаи] ӯ ҳуҷум оварданд,

فِي ضَيۡفِيٓۖ أَلَيۡسَ مِنكُمۡ رَجُلٞ رَّشِيدٞ ٧٨

дар ҳоле ки пеш аз он [низ] муртакиби корҳои зиште мешуданд. [Лут]Гуфт: «Эй қавми ман, инҳо духтарони [уммати] ман ҳастанд; [бо эшон издивоҷ кунед]. Онон барои шумо покизатаранд, пас, аз Аллоҳ таоло битарсед ва маро дар [муқобили] меҳмононам шармсор накунед. Оё байни шумо марди хирадманде нест [ки шуморо аз ин кор боздорад]»?

قَالُواْ لَقَدۡ عَلِمۡتَ مَا لَنَا فِي بَنَاتِكَ مِنۡ حَقّٖ وَإِنَّكَ لَتَعۡلَمُ مَا نُرِيدُ ٧٩

79. Онон гуфтанд: «Ту худ медонӣ, ки мо ба духтарони [уммати] ту ниёзе надорем ва хуб медонӣ, ки мо чи мехоҳем»

قَالَ لَوۡ أَنَّ لِي بِكُمۡ قُوَّةً أَوۡ ءَاوِيٓ إِلَىٰ رُكۡنٖ شَدِيدٖ ٨٠

80. [Лут] Гуфт: «Кош, дар баробари шумо қудрате доштам ё метавонистам ба такягоҳи устуворе [ҳамчун хонавода ва қабилаам] паноҳ бибарам»

قَالُواْ يَٰلُوطُ إِنَّا رُسُلُ رَبِّكَ لَن يَصِلُوٓاْ إِلَيۡكَۖ فَأَسۡرِ بِأَهۡلِكَ بِقِطۡعٖ مِّنَ ٱلَّيۡلِ وَلَا يَلۡتَفِتۡ مِنكُمۡ أَحَدٌ إِلَّا ٱمۡرَأَتَكَۖ إِنَّهُۥ مُصِيبُهَا مَآ أَصَابَهُمۡۚ إِنَّ مَوۡعِدَهُمُ ٱلصُّبۡحُۚ أَلَيۡسَ ٱلصُّبۡحُ بِقَرِيبٖ ٨١

81. [Фариштагон] Гуфтанд: «Эй Лут, мо фиристодагони Парвардигорат ҳастем. Онон ҳаргиз ба ту даст намеёбанд, пас, вақте посе аз шаб гузарад, хонаводаатро [аз ин шаҳр берун] бибар ва ҳеҷ як аз шумо ба пушти сар нигоҳ накунад, магар ҳамсарат, ки он чи [аз азоб], ки ба онон мерасад, ҳатман, ба ӯ [низ] хоҳад расид. Дар ҳақиқат, ваъдагоҳашон субҳ аст. Оё субҳ наздик нест?»

فَلَمَّا جَآءَ أَمۡرُنَا جَعَلۡنَا عَٰلِيَهَا سَافِلَهَا وَأَمۡطَرۡنَا عَلَيۡهَا حِجَارَةٗ مِّن سِجِّيلٖ مَّنضُودٖ ٨٢

82. Пас, чун фармони Мо фаро расид, он [сарзамин]-ро зерурӯ кардем ва бар онон санггилҳое паёпай боридем

مُّسَوَّمَةً عِندَ رَبِّكَۖ وَمَا هِيَ مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ بِبَعِيدٖ ٨٣

83. [Сангҳое, ки] Назди Парвардигорат нишондор буд ва ин [азоби дарднок] аз ситамгорони [дигар, аз ҷумла Қурайш] дур нест

وَإِلَىٰ مَدۡيَنَ أَخَاهُمۡ شُعَيۡبٗاۚ قَالَ يَٰقَوۡمِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنۡ إِلَٰهٍ غَيۡرُهُۥۖ وَلَا تَنقُصُواْ ٱلۡمِكۡيَالَ وَٱلۡمِيزَانَۖ إِنِّيٓ أَرَىٰكُم بِخَيۡرٖ وَإِنِّيٓ أَخَافُ عَلَيۡكُمۡ عَذَابَ يَوۡمٖ مُّحِيطٖ ٨٤

84. Ва ба сӯйи [қавми] Мадян бародарашон Шуайбро [фиристодем]. Ӯ гуфт: «Эй қавми ман, Аллоҳро бипарастед, ки ба ҷуз ӯ маъбуде [бар ҳақ] надоред ва паймона ва мизонро кам накунед. Ба ростӣ, шуморо дар неъмат мебинем, ва[ле] аз азоби рӯзи фарогир бар шумо метарсам

وَيَٰقَوۡمِ أَوۡفُواْ ٱلۡمِكۡيَالَ وَٱلۡمِيزَانَ بِٱلۡقِسۡطِۖ وَلَا تَبۡخَسُواْ ٱلنَّاسَ أَشۡيَآءَهُمۡ وَلَا تَعۡثَوۡاْ فِي ٱلۡأَرۡضِ مُفۡسِدِينَ ٨٥

85. Ва эй қавми ман, паймона ва мизонро бо адолат тамом [-у комил] бидиҳед ва колоҳои мардумро кам надиҳед ва дар замин ба фасод [-у гуноҳ]накӯшед

بَقِيَّتُ ٱللَّهِ خَيۡرٞ لَّكُمۡ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَۚ وَمَآ أَنَا۠ عَلَيۡكُم بِحَفِيظٖ ٨٦

86. Агар имон дошта бошед, он чи Аллоҳ таоло [пас аз таҳвили комили паймона аз касби ҳалол] бароятон боқӣ мегузорад, беҳтар аст ва ман бар шумо нигаҳбон нестам»

قَالُواْ يَٰشُعَيۡبُ أَصَلَوٰتُكَ تَأۡمُرُكَ أَن نَّتۡرُكَ مَا يَعۡبُدُ ءَابَآؤُنَآ أَوۡ أَن نَّفۡعَلَ فِيٓ أَمۡوَٰلِنَا مَا نَشَٰٓؤُاْۖ إِنَّكَ لَأَنتَ ٱلۡحَلِيمُ ٱلرَّشِيدُ ٨٧

87. Онон гуфтанд: «Эй Шуайб, оё намозат туро бар он медорад, ки [ба мо амр кунӣ, то] даст аз он чи падаронамон мепарстиданд, бардорем ё дар амволамон ҳар коре, ки мехоҳем, накунем? Ту, ки бурдбор [ва] хирадмандӣ [пас, чаро чунин мегӯӣ]?»

قَالَ يَٰقَوۡمِ أَرَءَيۡتُمۡ إِن كُنتُ عَلَىٰ بَيِّنَةٖ مِّن رَّبِّي وَرَزَقَنِي مِنۡهُ رِزۡقًا حَسَنٗاۚ وَمَآ أُرِيدُ أَنۡ أُخَالِفَكُمۡ إِلَىٰ مَآ أَنۡهَىٰكُمۡ عَنۡهُۚ إِنۡ أُرِيدُ إِلَّا ٱلۡإِصۡلَٰحَ مَا ٱسۡتَطَعۡتُۚ وَمَا تَوۡفِيقِيٓ إِلَّا بِٱللَّهِۚ عَلَيۡهِ تَوَكَّلۡتُ وَإِلَيۡهِ أُنِيبُ ٨٨

88. [Шуайб] Гуфт: «Эй қавми ман, ба ман бигӯед, [ки] агар аз сӯйи Парвардигорам далел [-у муъчизаи] ошкоре дошта бошам ва аз ҷониби хеш рӯзии накуе ба ман ато карда бошад [он гоҳ чи мекунед]? Ва ман намехоҳам дар он чи шуморо аз он бозмедорам, бо шумо мухолифат кунам [вале худ анҷомаш диҳам]. То он ҷо дар тавон дорам, ҷуз ислоҳ намехоҳам ва тавфиқи ман танҳо ба [лутфу хости] Худост, бар Ӯ таваккал кардам ва ба сӯйи Ӯ бозмегардам

وَيَٰقَوۡمِ لَا يَجۡرِمَنَّكُمۡ شِقَاقِيٓ أَن يُصِيبَكُم مِّثۡلُ مَآ أَصَابَ قَوۡمَ نُوحٍ أَوۡ قَوۡمَ هُودٍ أَوۡ قَوۡمَ صَٰلِحٖۚ وَمَا قَوۡمُ لُوطٖ مِّنكُم بِبَعِيدٖ ٨٩

89. Ва эй қавми ман, душманӣ [ва мухолифат] бо ман сабаб нашавад, ки ҳаммонанди он чи ки ба қавми Нуҳ ё қавми Ҳуд ё қавми Солеҳ расид, ба шумо [низ] бирасад ва [ба хусус азоби] қавми Лут [ки аз лиҳози замону макон] чандон аз шумо дур нест

وَٱسۡتَغۡفِرُواْ رَبَّكُمۡ ثُمَّ تُوبُوٓاْ إِلَيۡهِۚ إِنَّ رَبِّي رَحِيمٞ وَدُودٞ ٩٠

90. Ва аз Парвардигоратон омурзиш бихоҳед, сипас ба сӯйи Ӯ бозгардед [ва тавба кунед, ки] бе тардид, Парвардигорам меҳрубон [ва] дӯстдор [-и тавбакунандагон] аст

قَالُواْ يَٰشُعَيۡبُ مَا نَفۡقَهُ كَثِيرٗا مِّمَّا تَقُولُ وَإِنَّا لَنَرَىٰكَ فِينَا ضَعِيفٗاۖ وَلَوۡلَا رَهۡطُكَ لَرَجَمۡنَٰكَۖ وَمَآ أَنتَ عَلَيۡنَا بِعَزِيزٖ ٩١

91. Онон гуфтанд: «Эй Шуайб, бисёре аз он чиро, ки мегӯӣ, намефаҳмем ва яқинан туро

дар миёни ҳуд нотавон мебинем ва агар [эҳтироми] қабилаат намебуд, мусалламан, сангсорат мекардем ва ту назди мо тавонманд [гаронқадр] нестӣ»

قَالَ يَٰقَوۡمِ أَرَهۡطِيٓ أَعَزُّ عَلَيۡكُم مِّنَ ٱللَّهِۖ وَٱتَّخَذۡتُمُوهُ وَرَآءَكُمۡ ظِهۡرِيًّاۖ إِنَّ رَبِّي بِمَا تَعۡمَلُونَ مُحِيطٞ ٩٢

92. [Шуайб] Гуфт: «Эй қавми ман, оё қабилаам назди шумо гиромитар аз Аллоҳ таоло аст, ки [фармони] Ӯро [фаромӯш кардед ва] пушти сари хеш андохтаед. Бе тардид, Парвардигорам ба он чи анҷом медиҳед, иҳота дорад

وَيَٰقَوۡمِ ٱعۡمَلُواْ عَلَىٰ مَكَانَتِكُمۡ إِنِّي عَٰمِلٞۖ سَوۡفَ تَعۡلَمُونَ مَن يَأۡتِيهِ عَذَابٞ يُخۡزِيهِ وَمَنۡ هُوَ كَٰذِبٞۖ وَٱرۡتَقِبُوٓاْ إِنِّي مَعَكُمۡ رَقِيبٞ ٩٣

93. Ва эй қавми ман, шумо ба равиши ҳуд амал кунед, ман низ [ба равиши ҳуд] амал мекунам. Ба зудӣ хоҳед донист, ки азоби расвокунанда бар чи касе фуруд меояд ва дурӯғгӯ кист. Шумо мунтазир бошед ва ман [низ] бо шумо дар интизорам»

وَلَمَّا جَآءَ أَمۡرُنَا نَجَّيۡنَا شُعَيۡبٗا وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥ بِرَحۡمَةٖ مِّنَّا وَأَخَذَتِ ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ ٱلصَّيۡحَةُ فَأَصۡبَحُواْ فِي دِيَٰرِهِمۡ جَٰثِمِينَ ٩٤

94. Ва чун фармони Мо фаро расид, Шуайб ва касонеро, ки ҳамроҳаш имон оварда буданд, ба раҳмате аз [ҷониби] хеш наҷот додем ва касонеро, ки ситам карданд, бонге [маргбор] фаро гирифт, пас, дар ҷойи ҳуд ба рӯ афтоданд ва ҳалок шуданд;

كَأَن لَّمۡ يَغۡنَوۡاْ فِيهَآۗ أَلَا بُعۡدٗا لِّمَدۡيَنَ كَمَا بَعِدَتۡ ثَمُودُ ٩٥

95. Чунон [мурданд] ки гӯӣ ҳаргиз дар он [диёр] набуданд. Ҳон! [Қавми] Мадян [аз раҳмати илоҳӣ] дур бод! Чунончи [қавми] Самуд дур шуданд

وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا مُوسَىٰ بِـَٔايَٰتِنَا وَسُلۡطَٰنٖ مُّبِينٍ ٩٦

96. Ва ба ростӣ, Мӯсоро бо оёти ҳуд ва далеле ошкор фиристодем

إِلَىٰ فِرۡعَوۡنَ وَمَلَإِيْهِۦ فَٱتَّبَعُوٓاْ أَمۡرَ فِرۡعَوۡنَۖ وَمَآ أَمۡرُ فِرۡعَوۡنَ بِرَشِيدٖ ٩٧

97. Ба сӯйи Фиръавн ва бузургон [-у ашрофи қавм]-и ӯ, пас, онон аз фармони Фиръавн пайравӣ карданд ва фармони Фиръавн дуруст [ва бихрадона] набуд

يَقۡدُمُ قَوۡمَهُۥ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ فَأَوۡرَدَهُمُ ٱلنَّارَۖ وَبِئۡسَ ٱلۡوِرۡدُ ٱلۡمَوۡرُودُ ٩٨

98. [Фиръавн] Рӯзи қиёмат пешопеши қавмаш меравад ва ононро ба оташ [-и дузах] ворид мекунад ва чи бад ҷойгоҳест, ки ба он ворид мешаванд!

وَأُتۡبِعُواْ فِي هَٰذِهِۦ لَعۡنَةٗ وَيَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۗ بِئۡسَ ٱلرِّفۡدُ ٱلۡمَرۡفُودُ ٩٩

99. Ва дар ин [дунё] ва рӯзи қиёмат, нафрин ба дунбол доранд ва чи бад армуғоне ба онон мебахшанд!

ذَٰلِكَ مِنۡ أَنۢبَآءِ ٱلۡقُرَىٰ نَقُصُّهُۥ عَلَيۡكَ مِنۡهَا قَآئِمٞ وَحَصِيدٞ ١٠٠

100. [Эй Паёмбар] Ин [бархе] аз хабарҳои он [сарзаминҳо ва] шаҳрҳост, ки онҳоро бароят бозгӯ мекунем, бархе аз онҳо [ҳанӯз] побарҷост ва [бархе дигар] вайрон [гаштааст]

وَمَا ظَلَمۡنَٰهُمۡ وَلَٰكِن ظَلَمُواْ أَنفُسَهُمۡۖ فَمَآ أَغۡنَتۡ عَنۡهُمۡ ءَالِهَتُهُمُ ٱلَّتِي يَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مِن شَيۡءٖ لَّمَّا جَآءَ أَمۡرُ رَبِّكَۖ وَمَا زَادُوهُمۡ غَيۡرَ تَتۡبِيبٖ ١٠١

101. Ва Мо ба эшон ситам накардем, балки онон [худ] ба хештан ситам карданд, пас, ҳангоме ки фармони Парвардигорат [барои азобашон] фаро расид, маъбудонашон, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло мехонданд, суде барояшон надоштанд [ва ёриашон надоданд] ва бар онон ҷуз ҳалокат [-у табоҳӣ] наафзуданд

وَكَذَٰلِكَ أَخۡذُ رَبِّكَ إِذَآ أَخَذَ ٱلۡقُرَىٰ وَهِيَ ظَٰلِمَةٌۚ إِنَّ أَخۡذَهُۥٓ أَلِيمٞ شَدِيدٌ ١٠٢

102. Ва чунин аст бозхости Парвардигорат, ки аҳолии шаҳрҳоеро, ки ситамгор [-у мушрик] буданд, фаро мегирифт. Бе гумон, бозхости ӯ дарднок ва сахт аст

إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّمَنۡ خَافَ عَذَابَ ٱلۡأٓخِرَةِۚ ذَٰلِكَ يَوۡمٞ مَّجۡمُوعٞ لَّهُ ٱلنَّاسُ وَذَٰلِكَ يَوۡمٞ مَّشۡهُودٞ ١٠٣

103. Яқинан, дар ин [достонҳо, панд ва] нишонаест барои касе, ки аз азоби охират метарсад. Он [рӯз] рӯзест, ки мардумро барои [ҳисобрасӣ дар] он ҷамъ мекунанд ва он [рӯз] рӯзест, ки [тамоми аҳли маҳшар] онро мебинанд

وَمَا نُؤَخِّرُهُۥٓ إِلَّا لِأَجَلٖ مَّعۡدُودٖ ١٠٤

104. Ва Мо онро ҷуз то муддате муайян ба таъхир намеандозем

يَوۡمَ يَأۡتِ لَا تَكَلَّمُ نَفۡسٌ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦۚ فَمِنۡهُمۡ شَقِيّٞ وَسَعِيدٞ ١٠٥

105. Рӯзе биёяд, ки ҳеҷ кас ҷуз ба иҷозати Ӯ [Аллоҳ таоло] сухан намегӯяд, пас, бархе аз онон бадбахтанд ва [бархе дигар] некбахт

فَأَمَّا ٱلَّذِينَ شَقُواْ فَفِي ٱلنَّارِ لَهُمۡ فِيهَا زَفِيرٞ وَشَهِيقٞ ١٠٦

106. Аммо касоне, ки бадбахт шуданд, [дузахианд ва] дар оташ барояшон [бо ҳар даму боздам] фарёду нолае аст

خَٰلِدِينَ فِيهَا مَا دَامَتِ ٱلسَّمَٰوَٰتُ وَٱلۡأَرۡضُ إِلَّا مَا شَآءَ رَبُّكَۚ إِنَّ رَبَّكَ فَعَّالٞ لِّمَا يُرِيدُ ١٠٧

107. То осмонҳо ва замин [боқӣ] аст, дар он [азоб] ҷовидонанд, магар он ки Парвардигорат бихоҳад

[ки муваҳҳидони гунаҳгорро аз дузах хориҷ созад]. Бе тардид, Парвардигорат он чиро, ки бихоҳад, анҷом медиҳад

۞وَأَمَّا ٱلَّذِينَ سُعِدُواْ فَفِي ٱلۡجَنَّةِ خَٰلِدِينَ فِيهَا مَا دَامَتِ ٱلسَّمَٰوَٰتُ وَٱلۡأَرۡضُ إِلَّا مَا شَآءَ رَبُّكَۖ عَطَآءً غَيۡرَ مَجۡذُوذٖ ١٠٨

108. Ва аммо касоне, ки некбахт [ва саодатманд] шуданд, то осмонҳо ва замин [боқӣ] аст, ҷовидона дар биҳиштанд, магар он ки Парвардигорат бихоҳад [ки муваҳҳидони гунаҳгорро пеш аз вуруд ба биҳишт дар дузах муҷозот кунад. Ин неъмат] бахшише бепоён аст

فَلَا تَكُ فِي مِرۡيَةٖ مِّمَّا يَعۡبُدُ هَٰٓؤُلَآءِۚ مَا يَعۡبُدُونَ إِلَّا كَمَا يَعۡبُدُ ءَابَآؤُهُم مِّن قَبۡلُۚ وَإِنَّا لَمُوَفُّوهُمۡ نَصِيبَهُمۡ غَيۡرَ مَنقُوصٖ ١٠٩

109. Пас, аз [ботил будани] он чи инон [мушрикон] мепарастанд, дар тардид мабош. Онон ин маъбудонро намепарастанд, магар ба ҳамон шакле, ки падаронашон [низ] пештар мепарастиданд ва Мо саҳмашонро [аз азоб] бекамукост ба онон хоҳем дод

وَلَقَدۡ ءَاتَيۡنَا مُوسَى ٱلۡكِتَٰبَ فَٱخۡتُلِفَ فِيهِۚ وَلَوۡلَا كَلِمَةٞ سَبَقَتۡ مِن رَّبِّكَ لَقُضِيَ بَيۡنَهُمۡۚ وَإِنَّهُمۡ لَفِي شَكّٖ مِّنۡهُ مُرِيبٖ ١١٠

110. Ва ба ростӣ, [Мо] ба Мӯсо китоб додем, пас, дар он ихтилоф шуд. Ва агар пештар [дар мавриди муҳлат ба гунаҳгорон ва ҳисобрасӣ дар қиёмат] сухане аз ҷониби Парвардигорат баён нашуда буд, яқинан, [дар ҳамин дунё] миёнашон доварӣ мешуд [ва азоб нозил мегашт] ва ба ростӣ, ки онон [яҳудиён ва мушрикон] дар бораи [ҳаққонияти] ин [Қуръон] сахт дар тардиданд

وَإِنَّ كُلّٗا لَّمَّا لَيُوَفِّيَنَّهُمۡ رَبُّكَ أَعۡمَٰلَهُمۡۚ إِنَّهُۥ بِمَا يَعۡمَلُونَ خَبِيرٞ ١١١

111. Ва Парвардигорат [подоши] аъмоли ҳар кадомашро, ҳатман, бекаму кост хоҳад дод. Бе тардид, Ӯ ба он чи мекунанд, огоҳ аст

فَٱسۡتَقِمۡ كَمَآ أُمِرۡتَ وَمَن تَابَ مَعَكَ وَلَا تَطۡغَوۡاْۚ إِنَّهُۥ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ١١٢

112. Пас, [эй паёмбар] чунон ки фармон ёфтай, [дар баробари мушрикон] истиқомат кун ва касе, ки ҳамроҳи ту [ба пешгоҳи илоҳӣ] рӯ овардааст [низ бояд дар диндорӣ истиқомат кунад] ва саркашӣ накунед. Бе тардид, ӯ ба он чи мекунед, биност

وَلَا تَرۡكَنُوٓاْ إِلَى ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ فَتَمَسَّكُمُ ٱلنَّارُ وَمَا لَكُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ مِنۡ أَوۡلِيَآءَ ثُمَّ لَا تُنصَرُونَ ١١٣

113. Ба касоне, ки ситам карданд [кофирон] гароиш наёбед, ки [агар чунин кунед] оташи дузах

ба шумо низ хоҳад расид ва дар баробари Аллоҳ таоло [ҳеҷ] дӯсте надоред ва он гоҳ ёрӣ намешавед

وَأَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَ طَرَفَيِ ٱلنَّهَارِ وَزُلَفًا مِّنَ ٱلَّيۡلِۚ إِنَّ ٱلۡحَسَنَٰتِ يُذۡهِبۡنَ ٱلسَّيِّـَٔاتِۚ ذَٰلِكَ ذِكۡرَىٰ لِلذَّٰكِرِينَ ١١٤

114. Ва дар ду тарафи рӯз [оғоз ва поёни рӯз] ва соате аз шаб намоз бигзор. Бе тардид, некиҳо бадиҳоро аз байн мебарад. Ин [сухан] пандест барои пандпазирон

وَٱصۡبِرۡ فَإِنَّ ٱللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجۡرَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١١٥

115. Ва шикебоӣ кун,[ки] бе тардид, Аллоҳ таоло подоши накукоронро табоҳ намекунад

فَلَوۡلَا كَانَ مِنَ ٱلۡقُرُونِ مِن قَبۡلِكُمۡ أُوْلُواْ بَقِيَّةٖ يَنۡهَوۡنَ عَنِ ٱلۡفَسَادِ فِي ٱلۡأَرۡضِ إِلَّا قَلِيلٗا مِّمَّنۡ أَنجَيۡنَا مِنۡهُمۡۗ وَٱتَّبَعَ ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ مَآ أُتۡرِفُواْ فِيهِ وَكَانُواْ مُجۡرِمِينَ ١١٦

116. Пас, чаро дар миёни умматҳои пеш аз шумо, ҷуз андаке аз онон, ки [аз азоб] наҷоташон додем,[муъминон ва] хирадмандоне набуданд, ки [мардумро] аз фасод дар замин боздоранд? Ва касоне, ки ситам карданд, ба дунболи нозу неъмате, ки ёфта буданд, рафтанд ва гунаҳгор буданд

وَمَا كَانَ رَبُّكَ لِيُهۡلِكَ ٱلۡقُرَىٰ بِظُلۡمٖ وَأَهۡلُهَا مُصۡلِحُونَ ١١٧

117. Ва [суннати] Парвардигорат чунин набудааст, ки шаҳрҳоро, дар ҳоле ки сокинонаш [афроде] накукор буданд, ба ситам нобуд кунад

وَلَوۡ شَآءَ رَبُّكَ لَجَعَلَ ٱلنَّاسَ أُمَّةٗ وَٰحِدَةٗۖ وَلَا يَزَالُونَ مُخۡتَلِفِينَ ١١٨

118. Ва агар Парвардигорат мехост, [ҳамаи] мардумро як уммати [муваҳҳид ва дурусткор] қарор медод, вале [онон] ҳамвора мухталифанд

إِلَّا مَن رَّحِمَ رَبُّكَۚ وَلِذَٰلِكَ خَلَقَهُمۡۗ وَتَمَّتۡ كَلِمَةُ رَبِّكَ لَأَمۡلَأَنَّ جَهَنَّمَ مِنَ ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ أَجۡمَعِينَ ١١٩

119. Магар касоне, ки Парвардигорат ба онон раҳм кард ва барои ҳамин ононро офаридааст ва ваъдаи Парвардигорат [чунин] таҳаққуқ пазируфтааст [ки]: «Ҳатман, дузахро аз ҷинну инсон [-и гунаҳгор] анбошта хоҳам сохт»

وَكُلّٗا نَّقُصُّ عَلَيۡكَ مِنۡ أَنۢبَآءِ ٱلرُّسُلِ مَا نُثَبِّتُ بِهِۦ فُؤَادَكَۚ وَجَآءَكَ فِي هَٰذِهِ ٱلۡحَقُّ وَمَوۡعِظَةٞ وَذِكۡرَىٰ لِلۡمُؤۡمِنِينَ ١٢٠

120. Ва [эй Муҳаммад] аз ахбори паёмбарон ин ҳамаро бар ту ҳикоят мекунем, то дилатро бо онҳо субот [-у оромиш] бахшем ва дар ин [саргузаштҳо] ҳақиқат бароят омадааст ва [ин достонҳо] пандест [барои кофирон] ва тазаккурест барои муъминон

وَقُل لِّلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ ٱعۡمَلُواْ عَلَىٰ مَكَانَتِكُمۡ إِنَّا عَٰمِلُونَ ١٢١

121. Ва ба касоне, ки имон намеоваранд, бигӯ: «Шумо ба равиши худ амал кунед, мо [низ ба шеваи худ] амал мекунем

وَٱنتَظِرُوٓاْ إِنَّا مُنتَظِرُونَ ١٢٢

122. Ва мунтазир бошед, [ки] бе тардид, мо [низ] мунтазирем»

وَلِلَّهِ غَيۡبُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَإِلَيۡهِ يُرۡجَعُ ٱلۡأَمۡرُ كُلُّهُۥ فَٱعۡبُدۡهُ وَتَوَكَّلۡ عَلَيۡهِۚ وَمَا رَبُّكَ بِغَٰفِلٍ عَمَّا تَعۡمَلُونَ ١٢٣

123. Ва [огоҳӣ аз] ғайби осмонҳо ва замин, аз они Аллоҳ таоло аст ва ҳамаи корҳо ба сӯйи ӯ бозгардонда мешавад. Пас, Ӯро бипараст ва бар Ӯ таваккал кун ва Парвардигорат аз он чи мекунед,[ҳаргиз] ғофил нест

(12) Юсуф يوسف

Ҷузъи 12

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓرۚ تِلۡكَ ءَايَٰتُ ٱلۡكِتَٰبِ ٱلۡمُبِينِ ١

1. Алиф, лом, ро.[1] Ин оёти китоби равшангар аст

إِنَّآ أَنزَلۡنَٰهُ قُرۡءَٰنًا عَرَبِيّٗا لَّعَلَّكُمۡ تَعۡقِلُونَ ٢

2. Мо онро Қуръоне [ба забони] арабӣ нозил кардем, бошад, ки [дар мафоҳимаш] бияндешед

نَحۡنُ نَقُصُّ عَلَيۡكَ أَحۡسَنَ ٱلۡقَصَصِ بِمَآ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانَ وَإِن كُنتَ مِن قَبۡلِهِۦ لَمِنَ ٱلۡغَٰفِلِينَ ٣

3. [Эй Паёмбар] мо беҳтарин достонро бо ваҳй кардани ин Қуръон бар ту ҳикоят мекунем ва мусалламан, пештар ту [аз ин достонҳо] бехабар будӣ

إِذۡ قَالَ يُوسُفُ لِأَبِيهِ يَٰٓأَبَتِ إِنِّي رَأَيۡتُ أَحَدَ عَشَرَ كَوۡكَبٗا وَٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَ رَأَيۡتُهُمۡ لِي سَٰجِدِينَ ٤

4. [Ёд кун аз] ҳангоме ки Юсуф ба падараш [Яъқуб] гуфт: «Падарҷон, ман [дар хоб] ёздаҳ ситора ва хуршеду моҳ дидам. Онҳоро дидам, ки бароям саҷда мекарданд»

قَالَ يَٰبُنَيَّ لَا تَقۡصُصۡ رُءۡيَاكَ عَلَىٰٓ إِخۡوَتِكَ فَيَكِيدُواْ لَكَ كَيۡدًاۖ إِنَّ ٱلشَّيۡطَٰنَ لِلۡإِنسَٰنِ عَدُوّٞ مُّبِينٞ ٥

5. [Яъқуб] Гуфт: «Писарам, хобатро барои бародаронат бозгӯ макун, ки бароят найранге меандешанд, [чаро ки] бе тардид, шайтон душмани ошкоре барои инсон аст

وَكَذَٰلِكَ يَجۡتَبِيكَ رَبُّكَ وَيُعَلِّمُكَ مِن تَأۡوِيلِ ٱلۡأَحَادِيثِ وَيُتِمُّ نِعۡمَتَهُۥ عَلَيۡكَ وَعَلَىٰٓ ءَالِ يَعۡقُوبَ كَمَآ أَتَمَّهَا عَلَىٰٓ أَبَوَيۡكَ مِن قَبۡلُ إِبۡرَٰهِيمَ وَإِسۡحَٰقَۚ إِنَّ رَبَّكَ عَلِيمٌ حَكِيمٞ ٦

6. Парвардигорат туро ин гуна бармегузинад ва ба ту [илми] таъбири хобҳоро меомӯзад ва неъматашро бар ту ва бар хонадони Яъқуб тамом мегардонад, чунон ки пеш аз ин [низ] бар аҷдодат - Иброҳим ва Исҳоқ тамом кард. Бе тардид, Парвардигорат донову ҳаким аст»

لَّقَدۡ كَانَ فِي يُوسُفَ وَإِخۡوَتِهِۦٓ ءَايَٰتٞ لِّلسَّآئِلِينَ ٧

7. Ба ростӣ, ки дар [достони] Юсуф ва бародаронаш, барои пурсишгарон [дар бораи Юсуф ибратҳо ва] нишонаҳост

إِذۡ قَالُواْ لَيُوسُفُ وَأَخُوهُ أَحَبُّ إِلَىٰٓ أَبِينَا مِنَّا وَنَحۡنُ عُصۡبَةٌ إِنَّ أَبَانَا لَفِي ضَلَٰلٖ مُّبِينٍ ٨

8. Онгоҳ ки [ба якдигар] гуфтанд: «Юсуф ва бародараш [Бинёмин] назди падарамон аз мо маҳбубтаранд, дар ҳоле ки мо як гурӯҳ [-и неруманд] ҳастем.

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

Ҳаққо, ки падарамон [бо ин меҳрварзии бедалел] дар гумроҳии ошкоре аст

9. [Яке аз бародарон гуфт] Юсуфро бикушед ё ӯро ба сарзамин [-и дурдаст]-е биафканед, то таваҷҷуҳи падаратон фақат ба [сӯйи] шумо бошад ва пас аз он [тавба кунед ва] афроде шоиста бошед»

ٱقْتُلُواْ يُوسُفَ أَوِ ٱطْرَحُوهُ أَرْضًا يَخْلُ لَكُمْ وَجْهُ أَبِيكُمْ وَتَكُونُواْ مِنۢ بَعْدِهِۦ قَوْمًا صَٰلِحِينَ ٩

10. Яке [дигар] аз онон гуфт: «Юсуфро накушед ва агар [мехоҳед] коре анҷом диҳед, ӯро дар қаъри чоҳ биандозед, то бархе аз мусофирон [-и корвон] ӯро баргиранд [ва бо худ ба ҷойе дур баранд]»

قَالَ قَآئِلٌ مِّنْهُمْ لَا تَقْتُلُواْ يُوسُفَ وَأَلْقُوهُ فِى غَيَٰبَتِ ٱلْجُبِّ يَلْتَقِطْهُ بَعْضُ ٱلسَّيَّارَةِ إِن كُنتُمْ فَٰعِلِينَ ١٠

11. [Сипас назди Яъқуб рафтанд] Ва гуфтанд: «Падарҷон, чаро моро бар Юсуф амин намешуморӣ, ҳол он ки мо хайрхоҳаш ҳастем?

قَالُواْ يَٰٓأَبَانَا مَا لَكَ لَا تَأْمَنَّا عَلَىٰ يُوسُفَ وَإِنَّا لَهُۥ لَنَٰصِحُونَ ١١

12. Фардо ӯро бо мо [ба дашт] бифрист, то [дар чаманҳо] бигардад ва бозӣ кунад ва мо ба хубӣ муроқибаш ҳастем»

أَرْسِلْهُ مَعَنَا غَدًا يَرْتَعْ وَيَلْعَبْ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ١٢

13. [Яъқуб] Гуфт: «Ин ки ӯро бибаред, маро андуҳгин мекунад ва аз ин метарсам, ки гург ӯро бихӯрад ва шумо аз ӯ ғофил бошед»

قَالَ إِنِّى لَيَحْزُنُنِىٓ أَن تَذْهَبُواْ بِهِۦ وَأَخَافُ أَن يَأْكُلَهُ ٱلذِّئْبُ وَأَنتُمْ عَنْهُ غَٰفِلُونَ ١٣

14. Онон гуфтанд: «Бо вуҷуди ин ки мо як гурӯҳ [-и неруманд] ҳастем, агар [иҷозат диҳем, ки] гург ӯро бихӯрад, ҳатман, зиёнкор хоҳем буд»

قَالُواْ لَئِنْ أَكَلَهُ ٱلذِّئْبُ وَنَحْنُ عُصْبَةٌ إِنَّآ إِذًا لَّخَٰسِرُونَ ١٤

15. Пас, чун вайро [ҳамроҳи худ] бурданд ва ҳамдаст шуданд, ки ӯро дар қаъри чоҳ биандозанд, ба ӯ ваҳӣ кардем, ки: «[Саранҷом] Ҳатман, ононро, дар ҳоле ки [дар бораат] ҳеҷ намедонанд, аз [чанду чуни] ин корашон огоҳ хоҳӣ сохт»

فَلَمَّا ذَهَبُواْ بِهِۦ وَأَجْمَعُوٓاْ أَن يَجْعَلُوهُ فِى غَيَٰبَتِ ٱلْجُبِّ ۚ وَأَوْحَيْنَآ إِلَيْهِ لَتُنَبِّئَنَّهُم بِأَمْرِهِمْ هَٰذَا وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ ١٥

16. Ва шабонгоҳ гирякунон назди падарашон омаданд

وَجَآءُوٓ أَبَاهُمْ عِشَآءً يَبْكُونَ ١٦

17. Гуфтанд: «Падарҷон, мо [дуртар] рафтем, ки мусобиқа диҳем ва Юсуфро назди асоси худ

قَالُواْ يَٰٓأَبَانَآ إِنَّا ذَهَبْنَا نَسْتَبِقُ وَتَرَكْنَا يُوسُفَ عِندَ مَتَٰعِنَا فَأَكَلَهُ ٱلذِّئْبُ ۖ وَمَآ أَنتَ بِمُؤْمِنٍ لَّنَا وَلَوْ كُنَّا صَٰدِقِينَ ١٧

гузоштем, ки гург ӯро хӯрд ва ҳарчанд ростгӯ бошем, ту [ҳаргиз сухани] моро бовар нахоҳӣ кард»

وَجَآءُو عَلَىٰ قَمِيصِهِۦ بِدَمٍ كَذِبٍۚ قَالَ بَلۡ سَوَّلَتۡ لَكُمۡ أَنفُسُكُمۡ أَمۡرًاۖ فَصَبۡرٞ جَمِيلٞۖ وَٱللَّهُ ٱلۡمُسۡتَعَانُ عَلَىٰ مَا تَصِفُونَ ١٨

18. Ва пероҳани ӯро бо хуни дурӯғине [барои Яъқуб] оварданд. [Ӯ] Гуфт: «[Чунин нест] Балки [ҳавои] нафси шумо коре [ношоиста]-ро бароятон оростааст, пас, сабре наку [бароям беҳтар аст] ва Аллоҳ таоло дар [мавриди] он чи мегӯед, ёригар [-и ман] аст»

وَجَآءَتۡ سَيَّارَةٞ فَأَرۡسَلُواْ وَارِدَهُمۡ فَأَدۡلَىٰ دَلۡوَهُۥۖ قَالَ يَٰبُشۡرَىٰ هَٰذَا غُلَٰمٞۚ وَأَسَرُّوهُ بِضَٰعَةٗۚ وَٱللَّهُ عَلِيمُۢ بِمَا يَعۡمَلُونَ ١٩

19. Ва корвоне омад ва онон обовари худро фиристоданд,пас,ӯ далвашро [дар чоҳ] андохт [ва чун Юсуфро боло кашид] гуфт: «Мужда диҳед! Ин як навҷавон аст» ва [пас аз наҷоташ] ӯро ҳамчун як коло[-и арзишманд аз дигарон] пинҳон доштанд, ва[-ле] Аллоҳ таоло ба он чи мекарданд, огоҳ буд

وَشَرَوۡهُ بِثَمَنِۭ بَخۡسٖ دَرَٰهِمَ مَعۡدُودَةٖ وَكَانُواْ فِيهِ مِنَ ٱلزَّٰهِدِينَ ٢٠

20. Ва [саранҷом] ӯро ба баҳое андак, чанд дирҳам, фурӯхтанд ва дар [бораи нигаҳ доштани] ӯ бемайл буданд

وَقَالَ ٱلَّذِي ٱشۡتَرَىٰهُ مِن مِّصۡرَ لِٱمۡرَأَتِهِۦٓ أَكۡرِمِي مَثۡوَىٰهُ عَسَىٰٓ أَن يَنفَعَنَآ أَوۡ نَتَّخِذَهُۥ وَلَدٗاۚ وَكَذَٰلِكَ مَكَّنَّا لِيُوسُفَ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلِنُعَلِّمَهُۥ مِن تَأۡوِيلِ ٱلۡأَحَادِيثِۚ وَٱللَّهُ غَالِبٌ عَلَىٰٓ أَمۡرِهِۦ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٢١

21. Ва он шахс аз [мардуми] Миср [Азиз], ки ӯро харида буд, ба ҳамсараш гуфт: «Мақомашро гиромӣ бидор. Умед аст, ки бароямон судманд бошад ё ӯро ба фарзандӣ бигирем». Ва инчунин буд, ки Юсуфро дар [он] сарзамин арҷманд [-у муқтадир] гардонидем, то ба ӯ таъбири хоб биёмӯзем; ва Аллоҳ таоло бар кори хеш [тавоно ва] чира аст, вале бештари мардум намедонанд

وَلَمَّا بَلَغَ أَشُدَّهُۥٓ ءَاتَيۡنَٰهُ حُكۡمٗا وَعِلۡمٗاۚ وَكَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٢٢

22. Ва чун [Юсуф ба авҷи] неруи ҷавонӣ расид, ба ӯ ҳикмату дониш ато кардем ва накукоронро инчунин подош медиҳем

وَرَٰوَدَتۡهُ ٱلَّتِي هُوَ فِي بَيۡتِهَا عَن نَّفۡسِهِۦ وَغَلَّقَتِ ٱلۡأَبۡوَٰبَ وَقَالَتۡ هَيۡتَ لَكَۚ قَالَ مَعَاذَ ٱللَّهِۖ إِنَّهُۥ رَبِّيٓ أَحۡسَنَ مَثۡوَايَۖ إِنَّهُۥ لَا يُفۡلِحُ ٱلظَّٰلِمُونَ ٢٣

23. Ва он зане, ки ӯ [Юсуф] дар хонааш буд, аз вай комҷӯӣ кард ва дарҳоро басту гуфт: «Биё [ки дар ихтиёри ту ҳастам]». [Юсуф] Гуфт: «Паноҳ бар Аллоҳ таоло! Он мард [шавҳари ту ва] сарвари ман аст [ва] ҷойгоҳамро гиромӣ доштааст [пас,

чи гуна ба ӯ хиёнат кунам?] яқинан, ситамгорон растагор намешаванд»

24. Ва дар ҳақиқат, [он зан] қасди ӯ кард ва ӯ низ агар бурҳони Парвардигорашро надида буд, қасди он зан мекард. Мо инчунин [кардем], то бадӣ ва зиштқориро аз ӯ дур созем. Ба ростӣ, ки ӯ аз бандагони мухлиси Мо буд

وَلَقَدْ هَمَّتْ بِهِۦ ۖ وَهَمَّ بِهَا لَوْلَآ أَن رَّءَا بُرْهَٰنَ رَبِّهِۦ ۚ كَذَٰلِكَ لِنَصْرِفَ عَنْهُ ٱلسُّوٓءَ وَٱلْفَحْشَآءَ ۚ إِنَّهُۥ مِنْ عِبَادِنَا ٱلْمُخْلَصِينَ ﴿٢٤﴾

25. Ва ҳар ду ба тарафи дар шитофтанд ва [ҳамсари азизи Миср] пероҳани ӯро аз пушт пора кард ва [дар ин ҳангом] шавҳарашро дар остонаи дар ёфтанд.[Он] Зан гуфт: «Кайфари касе, ки қасди бад ба хонаводаи ту дошта бошад, чист, ҷуз ин ки зиндон шавад ё азобе дарднок [бубинад]»?

وَٱسْتَبَقَا ٱلْبَابَ وَقَدَّتْ قَمِيصَهُۥ مِن دُبُرٍ وَأَلْفَيَا سَيِّدَهَا لَدَا ٱلْبَابِ ۚ قَالَتْ مَا جَزَآءُ مَنْ أَرَادَ بِأَهْلِكَ سُوٓءًا إِلَّآ أَن يُسْجَنَ أَوْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٢٥﴾

26. [Юсуф] Гуфт: «Ӯ аз ман комҷӯй кард» ва [дар он ҳангом] шоҳиде аз бастагони он зан шаҳодат дод: «Агар пероҳанаш аз ҷилав пора шуда бошад, ин зан рост мегӯяд ва он мард [Юсуф] дурӯғгӯст

قَالَ هِىَ رَٰوَدَتْنِى عَن نَّفْسِى ۚ وَشَهِدَ شَاهِدٌ مِّنْ أَهْلِهَآ إِن كَانَ قَمِيصُهُۥ قُدَّ مِن قُبُلٍ فَصَدَقَتْ وَهُوَ مِنَ ٱلْكَٰذِبِينَ ﴿٢٦﴾

27. Ва[-ле] агар пероҳанаш аз пушт пора шуда бошад, ин зан дурӯғ мегӯяд ва он мард ростгӯст»

وَإِن كَانَ قَمِيصُهُۥ قُدَّ مِن دُبُرٍ فَكَذَبَتْ وَهُوَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ﴿٢٧﴾

28. Пас, чун [Азизи Миср] дид, ки пероҳани ӯ аз пушт пора шудааст, [ба ҳақиқат пай бурд ва] гуфт: «Ин аз найранги шумо [занон] аст, ба ростӣ, ки найранги шумо бузург аст

فَلَمَّا رَءَا قَمِيصَهُۥ قُدَّ مِن دُبُرٍ قَالَ إِنَّهُۥ مِن كَيْدِكُنَّ ۖ إِنَّ كَيْدَكُنَّ عَظِيمٌ ﴿٢٨﴾

29. Эй Юсуф, аз ин [моҷаро] даргузар ва [ту эй зан] барои гуноҳат омурзиш бихоҳ, ки бе тардид хатокор будаӣ»

يُوسُفُ أَعْرِضْ عَنْ هَٰذَا ۚ وَٱسْتَغْفِرِى لِذَنۢبِكِ ۖ إِنَّكِ كُنتِ مِنَ ٱلْخَاطِـِٔينَ ﴿٢٩﴾

30. [Ҳангоме ки ин хабар мунташир шуд] Бархе аз занон дар шаҳр гуфтанд: «Ҳамсари Азиз [-и Миср] аз ғуломи [ҷавони] хеш комҷӯй мекунад [ва] сахт шефтааш гаштааст. Мо ӯро воқеан дар гумроҳии ошкоре мебинем»

۞ وَقَالَ نِسْوَةٌ فِى ٱلْمَدِينَةِ ٱمْرَأَتُ ٱلْعَزِيزِ تُرَٰوِدُ فَتَىٰهَا عَن نَّفْسِهِۦ ۖ قَدْ شَغَفَهَا حُبًّا ۖ إِنَّا لَنَرَىٰهَا فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٣٠﴾

31. Пас, чун [ҳамсари Азиз] найранг [-у бадгӯй]-и ононро шунид, [шахсеро барои даъват] ба

فَلَمَّا سَمِعَتْ بِمَكْرِهِنَّ أَرْسَلَتْ إِلَيْهِنَّ وَأَعْتَدَتْ لَهُنَّ مُتَّكَـًٔا وَءَاتَتْ كُلَّ وَٰحِدَةٍ مِّنْهُنَّ سِكِّينًا وَقَالَتِ ٱخْرُجْ عَلَيْهِنَّ ۖ فَلَمَّا رَأَيْنَهُۥٓ

أَكۡبَرۡنَهُۥ وَقَطَّعۡنَ أَيۡدِيَهُنَّ وَقُلۡنَ حَٰشَ لِلَّهِ مَا هَٰذَا بَشَرًا إِنۡ هَٰذَآ إِلَّا مَلَكٞ كَرِيمٞ ٣١

суроғашон фиристод ва мачлисе барояшон тартиб дод ва ба ҳар кадом [барои буридани ғизо] корде дод ва ба Юсуф гуфт: «Бар [ҷамъи] онон ворид шав». Пас, [занон] чун ӯро диданд, бисёр бузург [-у зебо] шумурданд ва [чунон маҳви ҷамолаш шуданд] дастҳояшонро захмӣ карданд ва гуфтанд: «Паноҳ бар Аллоҳ таоло! Ин башар нест, ин ҷуз фариштае бузургвор нест»

قَالَتۡ فَذَٰلِكُنَّ ٱلَّذِي لُمۡتُنَّنِي فِيهِۖ وَلَقَدۡ رَٰوَدتُّهُۥ عَن نَّفۡسِهِۦ فَٱسۡتَعۡصَمَۖ وَلَئِن لَّمۡ يَفۡعَلۡ مَآ ءَامُرُهُۥ لَيُسۡجَنَنَّ وَلَيَكُونٗا مِّنَ ٱلصَّٰغِرِينَ ٣٢

32. [Ҳамсари Азиз] Гуфт: «Ин [ҷавони зеборӯ] ҳамон аст, ки маро дар барои ӯ сарзаниш мекардед. [Оре] Дар ҳақиқат, ман аз ӯ комҷӯӣ намудам ва ӯ хештандорӣ кард ва [инак] агар он чиро ба ӯ дастур медиҳам, анҷом надиҳад, ҳатман, зиндонӣ мешавад ва мусалламан, аз хоршудагон хоҳад буд»

قَالَ رَبِّ ٱلسِّجۡنُ أَحَبُّ إِلَيَّ مِمَّا يَدۡعُونَنِيٓ إِلَيۡهِۖ وَإِلَّا تَصۡرِفۡ عَنِّي كَيۡدَهُنَّ أَصۡبُ إِلَيۡهِنَّ وَأَكُن مِّنَ ٱلۡجَٰهِلِينَ ٣٣

33. [Юсуф] Гуфт: «Парвардигоро, зиндон барои ман аз он чи [инҳо] маро ба сӯяш мехонанд, маҳбубтар аст ва агар найрангашонро аз ман нагардонӣ, ба онон гароиш меёбам ва [агар чунин кунам] нодон хоҳам буд»

فَٱسۡتَجَابَ لَهُۥ رَبُّهُۥ فَصَرَفَ عَنۡهُ كَيۡدَهُنَّۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ٣٤

34. Пас, Парвардигораш [дуои] ӯро иҷобат кард ва найрангашонро аз ӯ бозгардонид. Бе тардид, Ӯ шунавову доност

ثُمَّ بَدَا لَهُم مِّنۢ بَعۡدِ مَا رَأَوُاْ ٱلۡأٓيَٰتِ لَيَسۡجُنُنَّهُۥ حَتَّىٰ حِينٖ ٣٥

35. Он гоҳ пас аз он ки [Азизи Миср ва атрофиёнаш] нишонаҳо[-и покдомании Юсуф]-ро диданд, тасмим гирифтанд [барои сарпӯш гузоштан бар ин беобрӯӣ] ӯро то муддате зиндонӣ кунанд

وَدَخَلَ مَعَهُ ٱلسِّجۡنَ فَتَيَانِۖ قَالَ أَحَدُهُمَآ إِنِّيٓ أَرَىٰنِيٓ أَعۡصِرُ خَمۡرٗاۖ وَقَالَ ٱلۡأٓخَرُ إِنِّيٓ أَرَىٰنِيٓ أَحۡمِلُ فَوۡقَ رَأۡسِي خُبۡزٗا تَأۡكُلُ ٱلطَّيۡرُ مِنۡهُۖ نَبِّئۡنَا بِتَأۡوِيلِهِۦٓۖ إِنَّا نَرَىٰكَ مِنَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٣٦

36. Ва ду ҷавон ҳамроҳи ӯ вориди зиндон шуданд. [Рӯзе] Яке аз он ду гуфт: «Ман [дар хоб] худро дидам, ки [ангур барои] шароб мефишорам» ва дигарӣ гуфт: «Ман хоб дидаам, ки бар сари хеш [зарфи] ноне мебарам [ва] парандагон аз он мехӯранд. Моро аз таъбираш огоҳ кун, [ки] ҳатман, туро аз накукорон мебинем»

قَالَ لَا يَأۡتِيكُمَا طَعَامٞ تُرۡزَقَانِهِۦٓ إِلَّا نَبَّأۡتُكُمَا بِتَأۡوِيلِهِۦ قَبۡلَ أَن يَأۡتِيَكُمَاۚ ذَٰلِكُمَا مِمَّا عَلَّمَنِي رَبِّيٓۚ إِنِّي تَرَكۡتُ مِلَّةَ قَوۡمٖ لَّا يُؤۡمِنُونَ

37. [Юсуф] Гуфт: «Ҳеҷ ғизое барои хӯрдан наздатон намеоваранд, магар он ки пеш аз оварданаш,

بِٱللَّهِ وَهُم بِٱلۡأٓخِرَةِ هُمۡ كَٰفِرُونَ ﴿٣٧﴾

шуморо аз [кайфияту] ҳақиқаташ огоҳ созам. Ин [ахбори ғайбӣ] аз онҳост, ки Парвардигорам ба ман омӯхтааст. Дар ҳақиқат, ман оини қавмеро, ки ба Аллоҳ таоло имон намеоваранд ва ба [сарои] охират [низ] куфр меварзанд, тарк кардам

وَٱتَّبَعۡتُ مِلَّةَ ءَابَآءِيٓ إِبۡرَٰهِيمَ وَإِسۡحَٰقَ وَيَعۡقُوبَۚ مَا كَانَ لَنَآ أَن نُّشۡرِكَ بِٱللَّهِ مِن شَيۡءٖۚ ذَٰلِكَ مِن فَضۡلِ ٱللَّهِ عَلَيۡنَا وَعَلَى ٱلنَّاسِ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَشۡكُرُونَ ﴿٣٨﴾

38. Ва аз оини падаронам Иброҳим ва Исҳоқ ва Яъқуб пайравӣ кардам. Барои мо сазовор нест, ки чизеро шарики Аллоҳ таоло қарор диҳем. Ин [яктопарастӣ] аз фазли Аллоҳ таоло бар мо ва бар [ҳамаи] мардум аст, вале бештари мардум сипос намегузоранд

يَٰصَٰحِبَيِ ٱلسِّجۡنِ ءَأَرۡبَابٞ مُّتَفَرِّقُونَ خَيۡرٌ أَمِ ٱللَّهُ ٱلۡوَٰحِدُ ٱلۡقَهَّارُ ﴿٣٩﴾

39. Эй дӯстони зиндонии ман, оё маъбудони пароканда [ва мутааддид] беҳтаранд, ё Аллоҳи ягонаи пирӯзманд?

مَا تَعۡبُدُونَ مِن دُونِهِۦٓ إِلَّآ أَسۡمَآءٗ سَمَّيۡتُمُوهَآ أَنتُمۡ وَءَابَآؤُكُم مَّآ أَنزَلَ ٱللَّهُ بِهَا مِن سُلۡطَٰنٍۚ إِنِ ٱلۡحُكۡمُ إِلَّا لِلَّهِۚ أَمَرَ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُۚ ذَٰلِكَ ٱلدِّينُ ٱلۡقَيِّمُ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ﴿٤٠﴾

40. Шумо ба ҷои ӯ [чизеро] намепарастед, магар номҳое [бемаънӣ], ки худ ва падаронатон бар онҳо ниҳодаед. Аллоҳ таоло ҳеҷ далеле бар [ҳақиқати] онҳо нозил накардааст. Фармонравой, танҳо аз они Аллоҳ таоло аст [ва] фармон додааст, ки ҷуз Ӯро напарастед. Ин ҳамон дини рост ва устувор аст; вале бештари мардум намедонанд

يَٰصَٰحِبَيِ ٱلسِّجۡنِ أَمَّآ أَحَدُكُمَا فَيَسۡقِي رَبَّهُۥ خَمۡرٗاۖ وَأَمَّا ٱلۡأٓخَرُ فَيُصۡلَبُ فَتَأۡكُلُ ٱلطَّيۡرُ مِن رَّأۡسِهِۦۖ قُضِيَ ٱلۡأَمۡرُ ٱلَّذِي فِيهِ تَسۡتَفۡتِيَانِ ﴿٤١﴾

41. Эй дӯстони зиндонии ман, яке аз шумо [озод мешавад] ва ба сарвари хеш шароб хоҳад нӯшонд ва аммо дигаре ба дор овехта мешавад ва парандагон аз [мағзи] сараш хоҳанд хӯрд. Амре, ки дар [мавриди] он аз ман назар хостед, [чунин] муқаддар шудааст»

وَقَالَ لِلَّذِي ظَنَّ أَنَّهُۥ نَاجٖ مِّنۡهُمَا ٱذۡكُرۡنِي عِندَ رَبِّكَ فَأَنسَىٰهُ ٱلشَّيۡطَٰنُ ذِكۡرَ رَبِّهِۦ فَلَبِثَ فِي ٱلسِّجۡنِ بِضۡعَ سِنِينَ ﴿٤٢﴾

42. Ва [Юсуф] ба яке аз он ду [нафар], ки донист раҳо мешавад, гуфт: «Аз ман назди сарварат [подшоҳ] ёд кун». Ва[-ле] шайтон ёд кардан [аз Юсуфро назди] сарвараш аз хотири вай [соқии подшоҳ] бурд ва ӯ [Юсуф] чандин сол [-и дигар низ] дар зиндон бокӣ монд

وَقَالَ ٱلۡمَلِكُ إِنِّيٓ أَرَىٰ سَبۡعَ بَقَرَٰتٖ سِمَانٖ يَأۡكُلُهُنَّ سَبۡعٌ عِجَافٞ وَسَبۡعَ سُنۢبُلَٰتٍ خُضۡرٖ وَأُخَرَ يَابِسَٰتٖۖ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡمَلَأُ أَفۡتُونِي فِي رُءۡيَيَ

43. Ва [рӯзе] подшоҳ гуфт: «Ман [дар хоб] дидам, ки ҳафт гови фарбеҳро ҳафт гови лоғар мехӯрданд

إِن كُنتُمْ لِلرُّءْيَا تَعْبُرُونَ ﴿٤٣﴾

ва ҳафт хӯшаи сабз ва [ҳафт хӯшаи] дигарро хушк [дидам]. Эй бузургон, агар таъбири хоб мекунед, дар [бораи] хобам назар диҳед»

قَالُوٓاْ أَضْغَٰثُ أَحْلَٰمٍ ۖ وَمَا نَحْنُ بِتَأْوِيلِ ٱلْأَحْلَٰمِ بِعَٰلِمِينَ ﴿٤٤﴾

44. Онон гуфтанд: «[Инҳо] Хобҳое парешон аст ва мо ба таъбири ин [гуна] хобҳо доно нестем»

وَقَالَ ٱلَّذِى نَجَا مِنْهُمَا وَٱدَّكَرَ بَعْدَ أُمَّةٍ أَنَا۠ أُنَبِّئُكُم بِتَأْوِيلِهِۦ فَأَرْسِلُونِ ﴿٤٥﴾

45. Ва яке аз он ду [зиндонӣ], ки нақот ёфта буд, пас аз муддатҳо [Юсуф]-ро ба ёд овард [ва] гуфт: «Маро ба [зиндон] бифиристед, то дар бораи таъбири он [хоб] ба шумо хабар диҳам»

يُوسُفُ أَيُّهَا ٱلصِّدِّيقُ أَفْتِنَا فِى سَبْعِ بَقَرَٰتٍ سِمَانٍ يَأْكُلُهُنَّ سَبْعٌ عِجَافٌ وَسَبْعِ سُنۢبُلَٰتٍ خُضْرٍ وَأُخَرَ يَابِسَٰتٍ لَّعَلِّىٓ أَرْجِعُ إِلَى ٱلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَعْلَمُونَ ﴿٤٦﴾

46. [Ӯ ба зиндон рафт ва гуфт] «Юсуф, эй марди ростгӯ, дар бораи ин хоб изҳори назар кун, ки ҳафт гови фарбеҳро ҳафт гови лоғар мехӯрданд ва ҳафт хӯшаи сабз ва [ҳафт хӯшаи] хушкидаи дигар бароямон таъбир кун, то назди мардум баргардам, шояд онҳо [таъбири ин хоб ва тавоноиҳои туро] бидонанд

قَالَ تَزْرَعُونَ سَبْعَ سِنِينَ دَأَبًا فَمَا حَصَدتُّمْ فَذَرُوهُ فِى سُنۢبُلِهِۦٓ إِلَّا قَلِيلًا مِّمَّا تَأْكُلُونَ ﴿٤٧﴾

47. [Юсуф] гуфт: «Ҳафт соли паёпай [бо ҷиддият] кишоварзӣ кунед ва он чиро, ки дарав мекунед, ҷуз андаке, ки мехӯред, бо хӯшааш [канор] бигзоред

ثُمَّ يَأْتِى مِنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ سَبْعٌ شِدَادٌ يَأْكُلْنَ مَا قَدَّمْتُمْ لَهُنَّ إِلَّا قَلِيلًا مِّمَّا تُحْصِنُونَ ﴿٤٨﴾

48. Сипас баъд аз он [даврони равнақ] ҳафт [соли қаҳтии] сахт меояд, ки он чиро барои он солҳо [канор] гузоштаед, мехӯред, ба ҷуз андаке, ки онро [барои тухмӣ] захира мекунед

ثُمَّ يَأْتِى مِنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ عَامٌ فِيهِ يُغَاثُ ٱلنَّاسُ وَفِيهِ يَعْصِرُونَ ﴿٤٩﴾

49. Сипас баъд аз он ҳафт [сол] соле фаро мерасад, ки борони фаровоне насиби мардум мешавад ва дар он сол, [бар асари фаровонӣ, аз меваҳо] ассора (афшурданиҳо) мегиранд»

وَقَالَ ٱلْمَلِكُ ٱئْتُونِى بِهِۦ ۖ فَلَمَّا جَآءَهُ ٱلرَّسُولُ قَالَ ٱرْجِعْ إِلَىٰ رَبِّكَ فَسْـَٔلْهُ مَا بَالُ ٱلنِّسْوَةِ ٱلَّٰتِى قَطَّعْنَ أَيْدِيَهُنَّ ۚ إِنَّ رَبِّى بِكَيْدِهِنَّ عَلِيمٌ ﴿٥٠﴾

50. Подшоҳ [чун ин таъбирро шунид] гуфт: «Ӯро назди ман биёваред». Пас, чун фиристода [-и подшоҳ] назди ӯ омад, [Юсуф] гуфт: «Назди сарварат бозгард ва аз ӯ бипурс, ки моҷарои заноне, ки дастҳои худро буриданд, чи буд? Ҳатман, Парвардигорам ба найранги онон огоҳ аст»

قَالَ مَا خَطْبُكُنَّ إِذْ رَٰوَدتُّنَّ يُوسُفَ عَن نَّفْسِهِۦۚ قُلْنَ حَٰشَ لِلَّهِ مَا عَلِمْنَا عَلَيْهِ مِن سُوٓءٍۚ قَالَتِ ٱمْرَأَتُ ٱلْعَزِيزِ ٱلْـَٰٔنَ حَصْحَصَ ٱلْحَقُّ أَنَا۠ رَٰوَدتُّهُۥ عَن نَّفْسِهِۦ وَإِنَّهُۥ لَمِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ﴿٥١﴾

51. [Подшоҳ он занонро хост ва] Гуфт: «Ҳангоме ки Юсуфро ба сӯйи хеш даъват кардед, ҷараёни коратон чи буд»? Гуфтанд: «Паноҳ бар Аллоҳ таоло! Мо ҳеҷ гуноҳе дар ӯ суроғ надорем». [Дар ин ҳангом] Ҳамсари Азиз гуфт: «Акнун ҳақ ошкор шуд, ман [будам, ки] аз вай комҷӯй кардам [ва ӯ покдоманӣ варзид] ва яқинан, ростгӯст

ذَٰلِكَ لِيَعْلَمَ أَنِّى لَمْ أَخُنْهُ بِٱلْغَيْبِ وَأَنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى كَيْدَ ٱلْخَآئِنِينَ ﴿٥٢﴾

52. Ин [эътироф] барои он аст, ки [Юсуф] бидонад, ки ман дар пинҳон ба ӯ хиёнат накардаам [ва дар ғиёбаш ҳақиқатро гуфтаам] ва ин ки Аллоҳ таоло найранги хоинонро ба ҷойе намерасонад

۞وَمَآ أُبَرِّئُ نَفْسِىٓۚ إِنَّ ٱلنَّفْسَ لَأَمَّارَةٌۢ بِٱلسُّوٓءِ إِلَّا مَا رَحِمَ رَبِّىٓۚ إِنَّ رَبِّى غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٥٣﴾

53. Ман ҳаргиз худро бегуноҳ намешуморам. Бе шак, нафс [-и васвасагари инсон ӯро] пайваста ба бадӣ фармон медиҳад, магар он ки Парвардигорам раҳм кунад. Бе тардид, Парвардигорам омурзандаи меҳрубон аст»

وَقَالَ ٱلْمَلِكُ ٱئْتُونِى بِهِۦٓ أَسْتَخْلِصْهُ لِنَفْسِى ۖ فَلَمَّا كَلَّمَهُۥ قَالَ إِنَّكَ ٱلْيَوْمَ لَدَيْنَا مَكِينٌ أَمِينٌ ﴿٥٤﴾

54. Ва подшоҳ гуфт: «Ӯ [Юсуф]-ро наздам биёваред [то мушовири] хоси худ гардонам». Пас, чун [Юсуф наздаш омад ва] бо вай суҳбат кард, [подшоҳ] гуфт: «Ту имрӯз назди мо арҷманд [ва] амин ҳастӣ»

قَالَ ٱجْعَلْنِى عَلَىٰ خَزَآئِنِ ٱلْأَرْضِۖ إِنِّى حَفِيظٌ عَلِيمٌ ﴿٥٥﴾

55. Юсуф] гуфт: «Маро бар [сарпарастии] хазонаҳои [молӣ ва ғизоии ин] сарзамин бигумор, [ки] бе тардид, ман нигаҳбоне доно ҳастам»

وَكَذَٰلِكَ مَكَّنَّا لِيُوسُفَ فِى ٱلْأَرْضِ يَتَبَوَّأُ مِنْهَا حَيْثُ يَشَآءُ نُصِيبُ بِرَحْمَتِنَا مَن نَّشَآءُ وَلَا نُضِيعُ أَجْرَ ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿٥٦﴾

56. Ва ин гуна ба Юсуф дар он сарзамин манзалат [-у қудрат] додем, [он чунон] ки [метавонист ба ҳар ҷо биравад ва] дар ҳар ҷойе аз он ки мехост, иқомат мекард. Мо раҳмати худро ба ҳар ки бихоҳем мерасонем

وَلَأَجْرُ ٱلْءَاخِرَةِ خَيْرٌ لِّلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَكَانُوا۟ يَتَّقُونَ ﴿٥٧﴾

57. Ва подоши охират барои касоне, ки имон овардаанд ва парҳезгорӣ кардаанд, беҳтар аст

وَجَآءَ إِخْوَةُ يُوسُفَ فَدَخَلُوا۟ عَلَيْهِ فَعَرَفَهُمْ وَهُمْ لَهُۥ مُنكِرُونَ ﴿٥٨﴾

58. Ва [чун сарзамини Канъонро хушксолӣ фаро гирифт] бародарони Юсуф [барои таҳияи гандум ба Миср] омаданд ва бар ӯ ворид

шуданд. Пас, ӯ онҳоро шинохт, дар ҳоле ки онон вайро нашинохтанд

59. Пас, чун борҳояшонро омода кард, [ба онон] гуфт: «[Навбати оянда] Бародареро, ки аз падаратон доред, назди ман оваред. Оё намебинед, ки ман паймонаро тамом медиҳам ва беҳтарин мизбонам?

وَلَمَّا جَهَّزَهُم بِجَهَازِهِمْ قَالَ ٱئْتُونِى بِأَخٍ لَّكُم مِّنْ أَبِيكُمْ ۚ أَلَا تَرَوْنَ أَنِّىٓ أُوفِى ٱلْكَيْلَ وَأَنَا۠ خَيْرُ ٱلْمُنزِلِينَ ﴿٥٩﴾

60. Пас, агар ӯро наздам наоваред, паймонае назди ман нахоҳед дошт ва наздикам нашавед»

فَإِن لَّمْ تَأْتُونِى بِهِۦ فَلَا كَيْلَ لَكُمْ عِندِى وَلَا تَقْرَبُونِ ﴿٦٠﴾

61. [Бародарон] Гуфтанд: «Ӯро аз падараш хоҳем хост ва ҳатман, ин корро мекунем»

قَالُوا۟ سَنُرَٰوِدُ عَنْهُ أَبَاهُ وَإِنَّا لَفَٰعِلُونَ ﴿٦١﴾

62. Ва [Юсуф] ба ғуломонаш гуфт: «Сармояҳояшонро [ки барои хариди ғалла овардаанд, махфиёна] дар борҳояшон бигузоред, шояд ҳангоме ки ба сӯйи хонаводаи худ бозгаштанд, онро [бубинанд ва] бишносанд. Умед, ки бозоянд»

وَقَالَ لِفِتْيَٰنِهِ ٱجْعَلُوا۟ بِضَٰعَتَهُمْ فِى رِحَالِهِمْ لَعَلَّهُمْ يَعْرِفُونَهَآ إِذَا ٱنقَلَبُوٓا۟ إِلَىٰٓ أَهْلِهِمْ لَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ ﴿٦٢﴾

63. Пас, чун ба сӯйи падарашон бозгаштанд, гуфтанд: «Падарҷон, паймона [ва саҳми ғаллаи навбати оянда]-ро аз мо боздоштанд, пас, бародарамон [Бинёмин]-ро бо мо бифирист, то саҳме [аз ғалла] бигирем ва мо ҳатман, муроқибаш хоҳем буд»

فَلَمَّا رَجَعُوٓا۟ إِلَىٰٓ أَبِيهِمْ قَالُوا۟ يَٰٓأَبَانَا مُنِعَ مِنَّا ٱلْكَيْلُ فَأَرْسِلْ مَعَنَآ أَخَانَا نَكْتَلْ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ﴿٦٣﴾

64. [Яъқуб] гуфт: «Оё ҳамон гуна, ки пештар шуморо нисбат ба бародараш [Юсуф] амин доштам, [ин бор ҳам] бар ӯ амин бидонам? Пас, Аллоҳ таоло беҳтарин нигаҳбон аст ва ӯ меҳрубонтарини меҳрубонон аст»

قَالَ هَلْ ءَامَنُكُمْ عَلَيْهِ إِلَّا كَمَآ أَمِنتُكُمْ عَلَىٰٓ أَخِيهِ مِن قَبْلُ فَٱللَّهُ خَيْرٌ حَٰفِظًا ۖ وَهُوَ أَرْحَمُ ٱلرَّٰحِمِينَ ﴿٦٤﴾

65. Ва чун бори худро кушоданд, сармояшонро ёфтанд, ки ба онон бозгардонда шуда буд. Гуфтанд: «Падарҷон, [дигар] чи мехоҳем? Ин сармояи мост, ки ба мо бозгардонида шудааст, [бад-ин васила] барои хонаводаи худ озуқа меоварем ва бародарамонро [низ] ҳифозат мекунем ва [бо бурдани Бинёмин] як бори шутур изофа мегирем. Ин паймона [барои Азизи Миср кори] осонест

وَلَمَّا فَتَحُوا۟ مَتَٰعَهُمْ وَجَدُوا۟ بِضَٰعَتَهُمْ رُدَّتْ إِلَيْهِمْ ۖ قَالُوا۟ يَٰٓأَبَانَا مَا نَبْغِى ۖ هَٰذِهِۦ بِضَٰعَتُنَا رُدَّتْ إِلَيْنَا ۖ وَنَمِيرُ أَهْلَنَا وَنَحْفَظُ أَخَانَا وَنَزْدَادُ كَيْلَ بَعِيرٍ ۖ ذَٰلِكَ كَيْلٌ يَسِيرٌ ﴿٦٥﴾

قَالَ لَنْ أُرْسِلَهُۥ مَعَكُمْ حَتَّىٰ تُؤْتُونِ مَوْثِقًا مِّنَ ٱللَّهِ لَتَأْتُنَّنِى بِهِۦٓ إِلَّآ أَن يُحَاطَ بِكُمْ ۖ فَلَمَّآ ءَاتَوْهُ مَوْثِقَهُمْ قَالَ ٱللَّهُ عَلَىٰ مَا نَقُولُ وَكِيلٌ ﴿٦٦﴾

66. [Яъқуб] Гуфт: «Ҳаргиз ӯро бо шумо нахоҳам фиристод, то бо ман ба номи Аллоҳ таоло паймони устуворе бибандед, ки ҳатман ӯро назди ман бозмеоваред, магар он ки гирифтор шавед [ва ҳеҷ як наҷот наёбед]. Пас, чун [аҳду] паймони устувори хеш ба ӯ доданд, [Яъқуб] гуфт: «Аллоҳ таоло бар он чи мегӯем, [гувоҳу] нигаҳбон аст»

وَقَالَ يَٰبَنِىَّ لَا تَدْخُلُوا۟ مِنۢ بَابٍ وَٰحِدٍ وَٱدْخُلُوا۟ مِنْ أَبْوَٰبٍ مُّتَفَرِّقَةٍ ۖ وَمَآ أُغْنِى عَنكُم مِّنَ ٱللَّهِ مِن شَىْءٍ ۖ إِنِ ٱلْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِ ۖ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ ۖ وَعَلَيْهِ فَلْيَتَوَكَّلِ ٱلْمُتَوَكِّلُونَ ﴿٦٧﴾

67. Ва [ҳамчунон] гуфт: «Эй писаронам, [барои он ки ҷалби таваҷҷуҳ накунед] аз як дар ворид нашавед, балки аз дарҳои мухталиф дохил шавед ва [албатта, бо ин супориш] наметавонам чизе аз [қазо ва қадари] Аллоҳро аз шумо дур кунам. Ҳукм ҷуз барои Аллоҳ таоло нест. Бар Ӯ таваккал кардам ва таваккалкунандагон бояд бар Ӯ таваккал кунанд

وَلَمَّا دَخَلُوا۟ مِنْ حَيْثُ أَمَرَهُمْ أَبُوهُم مَّا كَانَ يُغْنِى عَنْهُم مِّنَ ٱللَّهِ مِن شَىْءٍ إِلَّا حَاجَةً فِى نَفْسِ يَعْقُوبَ قَضَىٰهَا ۚ وَإِنَّهُۥ لَذُو عِلْمٍ لِّمَا عَلَّمْنَٰهُ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٦٨﴾

68. Ва чун ҳамон гуна ки падарашон ба онон дастур дода буд, ворид шуданд. [Ин шеваи вуруд] Эшонро аз [қазои] Аллоҳ таоло бознадошт, вале [ҳар чи буд] ниёзи қалби Яъқубро бароварда кард. Ӯ аз [баракати] он чи бад-ӯ омӯхта будем, дорои донише фаровон буд, вале бештари мардум намедонанд

وَلَمَّا دَخَلُوا۟ عَلَىٰ يُوسُفَ ءَاوَىٰٓ إِلَيْهِ أَخَاهُ ۖ قَالَ إِنِّىٓ أَنَا۠ أَخُوكَ فَلَا تَبْتَئِسْ بِمَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿٦٩﴾

69. Ва чун [бародарон] бар Юсуф ворид шуданд, бародараш [Бинёмин]-ро назди худ ҷой дод [ва ба оҳистагӣ ба ӯ] гуфт: «Ман бародарат ҳастам, пас, аз корҳое, ки [бародаронамон] мекарданд, андуҳгин мабош»

فَلَمَّا جَهَّزَهُم بِجَهَازِهِمْ جَعَلَ ٱلسِّقَايَةَ فِى رَحْلِ أَخِيهِ ثُمَّ أَذَّنَ مُؤَذِّنٌ أَيَّتُهَا ٱلْعِيرُ إِنَّكُمْ لَسَٰرِقُونَ ﴿٧٠﴾

70. Пас, ҳангоме ки борҳояшонро омода кард, ҷоми [подшоҳ]-ро дар бори бародараш [Бинёмин] гузошт, он гоҳ нидодиҳандае бонг баровард [ки]: «Эй корвониён, ҳатман, шумо дузд ҳастед»

قَالُوا۟ وَأَقْبَلُوا۟ عَلَيْهِم مَّاذَا تَفْقِدُونَ ﴿٧١﴾

71. [Бародарони Юсуф] Рӯ ба онон карданд ва гуфтанд: «Чи гум кардаед»?

قَالُوا۟ نَفْقِدُ صُوَاعَ ٱلْمَلِكِ وَلِمَن جَآءَ بِهِۦ حِمْلُ بَعِيرٍ وَأَنَا۠ بِهِۦ زَعِيمٌ ﴿٧٢﴾

72. [Коргузорон] Гуфтанд: «Паймонаи подшоҳро гум кардаем ва [он ки бонг бароварда буд, гуфт]

ҳар ки онро биёварад, як бори шутур [ҷоиза] дорад ва ман зомини ин [подош] ҳастам»

قَالُواْ تَٱللَّهِ لَقَدۡ عَلِمۡتُم مَّا جِئۡنَا لِنُفۡسِدَ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَمَا كُنَّا سَٰرِقِينَ ٧٣

73. [Бародарони Юсуф] Гуфтанд: «Ба Аллоҳ таоло савганд, шумо медонед, ки мо наёмадаем, то дар ин сарзамин фасод кунем ва мо [ҳаргиз] дузд набудаем»

قَالُواْ فَمَا جَزَٰٓؤُهُۥٓ إِن كُنتُمۡ كَٰذِبِينَ ٧٤

74. [Онон] Гуфтанд: «Пас, агар дурӯғгӯ бошед, кайфараш чист»?

قَالُواْ جَزَٰٓؤُهُۥ مَن وُجِدَ فِي رَحۡلِهِۦ فَهُوَ جَزَٰٓؤُهُۥۚ كَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلظَّٰلِمِينَ ٧٥

75. Гуфтанд: «Кайфари касе, ки [он паймона] дар бораш пайдо шавад, [ин аст, ки] худаш кайфари он бошад [ва ба бардагии шумо дарояд]. Мо ситамгоронро ин гуна муҷозот мекунем»

فَبَدَأَ بِأَوۡعِيَتِهِمۡ قَبۡلَ وِعَآءِ أَخِيهِ ثُمَّ ٱسۡتَخۡرَجَهَا مِن وِعَآءِ أَخِيهِۚ كَذَٰلِكَ كِدۡنَا لِيُوسُفَۖ مَا كَانَ لِيَأۡخُذَ أَخَاهُ فِي دِينِ ٱلۡمَلِكِ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُۚ نَرۡفَعُ دَرَجَٰتٖ مَّن نَّشَآءُۗ وَفَوۡقَ كُلِّ ذِي عِلۡمٍ عَلِيمٞ ٧٦

76. Пас, [Юсуф] пеш аз бори бародараш, шурӯъ ба [ҷустуҷӯи] борҳои онон кард, сипас он [паймона]-ро аз бори бародараш берун кашид. Ин гуна барои Юсуф чораандешӣ кардем, [то битавонад Бинёминро назди худ нигаҳ дорад, зеро ӯ] тибқи оини подшоҳи [Миср] наметавонист бародарашро боздошт кунад, магар ин ки Аллоҳ таоло бихоҳад. Мо дараҷоти ҳар киро бихоҳем боло мебарем ва [бидонед, ки] фаротар аз ҳар соҳибдонише донишваре ҳаст

قَالُوٓاْ إِن يَسۡرِقۡ فَقَدۡ سَرَقَ أَخٞ لَّهُۥ مِن قَبۡلُۚ فَأَسَرَّهَا يُوسُفُ فِي نَفۡسِهِۦ وَلَمۡ يُبۡدِهَا لَهُمۡۚ قَالَ أَنتُمۡ شَرّٞ مَّكَانٗاۖ وَٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِمَا تَصِفُونَ ٧٧

77. [Бародарон] Гуфтанд: «Агар ӯ дуздӣ кардааст [шигифт нест, чаро ки] бародараш [низ] пеш аз ин дуздӣ карда буд. Пас, Юсуф онро дар дили хеш пинҳон дошт ва [нороҳатиаш] бар онон ошкор накард [ва бо худ] гуфт: «Шумо аз назари ҷойгоҳ [аз он чи вонамуд мекунед], бадтаред ва Аллоҳ таоло ба он чи баён мекунед, донотар аст»

قَالُواْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡعَزِيزُ إِنَّ لَهُۥٓ أَبٗا شَيۡخٗا كَبِيرٗا فَخُذۡ أَحَدَنَا مَكَانَهُۥٓۖ إِنَّا نَرَىٰكَ مِنَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٧٨

78. Гуфтанд: «Эй Азиз, ӯ падари пире дорад [ки тоқати дурии фарзандашро надорад], пас, яке аз моро ба ҷойи ӯ бигир. Ба ростӣ, ки мо туро аз накукорон мебинем»

قَالَ مَعَاذَ ٱللَّهِ أَن نَّأۡخُذَ إِلَّا مَن وَجَدۡنَا مَتَٰعَنَا عِندَهُۥٓ إِنَّآ إِذٗا لَّظَٰلِمُونَ ٧٩

79. [Юсуф] Гуфт: «Паноҳ бар Аллоҳ таоло, ки ҷуз он касеро, ки колоямонро наздаш ёфтаем,

боздошт кунем! Он гоҳ [агар чунин кунем] ҳатман, ситамгор хоҳем буд»

فَلَمَّا ٱسْتَيْـَٔسُواْ مِنْهُ خَلَصُواْ نَجِيًّا ۖ قَالَ كَبِيرُهُمْ أَلَمْ تَعْلَمُوٓاْ أَنَّ أَبَاكُمْ قَدْ أَخَذَ عَلَيْكُم مَّوْثِقًا مِّنَ ٱللَّهِ وَمِن قَبْلُ مَا فَرَّطتُمْ فِى يُوسُفَ ۖ فَلَنْ أَبْرَحَ ٱلْأَرْضَ حَتَّىٰ يَأْذَنَ لِىٓ أَبِىٓ أَوْ يَحْكُمَ ٱللَّهُ لِى ۖ وَهُوَ خَيْرُ ٱلْحَـٰكِمِينَ ﴿٨٠﴾

80. Пас, чун [бародарон] аз ӯ ноумед шуданд, начвокунон ба гӯшае рафтанд. [Бародари] Бузургашон гуфт: «Магар намедонед, ки падаратон бо номи Аллоҳ таоло паймоне устувор аз шумо гирифтааст ва пештар [низ] дар мавриди Юсуф чи кӯтоҳие кардед? Ман ҳаргиз аз ин сарзамин намеравам, то падарам ба ман иҷозати [бозгашт] диҳад ё [он ки] Аллоҳ таоло дар бораам доварӣ кунад, [ки] бе тардид, Ӯ беҳтарин довар аст

ٱرْجِعُوٓاْ إِلَىٰٓ أَبِيكُمْ فَقُولُواْ يَـٰٓأَبَانَآ إِنَّ ٱبْنَكَ سَرَقَ وَمَا شَهِدْنَآ إِلَّا بِمَا عَلِمْنَا وَمَا كُنَّا لِلْغَيْبِ حَـٰفِظِينَ ﴿٨١﴾

81. [Шумо] Назди падаратон бозгардед ва бигӯед: «Эй падар, писарат дуздӣ кард ва мо ҷуз ба он чи медонистем, гувоҳӣ надодем ва аз ғайб огоҳ набудем [ки бидонем дуздӣ мекунад]

وَسْـَٔلِ ٱلْقَرْيَةَ ٱلَّتِى كُنَّا فِيهَا وَٱلْعِيرَ ٱلَّتِىٓ أَقْبَلْنَا فِيهَا ۖ وَإِنَّا لَصَـٰدِقُونَ ﴿٨٢﴾

82. Ва аз [мардуми] шаҳре, ки дар он будем ва аз корвоне, ки бо он омадем, бипурс ва мо, ҳатман, ростгӯем»

قَالَ بَلْ سَوَّلَتْ لَكُمْ أَنفُسُكُمْ أَمْرًا ۖ فَصَبْرٌ جَمِيلٌ ۖ عَسَى ٱللَّهُ أَن يَأْتِيَنِى بِهِمْ جَمِيعًا ۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلْعَلِيمُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٨٣﴾

83. [Яъқуб] Гуфт: «[Чунин нест] Балки ҳавои нафси шумо кор [-и ношоиста]-ро бароятон ороста аст, пас, [чораи кор] сабре накуст. Умед аст, ки Аллоҳ таоло ҳамаи ононро ба ман бирасонад. Бе тардид, Ӯ донои ҳаким аст»

وَتَوَلَّىٰ عَنْهُمْ وَقَالَ يَـٰٓأَسَفَىٰ عَلَىٰ يُوسُفَ وَٱبْيَضَّتْ عَيْنَاهُ مِنَ ٱلْحُزْنِ فَهُوَ كَظِيمٌ ﴿٨٤﴾

84. Ва аз онон рӯ бигардонд ва гуфт: «Дареғ аз Юсуф»! Ва чашмонаш аз шиддати андуҳ [ва гиристан барои фарзандаш] сафед шуд ва ҳамчунон андуҳи худро фурӯ мехӯрд

قَالُواْ تَٱللَّهِ تَفْتَؤُاْ تَذْكُرُ يُوسُفَ حَتَّىٰ تَكُونَ حَرَضًا أَوْ تَكُونَ مِنَ ٱلْهَـٰلِكِينَ ﴿٨٥﴾

85. [Писаронаш] Гуфтанд: «Ба Аллоҳ таоло савганд, ту [он қадр] пайваста аз Юсуф ёд мекунӣ, то [оқибат] ба сахтӣ бемор шавӣ ё бимирӣ»

قَالَ إِنَّمَآ أَشْكُواْ بَثِّى وَحُزْنِىٓ إِلَى ٱللَّهِ وَأَعْلَمُ مِنَ ٱللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ ﴿٨٦﴾

86. [Яъқуб] Гуфт: «Ман аз дарду андуҳи хеш ба [даргоҳи] Аллоҳ таоло менолам ва аз [лутфу бузургии] Аллоҳ таоло чизҳое медонам, ки шумо намедонед»

يَٰبَنِيَّ ٱذۡهَبُواْ فَتَحَسَّسُواْ مِن يُوسُفَ وَأَخِيهِ وَلَا تَاْيۡـَٔسُواْ مِن رَّوۡحِ ٱللَّهِۖ إِنَّهُۥ لَا يَاْيۡـَٔسُ مِن رَّوۡحِ ٱللَّهِ إِلَّا ٱلۡقَوۡمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ ٨٧

87. Эй писаронам, биравед ва дар бораи Юсуф ва бародаронаш ҷустуҷӯ кунед [ва хабар бигиред] ва аз раҳмати Аллоҳ таоло маъюс нашавед, [чаро ки] ҷуз гурӯҳи кофирон, касе аз раҳмати Аллоҳ таоло маъюс намегардад»

فَلَمَّا دَخَلُواْ عَلَيۡهِ قَالُواْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡعَزِيزُ مَسَّنَا وَأَهۡلَنَا ٱلضُّرُّ وَجِئۡنَا بِبِضَٰعَةٖ مُّزۡجَىٰةٖ فَأَوۡفِ لَنَا ٱلۡكَيۡلَ وَتَصَدَّقۡ عَلَيۡنَآۖ إِنَّ ٱللَّهَ يَجۡزِي ٱلۡمُتَصَدِّقِينَ ٨٨

88. Пас, чун [писарони Яъқуб ба Миср рафтанд ва] бар ӯ [Юсуф] ворид шуданд, гуфтанд: «Эй Азиз, ба мо ва хонадонамон [дар асари фақру хушксолӣ] сахтии фаровоне расидааст ва [инак] колои ночиз [ва моли андаке барои хариди ғалла] бо худ овардаем, пас, паймонаро бароямон комил кун ва бар мо садақа [ва бахшиш] кун. Бе тардид, Аллоҳ таоло бахшандагонро подош медиҳад»

قَالَ هَلۡ عَلِمۡتُم مَّا فَعَلۡتُم بِيُوسُفَ وَأَخِيهِ إِذۡ أَنتُمۡ جَٰهِلُونَ ٨٩

89. [Юсуф] Гуфт: «Оё донистед, ки вақте [аз оқибати коратон] бехабар будед, дар ҳаққи Юсуф ва бародараш чи кардед»?

قَالُوٓاْ أَءِنَّكَ لَأَنتَ يُوسُفُۖ قَالَ أَنَا۠ يُوسُفُ وَهَٰذَآ أَخِيۖ قَدۡ مَنَّ ٱللَّهُ عَلَيۡنَآۖ إِنَّهُۥ مَن يَتَّقِ وَيَصۡبِرۡ فَإِنَّ ٱللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجۡرَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٩٠

90. [Онон] Гуфтанд: «Оё ба ростӣ, ту [ҳамон] Юсуфӣ»? Ӯ гуфт: «[Ore] Ман Юсуфам ва ин бародари ман аст. Яқинан, Аллоҳ таоло бар мо миннат ниҳод. Ба ростӣ, ҳар ки парҳезкорӣ ва шикебоӣ кунад, пас, [бидонад, ки] бе тардид, Аллоҳ таоло подоши накукоронро табоҳ намекунад»

قَالُواْ تَٱللَّهِ لَقَدۡ ءَاثَرَكَ ٱللَّهُ عَلَيۡنَا وَإِن كُنَّا لَخَٰطِـِٔينَ ٩١

91. [Бародаронаш] Гуфтанд: «Ба Аллоҳ таоло савганд, [ки] яқинан, Аллоҳ таоло туро бар мо бартарӣ додааст ва мо, ҳатман, хатокор будем»

قَالَ لَا تَثۡرِيبَ عَلَيۡكُمُ ٱلۡيَوۡمَۖ يَغۡفِرُ ٱللَّهُ لَكُمۡۖ وَهُوَ أَرۡحَمُ ٱلرَّٰحِمِينَ ٩٢

92. [Юсуф] Гуфт: «Имрӯз ҳеҷ сарзанише бар шумо нест. Аллоҳ таоло шуморо меомурзад ва Ӯ меҳрубонтарини меҳрубонон аст

ٱذۡهَبُواْ بِقَمِيصِي هَٰذَا فَأَلۡقُوهُ عَلَىٰ وَجۡهِ أَبِي يَأۡتِ بَصِيرٗا وَأۡتُونِي بِأَهۡلِكُمۡ أَجۡمَعِينَ ٩٣

93. [Акнун] Ин пероҳани маро бибаред ва бар рӯи падарам биандозед, то бино гардад ва [сипас] ҳамаи хонаводаи худро назди ман биёваред»

وَلَمَّا فَصَلَتِ ٱلۡعِيرُ قَالَ أَبُوهُمۡ إِنِّي لَأَجِدُ رِيحَ يُوسُفَۖ لَوۡلَآ أَن تُفَنِّدُونِ ٩٤

94. Ва чун корвон [аз Миср ба сӯйи Канъон] ба роҳ афтод, падарашон [ба атрофиёнаш] гуфт:

«Агар маро камхирад нашуморед, [мегӯям, ки] яқинан, бӯйи Юсуфро эҳсос мекунам»

قَالُواْ تَٱللَّهِ إِنَّكَ لَفِي ضَلَٰلِكَ ٱلۡقَدِيمِ ٩٥

95. [Онон] Гуфтанд: «Ба Аллоҳ таоло савганд, ки ҳатман, [боз ҳам] дар иштибоҳи деринаат ҳастӣ»

فَلَمَّآ أَن جَآءَ ٱلۡبَشِيرُ أَلۡقَىٰهُ عَلَىٰ وَجۡهِهِۦ فَٱرۡتَدَّ بَصِيرٗاۖ قَالَ أَلَمۡ أَقُل لَّكُمۡ إِنِّيٓ أَعۡلَمُ مِنَ ٱللَّهِ مَا لَا تَعۡلَمُونَ ٩٦

96. Пас, чун муждарасон омад ва он [пероҳан]-ро бар чеҳраи ӯ афканд, пас, ногаҳон бино шуд [ва] гуфт: «Оё ба шумо нагуфтам, ки ман аз [лутфу бузургии] Аллоҳ таоло чизҳое медонам, ки шумо намедонед»?

قَالُواْ يَٰٓأَبَانَا ٱسۡتَغۡفِرۡ لَنَا ذُنُوبَنَآ إِنَّا كُنَّا خَٰطِـِٔينَ ٩٧

97. Гуфтанд: «Эй падар, барои мо [ба хотири] гуноҳонамон омурзиш бихоҳ, [чаро ки] яқинан, мо гунаҳгор будем»

قَالَ سَوۡفَ أَسۡتَغۡفِرُ لَكُمۡ رَبِّيٓۖ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ٩٨

98. [Яъқуб] Гуфт: «Ба зудӣ бароятон аз Парвардигорам омурзиш металабам. Бе тардид, Ӯ омурзандаи меҳрубон аст»

فَلَمَّا دَخَلُواْ عَلَىٰ يُوسُفَ ءَاوَىٰٓ إِلَيۡهِ أَبَوَيۡهِ وَقَالَ ٱدۡخُلُواْ مِصۡرَ إِن شَآءَ ٱللَّهُ ءَامِنِينَ ٩٩

99. Пас, [ҳамагӣ ба Миср рафтанд ва] чун бар Юсуф ворид шуданд, ӯ падару модарашро [дар оғӯш гирифт ва] назди худ ҷой доду гуфт: «[Ҳамагӣ ба Миср дароед, ки иншоаллоҳ [аз ҳар гуна озоре] эмин хоҳед буд»

وَرَفَعَ أَبَوَيۡهِ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ وَخَرُّواْ لَهُۥ سُجَّدٗاۖ وَقَالَ يَٰٓأَبَتِ هَٰذَا تَأۡوِيلُ رُءۡيَايَ مِن قَبۡلُ قَدۡ جَعَلَهَا رَبِّي حَقّٗاۖ وَقَدۡ أَحۡسَنَ بِيٓ إِذۡ أَخۡرَجَنِي مِنَ ٱلسِّجۡنِ وَجَآءَ بِكُم مِّنَ ٱلۡبَدۡوِ مِنۢ بَعۡدِ أَن نَّزَغَ ٱلشَّيۡطَٰنُ بَيۡنِي وَبَيۡنَ إِخۡوَتِيٓۚ إِنَّ رَبِّي لَطِيفٞ لِّمَا يَشَآءُۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡعَلِيمُ ٱلۡحَكِيمُ ١٠٠

100. Ва падару модарашро бар тахт нишонд ва [ҳамагӣ] барояш ба саҷда афтоданд ва [Юсуф] гуфт: «Падарҷон, ин таъбир [-и ҳамон] хобам аст, ки пештар дида будам. Парвардигорам онро рост гардонид [ва таҳаққуқ бахшид]. Яқинан, Ӯ ба ман некӣ кард, ки маро аз зиндон берун овард ва пас аз он ки шайтон миёни ману бародаронам фитна барпо кард, шуморо аз биёбон [-и Канъон ба Миср] овард. Бе тардид, Парвардигорам дар он чи мехоҳад, борикбин аст. Ба ростӣ, ки Ӯ донои ҳаким аст

رَبِّ قَدۡ ءَاتَيۡتَنِي مِنَ ٱلۡمُلۡكِ وَعَلَّمۡتَنِي مِن تَأۡوِيلِ ٱلۡأَحَادِيثِۚ فَاطِرَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ أَنتَ وَلِيِّۦ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِۖ تَوَفَّنِي مُسۡلِمٗا وَأَلۡحِقۡنِي بِٱلصَّٰلِحِينَ ١٠١

101. Парвардигоро, маро аз фармонравоӣ [бахрае] ато кардӣ ва илми таъбири хобҳо ба ман омӯхтӣ. Эй Падидоварандаи осмонҳо ва замин, Туӣ,

ки дар дунё ва охират [дӯсту] корсози манӣ. Маро мусулмон [фармонбардор] бимирон ва ба шоистагон мулҳақ фармо»

ذَٰلِكَ مِنْ أَنۢبَآءِ ٱلْغَيْبِ نُوحِيهِ إِلَيْكَ ۖ وَمَا كُنتَ لَدَيْهِمْ إِذْ أَجْمَعُوٓاْ أَمْرَهُمْ وَهُمْ يَمْكُرُونَ ﴿١٠٢﴾

102. Эй Паёмбар] ин [достон] аз хабарҳои ғайб аст, ки ба ту ваҳй мекунем ва ҳангоме ки [бародарони Юсуф алайҳи вай] бадандешӣ мекарданд ва найранг мезаданд, ту наздашон набудӣ

وَمَآ أَكْثَرُ ٱلنَّاسِ وَلَوْ حَرَصْتَ بِمُؤْمِنِينَ ﴿١٠٣﴾

103. Ва бештари мардум муъмин нестанд, ҳатто агар [барои имон оварданашон] ҳирс биварзӣ

وَمَا تَسْـَٔلُهُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ ۚ إِنْ هُوَ إِلَّا ذِكْرٌ لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿١٠٤﴾

104. Ту аз онон барои ин [рисолат] подош намехоҳӣ. Ин [Қуръон чизе] нест, магар панде барои ҷаҳониён

وَكَأَيِّن مِّنْ ءَايَةٍ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ يَمُرُّونَ عَلَيْهَا وَهُمْ عَنْهَا مُعْرِضُونَ ﴿١٠٥﴾

105. Ва чи бисёр нишонаҳо дар осмонҳо ва замин вуҷуд дорад, ки бар онҳо мегузаранд, ва [-ле] аз онҳо рӯй бармегардонанд [ва таваҷҷуҳ намекунанд]

وَمَا يُؤْمِنُ أَكْثَرُهُم بِٱللَّهِ إِلَّا وَهُم مُّشْرِكُونَ ﴿١٠٦﴾

106. Ва бештарашон [дар зоҳир] ба Аллоҳ таоло имон намеоваранд, магар он ки [дар амал ба навъе] мушриканд

أَفَأَمِنُوٓاْ أَن تَأْتِيَهُمْ غَٰشِيَةٌ مِّنْ عَذَابِ ٱللَّهِ أَوْ تَأْتِيَهُمُ ٱلسَّاعَةُ بَغْتَةً وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ ﴿١٠٧﴾

107. Оё [мушрикон] эмин ҳастанд аз ин ки азобе фарогир аз ҷониби Аллоҳ таоло бар онон фуруд ояд ё дар ҳоле ки ғофиланд, ногаҳон қиёмат бар эшон фаро расад?

قُلْ هَٰذِهِۦ سَبِيلِىٓ أَدْعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ ۚ عَلَىٰ بَصِيرَةٍ أَنَا۠ وَمَنِ ٱتَّبَعَنِى ۖ وَسُبْحَٰنَ ٱللَّهِ وَمَآ أَنَا۠ مِنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ﴿١٠٨﴾

108. [Эй Паёмбар, ба мардум] бигӯ: «Ин роҳи ман аст. Ман бо далели ошкор ба сӯйи Аллоҳ таоло даъват мекунам ва касоне, ки аз ман пайравӣ карданд [низ чунин мекунанд] ва Аллоҳ таоло поку муназзаҳ аст ва ман аз мушрикон нестам»

وَمَآ أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ إِلَّا رِجَالًا نُّوحِىٓ إِلَيْهِم مِّنْ أَهْلِ ٱلْقُرَىٰٓ ۗ أَفَلَمْ يَسِيرُواْ فِى ٱلْأَرْضِ فَيَنظُرُواْ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ ۗ وَلَدَارُ ٱلْأَخِرَةِ خَيْرٌ لِّلَّذِينَ ٱتَّقَوْاْ ۗ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ﴿١٠٩﴾

109. Ва Мо пеш аз ту ҷуз мардоне аз аҳли [ҳамин] шаҳрҳо [-ро ба паёмбарӣ] нафиристодаем, ки ба онон ваҳй мекардем. Оё дар замин

гардиш накардаанд, то бубинанд саранҷоми касоне, пеш аз онон буданд, чӣ гуна будааст? Ва яқинан, сарои охират барои парҳезгорон беҳтар аст. Оё намеандешед?

حَتَّىٰٓ إِذَا ٱسْتَيْـَٔسَ ٱلرُّسُلُ وَظَنُّوٓاْ أَنَّهُمْ قَدْ كُذِبُواْ جَآءَهُمْ نَصْرُنَا فَنُجِّيَ مَن نَّشَآءُۖ وَلَا يُرَدُّ بَأْسُنَا عَنِ ٱلْقَوْمِ ٱلْمُجْرِمِينَ ﴿١١٠﴾

110. [Мо ҳамчунон ба кофирон муҳлат медодем] То он гоҳ ки паёмбарон [аз нузули азоб] маъюс шуданд ва [мардум] пиндоштанд, ки ба онон дурӯғ гуфта шудааст. [Дар ин ҳангом] Ёрии Мо ба суроғашон омад. Пас, ҳар киро хостем, наҷот ёфт, ва[-ле] азоби сахти Мо аз гурӯҳи муҷримон бозгардонида намешавад

لَقَدْ كَانَ فِى قَصَصِهِمْ عِبْرَةٌ لِّأُوْلِى ٱلْأَلْبَٰبِۗ مَا كَانَ حَدِيثًا يُفْتَرَىٰ وَلَٰكِن تَصْدِيقَ ٱلَّذِى بَيْنَ يَدَيْهِ وَتَفْصِيلَ كُلِّ شَىْءٍ وَهُدًى وَرَحْمَةً لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿١١١﴾

111. Яқинан дар достони онон барои хирадмандон ибратест. Ин [Қуръон] сухане нест, ки ба дурӯғ сохта шуда бошад, балки тасдиққунандаи он чи [аз китобҳое] аст, ки пеш аз он [омада] аст ва равшангари ҳама чиз аст ва раҳнамуду раҳмате аст барои гурӯҳе, ки имон меоварад

(13) Раъд(*) الرعد

Ҷузъи 13

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓمٓرٰۚ تِلْكَ ءَايَٰتُ ٱلْكِتَٰبِۗ وَٱلَّذِىٓ أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ ٱلْحَقُّ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يُؤْمِنُونَ ﴿١﴾

1. Алиф, лом, мим, ро.(1) Ин оёти китоби [осмонӣ] ва он чи аз [сӯйи] Парвардигорат бар ту нозил шудааст, ҳақ аст, вале бештари мардум имон намеоваранд

ٱللَّهُ ٱلَّذِى رَفَعَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ بِغَيْرِ عَمَدٍ تَرَوْنَهَاۖ ثُمَّ ٱسْتَوَىٰ عَلَى ٱلْعَرْشِۖ وَسَخَّرَ ٱلشَّمْسَ وَٱلْقَمَرَۖ كُلٌّ يَجْرِى لِأَجَلٍ مُّسَمًّىۚ يُدَبِّرُ ٱلْأَمْرَ يُفَصِّلُ ٱلْأٓيَٰتِ لَعَلَّكُم بِلِقَآءِ رَبِّكُمْ تُوقِنُونَ ﴿٢﴾

2. Аллоҳ таоло аст, ки осмонҳоро бидуни сутунҳое, ки онҳоро бубинед, барафрошт, он гоҳ бар Арш қарор гирифт ва хуршеду моҳро ба хидмат [-и инсон] гумоштааст, ки ҳар як то замоне муайян дар [мадори худ] равон бошанд. Ӯ кор [-и ҷаҳон]-ро тадбир мекунад ва оёти [хеш]-ро ба равшани баён медорад, бошад, ки ба дидори Парвардигоратон яқин пайдо кунед

وَهُوَ ٱلَّذِى مَدَّ ٱلْأَرْضَ وَجَعَلَ فِيهَا رَوَٰسِىَ وَأَنْهَٰرًاۖ وَمِن كُلِّ ٱلثَّمَرَٰتِ جَعَلَ فِيهَا زَوْجَيْنِ ٱثْنَيْنِۖ يُغْشِى ٱلَّيْلَ ٱلنَّهَارَۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ ﴿٣﴾

3. Ва Ӯст он ки заминро бигустард ва дар он кӯҳҳои устувор ва ҷӯйборҳо падид овард ва дар он аз ҳар гуна мевае ду гуна офарид, шабро ба рӯз [ва рӯзро ба шаб] мепӯшонад. Ҳатман, дар инҳо барои мардуме, ки меандешанд, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст

وَفِى ٱلْأَرْضِ قِطَعٌ مُّتَجَٰوِرَٰتٌ وَجَنَّٰتٌ مِّنْ أَعْنَٰبٍ وَزَرْعٌ وَنَخِيلٌ صِنْوَانٌ وَغَيْرُ صِنْوَانٍ يُسْقَىٰ بِمَآءٍ وَٰحِدٍ وَنُفَضِّلُ بَعْضَهَا عَلَىٰ بَعْضٍ فِى ٱلْأُكُلِۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ ﴿٤﴾

4. Ва дар замин қитъаҳое аст дар канори ҳам [ки бо якдигар мутафовитанд] ва [низ] боғҳое аз ангур ва киштзорҳову дарахтони хурмо, ки [нару модаанд ва] гоҳ аз як реша мерӯянд ва гоҳ аз решаҳое гуногунанд ва [ҳамаи онҳо] бо як об сероб мешаванд. Ва [бо ин ҳол] баъзе аз онҳоро дар [таъму хосияти] мева бар дигаре бартарӣ медиҳем. Бе тардид, дар ин [амр низ] барои мардуме, ки хирад меварзанд, нишонаҳо [-и равшане] ҳаст

وَإِن تَعْجَبْ فَعَجَبٌ قَوْلُهُمْ أَءِذَا كُنَّا تُرَٰبًا أَءِنَّا لَفِى خَلْقٍ جَدِيدٍۗ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ بِرَبِّهِمْۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ ٱلْأَغْلَٰلُ فِىٓ أَعْنَاقِهِمْۖ

5. Ва [эй паёмбар] агар [аз беимонии кофирон] тааҷҷуб мекунӣ, аҷиб [-тар] гуфтори онон аст, ки

(*) Раъд (Тундар)

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

وَأُوْلَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلنَّارِ ۖ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿٥﴾

[дар бораи миод мегӯянд]: «Оё вақте хок шудем, воқеан [зинда мешавем ва] дар офариниши ҷадиде хоҳем буд»? Инонанд, ки ба Парвардигорашон куфр варзидаанд ва дар гарданҳояшон [аз оташ] занҷирҳост ва онон аҳли оташанд [ва] дар он ҷовидонанд

وَيَسْتَعْجِلُونَكَ بِٱلسَّيِّئَةِ قَبْلَ ٱلْحَسَنَةِ وَقَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِمُ ٱلْمَثُلَٰتُ ۗ وَإِنَّ رَبَّكَ لَذُو مَغْفِرَةٍ لِّلنَّاسِ عَلَىٰ ظُلْمِهِمْ ۖ وَإِنَّ رَبَّكَ لَشَدِيدُ ٱلْعِقَابِ ﴿٦﴾

6. Ва [эй Паёмбар, мушрикон] пеш аз некӣ [раҳмат] ба шитоб аз ту бадӣ [азоб]-ро дархост мекунанд ва ҳол он ки пеш аз эшон [низ бар кофирон] уқубатҳои ибратомӯз рафтааст ва ба ростӣ, Парвардигорат нисбат ба мардум, бо вуҷуди ситамгориашон омурзандааст ва бешак Парвардигорат сахткайфар аст

وَيَقُولُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لَوْلَآ أُنزِلَ عَلَيْهِ ءَايَةٌ مِّن رَّبِّهِۦٓ ۗ إِنَّمَآ أَنتَ مُنذِرٌ ۖ وَلِكُلِّ قَوْمٍ هَادٍ ﴿٧﴾

7. Кофирон мегӯянд: «Чаро нишонаҳо [ва муъҷизоте ҳаммонанди Мӯсо ва Исо] аз Парвардигораш бар ӯ нозил нашудааст»? [Эй паёмбар] бе тардид, ту фақат бимдиҳандаӣ ва ҳар қавме [паёмбари] ҳидоятгаре дорад

ٱللَّهُ يَعْلَمُ مَا تَحْمِلُ كُلُّ أُنثَىٰ وَمَا تَغِيضُ ٱلْأَرْحَامُ وَمَا تَزْدَادُ ۖ وَكُلُّ شَىْءٍ عِندَهُۥ بِمِقْدَارٍ ﴿٨﴾

8. Аллоҳ таоло медонад он чиро, ки ҳар модае [дар раҳим] бор мегирад ва [низ] он чиро, ки раҳимҳо мекоҳанд ва он чиро меафзоянд ва ҳар чизе назди Ӯ ба андоза [ва дақиқ] аст

عَٰلِمُ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ٱلْكَبِيرُ ٱلْمُتَعَالِ ﴿٩﴾

9. [Ӯ] Донои ниҳону ошкор [ва] бузургу баландмартаба аст

سَوَآءٌ مِّنكُم مَّنْ أَسَرَّ ٱلْقَوْلَ وَمَن جَهَرَ بِهِۦ وَمَنْ هُوَ مُسْتَخْفٍۭ بِٱلَّيْلِ وَسَارِبٌۢ بِٱلنَّهَارِ ﴿١٠﴾

10. [Эй мардум] Ҳар касе аз шумо, ки сухани худро пинҳон кунад ё онро ошкоро баён созад ва ҳар ки дар [торикии] шаб пинҳон гардад ё дар рӯз [ба дунболи анҷоми корҳояш] биравад, [дар илми илоҳӣ] яксон аст [ва Ӯ ҳамаро медонад]

لَهُۥ مُعَقِّبَٰتٌ مِّنۢ بَيْنِ يَدَيْهِ وَمِنْ خَلْفِهِۦ يَحْفَظُونَهُۥ مِنْ أَمْرِ ٱللَّهِ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا۟ مَا بِأَنفُسِهِمْ ۗ وَإِذَآ أَرَادَ ٱللَّهُ بِقَوْمٍ سُوٓءًا فَلَا مَرَدَّ لَهُۥ ۚ وَمَا لَهُم مِّن دُونِهِۦ مِن وَالٍ ﴿١١﴾

11. Ӯ [Аллоҳ таоло] фариштагоне дорад, ки ҳамвора [бандаи] Ӯро аз пешорӯ ва аз пушти сараш ба фармони Аллоҳ таоло ҳифз мекунанд. Бе гумон, Аллоҳ таоло ҳол [ва сарнавишти накуи] ҳеҷ қавмеро тағйир намедиҳад, магар он ки онон он

чиро, ки дар дилҳояшон доранд, дигаргун созанд [ва муртакиби гуноҳ шаванд]. Ва ҳангоме ки Аллоҳ таоло барои қавме [гирифторӣ ва] бадӣ бихоҳад, ҳеҷ чиз монеаш нахоҳад шуд ва онон ҷуз [Зоти поки] Ӯ ҳеҷ корсозе надоранд

هُوَ ٱلَّذِى يُرِيكُمُ ٱلۡبَرۡقَ خَوۡفٗا وَطَمَعٗا وَيُنشِئُ ٱلسَّحَابَ ٱلثِّقَالَ ١٢

12. Ӯст, ки баркро барои бим [соиқа ва оташ] ва умед [борон] ба шумо менамоёнад ва абрҳои гаронборро падид меоварад

وَيُسَبِّحُ ٱلرَّعۡدُ بِحَمۡدِهِۦ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ مِنۡ خِيفَتِهِۦ وَيُرۡسِلُ ٱلصَّوَٰعِقَ فَيُصِيبُ بِهَا مَن يَشَآءُ وَهُمۡ يُجَٰدِلُونَ فِى ٱللَّهِ وَهُوَ شَدِيدُ ٱلۡمِحَالِ ١٣

13. Раъд ба ситоиши Ӯ ва фариштагон аз хавфу тарс Ӯро тасбеҳ мегӯянд ва [Ӯст, ки] соиқаҳоро мефиристад. Пас, он [соиқаи маргбор] ба ҳар ки Ӯ бихоҳад, бархӯрд мекунад ва онон [кофирон] дар бораи [ягонагии] Аллоҳ таоло мучодала мекунанд ва Ӯ сахтгир [-у сахткайфар] аст

لَهُۥ دَعۡوَةُ ٱلۡحَقِّۖ وَٱلَّذِينَ يَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ لَا يَسۡتَجِيبُونَ لَهُم بِشَىۡءٍ إِلَّا كَبَٰسِطِ كَفَّيۡهِ إِلَى ٱلۡمَآءِ لِيَبۡلُغَ فَاهُ وَمَا هُوَ بِبَٰلِغِهِۦۚ وَمَا دُعَآءُ ٱلۡكَٰفِرِينَ إِلَّا فِى ضَلَٰلٍ ١٤

14. Даъват ба ҳақ [тавҳид] аз они Ӯст ва [бутҳо ва дигар] касонеро, ки [мушрикон] ба ҷойи Ӯ мехонанд, [ҳаргиз] ба эшон посухе намедиҳанд, магар монанди касе, ки ду дасташро ба сӯйи об бикушояд, то [об] ба даҳонаш бирасонад, дар ҳоле ки [ҳеҷ обе] ба [даҳони] ӯ намерасад ва дуои кофирон [дар баробари бутҳояшон] ҷуз дар гумроҳӣ нест

وَلِلَّهِ يَسۡجُدُ مَن فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ طَوۡعٗا وَكَرۡهٗا وَظِلَٰلُهُم بِٱلۡغُدُوِّ وَٱلۡأٓصَالِ ١٥

15. Ва ҳар ки [ва ҳар чи] дар осмонҳо ва замин аст, хоҳу нохоҳ ва [ҳатто] сояҳояшон бомдоду шабонгоҳ барои Аллоҳ таоло саҷда [ва фурӯтанӣ] мекунанд

قُلۡ مَن رَّبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ قُلِ ٱللَّهُۚ قُلۡ أَفَٱتَّخَذۡتُم مِّن دُونِهِۦٓ أَوۡلِيَآءَ لَا يَمۡلِكُونَ لِأَنفُسِهِمۡ نَفۡعٗا وَلَا ضَرّٗاۚ قُلۡ هَلۡ يَسۡتَوِى ٱلۡأَعۡمَىٰ وَٱلۡبَصِيرُ أَمۡ هَلۡ تَسۡتَوِى ٱلظُّلُمَٰتُ وَٱلنُّورُۗ أَمۡ جَعَلُواْ لِلَّهِ شُرَكَآءَ خَلَقُواْ كَخَلۡقِهِۦ فَتَشَٰبَهَ ٱلۡخَلۡقُ عَلَيۡهِمۡۚ قُلِ ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَىۡءٖ وَهُوَ ٱلۡوَٰحِدُ ٱلۡقَهَّٰرُ ١٦

16. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Парвардигори осмонҳо ва замин кист»? Бигӯ: «Аллоҳ таоло». [Сипас] Бигӯ: «Оё ба ҷойи Ӯ [дӯстону] корсозоне баргузидаед, ки [ҳатто] молики суду зиёни худ нестанд»? Бигӯ: «Оё нобино ва бино баробаранд? Ё торикиҳо ва нур яксонанд? Ё онон шариконе барои Аллоҳ таоло қарор додаанд, ки ҳамчун офариниши Ӯ офаридаанд ва [дар натича амри] офариниш бар онон муштабаҳ шудааст»? Бигӯ: «Аллоҳ таоло офаринандаи ҳама чиз аст ва Ӯ ягонаи пирӯзманд аст

أَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَسَالَتْ أَوْدِيَةٌۢ بِقَدَرِهَا فَٱحْتَمَلَ ٱلسَّيْلُ زَبَدًا رَّابِيًا ۚ وَمِمَّا يُوقِدُونَ عَلَيْهِ فِى ٱلنَّارِ ٱبْتِغَآءَ حِلْيَةٍ أَوْ مَتَٰعٍ زَبَدٌ مِّثْلُهُۥ ۚ كَذَٰلِكَ يَضْرِبُ ٱللَّهُ ٱلْحَقَّ وَٱلْبَٰطِلَ ۚ فَأَمَّا ٱلزَّبَدُ فَيَذْهَبُ جُفَآءً ۖ وَأَمَّا مَا يَنفَعُ ٱلنَّاسَ فَيَمْكُثُ فِى ٱلْأَرْضِ ۚ كَذَٰلِكَ يَضْرِبُ ٱللَّهُ ٱلْأَمْثَالَ ﴿١٧﴾

17. [Аллоҳ таоло] Аз осмон обе фурӯ борид, он гоҳ рӯдҳо ҳар як ба андозаи [ғунҷоиши] худ ҷорӣ шуданд ва селоб кафк рӯйи худ бароварда ва аз он чи бар оташ меафрузанд [ва мегудозанд], то зевар ё колое ба даст ояранд, [низ] кафке ҳаммонанди он [аз об бармеояд]. Аллоҳ таоло ҳаққу ботилро инчунин мисол мезанад. Ва аммо кафк ба каноре меравад ва нест мегардад, вале он чи ба мардум суд мерасонад, бар замин [боқӣ] мемонад. Аллоҳ таоло масалҳо инчунин баён мекунад

لِلَّذِينَ ٱسْتَجَابُوا۟ لِرَبِّهِمُ ٱلْحُسْنَىٰ ۚ وَٱلَّذِينَ لَمْ يَسْتَجِيبُوا۟ لَهُۥ لَوْ أَنَّ لَهُم مَّا فِى ٱلْأَرْضِ جَمِيعًا وَمِثْلَهُۥ مَعَهُۥ لَٱفْتَدَوْا۟ بِهِۦٓ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ لَهُمْ سُوٓءُ ٱلْحِسَابِ وَمَأْوَىٰهُمْ جَهَنَّمُ ۖ وَبِئْسَ ٱلْمِهَادُ ﴿١٨﴾

18. Барои касоне, ки [даъвати] Парвардигорашонро иҷобат карданд, подоши неки [биҳишт дар пеш] аст ва касоне, ки [даъвати[Ӯро иҷобат накарданд, агар тамоми он чи дар замин аст ва [низ] ҳаммонандашро бо он доштанд, яқинан [ҳозир буданд, ки ҳамаро] барои раҳоии хеш [аз азоб] бипардозанд [вале аз эшон пазируфта нахоҳад шуд]. Онон ҳисоби баде доранд [ва бозхосте бисёр сахт] ва ҷойгоҳашон дузах аст ва чи бад ҷойгоҳе ҳаст!

أَفَمَن يَعْلَمُ أَنَّمَآ أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ ٱلْحَقُّ كَمَنْ هُوَ أَعْمَىٰٓ ۚ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُو۟لُوا۟ ٱلْأَلْبَٰبِ ﴿١٩﴾

19. Оё касе, ки медонад, ки он чи аз [тарафи] Парвардигорат бар ту нозил шуда, ҳақ аст, монанди касест, ки [нисбат ба ҳақ] нобиност? Танҳо хирадмандон панд мегиранд.

ٱلَّذِينَ يُوفُونَ بِعَهْدِ ٱللَّهِ وَلَا يَنقُضُونَ ٱلْمِيثَٰقَ ﴿٢٠﴾

20. [Ҳамон] Касоне, ки ба паймони Аллоҳ таоло вафо мекунанд ва аҳд намешикананд

وَٱلَّذِينَ يَصِلُونَ مَآ أَمَرَ ٱللَّهُ بِهِۦٓ أَن يُوصَلَ وَيَخْشَوْنَ رَبَّهُمْ وَيَخَافُونَ سُوٓءَ ٱلْحِسَابِ ﴿٢١﴾

21. Ва касоне, ки ҳар он чиро Аллоҳ таоло ба пайванд кардани он фармон додааст, мепайванданд [силаи раҳим мекунанд] ва аз Парвардигорашон метарсанд ва аз сахтии ҳисоб меҳаросанд

وَٱلَّذِينَ صَبَرُوا۟ ٱبْتِغَآءَ وَجْهِ رَبِّهِمْ وَأَقَامُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَنفَقُوا۟ مِمَّا رَزَقْنَٰهُمْ سِرًّا وَعَلَانِيَةً وَيَدْرَءُونَ بِٱلْحَسَنَةِ ٱلسَّيِّئَةَ أُو۟لَٰٓئِكَ لَهُمْ عُقْبَى ٱلدَّارِ ﴿٢٢﴾

22. Ва касоне, ки барои касби хушнудии Парвардигорашон шикебоӣ кардаанд ва намоз барпо доштаанд ва аз он чи ба онон рӯзӣ додаем, пинҳону ошкоро инфоқ кардаанд ва бадиро бо некӣ мезудоянд. Ононанд, ки нек фарҷоме хоҳанд дошт.

جَنَّٰتُ عَدۡنٖ يَدۡخُلُونَهَا وَمَن صَلَحَ مِنۡ ءَابَآئِهِمۡ وَأَزۡوَٰجِهِمۡ وَذُرِّيَّٰتِهِمۡۖ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ يَدۡخُلُونَ عَلَيۡهِم مِّن كُلِّ بَابٖ ٢٣

23. [Подошашон] Боғҳои ҷовидон [-и биҳишт аст], ки онон ва ҳар як аз падарон ва ҳамсарону фарзандонашон, ки накукор будаанд, ба он ворид мешаванд ва фариштагон аз ҳар даре бар онон дармеоянд

سَلَٰمٌ عَلَيۡكُم بِمَا صَبَرۡتُمۡۚ فَنِعۡمَ عُقۡبَى ٱلدَّارِ ٢٤

24. [Ва ба онон мегӯянд] «Салом бар шумо ба [подоши] он чи [бар имонатон] шикебоӣ кардаед. Пас, чи накуст фарҷоми он саро!»

وَٱلَّذِينَ يَنقُضُونَ عَهۡدَ ٱللَّهِ مِنۢ بَعۡدِ مِيثَٰقِهِۦ وَيَقۡطَعُونَ مَآ أَمَرَ ٱللَّهُ بِهِۦٓ أَن يُوصَلَ وَيُفۡسِدُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱللَّعۡنَةُ وَلَهُمۡ سُوٓءُ ٱلدَّارِ ٢٥

25. Ва касоне, ки паймони Аллоҳро пас аз устувор карданаш мешикананд ва он чиро, ки Аллоҳ таоло ба пайвастанаш фармон додааст [силаи раҳим] қатъ мекунанд ва дар замин [фитнаву] фасод мекунанд, инонанд, ки [дар охират] лаънат ва бад фарҷоме доранд

ٱللَّهُ يَبۡسُطُ ٱلرِّزۡقَ لِمَن يَشَآءُ وَيَقۡدِرُۚ وَفَرِحُواْ بِٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَمَا ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا فِي ٱلۡأٓخِرَةِ إِلَّا مَتَٰعٞ ٢٦

26. Аллоҳ таоло [неъмату] рӯзиро бар ҳар ки бихоҳад, густурда медорад ва ё танг мегирад ва [кофирон] ба зиндагии дунё шод шуданд, ва[-ле] зиндагии дунё дар [баробари] охират ҷуз баҳрае [ночиз] нест

وَيَقُولُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَوۡلَآ أُنزِلَ عَلَيۡهِ ءَايَةٞ مِّن رَّبِّهِۦۚ قُلۡ إِنَّ ٱللَّهَ يُضِلُّ مَن يَشَآءُ وَيَهۡدِيٓ إِلَيۡهِ مَنۡ أَنَابَ ٢٧

27. Ва касоне, ки куфр варзиданд, мегӯянд: «Чаро нишонае аз [сӯйи] Парвардигораш бар ӯ нозил нашудааст»? Бигӯ: «Бе тардид, Аллоҳ таоло ҳар киро, ки бихоҳад гумроҳ мекунад ва ҳар киро, ки тавба намояд, ба сӯйи хеш ҳидоят мекунад»

ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَتَطۡمَئِنُّ قُلُوبُهُم بِذِكۡرِ ٱللَّهِۗ أَلَا بِذِكۡرِ ٱللَّهِ تَطۡمَئِنُّ ٱلۡقُلُوبُ ٢٨

28. [Ҳамон] Касоне, ки имон овардаанд ва дилҳояшон ба ёди Аллоҳ таоло ором мегирад. Бидонед, ки бо ёди Аллоҳ таоло аст, ки дилҳо ором мегирад

ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ طُوبَىٰ لَهُمۡ وَحُسۡنُ مَـَٔابٖ ٢٩

29. Касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, хушо бар онон! Ва нек саранҷоме доранд

كَذَٰلِكَ أَرۡسَلۡنَٰكَ فِيٓ أُمَّةٖ قَدۡ خَلَتۡ مِن قَبۡلِهَآ أُمَمٞ لِّتَتۡلُوَاْ عَلَيۡهِمُ ٱلَّذِيٓ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ وَهُمۡ يَكۡفُرُونَ بِٱلرَّحۡمَٰنِۚ قُلۡ هُوَ رَبِّي لَآ إِلَٰهَ

30. [Эй Паёмбар] Бад-ин сон туро байни уммате фиристодем, ки пеш аз онҳо умматҳое омада

إِلَّا هُوَ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ وَإِلَيْهِ مَتَابِ ﴿٣٠﴾

[ва рафта] буданд, то он чи бар ту ваҳй кардаем, бар онон бихонӣ ва ҳол он ки онон ба [Парвардигори] раҳмон куфр меварзанд. Бигӯ: «Ӯ Парвардигори ман аст [ва] маъбуде [барҳақ] ҷуз Ӯ нест. Бар Ӯ таваккал кардам ва бозгаштам ба сӯйи Ӯст»

وَلَوْ أَنَّ قُرْءَانًا سُيِّرَتْ بِهِ ٱلْجِبَالُ أَوْ قُطِّعَتْ بِهِ ٱلْأَرْضُ أَوْ كُلِّمَ بِهِ ٱلْمَوْتَىٰ ۗ بَل لِّلَّهِ ٱلْأَمْرُ جَمِيعًا ۗ أَفَلَمْ يَايْـَٔسِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ أَن لَّوْ يَشَآءُ ٱللَّهُ لَهَدَى ٱلنَّاسَ جَمِيعًا ۗ وَلَا يَزَالُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ تُصِيبُهُم بِمَا صَنَعُوا۟ قَارِعَةٌ أَوْ تَحُلُّ قَرِيبًا مِّن دَارِهِمْ حَتَّىٰ يَأْتِىَ وَعْدُ ٱللَّهِ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُخْلِفُ ٱلْمِيعَادَ ﴿٣١﴾

31. Ва [ҳатто] агар Қуръоне буд, ки кӯҳҳо аз [ҳайбати] он ба ҳаракат дармеомад ва замин пора-пора мешикофт ё мурдагон аз [тиловати] он ба сухан дармеомаданд, [боз ҳам кофирон имон намеоварданд]. Амри [тадбири ҷаҳон ва нузули муъҷизот] аз они Аллоҳ таоло аст. Оё касоне, ки имон овардаанд, намедонанд, ки агар Аллоҳ таоло мехост, ҳатман, ҳамаи мардумро ҳидоят мекард? Ва касоне, ки куфр варзиданд, пайваста ба [сазои] он чи кардаанд, гирифтори мусибати кӯбандае мешаванд ё [азоби илоҳӣ] наздики хонаҳояшон фуруд меояд ё [саранҷом] ваъдаи Аллоҳ таоло фаро мерасад. Бе тардид, Аллоҳ таоло хилофи ваъда намекунад

وَلَقَدِ ٱسْتُهْزِئَ بِرُسُلٍ مِّن قَبْلِكَ فَأَمْلَيْتُ لِلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ثُمَّ أَخَذْتُهُمْ ۖ فَكَيْفَ كَانَ عِقَابِ ﴿٣٢﴾

32. [Эй Паёмбар] Яқинан, паёмбароне, ки пеш аз ту буданд, [низ] мавриди тамасхур воқеъ шуданд, он гоҳ ба касоне, ки куфр варзиданд, муҳлат додам, сипас ононро [ба азоб] фурӯ гирифтам. Пас, [бингар, ки] кайфари ман чи гуна буд

أَفَمَنْ هُوَ قَآئِمٌۢ عَلَىٰ كُلِّ نَفْسٍۭ بِمَا كَسَبَتْ ۗ وَجَعَلُوا۟ لِلَّهِ شُرَكَآءَ قُلْ سَمُّوهُمْ ۚ أَمْ تُنَبِّـُٔونَهُۥ بِمَا لَا يَعْلَمُ فِى ٱلْأَرْضِ أَم بِظَٰهِرٍ مِّنَ ٱلْقَوْلِ ۗ بَلْ زُيِّنَ لِلَّذِينَ كَفَرُوا۟ مَكْرُهُمْ وَصُدُّوا۟ عَنِ ٱلسَّبِيلِ ۗ وَمَن يُضْلِلِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِنْ هَادٍ ﴿٣٣﴾

33. Оё он [Парвардигоре], ки ҳоким бар ҳар кас ва [нозир бар] рафтору кирдори ӯст, [ба парастиш сазовортар аст ё бутҳои бечон]? Ва [кофирон] барои Аллоҳ таоло шариконе қарор додаанд. Бигӯ: «Ононро ном баред». Оё [мехоҳед ба] ӯ дар бораи он чи дар замин аст ва ӯ намедонад хабар диҳед, ё фақат сухани сатҳие ва [беасос] мегӯед? [Чунин нест] балки барои касоне, ки куфр варзидаанд, найрангашон ороста шудааст ва аз роҳи [ҳақ] боздошта шудаанд ва ҳар киро Аллоҳ таоло гумроҳ гузорад, ҳидоятгаре нахоҳад дошт

لَّهُمْ عَذَابٌ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا ۖ وَلَعَذَابُ ٱلْءَاخِرَةِ أَشَقُّ ۖ وَمَا لَهُم مِّنَ ٱللَّهِ مِن وَاقٍ ﴿٣٤﴾

34. Онон дар зиндагии дунё азоб [-и дардноке] доранд ва ҳатман, азоби охират сахттар аст ва дар баробари [азоби] Аллоҳ таоло ҳеҷ [ёру] мудофеъе надоранд

مَّثَلُ ٱلْجَنَّةِ ٱلَّتِى وُعِدَ ٱلْمُتَّقُونَ ۖ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ ۖ أُكُلُهَا دَآئِمٌ وَظِلُّهَا ۚ تِلْكَ عُقْبَى ٱلَّذِينَ ٱتَّقَواْ وَّعُقْبَى ٱلْكَٰفِرِينَ ٱلنَّارُ ﴿٣٥﴾

35. Вижагии биҳиште, ки ба парҳезгорон ваъда дода шуда, [чунин аст, ки] ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст, меваҳояш ҳамешагӣ ва сояаш [низ доимӣ аст]. Ин саранҷоми касонест, ки парҳезгорӣ кардаанд ва саранҷоми кофирон оташ [-и дузах] аст

وَٱلَّذِينَ ءَاتَيْنَٰهُمُ ٱلْكِتَٰبَ يَفْرَحُونَ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيْكَ ۖ وَمِنَ ٱلْأَحْزَابِ مَن يُنكِرُ بَعْضَهُۥ ۚ قُلْ إِنَّمَآ أُمِرْتُ أَنْ أَعْبُدَ ٱللَّهَ وَلَآ أُشْرِكَ بِهِۦٓ ۚ إِلَيْهِ أَدْعُواْ وَإِلَيْهِ مَـَٔابِ ﴿٣٦﴾

36. Ва касоне, ки ба онон китоби осмонӣ додаем, аз он чи бар ту нозил шудааст, шодмон мешаванд ва бархе аз гурӯҳҳо[-и аҳли китоб] бахше аз онро инкор мекунанд. [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Ҷуз ин нест, ки ман дастур ёфтаам, Аллоҳро бипарастам ва ба Ӯ ширк наварзам, ба сӯйи Ӯ даъват мекунам ва бозгаштам ба сӯйи Ӯст»

وَكَذَٰلِكَ أَنزَلْنَٰهُ حُكْمًا عَرَبِيًّا ۚ وَلَئِنِ ٱتَّبَعْتَ أَهْوَآءَهُم بَعْدَ مَا جَآءَكَ مِنَ ٱلْعِلْمِ ۙ مَا لَكَ مِنَ ٱللَّهِ مِن وَلِىٍّ وَلَا وَاقٍ ﴿٣٧﴾

37. Ва бад-ин сон, ин Қуръонро фармоне ба забони арабӣ [-и фасеҳ] нозил кардем ва агар пас аз донише, ки [аз ҷониби Парвардигор] бароят омадааст, аз ҳавасҳои онон [мушрикон] пайравӣ кунӣ, дар баробари [азоби] Аллоҳ таоло ҳеҷ корсоз ва нигаҳдорандае нахоҳӣ дошт

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلًا مِّن قَبْلِكَ وَجَعَلْنَا لَهُمْ أَزْوَٰجًا وَذُرِّيَّةً ۚ وَمَا كَانَ لِرَسُولٍ أَن يَأْتِىَ بِـَٔايَةٍ إِلَّا بِإِذْنِ ٱللَّهِ ۗ لِكُلِّ أَجَلٍ كِتَابٌ ﴿٣٨﴾

38. Ва бе тардид, пеш аз ту паёмбароне фиристодем ва барои онон [монанди дигар инсонҳо] ҳамсарону фарзандоне қарор додем ва барои ҳеҷ паёмбаре сазовор нест, ки ҷуз ба фармони Аллоҳ таоло [муъҷиза ва] ояте биёварад. Ҳар амре [тақдиру] навиштае [маълум] дорад

يَمْحُواْ ٱللَّهُ مَا يَشَآءُ وَيُثْبِتُ ۖ وَعِندَهُۥٓ أُمُّ ٱلْكِتَٰبِ ﴿٣٩﴾

39. Аллоҳ таоло ҳар чиро, ки бихоҳад аз миён мебарад ва [он чиро бихоҳад] устувор медорад ва умму-л-китоб [Лавҳи маҳфуз] назди Ӯст

وَإِن مَّا نُرِيَنَّكَ بَعْضَ ٱلَّذِى نَعِدُهُمْ أَوْ نَتَوَفَّيَنَّكَ فَإِنَّمَا عَلَيْكَ ٱلْبَلَٰغُ وَعَلَيْنَا ٱلْحِسَابُ ﴿٤٠﴾

40. Ва [эй Паёмбар] агар бархе аз он чиро, ки ба онон ваъда медиҳем, ба ту нишон диҳем ё [пеш

аз фаро расидани азоб] туро бимиронем, [дар ҳар ҳол] фақат таблиғи [рисолат] бар [уҳдаи] туст ва ҳисоб [-у муҷозоташон] бар мост

أَوَلَمْ يَرَوْا۟ أَنَّا نَأْتِى ٱلْأَرْضَ نَنقُصُهَا مِنْ أَطْرَافِهَا ۚ وَٱللَّهُ يَحْكُمُ لَا مُعَقِّبَ لِحُكْمِهِۦ ۚ وَهُوَ سَرِيعُ ٱلْحِسَابِ ﴿٤١﴾

41. Оё [кофирон] надидаанд, ки мо [бо футуҳоти лашкари ислом] аз доманаҳои сарзамини [куфр] мекоҳем [ва бар қаламрави ислом меафзоем]? Ва Аллоҳ таоло ҳукм мекунад ва барои ҳукмаш [ҳеҷ] боздорандае нест ва ӯ дар ҳисобрасӣ сареъ аст

وَقَدْ مَكَرَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ فَلِلَّهِ ٱلْمَكْرُ جَمِيعًا ۖ يَعْلَمُ مَا تَكْسِبُ كُلُّ نَفْسٍ ۗ وَسَيَعْلَمُ ٱلْكُفَّٰرُ لِمَنْ عُقْبَى ٱلدَّارِ ﴿٤٢﴾

42. Ва ба ростӣ, касоне, ки пеш аз онон буданд [барои муқобала бо паёмбаронашон] макр варзиданд, вале тамоми макрҳо [ва тадбирҳо] аз они Аллоҳ таоло аст. Ӯ медонад, ки ҳар касе чи мекунад ва ба зудӣ кофирон хоҳанд донист, ки фарҷоми [накуи] сарои [охират] аз они кист

وَيَقُولُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لَسْتَ مُرْسَلًا ۚ قُلْ كَفَىٰ بِٱللَّهِ شَهِيدًۢا بَيْنِى وَبَيْنَكُمْ وَمَنْ عِندَهُۥ عِلْمُ ٱلْكِتَٰبِ ﴿٤٣﴾

43. Ва касоне, ки куфр варзиданд, мегӯянд: «[Эй Муҳаммад] Ту фиристода [-и Аллоҳ таоло] нестӣ». Бигӯ: «Кофист, ки Аллоҳ таоло ва касе, ки дониши [китобҳои осмонии пешин] назди Ӯст, миёни ману шумо гувоҳ бошад»

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓرۚ كِتَٰبٌ أَنزَلْنَٰهُ إِلَيْكَ لِتُخْرِجَ ٱلنَّاسَ مِنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِ بِإِذْنِ رَبِّهِمْ إِلَىٰ صِرَٰطِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْحَمِيدِ ﴿١﴾

1. Алиф, лом, ро.[1] Ин [Қуръон] китобест, ки бар ту нозил кардем, то мардумро ба фармони Парвардигорашон аз торикиҳо [-и ширку ҷаҳл] ба рӯшноӣ [-и имон ва дониш] берун оварӣ, ба роҳи [Парвардигори] шикастнопазири сутуда

ٱللَّهِ ٱلَّذِى لَهُۥ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِۗ وَوَيْلٌ لِّلْكَٰفِرِينَ مِنْ عَذَابٍ شَدِيدٍ ﴿٢﴾

2. Ҳамон] Аллоҳ таоло, ки он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст ва вой бар кофирон аз азобе сахт!

ٱلَّذِينَ يَسْتَحِبُّونَ ٱلْحَيَوٰةَ ٱلدُّنْيَا عَلَى ٱلْءَاخِرَةِ وَيَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ وَيَبْغُونَهَا عِوَجًاۚ أُو۟لَٰٓئِكَ فِى ضَلَٰلٍۭ بَعِيدٍ ﴿٣﴾

3. Касоне, ки зиндагии дунёро бар охират тарҷеҳ медиҳанд ва [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло бозмедоранд ва он роҳро мунҳариф мехоҳанд, инон дар гумроҳии дуру дарозе ҳастанд

وَمَآ أَرْسَلْنَا مِن رَّسُولٍ إِلَّا بِلِسَانِ قَوْمِهِۦ لِيُبَيِّنَ لَهُمْۖ فَيُضِلُّ ٱللَّهُ مَن يَشَآءُ وَيَهْدِى مَن يَشَآءُۚ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٤﴾

4. Мо ҳеҷ паёмбареро ҷуз ба забони қавмаш нафиристодем, то [битавонад паёми илоҳиро] барояшон баён кунад. Аллоҳ таоло ҳар киро бихоҳад, [ба адолати хеш] гумроҳ месозад ва [ба фазли хеш] ҳар киро бихоҳад, ҳидоят мекунад ва Ӯ шикастнопазири ҳаким аст

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا مُوسَىٰ بِـَٔايَٰتِنَآ أَنْ أَخْرِجْ قَوْمَكَ مِنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِ وَذَكِّرْهُم بِأَيَّىٰمِ ٱللَّهِۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَٰتٍ لِّكُلِّ صَبَّارٍ شَكُورٍ ﴿٥﴾

5. Ва ба ростӣ, Мо Мӯсоро бо нишонаҳое равшани худ фиристодем [ва ба ӯ дастур додем], ки: «Қавматро аз торикиҳо [-и куфр] ба рӯшноии [тавҳид] берун овар ва рӯзҳои Аллоҳро ба онон ёдоварӣ кун. Бе тардид, дар ин [ёдоварӣ] барои ҳар шикебои шукргузор нишонаҳое [аз яктоӣ ва бузургии Аллоҳ таоло] аст

وَإِذْ قَالَ مُوسَىٰ لِقَوْمِهِ ٱذْكُرُوا۟ نِعْمَةَ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ أَنجَىٰكُم مِّنْ ءَالِ فِرْعَوْنَ يَسُومُونَكُمْ سُوٓءَ ٱلْعَذَابِ وَيُذَبِّحُونَ أَبْنَآءَكُمْ وَيَسْتَحْيُونَ نِسَآءَكُمْۚ وَفِى ذَٰلِكُم بَلَآءٌ مِّن رَّبِّكُمْ عَظِيمٌ ﴿٦﴾

6. Ва [эй Паёмбар, ёд кун аз] ҳангоме ки Мӯсо ба қавмаш гуфт: «Неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд оваред, он гоҳ, ки аз [чанголи] фиръавниён

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

наҷотатон дод, ки бадтарин [ва сахттарин] азобро бар саратон меоварданд: писаронатонро мекуштанд ва занонатонро [барои канизӣ] зинда мегузоштанд ва дар ин [амр] аз ҷониби Парвардигоратон барои шумо озмоише бузург буд [то шикебоиятонро биёзмояд]»

7. Ва [ёд кунед аз] ҳангоме ки Парвардигоратон фармуд, ки: «Агар шукр гузоред, яқинан, [неъматамро] бар шумо меафзоям ва агар носипосӣ кунед, яқинан, азоби ман сахт аст»

وَإِذْ تَأَذَّنَ رَبُّكُمْ لَئِن شَكَرْتُمْ لَأَزِيدَنَّكُمْ وَلَئِن كَفَرْتُمْ إِنَّ عَذَابِي لَشَدِيدٌ ﴿٧﴾

8. Ва Мӯсо ба [онон] гуфт: «Агар шумо ва ҳамаи мардуми рӯи замин кофир шавед, пас, [ба Аллоҳ таоло ҳеҷ зиёне намерасад, чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло бениёзи сутуда аст»

وَقَالَ مُوسَىٰٓ إِن تَكْفُرُوٓاْ أَنتُمْ وَمَن فِي ٱلْأَرْضِ جَمِيعًا فَإِنَّ ٱللَّهَ لَغَنِيٌّ حَمِيدٌ ﴿٨﴾

9. [Эй кофирон] Оё хабари [ҳалокати] касоне, ки пеш аз шумо буданд, [монанди] қавми Нуҳ ва Од ва Самуд ва [низ] онон, ки баъд аз эшон буданд [ва] ҷуз Аллоҳ таоло касе аз онон хабар надорад, ба шумо нарасидааст? Паёмбаронашон бо далоил [-у муъҷизот]-и равшан ба сӯяшон омаданд, вале онон [ба нишонаи мухолифат] дастҳояшонро бар даҳонҳояшон ниҳоданд ва [ангушт ба дандон газиданду] гуфтанд: «Мо он чиро, ки шумо барои [иблоғи] он фиристода шудаед, инкор мекунем ва дар бораи он чи моро ба сӯяш мехонед, сахт дар тардидем»

أَلَمْ يَأْتِكُمْ نَبَؤُاْ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ قَوْمِ نُوحٍ وَعَادٍ وَثَمُودَ وَٱلَّذِينَ مِنۢ بَعْدِهِمْ لَا يَعْلَمُهُمْ إِلَّا ٱللَّهُ جَآءَتْهُمْ رُسُلُهُم بِٱلْبَيِّنَٰتِ فَرَدُّوٓاْ أَيْدِيَهُمْ فِيٓ أَفْوَٰهِهِمْ وَقَالُوٓاْ إِنَّا كَفَرْنَا بِمَآ أُرْسِلْتُم بِهِۦ وَإِنَّا لَفِي شَكٍّ مِّمَّا تَدْعُونَنَآ إِلَيْهِ مُرِيبٍ ﴿٩﴾

10. Паёмбаронашон гуфтанд: «Оё дар [ягонагии] Аллоҳ таоло - Офаринандаи осмонҳо ва замин тардиде ҳаст? Ӯ шуморо [ба имон] фаро мехонад, то гуноҳонатонро бибахшояд ва ба шумо то муддати муайяне муҳлат диҳад». Онон гуфтанд: «Шумо ҷуз башаре ҳаммонанди мо нестед, [ва] мехоҳед моро аз он чи ки падаронамон мепарастиданд, боздоред. Пас, далели ошкоре [дар мавриди ростгӯиятон] бароямон биёваред»

قَالَتْ رُسُلُهُمْ أَفِي ٱللَّهِ شَكٌّ فَاطِرِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ يَدْعُوكُمْ لِيَغْفِرَ لَكُم مِّن ذُنُوبِكُمْ وَيُؤَخِّرَكُمْ إِلَىٰٓ أَجَلٍ مُّسَمًّى قَالُوٓاْ إِنْ أَنتُمْ إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُنَا تُرِيدُونَ أَن تَصُدُّونَا عَمَّا كَانَ يَعْبُدُ ءَابَآؤُنَا فَأْتُونَا بِسُلْطَٰنٍ مُّبِينٍ ﴿١٠﴾

قَالَتۡ لَهُمۡ رُسُلُهُمۡ إِن نَّحۡنُ إِلَّا بَشَرٞ مِّثۡلُكُمۡ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَمُنُّ عَلَىٰ مَن يَشَآءُ مِنۡ عِبَادِهِۦۖ وَمَا كَانَ لَنَآ أَن نَّأۡتِيَكُم بِسُلۡطَٰنٍ إِلَّا بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلۡيَتَوَكَّلِ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ﴿١١﴾

11. Паёмбаронашон ба онон гуфтанд: «[Ore] Мо ҷуз инсонҳое монанди шумо нестем, вале Аллоҳ таоло бар ҳар як аз бандагонаш, ки бихоҳад [бо неъмати нубувват] миннат мениҳад ва сазовор нест, ки мо ҷуз ба иҷозати Аллоҳ таоло барои шумо далеле биёварем. Пас, муъминон бояд бар Аллоҳ таоло таваккал кунанд

وَمَا لَنَآ أَلَّا نَتَوَكَّلَ عَلَى ٱللَّهِ وَقَدۡ هَدَىٰنَا سُبُلَنَاۚ وَلَنَصۡبِرَنَّ عَلَىٰ مَآ ءَاذَيۡتُمُونَاۚ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلۡيَتَوَكَّلِ ٱلۡمُتَوَكِّلُونَ ﴿١٢﴾

12. Ва чаро бар Аллоҳ таоло таваккал накунем ва ҳол он ки ӯ моро ба роҳҳои [саодат]-амон ҳидоят намуд? Ва мо бар озоре, ки [дар роҳи рисолат] ба мо мерасонед, ҳатман, шикебой мекунем ва таваккалкунандагон бояд фақат бар Аллоҳ таоло таваккал кунанд»

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لِرُسُلِهِمۡ لَنُخۡرِجَنَّكُم مِّنۡ أَرۡضِنَآ أَوۡ لَتَعُودُنَّ فِي مِلَّتِنَاۖ فَأَوۡحَىٰٓ إِلَيۡهِمۡ رَبُّهُمۡ لَنُهۡلِكَنَّ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٣﴾

13. Ва касоне, ки куфр варзиданд ба паёмбаронашон гуфтанд: «Ё шуморо аз сарзаминамон берун мекунем ё ба оини мо бозгардед». Пас, Парвардигорашон ба онон ваҳй кард, ки: «Яқинан ситамгоронро нобуд мекунем

وَلَنُسۡكِنَنَّكُمُ ٱلۡأَرۡضَ مِنۢ بَعۡدِهِمۡۚ ذَٰلِكَ لِمَنۡ خَافَ مَقَامِي وَخَافَ وَعِيدِ ﴿١٤﴾

14. Ва ҳатман, шуморо пас аз онон дар замин ҷой хоҳем дод. Ин [азобу подош] барои касест, ки аз истодан [ба ҳангоми ҳисобрасӣ] дар пешгоҳи ман битарсад ва аз таҳдидам биҳаросад»

وَٱسۡتَفۡتَحُواْ وَخَابَ كُلُّ جَبَّارٍ عَنِيدٖ ﴿١٥﴾

15. Ва [паёмбарон аз Аллоҳ таоло] дархости пирӯзӣ [бар кофиронро] карданд ва [саранҷом] ҳар гарданкаши ситезаҷӯ ноком [-у нобуд] шуд

مِّن وَرَآئِهِۦ جَهَنَّمُ وَيُسۡقَىٰ مِن مَّآءٖ صَدِيدٖ ﴿١٦﴾

16. [Ҳамон ки] Дузах пешорӯи ӯст ва ба вай обе аз чирки хунолуди [дузахиён] менӯшонанд

يَتَجَرَّعُهُۥ وَلَا يَكَادُ يُسِيغُهُۥ وَيَأۡتِيهِ ٱلۡمَوۡتُ مِن كُلِّ مَكَانٖ وَمَا هُوَ بِمَيِّتٖۖ وَمِن وَرَآئِهِۦ عَذَابٌ غَلِيظٞ ﴿١٧﴾

17. [Обе] Ки онро чуръа-чуръа меошомад ва [аз фарти тааффуну талхӣ] фурӯ бурданаш осону гуворо нест ва марг аз ҳар тараф рӯ ба сӯяш меоварад, вале намемирад ва азобе сахт [-у саҳмгине] пешорӯйи ӯст

مَّثَلُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِرَبِّهِمۡۖ أَعۡمَٰلُهُمۡ كَرَمَادٍ ٱشۡتَدَّتۡ بِهِ ٱلرِّيحُ فِي يَوۡمٍ عَاصِفٖۖ لَّا يَقۡدِرُونَ مِمَّا كَسَبُواْ عَلَىٰ شَيۡءٖۚ ذَٰلِكَ هُوَ

18. Масали касоне, ки ба Правардигорашон куфр варзидаанд, [ин аст, ки] рафторашон ҳамчун

хокистарест, ки дар рӯзи тӯфонӣ бод бар он мевазад, ки аз он чи кардаанд, чизе дар даст надоранд. Ин ҳамон гумроҳии дуру дароз аст

ٱلضَّلَٰلُ ٱلۡبَعِيدُ ١٨

19. Эй инсон] Оё надидӣ, ки Аллоҳ таоло осмонҳо ва заминро ба ҳақ офаридааст? Агар бихоҳад, шуморо [аз миён] мебарад ва офаринише ҷадид [ба ҷоятон падид] меоварад

أَلَمۡ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ بِٱلۡحَقِّۚ إِن يَشَأۡ يُذۡهِبۡكُمۡ وَيَأۡتِ بِخَلۡقٖ جَدِيدٖ ١٩

20. Ва ин [кор] бар Аллоҳ таоло душвор нест

وَمَا ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ بِعَزِيزٖ ٢٠

21. Ва [рӯзи қиёмат] ҳамагӣ дар пешгоҳи Аллоҳ таоло ҳозир [-у ошкор] мешаванд, пас, [дар ин ҳангом] ситамдидагон ба касоне, ки гарданкашӣ мекарданд, мегӯянд: « Мо [дар дунё] пайрави шумо будем, пас, оё [имрӯз] метавонед, чизе аз азоби Аллоҳро аз мо боздоред»? Онон мегӯянд: «Агар Аллоҳ таоло моро [дар дунё ба сӯйи растагорӣ] роҳнамоӣ мекард, мо низ роҳро ба шумо нишон медодем. Чи бетобӣ кунем ё шикебоӣ намоем, бароямон яксон аст. [Ҳеҷ] Гурезгоҳе надорем»

وَبَرَزُواْ لِلَّهِ جَمِيعٗا فَقَالَ ٱلضُّعَفَٰٓؤُاْ لِلَّذِينَ ٱسۡتَكۡبَرُوٓاْ إِنَّا كُنَّا لَكُمۡ تَبَعٗا فَهَلۡ أَنتُم مُّغۡنُونَ عَنَّا مِنۡ عَذَابِ ٱللَّهِ مِن شَيۡءٖۚ قَالُواْ لَوۡ هَدَىٰنَا ٱللَّهُ لَهَدَيۡنَٰكُمۡۖ سَوَآءٌ عَلَيۡنَآ أَجَزِعۡنَآ أَمۡ صَبَرۡنَا مَا لَنَا مِن مَّحِيصٖ ٢١

22. Ва чун кори [доварӣ] анҷом шуд, шайтон мегӯяд: «Бе тардид, Аллоҳ таоло ба шумо ваъда дод ва ваъдаи ростуду дуруст ва ман ба шумо ваъда[-и дурӯғин] додам ва бо шумо хилофи ваъда кардам ва ман бар шумо ҳеҷ тасаллуте надоштам, ҷуз ин ки даъвататон кардам ва шумо [низ] иҷобатам намудед. Пас, маро сарзаниш накунед ва худро сарзаниш кунед. [Имрӯз] На ман фарёдраси шумо ҳастам ва на шумо фарёдраси ман ҳастед. Ман безорам аз ин ки пеш аз ин маро [бо Аллоҳ таоло] шарик мегирифтед. Ситамгорони [мушрик] азобе пурдард хоҳанд дошт

وَقَالَ ٱلشَّيۡطَٰنُ لَمَّا قُضِيَ ٱلۡأَمۡرُ إِنَّ ٱللَّهَ وَعَدَكُمۡ وَعۡدَ ٱلۡحَقِّ وَوَعَدتُّكُمۡ فَأَخۡلَفۡتُكُمۡۖ وَمَا كَانَ لِيَ عَلَيۡكُم مِّن سُلۡطَٰنٍ إِلَّآ أَن دَعَوۡتُكُمۡ فَٱسۡتَجَبۡتُمۡ لِيۖ فَلَا تَلُومُونِي وَلُومُوٓاْ أَنفُسَكُمۖ مَّآ أَنَا۠ بِمُصۡرِخِكُمۡ وَمَآ أَنتُم بِمُصۡرِخِيَّ إِنِّي كَفَرۡتُ بِمَآ أَشۡرَكۡتُمُونِ مِن قَبۡلُۗ إِنَّ ٱلظَّٰلِمِينَ لَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ ٢٢

23. Ва касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом доданд, ба боғҳои [биҳиште] дароварда мешаванд, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст. Ба фармони Парвардигорашон

وَأُدۡخِلَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا بِإِذۡنِ رَبِّهِمۡۖ تَحِيَّتُهُمۡ فِيهَا سَلَٰمٌ ٢٣

дар он ҷовидонанд ва дурудашон дар он ҷо «салом» аст

24. [Эй Паёмбар] Оё надидӣ, ки Аллоҳ таоло чи гуна масал задааст? Калимаи пок [-и ло илоҳа иллаллоҳ] ҳамчун дарахти [нахли тануманду] покест, ки решааш [дар аъмоқи замин] устувор аст ва шохааш бар осмон [сар бароварда] аст

أَلَمْ تَرَ كَيْفَ ضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلًا كَلِمَةً طَيِّبَةً كَشَجَرَةٍ طَيِّبَةٍ أَصْلُهَا ثَابِتٌ وَفَرْعُهَا فِى ٱلسَّمَآءِ ﴿٢٤﴾

25. Меваашро ҳар лаҳза ба фармони Парвардигораш медиҳад ва Аллоҳ таоло [барои ҳидояти мардум] масалҳо мезанад, бошад, ки панд гиранд

تُؤْتِىٓ أُكُلَهَا كُلَّ حِينٍۭ بِإِذْنِ رَبِّهَا ۗ وَيَضْرِبُ ٱللَّهُ ٱلْأَمْثَالَ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ ﴿٢٥﴾

26. Ва масали калимаи палид [ширк] ҳамчун дарахти палидест, ки аз замин барканда шуда [ва ҳеҷ] қарору суботе надорад

وَمَثَلُ كَلِمَةٍ خَبِيثَةٍ كَشَجَرَةٍ خَبِيثَةٍ ٱجْتُثَّتْ مِن فَوْقِ ٱلْأَرْضِ مَا لَهَا مِن قَرَارٍ ﴿٢٦﴾

27. Аллоҳ таоло касонеро, ки имон овардаанд, дар зиндагии дунё ва дар охират бо сухани устувор [-и тавҳид] собит мегардонад ва ситамгарон [-и мушрик]-ро гумроҳ мекунад ва Аллоҳ таоло ҳар чи бихоҳад мекунад

يُثَبِّتُ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ بِٱلْقَوْلِ ٱلثَّابِتِ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا وَفِى ٱلْـَٔاخِرَةِ ۖ وَيُضِلُّ ٱللَّهُ ٱلظَّٰلِمِينَ ۚ وَيَفْعَلُ ٱللَّهُ مَا يَشَآءُ ﴿٢٧﴾

28. Оё надидӣ он касоне [аз Қурайш]-ро, ки [сипоси] неъмати Аллоҳ таоло [Ҳарами амн ва вуҷуди паёмбар]-ро ба [носипосӣ ва] куфр бадал карданд ва қавмашонро ба сарои ҳалок даровардаанд?

۞ أَلَمْ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ بَدَّلُوا۟ نِعْمَتَ ٱللَّهِ كُفْرًا وَأَحَلُّوا۟ قَوْمَهُمْ دَارَ ٱلْبَوَارِ ﴿٢٨﴾

29. [Он сарои ҳалок] Дузах аст, [ки] дар он ворид мешаванд ва чи бад ҷойгоҳест!

جَهَنَّمَ يَصْلَوْنَهَا ۖ وَبِئْسَ ٱلْقَرَارُ ﴿٢٩﴾

30. [Мушрикон] Барои Аллоҳ таоло ҳамтоёне қарор додаанд, то [мардумро] аз роҳи Ӯ гумроҳ кунанд. Бигӯ: «[Чанд рӯзе аз неъматҳои дунё] Баҳра гиред, пас, яқинан бозгаштатон ба сӯйи оташи [дузах] аст»

وَجَعَلُوا۟ لِلَّهِ أَندَادًا لِّيُضِلُّوا۟ عَن سَبِيلِهِۦ ۗ قُلْ تَمَتَّعُوا۟ فَإِنَّ مَصِيرَكُمْ إِلَى ٱلنَّارِ ﴿٣٠﴾

31. [Эй Паёмбар] ба бандагони ман, ки имон овардаанд, бигӯ, намоз барпо доранд ва аз он

قُل لِّعِبَادِىَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ يُقِيمُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُنفِقُوا۟ مِمَّا رَزَقْنَٰهُمْ سِرًّا وَعَلَانِيَةً مِّن قَبْلِ أَن يَأْتِىَ يَوْمٌ لَّا بَيْعٌ فِيهِ وَلَا خِلَٰلٌ ﴿٣١﴾

чи рӯзиашон кардаем, пинҳоу ошкор инфоқ кунанд, пеш аз он ки рӯзе фаро расад, ки дар он на хариду фурӯшест ва на дӯстие

32. Аллоҳ таоло аст, ки осмонҳо ва заминро офарид ва аз осмон обе фурӯ фиристод ва бо он [анвои] меваҳоро барои рӯзии шумо падид оварда ва киштиҳоро ба хидмататон гумошт, то ба фармонаш дар дарё равон бошанд ва ҷуйборҳоро [низ] дар хидмати шумо ниҳод

ٱللَّهُ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ وَأَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَخْرَجَ بِهِۦ مِنَ ٱلثَّمَرَٰتِ رِزْقًا لَّكُمْ ۖ وَسَخَّرَ لَكُمُ ٱلْفُلْكَ لِتَجْرِىَ فِى ٱلْبَحْرِ بِأَمْرِهِۦ ۖ وَسَخَّرَ لَكُمُ ٱلْأَنْهَٰرَ ﴿٣٢﴾

33. Ва хуршеду моҳро, ки пайваста [дар мадори худ] равонанд ва [ҳамчунин] шабу рӯзро ба хидмататон гумошт

وَسَخَّرَ لَكُمُ ٱلشَّمْسَ وَٱلْقَمَرَ دَآئِبَيْنِ ۖ وَسَخَّرَ لَكُمُ ٱلَّيْلَ وَٱلنَّهَارَ ﴿٣٣﴾

34. Ва аз ҳар он чи аз ӯ хостед, ба шумо бахшид ва агар неъмати Аллоҳро бишморед, [чунон фаровон аст, ки] наметавонед онро шумориш кунед. Ба ростӣ, ки инсон, [дар ҳаққи хеш] ситамгор [ва нисбат ба Аллоҳ таоло] носипос аст

وَءَاتَىٰكُم مِّن كُلِّ مَا سَأَلْتُمُوهُ ۚ وَإِن تَعُدُّوا۟ نِعْمَتَ ٱللَّهِ لَا تُحْصُوهَا ۗ إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لَظَلُومٌ كَفَّارٌ ﴿٣٤﴾

35. Ва [ёд кун аз] Иброҳим ҳангоме ки гуфт: «Парвардигоро, ин шаҳр [Макка]-ро амн бигардон ва ману фарзандонамро аз парастиши бутҳо дур бидор

وَإِذْ قَالَ إِبْرَٰهِيمُ رَبِّ ٱجْعَلْ هَٰذَا ٱلْبَلَدَ ءَامِنًا وَٱجْنُبْنِى وَبَنِىَّ أَن نَّعْبُدَ ٱلْأَصْنَامَ ﴿٣٥﴾

36. Парвардигоро, ба ростӣ, ки онҳо [бутҳо] бисёре аз мардумро [бо тасаввури шафоат] гумроҳ сохтаанд, пас, ҳар ки [дар яктопарастӣ] аз ман пайравӣ кунад, яқинан, аз ман аст ва ҳар ки аз ман нофармонӣ кунад, пас, бе тардид, ту омурзандаи меҳрубонӣ

رَبِّ إِنَّهُنَّ أَضْلَلْنَ كَثِيرًا مِّنَ ٱلنَّاسِ ۖ فَمَن تَبِعَنِى فَإِنَّهُۥ مِنِّى ۖ وَمَنْ عَصَانِى فَإِنَّكَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٣٦﴾

37. Парвардигоро, ман бархе фарзандонам [Исмоил ва хонадонаш]-ро дар замини беобу кишт назди хонаи муҳтарам [-у шукӯҳманд]-и Ту ҷой додам. Парвардигоро, [чунин кардам] то намоз барпо доранд, пас, дилҳои бархе аз мардумро чунон кун, ки ба сӯйи онон [ва ин сарзамин] мутамоил гардад ва ба эшон аз маҳсулоти [мавриди ниёзашон] рӯзӣ бибахш, бошад, ки сипос гузоранд

رَّبَّنَآ إِنِّىٓ أَسْكَنتُ مِن ذُرِّيَّتِى بِوَادٍ غَيْرِ ذِى زَرْعٍ عِندَ بَيْتِكَ ٱلْمُحَرَّمِ رَبَّنَا لِيُقِيمُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ فَٱجْعَلْ أَفْـِٔدَةً مِّنَ ٱلنَّاسِ تَهْوِىٓ إِلَيْهِمْ وَٱرْزُقْهُم مِّنَ ٱلثَّمَرَٰتِ لَعَلَّهُمْ يَشْكُرُونَ ﴿٣٧﴾

رَبَّنَآ إِنَّكَ تَعۡلَمُ مَا نُخۡفِي وَمَا نُعۡلِنُۗ وَمَا يَخۡفَىٰ عَلَى ٱللَّهِ مِن شَيۡءٖ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلَا فِي ٱلسَّمَآءِ ٣٨

38. Парвардигоро, ту он чиро, ки пинҳон мекунему ошкор месозем, [ҳамаро] медонӣ ва чизе дар замину осмон аз Аллоҳ таоло пӯшида нест

ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ ٱلَّذِي وَهَبَ لِي عَلَى ٱلۡكِبَرِ إِسۡمَٰعِيلَ وَإِسۡحَٰقَۚ إِنَّ رَبِّي لَسَمِيعُ ٱلدُّعَآءِ ٣٩

39. Ситоиш аз они Аллоҳ таоло аст, ки дар куҳансолӣ Исмоил ва Исҳокро ба ман ато фармуд. Бе тардид, Парвардигорам шунавандаи дуост

رَبِّ ٱجۡعَلۡنِي مُقِيمَ ٱلصَّلَوٰةِ وَمِن ذُرِّيَّتِيۚ رَبَّنَا وَتَقَبَّلۡ دُعَآءِ ٤٠

40. Парвардигоро, маро барподорандаи намоз қарор бидеҳ ва аз фарзандонам [низ чунин кун]. Парвардигоро, дуоямро бипазир

رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لِي وَلِوَٰلِدَيَّ وَلِلۡمُؤۡمِنِينَ يَوۡمَ يَقُومُ ٱلۡحِسَابُ ٤١

41. Парвардигоро, ман ва падару модарам ва [ҳамаи] муъминонро рӯзе, ки ҳисоб барпо мешавад, биёмурз»

وَلَا تَحۡسَبَنَّ ٱللَّهَ غَٰفِلًا عَمَّا يَعۡمَلُ ٱلظَّٰلِمُونَۚ إِنَّمَا يُؤَخِّرُهُمۡ لِيَوۡمٖ تَشۡخَصُ فِيهِ ٱلۡأَبۡصَٰرُ ٤٢

42. Ва [эй Паёмбар, ҳаргиз] мапиндор, ки Аллоҳ таоло аз он чи ситамгорон мекунанд, ғофил аст. [На, балки кайфари] ононро барои рӯзе ба таъхир меафканад, ки чашмҳо дар он [аз ваҳшат] хира мешаванд

مُهۡطِعِينَ مُقۡنِعِي رُءُوسِهِمۡ لَا يَرۡتَدُّ إِلَيۡهِمۡ طَرۡفُهُمۡۖ وَأَفۡـِٔدَتُهُمۡ هَوَآءٞ ٤٣

43. Дар ҳоле ки [ба сӯйи мунодии маҳшар] шитобонанд ва сарҳоро боло гирифтаанд [ва бо беқарорӣ ба осмон менигаранд] ва чашм бар ҳам намезананд ва дилҳояшон [аз ваҳшат] тиҳӣ гаштааст

وَأَنذِرِ ٱلنَّاسَ يَوۡمَ يَأۡتِيهِمُ ٱلۡعَذَابُ فَيَقُولُ ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ رَبَّنَآ أَخِّرۡنَآ إِلَىٰٓ أَجَلٖ قَرِيبٖ نُّجِبۡ دَعۡوَتَكَ وَنَتَّبِعِ ٱلرُّسُلَۗ أَوَلَمۡ تَكُونُوٓاْ أَقۡسَمۡتُم مِّن قَبۡلُ مَا لَكُم مِّن زَوَالٖ ٤٤

44. Ва [эй Паёмбар] мардумро аз рӯзе битарсон, ки азоби илоҳӣ ба суроғашон меояд, пас, онон, ки [бо куфру ширк ба хеш] ситам кардаанд, мегӯянд: «Парвардигоро, андаке ба мо муҳлат бидеҳ, то [ба дунё бозгардем ва] даъвататро посух гӯем ва аз паёмбарон пайравӣ кунем. [Гуфта шавад] «Шумо набудед, ки пештар савганд мехӯрдед, ки шуморо фаное нест»?

وَسَكَنتُمۡ فِي مَسَٰكِنِ ٱلَّذِينَ ظَلَمُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ وَتَبَيَّنَ لَكُمۡ كَيۡفَ فَعَلۡنَا بِهِمۡ وَضَرَبۡنَا لَكُمُ ٱلۡأَمۡثَالَ ٤٥

45. Ва [магар на ин аст, ки] дар хонаҳои касоне, ки [бо ширку носипосӣ] ба хештан ситам карда буданд [қавми Ҳуд ва Солеҳ] сокин шудед ва бароятон равшан шуд, ки [чун куфр

варзиданд] бо онон чи гуна рафтор кардем ва [аз саргузашти пешиниён] бароятон масалҳо задем [вале боз ҳам панд нагирифтед]

46. Ва онон ниҳояти найранги худро [барои мухолифат бо паёмбар ва куштани ӯ] ба кор бурданд ва макрашон назди Аллоҳ таоло [ошкор] аст, ҳарчанд найрангашон [чунон заиф аст, ки] наметавонад кӯҳҳоро аз ҷой бардорад

وَقَدْ مَكَرُواْ مَكْرَهُمْ وَعِندَ ٱللَّهِ مَكْرُهُمْ وَإِن كَانَ مَكْرُهُمْ لِتَزُولَ مِنْهُ ٱلْجِبَالُ ﴿٤٦﴾

47. Пас, ҳаргиз мапиндор, ки Аллоҳ таоло ваъдаи хешро [дар бораи пирӯзии ҳақ] бо паёмбаронаш хилоф мекунад. Бе тардид, Аллоҳ таоло шикастнопазири додситон аст

فَلَا تَحْسَبَنَّ ٱللَّهَ مُخْلِفَ وَعْدِهِۦ رُسُلَهُۥٓ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ ذُو ٱنتِقَامٍ ﴿٤٧﴾

48. Дар он рӯз [ин] замин ба замине дигар ва осмонҳо [ба осмонҳои дигар] табдил мешаванд ва [мардум] дар муқобили Аллоҳи ягонаи пирӯзманд зоҳир мегарданд

يَوْمَ تُبَدَّلُ ٱلْأَرْضُ غَيْرَ ٱلْأَرْضِ وَٱلسَّمَٰوَٰتُ ۖ وَبَرَزُواْ لِلَّهِ ٱلْوَٰحِدِ ٱلْقَهَّارِ ﴿٤٨﴾

49. Ва гунаҳгоронро дар он рӯз мебинӣ, ки дар занҷирҳо баста шудаанд

وَتَرَى ٱلْمُجْرِمِينَ يَوْمَئِذٍ مُّقَرَّنِينَ فِى ٱلْأَصْفَادِ ﴿٤٩﴾

50. Ҷомаҳояшон аз қири гудохта аст ва оташ суратҳояшонро мепӯшонад

سَرَابِيلُهُم مِّن قَطِرَانٍ وَتَغْشَىٰ وُجُوهَهُمُ ٱلنَّارُ ﴿٥٠﴾

51. То Аллоҳ таоло ҳар киро ба [сазои] он чи кардааст, кайфар диҳад. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло дар ҳисобрасӣ сареъ аст

لِيَجْزِىَ ٱللَّهُ كُلَّ نَفْسٍ مَّا كَسَبَتْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَرِيعُ ٱلْحِسَابِ ﴿٥١﴾

52. Ин [Қуръон] паёме расо барои мардум аст [то ба василаи он ҳидоят шаванд] ва бо он ҳушдор ёбанд ва бидонанд, ки Ӯ маъбуде яктост ва то хирадмандон панд гиранд

هَٰذَا بَلَٰغٌ لِّلنَّاسِ وَلِيُنذَرُواْ بِهِۦ وَلِيَعْلَمُوٓاْ أَنَّمَا هُوَ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ وَلِيَذَّكَّرَ أُوْلُواْ ٱلْأَلْبَٰبِ ﴿٥٢﴾

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓرۚ تِلۡكَ ءَايَٰتُ ٱلۡكِتَٰبِ وَقُرۡءَانٖ مُّبِينٖ ١

1. Алиф, лом, ро.[1] Ин оёти китоб [-и илоҳӣ] ва Қуръони равшангар аст

رُّبَمَا يَوَدُّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَوۡ كَانُواْ مُسۡلِمِينَ ٢

2. Чи басо кофирон [ҳангоми рӯбарӯшавӣ бо азоби қиёмат] орзу кунанд, ки кош мусулмон буданд

ذَرۡهُمۡ يَأۡكُلُواْ وَيَتَمَتَّعُواْ وَيُلۡهِهِمُ ٱلۡأَمَلُۖ فَسَوۡفَ يَعۡلَمُونَ ٣

3. Бигузор бихӯранд ва [аз лаззатҳои дунё] баҳраманд бошанд ва орзуҳо [-и моддӣ] саргармашон созад, пас, ба зудӣ хоҳанд донист

وَمَآ أَهۡلَكۡنَا مِن قَرۡيَةٍ إِلَّا وَلَهَا كِتَابٞ مَّعۡلُومٞ ٤

4. Мо [сокинони] ҳеҷ [шаҳру] диёреро ҳалок накардем, магар ин ки [муҳлат ва] аҷале муайян доштанд

مَّا تَسۡبِقُ مِنۡ أُمَّةٍ أَجَلَهَا وَمَا يَسۡتَـٔۡخِرُونَ ٥

5. Ҳеҷ уммате аз аҷали [муқаррарии] худ на пешӣ мегирад ва на [аз он] ақиб мемонад

وَقَالُواْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِي نُزِّلَ عَلَيۡهِ ٱلذِّكۡرُ إِنَّكَ لَمَجۡنُونٞ ٦

6. [Кофирон] гуфтанд: «Эй касе, ки [иддао мекунӣ] Қуръон бар ту нозил шудааст, яқинан девонаӣ

لَّوۡ مَا تَأۡتِينَا بِٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ إِن كُنتَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ٧

7. Агар рост мегӯӣ, чаро фариштагонро наздамон намеоварӣ [то дар бораи паёмбариат гувоҳӣ диҳанд]»?

مَا نُنَزِّلُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةَ إِلَّا بِٱلۡحَقِّ وَمَا كَانُوٓاْ إِذٗا مُّنظَرِينَ ٨

8. [Бояд бидонанд, ки] Мо фариштагонро ба ҳақ [ва фақат дар ҳангоми азоби кофирон] нозил мекунем ва [агар барои азобашон нозил шаванд] дигар муҳлате намеёбанд

إِنَّا نَحۡنُ نَزَّلۡنَا ٱلذِّكۡرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ٩

9. Ба ростӣ, ки мо худ Қуръонро нозил кардем ва ҳатман, худ низ [аз ҳар гуна табдилу таҳрифе] нигаҳбонаш ҳастем

وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ فِي شِيَعِ ٱلۡأَوَّلِينَ ١٠

10. [Эй Паёмбар] пеш аз ту низ [фиристодагони худро] миёни гурӯҳҳои пешин фиристодем

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

وَمَا يَأۡتِيهِم مِّن رَّسُولٍ إِلَّا كَانُواْ بِهِۦ يَسۡتَهۡزِءُونَ ١١

11. Ҳеҷ паёмбаре наздашон намеомад, магар он ки масхарааш мекарданд

كَذَٰلِكَ نَسۡلُكُهُۥ فِي قُلُوبِ ٱلۡمُجۡرِمِينَ ١٢

12. Инчунин он [такзиб ва тамасхур]-ро дар дилҳои гунаҳгорон [кофирон] роҳ медиҳем

لَا يُؤۡمِنُونَ بِهِۦ وَقَدۡ خَلَتۡ سُنَّةُ ٱلۡأَوَّلِينَ ١٣

13. Онон ба он [Қуръон] имон намеоваранд ва шеваи [Аллоҳ таоло дар муҷозоти] пешиниён [низ чунин] рафтааст [ки ононро бо азобе дарднок ҳалок намояд]

وَلَوۡ فَتَحۡنَا عَلَيۡهِم بَابٗا مِّنَ ٱلسَّمَآءِ فَظَلُّواْ فِيهِ يَعۡرُجُونَ ١٤

14. Ва [ҳатто] агар даре аз осмон ба рӯйи онон мекушодем, то пайваста дар он боло раванд [ва шигифтиҳои малакутро бубинанд]

لَقَالُوٓاْ إِنَّمَا سُكِّرَتۡ أَبۡصَٰرُنَا بَلۡ نَحۡنُ قَوۡمٞ مَّسۡحُورُونَ ١٥

15. Яқинан, боз ҳам мегуфтанд: «Бе тардид, моро чашмбандӣ кардаанд, балки мо гурӯҳе ҷодушудаем»

وَلَقَدۡ جَعَلۡنَا فِي ٱلسَّمَآءِ بُرُوجٗا وَزَيَّنَّٰهَا لِلنَّٰظِرِينَ ١٦

16. Ва ба ростӣ, мо дар осмон ситорагоне [бузургу дурахшон] қарор додем ва онҳоро барои тамошогарон оростем

وَحَفِظۡنَٰهَا مِن كُلِّ شَيۡطَٰنٖ رَّجِيمٍ ١٧

17. Ва онро аз [вуруду дастбурди] ҳар шайтони рондашуда ҳифз кардем

إِلَّا مَنِ ٱسۡتَرَقَ ٱلسَّمۡعَ فَأَتۡبَعَهُۥ شِهَابٞ مُّبِينٞ ١٨

18. Магар он ки [аз малакутиён] дуздона сухане бишнавад, ки [дар он сурат] шиҳобе равшан ӯро дунбол мекунад [ва месӯзонад]

وَٱلۡأَرۡضَ مَدَدۡنَٰهَا وَأَلۡقَيۡنَا فِيهَا رَوَٰسِيَ وَأَنۢبَتۡنَا فِيهَا مِن كُلِّ شَيۡءٖ مَّوۡزُونٖ ١٩

19. Ва заминро густурдем ва дар он кӯҳҳои устуворе афкандем ва аз ҳар гиёҳи санҷида [ва муносибе] дар он руёнидем

وَجَعَلۡنَا لَكُمۡ فِيهَا مَعَٰيِشَ وَمَن لَّسۡتُمۡ لَهُۥ بِرَٰزِقِينَ ٢٠

20. Ва дар он барои шумо ва барои касе, ки рӯзирасонаш нестед [соири мардум ва мавҷудоти зинда], асбоби зиндагӣ падид овардем

وَإِن مِّن شَيۡءٍ إِلَّا عِندَنَا خَزَآئِنُهُۥ وَمَا نُنَزِّلُهُۥٓ إِلَّا بِقَدَرٖ مَّعۡلُومٖ ٢١

21. Ва ҳеҷ чиз нест, магар он ки ганҷинаҳояш назди Мост ва Мо онро ҷуз ба андозаи муайян фурӯ намефиристем

وَأَرۡسَلۡنَا ٱلرِّيَٰحَ لَوَٰقِحَ فَأَنزَلۡنَا مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ فَأَسۡقَيۡنَٰكُمُوهُ وَمَآ أَنتُمۡ لَهُۥ بِخَٰزِنِينَ ٢٢

22. Ва бодҳоро борваркунанда [-и абрҳо] фиристодем, сипас аз осмонҳо обе нозил

кардем ва бо он серобатон сохтем, дар ҳоле ки шумо захиракунандааш нестед

23. Ва яқинан, моем, ки зинда мекунем ва мемиронем ва Мо [бозмондаи ҷовиду] ворис [-и ҳамаи ҷаҳониён] ҳастем

وَإِنَّا لَنَحْنُ نُحْيِۦ وَنُمِيتُ وَنَحْنُ ٱلْوَٰرِثُونَ ﴿٢٣﴾

24. Ва бе тардид, [таваллуду марги] гузаштагони шуморо донистаем ва яқинан [таваллуду марги] ояндагонро [низ ба хубӣ] медонем

وَلَقَدْ عَلِمْنَا ٱلْمُسْتَقْدِمِينَ مِنكُمْ وَلَقَدْ عَلِمْنَا ٱلْمُسْتَـْٔخِرِينَ ﴿٢٤﴾

25. Ва [эй паёмбар] бе гумон, Парвардигорат [ҳамаи] ононро [дар қиёмат] маҳшур мекунад. Ба ростӣ, ки Ӯ ҳакиму доност

وَإِنَّ رَبَّكَ هُوَ يَحْشُرُهُمْ ۚ إِنَّهُۥ حَكِيمٌ عَلِيمٌ ﴿٢٥﴾

26. Ва дар ҳақиқат, Мо [нахустин] инсон [Одам]-ро аз гили хушк [-и бозмонда] аз лойи бӯйгирифта офаридем

وَلَقَدْ خَلَقْنَا ٱلْإِنسَٰنَ مِن صَلْصَٰلٍ مِّنْ حَمَإٍ مَّسْنُونٍ ﴿٢٦﴾

27. Ва пеш аз он ҷинро аз оташе сӯзон офаридем

وَٱلْجَآنَّ خَلَقْنَٰهُ مِن قَبْلُ مِن نَّارِ ٱلسَّمُومِ ﴿٢٧﴾

28. Ва [ёд кун] аз ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон фармуд: «Ҳамоно ман башареро аз гили хушк [-и бозмонда] аз лойи бӯйгирифта хоҳем офарид

وَإِذْ قَالَ رَبُّكَ لِلْمَلَٰٓئِكَةِ إِنِّى خَٰلِقٌۢ بَشَرًا مِّن صَلْصَٰلٍ مِّنْ حَمَإٍ مَّسْنُونٍ ﴿٢٨﴾

29. Пас, чун [ӯро офаридем ва] ба ӯ сомон додем ва аз рӯҳи хеш дар вай дамидем, [ба нишонаи итоат аз фармони Ман ҳамагӣ] бар ӯ саҷда кунед»

فَإِذَا سَوَّيْتُهُۥ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِن رُّوحِى فَقَعُوا۟ لَهُۥ سَٰجِدِينَ ﴿٢٩﴾

30. Пас, фариштагон ҳамагӣ саҷда карданд

فَسَجَدَ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ كُلُّهُمْ أَجْمَعُونَ ﴿٣٠﴾

31. Магар Иблис, ки аз он ки бо саҷдакунандагон бошад, сарпечӣ кард

إِلَّآ إِبْلِيسَ أَبَىٰٓ أَن يَكُونَ مَعَ ٱلسَّٰجِدِينَ ﴿٣١﴾

32. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Эй Иблис, чаро ту бо саҷдакунандагон [ҳамроҳ] нестӣ»?

قَالَ يَٰٓإِبْلِيسُ مَا لَكَ أَلَّا تَكُونَ مَعَ ٱلسَّٰجِدِينَ ﴿٣٢﴾

33. [Иблис] гуфт: «Ман он нестам, ки барои башаре, ки ӯро аз гили хушк [-и бозмонда] аз лойи бӯйгирифта офаридаӣ саҷда кунам»

قَالَ لَمْ أَكُن لِّأَسْجُدَ لِبَشَرٍ خَلَقْتَهُۥ مِن صَلْصَٰلٍ مِّنْ حَمَإٍ مَّسْنُونٍ ﴿٣٣﴾

34. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Аз он ҷо [биҳишт] берун шав, [ки] бе тардид, ту [аз боргоҳи Мо] рондашудаӣ

قَالَ فَٱخْرُجْ مِنْهَا فَإِنَّكَ رَجِيمٌ ﴿٣٤﴾

وَإِنَّ عَلَيْكَ ٱللَّعْنَةَ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلدِّينِ ﴿٣٥﴾	**35**. Ва яқинан, то рӯзи қиёмат бар ту лаънат хоҳад буд»
قَالَ رَبِّ فَأَنظِرْنِيٓ إِلَىٰ يَوْمِ يُبْعَثُونَ ﴿٣٦﴾	**36**. [Иблис] Гуфт: «Парвардигоро, то рӯзе, ки [мардум] барангехта мешаванд, ба ман муҳлат бидеҳ [ва намирон]»
قَالَ فَإِنَّكَ مِنَ ٱلْمُنظَرِينَ ﴿٣٧﴾	**37**. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «[Бирав, ки] Яқинан, ту аз муҳлатёфтагонӣ
إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْوَقْتِ ٱلْمَعْلُومِ ﴿٣٨﴾	**38**. То рӯзи он вақти маълум [ки тамоми махлуқот бо нафхаи нахуст мемиранд]»
قَالَ رَبِّ بِمَآ أَغْوَيْتَنِي لَأُزَيِّنَنَّ لَهُمْ فِي ٱلْأَرْضِ وَلَأُغْوِيَنَّهُمْ أَجْمَعِينَ ﴿٣٩﴾	**39**. [Ӯ] Гуфт: «Парвардигоро, ба сабаби он ки маро гумроҳ сохтӣ, дар замин [бадиҳоро] дар назарашон нек ҷилва медиҳам ва ҳамаи ононро ба гумроҳӣ мекашонам
إِلَّا عِبَادَكَ مِنْهُمُ ٱلْمُخْلَصِينَ ﴿٤٠﴾	**40**. Магар бандагони холиси Ту аз [миёни] онон [ки ҳидояташон кардай]»
قَالَ هَٰذَا صِرَٰطٌ عَلَيَّ مُسْتَقِيمٌ ﴿٤١﴾	**41**. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Ин [ихлос] роҳи мустақимест [ки ба Ман мерасад]
إِنَّ عِبَادِي لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَٰنٌ إِلَّا مَنِ ٱتَّبَعَكَ مِنَ ٱلْغَاوِينَ ﴿٤٢﴾	**42**. Яқинан, ту бар бандагонам тасаллуте надорӣ, магар [бар он мушрикон ва] гумроҳоне, ки аз ту пайравӣ мекунанд
وَإِنَّ جَهَنَّمَ لَمَوْعِدُهُمْ أَجْمَعِينَ ﴿٤٣﴾	**43**. Ва бе тардид, дузах ваъдагоҳи ҳамаи онон аст
لَهَا سَبْعَةُ أَبْوَٰبٍ لِّكُلِّ بَابٍ مِّنْهُمْ جُزْءٌ مَّقْسُومٌ ﴿٤٤﴾	**44**. [Дузах] Ҳафт дар дорад [ва] барои ҳар даре гурӯҳе аз онон тақсим [ва мушаххас] шудаанд»
إِنَّ ٱلْمُتَّقِينَ فِي جَنَّٰتٍ وَعُيُونٍ ﴿٤٥﴾	**45**. Яқинан, парҳезгорон дар боғҳо [-и биҳишт] ва дар [канори] чашмаҳо ҳастанд
ٱدْخُلُوهَا بِسَلَٰمٍ ءَامِنِينَ ﴿٤٦﴾	**46**. Ҳангоми вуруд ба онон гуфта мешавад] «Ба саломат ва эминӣ ба он [боғҳо] ворид шавед»
وَنَزَعْنَا مَا فِي صُدُورِهِم مِّنْ غِلٍّ إِخْوَٰنًا عَلَىٰ سُرُرٍ مُّتَقَٰبِلِينَ ﴿٤٧﴾	**47**. Он чи дар дилҳояшон аз кина [ва ҳасад] аст, бармеканем, бародарона бар тахтҳо рӯбарӯйи якдигаранд
لَا يَمَسُّهُمْ فِيهَا نَصَبٌ وَمَا هُم مِّنْهَا بِمُخْرَجِينَ ﴿٤٨﴾	**48**. Дар он ҷо на ранҷе ба онон мерасад ва на аз он ҷо берун ронда мешаванд

49. [Эй Паёмбар] Ба бандагонам хабар бидеҳ, ки ман омурзандаи меҳрубонам	۞نَبِّئۡ عِبَادِيٓ أَنِّيٓ أَنَا ٱلۡغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ٤٩
50. Ва ин ки азоби ман азобе дарднок аст	وَأَنَّ عَذَابِي هُوَ ٱلۡعَذَابُ ٱلۡأَلِيمُ ٥٠
51. Ва аз меҳмонони Иброҳим [низ] ба онон хабар бидеҳ	وَنَبِّئۡهُمۡ عَن ضَيۡفِ إِبۡرَٰهِيمَ ٥١
52. Ҳангоме ки бар ӯ ворид шуданд, салом гуфтанд, [аммо чун даст ба ғизо набурданд, Иброҳим] гуфт: «Мо аз шумо ҳаросонем»	إِذۡ دَخَلُواْ عَلَيۡهِ فَقَالُواْ سَلَٰمٗاۖ قَالَ إِنَّا مِنكُمۡ وَجِلُونَ ٥٢
53. Онон гуфтанд: «Натарс, мо туро ба писаре доно мужда медиҳем»	قَالُواْ لَا تَوۡجَلۡ إِنَّا نُبَشِّرُكَ بِغُلَٰمٍ عَلِيمٖ ٥٣
54. [Иброҳим] Гуфт: «Оё бо ин ки солхӯрда шудаам, мужда [-и таваллуди фарзанд] ба ман медиҳед? Ба чи [далел инчунин] башорат медиҳед»?	قَالَ أَبَشَّرۡتُمُونِي عَلَىٰٓ أَن مَّسَّنِيَ ٱلۡكِبَرُ فَبِمَ تُبَشِّرُونَ ٥٤
55. Онон гуфтанд: «Мо туро ба дурустӣ башорат додем, пас, ноумед набош»	قَالُواْ بَشَّرۡنَٰكَ بِٱلۡحَقِّ فَلَا تَكُن مِّنَ ٱلۡقَٰنِطِينَ ٥٥
56. [Иброҳим] Гуфт: «Ва ҷуз гумроҳон чи касе аз раҳмати Парвардигораш ноумед мегардад»?	قَالَ وَمَن يَقۡنَطُ مِن رَّحۡمَةِ رَبِّهِۦٓ إِلَّا ٱلضَّآلُّونَ ٥٦
57. [Он гоҳ ба фариштагон] гуфт: «Эй фиристодагон, кор [-у маъмурият]-и шумо чист»?	قَالَ فَمَا خَطۡبُكُمۡ أَيُّهَا ٱلۡمُرۡسَلُونَ ٥٧
58. Онон гуфтанд: «Дар ҳақиқат, мо ба сӯйи қавми гунаҳгор [-и Лут] фиристода шудаем [то ҳалокашон кунем]	قَالُوٓاْ إِنَّآ أُرۡسِلۡنَآ إِلَىٰ قَوۡمٖ مُّجۡرِمِينَ ٥٨
59. Ба ҷуз хонаводаи Лут, ки мо яқинан, ҳамаи ононро наҷот хоҳем дод	إِلَّآ ءَالَ لُوطٍۖ إِنَّا لَمُنَجُّوهُمۡ أَجۡمَعِينَ ٥٩
60. Магар ҳамсараш, ки муқаддар кардаем, ки аз бозмондагон [дар азоб] бошад»	إِلَّا ٱمۡرَأَتَهُۥ قَدَّرۡنَآ إِنَّهَا لَمِنَ ٱلۡغَٰبِرِينَ ٦٠
61. Пас, ҳангоме ки фариштагон [-и Аллоҳ таоло ба шакли инсон] назди хонадони Лут омаданд	فَلَمَّا جَآءَ ءَالَ لُوطٍ ٱلۡمُرۡسَلُونَ ٦١
62. [Ӯ] Гуфт: «Шумо гурӯҳе ношинос ҳастед»	قَالَ إِنَّكُمۡ قَوۡمٞ مُّنكَرُونَ ٦٢
63. [Фариштагон] Гуфтанд: «Балки мо ҳамон чизеро бароят овардаем, ки [ин мардуми гунаҳгор] дар бораш тардид мекарданд [нузули азоб]	قَالُواْ بَلۡ جِئۡنَٰكَ بِمَا كَانُواْ فِيهِ يَمۡتَرُونَ ٦٣

وَأَتَيْنَٰكَ بِٱلْحَقِّ وَإِنَّا لَصَٰدِقُونَ ﴿٦٤﴾

64. Ва мо бароят [хабари ҳақиқӣ ва] рост овардаем ва ҳатман, мо ростгӯем

فَأَسْرِ بِأَهْلِكَ بِقِطْعٍ مِّنَ ٱلَّيْلِ وَٱتَّبِعْ أَدْبَٰرَهُمْ وَلَا يَلْتَفِتْ مِنكُمْ أَحَدٌ وَٱمْضُواْ حَيْثُ تُؤْمَرُونَ ﴿٦٥﴾

65. Пас, посе аз шаб [ки гузашт] хонаводаатро бо худ [аз ин ҷо] бибар ва [худат] ба дунболашон бирав ва ҳеҷ як аз шумо пушти сарашро нигоҳ накунад ва ба ҷойе, ки ба шумо фармон медиҳанд, биравед»

وَقَضَيْنَآ إِلَيْهِ ذَٰلِكَ ٱلْأَمْرَ أَنَّ دَابِرَ هَٰٓؤُلَآءِ مَقْطُوعٌ مُّصْبِحِينَ ﴿٦٦﴾

66. Ва Мо ӯ [Лут]-ро аз ин амр огоҳ кардем, ки субҳгоҳон решаи онон канда хоҳад шуд

وَجَآءَ أَهْلُ ٱلْمَدِينَةِ يَسْتَبْشِرُونَ ﴿٦٧﴾

67. Ва аҳли шаҳр, дар ҳоле ки [дар бораи омадани афроди ҷадид] бо шодӣ [ба якдигар] хабар медоданд, [ба сӯйи хонаи Лут] омаданд

قَالَ إِنَّ هَٰٓؤُلَآءِ ضَيْفِى فَلَا تَفْضَحُونِ ﴿٦٨﴾

68. [Лут] Гуфт: «Инҳо меҳмонони ман ҳастанд, пас, маро расво [ва шармандаи меҳмононам] накунед

وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُخْزُونِ ﴿٦٩﴾

69. Ва аз Аллоҳ таоло битарсед ва саршикастаам насозед»

قَالُوٓاْ أَوَلَمْ نَنْهَكَ عَنِ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٧٠﴾

70. [Онон] Гуфтанд: «Магар мо туро аз [мизбонии] афроди [ғариб] наҳй накардем»?

قَالَ هَٰٓؤُلَآءِ بَنَاتِىٓ إِن كُنتُمْ فَٰعِلِينَ ﴿٧١﴾

71. [Лут] Гуфт: «Агар мехоҳед, [коре ҳалол] анҷом диҳед, инҳо духтарони [уммати] ман ҳастанд [бо эшон издивоҷ кунед]»

لَعَمْرُكَ إِنَّهُمْ لَفِى سَكْرَتِهِمْ يَعْمَهُونَ ﴿٧٢﴾

72. Савганд ба ҷони ту [эй паёмбар], ки онон дар мастии хеш саргашта буданд

فَأَخَذَتْهُمُ ٱلصَّيْحَةُ مُشْرِقِينَ ﴿٧٣﴾

73. Пас, ҳангоми баромадани офтоб бонги [маргбор] ононро фаро гирифт

فَجَعَلْنَا عَٰلِيَهَا سَافِلَهَا وَأَمْطَرْنَا عَلَيْهِمْ حِجَارَةً مِّن سِجِّيلٍ ﴿٧٤﴾

74. Он гоҳ он [сарзамин]-ро зерурӯ кардем ва бар онон санггилҳое паёпай боридем

إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّلْمُتَوَسِّمِينَ ﴿٧٥﴾

75. Ба яқин, дар ин [кайфар] барои ҳушёрон ибратҳост

وَإِنَّهَا لَبِسَبِيلٍ مُّقِيمٍ ﴿٧٦﴾

76. Ва он [шаҳрҳои вайрона ҳанӯз] бар сари роҳи [мусофирон] побарҷост.

إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَةً لِّلْمُؤْمِنِينَ ﴿٧٧﴾

77. Яқинан, дар ин [азоб] нишонаҳое барои [ибрат гирифтани] муъминон аст

وَإِن كَانَ أَصْحَابُ الْأَيْكَةِ لَظَالِمِينَ ﴿٧٨﴾

78. Ва асҳоби Айка [қавми Шуайб], ҳатман, ситамгор буданд

فَانتَقَمْنَا مِنْهُمْ وَإِنَّهُمَا لَبِإِمَامٍ مُّبِينٍ ﴿٧٩﴾

79. Пас, [Мо] аз онон интиқом гирифтем ва [шаҳрҳои вайроншудаи] ин ду [қавм] бар сари роҳ ошкор аст

وَلَقَدْ كَذَّبَ أَصْحَابُ الْحِجْرِ الْمُرْسَلِينَ ﴿٨٠﴾

80. Ва бе тардид, аҳли Ҳичр [қавми Самуд] паёмбаронро дурӯғгӯ ангоштанд

وَآتَيْنَاهُمْ آيَاتِنَا فَكَانُوا عَنْهَا مُعْرِضِينَ ﴿٨١﴾

81. Ва [Мо муъҷизот ва] нишонаҳои худро ба онон додем, ва [-ле] аз онҳо рӯйгардон шуданд

وَكَانُوا يَنْحِتُونَ مِنَ الْجِبَالِ بُيُوتًا آمِنِينَ ﴿٨٢﴾

82. Ва аз кӯҳҳо хонаҳое [барои худ] метарошиданд, ки дар амон бимонанд

فَأَخَذَتْهُمُ الصَّيْحَةُ مُصْبِحِينَ ﴿٨٣﴾

83. Пас, субҳгоҳон бонг [-и маргбор] ононро фаро гирифт

فَمَا أَغْنَىٰ عَنْهُم مَّا كَانُوا يَكْسِبُونَ ﴿٨٤﴾

84. Ва он чи [аз амволу хонаҳои маҳкам] ба даст оварда буданд, суде ба ҳолашон надошт [ва азоби илоҳиро дафъ накард]

وَمَا خَلَقْنَا السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا إِلَّا بِالْحَقِّ ۗ وَإِنَّ السَّاعَةَ لَآتِيَةٌ ۖ فَاصْفَحِ الصَّفْحَ الْجَمِيلَ ﴿٨٥﴾

85. Ва Мо осмонҳо ва замин ва он чиро, ки миёни онҳост, ҷуз ба ҳақ наофаридаем ва қиёмат ҳатман, омаданӣ аст, пас, [эй паёмбар аз кофирон] ба накуӣ гузашт кун.

إِنَّ رَبَّكَ هُوَ الْخَلَّاقُ الْعَلِيمُ ﴿٨٦﴾

86. Бе тардид, Парвардигорат ҳамон офаринишгари доност.

وَلَقَدْ آتَيْنَاكَ سَبْعًا مِّنَ الْمَثَانِي وَالْقُرْآنَ الْعَظِيمَ ﴿٨٧﴾

87. Ва ба ростӣ, Мо ба ту [сабъу-л-масонӣ» [сураи Фотиҳа] ва Қуръони бузургро додем

لَا تَمُدَّنَّ عَيْنَيْكَ إِلَىٰ مَا مَتَّعْنَا بِهِ أَزْوَاجًا مِّنْهُمْ وَلَا تَحْزَنْ عَلَيْهِمْ وَاخْفِضْ جَنَاحَكَ لِلْمُؤْمِنِينَ ﴿٨٨﴾

88. [Бинобар ин] Ҳаргиз ба он чи [аз неъматҳои дунявие], ки гурӯҳҳое аз онон [кофирон]-ро баҳраманд кардаем, чашм надӯз ва ба хотири [носипосӣ ва ширки] онон андуҳгин мабош ва бо муъминон фурӯтанӣ кун

وَقُلْ إِنِّي أَنَا النَّذِيرُ الْمُبِينُ ﴿٨٩﴾

89. Ва бигӯ: «Ба ростӣ, ки ман ҳамон бимдиҳандаи ошкорам»

كَمَآ أَنزَلۡنَا عَلَى ٱلۡمُقۡتَسِمِينَ ٩٠

90. [Ва ононро аз азоб битарсон] Ҳамон гуна ки [онро] бар тақсимкунандагон [-и оёти илоҳӣ] фиристодем

ٱلَّذِينَ جَعَلُواْ ٱلۡقُرۡءَانَ عِضِينَ ٩١

91. Ҳамон касоне, ки Қуръонро [ба] бахшҳо [-е ҳамчун шеъру пешгӯӣ ва ҷоду тақсим] карданд

فَوَرَبِّكَ لَنَسۡـَٔلَنَّهُمۡ أَجۡمَعِينَ ٩٢

92. Пас, савганд ба Парвардигорат, ҳатман, [дар қиёмат] аз ҳамаи онон суол хоҳем кард

عَمَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٩٣

93. Аз он чи мекарданд

فَٱصۡدَعۡ بِمَا تُؤۡمَرُ وَأَعۡرِضۡ عَنِ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ٩٤

94. Пас, [эй Паёмбар] он чи [-ро, ки аз сӯйи Аллоҳ таоло] дастур ёфтаӣ, ошкор кун ва аз мушрикон рӯ бигардон

إِنَّا كَفَيۡنَٰكَ ٱلۡمُسۡتَهۡزِءِينَ ٩٥

95. Бе тардид, Мо [шарри] масхаракунандагонро аз ту дур мекунем

ٱلَّذِينَ يَجۡعَلُونَ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَۚ فَسَوۡفَ يَعۡلَمُونَ ٩٦

96. Онон, ки [барои худ] бо Аллоҳ таоло маъбуди дигаре қарор медиҳанд, пас, ба зудӣ [натиҷаи ширки хешро] хоҳанд донист

وَلَقَدۡ نَعۡلَمُ أَنَّكَ يَضِيقُ صَدۡرُكَ بِمَا يَقُولُونَ ٩٧

97. Ва [эй паёмбар] яқинан, Мо медонем, ки ту аз он чи онон [кофирон] мегӯянд, озурдахотир мегардӣ

فَسَبِّحۡ بِحَمۡدِ رَبِّكَ وَكُن مِّنَ ٱلسَّٰجِدِينَ ٩٨

98. Пас, ба ситоиши Парвардигорат тасбеҳ бигӯ ва аз саҷдакунандагон бош

وَٱعۡبُدۡ رَبَّكَ حَتَّىٰ يَأۡتِيَكَ ٱلۡيَقِينُ ٩٩

99. Ва то ҳангоме ки маргат фаро мерасад, Парвардигоратро парастиш кун

(16) Наҳл(*) النحل

Ҷузъи 14

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

أَتَىٰٓ أَمْرُ ٱللَّهِ فَلَا تَسْتَعْجِلُوهُۚ سُبْحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشْرِكُونَ ١

1. [Эй кофирон, лаҳзаи вуқуи қиёмат ва] Фармони Аллоҳ таоло [барои азобатон] наздик шудааст; пас, барои [расидани] он шитоб накунед. Ӯ муназзаҳ аст ва аз он чи бо вай шарик месозанд бартар аст

يُنَزِّلُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةَ بِٱلرُّوحِ مِنْ أَمْرِهِۦ عَلَىٰ مَن يَشَآءُ مِنْ عِبَادِهِۦٓ أَنْ أَنذِرُوٓاْ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱتَّقُونِ ٢

2. [Аллоҳ таоло] Ба фармони хеш фариштагонро бо ваҳй бар ҳар як аз бандагонаш, ки бихоҳад, нозил мекунад [бо ин паём], ки: «[Эй паёмбарон, мардумро аз ширк ба Аллоҳ таоло] бим диҳед [ва ба онон бигӯед, ки] маъбуде [баҳақ] ҷуз ман нест; пас, [эй мардум] аз ман парво кунед»

خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ بِٱلْحَقِّۚ تَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشْرِكُونَ ٣

3. Ӯ осмонҳо ва заминро ба ҳақ [ва ҳадафманд] офарид [ва] аз он чи [бо вай] шарик месозанд, бартар аст

خَلَقَ ٱلْإِنسَٰنَ مِن نُّطْفَةٍ فَإِذَا هُوَ خَصِيمٌ مُّبِينٌ ٤

4. [Аллоҳ таоло] Инсонро аз нутфае офарид ва он гоҳ ӯ ситезагари ошкор шуд

وَٱلْأَنْعَٰمَ خَلَقَهَاۖ لَكُمْ فِيهَا دِفْءٌ وَمَنَٰفِعُ وَمِنْهَا تَأْكُلُونَ ٥

5. Ва чаҳорпоёнро бароятон офарид, ки дар онон пӯшиш [-и гарм] ва манофеъ [-и дигаре] аст ва аз [гӯшти бархе аз] онон мехӯред

وَلَكُمْ فِيهَا جَمَالٌ حِينَ تُرِيحُونَ وَحِينَ تَسْرَحُونَ ٦

6. Ва дар онҳо бароятон зебоӣ [ва шукӯҳ] аст, он гоҳ ки [онҳоро шомгоҳон] аз чаро бозмеоваред ва [бомдодон] барои чаро [ба саҳро] мефиристед

وَتَحْمِلُ أَثْقَالَكُمْ إِلَىٰ بَلَدٍ لَّمْ تَكُونُواْ بَٰلِغِيهِ إِلَّا بِشِقِّ ٱلْأَنفُسِۚ إِنَّ رَبَّكُمْ لَرَءُوفٌ رَّحِيمٌ ٧

7. [Онҳо] Борҳои сангини шуморо [аз шаҳре] ба шаҳре мебаранд, ки [агар чунин намекарданд] ҷуз бо заҳмат додан ба бадани хеш наметавонистед ба он ҷо бирасед. Ба ростӣ, ки Парвардигоратон дилсӯзу меҳрубон аст

(*) Наҳл (Занбӯри асал).

8. Ва аспону шутурон ва харонро [низ офарид] то бар онҳо савор шавед ва [низ бароятон мояи] таҷаммул [аст] ва чизҳое меофаринад, ки намедонед.

وَٱلۡخَيۡلَ وَٱلۡبِغَالَ وَٱلۡحَمِيرَ لِتَرۡكَبُوهَا وَزِينَةٗۚ وَيَخۡلُقُ مَا لَا تَعۡلَمُونَ ٨

9. Бар Аллоҳ таоло аст, ки роҳи рост [ислом]-ро [ба бандагонаш бинамояд] ва бархе аз он [роҳҳо] бероҳа аст; ва агар [Аллоҳ таоло] мехост, ҳамаи шуморо ҳидоят мекард

وَعَلَى ٱللَّهِ قَصۡدُ ٱلسَّبِيلِ وَمِنۡهَا جَآئِرٞۚ وَلَوۡ شَآءَ لَهَدَىٰكُمۡ أَجۡمَعِينَ ٩

10. Ӯст, ки аз осмон обе фурӯ фиристод, ки ошомидании шумо аз он аст ва [гиёҳ ва] дарахте, ки [чаҳорпоёни худро] дар он мечаронед, [низ] аз он [об] аст

هُوَ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ لَّكُم مِّنۡهُ شَرَابٞ وَمِنۡهُ شَجَرٞ فِيهِ تُسِيمُونَ ١٠

11. [Аллоҳ таоло] Ба василаи он кишт ва зайтун ва дарахтони хурмо ва ангур ва ҳама навъ меваҳо[-и гуногун] бароятон мерӯёнад. Ба ростӣ, ки дар инҳо барои мардуме, ки меандешанд нишонае [аз қудрати Парвардигор] аст

يُنۢبِتُ لَكُم بِهِ ٱلزَّرۡعَ وَٱلزَّيۡتُونَ وَٱلنَّخِيلَ وَٱلۡأَعۡنَٰبَ وَمِن كُلِّ ٱلثَّمَرَٰتِۗ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّقَوۡمٖ يَتَفَكَّرُونَ ١١

12. Ва шабу рӯз ва хуршеду моҳро ба хидмататон гумошт; ва ситорагон [низ] ба фармонаш дар хидмат [-и инсон] ҳастанд. Бе тардид, дар ин [офариниш] барои мардуме, ки хирадварзӣ мекунанд, нишонае [аз қудрати Парвардигор] аст

وَسَخَّرَ لَكُمُ ٱلَّيۡلَ وَٱلنَّهَارَ وَٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَۖ وَٱلنُّجُومُ مُسَخَّرَٰتُۢ بِأَمۡرِهِۦٓۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَعۡقِلُونَ ١٢

13. Ва он чиро, ки бароятон дар замин ба рангҳои гуногун офарид [низ ба хидмати шумо гумошт]. Бе тардид, дар ин [умур] барои мардуме, ки панд мегиранд, нишонае [аз қудрати Парвардигор] аст.

وَمَا ذَرَأَ لَكُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ مُخۡتَلِفًا أَلۡوَٰنُهُۥٓۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّقَوۡمٖ يَذَّكَّرُونَ ١٣

14. Ӯст, ки дарёро ба хидмататон гумошт, то аз [сайди] он гӯшти тоза бихӯред ва аз он зеваре [ҳамчун марворид ва марҷон] берун меоваред, ки мепӯшед; ва киштиҳоро дар он [дарё] мебинӣ, ки [амвоҷро] мешикофанд, то шумо аз фазл [-у бахшиши] Аллоҳ таоло баҳраманд гардед ва бошад, ки сипос гузоред

وَهُوَ ٱلَّذِي سَخَّرَ ٱلۡبَحۡرَ لِتَأۡكُلُواْ مِنۡهُ لَحۡمٗا طَرِيّٗا وَتَسۡتَخۡرِجُواْ مِنۡهُ حِلۡيَةٗ تَلۡبَسُونَهَاۖ وَتَرَى ٱلۡفُلۡكَ مَوَاخِرَ فِيهِ وَلِتَبۡتَغُواْ مِن فَضۡلِهِۦ وَلَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ١٤

15. Ва дар замин кӯҳҳои устувор [ва муҳкаме] дарафканд, ки мабодо шуморо биларзонад

وَأَلۡقَىٰ فِي ٱلۡأَرۡضِ رَوَٰسِيَ أَن تَمِيدَ بِكُمۡ وَأَنۡهَٰرٗا وَسُبُلٗا لَّعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ ١٥

ва ҷӯйборҳо [-е падид оварда], то [бидуни гум шудан] роҳи худро биёбед

16. Ва нишонаҳое [барои ёфтани масирҳо дар тӯли рӯз офарид] ва тавассути ситора[-ҳо низ дар шаб] роҳёбӣ мекунанд

وَعَلَٰمَٰتٍۚ وَبِٱلنَّجۡمِ هُمۡ يَهۡتَدُونَ ١٦

17. Оё он ки меофаринад, ҳамчун касе аст, ки [ҳеҷ] намеофаринад? Оё панд намегиред?

أَفَمَن يَخۡلُقُ كَمَن لَّا يَخۡلُقُۚ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ ١٧

18. Агар [бихоҳед] неъмат[-ҳои] Аллоҳро бишморед, наметавонед онро ба шумораш дароваред. Бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَإِن تَعُدُّواْ نِعۡمَةَ ٱللَّهِ لَا تُحۡصُوهَآۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَغَفُورٞ رَّحِيمٞ ١٨

19. Ва Аллоҳ таоло он чи пинҳон мекунед ва ошкор месозед, [ҳамаро] медонад.

وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ مَا تُسِرُّونَ وَمَا تُعۡلِنُونَ ١٩

20. Ва онҳоеро, ки [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ таоло [ба парастиш] мехонанд, чизеро намеофаринанд ва худ офарида мешаванд

وَٱلَّذِينَ يَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ لَا يَخۡلُقُونَ شَيۡـٔٗا وَهُمۡ يُخۡلَقُونَ ٢٠

21. [Бутҳое, ки мепарастанд] мурдаанд на зинда; ва намедонанд, ки парастишкунандагонашон чи вақте зинда ва барангехта мешаванд

أَمۡوَٰتٌ غَيۡرُ أَحۡيَآءٖۖ وَمَا يَشۡعُرُونَ أَيَّانَ يُبۡعَثُونَ ٢١

22. Маъбуди шумо маъбуде ягона аст ва касоне, ки ба охират имон надоранд, дилҳояшон инкоркунанда [-и ҳақ] аст ва худ мутакаббиранд

إِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۚ فَٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِٱلۡأٓخِرَةِ قُلُوبُهُم مُّنكِرَةٞ وَهُم مُّسۡتَكۡبِرُونَ ٢٢

23. Ҳатман, Аллоҳ таоло он чиро, ки пинҳон мекунанд ва ошкор месозанд [ҳамаро] медонад. Бе тардид, Ӯ мутакаббиронро дӯст намедорад

لَا جَرَمَ أَنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ مَا يُسِرُّونَ وَمَا يُعۡلِنُونَۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُسۡتَكۡبِرِينَ ٢٣

24. Ҳангоме ки ба онон гуфта мешавад: «Парвардигоратон чӣ чизе нозил кардааст?» Мегӯянд: «Афсонаҳои пешиниён»

وَإِذَا قِيلَ لَهُم مَّاذَآ أَنزَلَ رَبُّكُمۡ قَالُوٓاْ أَسَٰطِيرُ ٱلۡأَوَّلِينَ ٢٤

25. [Ҳамчунон дар куфр мемонанд] То рӯзи қиёмат, [ҳам] бори гуноҳони худро ба тамомӣ бар дӯш кашанд ва [ҳам бахше] аз бори гуноҳони касонеро, ки аз рӯйи нодонӣ гумроҳашон

لِيَحۡمِلُوٓاْ أَوۡزَارَهُمۡ كَامِلَةٗ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَمِنۡ أَوۡزَارِ ٱلَّذِينَ يُضِلُّونَهُم بِغَيۡرِ عِلۡمٍۗ أَلَا سَآءَ مَا يَزِرُونَ ٢٥

кардаанд. Ҳон! Чи бад аст, он чи бар дӯш мекашанд!

قَدْ مَكَرَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ فَأَتَى ٱللَّهُ بُنْيَٰنَهُم مِّنَ ٱلْقَوَاعِدِ فَخَرَّ عَلَيْهِمُ ٱلسَّقْفُ مِن فَوْقِهِمْ وَأَتَىٰهُمُ ٱلْعَذَابُ مِنْ حَيْثُ لَا يَشْعُرُونَ ﴿٢٦﴾

26. Дар ҳақиқат, касоне, ки пеш аз онон буданд, низ найранг [ва бадандешӣ] карданд; пас, фармони Аллоҳ таоло даррасид, ки бунёдашонро аз асос барандохт ва сақф бар сарашон фурӯ рехт ва аз [ҳамон] ҷойе, ки фикр намекарданд, азоб домангирашон шуд

ثُمَّ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ يُخْزِيهِمْ وَيَقُولُ أَيْنَ شُرَكَآءِىَ ٱلَّذِينَ كُنتُمْ تُشَٰٓقُّونَ فِيهِمْ ۚ قَالَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْعِلْمَ إِنَّ ٱلْخِزْىَ ٱلْيَوْمَ وَٱلسُّوٓءَ عَلَى ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٢٧﴾

27. Сипас рӯзи қиёмат [Аллоҳ таоло бо азобе дарднок] хорашон месозад ва мефамояд: «Кучо ҳастанд шарикони ман, ки дар бораи онон [бо паёмбарон ва муъминон] ситез мекардед?» Касоне, ки ба эшон илм дода шудааст [уламои раббонӣ], мегӯянд: «Имрӯз хорӣ ва азоб насиби кофирон аст»

ٱلَّذِينَ تَتَوَفَّىٰهُمُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ ظَالِمِىٓ أَنفُسِهِمْ ۖ فَأَلْقَوُا۟ ٱلسَّلَمَ مَا كُنَّا نَعْمَلُ مِن سُوٓءٍ ۚ بَلَىٰٓ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌۢ بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٢٨﴾

28. [Ҳамон] Касоне, ки фариштагон [-и азоб] дар ҳоле ҷонашонро мегиранд, ки [ба сабаби ширк дар дунё] ба худ ситам карда буданд. Пас, [онон дар ҳангоми марг] сари таслим фуруд меоваранд [ва мегӯянд:] «Мо ҳеҷ [кори] баде намекардем. Оре, мусалламан Аллоҳ таоло ба он чи мекардед доност

فَٱدْخُلُوٓا۟ أَبْوَٰبَ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَا ۖ فَلَبِئْسَ مَثْوَى ٱلْمُتَكَبِّرِينَ ﴿٢٩﴾

29. Пас, аз дарвозаҳои дузах ворид шавед [ки] ҷовидона дар он хоҳед буд; ва ба ростӣ, ҷойгоҳи гарданкашон чи бад аст!

وَقِيلَ لِلَّذِينَ ٱتَّقَوْا۟ مَاذَآ أَنزَلَ رَبُّكُمْ ۚ قَالُوا۟ خَيْرًا ۗ لِّلَّذِينَ أَحْسَنُوا۟ فِى هَٰذِهِ ٱلدُّنْيَا حَسَنَةٌ ۚ وَلَدَارُ ٱلْءَاخِرَةِ خَيْرٌ ۚ وَلَنِعْمَ دَارُ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿٣٠﴾

30. Ва ба касоне, ки парҳезкорӣ карданд, гуфта мешавад: «Парвардигоратон [бар Паёмбар] чи чиз нозил кардааст?» Онон мегӯянд: «Хайр [ва накуии бисёр]». Барои касоне, ки дар ин дунё некӣ кардаанд, [подош] накуӣ аст ва, ҳатман, сарои охират беҳтар аст; ва, ба ростӣ, чи накуст сарои парҳезкорон!

جَنَّٰتُ عَدْنٍ يَدْخُلُونَهَا تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ ۖ لَهُمْ فِيهَا مَا يَشَآءُونَ ۚ كَذَٰلِكَ يَجْزِى ٱللَّهُ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿٣١﴾

31. [Ҷойгоҳашон] Боғҳое [аз биҳишт] ҷовидон аст, ки ба он ворид мешаванд. Аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорӣ аст [ва] дар он ҷо ҳар чи

бихоҳанд, барояшон [фароҳам] аст. Аллоҳ таоло парҳезкоронро чунин подош медиҳад

32. [Ҳамон] Касоне, ки фариштагон дар ҳоле ҷонашонро меситонанд, ки [аз олудагии куфру гуноҳ] поканд [ва ба онон] мегӯянд: «Дуруд бар шумо. Ба подоши он чи мекардед, [инак] ба биҳишт дароед»

ٱلَّذِينَ تَتَوَفَّىٰهُمُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ طَيِّبِينَ يَقُولُونَ سَلَٰمٌ عَلَيْكُمُ ٱدْخُلُوا۟ ٱلْجَنَّةَ بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٣٢﴾

33. Оё [кофирон] ҷуз ин интизор доранд, ки фариштагон [барои қабзи рӯҳ] ба суроғашон биёянд ё фармони Парвардигорат [барои азобашон] биёяд? Касоне, ки пеш аз онон буданд [низ] чунин мекарданд ва Аллоҳ таоло ба онон ситам накард, вале онон худ ба хештан ситам мекарданд

هَلْ يَنظُرُونَ إِلَّآ أَن تَأْتِيَهُمُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ أَوْ يَأْتِىَ أَمْرُ رَبِّكَ ۚ كَذَٰلِكَ فَعَلَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ ۚ وَمَا ظَلَمَهُمُ ٱللَّهُ وَلَٰكِن كَانُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ ﴿٣٣﴾

34. Пас, [кайфари] бадиҳое, ки карда буданд, гиребонгирашон шуд ва он чи масхара мекарданд, ононро фурӯ гирифт

فَأَصَابَهُمْ سَيِّـَٔاتُ مَا عَمِلُوا۟ وَحَاقَ بِهِم مَّا كَانُوا۟ بِهِۦ يَسْتَهْزِءُونَ ﴿٣٤﴾

35. Ва касоне, ки ширк варзиданд, гуфтанд: «Агар Аллоҳ таоло мехост, на мо ва на падаронамон чизеро ғайр аз Ӯ намепарастидем ва чизеро ҷуз ба [хосту фармони] Ӯ ҳаром намекардем». Касоне, ки пеш аз онон буданд, низ чунин карданд; пас, оё паёмбарон вазифае ҷуз расонидани ошкор [-и ваҳй] доранд?

وَقَالَ ٱلَّذِينَ أَشْرَكُوا۟ لَوْ شَآءَ ٱللَّهُ مَا عَبَدْنَا مِن دُونِهِۦ مِن شَىْءٍ نَّحْنُ وَلَآ ءَابَآؤُنَا وَلَا حَرَّمْنَا مِن دُونِهِۦ مِن شَىْءٍ ۚ كَذَٰلِكَ فَعَلَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ ۚ فَهَلْ عَلَى ٱلرُّسُلِ إِلَّا ٱلْبَلَٰغُ ٱلْمُبِينُ ﴿٣٥﴾

36. Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ таоло] дурӣ кунед». Пас, Аллоҳ таоло бархе аз ононро ҳидоят кардааст ва бархе аз онон низ сазовори гумроҳӣ шуданд. Пас, дар замин гардиш кунед ва бингаред, ки саранҷоми такзибкунандагон [-и оёти илоҳӣ] чи гуна будааст

وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِى كُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولًا أَنِ ٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ وَٱجْتَنِبُوا۟ ٱلطَّٰغُوتَ ۖ فَمِنْهُم مَّنْ هَدَى ٱللَّهُ وَمِنْهُم مَّنْ حَقَّتْ عَلَيْهِ ٱلضَّلَٰلَةُ ۚ فَسِيرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ فَٱنظُرُوا۟ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلْمُكَذِّبِينَ ﴿٣٦﴾

37. [Эй Паёмбар] ҳар андоза бар ҳидояти онон муштоқ бошӣ, [суде надорад, зеро] Аллоҳ таоло касеро, ки гумроҳ намояд, ҳидоят нахоҳад кард ва онон [ҳеҷ] ёваре надоранд

إِن تَحْرِصْ عَلَىٰ هُدَىٰهُمْ فَإِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى مَن يُضِلُّ ۖ وَمَا لَهُم مِّن نَّٰصِرِينَ ﴿٣٧﴾

38. [Мушрикон] Бо сахттарин савгандҳояшон ба Аллоҳ таоло савганд хӯрданд, ки: «Аллоҳ таоло касеро, ки мемирад, барнамеангезад». Оре, ин [барангехтани мурдагон] ваъдаест, ки бар ҳақ бар уҳдаи Ӯст, вале бештари мардум намедонанд

وَأَقْسَمُوا۟ بِٱللَّهِ جَهْدَ أَيْمَٰنِهِمْ لَا يَبْعَثُ ٱللَّهُ مَن يَمُوتُ ۚ بَلَىٰ وَعْدًا عَلَيْهِ حَقًّا وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٣٨﴾

39. [Ӯ мурдагонро зинда мекунад] То саранҷоми [ҳақиқати] он чиро, ки дар он ихтилоф мекунанд, барояшон равшан созад ва то касоне, ки куфр варзиданд, бидонанд, ки дурӯғгӯ будаанд.

لِيُبَيِّنَ لَهُمُ ٱلَّذِى يَخْتَلِفُونَ فِيهِ وَلِيَعْلَمَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓا۟ أَنَّهُمْ كَانُوا۟ كَٰذِبِينَ ﴿٣٩﴾

40. Сухани Мо дар бораи чизе, ки иродаашро кардаем, фақат ин аст, ки ба он мегӯем: «Мавҷуд шав», пас, бедиранг мавҷуд мешавад

إِنَّمَا قَوْلُنَا لِشَىْءٍ إِذَآ أَرَدْنَٰهُ أَن نَّقُولَ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ﴿٤٠﴾

41. Ва касоне, ки дар [роҳи] Аллоҳ таоло - пас аз он ки мавриди ситам воқеъ шуданд - ҳиҷрат карданд, дар дунё [дар сарзамин ва] маконе наку ононро ҷой медиҳем; ва яқинан подоши охират бузургтар аст. Агар [онон, ки аз ҳиҷрат худдорӣ карданд, подоши ин корро] медонистанд, [ҳаргиз аз ҳиҷрат бознамемонданд]

وَٱلَّذِينَ هَاجَرُوا۟ فِى ٱللَّهِ مِنۢ بَعْدِ مَا ظُلِمُوا۟ لَنُبَوِّئَنَّهُمْ فِى ٱلدُّنْيَا حَسَنَةً ۖ وَلَأَجْرُ ٱلْءَاخِرَةِ أَكْبَرُ ۚ لَوْ كَانُوا۟ يَعْلَمُونَ ﴿٤١﴾

42. [Муҳоҷирон дар роҳи Аллоҳ таоло] касоне [ҳастанд], ки шикебоӣ намуданд ва бар Парвардигорашон таваккал мекунанд

ٱلَّذِينَ صَبَرُوا۟ وَعَلَىٰ رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ ﴿٤٢﴾

43. Ва [эй Паёмбар] Мо пеш аз ту ба ҷуз мардоне, ки ба онон ваҳӣ мекардем, [касеро ба рисолат] нафиристодем; пас, [эй мушрикон] агар намедонед, аз аҳли зикр [донишмандони аҳли китоб] бипурсед

وَمَآ أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ إِلَّا رِجَالًا نُّوحِىٓ إِلَيْهِمْ ۖ فَسْـَٔلُوٓا۟ أَهْلَ ٱلذِّكْرِ إِن كُنتُمْ لَا تَعْلَمُونَ ﴿٤٣﴾

44. [Он паёмбаронро] Бо далоили равшан ва китобҳо[-и осмонӣ фиристодем]; ва [Мо ин] Қуръонро бар ту нозил кардем, то барои мардум он чиро, ки бар эшон нозил шудааст, равшан созӣ; бошад, ки [дар мафоҳимаш] бияндешанд

بِٱلْبَيِّنَٰتِ وَٱلزُّبُرِ ۗ وَأَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلذِّكْرَ لِتُبَيِّنَ لِلنَّاسِ مَا نُزِّلَ إِلَيْهِمْ وَلَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ ﴿٤٤﴾

45. Оё касоне, ки бадандешӣ [ва тавтеа] карданд, [аз ин] эмин ҳастанд, ки Аллоҳ таоло [ҳамаи]

أَفَأَمِنَ ٱلَّذِينَ مَكَرُوا۟ ٱلسَّيِّـَٔاتِ أَن يَخْسِفَ ٱللَّهُ بِهِمُ ٱلْأَرْضَ أَوْ يَأْتِيَهُمُ ٱلْعَذَابُ مِنْ حَيْثُ لَا يَشْعُرُونَ ﴿٤٥﴾

ононро дар замин фурӯ барад ё азоби [илоҳӣ] аз ҷойе, ки намедонанд, [ба суроғашон] биёяд?

أَوۡ يَأۡخُذَهُمۡ فِي تَقَلُّبِهِمۡ فَمَا هُم بِمُعۡجِزِينَ ٤٦

46. Ё [он ки] ба ҳангоми рафту омадашон [гиребони] ононро бигирад? Пас, онон монеъ [-и расидани азоб] нестанд

أَوۡ يَأۡخُذَهُمۡ عَلَىٰ تَخَوُّفٖ فَإِنَّ رَبَّكُمۡ لَرَءُوفٞ رَّحِيمٌ ٤٧

47. Ё [он ки азоби илоҳӣ] дар ҳоле ки [аз он] метарсанд, гиребонгирашон шавад? Пас, бе тардид, Парвардигоратон дилсӯзи меҳрубон аст [ки дар муҷозотатон шитоб намекунанд]

أَوَلَمۡ يَرَوۡاْ إِلَىٰ مَا خَلَقَ ٱللَّهُ مِن شَيۡءٖ يَتَفَيَّؤُاْ ظِلَٰلُهُۥ عَنِ ٱلۡيَمِينِ وَٱلشَّمَآئِلِ سُجَّدٗا لِلَّهِ وَهُمۡ دَٰخِرُونَ ٤٨

48. Оё онон ба чизҳое [ҳамчун дарахтон ва кӯҳҳо], ки Аллоҳ таоло офарида аст, наменигаранд, ки [чи гуна бо ҳаракати хуршеду моҳ] сояҳояшон аз росту чап мегустурад ва дар ҳоле барои Аллоҳ таоло саҷда мекунанд, ки [дар баробараш] хоксоранд?

وَلِلَّهِ يَسۡجُدُ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِ مِن دَآبَّةٖ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَهُمۡ لَا يَسۡتَكۡبِرُونَ ٤٩

49. Ва ҳар чи дар осмонҳо ва замин аст - аз ҷунбандагону фариштагон - [ҳамагӣ] барои Аллоҳ таоло саҷда меоваранд ва гарданкашӣ намекунанд

يَخَافُونَ رَبَّهُم مِّن فَوۡقِهِمۡ وَيَفۡعَلُونَ مَا يُؤۡمَرُونَ ٥٠

50. [Фариштагон] Аз Парвардигори хеш, ки [ба зот ва ғалаба ва қудрататаш] болои онон аст, метарсанд ва он чӣ фармон дода мешаванд, ҳамон мекунанд

۞وَقَالَ ٱللَّهُ لَا تَتَّخِذُوٓاْ إِلَٰهَيۡنِ ٱثۡنَيۡنِۖ إِنَّمَا هُوَ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ فَإِيَّيَ فَٱرۡهَبُونِ ٥١

51. Ва Аллоҳ таоло фармуд: «Ду маъбуд [-ро барои худ ба парастиш] нагиред. Ҷуз ин нест, ки [маъбуди шумо] ҳамон Аллоҳи яктост; пас, танҳо аз ман парво кунед»

وَلَهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَلَهُ ٱلدِّينُ وَاصِبًاۚ أَفَغَيۡرَ ٱللَّهِ تَتَّقُونَ ٥٢

52. Ва он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст ва парастишу фармондорӣ [низ] ҳамеша ва пайваста барои Ӯст. Оё аз ғайри Аллоҳ таоло парво мекунед?

وَمَا بِكُم مِّن نِّعۡمَةٖ فَمِنَ ٱللَّهِ ثُمَّ إِذَا مَسَّكُمُ ٱلضُّرُّ فَإِلَيۡهِ تَجۡـَٔرُونَ ٥٣

53. Ва [эй мардум] ҳар неъмате, ки доред, аз сӯи Аллоҳ таоло аст; сипас чун ба шумо газанде мерасад, ба пешгоҳи Ӯ нола ва зорӣ мекунед

ثُمَّ إِذَا كَشَفَ ٱلضُّرَّ عَنكُمۡ إِذَا فَرِيقٞ مِّنكُم بِرَبِّهِمۡ يُشۡرِكُونَ ٥٤

54. Сипас вақте он газандро аз шумо бартараф сохт, он гоҳ гурӯҳе аз шумо ба Парвардигорашон ширк меварзанд

لِيَكۡفُرُواْ بِمَآ ءَاتَيۡنَٰهُمۡۚ فَتَمَتَّعُواْ فَسَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ٥٥

55. То саранҷом ба он чӣ ба эшон додаем, носипосӣ кунанд. Пас, [чанд рӯзе аз неъматҳои дунё] бархӯрдор шавед, ки ба зудӣ [натоиҷи кирдоратонро] хоҳед донист

وَيَجۡعَلُونَ لِمَا لَا يَعۡلَمُونَ نَصِيبٗا مِّمَّا رَزَقۡنَٰهُمۡۗ تَٱللَّهِ لَتُسۡـَٔلُنَّ عَمَّا كُنتُمۡ تَفۡتَرُونَ ٥٦

56. Ва [мушрикон] аз он чӣ рӯзишон кардаем, барои чизҳое, ки ҳеҷ фаҳме надоранд [бутҳо] саҳме қарор медиҳанд. Ба Аллоҳ таоло савганд, ки дар бораи он ифтиро, ки мебастед, ҳатман, бозхост хоҳед шуд

وَيَجۡعَلُونَ لِلَّهِ ٱلۡبَنَٰتِ سُبۡحَٰنَهُۥ وَلَهُم مَّا يَشۡتَهُونَ ٥٧

57. Ва [онон фариштагонро] духтароне барои Аллоҳ таоло қарор медиҳанд - Ӯ муназзаҳ аст - ва он чиро майл доранд [писарон] барои худашон [қарор медиҳанд]

وَإِذَا بُشِّرَ أَحَدُهُم بِٱلۡأُنثَىٰ ظَلَّ وَجۡهُهُۥ مُسۡوَدّٗا وَهُوَ كَظِيمٞ ٥٨

58. Ва ҳар гоҳ яке аз ононро ба [таваллуди] духтаре башорат диҳанд, дар ҳоле ки хашмашро фурӯ мехӯрад, чеҳрааш [аз андӯҳ] тира мешавад

يَتَوَٰرَىٰ مِنَ ٱلۡقَوۡمِ مِن سُوٓءِ مَا بُشِّرَ بِهِۦٓۚ أَيُمۡسِكُهُۥ عَلَىٰ هُونٍ أَمۡ يَدُسُّهُۥ فِي ٱلتُّرَابِۗ أَلَا سَآءَ مَا يَحۡكُمُونَ ٥٩

59. Аз бадӣ [ва нороҳатии] он чӣ ба ӯ мужда додаанд, аз қавм [-и хеш] пинҳон мешавад [ва бо худ меандешад, ки] оё ӯро бо сарафкандагӣ нигаҳ дорад ё дар хок пинҳонаш кунад. Ҳон! Чи бад доварӣ мекунанд!

لِلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِٱلۡأٓخِرَةِ مَثَلُ ٱلسَّوۡءِۖ وَلِلَّهِ ٱلۡمَثَلُ ٱلۡأَعۡلَىٰۚ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٦٠

60. Сифати зишт [-и чаҳлу куфр] барои касонест, ки ба охират имон надоранд ва сифати бартар аз они Аллоҳ таоло аст ва Ӯ шикастнопазиру ҳаким аст

وَلَوۡ يُؤَاخِذُ ٱللَّهُ ٱلنَّاسَ بِظُلۡمِهِم مَّا تَرَكَ عَلَيۡهَا مِن دَآبَّةٖ وَلَٰكِن يُؤَخِّرُهُمۡ إِلَىٰٓ أَجَلٖ مُّسَمّٗىۖ فَإِذَا جَآءَ أَجَلُهُمۡ لَا يَسۡتَـٔۡخِرُونَ سَاعَةٗ وَلَا يَسۡتَقۡدِمُونَ ٦١

61. Ва агар Аллоҳ таоло мардумро ба хотири зулмашон бозхост мекард, ҷунбандае рӯйи замин боқӣ намегузошт; вале [кайфари] ононро то замони муайян ба таъхир меандозад; ва чун аҷалашон ба сар ояд, на соате [аз он] таъхир мекунанд ва на пешӣ мегиранд

وَيَجْعَلُونَ لِلَّهِ مَا يَكْرَهُونَ ۖ وَتَصِفُ أَلْسِنَتُهُمُ ٱلْكَذِبَ أَنَّ لَهُمُ ٱلْحُسْنَىٰ ۚ لَا جَرَمَ أَنَّ لَهُمُ ٱلنَّارَ وَأَنَّهُم مُّفْرَطُونَ ﴿٦٢﴾

62. Ва [мушрикон] он чиро хуш надоранд барои Аллоҳ таоло қарор медиҳанд ва забонашон [чунин] дурӯғ месозад, ки [расттагорӣ ва] накуӣ аз они эшон аст. Ҳаққо, ки оташ насибашон аст ва онон, ҳатман, аз пешгомон [-и дузах] ҳастанд

تَٱللَّهِ لَقَدْ أَرْسَلْنَآ إِلَىٰٓ أُمَمٍ مِّن قَبْلِكَ فَزَيَّنَ لَهُمُ ٱلشَّيْطَٰنُ أَعْمَٰلَهُمْ فَهُوَ وَلِيُّهُمُ ٱلْيَوْمَ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٦٣﴾

63. [Эй Паёмбар] Савганд ба Аллоҳ таоло, ки ба сӯи умматҳое, ки пеш аз ту буданд, [низ паёмбароне] фиристодем; пас, шайтон корҳояшонро барояшон орост; аз ин рӯ, имрӯз [низ дӯст ва] корсозашон ҳам ӯст ва барояшон азобе дарднок [дар пеш] аст

وَمَآ أَنزَلْنَا عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ إِلَّا لِتُبَيِّنَ لَهُمُ ٱلَّذِى ٱخْتَلَفُوا۟ فِيهِ وَهُدًى وَرَحْمَةً لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٦٤﴾

64. Ва [эй Паёмбар] ин китобро бар ту нозил накардем, магар барои ин ки [ҳақиқати] он чиро, ки [мардум] дар он ихтилоф доранд, барояшон баён кунӣ ва ҳидояту раҳмате бошад барои гурӯҳе, ки имон меоваранд

وَٱللَّهُ أَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَحْيَا بِهِ ٱلْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَآ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَةً لِّقَوْمٍ يَسْمَعُونَ ﴿٦٥﴾

65. Ва Аллоҳ таоло аз осмон обе фурӯ фиристод ва бо он заминро пас аз хазон ва хушкиаш зинда кард. Ҳатман, дар ин амр барои мардуме, ки [сухани ҳақро] мешунаванд, нишонае [аз қудрати Парвардигор] аст

وَإِنَّ لَكُمْ فِى ٱلْأَنْعَٰمِ لَعِبْرَةً ۖ نُّسْقِيكُم مِّمَّا فِى بُطُونِهِۦ مِنۢ بَيْنِ فَرْثٍ وَدَمٍ لَّبَنًا خَالِصًا سَآئِغًا لِّلشَّٰرِبِينَ ﴿٦٦﴾

66. Ва [эй мардум,] дар [афзоиши] чаҳорпоён барои шумо ибрате аст: аз он чи дар шиками онҳост, аз миёни ғизоҳои ҳазмшуда ва хун шири холисе ба шумо менӯшонем, ки барои нӯшандагон гуворост

وَمِن ثَمَرَٰتِ ٱلنَّخِيلِ وَٱلْأَعْنَٰبِ تَتَّخِذُونَ مِنْهُ سَكَرًا وَرِزْقًا حَسَنًا ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَةً لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ ﴿٦٧﴾

67. Ва [низ] аз меваҳои дарахтони хурмо ва ангур ҳам шароб [-и мастиовар] ва ҳам рӯзии наку [ва покиза] ба даст меоваред. Бе гумон, дар ин [амр] барои касоне, ки хирад меварзанд, нишонае [аз лутфу қудрати Парвардигор] аст

وَأَوْحَىٰ رَبُّكَ إِلَى ٱلنَّحْلِ أَنِ ٱتَّخِذِى مِنَ ٱلْجِبَالِ بُيُوتًا وَمِنَ ٱلشَّجَرِ وَمِمَّا يَعْرِشُونَ ﴿٦٨﴾

68. Парвардигорат ба занбӯри асал илҳом кард, ки: аз кӯҳҳо ва дарахтон ва аз он чи [мардум] бино мекунанд, [барои худ] хонаҳое баргир

ثُمَّ كُلِي مِن كُلِّ ٱلثَّمَرَٰتِ فَٱسۡلُكِي سُبُلَ رَبِّكِ ذُلُلٗاۚ يَخۡرُجُ مِنۢ بُطُونِهَا شَرَابٞ مُّخۡتَلِفٌ أَلۡوَٰنُهُۥ فِيهِ شِفَآءٞ لِّلنَّاسِۗ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّقَوۡمٖ يَتَفَكَّرُونَ ٦٩

69. Он гоҳ аз [шираи] тамоми меваҳо [ва гулҳо] бихӯр ва роҳҳои Парвардигоратро фурӯтанона тай кун». Аз шиками онҳо шаҳде рангоранг берун меояд, ки шифои мардум дар он аст. Ба ростӣ, дар ин [амр] барои мардуме, ки меандешанд, нишонае [аз илму қудрати Парвардигор] аст

وَٱللَّهُ خَلَقَكُمۡ ثُمَّ يَتَوَفَّىٰكُمۡۚ وَمِنكُم مَّن يُرَدُّ إِلَىٰٓ أَرۡذَلِ ٱلۡعُمُرِ لِكَيۡ لَا يَعۡلَمَ بَعۡدَ عِلۡمٖ شَيۡـٔٗاۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٞ قَدِيرٞ ٧٠

70. Ва Аллоҳ таоло шуморо офаридааст ва сипас ҷонатонро мегирад; ва бархе аз шумо ба фурӯтарини [даврони] умр [куҳансолӣ] мерасанд, чунончи пас аз донистани [бисёре чизҳо, дигар] чизе намедонанд [ва ҳамаро фаромӯш мекунанд]. Бе тардид, Аллоҳ таоло донову тавоност

وَٱللَّهُ فَضَّلَ بَعۡضَكُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖ فِي ٱلرِّزۡقِۚ فَمَا ٱلَّذِينَ فُضِّلُواْ بِرَآدِّي رِزۡقِهِمۡ عَلَىٰ مَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُهُمۡ فَهُمۡ فِيهِ سَوَآءٌۚ أَفَبِنِعۡمَةِ ٱللَّهِ يَجۡحَدُونَ ٧١

71. Ва Аллоҳ таоло бархе аз шуморо бар бархе [дигар] дар [неъмату] рӯзӣ бартарӣ додаст; пас, касоне, ки бартарӣ дода шудаанд, ҳозир нестанд, ки аз рӯзии худ ба бардагонашон бидиҳанд, то ҳамагӣ дар он [неъмату дороӣ] баробар шаванд. [Агар худ аз шарик безоранд, чаро барои Аллоҳ таоло шарик қарор медиҳанд?] Пас, оё [бо ин ширкварзӣ] неъмати Аллоҳро инкор мекунанд?

وَٱللَّهُ جَعَلَ لَكُم مِّنۡ أَنفُسِكُمۡ أَزۡوَٰجٗا وَجَعَلَ لَكُم مِّنۡ أَزۡوَٰجِكُم بَنِينَ وَحَفَدَةٗ وَرَزَقَكُم مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِۚ أَفَبِٱلۡبَٰطِلِ يُؤۡمِنُونَ وَبِنِعۡمَتِ ٱللَّهِ هُمۡ يَكۡفُرُونَ ٧٢

72. Ва Аллоҳ таоло барои шумо аз [ҷинси] худатон ҳамсароне қарор дод ва аз ҳамсаронатон барои шумо фарзандон ва наводагоне офарид ва аз чизҳое покиза ба шумо рӯзӣ бахшид. Пас, оё [боз ҳам] ба ботил имон меоваранд ва ба неъмати Аллоҳ таоло носипосӣ мекунанд?

وَيَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَمۡلِكُ لَهُمۡ رِزۡقٗا مِّنَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ شَيۡـٔٗا وَلَا يَسۡتَطِيعُونَ ٧٣

73. Ва [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ таоло чизҳоеро мепарастанд, ки молики ҳеҷ рӯзие дар осмонҳо ва замин барояшон нестанд ва тавоноӣ [-и ҳеҷ коре] надоранд

فَلَا تَضۡرِبُواْ لِلَّهِ ٱلۡأَمۡثَالَۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ وَأَنتُمۡ لَا تَعۡلَمُونَ ٧٤

74. Пас, барои Аллоҳ таоло амсол [ва шарикҳое мутааддид] қоил нашавед. Бе тардид, Аллоҳ таоло медонад ва шумо намедонед

۞ضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلًا عَبۡدٗا مَّمۡلُوكٗا لَّا يَقۡدِرُ عَلَىٰ شَيۡءٖ وَمَن رَّزَقۡنَٰهُ مِنَّا رِزۡقٗا حَسَنٗا فَهُوَ يُنفِقُ مِنۡهُ سِرّٗا وَجَهۡرًاۖ هَلۡ يَسۡتَوُۥنَۚ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِۚ بَلۡ أَكۡثَرُهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ ٧٥

75. Аллоҳ таоло мисоле задааст: бардаи мамлуке, ки қодир ба ҳеҷ коре нест ва [дар муқобил,] касе, ки аз ҷониби хеш ба ӯ рӯзии накуе бахшидаем ва ӯ аз ҳамон [неъматҳои илоҳӣ] пинҳону ошкор инфоқ мекунад. Оё ин ду баробаранд? [Пас, шумо мушрикон чи гуна молики мутлақро бо бутҳои нотавон яксон медонед?] Ситоиш махсуси Аллоҳ таоло аст; аммо бештарашон [ҳаққи ягонагиашро] намедонанд

وَضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلٗا رَّجُلَيۡنِ أَحَدُهُمَآ أَبۡكَمُ لَا يَقۡدِرُ عَلَىٰ شَيۡءٖ وَهُوَ كَلٌّ عَلَىٰ مَوۡلَىٰهُ أَيۡنَمَا يُوَجِّههُّ لَا يَأۡتِ بِخَيۡرٍۖ هَلۡ يَسۡتَوِي هُوَ وَمَن يَأۡمُرُ بِٱلۡعَدۡلِ وَهُوَ عَلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ ٧٦

76. Ва Аллоҳ таоло масали [дигаре] задааст: ду мардро [фарз кунед], ки яке аз он ду лол аст ва ҳеҷ коре аз вай барнамеояд ва сарбори дӯсти худ мебошад, ҳар куҷо ӯро мефиристад, ҳеҷ хайре ба ҳамроҳ намеовард [ва вазоифашро ба дурустӣ анҷом намедиҳад]; оё ӯ бо касе, ки ба адолат фармон медиҳад ва худ бар роҳе мустақим қарор дорад, баробар аст? [Пас, шумо мушрикон чи гуна қодири мутлақро бо бутҳои беэҳсоси нотавон яксон медонед?]

وَلِلَّهِ غَيۡبُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ وَمَآ أَمۡرُ ٱلسَّاعَةِ إِلَّا كَلَمۡحِ ٱلۡبَصَرِ أَوۡ هُوَ أَقۡرَبُۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ٧٧

77. [Илми] Ғайби осмонҳо ва замин танҳо аз они Аллоҳ таоло аст ва амри [барпоии] қиёмат ҷуз [ба суръати] як чашм бар ҳам задан нест; ё [ҳатто] сареътар. Бе тардид, Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност

وَٱللَّهُ أَخۡرَجَكُم مِّنۢ بُطُونِ أُمَّهَٰتِكُمۡ لَا تَعۡلَمُونَ شَيۡـٔٗا وَجَعَلَ لَكُمُ ٱلسَّمۡعَ وَٱلۡأَبۡصَٰرَ وَٱلۡأَفۡـِٔدَةَ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ٧٨

78. [Эй мардум] Аллоҳ таоло шуморо аз шиками модаронатон хориҷ намуд, дар ҳоле ки ҳеҷ чиз намедонистед; ва бароятон гӯшу чашм ва дил [-у ақл] падид оварда [то қудратҳои илоҳиро дарк кунед]; бошад, ки сипос гузоред

أَلَمۡ يَرَوۡاْ إِلَى ٱلطَّيۡرِ مُسَخَّرَٰتٖ فِي جَوِّ ٱلسَّمَآءِ مَا يُمۡسِكُهُنَّ إِلَّا ٱللَّهُۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يُؤۡمِنُونَ ٧٩

79. Оё [мушрикон] парандагонро надидаанд, ки дар фазои осмон ром шудаанд [ва] касе ҷуз Аллоҳ таоло онҳоро [дар он ҳол] нигаҳ намедорад? Ба ростӣ, дар ин [амр] барои мардуме, ки имон доранд, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст

وَٱللَّهُ جَعَلَ لَكُم مِّنۢ بُيُوتِكُمۡ سَكَنٗا وَجَعَلَ لَكُم مِّن جُلُودِ ٱلۡأَنۡعَٰمِ بُيُوتٗا تَسۡتَخِفُّونَهَا يَوۡمَ ظَعۡنِكُمۡ وَيَوۡمَ إِقَامَتِكُمۡ وَمِنۡ

80. Аллоҳ таоло барои шумо аз хонаҳоятон маҳалли сукунат [ва оромиш] қарор дод ва аз пушти

أَصۡوَافِهَا وَأَوۡبَارِهَا وَأَشۡعَارِهَآ أَثَٰثٗا وَمَتَٰعًا إِلَىٰ حِينٖ ٨٠

чаҳорпоён [низ] бароятон хонаҳое [хаймаҳое] қарор дод, то рӯзи кӯч кардан онҳоро сабук меёбед ва рӯзи иқомататон [низ барпоияш осон бошад]; ва аз пашму тибитҳо ва мӯйҳояшон то муддате муайян [бароятон] асоси [хона] ва асбоб [-у васоили зиндагӣ] фароҳам кард

وَٱللَّهُ جَعَلَ لَكُم مِّمَّا خَلَقَ ظِلَٰلٗا وَجَعَلَ لَكُم مِّنَ ٱلۡجِبَالِ أَكۡنَٰنٗا وَجَعَلَ لَكُمۡ سَرَٰبِيلَ تَقِيكُمُ ٱلۡحَرَّ وَسَرَٰبِيلَ تَقِيكُم بَأۡسَكُمۡۚ كَذَٰلِكَ يُتِمُّ نِعۡمَتَهُۥ عَلَيۡكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تُسۡلِمُونَ ٨١

81. Аллоҳ таоло аз он чӣ офарид, сояҳое бароятон фароҳам овардааст ва аз кӯҳҳо [низ роҳҳо ва] паноҳгоҳҳое бароятон қарор додааст ва бароятон ҷомаҳое падид овардааст, ки аз [сармо] ва гармо нигоҳатон медорад ва [зиреҳҳо ва] танпӯшҳое, ки шуморо дар ҷанг[-ҳоя]-тон ҳифз мекунад. Ӯ, инчунин, неъматашро бар шумо тамом мегардонад; бошад, ки [дар баробари тавҳид] таслим шавед [ва ширк наварзед]

فَإِن تَوَلَّوۡاْ فَإِنَّمَا عَلَيۡكَ ٱلۡبَلَٰغُ ٱلۡمُبِينُ ٨٢

82. Пас, [эй Паёмбар] агар [мушрикон] рӯй гардонанд, ҷуз ин нест, ки вазифаи ту [фақат] паёмрасонии ошкор аст

يَعۡرِفُونَ نِعۡمَتَ ٱللَّهِ ثُمَّ يُنكِرُونَهَا وَأَكۡثَرُهُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ ٨٣

83. [Онон] неъмати Аллоҳро мешиносанд; он гоҳ [боз ҳам] инкораш мекунанд ва бештарашон носипосу кофиранд

وَيَوۡمَ نَبۡعَثُ مِن كُلِّ أُمَّةٖ شَهِيدٗا ثُمَّ لَا يُؤۡذَنُ لِلَّذِينَ كَفَرُواْ وَلَا هُمۡ يُسۡتَعۡتَبُونَ ٨٤

84. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки аз ҳар уммате гувоҳе [барояшон] бармеангезем; он гоҳ ба касоне, ки куфр варзиданд, на иҷозат [-и сухан гуфтан] дода мешавад ва на аз эшон дархости пузиш мешавад

وَإِذَا رَءَا ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ ٱلۡعَذَابَ فَلَا يُخَفَّفُ عَنۡهُمۡ وَلَا هُمۡ يُنظَرُونَ ٨٥

85. Ва касоне, ки ситам карданд, ҳангоме ки азоби [охират]-ро мебинанд; на азобашон сабук мешавад ва на муҳлат дода мешаванд

وَإِذَا رَءَا ٱلَّذِينَ أَشۡرَكُواْ شُرَكَآءَهُمۡ قَالُواْ رَبَّنَا هَٰٓؤُلَآءِ شُرَكَآؤُنَا ٱلَّذِينَ كُنَّا نَدۡعُواْ مِن دُونِكَۖ فَأَلۡقَوۡاْ إِلَيۡهِمُ ٱلۡقَوۡلَ إِنَّكُمۡ لَكَٰذِبُونَ ٨٦

86. Онон, ки ширк варзиданд, вақте шарикони худро мебинанд, мегӯянд: «Парвардигоро, инҳо буданд он шариконе, ки мо ба ҷойи ту мехондем» ва[-ле шарикон] сухани ононро рад мекунанд, ки: «яқинан шумо дурӯғгӯед»

وَأَلْقَوْا۟ إِلَى ٱللَّهِ يَوْمَئِذِ ٱلسَّلَمَ ۖ وَضَلَّ عَنْهُم مَّا كَانُوا۟ يَفْتَرُونَ ﴿٨٧﴾

87. Дар он рӯз дар баробари Аллоҳ таоло сари таслим меафкананд ва дурӯғҳое, ки [дар бораи шафоати ғайри Аллоҳ таоло] мебофтанд, ҳама маҳву нобуд мегардад

ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَصَدُّوا۟ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ زِدْنَٰهُمْ عَذَابًا فَوْقَ ٱلْعَذَابِ بِمَا كَانُوا۟ يُفْسِدُونَ ﴿٨٨﴾

88. Касоне, ки куфр варзиданд ва [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло боздоштанд, ба [кайфари] он ки фасод мекарданд, азобе бар азобашон меафзоем

وَيَوْمَ نَبْعَثُ فِى كُلِّ أُمَّةٍ شَهِيدًا عَلَيْهِم مِّنْ أَنفُسِهِمْ ۖ وَجِئْنَا بِكَ شَهِيدًا عَلَىٰ هَٰٓؤُلَآءِ ۚ وَنَزَّلْنَا عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ تِبْيَٰنًا لِّكُلِّ شَىْءٍ وَهُدًى وَرَحْمَةً وَبُشْرَىٰ لِلْمُسْلِمِينَ ﴿٨٩﴾

89. Ва рӯзе [-ро ёд кун], ки аз ҳар уммате гувоҳе аз худашон бар онон мегирем [ки ба куфру имонашон гувоҳӣ диҳад] ва туро [эй Муҳаммад] бар инон гувоҳ мегирем; ва Мо ин китоб [Қуръон] - ро бар ту нозил кардем, ки равшангари ҳама чиз аст ва барои мусулмонон раҳнамуд ва раҳмату башорат аст

۞ إِنَّ ٱللَّهَ يَأْمُرُ بِٱلْعَدْلِ وَٱلْإِحْسَٰنِ وَإِيتَآئِ ذِى ٱلْقُرْبَىٰ وَيَنْهَىٰ عَنِ ٱلْفَحْشَآءِ وَٱلْمُنكَرِ وَٱلْبَغْىِ ۚ يَعِظُكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ ﴿٩٠﴾

90. Дар ҳақиқат, Аллоҳ таоло [шуморо] ба адлу накукорӣ ва бахшиш ба хешовандон фармон медиҳад ва аз фаҳшо ва зиштқорӣ ва саркашӣ наҳй мекунад. Ӯ шуморо панд медиҳад; бошад, ки панд гиред

وَأَوْفُوا۟ بِعَهْدِ ٱللَّهِ إِذَا عَٰهَدتُّمْ وَلَا تَنقُضُوا۟ ٱلْأَيْمَٰنَ بَعْدَ تَوْكِيدِهَا وَقَدْ جَعَلْتُمُ ٱللَّهَ عَلَيْكُمْ كَفِيلًا ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَعْلَمُ مَا تَفْعَلُونَ ﴿٩١﴾

91. Ва чун бо Аллоҳ таоло [ё мардум] паймон бастед, ба он вафо кунед; ва савгандҳои худро пас аз муҳкам сохтанашон нашканед, дар ҳоле ки Аллоҳро бар [вафодории] хеш гувоҳ қарор додаед. Бе тардид, Аллоҳ таоло медонад, ки чи мекунед

وَلَا تَكُونُوا۟ كَٱلَّتِى نَقَضَتْ غَزْلَهَا مِنۢ بَعْدِ قُوَّةٍ أَنكَٰثًا تَتَّخِذُونَ أَيْمَٰنَكُمْ دَخَلًۢا بَيْنَكُمْ أَن تَكُونَ أُمَّةٌ هِىَ أَرْبَىٰ مِنْ أُمَّةٍ ۚ إِنَّمَا يَبْلُوكُمُ ٱللَّهُ بِهِۦ ۚ وَلَيُبَيِّنَنَّ لَكُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ مَا كُنتُمْ فِيهِ تَخْتَلِفُونَ ﴿٩٢﴾

92. Ва монанди он зан [-и нодоне] набошед, ки риштаи [пашмии тобидаи] хешро аз ҳам бозкушод [ва гусаст; пас, мабодо] савгандҳои худро василаи фиреби якдигар қарор диҳед [он ҳам танҳо] бад-ин сабаб, ки гурӯҳе [сарват ва] ҷамъияташон афзунтар аз дигаре аст. Ҷуз ин нест, ки Аллоҳ таоло шуморо бо ин [кор] меозмояд ва яқинан рӯзи қиёмат он чиро, ки дар он ихтилоф мекардед, бароятон равшан месозад

وَلَوْ شَآءَ ٱللَّهُ لَجَعَلَكُمْ أُمَّةً وَٰحِدَةً وَلَٰكِن يُضِلُّ مَن يَشَآءُ وَيَهْدِى مَن يَشَآءُ ۚ وَلَتُسْـَٔلُنَّ عَمَّا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٩٣﴾

93. Ва агар мехост, ҳамаи шуморо як уммат қарор медод, вале [бо адолати хеш] ҳар киро бихоҳад гумроҳ мекунад ва [бо фазли хеш] ҳар киро бихоҳад, ҳидоят менамояд; ва шумо [рӯзи қиёмат], ҳатман, аз он чи мекардед, бозхост хоҳед шуд

وَلَا تَتَّخِذُوٓاْ أَيْمَٰنَكُمْ دَخَلًۢا بَيْنَكُمْ فَتَزِلَّ قَدَمٌۢ بَعْدَ ثُبُوتِهَا وَتَذُوقُواْ ٱلسُّوٓءَ بِمَا صَدَدتُّمْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلَكُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿٩٤﴾

94. Ва савгандҳоятонро василаи найранг [ва фиребгарӣ] миёни хеш қарор надиҳед, то мабодо [имонатон ба хатар афтад ва] гоме пас аз устувориаш билағжад ва ба сазои он ки [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло боздоштаед, [кайфари] ногуворе бичашед ва азобе бузург бароятон [дар пеш] бошад

وَلَا تَشْتَرُواْ بِعَهْدِ ٱللَّهِ ثَمَنًا قَلِيلًا ۚ إِنَّمَا عِندَ ٱللَّهِ هُوَ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٩٥﴾

95. Ва паймони Аллоҳро ба баҳои андак нафурӯшед. Агар бидонед, яқинан он чи назди Аллоҳ таоло аст, бароятон беҳтар аст

مَا عِندَكُمْ يَنفَدُ ۖ وَمَا عِندَ ٱللَّهِ بَاقٍ ۗ وَلَنَجْزِيَنَّ ٱلَّذِينَ صَبَرُوٓاْ أَجْرَهُم بِأَحْسَنِ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿٩٦﴾

96. Он чи назди шумост, поён мепазирад ва[-ле] он чи назди Аллоҳ таоло аст, боқӣ [ва ҷовид] аст; ва, ҳатман, ба касоне, ки шикебой кардаанд, аҷрашонро бар асоси накутарин [тоат ва] коре, ки мекарданд, хоҳем дод

مَنْ عَمِلَ صَٰلِحًا مِّن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَلَنُحْيِيَنَّهُۥ حَيَوٰةً طَيِّبَةً ۖ وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ أَجْرَهُم بِأَحْسَنِ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿٩٧﴾

97. Ҳар кас - аз мард ё зан - ки кори нек кунад ва муъмин бошад, ҳатман, ӯро [дар дунё] ба зиндагонии поку писандидае зинда медорем ва [дар охират низ] бар асоси накутарин [тоат ва] коре, ки мекарданд, ба онон подош медиҳем

فَإِذَا قَرَأْتَ ٱلْقُرْءَانَ فَٱسْتَعِذْ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿٩٨﴾

98. Пас, [эй муъмин] ҳангоме ки Қуръон мехонӣ, аз [шарри] шайтони рондашуда ба Аллоҳ таоло паноҳ бибар

إِنَّهُۥ لَيْسَ لَهُۥ سُلْطَٰنٌ عَلَى ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَلَىٰ رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ ﴿٩٩﴾

99. Бе тардид, ӯ бар касоне, ки имон овардаанд ва бар Парвардигорашон таваккал мекунанд [ҳеҷ] тасаллуте надорад

إِنَّمَا سُلْطَٰنُهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ يَتَوَلَّوْنَهُۥ وَٱلَّذِينَ هُم بِهِۦ مُشْرِكُونَ ﴿١٠٠﴾

100. Тасаллути ӯ танҳо бар касонест, ки ӯро [дӯсту] корсози худ гирифтаанд ва [ҳамчунин бар] касоне, ки ба Аллоҳ таоло ширк меварзанд

وَإِذَا بَدَّلْنَآ ءَايَةً مَّكَانَ ءَايَةٍ وَٱللَّهُ أَعْلَمُ بِمَا يُنَزِّلُ قَالُوٓاْ إِنَّمَآ أَنتَ مُفْتَرٍۚ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿١٠١﴾

101. Ва ҳангоме ки [ҳукми] оятеро ҷойгузини ояте [дигар] мекунем - ҳол он ки Аллоҳ таоло ба он чи нозил мекунад, донотар аст - [кофирон] мегӯянд: «[Эй Муҳаммад] ҷуз ин нест, ки ту дурӯғбофӣ». [Чунин нест] Балки бештарашон [аз аҳкоми шаръ ва ҳикмати илоҳӣ чизе] намедонанд

قُلْ نَزَّلَهُۥ رُوحُ ٱلْقُدُسِ مِن رَّبِّكَ بِٱلْحَقِّ لِيُثَبِّتَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهُدًى وَبُشْرَىٰ لِلْمُسْلِمِينَ ﴿١٠٢﴾

102. Бигӯ: «Рӯҳу-л-қудус [Ҷабраил] онро аз ҷониби Парвардигорат бар ҳақ нозил кардааст, то касонеро, ки имон овардаанд, собитқадам гардонад ва барои мусулмонон ҳидоят ва башорате бошад»

وَلَقَدْ نَعْلَمُ أَنَّهُمْ يَقُولُونَ إِنَّمَا يُعَلِّمُهُۥ بَشَرٌۗ لِّسَانُ ٱلَّذِى يُلْحِدُونَ إِلَيْهِ أَعْجَمِىٌّ وَهَٰذَا لِسَانٌ عَرَبِىٌّ مُّبِينٌ ﴿١٠٣﴾

103. Ва яқинан медонем, ки онон мегӯянд: «Ҳатман, башаре [ин оётро] ба ӯ омӯзиш медиҳад». [На, чунин нест; зеро] забони касе, ки [ин] нисбатро ба ӯ медиҳад, ғайри арабӣ аст, ҳол он ки ин [Қуръон] ба забони арабии равшан аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ لَا يَهْدِيهِمُ ٱللَّهُ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿١٠٤﴾

104. Яқинан, касоне, ки ба оёти Аллоҳ таоло имон намеоваранд, Аллоҳ таоло ҳидояташон намекунад ва барои онон азоби дардноке [дар пеш] аст

إِنَّمَا يَفْتَرِى ٱلْكَذِبَ ٱلَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْكَٰذِبُونَ ﴿١٠٥﴾

105. [Муҳаммад дурӯғгӯ нест, балки] Касоне дурӯғ мебофанд, ки ба оёти Аллоҳ таоло имон надоранд ва инон дурӯғгӯён [-и воқеӣ] ҳастанд

مَن كَفَرَ بِٱللَّهِ مِنۢ بَعْدِ إِيمَٰنِهِۦٓ إِلَّا مَنْ أُكْرِهَ وَقَلْبُهُۥ مُطْمَئِنٌّ بِٱلْإِيمَٰنِ وَلَٰكِن مَّن شَرَحَ بِٱلْكُفْرِ صَدْرًا فَعَلَيْهِمْ غَضَبٌ مِّنَ ٱللَّهِ وَلَهُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿١٠٦﴾

106. Ҳар ки баъд аз имонаш ба Аллоҳ куфр биварзад [гирифтори азоби илоҳӣ хоҳад шуд]; магар касе, ки [ба ин кор] водор шуда бошад ва[-ле] дилаш ба имон ором [ва устувор] бошад; аммо ҳар ки синаашро ба куфр кушода кард, хашми Аллоҳ таоло бар онон аст ва азобе саҳмгин [дар пеш] доранд

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمُ ٱسْتَحَبُّواْ ٱلْحَيَوٰةَ ٱلدُّنْيَا عَلَى ٱلْءَاخِرَةِ وَأَنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿١٠٧﴾

107. Ин [муҷозот] аз он рӯст, ки зиндагии дунёро бар охират тарҷеҳ доданд; ва Аллоҳ таоло гурӯҳи кофиронро ҳидоят намекунад

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ طَبَعَ ٱللَّهُ عَلَىٰ قُلُوبِهِمْ وَسَمْعِهِمْ وَأَبْصَٰرِهِمْ ۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْغَٰفِلُونَ ﴿١٠٨﴾

108. Инон касоне ҳастанд, ки [бар асари гуноҳонашон] Аллоҳ таоло бар дилҳо ва гӯшу чашмонашон муҳр ниҳодааст; ва инон ғофилон [-и воқеӣ] ҳастанд

لَا جَرَمَ أَنَّهُمْ فِى ٱلْءَاخِرَةِ هُمُ ٱلْخَٰسِرُونَ ﴿١٠٩﴾

109. Яқинан онон дар охират зиёнкоранд

ثُمَّ إِنَّ رَبَّكَ لِلَّذِينَ هَاجَرُوا۟ مِنۢ بَعْدِ مَا فُتِنُوا۟ ثُمَّ جَٰهَدُوا۟ وَصَبَرُوٓا۟ إِنَّ رَبَّكَ مِنۢ بَعْدِهَا لَغَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١١٠﴾

110. Сипас Парвардигорат нисбат ба касоне, ки пас аз заҷр кашидан [аз озори мушрикон] ҳиҷрат карданд ва сипас ба ҷиҳод бархостанд ва шикебоӣ намуданд, Парвардигорат [нисбат ба онон] пас аз он [ҳама сахтиҳо], ҳатман, омурзандаи меҳрубон аст

يَوْمَ تَأْتِى كُلُّ نَفْسٍ تُجَٰدِلُ عَن نَّفْسِهَا وَتُوَفَّىٰ كُلُّ نَفْسٍ مَّا عَمِلَتْ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ ﴿١١١﴾

111. [Эй Паёмбар, ёд кун аз] Рӯзе, ки ҳар кас дар ҳоле [ба пешгоҳи адли илоҳӣ] меояд, ки [танҳо] аз худ дифоъ мекунад; ва ҳар кас дар баробари он чи кардааст, бе каму кост подош мегирад ва бар онон ситам намеравад

وَضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلًا قَرْيَةً كَانَتْ ءَامِنَةً مُّطْمَئِنَّةً يَأْتِيهَا رِزْقُهَا رَغَدًا مِّن كُلِّ مَكَانٍ فَكَفَرَتْ بِأَنْعُمِ ٱللَّهِ فَأَذَٰقَهَا ٱللَّهُ لِبَاسَ ٱلْجُوعِ وَٱلْخَوْفِ بِمَا كَانُوا۟ يَصْنَعُونَ ﴿١١٢﴾

112. Ва Аллоҳ таоло шаҳре [ҳамчун Макка]-ро мисол мезанад, ки амну ором буд ва рӯзиаш аз ҳар сӯ ба осонӣ ва фаровонӣ мерасид, вале [мардумонаш] нисбат ба неъматҳои илоҳӣ носипосӣ намуданд ва он гоҳ Аллоҳ таоло низ ба сазои он чи мекарданд, таъми гуруснагӣ ва тарсро ба [аҳли] он чашонид

وَلَقَدْ جَآءَهُمْ رَسُولٌ مِّنْهُمْ فَكَذَّبُوهُ فَأَخَذَهُمُ ٱلْعَذَابُ وَهُمْ ظَٰلِمُونَ ﴿١١٣﴾

113. Ва паёмбаре аз худашон ба сӯйи онон омад, аммо ӯро дурӯғгӯ ангоштанд; он гоҳ, дар ҳоле ки ситамгор [ва мушрик] буданд, азоби [илоҳӣ] ононро фурӯ гирифт

فَكُلُوا۟ مِمَّا رَزَقَكُمُ ٱللَّهُ حَلَٰلًا طَيِّبًا وَٱشْكُرُوا۟ نِعْمَتَ ٱللَّهِ إِن كُنتُمْ إِيَّاهُ تَعْبُدُونَ ﴿١١٤﴾

114. Пас аз он чи Аллоҳ таоло рӯзиатон кардааст, ҳалолу покиза бихӯред ва агар фақат Ӯро мепарастед, бар неъмати илоҳӣ шукр гузоред

إِنَّمَا حَرَّمَ عَلَيْكُمُ ٱلْمَيْتَةَ وَٱلدَّمَ وَلَحْمَ ٱلْخِنزِيرِ وَمَآ أُهِلَّ لِغَيْرِ ٱللَّهِ بِهِۦ ۖ فَمَنِ ٱضْطُرَّ غَيْرَ بَاغٍ وَلَا عَادٍ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١١٥﴾

115. Ҷуз ин нест, ки [Аллоҳ таоло] фақат мурдор ва хун ва гӯшти хук ва он чиро, ки [ҳангоми забҳ] номи ғайри Аллоҳ таоло бар он бурда шудааст, бар шумо ҳаром кардааст; пас, ҳар

ки [барои ҳифзи ҷонаш ба хӯрдани онҳо] ночор шавад [ва] саркашу зиёдаҳоҳ набошад, [бар ӯ гуноҳ нест, чаро ки] бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

116. Ва [эй мушрикон] бо дурӯғе, ки бар забонатон ҷорӣ мешавад, нагӯед: «Ин ҳалол аст ва он ҳаром», то бар Аллоҳ таоло дурӯғ бандед. Касоне, ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебанданд, ҳаргиз растагор намешаванд

وَلَا تَقُولُواْ لِمَا تَصِفُ أَلۡسِنَتُكُمُ ٱلۡكَذِبَ هَٰذَا حَلَٰلٞ وَهَٰذَا حَرَامٞ لِّتَفۡتَرُواْ عَلَى ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَفۡتَرُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَ لَا يُفۡلِحُونَ ١١٦

117. [Натиҷаи дунёдӯстияшон] Баҳрае андак аст ва [дар охират] азобе дарднок [дар пеш] доранд

مَتَٰعٞ قَلِيلٞ وَلَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ ١١٧

118. Ва бар яҳудиён он чиро пештар бар ту ҳикоят кардем, ҳаром намудем ва Мо ба онон ситам накардем; балки онҳо худ [буданд, ки дар натиҷаи нофармонӣ] ба хештан ситам мекарданд

وَعَلَى ٱلَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمۡنَا مَا قَصَصۡنَا عَلَيۡكَ مِن قَبۡلُۖ وَمَا ظَلَمۡنَٰهُمۡ وَلَٰكِن كَانُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ يَظۡلِمُونَ ١١٨

119. Он гоҳ Парвардигорат нисбат ба касоне, ки аз рӯи нодонӣ гуноҳ карданд ва сипас аз он [иштибоҳот] тавба намуданд ва дурусткорӣ карданд, ҳатман, Парвардигорат пас аз он омурзандаи меҳрубон аст

ثُمَّ إِنَّ رَبَّكَ لِلَّذِينَ عَمِلُواْ ٱلسُّوٓءَ بِجَهَٰلَةٖ ثُمَّ تَابُواْ مِنۢ بَعۡدِ ذَٰلِكَ وَأَصۡلَحُوٓاْ إِنَّ رَبَّكَ مِنۢ بَعۡدِهَا لَغَفُورٞ رَّحِيمٞ ١١٩

120. Бе гумон, Иброҳим пешвое фурӯтан дар баробари Аллоҳ таоло ва ҳақгаро буд ва [ҳаргиз] дар зумраи мушрикон набуд

إِنَّ إِبۡرَٰهِيمَ كَانَ أُمَّةٗ قَانِتٗا لِّلَّهِ حَنِيفٗا وَلَمۡ يَكُ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ١٢٠

121. Ӯ шукргузори неъматҳои Аллоҳ таоло буд. [Аллоҳ таоло] Вайро баргузид ва ба роҳи рост ҳидоят намуд

شَاكِرٗا لِّأَنۡعُمِهِۚ ٱجۡتَبَىٰهُ وَهَدَىٰهُ إِلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ ١٢١

122. [Мо] Дар дунё ба ӯ некӣ ато кардем ва, ҳатман, ӯ дар охират [низ] аз шоистагон аст

وَءَاتَيۡنَٰهُ فِي ٱلدُّنۡيَا حَسَنَةٗۖ وَإِنَّهُۥ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ لَمِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ١٢٢

123. Сипас [эй Паёмбар] ба ту ваҳй кардем, ки аз оини Иброҳим пайравӣ кун, ки ҳақгаро буд ва [ҳаргиз] дар зумраи мушрикон набуд

ثُمَّ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ أَنِ ٱتَّبِعۡ مِلَّةَ إِبۡرَٰهِيمَ حَنِيفٗاۖ وَمَا كَانَ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ١٢٣

124. [Воҷиб будани бузургдошти рӯзҳои] Шанбе танҳо бар касоне қарор дода шуд, ки дар он

إِنَّمَا جُعِلَ ٱلسَّبۡتُ عَلَى ٱلَّذِينَ ٱخۡتَلَفُواْ فِيهِۚ وَإِنَّ رَبَّكَ لَيَحۡكُمُ بَيۡنَهُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ فِيمَا كَانُواْ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَ ١٢٤

ихтилоф карданд; ва, ҳатман, Парвардигорат рӯзи қиёмат дар мавриди он чи ихтилоф мекарданд, миёнашон доварӣ хоҳад кард

125. [Эй Паёмбар, мардумро] Бо ҳикмат ва панди наку ба роҳи Парвардигорат даъват намо ва бо равише, ки накутар аст, бо онон [баҳсу] мунозира кун. Бе тардид, Парвардигорат ба [ҳоли] касе, ки аз роҳи ӯ гумроҳ шуд, донотар аст ва ӯ ба [ҳоли] ҳидоятёфтагон [низ] донотар аст

ٱدۡعُ إِلَىٰ سَبِيلِ رَبِّكَ بِٱلۡحِكۡمَةِ وَٱلۡمَوۡعِظَةِ ٱلۡحَسَنَةِۖ وَجَٰدِلۡهُم بِٱلَّتِي هِيَ أَحۡسَنُۚ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعۡلَمُ بِمَن ضَلَّ عَن سَبِيلِهِۦ وَهُوَ أَعۡلَمُ بِٱلۡمُهۡتَدِينَ ١٢٥

126. Ва агар [шумо муъминон] хостед [душманонатонро] муҷозот кунед, пас, чунон муҷозот кунед, ки [онон] шуморо муҷозот кардаанд; ва агар [хештандорӣ ва] шикебоӣ кунед, [бидонед, ки] ҳатман, ин [кор] барои шикебоён беҳтар аст

وَإِنۡ عَاقَبۡتُمۡ فَعَاقِبُواْ بِمِثۡلِ مَا عُوقِبۡتُم بِهِۦۖ وَلَئِن صَبَرۡتُمۡ لَهُوَ خَيۡرٞ لِّلصَّٰبِرِينَ ١٢٦

127. Ва [эй Паёмбар] шикебоӣ пеша кун ва шикебоият ҷуз ба [ёрӣ ва] тавфиқи Аллоҳ таоло нест; ва бар онон [кофирон] андӯҳ махӯр ва аз найранге, ки меварзанд, дилтанг мабош

وَٱصۡبِرۡ وَمَا صَبۡرُكَ إِلَّا بِٱللَّهِۚ وَلَا تَحۡزَنۡ عَلَيۡهِمۡ وَلَا تَكُ فِي ضَيۡقٖ مِّمَّا يَمۡكُرُونَ ١٢٧

128. Бе тардид, Аллоҳ таоло бо касоне аст, ки парҳезкорӣ карданд ва касоне, ки накукоранд

إِنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَواْ وَّٱلَّذِينَ هُم مُّحۡسِنُونَ ١٢٨

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

سُبْحَٰنَ ٱلَّذِىٓ أَسْرَىٰ بِعَبْدِهِۦ لَيْلًا مِّنَ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ إِلَى ٱلْمَسْجِدِ ٱلْأَقْصَا ٱلَّذِى بَٰرَكْنَا حَوْلَهُۥ لِنُرِيَهُۥ مِنْ ءَايَٰتِنَآ ۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْبَصِيرُ ﴿١﴾

1. Поку муназзаҳ аст он [Парвардигоре] ки бандааш [Муҳаммад]-ро шабонгоҳ аз масҷиду-л-ҳаром ба сӯйи Масҷид-ул-ақсо - ки перомунашро баракат додаем - сайр дод, то бархе аз нишонаҳои [қудрати] хешро ба ӯ бинмоёнем. Бе тардид, Ӯ ҳамон шунавои биност

وَءَاتَيْنَا مُوسَى ٱلْكِتَٰبَ وَجَعَلْنَٰهُ هُدًى لِّبَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ أَلَّا تَتَّخِذُوا۟ مِن دُونِى وَكِيلًا ﴿٢﴾

2. Ва Мо ба Мӯсо китоби [Таврот] додем ва онро [мояи] ҳидояти Бани Исроил сохтем [ва фармудем], ки: «Ҷуз ман коргузоре [барои худ] барнагузинед»

ذُرِّيَّةَ مَنْ حَمَلْنَا مَعَ نُوحٍ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ عَبْدًا شَكُورًا ﴿٣﴾

3. Эй фарзандони касоне, ки бо Нуҳ [бар киштӣ] саворашон кардем, ба ростӣ ӯ [Нуҳ] бандае шукргузор буд

وَقَضَيْنَآ إِلَىٰ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ فِى ٱلْكِتَٰبِ لَتُفْسِدُنَّ فِى ٱلْأَرْضِ مَرَّتَيْنِ وَلَتَعْلُنَّ عُلُوًّا كَبِيرًا ﴿٤﴾

4. Ва дар китоби [Таврот] ба Бани Исроил ваҳй кардем, ки ҳатман, ду бор дар замин фасод хоҳед кард ва ҳатман, саркашӣ [ва туғёни] бузурге хоҳед намуд

فَإِذَا جَآءَ وَعْدُ أُولَىٰهُمَا بَعَثْنَا عَلَيْكُمْ عِبَادًا لَّنَآ أُو۟لِى بَأْسٍ شَدِيدٍ فَجَاسُوا۟ خِلَٰلَ ٱلدِّيَارِ ۚ وَكَانَ وَعْدًا مَّفْعُولًا ﴿٥﴾

5. Пас, ҳар гоҳ ваъдаи нахустин аз он ду [бор] фаро расид, гурӯҳе аз бандагони бисёр неруманд [ва пайкорҷӯйи] худро бар шумо бармеангезем, то миёни хонаҳо [-ятон барои қатлу ғорати шумо] ба ҷустуҷӯ дароянд; ва ин ваъдаи анҷомшуданӣ [ва қатъӣ] буд

ثُمَّ رَدَدْنَا لَكُمُ ٱلْكَرَّةَ عَلَيْهِمْ وَأَمْدَدْنَٰكُم بِأَمْوَٰلٍ وَبَنِينَ وَجَعَلْنَٰكُمْ أَكْثَرَ نَفِيرًا ﴿٦﴾

6. Он гоҳ [пас аз муддате] шуморо бар онон мусаллат мегардонем ва бо амволу фарзандон ёриатон мекунем, ва [теъдоди] нафароти шуморо бештар [аз душман] мегардонем

إِنْ أَحْسَنتُمْ أَحْسَنتُمْ لِأَنفُسِكُمْ ۖ وَإِنْ أَسَأْتُمْ فَلَهَا ۚ فَإِذَا جَآءَ وَعْدُ ٱلْءَاخِرَةِ لِيَسُۥٓـُٔوا۟ وُجُوهَكُمْ وَلِيَدْخُلُوا۟ ٱلْمَسْجِدَ كَمَا دَخَلُوهُ

7. Агар [дар гуфтору рафтор] некӣ кунед, ба худ некӣ кардаед; ва агар бадӣ кунед, [боз ҳам ба]

أَوَّلَ مَرَّةٍ وَلِيُتَبِّرُواْ مَا عَلَوْاْ تَتْبِيرًا ۝٧

худ кардаед. Пас, ҳангоме ки ваъдаи дигар фаро расид [душман ончунон хоратон месозад], ки осори ғаму андӯҳ дар чеҳраҳоятон зоҳир мешавад ва ҳамон гуна ки бори нахуст ворид шуданд [ин бор низ ҳамла меоваранд], то ба Масҷид[-ул-ақсо] дохил шаванд ва то бар ҳар чи даст ёбанд, яксара нобуд кунанд

عَسَىٰ رَبُّكُمْ أَن يَرْحَمَكُمْ ۚ وَإِنْ عُدتُّمْ عُدْنَا ۘ وَجَعَلْنَا جَهَنَّمَ لِلْكَٰفِرِينَ حَصِيرًا ۝٨

8. [Эй Бани Исроил агар тавба кунед] Умед аст, ки Парвардигоратон бар шумо раҳмат оварад ва агар [ба табоҳӣ] бозгаштед, Мо низ бозмегардем ва дузахро зиндони кофирон кардаем

إِنَّ هَٰذَا ٱلْقُرْءَانَ يَهْدِى لِلَّتِى هِىَ أَقْوَمُ وَيُبَشِّرُ ٱلْمُؤْمِنِينَ ٱلَّذِينَ يَعْمَلُونَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أَنَّ لَهُمْ أَجْرًا كَبِيرًا ۝٩

9. Ба ростӣ, ки ин Қуръон ба устувортарин роҳ ҳидоят мекунад ва ба муъминоне, ки корҳои шоиста мекунанд, мужда медиҳад, ки барояшон подоше бузург [дар пеш] аст

وَأَنَّ ٱلَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ بِٱلْءَاخِرَةِ أَعْتَدْنَا لَهُمْ عَذَابًا أَلِيمًا ۝١٠

10. Ва барои касоне, ки ба охират имон намеоваранд, азобе дарднок муҳайё кардаем

وَيَدْعُ ٱلْإِنسَٰنُ بِٱلشَّرِّ دُعَآءَهُۥ بِٱلْخَيْرِ ۖ وَكَانَ ٱلْإِنسَٰنُ عَجُولًا ۝١١

11. Инсон [дар ҳангоми хашм, аз рӯи нодонӣ ва шитоб нафрин мекунад ва] бадиро металабад, ҳамон гуна ки некиро мехоҳад; ва инсон ҳамвора шитобзада аст

وَجَعَلْنَا ٱلَّيْلَ وَٱلنَّهَارَ ءَايَتَيْنِ ۖ فَمَحَوْنَآ ءَايَةَ ٱلَّيْلِ وَجَعَلْنَآ ءَايَةَ ٱلنَّهَارِ مُبْصِرَةً لِّتَبْتَغُواْ فَضْلًا مِّن رَّبِّكُمْ وَلِتَعْلَمُواْ عَدَدَ ٱلسِّنِينَ وَٱلْحِسَابَ ۚ وَكُلَّ شَىْءٍ فَصَّلْنَٰهُ تَفْصِيلًا ۝١٢

12. Шабу рӯзро ду нишона [-и қудрату ягонагии хеш] қарор додем; ва нишонаи шабро маҳв [ва тира] кардем ва нишонаи рӯзро ошкору равшан қарор додем, то аз Парвардигоратон рӯзӣ биҷӯед ва шумори солҳо ва ҳисоб [-и вақоеъ]-ро бидонед; ва ҳар чизеро ба тафсил баён кардем

وَكُلَّ إِنسَٰنٍ أَلْزَمْنَٰهُ طَٰٓئِرَهُۥ فِى عُنُقِهِۦ ۖ وَنُخْرِجُ لَهُۥ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ كِتَٰبًا يَلْقَىٰهُ مَنشُورًا ۝١٣

13. Ва [сарнавишти] рафтори ҳар инсонеро [то лаҳзаи ҳисобрасӣ] дар гарданаш бастаем ва рӯзи қиёмат барояш навиштае берун меоварем, ки онро кушода мебинад

ٱقْرَأْ كِتَٰبَكَ كَفَىٰ بِنَفْسِكَ ٱلْيَوْمَ عَلَيْكَ حَسِيبًا ۝١٤

14. [Ба ӯ мегӯем] «Номаатро бихон. Кофӣ аст, ки имрӯз худ ҳисобгари хеш бошӣ»

مَّنِ ٱهۡتَدَىٰ فَإِنَّمَا يَهۡتَدِي لِنَفۡسِهِۦۖ وَمَن ضَلَّ فَإِنَّمَا يَضِلُّ عَلَيۡهَاۚ وَلَا تَزِرُ وَازِرَةٞ وِزۡرَ أُخۡرَىٰۗ وَمَا كُنَّا مُعَذِّبِينَ حَتَّىٰ نَبۡعَثَ رَسُولٗا ١٥

15. Ҳар ки роҳ [-и рост] ёфт, ҷуз ин нест, ки ба суди хеш роҳ ёфтааст ва ҳар ки гумроҳ шуд, яқинан ба зиёни худ гумроҳ шудааст; ва ҳеҷ гунаҳкоре бори гуноҳи дигареро барнамедорад; ва мо ҳаргиз [қавмеро] муҷозот нахоҳем кард, магар он ки [миёнашон] паёмбаре мабъус карда бошем [то вазоифашонро баён кунад]

وَإِذَآ أَرَدۡنَآ أَن نُّهۡلِكَ قَرۡيَةً أَمَرۡنَا مُتۡرَفِيهَا فَفَسَقُواْ فِيهَا فَحَقَّ عَلَيۡهَا ٱلۡقَوۡلُ فَدَمَّرۡنَٰهَا تَدۡمِيرٗا ١٦

16. Ва чун бихоҳем, [мардуми] шаҳреро нобуд кунем, [нахуст] ба сарватмандони саркаши он ҷо фармони] итоат аз Аллоҳ таоло ва пайравӣ аз паёмбарон] медиҳем, сипас вақте дар он ҷо ба фасод [ва мухолифат] бархостанд, ваъдаи [азоби илоҳӣ бар] он муҳаққақ мегардад; пас, ононро ба сахтӣ нобуд мекунем

وَكَمۡ أَهۡلَكۡنَا مِنَ ٱلۡقُرُونِ مِنۢ بَعۡدِ نُوحٖۗ وَكَفَىٰ بِرَبِّكَ بِذُنُوبِ عِبَادِهِۦ خَبِيرَۢا بَصِيرٗا ١٧

17. Ва чи бисёр наслҳоеро, ки пас аз Нуҳ [зиндагӣ мекарданд] ҳалок кардем ва [ҳамин] кофӣ аст, ки Парвардигорат аз гуноҳони бандагонаш огоҳ [ва нисбат ба онон] биност

مَّن كَانَ يُرِيدُ ٱلۡعَاجِلَةَ عَجَّلۡنَا لَهُۥ فِيهَا مَا نَشَآءُ لِمَن نُّرِيدُ ثُمَّ جَعَلۡنَا لَهُۥ جَهَنَّمَ يَصۡلَىٰهَا مَذۡمُومٗا مَّدۡحُورٗا ١٨

18. Ҳар ки хоҳони [дунёе] зудгузар аст, ҳар чи бихоҳем [ва] ба ҳар ки бихоҳем [баҳрае] аз он медиҳем; он гоҳ дузахро насибаш мекунем, ки дар он ҷо хору рондашуда ворид мегардад

وَمَنۡ أَرَادَ ٱلۡأٓخِرَةَ وَسَعَىٰ لَهَا سَعۡيَهَا وَهُوَ مُؤۡمِنٞ فَأُوْلَٰٓئِكَ كَانَ سَعۡيُهُم مَّشۡكُورٗا ١٩

19. Ва ҳар ки [зиндагии] охиратро бихоҳад ва барои [расидан ба] он бо ҷиддият бикӯшад ва муъмин бошад, пас, инонанд, ки аз талошашон қадрдонӣ хоҳад шуд

كُلّٗا نُّمِدُّ هَٰٓؤُلَآءِ وَهَٰٓؤُلَآءِ مِنۡ عَطَآءِ رَبِّكَۚ وَمَا كَانَ عَطَآءُ رَبِّكَ مَحۡظُورًا ٢٠

20. Ҳамаро - [хоҳ] ин гурӯҳи [бадкор] ва [ё] он гурӯҳи [накукор] - аз бахшиш [ва неъматҳои дунявии] Парвардигорат баҳраманд месозем ва бахшиши Парвардигорат [аз касе] манъ нашудааст

ٱنظُرۡ كَيۡفَ فَضَّلۡنَا بَعۡضَهُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖۚ وَلَلۡأٓخِرَةُ أَكۡبَرُ دَرَجَٰتٖ وَأَكۡبَرُ تَفۡضِيلٗا ٢١

21. Бингар, ки чигуна бархе аз ононро [аз лиҳози молу мақом] бар бархи дигар бартарӣ додаем ва қатъан охират [дар муқоиса бо дунё] аз назари дараҷот, бузургтар ва аз лиҳози

фазилат, бартар аст [пас муъмин бояд ба он иштиёқ варзад]

لَّا تَجۡعَلۡ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ فَتَقۡعُدَ مَذۡمُومٗا مَّخۡذُولٗا ٢٢

22. [Эй инсон, ҳаргиз ҳеҷ] Маъбуди дигареро бо Аллоҳ таоло [шарик] қарор надеҳ, ки накуҳида ва беёвар хоҳӣ монд

وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُ وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَٰنًاۚ إِمَّا يَبۡلُغَنَّ عِندَكَ ٱلۡكِبَرَ أَحَدُهُمَآ أَوۡ كِلَاهُمَا فَلَا تَقُل لَّهُمَآ أُفّٖ وَلَا تَنۡهَرۡهُمَا وَقُل لَّهُمَا قَوۡلٗا كَرِيمٗا ٢٣

23. Ва Парвардигорат чунин фармон додааст, ки: «Ҷуз Ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед. Ҳар гоҳ яке аз он ду ё ҳар дуи онҳо дар канори ту ба синни пирӣ расиданд, [ҳатто] ба онҳо уфф магӯ ва бар сарашон фарёд назан ва бо онон ба некӣ [ва меҳрубонӣ] сухан бигӯ

وَٱخۡفِضۡ لَهُمَا جَنَاحَ ٱلذُّلِّ مِنَ ٱلرَّحۡمَةِ وَقُل رَّبِّ ٱرۡحَمۡهُمَا كَمَا رَبَّيَانِي صَغِيرٗا ٢٤

24. Ва аз рӯйи меҳрубонӣ боли фурӯтанӣ ва тавозуатро барояшон фуруд ор ва бигӯ: «Парвардигоро, ҳамон гуна ки [бар ман раҳмат оварданд ва] дар кӯдакӣ парваришам доданд, [Ту низ] ба онон раҳмат овар»

رَّبُّكُمۡ أَعۡلَمُ بِمَا فِي نُفُوسِكُمۡۚ إِن تَكُونُواْ صَٰلِحِينَ فَإِنَّهُۥ كَانَ لِلۡأَوَّٰبِينَ غَفُورٗا ٢٥

25. Парвардигори шумо ба он чи дар дилҳоятон аст, огоҳтар аст. Агар шоиста бошед, яқинан Ӯ дар ҳаққи тавбакорон омурзанда аст

وَءَاتِ ذَا ٱلۡقُرۡبَىٰ حَقَّهُۥ وَٱلۡمِسۡكِينَ وَٱبۡنَ ٱلسَّبِيلِ وَلَا تُبَذِّرۡ تَبۡذِيرًا ٢٦

26. Ва ҳаққи хешовандро ба ӯ бидеҳ [силаи раҳим ба ҷой овар] ва тиҳидаст ва дарроҳмонда [-ро ёрӣ кун] ва ҳеҷ исрофкорӣ накун

إِنَّ ٱلۡمُبَذِّرِينَ كَانُوٓاْ إِخۡوَٰنَ ٱلشَّيَٰطِينِۖ وَكَانَ ٱلشَّيۡطَٰنُ لِرَبِّهِۦ كَفُورٗا ٢٧

27. Дар ҳақиқат, исрофкорон бародарони шаётин ҳастанд ва шайтон нисбат ба Парвардигораш ҳамвора носипос будааст

وَإِمَّا تُعۡرِضَنَّ عَنۡهُمُ ٱبۡتِغَآءَ رَحۡمَةٖ مِّن رَّبِّكَ تَرۡجُوهَا فَقُل لَّهُمۡ قَوۡلٗا مَّيۡسُورٗا ٢٨

28. Ва агар ба умеди раҳмат ва [кушоиши рӯзӣ] аз ҷониби Парвардигорат [ба ночор] аз онон рӯй мегардонӣ, пас, ба эшон сухане нарм бигӯ

وَلَا تَجۡعَلۡ يَدَكَ مَغۡلُولَةً إِلَىٰ عُنُقِكَ وَلَا تَبۡسُطۡهَا كُلَّ ٱلۡبَسۡطِ فَتَقۡعُدَ مَلُومٗا مَّحۡسُورًا ٢٩

29. Ва [ҳаргиз] даст аз инфоқ набанд ва [низ] кушодадастии бисёр накун, ки маломатшуда ва ҳасратзада мегардӣ

إِنَّ رَبَّكَ يَبۡسُطُ ٱلرِّزۡقَ لِمَن يَشَآءُ وَيَقۡدِرُۚ إِنَّهُۥ كَانَ بِعِبَادِهِۦ خَبِيرَۢا بَصِيرٗا ٣٠

30. Бе гумон, Парвардигорат [неъмат ва] рӯзиро бар ҳар кӣ бихоҳад, густурда медорад ва ё танг

мегирад. Бе тардид, Ӯ ҳамвора ба [аҳволи] бандагонаш огоҳ ва биност

31. Ва фарзандонатонро аз бими тангдастӣ накушед. Мо ба эшон ва шумо рӯзӣ мебахшем. Яқинан куштани онҳо ҳамвора хатое бузург аст.

وَلَا تَقْتُلُوٓاْ أَوْلَٰدَكُمْ خَشْيَةَ إِمْلَٰقٍ ۖ نَّحْنُ نَرْزُقُهُمْ وَإِيَّاكُمْ ۚ إِنَّ قَتْلَهُمْ كَانَ خِطْـًٔا كَبِيرًا ﴿٣١﴾

32. Ва ба зино наздик нашавед. Бе тардид, он [кор] бисёр зишту роҳе нописанд аст

وَلَا تَقْرَبُواْ ٱلزِّنَىٰٓ ۖ إِنَّهُۥ كَانَ فَٰحِشَةً وَسَآءَ سَبِيلًا ﴿٣٢﴾

33. Ва касеро, ки Аллоҳ таоло [куштанашро] ҳаром кардааст, ҷуз ба ҳақ накушед; ва ҳар ки ба ситам кушта шавад, ба валии ӯ қудрат [ва ҳаққи қисос] додаем; пас, вай низ набояд дар [кайфари] қатл зиёдаравӣ кунад. Бе тардид, ӯ [валии дам] таҳти ҳимоя [-и Аллоҳ таоло ва шаръи муқаддас] қарор дорад

وَلَا تَقْتُلُواْ ٱلنَّفْسَ ٱلَّتِى حَرَّمَ ٱللَّهُ إِلَّا بِٱلْحَقِّ ۗ وَمَن قُتِلَ مَظْلُومًا فَقَدْ جَعَلْنَا لِوَلِيِّهِۦ سُلْطَٰنًا فَلَا يُسْرِف فِّى ٱلْقَتْلِ ۖ إِنَّهُۥ كَانَ مَنصُورًا ﴿٣٣﴾

34. Ва ба моли ятим - ҷуз шевае, ки накутар аст - наздик нашавед, то он гоҳ ки ба ҳадди [рушд ва] булуғаш бирасад ва ба паймон [-и хеш] вафо кунед; чаро ки [аз шумо] дар бораи паймон пурсида хоҳад шуд

وَلَا تَقْرَبُواْ مَالَ ٱلْيَتِيمِ إِلَّا بِٱلَّتِى هِىَ أَحْسَنُ حَتَّىٰ يَبْلُغَ أَشُدَّهُۥ ۚ وَأَوْفُواْ بِٱلْعَهْدِ ۖ إِنَّ ٱلْعَهْدَ كَانَ مَسْـُٔولًا ﴿٣٤﴾

35. Ва ҳангоме ки [дар хариду фурӯш ачносро] паймона мекунед, паймонаро комил [-у тамом] бидиҳед ва [онҳоро] бо тарозуи дуруст вазн кунед. Ин [кор] барои шумо беҳтар ва саранҷомаш накутар аст

وَأَوْفُواْ ٱلْكَيْلَ إِذَا كِلْتُمْ وَزِنُواْ بِٱلْقِسْطَاسِ ٱلْمُسْتَقِيمِ ۚ ذَٰلِكَ خَيْرٌ وَأَحْسَنُ تَأْوِيلًا ﴿٣٥﴾

36. Ва аз он чи дар бораш донише надорӣ, пайравӣ накун. Бе тардид, [дар қиёмат] гӯшу чашм ва дил аз ҳама инҳо бозхост хоҳад шуд

وَلَا تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِۦ عِلْمٌ ۚ إِنَّ ٱلسَّمْعَ وَٱلْبَصَرَ وَٱلْفُؤَادَ كُلُّ أُوْلَٰٓئِكَ كَانَ عَنْهُ مَسْـُٔولًا ﴿٣٦﴾

37. Ва дар замин бо такаббур роҳ нарав. Ту ҳаргиз наметавонӣ [бо роҳ рафтани ғуруромезат] заминро бишкофӣ ва дар баландӣ [ва гарданфарозӣ низ] ба кӯҳҳо намерасӣ

وَلَا تَمْشِ فِى ٱلْأَرْضِ مَرَحًا ۖ إِنَّكَ لَن تَخْرِقَ ٱلْأَرْضَ وَلَن تَبْلُغَ ٱلْجِبَالَ طُولًا ﴿٣٧﴾

38. Ҳамаи инҳо назди Парвардигорат нописанд аст.

كُلُّ ذَٰلِكَ كَانَ سَيِّئُهُۥ عِندَ رَبِّكَ مَكْرُوهًا ﴿٣٨﴾

39. Ин аз он ҳикмат [-ҳое] аст, ки аз ҷониби Парвардигорат ба ту ваҳй шудааст; ва бо Аллоҳ

ذَٰلِكَ مِمَّآ أَوْحَىٰٓ إِلَيْكَ رَبُّكَ مِنَ ٱلْحِكْمَةِ ۗ وَلَا تَجْعَلْ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ فَتُلْقَىٰ فِى جَهَنَّمَ مَلُومًا مَّدْحُورًا ﴿٣٩﴾

таоло маъбуди дигаре қарор надеҳ, ки накуҳида ва рондашуда ба дузах хоҳӣ афтод

40. Оё [шумо мушрикон гумон мекунед, ки] Парвардигоратон [доштани] писаронро ба шумо ихтисос додааст ва худ аз [миёни] фариштагон духтароне баргирифтааст? Ба ростӣ, ки сухане бисёр бузург [ва нораво] мегӯед

أَفَأَصۡفَىٰكُمۡ رَبُّكُم بِٱلۡبَنِينَ وَٱتَّخَذَ مِنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ إِنَٰثًاۚ إِنَّكُمۡ لَتَقُولُونَ قَوۡلًا عَظِيمٗا ٤٠

41. Ва бе тардид, Мо дар ин Қуръон [аҳкому андарзҳоро бо шеваҳои] гуногун баён кардем, то [мардум] панд бигиранд; ва[-ле ин суханон] ҷуз дурӣ [аз ҳақ] бар онон намеафзояд

وَلَقَدۡ صَرَّفۡنَا فِي هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانِ لِيَذَّكَّرُواْ وَمَا يَزِيدُهُمۡ إِلَّا نُفُورٗا ٤١

42. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Агар [бар фарзи маҳол] чунон ки [мушрикон] мегӯянд, бо Ӯ [Аллоҳ таоло] маъбудоне [дигар] буд, дар ин сурат, онон [барои тақарруб ва касби хушнудии Парвардигор] ба сӯи [Аллоҳ таоло] соҳиби Арш роҳе меҷустанд»

قُل لَّوۡ كَانَ مَعَهُۥٓ ءَالِهَةٞ كَمَا يَقُولُونَ إِذٗا لَّٱبۡتَغَوۡاْ إِلَىٰ ذِي ٱلۡعَرۡشِ سَبِيلٗا ٤٢

43. Ӯ поку муназзаҳ аст ва аз он чи онон мегӯянд, басе бартар аст

سُبۡحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يَقُولُونَ عُلُوّٗا كَبِيرٗا ٤٣

44. Осмонҳои ҳафтгонаву замин ва ҳар ки дар онҳост, Ӯро ба покӣ меситоянд; ва ҳеҷ чиз нест, магар он ки Ӯро ба покӣ ёд мекунад; вале шумо тасбеҳи ононро дарнамеёбед. Бе тардид, Ӯ ҳамвора бурдбор [ва] омурзанда аст

تُسَبِّحُ لَهُ ٱلسَّمَٰوَٰتُ ٱلسَّبۡعُ وَٱلۡأَرۡضُ وَمَن فِيهِنَّۚ وَإِن مِّن شَيۡءٍ إِلَّا يُسَبِّحُ بِحَمۡدِهِۦ وَلَٰكِن لَّا تَفۡقَهُونَ تَسۡبِيحَهُمۡۚ إِنَّهُۥ كَانَ حَلِيمًا غَفُورٗا ٤٤

45. Ва [эй Паёмбар] ҳангоме ки Қуръон мехонӣ, миёни ту ва касоне, ки ба охират имон надоранд, пардае пӯшида қарор медиҳем

وَإِذَا قَرَأۡتَ ٱلۡقُرۡءَانَ جَعَلۡنَا بَيۡنَكَ وَبَيۡنَ ٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِٱلۡأٓخِرَةِ حِجَابٗا مَّسۡتُورٗا ٤٥

46. Ва бар дилҳояшон пӯшише қарор додем, то [паёми] онро дарнаёбанд ва дар гӯшҳояшон сангинӣ [ниҳодем, то ҳақро нашнаванд]; ва чун Парвардигоратро дар Қуръон ба ягонагӣ ёд мекунӣ, бо нафрат пушт мекунанд [ва мегурезанд]

وَجَعَلۡنَا عَلَىٰ قُلُوبِهِمۡ أَكِنَّةً أَن يَفۡقَهُوهُ وَفِيٓ ءَاذَانِهِمۡ وَقۡرٗاۚ وَإِذَا ذَكَرۡتَ رَبَّكَ فِي ٱلۡقُرۡءَانِ وَحۡدَهُۥ وَلَّوۡاْ عَلَىٰٓ أَدۡبَٰرِهِمۡ نُفُورٗا ٤٦

47. Ва он гоҳ ки [кофирон] ба ту гӯш месупоранд, Мо беҳтар медонем, ки ба чи [манзур ва чи

نَّحۡنُ أَعۡلَمُ بِمَا يَسۡتَمِعُونَ بِهِۦٓ إِذۡ يَسۡتَمِعُونَ إِلَيۡكَ وَإِذۡ هُمۡ نَجۡوَىٰٓ إِذۡ يَقُولُ ٱلظَّٰلِمُونَ إِن تَتَّبِعُونَ إِلَّا رَجُلٗا مَّسۡحُورًا ٤٧

гуна] гӯш медиҳанд ва [низ] он гоҳ ки наҷво мекунанд [Мо аз суханонаншон огоҳем]; он гоҳ ки ситмакорон [-и мушрик ба мардум] мегӯянд: «Шумо ҷуз аз марди ҷодушудае пайравӣ намекунед»

48. Бингар, ки чи гуна бароят мисолҳо задаанд, пас, гумроҳ шуданд ва дар натиҷа наметавонанд роҳе [ба сӯйи ҳақ] бибаранд

ٱنظُرْ كَيْفَ ضَرَبُوا۟ لَكَ ٱلْأَمْثَالَ فَضَلُّوا۟ فَلَا يَسْتَطِيعُونَ سَبِيلًا ﴿٤٨﴾

49. Ва [мушрикон] гуфтанд: «Оё ҳангоме ки устухонҳое [пӯсида ва] пароканда шудем, дубора бо офариниши ҷадид барангехта мешавем?»

وَقَالُوٓا۟ أَءِذَا كُنَّا عِظَٰمًا وَرُفَٰتًا أَءِنَّا لَمَبْعُوثُونَ خَلْقًا جَدِيدًا ﴿٤٩﴾

50. Бигӯ: «[Ҳатто агар] Санг бошед ё оҳан

۞قُلْ كُونُوا۟ حِجَارَةً أَوْ حَدِيدًا ﴿٥٠﴾

51. Ё [Ҳар] Офаридае, ки дар хотиратон бузург менамояд [боз ҳам Аллоҳ таоло метавонад шуморо зинда кунад]. Пас, хоҳанд гуфт: «Чи касе моро бозмегардонад?». Бигӯ: [Ҳамон Парвардигоре, ки] ки нахустин бор шуморо офарид». Он гоҳ сарҳояшонро [ба нишонаи нобоварӣ] муқобилат такон медиҳанд ва мегӯянд: «Он [ҳодиса] кай хоҳад буд?». Бигӯ: «Чи басо наздик бошад

أَوْ خَلْقًا مِّمَّا يَكْبُرُ فِى صُدُورِكُمْ ۚ فَسَيَقُولُونَ مَن يُعِيدُنَا ۖ قُلِ ٱلَّذِى فَطَرَكُمْ أَوَّلَ مَرَّةٍ ۚ فَسَيُنْغِضُونَ إِلَيْكَ رُءُوسَهُمْ وَيَقُولُونَ مَتَىٰ هُوَ ۖ قُلْ عَسَىٰٓ أَن يَكُونَ قَرِيبًا ﴿٥١﴾

52. Рӯзе, ки [Аллоҳ таоло] шуморо [ба саҳрои маҳшар] фаро мехонад ва шумо бо сипосу ситоиш иҷобаташ мекунед ва мепиндоред, ки ҷуз андаке [дар дунё] ба сар набурдаед»

يَوْمَ يَدْعُوكُمْ فَتَسْتَجِيبُونَ بِحَمْدِهِۦ وَتَظُنُّونَ إِن لَّبِثْتُمْ إِلَّا قَلِيلًا ﴿٥٢﴾

53. Ва [эй Паёмбар] бандагонамро бигӯ бо беҳтарин [алфоз бо якдигар] суҳбат кунанд [ва аз баддаҳонӣ бипарҳезанд; чаро ки] бе тардид, шайтон миёнашон душманӣ меафканад. Ба ростӣ, ки шайтон барои инсон душмане ошкор аст

وَقُل لِّعِبَادِى يَقُولُوا۟ ٱلَّتِى هِىَ أَحْسَنُ ۚ إِنَّ ٱلشَّيْطَٰنَ يَنزَغُ بَيْنَهُمْ ۚ إِنَّ ٱلشَّيْطَٰنَ كَانَ لِلْإِنسَٰنِ عَدُوًّا مُّبِينًا ﴿٥٣﴾

54. [Эй мардум] Парвардигоратон ба [аҳволи] шумо донотар аст; агар бихоҳад, бар шумо раҳмат меоварад ё агар бихоҳад, азобатон

رَّبُّكُمْ أَعْلَمُ بِكُمْ ۖ إِن يَشَأْ يَرْحَمْكُمْ أَوْ إِن يَشَأْ يُعَذِّبْكُمْ ۚ وَمَآ أَرْسَلْنَٰكَ عَلَيْهِمْ وَكِيلًا ﴿٥٤﴾

мекунад; ва [эй Паёмбар] Мо туро [барои онон нигаҳбон ва] муроқиб нафиристодаем

55. Парвардигорат ба [ҳар чи ва] ҳар ки дар осмонҳо ва замин аст, донотар аст; ва ба ростӣ, [Мо] бархе паёмбаронро [бо афзунии пайравон ва додани китоб] бар бархе [дигар] бартарӣ бахшидем ва ба Довуд Забур додем

وَرَبُّكَ أَعْلَمُ بِمَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۗ وَلَقَدْ فَضَّلْنَا بَعْضَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ عَلَىٰ بَعْضٍ ۖ وَءَاتَيْنَا دَاوُۥدَ زَبُورًا ﴿٥٥﴾

56. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Касонеро, ки ба ҷойи Ӯ [маъбуд ва корсози хеш] пиндоштаед, фаро бихонед; пас, [хоҳед дид, ки] наметавонанд газандеро аз шумо дур кунанд ва на қодиранд, онро [сӯйи дигаре] бигардонанд»

قُلِ ٱدْعُوا۟ ٱلَّذِينَ زَعَمْتُم مِّن دُونِهِۦ فَلَا يَمْلِكُونَ كَشْفَ ٱلضُّرِّ عَنكُمْ وَلَا تَحْوِيلًا ﴿٥٦﴾

57. Касонеро, ки онон мехонанд, худ [бо парастиш ва накукорӣ] василае [барои тақарруб] ба Парвардигорашон меҷӯянд [ва дар рақобатанд, то бидонанд] кадом як аз аз онон [ба парастиши Аллоҳ таоло] наздиктаранд ва ба раҳматаш умедворанд ва аз азобаш метарсанд; [чаро ки] бе тардид, азоби Парвардигорат ҳамвора шоистаи парҳез аст

أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ يَدْعُونَ يَبْتَغُونَ إِلَىٰ رَبِّهِمُ ٱلْوَسِيلَةَ أَيُّهُمْ أَقْرَبُ وَيَرْجُونَ رَحْمَتَهُۥ وَيَخَافُونَ عَذَابَهُۥٓ ۚ إِنَّ عَذَابَ رَبِّكَ كَانَ مَحْذُورًا ﴿٥٧﴾

58. Ва ҳеҷ шаҳре нест, ки магар ин ки [дар сурати нофармонӣ мардуми] онро пеш аз рӯзи қиёмат нобуд мекунем ё ба азобе сахт гирифтор месозем. Ин [кайфар] дар китоби илоҳӣ [Лавҳи Маҳфуз] сабт аст

وَإِن مِّن قَرْيَةٍ إِلَّا نَحْنُ مُهْلِكُوهَا قَبْلَ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ أَوْ مُعَذِّبُوهَا عَذَابًا شَدِيدًا ۚ كَانَ ذَٰلِكَ فِي ٱلْكِتَٰبِ مَسْطُورًا ﴿٥٨﴾

59. [Чизе] Моро аз фиристодани муъҷизот [дархости мушрикон] бознадошт, магар ин ки пешиниён онро дурӯғ пиндоштанд; ва Мо ба Самуд [қавми Солеҳ] он модашутурро ба унвони нишонаи равшан додем; пас, ба он ситам карданд ва Мо нишонаҳо [ва муъҷизот]-ро ҷуз барои бим додан [-и мардум] намефиристем.

وَمَا مَنَعَنَآ أَن نُّرْسِلَ بِٱلْـَٔايَٰتِ إِلَّآ أَن كَذَّبَ بِهَا ٱلْأَوَّلُونَ ۚ وَءَاتَيْنَا ثَمُودَ ٱلنَّاقَةَ مُبْصِرَةً فَظَلَمُوا۟ بِهَا ۚ وَمَا نُرْسِلُ بِٱلْـَٔايَٰتِ إِلَّا تَخْوِيفًا ﴿٥٩﴾

60. Ва [ба ёд овар] ҳангоме ки ба ту гуфтем: «Яқинан, Парвардигорат бар мардум иҳота дорад»; ва он руъёеро, ки [дар шаби меъроҷ] ба ту намоёндем; ва [ҳамчунин] он дарахти

وَإِذْ قُلْنَا لَكَ إِنَّ رَبَّكَ أَحَاطَ بِٱلنَّاسِ ۚ وَمَا جَعَلْنَا ٱلرُّءْيَا ٱلَّتِىٓ أَرَيْنَٰكَ إِلَّا فِتْنَةً لِّلنَّاسِ وَٱلشَّجَرَةَ ٱلْمَلْعُونَةَ فِي ٱلْقُرْءَانِ ۚ وَنُخَوِّفُهُمْ فَمَا يَزِيدُهُمْ إِلَّا طُغْيَٰنًا كَبِيرًا ﴿٦٠﴾

лаънатшуда [-и закум] дар Қуръонро ҷуз барои озмоиши мардум қарор надодем; ва Мо ононро бим медиҳем, вале ҷуз бар саркашии бештарашон намеафзояд

وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَٰٓئِكَةِ ٱسْجُدُواْ لِأَدَمَ فَسَجَدُوٓاْ إِلَّآ إِبْلِيسَ قَالَ ءَأَسْجُدُ لِمَنْ خَلَقْتَ طِينًا ﴿٦١﴾

61. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки ба фариштагон гуфтем: «Барои Одам саҷда кунед»; пас, [ҳамагӣ] саҷда карданд, ба ҷуз Иблис, ки гуфт: «Оё барои касе саҷда кунам, ки [ӯро] аз гил офаридай?»

قَالَ أَرَءَيْتَكَ هَٰذَا ٱلَّذِى كَرَّمْتَ عَلَىَّ لَئِنْ أَخَّرْتَنِ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ لَأَحْتَنِكَنَّ ذُرِّيَّتَهُۥٓ إِلَّا قَلِيلًا ﴿٦٢﴾

62. [Ва] Гуфт: «Ба ман хабар бидеҳ, ин аст он ки бар ман [бартарӣ додӣ ва] гиромӣ доштӣ? Агар ба ман то рӯзи қиёмат муҳлат диҳӣ, фарзандонашро - ҷуз иддаи каме - [маҳорзада ва] решакан хоҳам кард»

قَالَ ٱذْهَبْ فَمَن تَبِعَكَ مِنْهُمْ فَإِنَّ جَهَنَّمَ جَزَآؤُكُمْ جَزَآءً مَّوْفُورًا ﴿٦٣﴾

63. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Бирав, ки ҳар як аз эшон аз ту пайравӣ кунад, пас, яқинан дузах подошатон хоҳад буд, ки подоше комил аст

وَٱسْتَفْزِزْ مَنِ ٱسْتَطَعْتَ مِنْهُم بِصَوْتِكَ وَأَجْلِبْ عَلَيْهِم بِخَيْلِكَ وَرَجِلِكَ وَشَارِكْهُمْ فِى ٱلْأَمْوَٰلِ وَٱلْأَوْلَٰدِ وَعِدْهُمْ ۚ وَمَا يَعِدُهُمُ ٱلشَّيْطَٰنُ إِلَّا غُرُورًا ﴿٦٤﴾

64. Ва аз эшон ҳар киро тавонистӣ, ба овози худ барангез [ва ба сӯйи гуноҳ бикаш] ва ба саворону пиёдагонат бар онон бонг бизан [то олудаи гуноҳ гарданд] ва дар амволу фарзандон шарикашон шав ва ба онон ваъда[-ҳои воҳӣ] бидеҳ; ва[-ле] шайтон ба онон ваъда намедиҳад, магар ба фиреб

إِنَّ عِبَادِى لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَٰنٌ ۚ وَكَفَىٰ بِرَبِّكَ وَكِيلًا ﴿٦٥﴾

65. [Эй шайтон] Ту ҳаргиз бар бандагони ман тасаллуте нахоҳӣ дошт»; ва [эй Паёмбар] ҳамин бас, ки Парвардигорат [коргузору] нигаҳбони онон [муъминон] бошад

رَّبُّكُمُ ٱلَّذِى يُزْجِى لَكُمُ ٱلْفُلْكَ فِى ٱلْبَحْرِ لِتَبْتَغُواْ مِن فَضْلِهِۦٓ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ بِكُمْ رَحِيمًا ﴿٦٦﴾

66. [Эй мардум] Парвардигори шумо касест, ки киштиро дар дарё бароятон ба ҳаракат дармеоварад, то аз фазлаш бахраманд гардед. Бе тардид, Ӯ ҳамвора нисбат ба шумо меҳрубон аст

وَإِذَا مَسَّكُمُ ٱلضُّرُّ فِى ٱلْبَحْرِ ضَلَّ مَن تَدْعُونَ إِلَّآ إِيَّاهُ ۖ فَلَمَّا نَجَّىٰكُمْ إِلَى ٱلْبَرِّ أَعْرَضْتُمْ ۚ وَكَانَ ٱلْإِنسَٰنُ كَفُورًا ﴿٦٧﴾

67. Ва он гоҳ ки дар дарё газанде ба шумо мерасад, ҳар киро [ба ҳоҷатхоҳӣ] мехонед, нопадид [ва фаромӯш] мегардад, магар [зоти поки] Ӯ; аммо

вақте шуморо [аз хатари марг] раҳонад ва ба хушкӣ расонад, [аз яктопарастӣ] рӯйгардон мешавед; ва инсон ҳамвора носипос аст

أَفَأَمِنتُمْ أَن يَخْسِفَ بِكُمْ جَانِبَ ٱلْبَرِّ أَوْ يُرْسِلَ عَلَيْكُمْ حَاصِبًا ثُمَّ لَا تَجِدُوا۟ لَكُمْ وَكِيلًا ﴿٦٨﴾

68. Оё [мепиндоред] аз ин ки [Аллоҳ таоло] шуморо дар канораи хушкӣ [дар замин] фурӯ барад ё тӯфони сахте ба сӯятон бифиристад [ва сангборонатон кунад] эмин шудаед? Он гоҳ барои худ ҳеҷ [коргузор ва] нигаҳбоне намеёбед

أَمْ أَمِنتُمْ أَن يُعِيدَكُمْ فِيهِ تَارَةً أُخْرَىٰ فَيُرْسِلَ عَلَيْكُمْ قَاصِفًا مِّنَ ٱلرِّيحِ فَيُغْرِقَكُم بِمَا كَفَرْتُمْ ثُمَّ لَا تَجِدُوا۟ لَكُمْ عَلَيْنَا بِهِۦ تَبِيعًا ﴿٦٩﴾

69. Ё эмин аз ин шудаед, ки бори дигар шуморо ба дарё бозгардонад ва тундбоде кӯбанда ба сӯятон бифиристад ва ба сазои куфратон шуморо ғарқ кунад? Он гоҳ барои худ дар баробари Мо ҳеҷ бозпурсе намеёбед [ки далели корамонро ҷӯё шавад]

۞ وَلَقَدْ كَرَّمْنَا بَنِىٓ ءَادَمَ وَحَمَلْنَٰهُمْ فِى ٱلْبَرِّ وَٱلْبَحْرِ وَرَزَقْنَٰهُم مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَفَضَّلْنَٰهُمْ عَلَىٰ كَثِيرٍ مِّمَّنْ خَلَقْنَا تَفْضِيلًا ﴿٧٠﴾

70. Ва ба ростӣ, Мо фарзандони Одамро гиромӣ доштем ва ононро дар хушкӣ ва дарё [бар васоили сафар] савор кардем ва аз анвои [неъматҳои] покиза ба онон рӯзӣ додем ва ононро бар бисёре аз мавҷудоте, ки офаридаем, бартарии бисёр бахшидем

يَوْمَ نَدْعُوا۟ كُلَّ أُنَاسٍۭ بِإِمَٰمِهِمْ ۖ فَمَنْ أُوتِىَ كِتَٰبَهُۥ بِيَمِينِهِۦ فَأُو۟لَٰٓئِكَ يَقْرَءُونَ كِتَٰبَهُمْ وَلَا يُظْلَمُونَ فَتِيلًا ﴿٧١﴾

71. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки ҳар гурӯҳеро бо пешвояшон фаро мехонем; пас, касоне, ки нома [и аъмол]-ашон ба [дасти] росташон дода мешавад, инон номаи худро [бо шодмонӣ] мехонанд ва кучактарин ситаме намебинанд; [ҳатто ба андозаи риштаи миёни ҳастаи хурмо]

وَمَن كَانَ فِى هَٰذِهِۦٓ أَعْمَىٰ فَهُوَ فِى ٱلْءَاخِرَةِ أَعْمَىٰ وَأَضَلُّ سَبِيلًا ﴿٧٢﴾

72. Ва[-ле] касе, ки дар ин [дунё аз дидани ҳақ] нопайдо будааст, дар охират [низ] нобино ва гумроҳтар аст

وَإِن كَادُوا۟ لَيَفْتِنُونَكَ عَنِ ٱلَّذِىٓ أَوْحَيْنَآ إِلَيْكَ لِتَفْتَرِىَ عَلَيْنَا غَيْرَهُۥ ۖ وَإِذًا لَّٱتَّخَذُوكَ خَلِيلًا ﴿٧٣﴾

73. [Эй Паёмбар] Наздик буд онҳо туро [бо васвасаҳои худ] аз он чи бар ту ваҳӣ кардаем, бифиребанд, то [алфозе] ғайр аз онро [ки ваҳӣ кардаем] ба дурӯғ ба Мо нисбат диҳӣ ва онгоҳ туро ба дӯстӣ бигиранд

وَلَوْلَآ أَن ثَبَّتْنَٰكَ لَقَدْ كِدتَّ تَرْكَنُ إِلَيْهِمْ شَيْـًٔا قَلِيلًا ﴿٧٤﴾

74. Ва агар [Мо] туро собитқадам намекардем, ба ростӣ, наздик буд андаке ба онон гароиш биёбӣ

إِذًا لَّأَذَقْنَٰكَ ضِعْفَ ٱلْحَيَوٰةِ وَضِعْفَ ٱلْمَمَاتِ ثُمَّ لَا تَجِدُ لَكَ عَلَيْنَا نَصِيرًا ﴿٧٥﴾

75. Дар он сурат, ҳатман, ду чандон [азоб дар ин] зиндагӣ ва ду чандон [пас аз] марг ба ту мечашондем ва он гоҳ барои хеш дар баробари мо ёваре намеёфтӣ

وَإِن كَادُوا۟ لَيَسْتَفِزُّونَكَ مِنَ ٱلْأَرْضِ لِيُخْرِجُوكَ مِنْهَا وَإِذًا لَّا يَلْبَثُونَ خِلَٰفَكَ إِلَّا قَلِيلًا ﴿٧٦﴾

76. Ва наздик буд [ки кофирон бо найранг ва душманӣ] туро аз сарзамин [-и Макка] баркананд, то аз он ҷо берунат кунанд ва [агар чунин мекарданд] дар он сурат онон [низ] пас аз ту ҷуз [замони] андаке намемонданд [ва гирифтори азоб мешуданд]

سُنَّةَ مَن قَدْ أَرْسَلْنَا قَبْلَكَ مِن رُّسُلِنَا وَلَا تَجِدُ لِسُنَّتِنَا تَحْوِيلًا ﴿٧٧﴾

77. Ин [шеваи бархӯрд бо миллатҳои носипос] суннати [Мо дар бораи] паёмбароне аст, ки пеш аз ту фиристодем; ва [ҳаргиз] дар суннати Мо [дигаргунӣ ва] тағйире намеёбӣ

أَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَ لِدُلُوكِ ٱلشَّمْسِ إِلَىٰ غَسَقِ ٱلَّيْلِ وَقُرْءَانَ ٱلْفَجْرِ إِنَّ قُرْءَانَ ٱلْفَجْرِ كَانَ مَشْهُودًا ﴿٧٨﴾

78. Намозро аз заволи хуршед [ҳангоми зуҳр] то ниҳояти торикии шаб [нимаи шаб] бар по дор ва [ба вижа] намози субҳро. Ба ростӣ, ки намози субҳ [ва тиловати Қуръон дар ин вақт] мавриди мушоҳида [ва дар ҳузури фариштагони рӯзу шаб] аст

وَمِنَ ٱلَّيْلِ فَتَهَجَّدْ بِهِۦ نَافِلَةً لَّكَ عَسَىٰٓ أَن يَبْعَثَكَ رَبُّكَ مَقَامًا مَّحْمُودًا ﴿٧٩﴾

79. Ва [эй Паёмабр] посе аз шабро [аз хоб] бархез ва намоз бигузор. Ҳатман, [ин намози шаб] барои афзунии мақому мартабаи туст. Умед аст, Парвардигорат туро ба мақоме писандида [шафоат] барангезад

وَقُل رَّبِّ أَدْخِلْنِى مُدْخَلَ صِدْقٍ وَأَخْرِجْنِى مُخْرَجَ صِدْقٍ وَٱجْعَل لِّى مِن لَّدُنكَ سُلْطَٰنًا نَّصِيرًا ﴿٨٠﴾

80. Ва бигӯ: «Парвардигоро, маро [дар ҳар коре] ба дурустӣ дохил намо ва ба дурустӣ хориҷ соз [чунон ки мавриди ризои туст]; ва аз ҷониби хеш барои ман [дар баробари душманонам] далеле ёрибахше қарор бидеҳ»

وَقُلْ جَآءَ ٱلْحَقُّ وَزَهَقَ ٱلْبَٰطِلُ إِنَّ ٱلْبَٰطِلَ كَانَ زَهُوقًا ﴿٨١﴾

81. Ва бигӯ: «Ҳақ [ислом] омад ва ботил [ширк] нобуд шуд. Ба ростӣ, ки ботил нобудшуданӣ аст»

وَنُنَزِّلُ مِنَ ٱلْقُرْءَانِ مَا هُوَ شِفَآءٌ وَرَحْمَةٌ لِّلْمُؤْمِنِينَ وَلَا يَزِيدُ ٱلظَّٰلِمِينَ إِلَّا خَسَارًا ﴿٨٢﴾

82. Ва аз Қуръон он чи дармони [ширку куфр] ва раҳмате барои муъминон аст, нозил мекунем

ва [ин китоб] бар ситамгорони [мушрик] ҷуз зиён намеафзояд

83. Ва чун ба инсон неъмат [-и сарват ва саломатӣ] медиҳем, рӯй мегардонад ва [аз шукргузорӣ ва парастиш] дурӣ мекунад ва чун бадӣ [ва газанде] ба ӯ мерасад, [аз раҳмати илоҳӣ] ноумед мегардад

وَإِذَآ أَنْعَمْنَا عَلَى ٱلْإِنسَٰنِ أَعْرَضَ وَنَـَٔا بِجَانِبِهِۦ وَإِذَا مَسَّهُ ٱلشَّرُّ كَانَ يَـُٔوسًا ﴿٨٣﴾

84. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ҳар кас тибқи равиши хеш [ва мутаносиб бо ҳидоят ё гумроҳияш] рафтор мекунад; ва Парвардигоратон беҳтар медонад, ки чи касе ҳидоятёфтатар аст»

قُلْ كُلٌّ يَعْمَلُ عَلَىٰ شَاكِلَتِهِۦ فَرَبُّكُمْ أَعْلَمُ بِمَنْ هُوَ أَهْدَىٰ سَبِيلًا ﴿٨٤﴾

85. Ва [эй Паёмбар, кофирон] аз ту дарбораи Рӯҳ мепурсанд; бигӯ: Рӯҳ аз [ҷумлаи умури ғайбӣ ва бархоста аз] фармони Парвардигори ман аст ва ба ҷуз андаке дониш ба шумо надодаанд»

وَيَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلرُّوحِ ۖ قُلِ ٱلرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّى وَمَآ أُوتِيتُم مِّنَ ٱلْعِلْمِ إِلَّا قَلِيلًا ﴿٨٥﴾

86. Ва агар мехостем, ҳатман, он чиро ба ту ваҳӣ кардаем, [аз ёдат] мебурдем; он гоҳ дар баробари Мо барои худ ҳеҷ [коргузор ва] нигаҳбоне намеёфтӣ [ки монеи фаромӯшиат гардад]

وَلَئِن شِئْنَا لَنَذْهَبَنَّ بِٱلَّذِىٓ أَوْحَيْنَآ إِلَيْكَ ثُمَّ لَا تَجِدُ لَكَ بِهِۦ عَلَيْنَا وَكِيلًا ﴿٨٦﴾

87. Вале [чунин накардем ва ин лутф ба хотири] раҳмате аз ҷониби Парвардигори туст. Бе тардид, ҳамвора бахшиши Ӯ бар ту бисёр аст

إِلَّا رَحْمَةً مِّن رَّبِّكَ ۚ إِنَّ فَضْلَهُۥ كَانَ عَلَيْكَ كَبِيرًا ﴿٨٧﴾

88. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Агар инсу ҷин [ҳамагӣ] ҷамъ шаванд, то ҳаммонанди ин Қуръонро биёваранд, [ҳаргиз] ҳаммонандашро нахоҳанд овард; ҳарчанд онон пуштибони якдигар бошанд»

قُل لَّئِنِ ٱجْتَمَعَتِ ٱلْإِنسُ وَٱلْجِنُّ عَلَىٰٓ أَن يَأْتُوا۟ بِمِثْلِ هَٰذَا ٱلْقُرْءَانِ لَا يَأْتُونَ بِمِثْلِهِۦ وَلَوْ كَانَ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ ظَهِيرًا ﴿٨٨﴾

89. Ва ба ростӣ, Мо дар ин Қуръон барои мардум аз ҳар мисол [ва андарзу достон] овардем, вале бештари мардум [аз пазириши он] худдорӣ карданд [ва] ҷуз сари инкор надоштанд

وَلَقَدْ صَرَّفْنَا لِلنَّاسِ فِى هَٰذَا ٱلْقُرْءَانِ مِن كُلِّ مَثَلٍ فَأَبَىٰٓ أَكْثَرُ ٱلنَّاسِ إِلَّا كُفُورًا ﴿٨٩﴾

90. Ва гуфтанд: «Мо ҳаргиз ба ту имон намеоварем, магар ин ки аз замин [-и Макка] бароямон чашмае ҷорӣ кунӣ

وَقَالُوا۟ لَن نُّؤْمِنَ لَكَ حَتَّىٰ تَفْجُرَ لَنَا مِنَ ٱلْأَرْضِ يَنۢبُوعًا ﴿٩٠﴾

91. Ё боғе аз нахл ва ангур дошта бошӣ ва миёни [дарахтони он] ҷӯйҳо равон гардонӣ

أَوْ تَكُونَ لَكَ جَنَّةٌ مِّن نَّخِيلٍ وَعِنَبٍ فَتُفَجِّرَ ٱلْأَنْهَٰرَ خِلَٰلَهَا تَفْجِيرًا ﴿٩١﴾

أَوۡ تُسۡقِطَ ٱلسَّمَآءَ كَمَا زَعَمۡتَ عَلَيۡنَا كِسَفًا أَوۡ تَأۡتِيَ بِٱللَّهِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ قَبِيلًا ﴿٩٢﴾

92. Ё чунончи иддао кардӣ, аз осмон пораҳое [аз азоб] бар сарамон бияфканӣ ё Аллоҳ таоло ва фариштагонро дар баробарамон ҳозир кунӣ [то ба ростгӯият гувоҳӣ диҳад]

أَوۡ يَكُونَ لَكَ بَيۡتٞ مِّن زُخۡرُفٍ أَوۡ تَرۡقَىٰ فِي ٱلسَّمَآءِ وَلَن نُّؤۡمِنَ لِرُقِيِّكَ حَتَّىٰ تُنَزِّلَ عَلَيۡنَا كِتَٰبٗا نَّقۡرَؤُهُۥۗ قُلۡ سُبۡحَانَ رَبِّي هَلۡ كُنتُ إِلَّا بَشَرٗا رَّسُولٗا ﴿٩٣﴾

93. Ё хонае [ороста аз тилло дошта бошӣ ё дар осмон боло равӣ; ва ҳаргиз боло рафтанатро бовар намекунем, магар он ки навиштае бар мо фуруд оварӣ, ки онро бихонем». Бигӯ: «Парвардигорам муназзаҳ аст. Оё ман ҷуз башаре фиристодашуда ҳастам?»

وَمَا مَنَعَ ٱلنَّاسَ أَن يُؤۡمِنُوٓاْ إِذۡ جَآءَهُمُ ٱلۡهُدَىٰٓ إِلَّآ أَن قَالُوٓاْ أَبَعَثَ ٱللَّهُ بَشَرٗا رَّسُولٗا ﴿٩٤﴾

94. Ва [чизе] имон овардани мардум нашуд-он гоҳ ки ҳидоят бароямон омад-ҷуз ин ки гуфтанд: «Оё Аллоҳ таоло як инсонро ба паёмбарӣ барангехта аст?»

قُل لَّوۡ كَانَ فِي ٱلۡأَرۡضِ مَلَٰٓئِكَةٞ يَمۡشُونَ مُطۡمَئِنِّينَ لَنَزَّلۡنَا عَلَيۡهِم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ مَلَكٗا رَّسُولٗا ﴿٩٥﴾

95. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Агар дар замин [ба ҷойи инсон] фариштагоне буданд, ки [ҳамчун шумо] бо оромиш роҳ мерафтанд, ҳатман, аз осмон фариштаеро [аз ҷинси худашон ба унвони] паёмбар бар онон нозил мекардем»

قُلۡ كَفَىٰ بِٱللَّهِ شَهِيدَۢا بَيۡنِي وَبَيۡنَكُمۡۚ إِنَّهُۥ كَانَ بِعِبَادِهِۦ خَبِيرَۢا بَصِيرٗا ﴿٩٦﴾

96. Бигӯ: «Кофист, ки Аллоҳ таоло миёни ману шумо гувоҳ бошад. Бе тардид, Ӯ ҳамвора [нисбат] ба бандагонаш огоҳ [ва] биност

وَمَن يَهۡدِ ٱللَّهُ فَهُوَ ٱلۡمُهۡتَدِۖ وَمَن يُضۡلِلۡ فَلَن تَجِدَ لَهُمۡ أَوۡلِيَآءَ مِن دُونِهِۦۖ وَنَحۡشُرُهُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ عَلَىٰ وُجُوهِهِمۡ عُمۡيٗا وَبُكۡمٗا وَصُمّٗاۖ مَّأۡوَىٰهُمۡ جَهَنَّمُۖ كُلَّمَا خَبَتۡ زِدۡنَٰهُمۡ سَعِيرٗا ﴿٩٧﴾

97. Ва ҳар киро Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, ӯ ҳидоятёфта [-и воқеӣ] аст ва ҳар киро гумроҳ созад, ҳаргиз бароямон ба ҷуз Ӯ [Аллоҳ таоло] дӯстоне наҳоҳӣ ёфт; ва ононро дар қиёмат нобино ва гунг ва ношунаво маҳшур мегардонем, [дар ҳоле ки] бар суратҳояшон [кашида мешаванд]; ҷойгоҳашон дузах аст [ки] ҳар гоҳ шуълааш фурӯ нишинад, шарорае бар онон меафзоем

ذَٰلِكَ جَزَآؤُهُم بِأَنَّهُمۡ كَفَرُواْ بِـَٔايَٰتِنَا وَقَالُوٓاْ أَءِذَا كُنَّا عِظَٰمٗا وَرُفَٰتًا أَءِنَّا لَمَبۡعُوثُونَ خَلۡقٗا جَدِيدًا ﴿٩٨﴾

98. Ин ҷазои онон аст; чаро ки оёти Моро инкор карданд ва гуфтанд: «Оё ҳангоме ки устухонҳое [пӯсида ва] пароканда шудем, дубора бо офаринише ҷадид барангехта мешавем?»

۞أَوَلَمۡ يَرَوۡاْ أَنَّ ٱللَّهَ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ قَادِرٌ عَلَىٰٓ أَن يَخۡلُقَ مِثۡلَهُمۡ وَجَعَلَ لَهُمۡ أَجَلٗا لَّا رَيۡبَ فِيهِ فَأَبَى ٱلظَّٰلِمُونَ إِلَّا كُفُورٗا ﴿٩٩﴾

99. Оё надонистанд Аллоҳро, ки осмонҳо ва заминро офарида аст, метавонад ҳаммонанди ононро

биёфаринад ва барояшон аҷале таъйин кардааст, ки ҳеҷ тардиде дар он нест? Ва [-ле] ситамгорон ҷуз инкор [-и чизеро] напазируфтанд

100. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Агар шумо молики ганҷинаҳои [бахшишу] раҳмати Парвардигорам будед, [боз ҳам] аз бими харҷ кардан [ва тангдастӣ] аз инфоқ худдорӣ мекардед; ва инсон ҳамвора бахил [ва тангназар] аст»

قُل لَّوۡ أَنتُمۡ تَمۡلِكُونَ خَزَآئِنَ رَحۡمَةِ رَبِّيٓ إِذٗا لَّأَمۡسَكۡتُمۡ خَشۡيَةَ ٱلۡإِنفَاقِۚ وَكَانَ ٱلۡإِنسَٰنُ قَتُورٗا ١٠٠

101. Ва ба ростӣ, Мо нуҳ муъҷизаи равшан [-ро ба унвони нишонаҳои паёмбарӣ] ба Мӯсо додем; пас, аз Бани Исроил бипурс, он гоҳ ки [Мӯсо] наздашон омад ва Фиръавн ба ӯ гуфт: «Эй Мӯсо, яқинан туро афсуншуда мепиндорам»

وَلَقَدۡ ءَاتَيۡنَا مُوسَىٰ تِسۡعَ ءَايَٰتِۭ بَيِّنَٰتٖۖ فَسۡـَٔلۡ بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ إِذۡ جَآءَهُمۡ فَقَالَ لَهُۥ فِرۡعَوۡنُ إِنِّي لَأَظُنُّكَ يَٰمُوسَىٰ مَسۡحُورٗا ١٠١

102. [Мӯсо] Гуфт: «Ту, ҳатман, медонӣ, ки инҳо [муъҷизот]-ро [касе] ҷуз Парвардигори осмонҳо ва замин нафиристодааст. [Ин муъҷизот] Далоили равшан [дар бораи қудрату ягонагии Аллоҳ таоло ва ростгӯии паёмбараш ҳастанд]; ва, эй Фиръавн, ба ростӣ, ки туро ҳалокшуда [ва зиёндида] мепиндорам»

قَالَ لَقَدۡ عَلِمۡتَ مَآ أَنزَلَ هَٰٓؤُلَآءِ إِلَّا رَبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ بَصَآئِرَ وَإِنِّي لَأَظُنُّكَ يَٰفِرۡعَوۡنُ مَثۡبُورٗا ١٠٢

103. Пас, [Фиръавн] хост, ки онон [Бани Исроил]-ро аз он сарзамин берун кунад; ва[-ле Мо] ӯ ва тамоми касонеро, ки ҳамроҳаш буданд, ғарқ кардем

فَأَرَادَ أَن يَسۡتَفِزَّهُم مِّنَ ٱلۡأَرۡضِ فَأَغۡرَقۡنَٰهُ وَمَن مَّعَهُۥ جَمِيعٗا ١٠٣

104. Ва пас аз [нобудии] ӯ ба Бани Исроил гуфтем: «Дар сарзамин [-и Шом] сокин шавед ва ҳангоме ки ваъдаи охират фаро расид, ҳамаи шуморо бо ҳам [ба сарои маҳшар] меоварем»

وَقُلۡنَا مِنۢ بَعۡدِهِۦ لِبَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ ٱسۡكُنُواْ ٱلۡأَرۡضَ فَإِذَا جَآءَ وَعۡدُ ٱلۡأٓخِرَةِ جِئۡنَا بِكُمۡ لَفِيفٗا ١٠٤

105. Ва ин [Қуръон]-ро бар ҳақ нозил кардем ва бар ҳақ [ва бидуни ҳеҷ таҳрифу тағйире] нозил шуд; ва [эй Муҳаммад] туро ҷуз башоратгар ва бимдиҳанда нафиристодем

وَبِٱلۡحَقِّ أَنزَلۡنَٰهُ وَبِٱلۡحَقِّ نَزَلَۗ وَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ إِلَّا مُبَشِّرٗا وَنَذِيرٗا ١٠٥

106. Ва Қуръон [-и ғаронқадр]-ро бахш-бахш [ва ба мурур бар ту] нозил кардем, то онро бо

وَقُرۡءَانٗا فَرَقۡنَٰهُ لِتَقۡرَأَهُۥ عَلَى ٱلنَّاسِ عَلَىٰ مُكۡثٖ وَنَزَّلۡنَٰهُ تَنزِيلٗا ١٠٦

диранг [ва оҳистагӣ] барои мардум бихонӣ ва онро ба тадриҷ [ва бар ҳасби рӯйдодҳои мухталиф] нозил кардем

قُلْ ءَامِنُواْ بِهِۦٓ أَوْ لَا تُؤْمِنُوٓاْۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلْعِلْمَ مِن قَبْلِهِۦٓ إِذَا يُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ يَخِرُّونَ لِلْأَذْقَانِ سُجَّدًا ﴿١٠٧﴾

107. [Эй Паёмбар, ба кофирон] бигӯ: «[Чи] Ба он имон биёваред ё наёваред [фарқе ба ҳолатон надорад]. Бе тардид, касоне, ки қабл аз [нузули] он дониш [-и китобҳои осмонии пешинро] ёфтаанд, чун [оёти Қуръон] бар онон хонда шавад, саҷдакунон [бар замин] меафтанд»

وَيَقُولُونَ سُبْحَٰنَ رَبِّنَآ إِن كَانَ وَعْدُ رَبِّنَا لَمَفْعُولًا ﴿١٠٨﴾

108. Ва мегӯянд: «Парвардигорамон поку муназзаҳ аст. Яқинан, ваъдаи Парвардигорамон анҷомшуданӣ аст»

وَيَخِرُّونَ لِلْأَذْقَانِ يَبْكُونَ وَيَزِيدُهُمْ خُشُوعًا ﴿١٠٩﴾

109. Ва [он гоҳ] гирякунон бар [замин] меафтанд ва [тиловати Қуръон ва тадаббур дар оёташ] бар фурӯтаниашон меафзояд

قُلِ ٱدْعُواْ ٱللَّهَ أَوِ ٱدْعُواْ ٱلرَّحْمَٰنَۖ أَيًّا مَّا تَدْعُواْ فَلَهُ ٱلْأَسْمَآءُ ٱلْحُسْنَىٰۚ وَلَا تَجْهَرْ بِصَلَاتِكَ وَلَا تُخَافِتْ بِهَا وَٱبْتَغِ بَيْنَ ذَٰلِكَ سَبِيلًا ﴿١١٠﴾

110. Бигӯ: «Аллоҳ таоло»-ро бихонед ё «Раҳмон»-ро бихонед; ҳар кадомро, ки бихонед, накутарини номҳо барои Ӯст». Ва [эй Паёмбар] намозатро [ончунон] ба садои баланд нахон [ки мушрикон бишнаванд] ва онро [он қадр низ] оҳиста нахон [ки ҳатто асҳобат нашнаванд]; ва миёни ин [ду ҳолат] роҳе [миёна] биҷӯй

وَقُلِ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِى لَمْ يَتَّخِذْ وَلَدًا وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ شَرِيكٌ فِى ٱلْمُلْكِ وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ وَلِىٌّ مِّنَ ٱلذُّلِّ وَكَبِّرْهُ تَكْبِيرًا ﴿١١١﴾

111. Ва бигӯ: «Ситоиш махсуси Аллоҳ таоло аст, ки фарзанде [барои хеш] барнагузидааст ва дар фармонравоӣ ҳеҷ шарике надорад ва ҳаргиз хору нотавон намегардад, ки [ниёз ба дӯст ва] корсоз дошта бошад» ва Ӯро бузург бидор; бузургдоште шоиста

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Ҳамду сипос махсуси Аллоҳ таоло аст, ки Қуръонро бар бандааш [Муҳаммад] нозил кард ва ҳеҷ гуна инҳирофе дар он қарор надод	ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ عَلَىٰ عَبْدِهِ ٱلْكِتَٰبَ وَلَمْ يَجْعَل لَّهُۥ عِوَجَاۜ ①
2. [Китобе] Устувор то [кофиронро] аз азобе сахт аз ҷониби Ӯ [Аллоҳ таоло] бим диҳад ва ба муъминоне, ки корҳои шоиста мекунанд, мужда диҳад, ки подоши накуе барояшон [дар пеш] аст	قَيِّمًا لِّيُنذِرَ بَأْسًا شَدِيدًا مِّن لَّدُنْهُ وَيُبَشِّرَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ٱلَّذِينَ يَعْمَلُونَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أَنَّ لَهُمْ أَجْرًا حَسَنًا ②
3. [Ҳамон биҳиште] ки ҷовидона дар он хоҳанд монад	مَّٰكِثِينَ فِيهِ أَبَدًا ③
4. Ва [низ] касонеро, ки гуфтанд: «Аллоҳ таоло фарзанде [барои худ] баргузида аст», бим диҳад	وَيُنذِرَ ٱلَّذِينَ قَالُواْ ٱتَّخَذَ ٱللَّهُ وَلَدًا ④
5. На худашон ба ин [гуфтори нодуруст] илм [-у яқин] доранд на падаронашон. Сухани бисёр нописандест, ки аз даҳонашон берун меояд [ва] ҷуз дурӯғ намегӯянд	مَّا لَهُم بِهِۦ مِنْ عِلْمٍ وَلَا لِأَبَآئِهِمْۚ كَبُرَتْ كَلِمَةً تَخْرُجُ مِنْ أَفْوَٰهِهِمْۚ إِن يَقُولُونَ إِلَّا كَذِبًا ⑤
6. Пас, [эй Паёмбар] наздик аст, агар [қавмат ба ин сухан [Қуръон]] имон наёваранд, дар пайи [беимонии] онон худро [аз таассуф ва андӯҳ] ҳалок кунӣ	فَلَعَلَّكَ بَٰخِعٌ نَّفْسَكَ عَلَىٰٓ ءَاثَٰرِهِمْ إِن لَّمْ يُؤْمِنُواْ بِهَٰذَا ٱلْحَدِيثِ أَسَفًا ⑥
7. Дар ҳақиқат, Мо он чиро, ки рӯйи замин аст, зеваре барои он қарор додаем, то ононро биёзмоем, ки кадомашон накукортаранд	إِنَّا جَعَلْنَا مَا عَلَى ٱلْأَرْضِ زِينَةً لَّهَا لِنَبْلُوَهُمْ أَيُّهُمْ أَحْسَنُ عَمَلًا ⑦
8. Ва Мо [пас аз поёни ҳаёт] он чиро, ки рӯйи замин аст, ба биёбоне хушк ва бегиёҳ табдил хоҳем кард	وَإِنَّا لَجَٰعِلُونَ مَا عَلَيْهَا صَعِيدًا جُرُزًا ⑧
9. Оё пиндоштаӣ, ки [моҷарои] асҳоби Каҳф ва он сангнавишта [ки номашон бар он ҳак шуда	أَمْ حَسِبْتَ أَنَّ أَصْحَٰبَ ٱلْكَهْفِ وَٱلرَّقِيمِ كَانُواْ مِنْ ءَايَٰتِنَا عَجَبًا ⑨

(*) Каҳф (Ғор).

буд] аз ҷумлаи нишонаҳои шигифтангез [ва ғайримумкини] Мо будааст?

إِذْ أَوَى ٱلْفِتْيَةُ إِلَى ٱلْكَهْفِ فَقَالُوا۟ رَبَّنَآ ءَاتِنَا مِن لَّدُنكَ رَحْمَةً وَهَيِّئْ لَنَا مِنْ أَمْرِنَا رَشَدًا ﴿١٠﴾

10. Ҳангоме ки он ҷавонмардон ба ғор паноҳ бурданд ва гуфтанд: «Парвардигоро, моро аз ҷониби хеш раҳмате арзонӣ дор ва дар кори [ҳиҷрати] мо бароямон ҳидоят ва наҷот фароҳам соз»

فَضَرَبْنَا عَلَىٰٓ ءَاذَانِهِمْ فِى ٱلْكَهْفِ سِنِينَ عَدَدًا ﴿١١﴾

11. Пас, дар он ғор бар гӯшҳояшон то солиёни дароз [пардае аз сукуту оромиш] задем [то ба хоб раванд]

ثُمَّ بَعَثْنَٰهُمْ لِنَعْلَمَ أَىُّ ٱلْحِزْبَيْنِ أَحْصَىٰ لِمَا لَبِثُوٓا۟ أَمَدًا ﴿١٢﴾

12. Сипас бедорашон кардем, то бидонем кадом як аз он ду гурӯҳ муддатеро, ки [дар хоб] мондаанд, дурусттар ҳисоб кардааст

نَّحْنُ نَقُصُّ عَلَيْكَ نَبَأَهُم بِٱلْحَقِّ ۚ إِنَّهُمْ فِتْيَةٌ ءَامَنُوا۟ بِرَبِّهِمْ وَزِدْنَٰهُمْ هُدًى ﴿١٣﴾

13. [Эй Паёмбар] Мо достони ононро, ба дурустӣ, бароят бозгӯ мекунем. Онон ҷавононе [шоиста] буданд, ки ба Парвардигорашон имон оварда буданд ва Мо [низ] бар ҳидояташон афзудем

وَرَبَطْنَا عَلَىٰ قُلُوبِهِمْ إِذْ قَامُوا۟ فَقَالُوا۟ رَبُّنَا رَبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ لَن نَّدْعُوَا۟ مِن دُونِهِۦٓ إِلَٰهًا ۖ لَّقَدْ قُلْنَآ إِذًا شَطَطًا ﴿١٤﴾

14. Ва дилҳояшонро [бар имон] устувор сохтем, он гоҳ ки [дар баробари подшоҳи кофир] қиём карданд ва гуфтанд: «Парвардигори мо парвардигори осмонҳо ва замин аст; ва ҳаргиз ҷуз ӯ маъбудеро намепарастем, ки он гоҳ [агар чунин кунем] сухане газофу нораво гуфтаем»

هَٰٓؤُلَآءِ قَوْمُنَا ٱتَّخَذُوا۟ مِن دُونِهِۦٓ ءَالِهَةً ۖ لَّوْلَا يَأْتُونَ عَلَيْهِم بِسُلْطَٰنٍۭ بَيِّنٍ ۖ فَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنِ ٱفْتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا ﴿١٥﴾

15. [Сипас ба ҳамфикронашон гуфтанд:] «Ин қавми мо [ки] ба ҷои Ӯ [Аллоҳ таоло] маъбудоне [дигар] баргузидаанд, чаро далели ошкоре бар [ҳаққонияти] онон намеоваранд? Пас, кист ситамгортар аз он ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ баст [ва барояш шарик қоил шуд]?

وَإِذِ ٱعْتَزَلْتُمُوهُمْ وَمَا يَعْبُدُونَ إِلَّا ٱللَّهَ فَأْوُۥٓا۟ إِلَى ٱلْكَهْفِ يَنشُرْ لَكُمْ رَبُّكُم مِّن رَّحْمَتِهِۦ وَيُهَيِّئْ لَكُم مِّنْ أَمْرِكُم مِّرْفَقًا ﴿١٦﴾

16. Ва чун аз онон ва аз он чи ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастанд, канорагирӣ кардед, пас, ба ғор паноҳ бибаред, то Парвардигоратон аз [сояи] раҳмати хеш бар шумо бигустаронад ва дар коратон [осоишу] кушоише падид оварад

۞ وَتَرَى ٱلشَّمْسَ إِذَا طَلَعَت تَّزَٰوَرُ عَن كَهْفِهِمْ ذَاتَ ٱلْيَمِينِ وَإِذَا غَرَبَت تَّقْرِضُهُمْ ذَاتَ ٱلشِّمَالِ وَهُمْ فِى فَجْوَةٍ مِّنْهُ ۚ ذَٰلِكَ مِنْ ءَايَٰتِ

17. Ва [эй Муҳаммад, агар он ҷо будӣ] хуршедро медидӣ, ки вақте тулуъ мекунад, ба самти рост

ٱللَّهِۖ مَن يَهۡدِ ٱللَّهُ فَهُوَ ٱلۡمُهۡتَدِۖ وَمَن يُضۡلِلۡ فَلَن تَجِدَ لَهُۥ وَلِيّٗا مُّرۡشِدٗا ١٧

[-и ғор] мутамоил мегардад ва вақте ғуруб мекунад, аз самти чапи онон дур мешуд [ва гармо озорашон намедод]; ва онон дар маҳалле густарда аз он [ғор] буданд. Ин аз нишонаҳои [қудрати] Аллоҳ таоло аст. Ҳар киро Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, пас, ӯ ҳидоятёфта [-и воқеӣ] аст ва ҳар киро гумроҳ кунад, ҳаргиз дӯст [ва] роҳнамое барояш намеёбӣ

وَتَحۡسَبُهُمۡ أَيۡقَاظٗا وَهُمۡ رُقُودٞۚ وَنُقَلِّبُهُمۡ ذَاتَ ٱلۡيَمِينِ وَذَاتَ ٱلشِّمَالِۖ وَكَلۡبُهُم بَٰسِطٞ ذِرَاعَيۡهِ بِٱلۡوَصِيدِۚ لَوِ ٱطَّلَعۡتَ عَلَيۡهِمۡ لَوَلَّيۡتَ مِنۡهُمۡ فِرَارٗا وَلَمُلِئۡتَ مِنۡهُمۡ رُعۡبٗا ١٨

18. Ва [агар ба онҳо нигоҳ мекардӣ] мепиндоштӣ, бедоранд; дар ҳоле ки [бо чашмони боз] хуфта буданд; ва Мо ононро ба паҳлуи росту чап мегардондем [то баданашон осеб набинад]; ва сагашон бар остонаи ғор [нишаста ва ба ҳолати посбонӣ] дастҳояшро кушода буд. Агар [нигоҳашон мекардӣ ва] аз ҳолашон огоҳ мешудӣ, ҳатман, [аз ваҳшат] фирор мекардӣ ва дилат аз тарси онон лабрез мешуд

وَكَذَٰلِكَ بَعَثۡنَٰهُمۡ لِيَتَسَآءَلُواْ بَيۡنَهُمۡۚ قَالَ قَآئِلٞ مِّنۡهُمۡ كَمۡ لَبِثۡتُمۡۖ قَالُواْ لَبِثۡنَا يَوۡمًا أَوۡ بَعۡضَ يَوۡمٖۚ قَالُواْ رَبُّكُمۡ أَعۡلَمُ بِمَا لَبِثۡتُمۡ فَٱبۡعَثُوٓاْ أَحَدَكُم بِوَرِقِكُمۡ هَٰذِهِۦٓ إِلَى ٱلۡمَدِينَةِ فَلۡيَنظُرۡ أَيُّهَآ أَزۡكَىٰ طَعَامٗا فَلۡيَأۡتِكُم بِرِزۡقٖ مِّنۡهُ وَلۡيَتَلَطَّفۡ وَلَا يُشۡعِرَنَّ بِكُمۡ أَحَدًا ١٩

19. Ва ҳамчунон [ки хобашон кардем] ононро [аз хоб] бедор намудем, то байни худ аз якдигар суол кунанд. Яке аз онон гуфт: «Чи муддат дар хоб мондед?» [Бақия] Гуфтанд: «Як рӯз ё бахше аз як рӯз». [Саранҷом] Гуфтанд: «Парвардигоратон донотар аст, ки чи қадар [дар ин ҳолат] мондаед. Пас, [акнун] як нафар аз худатонро бо ин сикка[-ҳоя]-тон ба шаҳр бифиристед, то бубинад, кадом як аз [фурушандагони он ҷо косибӣ ва] ғизояш покизатар аст ва аз [назди] ӯ ғизое бароятон биёварад; ва бояд [дар рафтуомаду харид пинҳонкорӣ ва] зиракӣ намояд ва ҳеҷ касро аз [ҳоли] шумо огоҳ насозад

إِنَّهُمۡ إِن يَظۡهَرُواْ عَلَيۡكُمۡ يَرۡجُمُوكُمۡ أَوۡ يُعِيدُوكُمۡ فِي مِلَّتِهِمۡ وَلَن تُفۡلِحُوٓاْ إِذٗا أَبَدٗا ٢٠

20. Бе тардид, агар онон [маконатонро бидонанд ва] бар шумо даст ёбанд, сангсоратон мекунанд ё шуморо ба оини хеш бозмегардонанд ва дар он сурат, ҳаргиз растагор нахоҳед шуд

وَكَذَٰلِكَ أَعۡثَرۡنَا عَلَيۡهِمۡ لِيَعۡلَمُوٓاْ أَنَّ وَعۡدَ ٱللَّهِ حَقّٞ وَأَنَّ ٱلسَّاعَةَ لَا رَيۡبَ فِيهَآ إِذۡ يَتَنَٰزَعُونَ بَيۡنَهُمۡ أَمۡرَهُمۡۖ فَقَالُواْ ٱبۡنُواْ عَلَيۡهِم بُنۡيَٰنٗاۖ رَّبُّهُمۡ أَعۡلَمُ بِهِمۡۚ قَالَ ٱلَّذِينَ غَلَبُواْ عَلَىٰٓ أَمۡرِهِمۡ لَنَتَّخِذَنَّ عَلَيۡهِم مَّسۡجِدٗا ٢١

21. Ва бад-ин гуна [мардуми он сарзамин]-ро аз ҳоли онон огоҳ кардем, то бидонанд, ки ваъдаи Аллоҳ таоло [дар бораи ёрии муъминон ва барангехтани мурдагон] росту дуруст аст ва ин ки дар [фаро расидани] қиёмат тардиде нест.

Ҳангоме ки [мардуми шаҳр] байни худ [дар бораи он ҷавонмардони мутаваффо] дучори ихтилоф шуданд, пас, гурӯҳе гуфтанд: «Деворе бар [вуруди] он [ғор] бисозед. Парвардигорашон ба ҳоли онон огоҳтар аст». Бархе дигар, ки [ноогоҳ буданд ва нуфузу] қудрат доштанд, гуфтанд: «[Ба нишонаи бузургдошт] Бар [ғори] эшон парастишгоҳе месозем»

سَيَقُولُونَ ثَلَٰثَةٌ رَّابِعُهُمْ كَلْبُهُمْ وَيَقُولُونَ خَمْسَةٌ سَادِسُهُمْ كَلْبُهُمْ رَجْمًۢا بِٱلْغَيْبِ ۖ وَيَقُولُونَ سَبْعَةٌ وَثَامِنُهُمْ كَلْبُهُمْ ۚ قُل رَّبِّىٓ أَعْلَمُ بِعِدَّتِهِم مَّا يَعْلَمُهُمْ إِلَّا قَلِيلٌ ۬ فَلَا تُمَارِ فِيهِمْ إِلَّا مِرَآءً ظَٰهِرًا وَلَا تَسْتَفْتِ فِيهِم مِّنْهُمْ أَحَدًا ﴿٢٢﴾

22. [Дар бораи теъдодашон] Хоҳанд, гуфт: «Се нафар буданд ва чаҳорумини онон сагашон буд». Ва [гурӯҳе] мегӯянд: «Панҷ нафар буданд ва шашумини онон сагашон буд» - [ки албатта] ҳама аз рӯи ҳадс ва гумон аст - ва [гурӯҳе] мегӯянд: «Ҳафт нафар буданд ва ҳаштумини онон сагашон буд». Бигӯ: «Парвадигорам аз теъдоди онон огоҳтар аст [ва] ҷуз гурӯҳе андак теъдодашонро касе намедонад. Пас, дар бораи онон гуфтугӯе мухтасар [ва баҳсе ором ва гузаро] дошта бош ва дар бораи онон аз ҳеҷ кас суол накун

وَلَا تَقُولَنَّ لِشَاْىْءٍ إِنِّى فَاعِلٌ ذَٰلِكَ غَدًا ﴿٢٣﴾

23. Ва ҳаргиз дар мавриди коре нагӯ: «Фардо онро анҷом медиҳам»

إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ ۚ وَٱذْكُر رَّبَّكَ إِذَا نَسِيتَ وَقُلْ عَسَىٰٓ أَن يَهْدِيَنِ رَبِّى لِأَقْرَبَ مِنْ هَٰذَا رَشَدًا ﴿٢٤﴾

24. Магар ин ки [бигӯй] «Иншоаллоҳ»; ва ҳар гоҳ фаромӯш кардӣ, [бо гуфтани ин лафз] Парвардигоратро ёд кун ва бигӯ: «Умедворам Парвардигорам маро ба роҳе раҳнамун гардад, ки аз ин [роҳ] ба ҳидоят [ва салоҳ] наздиктар бошад»

وَلَبِثُوا۟ فِى كَهْفِهِمْ ثَلَٰثَ مِاْئَةٍ سِنِينَ وَٱزْدَادُوا۟ تِسْعًا ﴿٢٥﴾

25. Ва онон [асҳоби Каҳф] сесад сол дар ғорашон [дар ҳолати хоб] монданд ва нуҳ сол [низ] бар он афзуданд

قُلِ ٱللَّهُ أَعْلَمُ بِمَا لَبِثُوا۟ ۖ لَهُۥ غَيْبُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ أَبْصِرْ بِهِۦ وَأَسْمِعْ ۚ مَا لَهُم مِّن دُونِهِۦ مِن وَلِىٍّ وَلَا يُشْرِكُ فِى حُكْمِهِۦٓ أَحَدًا ﴿٢٦﴾

26. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Аллоҳ таоло аз [муддати] монданашон [дар ғор] огоҳтар аст; ғайби осмонҳо ва замин аз они Ӯст. [Ба ростӣ, ки] Ӯ чи бино ва чи шунаво аст! Онон [ҷаҳониён] ба ҷуз Ӯ ҳеҷ [дӯсту] корсозе надоранд ва Ӯ ҳеҷ касро дар ҳукм [-у фармон]-и хеш шарик намесозад»

وَٱتْلُ مَآ أُوحِيَ إِلَيْكَ مِن كِتَابِ رَبِّكَ ۖ لَا مُبَدِّلَ لِكَلِمَٰتِهِۦ وَلَن تَجِدَ مِن دُونِهِۦ مُلْتَحَدًا ﴿٢٧﴾

27. Ва [эй паёмбар] аз китоби Парвардигорат он чиро ба ту ваҳй шудааст, тиловат кун. Ҳеҷ кас тағйирдиҳандаи суханони Ӯ [Аллоҳ таоло] нест ва ҳаргиз паноҳгоҳе ҷуз Ӯ намеёбӣ

وَٱصْبِرْ نَفْسَكَ مَعَ ٱلَّذِينَ يَدْعُونَ رَبَّهُم بِٱلْغَدَوٰةِ وَٱلْعَشِيِّ يُرِيدُونَ وَجْهَهُۥ ۖ وَلَا تَعْدُ عَيْنَاكَ عَنْهُمْ تُرِيدُ زِينَةَ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا ۖ وَلَا تُطِعْ مَنْ أَغْفَلْنَا قَلْبَهُۥ عَن ذِكْرِنَا وَٱتَّبَعَ هَوَىٰهُ وَكَانَ أَمْرُهُۥ فُرُطًا ﴿٢٨﴾

28. Ва худро [бар мусоҳибат] бо касоне ҳамроҳ [ва шикебо] гардон, ки Парвардигорашонро бомдод ва шомгоҳ мехонанд [ва бо он ки фақиранд, танҳо] ризояти Ӯро мехоҳанд; ва ҳаргиз чашмонатро аз онон барнагардон, то зеварҳои дунё [ва ҳамнишинӣ бо ашроф ва қудратмандон]-ро бихоҳӣ ва [ҳамчунин] аз касе пайравӣ накун, ки дилашро аз ёди хеш ғофил сохтаем ва аз ҳавои нафси хеш пайравӣ карда ва кораш табоҳ аст

وَقُلِ ٱلْحَقُّ مِن رَّبِّكُمْ ۖ فَمَن شَآءَ فَلْيُؤْمِن وَمَن شَآءَ فَلْيَكْفُرْ ۚ إِنَّآ أَعْتَدْنَا لِلظَّٰلِمِينَ نَارًا أَحَاطَ بِهِمْ سُرَادِقُهَا ۚ وَإِن يَسْتَغِيثُوا۟ يُغَاثُوا۟ بِمَآءٍ كَٱلْمُهْلِ يَشْوِى ٱلْوُجُوهَ ۚ بِئْسَ ٱلشَّرَابُ وَسَآءَتْ مُرْتَفَقًا ﴿٢٩﴾

29. [Эй паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «[Ин Қуръон сухани] Ҳақ аст аз ҷониби Парвардигоратон; пас, ҳар ки мехоҳад, имон оварад ва ҳар ки мехоҳад, кофир шавад». Мо барои ситамгорон оташе омода кардаем, ки саропардаҳояш ононро аз ҳар сӯ фаро мегирад; ва агар [дар талаби об] фарёдрасе биҷӯянд, бо обе ҳамчун миси гудохта ба фарёдашон мерасанд; [обе, ки ҳарорааш] чеҳраҳоро бирён мекунад. Чи бад нушиданӣ ва чи бад ҷойгаҳе аст!

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ إِنَّا لَا نُضِيعُ أَجْرَ مَنْ أَحْسَنَ عَمَلًا ﴿٣٠﴾

30. Касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом додаанд [ба яқин, бидонанд, ки] Мо подоши касеро, ки кори накӯ карда бошад, ҳаргиз табоҳ намекунем

أُو۟لَٰٓئِكَ لَهُمْ جَنَّٰتُ عَدْنٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهِمُ ٱلْأَنْهَٰرُ يُحَلَّوْنَ فِيهَا مِنْ أَسَاوِرَ مِن ذَهَبٍ وَيَلْبَسُونَ ثِيَابًا خُضْرًا مِّن سُندُسٍ وَإِسْتَبْرَقٍ مُّتَّكِـِٔينَ فِيهَا عَلَى ٱلْأَرَآئِكِ ۚ نِعْمَ ٱلثَّوَابُ وَحَسُنَتْ مُرْتَفَقًا ﴿٣١﴾

31. Ононанд, ки биҳиштҳои ҷовидонӣ доранд, ки [аз зери дарахтони] онҳо ҷӯйборҳо ҷорӣ аст. Дар он ҷо бо дастбандҳои заррин ороста мешаванд ва ҷомаҳои [фохири] сабзранг аз ҳарири нозук ва ҳарири захим бар тан мекунанд, дар ҳоле ки бар тахтҳо такя задаанд. Чи подоши шоиста ва чи наку ҷойгоҳе аст!

۞ وَٱضْرِبْ لَهُم مَّثَلًا رَّجُلَيْنِ جَعَلْنَا لِأَحَدِهِمَا جَنَّتَيْنِ مِنْ أَعْنَٰبٍ وَحَفَفْنَٰهُمَا بِنَخْلٍ وَجَعَلْنَا بَيْنَهُمَا زَرْعًا ﴿٣٢﴾

32. Ва [эй Паёмбар] барои онон мисоле бизан: ду мард [кофир ва муъмин], ки барои яке аз онон [ки кофир аст] ду боғи ангур қарор додем ва

перомуни он ду [боғ]-ро бо дарахтони нахл пӯшонидем ва миёни он киштзоре [пурбор] ниҳодем

كِلْتَا ٱلْجَنَّتَيْنِ ءَاتَتْ أُكُلَهَا وَلَمْ تَظْلِم مِّنْهُ شَيْـًٔا ۙ وَفَجَّرْنَا خِلَٰلَهُمَا نَهَرًا ﴿٣٣﴾

33. Ҳар ду боғ мева медод ва чизе аз он намекост; ва миёни он ду [боғ] наҳре бузург ҷорӣ кардем

وَكَانَ لَهُۥ ثَمَرٌ فَقَالَ لِصَٰحِبِهِۦ وَهُوَ يُحَاوِرُهُۥٓ أَنَا۠ أَكْثَرُ مِنكَ مَالًا وَأَعَزُّ نَفَرًا ﴿٣٤﴾

34. Ӯ [соҳиби боғ] меваҳое [бисёр ва даромаде фаровон] дошт; пас, ба дӯсти ҳуд, ки бо ӯ гуфтугӯ мекард, гуфт: «Сарвати ман аз ту бештар аст ва аз лиҳози хонавода [ва нафарон] аз ту тавонмандтарам»

وَدَخَلَ جَنَّتَهُۥ وَهُوَ ظَالِمٌ لِّنَفْسِهِۦ قَالَ مَآ أَظُنُّ أَن تَبِيدَ هَٰذِهِۦٓ أَبَدًا ﴿٣٥﴾

35. Ва ӯ дар ҳоле ба боғи хеш дохил шуд, ки [ба хотири куфру ғурур] дар ҳаққи хеш ситамгор буд; [пас, ба дӯсташ рӯ оварда] гуфт: «Гумон намекунам, ки ин [боғ] ҳаргиз нобуд гардад

وَمَآ أَظُنُّ ٱلسَّاعَةَ قَآئِمَةً وَلَئِن رُّدِدتُّ إِلَىٰ رَبِّى لَأَجِدَنَّ خَيْرًا مِّنْهَا مُنقَلَبًا ﴿٣٦﴾

36. Ва гумон намекунам, ки қиёмат барпо гардад; ва агар [қиёмате дар кор бошад ва] ба сӯйи Парвардигорам бозгарданда шавам, ҳатман, ҷойгоҳе беҳтар аз ин меёбам»

قَالَ لَهُۥ صَاحِبُهُۥ وَهُوَ يُحَاوِرُهُۥٓ أَكَفَرْتَ بِٱلَّذِى خَلَقَكَ مِن تُرَابٍ ثُمَّ مِن نُّطْفَةٍ ثُمَّ سَوَّىٰكَ رَجُلًا ﴿٣٧﴾

37. Дӯсташ, ки бо вай гуфтугӯ мекард, ба ӯ гуфт: «Оё ба он касе, ки туро аз хок [ва] сипас аз нутфа офарид ва сипас туро марде [комил] сомон дод, кофир шудай?

لَّٰكِنَّا۠ هُوَ ٱللَّهُ رَبِّى وَلَآ أُشْرِكُ بِرَبِّىٓ أَحَدًا ﴿٣٨﴾

38. Аммо ман [мегӯям:] Ӯ Аллоҳ таоло парвардигори ман аст ва ҳеҷ касро бо Парвардигорам шарик намедонам

وَلَوْلَآ إِذْ دَخَلْتَ جَنَّتَكَ قُلْتَ مَا شَآءَ ٱللَّهُ لَا قُوَّةَ إِلَّا بِٱللَّهِ ۚ إِن تَرَنِ أَنَا۠ أَقَلَّ مِنكَ مَالًا وَوَلَدًا ﴿٣٩﴾

39. Вақте вориди боғат шудӣ, чаро нагуфтӣ, ҳар чи Аллоҳ таоло бихоҳад [ҳамон мешавад] ва ҳеҷ неруе ҷуз ба [таъйиди] Аллоҳ таоло нест? Агар мебинӣ ман аз назари молу фарзанд аз ту камтарам [муҳим нест]

فَعَسَىٰ رَبِّىٓ أَن يُؤْتِيَنِ خَيْرًا مِّن جَنَّتِكَ وَيُرْسِلَ عَلَيْهَا حُسْبَانًا مِّنَ ٱلسَّمَآءِ فَتُصْبِحَ صَعِيدًا زَلَقًا ﴿٤٠﴾

40. Чи басо Парвардигорам [чизе] беҳтар аз боғи ту ба ман бидиҳад ва аз осмон чунон азобе [оташбор] бар боғат фурӯ борад, ки [табдил ба замин] бегиёҳи лағжандае гардад

أَوْ يُصْبِحَ مَآؤُهَا غَوْرًا فَلَن تَسْتَطِيعَ لَهُۥ طَلَبًا ﴿٤١﴾

41. Ё обаш дар [аъмоқи замин чунон] фурӯ равад, ки ҳаргиз натавонӣ ба он даст биёбӣ»

وَأُحِيطَ بِثَمَرِهِۦ فَأَصْبَحَ يُقَلِّبُ كَفَّيْهِ عَلَىٰ مَآ أَنفَقَ فِيهَا وَهِىَ خَاوِيَةٌ عَلَىٰ عُرُوشِهَا وَيَقُولُ يَٰلَيْتَنِى لَمْ أُشْرِكْ بِرَبِّىٓ أَحَدًا ﴿٤٢﴾

42. [Саранҷом азоби илоҳӣ фаро расид] Ва тамоми меваҳояшро дар бар гирифт [ва нобуд шуд]. Ва ӯ ба хотири харҷҳое, ки сарфи он ҷо карда буд, пайваста дастҳояшро [аз пушаймонӣ ва андӯҳ] бар ҳам мезад ва дар ҳоле ки дорбаст ва чуббандҳояш фурӯ рехта буд, мегуфт: «Эй кош [дар парастиш] касеро шарики Парвардигорам қарор надода будам»

وَلَمْ تَكُن لَّهُۥ فِئَةٌ يَنصُرُونَهُۥ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَمَا كَانَ مُنتَصِرًا ﴿٤٣﴾

43. Ва ӯ [ки ба хондани худ меболид, инак] гурӯҳе надошт, ки дар баробари [азоби] Аллоҳ таоло ёриаш кунанд ва худ [низ] ёрикунандаи хеш набуд

هُنَالِكَ ٱلْوَلَٰيَةُ لِلَّهِ ٱلْحَقِّ ۚ هُوَ خَيْرٌ ثَوَابًا وَخَيْرٌ عُقْبًا ﴿٤٤﴾

44. Он ҷо [собит шуд, ки ёрӣ ва] корсозӣ аз они [Парвардигори] ҳақ аст. Ӯ подоши [ибодаташ] беҳтар аст ва саранҷоми [бандагони муъминаш] накутар

وَٱضْرِبْ لَهُم مَّثَلَ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا كَمَآءٍ أَنزَلْنَٰهُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ فَٱخْتَلَطَ بِهِۦ نَبَاتُ ٱلْأَرْضِ فَأَصْبَحَ هَشِيمًا تَذْرُوهُ ٱلرِّيَٰحُ ۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ مُّقْتَدِرًا ﴿٤٥﴾

45. Ва [эй Паёмбар, фанопазирии] зиндагии дунёро ба обе масал бизан, ки аз осмон фурӯ фиристодем ва ба василаи он гиёҳи замин [сарсабз шуд ва] дар ҳам омехт; сипас [чунон] хушку шикаста шуд, ки бодҳо [ба ҳар сӯ] парокандааш мегардонад; ва Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност

ٱلْمَالُ وَٱلْبَنُونَ زِينَةُ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا ۖ وَٱلْبَٰقِيَٰتُ ٱلصَّٰلِحَٰتُ خَيْرٌ عِندَ رَبِّكَ ثَوَابًا وَخَيْرٌ أَمَلًا ﴿٤٦﴾

46. Молу фарзандон зинати зиндагии дунёст ва некиҳои пойдор [рафтору гуфтори шоиста] назди Парвардигорат подошаш беҳтар аст, умед доштан [ба савобаш] накутар

وَيَوْمَ نُسَيِّرُ ٱلْجِبَالَ وَتَرَى ٱلْأَرْضَ بَارِزَةً وَحَشَرْنَٰهُمْ فَلَمْ نُغَادِرْ مِنْهُمْ أَحَدًا ﴿٤٧﴾

47. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки кӯҳҳоро ба ҳаракат дармеоварем ва заминро ошкор [ва ҳамвор] мебинӣ ва ҳама [махлуқот]-ро ҷамъ мекунем ва ҳеҷ як аз ононро [ба ҳоли худ] раҳо намекунем

وَعُرِضُوا۟ عَلَىٰ رَبِّكَ صَفًّا لَّقَدْ جِئْتُمُونَا كَمَا خَلَقْنَٰكُمْ أَوَّلَ مَرَّةٍۭ ۚ بَلْ زَعَمْتُمْ أَلَّن نَّجْعَلَ لَكُم مَّوْعِدًا ﴿٤٨﴾

48. Ва [ҳамагӣ] сафкашида бар Парвардигорат арза мешаванд [ва ба онон мегӯянд:] «Бе тардид, чунон ки нахустин бор шуморо офаридем, [имрӯз

низ танҳо ва побараҳна] назди Мо омадед; балки мепиндоштед, ки ҳаргиз ваъдагоҳе бароятон қарор намедиҳем»

وَوُضِعَ ٱلۡكِتَٰبُ فَتَرَى ٱلۡمُجۡرِمِينَ مُشۡفِقِينَ مِمَّا فِيهِ وَيَقُولُونَ يَٰوَيۡلَتَنَا مَالِ هَٰذَا ٱلۡكِتَٰبِ لَا يُغَادِرُ صَغِيرَةً وَلَا كَبِيرَةً إِلَّآ أَحۡصَىٰهَاۚ وَوَجَدُواْ مَا عَمِلُواْ حَاضِرٗاۗ وَلَا يَظۡلِمُ رَبُّكَ أَحَدٗا ٤٩

49. Ва нома [-и аъмол дар миён] ниҳода мешавад; пас, гунаҳкоронро мебинӣ, ки аз он чи дар он [нома] аст, тарсон ва нигаронанд ва мегӯянд: «Эй вой бар мо! Ин чи номае аст, ки ҳеҷ [гуфтору рафтори] кучак ва бузургро раҳо накардааст, магар ин ки онро дар шумор овардааст?» Ва ҳар чи кардаанд, ҳозир меёбанд ва Парвардигорат ба ҳеҷ касе ситам намекунад

وَإِذۡ قُلۡنَا لِلۡمَلَٰٓئِكَةِ ٱسۡجُدُواْ لِأٓدَمَ فَسَجَدُوٓاْ إِلَّآ إِبۡلِيسَ كَانَ مِنَ ٱلۡجِنِّ فَفَسَقَ عَنۡ أَمۡرِ رَبِّهِۦٓۗ أَفَتَتَّخِذُونَهُۥ وَذُرِّيَّتَهُۥٓ أَوۡلِيَآءَ مِن دُونِي وَهُمۡ لَكُمۡ عَدُوُۢۚ بِئۡسَ لِلظَّٰلِمِينَ بَدَلٗا ٥٠

50. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки ба фариштагон гуфтем: «Барои Одам саҷда кунед»; пас, [ҳама] саҷда карданд, магар Иблис, ки аз ҷин буд ва аз фармони Парвардигораш сар печид. Пас, [эй мардум] оё ба ҷойи Ман ӯ ва фарзандонашро дӯстон [-и худ] мегиред, ҳол он ки онон душманатон ҳастанд? Ситамгорон [-и мушрик барои Аллоҳ таоло] чи бад ҷойгузине доранд!

مَّآ أَشۡهَدتُّهُمۡ خَلۡقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَلَا خَلۡقَ أَنفُسِهِمۡ وَمَا كُنتُ مُتَّخِذَ ٱلۡمُضِلِّينَ عَضُدٗا ٥١

51. Ман ононро [ки мушрикона ба парастиш мегиред] на ҳангоми офариниши осмону замин ба гувоҳӣ гирифтам ва на ҳангоми офариниши худашон; ва ман ҳаргиз гумроҳгаронро ёру мададгори [хеш] нагирифтаам

وَيَوۡمَ يَقُولُ نَادُواْ شُرَكَآءِيَ ٱلَّذِينَ زَعَمۡتُمۡ فَدَعَوۡهُمۡ فَلَمۡ يَسۡتَجِيبُواْ لَهُمۡ وَجَعَلۡنَا بَيۡنَهُم مَّوۡبِقٗا ٥٢

52. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки Аллоҳ таоло [ба мушрикон] мефармояд: «Шариконеро, ки барои ман мепиндоштед, фаро бихонед [то шуморо аз азоб бираҳонанд]; пас, онҳоро мехонанд, вале посухашонро намедиҳанд; ва Мо дар миёни ин ду гурӯҳ маҳлакае [аз оташи дузах] қарор додаем

وَرَءَا ٱلۡمُجۡرِمُونَ ٱلنَّارَ فَظَنُّوٓاْ أَنَّهُم مُّوَاقِعُوهَا وَلَمۡ يَجِدُواْ عَنۡهَا مَصۡرِفٗا ٥٣

53. Ва гунаҳгорон оташ [-и дузах]-ро мебинанд ва ба яқин дармеёбанд, ки дар он хоҳанд афтод ва аз он ҷо ҳеҷ роҳи бозгаште надоранд

وَلَقَدۡ صَرَّفۡنَا فِي هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانِ لِلنَّاسِ مِن كُلِّ مَثَلٖۚ وَكَانَ ٱلۡإِنسَٰنُ أَكۡثَرَ شَيۡءٖ جَدَلٗا ٥٤

54. Ва ба ростӣ, дар ин Қуръон барои мардум аз ҳар гуна масале овардем; ва[-ле] инсон беш аз ҳар чизе ба ситез [ва чунучаро] мепардозад

وَمَا مَنَعَ ٱلنَّاسَ أَن يُؤۡمِنُوٓاْ إِذۡ جَآءَهُمُ ٱلۡهُدَىٰ وَيَسۡتَغۡفِرُواْ رَبَّهُمۡ إِلَّآ أَن تَأۡتِيَهُمۡ سُنَّةُ ٱلۡأَوَّلِينَ أَوۡ يَأۡتِيَهُمُ ٱلۡعَذَابُ قُبُلٗا ٥٥

55. Ва чизе мардумро бознадошт, ки вақте ҳидоят [паёмбар ва Қуръон] ба сӯяшон омад, имон биёваранд ва аз Парвардигорашон омурзиш бихоҳанд, магар ин ки [аз рӯи лаҷоҷат мехостанд] суннати [Аллоҳ таоло дар мавриди азоби] пешиниён бар [сари] онон [низ] биёяд ё азоби рӯ дар рӯ ба онон бирасад

وَمَا نُرۡسِلُ ٱلۡمُرۡسَلِينَ إِلَّا مُبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَۚ وَيُجَٰدِلُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِٱلۡبَٰطِلِ لِيُدۡحِضُواْ بِهِ ٱلۡحَقَّۖ وَٱتَّخَذُوٓاْ ءَايَٰتِي وَمَآ أُنذِرُواْ هُزُوٗا ٥٦

56. Ва мо паёмбаронро ҷуз башоратгар ва бимдиҳанда намефиристем ва касоне, ки куфр варзиданд, ба [суханони беҳуда ва] ботил ситеза мекунанд, то ба василаи он ҳақ [Қуръон]-ро поймол кунанд ва [муъҷизоту] оёти ман ва он чиро, ки ба он бим дода шудаанд, ба тамасхур гирифтанд

وَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّن ذُكِّرَ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِۦ فَأَعۡرَضَ عَنۡهَا وَنَسِيَ مَا قَدَّمَتۡ يَدَاهُۚ إِنَّا جَعَلۡنَا عَلَىٰ قُلُوبِهِمۡ أَكِنَّةً أَن يَفۡقَهُوهُ وَفِيٓ ءَاذَانِهِمۡ وَقۡرٗاۖ وَإِن تَدۡعُهُمۡ إِلَى ٱلۡهُدَىٰ فَلَن يَهۡتَدُوٓاْ إِذًا أَبَدٗا ٥٧

57. Кист ситамгортар аз он ки ба оёти Парвардигораш панд дода шавад, вале аз он рӯ бигардонад ва корҳои [зишти] гузаштаашро фаромӯш кунад? Мо бар дилҳояшон пардаҳое афкандаем, то [паёми ҳақ]-ро дарнаёбанд ва дар гӯшҳояшон сангинӣ [ниҳодаем, то сухани ҳақро нашнаванд]; ва агар ононро ба сӯи ҳидоят бихонӣ, ҳаргиз ҳидоят намешаванд

وَرَبُّكَ ٱلۡغَفُورُ ذُو ٱلرَّحۡمَةِۖ لَوۡ يُؤَاخِذُهُم بِمَا كَسَبُواْ لَعَجَّلَ لَهُمُ ٱلۡعَذَابَۚ بَل لَّهُم مَّوۡعِدٞ لَّن يَجِدُواْ مِن دُونِهِۦ مَوۡئِلٗا ٥٨

58. [Эй Паёмбар] Парвардигорат омурзанда ва дорои раҳмат [фаровон] аст. Агар онон [кофирон]-ро ба [сазои] он чи кардаанд, бозхост мекард, ҳатман, дар азобашон шитоб менамуд; [аммо чунин намекунад] балки онон мавъиде доранд, ки ҳаргиз аз он гурезе нахоҳанд дошт

وَتِلۡكَ ٱلۡقُرَىٰٓ أَهۡلَكۡنَٰهُمۡ لَمَّا ظَلَمُواْ وَجَعَلۡنَا لِمَهۡلِكِهِم مَّوۡعِدٗا ٥٩

59. Мо [сокинони] он шаҳрҳоро ҳангоме ҳалок намудем, ки [ба хотири куфру гуноҳ] ба худ ситам карданд ва барои ҳалокаташон мавъиде таъйин кардем

وَإِذۡ قَالَ مُوسَىٰ لِفَتَىٰهُ لَآ أَبۡرَحُ حَتَّىٰٓ أَبۡلُغَ مَجۡمَعَ ٱلۡبَحۡرَيۡنِ أَوۡ أَمۡضِيَ حُقُبٗا ٦٠

60. [Ёд кун аз] Ҳангоме ки Мӯсо ба [хидматкори] ҷавони худ [Юшаъ ибни Нун] гуфт: «Ҳамчунон хоҳам рафт, то ба маҳалли бархурди ду дарё бирасам ё барои муддати тулонӣ роҳ бипаймоям [то бандаи дурусткоре биёбам ва нодонистаҳоямро аз ӯ биёмӯзам]»

فَلَمَّا بَلَغَا مَجۡمَعَ بَيۡنِهِمَا نَسِيَا حُوتَهُمَا فَٱتَّخَذَ سَبِيلَهُۥ فِي ٱلۡبَحۡرِ سَرَبٗا ٦١

61. Пас, чун ба маҳалли бархурди ду дарё расиданд, моҳии худро [ки барои хӯрдан ҳамроҳ доштанд] фаромӯш карданд [пас, Аллоҳ таоло онро зинда кард ва ба об андохт] ва моҳӣ роҳи худро дар дарё пеш гирифт

فَلَمَّا جَاوَزَا قَالَ لِفَتَىٰهُ ءَاتِنَا غَدَآءَنَا لَقَدۡ لَقِينَا مِن سَفَرِنَا هَٰذَا نَصَبٗا ٦٢

62. Пас, ҳангоме ки [ба роҳ афтоданд ва аз он ҷо] гузаштанд, [Мӯсо] ба [хидматкори] ҷавони худ гуфт: «Ғизоямонро биёвар, ки аз ин сафар бисёр хаста шудаем»

قَالَ أَرَءَيۡتَ إِذۡ أَوَيۡنَآ إِلَى ٱلصَّخۡرَةِ فَإِنِّي نَسِيتُ ٱلۡحُوتَ وَمَآ أَنسَىٰنِيهُ إِلَّا ٱلشَّيۡطَٰنُ أَنۡ أَذۡكُرَهُۥۚ وَٱتَّخَذَ سَبِيلَهُۥ فِي ٱلۡبَحۡرِ عَجَبٗا ٦٣

63. [Юшаъ] Гуфт: «Ба ёд дорӣ, ҳангоме ки [барои истироҳат] ба канори он тахтасанг ҷой гирифтем, ман [дар он ҷо достони зинда шудани] моҳиро фаромӯш кардам [ки бо ту бигӯям] ва ҷуз шайтон [касе] маро аз ёдоварии он [достон] ба фаромӯшӣ наандохт ва моҳӣ ба тарзе шигифтовар роҳашро дар дарё пеш гирифт»

قَالَ ذَٰلِكَ مَا كُنَّا نَبۡغِۚ فَٱرۡتَدَّا عَلَىٰٓ ءَاثَارِهِمَا قَصَصٗا ٦٤

64. [Мӯсо] Гуфт: «Он ҳамон чизест, ки мехостем [ва ҷойгоҳи он бандаи накукор ҳамон ҷост]». Пас, ҷустуҷӯкунон пайи пои худро гирифтанд [ва аз ҳамон роҳ] бозгаштанд

فَوَجَدَا عَبۡدٗا مِّنۡ عِبَادِنَآ ءَاتَيۡنَٰهُ رَحۡمَةٗ مِّنۡ عِندِنَا وَعَلَّمۡنَٰهُ مِن لَّدُنَّا عِلۡمٗا ٦٥

65. Пас, [дар он ҷо] бандае аз бандагони мо [Хизр]-ро ёфтанд, ки аз ҷониби хеш ба ӯ раҳмате дода будем ва аз назди худ ба вай донише омӯхта будем

قَالَ لَهُۥ مُوسَىٰ هَلۡ أَتَّبِعُكَ عَلَىٰٓ أَن تُعَلِّمَنِ مِمَّا عُلِّمۡتَ رُشۡدٗا ٦٦

66. Мӯсо ба ӯ гуфт: «Оё [иҷозат медиҳӣ] ҳамроҳат биёям, то аз он чи ба ту омӯхта шуда ва мояи ҳидояту иршод аст ба ман биёмӯзӣ?»

قَالَ إِنَّكَ لَن تَسۡتَطِيعَ مَعِيَ صَبۡرٗا ٦٧

67. [Хизр] Гуфт: «Ту ҳаргиз наметавонӣ, [дар итоат ва ҳамроҳӣ] ҳамроҳи ман шикебоӣ кунӣ

وَكَيۡفَ تَصۡبِرُ عَلَىٰ مَا لَمۡ تُحِطۡ بِهِۦ خُبۡرٗا ٦٨

68. Ва чи гуна бар [анҷоми] коре, ки ба [рози] он огоҳ нестӣ, шикебоӣ мекунӣ?»

قَالَ سَتَجِدُنِيٓ إِن شَآءَ ٱللَّهُ صَابِرٗا وَلَآ أَعۡصِي لَكَ أَمۡرٗا ٦٩

69. [Мӯсо] Гуфт: «Иншоаллоҳ шикебо хоҳам буд ва дар ҳеҷ коре аз ту нофармонӣ намекунам»

قَالَ فَإِنِ ٱتَّبَعۡتَنِي فَلَا تَسۡـَٔلۡنِي عَن شَيۡءٍ حَتَّىٰٓ أُحۡدِثَ لَكَ مِنۡهُ ذِكۡرٗا ٧٠

70. [Хизр] Гуфт: «Пас, агар бо ман ҳамроҳ шудӣ, дар бораи ҳеҷ чиз аз ман суол накун, то худ бо ту дар бораш сухане бигӯям»

فَٱنطَلَقَا حَتَّىٰٓ إِذَا رَكِبَا فِى ٱلسَّفِينَةِ خَرَقَهَاۖ قَالَ أَخَرَقْتَهَا لِتُغْرِقَ أَهْلَهَا لَقَدْ جِئْتَ شَيْـًٔا إِمْرًا ﴿٧١﴾

71. Пас, он ду ба роҳ афтоданд, то он ки савори киштӣ шуданд. [Хизр] Киштиро сӯрох кард. [Мӯсо] гуфт: «Онро сӯрох кардӣ, то сарнишинонашро ғарқ кунӣ? Ростӣ, чи кори норавое кардӣ!»

قَالَ أَلَمْ أَقُلْ إِنَّكَ لَن تَسْتَطِيعَ مَعِىَ صَبْرًا ﴿٧٢﴾

72. [Хизр] Гуфт: «Оё нагуфтам, ту ҳаргиз наметавонӣ бо ман шикебоӣ кунӣ?»

قَالَ لَا تُؤَاخِذْنِى بِمَا نَسِيتُ وَلَا تُرْهِقْنِى مِنْ أَمْرِى عُسْرًا ﴿٧٣﴾

73. [Мӯсо] гуфт: «Ба хотири он чи фаромӯш кардам, сарзанишам накун ва дар корам бар ман сахт нагир»

فَٱنطَلَقَا حَتَّىٰٓ إِذَا لَقِيَا غُلَٰمًا فَقَتَلَهُۥ قَالَ أَقَتَلْتَ نَفْسًا زَكِيَّةًۢ بِغَيْرِ نَفْسٍ لَّقَدْ جِئْتَ شَيْـًٔا نُّكْرًا ﴿٧٤﴾

74. Пас, ба роҳ афтоданд, то ҳангоме ки ба навҷавоне расиданд ва [Хизр] ӯро кушт. [Мӯсо] гуфт: «Шахси [бегуноҳу] покеро куштӣ [он ҳам] бидуни ин ки касеро кушта бошад? Воқеан, кори нописанде кардӣ!»

۞قَالَ أَلَمْ أَقُل لَّكَ إِنَّكَ لَن تَسْتَطِيعَ مَعِىَ صَبْرًا ﴿٧٥﴾

75. Хизр гуфт: «Ба ту нагуфтам, ки ҳаргиз наметавонӣ бо ман шикебоӣ кунӣ?»

قَالَ إِن سَأَلْتُكَ عَن شَىْءٍۭ بَعْدَهَا فَلَا تُصَٰحِبْنِىۖ قَدْ بَلَغْتَ مِن لَّدُنِّى عُذْرًا ﴿٧٦﴾

76. Мӯсо гуфт: «Агар аз ин пас чизе аз ту пурсидам, дигар бо ман ҳамроҳӣ накун ва аз ҷониби ман, ҳатман, маъзур хоҳӣ буд»

فَٱنطَلَقَا حَتَّىٰٓ إِذَآ أَتَيَآ أَهْلَ قَرْيَةٍ ٱسْتَطْعَمَآ أَهْلَهَا فَأَبَوْا۟ أَن يُضَيِّفُوهُمَا فَوَجَدَا فِيهَا جِدَارًا يُرِيدُ أَن يَنقَضَّ فَأَقَامَهُۥۖ قَالَ لَوْ شِئْتَ لَتَّخَذْتَ عَلَيْهِ أَجْرًا ﴿٧٧﴾

77. Пас, ба роҳ афтоданд, то ба аҳли шаҳре расиданд [ва] аз онон ғизо хостанд; [аммо онон] аз меҳмон кардани эшон худдорӣ карданд. Сипас дар он ҷо деворе ёфтанд, ки мехост фурӯ бирезад ва [Хизр] онро росту устувор кард. [Мӯсо] Гуфт: «Агар мехостӣ, [метавонистӣ] барои он [кор аз онон] музде бигирӣ»

قَالَ هَٰذَا فِرَاقُ بَيْنِى وَبَيْنِكَۚ سَأُنَبِّئُكَ بِتَأْوِيلِ مَا لَمْ تَسْتَطِع عَّلَيْهِ صَبْرًا ﴿٧٨﴾

78. [Хизр] Гуфт: «Ин ки замони ҷудоии ману ту фаро расидааст. Ба зудӣ туро аз тавзеҳ [ва далели] он чи ки натавонистӣ дар баробараш шикебоӣ кунӣ, огоҳ хоҳам сохт

أَمَّا ٱلسَّفِينَةُ فَكَانَتْ لِمَسَٰكِينَ يَعْمَلُونَ فِى ٱلْبَحْرِ فَأَرَدتُّ أَنْ أَعِيبَهَا وَكَانَ وَرَآءَهُم مَّلِكٌ يَأْخُذُ كُلَّ سَفِينَةٍ غَصْبًا ﴿٧٩﴾

79. Аммо он киштӣ аз они бенавоёне буд, ки дар дарё кор мекарданд; пас, хостам маъюбаш кунам; [зеро] пеши роҳашон [дар дарё] подшоҳе [ситамгор] буд, ки ҳар киштии [солиме]-ро ба зӯр мегирифт

وَأَمَّا ٱلْغُلَٰمُ فَكَانَ أَبَوَاهُ مُؤْمِنَيْنِ فَخَشِينَآ أَن يُرْهِقَهُمَا طُغْيَٰنًا وَكُفْرًا ﴿٨٠﴾

80. Ва аммо он навҷавон падару модараш муъмин буданд; пас, тарсидем, ки он дуро ба саркашӣ ва куфр во дорад

فَأَرَدْنَآ أَن يُبْدِلَهُمَا رَبُّهُمَا خَيْرًا مِّنْهُ زَكَوٰةً وَأَقْرَبَ رُحْمًا ﴿٨١﴾

81. Аз ин рӯ, хостем, ки Парвардигорашон ба ҷойи ӯ [фарзанди] поктару меҳрубонтаре ба онҳо ато фармояд

وَأَمَّا ٱلْجِدَارُ فَكَانَ لِغُلَٰمَيْنِ يَتِيمَيْنِ فِى ٱلْمَدِينَةِ وَكَانَ تَحْتَهُۥ كَنزٌ لَّهُمَا وَكَانَ أَبُوهُمَا صَٰلِحًا فَأَرَادَ رَبُّكَ أَن يَبْلُغَآ أَشُدَّهُمَا وَيَسْتَخْرِجَا كَنزَهُمَا رَحْمَةً مِّن رَّبِّكَ ۚ وَمَا فَعَلْتُهُۥ عَنْ أَمْرِى ۚ ذَٰلِكَ تَأْوِيلُ مَا لَمْ تَسْطِع عَّلَيْهِ صَبْرًا ﴿٨٢﴾

82. Ва аммо он девор барои ба ду писарбачаи ятим дар он шаҳр буд ва зери он ганҷе буд, ки ба он ду тааллуқ дошт ва падарашон [низ] марде дурусткор буд; пас, Парвардигорат хост, ки онон ба ҳадди булуғ бирасанд ва ганҷи хешро [аз зери он девор] берун ованд. Ин раҳмате аз ҷониби Парвардигори ту буд ва ман ин [корҳо]-ро худсарона накардам, ин буд тавзеҳ [ва далели] корҳое, ки натавонистӣ дар баробараш шикебоӣ кунӣ»

وَيَسْـَٔلُونَكَ عَن ذِى ٱلْقَرْنَيْنِ ۖ قُلْ سَأَتْلُوا۟ عَلَيْكُم مِّنْهُ ذِكْرًا ﴿٨٣﴾

83. Ва [эй Паёмбар, мушрикону яҳудиён] дар бораи «Зу-л-қарнайн» аз ту мепурсанд; бигӯ: «Ба зудӣ чизе аз саргузашти ӯ бароятон хоҳам хонд»

إِنَّا مَكَّنَّا لَهُۥ فِى ٱلْأَرْضِ وَءَاتَيْنَٰهُ مِن كُلِّ شَىْءٍ سَبَبًا ﴿٨٤﴾

84. Мо дар замин ба ӯ қудрату ҳукумат додем ва василаи [расидан ба] ҳар чизеро дар ихтиёраш ниҳодем

فَأَتْبَعَ سَبَبًا ﴿٨٥﴾

85. Пас, ӯ [аз ин] васоил [барои расидан ба аҳдофаш] истифода кард

حَتَّىٰٓ إِذَا بَلَغَ مَغْرِبَ ٱلشَّمْسِ وَجَدَهَا تَغْرُبُ فِى عَيْنٍ حَمِئَةٍ وَوَجَدَ عِندَهَا قَوْمًا ۗ قُلْنَا يَٰذَا ٱلْقَرْنَيْنِ إِمَّآ أَن تُعَذِّبَ وَإِمَّآ أَن تَتَّخِذَ فِيهِمْ حُسْنًا ﴿٨٦﴾

86. [Рӯзе дар замин ба роҳ афтод] То ба маҳалли ғуруби хуршед расид. [Чунин ба назараш расид] Ки хуршед дар чашмае гарм ва гилолуд ғуруб мекунад ва дар [наздикии он ҷо қавме [кофир]] ёфт. [Ба ӯ] Гуфтем: «Эй Зулқарнайн, ё [ононро] муҷозот мекунӣ ё дар миёнашон [рафтори] накуе пеш мегирӣ»

قَالَ أَمَّا مَن ظَلَمَ فَسَوْفَ نُعَذِّبُهُۥ ثُمَّ يُرَدُّ إِلَىٰ رَبِّهِۦ فَيُعَذِّبُهُۥ عَذَابًا نُّكْرًا ﴿٨٧﴾

87. [Зулқарнайн] Гуфт: «Аммо касеро, ки ситам карда [ва ширк варзида] аст, муҷозот хоҳем кард, сипас ба сӯйи Парвардигораш бозгардонида мешавад, он гоҳ ӯро ба азобе бисёр сахт муҷозот хоҳад кард

88. Ва аммо касе, ки имон оварад ва кори шоиста анҷом диҳад, пас, [дар охират] накутарин подош [биҳишт]-ро хоҳад дошт ва бо мулоимат [ва меҳрубонӣ] бо вай сухан хоҳем гуфт»

وَأَمَّا مَنْ ءَامَنَ وَعَمِلَ صَٰلِحًا فَلَهُۥ جَزَآءً ٱلْحُسْنَىٰ ۖ وَسَنَقُولُ لَهُۥ مِنْ أَمْرِنَا يُسْرًا ﴿٨٨﴾

89. Сипас [Зулқарнайн] аз васоили [худ] истифода кард [ва ба сӯйи машриқ рафт]

ثُمَّ أَتْبَعَ سَبَبًا ﴿٨٩﴾

90. То он ки ба ҷойгоҳи баромадани хуршед расид. [Дар он ҷо хуршедро] Дид, ки бар мардумоне тулуъ мекунад, ки дар баробари он [нуру гармои офтоб] барояшон пӯшише қарор надода будем [на сарпаноҳе на сояи дарахте]

حَتَّىٰٓ إِذَا بَلَغَ مَطْلِعَ ٱلشَّمْسِ وَجَدَهَا تَطْلُعُ عَلَىٰ قَوْمٍ لَّمْ نَجْعَل لَّهُم مِّن دُونِهَا سِتْرًا ﴿٩٠﴾

91. [Кори Зулқарнайн] Инчунин, буд ва Мо ба он чи ӯ дар ихтиёр дошт [ва анҷом медод], комилан огоҳ будем

كَذَٰلِكَ ۖ وَقَدْ أَحَطْنَا بِمَا لَدَيْهِ خُبْرًا ﴿٩١﴾

92. Сипас [Зулқарнайн] аз имконот [-и худ] истифода кард [ва ба ҷойе байни шарқу ғарб рафт]

ثُمَّ أَتْبَعَ سَبَبًا ﴿٩٢﴾

93. [Ӯ ҳамчунон рафт] То ба [дарае] миёни ду кӯҳ расид ва дар канори он ду [кӯҳ] мардумеро ёфт, ки сухане [ба ҷуз забони худро] намефаҳмиданд

حَتَّىٰٓ إِذَا بَلَغَ بَيْنَ ٱلسَّدَّيْنِ وَجَدَ مِن دُونِهِمَا قَوْمًا لَّا يَكَادُونَ يَفْقَهُونَ قَوْلًا ﴿٩٣﴾

94. [Онон] Гуфтанд: «Эй Зулқарнайн, Яъҷуҷу Маъҷуҷ дар ин сарзамин [табаҳкорӣ ва] фасод мекунанд. Пас, оё [мумкин аст] харҷе дар ихтиёр қарор диҳем, то миёни мо ва онон садде бисозӣ?»

قَالُوا۟ يَٰذَا ٱلْقَرْنَيْنِ إِنَّ يَأْجُوجَ وَمَأْجُوجَ مُفْسِدُونَ فِى ٱلْأَرْضِ فَهَلْ نَجْعَلُ لَكَ خَرْجًا عَلَىٰٓ أَن تَجْعَلَ بَيْنَنَا وَبَيْنَهُمْ سَدًّا ﴿٩٤﴾

95. Ӯ гуфт: «Он чи [аз қудрату сарват] ки Парвардигорам дар он ба ман тавонӣ додааст [аз он чи арза мекунед], беҳтар аст; пас, маро бо неру [-и инсонӣ] ёрӣ кунед, [то] миёни шумо ва онон садде муҳками устувор созем

قَالَ مَا مَكَّنِّى فِيهِ رَبِّى خَيْرٌ فَأَعِينُونِى بِقُوَّةٍ أَجْعَلْ بَيْنَكُمْ وَبَيْنَهُمْ رَدْمًا ﴿٩٥﴾

96. Ҳатман, пораҳои оҳан бароям биёваред [ва рӯйи ҳам бичинед]», то вақте комилан миёни ду кӯҳро баробар сохт [ва пӯшонд. Сипас] гуфт: «[Дар атрофи девораи оҳанин оташ бияфрӯзед ва] дар он бидамед». [Онон чунин карданд] То вақте он [пораҳои оҳан]-ро гудохта кард;

ءَاتُونِى زُبَرَ ٱلْحَدِيدِ ۖ حَتَّىٰٓ إِذَا سَاوَىٰ بَيْنَ ٱلصَّدَفَيْنِ قَالَ ٱنفُخُوا۟ ۖ حَتَّىٰٓ إِذَا جَعَلَهُۥ نَارًا قَالَ ءَاتُونِىٓ أُفْرِغْ عَلَيْهِ قِطْرًا ﴿٩٦﴾

[сипас] гуфт: «[Акнун] миси обшуда бароям биёваред, то рӯйи он [девор] бирезам».

فَمَا ٱسۡطَٰعُواْ أَن يَظۡهَرُوهُ وَمَا ٱسۡتَطَٰعُواْ لَهُۥ نَقۡبٗا ٩٧

97. Пас, [Яъҷуҷу Маъҷуҷ] дигар натавонистанд аз он боло раванд ва [ҳатто] натавонистанд сӯрохе дар он эҷод кунанд

قَالَ هَٰذَا رَحۡمَةٞ مِّن رَّبِّيۖ فَإِذَا جَآءَ وَعۡدُ رَبِّي جَعَلَهُۥ دَكَّآءَۖ وَكَانَ وَعۡدُ رَبِّي حَقّٗا ٩٨

98. [Он гоҳ Зулқарнайн] Гуфт: «Ин [сад] аз раҳмати Парвардигори ман аст [ва то Аллоҳ таоло бихоҳад, боқӣ мемонад]; аммо ҳангоме ки ваъдаи Парвардигорам фаро расад, онро дарҳам мекӯбад ва ваъдаи Парвардигорам ҳақ аст»

وَتَرَكۡنَا بَعۡضَهُمۡ يَوۡمَئِذٖ يَمُوجُ فِي بَعۡضٖۖ وَنُفِخَ فِي ٱلصُّورِ فَجَمَعۡنَٰهُمۡ جَمۡعٗا ٩٩

99. Ва дар он рӯз [ки ҷаҳон поён мепазирад] ононро [чунон] раҳо мекунем, ки [аз фаровонии ҷамъият] дар ҳам меомезанд ва [ҳамин, ки] дар сур дамида шуд, ҳамаро [дар як ҷо] ҷамъ мекунем

وَعَرَضۡنَا جَهَنَّمَ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡكَٰفِرِينَ عَرۡضًا ١٠٠

100. Ва он рӯз дузахро ошкоро бар кофирон арза медорем

ٱلَّذِينَ كَانَتۡ أَعۡيُنُهُمۡ فِي غِطَآءٍ عَن ذِكۡرِي وَكَانُواْ لَا يَسۡتَطِيعُونَ سَمۡعًا ١٠١

101. [Ҳамон] Касоне, ки чашмонашон аз ёди ман дар парда [-и ғафлат] буд ва тавони шунидан [-и оёти илоҳиро] надоштанд

أَفَحَسِبَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَن يَتَّخِذُواْ عِبَادِي مِن دُونِيٓ أَوۡلِيَآءَۚ إِنَّآ أَعۡتَدۡنَا جَهَنَّمَ لِلۡكَٰفِرِينَ نُزُلٗا ١٠٢

102. Оё касоне, ки куфр варзиданд, пиндоштаанд, ки [метавонанд] ба ҷойи ман бандагонамро корсоз [ва дӯсти худ] бигиранд? Бе тардид, Мо дузахро барои кофирон ҷойгоҳи пазирой сохтаем

قُلۡ هَلۡ نُنَبِّئُكُم بِٱلۡأَخۡسَرِينَ أَعۡمَٰلًا ١٠٣

103. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «[Мехоҳед] Шуморо аз зиёнкортарин [мардум] дар корҳо огоҳ созам?

ٱلَّذِينَ ضَلَّ سَعۡيُهُمۡ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَهُمۡ يَحۡسَبُونَ أَنَّهُمۡ يُحۡسِنُونَ صُنۡعًا ١٠٤

104. Касоне, ки талошашон дар зиндагии дунё табоҳ гаштааст ва худ мепиндорад, ки кори наку мекунанд»

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِمۡ وَلِقَآئِهِۦ فَحَبِطَتۡ أَعۡمَٰلُهُمۡ فَلَا نُقِيمُ لَهُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَزۡنٗا ١٠٥

105. Онон касоне ҳастанд, ки ба оёти Парвардигорашон ва дидори Ӯ [дар охират] кофир шуданд; пас, корҳояшон табоҳ гашт ва рӯзи қиёмат барояшон [ҳеҷ қадру] арзише қоил намешавем

ذَٰلِكَ جَزَآؤُهُمْ جَهَنَّمُ بِمَا كَفَرُواْ وَٱتَّخَذُوٓاْ ءَايَٰتِي وَرُسُلِي هُزُوًا ﴿١٠٦﴾

106. Инчунин аст, ки ба хотири куфре, ки варзидаанд ва оёту паёмбарони Маро ба тамасхур гирифтаанд подошашон дузах аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ كَانَتْ لَهُمْ جَنَّٰتُ ٱلْفِرْدَوْسِ نُزُلًا ﴿١٠٧﴾

107. Бе тардид, касоне, ки имон овардаанд ва корҳое шоиста анҷом додаанд, боғҳои [биҳишти] барин манзилгоҳашон хоҳад буд

خَٰلِدِينَ فِيهَا لَا يَبْغُونَ عَنْهَا حِوَلًا ﴿١٠٨﴾

108. Ҷовидона дар он хоҳанд монд ва ҳаргиз аз он ҷо ба ҷойи дигаре гароиш надоранд

قُل لَّوْ كَانَ ٱلْبَحْرُ مِدَادًا لِّكَلِمَٰتِ رَبِّي لَنَفِدَ ٱلْبَحْرُ قَبْلَ أَن تَنفَدَ كَلِمَٰتُ رَبِّي وَلَوْ جِئْنَا بِمِثْلِهِۦ مَدَدًا ﴿١٠٩﴾

109. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Агар дарё барои [нигориши] калимоти Парвардигорам ранг шавад, пеш аз он ки калимоти Парвардигорам поён ёбад, ҳатман, дарё ба поён мерасад; ҳарчанд [дарёҳое дигар] ҳаммонанди он [дарёро низ] ба кумак биёварем»

قُلْ إِنَّمَآ أَنَا۠ بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يُوحَىٰٓ إِلَيَّ أَنَّمَآ إِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ ۖ فَمَن كَانَ يَرْجُواْ لِقَآءَ رَبِّهِۦ فَلْيَعْمَلْ عَمَلًا صَٰلِحًا وَلَا يُشْرِكْ بِعِبَادَةِ رَبِّهِۦٓ أَحَدًۢا ﴿١١٠﴾

110. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ман фақат башаре [одӣ] ҳамчун шумо ҳастам. Ба ман ваҳй мешавад, ки танҳо маъбудатон Аллоҳ таоло яктост; пас, ҳар ки ба дидори Парвардигораш [дар охират] умед дорад, бояд кори шоиста анҷом диҳад ва ҳеҷ касро дар парастиши Парвардигораш шарик насозад»

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

كٓهيعٓصٓ ١

1. Коф, ҳо, ё, ъайн, сод.[1]

ذِكْرُ رَحْمَتِ رَبِّكَ عَبْدَهُۥ زَكَرِيَّآ ٢

2. [Ин] Баёни раҳмати Парвардигорат [нисбат] ба бандааш Закариёст

إِذْ نَادَىٰ رَبَّهُۥ نِدَآءً خَفِيًّا ٣

3. Он гоҳ ки Парвардигорашро ба нидое пинҳон [ба дуо] хонд

قَالَ رَبِّ إِنِّى وَهَنَ ٱلْعَظْمُ مِنِّى وَٱشْتَعَلَ ٱلرَّأْسُ شَيْبًا وَلَمْ أَكُنۢ بِدُعَآئِكَ رَبِّ شَقِيًّا ٤

4. Гуфт: «Парвардигоро, ба ростӣ, ки устухонам суст шуда ва мӯйҳоям аз пирӣ сапед гашта ва эй Парвардигорам, [ҳаргиз] дар дуои ту [аз иҷобат] бебаҳра набудаам

وَإِنِّى خِفْتُ ٱلْمَوَٰلِىَ مِن وَرَآءِى وَكَانَتِ ٱمْرَأَتِى عَاقِرًا فَهَبْ لِى مِن لَّدُنكَ وَلِيًّا ٥

5. Ва ман пас аз [марги] худ аз хешовандонам [нисбат ба ҳифзи дини Ту] бимнокам ва ҳамсарам [низ] нозост; пас, ба лутфи хеш фарзанде ба ман ато фармо

يَرِثُنِى وَيَرِثُ مِنْ ءَالِ يَعْقُوبَ ۖ وَٱجْعَلْهُ رَبِّ رَضِيًّا ٦

6. [Писаре, ки] Вориси ману вориси хонадони Яъқуб бошад; ва Парвардигоро, ӯро [дар илму дин инсоне] писандида гардон»

يَٰزَكَرِيَّآ إِنَّا نُبَشِّرُكَ بِغُلَٰمٍ ٱسْمُهُۥ يَحْيَىٰ لَمْ نَجْعَل لَّهُۥ مِن قَبْلُ سَمِيًّا ٧

7. [Аллоҳ таоло дуояшро иҷобат карду фармуд] «Эй Закариё, Мо туро ба [таваллуди] писаре башорат медиҳем, ки номаш Яҳё аст [ва] пеш аз ин ҳамноме барояш қарор надодаем»

قَالَ رَبِّ أَنَّىٰ يَكُونُ لِى غُلَٰمٌ وَكَانَتِ ٱمْرَأَتِى عَاقِرًا وَقَدْ بَلَغْتُ مِنَ ٱلْكِبَرِ عِتِيًّا ٨

8. [Закариё] Гуфт: «Парвардигоро, чи гуна писаре хоҳам дошт, дар ҳоле ки ҳамсарам нозост ва ман [низ] аз шиддати пирӣ ба нотавонӣ расидаам?»

قَالَ كَذَٰلِكَ قَالَ رَبُّكَ هُوَ عَلَىَّ هَيِّنٌ وَقَدْ خَلَقْتُكَ مِن قَبْلُ وَلَمْ تَكُ شَيْـًٔا ٩

9. [Фариштa] Гуфт: «Ин гуна аст [ки ту мегӯӣ, вале] Парвардигорат фармудааст: «Ин [амр]

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

барои Ман осон аст ва ба ростӣ, пеш аз ин [низ] туро офаридем, дар ҳоле ки чизе набудӣ»

قَالَ رَبِّ ٱجۡعَل لِّيٓ ءَايَةٗۚ قَالَ ءَايَتُكَ أَلَّا تُكَلِّمَ ٱلنَّاسَ ثَلَٰثَ لَيَالٖ سَوِيّٗا ١٠

10. [Закариё] Гуфт: «Парвардигоро, барои ман нишонае [бар таҳаққуқи ин башорат] қарор бидеҳ». [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Нишонаи ту ин аст, ки се шабона [рӯз] дар ҳоле ки солим [ва тандуруст] ҳастӣ, бо мардум сухан намегӯӣ»

فَخَرَجَ عَلَىٰ قَوۡمِهِۦ مِنَ ٱلۡمِحۡرَابِ فَأَوۡحَىٰٓ إِلَيۡهِمۡ أَن سَبِّحُواْ بُكۡرَةٗ وَعَشِيّٗا ١١

11. Пас, ӯ аз меҳроб [ҷойгоҳи ибодаташ] ба сӯйи қавмаш рафт ва ба онон ишора кард, ки: «бомдоду шомгоҳ [Парвардигорро] ба покӣ ёд кунед»

يَٰيَحۡيَىٰ خُذِ ٱلۡكِتَٰبَ بِقُوَّةٖۖ وَءَاتَيۡنَٰهُ ٱلۡحُكۡمَ صَبِيّٗا ١٢

12. [Аллоҳ таоло фармуд] «Эй Яҳё, китоби [Таврот]-ро бо қувват [ва ҷиддият] бигир» ва дар кӯдакӣ ба ӯ дониш [ва ҳикмат] додем

وَحَنَانٗا مِّن لَّدُنَّا وَزَكَوٰةٗۖ وَكَانَ تَقِيّٗا ١٣

13. Ва аз ҷониби хеш [ба ӯ] муҳаббату покӣ [аз гуноҳон ато кардем] ва ӯ парҳезкор буд

وَبَرَّۢا بِوَٰلِدَيۡهِ وَلَمۡ يَكُن جَبَّارًا عَصِيّٗا ١٤

14. Ва нисбат ба падару модараш накукор буд ва саркаш [-у] нофармон набуд

وَسَلَٰمٌ عَلَيۡهِ يَوۡمَ وُلِدَ وَيَوۡمَ يَمُوتُ وَيَوۡمَ يُبۡعَثُ حَيّٗا ١٥

15. Ва салом [ва амнияти Аллоҳ таоло] бар ӯ бод, рӯзе, ки мутаваллид шуд ва рӯзе, ки мемирад ва рӯзе, ки зинда барангехта мешавад

وَٱذۡكُرۡ فِي ٱلۡكِتَٰبِ مَرۡيَمَ إِذِ ٱنتَبَذَتۡ مِنۡ أَهۡلِهَا مَكَانٗا شَرۡقِيّٗا ١٦

16. Ва дар [ин] китоб [Қуръон] аз Марям ёд кун, он гоҳ ки аз хонаводааш канора гирифт [ва дар] ноҳияи шарқӣ [аз онон] мустақар шуд.

فَٱتَّخَذَتۡ مِن دُونِهِمۡ حِجَابٗا فَأَرۡسَلۡنَآ إِلَيۡهَا رُوحَنَا فَتَمَثَّلَ لَهَا بَشَرٗا سَوِيّٗا ١٧

17. Ва миёни худ ва онҳо пардае афканд [то хилватгоҳи ибодаташ бошад]. Он гоҳ [мо] Рӯҳи худ [Ҷабраил]-ро ба сӯяш фиристодем ва ба шакли инсоне хушандом бар вай намоён гашт.

قَالَتۡ إِنِّيٓ أَعُوذُ بِٱلرَّحۡمَٰنِ مِنكَ إِن كُنتَ تَقِيّٗا ١٨

18. [Марям] Гуфт: «Ман аз [шарри] ту ба [Аллоҳи] Раҳмон паноҳ мебарам. Агар парҳезкорӣ [ба ман осеб нарасон]»

قَالَ إِنَّمَآ أَنَا۠ رَسُولُ رَبِّكِ لِأَهَبَ لَكِ غُلَٰمًا زَكِيًّا ﴿١٩﴾

19. [Ҷабраил] гуфт: «Яқинан, ман фиристодаи Парвардигорат ҳастам, то ба ту писари покизае бахшам»

قَالَتْ أَنَّىٰ يَكُونُ لِي غُلَٰمٌ وَلَمْ يَمْسَسْنِي بَشَرٌ وَلَمْ أَكُ بَغِيًّا ﴿٢٠﴾

20. [Марям] гуфт: «Чи гуна мумкин аст писаре дошта бошам; ҳол он ки дасти ҳеҷ инсоне ба ман нарасидааст ва бадкор [низ] набудаам?»

قَالَ كَذَٰلِكِ قَالَ رَبُّكِ هُوَ عَلَيَّ هَيِّنٌ ۖ وَلِنَجْعَلَهُۥٓ ءَايَةً لِّلنَّاسِ وَرَحْمَةً مِّنَّا ۚ وَكَانَ أَمْرًا مَّقْضِيًّا ﴿٢١﴾

21. [Ҷабраил] Гуфт: «[Дастур] чунин аст. Парвардигорат фармуд: «Ин [кор] бар ман осон аст ва ӯро барои мардум нишонае [аз қудрати хеш] қарор медиҳем ва [низ] раҳмате аз сӯйи Мост; ва ин [шеваи таваллуд] амре анҷомёфта [ва ҳатмӣ] аст»

فَحَمَلَتْهُ فَٱنتَبَذَتْ بِهِۦ مَكَانًا قَصِيًّا ﴿٢٢﴾

22. Пас, [Марям] ба ӯ бордор шуд. Ва бо ӯ ба ҷойе дурдаст [рафт ва аз мардум] канора гирифт

فَأَجَآءَهَا ٱلْمَخَاضُ إِلَىٰ جِذْعِ ٱلنَّخْلَةِ قَالَتْ يَٰلَيْتَنِي مِتُّ قَبْلَ هَٰذَا وَكُنتُ نَسْيًا مَّنسِيًّا ﴿٢٣﴾

23. Пас, дарди зойиш ӯро ба самти як танаи нахл кашонд [ва ӯ дар ҳоле ки дард мекашид] гуфт: «Эй кош, пеш аз ин мемурдам ва ба куллӣ аз ёдҳо мерафтам [то касе дар бораам хаёли ботил накунад]»

فَنَادَىٰهَا مِن تَحْتِهَآ أَلَّا تَحْزَنِي قَدْ جَعَلَ رَبُّكِ تَحْتَكِ سَرِيًّا ﴿٢٤﴾

24. Ногаҳон аз зери [пойи] ӯ [Исо] нидояш дод, ки: «Ғамгин мабош. Парвардигорат зери [пойи] ту чашмаи обе равон сохтааст

وَهُزِّيٓ إِلَيْكِ بِجِذْعِ ٱلنَّخْلَةِ تُسَٰقِطْ عَلَيْكِ رُطَبًا جَنِيًّا ﴿٢٥﴾

25. Ва танаи нахлро ба тарафи худ такон бидеҳ, [то] рутаби тоза бар ту фурӯ резад

فَكُلِي وَٱشْرَبِي وَقَرِّي عَيْنًا ۖ فَإِمَّا تَرَيِنَّ مِنَ ٱلْبَشَرِ أَحَدًا فَقُولِيٓ إِنِّي نَذَرْتُ لِلرَّحْمَٰنِ صَوْمًا فَلَنْ أُكَلِّمَ ٱلْيَوْمَ إِنسِيًّا ﴿٢٦﴾

26. Пас, [аз он хурмо] бихӯр ва [аз оби чашма] бинӯш ва дидагонро [ба ин фарзанд] равшан дор; ва агар ҳар як аз мардумро дидӣ, [бо ишора] бигӯ: «Ман барои [Аллоҳи] Раҳмон рӯзаи [сукут] назр кардам ва имрӯз бо ҳеҷ инсоне сухан нахоҳам гуфт»

فَأَتَتْ بِهِۦ قَوْمَهَا تَحْمِلُهُۥ ۖ قَالُوا۟ يَٰمَرْيَمُ لَقَدْ جِئْتِ شَيْـًٔا فَرِيًّا ﴿٢٧﴾

27. Пас, [Марям] дар ҳоле ки ӯ [Исо]-ро бардошта буд, назди қавмаш омад. Онон гуфтанд: «Эй Марям, ба ростӣ, дурӯғи бузурге мегӯӣ [ки навзод бидуни падар мутаваллид шудааст]

يَـٰٓأُخْتَ هَـٰرُونَ مَا كَانَ أَبُوكِ ٱمْرَأَ سَوْءٍ وَمَا كَانَتْ أُمُّكِ بَغِيًّا ﴿٢٨﴾

28. Эй хоҳари Ҳорун, на падарат марди бадкоре буд ва на модарат [зани] бадкорае»

فَأَشَارَتْ إِلَيْهِ ۖ قَالُوا۟ كَيْفَ نُكَلِّمُ مَن كَانَ فِى ٱلْمَهْدِ صَبِيًّا ﴿٢٩﴾

29. Пас, Марям ба ӯ [Исо] ишора кард. Онон гуфтанд: «Чи гуна бо кӯдаке дар гаҳвора сухан бигӯем?»

قَالَ إِنِّى عَبْدُ ٱللَّهِ ءَاتَىٰنِىَ ٱلْكِتَـٰبَ وَجَعَلَنِى نَبِيًّا ﴿٣٠﴾

30. [Исо ба сухан омад ва] гуфт: «Ман бандаи Аллоҳ таоло ҳастам. Ӯ ба ман китоб дода ва маро паёмбар сохтааст

وَجَعَلَنِى مُبَارَكًا أَيْنَ مَا كُنتُ وَأَوْصَـٰنِى بِٱلصَّلَوٰةِ وَٱلزَّكَوٰةِ مَا دُمْتُ حَيًّا ﴿٣١﴾

31. Ва маро - ҳар ҷо ки бошам - пурбаракат намуда ва то зинда ҳастам, ба намозу закот супоришам кардааст

وَبَرًّۢا بِوَٰلِدَتِى وَلَمْ يَجْعَلْنِى جَبَّارًا شَقِيًّا ﴿٣٢﴾

32. Ва нисбат ба модарам накукор [гардонида] ва маро [дар баробари Парвардигорам] саркаш [-у] нофармон қарор надодааст

وَٱلسَّلَـٰمُ عَلَىَّ يَوْمَ وُلِدتُّ وَيَوْمَ أَمُوتُ وَيَوْمَ أُبْعَثُ حَيًّا ﴿٣٣﴾

33. Ва салом бар ман рӯзе, ки мутаваллид шудам ва рӯзе, ки мемирам ва рӯзе, ки зинда барангехта мешавам»

ذَٰلِكَ عِيسَى ٱبْنُ مَرْيَمَ ۚ قَوْلَ ٱلْحَقِّ ٱلَّذِى فِيهِ يَمْتَرُونَ ﴿٣٤﴾

34. Ин аст [ҳикояти] Исо писари Марям; [ҳамон] гуфтори росте, ки [гумроҳон] дар бораш тардид [ва ихтилоф] мекунанд

مَا كَانَ لِلَّهِ أَن يَتَّخِذَ مِن وَلَدٍ ۖ سُبْحَـٰنَهُۥٓ ۚ إِذَا قَضَىٰٓ أَمْرًا فَإِنَّمَا يَقُولُ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ﴿٣٥﴾

35. [Ҳаргиз] Сазовор нест, ки Аллоҳ таоло [барои хеш] фарзанде бигирад. Ӯ [поку] муназзаҳ аст. [Аллоҳ таоло] Ҳар гоҳ кореро ирода кунад, фақат ба он мегӯяд: «Мавҷуд шав»; пас [бедиранг] мавҷуд мешавад

وَإِنَّ ٱللَّهَ رَبِّى وَرَبُّكُمْ فَٱعْبُدُوهُ ۗ هَـٰذَا صِرَٰطٌ مُّسْتَقِيمٌ ﴿٣٦﴾

36. Ва [Исо ба қавмаш гуфт] «Бе тардид, Аллоҳ таоло Парвардигори ман ва шумост; пас, ӯро парастед [ки] роҳи рост ин аст»

فَٱخْتَلَفَ ٱلْأَحْزَابُ مِنۢ بَيْنِهِمْ ۖ فَوَيْلٌ لِّلَّذِينَ كَفَرُوا۟ مِن مَّشْهَدِ يَوْمٍ عَظِيمٍ ﴿٣٧﴾

37. Он гоҳ гурӯҳҳо [-и мухталифи қавмаш] дар миёни худ дучори ихтилоф шуданд. Пас, вой бар онҳо, ки куфр варзиданд аз мушоҳидаи рӯзи бузург [қиёмат]!

أَسْمِعْ بِهِمْ وَأَبْصِرْ يَوْمَ يَأْتُونَنَا لَٰكِنِ ٱلظَّٰلِمُونَ ٱلْيَوْمَ فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٣٨﴾

38. Он рӯз, ки назди мо меоянд, чи [хуб] шунаво ва бино ҳастанд! Аммо имрӯз [дар зиндагии дунё] ситамгорон дар гумроҳии ошкоранд

وَأَنذِرْهُمْ يَوْمَ ٱلْحَسْرَةِ إِذْ قُضِىَ ٱلْأَمْرُ وَهُمْ فِى غَفْلَةٍ وَهُمْ لَا يُؤْمِنُونَ ﴿٣٩﴾

39. Ва [эй паёмбар] ба онон дар бораи рӯзи [пушаймонӣ ва] ҳасрат ҳушдор бидеҳ; он гоҳ ки кори [доварӣ] анҷом мегирад; ва [имрӯз] онон дар ғафлатанд ва имон намеоваранд

إِنَّا نَحْنُ نَرِثُ ٱلْأَرْضَ وَمَنْ عَلَيْهَا وَإِلَيْنَا يُرْجَعُونَ ﴿٤٠﴾

40. Яқинан, Мо замин ва ҳар киро бар он аст, ба ирс мебарем ва [ҳама] ба сӯйи Мо бозгардонида шаванд

وَٱذْكُرْ فِى ٱلْكِتَٰبِ إِبْرَٰهِيمَ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ صِدِّيقًا نَّبِيًّا ﴿٤١﴾

41. Ва [эй Паёмбар] дар ин китоб аз Иброҳим ёд кун. Бе тардид, ӯ паёмбаре ростгӯ буд

إِذْ قَالَ لِأَبِيهِ يَٰٓأَبَتِ لِمَ تَعْبُدُ مَا لَا يَسْمَعُ وَلَا يُبْصِرُ وَلَا يُغْنِى عَنكَ شَيْـًٔا ﴿٤٢﴾

42. Ҳангоме ки ба падараш [Озар] гуфт: «Падарҷон, чаро чизеро парастиш мекунӣ, ки на [дуоятро] мешунавад ва на [ибодататро] мебинад ва на газандеро аз ту дур месозад?

يَٰٓأَبَتِ إِنِّى قَدْ جَآءَنِى مِنَ ٱلْعِلْمِ مَا لَمْ يَأْتِكَ فَٱتَّبِعْنِىٓ أَهْدِكَ صِرَٰطًا سَوِيًّا ﴿٤٣﴾

43. Падарҷон, яқинан, аз дониши [ваҳӣ] чизе ба ман расидааст, ки [ҳаргиз] ба ту нарасидааст; пас, аз ман пайравӣ кун, то ба роҳе рост ҳидоят кунам

يَٰٓأَبَتِ لَا تَعْبُدِ ٱلشَّيْطَٰنَ ۖ إِنَّ ٱلشَّيْطَٰنَ كَانَ لِلرَّحْمَٰنِ عَصِيًّا ﴿٤٤﴾

44. Падарҷон, аз шайтон пайравӣ накун, [чаро ки] бе тардид, шайтон нисбат ба [Аллоҳи] Раҳмон нофармон буд

يَٰٓأَبَتِ إِنِّىٓ أَخَافُ أَن يَمَسَّكَ عَذَابٌ مِّنَ ٱلرَّحْمَٰنِ فَتَكُونَ لِلشَّيْطَٰنِ وَلِيًّا ﴿٤٥﴾

45. Падарҷон, ман метарсам, ки аз [ҷониби Аллоҳи] Раҳмон азобе ба ту расад ва [дар дузах] аз дӯстон [ва ҳамнишинони] шайтон бошӣ»

قَالَ أَرَاغِبٌ أَنتَ عَنْ ءَالِهَتِى يَٰٓإِبْرَٰهِيمُ ۖ لَئِن لَّمْ تَنتَهِ لَأَرْجُمَنَّكَ ۖ وَٱهْجُرْنِى مَلِيًّا ﴿٤٦﴾

46. [Озар] Гуфт: «Эй Иброҳим, оё аз маъбудҳои ман рӯйгардонӣ? Агар [аз ақидаат] даст барнадорӣ, ҳатман, сангсорат мекунам; [бирав] ва муддати зиёде аз ман дур шав»

قَالَ سَلَٰمٌ عَلَيْكَ ۖ سَأَسْتَغْفِرُ لَكَ رَبِّىٓ ۖ إِنَّهُۥ كَانَ بِى حَفِيًّا ﴿٤٧﴾

47. [Иброҳим] Гуфт: «Салом [ва амният аз ҷониби ман] бар ту. Ба зудӣ аз Парвардигорам бароят

омурзиш хоҳам хост. Бе тардид, ӯ нисбат ба ман бисёр меҳрубон аст

48. Ва аз шумо [кофирон] ва он чи ба ҷойи Аллоҳ таоло мехонед, канорагирӣ мекунам ва Парвардигорамро мехонам. Умед аст, ки дар хондани Парвардигорам [аз иҷобат] бебаҳра набошам»

وَأَعْتَزِلُكُمْ وَمَا تَدْعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَأَدْعُواْ رَبِّى عَسَىٰٓ أَلَّآ أَكُونَ بِدُعَآءِ رَبِّى شَقِيًّا ﴿٤٨﴾

49. Пас, чун аз онон ва он чи ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастиданд, канорагирӣ кард, Исҳоқ ва Яъқубро ба ӯ бахшидем ва ҳамаи [онон]-ро паёмбар намудем

فَلَمَّا ٱعْتَزَلَهُمْ وَمَا يَعْبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَهَبْنَا لَهُۥٓ إِسْحَٰقَ وَيَعْقُوبَ ۖ وَكُلًّا جَعَلْنَا نَبِيًّا ﴿٤٩﴾

50. Ва эшонро аз раҳмати хеш баҳраманд сохтем ва барояшон [дар миёни мардум овозаи баланд ва] номи наку ниҳодем

وَوَهَبْنَا لَهُم مِّن رَّحْمَتِنَا وَجَعَلْنَا لَهُمْ لِسَانَ صِدْقٍ عَلِيًّا ﴿٥٠﴾

51. Ва дар ин китоб аз Мӯсо ёд кун. Бе тардид, ӯ [баргузидае] мухлис ва фиристодаву паёмбар буд

وَٱذْكُرْ فِى ٱلْكِتَٰبِ مُوسَىٰٓ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ مُخْلَصًا وَكَانَ رَسُولًا نَّبِيًّا ﴿٥١﴾

52. Ва [мо] ӯро аз самти рости [кӯҳи] Тӯр нидо додем ва муноҷоткунон [ба хеш] наздикаш сохтем

وَنَٰدَيْنَٰهُ مِن جَانِبِ ٱلطُّورِ ٱلْأَيْمَنِ وَقَرَّبْنَٰهُ نَجِيًّا ﴿٥٢﴾

53. Ва аз раҳмати худ бародараш Ҳорунро - ки, паёмбар [ва ёвари ӯ] буд - ва ба вай ато кардем

وَوَهَبْنَا لَهُۥ مِن رَّحْمَتِنَآ أَخَاهُ هَٰرُونَ نَبِيًّا ﴿٥٣﴾

54. Ва дар ин китоб аз Исмоил ёд кун. Бе тардид, ӯ ростваъда ва фиристодаву паёмбар буд

وَٱذْكُرْ فِى ٱلْكِتَٰبِ إِسْمَٰعِيلَ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ صَادِقَ ٱلْوَعْدِ وَكَانَ رَسُولًا نَّبِيًّا ﴿٥٤﴾

55. Ва [ҳамвора] хонаводаашро ба намозу закот фармон медод ва назди Парвардигораш писандида буд

وَكَانَ يَأْمُرُ أَهْلَهُۥ بِٱلصَّلَوٰةِ وَٱلزَّكَوٰةِ وَكَانَ عِندَ رَبِّهِۦ مَرْضِيًّا ﴿٥٥﴾

56. Ва дар ин китоб аз Идрис ёд кун. Бе тардид, ӯ ростгуфтору паёмбаре буд

وَٱذْكُرْ فِى ٱلْكِتَٰبِ إِدْرِيسَ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ صِدِّيقًا نَّبِيًّا ﴿٥٦﴾

57. Ва [мо] ӯро ба мақоме баланд баркашидем

وَرَفَعْنَٰهُ مَكَانًا عَلِيًّا ﴿٥٧﴾

58. Инон касоне аз паёмбарон ҳастанд, ки Аллоҳ таоло бар эшон неъмат [ҳидоят] дод; [афроде]

أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ أَنْعَمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِم مِّنَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ مِن ذُرِّيَّةِ ءَادَمَ وَمِمَّنْ حَمَلْنَا مَعَ نُوحٍ وَمِن ذُرِّيَّةِ إِبْرَٰهِيمَ وَإِسْرَٰٓءِيلَ وَمِمَّنْ

هَدَيْنَا وَٱجْتَبَيْنَآۚ إِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتُ ٱلرَّحْمَٰنِ خَرُّواْ سُجَّدًا وَبُكِيًّا ۩ ﴿٥٨﴾

аз фарзандони Одам ва аз касоне, ки ҳамроҳи Нуҳ [бар киштӣ] савор кардем ва аз фарзандони Иброҳим ва Яъқуб ва аз [ҷумла] афроде, ки ҳидоят кардем ва баргузидем [ва] ҳар гоҳ оёти [Парвардигори] Раҳмон бар эшон хонда мешуд, саҷдакунон ва гирён ба хок меафтоданд

فَخَلَفَ مِنۢ بَعْدِهِمْ خَلْفٌ أَضَاعُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَٱتَّبَعُواْ ٱلشَّهَوَٰتِۖ فَسَوْفَ يَلْقَوْنَ غَيًّا ﴿٥٩﴾

59. Он гоҳ пас аз онон ҷонишиноне гумроҳ ва ношоиста омаданд, ки намозро табоҳ сохтанд [дар он саҳлангорӣ намуданд] ва аз ҳавасҳо [ва шаҳавот] пайравӣ карданд; ва ба зудӣ [кайфари] гумроҳии [хеш]-ро хоҳанд дид

إِلَّا مَن تَابَ وَءَامَنَ وَعَمِلَ صَٰلِحًا فَأُوْلَٰٓئِكَ يَدْخُلُونَ ٱلْجَنَّةَ وَلَا يُظْلَمُونَ شَيْـًٔا ﴿٦٠﴾

60. Магар касе, ки тавба намуд ва имон овард ва коре шоиста кард. Пас, инон ба биҳишт дохил мешаванд ва бар онон ҳеҷ ситаме намеравад

جَنَّٰتِ عَدْنٍ ٱلَّتِى وَعَدَ ٱلرَّحْمَٰنُ عِبَادَهُۥ بِٱلْغَيْبِۚ إِنَّهُۥ كَانَ وَعْدُهُۥ مَأْتِيًّا ﴿٦١﴾

61. Боғҳое ҷовидон, ки [Аллоҳи] Раҳмон аз [олам] нопайдо ба бандагонаш ваъда додааст. Яқинан, ваъдаи ӯ омаданӣ аст

لَّا يَسْمَعُونَ فِيهَا لَغْوًا إِلَّا سَلَٰمًاۖ وَلَهُمْ رِزْقُهُمْ فِيهَا بُكْرَةً وَعَشِيًّا ﴿٦٢﴾

62. Дар он ҷо сухани беҳудае намешунавад [ва гуфторашон ҷуз салом [у таҳият нест]; ва дар он ҷо бар эшон [ҳар] субҳу шом рӯзӣ [беҳисоб фароҳам] аст

تِلْكَ ٱلْجَنَّةُ ٱلَّتِى نُورِثُ مِنْ عِبَادِنَا مَن كَانَ تَقِيًّا ﴿٦٣﴾

63. Ин ҳамон биҳиште аст, ки ба ҳар кас аз бандагонамон, ки [дар дунё] парҳезкор бошад, ба мерос медиҳем

وَمَا نَتَنَزَّلُ إِلَّا بِأَمْرِ رَبِّكَۖ لَهُۥ مَا بَيْنَ أَيْدِينَا وَمَا خَلْفَنَا وَمَا بَيْنَ ذَٰلِكَۚ وَمَا كَانَ رَبُّكَ نَسِيًّا ﴿٦٤﴾

64. Ва [эй Ҷабраил, ба Муҳаммад бигӯ] «Мо ҷуз ба фармони Парвардигорат фуруд намеоем. Ӯ ҳоким бар оянда ва гузашта ва ҳоли мост; ва Парвардигорат фаромӯшкор нест

رَّبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا فَٱعْبُدْهُ وَٱصْطَبِرْ لِعِبَٰدَتِهِۦۚ هَلْ تَعْلَمُ لَهُۥ سَمِيًّا ﴿٦٥﴾

65. [Ҳамон] Парвардигори осмонҳо ва замин ва он чи миёни онҳост; пас, ӯро парастиш кун ва бар ибодаташ шикебо [ва пойдор] бош. Оё [ҳаммонанд ва] ҳамноме барояш мешиносӣ?»

وَيَقُولُ ٱلْإِنسَٰنُ أَءِذَا مَا مِتُّ لَسَوْفَ أُخْرَجُ حَيًّا ﴿٦٦﴾

66. Ва инсони [кофир] мегӯяд: «Оё ҳангоме ки бимирам, ба ростӣ, маро зинда [аз гӯр] берун хоҳанд овард?»

أَوَلَا يَذْكُرُ ٱلْإِنسَٰنُ أَنَّا خَلَقْنَٰهُ مِن قَبْلُ وَلَمْ يَكُ شَيْـًٔا ﴿٦٧﴾

67. Оё инсон ба ёд намеоварад, ки мо пеш аз ин ӯро офаридем, дар ҳоле ки ҳеҷ набуд?

فَوَرَبِّكَ لَنَحْشُرَنَّهُمْ وَٱلشَّيَٰطِينَ ثُمَّ لَنُحْضِرَنَّهُمْ حَوْلَ جَهَنَّمَ جِثِيًّا ﴿٦٨﴾

68. Пас, савганд ба Парвардигорат, ки яқинан, онон [мункирони қиёмат]-ро бо шаётин маҳшур хоҳем кард; сипас ҳамаро ба зону дароварда гирдогирди дузах ҳозир мекунем

ثُمَّ لَنَنزِعَنَّ مِن كُلِّ شِيعَةٍ أَيُّهُمْ أَشَدُّ عَلَى ٱلرَّحْمَٰنِ عِتِيًّا ﴿٦٩﴾

69. Сипас аз ҳар гурӯҳе касонеро дар баробари [фармони Аллоҳи] Раҳмон саркаштар будаанд, берун мекашем

ثُمَّ لَنَحْنُ أَعْلَمُ بِٱلَّذِينَ هُمْ أَوْلَىٰ بِهَا صِلِيًّا ﴿٧٠﴾

70. Он гоҳ, яқинан, Мо ба [ҳоли] касоне, ки барои [дарафтодан ба] он [оташи даҳшатнок] сазовортаранд, донотарем

وَإِن مِّنكُمْ إِلَّا وَارِدُهَا ۚ كَانَ عَلَىٰ رَبِّكَ حَتْمًا مَّقْضِيًّا ﴿٧١﴾

71. Ва ҳеҷ як аз шумо [мардум] нест, магар он ки вориди он мегардад; [муъминон барои убур ва дидан, кофирон барои вуруд ва мондан]. Ин [амр] ҳамвора бар Парвардигорат қазои ҳатмӣ аст

ثُمَّ نُنَجِّى ٱلَّذِينَ ٱتَّقَواْ وَّنَذَرُ ٱلظَّٰلِمِينَ فِيهَا جِثِيًّا ﴿٧٢﴾

72. Сипас касонеро, ки парҳезкорӣ кардаанд, [аз оташ] наҷот медиҳем ва золимонро ба зону даромада, дар он раҳо мекунем

وَإِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتُنَا بَيِّنَٰتٍ قَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لِلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَىُّ ٱلْفَرِيقَيْنِ خَيْرٌ مَّقَامًا وَأَحْسَنُ نَدِيًّا ﴿٧٣﴾

73. Ва ҳангоме ки оёти равшани Мо бар онон тиловат мешавад, касоне, ки куфр варзидаанд, ба афроде, ки имон овардаанд, мегӯянд: «Кадом як аз [мо] ду гурӯҳ ҷойгоҳе беҳтару маҷлисе накутар дорад?»

وَكَمْ أَهْلَكْنَا قَبْلَهُم مِّن قَرْنٍ هُمْ أَحْسَنُ أَثَٰثًا وَرِءْيًا ﴿٧٤﴾

74. Чи бисёр наслҳоро пеш аз онон нобуд кардем, ки сарвате бештар ва зоҳире оростатар доштанд

قُلْ مَن كَانَ فِى ٱلضَّلَٰلَةِ فَلْيَمْدُدْ لَهُ ٱلرَّحْمَٰنُ مَدًّا ۚ حَتَّىٰٓ إِذَا رَأَوْاْ مَا يُوعَدُونَ إِمَّا ٱلْعَذَابَ وَإِمَّا ٱلسَّاعَةَ فَسَيَعْلَمُونَ مَنْ هُوَ شَرٌّ مَّكَانًا وَأَضْعَفُ جُندًا ﴿٧٥﴾

75. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ҳар ки дар гумроҳӣ аст, [Аллоҳи] Раҳмон ба ӯ муҳлат медиҳад [то гумроҳиаш бештар шавад] то замоне, ки ваъдаи илоҳиро [ба чашми худ] бубинанд: ё азоби [дунё] ё [кайфари] қиёмат. Пас, ба зудӣ хоҳанд донист, ки чи касе ҷойгоҳаш бадтар ва сипоҳаш нотавонтар аст»

وَيَزِيدُ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ٱهْتَدَوْاْ هُدًى ۗ وَٱلْبَٰقِيَٰتُ ٱلصَّٰلِحَٰتُ خَيْرٌ عِندَ رَبِّكَ ثَوَابًا وَخَيْرٌ مَّرَدًّا ﴿٧٦﴾

76. Ва [аммо] касоне, ки роҳ ёфтаанд, Аллоҳ таоло бар ҳидояташон меафзояд; ва некиҳои пойдор

[рафтору гуфтори шоиста] дар пешгоҳи Парвардигорат подоше беҳтар ва саранҷоме накутар дорад

77. Оё дидӣ он касеро, ки ба оёти Мо кофир шуд ва гуфт: «Ҳатман, молу фарзанд [-и фаровоне дар охират] ба ман дода хоҳад шуд?»

أَفَرَءَيْتَ ٱلَّذِى كَفَرَ بِـَٔايَـٰتِنَا وَقَالَ لَأُوتَيَنَّ مَالًا وَوَلَدًا ﴿٧٧﴾

78. Оё ӯ бар ғайб огоҳӣ ёфтааст, ё аз [Аллоҳи] Раҳмон паймоне гирифтааст?

أَطَّلَعَ ٱلْغَيْبَ أَمِ ٱتَّخَذَ عِندَ ٱلرَّحْمَـٰنِ عَهْدًا ﴿٧٨﴾

79. [Ҳаргиз] Чунин нест; гуфтаашро менависем ва бар азобаш меафзоем

كَلَّا ۚ سَنَكْتُبُ مَا يَقُولُ وَنَمُدُّ لَهُۥ مِنَ ٱلْعَذَابِ مَدًّا ﴿٧٩﴾

80. Ва он чи [аз амволу фарзандон], ки мегӯяд, аз ӯ ба ирс мебарем ва [рӯзи қиёмат тиҳидаст ва] танҳо назди мо меояд

وَنَرِثُهُۥ مَا يَقُولُ وَيَأْتِينَا فَرْدًا ﴿٨٠﴾

81. Ва [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ таоло маъбудоне баргузидаанд, то [ёвару] пуштибонашон бошад

وَٱتَّخَذُوا۟ مِن دُونِ ٱللَّهِ ءَالِهَةً لِّيَكُونُوا۟ لَهُمْ عِزًّا ﴿٨١﴾

82. Чунин нест; [балки он маъбудҳо дар қиёмат] ибодати ононро инкор хоҳанд кард ва душманашон хоҳанд буд

كَلَّا ۚ سَيَكْفُرُونَ بِعِبَادَتِهِمْ وَيَكُونُونَ عَلَيْهِمْ ضِدًّا ﴿٨٢﴾

83. [Эй Паёмбар] Оё надидӣ, ки Мо шаётинро бар кофирон фиристодем, то ононро [бо васвасаҳои худ] таҳрик кунанд [ва аз роҳи Аллоҳ таоло боздоранд]?

أَلَمْ تَرَ أَنَّآ أَرْسَلْنَا ٱلشَّيَـٰطِينَ عَلَى ٱلْكَـٰفِرِينَ تَؤُزُّهُمْ أَزًّا ﴿٨٣﴾

84. Пас, дар бораи [нобудии] онон шитоб накун. Ҷуз ин нест, ки Мо [рӯзҳои марг ва фаро расидани азобро] ба диққат бароямон мешуморем

فَلَا تَعْجَلْ عَلَيْهِمْ ۖ إِنَّمَا نَعُدُّ لَهُمْ عَدًّا ﴿٨٤﴾

85. [Ёд кун аз] Рӯзе, ки парҳезкоронро [бо иззату эҳтиром] ба меҳмонии [Аллоҳи] Раҳмон гирд меоварем

يَوْمَ نَحْشُرُ ٱلْمُتَّقِينَ إِلَى ٱلرَّحْمَـٰنِ وَفْدًا ﴿٨٥﴾

86. Ва муҷримонро ташнаком ба сӯйи ҷаҳаннам меронем

وَنَسُوقُ ٱلْمُجْرِمِينَ إِلَىٰ جَهَنَّمَ وِرْدًا ﴿٨٦﴾

87. Онон ҳаргиз [тавони] шафоат надоранд; магар касе, ки [бо имон ва амали шоистааш] аз [Аллоҳи] Раҳмон паймоне гирифта бошад

لَّا يَمْلِكُونَ ٱلشَّفَـٰعَةَ إِلَّا مَنِ ٱتَّخَذَ عِندَ ٱلرَّحْمَـٰنِ عَهْدًا ﴿٨٧﴾

88. Ва [мушрикон] гуфтанд: «[Аллоҳи] Раҳмон фарзанде [барои хеш] баргузидааст»

وَقَالُواْ ٱتَّخَذَ ٱلرَّحۡمَٰنُ وَلَدٗا ٨٨

89. Ба ростӣ, [бо ин иддао] чизе бисёр зишт [ба миён] овардед!

لَّقَدۡ جِئۡتُمۡ شَيۡـًٔا إِدّٗا ٨٩

90. Аз ин [сухани куфромез] наздик аст осмонҳо аз ҳам бипошад ва замин бишкофад ва кӯҳҳо дар ҳам бишкананд ва фуру резанд

تَكَادُ ٱلسَّمَٰوَٰتُ يَتَفَطَّرۡنَ مِنۡهُ وَتَنشَقُّ ٱلۡأَرۡضُ وَتَخِرُّ ٱلۡجِبَالُ هَدّٗا ٩٠

91. [Чаро] Ки барои [Аллоҳи] Раҳмон фарзанде иддао кардаанд

أَن دَعَوۡاْ لِلرَّحۡمَٰنِ وَلَدٗا ٩١

92. Ва ҳаргиз сазовори [Аллоҳи] Раҳмон нест, ки фарзанде баргузинад

وَمَا يَنۢبَغِي لِلرَّحۡمَٰنِ أَن يَتَّخِذَ وَلَدًا ٩٢

93. Дар осмонҳо ва замин ҳеҷ касе нест, магар он ки [дар рӯзи қиёмат хоксор ва] бандавор назди Аллоҳи Раҳмон меояд

إِن كُلُّ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ إِلَّآ ءَاتِي ٱلرَّحۡمَٰنِ عَبۡدٗا ٩٣

94. Яқинан, [Аллоҳ таоло ҳамаи] ононро дар шумор оварда ва дуруст баршумурдааст

لَّقَدۡ أَحۡصَىٰهُمۡ وَعَدَّهُمۡ عَدّٗا ٩٤

95. Ва ҳамагиашон рӯзи қиёмат танҳо [ва тиҳидаст] назди Ӯ ҳозир мешаванд

وَكُلُّهُمۡ ءَاتِيهِ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ فَرۡدًا ٩٥

96. Касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, яқинан, [Аллоҳи] Раҳмон [дар дилҳои бандагонаш] барояшон муҳаббате хоҳад ниҳод

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ سَيَجۡعَلُ لَهُمُ ٱلرَّحۡمَٰنُ وُدّٗا ٩٦

97. [Эй Паёмбар] Бе тардид, Мо ин [Қуръон]-ро бар забони ту осон намудем, то парҳезкоронро бо он башорат диҳӣ ва ситезагарон [-и сарсахт]-ро бим диҳӣ

فَإِنَّمَا يَسَّرۡنَٰهُ بِلِسَانِكَ لِتُبَشِّرَ بِهِ ٱلۡمُتَّقِينَ وَتُنذِرَ بِهِۦ قَوۡمٗا لُّدّٗا ٩٧

98. Ва чи бисёр наслҳои гузаштаро пеш аз онон нобуд кардем. Оё [вуҷуди] ҳеҷ як аз ононро эҳсос мекунӣ ё камтарин садое аз онон мешунавӣ?

وَكَمۡ أَهۡلَكۡنَا قَبۡلَهُم مِّن قَرۡنٍ هَلۡ تُحِسُّ مِنۡهُم مِّنۡ أَحَدٍ أَوۡ تَسۡمَعُ لَهُمۡ رِكۡزَۢا ٩٨

(20) Тоҳо[*] طه

Ҷузъи 16

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

طه ﴿١﴾

1. То, ҳо.[1]

مَآ أَنزَلْنَا عَلَيْكَ ٱلْقُرْءَانَ لِتَشْقَىٰٓ ﴿٢﴾

2. [Эй Паёмбар, мо] Қуръонро бар ту нозил накардем, то дар ранҷ бияфтӣ

إِلَّا تَذْكِرَةً لِّمَن يَخْشَىٰ ﴿٣﴾

3. [Онро нафиристодем] Магар он ки панде бошад, барои ҳар ки [аз азоби илоҳӣ] метарсад

تَنزِيلًا مِّمَّنْ خَلَقَ ٱلْأَرْضَ وَٱلسَّمَٰوَٰتِ ٱلْعُلَى ﴿٤﴾

4. [Ин Қуръон] Фуруфиристодае аст аз ҷониби он ки замину осмонҳои баландро офаридааст

ٱلرَّحْمَٰنُ عَلَى ٱلْعَرْشِ ٱسْتَوَىٰ ﴿٥﴾

5. [Парвардигори] Раҳмон [онгуна ки шоистаи Ӯ аст ва бидуни он ки мӯҳтоҷ ба Арш бошад] бар Арш қарор гирифт

لَهُۥ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا وَمَا تَحْتَ ٱلثَّرَىٰ ﴿٦﴾

6. Он чи дар осмонҳо ва замин ва он чи миёни онҳост ва он чи зери хок [пинҳон] аст, [ҳамагӣ] аз они Ӯст

وَإِن تَجْهَرْ بِٱلْقَوْلِ فَإِنَّهُۥ يَعْلَمُ ٱلسِّرَّ وَأَخْفَى ﴿٧﴾

7. Ва агар сухан ошкор бигӯӣ [ё онро пинҳон дорӣ], яқинан, Ӯ [рози] ниҳон ва [ҳатто] ниҳонтар [аз он]-ро низ медонад

ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ لَهُ ٱلْأَسْمَآءُ ٱلْحُسْنَىٰ ﴿٨﴾

8. Аллоҳ таоло аст, ки ҳеҷ маъбуде [бар ҳақ] ҷуз Ӯ нест [ва] накутарин номҳо аз они Ӯст

وَهَلْ أَتَىٰكَ حَدِيثُ مُوسَىٰٓ ﴿٩﴾

9. [Эй Паёмбар] Оё хабари Мӯсо ба ту расидааст?

إِذْ رَءَا نَارًا فَقَالَ لِأَهْلِهِ ٱمْكُثُوٓا۟ إِنِّىٓ ءَانَسْتُ نَارًا لَّعَلِّىٓ ءَاتِيكُم مِّنْهَا بِقَبَسٍ أَوْ أَجِدُ عَلَى ٱلنَّارِ هُدًى ﴿١٠﴾

10. Он гоҳ ки оташеро [аз дур] диду ба хонаводааш гуфт: «[Лаҳзае] Диранг кунед [ки] ман оташе дидаам. Шояд шуълае аз он бароятон биёварам ё канори он оташ роҳнамое биёбам»

(*) Тоҳо (То, Ҳо).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

فَلَمَّآ أَتَىٰهَا نُودِيَ يَٰمُوسَىٰٓ ﴿١١﴾

11. Пас, чун назди он [оташ] омад, нидо дода шуд, ки: «Эй Мӯсо

إِنِّيٓ أَنَا۠ رَبُّكَ فَٱخۡلَعۡ نَعۡلَيۡكَ إِنَّكَ بِٱلۡوَادِ ٱلۡمُقَدَّسِ طُوٗى ﴿١٢﴾

12. Ба ростӣ, ман Парвардигорат ҳастам; пас, [барои муноҷот бо Парвардигор] кафшҳоятро даровар [ки] дар ҳақиқат, ту дар сарзамини муқаддаси «Туво» ҳастӣ

وَأَنَا ٱخۡتَرۡتُكَ فَٱسۡتَمِعۡ لِمَا يُوحَىٰٓ ﴿١٣﴾

13. Ва ман туро [ба паёмбарӣ] баргузидам; пас, ба он чи ваҳй мешавад, гӯш фаро дор

إِنَّنِيٓ أَنَا ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعۡبُدۡنِي وَأَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَ لِذِكۡرِيٓ ﴿١٤﴾

14. Бе тардид, манам «Аллоҳ таоло», ки ҳеҷ маъбуде [бар ҳаққе] ҷуз ман нест; пас, маро бипараст ва барои ёди ман намоз бар по дор

إِنَّ ٱلسَّاعَةَ ءَاتِيَةٌ أَكَادُ أُخۡفِيهَا لِتُجۡزَىٰ كُلُّ نَفۡسِۭ بِمَا تَسۡعَىٰ ﴿١٥﴾

15. Яқинан, қиёмат омаданӣ аст; [вале] мехоҳам [вақти] онро пинҳон дорам, то ба ҳар касе дар баробари [кор ва] талоше, ки мекунад, подош дода шавад

فَلَا يَصُدَّنَّكَ عَنۡهَا مَن لَّا يُؤۡمِنُ بِهَا وَٱتَّبَعَ هَوَىٰهُ فَتَرۡدَىٰ ﴿١٦﴾

16. Пас, мабодо касе, ки ба он имон надорад ва аз ҳавасҳояш пайравӣ мекунад, туро аз [накукорӣ ва омодагӣ барои] он боздорад, ки ҳалок мешавӣ

وَمَا تِلۡكَ بِيَمِينِكَ يَٰمُوسَىٰ ﴿١٧﴾

17. Ва, эй Мӯсо, он чист ба [дасти] ростат?»

قَالَ هِيَ عَصَايَ أَتَوَكَّؤُاْ عَلَيۡهَا وَأَهُشُّ بِهَا عَلَىٰ غَنَمِي وَلِيَ فِيهَا مَـَٔارِبُ أُخۡرَىٰ ﴿١٨﴾

18. Ӯ гуфт: «Ин асои ман аст; бар он такя мекунам ва бо он барои гӯсфандонам [барги дарахтонро] фуру мерезам ва бо он корҳои дигаре [низ] дорам [ки бароварда мекунам]

قَالَ أَلۡقِهَا يَٰمُوسَىٰ ﴿١٩﴾

19. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Эй Мӯсо, онро бияфкан»

فَأَلۡقَىٰهَا فَإِذَا هِيَ حَيَّةٞ تَسۡعَىٰ ﴿٢٠﴾

20. Пас, [Мӯсо] онро [бар замин] афканд ва ногаҳон [табдил ба] море шуд, ки ба суръат мехазид

قَالَ خُذۡهَا وَلَا تَخَفۡۖ سَنُعِيدُهَا سِيرَتَهَا ٱلۡأُولَىٰ ﴿٢١﴾

21. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Онро бигир ва натарс. Ба зудӣ онро ба шакли аввалаш бозмегардонем

وَٱضۡمُمۡ يَدَكَ إِلَىٰ جَنَاحِكَ تَخۡرُجۡ بَيۡضَآءَ مِنۡ غَيۡرِ سُوٓءٍ ءَايَةً أُخۡرَىٰ ﴿٢٢﴾

22. Ва дастро дар бағал кун, то бидуни ҳеҷ газанде [ба унвони] муъҷизае дигар сафед [-у дурахшон] берун ояд

23. [Ҳадаф аз ироаи ду муъҷиза ин буд], ки бархе аз нишонаҳои бузурги хешро нишонат диҳем	لِنُرِيَكَ مِنْ ءَايَٰتِنَا ٱلْكُبْرَى ﴿٢٣﴾
24. [Инак] Ба сӯйи Фиръавн бирав [ки] бе тардид, [куфр варзида ва] саркашӣ кардааст»	ٱذْهَبْ إِلَىٰ فِرْعَوْنَ إِنَّهُۥ طَغَىٰ ﴿٢٤﴾
25. [Мӯсо] Гуфт: «Парвардигоро, бар [ҳавсала ва] шикебоиям бияфзо	قَالَ رَبِّ ٱشْرَحْ لِى صَدْرِى ﴿٢٥﴾
26. Ва корамро бароям осон гардон	وَيَسِّرْ لِىٓ أَمْرِى ﴿٢٦﴾
27. Ва гиреҳ аз забонам боз кун	وَٱحْلُلْ عُقْدَةً مِّن لِّسَانِى ﴿٢٧﴾
28. То суханамро дарёбанд	يَفْقَهُوا۟ قَوْلِى ﴿٢٨﴾
29. Ва барои ман ёваре аз [афроди] хонадонам қарор бидеҳ	وَٱجْعَل لِّى وَزِيرًا مِّنْ أَهْلِى ﴿٢٩﴾
30. Ҳорун-бародарамро	هَٰرُونَ أَخِى ﴿٣٠﴾
31. Пуштамро бо ӯ устувор соз	ٱشْدُدْ بِهِۦٓ أَزْرِى ﴿٣١﴾
32. Ва ӯро дар кори [рисолати] ман шарик кун	وَأَشْرِكْهُ فِىٓ أَمْرِى ﴿٣٢﴾
33. Туро бисёр ба покӣ биситоем	كَىْ نُسَبِّحَكَ كَثِيرًا ﴿٣٣﴾
34. ва бисёр ёдат кунем	وَنَذْكُرَكَ كَثِيرًا ﴿٣٤﴾
35. Бе тардид, Ту ба [ҳоли] мо биноӣ»	إِنَّكَ كُنتَ بِنَا بَصِيرًا ﴿٣٥﴾
36. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Эй Мӯсо, хостаат ба ту дода шуд	قَالَ قَدْ أُوتِيتَ سُؤْلَكَ يَٰمُوسَىٰ ﴿٣٦﴾
37. Дар ҳақиқат, мо [пештар] як бори дигар [низ] бар ту миннат ниҳода будем	وَلَقَدْ مَنَنَّا عَلَيْكَ مَرَّةً أُخْرَىٰٓ ﴿٣٧﴾
38. Он гоҳ ки он чиро, ки [бояд дар бораи ҳифозат аз ту] илҳом мешуд, ба модарат илҳом кардем	إِذْ أَوْحَيْنَآ إِلَىٰٓ أُمِّكَ مَا يُوحَىٰٓ ﴿٣٨﴾
39. Ки: «ӯро дар сандуқе бигзор ва он [сандуқ]-ро ба дарё [рӯди Нил] бияндоз, то дарё ӯро ба	أَنِ ٱقْذِفِيهِ فِى ٱلتَّابُوتِ فَٱقْذِفِيهِ فِى ٱلْيَمِّ فَلْيُلْقِهِ ٱلْيَمُّ بِٱلسَّاحِلِ يَأْخُذْهُ عَدُوٌّ لِّى وَعَدُوٌّ لَّهُۥ ۚ وَأَلْقَيْتُ عَلَيْكَ مَحَبَّةً مِّنِّى وَلِتُصْنَعَ عَلَىٰ عَيْنِىٓ ﴿٣٩﴾

соҳил бияфканад [ва] душмани Ман ва душмани ӯ онро [аз об] бигирад; ва бар ту аз ҷониби хеш муҳре [дар дилҳо] афкандам ва [ҳимоятат кардам] таҳти назар парвариш ёбӣ

إِذْ تَمْشِيٓ أُخْتُكَ فَتَقُولُ هَلْ أَدُلُّكُمْ عَلَىٰ مَن يَكْفُلُهُۥ ۖ فَرَجَعْنَٰكَ إِلَىٰٓ أُمِّكَ كَيْ تَقَرَّ عَيْنُهَا وَلَا تَحْزَنَ ۚ وَقَتَلْتَ نَفْسًا فَنَجَّيْنَٰكَ مِنَ ٱلْغَمِّ وَفَتَنَّٰكَ فُتُونًا ۚ فَلَبِثْتَ سِنِينَ فِىٓ أَهْلِ مَدْيَنَ ثُمَّ جِئْتَ عَلَىٰ قَدَرٍ يَٰمُوسَىٰ ﴿٤٠﴾

40. Он гоҳ ки хоҳарат [дар канори руд ҳамроҳ бо сандуқи ту] роҳ мерафт ва [ба касоне, ки туро аз об гирифтанд] гуфт: «Мехоҳед шахсеро нишонатон диҳам, ки сарпарастии ӯро ба уҳда бигирад?» Пас, туро ба модарат бозгардонидем, то чашмаш [ба дидорат] равшан гардад ва андуҳгин набошад; ва [баъдҳо] ту шахсе [қибтӣ]-ро куштӣ ва Мо аз андӯҳ [ва муҷозоти қатл] наҷотат додем ва туро борҳо озмудем. Пас [аз он] чанд сол байни мардуми Мадян ба сар бурдӣ; он гоҳ, эй Мӯсо, бар [тибқи] тақдири [илоҳӣ ва дар замони муқаррар ба ин ҷо] омадӣ

وَٱصْطَنَعْتُكَ لِنَفْسِى ﴿٤١﴾

41. Ва туро барои худам баргузидам [то паёмамро ба мардум бирасонӣ]

ٱذْهَبْ أَنتَ وَأَخُوكَ بِـَٔايَٰتِى وَلَا تَنِيَا فِى ذِكْرِى ﴿٤٢﴾

42. [Инак] Ту ва бародарат бо нишонаҳои [қудрату ягонагии] Ман равона шавед ва дар [даъвати ҳақ ва] ёд кардани Ман сустӣ наварзед

ٱذْهَبَآ إِلَىٰ فِرْعَوْنَ إِنَّهُۥ طَغَىٰ ﴿٤٣﴾

43. Ба сӯйи Фиръавн биравед, ки ӯ [куфр варзида ва] саркашӣ кардааст

فَقُولَا لَهُۥ قَوْلًا لَّيِّنًا لَّعَلَّهُۥ يَتَذَكَّرُ أَوْ يَخْشَىٰ ﴿٤٤﴾

44. Пас, ба нармӣ бо ӯ сухан бигӯед; бошад, ки панд гирад ё [аз азоби илоҳӣ] битарсад [ва тавба кунад]

قَالَا رَبَّنَآ إِنَّنَا نَخَافُ أَن يَفْرُطَ عَلَيْنَآ أَوْ أَن يَطْغَىٰ ﴿٤٥﴾

45. [Мӯсо ва Ҳорун] гуфтанд: «Парвардигоро, мо бимнокем, ки бар мо пешдастӣ намояд [ва пеш аз поёни даъват муҷозотамон кунад] ё [дар баробари сухани ҳақ] саркашӣ кунад»

قَالَ لَا تَخَافَآ ۖ إِنَّنِى مَعَكُمَآ أَسْمَعُ وَأَرَىٰ ﴿٤٦﴾

46. [Аллоҳ таоло] фармуд: «Натарсед [ки] яқинан, Ман ҳамроҳатон ҳастам [ва ҳама чизро] мешунавам ва мебинам

فَأْتِيَاهُ فَقُولَآ إِنَّا رَسُولَا رَبِّكَ فَأَرْسِلْ مَعَنَا بَنِيٓ إِسْرَٰٓءِيلَ وَلَا تُعَذِّبْهُمْ ۖ قَدْ جِئْنَٰكَ بِـَٔايَةٍ مِّن رَّبِّكَ ۖ وَٱلسَّلَٰمُ عَلَىٰ مَنِ ٱتَّبَعَ ٱلْهُدَىٰٓ ﴿٤٧﴾

47. Пас, ба сӯи ӯ биравед ва бигӯед: «Мо фиристодагони Парвардигорат ҳастем. Бани Исроилро ҳамроҳи мо бифирист ва [таҳқиру] озорашон накун. Ба ростӣ, ки Мо барои ту аз ҷониби Парвардигорат нишонаҳои равшане овардаем; ва саломатӣ [аз азоби илоҳӣ] бар касест, ки аз ҳидоят пайравӣ кунад

إِنَّا قَدْ أُوحِيَ إِلَيْنَآ أَنَّ ٱلْعَذَابَ عَلَىٰ مَن كَذَّبَ وَتَوَلَّىٰ ﴿٤٨﴾

48. Дар ҳақиқат, ба мо ваҳӣ шудааст, ки азоби [дузах] бар касест, ки [оёт ва муъҷизотро] дурӯғ ангошт ва [аз даъвати паёмбараш] рӯй гардонд»

قَالَ فَمَن رَّبُّكُمَا يَٰمُوسَىٰ ﴿٤٩﴾

49. [Фиръавн] Гуфт: «Эй Мӯсо, Парвардигори шумо кист?»

قَالَ رَبُّنَا ٱلَّذِيٓ أَعْطَىٰ كُلَّ شَىْءٍ خَلْقَهُۥ ثُمَّ هَدَىٰ ﴿٥٠﴾

50. [Мӯсо] гуфт: «Парвардигори мо касест, ки ба ҳар чизе офариниши [зоҳир ва вижагиҳои муносиби] ӯро бахшида ва сипас [онро] ҳидоят намудааст»

قَالَ فَمَا بَالُ ٱلْقُرُونِ ٱلْأُولَىٰ ﴿٥١﴾

51. [Фиръавн] Гуфт: «Пас, ҳол [ва сарнавишти наслҳои гузашта [ки кофир будаанд] чист?»

قَالَ عِلْمُهَا عِندَ رَبِّى فِى كِتَٰبٍ ۖ لَّا يَضِلُّ رَبِّى وَلَا يَنسَى ﴿٥٢﴾

52. [Мӯсо] Гуфт: «Дониши он дар китобе [Лавҳи Маҳфуз] назди Парвардигори ман [сабт] аст. Парвардигорам на иштибоҳ мекунад ва на фаромӯш менамояд

ٱلَّذِى جَعَلَ لَكُمُ ٱلْأَرْضَ مَهْدًا وَسَلَكَ لَكُمْ فِيهَا سُبُلًا وَأَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَخْرَجْنَا بِهِۦٓ أَزْوَٰجًا مِّن نَّبَاتٍ شَتَّىٰ ﴿٥٣﴾

53. Он [маъбуде], ки заминро бароятон [ҳамчун] гаҳворае [маҳалли осоиш] қарор дод ва дар он роҳҳое эҷод кард ва аз осмон обе фуру фиристод ва ба василаи он анвои гуногуни гиёҳонро [аз замин] берун овардем

كُلُوا۟ وَٱرْعَوْا۟ أَنْعَٰمَكُمْ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَٰتٍ لِّأُو۟لِى ٱلنُّهَىٰ ﴿٥٤﴾

54. [Ҳам худ аз он] Бихӯред ва [ҳам] чаҳорпоёнатонро бичаронед. Бе тардид, дар ин [умур] барои хирадмандон нишонаҳое [аз қудрати илоҳӣ] аст

مِنْهَا خَلَقْنَٰكُمْ وَفِيهَا نُعِيدُكُمْ وَمِنْهَا نُخْرِجُكُمْ تَارَةً أُخْرَىٰ ﴿٥٥﴾

55. Шуморо аз он [хок] офаридем ва ба он бозмегардонем ва бори дигар [дар қиёмат] аз он берун меоварем

وَلَقَدْ أَرَيْنَٰهُ ءَايَٰتِنَا كُلَّهَا فَكَذَّبَ وَأَبَىٰ ﴿٥٦﴾

56. Ва ба ростӣ, [Мо] ҳамаи нишонаҳои [қудрати] худро ба ӯ нишон додем; вале [ҳамаро] дурӯғ пиндошт ва [даъвати ҳақро] напазируфт

قَالَ أَجِئْتَنَا لِتُخْرِجَنَا مِنْ أَرْضِنَا بِسِحْرِكَ يَٰمُوسَىٰ ﴿٥٧﴾

57. [Он гоҳ] Гуфт: «Эй Мӯсо, оё назди мо омадӣ, ки бо ҷодуят моро аз сарзаминамон берун кунӣ?

فَلَنَأْتِيَنَّكَ بِسِحْرٍ مِّثْلِهِۦ فَٱجْعَلْ بَيْنَنَا وَبَيْنَكَ مَوْعِدًا لَّا نُخْلِفُهُۥ نَحْنُ وَلَآ أَنتَ مَكَانًا سُوًى ﴿٥٨﴾

58. Пас, яқинан, мо низ ҷодуе монанди он бароят меоварем; пас, дар маконе, ки [фосилааш аз ҳар ду тараф] яксон бошад, ваъдагоҳе миёни Мо ва худ таъйин кун, ки на Мо аз он хилоф кунем ва на ту

قَالَ مَوْعِدُكُمْ يَوْمُ ٱلزِّينَةِ وَأَن يُحْشَرَ ٱلنَّاسُ ضُحًى ﴿٥٩﴾

59. [Мӯсо] гуфт: «Ваъдагоҳи шумо рӯзи ид бошад, ки [ҳамаи] мардум пеш аз зуҳр ҷамъ мешаванд»

فَتَوَلَّىٰ فِرْعَوْنُ فَجَمَعَ كَيْدَهُۥ ثُمَّ أَتَىٰ ﴿٦٠﴾

60. Он гоҳ Фиръавн бозгашт ва [тамоми] найрангу ҳилаи хешро ҷамъ кард ва [ҳамроҳи ҷодугаронаш ба маҳалли мавриди назар] омад

قَالَ لَهُم مُّوسَىٰ وَيْلَكُمْ لَا تَفْتَرُوا۟ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا فَيُسْحِتَكُم بِعَذَابٍ ۖ وَقَدْ خَابَ مَنِ ٱفْتَرَىٰ ﴿٦١﴾

61. Мӯсо ба онон гуфт: «Вой бар шумо! Бар Аллоҳ таоло дурӯғ набандед, ки бо азобе [сахт] нобудатон месозад; ва яқинан, ҳар ки [бо фиреб додани мардум бар Аллоҳ таоло] дурӯғ баст, зиёнкор гашт»

فَتَنَٰزَعُوٓا۟ أَمْرَهُم بَيْنَهُمْ وَأَسَرُّوا۟ ٱلنَّجْوَىٰ ﴿٦٢﴾

62. Пас, [ҷодугарон пас аз ҳушдори Мӯсо] дар корашон миёни худ ихтилоф карданд ва пинҳонӣ гуфтугӯ карданд

قَالُوٓا۟ إِنْ هَٰذَٰنِ لَسَٰحِرَٰنِ يُرِيدَانِ أَن يُخْرِجَاكُم مِّنْ أَرْضِكُم بِسِحْرِهِمَا وَيَذْهَبَا بِطَرِيقَتِكُمُ ٱلْمُثْلَىٰ ﴿٦٣﴾

63. [Бархе аз онон] Гуфтанд: «Ин ду [нафар] ҳатман, ҷодугаранд [ва] бо ҷодуи хеш мехоҳанд шуморо аз сарзаминатон берун кунанд ва оин [ва роҳу расм]-и бартари шуморо аз миён бардоранд

فَأَجْمِعُوا۟ كَيْدَكُمْ ثُمَّ ٱئْتُوا۟ صَفًّا ۚ وَقَدْ أَفْلَحَ ٱلْيَوْمَ مَنِ ٱسْتَعْلَىٰ ﴿٦٤﴾

64. Пас, [ҳамаи] найранги хешро фароҳам кунед [ва ба кор бандед]; сипас дар як саф [барои мубориза] ба пеш оед. Бе тардид, ҳар ки имрӯз [бар душман] чира шавад, пирӯз [ва комёб] гаштааст

قَالُواْ يَٰمُوسَىٰٓ إِمَّآ أَن تُلۡقِيَ وَإِمَّآ أَن نَّكُونَ أَوَّلَ مَنۡ أَلۡقَىٰ ٦٥

65. [Ҷодугарон] гуфтанд: «Эй Мӯсо, оё ту [он чиро бо худ дорӣ] меафканӣ ё [мо] нахустин касе бошем, ки меафканад?»

قَالَ بَلۡ أَلۡقُواْۖ فَإِذَا حِبَالُهُمۡ وَعِصِيُّهُمۡ يُخَيَّلُ إِلَيۡهِ مِن سِحۡرِهِمۡ أَنَّهَا تَسۡعَىٰ ٦٦

66. [Мӯсо] Гуфт: «[На] балки шумо бияфканед». Пас, ногоҳ ресмонҳо ва чӯбдастҳои онон аз ҷодуяшон чунон ба назараш расид, ки гӯӣ ба шитоб мехазанд

فَأَوۡجَسَ فِي نَفۡسِهِۦ خِيفَةٗ مُّوسَىٰ ٦٧

67. Пас, Мӯсо дар дилаш тарсе эҳсос кард

قُلۡنَا لَا تَخَفۡ إِنَّكَ أَنتَ ٱلۡأَعۡلَىٰ ٦٨

68. Гуфтем: «Натарс, [ки] ту, ҳатман, [пирӯз ва] бартарӣ

وَأَلۡقِ مَا فِي يَمِينِكَ تَلۡقَفۡ مَا صَنَعُوٓاْۖ إِنَّمَا صَنَعُواْ كَيۡدُ سَٰحِرٖۖ وَلَا يُفۡلِحُ ٱلسَّاحِرُ حَيۡثُ أَتَىٰ ٦٩

69. Ва он чиро, ки дар дасти рости худ дорӣ, бияфкан, то [тамоми] он чиро, ки сохтаанд, бибалъад. Бе тардид, он чи онон сохтаанд, фақат найранги ҷодугар аст ва ҷодугар ҳар ҷо, ки бошад [ва ҳар чӣ кунад], пирӯз намегардад»

فَأُلۡقِيَ ٱلسَّحَرَةُ سُجَّدٗا قَالُوٓاْ ءَامَنَّا بِرَبِّ هَٰرُونَ وَمُوسَىٰ ٧٠

70. [Пас, чун Мӯсо асояшро бар замин андохт, ба мори бузурге табдил шуд ва сохтаҳои ононро балъид], он гоҳ ҷодугарон ба саҷда афтоданд [ва] гуфтанд: «Ба Парвардигори Ҳорун ва Мӯсо имон овардем»

قَالَ ءَامَنتُمۡ لَهُۥ قَبۡلَ أَنۡ ءَاذَنَ لَكُمۡۖ إِنَّهُۥ لَكَبِيرُكُمُ ٱلَّذِي عَلَّمَكُمُ ٱلسِّحۡرَۖ فَلَأُقَطِّعَنَّ أَيۡدِيَكُمۡ وَأَرۡجُلَكُم مِّنۡ خِلَٰفٖ وَلَأُصَلِّبَنَّكُمۡ فِي جُذُوعِ ٱلنَّخۡلِ وَلَتَعۡلَمُنَّ أَيُّنَآ أَشَدُّ عَذَابٗا وَأَبۡقَىٰ ٧١

71. [Фиръавн] Гуфт: «Оё пеш аз он ки ба шумо иҷозат диҳам ба ӯ имон овардед? Ҳатман, ӯ бузурги шумост, ки ба шумо ҷодугарӣ омӯхтааст. Пас, ҳатман, дасту пойи шуморо бар акси якдигар [аз чапу рост] қатъ мекунам ва ҳамагиатонро дар танаҳои нахл ба дор меовезам ва он гоҳ хуб хоҳед донист, ки азоб [ва шиканҷаи] кадом яки аз мо сахттар ва пояндатар аст; [ман ё Парвардигори Мӯсо]»

قَالُواْ لَن نُّؤۡثِرَكَ عَلَىٰ مَا جَآءَنَا مِنَ ٱلۡبَيِّنَٰتِ وَٱلَّذِي فَطَرَنَاۖ فَٱقۡضِ مَآ أَنتَ قَاضٖۖ إِنَّمَا تَقۡضِي هَٰذِهِ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَآ ٧٢

72. [Ҷодугарон] Гуфтанд: «Ҳаргиз [пайравӣ аз] туро бар ин далоили равшане, ки бароямон омадааст ва [ҳамчунин] бар он ки моро офаридааст, тарҷеҳ намедиҳем; пас, ба ҳар ҳукме, ки мехоҳӣ, ҳукм кун. Ту фақат метавонӣ дар зиндагии ин дунё ҳукм кунӣ

إِنَّآ ءَامَنَّا بِرَبِّنَا لِيَغْفِرَ لَنَا خَطَٰيَٰنَا وَمَآ أَكْرَهْتَنَا عَلَيْهِ مِنَ ٱلسِّحْرِ ۗ وَٱللَّهُ خَيْرٌ وَأَبْقَىٰٓ ﴿٧٣﴾

73. Бе тардид, мо ба Парвардигорамон имон овардем, то гуноҳонамон ва он чиро аз ҷодугарӣ бар мо таҳмил кардай, бибахшояд; ва Аллоҳ таоло беҳтару пояндатар аст»

إِنَّهُۥ مَن يَأْتِ رَبَّهُۥ مُجْرِمًا فَإِنَّ لَهُۥ جَهَنَّمَ لَا يَمُوتُ فِيهَا وَلَا يَحْيَىٰ ﴿٧٤﴾

74. Ҳар ки дар пешгоҳи Парвардигораш гунаҳкор ҳозир шавад, яқинан, оташи дузах барои ӯст; дар он ҷо на мемирад [ки раҳоӣ ёбад] ва на [ба хушӣ] зиндагӣ мекунад

وَمَن يَأْتِهِۦ مُؤْمِنًا قَدْ عَمِلَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَأُو۟لَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلدَّرَجَٰتُ ٱلْعُلَىٰ ﴿٧٥﴾

75. Ва ҳар ки муъмин назди ӯ биёяд, дар ҳоле ки корҳои шоиста анҷом дода бошад, пас, инон дараҷоти олӣ доранд

جَنَّٰتُ عَدْنٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا ۚ وَذَٰلِكَ جَزَٰٓؤُا۟ مَن تَزَكَّىٰ ﴿٧٦﴾

76. Боғҳои ҷовидони [биҳишт], ки ҷӯйборҳо зери [дарахтони] он ҷорӣ аст. Ҳамеша дар он хоҳанд буд; ва ин аст подоши касе, ки худро [аз олудагиҳои ширку гуноҳ] пок кардааст

وَلَقَدْ أَوْحَيْنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ أَنْ أَسْرِ بِعِبَادِى فَٱضْرِبْ لَهُمْ طَرِيقًا فِى ٱلْبَحْرِ يَبَسًا لَّا تَخَٰفُ دَرَكًا وَلَا تَخْشَىٰ ﴿٧٧﴾

77. Ва ба ростӣ, [Мо] ба Мӯсо ваҳй кардем, ки: «Бандагонамро шабона [аз Миср берун] бибар, сипас барои онон дар дарё роҳе хушк бикшо, ки на аз таъқиб [-и душманон] хоҳӣ тарсид ва на [аз ғарқ шудан дар дарё] бим дорӣ

فَأَتْبَعَهُمْ فِرْعَوْنُ بِجُنُودِهِۦ فَغَشِيَهُم مِّنَ ٱلْيَمِّ مَا غَشِيَهُمْ ﴿٧٨﴾

78. Он гоҳ Фиръавн бо сипоҳиёнаш ононро дунбол кард ва оби дарё эшонро фуру пӯшонид; чунон пӯшонидане [ки ҳақиқаташро касе ҷуз Аллоҳ таоло намедонад]

وَأَضَلَّ فِرْعَوْنُ قَوْمَهُۥ وَمَا هَدَىٰ ﴿٧٩﴾

79. Ва [бад-ин сон Фиръавн қавми худро гумроҳ намуд ва ҳидоят накард

يَٰبَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ قَدْ أَنجَيْنَٰكُم مِّنْ عَدُوِّكُمْ وَوَٰعَدْنَٰكُمْ جَانِبَ ٱلطُّورِ ٱلْأَيْمَنَ وَنَزَّلْنَا عَلَيْكُمُ ٱلْمَنَّ وَٱلسَّلْوَىٰ ﴿٨٠﴾

80. Эй Бани Исроил, ба ростӣ, [Мо] шуморо аз [чанги] душманонатон наҷот додем ва дар самти рости [кӯҳи] Тӯр бо шумо ваъда гузоштем [то Тавротро нозил кунем] ва бар шумо манн [ширинӣ] ва салво [бедона] фуру фиристодем

كُلُوا۟ مِن طَيِّبَٰتِ مَا رَزَقْنَٰكُمْ وَلَا تَطْغَوْا۟ فِيهِ فَيَحِلَّ عَلَيْكُمْ غَضَبِى ۖ وَمَن يَحْلِلْ عَلَيْهِ غَضَبِى فَقَدْ هَوَىٰ ﴿٨١﴾

81. Аз неъматҳои покизае, ки ба шумо рӯзӣ додаем, бихӯред ва дар он зиёдаравӣ накунед, ки хашми

Ман бар шумо фуруд меояд; ва ҳар ки хашми ман бар ӯ фуруд ояд, ҳатман, ҳалок мегардад

وَإِنِّي لَغَفَّارٌ لِّمَن تَابَ وَءَامَنَ وَعَمِلَ صَٰلِحًا ثُمَّ ٱهْتَدَىٰ ﴿٨٢﴾

82. Ва яқинан, ман омурзандаи касе ҳастам, ки тавба кунад ва имон оварад ва коре шоиста кунад ва он гоҳ бар ҳидоят [-и худ боқӣ] бимонад

۞وَمَآ أَعْجَلَكَ عَن قَوْمِكَ يَٰمُوسَىٰ ﴿٨٣﴾

83. Эй Мӯсо, чи чиз мучиб шуд, ки чилавтар аз қавмат [ба сӯйи ваъдагоҳи Тӯр] бишитобӣ?

قَالَ هُمْ أُو۟لَآءِ عَلَىٰٓ أَثَرِى وَعَجِلْتُ إِلَيْكَ رَبِّ لِتَرْضَىٰ ﴿٨٤﴾

84. [Мӯсо] Гуфт: «Парвардигоро, онон ба дунболам меоянд ва ман ба сӯят шитофтам, то [аз ман] хушнуд гардӣ»

قَالَ فَإِنَّا قَدْ فَتَنَّا قَوْمَكَ مِنۢ بَعْدِكَ وَأَضَلَّهُمُ ٱلسَّامِرِىُّ ﴿٨٥﴾

85. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Пас, [бидон, ки] Мо қавматро пас аз [рафтани] ту озмудем ва Сомирӣ гумроҳашон кард»

فَرَجَعَ مُوسَىٰٓ إِلَىٰ قَوْمِهِۦ غَضْبَٰنَ أَسِفًا ۚ قَالَ يَٰقَوْمِ أَلَمْ يَعِدْكُمْ رَبُّكُمْ وَعْدًا حَسَنًا ۚ أَفَطَالَ عَلَيْكُمُ ٱلْعَهْدُ أَمْ أَرَدتُّمْ أَن يَحِلَّ عَلَيْكُمْ غَضَبٌ مِّن رَّبِّكُمْ فَأَخْلَفْتُم مَّوْعِدِى ﴿٨٦﴾

86. Пас, Мӯсо хашмгин [ва] андӯҳнок ба сӯйи қавмаш бозгашт [ва] гуфт: «Эй қавми ман, магар Парвардигоратон [дар бораи нузули Таврот] ваъдаи наку ба шумо надода буд? Оё бар паймони шумо [бо Аллоҳ таоло] замоне тӯлонӣ гузашт [ва ҳамаро аз ёд бурдед] ё хостед, хашме аз [сӯи] Парвардигоратон бар шумо фуруд ояд, ки ваъдаи маро хилоф кардед?»

قَالُوا۟ مَآ أَخْلَفْنَا مَوْعِدَكَ بِمَلْكِنَا وَلَٰكِنَّا حُمِّلْنَآ أَوْزَارًا مِّن زِينَةِ ٱلْقَوْمِ فَقَذَفْنَٰهَا فَكَذَٰلِكَ أَلْقَى ٱلسَّامِرِىُّ ﴿٨٧﴾

87. Онон гуфтанд: «[Мо] Ба ихтиёри худ паймони туро нашикастем, вале борҳои сангине аз зару зеварҳои қавм [-и Фиръавн]-ро, ки бар мо ниҳода буданд, [дар оташ] андохтем ва Сомирӣ низ [он чиро, ки иддао мекард, хоки суми асби Ҷабраил аст, дар оташ] андохт»

فَأَخْرَجَ لَهُمْ عِجْلًا جَسَدًا لَّهُۥ خُوَارٌ فَقَالُوا۟ هَٰذَآ إِلَٰهُكُمْ وَإِلَٰهُ مُوسَىٰ فَنَسِىَ ﴿٨٨﴾

88. Он гоҳ барояшон мучассамаи гӯсолае сохт, ки садое [ҳамчун садои гӯсола] дошт. Пас, [Сомирӣ ва пайравонаш ба мардум] гуфтанд: «Ин маъбуди шумо ва маъбуди Мӯсо аст, ки онро фаромӯш [ва ин ҷо раҳо] кардааст»

أَفَلَا يَرَوْنَ أَلَّا يَرْجِعُ إِلَيْهِمْ قَوْلًا وَلَا يَمْلِكُ لَهُمْ ضَرًّا وَلَا نَفْعًا ﴿٨٩﴾

89. Оё намедиданд, ки [ин гӯсола] ҳеҷ посухе ба онҳо намедиҳад ва ҳеҷ зиёне ва суде барояшон надорад?

وَلَقَدْ قَالَ لَهُمْ هَٰرُونُ مِن قَبْلُ يَٰقَوْمِ إِنَّمَا فُتِنتُم بِهِۦ ۖ وَإِنَّ رَبَّكُمُ ٱلرَّحْمَٰنُ فَٱتَّبِعُونِى وَأَطِيعُوٓا۟ أَمْرِى ﴿٩٠﴾

90. Ва дар ҳақиқат, пеш аз он [ки Мӯсо бозгардад] Ҳорун низ ба онҳо гуфта буд: «Эй қавми ман, ҷуз ин нест, ки шумо бо ин гӯсола имтиҳон шудаед ва бе тардид, Парвардигори [ҳақиқии] шумо [Аллоҳи] Раҳмон аст; пас, пайрави ман бошед ва аз фармонам итоат кунед»

قَالُوا۟ لَن نَّبْرَحَ عَلَيْهِ عَٰكِفِينَ حَتَّىٰ يَرْجِعَ إِلَيْنَا مُوسَىٰ ﴿٩١﴾

91. [Онон] Гуфтанд: «Мо пайваста бар ин [гӯсолапарастӣ] мемонем, то Мӯсо наздамон бозгардад»

قَالَ يَٰهَٰرُونُ مَا مَنَعَكَ إِذْ رَأَيْتَهُمْ ضَلُّوٓا۟ ﴿٩٢﴾

92. [Вақте Мӯсо бозомад] Гуфт: «Эй Ҳорун, ҳангоме ки дидӣ онон гумроҳ шудаанд,

أَلَّا تَتَّبِعَنِ ۖ أَفَعَصَيْتَ أَمْرِى ﴿٩٣﴾

93. чи чизе туро аз пайравии ман боздошт [ва чаро ононро тарк накардӣ]? Оё аз фармонам сарпечӣ кардӣ?»

قَالَ يَبْنَؤُمَّ لَا تَأْخُذْ بِلِحْيَتِى وَلَا بِرَأْسِىٓ ۖ إِنِّى خَشِيتُ أَن تَقُولَ فَرَّقْتَ بَيْنَ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ وَلَمْ تَرْقُبْ قَوْلِى ﴿٩٤﴾

94. [Ҳорун] Гуфт: «Эй писари модарам, ришу [мӯйи] сарамро нагир. Дар ҳақиқат, тарсидам, ки бигӯӣ, миёни Бани Исроил тафриқа андохтӣ ва сухан [ва супориш]-и маро ба кор набастӣ»

قَالَ فَمَا خَطْبُكَ يَٰسَٰمِرِىُّ ﴿٩٥﴾

95. [Мӯсо] Гуфт: «Эй Сомирӣ, ин чи коре аст, ки кардӣ?»

قَالَ بَصُرْتُ بِمَا لَمْ يَبْصُرُوا۟ بِهِۦ فَقَبَضْتُ قَبْضَةً مِّنْ أَثَرِ ٱلرَّسُولِ فَنَبَذْتُهَا وَكَذَٰلِكَ سَوَّلَتْ لِى نَفْسِى ﴿٩٦﴾

96. Ӯ гуфт: «Ман чизеро дидам, ки онон надиданд ва муште аз хоки пойи [асби] фиристода [Ҷабраил]-ро бардоштам ва [дар пайкари гӯсола] андохтам ва [ҳавои] нафсам [ин корро] инчунин бароям орост»

قَالَ فَٱذْهَبْ فَإِنَّ لَكَ فِى ٱلْحَيَوٰةِ أَن تَقُولَ لَا مِسَاسَ ۖ وَإِنَّ لَكَ مَوْعِدًا لَّن تُخْلَفَهُۥ ۖ وَٱنظُرْ إِلَىٰٓ إِلَٰهِكَ ٱلَّذِى ظَلْتَ عَلَيْهِ عَاكِفًا ۖ لَّنُحَرِّقَنَّهُۥ ثُمَّ لَنَنسِفَنَّهُۥ فِى ٱلْيَمِّ نَسْفًا ﴿٩٧﴾

97. [Мӯсо] Гуфт: «Пас, бирав. Бе тардид, баҳраи ту дар зиндагӣ ин аст, ки [чунон матруд шавӣ, ки ба мардум] бигӯӣ: «[Ба ман] Даст назанед»; ва ваъдагоҳе [барои азоб] хоҳӣ дошт, ки ҳаргиз аз он тахаллуф нахоҳад шуд; ва [акнун] ба он маъбуде, ки пайваста дар ибодаташ будӣ, бингар; онро месӯзонем, он гоҳ [ки комилан хокистар шуд,] дар дарё парокандааш месозем»

إِنَّمَآ إِلَٰهُكُمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِى لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۚ وَسِعَ كُلَّ شَىْءٍ عِلْمًا ﴿٩٨﴾

98. [Эй мардум] Маъбуди шумо Аллоҳ таоло аст, ки ҳеҷ маъбуде [бар ҳақ] ҷуз Ӯ нест ва илмаш ҳама чизро фаро гирифтааст

كَذَٰلِكَ نَقُصُّ عَلَيْكَ مِنْ أَنۢبَآءِ مَا قَدْ سَبَقَ ۚ وَقَدْ ءَاتَيْنَٰكَ مِن لَّدُنَّا ذِكْرًا ﴿٩٩﴾

99. [Эй Паёмбар] Ин гуна аз ахбор [ва достонҳои паёмбарони] гузашта бар ту ҳикоят мекунем; ва ба ростӣ, ки [мо] аз ҷониби хеш ба ту Қуръоне [пандомӯз] додаем

مَّنْ أَعْرَضَ عَنْهُ فَإِنَّهُۥ يَحْمِلُ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ وِزْرًا ﴿١٠٠﴾

100. Ҳар ки аз он рӯйгардон шавад, яқинан, рӯзи қиёмат бори сангине [аз гуноҳ] бар дӯш хоҳад кашид

خَٰلِدِينَ فِيهِ ۖ وَسَآءَ لَهُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ حِمْلًا ﴿١٠١﴾

101. Ҷовидона дар он [азоб] хоҳанд монд; ва чи бад аст боре, ки [кофирон] дар қиёмат хоҳанд кашид!

يَوْمَ يُنفَخُ فِى ٱلصُّورِ ۚ وَنَحْشُرُ ٱلْمُجْرِمِينَ يَوْمَئِذٍ زُرْقًا ﴿١٠٢﴾

102. Рӯзе, ки дар «сур» дамида мешавад ва дар он рӯз мучримонро [ки бисёр тарсидаанд, бо чашму бадани] кабуд ҷамъ мекунем

يَتَخَٰفَتُونَ بَيْنَهُمْ إِن لَّبِثْتُمْ إِلَّا عَشْرًا ﴿١٠٣﴾

103. Байни худ оҳиста сухан мегӯянд: «[Шумо] Беш аз даҳ рӯз [дар дунё] ба сар набурдаед»

نَّحْنُ أَعْلَمُ بِمَا يَقُولُونَ إِذْ يَقُولُ أَمْثَلُهُمْ طَرِيقَةً إِن لَّبِثْتُمْ إِلَّا يَوْمًا ﴿١٠٤﴾

104. Мо ба он чи эшон мегӯянд, донотарем; он гоҳ ки хирадмандтаринашон мегӯяд: «[Шумо] Танҳо як рӯз ба сар бурдаед»

وَيَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلْجِبَالِ فَقُلْ يَنسِفُهَا رَبِّى نَسْفًا ﴿١٠٥﴾

105. Ва [эй паёмбар] аз ту дар бораи кӯҳҳо [дар қиёмат] мепурсанд; пас, бигӯ: «Парвардигорам ононро сахт муталошӣ [ва пароканда] мекунад

فَيَذَرُهَا قَاعًا صَفْصَفًا ﴿١٠٦﴾

106. Ва онҳоро софу ҳамвор хоҳад намуд

لَّا تَرَىٰ فِيهَا عِوَجًا وَلَآ أَمْتًا ﴿١٠٧﴾

107. [Ҳамчун замине] Ки дар он ҳеҷ пастӣ ва баландӣ намебинӣ»

يَوْمَئِذٍ يَتَّبِعُونَ ٱلدَّاعِىَ لَا عِوَجَ لَهُۥ ۖ وَخَشَعَتِ ٱلْأَصْوَاتُ لِلرَّحْمَٰنِ فَلَا تَسْمَعُ إِلَّا هَمْسًا ﴿١٠٨﴾

108. Дар он рӯз [ҳамаи мардум] бидуни ҳеҷ мухолифате аз даъваткунанда [-и илоҳӣ] пайравӣ мекунанд ва садоҳо дар баробари Худои меҳрубон паст мешаванд ва аз ҳеҷ чиз ҷуз садои пойе нахоҳӣ шунид

يَوْمَئِذٍ لَّا تَنفَعُ ٱلشَّفَٰعَةُ إِلَّا مَنْ أَذِنَ لَهُ ٱلرَّحْمَٰنُ وَرَضِىَ لَهُۥ قَوْلًا ﴿١٠٩﴾

109. Дар он рӯз шафоат суд надиҳад, магар онро, ки Худои Раҳмон ба ӯ иҷозат диҳад ва суханашро биписандад

يَعْلَمُ مَا بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَمَا خَلْفَهُمْ وَلَا يُحِيطُونَ بِهِۦ عِلْمًا ﴿١١٠﴾

110. [Аллоҳ таоло] Он чиро, ки инсонҳо [дар охират] дар пеш доранд ва он чиро, ки [дар дунё] пушти сар гузоштаанд, [ҳамаро] медонад, вале дониши онон ӯро фаро намегирад

وَعَنَتِ ٱلْوُجُوهُ لِلْحَىِّ ٱلْقَيُّومِ ۖ وَقَدْ خَابَ مَنْ حَمَلَ ظُلْمًا ﴿١١١﴾

111. Ва чеҳраҳо дар баробари [Парвардигори] зиндаи пойдор хор мегардад ва ҳар ки [бори] ситам бардошт, зиён дид

وَمَن يَعْمَلْ مِنَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَلَا يَخَافُ ظُلْمًا وَلَا هَضْمًا ﴿١١٢﴾

112. Ва касе, ки аз корҳои шоиста анҷом диҳад ва муъмин бошад, на аз ҳеҷ ситаме меҳаросад ва на аз костан [-и подошаш]

وَكَذَٰلِكَ أَنزَلْنَٰهُ قُرْءَانًا عَرَبِيًّا وَصَرَّفْنَا فِيهِ مِنَ ٱلْوَعِيدِ لَعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ أَوْ يُحْدِثُ لَهُمْ ذِكْرًا ﴿١١٣﴾

113. Ва, инчунин, онро Қуръоне [ба забони] арабӣ нозил кардем ва ҳушдорҳои гуногун дар он баён намудем; бошад, ки [аз азоби илоҳӣ] парҳезанд ё [ин китоб] бароямон панде падид оварад

فَتَعَٰلَى ٱللَّهُ ٱلْمَلِكُ ٱلْحَقُّ ۗ وَلَا تَعْجَلْ بِٱلْقُرْءَانِ مِن قَبْلِ أَن يُقْضَىٰٓ إِلَيْكَ وَحْيُهُۥ ۖ وَقُل رَّبِّ زِدْنِى عِلْمًا ﴿١١٤﴾

114. Пас, баландмартаба аст Аллоҳ таоло, ки фармонравои ҳақ аст. Ва дар [хондани] Қуръон - пеш аз он ки ваҳйи он бар ту поён ёбад - шитоб макун; ва бигӯ: «Парвардигоро, бар донишам бияфзо»

وَلَقَدْ عَهِدْنَآ إِلَىٰٓ ءَادَمَ مِن قَبْلُ فَنَسِىَ وَلَمْ نَجِدْ لَهُۥ عَزْمًا ﴿١١٥﴾

115. Ба ростӣ, пеш аз ин бо Одам паймон бастем [ки аз меваи дарахти мамнуа нахӯрад]; вале [паймонашро] фаромӯш кард ва дар ӯ азме [устувор] наёфтем

وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَٰٓئِكَةِ ٱسْجُدُوا۟ لِءَادَمَ فَسَجَدُوٓا۟ إِلَّآ إِبْلِيسَ أَبَىٰ ﴿١١٦﴾

116. Ва [ёд кун аз ҳангоме ки ба фариштагон гуфтем: «Барои Одам саҷда кунед»; пас, [ҳамагӣ] саҷда карданд, магар Иблис, ки сарпечӣ намуд

فَقُلْنَا يَٰٓـَٔادَمُ إِنَّ هَٰذَا عَدُوٌّ لَّكَ وَلِزَوْجِكَ فَلَا يُخْرِجَنَّكُمَا مِنَ ٱلْجَنَّةِ فَتَشْقَىٰٓ ﴿١١٧﴾

117. Пас, гуфтем: «Эй Одам, ин [Иблис] душмани ту ва ҳамсари туст; мабодо шуморо аз биҳишт берун кунад, ки ба сахтӣ меафтӣ

إِنَّ لَكَ أَلَّا تَجُوعَ فِيهَا وَلَا تَعۡرَىٰ ﴿١١٨﴾

118. Дар ҳақиқат, ту ин [неъмат]-ро [дар биҳишт] дорӣ, ки на гурусна мешавӣ ва на бараҳна мемонӣ

وَأَنَّكَ لَا تَظۡمَؤُاْ فِيهَا وَلَا تَضۡحَىٰ ﴿١١٩﴾

119. Ва ин ки дар он ҷо на ташна мешавӣ ва на офтобзада

فَوَسۡوَسَ إِلَيۡهِ ٱلشَّيۡطَٰنُ قَالَ يَٰٓـَٔادَمُ هَلۡ أَدُلُّكَ عَلَىٰ شَجَرَةِ ٱلۡخُلۡدِ وَمُلۡكٖ لَّا يَبۡلَىٰ ﴿١٢٠﴾

120. Пас, шайтон ӯро васваса кард [ва] гуфт: «Эй Одам, оё [мехоҳӣ] дарахти ҷовидонагӣ ва фармонравоии фанопазирро нишонат диҳам?»

فَأَكَلَا مِنۡهَا فَبَدَتۡ لَهُمَا سَوۡءَٰتُهُمَا وَطَفِقَا يَخۡصِفَانِ عَلَيۡهِمَا مِن وَرَقِ ٱلۡجَنَّةِۚ وَعَصَىٰٓ ءَادَمُ رَبَّهُۥ فَغَوَىٰ ﴿١٢١﴾

121. Он гоҳ аз он [дарахти мамнуа] хӯрданд ва шармгоҳашон бар онон намоён шуд ва шурӯъ карданд ба қарор додани барги [дарахтони] биҳишт бар худ [то авраташонро бипӯшонанд]; ва [инчунин буд, ки] Одам аз Парвардигораш сарпечӣ кард ва ба бероҳӣ рафт

ثُمَّ ٱجۡتَبَٰهُ رَبُّهُۥ فَتَابَ عَلَيۡهِ وَهَدَىٰ ﴿١٢٢﴾

122. Сипас Парвардигораш ӯро баргузид ва тавбаашро пазируфт ва ҳидояташ кард

قَالَ ٱهۡبِطَا مِنۡهَا جَمِيعَۢاۖ بَعۡضُكُمۡ لِبَعۡضٍ عَدُوّٞۖ فَإِمَّا يَأۡتِيَنَّكُم مِّنِّي هُدٗى فَمَنِ ٱتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشۡقَىٰ ﴿١٢٣﴾

123. Фармуд: «[Шумо ду тан хамроҳи Иблис] Ҳамагӣ аз биҳишт фуруд оед, дар ҳоле ки душмани якдигаред. Агар аз [ҷониби] ман раҳнамуде бароятон расид, [бидонед] ҳар ки аз ҳидоятам пайравӣ кунад, на гумроҳ мешавад ва на [аз азоби дузах] ба ранҷ меафтад

وَمَنۡ أَعۡرَضَ عَن ذِكۡرِي فَإِنَّ لَهُۥ مَعِيشَةٗ ضَنكٗا وَنَحۡشُرُهُۥ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ أَعۡمَىٰ ﴿١٢٤﴾

124. Ва касе, ки аз ёди Ман рӯйгардон шавад, яқинан зиндагии сахте хоҳад дошт ва рӯзи қиёмат ӯро нобино бармеангезем

قَالَ رَبِّ لِمَ حَشَرۡتَنِيٓ أَعۡمَىٰ وَقَدۡ كُنتُ بَصِيرٗا ﴿١٢٥﴾

125. Вай мегӯяд: «Парвардигоро, чаро маро нобино барангехтӣ; ҳол он ки [дар дунё] бино будам?»

قَالَ كَذَٰلِكَ أَتَتۡكَ ءَايَٰتُنَا فَنَسِيتَهَاۖ وَكَذَٰلِكَ ٱلۡيَوۡمَ تُنسَىٰ ﴿١٢٦﴾

126. [Аллоҳ таоло] Мефармояд: «Ҳамон тавр, ки оёти Мо бар ту омад ва онҳоро ба фаромӯшӣ супурдӣ, имрӯз ту [низ] ба ҳамон сурат фаромӯш мешавӣ»

وَكَذَٰلِكَ نَجۡزِي مَنۡ أَسۡرَفَ وَلَمۡ يُؤۡمِنۢ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِۦۚ وَلَعَذَابُ ٱلۡأٓخِرَةِ أَشَدُّ وَأَبۡقَىٰٓ ﴿١٢٧﴾

127. Ва касеро, ки [дар гумроҳӣ ва гуноҳ] зиёдаравӣ кунад ва ба оёти Парвардигораш имон наоварад,

ин гуна кайфар медиҳем; ва ҳатман, азоби охират шадидтар ва пойдортар аст

أَفَلَمْ يَهْدِ لَهُمْ كَمْ أَهْلَكْنَا قَبْلَهُم مِّنَ ٱلْقُرُونِ يَمْشُونَ فِى مَسَٰكِنِهِمْ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّأُو۟لِى ٱلنُّهَىٰ ﴿١٢٨﴾

128. Оё барои ҳидояташон кофӣ нест, ки [бидонанд] чи наслҳоеро пеш аз онон нобуд кардем, ки [акнун ин мушрикон] дар хонаҳои эшон [наслҳои гузашта] роҳ мераванд? Ба ростӣ, дар ин [нукта] барои хирадмандон нишонаҳое [ибратангез] аст

وَلَوْلَا كَلِمَةٌ سَبَقَتْ مِن رَّبِّكَ لَكَانَ لِزَامًا وَأَجَلٌ مُّسَمًّى ﴿١٢٩﴾

129. Ва агар аз сӯйи Парвардигорат сухане [дар бораи итмоми ҳуҷҷат бо мардум] нагузашта буд ва замони муайяне дар кор набуд, ҳатман [азоби илоҳӣ дар ҳамин дунё бар онон] лозим мешуд

فَٱصْبِرْ عَلَىٰ مَا يَقُولُونَ وَسَبِّحْ بِحَمْدِ رَبِّكَ قَبْلَ طُلُوعِ ٱلشَّمْسِ وَقَبْلَ غُرُوبِهَا ۖ وَمِنْ ءَانَآئِ ٱلَّيْلِ فَسَبِّحْ وَأَطْرَافَ ٱلنَّهَارِ لَعَلَّكَ تَرْضَىٰ ﴿١٣٠﴾

130. Пас [эй Паёмбар,] бар он чӣ мегӯянд, шикебо бош ва Парвардигоратро пеш аз тулуи офтоб [дар намози бомдод] ва пеш аз ғуруб [дар намози аср] ба покӣ ситоиш кун ва соате аз шаб [дар намози хуфтан] ва канораҳои рӯз [дар намози пешин ва шом низ ба ниёиш бипардоз]; бошад, ки [аз подоши илоҳӣ] хушнуд шавӣ

وَلَا تَمُدَّنَّ عَيْنَيْكَ إِلَىٰ مَا مَتَّعْنَا بِهِۦٓ أَزْوَٰجًا مِّنْهُمْ زَهْرَةَ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا لِنَفْتِنَهُمْ فِيهِ ۚ وَرِزْقُ رَبِّكَ خَيْرٌ وَأَبْقَىٰ ﴿١٣١﴾

131. Ва ҳаргиз ба [неъматҳои дунявӣ ва] он чи ки гурӯҳҳое аз онон [мушрикон]-ро аз онҳо баҳраманд сохтаем, чашм надӯз. Инҳо зинати зиндагии дунёст, то ононро бад-он биозмояд; ва рӯзии Парвардигорат беҳтар ва пойдортар аст

وَأْمُرْ أَهْلَكَ بِٱلصَّلَوٰةِ وَٱصْطَبِرْ عَلَيْهَا ۖ لَا نَسْـَٔلُكَ رِزْقًا ۖ نَّحْنُ نَرْزُقُكَ ۗ وَٱلْعَٰقِبَةُ لِلتَّقْوَىٰ ﴿١٣٢﴾

132. Ва хонаводаатро ба намоз фармон бидеҳ ва [худ] бар [анҷоми] он шикебо бош [Мо] Аз ту рӯзӣ намехоҳем, [балки] худ ба ту рӯзӣ медиҳем; ва саранҷоми нек барои [аҳли] парҳез аст

وَقَالُوا۟ لَوْلَا يَأْتِينَا بِـَٔايَةٍ مِّن رَّبِّهِۦٓ ۚ أَوَلَمْ تَأْتِهِم بَيِّنَةُ مَا فِى ٱلصُّحُفِ ٱلْأُولَىٰ ﴿١٣٣﴾

133. [Мушрикон] гуфтанд: «Чаро [Муҳаммад] муъҷизае аз ҷониби Парвардигораш барои мо намеовард?» Бигӯ: «Оё [Қуръон ба унвони] далели равшан он чи дар китобҳои пешин аст, барояшон наёмадааст?»

وَلَوۡ أَنَّآ أَهۡلَكۡنَٰهُم بِعَذَابٖ مِّن قَبۡلِهِۦ لَقَالُواْ رَبَّنَا لَوۡلَآ أَرۡسَلۡتَ إِلَيۡنَا رَسُولٗا فَنَتَّبِعَ ءَايَٰتِكَ مِن قَبۡلِ أَن نَّذِلَّ وَنَخۡزَىٰ ١٣٤

134. Агар Мо ононро пеш аз он [ки паёмбар ва китоби осмонӣ биёяд] бо азобе ҳалок мекардем, ҳатман, [рӯзи қиёмат мушрикон] мегуфтанд: «Парвардигоро, чаро паёмбаре ба сӯямон нафиристодӣ, то пеш аз он ки хору расво шавем, аз оёти Ту пайравӣ кунем?»

قُلۡ كُلّٞ مُّتَرَبِّصٞ فَتَرَبَّصُواْۖ فَسَتَعۡلَمُونَ مَنۡ أَصۡحَٰبُ ٱلصِّرَٰطِ ٱلسَّوِيِّ وَمَنِ ٱهۡتَدَىٰ ١٣٥

135. [Эй Паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Ҳама мунтазиранд; пас, шумо [низ] мунтазир бошед. Ба зудӣ хоҳед донист, ки раҳравони роҳи рост чи касоне ҳастанд ва ҳидоятёфта кист»

(21) Анбиё(*) الأنبياء

Ҷузъи 17

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

اقْتَرَبَ لِلنَّاسِ حِسَابُهُمْ وَهُمْ فِي غَفْلَةٍ مُعْرِضُونَ ﴿١﴾

1. Замони ҳисоби мардум наздик шудааст ва онон дар ноогоҳӣ [аз бозхости охират] рӯй гардонанд

مَا يَأْتِيهِم مِّن ذِكْرٍ مِّن رَّبِّهِم مُّحْدَثٍ إِلَّا اسْتَمَعُوهُ وَهُمْ يَلْعَبُونَ ﴿٢﴾

2. Ҳеҷ панди тозае аз Парвардигорашон барои онон намеояд, магар он ки бозикунон ба он гӯш медиҳанд

لَاهِيَةً قُلُوبُهُمْ ۗ وَأَسَرُّوا النَّجْوَى الَّذِينَ ظَلَمُوا هَلْ هَٰذَا إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ ۖ أَفَتَأْتُونَ السِّحْرَ وَأَنتُمْ تُبْصِرُونَ ﴿٣﴾

3. [Паёми илоҳиро дар ҳоле мешунаванд, ки] дилҳояшон ғофил аст ва касоне, ки [кофир ва] ситамгор буданд, наҷвоҳояшонро пинҳон карданд [ва гуфтанд]: «Оё ин [муддаии паёмбарӣ] ҷуз башаре ҳамчун шумост? Оё дар ҳоле ки [ҳақиқатро] мебинед, ба ҷоду рӯй меоваред?»

قَالَ رَبِّي يَعْلَمُ الْقَوْلَ فِي السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ ۖ وَهُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ ﴿٤﴾

4. [Паёмбар] гуфт: «Парвардигорам ҳар суханеро, ки дар осмон ва замин бошад медонад ва Ӯ шунавову доност»

بَلْ قَالُوا أَضْغَاثُ أَحْلَامٍ بَلِ افْتَرَاهُ بَلْ هُوَ شَاعِرٌ فَلْيَأْتِنَا بِآيَةٍ كَمَا أُرْسِلَ الْأَوَّلُونَ ﴿٥﴾

5. Балки [кофирон дар ситез бо Қуръон] гуфтанд: «[Он чи Муҳаммад мегӯяд] хобҳое ошуфта аст, балки онро ба дурӯғ [ба Аллоҳ таоло] нисбат медиҳад. [На] Балки ӯ шоир аст. Пас, [агар рост мегӯяд] бароямон муъҷизае биёварад, чунон ки паёмбарони пешин [низ бо муъҷизот] фиристода шуданд»

مَا آمَنَتْ قَبْلَهُم مِّن قَرْيَةٍ أَهْلَكْنَاهَا ۖ أَفَهُمْ يُؤْمِنُونَ ﴿٦﴾

6. Пеш аз онон [низ сокинони ҳар] шаҳре, ки нобудаш мекардем, [ба оёт ва муъҷизоти Мо] имон наоварда буданд. Пас, оё [инҳо] имон меоваранд?

وَمَا أَرْسَلْنَا قَبْلَكَ إِلَّا رِجَالًا نُّوحِي إِلَيْهِمْ ۖ فَاسْأَلُوا أَهْلَ الذِّكْرِ إِن كُنتُمْ لَا تَعْلَمُونَ ﴿٧﴾

7. Ва [эй Паёмбар] пеш аз ту ҷуз мардоне, ки ба онон ваҳй мекардем [барои ҳидояти мардум]

(*) Анбиё (Паёмбарон).

нафиристодем, пас, [эй кофирон] агар намедонед, аз аҳли китоб бипурсед

8. Ва [мо] ононро пайкарҳое, ки ғизо нахӯранд, қарор надодем ва [дар дунё низ] ҷовидон набуданд

وَمَا جَعَلْنَٰهُمْ جَسَدًا لَّا يَأْكُلُونَ ٱلطَّعَامَ وَمَا كَانُوا۟ خَٰلِدِينَ ﴿٨﴾

9. Сипас ваъдаеро, ки [дар бораи пирӯзӣ ва наҷот] ба онон дода будем, таҳаққуқ бахшидем ва ононро ба ҳамроҳи ҳар ки хостем, наҷот додем ва исрофкорон [-и кофир]-ро нобуд кардем

ثُمَّ صَدَقْنَٰهُمُ ٱلْوَعْدَ فَأَنجَيْنَٰهُمْ وَمَن نَّشَآءُ وَأَهْلَكْنَا ٱلْمُسْرِفِينَ ﴿٩﴾

10. Бе тардид, китобе ба сӯятон нозил кардем, ки иззат [-у шарафи дунё ва охират]-и шумо дар он аст. Оё намеандешед?

لَقَدْ أَنزَلْنَآ إِلَيْكُمْ كِتَٰبًا فِيهِ ذِكْرُكُمْ ۖ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ﴿١٠﴾

11. Чи бисёр шаҳрҳоеро, ки [сокинонаш] ситамгор буданд, дар ҳам шикастем ва пас аз онон гурӯҳе дигар падид овардем

وَكَمْ قَصَمْنَا مِن قَرْيَةٍ كَانَتْ ظَالِمَةً وَأَنشَأْنَا بَعْدَهَا قَوْمًا ءَاخَرِينَ ﴿١١﴾

12. Пас, чун азоби Моро эҳсос мекарданд [ва ба чашм медиданд], ногоҳ аз он ҷо мегурехтанд

فَلَمَّآ أَحَسُّوا۟ بَأْسَنَآ إِذَا هُم مِّنْهَا يَرْكُضُونَ ﴿١٢﴾

13. [Ба тамасхур гуфтем] «Фирор накунед. Ба сӯйи хонаҳоятон ва неъматҳое, ки дар он осуда будед, бозгардед. Бошад, ки [фақат дар бораи умури дунявӣ] бозхост шавед»

لَا تَرْكُضُوا۟ وَٱرْجِعُوٓا۟ إِلَىٰ مَآ أُتْرِفْتُمْ فِيهِ وَمَسَٰكِنِكُمْ لَعَلَّكُمْ تُسْـَٔلُونَ ﴿١٣﴾

14. гуфтанд: «Вой бар мо [, ки] ҳатман ситамгор будаем!»

قَالُوا۟ يَٰوَيْلَنَآ إِنَّا كُنَّا ظَٰلِمِينَ ﴿١٤﴾

15. Пас, гуфторашон пайваста ҳамин буд, то он ки ононро [чун гиёҳе] даравшуда [ва] беҷон сохтем

فَمَا زَالَت تِّلْكَ دَعْوَىٰهُمْ حَتَّىٰ جَعَلْنَٰهُمْ حَصِيدًا خَٰمِدِينَ ﴿١٥﴾

16. Ва Мо осмону замин ва он чиро, ки миёни онҳост ба бозича наёфаридаем

وَمَا خَلَقْنَا ٱلسَّمَآءَ وَٱلْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا لَٰعِبِينَ ﴿١٦﴾

17. Агар [ба фарз] мехостем, ки саргармие [монанди фарзанд ё ҳамсуҳбат барои худ] баргузинем, онро [на аз бутҳои шумо, балки] аз назди хеш бармегузидем

لَوْ أَرَدْنَآ أَن نَّتَّخِذَ لَهْوًا لَّٱتَّخَذْنَٰهُ مِن لَّدُنَّآ إِن كُنَّا فَٰعِلِينَ ﴿١٧﴾

بَلْ نَقْذِفُ بِٱلْحَقِّ عَلَى ٱلْبَٰطِلِ فَيَدْمَغُهُۥ فَإِذَا هُوَ زَاهِقٌۚ وَلَكُمُ ٱلْوَيْلُ مِمَّا تَصِفُونَ ﴿١٨﴾

18. Балки Мо ҳақро бар ботил меафканем, пас, онро дар ҳам мешиканад ва ногоҳ он [ботил] нобуд мешавад ва [эй кофирон] вой бар шумо аз он чи тавсиф мекунед!

وَلَهُۥ مَن فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِۚ وَمَنْ عِندَهُۥ لَا يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِهِۦ وَلَا يَسْتَحْسِرُونَ ﴿١٩﴾

19. Ҳар ки [ва ҳар чи] дар осмонҳо ва замин аст аз они Ӯст ва онон, ки назди Ӯ ҳастанд [фариштагон] аз ибодаташ саркашӣ намекунанд ва хаста намешаванд

يُسَبِّحُونَ ٱلَّيْلَ وَٱلنَّهَارَ لَا يَفْتُرُونَ ﴿٢٠﴾

20. Онон шабу рӯз [илоҳро] ба покӣ меситоянд ва сустӣ намеварзанд

أَمِ ٱتَّخَذُوٓاْ ءَالِهَةً مِّنَ ٱلْأَرْضِ هُمْ يُنشِرُونَ ﴿٢١﴾

21. Оё [ин мушрикон] маъбудоне аз замин баргузидаанд, ки [мурдагонро] зинда мекунанд?

لَوْ كَانَ فِيهِمَآ ءَالِهَةٌ إِلَّا ٱللَّهُ لَفَسَدَتَاۚ فَسُبْحَٰنَ ٱللَّهِ رَبِّ ٱلْعَرْشِ عَمَّا يَصِفُونَ ﴿٢٢﴾

22. Агар дар осмон ва замин маъбудоне ба ҷуз Аллоҳ таоло вуҷуд дошт, [дар асари носозгории онҳо] ҳатман, ҳар ду табоҳ мешуданд. Пас, Аллоҳ таоло - Парвардигори Арш - аз тавсифе, ки [мушрикон] мекунанд, поку муназзаҳ аст

لَا يُسْـَٔلُ عَمَّا يَفْعَلُ وَهُمْ يُسْـَٔلُونَ ﴿٢٣﴾

23. Ӯ ба хотири он чи мекунад, бозхост намешавад, вале онон [дар баробари рафторашон] масъуланд

أَمِ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ ءَالِهَةً۬ۖ قُلْ هَاتُواْ بُرْهَٰنَكُمْۖ هَٰذَا ذِكْرُ مَن مَّعِىَ وَذِكْرُ مَن قَبْلِىۚ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ٱلْحَقَّۖ فَهُم مُّعْرِضُونَ ﴿٢٤﴾

24. Оё [мушрикон] ба ҷуз Ӯ маъбудоне баргузидаанд? [Ба онон] Бигӯ: «Далелатонро биёваред. Ин [Қуръон] китобест, ки ҳамроҳи ман аст ва [инҳо низ] китобҳоест [мутааллиқ ба паёмбароне], ки пеш аз ман буданд [ва дар ҳеҷ кадом далеле бар ҳаққонияти шумо вуҷуд надорад]», балки бештарашон ҳақро намедонанд ва [аз он] рӯйгардонанд

وَمَآ أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ مِن رَّسُولٍ إِلَّا نُوحِىٓ إِلَيْهِ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعْبُدُونِ ﴿٢٥﴾

25. Ва Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳӣ кардем, ки [ба мардум бигӯяд]: «Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ман нест, пас, танҳо Маро бипарастед»

وَقَالُواْ ٱتَّخَذَ ٱلرَّحْمَٰنُ وَلَدًا سُبْحَٰنَهُۥۚ بَلْ عِبَادٌ مُّكْرَمُونَ ﴿٢٦﴾

26. [Мушрикон бо ин тасаввур, ки фариштагон духтарони Аллоҳ таоло ҳастанд] гуфтанд:

«[Аллоҳи] Раҳмон фарзанде [барои хеш] баргузидааст». Ӯ муназзаҳ аст [чунин нест, ки мепиндоранд], балки фариштагон бандагони гиромиаш ҳастанд

27. Онон ҳаргиз дар сухан бар Ӯ пешӣ намегузинад ва [пайваста] ба фармонаш амал мекунанд

لَا يَسۡبِقُونَهُۥ بِٱلۡقَوۡلِ وَهُم بِأَمۡرِهِۦ يَعۡمَلُونَ ٢٧

28. [Аллоҳ таоло] Гузашта ва ояндаи ононро медонад ва эшон ҷуз барои касе, ки Ӯ писандад, шафоат намекунанд ва худ аз бими Ӯ ҳаросонанд

يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡ وَلَا يَشۡفَعُونَ إِلَّا لِمَنِ ٱرۡتَضَىٰ وَهُم مِّنۡ خَشۡيَتِهِۦ مُشۡفِقُونَ ٢٨

29. Ва ҳар касе аз онон бигӯяд: «Ба ҷуз ӯ ман [низ] маъбуд ҳастам», пас, вайро ба дузах кайфар медиҳем. [Оре] Ситамгоронро чунин кайфар медиҳем

۞وَمَن يَقُلۡ مِنۡهُمۡ إِنِّيٓ إِلَٰهٞ مِّن دُونِهِۦ فَذَٰلِكَ نَجۡزِيهِ جَهَنَّمَۚ كَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلظَّٰلِمِينَ ٢٩

30. Оё касоне, ки куфр варзиданд, надиданд, ки [дарҳои неъмати] осмонҳо ва замин баста буд [на бороне меборид ва на гиёҳе мерӯид], пас, он дуро боз кардем ва ҳар чизи зиндаеро аз об падид овардем? Пас, оё имон намеоваранд?

أَوَلَمۡ يَرَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَنَّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ كَانَتَا رَتۡقٗا فَفَتَقۡنَٰهُمَاۖ وَجَعَلۡنَا مِنَ ٱلۡمَآءِ كُلَّ شَيۡءٍ حَيٍّۚ أَفَلَا يُؤۡمِنُونَ ٣٠

31. Ва дар замин кӯҳҳое устувор ниҳодем, то мабодо ононро биларзонад ва дар он роҳҳое [васеъ] падид овардем, бошад, ки [дар сафарҳояшон ба мақсад] роҳ ёбанд

وَجَعَلۡنَا فِي ٱلۡأَرۡضِ رَوَٰسِيَ أَن تَمِيدَ بِهِمۡ وَجَعَلۡنَا فِيهَا فِجَاجٗا سُبُلٗا لَّعَلَّهُمۡ يَهۡتَدُونَ ٣١

32. Ва осмонро сақфе маҳфуз қарор додем ва онон [мушрикон] аз [тафаккур дар] нишонаҳояш рӯйгардонанд

وَجَعَلۡنَا ٱلسَّمَآءَ سَقۡفٗا مَّحۡفُوظٗاۖ وَهُمۡ عَنۡ ءَايَٰتِهَا مُعۡرِضُونَ ٣٢

33. Ӯст, ки шабу рӯз ва хуршеду моҳро офарид [ва чунон муназзам сохт, ки] ҳар як [аз инҳо] дар мадоре [муайян] шиноваранд

وَهُوَ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلَّيۡلَ وَٱلنَّهَارَ وَٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَۖ كُلّٞ فِي فَلَكٖ يَسۡبَحُونَ ٣٣

34. [Эй Паёмбар] Мо пеш аз ту барои ҳеҷ башаре ҷовидонагӣ қарор надодем. Оё агар ту бимирӣ, онон ҷовидонанд?

وَمَا جَعَلۡنَا لِبَشَرٖ مِّن قَبۡلِكَ ٱلۡخُلۡدَۖ أَفَإِيْن مِّتَّ فَهُمُ ٱلۡخَٰلِدُونَ ٣٤

35. Ҳар касе чашандаи [таъми] марг аст ва [эй мардум] шуморо бо бадӣ ва некӣ меозмоем ва [саранҷом] ба сӯйи Мо бозгарданда мешавед

كُلُّ نَفۡسٖ ذَآئِقَةُ ٱلۡمَوۡتِۗ وَنَبۡلُوكُم بِٱلشَّرِّ وَٱلۡخَيۡرِ فِتۡنَةٗۖ وَإِلَيۡنَا تُرۡجَعُونَ ٣٥

وَإِذَا رَءَاكَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ إِن يَتَّخِذُونَكَ إِلَّا هُزُوًا أَهَٰذَا ٱلَّذِى يَذۡكُرُ ءَالِهَتَكُمۡ وَهُم بِذِكۡرِ ٱلرَّحۡمَٰنِ هُمۡ كَٰفِرُونَ ﴿٣٦﴾

36. Касоне, ки куфр варзиданд, ҳар гоҳ ки туро мебинанд, фақат ба масхараат мегиранд [ва мегӯянд]: «Оё ин ҳамон касест, ки аз маъбудонатон [ба бадӣ] ёд мекунад»? Ва ҳол он ки онон худ ёди [Аллоҳи] Раҳмонро инкор мекунанд

خُلِقَ ٱلۡإِنسَٰنُ مِنۡ عَجَلٍۚ سَأُوْرِيكُمۡ ءَايَٰتِى فَلَا تَسۡتَعۡجِلُونِ ﴿٣٧﴾

37. Инсон [зотан] шитобкор офарида шудааст [ва ҳама чизро пеш аз замони муқаррараш мехоҳад]. Ба зудӣ нишонаҳо [-и азоб]-и хешро нишонатон хоҳем дод, пас, [нузули азобро] ба шитоб нахоҳед

وَيَقُولُونَ مَتَىٰ هَٰذَا ٱلۡوَعۡدُ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ﴿٣٨﴾

38. [Кофирон] мегӯянд: «Агар ростгӯед, ин ваъда [қиёмат] кай хоҳад буд?»

لَوۡ يَعۡلَمُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ حِينَ لَا يَكُفُّونَ عَن وُجُوهِهِمُ ٱلنَّارَ وَلَا عَن ظُهُورِهِمۡ وَلَا هُمۡ يُنصَرُونَ ﴿٣٩﴾

39. Касоне, ки куфр варзиданд, агар медонистанд замоне, ки [ба дузах меафтанд] наметавонанд [шуълаҳои] оташро аз чеҳраҳо ва пуштҳояшон бозоранд ва [аз сӯйи ҳеҷ кас] ёрӣ намешаванд [ҳаргиз ин гуна шитобон азобро намехостанд]

بَلۡ تَأۡتِيهِم بَغۡتَةً فَتَبۡهَتُهُمۡ فَلَا يَسۡتَطِيعُونَ رَدَّهَا وَلَا هُمۡ يُنظَرُونَ ﴿٤٠﴾

40. Балки [оташ чунон] ногаҳонӣ ба онон мерасад ва эшонро [чунон саргашта ва] мабҳут мекунад, ки на метавонанд онро [аз худ] дафъ кунанд ва на муҳлати [тавба] ба онон дода мешавад

وَلَقَدِ ٱسۡتُهۡزِئَ بِرُسُلٖ مِّن قَبۡلِكَ فَحَاقَ بِٱلَّذِينَ سَخِرُواْ مِنۡهُم مَّا كَانُواْ بِهِۦ يَسۡتَهۡزِءُونَ ﴿٤١﴾

41. Яқинан, паёмбарон пеш аз ту [низ] мавриди тамасхур қарор гирифта буданд, пас, бар сари касоне, ки онҳо [азобҳои илоҳӣ]-ро ба ришханд мегирифтанд, ҳамон чизе омад, ки масхарааш мекарданд

قُلۡ مَن يَكۡلَؤُكُم بِٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ مِنَ ٱلرَّحۡمَٰنِۚ بَلۡ هُمۡ عَن ذِكۡرِ رَبِّهِم مُّعۡرِضُونَ ﴿٤٢﴾

42. [Эй Паёмбар, ба кофирон] Бигӯ: «Чи касе шуморо дар шабу рӯз аз [азоби Аллоҳи] Раҳмон нигоҳ медорад? Балки [ҳақ ин аст, ки] онон аз ёди Парвардигорашон рӯйгардонанд

أَمۡ لَهُمۡ ءَالِهَةٞ تَمۡنَعُهُم مِّن دُونِنَاۚ لَا يَسۡتَطِيعُونَ نَصۡرَ أَنفُسِهِمۡ وَلَا هُم مِّنَّا يُصۡحَبُونَ ﴿٤٣﴾

43. Оё онон маъбудоне доранд, ки [метавонанд] дар баробари Мо аз эшон дифоъ кунанд? [Ҳаргиз!] Онон на метавонанд худро ёрӣ диҳанд ва на аз [азоби] Мо дар амонанд

بَلْ مَتَّعْنَا هَٰٓؤُلَآءِ وَءَابَآءَهُمْ حَتَّىٰ طَالَ عَلَيْهِمُ ٱلْعُمُرُ ۗ أَفَلَا يَرَوْنَ أَنَّا نَأْتِى ٱلْأَرْضَ نَنقُصُهَا مِنْ أَطْرَافِهَآ ۚ أَفَهُمُ ٱلْغَٰلِبُونَ ﴿٤٤﴾

44. Балки [Мо] онон ва падаронашонро [аз неъматҳои дунявӣ] баҳраманд сохтем, то умрашон ба дарозо кашид [ва мағрур шуданд]. Оё намебинанд, ки Мо [ҳамвора] ба сурӯғи замин меоем ва онро аз ҳар тараф мекоҳем [ва мардумашро нобуд мекунем]? Пас, оё онон [бар қудрати Аллоҳ таоло] пирӯзанд?

قُلْ إِنَّمَآ أُنذِرُكُم بِٱلْوَحْىِ ۚ وَلَا يَسْمَعُ ٱلصُّمُّ ٱلدُّعَآءَ إِذَا مَا يُنذَرُونَ ﴿٤٥﴾

45. Бигӯ: “Ман фақат шуморо ба василаи ваҳй [аз азоби илоҳӣ] бим медиҳам” ва [-ле] чун ба карон бим дода шавад, даъвати [ҳақ]-ро намешунаванд

وَلَئِن مَّسَّتْهُمْ نَفْحَةٌ مِّنْ عَذَابِ رَبِّكَ لَيَقُولُنَّ يَٰوَيْلَنَآ إِنَّا كُنَّا ظَٰلِمِينَ ﴿٤٦﴾

46. Агар андаке аз азоби Парвардигорат ба онон бирасад, ҳатман, мегӯянд: “Эй вой бар мо [ки], яқинан, ситамгор будаем!”

وَنَضَعُ ٱلْمَوَٰزِينَ ٱلْقِسْطَ لِيَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ فَلَا تُظْلَمُ نَفْسٌ شَيْـًٔا ۖ وَإِن كَانَ مِثْقَالَ حَبَّةٍ مِّنْ خَرْدَلٍ أَتَيْنَا بِهَا ۗ وَكَفَىٰ بِنَا حَٰسِبِينَ ﴿٤٧﴾

47. Рӯзи қиёмат Мо тарозуҳои адлро [барои ҳисобрасӣ дар миён] мениҳем, пас, ба ҳеҷ кас [камтарин] ситаме намешавад ва агар [кирдорашон] ҳамсанги донаи хардале бошад, онро [ба ҳисоб] меоварем ва кофист, ки Мо ҳисобрас бошем

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا مُوسَىٰ وَهَٰرُونَ ٱلْفُرْقَانَ وَضِيَآءً وَذِكْرًا لِّلْمُتَّقِينَ ﴿٤٨﴾

48. Ба ростӣ, Мо ба Мӯсо ва Ҳорун китоб [Таврот] додем ва [ин китоб] барои парҳезкорон равшанӣ ва андарзе аст

ٱلَّذِينَ يَخْشَوْنَ رَبَّهُم بِٱلْغَيْبِ وَهُم مِّنَ ٱلسَّاعَةِ مُشْفِقُونَ ﴿٤٩﴾

49. [Ҳамон] касоне, ки дар ниҳон аз Парвардигорашон метарсанд ва аз қиёмат бимноканд

وَهَٰذَا ذِكْرٌ مُّبَارَكٌ أَنزَلْنَٰهُ ۚ أَفَأَنتُمْ لَهُۥ مُنكِرُونَ ﴿٥٠﴾

50. Ва ин [Қуръон] панди мубораке аст, ки онро нозил кардем. Оё [боз ҳам] инкораш мекунед?

۞ وَلَقَدْ ءَاتَيْنَآ إِبْرَٰهِيمَ رُشْدَهُۥ مِن قَبْلُ وَكُنَّا بِهِۦ عَٰلِمِينَ ﴿٥١﴾

51. Ва бе тардид, пеш аз он Мо ба Иброҳим [рушди фикрӣ ва] ҳидояташро ато кардем ва ба [шоистагиҳои] ӯ доно будем;

إِذْ قَالَ لِأَبِيهِ وَقَوْمِهِۦ مَا هَٰذِهِ ٱلتَّمَاثِيلُ ٱلَّتِىٓ أَنتُمْ لَهَا عَٰكِفُونَ ﴿٥٢﴾

52. Он гоҳ ки ба падари худ ва қавмаш гуфт: “Ин муҷассамаҳо чист, ки ба парастиши онҳо истодаед?”

قَالُواْ وَجَدْنَآ ءَابَآءَنَا لَهَا عَٰبِدِينَ ﴿٥٣﴾

53. Онон гуфтанд: “Мо падаронамонро дидем, ки онҳоро мепарастиданд”

قَالَ لَقَدْ كُنتُمْ أَنتُمْ وَءَابَآؤُكُمْ فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٥٤﴾

54. [Иброҳим] Гуфт: “Ҳатман, шумо ва падаронатон дар гумроҳии ошкор будаед”

قَالُوٓاْ أَجِئْتَنَا بِٱلْحَقِّ أَمْ أَنتَ مِنَ ٱللَّٰعِبِينَ ﴿٥٥﴾

55. Онон гуфтанд: “Оё [сухани] ҳақ бароямон овардаӣ ё шухӣ мекунӣ?”

قَالَ بَل رَّبُّكُمْ رَبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ٱلَّذِى فَطَرَهُنَّ وَأَنَا۠ عَلَىٰ ذَٰلِكُم مِّنَ ٱلشَّٰهِدِينَ ﴿٥٦﴾

56. Ӯ гуфт: “Балки [суханам ҳақ аст] Парвардигоратон парвардигори осмонҳо ва замин аст, ҳамон ки онҳоро падид овардааст ва ман бар ин [сухан] гувоҳам”

وَتَٱللَّهِ لَأَكِيدَنَّ أَصْنَٰمَكُم بَعْدَ أَن تُوَلُّواْ مُدْبِرِينَ ﴿٥٧﴾

57. Ва [бо худ гуфт] “Ба Аллоҳ таоло савганд, пас аз он ки пушт кардед ва [ба ҷашн] рафтед, барои [нобудии] бутҳоятон тадбире меандешам”

فَجَعَلَهُمْ جُذَٰذًا إِلَّا كَبِيرًا لَّهُمْ لَعَلَّهُمْ إِلَيْهِ يَرْجِعُونَ ﴿٥٨﴾

58. Пас [дар ғиёби бутпарастон] ҳамаи онҳоро ба ҷуз [бути] бузургашон бишкаст, шояд, ба суроғи он бираванд [то ҳақоиқро барояшон бозгӯ кунад]

قَالُواْ مَن فَعَلَ هَٰذَا بِـَٔالِهَتِنَآ إِنَّهُۥ لَمِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥٩﴾

59. [Вақте онон бутхонаро чунин диданд] Гуфтанд: “Чи касе бо маъбудони мо чунин кардааст? Ҳатман, ӯ ситамгор аст”

قَالُواْ سَمِعْنَا فَتًى يَذْكُرُهُمْ يُقَالُ لَهُۥٓ إِبْرَٰهِيمُ ﴿٦٠﴾

60. [Бархе] Гуфтанд: “Мо шунидем ҷавоне, ки ӯро Иброҳим мегӯянд, аз онҳо [ба бадӣ] ёд мекунад”

قَالُواْ فَأْتُواْ بِهِۦ عَلَىٰٓ أَعْيُنِ ٱلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَشْهَدُونَ ﴿٦١﴾

61. Гуфтанд: “Пас ӯро дар баробари дидагони мардум биёваред, бошад, ки [бар эътирофаш ба гуноҳ] гувоҳ бошанд”

قَالُوٓاْ ءَأَنتَ فَعَلْتَ هَٰذَا بِـَٔالِهَتِنَا يَٰٓإِبْرَٰهِيمُ ﴿٦٢﴾

62. [Вақте Иброҳимро оварданд] Гуфтанд: “Эй Иброҳим, оё ту ин [кор] -ро бо маъбудони мо кардаӣ?”

قَالَ بَلْ فَعَلَهُۥ كَبِيرُهُمْ هَٰذَا فَسْـَٔلُوهُمْ إِن كَانُواْ يَنطِقُونَ ﴿٦٣﴾

63. Ӯ гуфт: “Балки [бути] бузургашон чунин кардааст. Агар сухан мегӯянд, аз онҳо бипурсед»

فَرَجَعُوٓاْ إِلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ فَقَالُوٓاْ إِنَّكُمۡ أَنتُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ٦٤

64. Он гоҳ [онон] ба худ омаданд ва [ба якдигар] гуфтанд: “Воқеан, шумо [мушрику] ситамгоред”

ثُمَّ نُكِسُواْ عَلَىٰ رُءُوسِهِمۡ لَقَدۡ عَلِمۡتَ مَا هَٰٓؤُلَآءِ يَنطِقُونَ ٦٥

65. Сипас [боз ҳам] сар ба душманӣ ва инкор бардоштанд [ва гуфтанд] “Ту хуб медонӣ, ки инҳо сухан намегӯянд”

قَالَ أَفَتَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَنفَعُكُمۡ شَيۡـٔٗا وَلَا يَضُرُّكُمۡ ٦٦

66. [Иброҳим] гуфт: “Оё ба ҷойи Аллоҳ таоло чизҳоеро мепарастед, ки на суде бароятон дорад ва на зиёне ба шумо мерасонад?

أُفّٖ لَّكُمۡ وَلِمَا تَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِۖ أَفَلَا تَعۡقِلُونَ ٦٧

67. Вой бар шумо ва бар он чи ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастед! Оё намеандешед?”

قَالُواْ حَرِّقُوهُ وَٱنصُرُوٓاْ ءَالِهَتَكُمۡ إِن كُنتُمۡ فَٰعِلِينَ ٦٨

68. Онон гуфтанд: “Агар мехоҳед [барои муҷозоташ] коре кунед, ӯро бисӯзонед ва маъбудонатонро ёрӣ диҳед”

قُلۡنَا يَٰنَارُ كُونِي بَرۡدٗا وَسَلَٰمًا عَلَىٰٓ إِبۡرَٰهِيمَ ٦٩

69. [Саранҷом ӯро дар оташ андохтанд, вале Мо] Гуфтем: “Эй оташ, бар Иброҳим сард ва саломат бош”

وَأَرَادُواْ بِهِۦ كَيۡدٗا فَجَعَلۡنَٰهُمُ ٱلۡأَخۡسَرِينَ ٧٠

70. Ва хостанд барои [нобудии ӯ найранге ба кор баранд, вале Мо ононро зиёнкортарин [мардум] сохтем

وَنَجَّيۡنَٰهُ وَلُوطًا إِلَى ٱلۡأَرۡضِ ٱلَّتِي بَٰرَكۡنَا فِيهَا لِلۡعَٰلَمِينَ ٧١

71. Ва ӯ ва Лутро [бо ҳиҷрат] ба сарзамине, ки барои ҷаҳониён дар он баракат ниҳодаем [Шом], наҷот додем

وَوَهَبۡنَا لَهُۥٓ إِسۡحَٰقَ وَيَعۡقُوبَ نَافِلَةٗۖ وَكُلّٗا جَعَلۡنَا صَٰلِحِينَ ٧٢

72. Ва Исҳоқ ва [набераш] Яъқубро [низ ба унвони бахшиш] афзунӣ ба ӯ бахшидем ва ҳамагиашонро [афроде] шоиста гардонидем

وَجَعَلۡنَٰهُمۡ أَئِمَّةٗ يَهۡدُونَ بِأَمۡرِنَا وَأَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡهِمۡ فِعۡلَ ٱلۡخَيۡرَٰتِ وَإِقَامَ ٱلصَّلَوٰةِ وَإِيتَآءَ ٱلزَّكَوٰةِۖ وَكَانُواْ لَنَا عَٰبِدِينَ ٧٣

73. Ва ононро пешвоёне қарор додем, ки ба фармони Мо [мардумро] ҳидоят мекарданд ва анҷоми корҳои нек ва барпо доштани намоз ва адои закотро ба эшон ваҳй кардем ва онон [ҳама] парастишгари Мо буданд

وَلُوطًا ءَاتَيۡنَٰهُ حُكۡمٗا وَعِلۡمٗا وَنَجَّيۡنَٰهُ مِنَ ٱلۡقَرۡيَةِ ٱلَّتِي كَانَت تَّعۡمَلُ ٱلۡخَبَٰٓئِثَۚ إِنَّهُمۡ كَانُواْ قَوۡمَ سَوۡءٖ فَٰسِقِينَ ٧٤

74. Мо ба Лут [иҷозати] қазоват ва илм [-и дин] додем ва ӯро аз шаҳре, ки [сокинонаш] аъмоли зишт [-у палид] анҷом медоданд, наҷот

бахшидем. Ба ростӣ, ки онон гурӯҳе палид ва нофармон буданд

75. Ва ӯро дар раҳмати худ ворид кардем. Бе гумон, ӯ аз шоистагон буд

وَأَدْخَلْنَٰهُ فِى رَحْمَتِنَآ ۖ إِنَّهُۥ مِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ﴿٧٥﴾

76. Ва Нуҳро [ёд кун] ҳангоме ки пештар [аз соири паёмбарон моро] нидо дод. Пас, Мо [низ дуои] вайро иҷобат кардем, он гоҳ ӯ ва хонадонашро аз андуҳи бузург наҷот додем

وَنُوحًا إِذْ نَادَىٰ مِن قَبْلُ فَٱسْتَجَبْنَا لَهُۥ فَنَجَّيْنَٰهُ وَأَهْلَهُۥ مِنَ ٱلْكَرْبِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٧٦﴾

77. Ва дар баробари қавме, ки оёти Моро дурӯғ ангошта буданд, ёриаш кардем. Бе тардид, онон гурӯҳи бадкирдоре буданд, пас, ҳамагиашонро ғарқ кардем

وَنَصَرْنَٰهُ مِنَ ٱلْقَوْمِ ٱلَّذِينَ كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَآ ۚ إِنَّهُمْ كَانُوا۟ قَوْمَ سَوْءٍ فَأَغْرَقْنَٰهُمْ أَجْمَعِينَ ﴿٧٧﴾

78. Ва [ёд кун аз] Довуд ва Сулаймон он гоҳ ки дар бораи киштзоре доварӣ мекарданд, ки гӯсфандони қавм шабона дар он чарида буданд ва Мо бар доварии онон гувоҳ будем

وَدَاوُۥدَ وَسُلَيْمَٰنَ إِذْ يَحْكُمَانِ فِى ٱلْحَرْثِ إِذْ نَفَشَتْ فِيهِ غَنَمُ ٱلْقَوْمِ وَكُنَّا لِحُكْمِهِمْ شَٰهِدِينَ ﴿٧٨﴾

79. Пас, он [ҳақиқат]-ро ба Сулаймон фаҳмонидем ва ба ҳар як аз онон паёмбарӣ ва дониш [-и амал ба аҳкоми дин] ато кардем ва кӯҳҳо ва парандагон дар хидмати Довуд гумоштем, ки [ҳамроҳ бо ӯ Парвардигорро] тасбеҳ мегуфтанд ва Мо будем, ки ин [ҳама]-ро анҷом додем

فَفَهَّمْنَٰهَا سُلَيْمَٰنَ ۚ وَكُلًّا ءَاتَيْنَا حُكْمًا وَعِلْمًا ۚ وَسَخَّرْنَا مَعَ دَاوُۥدَ ٱلْجِبَالَ يُسَبِّحْنَ وَٱلطَّيْرَ ۚ وَكُنَّا فَٰعِلِينَ ﴿٧٩﴾

80. Ва ба ӯ сохтани зиреҳро омӯхтем, то шуморо аз [осеби] ҷангҳоятон ҳифз кунад. Пас, оё шукр мегузоред?

وَعَلَّمْنَٰهُ صَنْعَةَ لَبُوسٍ لَّكُمْ لِتُحْصِنَكُم مِّنۢ بَأْسِكُمْ ۖ فَهَلْ أَنتُمْ شَٰكِرُونَ ﴿٨٠﴾

81. Ва тундбодро барои Сулаймон [ба хидмат гумоштем], ки ба фармони ӯ ба сӯйи сарзамине, ки дар он баракат ниҳода будем [Шом], равон буд ва мо бар ҳар чиз доно будем

وَلِسُلَيْمَٰنَ ٱلرِّيحَ عَاصِفَةً تَجْرِى بِأَمْرِهِۦٓ إِلَى ٱلْأَرْضِ ٱلَّتِى بَٰرَكْنَا فِيهَا ۚ وَكُنَّا بِكُلِّ شَىْءٍ عَٰلِمِينَ ﴿٨١﴾

82. Ва [низ] аз шаётин касонеро [гумоштем], ки барояш ғаввосӣ мекарданд [ва ҷавоҳир меоварданд] ва корҳое ғайр аз ин [низ] анҷом медоданд ва мо муроқиби [рафтор ва теъдоди] онон будем

وَمِنَ ٱلشَّيَٰطِينِ مَن يَغُوصُونَ لَهُۥ وَيَعْمَلُونَ عَمَلًا دُونَ ذَٰلِكَ ۖ وَكُنَّا لَهُمْ حَٰفِظِينَ ﴿٨٢﴾

۞وَأَيُّوبَ إِذْ نَادَىٰ رَبَّهُۥٓ أَنِّي مَسَّنِيَ ٱلضُّرُّ وَأَنتَ أَرْحَمُ ٱلرَّٰحِمِينَ ﴿٨٣﴾

83. Ва Аюбро [ёд кун] он гоҳ ки Парвардигорашро [чунин нидо дод: “Ранҷ [-у беморӣ] ба ман расидааст ва Ту меҳрубонтарини меҳрубононӣ”

فَٱسْتَجَبْنَا لَهُۥ فَكَشَفْنَا مَا بِهِۦ مِن ضُرٍّ ۖ وَءَاتَيْنَٰهُ أَهْلَهُۥ وَمِثْلَهُم مَّعَهُمْ رَحْمَةً مِّنْ عِندِنَا وَذِكْرَىٰ لِلْعَٰبِدِينَ ﴿٨٤﴾

84. Пас, Мо [дуои] ӯро иҷобат кардем ва ранҷеро, ки ба ӯ расида буд, бартараф сохтем ва хонаводааш ва [низ теъдоде] ҳаммонандашонро ба ҳамроҳи онон ба вай бозгардонидем, [то] раҳмате аз ҷониби Мо ва панде барои парастишгарон бошад

وَإِسْمَٰعِيلَ وَإِدْرِيسَ وَذَا ٱلْكِفْلِ ۖ كُلٌّ مِّنَ ٱلصَّٰبِرِينَ ﴿٨٥﴾

85. Ва [ёд кун аз] Исмоил ва Идрис ва Зу-л-кифл, ки ҳамагӣ аз шикебоён буданд

وَأَدْخَلْنَٰهُمْ فِي رَحْمَتِنَآ ۖ إِنَّهُم مِّنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ﴿٨٦﴾

86. Ва [Мо] ононро дар раҳмати хеш ворид кардем. Бе тардид, онон аз шоистагон буданд

وَذَا ٱلنُّونِ إِذ ذَّهَبَ مُغَٰضِبًا فَظَنَّ أَن لَّن نَّقْدِرَ عَلَيْهِ فَنَادَىٰ فِي ٱلظُّلُمَٰتِ أَن لَّآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنتَ سُبْحَٰنَكَ إِنِّي كُنتُ مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٨٧﴾

87. Ва [ёд кун аз] Зу-н-нун [Юнус] он гоҳ ки хашмгин [аз миёни қавмаш] рафт ва чунин пиндошт, ки Мо ҳаргиз бар ӯ танг намегирем [ва ба хотири ин кор муҷозоташ намекунем]. Пас, [вақте моҳӣ ӯро фурӯ бурд] дар торикиҳо нидо дод, ки: “[Парвардигоро] Ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ту нест. Ту муназзаҳӣ. Бе тардид, ман аз ситамгорон будаам”

فَٱسْتَجَبْنَا لَهُۥ وَنَجَّيْنَٰهُ مِنَ ٱلْغَمِّ ۚ وَكَذَٰلِكَ نُنجِي ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٨٨﴾

88. Пас дуояшро иҷобат кардем ва аз андуҳ наҷоташ додем ва муъминонро [низ] ин чунин наҷот медиҳем

وَزَكَرِيَّآ إِذْ نَادَىٰ رَبَّهُۥ رَبِّ لَا تَذَرْنِي فَرْدًا وَأَنتَ خَيْرُ ٱلْوَٰرِثِينَ ﴿٨٩﴾

89. Ва [ёд кун аз] Закариё, он гоҳ ки Парвардигорашро [ин гуна] нидо дод: “Парвардигоро, маро танҳо [ва бефарзанд] магзор ва Ту беҳтарин бозмондаӣ [ворисонӣ]”

فَٱسْتَجَبْنَا لَهُۥ وَوَهَبْنَا لَهُۥ يَحْيَىٰ وَأَصْلَحْنَا لَهُۥ زَوْجَهُۥٓ ۚ إِنَّهُمْ كَانُوا۟ يُسَٰرِعُونَ فِي ٱلْخَيْرَٰتِ وَيَدْعُونَنَا رَغَبًا وَرَهَبًا ۖ وَكَانُوا۟ لَنَا خَٰشِعِينَ ﴿٩٠﴾

90. Пас, дуояшро иҷобат кардем ва Яҳёро ба ӯ бахшидем ва ҳамсарашро [ки нозо буд] барояш шоиста [ва омодаи бордорӣ] намудем. Онон ҳамвора дар корҳои хайр мешитофтанд ва дар ҳоли биму умед Моро мехонданд ва пайваста барои Мо [фармонбардор ва] фурӯтан буданд

وَٱلَّتِيٓ أَحۡصَنَتۡ فَرۡجَهَا فَنَفَخۡنَا فِيهَا مِن رُّوحِنَا وَجَعَلۡنَٰهَا وَٱبۡنَهَآ ءَايَةٗ لِّلۡعَٰلَمِينَ ٩١

91. Ва [ёд кун аз Марям] зане, ки домани худро пок нигоҳ дошт ва [Мо] аз руҳи хеш дар [вуҷуди] ӯ дамидем ва ӯ ва писарашро барои ҷаҳониён нишонае [аз қудрати илоҳӣ] қарор додем

إِنَّ هَٰذِهِۦٓ أُمَّتُكُمۡ أُمَّةٗ وَٰحِدَةٗ وَأَنَا۠ رَبُّكُمۡ فَٱعۡبُدُونِ ٩٢

92. [Эй мардум] Ба ростӣ, ин оини шумо оини ягона [ва асосёфта бар яктопарастӣ] аст ва Ман Парвардигоратон ҳастам, пас, Маро бипарастед

وَتَقَطَّعُوٓاْ أَمۡرَهُم بَيۡنَهُمۡۖ كُلٌّ إِلَيۡنَا رَٰجِعُونَ ٩٣

93. Ва [мардум] миёни худ дар амри [дин]-ашон фирқа-фирқа шуданд; [вале саранҷом] ҳамагӣ ба сӯи Мо бозмегарданд

فَمَن يَعۡمَلۡ مِنَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَهُوَ مُؤۡمِنٞ فَلَا كُفۡرَانَ لِسَعۡيِهِۦ وَإِنَّا لَهُۥ كَٰتِبُونَ ٩٤

94. Пас, ҳар ки корҳои шоиста анҷом диҳад ва муъмин бошад, дар баробари кӯшиши ӯ носипосӣ нахоҳад шуд ва Мо корҳояшро менависем

وَحَرَٰمٌ عَلَىٰ قَرۡيَةٍ أَهۡلَكۡنَٰهَآ أَنَّهُمۡ لَا يَرۡجِعُونَ ٩٥

95. Ва [мардуми] ҳар шаҳреро, ки [бар асари куфру гуноҳ] нобудаш кардем, маҳол аст, ки [битавонанд ба қасди тавба ба дунё] бозгарданд

حَتَّىٰٓ إِذَا فُتِحَتۡ يَأۡجُوجُ وَمَأۡجُوجُ وَهُم مِّن كُلِّ حَدَبٖ يَنسِلُونَ ٩٦

96. То замоне, ки [садди] Яъҷуҷу Маъҷуҷ кушода шавад ва онон аз ҳар баландӣ [ва тепае] шитобон сарозер гарданд

وَٱقۡتَرَبَ ٱلۡوَعۡدُ ٱلۡحَقُّ فَإِذَا هِيَ شَٰخِصَةٌ أَبۡصَٰرُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ يَٰوَيۡلَنَا قَدۡ كُنَّا فِي غَفۡلَةٖ مِّنۡ هَٰذَا بَلۡ كُنَّا ظَٰلِمِينَ ٩٧

97. Ва ваъдаи ҳақ [қиёмат] наздик гардад. Пас, дар он ҳангом чашмҳои касоне, ки куфр варзиданд, [аз шиддати ваҳшат] хира мемонад [ва мегӯянд]: “Эй вой бар мо! Ҳатман, мо аз ин [ҳодиса] дар ғафлат будем! Балки [кофиру] ситамгор будем”

إِنَّكُمۡ وَمَا تَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ حَصَبُ جَهَنَّمَ أَنتُمۡ لَهَا وَٰرِدُونَ ٩٨

98. [Ба онон гуфта мешавад] “Ҳатман, шумо ва он чи ки ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастед, ҳезуми дузахед, [ва ҳамагӣ] дар он ворид хоҳед шуд”

لَوۡ كَانَ هَٰٓؤُلَآءِ ءَالِهَةٗ مَّا وَرَدُوهَاۖ وَكُلّٞ فِيهَا خَٰلِدُونَ ٩٩

99. Агар ин бутҳо маъбудоне [ба ҳақ] буданд, ҳаргиз вориди он намешуданд ва ҳол он ки ҳамагӣ дар он [азоби сӯзон] ҷовидонанд

لَهُمْ فِيهَا زَفِيرٌ وَهُمْ فِيهَا لَا يَسْمَعُونَ ﴿١٠٠﴾

100. Дар он ҷо нолаҳое [дарднок] доранд ва [аз шиддати дарду тарс] чизе намешунаванд

إِنَّ ٱلَّذِينَ سَبَقَتْ لَهُم مِّنَّا ٱلْحُسْنَىٰٓ أُوْلَٰٓئِكَ عَنْهَا مُبْعَدُونَ ﴿١٠١﴾

101. Касоне, ки пештар аз ҷониби Мо ба эшон ваъдаи наку [биҳишт] дода шудааст, яқинан, аз он [азоб] дур нигаҳ дошта мешаванд

لَا يَسْمَعُونَ حَسِيسَهَا ۖ وَهُمْ فِي مَا ٱشْتَهَتْ أَنفُسُهُمْ خَٰلِدُونَ ﴿١٠٢﴾

102. Онон садои он [оташи ҳавлнок ва фарёдҳои дузахиён]-ро намешунаванд ва дар он чи майл дошта бошанд, ҷовидона [дар осоиш] ҳастанд

لَا يَحْزُنُهُمُ ٱلْفَزَعُ ٱلْأَكْبَرُ وَتَتَلَقَّىٰهُمُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ هَٰذَا يَوْمُكُمُ ٱلَّذِى كُنتُمْ تُوعَدُونَ ﴿١٠٣﴾

103. Ваҳшати бузурги [қиёмат] андуҳгинашон намесозад ва фариштагон ба истиқболашон меоянд [ва мегӯянд]: «Ин ҳамон рӯзест, ки ба шумо ваъда дода мешуд»

يَوْمَ نَطْوِى ٱلسَّمَآءَ كَطَىِّ ٱلسِّجِلِّ لِلْكُتُبِ ۚ كَمَا بَدَأْنَآ أَوَّلَ خَلْقٍ نُّعِيدُهُۥ ۚ وَعْدًا عَلَيْنَآ ۚ إِنَّا كُنَّا فَٰعِلِينَ ﴿١٠٤﴾

104. Рӯзе, ки осмонро чун туморе навишташуда дар ҳам мепечем, [ва] ҳамон гуна ки нахустин [бор] офаринишро оғоз кардем, [бори дигар] онро бозмегардонем. [Ин] Ваъдае аст бар уҳдаи Мо, ки ҳатман, анҷомаш хоҳем дод

وَلَقَدْ كَتَبْنَا فِى ٱلزَّبُورِ مِنۢ بَعْدِ ٱلذِّكْرِ أَنَّ ٱلْأَرْضَ يَرِثُهَا عِبَادِىَ ٱلصَّٰلِحُونَ ﴿١٠٥﴾

105. Ва ба ростӣ, пас аз Таврот дар Забур навиштем, ки: «Заминро бандагони шоистаам ба ирс мебаранд»

إِنَّ فِى هَٰذَا لَبَلَٰغًا لِّقَوْمٍ عَٰبِدِينَ ﴿١٠٦﴾

106. Бе гумон, дар ин [сухан ибрату] паёми равшане барои парастишгарон аст

وَمَآ أَرْسَلْنَٰكَ إِلَّا رَحْمَةً لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿١٠٧﴾

107. Ва [эй Муҳаммад] туро ҷуз раҳмате барои ҷаҳониён нафиристодем

قُلْ إِنَّمَا يُوحَىٰٓ إِلَىَّ أَنَّمَآ إِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ ۖ فَهَلْ أَنتُم مُّسْلِمُونَ ﴿١٠٨﴾

108. Бигӯ: «Дар ҳақиқат, ба ман ваҳй мешавад, ки: «Бе тардид, маъбуди шумо маъбуде ягона аст. Пас, оё таслим [-и даъвати ҳақ] мешавед?»

فَإِن تَوَلَّوْا۟ فَقُلْ ءَاذَنتُكُمْ عَلَىٰ سَوَآءٍ ۖ وَإِنْ أَدْرِىٓ أَقَرِيبٌ أَم بَعِيدٌ مَّا تُوعَدُونَ ﴿١٠٩﴾

109. Пас, агар рӯйгардон шуданд, бигӯ: «Ман [ҳамаи] шуморо ба таври яксон огоҳ кардам [ва дар бораи азоби илоҳӣ ҳушдор додам] ва намедонам, он чи ки ба шумо ваъда дода мешавад, наздик аст ё дур»

إِنَّهُۥ يَعْلَمُ ٱلْجَهْرَ مِنَ ٱلْقَوْلِ وَيَعْلَمُ مَا تَكْتُمُونَ ﴿١١٠﴾

110. Яқинан, ӯ сухани ошкоро медонад ва он чиро [дар дили хеш] пинҳон мекунед, [низ] медонад

وَإِنْ أَدْرِى لَعَلَّهُۥ فِتْنَةٌ لَّكُمْ وَمَتَٰعٌ إِلَىٰ حِينٍ ﴿١١١﴾

111. Ва намедонам, шояд ин [таъхири азоб мояи] озмоиш ва баҳрамандии шумо то муддате [муайян] бошад»

قَٰلَ رَبِّ ٱحْكُم بِٱلْحَقِّ ۗ وَرَبُّنَا ٱلرَّحْمَٰنُ ٱلْمُسْتَعَانُ عَلَىٰ مَا تَصِفُونَ ﴿١١٢﴾

112. [Паёмбар] Гуфт: «Парвардигоро, [байни мо ва кофирон] ба ҳақ доварӣ кун ва Парвардигори мо [Аллоҳи] Раҳмон аст, ки дар баробари он чи [аз куфру ширк] мегӯед, аз ӯ ёрӣ мехоҳем»

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمۡۚ إِنَّ زَلۡزَلَةَ ٱلسَّاعَةِ شَيۡءٌ عَظِيمٞ ١

1. Эй мардум, аз Парвардигоратон парво кунед. Бе тардид, зилзилаи қиёмат амри бузурге аст

يَوۡمَ تَرَوۡنَهَا تَذۡهَلُ كُلُّ مُرۡضِعَةٍ عَمَّآ أَرۡضَعَتۡ وَتَضَعُ كُلُّ ذَاتِ حَمۡلٍ حَمۡلَهَا وَتَرَى ٱلنَّاسَ سُكَٰرَىٰ وَمَا هُم بِسُكَٰرَىٰ وَلَٰكِنَّ عَذَابَ ٱللَّهِ شَدِيدٞ ٢

2. Рӯзе, ки онро мебинед, [он чунон ваҳшатнок аст, ки] ҳар модари ширдеҳе [фарзанди] ширхорашро фаромӯш мекунад ва ҳар [мавҷуди] бордоре ҷанини худро [бар замин] мениҳад ва мардумро маст мебинӣ, дар ҳоле ки маст нестанд, балки азоби Аллоҳ таоло шадид аст

وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يُجَٰدِلُ فِي ٱللَّهِ بِغَيۡرِ عِلۡمٖ وَيَتَّبِعُ كُلَّ شَيۡطَٰنٖ مَّرِيدٖ ٣

3. Ва аз [миёни] мардум касе ҳаст, ки бидуни [ҳеҷ] донише дар бораи Аллоҳ таоло муҷодала мекунад ва аз ҳар шайтони саркаше пайравӣ менамояд

كُتِبَ عَلَيۡهِ أَنَّهُۥ مَن تَوَلَّاهُ فَأَنَّهُۥ يُضِلُّهُۥ وَيَهۡدِيهِ إِلَىٰ عَذَابِ ٱلسَّعِيرِ ٤

4. [Дар қазои илоҳӣ бар шайтон] Муқаррар шудааст, ҳар ки ӯро ба дӯстӣ бигирад, ҳатман, гумроҳаш месозад ва ба азоби оташ мекашонад

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِن كُنتُمۡ فِي رَيۡبٖ مِّنَ ٱلۡبَعۡثِ فَإِنَّا خَلَقۡنَٰكُم مِّن تُرَابٖ ثُمَّ مِن نُّطۡفَةٖ ثُمَّ مِنۡ عَلَقَةٖ ثُمَّ مِن مُّضۡغَةٖ مُّخَلَّقَةٖ وَغَيۡرِ مُخَلَّقَةٖ لِّنُبَيِّنَ لَكُمۡۚ وَنُقِرُّ فِي ٱلۡأَرۡحَامِ مَا نَشَآءُ إِلَىٰٓ أَجَلٖ مُّسَمّٗى ثُمَّ نُخۡرِجُكُمۡ طِفۡلٗا ثُمَّ لِتَبۡلُغُوٓاْ أَشُدَّكُمۡۖ وَمِنكُم مَّن يُتَوَفَّىٰ وَمِنكُم مَّن يُرَدُّ إِلَىٰٓ أَرۡذَلِ ٱلۡعُمُرِ لِكَيۡلَا يَعۡلَمَ مِنۢ بَعۡدِ عِلۡمٖ شَيۡـٔٗاۚ وَتَرَى ٱلۡأَرۡضَ هَامِدَةً فَإِذَآ أَنزَلۡنَا عَلَيۡهَا ٱلۡمَآءَ ٱهۡتَزَّتۡ وَرَبَتۡ وَأَنۢبَتَتۡ مِن كُلِّ زَوۡجِۭ بَهِيجٖ ٥

5. Эй мардум, агар дар бораи барангехта шудан [дар қиёмат] тардид доред, пас, [бидонед, ки] бе тардид, Мо шуморо аз хок офаридем, сипас аз нутфа ва он гоҳ аз хуни басташуда, сипас аз порагӯште шаклёфта ва [баъзан] шаклноёфта, [чунин кардем] то [қудрати хешро] бароятон ошкор созем; ва ҳар чиро ки бихоҳем, то муддате муайян дар раҳим [-и модарон] нигаҳ медорем, он гоҳ шуморо ба сурати навзоде берун меоварем, сипас [парвариш меёбед] то ба ҳадди рушд [ва булуғи] худ бирасед ва аз шумо касе ҳаст, ки [дар даврони ҷавонӣ] мемирад ва касе низ ҳаст [ки он қадар умр мебинанд, то] ба ниҳояти фартутӣ [ва куҳансолӣ] мерасад, чунонки пас аз [он ҳама] дониш [ҳамаро фаромӯш

мекунад ва] чизе намедонад. Ва [аммо мисоле дигар] заминро хушкида мебинӣ, вале чун оби [борон] бар он фурӯ мефиристем, ба ҷунбиш дармеояд ва рушд мекунад ва аз ҳар навъ [гиёҳи] зебое мерӯёнад

ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡحَقُّ وَأَنَّهُۥ يُحۡيِ ٱلۡمَوۡتَىٰ وَأَنَّهُۥ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ٦

6. Ин [шигифтиҳои хилқат] аз он рӯст, ки [бидонед] Аллоҳ таоло ҳақ аст ва ӯст, ки мурдагонро зинда мекунад ва ӯ бар ҳар коре тавоност

وَأَنَّ ٱلسَّاعَةَ ءَاتِيَةٞ لَّا رَيۡبَ فِيهَا وَأَنَّ ٱللَّهَ يَبۡعَثُ مَن فِي ٱلۡقُبُورِ ٧

7. Ва ин ки қиёмат омаданӣ аст [ва] тардиде дар он нест ва ин ки Аллоҳ таоло [ҳамаи] касонеро, ки дар гӯрҳо ҳастанд, бармеангезад

وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يُجَٰدِلُ فِي ٱللَّهِ بِغَيۡرِ عِلۡمٖ وَلَا هُدٗى وَلَا كِتَٰبٖ مُّنِيرٖ ٨

8. Ва аз мардум касе ҳаст, ки бидуни ҳеҷ дониш ва ҳидоят ва китоби равшанибахше дар бораи Аллоҳ таоло муҷодала мекунад

ثَانِيَ عِطۡفِهِۦ لِيُضِلَّ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِۖ لَهُۥ فِي ٱلدُّنۡيَا خِزۡيٞۖ وَنُذِيقُهُۥ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ عَذَابَ ٱلۡحَرِيقِ ٩

9. [Аз рӯйи такаббур] Сари хеш бармегардонад, то [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло гумроҳ созад. Барои ӯ дар ин дунё расвоӣ ва хорӣ аст ва рӯзи қиёмат [низ] азоби оташи сӯзонро ба ӯ мечашонем

ذَٰلِكَ بِمَا قَدَّمَتۡ يَدَاكَ وَأَنَّ ٱللَّهَ لَيۡسَ بِظَلَّٰمٖ لِّلۡعَبِيدِ ١٠

10. Ин [кайфар] ба сазои корҳоест, ки аз пеш фиристодааст ва Аллоҳ таоло ҳаргиз нисбат ба бандагон [-и худ] ситамгор нест

وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَعۡبُدُ ٱللَّهَ عَلَىٰ حَرۡفٖۖ فَإِنۡ أَصَابَهُۥ خَيۡرٌ ٱطۡمَأَنَّ بِهِۦۖ وَإِنۡ أَصَابَتۡهُ فِتۡنَةٌ ٱنقَلَبَ عَلَىٰ وَجۡهِهِۦ خَسِرَ ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةَۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡخُسۡرَانُ ٱلۡمُبِينُ ١١

11. Ва аз [миёни] мардум касе ҳаст, ки Аллоҳро бо тардид мепарастад [ва имонаш заиф аст], пас, агар хайре ба ӯ бирасад, [дилаш] ба он ором мегирад [ва бар имонаш боқӣ мемонад] ва агар балое [барои озмоиш] ба ӯ бирасад, рӯ мегардонад [ва ба куфр бозмегардад]. Ӯ дар дунё ва охират зиён кардааст. Ин ҳамон зиёни ошкор аст

يَدۡعُواْ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُۥ وَمَا لَا يَنفَعُهُۥۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلضَّلَٰلُ ٱلۡبَعِيدُ ١٢

12. [Инсони кофир] Ба ҷойи Аллоҳ таоло чизеро мехонад, ки на ба ӯ зиёне мерасонад ва на суде мебахшад. Ин ҳамон гумроҳии дуру дароз аст

يَدۡعُواْ لَمَن ضَرُّهُۥٓ أَقۡرَبُ مِن نَّفۡعِهِۦۚ لَبِئۡسَ ٱلۡمَوۡلَىٰ وَلَبِئۡسَ ٱلۡعَشِيرُ ١٣

13. Ӯ касеро мехонад, ки қатъан, зиёнаш наздиктар аз судаш мебошад ва чи бад дӯст ва чи бад ҳамдаме аст!

إِنَّ ٱللَّهَ يُدۡخِلُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَفۡعَلُ مَا يُرِيدُ ١٤

14. Бе тардид, Аллоҳ таоло касонеро, ки имон овардаанд ва корҳое шоиста анҷом додаанд, ба боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунад, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст. Ба ростӣ, Аллоҳ таоло он чиро, ки мехоҳад, анҷом медиҳад

مَن كَانَ يَظُنُّ أَن لَّن يَنصُرَهُ ٱللَّهُ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِ فَلۡيَمۡدُدۡ بِسَبَبٍ إِلَى ٱلسَّمَآءِ ثُمَّ لۡيَقۡطَعۡ فَلۡيَنظُرۡ هَلۡ يُذۡهِبَنَّ كَيۡدُهُۥ مَا يَغِيظُ ١٥

15. Касе, ки гумон мекунад, ки Аллоҳ таоло ӯ [паёмбар]-ро дар дунё ва охират ҳаргиз ёрӣ нахоҳад кард [ва акнун ҳимояти Аллоҳро мебинад ва хашмгин аст], пас, бояд ресмоне ба сақф [-и хонааш] биёвезад ва [худро дор бизанад, то роҳи нафас]-ро қатъ кунад [ва то сарҳади марг пеш равад], он гоҳ бингарад, ки оё [ин гуна фанду] найранги ӯ хашмашро аз миён мебарад

وَكَذَٰلِكَ أَنزَلۡنَٰهُ ءَايَٰتِۭ بَيِّنَٰتٖ وَأَنَّ ٱللَّهَ يَهۡدِي مَن يُرِيدُ ١٦

16. Ва бад-ин гуна Мо ин [Қуръон]-ро [ба сурати] оёте равшан нозил кардем ва Аллоҳ таоло ҳар киро хоҳад, ҳидоят мекунад

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَٱلَّذِينَ هَادُواْ وَٱلصَّٰبِـِٔينَ وَٱلنَّصَٰرَىٰ وَٱلۡمَجُوسَ وَٱلَّذِينَ أَشۡرَكُوٓاْ إِنَّ ٱللَّهَ يَفۡصِلُ بَيۡنَهُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ شَهِيدٌ ١٧

17. Касоне, ки имон овардаанд ва касоне, ки яҳудӣ шуданд ва собеон [фитратгароён] ва масеҳиён ва зартуштиён ва касоне, ки ширк варзиданд, яқинан, рӯзи қиёмат Аллоҳ таоло миёнашон доварӣ мекунад. Бе гумон, Аллоҳ таоло бар ҳар чизе гувоҳ аст

أَلَمۡ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ يَسۡجُدُ لَهُۥ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَن فِي ٱلۡأَرۡضِ وَٱلشَّمۡسُ وَٱلۡقَمَرُ وَٱلنُّجُومُ وَٱلۡجِبَالُ وَٱلشَّجَرُ وَٱلدَّوَآبُّ وَكَثِيرٞ مِّنَ ٱلنَّاسِۖ وَكَثِيرٌ حَقَّ عَلَيۡهِ ٱلۡعَذَابُۗ وَمَن يُهِنِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِن مُّكۡرِمٍۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَفۡعَلُ مَا يَشَآءُ ١٨

18. Оё надидӣ, ки ҳар ки дар осмонҳо ва ҳар ки дар замин аст ва хуршед ва моҳу ситорагон ва кӯҳҳо ва дарахтон ва ҷунбандагон ва бисёре аз мардум барои Аллоҳ таоло саҷда мекунанд? Ва бисёре низ ҳастанд, ки [дар натиҷаи сарпечӣ аз парастиш фармони] азоб бар онон таҳаққуқ ёфтааст ва ҳар ки Аллоҳ таоло хораш созад, касе гиромиаш намедорад. Бе тардид, Аллоҳ таоло ҳар чи бихоҳад анҷом медиҳад

هَٰذَانِ خَصۡمَانِ ٱخۡتَصَمُواْ فِي رَبِّهِمۡۖ فَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ قُطِّعَتۡ لَهُمۡ ثِيَابٞ مِّن نَّارٖ يُصَبُّ مِن فَوۡقِ رُءُوسِهِمُ ٱلۡحَمِيمُ ١٩

19. Ин ду [гурӯҳи муъмин ва кофир] душманони якдигаранд ва дар бораи Парвардигорашон ситез мекунанд. Пас касоне, ки куфр варзиданд, бароямон ҷомаҳое аз оташ буридаанд [ва] аз болои сарашон [бар онон] оби ҷӯшон мерезанд

يُصْهَرُ بِهِۦ مَا فِى بُطُونِهِمْ وَٱلْجُلُودُ ﴿٢٠﴾

20. Он чи дар дарунашон ҳаст ва [низ] пӯстҳояшон бо он гудохта мешавад

وَلَهُم مَّقَٰمِعُ مِنْ حَدِيدٍ ﴿٢١﴾

21. Ва барояшон гурзҳои оҳанин [муҳайё] аст

كُلَّمَآ أَرَادُوٓاْ أَن يَخْرُجُواْ مِنْهَا مِنْ غَمٍّ أُعِيدُواْ فِيهَا وَذُوقُواْ عَذَابَ ٱلْحَرِيقِ ﴿٢٢﴾

22. Ҳар гоҳ бихоҳанд, аз [шиддати] андуҳ аз он ҷо [дузах] хориҷ шаванд, ба он бозгардонда мешаванд ва [ба онон гуфта мешавад]: «Азоби сӯзонро бичашед»

إِنَّ ٱللَّهَ يُدْخِلُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ يُحَلَّوْنَ فِيهَا مِنْ أَسَاوِرَ مِن ذَهَبٍ وَلُؤْلُؤًا ۖ وَلِبَاسُهُمْ فِيهَا حَرِيرٌ ﴿٢٣﴾

23. Бе тардид, Аллоҳ таоло касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, ба боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунад, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорӣ аст. Дар он ҷо ба дастабандаҳое аз тилло ва марворид ороста мешаванд ва либосашон дар он ҷо абрешим аст

وَهُدُوٓاْ إِلَى ٱلطَّيِّبِ مِنَ ٱلْقَوْلِ وَهُدُوٓاْ إِلَىٰ صِرَٰطِ ٱلْحَمِيدِ ﴿٢٤﴾

24. Ва [дар дунё] ба сӯйи гуфтори пок [тавҳиду такбир] ҳидоят мешаванд ва ба роҳи сутуда [ислом] роҳнамоӣ мекарданд

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَيَصُدُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ ٱلَّذِى جَعَلْنَٰهُ لِلنَّاسِ سَوَآءً ٱلْعَٰكِفُ فِيهِ وَٱلْبَادِ ۚ وَمَن يُرِدْ فِيهِ بِإِلْحَادٍۭ بِظُلْمٍ نُّذِقْهُ مِنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿٢٥﴾

25. Бе гумон, касоне, ки куфр варзиданд ва [монанди моҷарои Ҳудайбия мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло бозмедоранд [азобе дарднок дар пеш доранд] ва Масҷиду-л-ҳаром, ки онро барои мардум [қибла ва ибодатгоҳ] қарор додем, муқиму мусофир дар он яксонанд ва ҳар ки дар он ҷо бо ситамгорӣ [ва гуноҳ] инҳироф бихоҳад, аз азобе дарднок ба ӯ мечашонем

وَإِذْ بَوَّأْنَا لِإِبْرَٰهِيمَ مَكَانَ ٱلْبَيْتِ أَن لَّا تُشْرِكْ بِى شَيْـًٔا وَطَهِّرْ بَيْتِىَ لِلطَّآئِفِينَ وَٱلْقَآئِمِينَ وَٱلرُّكَّعِ ٱلسُّجُودِ ﴿٢٦﴾

26. Ва [ёд кун аз] он гоҳ ки маҳалли хона [-и Каъба]-ро барои Иброҳим таъйин кардем [ва гуфтем], ки: «Чизеро шарики Ман қарор надеҳ ва хонаамро барои тавофкунандагон ва қиёмкунандагон ва рукуъкунандагон [ва] саҷдакунандагон пок гардон

وَأَذِّن فِى ٱلنَّاسِ بِٱلْحَجِّ يَأْتُوكَ رِجَالًا وَعَلَىٰ كُلِّ ضَامِرٍ يَأْتِينَ مِن كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٍ ﴿٢٧﴾

27. Ва байни мардум барои [адои] ҳаҷ нидо бидеҳ, то пиёда ва [савор] бар ҳар [василаи сафар ё] шутури лоғаре аз ҳар роҳи дуре ба сӯят биёянд

لِّيَشْهَدُواْ مَنَٰفِعَ لَهُمْ وَيَذْكُرُواْ ٱسْمَ ٱللَّهِ فِىٓ أَيَّامٍ مَّعْلُومَٰتٍ عَلَىٰ مَا رَزَقَهُم مِّنۢ بَهِيمَةِ ٱلْأَنْعَٰمِ ۖ فَكُلُواْ مِنْهَا وَأَطْعِمُواْ ٱلْبَآئِسَ ٱلْفَقِيرَ ﴿٢٨﴾

28. То шоҳиди манофеи [гуногуни] хеш бошанд ва дар рӯзҳое муайян [ба ҳангоми қурбонӣ]

номи Аллоҳро бар чаҳорпоёне, ки ба онон рӯзӣ додаем, ёд кунанд. Пас, аз [гӯшти] он бихӯред ва ба дармондаи тиҳидаст [низ] ғизо бидиҳед

29. Сипас бояд олудагиҳояшонро бартараф созанд ва ба назрҳои хеш вафо кунанд ва [гирдогирди] ин хонаи куҳан [Каъба] тавоф кунанд

ثُمَّ لۡيَقۡضُواْ تَفَثَهُمۡ وَلۡيُوفُواْ نُذُورَهُمۡ وَلۡيَطَّوَّفُواْ بِٱلۡبَيۡتِ ٱلۡعَتِيقِ ٢٩

30. [Аҳком ва маносики ҳач] Ин аст ва ҳар ки [муҳаррамот ва] муқаррароти илоҳиро бузург дорад, ин [кор] назди Парвардигораш барои ӯ беҳтар аст ва [эй мардум] чаҳорпоёне барои [масрафи] шумо ҳалол шудааст, магар он чи [ҳукмаш] бар шумо хонда мешавад. Пас, аз бутҳои палид дурӣ кунед ва аз гуфтори ботил [ва дурӯғ] иҷтиноб намоед

ذَٰلِكَۖ وَمَن يُعَظِّمۡ حُرُمَٰتِ ٱللَّهِ فَهُوَ خَيۡرٞ لَّهُۥ عِندَ رَبِّهِۦۗ وَأُحِلَّتۡ لَكُمُ ٱلۡأَنۡعَٰمُ إِلَّا مَا يُتۡلَىٰ عَلَيۡكُمۡۖ فَٱجۡتَنِبُواْ ٱلرِّجۡسَ مِنَ ٱلۡأَوۡثَٰنِ وَٱجۡتَنِبُواْ قَوۡلَ ٱلزُّورِ ٣٠

31. Дар ҳоле ки [бандаи мухлиси Аллоҳ таоло ва] ҳақгаро бошед ва ба Ӯ ширк наварзед ва ҳар ки ба Аллоҳ таоло ширк варзад, чунон аст, ки гӯё аз осмон фурӯ афтад ва мурғони [шикорӣ] вайро бирабоянд ва бод ӯро ба ҷойе дур бияндозад

حُنَفَآءَ لِلَّهِ غَيۡرَ مُشۡرِكِينَ بِهِۦۚ وَمَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَكَأَنَّمَا خَرَّ مِنَ ٱلسَّمَآءِ فَتَخۡطَفُهُ ٱلطَّيۡرُ أَوۡ تَهۡوِي بِهِ ٱلرِّيحُ فِي مَكَانٖ سَحِيقٖ ٣١

32. [Ҳукми ҳач] Ин аст ва ҳар ки дастурҳои динӣ ва илоҳиро бузург бишморад, яқинан, ин [бузургдошт нишонае] аз парҳезкории дилҳост

ذَٰلِكَۖ وَمَن يُعَظِّمۡ شَعَٰٓئِرَ ٱللَّهِ فَإِنَّهَا مِن تَقۡوَى ٱلۡقُلُوبِ ٣٢

33. Дар он [чаҳорпоёни вижаи қурбонӣ] то замони муайян [ҳангоми забҳ] барои шумо манофеъ [ва баҳраҳое] аст. Пас, қурбонгоҳи онҳо хонаи куҳани [Каъба] аст

لَكُمۡ فِيهَا مَنَٰفِعُ إِلَىٰٓ أَجَلٖ مُّسَمّٗى ثُمَّ مَحِلُّهَآ إِلَى ٱلۡبَيۡتِ ٱلۡعَتِيقِ ٣٣

34. Ва барои ҳар уммате оине [дар қурбонӣ кардан] қарор додем, то номи Аллоҳро [вақти забҳ] бар чаҳорпоёне, ки рӯзиашон кардааст, зикр кунанд. Пас, маъбуди шумо маъбуди ягона аст. [Ҳама] Дар баробари Ӯ таслим бошед ва [эй паёмбар, хайри дунё ва охиратро] ба фурӯтанон башорат бидеҳ

وَلِكُلِّ أُمَّةٖ جَعَلۡنَا مَنسَكٗا لِّيَذۡكُرُواْ ٱسۡمَ ٱللَّهِ عَلَىٰ مَا رَزَقَهُم مِّنۢ بَهِيمَةِ ٱلۡأَنۡعَٰمِۗ فَإِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞ فَلَهُۥٓ أَسۡلِمُواْۗ وَبَشِّرِ ٱلۡمُخۡبِتِينَ ٣٤

35. [Ҳамон] Касоне, ки чун номи Аллоҳ таоло бурда шавад, дилҳояшон метарсад ва [касоне, ки] дар

ٱلَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ ٱللَّهُ وَجِلَتۡ قُلُوبُهُمۡ وَٱلصَّٰبِرِينَ عَلَىٰ مَآ أَصَابَهُمۡ وَٱلۡمُقِيمِي ٱلصَّلَوٰةِ وَمِمَّا رَزَقۡنَٰهُمۡ يُنفِقُونَ ٣٥

баробари мусибатҳое, ки ба эшон мерасад, шикебо ҳастанд ва онон, ки намозгузоранд ва аз он чи рӯзишон кардаем, инфоқ мекунанд

وَٱلْبُدْنَ جَعَلْنَٰهَا لَكُم مِّن شَعَٰٓئِرِ ٱللَّهِ لَكُمْ فِيهَا خَيْرٌ ۖ فَٱذْكُرُوا۟ ٱسْمَ ٱللَّهِ عَلَيْهَا صَوَآفَّ ۖ فَإِذَا وَجَبَتْ جُنُوبُهَا فَكُلُوا۟ مِنْهَا وَأَطْعِمُوا۟ ٱلْقَانِعَ وَٱلْمُعْتَرَّ ۚ كَذَٰلِكَ سَخَّرْنَٰهَا لَكُمْ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ ﴿٣٦﴾

36. [Қурбонӣ кардани] шутур [ва гов дар мавсими ҳаҷ]-ро барои шумо аз шаоири дин [ва нишонаҳои ибодати Аллоҳ таоло] қарор додем. Дар ин [кор] бароятон хайр [-у баракат] аст. Пас, [ҳангоми қурбонӣ] дар ҳоле ки [шутурон] бар по истодаанд, номи Аллоҳро бар онҳо бибаред [ва наҳрашон кунед]. Он гоҳ чун бар хок афтоданд, аз [гӯшти] онҳо бихӯред ва тиҳидастони обрӯманд ва гадоёнро низ таом диҳед. Онҳо [чаҳорпоён]-ро инчунин ба хидмати шумо гумоштем, бошад, ки сипос гузоред

لَن يَنَالَ ٱللَّهَ لُحُومُهَا وَلَا دِمَآؤُهَا وَلَٰكِن يَنَالُهُ ٱلتَّقْوَىٰ مِنكُمْ ۚ كَذَٰلِكَ سَخَّرَهَا لَكُمْ لِتُكَبِّرُوا۟ ٱللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَىٰكُمْ ۗ وَبَشِّرِ ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿٣٧﴾

37. Гӯшту хуни ин қурбониҳо ҳаргиз ба Аллоҳ таоло намерасад, балки парҳезкории шумост, ки ба Ӯ мерасад. Ӯ онҳоро инчунин ба хидмати шумо гумошт, то Аллоҳро ба [шукронаи] он ки шуморо ҳидоят кардааст, ба бузургӣ ёд кунед ва накукоронро [ба хайру растагорӣ] башорат бидеҳ

إِنَّ ٱللَّهَ يُدَٰفِعُ عَنِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ كُلَّ خَوَّانٍ كَفُورٍ ﴿٣٨﴾

38. Аллоҳ таоло аз касоне, ки имон овардаанд, ҳатман, [дар баробари душманонашон] дифоъ мекунад. Бе тардид, Аллоҳ таоло ҳеҷ хиёнаткори носипосеро дӯст намедорад

أُذِنَ لِلَّذِينَ يُقَٰتَلُونَ بِأَنَّهُمْ ظُلِمُوا۟ ۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ نَصْرِهِمْ لَقَدِيرٌ ﴿٣٩﴾

39. Ба касоне, ки [мушрикон] бо онон ҷангидаанд, иҷозат [-и ҷиҳод] дода шудааст, чаро ки ситам дидаанд ва яқинан, Аллоҳ таоло бар ёриашон тавоност

ٱلَّذِينَ أُخْرِجُوا۟ مِن دِيَٰرِهِم بِغَيْرِ حَقٍّ إِلَّآ أَن يَقُولُوا۟ رَبُّنَا ٱللَّهُ ۗ وَلَوْلَا دَفْعُ ٱللَّهِ ٱلنَّاسَ بَعْضَهُم بِبَعْضٍ لَّهُدِّمَتْ صَوَٰمِعُ وَبِيَعٌ وَصَلَوَٰتٌ وَمَسَٰجِدُ يُذْكَرُ فِيهَا ٱسْمُ ٱللَّهِ كَثِيرًا ۗ وَلَيَنصُرَنَّ ٱللَّهُ مَن يَنصُرُهُۥٓ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَقَوِىٌّ عَزِيزٌ ﴿٤٠﴾

40. [Ҳамон] Касоне, ки ба ноҳақ аз диёрашон ронда шуданд, [ва гуноҳе надоштанд] ҷуз ин ки мегуфтанд: «Парвардигори мо Аллоҳ таоло аст». Ва агар Аллоҳ таоло [зулму куфри] бархе аз мардумро ба василаи бархе дигар дафъ намекард, савмааҳо[-и роҳибон] ва маобид [-и масеҳиён] ва ибодатгоҳҳо [-и яҳудиён] ва

масоҷиде, ки номи Аллоҳ таоло дар онон бисёр бурда мешавад, ҳатман, вайрон мегардид. Ва Аллоҳ таоло касеро, ки [дини] Ӯро ёрӣ диҳад, яқинан, ёрӣ мекунад. Бе тардид, Аллоҳ таоло қудратманди шикастнопазир аст

41. [Ҳамон] Касоне, ки ҳар гоҳ дар замин ба онон қудрат [ва ҳукумат] бибахшем, намоз барпо медоранд ва закот мепардозанд ва [мардумро] ба некӣ фармон медиҳанд ва аз нописанд бозмедоранд. Ва саранҷоми корҳо аз они Аллоҳ таоло аст

ٱلَّذِينَ إِن مَّكَّنَّٰهُمْ فِى ٱلْأَرْضِ أَقَامُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَوُا۟ ٱلزَّكَوٰةَ وَأَمَرُوا۟ بِٱلْمَعْرُوفِ وَنَهَوْا۟ عَنِ ٱلْمُنكَرِ ۗ وَلِلَّهِ عَٰقِبَةُ ٱلْأُمُورِ ﴿٤١﴾

42. [Эй Паёмбар] Агар [ин қавми бутпараст] туро дурӯғгӯ меангоранд, [шикебо бош] ҳатман, пеш аз онон қавми Нуҳ ва Од ва Самуд [низ паёмбаронашонро] дурӯғгӯ меангоштанд

وَإِن يُكَذِّبُوكَ فَقَدْ كَذَّبَتْ قَبْلَهُمْ قَوْمُ نُوحٍ وَعَادٌ وَثَمُودُ ﴿٤٢﴾

43. Ва [ҳамчунин] қавми Иброҳим ва қавми Лут

وَقَوْمُ إِبْرَٰهِيمَ وَقَوْمُ لُوطٍ ﴿٤٣﴾

44. Ва асҳоби Мадян [Шуайбро дурӯғгӯ медонистанд] ва Мӯсо [низ тавассути фиръавниён] дурӯғгӯ хонда шуд. Пас, ба кофирон муҳлат додам, он гоҳ ононро [ба азоб] фурӯ гирифтам. Пас, [бингар, ки натиҷаи] инкори [оёт ва муҷозоти] Ман чи гуна бувад

وَأَصْحَٰبُ مَدْيَنَ ۖ وَكُذِّبَ مُوسَىٰ ۖ فَأَمْلَيْتُ لِلْكَٰفِرِينَ ثُمَّ أَخَذْتُهُمْ ۖ فَكَيْفَ كَانَ نَكِيرِ ﴿٤٤﴾

45. Чи бисёр шаҳрҳоеро, ки [чун мардумаш кофиру] ситамгор буданд, нобудашон кардем ва [инак] сақфҳояш фурӯ рехтааст ва чи бисёр чоҳ [-ҳо]-и матрук ва қаср [-ҳо]-и устувор [ва бошукӯҳ, ки сокинонашро аз азоби илоҳӣ наҷот надод]

فَكَأَيِّن مِّن قَرْيَةٍ أَهْلَكْنَٰهَا وَهِىَ ظَالِمَةٌ فَهِىَ خَاوِيَةٌ عَلَىٰ عُرُوشِهَا وَبِئْرٍ مُّعَطَّلَةٍ وَقَصْرٍ مَّشِيدٍ ﴿٤٥﴾

46. Оё онон дар замин гардиш накардаанд, то дилҳое дошта бошанд, ки [ҳақиқатро] бо он дарёбанд ё гӯшҳое, ки [ахбори гузаштагонро] бо он бишнаванд? Ба ростӣ, танҳо чашмҳо нест, ки нобино мегардад, балки дилҳое, ки дар синаҳост [бебасират гашта ва барои дидани ҳақ] нобино мешавад

أَفَلَمْ يَسِيرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ فَتَكُونَ لَهُمْ قُلُوبٌ يَعْقِلُونَ بِهَآ أَوْ ءَاذَانٌ يَسْمَعُونَ بِهَا ۖ فَإِنَّهَا لَا تَعْمَى ٱلْأَبْصَٰرُ وَلَٰكِن تَعْمَى ٱلْقُلُوبُ ٱلَّتِى فِى ٱلصُّدُورِ ﴿٤٦﴾

47. [Эй Паёмбар, кофирон] ба шитоб аз ту дархости азоб мекунанд ва Аллоҳ таоло ҳаргиз ваъдаашро

وَيَسْتَعْجِلُونَكَ بِٱلْعَذَابِ وَلَن يُخْلِفَ ٱللَّهُ وَعْدَهُۥ ۚ وَإِنَّ يَوْمًا عِندَ رَبِّكَ كَأَلْفِ سَنَةٍ مِّمَّا تَعُدُّونَ ﴿٤٧﴾

хилоф намекунад ва дар вокеъ, як рӯз [аз азоби охират] назди Парвардигорат бо ҳазор сол, ки шумо мешуморед, яксон аст

وَكَأَيِّن مِّن قَرْيَةٍ أَمْلَيْتُ لَهَا وَهِيَ ظَالِمَةٌ ثُمَّ أَخَذْتُهَا وَإِلَيَّ ٱلْمَصِيرُ ﴿٤٨﴾

48. Ва чи бисёр [аҳолии] шаҳрҳое, ки ба онон муҳлат додам, дар ҳоле ки ситамгор буданд [аммо боз ҳам сарпечӣ карданд], пас, ононро [ба азоб] фурӯ гирифтам ва бозгашт [-и ҳама] ба сӯи Ман аст

قُلْ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنَّمَآ أَنَا۠ لَكُمْ نَذِيرٌ مُّبِينٌ ﴿٤٩﴾

49. Бигӯ: «Эй мардум, ҷуз ин нест, ки ман барои шумо бимдиҳандае ошкорам»

فَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّـٰلِحَـٰتِ لَهُم مَّغْفِرَةٌ وَرِزْقٌ كَرِيمٌ ﴿٥٠﴾

50. Пас, касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, омурзишу рӯзии нек [дар пеш] доранд

وَٱلَّذِينَ سَعَوْ۟ا فِىٓ ءَايَـٰتِنَا مُعَـٰجِزِينَ أُو۟لَـٰٓئِكَ أَصْحَـٰبُ ٱلْجَحِيمِ ﴿٥١﴾

51. Ва касоне, ки дар [роҳи инкор ва такзиби] оёти Мо мекӯшанд, то [ба пиндори хеш] Моро дармонда кунанд, онон аҳли дузаханд

وَمَآ أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ مِن رَّسُولٍ وَلَا نَبِىٍّ إِلَّآ إِذَا تَمَنَّىٰٓ أَلْقَى ٱلشَّيْطَـٰنُ فِىٓ أُمْنِيَّتِهِۦ فَيَنسَخُ ٱللَّهُ مَا يُلْقِى ٱلشَّيْطَـٰنُ ثُمَّ يُحْكِمُ ٱللَّهُ ءَايَـٰتِهِۦ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٥٢﴾

52. Ва [Мо] ҳеҷ расул ва паёмбареро пеш аз ту нафиристодем, магар ин ки чун [оёти илоҳиро] тиловат мекард, шайтон дар тиловаташ [калимоти иштибоҳ] илқо мекард. Он гоҳ Аллоҳ таоло он чиро, ки шайтон илқо намуда буд, аз миён мебурд ва сипас оёти хешро устувор месохт ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

لِّيَجْعَلَ مَا يُلْقِى ٱلشَّيْطَـٰنُ فِتْنَةً لِّلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِم مَّرَضٌ وَٱلْقَاسِيَةِ قُلُوبُهُمْ ۗ وَإِنَّ ٱلظَّـٰلِمِينَ لَفِى شِقَاقٍۭ بَعِيدٍ ﴿٥٣﴾

53. То [бад-ин васила Аллоҳ таоло] он чиро, ки шайтон илқо мекунад, барои касоне, ки дар дилҳояшон беморӣ [шакку нифоқ] аст ва [ҳамчунин барои] сангдилон василаи озмоиш қарор диҳад. Ва яқинан, ситамгорон [-и мушрик] дар душмании дуру дарозе [бо Аллоҳ таоло ва паёмбараш] ҳастанд

وَلِيَعْلَمَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْعِلْمَ أَنَّهُ ٱلْحَقُّ مِن رَّبِّكَ فَيُؤْمِنُوا۟ بِهِۦ فَتُخْبِتَ لَهُۥ قُلُوبُهُمْ ۗ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَهَادِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿٥٤﴾

54. Ва то касоне, ки дониш ёфтаанд, бидонанд, ки ин [Қуръон] ҳақ аст [ва] аз ҷониби Парвардигори туст ва ба он имон биёваранд ва дилҳояшон барояш [нарму] фурӯтан гардад; ва бе тардид,

Аллоҳ таоло касонеро, ки имон овардаанд, ба роҳи рост ҳидоят мекунад

وَلَا يَزَالُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فِي مِرۡيَةٖ مِّنۡهُ حَتَّىٰ تَأۡتِيَهُمُ ٱلسَّاعَةُ بَغۡتَةً أَوۡ يَأۡتِيَهُمۡ عَذَابُ يَوۡمٍ عَقِيمٖ ٥٥

55. Касоне, ки куфр варзиданд, ҳамвора дар мавриди он [чи дар Қуръон нозил кардаем] тардид доранд, то он гоҳ ки ногаҳон қиёмат фаро расад ё азоби рӯзи бехайру раҳмат бар онон [фуруд] ояд

ٱلۡمُلۡكُ يَوۡمَئِذٖ لِّلَّهِ يَحۡكُمُ بَيۡنَهُمۡۚ فَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فِي جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ٥٦

56. Дар он рӯз фармонравоӣ аз они Аллоҳ таоло аст [ва] миёни онон доварӣ мекунад. Пас касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, дар боғҳои пурнеъмат [-и биҳишт] ҳастанд

وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَكَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا فَأُوْلَٰٓئِكَ لَهُمۡ عَذَابٞ مُّهِينٞ ٥٧

57. Ва касоне, ки куфр варзиданд ва оёти Моро дурӯғ ангоштанд, азоби хоркунандае [дар пеш] доранд

وَٱلَّذِينَ هَاجَرُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ ثُمَّ قُتِلُوٓاْ أَوۡ مَاتُواْ لَيَرۡزُقَنَّهُمُ ٱللَّهُ رِزۡقًا حَسَنٗاۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَهُوَ خَيۡرُ ٱلرَّٰزِقِينَ ٥٨

58. Ва касоне, ки дар роҳи Аллоҳ таоло ҳиҷрат карданд, сипас кушта шуданд ё вафот карданд, яқинан Аллоҳ таоло ба онон рӯзии накуе медиҳад. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло беҳтарин рӯзидиҳанда аст

لَيُدۡخِلَنَّهُم مُّدۡخَلٗا يَرۡضَوۡنَهُۥۗ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَعَلِيمٌ حَلِيمٞ ٥٩

59. Бе тардид, ононро ба ҷойгоҳе ворид мекунад, ки аз он хушнуд бошанд ва ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло донои бурдбор аст

۞ذَٰلِكَۖ وَمَنۡ عَاقَبَ بِمِثۡلِ مَا عُوقِبَ بِهِۦ ثُمَّ بُغِيَ عَلَيۡهِ لَيَنصُرَنَّهُ ٱللَّهُۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَعَفُوٌّ غَفُورٞ ٦٠

60. Ин аст [ҳукми илоҳӣ дар бораи кофир ва муъмин] ва ҳар кас ба ҳамон миқдор, ки ба ӯ ситам шудааст, муҷозот кунад, сипас [боз] мавриди ситам қарор гирад, Аллоҳ таоло ёриаш хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ таоло бахшандаи омурзанда аст

ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ يُولِجُ ٱلَّيۡلَ فِي ٱلنَّهَارِ وَيُولِجُ ٱلنَّهَارَ فِي ٱلَّيۡلِ وَأَنَّ ٱللَّهَ سَمِيعُۢ بَصِيرٞ ٦١

61. Ин [ёрии мазлумон] аз он рӯст, ки Аллоҳ таоло [бар ҳар коре тавоност; чунон ки] шабро дар рӯз мекашонад ва рӯзро дар шаб дармеоварад; ва бе тардид, Аллоҳ таоло шунавои биност

ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡحَقُّ وَأَنَّ مَا يَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ هُوَ ٱلۡبَٰطِلُ وَأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡكَبِيرُ ٦٢

62. Ин бад-он сабаб аст, ки Аллоҳ таоло ҳақ аст ва он чиро, ки [мушрикон] ҷуз ӯ мехонанд, [ҳама]

ботил аст ва Аллоҳ таоло баландмартабаи бузург аст

63. Оё надидӣ, ки Аллоҳ таоло аз осмон обе фурӯ фиристод ва замин [бар асари он хурраму] сарсабз мегардад? Бе тардид, Аллоҳ таоло борикбини огоҳ аст

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ أَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَتُصْبِحُ ٱلْأَرْضُ مُخْضَرَّةً ۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَطِيفٌ خَبِيرٌ ﴿٦٣﴾

64. Он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст ва бе тардид, Аллоҳ таоло бениёзи сутуда аст

لَّهُۥ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ ۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَهُوَ ٱلْغَنِىُّ ٱلْحَمِيدُ ﴿٦٤﴾

65. Оё надидӣ, ки Аллоҳ таоло он чиро дар замин аст, ба хидмати шумо гумоштааст ва киштиҳо ба фармонаш дар дарё равонанд ва осмонро нигаҳ медорад, ки ҷуз ба иҷозати Ӯ бар замин наафтад. Бе тардид, Аллоҳ таоло [нисбат] ба мардум дилсӯзи меҳрубон аст

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ سَخَّرَ لَكُم مَّا فِى ٱلْأَرْضِ وَٱلْفُلْكَ تَجْرِى فِى ٱلْبَحْرِ بِأَمْرِهِۦ ۖ وَيُمْسِكُ ٱلسَّمَآءَ أَن تَقَعَ عَلَى ٱلْأَرْضِ إِلَّا بِإِذْنِهِۦٓ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ بِٱلنَّاسِ لَرَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿٦٥﴾

66. Ва Ӯст, ки шуморо зинда кард, сипас мемиронад ва он гоҳ [бори дигар] зинда мекунад. Ба ростӣ, ки инсон [нисбат ба неъматҳои илоҳӣ] бисёр носипос аст

وَهُوَ ٱلَّذِىٓ أَحْيَاكُمْ ثُمَّ يُمِيتُكُمْ ثُمَّ يُحْيِيكُمْ ۗ إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لَكَفُورٌ ﴿٦٦﴾

67. Барои ҳар уммате оине муқаррар кардаем, ки ба он амал кунанд, пас, [эй паёмбар, пайравони соири адён] набояд бо ту дар ин амр ситез кунанд. Ба роҳи Парвардигорат даъват кун, [чаро ки] ту яқинан, бар [оини дуруст ва] роҳи рост қарор дорӣ

لِكُلِّ أُمَّةٍ جَعَلْنَا مَنسَكًا هُمْ نَاسِكُوهُ ۖ فَلَا يُنَٰزِعُنَّكَ فِى ٱلْأَمْرِ ۚ وَٱدْعُ إِلَىٰ رَبِّكَ ۖ إِنَّكَ لَعَلَىٰ هُدًى مُّسْتَقِيمٍ ﴿٦٧﴾

68. Ва агар [дар бораи ҳаққонияти дин] бо ту муҷодала карданд, пас, бигӯ: «Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳед, донотар аст

وَإِن جَٰدَلُوكَ فَقُلِ ٱللَّهُ أَعْلَمُ بِمَا تَعْمَلُونَ ﴿٦٨﴾

69. Аллоҳ таоло рӯзи қиёмат дар мавриди он чи дар бораш ихтилоф мекардед, миёнатон доварӣ мекунад»

ٱللَّهُ يَحْكُمُ بَيْنَكُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ فِيمَا كُنتُمْ فِيهِ تَخْتَلِفُونَ ﴿٦٩﴾

70. Оё надонистаӣ, ки Аллоҳ таоло он чиро дар осмон ва замин аст медонад? Бе гумон [ҳамаи] инҳо дар китобе [сабт] аст. Мусалламан, ин [кор] бар Аллоҳ таоло осон аст

أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ ٱللَّهَ يَعْلَمُ مَا فِى ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ ۗ إِنَّ ذَٰلِكَ فِى كِتَٰبٍ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٌ ﴿٧٠﴾

وَيَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَمۡ يُنَزِّلۡ بِهِۦ سُلۡطَٰنٗا وَمَا لَيۡسَ لَهُم بِهِۦ عِلۡمٞۗ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِن نَّصِيرٖ ٧١

71. Ва [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ таоло чизеро мепарастанд, ки ҳеҷ далеле бар [ҳаққонияти] он нозил накардааст ва бад-он огоҳӣ [ва шинохте низ] надоранд ва ситамгорон [-и мушрик дар баробари азоби илоҳӣ] ҳеҷ ёрикунандае надоранд

وَإِذَا تُتۡلَىٰ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتُنَا بَيِّنَٰتٖ تَعۡرِفُ فِي وُجُوهِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱلۡمُنكَرَۖ يَكَادُونَ يَسۡطُونَ بِٱلَّذِينَ يَتۡلُونَ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِنَاۗ قُلۡ أَفَأُنَبِّئُكُم بِشَرّٖ مِّن ذَٰلِكُمُۚ ٱلنَّارُ وَعَدَهَا ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ٧٢

72. Ва ҳангоме ки оёти равшани Мо бар онон хонда мешавад, дар чеҳраи касоне, ки куфр варзидаанд, [осори кароҳат ва] нохушояндӣ мебинӣ. Наздик аст ба касоне, ки оёти Моро барояшон мехонанд, ҳамлавар шаванд. [Эй паёмбар, ба кофирон] Бигӯ: «Оё шуморо ба бадтар аз ин [ки дар интизоратон аст] хабар диҳам? Оташ [-и дузах] аст, ки Аллоҳ таоло онро ба касоне, ки куфр варзиданд, ваъда додаст ва чи бад саранҷомест!»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ضُرِبَ مَثَلٞ فَٱسۡتَمِعُواْ لَهُۥٓۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ لَن يَخۡلُقُواْ ذُبَابٗا وَلَوِ ٱجۡتَمَعُواْ لَهُۥۖ وَإِن يَسۡلُبۡهُمُ ٱلذُّبَابُ شَيۡـٔٗا لَّا يَسۡتَنقِذُوهُ مِنۡهُۚ ضَعُفَ ٱلطَّالِبُ وَٱلۡمَطۡلُوبُ ٧٣

73. Эй мардум, [дар бораи нотавонии бутҳо] масале зада шудааст, пас, ба он гӯш диҳед: Касонеро, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло [ба парастиш] мехонед, ҳаргиз наметавонанд магасеро биёфаринанд, ҳатто агар [ҳамагӣ] барои ин [кор] ҷамъ шаванд. Ва агар он магас чизе аз онон бирабояд, наметавонанд онро бозпас гиранд. [Ope] Хостор ва хоста [бут ва магас] ҳар ду нотавонанд

مَا قَدَرُواْ ٱللَّهَ حَقَّ قَدۡرِهِۦٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ ٧٤

74. [Онон] Аллоҳро чунон ки сазовори [бузургдошти] Ӯст, нашинохтаанд. Бе тардид, Аллоҳ таоло неруманди шикастнопазир аст

ٱللَّهُ يَصۡطَفِي مِنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ رُسُلٗا وَمِنَ ٱلنَّاسِۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعُۢ بَصِيرٞ ٧٥

75. Аллоҳ таоло аз миёни фариштагон фиристодагоне [барои иблоғи ваҳй ба паёмбарон] бармегузинад ва аз миёни инсонҳо низ [паёмбароне барои расонидани паёми илоҳӣ ба мардум интихоб мекунад]. Бе тардид, Аллоҳ таоло шунавои биност

يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡۚ وَإِلَى ٱللَّهِ تُرۡجَعُ ٱلۡأُمُورُ ٧٦

76. Ӯ оянда ва гузаштаи ононро медонад ва [ҳамаи] корҳо ба Аллоҳ таоло бозгардонда мешавад

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱرۡكَعُواْ وَٱسۡجُدُواْ وَٱعۡبُدُواْ رَبَّكُمۡ وَٱفۡعَلُواْ ٱلۡخَيۡرَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٧٧

77. Эй касоне, ки имон овардаед, рукуъ кунед ва саҷда гузоред ва Парвардигоратонро бипарастед

ва кори нек анҷом диҳед, бошад, ки растагор шавед

وَجَٰهِدُواْ فِي ٱللَّهِ حَقَّ جِهَادِهِۦۚ هُوَ ٱجۡتَبَىٰكُمۡ وَمَا جَعَلَ عَلَيۡكُمۡ فِي ٱلدِّينِ مِنۡ حَرَجٖۚ مِّلَّةَ أَبِيكُمۡ إِبۡرَٰهِيمَۚ هُوَ سَمَّىٰكُمُ ٱلۡمُسۡلِمِينَ مِن قَبۡلُ وَفِي هَٰذَا لِيَكُونَ ٱلرَّسُولُ شَهِيدًا عَلَيۡكُمۡ وَتَكُونُواْ شُهَدَآءَ عَلَى ٱلنَّاسِۚ فَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ وَٱعۡتَصِمُواْ بِٱللَّهِ هُوَ مَوۡلَىٰكُمۡۖ فَنِعۡمَ ٱلۡمَوۡلَىٰ وَنِعۡمَ ٱلنَّصِيرُ ٧٨

78. Ва дар роҳи Аллоҳ таоло - чунон ки сазовори ҷиҳод [дар роҳи] Ӯст - ҷиҳод кунед. Ӯ шуморо баргузид ва дар дин бароятон ҳеҷ сахтӣ [ва тангное] қарор надод. Оини падаратон Иброҳим [низ чунин буд]. Ӯ [Аллоҳ таоло] пеш аз ин [дар китобҳои осмонии гузашта] ва дар ин [Қуръон] шуморо мусулмон номид, то паёмбар бар [иблоғи паёмаш ба] шумо гувоҳ бошад ва шумо [низ] бар мардум гувоҳ бошед [ки ҳамаи паёмбарон паёми илоҳиро ба қавми худ расонидаанд]. Пас, намоз барпо доред ва закот бипардозед ва ба Аллоҳ таоло паноҳ бибаред [ва бар Ӯ таваккал кунед], ки Ӯ [дӯсту] корсози шумост. Пас, чи наку корсозу чи нек ёварест!

(23) Муъминун(*) المؤمنون

Ҷузъи 18

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

قَدْ أَفْلَحَ ٱلْمُؤْمِنُونَ ﴿١﴾	**1**. Ба ростӣ, ки муъминон растагор шуданд
ٱلَّذِينَ هُمْ فِي صَلَاتِهِمْ خَٰشِعُونَ ﴿٢﴾	**2**. Ҳамон касоне, ки дар намозашон фурӯтан ҳастанд
وَٱلَّذِينَ هُمْ عَنِ ٱللَّغْوِ مُعْرِضُونَ ﴿٣﴾	**3**. Ва онон, ки аз [гуфтору рафтори] беҳуда рӯйгардонанд
وَٱلَّذِينَ هُمْ لِلزَّكَوٰةِ فَٰعِلُونَ ﴿٤﴾	**4**. Ва онон, ки закот мепардозанд
وَٱلَّذِينَ هُمْ لِفُرُوجِهِمْ حَٰفِظُونَ ﴿٥﴾	**5**. Ва онон, ки шармгоҳашонро ҳифз мекунанд
إِلَّا عَلَىٰٓ أَزْوَٰجِهِمْ أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَٰنُهُمْ فَإِنَّهُمْ غَيْرُ مَلُومِينَ ﴿٦﴾	**6**. Магар дар мавриди ҳамсарон ё канизонашон, ки [дар баҳрагирии ҷинсӣ аз онҳо] накуҳише бар онон нест
فَمَنِ ٱبْتَغَىٰ وَرَآءَ ذَٰلِكَ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْعَادُونَ ﴿٧﴾	**7**. Пас, ҳар ки фаротар аз ин бихоҳад, ононанд, ки аз ҳад даргузаштаанд
وَٱلَّذِينَ هُمْ لِأَمَٰنَٰتِهِمْ وَعَهْدِهِمْ رَٰعُونَ ﴿٨﴾	**8**. Ва [дар зумраи муъминонанд] касоне, ки амонатҳо ва аҳди худро риоят мекунанд
وَٱلَّذِينَ هُمْ عَلَىٰ صَلَوَٰتِهِمْ يُحَافِظُونَ ﴿٩﴾	**9**. Ва касоне, ки бар [адои] намозҳояшон муроқибат мекунанд
أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْوَٰرِثُونَ ﴿١٠﴾	**10**. Инонанд, ки ворисон ҳастанд
ٱلَّذِينَ يَرِثُونَ ٱلْفِرْدَوْسَ هُمْ فِيهَا خَٰلِدُونَ ﴿١١﴾	**11**. [Ҳамон] Касоне, ки биҳишти баринро ба ирс мебаранд [ва] дар он ҷовидонанд
وَلَقَدْ خَلَقْنَا ٱلْإِنسَٰنَ مِن سُلَٰلَةٍ مِّن طِينٍ ﴿١٢﴾	**12**. Ва дар ҳақиқат, инсонро аз чакидае аз гил офаридем
ثُمَّ جَعَلْنَٰهُ نُطْفَةً فِي قَرَارٍ مَّكِينٍ ﴿١٣﴾	**13**. Сипас ӯро ба шакли нутфае дар қароргоҳе устувор [раҳим] ниҳодем

(*) Муъминун (Муъминон).

14. Сипас нутфаро [Ба шакли] хуни баста сохтем ва он гоҳ хуни бастаро [ба сурати] порагӯште сохтем, сипас порагӯштро [ба шакли] устухон даровардем ва он гоҳ бар устухонҳо гӯшт пӯшонидем. Сипас он [ҷанин]-ро офаринише дигар бахшидем. Пас, [пурбаракату] бузургвор аст Аллоҳ таоло, ки накутарин офаринанда аст

ثُمَّ خَلَقْنَا ٱلنُّطْفَةَ عَلَقَةً فَخَلَقْنَا ٱلْعَلَقَةَ مُضْغَةً فَخَلَقْنَا ٱلْمُضْغَةَ عِظَٰمًا فَكَسَوْنَا ٱلْعِظَٰمَ لَحْمًا ثُمَّ أَنشَأْنَٰهُ خَلْقًا ءَاخَرَ ۚ فَتَبَارَكَ ٱللَّهُ أَحْسَنُ ٱلْخَٰلِقِينَ ﴿١٤﴾

15. Сипас шумо [пас аз тайи мароҳили зиндагӣ] ҳатман, хоҳед мурд

ثُمَّ إِنَّكُم بَعْدَ ذَٰلِكَ لَمَيِّتُونَ ﴿١٥﴾

16. Он гоҳ бе тардид, дар рӯзи қиёмат барангехта мешавед

ثُمَّ إِنَّكُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ تُبْعَثُونَ ﴿١٦﴾

17. Ва ба яқин Мо бар фарозатон ҳафт осмон офаридем ва [ҳаргиз] аз офариниш ғофил набудаем

وَلَقَدْ خَلَقْنَا فَوْقَكُمْ سَبْعَ طَرَآئِقَ وَمَا كُنَّا عَنِ ٱلْخَلْقِ غَٰفِلِينَ ﴿١٧﴾

18. Ва аз осмон ба андозае муайян [барои ниёзи махлуқот] обе фиристодем ва онро дар замин ҷой додем ва ҳатман, барои аз байн бурданаш [низ] комилан тавоноем

وَأَنزَلْنَا مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءًۢ بِقَدَرٍ فَأَسْكَنَّٰهُ فِى ٱلْأَرْضِ ۖ وَإِنَّا عَلَىٰ ذَهَابٍۭ بِهِۦ لَقَٰدِرُونَ ﴿١٨﴾

19. Сипас тавассути он [об] бароятон боғҳое аз дарахтони хурмо ва ангур падид овардем, ки дар он [боғҳо] барои шумо меваҳое бисёре аст ва аз он [маҳсулот] мехӯред

فَأَنشَأْنَا لَكُم بِهِۦ جَنَّٰتٍ مِّن نَّخِيلٍ وَأَعْنَٰبٍ لَّكُمْ فِيهَا فَوَٰكِهُ كَثِيرَةٌ وَمِنْهَا تَأْكُلُونَ ﴿١٩﴾

20. Ва дарахте [офаридем], ки аз Тӯри Сино бармеояд ва равғани [зайтун] медиҳад ва хӯрише барои хӯрандагон аст

وَشَجَرَةً تَخْرُجُ مِن طُورِ سَيْنَآءَ تَنۢبُتُ بِٱلدُّهْنِ وَصِبْغٍ لِّلْءَاكِلِينَ ﴿٢٠﴾

21. Ва бе тардид, барои шумо дар [вуҷуди] чаҳорпоён ибрате [аз қудрати Аллоҳ таоло] аст: аз он чи дар шиками онҳост ба шумо [шир] менӯшонем ва дар [вуҷуди] онҳо бароятон судҳои бисёре вуҷуд дорад ва аз [гӯшти] онҳо мехӯред

وَإِنَّ لَكُمْ فِى ٱلْأَنْعَٰمِ لَعِبْرَةً ۖ نُّسْقِيكُم مِّمَّا فِى بُطُونِهَا وَلَكُمْ فِيهَا مَنَٰفِعُ كَثِيرَةٌ وَمِنْهَا تَأْكُلُونَ ﴿٢١﴾

22. [Дар хушкӣ] Бар онҳо савор мешавед ва [дар об] бар киштиҳо

وَعَلَيْهَا وَعَلَى ٱلْفُلْكِ تُحْمَلُونَ ﴿٢٢﴾

23. Ва бе тардид, Мо Нуҳро ба сӯйи қавмаш фиристодем, пас, [ба онон] гуфт: «Эй қавми ман, Аллоҳро бипарастед [ки] ҷуз Ӯ маъбуде [ба ҳақ] надоред. Оё парво намекунед?»

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا نُوحًا إِلَىٰ قَوْمِهِۦ فَقَالَ يَٰقَوْمِ ٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَٰهٍ غَيْرُهُۥٓ ۖ أَفَلَا تَتَّقُونَ ﴿٢٣﴾

24. Пас, ашроф ва бузургони қавмаш, ки куфр варзида буданд, гуфтанд: «Ин [мард касе] нест, магар башаре ҳамчун шумо, [ки] мехоҳад бар шумо бартарӣ ҷӯяд. Агар Аллоҳ таоло мехост, фариштагоне [ба сӯятон] нозил мекард. Мо инро [ки Нуҳ мегӯяд] дар миёни ниёгони худ нашнидаем

فَقَالَ ٱلْمَلَؤُا۟ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ مِن قَوْمِهِۦ مَا هَٰذَآ إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يُرِيدُ أَن يَتَفَضَّلَ عَلَيْكُمْ ۚ وَلَوْ شَآءَ ٱللَّهُ لَأَنزَلَ مَلَٰٓئِكَةً ۖ مَّا سَمِعْنَا بِهَٰذَا فِىٓ ءَابَآئِنَا ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٢٤﴾

25. Ӯ марди девонае беш нест. Пас, то муддате мунтазир бошед [ки ё дурӯғаш ошкор гардад ва даст аз даъваташ бардорад ё маргаш фаро расад]

إِنْ هُوَ إِلَّا رَجُلٌۢ بِهِۦ جِنَّةٌ فَتَرَبَّصُوا۟ بِهِۦ حَتَّىٰ حِينٍ ﴿٢٥﴾

26. [Нуҳ] Гуфт: «Парвардигоро, маро дар баробари такзиби онон ёрӣ кун»

قَالَ رَبِّ ٱنصُرْنِى بِمَا كَذَّبُونِ ﴿٢٦﴾

27. Пас, ба ӯ ваҳй кардем: «Киштиро таҳти назари Мо ва ба ваҳйи Мо бисоз ва ҳангоме ки фармони [азоби] Мо фаро расад ва [ба нишонаи расидани тӯфон об аз] танӯр ҷӯшад, аз ҳар навъи [ҳайвон] як ҷуфти [нару мода] дар киштӣ савор кун ва хонаводаатро [низ ҳамроҳи худ бубар], магар касоне, ки пештар ваъда [-и ҳалок] бар онон муқаррар шудааст ва дар бораи [наҷоти] касоне, ки ситам кардаанд, бо Ман сухан нагӯ, [чаро ки] онон ҳатман, ғарқ хоҳанд шуд

فَأَوْحَيْنَآ إِلَيْهِ أَنِ ٱصْنَعِ ٱلْفُلْكَ بِأَعْيُنِنَا وَوَحْيِنَا ۚ فَإِذَا جَآءَ أَمْرُنَا وَفَارَ ٱلتَّنُّورُ ۖ فَٱسْلُكْ فِيهَا مِن كُلٍّ زَوْجَيْنِ ٱثْنَيْنِ وَأَهْلَكَ إِلَّا مَن سَبَقَ عَلَيْهِ ٱلْقَوْلُ مِنْهُمْ ۖ وَلَا تُخَٰطِبْنِى فِى ٱلَّذِينَ ظَلَمُوٓا۟ ۖ إِنَّهُم مُّغْرَقُونَ ﴿٢٧﴾

28. Пас, ҳангоме ки ту ва ҳамроҳонат бар киштӣ савор шудед, бигӯ: «Сипос махсуси Аллоҳ таоло аст, ки моро аз [чанги] гурӯҳи ситамгор наҷот дод»

فَإِذَا ٱسْتَوَيْتَ أَنتَ وَمَن مَّعَكَ عَلَى ٱلْفُلْكِ فَقُلِ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِى نَجَّىٰنَا مِنَ ٱلْقَوْمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٢٨﴾

29. Ва [низ] бигӯ: «Парвардигоро, моро дар манзилгоҳе пурбаракат фуруд овар, ки Ту беҳтарин фурудоварандай»

وَقُل رَّبِّ أَنزِلْنِى مُنزَلًا مُّبَارَكًا وَأَنتَ خَيْرُ ٱلْمُنزِلِينَ ﴿٢٩﴾

30. Бе тардид, дар ин [моҷаро] нишонаҳое [аз қудрати Аллоҳ таоло дар наҷоти муъминон ва

إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ ۚ وَإِن كُنَّا لَمُبْتَلِينَ ﴿٣٠﴾

азоби кофирон] аст ва яқинан, Мо озмоишгар [-и имон ва куфри мардум] будаем

31. Он гоҳ гурӯҳи дигареро пас аз онон падид овардем

ثُمَّ أَنشَأْنَا مِنۢ بَعْدِهِمْ قَرْنًا ءَاخَرِينَ ﴿٣١﴾

32. Ва аз худашон паёмбаре дар [миёни] онон фиристодем [то бигӯяд]: «Аллоҳро бипарастед, [ки] ҷуз Ӯ маъбуде [ба ҳақ] надоред. Оё парво намекунед?»

فَأَرْسَلْنَا فِيهِمْ رَسُولًا مِّنْهُمْ أَنِ ٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَٰهٍ غَيْرُهُۥٓ ۖ أَفَلَا تَتَّقُونَ ﴿٣٢﴾

33. Гурӯҳе аз ашроф ва бузургони қавмаш, ки куфр варзида буданд ва дидори охиратро дурӯғ меангоштанд ва дар зиндагии дунё ба онон неъмату осоиш дода будем, гуфтанд: «Ин [мард касе] нест, магар башаре ҳамчун шумо. Аз он чи [шумо] мехӯред, [ӯ низ] мехӯрад ва аз он чи ки шумо менӯшед, [ӯ низ] менӯшад [пас, бартарие надорад, ки паёмбар бошад]

وَقَالَ ٱلْمَلَأُ مِن قَوْمِهِ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَكَذَّبُوا۟ بِلِقَآءِ ٱلْءَاخِرَةِ وَأَتْرَفْنَٰهُمْ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا مَا هَٰذَآ إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يَأْكُلُ مِمَّا تَأْكُلُونَ مِنْهُ وَيَشْرَبُ مِمَّا تَشْرَبُونَ ﴿٣٣﴾

34. Ва агар аз башаре ҳамчун худ итоат кунед, дар он сурат яқинан, зиёнкоред

وَلَئِنْ أَطَعْتُم بَشَرًا مِّثْلَكُمْ إِنَّكُمْ إِذًا لَّخَٰسِرُونَ ﴿٣٤﴾

35. Оё ӯ ба шумо ваъда медиҳад, ки вақте мурдед ва хоку устухон шудед, [дар қиёмат аз гӯр] берун оварда мешавед?

أَيَعِدُكُمْ أَنَّكُمْ إِذَا مِتُّمْ وَكُنتُمْ تُرَابًا وَعِظَٰمًا أَنَّكُم مُّخْرَجُونَ ﴿٣٥﴾

36. Он чи ба шумо ваъда медиҳад, чи дур аст, чи дур!

هَيْهَاتَ هَيْهَاتَ لِمَا تُوعَدُونَ ﴿٣٦﴾

37. [Зиндагонӣ] Ҷуз ҳамин зиндагии дунёии мо нест. [Гурӯҳе] Мемирем [ва гурӯҳе ба ҷойи онҳо] зинда мешавем ва ҳаргиз [пас аз марг] барангехта нахоҳем шуд

إِنْ هِىَ إِلَّا حَيَاتُنَا ٱلدُّنْيَا نَمُوتُ وَنَحْيَا وَمَا نَحْنُ بِمَبْعُوثِينَ ﴿٣٧﴾

38. Ӯ [касе] нест, магар мардест, ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебандад ва мо ба ӯ имон намеоварем»

إِنْ هُوَ إِلَّا رَجُلٌ ٱفْتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا وَمَا نَحْنُ لَهُۥ بِمُؤْمِنِينَ ﴿٣٨﴾

39. Паёмбарашон] Гуфт: «Парвардигоро, маро дар баробари такзиби онон ёрӣ кун»

قَالَ رَبِّ ٱنصُرْنِى بِمَا كَذَّبُونِ ﴿٣٩﴾

40. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Пас аз андак замоне, [аз кори худ] сахт пушаймон мешаванд»

قَالَ عَمَّا قَلِيلٍ لَّيُصْبِحُنَّ نَٰدِمِينَ ﴿٤٠﴾

فَأَخَذَتْهُمُ ٱلصَّيْحَةُ بِٱلْحَقِّ فَجَعَلْنَٰهُمْ غُثَآءً ۚ فَبُعْدًا لِّلْقَوْمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٤١﴾

41. Пас, бонг [-и маргбор]-е ононро ба ҳақ фуру гирифт ва [ҳамчун] хору хошокашон намудем. Пас, қавми ситамгор [аз раҳмати Аллоҳ таоло] дур бод!

ثُمَّ أَنشَأْنَا مِنۢ بَعْدِهِمْ قُرُونًا ءَاخَرِينَ ﴿٤٢﴾

42. Сипас баъд аз онон наслҳое дигар падид овардем

مَا تَسْبِقُ مِنْ أُمَّةٍ أَجَلَهَا وَمَا يَسْتَـْٔخِرُونَ ﴿٤٣﴾

43. Ҳеҷ уммате на аз ачали худ пешӣ мегирад ва на таъхир мекунад

ثُمَّ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا تَتْرَا ۖ كُلَّ مَا جَآءَ أُمَّةً رَّسُولُهَا كَذَّبُوهُ ۖ فَأَتْبَعْنَا بَعْضَهُم بَعْضًا وَجَعَلْنَٰهُمْ أَحَادِيثَ ۚ فَبُعْدًا لِّقَوْمٍ لَّا يُؤْمِنُونَ ﴿٤٤﴾

44. Сипас паёмбарони худро паёпай фиристодем. Ҳар гоҳ паёмбаре барои [ҳидояти] уммате меомад, ӯро дурӯғгӯ меангоштанд, пас, [Мо низ] ононро яке пас аз дигаре ҳалок кардем ва ононро достонҳо [-и ибратомӯзе барои ояндагон] қарор додем. Пас, нобуд бод, қавме, ки имон намеоваранд!

ثُمَّ أَرْسَلْنَا مُوسَىٰ وَأَخَاهُ هَٰرُونَ بِـَٔايَٰتِنَا وَسُلْطَٰنٍ مُّبِينٍ ﴿٤٥﴾

45. Сипас Мӯсо ва бародараш Ҳорунро бо оёти [нуҳгонаи] хеш ва далоили ошкор фиристодем

إِلَىٰ فِرْعَوْنَ وَمَلَإِيْهِۦ فَٱسْتَكْبَرُوا۟ وَكَانُوا۟ قَوْمًا عَالِينَ ﴿٤٦﴾

46. Ба сӯйи Фиръавн ва ашрофи [қавми] ӯ, вале онон гарданкашӣ карданд ва гурӯҳе бартарихоҳ буданд

فَقَالُوٓا۟ أَنُؤْمِنُ لِبَشَرَيْنِ مِثْلِنَا وَقَوْمُهُمَا لَنَا عَٰبِدُونَ ﴿٤٧﴾

47. Ва гуфтанд: «Оё ба ду инсони монанди худ имон биёварем, ҳол он ки қавмашон бардагони мо ҳастанд?»

فَكَذَّبُوهُمَا فَكَانُوا۟ مِنَ ٱلْمُهْلَكِينَ ﴿٤٨﴾

48. Пас он дуро дурӯғгӯ ангоштанд, [ва] саранҷом ҳалок шуданд

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا مُوسَى ٱلْكِتَٰبَ لَعَلَّهُمْ يَهْتَدُونَ ﴿٤٩﴾

49. Ва бе тардид, ба Мӯсо китоби [Таврот] додем, бошад, ки [Бани Исроил] ҳидоят шаванд

وَجَعَلْنَا ٱبْنَ مَرْيَمَ وَأُمَّهُۥٓ ءَايَةً وَءَاوَيْنَٰهُمَآ إِلَىٰ رَبْوَةٍ ذَاتِ قَرَارٍ وَمَعِينٍ ﴿٥٠﴾

50. Ва писари Марям ва модарашро нишонае [аз қудрати илоҳӣ] қарор додем ва ононро дар маконе баланд ва ҳамворе, ки дорои амният ва обе [зулолу] ҷорӣ буд, ҷой додем

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلرُّسُلُ كُلُوا۟ مِنَ ٱلطَّيِّبَـٰتِ وَٱعْمَلُوا۟ صَـٰلِحًا ۖ إِنِّى بِمَا تَعْمَلُونَ عَلِيمٌ ﴿٥١﴾

51. Эй паёмбарон, аз [ғизоҳои] покиза бихӯред ва кори шоиста анҷом диҳед. Яқинан, ман ба он чи мекунед, огоҳам

وَإِنَّ هَـٰذِهِۦٓ أُمَّتُكُمْ أُمَّةً وَٰحِدَةً وَأَنَا۠ رَبُّكُمْ فَٱتَّقُونِ ﴿٥٢﴾

52. Ва дар ҳақиқат, ин дини шумо дини воҳид [ба номи ислом] аст ва ман Парвардигоратон ҳастам. Пас, аз ман парво кунед [битарсед]

فَتَقَطَّعُوٓا۟ أَمْرَهُم بَيْنَهُمْ زُبُرًا ۖ كُلُّ حِزْبٍۭ بِمَا لَدَيْهِمْ فَرِحُونَ ﴿٥٣﴾

53. Аммо [пайравонашон ихтилоф карданд ва] дар кори динашон миёни худ фирқа-фирқа ва пароканда гаштанд ва ҳар гурӯҳе ба он чи наздашон аст, дилхушанд [чаро ки худро бар ҳақ медонанд]

فَذَرْهُمْ فِى غَمْرَتِهِمْ حَتَّىٰ حِينٍ ﴿٥٤﴾

54. Пас, [эй Паёмбар] ононро то вақте [ки азоб фаро мерасад] дар ҷаҳлу нодонишон раҳо кун

أَيَحْسَبُونَ أَنَّمَا نُمِدُّهُم بِهِۦ مِن مَّالٍ وَبَنِينَ ﴿٥٥﴾

55. Оё гумон мекунанд, он чи аз сарвату фарзандон, ки ба онон медиҳем,

نُسَارِعُ لَهُمْ فِى ٱلْخَيْرَٰتِ ۚ بَل لَّا يَشْعُرُونَ ﴿٥٦﴾

56. [барои ин аст, ки] шитобон некиҳоро ба эшон бирасонем? [На, ҳаргиз чунин нест] Балки онон [ҳақиқатро] дарнамеёбанд

إِنَّ ٱلَّذِينَ هُم مِّنْ خَشْيَةِ رَبِّهِم مُّشْفِقُونَ ﴿٥٧﴾

57. Касоне, ки аз бими Парвардигорашон тарсонанд

وَٱلَّذِينَ هُم بِـَٔايَـٰتِ رَبِّهِمْ يُؤْمِنُونَ ﴿٥٨﴾

58. Ва касоне, ки ба оёти Парвардигорашон имон меоваранд

وَٱلَّذِينَ هُم بِرَبِّهِمْ لَا يُشْرِكُونَ ﴿٥٩﴾

59. Ва касоне, ки ба Парвардигорашон ширк намеварзанд

وَٱلَّذِينَ يُؤْتُونَ مَا ءَاتَوا۟ وَّقُلُوبُهُمْ وَجِلَةٌ أَنَّهُمْ إِلَىٰ رَبِّهِمْ رَٰجِعُونَ ﴿٦٠﴾

60. Ва касоне, ки дар анҷоми корҳои хайр мекӯшанд ва аз ин ки ба сӯйи Парвардигори хеш бозмегарданд, [ва аз ин ки корҳои некашон мақбули даргоҳи ҳақ воқеъ нашавад] дилҳояшон ҳаросон аст

أُو۟لَـٰٓئِكَ يُسَـٰرِعُونَ فِى ٱلْخَيْرَٰتِ وَهُمْ لَهَا سَـٰبِقُونَ ﴿٦١﴾

61. Инон дар некиҳо шитоб мекунанд ва дар анҷоми он [аз якдигар] пешӣ мегиранд

وَلَا نُكَلِّفُ نَفْسًا إِلَّا وُسْعَهَا ۖ وَلَدَيْنَا كِتَابٌ يَنطِقُ بِالْحَقِّ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ ﴿٦٢﴾

62. Ва [Мо] ба ҳеҷ кас ҷуз ба андозаи тавонаш таклиф намекунем ва назди Мо китобест, ки [дар бораи аъмоли бандагон] ба ҳақ сухан мегӯяд ва ба онон ситам намешавад

بَلْ قُلُوبُهُمْ فِي غَمْرَةٍ مِّنْ هَٰذَا وَلَهُمْ أَعْمَالٌ مِّن دُونِ ذَٰلِكَ هُمْ لَهَا عَامِلُونَ ﴿٦٣﴾

63. [На] Балки дилҳояшон аз ин [китоб] дар ғафлат аст ва онон ба ҷуз ин [гуноҳи куфр] корҳое [дигар низ] анҷом медиҳанд

حَتَّىٰ إِذَا أَخَذْنَا مُتْرَفِيهِم بِالْعَذَابِ إِذَا هُمْ يَجْأَرُونَ ﴿٦٤﴾

64. То ҳангоме ки сарватмандонашонро ба азоб гирифтор кунем, ногаҳон фарёди зорӣ сар медиҳанд

لَا تَجْأَرُوا الْيَوْمَ ۖ إِنَّكُم مِّنَّا لَا تُنصَرُونَ ﴿٦٥﴾

65. [Ба онон гуфта мешавад] «Имрӯз нола ва зорӣ накунед, [ки] ҳаргиз аз сӯйи мо ёрӣ нахоҳед шуд

قَدْ كَانَتْ آيَاتِي تُتْلَىٰ عَلَيْكُمْ فَكُنتُمْ عَلَىٰ أَعْقَابِكُمْ تَنكِصُونَ ﴿٦٦﴾

66. Бе тардид, оёти Ман пайваста бар шумо хонда мешуд, вале [аз ҳақ] рӯй мегардонед

مُسْتَكْبِرِينَ بِهِ سَامِرًا تَهْجُرُونَ ﴿٦٧﴾

67. Дар ҳоле ки дар баробараш такаббур мекардед [ва дар маҷолиси шабонаи худ] ба бадгӯӣ мепардохтед

أَفَلَمْ يَدَّبَّرُوا الْقَوْلَ أَمْ جَاءَهُم مَّا لَمْ يَأْتِ آبَاءَهُمُ الْأَوَّلِينَ ﴿٦٨﴾

68. Оё онон дар ин гуфтор [Қуръон] наяндешидаанд ё [магар] чизе барояшон омада, ки барои ниёгонашон наёмадааст?

أَمْ لَمْ يَعْرِفُوا رَسُولَهُمْ فَهُمْ لَهُ مُنكِرُونَ ﴿٦٩﴾

69. Ё паёмбарашонро нашинохтаанд ва [аз ин рӯст, ки] инкораш мекунанд

أَمْ يَقُولُونَ بِهِ جِنَّةٌ ۚ بَلْ جَاءَهُم بِالْحَقِّ وَأَكْثَرُهُمْ لِلْحَقِّ كَارِهُونَ ﴿٧٠﴾

70. Ё мегӯянд, ӯ ҷунун дорад? [На, чунин нест] Балки [ӯ дини] ҳақро барояшон овардааст, вале бештарашон аз [пазириши] ҳақ нохушнуданд

وَلَوِ اتَّبَعَ الْحَقُّ أَهْوَاءَهُمْ لَفَسَدَتِ السَّمَاوَاتُ وَالْأَرْضُ وَمَن فِيهِنَّ ۚ بَلْ أَتَيْنَاهُم بِذِكْرِهِمْ فَهُمْ عَن ذِكْرِهِم مُّعْرِضُونَ ﴿٧١﴾

71. Агар Аллоҳ таоло аз ҳавасҳои онон пайравӣ кунад [ва умури ҳастӣ ба майли кофирон идора шавад], осмонҳо ва замин ва ҳар ки дар онҳост, табоҳ мегардад, балки барои онон пандашон [Қуръон]-ро овардаем [ки мояи иззату шарафашон аст], вале онон аз пандашон рӯйгардонанд

أَمْ تَسْـَٔلُهُمْ خَرْجًا فَخَرَاجُ رَبِّكَ خَيْرٌ ۖ وَهُوَ خَيْرُ ٱلرَّٰزِقِينَ ﴿٧٢﴾

72. [Эй Паёмбар] Оё ту аз онон [барои таблиғи дин] подоше металабӣ? Ва ҳол он ки подоши Парвардигорат [басе] беҳтар аст ва Ӯ беҳтарин рӯзидиҳанда аст

وَإِنَّكَ لَتَدْعُوهُمْ إِلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿٧٣﴾

73. Ва бе тардид, ту ононро ба роҳе рост даъват мекунӣ

وَإِنَّ ٱلَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ بِٱلْـَٔاخِرَةِ عَنِ ٱلصِّرَٰطِ لَنَٰكِبُونَ ﴿٧٤﴾

74. Касоне, ки ба охират имон надоранд, ҳатман аз ин роҳи [рост] мунҳариф шудаанд

۞وَلَوْ رَحِمْنَٰهُمْ وَكَشَفْنَا مَا بِهِم مِّن ضُرٍّ لَّلَجُّوا۟ فِى طُغْيَٰنِهِمْ يَعْمَهُونَ ﴿٧٥﴾

75. Агар ба онон раҳм кунем ва балову ранҷеро, ки [аз қаҳтӣ ва гуруснагӣ] дидаанд, аз эшон бартараф созем, бар саркашӣ [ва гумроҳии] хеш пофишорӣ мекунанд [ва ҳамчунон] ба бероҳа мераванд

وَلَقَدْ أَخَذْنَٰهُم بِٱلْعَذَابِ فَمَا ٱسْتَكَانُوا۟ لِرَبِّهِمْ وَمَا يَتَضَرَّعُونَ ﴿٧٦﴾

76. Дар ҳақиқат, [Мо] ононро ба азоб [-у бало] гирифтор сохтем [то бедор шаванд], аммо дар баробари Парвардигорашон фурӯтанӣ нанамуданд ва [ба даргоҳаш тазарруъ ва] зорӣ накарданд

حَتَّىٰٓ إِذَا فَتَحْنَا عَلَيْهِم بَابًا ذَا عَذَابٍ شَدِيدٍ إِذَا هُمْ فِيهِ مُبْلِسُونَ ﴿٧٧﴾

77. [Онон пайваста чунин ҳастанд] То он гоҳ ки даре аз азоби сахт бар онон мекушоем [ва чунон гирифтор шаванд], ки [аз ҳама ҷо] маъюс гарданд

وَهُوَ ٱلَّذِىٓ أَنشَأَ لَكُمُ ٱلسَّمْعَ وَٱلْأَبْصَٰرَ وَٱلْأَفْـِٔدَةَ ۖ قَلِيلًا مَّا تَشْكُرُونَ ﴿٧٨﴾

78. [Эй мункирони қиёмат] Аллоҳ таоло аст, ки барои шумо гӯшу чашм ва дил падид оварда. Чи андак сипос мегузоред!

وَهُوَ ٱلَّذِى ذَرَأَكُمْ فِى ٱلْأَرْضِ وَإِلَيْهِ تُحْشَرُونَ ﴿٧٩﴾

79. Ва Ӯст, ки шуморо дар замин [офарид ва] пароканда кард ва [рӯзи қиёмат] ба сӯйи Ӯ ҷамъ мешавед

وَهُوَ ٱلَّذِى يُحْىِۦ وَيُمِيتُ وَلَهُ ٱخْتِلَٰفُ ٱلَّيْلِ وَٱلنَّهَارِ ۚ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ﴿٨٠﴾

80. Ва Ӯст, ки зинда мекунад ва мемиронад ва ихтилофи шабу рӯз аз тадбири Ӯст. Оё намеандешед?

بَلْ قَالُوا۟ مِثْلَ مَا قَالَ ٱلْأَوَّلُونَ ﴿٨١﴾

81. [Чунин накарданд] Балки онон низ ҳамон [суханонеро] гуфтанд, ки пешиниён мегуфтанд

قَالُوٓاْ أَءِذَا مِتۡنَا وَكُنَّا تُرَابٗا وَعِظَٰمًا أَءِنَّا لَمَبۡعُوثُونَ ٨٢

82. Гуфтанд: «Оё ҳангоме ки мурдему хоку устухон шудем, барангехта хоҳем шуд?

لَقَدۡ وُعِدۡنَا نَحۡنُ وَءَابَآؤُنَا هَٰذَا مِن قَبۡلُ إِنۡ هَٰذَآ إِلَّآ أَسَٰطِيرُ ٱلۡأَوَّلِينَ ٨٣

83. Бе тардид, ин ваъдаро пеш аз ин низ ба мо ва ниёгонамон додаанд. Ин [сухан чизе] нест, магар [дурӯғҳо ва] афсонаҳои пешиниён»

قُل لِّمَنِ ٱلۡأَرۡضُ وَمَن فِيهَآ إِن كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٨٤

84. [Эй Паёмбар, ба мункирони меод] бигӯ: «Агар медонед, [бигӯед], замин ва ҳар ки дар он аст, аз они кист?»

سَيَقُولُونَ لِلَّهِۚ قُلۡ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ ٨٥

85. Хоҳанд гуфт: «[Ҳама] Аз они Аллоҳ таоло аст». Бигӯ: «Пас, оё панд намегиред?»

قُلۡ مَن رَّبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ ٱلسَّبۡعِ وَرَبُّ ٱلۡعَرۡشِ ٱلۡعَظِيمِ ٨٦

86. Бигӯ: «Парвардигори ҳафт осмон ва Парвардигори Арши бузург кист?»

سَيَقُولُونَ لِلَّهِۚ قُلۡ أَفَلَا تَتَّقُونَ ٨٧

87. Хоҳанд гуфт: «[Ҳама] Аз они Аллоҳ таоло аст». Бигӯ: «Пас, оё [аз Аллоҳ таоло] парво намекунед?»

قُلۡ مَنۢ بِيَدِهِۦ مَلَكُوتُ كُلِّ شَيۡءٖ وَهُوَ يُجِيرُ وَلَا يُجَارُ عَلَيۡهِ إِن كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٨٨

88. Бигӯ: «Агар медонед, [бигӯед] фармонравоии ҳама чиз ба дасти кист? Ва [кист, ки] паноҳ медиҳад ва касе дар баробари [азоби] ӯ паноҳ надорад?»

سَيَقُولُونَ لِلَّهِۚ قُلۡ فَأَنَّىٰ تُسۡحَرُونَ ٨٩

89. Хоҳанд гуфт: «[Фармонравоии ҳама чиз] Аз они Аллоҳ таоло аст». Бигӯ: «Пас, чи гуна афсун мешавед [ва намеандешед]?»

بَلۡ أَتَيۡنَٰهُم بِٱلۡحَقِّ وَإِنَّهُمۡ لَكَٰذِبُونَ ٩٠

90. [Чунин нест, ки кофирон гумон мекунанд] Балки Мо ҳақро барояшон овардем ва яқинан, онон дурӯғгӯ ҳастанд

مَا ٱتَّخَذَ ٱللَّهُ مِن وَلَدٖ وَمَا كَانَ مَعَهُۥ مِنۡ إِلَٰهٍۚ إِذٗا لَّذَهَبَ كُلُّ إِلَٰهِۭ بِمَا خَلَقَ وَلَعَلَا بَعۡضُهُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖۚ سُبۡحَٰنَ ٱللَّهِ عَمَّا يَصِفُونَ ٩١

91. Аллоҳ таоло ҳаргиз фарзанде барнагузидааст ва ҳеҷ маъбуде бо Ӯ нест. [Агар чунин буд] Он гоҳ ҳар маъбуде он чиро офарида буд, [бо худ] мебурд ва мусалламан, бархе бар бархе дигар бартарӣ меҷустанд [ва низоми ҳастӣ табоҳ мегашт]. Аллоҳ таоло аз он чи [мушрикон] тавсиф мекунанд, муназзаҳ аст

عَٰلِمِ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ فَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ٩٢

92. Ӯ донои ниҳону ошкор аст ва аз он чи бо Вай шарик месозанд, бартар аст

قُل رَّبِّ إِمَّا تُرِيَنِّي مَا يُوعَدُونَ ﴿٩٣﴾

93. Бигӯ: «Парвардигоро, агар он [азобе]-ро, ки ба онон ваъда дода мешавад, ба ман нишон медиҳӣ [ки шоҳидаш бошам],

رَبِّ فَلَا تَجْعَلْنِي فِي ٱلْقَوْمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٩٤﴾

94. Пас, Парвардигоро маро дар [ҳангоми азоб дар канори ин] гурӯҳи ситамгор қарор мадеҳ»

وَإِنَّا عَلَىٰٓ أَن نُّرِيَكَ مَا نَعِدُهُمْ لَقَٰدِرُونَ ﴿٩٥﴾

95. Ва ҳатман, Мо тавоноем, ки он чиро ба онон ваъда медиҳем, ба ту нишон диҳем

ٱدْفَعْ بِٱلَّتِي هِيَ أَحْسَنُ ٱلسَّيِّئَةَ ۚ نَحْنُ أَعْلَمُ بِمَا يَصِفُونَ ﴿٩٦﴾

96. [Эй Паёмбар] бадиро ба шевае, ки беҳтар аст, дафъ кун [ва бубахшу шикебо бош]. Мо ба он чи [мушрикон дар бораи ту] тавсиф мекунанд, донотарем

وَقُل رَّبِّ أَعُوذُ بِكَ مِنْ هَمَزَٰتِ ٱلشَّيَٰطِينِ ﴿٩٧﴾

97. Ва бигӯ: «Парвардигоро, ман аз васвасаҳои шаётин ба Ту паноҳ мебарам

وَأَعُوذُ بِكَ رَبِّ أَن يَحْضُرُونِ ﴿٩٨﴾

98. Ва Парвардигоро, аз ин ки онҳо назди ман ҳозир шаванд, [низ] ба Ту паноҳ мебарам»

حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءَ أَحَدَهُمُ ٱلْمَوْتُ قَالَ رَبِّ ٱرْجِعُونِ ﴿٩٩﴾

99. [Кофирон пайваста бар ақидаи ботилашон ҳастанд] То ҳангоме ки марги яке аз онон фаро расад, [он гоҳ дар ҳоле ки] назди Парвардигори [худ нолаву зорӣ мекунад, ба фариштагон] мегӯяд: «Маро [ба дунё] бозгардонед

لَعَلِّيٓ أَعْمَلُ صَٰلِحًا فِيمَا تَرَكْتُ ۚ كَلَّآ ۚ إِنَّهَا كَلِمَةٌ هُوَ قَآئِلُهَا ۖ وَمِن وَرَآئِهِم بَرْزَخٌ إِلَىٰ يَوْمِ يُبْعَثُونَ ﴿١٠٠﴾

100. Шояд дар он чи [кӯтоҳӣ намуда ва] тарк кардам, кори шоистае анҷом диҳам». Ҳаргиз чунин нест. Бе тардид, ин фақат сухане аст, ки ӯ ба забон мегӯяд [ва ҳаргиз рафтораш тағйир намекунад] ва рӯзе, ки барангехта шаванд, пушти сарашон барзахест

فَإِذَا نُفِخَ فِي ٱلصُّورِ فَلَآ أَنسَابَ بَيْنَهُمْ يَوْمَئِذٍ وَلَا يَتَسَآءَلُونَ ﴿١٠١﴾

101. Рӯзе, ки дар сур дамида мешавад, ҳеҷ як аз [ифтихороти хонаводагӣ ва] пайвандҳои хешовандӣ миёнашон [барқарор] нахоҳад буд ва [аз ваҳшати азоб] аз [ҳоли] якдигар намепурсанд

فَمَن ثَقُلَتْ مَوَٰزِينُهُۥ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿١٠٢﴾

102. Ва ҳар ки вазнаи аъмолаш сангин бошад, ононанд, ки растагоранд

وَمَنْ خَفَّتْ مَوَٰزِينُهُۥ فَأُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ فِى جَهَنَّمَ خَٰلِدُونَ ﴿١٠٣﴾

103. Ва ҳар ки вазнаи аъмолаш сабук бошад, ононанд, ки ба хеш зиён задаанд ва дар дузах ҷовидонанд

تَلْفَحُ وُجُوهَهُمُ ٱلنَّارُ وَهُمْ فِيهَا كَٰلِحُونَ ﴿١٠٤﴾

104. Оташ чеҳраҳояшонро месӯзонад ва дар он ҷо рӯйтурш ва зиштманзаранд

أَلَمْ تَكُنْ ءَايَٰتِى تُتْلَىٰ عَلَيْكُمْ فَكُنتُم بِهَا تُكَذِّبُونَ ﴿١٠٥﴾

105. [Ба онон гуфта мешавад] «Магар на ин буд, ки оётам бар шумо хонда мешуд ва онҳоро дурӯғ меангоштед?»

قَالُوا۟ رَبَّنَا غَلَبَتْ عَلَيْنَا شِقْوَتُنَا وَكُنَّا قَوْمًا ضَآلِّينَ ﴿١٠٦﴾

106. [Дар посух] Мегӯянд: «Парвардигоро, бадбахтӣ бар мо чира шуд ва гурӯҳе гумроҳ будем

رَبَّنَآ أَخْرِجْنَا مِنْهَا فَإِنْ عُدْنَا فَإِنَّا ظَٰلِمُونَ ﴿١٠٧﴾

107. Парвардигоро, моро аз ин [дузах] берун овар. Пас, агар [ба куфру нофармонӣ] бозгаштем, ҳатман, ситамгорем»

قَالَ ٱخْسَـُٔوا۟ فِيهَا وَلَا تُكَلِّمُونِ ﴿١٠٨﴾

108. [Аллоҳ таоло] Мефармояд: «Дар он [оташ] гум шавед ва бо Ман сухан нагӯед

إِنَّهُۥ كَانَ فَرِيقٌ مِّنْ عِبَادِى يَقُولُونَ رَبَّنَآ ءَامَنَّا فَٱغْفِرْ لَنَا وَٱرْحَمْنَا وَأَنتَ خَيْرُ ٱلرَّٰحِمِينَ ﴿١٠٩﴾

109. Гурӯҳе аз бандагонам мегуфтанд: «Парвардигоро, имон овардем, пас, моро бибахшо ва бар мо раҳм кун, [ки] бе тардид, Ту беҳтарин бахшояндаӣ»

فَٱتَّخَذْتُمُوهُمْ سِخْرِيًّا حَتَّىٰٓ أَنسَوْكُمْ ذِكْرِى وَكُنتُم مِّنْهُمْ تَضْحَكُونَ ﴿١١٠﴾

110. Вале шумо ононро масхара мекардед, то ҷойе, ки [саргарм шудан ба тамасхури эшон] зикр [-у ибодати] Маро аз ёдатон бурд ва ҳамчунон ба онон механдидед

إِنِّى جَزَيْتُهُمُ ٱلْيَوْمَ بِمَا صَبَرُوٓا۟ أَنَّهُمْ هُمُ ٱلْفَآئِزُونَ ﴿١١١﴾

111. Имрӯз Ман ононро аз он ҷиҳате, ки шикебоӣ карданд, подош медиҳам. Оре, эшонанд, ки растагоранд»

قَٰلَ كَمْ لَبِثْتُمْ فِى ٱلْأَرْضِ عَدَدَ سِنِينَ ﴿١١٢﴾

112. [Аллоҳ таоло ба дузахиён] Мегӯяд: «Чанд сол дар замин ба сар бурдед»?

قَالُوا۟ لَبِثْنَا يَوْمًا أَوْ بَعْضَ يَوْمٍ فَسْـَٔلِ ٱلْعَآدِّينَ ﴿١١٣﴾

113. Мегӯянд: «Як рӯз ё бахше аз як рӯзро ба сар бурдем. Аз ҳисобгарон [ки ҳисоби рӯзу солро нигаҳ медоранд] бипурс»

قَٰلَ إِن لَّبِثْتُمْ إِلَّا قَلِيلًا ۖ لَّوْ أَنَّكُمْ كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿١١٤﴾

114. Ӯ мегӯяд: «[Оре] Агар медонистед, ҷуз андаке [дар дунё] ба сар набурдед

أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّمَا خَلَقْنَٰكُمْ عَبَثًا وَأَنَّكُمْ إِلَيْنَا لَا تُرْجَعُونَ ﴿١١٥﴾

115. Оё пиндоштаед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва ба сӯйи Мо бозгардонида намешавед?

فَتَعَٰلَى ٱللَّهُ ٱلْمَلِكُ ٱلْحَقُّ ۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ رَبُّ ٱلْعَرْشِ ٱلْكَرِيمِ ﴿١١٦﴾

116. Пас, баландмартаба [ва бузург] аст Аллоҳ таоло [ки] фармонравои ҳақ аст. Ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест [ва] Парвардигори Арши гаронқадр аст

وَمَن يَدْعُ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ لَا بُرْهَٰنَ لَهُۥ بِهِۦ فَإِنَّمَا حِسَابُهُۥ عِندَ رَبِّهِۦٓ ۚ إِنَّهُۥ لَا يُفْلِحُ ٱلْكَٰفِرُونَ ﴿١١٧﴾

117. Ва ҳар ки бо Аллоҳ таоло маъбуди дигареро бихонад, яқинан, ҳеҷ далеле бар [ҳаққонияти] он нахоҳад дошт ва ҳисоби ӯ бо Парвардигораш хоҳад буд. Бе тардид, кофирон растагор намешаванд

وَقُل رَّبِّ ٱغْفِرْ وَٱرْحَمْ وَأَنتَ خَيْرُ ٱلرَّٰحِمِينَ ﴿١١٨﴾

118. Ва [эй Паёмбар] бигӯ: «Парвардигоро, [гуноҳонамро] бибахшой ва раҳм кун ва Ту беҳтарин бахшандаӣ»

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

سُورَةٌ أَنزَلْنَاهَا وَفَرَضْنَاهَا وَأَنزَلْنَا فِيهَآ ءَايَـٰتٍۭ بَيِّنَـٰتٍ لَّعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ ﴿١﴾

1. [Ин] Сураест, ки онро нозил кардаем ва [амал ба аҳкоми] онро воҷиб намудаем ва дар он оёти равшане нозил кардаем, бошад, ки панд гиред

ٱلزَّانِيَةُ وَٱلزَّانِى فَٱجْلِدُوا۟ كُلَّ وَٰحِدٍ مِّنْهُمَا مِا۟ئَةَ جَلْدَةٍ ۖ وَلَا تَأْخُذْكُم بِهِمَا رَأْفَةٌ فِى دِينِ ٱللَّهِ إِن كُنتُمْ تُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْـَٔاخِرِ ۖ وَلْيَشْهَدْ عَذَابَهُمَا طَآئِفَةٌ مِّنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٢﴾

2. Ҳар як аз зану марди зинокорро сад тозиёна бизанед ва агар ба Аллоҳ таоло ва рӯзи охират имон доред, набояд дар [иҷрои аҳкоми] дини Аллоҳ таоло нисбат ба он ду [нафар] дилсӯзӣ [ва меҳрубонии бе далел] дошта бошед ва бояд гурӯҳе аз муъминон бар муҷозоташон гувоҳ бошанд

ٱلزَّانِى لَا يَنكِحُ إِلَّا زَانِيَةً أَوْ مُشْرِكَةً وَٱلزَّانِيَةُ لَا يَنكِحُهَآ إِلَّا زَانٍ أَوْ مُشْرِكٌ ۚ وَحُرِّمَ ذَٰلِكَ عَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٣﴾

3. Марди зинокор ҷуз бо зани зинокор ё мушрик издивоҷ намекунад ва зани зинокорро [низ] ҷуз марди зинокор ё мушрик ба издивоҷи худ дарнамеоварад ва ин [заношӯӣ] бар муъминон ҳаром аст

وَٱلَّذِينَ يَرْمُونَ ٱلْمُحْصَنَـٰتِ ثُمَّ لَمْ يَأْتُوا۟ بِأَرْبَعَةِ شُهَدَآءَ فَٱجْلِدُوهُمْ ثَمَـٰنِينَ جَلْدَةً وَلَا تَقْبَلُوا۟ لَهُمْ شَهَـٰدَةً أَبَدًا ۚ وَأُو۟لَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلْفَـٰسِقُونَ ﴿٤﴾

4. Ва касоне, ки [мардону] занони покдоманро [ба зино] муттаҳам мекунанд ва чаҳор шоҳид [бар иддаои худ] намеоваранд, ононро ҳаштод тозиёна бизанед ва ҳаргиз шаҳодаташонро [дар ҳеҷ мавриде] напазиред ва ононанд, ки нофармонанд

إِلَّا ٱلَّذِينَ تَابُوا۟ مِنۢ بَعْدِ ذَٰلِكَ وَأَصْلَحُوا۟ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٥﴾

5. Магар касоне, ки баъд аз он [туҳмат] тавба кунанд ва [рафтори гузаштаи худро] ислоҳ [-у ҷуброн] намоянд, пас, бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَٱلَّذِينَ يَرْمُونَ أَزْوَٰجَهُمْ وَلَمْ يَكُن لَّهُمْ شُهَدَآءُ إِلَّآ أَنفُسُهُمْ فَشَهَـٰدَةُ أَحَدِهِمْ أَرْبَعُ شَهَـٰدَٰتٍۭ بِٱللَّهِ ۙ إِنَّهُۥ لَمِنَ ٱلصَّـٰدِقِينَ ﴿٦﴾

6. Ва касоне, ки ҳамсарони худро [ба зино] муттаҳам мекунанд ва ҷуз хештан шоҳиде [бар ин иддао] надоранд, пас, ҳар як аз онон бояд чаҳор бор ба Аллоҳ таоло савганд ёд кунад, ки ҳатман, рост мегӯяд

(*) Нур (Рӯшноӣ).

وَٱلۡخَٰمِسَةُ أَنَّ لَعۡنَتَ ٱللَّهِ عَلَيۡهِ إِن كَانَ مِنَ ٱلۡكَٰذِبِينَ ٧

7. Ва панҷумин бор [шавҳар бигӯяд], ки лаънати Аллоҳ таоло бар ӯ бод, агар дурӯғгӯ бошад

وَيَدۡرَؤُاْ عَنۡهَا ٱلۡعَذَابَ أَن تَشۡهَدَ أَرۡبَعَ شَهَٰدَٰتِۭ بِٱللَّهِ إِنَّهُۥ لَمِنَ ٱلۡكَٰذِبِينَ ٨

8. Ва кайфари зан дар сурате бардошта мешавад, ки чаҳор бор ба Аллоҳ таоло савганд ёд кунад, ки он мард ҳатман, дурӯғгӯ аст

وَٱلۡخَٰمِسَةَ أَنَّ غَضَبَ ٱللَّهِ عَلَيۡهَآ إِن كَانَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ٩

9. Ва панҷумин бор [бигӯяд], ки хашми Аллоҳ таоло бар ӯ бод, агар [шавҳараш] рост гуфта бошад

وَلَوۡلَا فَضۡلُ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ وَرَحۡمَتُهُۥ وَأَنَّ ٱللَّهَ تَوَّابٌ حَكِيمٞ ١٠

10. Ва [эй мардум] агар бахшиши Аллоҳ таоло ва раҳматаш бар шумо набуд ва ин ки Аллоҳ таоло тавбапазири ҳаким аст [ҳатман, гирифтори азоб мешудед]

إِنَّ ٱلَّذِينَ جَآءُو بِٱلۡإِفۡكِ عُصۡبَةٞ مِّنكُمۡۚ لَا تَحۡسَبُوهُ شَرّٗا لَّكُمۖ بَلۡ هُوَ خَيۡرٞ لَّكُمۡۚ لِكُلِّ ٱمۡرِيٕٖ مِّنۡهُم مَّا ٱكۡتَسَبَ مِنَ ٱلۡإِثۡمِۚ وَٱلَّذِي تَوَلَّىٰ كِبۡرَهُۥ مِنۡهُمۡ لَهُۥ عَذَابٌ عَظِيمٞ ١١

11. [Эй муъминон] Бе тардид, касоне, ки он туҳмати бузургро [дар бораи Оиша] матраҳ карданд, гурӯҳе аз худи шумо ҳастанд. Гумон накунед, ки ин [моҷаро] барои шумо шарр аст, балки хайре бароятон дар он [нуҳуфта] аст. Барои ҳар як аз онон [ки дар ин шоеапароканӣ нақш доштаанд] кайфари гуноҳест, ки муртакиб шудааст ва барои он касе аз эшон, ки бахши бузурги он [туҳмат]-ро ба уҳда дорад, азоби бузурге [дар пеш] аст

لَّوۡلَآ إِذۡ سَمِعۡتُمُوهُ ظَنَّ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتُ بِأَنفُسِهِمۡ خَيۡرٗا وَقَالُواْ هَٰذَآ إِفۡكٞ مُّبِينٞ ١٢

12. Чаро ҳангоме ки ин [туҳмат]-ро шунидед, мардону занони муъмин гумони нек ба худ набурданд ва нагуфтанд: «Ин туҳмате [бузургу] ошкор [ба ҳамсари паёмбар] аст?»

لَّوۡلَا جَآءُو عَلَيۡهِ بِأَرۡبَعَةِ شُهَدَآءَۚ فَإِذۡ لَمۡ يَأۡتُواْ بِٱلشُّهَدَآءِ فَأُوْلَٰٓئِكَ عِندَ ٱللَّهِ هُمُ ٱلۡكَٰذِبُونَ ١٣

13. Чаро чаҳор шоҳид бар он наёварданд? Пас, чун шоҳидонро наёварданд, ононанд, ки назди Аллоҳ таоло дурӯғгӯ ҳастанд

وَلَوۡلَا فَضۡلُ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ وَرَحۡمَتُهُۥ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِ لَمَسَّكُمۡ فِي مَآ أَفَضۡتُمۡ فِيهِ عَذَابٌ عَظِيمٌ ١٤

14. Ва агар бахшиши Аллоҳ таоло ва раҳмати Ӯ дар дунёву охират набуд, ҳатман, ба кайфари он чи бад-он пардохтед, ба азобе [сахту] бузург гирифтор мешудед

إِذۡ تَلَقَّوۡنَهُۥ بِأَلۡسِنَتِكُمۡ وَتَقُولُونَ بِأَفۡوَٰهِكُم مَّا لَيۡسَ لَكُم بِهِۦ عِلۡمٞ وَتَحۡسَبُونَهُۥ هَيِّنٗا وَهُوَ عِندَ ٱللَّهِ عَظِيمٞ ١٥

15. Он гоҳ ки он [шоеа]-ро аз забони якдигар мешунидед ва суханеро даҳон ба даҳон нақл

мекардед, ки дар бораш ҳеҷ огоҳӣ [ва яқинӣ] надоштед ва онро сода [ва кучак] мепиндоштед, дар ҳоле ки он [туҳмат] назди Аллоҳ таоло бисёр бузург аст

وَلَوْلَآ إِذْ سَمِعْتُمُوهُ قُلْتُم مَّا يَكُونُ لَنَآ أَن نَّتَكَلَّمَ بِهَٰذَا سُبْحَٰنَكَ هَٰذَا بُهْتَٰنٌ عَظِيمٌ ﴿١٦﴾

16. Чаро ҳангоме ки онро шунидед, нагуфтед: «Сазовор нест, ки ин [сухани бад]-ро бар забон овардем. [Парвардигоро] Ту муназзаҳӣ, ин дурӯғи бузурге аст?»

يَعِظُكُمُ ٱللَّهُ أَن تَعُودُواْ لِمِثْلِهِۦٓ أَبَدًا إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿١٧﴾

17. Аллоҳ таоло шуморо панд медиҳад, ки агар муъмин ҳастед, ҳаргиз ин [кор]-ро такрор накунед

وَيُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمُ ٱلْـَٔايَٰتِۚ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿١٨﴾

18. Ва Аллоҳ таоло оёт [-и худ]-ро барои шумо баён мекунад ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحِبُّونَ أَن تَشِيعَ ٱلْفَٰحِشَةُ فِى ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْـَٔاخِرَةِۚ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ وَأَنتُمْ لَا تَعْلَمُونَ ﴿١٩﴾

19. Онон, ки дӯст доранд, байни касоне, ки имон овардаанд, зишткорӣ роиҷ гардад, ҳатман, дар дунё ва охират азобе дарднок [дар пеш] доранд ва Аллоҳ таоло [ҳақоиқу масолеҳро] медонад ва шумо намедонед

وَلَوْلَا فَضْلُ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَتُهُۥ وَأَنَّ ٱللَّهَ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿٢٠﴾

20. Ва агар бахшиши Аллоҳ таоло ва раҳматаш бар шумо набуд ва ин ки Аллоҳ таоло дилсӯзи меҳрубон аст, [ҳатман, муҷозоти сахте дар интизоратон буд]

۞ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّبِعُواْ خُطُوَٰتِ ٱلشَّيْطَٰنِۚ وَمَن يَتَّبِعْ خُطُوَٰتِ ٱلشَّيْطَٰنِ فَإِنَّهُۥ يَأْمُرُ بِٱلْفَحْشَآءِ وَٱلْمُنكَرِۚ وَلَوْلَا فَضْلُ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَتُهُۥ مَا زَكَىٰ مِنكُم مِّنْ أَحَدٍ أَبَدًا وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يُزَكِّى مَن يَشَآءُۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ﴿٢١﴾

21. Эй касоне, ки имон овардаед, дар роҳҳои шайтон гом нагузоред ва ҳар ки роҳҳои шайтонро мепӯяд, [бидонад, ки] ӯ танҳо ба зишткорӣ ва аъмоли нописанд фармон медиҳад ва агар бахшиши Аллоҳ таоло ва раҳматаш бар шумо набуд, ҳаргиз ҳеҷ як аз шумо [аз гуноҳ] пок намешуд, вале Аллоҳ таоло ҳар киро бихоҳад, пок мекунад ва Аллоҳ таоло шунавои доност

وَلَا يَأْتَلِ أُوْلُواْ ٱلْفَضْلِ مِنكُمْ وَٱلسَّعَةِ أَن يُؤْتُوٓاْ أُوْلِى ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْمَسَٰكِينَ وَٱلْمُهَٰجِرِينَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِۖ وَلْيَعْفُواْ وَلْيَصْفَحُوٓاْۗ أَلَا تُحِبُّونَ أَن يَغْفِرَ ٱللَّهُ لَكُمْۚ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٢٢﴾

22. Афроде аз шумо, ки бартарии [имонӣ] ва вусъати [молӣ] доранд, набояд савганд ёд кунанд, ки ба хешовандон ва тиҳидастон ва муҳоҷирони дар роҳи Аллоҳ таоло [ки муртакиби гуноҳ

шудаанд] чизе надиҳанд. Онон бояд афв кунанд ва [аз гуноҳи дигарон] чашм бипӯшанд. Оё дӯст намедоред, ки Аллоҳ таоло [низ] шуморо бибахшад? Ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَرۡمُونَ ٱلۡمُحۡصَنَٰتِ ٱلۡغَٰفِلَٰتِ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتِ لُعِنُواْ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِ وَلَهُمۡ عَذَابٌ عَظِيمٞ ٢٣

23. Касоне, ки занони покдомани бехабар [аз фаҳшо ва] муъминро [ба зино] муттаҳам мекунанд, дар дунё ва охират аз раҳмати Аллоҳ таоло дур гаштаанд ва [дар охират] азобе бузург [дар пеш] доранд

يَوۡمَ تَشۡهَدُ عَلَيۡهِمۡ أَلۡسِنَتُهُمۡ وَأَيۡدِيهِمۡ وَأَرۡجُلُهُم بِمَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٢٤

24. Рӯзе, ки забонҳо ва дастҳо ва пойҳояшон дар бораи он чи мекарданд [ва мегуфтанд], алайҳи онон гувоҳӣ медиҳанд

يَوۡمَئِذٖ يُوَفِّيهِمُ ٱللَّهُ دِينَهُمُ ٱلۡحَقَّ وَيَعۡلَمُونَ أَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡحَقُّ ٱلۡمُبِينُ ٢٥

25. Он рӯз Аллоҳ таоло ҷазои воқеии ононро бекаму кост медиҳад ва хоҳанд донист, ки Аллоҳ таоло ҳамон ҳаққи ошкор аст

ٱلۡخَبِيثَٰتُ لِلۡخَبِيثِينَ وَٱلۡخَبِيثُونَ لِلۡخَبِيثَٰتِۖ وَٱلطَّيِّبَٰتُ لِلطَّيِّبِينَ وَٱلطَّيِّبُونَ لِلطَّيِّبَٰتِۚ أُوْلَٰٓئِكَ مُبَرَّءُونَ مِمَّا يَقُولُونَۖ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَرِزۡقٞ كَرِيمٞ ٢٦

26. Занони палид барои мардони палиданд ва мардони палид [низ] барои занони палиданд. Ва занони пок аз они мардони поканд ва мардони пок [низ] аз они занони поканд. Инон аз он чи [нопокон дар бораашон] мегӯянд, мубарро ҳастанд [ва] омурзиши [илоҳӣ] ва рӯзии арзишманде [дар пеш] доранд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَدۡخُلُواْ بُيُوتًا غَيۡرَ بُيُوتِكُمۡ حَتَّىٰ تَسۡتَأۡنِسُواْ وَتُسَلِّمُواْ عَلَىٰٓ أَهۡلِهَاۚ ذَٰلِكُمۡ خَيۡرٞ لَّكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَذَكَّرُونَ ٢٧

27. Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонаҳое ҷуз хонаҳои худ ворид нашавед, магар ин ки иҷозат бигиред ва бар аҳли он [хона] салом кунед. Ин [кор] барои шумо беҳтар аст, бошад, ки панд гиред

فَإِن لَّمۡ تَجِدُواْ فِيهَآ أَحَدٗا فَلَا تَدۡخُلُوهَا حَتَّىٰ يُؤۡذَنَ لَكُمۡۖ وَإِن قِيلَ لَكُمُ ٱرۡجِعُواْ فَٱرۡجِعُواْۖ هُوَ أَزۡكَىٰ لَكُمۡۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ عَلِيمٞ ٢٨

28. Пас, агар касеро дар он [хона] наёфтед, ворид нашавед, то ба шумо иҷозат дода шавад ва агар ба шумо гуфта шуд: «Бозгардед»! Пас, бозгардед! [Чаро ки] Ин [касби иҷозат] барои шумо шоистатар аст ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед доност

لَّيۡسَ عَلَيۡكُمۡ جُنَاحٌ أَن تَدۡخُلُواْ بُيُوتًا غَيۡرَ مَسۡكُونَةٖ فِيهَا مَتَٰعٞ لَّكُمۡۚ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ مَا تُبۡدُونَ وَمَا تَكۡتُمُونَ ٢٩

29. Бар шумо гуноҳе нест, ки ба хонаҳои ғайримаскунӣ [ва маконҳои умумӣ], ки дар он ҷо [эҳтиёҷ ё]

бахрае доред, ворид шавед ва Аллоҳ таоло он чи ошкор месозед ва он чи пинҳон медоред, [ҳамаро] медонад

قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّواْ مِنْ أَبْصَٰرِهِمْ وَيَحْفَظُواْ فُرُوجَهُمْ ۚ ذَٰلِكَ أَزْكَىٰ لَهُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ خَبِيرٌۢ بِمَا يَصْنَعُونَ ﴿٣٠﴾

30. [Эй Паёмбар] Ба мардони муъмин бигӯ, чашмони худро [аз нигоҳ ба номаҳрам] фурӯ гиранд ва покдоманӣ пеша кунанд. Ин [кор] барои онон покизатар аст. Бе тардид, Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳанд, огоҳ аст

وَقُل لِّلْمُؤْمِنَٰتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَٰرِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا ۖ وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ ۖ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ أَوْ ءَابَآئِهِنَّ أَوْ ءَابَآءِ بُعُولَتِهِنَّ أَوْ أَبْنَآئِهِنَّ أَوْ أَبْنَآءِ بُعُولَتِهِنَّ أَوْ إِخْوَٰنِهِنَّ أَوْ بَنِىٓ إِخْوَٰنِهِنَّ أَوْ بَنِىٓ أَخَوَٰتِهِنَّ أَوْ نِسَآئِهِنَّ أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَٰنُهُنَّ أَوِ ٱلتَّٰبِعِينَ غَيْرِ أُو۟لِى ٱلْإِرْبَةِ مِنَ ٱلرِّجَالِ أَوِ ٱلطِّفْلِ ٱلَّذِينَ لَمْ يَظْهَرُواْ عَلَىٰ عَوْرَٰتِ ٱلنِّسَآءِ ۖ وَلَا يَضْرِبْنَ بِأَرْجُلِهِنَّ لِيُعْلَمَ مَا يُخْفِينَ مِن زِينَتِهِنَّ ۚ وَتُوبُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ ٱلْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ﴿٣١﴾

31. Ва ба занони муъмин [низ] бигӯ, чашмони худро [аз нигоҳ ба номаҳрам] фурӯ гиранд ва покдоманӣ варзанд ва зевар [-у ороиши] худро ошкор накунанд, магар он чи [ба сурати табиӣ] намоён аст. Ва бояд рӯсарии худро бар сина биафкананд [то мӯйҳо ва синаҳошон пӯшида гардад] ва зинати худро ошкор насозанд, магар барои шавҳар ё падар ё падаршавҳар ё писари худ ё писари шавҳарашон ё бародар ё писари бародар ё писари хоҳар ё [дигар] занон ё канизон ва бардагонашон ё хешовандоне, ки [дигар] ниёз ва тамоюле ба занон надоранд ё кӯдаконе, ки аз масоили ҷинсии занон огоҳӣ наёфтаанд. Ҳамчунин, [ҳангоми роҳ рафтан] пойҳои худро [чунон бар замин] накӯбанд, ки [садои] зиннатҳое, ки [зери либос] пинҳон кардаанд, [халхол] ошкор шавад. Ва эй муъминон, ҳамагӣ ба сӯи Аллоҳ таоло тавба кунед; бошад, ки растагор гардед

وَأَنكِحُواْ ٱلْأَيَـٰمَىٰ مِنكُمْ وَٱلصَّٰلِحِينَ مِنْ عِبَادِكُمْ وَإِمَآئِكُمْ ۚ إِن يَكُونُواْ فُقَرَآءَ يُغْنِهِمُ ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦ ۗ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ﴿٣٢﴾

32. [Эй муъминон] Мардону занони муҷарради худро ҳамсар диҳед ва ғуломону канизонро, ки шоистагӣ доранд [низ ҳамсар диҳед]. Агар онон тиҳидаст бошанд, Аллоҳ таоло аз бахшиш [ва лутфи] хеш бениёзашон месозад ва Аллоҳ таоло кушоишгари огоҳ аст

وَلْيَسْتَعْفِفِ ٱلَّذِينَ لَا يَجِدُونَ نِكَاحًا حَتَّىٰ يُغْنِيَهُمُ ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦ ۗ وَٱلَّذِينَ يَبْتَغُونَ ٱلْكِتَٰبَ مِمَّا مَلَكَتْ أَيْمَٰنُكُمْ فَكَاتِبُوهُمْ إِنْ عَلِمْتُمْ فِيهِمْ خَيْرًا ۖ وَءَاتُوهُم مِّن مَّالِ ٱللَّهِ ٱلَّذِىٓ ءَاتَىٰكُمْ ۚ وَلَا تُكْرِهُواْ فَتَيَٰتِكُمْ عَلَى ٱلْبِغَآءِ إِنْ أَرَدْنَ تَحَصُّنًا

33. Касоне, ки [шароиту имконоти] издивоҷ надоранд, бояд покдоманӣ пеша кунанд, то Аллоҳ таоло ононро аз бахшиши хеш бениёз намояд. Ва бардагоне, ки хостори бозхарид [ва озодии хеш]

لِّتَبْتَغُواْ عَرَضَ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا ۚ وَمَن يُكْرِههُّنَّ فَإِنَّ ٱللَّهَ مِنۢ بَعْدِ إِكْرَٰهِهِنَّ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٣٣﴾

ҳастанд, агар дар онон [тавоноии пардохти мол ва] шоистагӣ мебинед, [дархосташонро] бипазиред ва аз сарвате, ки Аллоҳ таоло ба шумо ато кардааст, чизе ба онон бахшед [то ба озодиашон кумак кунед]. Ҳамчунин, канизонатонро, ки мехоҳанд покдоман бошанд, ба зино водор накунед, то бахраи [ночиз] зиндагии дунёро ба даст оваред ва агар касе, ки ононро [ба ин кор] ворид намояд, Аллоҳ таоло пас аз маҷбур шуданашон, ҳатман, [нисбат ба онон] омурзанда [ва] меҳрубон аст

وَلَقَدْ أَنزَلْنَآ إِلَيْكُمْ ءَايَٰتٍ مُّبَيِّنَٰتٍ وَمَثَلًا مِّنَ ٱلَّذِينَ خَلَوْاْ مِن قَبْلِكُمْ وَمَوْعِظَةً لِّلْمُتَّقِينَ ﴿٣٤﴾

34. Ва ба ростӣ, ба сӯйи шумо оёте равшан ва достоне аз зиндагии пешиниёнатон ва панде барои парҳезгорон нозил кардаем

ٱللَّهُ نُورُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ مَثَلُ نُورِهِۦ كَمِشْكَوٰةٍ فِيهَا مِصْبَاحٌ ۖ ٱلْمِصْبَاحُ فِى زُجَاجَةٍ ۖ ٱلزُّجَاجَةُ كَأَنَّهَا كَوْكَبٌ دُرِّىٌّ يُوقَدُ مِن شَجَرَةٍ مُّبَٰرَكَةٍ زَيْتُونَةٍ لَّا شَرْقِيَّةٍ وَلَا غَرْبِيَّةٍ يَكَادُ زَيْتُهَا يُضِىٓءُ وَلَوْ لَمْ تَمْسَسْهُ نَارٌ ۚ نُّورٌ عَلَىٰ نُورٍ ۚ يَهْدِى ٱللَّهُ لِنُورِهِۦ مَن يَشَآءُ ۚ وَيَضْرِبُ ٱللَّهُ ٱلْأَمْثَالَ لِلنَّاسِ ۗ وَٱللَّهُ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمٌ ﴿٣٥﴾

35. Аллоҳ таоло нури осмонҳо ва замин аст. Масали нури Ӯ ҳаммонанди чароғдонест, ки дарунаш чароғе [афрӯхта] аст [ва] он чароғ дар шишае қарор дорад [ва] он шиша гӯй ситорае дурахшон аст. Ин чароғ бо [равғани] дарахти пурбаракати зайтун афрӯхта мешавад, ки на шарқӣ аст ва на ғарбӣ [ва хуршед ҳамвора бар он метобад]. Равғанаш [чунон зулол аст, ки] наздик аст, бидуни тамос бо оташ шуълавар гардад. Нурест афзун бар нур. [Қалби муъмин низ бо нури ҳидоят ин гуна равшан мешавад] Ва Аллоҳ таоло ҳар киро бихоҳад, ба нури хеш ҳидоят мекунад ва Аллоҳ таоло барои мардум масалҳо мезанад ва Аллоҳ таоло ба ҳар чиз доност

فِى بُيُوتٍ أَذِنَ ٱللَّهُ أَن تُرْفَعَ وَيُذْكَرَ فِيهَا ٱسْمُهُۥ يُسَبِّحُ لَهُۥ فِيهَا بِٱلْغُدُوِّ وَٱلْأَصَالِ ﴿٣٦﴾

36. [Ин чароғи ҳидоят] Дар масоҷидест, ки Аллоҳ таоло амр кардааст, то [қадру манзалатшон] гиромӣ дошта шавад ва номаш дар онҳо бурда шавад, [ва] дар он ҷо бомдодон ва шомгоҳон Ӯро ба покӣ биситоянд

رِجَالٌ لَّا تُلْهِيهِمْ تِجَٰرَةٌ وَلَا بَيْعٌ عَن ذِكْرِ ٱللَّهِ وَإِقَامِ ٱلصَّلَوٰةِ وَإِيتَآءِ ٱلزَّكَوٰةِ يَخَافُونَ يَوْمًا تَتَقَلَّبُ فِيهِ ٱلْقُلُوبُ وَٱلْأَبْصَٰرُ ﴿٣٧﴾

37. Мардоне, ки ҳеҷ тиҷорат ва хариду фурӯше ононро аз ёди Аллоҳ таоло ва барпо доштани намоз ва пардохти закот ғофил намекунад, [ва] аз рӯзе, ки дилҳо ва чашмҳо дигаргун мешавад, бим доранд

لِيَجْزِيَهُمُ ٱللَّهُ أَحْسَنَ مَا عَمِلُواْ وَيَزِيدَهُم مِّن فَضْلِهِۦۗ وَٱللَّهُ يَرْزُقُ مَن يَشَآءُ بِغَيْرِ حِسَابٍ ﴿٣٨﴾

38. То Аллоҳ таоло беҳтар аз он чи анҷом додаанд, ба онон подош диҳад ва аз фазли худ низ бар подошашон бияфзояд ва Аллоҳ таоло ба ҳар ки бихоҳад, беҳисоб рӯзӣ медиҳад

وَٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَعْمَٰلُهُمْ كَسَرَابٍۭ بِقِيعَةٍ يَحْسَبُهُ ٱلظَّمْـَٔانُ مَآءً حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءَهُۥ لَمْ يَجِدْهُ شَيْـًٔا وَوَجَدَ ٱللَّهَ عِندَهُۥ فَوَفَّىٰهُ حِسَابَهُۥۗ وَٱللَّهُ سَرِيعُ ٱلْحِسَابِ ﴿٣٩﴾

39. Ва касоне, ки куфр варзиданд, аъмолашон ҳамчун саробе дар биёбоне ҳамвор аст, ки [аз дур инсони] ташна онро об мепиндорад, то он ки наздикаш мешавад [ва] чизе намеёбад ва [аъмоли кофир низ саробест, ки суде барояш надорад ва дар иваз] Аллоҳро назди хеш меёбад, ки ҳисобашро ба таври комил медиҳад ва Аллоҳ таоло дар ҳисобрасӣ сареъ аст

أَوْ كَظُلُمَٰتٍ فِى بَحْرٍ لُّجِّىٍّ يَغْشَىٰهُ مَوْجٌ مِّن فَوْقِهِۦ مَوْجٌ مِّن فَوْقِهِۦ سَحَابٌۚ ظُلُمَٰتٌۢ بَعْضُهَا فَوْقَ بَعْضٍ إِذَآ أَخْرَجَ يَدَهُۥ لَمْ يَكَدْ يَرَىٰهَاۗ وَمَن لَّمْ يَجْعَلِ ٱللَّهُ لَهُۥ نُورًا فَمَا لَهُۥ مِن نُّورٍ ﴿٤٠﴾

40. Ё [аъмолаш] ҳамчун торикиҳое дар дарёи жарф аст, ки мавҷе онро мепӯшонад ва бар фарози он мавҷе дигар аст, [ва] бар фарозаш абре [торик] қарор дорад. Торикиҳое аст, яке бар фарози дигаре [чунон ки] агар [шахси гумгашта] дасти худро берун оварад, мумкин нест онро бубинад. Ва касе, ки Аллоҳ таоло нуре [аз ҳидоят] барояш қарор надода бошад, пас, [ҳеҷ ҳидоят ва] нуре барояш нест

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ يُسَبِّحُ لَهُۥ مَن فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَٱلطَّيْرُ صَٰٓفَّٰتٍۖ كُلٌّ قَدْ عَلِمَ صَلَاتَهُۥ وَتَسْبِيحَهُۥۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌۢ بِمَا يَفْعَلُونَ ﴿٤١﴾

41. Оё надидӣ, ҳар ки дар осмонҳо ва замин аст ва [ҳатто] паррандаҳои дар осмон паркушода [дар осмон ҳамагӣ] Аллоҳро ба покӣ меситоянд. Ҳар як аз онон ниёишу ситоиши хешро медонад ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунанд, огоҳ аст

وَلِلَّهِ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِۖ وَإِلَى ٱللَّهِ ٱلْمَصِيرُ ﴿٤٢﴾

42. Ва фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст ва бозгашт [-и ҳама] ба сӯйи Аллоҳ таоло аст

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ يُزْجِى سَحَابًا ثُمَّ يُؤَلِّفُ بَيْنَهُۥ ثُمَّ يَجْعَلُهُۥ رُكَامًا فَتَرَى ٱلْوَدْقَ يَخْرُجُ مِنْ خِلَٰلِهِۦ وَيُنَزِّلُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مِن جِبَالٍ فِيهَا مِنۢ بَرَدٍ فَيُصِيبُ بِهِۦ مَن يَشَآءُ وَيَصْرِفُهُۥ عَن مَّن يَشَآءُۖ يَكَادُ سَنَا بَرْقِهِۦ يَذْهَبُ بِٱلْأَبْصَٰرِ ﴿٤٣﴾

43. Оё надидӣ, ки Аллоҳ таоло абрҳоеро ба оромӣ меронад, сипас байни [ачзои] он пайванд медиҳад, он гоҳ тӯдаи анбӯҳе падид меоварад, пас, қатраҳои боронро мебинӣ, ки аз миёнаш таровиш мекунад ва аз кӯҳҳое [аз анбӯҳи абрҳо], ки дар осмон аст, донаҳои жола фурӯ меборад, пас, онро ба ҳар ки бихоҳад фурӯ

мерезад ва аз ҳар ки бихоҳад бозмедорад. Наздик аст, дурахшандагии барқаш чашмҳоро [аз байн] барад

يُقَلِّبُ ٱللَّهُ ٱلَّيۡلَ وَٱلنَّهَارَۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَعِبۡرَةٗ لِّأُوْلِي ٱلۡأَبۡصَٰرِ ٤٤

44. Аллоҳ таоло шабу рӯзро мегардонад [ва паёпай меоварад]. Яқинан, дар ин [гардиш] ибрате барои аҳли басират аст

وَٱللَّهُ خَلَقَ كُلَّ دَآبَّةٖ مِّن مَّآءٖۖ فَمِنۡهُم مَّن يَمۡشِي عَلَىٰ بَطۡنِهِۦ وَمِنۡهُم مَّن يَمۡشِي عَلَىٰ رِجۡلَيۡنِ وَمِنۡهُم مَّن يَمۡشِي عَلَىٰٓ أَرۡبَعٖۚ يَخۡلُقُ ٱللَّهُ مَا يَشَآءُۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ٤٥

45. Ва Аллоҳ таоло ҳар мавҷуди зиндаеро аз об офарид, пас, бархе аз онон бар шиками худ мераванд ва бархе бар ду по роҳ мераванд ва бархе аз онон чаҳор [по] роҳ мераванд. Аллоҳ таоло ҳар чи бихоҳад меофаринад. Бе тардид, Аллоҳ таоло бар ҳама чиз тавоност

لَّقَدۡ أَنزَلۡنَآ ءَايَٰتٖ مُّبَيِّنَٰتٖۚ وَٱللَّهُ يَهۡدِي مَن يَشَآءُ إِلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ ٤٦

46. Ба ростӣ, ки [Мо] оёти равшангаре нозил кардем ва Аллоҳ таоло ҳар киро бихоҳад, ба роҳи рост ҳидоят мекунад

وَيَقُولُونَ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ وَبِٱلرَّسُولِ وَأَطَعۡنَا ثُمَّ يَتَوَلَّىٰ فَرِيقٞ مِّنۡهُم مِّنۢ بَعۡدِ ذَٰلِكَۚ وَمَآ أُوْلَٰٓئِكَ بِٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٤٧

47. Ва [мунофиқон] мегӯянд: «Ба Аллоҳ таоло ва паёмбар [-и Ӯ] имон овардем ва [аз фармонашон] итоат кардем», аммо пас аз ин [иддао] гурӯҳе аз онон рӯйгардон мешаванд ва инон [дар ҳақиқат] муъмин нестанд

وَإِذَا دُعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ لِيَحۡكُمَ بَيۡنَهُمۡ إِذَا فَرِيقٞ مِّنۡهُم مُّعۡرِضُونَ ٤٨

48. Ва ҳангоме ки ба сӯйи Аллоҳ таоло ва паёмбараш фарохонда мешаванд, то дар миёнашон доварӣ кунад, ногоҳ гурӯҳе аз онон рӯйгардон мешаванд

وَإِن يَكُن لَّهُمُ ٱلۡحَقُّ يَأۡتُوٓاْ إِلَيۡهِ مُذۡعِنِينَ ٤٩

49. Ва агар ҳақ ба онон бошад, мутеона [фурӯтанона] ба сӯйи ӯ меоянд

أَفِي قُلُوبِهِم مَّرَضٌ أَمِ ٱرۡتَابُوٓاْ أَمۡ يَخَافُونَ أَن يَحِيفَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِمۡ وَرَسُولُهُۥۚ بَلۡ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ٥٠

50. Оё дар дилҳояшон беморӣ аст ё [дар бораи рисолаташ] тардид доранд? Ё метарсанд, ки Аллоҳ таоло ва паёмбараш бар онон ситам кунанд? [На] Балки онон худ ситамгоранд

إِنَّمَا كَانَ قَوۡلَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ إِذَا دُعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ لِيَحۡكُمَ بَيۡنَهُمۡ أَن يَقُولُواْ سَمِعۡنَا وَأَطَعۡنَاۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ٥١

51. Сухани муъминон, ҳангоме ки ба сӯи Аллоҳ таоло ва паёмбараш фарохонда мешаванд, то миёнашон доварӣ кунад, фақат ин аст, ки мегӯянд: «Шунидем ва итоат кардем» ва инонанд, ки растагоранд

وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَيَخۡشَ ٱللَّهَ وَيَتَّقۡهِ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَآئِزُونَ ﴿٥٢﴾

52. Ва ҳар ки аз Аллоҳ таоло ва паёмбараш итоат кунад ва аз Аллоҳ таоло битарсад ва аз [нофармонии] Ӯ бипарҳезад, пас, инон комёбанд

۞وَأَقۡسَمُواْ بِٱللَّهِ جَهۡدَ أَيۡمَٰنِهِمۡ لَئِنۡ أَمَرۡتَهُمۡ لَيَخۡرُجُنَّۖ قُل لَّا تُقۡسِمُواْۖ طَاعَةٞ مَّعۡرُوفَةٌۚ إِنَّ ٱللَّهَ خَبِيرُۢ بِمَا تَعۡمَلُونَ ﴿٥٣﴾

53. [Мунофиқон] Бо сахттарин савгандҳояшон ба Аллоҳ таоло савганд ёд карданд, ки агар ба онон фармон диҳӣ, [барои ҷиҳод] раҳсипор мешаванд. Бигӯ: «Савганд ёд накунед. Итоат [ва суханони дурӯғатон] шиноҳташуда аст. Бе тардид, Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, огоҳ аст»

قُلۡ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَۖ فَإِن تَوَلَّوۡاْ فَإِنَّمَا عَلَيۡهِ مَا حُمِّلَ وَعَلَيۡكُم مَّا حُمِّلۡتُمۡۖ وَإِن تُطِيعُوهُ تَهۡتَدُواْۚ وَمَا عَلَى ٱلرَّسُولِ إِلَّا ٱلۡبَلَٰغُ ٱلۡمُبِينُ ﴿٥٤﴾

54. Бигӯ: «Аз Аллоҳ таоло ва паёмбар итоат кунед, пас, агар сарпечӣ кардед, паёмбар масъули чизест, ки бар ӯ таклиф шудааст [иблоғи ваҳй] ва шумо низ масъули чизе ҳастед, ки ба он таклиф шудаед; аммо агар аз ӯ итоат кунед, ҳидоят мешавед; ва паёмбар вазифае ҷуз расонидани ошкоро [-и ваҳй] надорад»

وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مِنكُمۡ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَيَسۡتَخۡلِفَنَّهُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ كَمَا ٱسۡتَخۡلَفَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمۡ دِينَهُمُ ٱلَّذِي ٱرۡتَضَىٰ لَهُمۡ وَلَيُبَدِّلَنَّهُم مِّنۢ بَعۡدِ خَوۡفِهِمۡ أَمۡنٗاۚ يَعۡبُدُونَنِي لَا يُشۡرِكُونَ بِي شَيۡـٔٗاۚ وَمَن كَفَرَ بَعۡدَ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَٰسِقُونَ ﴿٥٥﴾

55. Аллоҳ таоло ба афроде аз шумо, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, ваъда додааст, ки ҳатман, ононро дар замин ҷонишин [-и мушрикон] месозад. Ҳамон гуна ки касонеро, ки пеш аз онон буданд, [низ] ҷонишин [-и кофирону ситамгарон] намуд ва [фармудааст] динашонро, ки барои онон писандидааст, барояшон устувор [-у пирӯзманд] созад ва тарсашонро ба оромишу амният табдил кунад [чаро ки] танҳо Маро мепарастанд ва чизеро бо Ман шарик намесозанд ва ҳар ки аз ин пас куфр биварзад, пас, инонанд, ки нофармонанд

وَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ﴿٥٦﴾

56. Ва намоз барпо доред ва закот бипардозед ва аз паёмбар итоат кунед, бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред

لَا تَحۡسَبَنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مُعۡجِزِينَ فِي ٱلۡأَرۡضِۚ وَمَأۡوَىٰهُمُ ٱلنَّارُۖ وَلَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ﴿٥٧﴾

57. [Эй Паёмбар] Ҳаргиз мапиндор касоне, ки куфр варзиданд, нотавонкунанда [-и Аллоҳ таоло] дар заминанд [ва метавонанд аз муҷозоти илоҳӣ бигрезанд]. Ҷойгоҳи инон оташ аст ва чи бад бозгаштангоҳест!

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لِيَسۡتَـٔۡذِنكُمُ ٱلَّذِينَ مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُمۡ وَٱلَّذِينَ لَمۡ يَبۡلُغُواْ ٱلۡحُلُمَ مِنكُمۡ ثَلَٰثَ مَرَّٰتٖۚ مِّن قَبۡلِ صَلَوٰةِ ٱلۡفَجۡرِ وَحِينَ تَضَعُونَ ثِيَابَكُم مِّنَ ٱلظَّهِيرَةِ وَمِنۢ بَعۡدِ صَلَوٰةِ ٱلۡعِشَآءِۚ ثَلَٰثُ عَوۡرَٰتٖ لَّكُمۡۚ لَيۡسَ عَلَيۡكُمۡ وَلَا عَلَيۡهِمۡ جُنَاحُۢ بَعۡدَهُنَّۚ طَوَّٰفُونَ عَلَيۡكُم بَعۡضُكُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖۚ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمُ ٱلۡأٓيَٰتِۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٞ ٥٨

58. Эй касоне, ки имон овардаед, бардагонатон ва касоне аз [кӯдакони] шумо, ки ба синни булуғ нарасидаанд, бояд дар се вақт аз шумо иҷозат [-и вуруд] бигиранд: пеш аз намози субҳ ва нимрӯз - ҳангоме ки либосҳоятонро берун меоваред - ва пас аз намози хуфтан. [Ин] Се [вақт] ҳангоми хилвати шумост. Ба ҷуз ин [се вақт] бар шумо ва бар онон ҳеҷ гуноҳе нест [ки бидуни иҷозат ворид шаванд, чаро ки] онон перомунатон дар рафту омаданд, [ва] бо якдигар [муошират мекунед]. Аллоҳ таоло инчунин оёт [-и худ]-ро бароятон баён мекунад ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

وَإِذَا بَلَغَ ٱلۡأَطۡفَٰلُ مِنكُمُ ٱلۡحُلُمَ فَلۡيَسۡتَـٔۡذِنُواْ كَمَا ٱسۡتَـٔۡذَنَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۚ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمۡ ءَايَٰتِهِۦۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٞ ٥٩

59. Ва ҳангоме ки кӯдаконатон ба синни булуғ расиданд, бояд [барои вуруд ба хонаҳои дигарон] иҷозат бигиранд, чунонки бузургсолоне, ки [аҳкомашонро] пеш аз онҳо [шарҳ додем низ] бояд иҷозат мегирифтанд. Аллоҳ таоло инчунин оёташро бароятон баён мекунад ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

وَٱلۡقَوَٰعِدُ مِنَ ٱلنِّسَآءِ ٱلَّٰتِي لَا يَرۡجُونَ نِكَاحٗا فَلَيۡسَ عَلَيۡهِنَّ جُنَاحٌ أَن يَضَعۡنَ ثِيَابَهُنَّ غَيۡرَ مُتَبَرِّجَٰتِۭ بِزِينَةٖۖ وَأَن يَسۡتَعۡفِفۡنَ خَيۡرٞ لَّهُنَّۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٞ ٦٠

60. Ва бар занон [-и бознишаставу пир ва] аз кор афтодае, ки [дигар майлу] умеди заношӯӣ надоранд, гуноҳе нест, ки пӯшиш [-и сару сурат]-и хешро канор гузоранд, [ба шарти он ки ороиш ва] зинатеро ошкор накунанд ва агар иффат биварзанд [ва худро бипӯшонанд] барояшон беҳтар аст. Ва Аллоҳ таоло шунавои доност

لَّيۡسَ عَلَى ٱلۡأَعۡمَىٰ حَرَجٞ وَلَا عَلَى ٱلۡأَعۡرَجِ حَرَجٞ وَلَا عَلَى ٱلۡمَرِيضِ حَرَجٞ وَلَا عَلَىٰٓ أَنفُسِكُمۡ أَن تَأۡكُلُواْ مِنۢ بُيُوتِكُمۡ أَوۡ بُيُوتِ ءَابَآئِكُمۡ أَوۡ بُيُوتِ أُمَّهَٰتِكُمۡ أَوۡ بُيُوتِ إِخۡوَٰنِكُمۡ أَوۡ بُيُوتِ أَخَوَٰتِكُمۡ أَوۡ بُيُوتِ أَعۡمَٰمِكُمۡ أَوۡ بُيُوتِ عَمَّٰتِكُمۡ أَوۡ بُيُوتِ أَخۡوَٰلِكُمۡ أَوۡ بُيُوتِ خَٰلَٰتِكُمۡ أَوۡ مَا مَلَكۡتُم مَّفَاتِحَهُۥٓ أَوۡ صَدِيقِكُمۡۚ لَيۡسَ عَلَيۡكُمۡ جُنَاحٌ أَن تَأۡكُلُواْ جَمِيعًا أَوۡ أَشۡتَاتٗاۚ فَإِذَا دَخَلۡتُم بُيُوتٗا فَسَلِّمُواْ عَلَىٰٓ أَنفُسِكُمۡ تَحِيَّةٗ مِّنۡ عِندِ ٱللَّهِ مُبَٰرَكَةٗ طَيِّبَةٗۚ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمُ ٱلۡأٓيَٰتِ لَعَلَّكُمۡ تَعۡقِلُونَ ٦١

61. Бар [афроди] нобино ва лангу бемор [ки аз таколифи иҷтимоӣ - ҳамчун ҷиҳод - маоф шудаанд] гуноҳе нест ва [ҳамчунин] бар худи шумо гуноҳе нест, ки аз хонаҳои худ [ё фарзандону ҳамсаронатон ғизое] бихӯред ё аз хонаҳои падаронатон ё хонаҳои модаронатон ё хонаҳои бародаронатон ё хонаҳои хоҳаронатон ё хонаҳои амуҳоятон ё хонаҳои аммаҳоятон ё хонаҳои тағоҳоятон ё хонаҳои холаҳоятон ё хонае, ки калидаш дар ихтиёри шумост ё [аз хонаҳои] дӯстонатон. Бар шумо гуноҳе нест, ки дастаҷамъӣ ё ҷудогона

[ғизо] бихӯред ва ҳангоме ки ба хонаҳо ворид мешавед, ба якдигар салом кунед, ки дуруде муборак [ва] писандида аз сӯйи Аллоҳ таоло аст. Аллоҳ таоло ин гуна оёти [хеш]-ро бароятон ба равшанӣ баён мекунад, бошад, ки биандешед

إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَإِذَا كَانُوا۟ مَعَهُۥ عَلَىٰٓ أَمْرٍ جَامِعٍ لَّمْ يَذْهَبُوا۟ حَتَّىٰ يَسْتَـْٔذِنُوهُ ۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَسْتَـْٔذِنُونَكَ أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ۚ فَإِذَا ٱسْتَـْٔذَنُوكَ لِبَعْضِ شَأْنِهِمْ فَأْذَن لِّمَن شِئْتَ مِنْهُمْ وَٱسْتَغْفِرْ لَهُمُ ٱللَّهَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٦٢﴾

62. Муъминони [воқеӣ] касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ таоло ва Паёмбараш имон овардаанд ва ҳангоме ки барои [иҷрои як] амри иҷтимоӣ бо ӯ [паёмбар] ҳамроҳ ҳастанд, то аз вай иҷозат нагирифтаанд, [аз ҷамъ] хориҷ намешаванд. Бе тардид, касоне, ки аз ту иҷозат мегиранд, ононанд, ки ба Аллоҳу паёмбараш имон овардаанд. Пас, агар барои анҷоми бархе корҳо [-и муҳим]-и худ аз ту иҷозат мехоҳанд, ба ҳар як аз онон, ки мехоҳӣ иҷозат бидеҳ ва аз Аллоҳ таоло барояшон омурзиш бихоҳ. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

لَّا تَجْعَلُوا۟ دُعَآءَ ٱلرَّسُولِ بَيْنَكُمْ كَدُعَآءِ بَعْضِكُم بَعْضًا ۚ قَدْ يَعْلَمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ يَتَسَلَّلُونَ مِنكُمْ لِوَاذًا ۚ فَلْيَحْذَرِ ٱلَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنْ أَمْرِهِۦٓ أَن تُصِيبَهُمْ فِتْنَةٌ أَوْ يُصِيبَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٦٣﴾

63. Фарохонии паёмбар [барои ширкат дар корҳои гурӯҳе]-ро байни худ ҳамчун фарохонии якдигар талаққӣ накунед [ки битавонед онро бипазиред ё рад кунед]. Яқинан, Аллоҳ таоло афроде аз шуморо, ки пушти дигарон пинҳон мешаванд ва махфиёна [аз назди паёмбар] мегурезанд, [ба хубӣ] мешиносад. пас касоне, ки аз фармонаш сарпечӣ мекунанд, бояд битарсанд аз ин ки андуҳ ва балое бар сарашон биёяд ё ба азобе дарднок гирифтор шаванд

أَلَآ إِنَّ لِلَّهِ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ قَدْ يَعْلَمُ مَآ أَنتُمْ عَلَيْهِ ۖ وَيَوْمَ يُرْجَعُونَ إِلَيْهِ فَيُنَبِّئُهُم بِمَا عَمِلُوا۟ ۗ وَٱللَّهُ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمٌۢ ﴿٦٤﴾

64. Огоҳ бошед! Бе тардид, он чи дар осмонҳо ва замин аст аз они Аллоҳ таоло аст ва яқинан, Ӯ медонад, ки шумо [бар чи кору] дар чи ҳоле ҳастед ва рӯзе, ки [бандагон] ба сӯяш бозгардонда мешаванд, ононро аз он чи [дар дунё] кардаанд, огоҳ месозад ва Аллоҳ таоло ба ҳар чизе доност

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

تَبَارَكَ ٱلَّذِى نَزَّلَ ٱلْفُرْقَانَ عَلَىٰ عَبْدِهِۦ لِيَكُونَ لِلْعَٰلَمِينَ نَذِيرًا ﴿١﴾

1. Пурбаракат [ва бузургвор] аст, касе, ки Қуръонро [ки ҷудокунандаи ҳақ ва ботил аст] бар бандааш нозил кард, то бимдиҳандаи ҷаҳониён бошад

ٱلَّذِى لَهُۥ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَلَمْ يَتَّخِذْ وَلَدًا وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ شَرِيكٌ فِى ٱلْمُلْكِ وَخَلَقَ كُلَّ شَىْءٍ فَقَدَّرَهُۥ تَقْدِيرًا ﴿٢﴾

2. Ҳамоно фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст ва фарзанде [барои хеш] барнагузидааст ва дар фармонравоӣ ҳеҷ шарике надорад ва ҳама чизро офаридааст ва андозаи ҳар чизро - чунон ки муносибаш мебошад - тадбир намудааст

وَٱتَّخَذُوا۟ مِن دُونِهِۦٓ ءَالِهَةً لَّا يَخْلُقُونَ شَيْـًٔا وَهُمْ يُخْلَقُونَ وَلَا يَمْلِكُونَ لِأَنفُسِهِمْ ضَرًّا وَلَا نَفْعًا وَلَا يَمْلِكُونَ مَوْتًا وَلَا حَيَوٰةً وَلَا نُشُورًا ﴿٣﴾

3. Ва [мушрикон] ба ҷойи Ӯ [Аллоҳ таоло] маъбудоне баргузидаанд, ки чизе намеофаринанд ва худ офарида мешаванд ва молики ҳеҷ зиёну суде барои худ нестанд ва [низ] молики маргу зиндагӣ ва [қодир ба] барангехтани [мурдагон] нестанд

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓا۟ إِنْ هَٰذَآ إِلَّآ إِفْكٌ ٱفْتَرَىٰهُ وَأَعَانَهُۥ عَلَيْهِ قَوْمٌ ءَاخَرُونَ ۖ فَقَدْ جَآءُو ظُلْمًا وَزُورًا ﴿٤﴾

4. Ва касоне, ки куфр варзиданд, гуфтанд: «Ин [Қуръон] ҷуз дурӯғе нест, ки [Муҳаммад] бофтааст ва гурӯҳе дигар ӯро бар ин [кор] ёрӣ додаанд». Ҳаққо, ки онон [бо ин сухан] ба ситаму дурӯғи бузурге рӯй овардаанд

وَقَالُوٓا۟ أَسَٰطِيرُ ٱلْأَوَّلِينَ ٱكْتَتَبَهَا فَهِىَ تُمْلَىٰ عَلَيْهِ بُكْرَةً وَأَصِيلًا ﴿٥﴾

5. Ва [кофирон] гуфтанд: «[Ин Қуръон ҳамон] афсонаҳои пешиниён аст, ки [Муҳаммад] онро рӯнависӣ кардааст ва ҳар бомдоду шомгоҳ бар ӯ имло мешавад»

قُلْ أَنزَلَهُ ٱلَّذِى يَعْلَمُ ٱلسِّرَّ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ غَفُورًا رَّحِيمًا ﴿٦﴾

6. Бигӯ: «Касе онро нозил кардааст, ки рози осмонҳо ва заминро медонад. Бе тардид, Ӯ ҳамвора омурзанда [ва] меҳрубон аст

وَقَالُوا۟ مَالِ هَٰذَا ٱلرَّسُولِ يَأْكُلُ ٱلطَّعَامَ وَيَمْشِى فِى ٱلْأَسْوَاقِ ۙ لَوْلَآ أُنزِلَ إِلَيْهِ مَلَكٌ فَيَكُونَ مَعَهُۥ نَذِيرًا ﴿٧﴾

7. Ва [мушрикон] гуфтанд: «Ин чи гуна паёмбарест, ки [ҳамчун мардуми одӣ] ғизо мехӯрад ва дар бозорҳо роҳ меравад? Чаро фариштае бар ӯ

нозил нашудааст, то [ёриаш кунад ва] ҳамроҳи ӯ ҳушдордиҳанда бошад?

أَوْ يُلْقَىٰٓ إِلَيْهِ كَنزٌ أَوْ تَكُونُ لَهُۥ جَنَّةٌ يَأْكُلُ مِنْهَا ۚ وَقَالَ ٱلظَّٰلِمُونَ إِن تَتَّبِعُونَ إِلَّا رَجُلًا مَّسْحُورًا ﴿٨﴾

8. Ё чаро ганҷе [аз осмон] бар ӯ фуруд намеояд ва ё чаро боғе надорад, ки аз [меваҳои] он бихӯрад»? Ситамгорон [-и мушрик] гуфтанд: «Шумо ҷуз аз марде ҷодушуда пайравӣ намекунед»

ٱنظُرْ كَيْفَ ضَرَبُوا۟ لَكَ ٱلْأَمْثَالَ فَضَلُّوا۟ فَلَا يَسْتَطِيعُونَ سَبِيلًا ﴿٩﴾

9. Бингар, ки чи гуна бароят масалҳо заданд ва гумроҳ шуданд! Чунон ки наметавонанд роҳе [ба сӯи ҳақиқат] биёбанд

تَبَارَكَ ٱلَّذِىٓ إِن شَآءَ جَعَلَ لَكَ خَيْرًا مِّن ذَٰلِكَ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ وَيَجْعَل لَّكَ قُصُورًۢا ﴿١٠﴾

10. Пурбаракат [ва бузургвор] аст, касе, ки агар бихоҳад, бароят беҳтар аз ин қарор медиҳад: боғҳое, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст ва [ҳатто] бароят кохҳое падид меоварад

بَلْ كَذَّبُوا۟ بِٱلسَّاعَةِ ۖ وَأَعْتَدْنَا لِمَن كَذَّبَ بِٱلسَّاعَةِ سَعِيرًا ﴿١١﴾

11. [Мушрикон бо ин суханон дар пайи ҳақ нарафтанд] Балки қиёматро дурӯғ ангоштанд ва [Мо] барои ҳар ки қиёматро дурӯғ ангорад, оташи сӯзон [-и дузахро] муҳайё кардаем

إِذَا رَأَتْهُم مِّن مَّكَانٍۭ بَعِيدٍ سَمِعُوا۟ لَهَا تَغَيُّظًا وَزَفِيرًا ﴿١٢﴾

12. Ҳангоме ки [дузах] ононро аз дурдаст мебинад овози хашму хуруш [-и ваҳшатнок]-е аз он мешунаванд

وَإِذَآ أُلْقُوا۟ مِنْهَا مَكَانًا ضَيِّقًا مُّقَرَّنِينَ دَعَوْا۟ هُنَالِكَ ثُبُورًا ﴿١٣﴾

13. Ва чун даступобаста [бо ғулу занҷир] дар тангное аз он андохта шаванд, дар он ҷо маргашонро ба фарёд мехоҳанд

لَّا تَدْعُوا۟ ٱلْيَوْمَ ثُبُورًا وَٰحِدًا وَٱدْعُوا۟ ثُبُورًا كَثِيرًا ﴿١٤﴾

14. [Ба онон гуфта мешавад] «Имрӯз на як бор, балки борҳо дархости марг кунед»

قُلْ أَذَٰلِكَ خَيْرٌ أَمْ جَنَّةُ ٱلْخُلْدِ ٱلَّتِى وُعِدَ ٱلْمُتَّقُونَ ۚ كَانَتْ لَهُمْ جَزَآءً وَمَصِيرًا ﴿١٥﴾

15. [Эй Паёмбар, ба кофирон] Бигӯ: «Ин [азоби дарднок] беҳтар аст ё биҳишти ҷовидонӣ, ки ба парҳезкорон ваъда дода шуда ва подошу саранҷоми онон аст?»

لَّهُمْ فِيهَا مَا يَشَآءُونَ خَٰلِدِينَ ۚ كَانَ عَلَىٰ رَبِّكَ وَعْدًا مَّسْـُٔولًا ﴿١٦﴾

16. Дар он ҷо ҳар чи бихоҳанд, барояшон [фароҳам] аст [ва] дар он ҷовидонанд. Ин ваъдае аст бар [уҳдаи] Парвардигорат, ки [бандагони парҳезкор анҷомашро] аз Ӯ хостаанд

وَيَوْمَ يَحْشُرُهُمْ وَمَا يَعْبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ فَيَقُولُ ءَأَنتُمْ أَضْلَلْتُمْ عِبَادِى هَٰٓؤُلَآءِ أَمْ هُمْ ضَلُّوا۟ ٱلسَّبِيلَ ﴿١٧﴾

17. Ва рӯзе, ки [ҳамаи] онон ва он чиро, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастиданд, ҷамъ мекунад ва [ба маъбудони ботил] мефармояд: «Оё шумо ин бандагони Маро гумроҳ кардед ё худ роҳро гум карданд?»

قَالُوا۟ سُبْحَٰنَكَ مَا كَانَ يَنۢبَغِى لَنَآ أَن نَّتَّخِذَ مِن دُونِكَ مِنْ أَوْلِيَآءَ وَلَٰكِن مَّتَّعْتَهُمْ وَءَابَآءَهُمْ حَتَّىٰ نَسُوا۟ ٱلذِّكْرَ وَكَانُوا۟ قَوْمًۢا بُورًا ﴿١٨﴾

18. Онон мегӯянд: «Ту муназзаҳӣ, шоистаи мо набуд, ки ба ҷойи Ту [дӯстону] корсозоне баргузинем, вале Ту онон ва падаронашонро [аз неъматҳо] баҳраманд сохтӣ, то ин ки ёд [-и Ту]-ро фаромӯш карданд ва [бад-ин хотир] гурӯҳе ҳалокшуда гаштанд»

فَقَدْ كَذَّبُوكُم بِمَا تَقُولُونَ فَمَا تَسْتَطِيعُونَ صَرْفًا وَلَا نَصْرًا ۚ وَمَن يَظْلِم مِّنكُمْ نُذِقْهُ عَذَابًا كَبِيرًا ﴿١٩﴾

19. [Аллоҳ таоло ба мушрикон мефармояд] «Бе тардид, [маъбудонатон] иддаои шуморо дурӯғ шумурданд. Пас, [акнун] наметавонед [азобро аз худ] дур кунед ва на [аз касе] ёрӣ биҷӯед ва ҳар як аз шумо, ки [ширк биварзад ва ба худ] ситам кунад, азобе бузург ба вай мечашонем»

وَمَآ أَرْسَلْنَا قَبْلَكَ مِنَ ٱلْمُرْسَلِينَ إِلَّآ إِنَّهُمْ لَيَأْكُلُونَ ٱلطَّعَامَ وَيَمْشُونَ فِى ٱلْأَسْوَاقِ ۗ وَجَعَلْنَا بَعْضَكُمْ لِبَعْضٍ فِتْنَةً أَتَصْبِرُونَ ۗ وَكَانَ رَبُّكَ بَصِيرًا ﴿٢٠﴾

20. [Эй паёмбар] Пеш аз ту паёмбаронро нафиристодем, магар ин ки онон низ ғизо мехӯрданд ва [ҳамчун дигар инсонҳо] дар бозорҳо роҳ мерафтанд ва мо бархе аз шуморо василаи озмоиши бархе дигар сохтем, [то равшан шавад] оё шикебоӣ мекунед. Ва Парвардигорат ҳамвора биност

وَقَالَ ٱلَّذِينَ لَا يَرْجُونَ لِقَآءَنَا لَوْلَآ أُنزِلَ عَلَيْنَا ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ أَوْ نَرَىٰ رَبَّنَا ۗ لَقَدِ ٱسْتَكْبَرُوا۟ فِىٓ أَنفُسِهِمْ وَعَتَوْ عُتُوًّا كَبِيرًا ﴿٢١﴾

21. Касоне, ки ба дидори Мо [дар охират] умед надоранд, гуфтанд: «Чаро фариштагоне бар мо нозил нашудаанд, ё [чаро] Парвардигорамонро намебинем»? Бе тардид, онон дар бораи худ такаббур варзиданд ва саркашии бузург карданд

يَوْمَ يَرَوْنَ ٱلْمَلَٰٓئِكَةَ لَا بُشْرَىٰ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُجْرِمِينَ وَيَقُولُونَ حِجْرًا مَّحْجُورًا ﴿٢٢﴾

22. Рӯзе, ки [кофирон] фариштагонро мебинанд, ҳеҷ башорате барои муҷримон нахоҳад буд, [балки рӯзи кайфару азоб аст] ва [фариштагон] мегӯянд: «[Биҳишт] Бар шумо мамнуъ [ва ҳаром] аст»

وَقَدِمْنَآ إِلَىٰ مَا عَمِلُوا۟ مِنْ عَمَلٍ فَجَعَلْنَٰهُ هَبَآءً مَّنثُورًا ﴿٢٣﴾

23. Ва ба [баррасии] корҳояшон мепардозем ва ҳамаро [ҳамчун] ғуборе пароканда месозем

أَصْحَٰبُ ٱلْجَنَّةِ يَوْمَئِذٍ خَيْرٌ مُّسْتَقَرًّا وَأَحْسَنُ مَقِيلًا ﴿٢٤﴾

24. Дар он рӯз биҳиштиён беҳтарин ҷойгоҳу накутарин истироҳатгоҳро доранд

وَيَوْمَ تَشَقَّقُ ٱلسَّمَآءُ بِٱلْغَمَٰمِ وَنُزِّلَ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ تَنزِيلًا ﴿٢٥﴾

25. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки осмон бо абрҳои сапед шикофта мешавад ва фариштагон [паёпай ба сарзамини маҳшар] фурӯ фиристода мешаванд

ٱلْمُلْكُ يَوْمَئِذٍ ٱلْحَقُّ لِلرَّحْمَٰنِ ۚ وَكَانَ يَوْمًا عَلَى ٱلْكَٰفِرِينَ عَسِيرًا ﴿٢٦﴾

26. Дар он рӯз фармонравоӣ [-и ростин] аз они [Аллоҳи] Раҳмон аст ва барои кофирон рӯзе душвор аст

وَيَوْمَ يَعَضُّ ٱلظَّالِمُ عَلَىٰ يَدَيْهِ يَقُولُ يَٰلَيْتَنِى ٱتَّخَذْتُ مَعَ ٱلرَّسُولِ سَبِيلًا ﴿٢٧﴾

27. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки ситамгор дастонашро [аз ҳасрат] мегазад ва мегӯяд: «Эй кош, ман роҳе [ҳамоҳанг] бо паёмбар баргузида будам!

يَٰوَيْلَتَىٰ لَيْتَنِى لَمْ أَتَّخِذْ فُلَانًا خَلِيلًا ﴿٢٨﴾

28. Эй вой бар ман! Эй кош, фалон [кофир]-ро ба дӯстӣ намегирифтам!

لَّقَدْ أَضَلَّنِى عَنِ ٱلذِّكْرِ بَعْدَ إِذْ جَآءَنِى ۗ وَكَانَ ٱلشَّيْطَٰنُ لِلْإِنسَٰنِ خَذُولًا ﴿٢٩﴾

29. Бе тардид, пас аз он ки Қуръон [ва даъвати паёмбар] ба ман расид, ӯ [буд, ки] маро ба гумроҳӣ кашонд ва шайтон ҳамвора инсонро танҳо [ва хор] вомегузорад»

وَقَالَ ٱلرَّسُولُ يَٰرَبِّ إِنَّ قَوْمِى ٱتَّخَذُوا۟ هَٰذَا ٱلْقُرْءَانَ مَهْجُورًا ﴿٣٠﴾

30. Ва Паёмбар гуфт: «Парвардигоро, қавми ман ин Қуръонро раҳо кардаанд»

وَكَذَٰلِكَ جَعَلْنَا لِكُلِّ نَبِىٍّ عَدُوًّا مِّنَ ٱلْمُجْرِمِينَ ۗ وَكَفَىٰ بِرَبِّكَ هَادِيًا وَنَصِيرًا ﴿٣١﴾

31. Ва инчунин барои ҳар паёмбаре душмане аз бадкорони [қавмаш] қарор додем. Ва кофӣ аст, ки Парвардигорат роҳнамо ва ёварат бошад

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لَوْلَا نُزِّلَ عَلَيْهِ ٱلْقُرْءَانُ جُمْلَةً وَٰحِدَةً ۚ كَذَٰلِكَ لِنُثَبِّتَ بِهِۦ فُؤَادَكَ ۖ وَرَتَّلْنَٰهُ تَرْتِيلًا ﴿٣٢﴾

32. Ва касоне, ки куфр варзиданд, гуфтанд: «Чаро Қуръон якбора бар ӯ нозил нашудааст?» Мо ин гуна [каломи илоҳиро ба мурур нозил] кардаем, то дилатро бо он [ором ва] устувор гардонем ва онро ба тадриҷ бар ту хондаем [то дарку ҳифзаш осон бошад]

وَلَا يَأْتُونَكَ بِمَثَلٍ إِلَّا جِئْنَٰكَ بِٱلْحَقِّ وَأَحْسَنَ تَفْسِيرًا ﴿٣٣﴾

33. Ва [кофирон ҳеҷ [эътирозу] масале бароят намеоваранд, магар он ки Мо [низ посухе] бар ҳақ ва хушбаёнтар бароят меоварем

ٱلَّذِينَ يُحْشَرُونَ عَلَىٰ وُجُوهِهِمْ إِلَىٰ جَهَنَّمَ أُو۟لَٰٓئِكَ شَرٌّ مَّكَانًا وَأَضَلُّ سَبِيلًا ﴿٣٤﴾

34. Касоне, ки ба рӯй дарафтода ба дузах кашонда мешаванд, инон бадҷойгоҳтар ва гумроҳтаранд

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا مُوسَى ٱلْكِتَٰبَ وَجَعَلْنَا مَعَهُۥٓ أَخَاهُ هَٰرُونَ وَزِيرًا ﴿٣٥﴾

35. Ва дар ҳақиқат, Мо ба Мӯсо китоб [Таврот] додем ва бародараш Ҳорунро дастёраш сохтем

فَقُلْنَا ٱذْهَبَآ إِلَى ٱلْقَوْمِ ٱلَّذِينَ كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَـٰتِنَا فَدَمَّرْنَـٰهُمْ تَدْمِيرًا ﴿٣٦﴾

36. Ва гуфтем: «Шумо ду нафар ба сӯи қавме биравед, ки оёти Моро дурӯғ ангоштанд». Пас, [чун фиръавниён сарпечӣ намуданд] ба шиддат нобудашон сохтем

وَقَوْمَ نُوحٍ لَّمَّا كَذَّبُوا۟ ٱلرُّسُلَ أَغْرَقْنَـٰهُمْ وَجَعَلْنَـٰهُمْ لِلنَّاسِ ءَايَةً ۖ وَأَعْتَدْنَا لِلظَّـٰلِمِينَ عَذَابًا أَلِيمًا ﴿٣٧﴾

37. Ва қавми Нуҳро - он гоҳ ки паёмбаронро дурӯғгӯ ангоштанд - ғарқ кардем ва ононро барои мардум [нишона ва] ибрате қарор додем; ва барои ситамгорон азобе дарднок муҳайё кардаем

وَعَادًا وَثَمُودَا۟ وَأَصْحَـٰبَ ٱلرَّسِّ وَقُرُونًۢا بَيْنَ ذَٰلِكَ كَثِيرًا ﴿٣٨﴾

38. Ва [ҳамчунин] қавми Од ва Самуд ва аҳолии «чоҳ» ва наслҳои бисёреро, ки байни онон буданд [нобуд сохтем]

وَكُلًّا ضَرَبْنَا لَهُ ٱلْأَمْثَـٰلَ ۖ وَكُلًّا تَبَّرْنَا تَتْبِيرًا ﴿٣٩﴾

39. Ва барои ҳар як аз онҳо масалҳо задем ва [чун панд нагирифтанд] ҳамаро ба шиддат аз миён бурдем

وَلَقَدْ أَتَوْا۟ عَلَى ٱلْقَرْيَةِ ٱلَّتِىٓ أُمْطِرَتْ مَطَرَ ٱلسَّوْءِ ۚ أَفَلَمْ يَكُونُوا۟ يَرَوْنَهَا ۚ بَلْ كَانُوا۟ لَا يَرْجُونَ نُشُورًا ﴿٤٠﴾

40. Ва [мушрикон] ҳатман, аз [сарзамини қавми Лут ҳамон] шаҳре, ки борони бало бар он борида буд, гузар кардаанд. Оё он [вайронаҳои боқимонда аз азоб] -ро надидаанд? [Чунин нест] Балки ба зинда шудан [пас аз марг] умеде надоранд

وَإِذَا رَأَوْكَ إِن يَتَّخِذُونَكَ إِلَّا هُزُوًا أَهَـٰذَا ٱلَّذِى بَعَثَ ٱللَّهُ رَسُولًا ﴿٤١﴾

41. Ва ҳангоме ки туро мебинанд, фақат ба тамасхур мегиранд [ва мегӯянд] «Оё ин ҳамон касест, ки Аллоҳ таоло ба паёмбарӣ фиристодааст?

إِن كَادَ لَيُضِلُّنَا عَنْ ءَالِهَتِنَا لَوْلَآ أَن صَبَرْنَا عَلَيْهَا ۚ وَسَوْفَ يَعْلَمُونَ حِينَ يَرَوْنَ ٱلْعَذَابَ مَنْ أَضَلُّ سَبِيلًا ﴿٤٢﴾

42. Агар бар [парастиши] маъбудонамон [шикебоӣ ва] пойдорӣ намекардем, наздик буд [Муҳаммад] аз [роҳи] онҳо гумроҳамон кунад». Вале он гоҳ ки азоб [-и илоҳӣ]-ро бубинанд, хоҳанд донист чи касе гумроҳтар [буда] аст

أَرَءَيْتَ مَنِ ٱتَّخَذَ إِلَـٰهَهُۥ هَوَىٰهُ ۖ أَفَأَنتَ تَكُونُ عَلَيْهِ وَكِيلًا ﴿٤٣﴾

43. Оё касе, ки ҳавои нафсашро маъбуди худ кардааст, дидай? Оё ту [метавонӣ] нигаҳбони [имони] ӯ бошӣ?

أَمْ تَحْسَبُ أَنَّ أَكْثَرَهُمْ يَسْمَعُونَ أَوْ يَعْقِلُونَ ۚ إِنْ هُمْ إِلَّا كَٱلْأَنْعَـٰمِ ۖ بَلْ هُمْ أَضَلُّ سَبِيلًا ﴿٤٤﴾

44. Оё гумон дорӣ, ки бештарашон мешунаванд ё мефаҳманд? Онон ҷуз ҳаммонанди чаҳорпоён нестанд, балки гумроҳтаранд

أَلَمْ تَرَ إِلَىٰ رَبِّكَ كَيْفَ مَدَّ ٱلظِّلَّ وَلَوْ شَآءَ لَجَعَلَهُۥ سَاكِنًا ثُمَّ جَعَلْنَا ٱلشَّمْسَ عَلَيْهِ دَلِيلًا ﴿٤٥﴾

45. Оё [офариниши] Парвардигоратро надидаӣ, ки чи гуна сояро густаронидааст ва агар мехост, онро собит менамуд? Он гоҳ [тағйири ҷойгоҳи] хуршед [нисбат ба замин]-ро далели [густаришу ҳаракати] он [соя] қарор додем

ثُمَّ قَبَضْنَٰهُ إِلَيْنَا قَبْضًا يَسِيرًا ﴿٤٦﴾

46. Сипас [бо тағйири баландии хуршед сояро кӯтоҳ мекунем ва] онро андак-андак ба сӯйи хеш бозмегирем

وَهُوَ ٱلَّذِى جَعَلَ لَكُمُ ٱلَّيْلَ لِبَاسًا وَٱلنَّوْمَ سُبَاتًا وَجَعَلَ ٱلنَّهَارَ نُشُورًا ﴿٤٧﴾

47. Ва Ӯст, ки шабро [бо торикии фарогираш] пӯшише барои шумо қарор дод ва хобро мояи осоиш ва рӯзро ҳангоми бархостан [ва кору талош] сохт

وَهُوَ ٱلَّذِىٓ أَرْسَلَ ٱلرِّيَٰحَ بُشْرًۢا بَيْنَ يَدَىْ رَحْمَتِهِۦ ۚ وَأَنزَلْنَا مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً طَهُورًا ﴿٤٨﴾

48. Ва Ӯст, ки пеш аз [борони] раҳматаш бодҳоро башоратбахш фиристод ва аз осмон обе пок [ва поккунанда] фурӯ фиристодем

لِّنُحْىِۦَ بِهِۦ بَلْدَةً مَّيْتًا وَنُسْقِيَهُۥ مِمَّا خَلَقْنَآ أَنْعَٰمًا وَأَنَاسِىَّ كَثِيرًا ﴿٤٩﴾

49. То бо он сарзамини [хушку] мурдаро зинда гардонем ва чаҳорпоён ва инсонҳои бисёреро, ки офаридаем, сероб созем

وَلَقَدْ صَرَّفْنَٰهُ بَيْنَهُمْ لِيَذَّكَّرُوا۟ فَأَبَىٰٓ أَكْثَرُ ٱلنَّاسِ إِلَّا كُفُورًا ﴿٥٠﴾

50. Ва ба ростӣ, он [далоилу нишонаҳои қудрати илоҳӣ]-ро ба суратҳои гуногун баён кардем, то панд гиранд, вале бештар мардум ҷуз [инкору] носипосӣ накарданд

وَلَوْ شِئْنَا لَبَعَثْنَا فِى كُلِّ قَرْيَةٍ نَّذِيرًا ﴿٥١﴾

51. Ва агар мехостем, дар ҳар диёре бимдиҳандае бармеангехтем

فَلَا تُطِعِ ٱلْكَٰفِرِينَ وَجَٰهِدْهُم بِهِۦ جِهَادًا كَبِيرًا ﴿٥٢﴾

52. Пас, [эй паёмбар] аз кофирон итоат накун ва ба василаи Қуръон бо онон ба ҷиҳоди бузурге бархез [ва дар ин роҳ шикебо бош]

۞ وَهُوَ ٱلَّذِى مَرَجَ ٱلْبَحْرَيْنِ هَٰذَا عَذْبٌ فُرَاتٌ وَهَٰذَا مِلْحٌ أُجَاجٌ وَجَعَلَ بَيْنَهُمَا بَرْزَخًا وَحِجْرًا مَّحْجُورًا ﴿٥٣﴾

53. Ва Ӯст, ки ду дарёро ба ҳам омехт: ин яке хушгувор ва ширин аст ва он яке шӯру талх ва дар миёни он ду монеаи нуфузнопазире қарор дод [то бо ҳам наёмезанд]

وَهُوَ ٱلَّذِى خَلَقَ مِنَ ٱلْمَآءِ بَشَرًا فَجَعَلَهُۥ نَسَبًا وَصِهْرًا ۗ وَكَانَ رَبُّكَ قَدِيرًا ﴿٥٤﴾

54. Ва Ӯст, ки инсонро аз оби [манӣ] офарид ва ӯро дорои пайванди насабӣ ва сababӣ гардонид ва Парвардигорат ҳамвора тавоност

وَيَعْبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَنفَعُهُمْ وَلَا يَضُرُّهُمْ ۗ وَكَانَ ٱلْكَافِرُ عَلَىٰ رَبِّهِۦ ظَهِيرًا ﴿٥٥﴾

55. Ва [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ таоло чизеро мепарастанд, ки на ба онон суде мебахшад ва на зиёне мерасонад ва кофир дар баробари Парвардигораш пайваста пуштибон [-и шайтон] аст

وَمَآ أَرْسَلْنَٰكَ إِلَّا مُبَشِّرًا وَنَذِيرًا ﴿٥٦﴾

56. Ва [эй Паёмбар] Мо туро ҷуз башоратбахш ва бимдиҳанда нафиристодем

قُلْ مَآ أَسْـَٔلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ إِلَّا مَن شَآءَ أَن يَتَّخِذَ إِلَىٰ رَبِّهِۦ سَبِيلًا ﴿٥٧﴾

57. Бигӯ: «Ман [дар баробари рисолатам] ҳеҷ подоше аз шумо намехоҳам, магар касе, ки бихоҳад роҳе ба сӯи Парвардигораш баргузинад [ва ҳамин бароям кофӣ аст]»

وَتَوَكَّلْ عَلَى ٱلْحَىِّ ٱلَّذِى لَا يَمُوتُ وَسَبِّحْ بِحَمْدِهِۦ ۚ وَكَفَىٰ بِهِۦ بِذُنُوبِ عِبَادِهِۦ خَبِيرًا ﴿٥٨﴾

58. Ва бар [Парвардигори] зиндае, ки ҳаргиз намемирад, таваккал кун ва бо ситоиш Ӯро ба покӣ ёд кун. Ва ҳамин бас, ки Ӯ ба гуноҳони бандагонаш огоҳ аст

ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا فِى سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ ٱسْتَوَىٰ عَلَى ٱلْعَرْشِ ۛ ٱلرَّحْمَٰنُ فَسْـَٔلْ بِهِۦ خَبِيرًا ﴿٥٩﴾

59. [Ҳамон] Касе, ки осмонҳо ва замин ва он чиро миёни онҳост дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт. [Ӯ Аллоҳи] Раҳмон аст, пас, дар мавриди Ӯ аз он ки огоҳ аст, бипурс [ва Ӯ низ касе ҷуз Аллоҳ таоло нест]

وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ ٱسْجُدُوا۟ لِلرَّحْمَٰنِ قَالُوا۟ وَمَا ٱلرَّحْمَٰنُ أَنَسْجُدُ لِمَا تَأْمُرُنَا وَزَادَهُمْ نُفُورًا ﴿٦٠﴾

60. Ва ҳангоме ки ба ба онон гуфта шавад: «Барои [Аллоҳи] Раҳмон саҷда кунед», мегӯянд: «Раҳмон кист? Оё [қарор аст] бар ҳар чи ту амр мекунӣ саҷда барем»? Ва [ин даъвати ту дурӣ аз ҳақ ва] нафраташонро меафзояд

تَبَارَكَ ٱلَّذِى جَعَلَ فِى ٱلسَّمَآءِ بُرُوجًا وَجَعَلَ فِيهَا سِرَٰجًا وَقَمَرًا مُّنِيرًا ﴿٦١﴾

61. Пурбаракат [ва бузургвор] аст, он ки дар осмон манзилгоҳҳое [барои ситорагон] қарор дод ва дар [миёни] онҳо хуршед [-и дурахшон] ва моҳи тобоне падид оварад

وَهُوَ ٱلَّذِى جَعَلَ ٱلَّيْلَ وَٱلنَّهَارَ خِلْفَةً لِّمَنْ أَرَادَ أَن يَذَّكَّرَ أَوْ أَرَادَ شُكُورًا ﴿٦٢﴾

62. Ва Ӯст, ки шабу рӯзро дар пайи якдигар қарор дод, барои ҳар ки бихоҳад [аз тадбири илоҳӣ] панд гирад ё сипосгузор бошад

وَعِبَادُ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلَّذِينَ يَمْشُونَ عَلَى ٱلْأَرْضِ هَوْنًا وَإِذَا خَاطَبَهُمُ ٱلْجَٰهِلُونَ قَالُوا۟ سَلَٰمًا ﴿٦٣﴾

63. Ва бандагони [муъмину шоистаи] Раҳмон касоне ҳастанд, ки бо фурӯтанӣ [ва матонат]

бар замин роҳ мераванд ва ҳангоме ки ҷоҳилон [бо суханони нописанд] хитобашон мекунанд, [ба ҷои талофӣ бо онон] ба некӣ сухан мегӯянд

64. Ва касоне барои Парвардигорашон дар ҳоли саҷда ва қиём шабзиндадорӣ мекунанд

وَٱلَّذِينَ يَبِيتُونَ لِرَبِّهِمْ سُجَّدًا وَقِيَـٰمًا ﴿٦٤﴾

65. Ва касоне, ки мегӯянд: «Парвардигоро, азоби дузахро аз мо бозгардон, [ки] бе тардид, азобаш [сахту] пойдор аст

وَٱلَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَا ٱصْرِفْ عَنَّا عَذَابَ جَهَنَّمَ ۖ إِنَّ عَذَابَهَا كَانَ غَرَامًا ﴿٦٥﴾

66. Ҳаққо, ки дузах бад ҷойгоҳ ва иқоматгоҳест

إِنَّهَا سَآءَتْ مُسْتَقَرًّا وَمُقَامًا ﴿٦٦﴾

67. Ва [муъминон] касоне ҳастанд, ки чун инфоқ менамоянд, на зиёдаравӣ мекунанд ва на сахтгирӣ ва байни ин ду [ҳолат роҳи] эътидол пеш мегиранд

وَٱلَّذِينَ إِذَآ أَنفَقُوا۟ لَمْ يُسْرِفُوا۟ وَلَمْ يَقْتُرُوا۟ وَكَانَ بَيْنَ ذَٰلِكَ قَوَامًا ﴿٦٧﴾

68. Ва касоне ҳастанд, ки бо Аллоҳ таоло маъбуде дигар намехонанд ва касе, ки Аллоҳ таоло [куштанашро] ҳаром кардааст, ҷуз ба ҳақ намекушанд ва зино намекунанд. Ва ҳар ки ин [гуноҳон]-ро муртакиб шавад, кайфари гуноҳи [хеш]-ро мебинад

وَٱلَّذِينَ لَا يَدْعُونَ مَعَ ٱللَّهِ إِلَـٰهًا ءَاخَرَ وَلَا يَقْتُلُونَ ٱلنَّفْسَ ٱلَّتِى حَرَّمَ ٱللَّهُ إِلَّا بِٱلْحَقِّ وَلَا يَزْنُونَ ۚ وَمَن يَفْعَلْ ذَٰلِكَ يَلْقَ أَثَامًا ﴿٦٨﴾

69. Рӯзи қиёмат азобаш дучандон мегардад ва бо хорӣ дар он [азоб] ҷовидон мемонад

يُضَـٰعَفْ لَهُ ٱلْعَذَابُ يَوْمَ ٱلْقِيَـٰمَةِ وَيَخْلُدْ فِيهِۦ مُهَانًا ﴿٦٩﴾

70. Магар касе, ки тавба кунад ва имон оварад ва коре шоиста анҷом диҳад. Пас, инонанд, ки Аллоҳ таоло бадиҳояшонро ба некиҳо табдил мекунад ва Аллоҳ таоло ҳамвора омурзгору меҳрубон аст

إِلَّا مَن تَابَ وَءَامَنَ وَعَمِلَ عَمَلًا صَـٰلِحًا فَأُو۟لَـٰٓئِكَ يُبَدِّلُ ٱللَّهُ سَيِّـَٔاتِهِمْ حَسَنَـٰتٍ ۗ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا ﴿٧٠﴾

71. Ва касе, ки тавба кунад ва коре шоиста анҷом диҳад, пас, яқинан ба даргоҳи Аллоҳ таоло - чунон ки бояду шояд - тавба кардааст

وَمَن تَابَ وَعَمِلَ صَـٰلِحًا فَإِنَّهُۥ يَتُوبُ إِلَى ٱللَّهِ مَتَابًا ﴿٧١﴾

72. Ва касоне [муъминанд], ки гувоҳии дурӯғ намедиҳанд [ва дар маҷолиси ботил ҳузур намеёбанд] ва чун ба [кори нописанд ё] беҳудае

وَٱلَّذِينَ لَا يَشْهَدُونَ ٱلزُّورَ وَإِذَا مَرُّوا۟ بِٱللَّغْوِ مَرُّوا۟ كِرَامًا ﴿٧٢﴾

бархӯрд мекунанд, бузургворона [аз канораш] мегузаранд [ва худро олуда намесозанд]

وَٱلَّذِينَ إِذَا ذُكِّرُواْ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِمْ لَمْ يَخِرُّواْ عَلَيْهَا صُمًّا وَعُمْيَانًا ﴿٧٣﴾

73. Ва касоне, ки чун ба оёти Парвардигорашон панд дода мешаванд, [аз он ғафлат намекунанд ва дар баробари Қуръон] чун карону кӯрон нестанд

وَٱلَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَا هَبْ لَنَا مِنْ أَزْوَٰجِنَا وَذُرِّيَّٰتِنَا قُرَّةَ أَعْيُنٍ وَٱجْعَلْنَا لِلْمُتَّقِينَ إِمَامًا ﴿٧٤﴾

74. Ва касоне, ки мегӯянд: «Парвардигоро, аз ҳамсарону фарзандонамон [касонеро] ба мо ато фармо, ки [мояи шодии дилҳо ва] равшании чашмҳо бошанд ва моро пешвои парҳезкорон қарор бидеҳ»

أُوْلَٰٓئِكَ يُجْزَوْنَ ٱلْغُرْفَةَ بِمَا صَبَرُواْ وَيُلَقَّوْنَ فِيهَا تَحِيَّةً وَسَلَٰمًا ﴿٧٥﴾

75. [Оре] Инон ба поси он ки шикебоӣ кардаанд, манозил [-и олии биҳишт]-ро подош мегиранд ва дар он ҷо бо дуруду саломи [фариштагон] рӯ ба рӯ мегарданд

خَٰلِدِينَ فِيهَاۚ حَسُنَتْ مُسْتَقَرًّا وَمُقَامًا ﴿٧٦﴾

76. Дар он ҷо ҷовидонанд. Чи наку ҷойгоҳ ва [чи нек] иқоматгоҳе аст!

قُلْ مَا يَعْبَؤُاْ بِكُمْ رَبِّى لَوْلَا دُعَآؤُكُمْۖ فَقَدْ كَذَّبْتُمْ فَسَوْفَ يَكُونُ لِزَامًا ﴿٧٧﴾

77. [Ба кофирон] бигӯ: «Агар ибодат ва дуоятон набошад, Парвардигорам эътиное ба шумо надорад [ва арзише бароятон қоил нест]. Ба ростӣ, шумо [даъвати ҳақро] дурӯғ ангоштед, пас, ба зудӣ [кайфари ин кор] гиребонгиратон хоҳад шуд

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

طسٓمٓ ﴿١﴾

1. То, син, мим.(1)

تِلْكَ ءَايَٰتُ ٱلْكِتَٰبِ ٱلْمُبِينِ ﴿٢﴾

2. Ин оёти китоби равшангар аст

لَعَلَّكَ بَٰخِعٌ نَّفْسَكَ أَلَّا يَكُونُواْ مُؤْمِنِينَ ﴿٣﴾

3. Шояд мехоҳӣ аз [андуҳи] ин ки [мушрикон] имон намеоваранд, худро ҳалок кунӣ

إِن نَّشَأْ نُنَزِّلْ عَلَيْهِم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ ءَايَةً فَظَلَّتْ أَعْنَٰقُهُمْ لَهَا خَٰضِعِينَ ﴿٤﴾

4. Агар бихоҳем, аз осмон нишонае бар онон нозил мекунем, ки дар баробараш бо фурӯтанӣ сар фуруд ованд

وَمَا يَأْتِيهِم مِّن ذِكْرٍ مِّنَ ٱلرَّحْمَٰنِ مُحْدَثٍ إِلَّا كَانُواْ عَنْهُ مُعْرِضِينَ ﴿٥﴾

5. Ва ҳеҷ панди тозае аз сӯи [Аллоҳи] Раҳмон барои онон намеояд, магар ин ки аз он рӯй гардонанд

فَقَدْ كَذَّبُواْ فَسَيَأْتِيهِمْ أَنۢبَٰٓؤُاْ مَا كَانُواْ بِهِۦ يَسْتَهْزِءُونَ ﴿٦﴾

6. Ба ростӣ, онон [даъвати паёмбарон ва азоби қиёматро] дурӯғ ангоштанд, пас, ба зудӣ ахбори он чи масхара мекарданд, ба эшон хоҳад расид

أَوَلَمْ يَرَوْاْ إِلَى ٱلْأَرْضِ كَمْ أَنۢبَتْنَا فِيهَا مِن كُلِّ زَوْجٍ كَرِيمٍ ﴿٧﴾

7. Оё ба замин наменигаранд, ки чи бисёр аз ҳар гуна [гиёҳи] судманде дар он рӯёнидаем?

إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَةً ۖ وَمَا كَانَ أَكْثَرُهُم مُّؤْمِنِينَ ﴿٨﴾

8. Бе тардид, дар ин [офариниш] нишонае [аз қудрати Аллоҳ таоло бар меод] аст, вале бештарашон имон намеоваранд

وَإِنَّ رَبَّكَ لَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ﴿٩﴾

9. Ва бе тардид, Парвардигорат шикастнопазири меҳрубон аст

وَإِذْ نَادَىٰ رَبُّكَ مُوسَىٰٓ أَنِ ٱئْتِ ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٠﴾

10. Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки Парвардигорат Мӯсоро нидо дод, ки: «Ба сӯйи қавми ситамгор бирав

قَوْمَ فِرْعَوْنَ ۚ أَلَا يَتَّقُونَ ﴿١١﴾

11. - қавми Фиръавн - [ва ба онон бигӯ] оё [аз куфру саркашӣ] намепарҳезанд?»

(*) Шуъаро (Шоирон).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

قَالَ رَبِّ إِنِّيٓ أَخَافُ أَن يُكَذِّبُونِ ﴿١٢﴾

12. [Мӯсо] Гуфт: «Парвардигоро, бим дорам, ки маро дурӯғгӯ ангоранд

وَيَضِيقُ صَدۡرِي وَلَا يَنطَلِقُ لِسَانِي فَأَرۡسِلۡ إِلَىٰ هَٰرُونَ ﴿١٣﴾

13. Ва [аз куфрашон ношикебо ва] ғамгин гардам. Пас, [Ҷабраилро] ба сӯйи Ҳорун бифрист [то барои ёриам раҳсипораш кунад]

وَلَهُمۡ عَلَيَّ ذَنۢبٞ فَأَخَافُ أَن يَقۡتُلُونِ ﴿١٤﴾

14. Ва онон [ба гумони хеш қасоси] гуноҳе бар ман доранд, пас, метарсам, ки маро бикушанд»

قَالَ كَلَّاۖ فَٱذۡهَبَا بِـَٔايَٰتِنَآۖ إِنَّا مَعَكُم مُّسۡتَمِعُونَ ﴿١٥﴾

15. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Ҳаргиз! Пас бо оёт [ва муъҷизот]-и Мо биравед. Яқинан, [ҳама ҷо] бо шумоем ва [гуфтугӯятонро] мешунавем

فَأۡتِيَا فِرۡعَوۡنَ فَقُولَآ إِنَّا رَسُولُ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿١٦﴾

16. Пас, назди Фиръавн биравед ва бигӯед: «Мо фиристодаи Парвардигори ҷаҳониён ҳастем

أَنۡ أَرۡسِلۡ مَعَنَا بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ ﴿١٧﴾

17. [Ӯ мефармояд] Ки Бани Исроилро ҳамроҳи мо бифирист»

قَالَ أَلَمۡ نُرَبِّكَ فِينَا وَلِيدٗا وَلَبِثۡتَ فِينَا مِنۡ عُمُرِكَ سِنِينَ ﴿١٨﴾

18. [Фиръавн] гуфт: «Оё туро дар кӯдакӣ миёни хеш парвариш надодем ва солҳое аз умратро байни мо набудӣ?

وَفَعَلۡتَ فَعۡلَتَكَ ٱلَّتِي فَعَلۡتَ وَأَنتَ مِنَ ٱلۡكَٰفِرِينَ ﴿١٩﴾

19. Ва кори худро - чунон ки хостӣ - кардӣ [ва он марди қибтиро куштӣ] ва ту [нисбат ба неъматҳои ман] носипосӣ?!»

قَالَ فَعَلۡتُهَآ إِذٗا وَأَنَا۠ مِنَ ٱلضَّآلِّينَ ﴿٢٠﴾

20. [Мӯсо] гуфт: «Ман он [кор]-ро замоне анҷом додам, ки гумроҳ будам

فَفَرَرۡتُ مِنكُمۡ لَمَّا خِفۡتُكُمۡ فَوَهَبَ لِي رَبِّي حُكۡمٗا وَجَعَلَنِي مِنَ ٱلۡمُرۡسَلِينَ ﴿٢١﴾

21. Пас, чун аз шумо тарсидам, фирор кардам. Он гоҳ Парвардигорам ба ман дониш бахшид ва маро аз паёмбарон қарор дод

وَتِلۡكَ نِعۡمَةٞ تَمُنُّهَا عَلَيَّ أَنۡ عَبَّدتَّ بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ ﴿٢٢﴾

22. Ва ин [чи] неъматест, ки ту бар ман миннат мегузорӣ, ки Бани Исроилро бардаи худ сохтай?!»

قَالَ فِرۡعَوۡنُ وَمَا رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿٢٣﴾

23. Фиръавн гуфт: «Парвардигори ҷаҳониён кист?»

قَالَ رَبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَمَا بَيۡنَهُمَآۖ إِن كُنتُم مُّوقِنِينَ ﴿٢٤﴾

24. [Мӯсо] Гуфт: «Парвардигори осмонҳо ва замин

ва он чи миёни онҳост. Агар аҳли яқин ҳастед [танҳо ӯро бипарастед]»

قَالَ لِمَنْ حَوْلَهُۥٓ أَلَا تَسْتَمِعُونَ ﴿٢٥﴾

25. [Фиръавн] Ба касоне, ки дар атрофаш буданд [бо тамасхур] гуфт: «Оё мешунавед [чи мегӯяд]?»

قَالَ رَبُّكُمْ وَرَبُّ ءَابَآئِكُمُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٢٦﴾

26. [Мӯсо] Гуфт: «[Аллоҳ таоло] Парвардигори шумо ва Парвардигори ниёгони шумост

قَالَ إِنَّ رَسُولَكُمُ ٱلَّذِىٓ أُرْسِلَ إِلَيْكُمْ لَمَجْنُونٌ ﴿٢٧﴾

27. [Фиръавн] Гуфт: «Ин паёмбаратон, ки ба сӯйи шумо фиристода шудааст, яқинан девона аст»

قَالَ رَبُّ ٱلْمَشْرِقِ وَٱلْمَغْرِبِ وَمَا بَيْنَهُمَآ ۖ إِن كُنتُمْ تَعْقِلُونَ ﴿٢٨﴾

28. [Мӯсо] Гуфт: «Агар биандешед, [хоҳед донист, ки Ӯ] Парвардигори машриқ ва мағриб аст ва ҳар он чи миёни он ду қарор дорад»

قَالَ لَئِنِ ٱتَّخَذْتَ إِلَٰهًا غَيْرِى لَأَجْعَلَنَّكَ مِنَ ٱلْمَسْجُونِينَ ﴿٢٩﴾

29. [Фиръавн] Гуфт: «Агар маъбуде ҷуз ман баргузинӣ, ҳатман, зиндонат мекунам»

قَالَ أَوَلَوْ جِئْتُكَ بِشَىْءٍ مُّبِينٍ ﴿٣٠﴾

30. [Мӯсо] Гуфт: «Ҳатто агар нишонаи ошкоре [дар мавриди рисолатам] бароят оварда бошам?»

قَالَ فَأْتِ بِهِۦٓ إِن كُنتَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ﴿٣١﴾

31. [Фиръавн] Гуфт: «Агар рост мегӯӣ, онро биёвар»

فَأَلْقَىٰ عَصَاهُ فَإِذَا هِىَ ثُعْبَانٌ مُّبِينٌ ﴿٣٢﴾

32. Пас, [Мӯсо] асои худро андохт, ногаҳон [табдил ба] аждаҳое ошкор шуд

وَنَزَعَ يَدَهُۥ فَإِذَا هِىَ بَيْضَآءُ لِلنَّٰظِرِينَ ﴿٣٣﴾

33. Ва дасташро [аз гиребон] берун овард ва ногоҳ дар назари бинандагон сапед [-у равшан] буд

قَالَ لِلْمَلَإِ حَوْلَهُۥٓ إِنَّ هَٰذَا لَسَٰحِرٌ عَلِيمٌ ﴿٣٤﴾

34. [Фиръавн] ба бузургони перомунаш гуфт: «Ҳаққо, ки ин [мард] ҷодугари доност

يُرِيدُ أَن يُخْرِجَكُم مِّنْ أَرْضِكُم بِسِحْرِهِۦ فَمَاذَا تَأْمُرُونَ ﴿٣٥﴾

35. [Ӯ] Мехоҳад, бо ҷодуяш шуморо аз сарзаминатон берун кунад, пас, назаратон чист?»

قَالُوٓا۟ أَرْجِهْ وَأَخَاهُ وَٱبْعَثْ فِى ٱلْمَدَآئِنِ حَٰشِرِينَ ﴿٣٦﴾

36. Онон гуфтанд: «[Тасмим дар бораи муҷозоти] ӯ ва бародарашро ба таъхир андоз ва маъмурони ҷамъоварӣ [ҷорзанандагон]-ро ба [ҳамаи] шаҳрҳо бифирист,

يَأْتُوكَ بِكُلِّ سَحَّارٍ عَلِيمٍ ﴿٣٧﴾

37. то ҳар ҷодугари моҳир [ва] доноеро наздат биёваранд»

فَجُمِعَ ٱلسَّحَرَةُ لِمِيقَٰتِ يَوْمٍ مَّعْلُومٍ ﴿٣٨﴾

38. Пас, [чунин карданд ва саранҷом] ҷодугарон барои ваъдагоҳи рӯзи муайян гирд оварда шуданд

وَقِيلَ لِلنَّاسِ هَلْ أَنتُم مُّجْتَمِعُونَ ﴿٣٩﴾

39. Ва ба мардум гуфта шуд: «Оё шумо [низ] ҷамъ мешавед, то [бубинем баранда кист]?

لَعَلَّنَا نَتَّبِعُ ٱلسَّحَرَةَ إِن كَانُوا۟ هُمُ ٱلْغَٰلِبِينَ ﴿٤٠﴾

40. Агар ҷодугарон пирӯз шуданд, [ҳамагӣ] аз онон пайравӣ кунем»

فَلَمَّا جَآءَ ٱلسَّحَرَةُ قَالُوا۟ لِفِرْعَوْنَ أَئِنَّ لَنَا لَأَجْرًا إِن كُنَّا نَحْنُ ٱلْغَٰلِبِينَ ﴿٤١﴾

41. Пас, вақте ҷодугарон омаданд, ба Фиръавн гуфтанд: «Агар мо пирӯз шавем, оё подоше хоҳем дошт»?

قَالَ نَعَمْ وَإِنَّكُمْ إِذًا لَّمِنَ ٱلْمُقَرَّبِينَ ﴿٤٢﴾

42. Ӯ гуфт: «Оре, дар он сурат, ҳатман, аз наздиконам хоҳед буд»

قَالَ لَهُم مُّوسَىٰٓ أَلْقُوا۟ مَآ أَنتُم مُّلْقُونَ ﴿٤٣﴾

43. Мӯсо ба онон гуфт: «Ҳар чи [мехоҳед] биафканед, [акнун] биафканед»

فَأَلْقَوْا۟ حِبَالَهُمْ وَعِصِيَّهُمْ وَقَالُوا۟ بِعِزَّةِ فِرْعَوْنَ إِنَّا لَنَحْنُ ٱلْغَٰلِبُونَ ﴿٤٤﴾

44. Пас, онон ресмонҳо ва асоҳояшонро афканданд ва гуфтанд: «Ба иззати Фиръавн савганд, ки мо, ҳатман, пирӯзем»

فَأَلْقَىٰ مُوسَىٰ عَصَاهُ فَإِذَا هِىَ تَلْقَفُ مَا يَأْفِكُونَ ﴿٤٥﴾

45. Сипас Мӯсо асояшро афканд, ногаҳон [табдил ба аждаҳое шуд ва] он чиро, ки ба дурӯғ сохта буданд, балъид [фуру бурд]

فَأُلْقِىَ ٱلسَّحَرَةُ سَٰجِدِينَ ﴿٤٦﴾

46. Пас, ҷодугарон ба саҷда дарафтоданд

قَالُوٓا۟ ءَامَنَّا بِرَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٤٧﴾

47. [Ва] Гуфтанд: «Мо ба Парвардигори ҷаҳониён имон овардем

رَبِّ مُوسَىٰ وَهَٰرُونَ ﴿٤٨﴾

48. Парвардигори Мӯсо ва Ҳорун»

قَالَ ءَامَنتُمْ لَهُۥ قَبْلَ أَنْ ءَاذَنَ لَكُمْ ۖ إِنَّهُۥ لَكَبِيرُكُمُ ٱلَّذِى عَلَّمَكُمُ ٱلسِّحْرَ ۖ فَلَسَوْفَ تَعْلَمُونَ ۚ لَأُقَطِّعَنَّ أَيْدِيَكُمْ وَأَرْجُلَكُم مِّنْ خِلَٰفٍ وَلَأُصَلِّبَنَّكُمْ أَجْمَعِينَ ﴿٤٩﴾

49. [Фиръавн] Гуфт: «Оё пеш аз он ки ба шумо иҷозат диҳам, ба ӯ имон овардед? Бе тардид, ӯ ҳамон бузурги шумост, ки ба шумо ҷоду

омӯхтааст. Пас, ба зудӣ хоҳед донист [ки муҷозотатон чист]. Яқинан, дастҳо ва пойҳоятонро баръакс [-и якдигар аз чапу рост] қатъ мекунам ва ҳамагиатонро ба дор меовезам»

50. Онон гуфтанд: «[Дар ин шиканҷа ва азоб] Ҳеҷ зиёне нест. Бе тардид, мо ба сӯйи Парвардигорамон бозмегардем

قَالُواْ لَا ضَيۡرَۖ إِنَّآ إِلَىٰ رَبِّنَا مُنقَلِبُونَ ٥٠

51. Умед дорем, ки Парвардигорамон гуноҳони моро бубахшад, ки мо нахустин касоне ҳастем, ки [аз ин қавм ба Парвардигори Мӯсо] имон овардем»

إِنَّا نَطۡمَعُ أَن يَغۡفِرَ لَنَا رَبُّنَا خَطَٰيَٰنَآ أَن كُنَّآ أَوَّلَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٥١

52. Ва ба Мӯсо ваҳӣ кардем, ки: «Бандагонамро шабона [аз Миср] берун бибар; [зеро сипоҳи Фиръавн] ҳатман, ба дунболатон хоҳад омад»

۞وَأَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ أَنۡ أَسۡرِ بِعِبَادِيٓ إِنَّكُم مُّتَّبَعُونَ ٥٢

53. Пас Фиръавн [чун аз моҷаро огоҳ гардид] маъмурони ҷамъоварӣ [неру]-ро ба шаҳрҳо фиристод

فَأَرۡسَلَ فِرۡعَوۡنُ فِي ٱلۡمَدَآئِنِ حَٰشِرِينَ ٥٣

54. [Ва эълон кард] Инҳо [Бани Исроил] иддаи ночизанд

إِنَّ هَٰٓؤُلَآءِ لَشِرۡذِمَةٞ قَلِيلُونَ ٥٤

55. Ва ҷиддан моро ба хашм овардаанд

وَإِنَّهُمۡ لَنَا لَغَآئِظُونَ ٥٥

56. Ва мо ҳамагӣ комилан [ҳушёру] омодаи пайкорем»

وَإِنَّا لَجَمِيعٌ حَٰذِرُونَ ٥٦

57. Пас, ононро аз боғҳо ва чашмаҳо [-и сарзамини Миср] берун овардем

فَأَخۡرَجۡنَٰهُم مِّن جَنَّٰتٖ وَعُيُونٖ ٥٧

58. Ва аз ганҷҳо ва хонаҳои муҷаллал [дур сохтем]

وَكُنُوزٖ وَمَقَامٖ كَرِيمٖ ٥٨

59. Инчунин [кардем] ва Бани Исроилро вориси он [сарвату дороӣ] кардем

كَذَٰلِكَۖ وَأَوۡرَثۡنَٰهَا بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ ٥٩

60. Пас, [сипоҳи Фиръавн] ҳангоми тулуи офтоб ба таъқиби онон пардохтанд

فَأَتۡبَعُوهُم مُّشۡرِقِينَ ٦٠

61. Ва чун ду гурӯҳ якдигарро диданд, ёрони Мӯсо гуфтанд: «Ҳатман, [дар чанголи фиръавниён] гирифторем»

فَلَمَّا تَرَٰٓءَا ٱلۡجَمۡعَانِ قَالَ أَصۡحَٰبُ مُوسَىٰٓ إِنَّا لَمُدۡرَكُونَ ٦١

قَالَ كَلَّآۖ إِنَّ مَعِيَ رَبِّي سَيَهۡدِينِ ٦٢

62. [Мӯсо] Гуфт: «Ҳаргиз! Бе тардид, Парвардигорам бо ман аст ва маро [ба роҳи наҷот] ҳидоят хоҳад кард»

فَأَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ أَنِ ٱضۡرِب بِّعَصَاكَ ٱلۡبَحۡرَۖ فَٱنفَلَقَ فَكَانَ كُلُّ فِرۡقٖ كَٱلطَّوۡدِ ٱلۡعَظِيمِ ٦٣

63. Пас, ба Мӯсо ваҳй кардем: «Асоятро ба дарё бизан», пас, [Нил] шикофта шуд ва ҳар бахше [аз он] ҳамчун кӯҳе бузург гашт

وَأَزۡلَفۡنَا ثَمَّ ٱلۡأٓخَرِينَ ٦٤

64. Ва он гурӯҳи дигар [сипоҳи Фиръавн]-ро ба он ҷо кашондем

وَأَنجَيۡنَا مُوسَىٰ وَمَن مَّعَهُۥٓ أَجۡمَعِينَ ٦٥

65. Ва Мӯсо ва ҳамаи касонеро, ки ҳамроҳаш буданд, наҷот додем

ثُمَّ أَغۡرَقۡنَا ٱلۡأٓخَرِينَ ٦٦

66. Ва дигаронро ғарқ намудем

إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗۖ وَمَا كَانَ أَكۡثَرُهُم مُّؤۡمِنِينَ ٦٧

67. Ҳатман, дар ин [моҷаро] нишонае [барои ибрат гирифтан] аст, вале бештарашон муъмин набуданд

وَإِنَّ رَبَّكَ لَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ٦٨

68. Ва бе тардид, Парвардигорат ҳамон шикастнопазири меҳрубон аст

وَٱتۡلُ عَلَيۡهِمۡ نَبَأَ إِبۡرَٰهِيمَ ٦٩

69. [Эй Паёмбар] Достони Иброҳимро бар онон бозгӯ

إِذۡ قَالَ لِأَبِيهِ وَقَوۡمِهِۦ مَا تَعۡبُدُونَ ٧٠

70. Ҳангоме ки ба падар ва қавмаш гуфт: «Чи чизро мепарастед?»

قَالُواْ نَعۡبُدُ أَصۡنَامٗا فَنَظَلُّ لَهَا عَٰكِفِينَ ٧١

71. Онон гуфтанд: «Бутҳоеро мепарастем ва пайваста сар бар остонашон дорем»

قَالَ هَلۡ يَسۡمَعُونَكُمۡ إِذۡ تَدۡعُونَ ٧٢

72. [Иброҳим] Гуфт: «Оё вақте онҳоро мехонед, [садои] шуморо мешунаванд?

أَوۡ يَنفَعُونَكُمۡ أَوۡ يَضُرُّونَ ٧٣

73. Ё ба шумо суду зиён мерасонанд?»

قَالُواْ بَلۡ وَجَدۡنَآ ءَابَآءَنَا كَذَٰلِكَ يَفۡعَلُونَ ٧٤

74. Онон гуфтанд: «[На] Вале падаронамонро ёфтем, ки чунин мекарданд»

قَالَ أَفَرَءَيۡتُم مَّا كُنتُمۡ تَعۡبُدُونَ ٧٥

75. [Иброҳим] гуфт: «Оё дидед [ва донистед] чизҳоеро, ки ҳамвора мепарастидед

76. - [ҳам] шумо ва [ҳам] падаронатон -	أَنتُمْ وَءَابَآؤُكُمُ ٱلْأَقْدَمُونَ ﴿٧٦﴾
77. яқинан, [ҳамаи] онҳо душмани [ақидаи тавҳидии] ман ҳастанд. Магар Парвардигори ҷаҳониён	فَإِنَّهُمْ عَدُوٌّ لِّيٓ إِلَّا رَبَّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٧٧﴾
78. Он [маъбуде], ки маро офарида ва ҳидоятам мекунад	ٱلَّذِى خَلَقَنِى فَهُوَ يَهْدِينِ ﴿٧٨﴾
79. Ва ҳамоне, ки ба ман ғизо медиҳад ва серобам месозад	وَٱلَّذِى هُوَ يُطْعِمُنِى وَيَسْقِينِ ﴿٧٩﴾
80. Ва ҳангоме ки бемор мешавам, Ӯст, ки шифоям медиҳад	وَإِذَا مَرِضْتُ فَهُوَ يَشْفِينِ ﴿٨٠﴾
81. Ва касе, ки маро мемиронад ва [дубора] зиндаам мекунад	وَٱلَّذِى يُمِيتُنِى ثُمَّ يُحْيِينِ ﴿٨١﴾
82. Ва касе, ки умед дорам рӯзи ҷазо гуноҳонамро бубахшад	وَٱلَّذِىٓ أَطْمَعُ أَن يَغْفِرَ لِى خَطِيٓـَٔتِى يَوْمَ ٱلدِّينِ ﴿٨٢﴾
83. Парвардигоро, ба ман донише [дар дин] бубахш ва маро ба шоистагон мулҳақ кун	رَبِّ هَبْ لِى حُكْمًا وَأَلْحِقْنِى بِٱلصَّٰلِحِينَ ﴿٨٣﴾
84. Ва бароям дар ояндагон овозаи нек қарор бидеҳ	وَٱجْعَل لِّى لِسَانَ صِدْقٍ فِى ٱلْءَاخِرِينَ ﴿٨٤﴾
85. Ва маро аз ворисони биҳишти пурнеъмат бигардон	وَٱجْعَلْنِى مِن وَرَثَةِ جَنَّةِ ٱلنَّعِيمِ ﴿٨٥﴾
86. Ва падарамро биёмурз, [ки] бе тардид, дар зумраи гумроҳон буд	وَٱغْفِرْ لِأَبِىٓ إِنَّهُۥ كَانَ مِنَ ٱلضَّآلِّينَ ﴿٨٦﴾
87. Ва рӯзе, ки [мардум] барангехта мешаванд, маро расво [ва шарманда] насоз	وَلَا تُخْزِنِى يَوْمَ يُبْعَثُونَ ﴿٨٧﴾
88. Ҳамон рӯзе, ки молу фарзандон суде намебахшанд	يَوْمَ لَا يَنفَعُ مَالٌ وَلَا بَنُونَ ﴿٨٨﴾
89. Магар касе, ки бо қалби пок [ва холӣ аз ширку нифоқ ва риё] ба пешгоҳи Аллоҳ таоло биёяд»	إِلَّا مَنْ أَتَى ٱللَّهَ بِقَلْبٍ سَلِيمٍ ﴿٨٩﴾
90. Ва [он рӯз] биҳишт барои парҳезкорон наздик мегардад	وَأُزْلِفَتِ ٱلْجَنَّةُ لِلْمُتَّقِينَ ﴿٩٠﴾

91. Ва дузах барои гумроҳон ошкор мешавад وَبُرِّزَتِ ٱلْجَحِيمُ لِلْغَاوِينَ ﴿٩١﴾

92. Ва ба онон гуфта мешавад: «Он чи ба ҷои Аллоҳ таоло мепарастидед, [акнун] куҷо ҳастанд? وَقِيلَ لَهُمْ أَيْنَ مَا كُنتُمْ تَعْبُدُونَ ﴿٩٢﴾

93. Оё [онҳо дар баробари азоби илоҳӣ] ёриатон мекунанд ё [ҳатто худ]-ро ёрӣ медиҳанд?» مِن دُونِ ٱللَّهِ هَلْ يَنصُرُونَكُمْ أَوْ يَنتَصِرُونَ ﴿٩٣﴾

94. Пас, онҳо [бутҳо] ҳамроҳи гумроҳон дар он [оташи ҳавлангез] афканда мешаванд فَكُبْكِبُواْ فِيهَا هُمْ وَٱلْغَاوُۥنَ ﴿٩٤﴾

95. Ва [ҳамроҳи] тамоми лашкариёни Иблис وَجُنُودُ إِبْلِيسَ أَجْمَعُونَ ﴿٩٥﴾

96. Дар он ҷо [мушрикон] дар ҳоли ситез [бо маъбудони ботил] мегӯянд: قَالُواْ وَهُمْ فِيهَا يَخْتَصِمُونَ ﴿٩٦﴾

97. «Ба Аллоҳ таоло савганд, ки мо дар гумроҳии ошкоре будем» تَٱللَّهِ إِن كُنَّا لَفِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٩٧﴾

98. Он гоҳ ки шуморо бо Парвардигори ҷаҳониён баробар медонистем إِذْ نُسَوِّيكُم بِرَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٩٨﴾

99. Ва моро касе ҷуз муҷримон гумроҳ накард وَمَآ أَضَلَّنَآ إِلَّا ٱلْمُجْرِمُونَ ﴿٩٩﴾

100. Пас, [акнун] на ҳеҷ шафоатгаре дорем فَمَا لَنَا مِن شَٰفِعِينَ ﴿١٠٠﴾

101. Ва на ҳеҷ дӯсти меҳрубоне وَلَا صَدِيقٍ حَمِيمٍ ﴿١٠١﴾

102. Пас, кош бозгаште [ба дунё] доштем ва дар зумраи муъминон қарор мегирифтем» فَلَوْ أَنَّ لَنَا كَرَّةً فَنَكُونَ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٠٢﴾

103. Ҳатман, дар ин [моҷаро] нишонае [барои ибрат гирифтан] аст, вале бештарашон муъмин набуданд إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَةً ۖ وَمَا كَانَ أَكْثَرُهُم مُّؤْمِنِينَ ﴿١٠٣﴾

104. Ва бе тардид, Парвардигорат ҳамон шикастнопазири меҳрубон аст وَإِنَّ رَبَّكَ لَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٠٤﴾

105. Қавми Нуҳ паёмбаронро дурӯғгӯ ангоштанд كَذَّبَتْ قَوْمُ نُوحٍ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿١٠٥﴾

106. Он гоҳ ки бародарашон Нуҳ ба онон гуфт: «Оё [аз Аллоҳ таоло] парво намекунед?» إِذْ قَالَ لَهُمْ أَخُوهُمْ نُوحٌ أَلَا تَتَّقُونَ ﴿١٠٦﴾

إِنِّي لَكُمْ رَسُولٌ أَمِينٌ ﴿١٠٧﴾

107. Ба ростӣ, ман барои шумо паёмбари амин ҳастам

فَاتَّقُوا اللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿١٠٨﴾

108. Пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва мутеи [дастурҳои] ман бошед

وَمَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ إِنْ أَجْرِيَ إِلَّا عَلَىٰ رَبِّ الْعَالَمِينَ ﴿١٠٩﴾

109. Ва ман [дар баробари рисолатам] ҳеҷ подоше аз шумо намехоҳам. Подоши ман танҳо бар [уҳдаи] Парвардигори ҷаҳониён аст

فَاتَّقُوا اللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿١١٠﴾

110. Пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва мутеи [дастурҳои] ман бошед»

قَالُوا أَنُؤْمِنُ لَكَ وَاتَّبَعَكَ الْأَرْذَلُونَ ﴿١١١﴾

111. Онон гуфтанд: «Оё ба ту имон биёварем, дар ҳоле ки [фақат] фурӯмоягон] аз ту пайравӣ кардаанд?»

قَالَ وَمَا عِلْمِي بِمَا كَانُوا يَعْمَلُونَ ﴿١١٢﴾

112. [Нуҳ] Гуфт: «Ман ба он чи онон [дар гузашта] мекарданд, чи донише дорам?

إِنْ حِسَابُهُمْ إِلَّا عَلَىٰ رَبِّي لَوْ تَشْعُرُونَ ﴿١١٣﴾

113. Ҳисоби онон танҳо бо Парвардигори ман аст. Агар мефаҳмед [чунин сухани газофе нагӯед]

وَمَا أَنَا بِطَارِدِ الْمُؤْمِنِينَ ﴿١١٤﴾

114. Ва ман [ҳаргиз] муъминонро тард [дур] намекунам

إِنْ أَنَا إِلَّا نَذِيرٌ مُبِينٌ ﴿١١٥﴾

115. Ман ҷуз бимдиҳандаи ошкор нестам»

قَالُوا لَئِنْ لَمْ تَنْتَهِ يَا نُوحُ لَتَكُونَنَّ مِنَ الْمَرْجُومِينَ ﴿١١٦﴾

116. Онон гуфтанд: «Эй Нуҳ, агар [аз даъватат] даст барнадорӣ, ҳатман, сангсор мешавӣ»

قَالَ رَبِّ إِنَّ قَوْمِي كَذَّبُونِ ﴿١١٧﴾

117. Ӯ гуфт: «Парвардигоро, қавмам маро дурӯғгӯ ангоштанд

فَافْتَحْ بَيْنِي وَبَيْنَهُمْ فَتْحًا وَنَجِّنِي وَمَنْ مَعِيَ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ ﴿١١٨﴾

118. Пас, миёни ману эшон доварӣ кун ва маро ва муъминонеро, ки ҳамроҳам ҳастанд, наҷот бидеҳ»

فَأَنْجَيْنَاهُ وَمَنْ مَعَهُ فِي الْفُلْكِ الْمَشْحُونِ ﴿١١٩﴾

119. Пас, ӯ ва афродеро, ки ҳамроҳаш буданд, дар [он] киштии оганда [пур аз инсону ҳайвон] наҷот додем

120. Ва боқимондагонро ғарқ кардем	ثُمَّ أَغۡرَقۡنَا بَعۡدُ ٱلۡبَاقِينَ ﴿١٢٠﴾
121. Ҳатман, дар ин [моҷаро] нишонае [барои ибрат гирифтан] аст, вале бештарашон муъмин набуданд	إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗۖ وَمَا كَانَ أَكۡثَرُهُم مُّؤۡمِنِينَ ﴿١٢١﴾
122. Ва бе тардид, Парвардигорат ҳамон шикастнопазири меҳрубон аст	وَإِنَّ رَبَّكَ لَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٢٢﴾
123. [Қавми] Од паёмбаронро дурӯғгӯ ангоштанд	كَذَّبَتۡ عَادٌ ٱلۡمُرۡسَلِينَ ﴿١٢٣﴾
124. Он гоҳ ки бародарашон Ҳуд ба онон гуфт: «Оё [аз Аллоҳ таоло] парво намекунед?”	إِذۡ قَالَ لَهُمۡ أَخُوهُمۡ هُودٌ أَلَا تَتَّقُونَ ﴿١٢٤﴾
125. Ба ростӣ, ман барои шумо паёмбари амин ҳастам	إِنِّي لَكُمۡ رَسُولٌ أَمِينٞ ﴿١٢٥﴾
126. Пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва мутеи [дастурҳои] ман бошед	فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿١٢٦﴾
127. Ва ман [дар баробари рисолатам] ҳеҷ подоше аз шумо намехоҳам. Подоши ман танҳо бар [уҳдаи] Парвардигори ҷаҳониён аст	وَمَآ أَسۡـَٔلُكُمۡ عَلَيۡهِ مِنۡ أَجۡرٍۖ إِنۡ أَجۡرِيَ إِلَّا عَلَىٰ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿١٢٧﴾
128. Оё бар ҳар макони баланде биное беҳуда месозед?	أَتَبۡنُونَ بِكُلِّ رِيعٍ ءَايَةٗ تَعۡبَثُونَ ﴿١٢٨﴾
129. Ва қасрҳо ва қалъаҳои муҳкаму устувор бино мекунед, гӯиё [дар дунё] ҷовидонаед	وَتَتَّخِذُونَ مَصَانِعَ لَعَلَّكُمۡ تَخۡلُدُونَ ﴿١٢٩﴾
130. Ва чун [ба касе] ҳамлавар мешавед, [бераҳм ва] золимона ҳамла мекунед	وَإِذَا بَطَشۡتُم بَطَشۡتُمۡ جَبَّارِينَ ﴿١٣٠﴾
131. Пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва мутеи [дастурҳои] ман бошед	فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿١٣١﴾
132. Ва аз касе парво кунед, ки ба шумо [неъматҳое чунон фаровон] ато кардааст, ки худ [онҳоро беҳтар] медонед	وَٱتَّقُواْ ٱلَّذِيٓ أَمَدَّكُم بِمَا تَعۡلَمُونَ ﴿١٣٢﴾
133. Ӯ ба шумо чаҳорпоёну фарзандон [-и бисёр] ато кардааст	أَمَدَّكُم بِأَنۡعَٰمٖ وَبَنِينَ ﴿١٣٣﴾

134. Ва боғҳо ва чашмасорҳо	وَجَنَّٰتٍ وَعُيُونٍ ﴿١٣٤﴾
135. Ба ростӣ, ки ман аз азоби рӯзи бузург бар шумо метарсам”	إِنِّيٓ أَخَافُ عَلَيۡكُمۡ عَذَابَ يَوۡمٍ عَظِيمٖ ﴿١٣٥﴾
136. Онон гуфтанд: “Чи моро панд бидиҳӣ, ё надиҳӣ, бароямон яксон аст [ва аз ту тоат намекунем]	قَالُواْ سَوَآءٌ عَلَيۡنَآ أَوَعَظۡتَ أَمۡ لَمۡ تَكُن مِّنَ ٱلۡوَٰعِظِينَ ﴿١٣٦﴾
137. Ин [оини мо ҳамон] равиши пешиниён аст	إِنۡ هَٰذَآ إِلَّا خُلُقُ ٱلۡأَوَّلِينَ ﴿١٣٧﴾
138. ва мо [ҳаргиз] азоб нахоҳем шуд»	وَمَا نَحۡنُ بِمُعَذَّبِينَ ﴿١٣٨﴾
139. Пас, онон Ҳудро дурӯғгӯ ангоштанд. Пас, Мо [низ] ҳалокашон кардем. Ҳатман, дар ин [моҷаро] нишонае [барои ибрат гирифтан] аст ва бештарашон муъмин набуданд	فَكَذَّبُوهُ فَأَهۡلَكۡنَٰهُمۡۗ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗۖ وَمَا كَانَ أَكۡثَرُهُم مُّؤۡمِنِينَ ﴿١٣٩﴾
140. Ва бе тардид, Парвардигорат шикастнопазири меҳрубон аст	وَإِنَّ رَبَّكَ لَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٤٠﴾
141. [Қавми] Самуд паёмбаронро дурӯғгӯ ангоштанд	كَذَّبَتۡ ثَمُودُ ٱلۡمُرۡسَلِينَ ﴿١٤١﴾
142. Он гоҳ ки бародарашон Солеҳ ба онон гуфт: «Оё [аз Аллоҳ таоло] парво намекунед?	إِذۡ قَالَ لَهُمۡ أَخُوهُمۡ صَٰلِحٌ أَلَا تَتَّقُونَ ﴿١٤٢﴾
143. Ба ростӣ, ман барои шумо паёмбари амин ҳастам	إِنِّي لَكُمۡ رَسُولٌ أَمِينٞ ﴿١٤٣﴾
144. Пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва мутеи [дастурҳои] ман бошед	فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿١٤٤﴾
145. Ва ман [дар баробари рисолатам] ҳеҷ подоше аз шумо намехоҳам. Подоши ман танҳо бар [уҳдаи] Парвардигори ҷаҳониён аст	وَمَآ أَسۡـَٔلُكُمۡ عَلَيۡهِ مِنۡ أَجۡرٍۖ إِنۡ أَجۡرِيَ إِلَّا عَلَىٰ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿١٤٥﴾
146. Оё [мепиндоред, ки] шуморо дар неъматҳое, ки ин ҷост, осуда раҳо мекунанд?	أَتُتۡرَكُونَ فِي مَا هَٰهُنَآ ءَامِنِينَ ﴿١٤٦﴾
147. Дар [ин] боғҳо ва чашмасорҳо	فِي جَنَّٰتٖ وَعُيُونٖ ﴿١٤٧﴾
148. Ва [дар канори ин] киштзорҳо ва нахлҳое, ки меваҳояш нарму расидааст?	وَزُرُوعٖ وَنَخۡلٖ طَلۡعُهَا هَضِيمٞ ﴿١٤٨﴾

149. Ва моҳирона аз кӯҳҳо [барои худ] хонаҳое метарошед

وَتَنْحِتُونَ مِنَ ٱلْجِبَالِ بُيُوتًا فَٰرِهِينَ ﴿١٤٩﴾

150. Пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва мутеи [дастурҳои] ман бошед»

فَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿١٥٠﴾

151. Ва аз исрофкорон [-и гунаҳгор] пайравӣ накунед

وَلَا تُطِيعُوٓا۟ أَمْرَ ٱلْمُسْرِفِينَ ﴿١٥١﴾

152. [Ҳамон] Касоне, ки дар замин ба фасод мепардозанд ва [хештанро] ислоҳ намекунанд”

ٱلَّذِينَ يُفْسِدُونَ فِى ٱلْأَرْضِ وَلَا يُصْلِحُونَ ﴿١٥٢﴾

153. Онон гуфтанд: “[Эй Солеҳ] Ҷуз ин нест, ки ту ҷодушудаӣ

قَالُوٓا۟ إِنَّمَآ أَنتَ مِنَ ٱلْمُسَحَّرِينَ ﴿١٥٣﴾

154. Ту ҷуз башаре ҳаммонанди мо нестӣ, пас, агар рост мегӯӣ, нишонае [бар паёмбариат] биёвар”

مَآ أَنتَ إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُنَا فَأْتِ بِـَٔايَةٍ إِن كُنتَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ﴿١٥٤﴾

155. [Солеҳ] Гуфт: «Ин модашутурест, ки саҳме аз об [-и чашма] дорад ва [рӯзҳои муайяне низ] шумо саҳме аз об доред

قَالَ هَٰذِهِۦ نَاقَةٌ لَّهَا شِرْبٌ وَلَكُمْ شِرْبُ يَوْمٍ مَّعْلُومٍ ﴿١٥٥﴾

156. Пас, [камтарин] озоре ба он нарасонед, ки азоби рӯзи бузург шуморо фаро мегирад”

وَلَا تَمَسُّوهَا بِسُوٓءٍ فَيَأْخُذَكُمْ عَذَابُ يَوْمٍ عَظِيمٍ ﴿١٥٦﴾

157. Пас, онро [захмӣ карданд ва] куштанд ва [он гоҳ аз кардаи худ] пушаймон шуданд

فَعَقَرُوهَا فَأَصْبَحُوا۟ نَٰدِمِينَ ﴿١٥٧﴾

158. Пас, азоб [-и илоҳӣ] ононро фурӯ гирифт. Бе гумон, дар ин [моҷаро] нишонае [барои ибрат гирифтан] аст ва бештарашон муъмин набуданд

فَأَخَذَهُمُ ٱلْعَذَابُ ۗ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَةً ۖ وَمَا كَانَ أَكْثَرُهُم مُّؤْمِنِينَ ﴿١٥٨﴾

159. Ва бе тардид, Парвардигорат ҳамон шикастнопазири меҳрубон аст

وَإِنَّ رَبَّكَ لَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٥٩﴾

160. Қавми Лут [низ] паёмбаронро дурӯғгӯ ангоштанд

كَذَّبَتْ قَوْمُ لُوطٍ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿١٦٠﴾

161. Он гоҳ ки бародарашон Лут ба онон гуфт: «Оё [аз Аллоҳ таоло] парво намекунед?

إِذْ قَالَ لَهُمْ أَخُوهُمْ لُوطٌ أَلَا تَتَّقُونَ ﴿١٦١﴾

162. Ба ростӣ, ман барои шумо паёмбаре амин ҳастам

إِنِّى لَكُمْ رَسُولٌ أَمِينٌ ﴿١٦٢﴾

فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿١٦٣﴾

163. Пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва мутеи [дастурҳои] ман бошед»

وَمَآ أَسۡـَٔلُكُمۡ عَلَيۡهِ مِنۡ أَجۡرٍۖ إِنۡ أَجۡرِيَ إِلَّا عَلَىٰ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿١٦٤﴾

164. Ва ман [дар баробари рисолатам] ҳеҷ подоше аз шумо намехоҳам. Подоши ман танҳо бар [уҳдаи] Парвардигори ҷаҳониён аст

أَتَأۡتُونَ ٱلذُّكۡرَانَ مِنَ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿١٦٥﴾

165. Аз мардуми ҷаҳон бо мардон меомезед

وَتَذَرُونَ مَا خَلَقَ لَكُمۡ رَبُّكُم مِّنۡ أَزۡوَٰجِكُمۚ بَلۡ أَنتُمۡ قَوۡمٌ عَادُونَ ﴿١٦٦﴾

166. ва ҳамсаронеро, ки Аллоҳ таоло бароятон офаридааст, раҳо мекунед? Балки шумо гурӯҳи мутаҷовизед

قَالُواْ لَئِن لَّمۡ تَنتَهِ يَٰلُوطُ لَتَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡمُخۡرَجِينَ ﴿١٦٧﴾

167. Онон гуфтанд: «Эй Лут, агар [аз ин амру наҳй] даст барнадорӣ, ҳатман, [аз шаҳр] ихроҷ мешавӣ»

قَالَ إِنِّي لِعَمَلِكُم مِّنَ ٱلۡقَالِينَ ﴿١٦٨﴾

168. [Лут] Гуфт: «Ман душмани [сарсахти] ин коратон ҳастам

رَبِّ نَجِّنِي وَأَهۡلِي مِمَّا يَعۡمَلُونَ ﴿١٦٩﴾

169. Парвардигоро, ман ва хонаводаамро аз [оқибати] он чи [инҳо] анҷом медиҳанд, наҷот деҳ»

فَنَجَّيۡنَٰهُ وَأَهۡلَهُۥٓ أَجۡمَعِينَ ﴿١٧٠﴾

170. Пас, мо ӯ ва ҳамаи хонаводаашро наҷот додем

إِلَّا عَجُوزٗا فِي ٱلۡغَٰبِرِينَ ﴿١٧١﴾

171. Магар пиразане, ки дар миёни бозмондагон [дар азоб] буд

ثُمَّ دَمَّرۡنَا ٱلۡأٓخَرِينَ ﴿١٧٢﴾

172. Сипас дигаронро нобуд кардем

وَأَمۡطَرۡنَا عَلَيۡهِم مَّطَرٗاۖ فَسَآءَ مَطَرُ ٱلۡمُنذَرِينَ ﴿١٧٣﴾

173. Ва бар онон бороне [аз санг] боронидем ва борони бимдодашудагон чи бад буд!

إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗۖ وَمَا كَانَ أَكۡثَرُهُم مُّؤۡمِنِينَ ﴿١٧٤﴾

174. Бе гумон, дар ин [моҷаро] нишонае [барои ибрат гирифтан] аст ва бештарашон муъмин набуданд

وَإِنَّ رَبَّكَ لَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٧٥﴾

175. Ва бе тардид, Парвардигорат ҳамон шикастнопазири меҳрубон аст

كَذَّبَ أَصۡحَٰبُ لۡـَٔيۡكَةِ ٱلۡمُرۡسَلِينَ ﴿١٧٦﴾

176. Асҳоби Айка [низ] паёмбаронро дурӯғгӯ ангоштанд

إِذْ قَالَ لَهُمْ شُعَيْبٌ أَلَا تَتَّقُونَ ﴿١٧٧﴾

177. Он гоҳ ки Шуайб ба онон гуфт: «Оё [аз Аллоҳ таоло] парво намекунед?

إِنِّي لَكُمْ رَسُولٌ أَمِينٌ ﴿١٧٨﴾

178. Ба ростӣ, ман барои шумо паёмбаре амин ҳастам

فَاتَّقُوا اللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿١٧٩﴾

179. Пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед [битарсед] ва мутеи [дастурҳои] ман бошед»

وَمَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ إِنْ أَجْرِيَ إِلَّا عَلَىٰ رَبِّ الْعَالَمِينَ ﴿١٨٠﴾

180. Ва ман [дар баробари рисолатам] ҳеҷ подоше аз шумо намехоҳам. Подоши ман танҳо бар [уҳдаи] Парвардигори ҷаҳониён аст

أَوْفُوا الْكَيْلَ وَلَا تَكُونُوا مِنَ الْمُخْسِرِينَ ﴿١٨١﴾

181. Паймонаро тамом бидиҳед ва камфурӯшӣ накунед

وَزِنُوا بِالْقِسْطَاسِ الْمُسْتَقِيمِ ﴿١٨٢﴾

182. Ва бо тарозуи дуруст вазн кунед

وَلَا تَبْخَسُوا النَّاسَ أَشْيَاءَهُمْ وَلَا تَعْثَوْا فِي الْأَرْضِ مُفْسِدِينَ ﴿١٨٣﴾

183. Ва колои мардумро кам надиҳед [ва ҳаққашонро зоеъ накунед] ва дар замин ба фасод [ва табоҳӣ] накӯшед

وَاتَّقُوا الَّذِي خَلَقَكُمْ وَالْجِبِلَّةَ الْأَوَّلِينَ ﴿١٨٤﴾

184. Ва аз касе, ки шумо ва умматҳои пешинро офарид, парво кунед [битарсед]

قَالُوا إِنَّمَا أَنْتَ مِنَ الْمُسَحَّرِينَ ﴿١٨٥﴾

185. Онон гуфтанд: «[Эй Шуайб] Ҷуз ин нест, ки ту ҷодушудаӣ

وَمَا أَنْتَ إِلَّا بَشَرٌ مِثْلُنَا وَإِنْ نَظُنُّكَ لَمِنَ الْكَاذِبِينَ ﴿١٨٦﴾

186. Ту ҷуз башаре ҳаммонанди мо нестӣ ва мо туро дурӯғгӯ мепиндорем

فَأَسْقِطْ عَلَيْنَا كِسَفًا مِنَ السَّمَاءِ إِنْ كُنْتَ مِنَ الصَّادِقِينَ ﴿١٨٧﴾

187. Пас, агар рост мегӯӣ, порае аз осмонро бар [сари] мо биандоз»

قَالَ رَبِّي أَعْلَمُ بِمَا تَعْمَلُونَ ﴿١٨٨﴾

188. [Шуайб] Гуфт: «Парвардигорам ба он чи мекунед, донотар аст»

فَكَذَّبُوهُ فَأَخَذَهُمْ عَذَابُ يَوْمِ الظُّلَّةِ إِنَّهُ كَانَ عَذَابَ يَوْمٍ عَظِيمٍ ﴿١٨٩﴾

189. Пас, ӯро дурӯғгӯ ангоштанд ва азоби рӯзи абр [-и оташбор] ононро фаро гирифт. Ба ростӣ, ки он [борони оташ] азоби рӯзи ҳавлноке буд

إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَةً وَمَا كَانَ أَكْثَرُهُمْ مُؤْمِنِينَ ﴿١٩٠﴾

190. Бе гумон, дар ин [моҷаро] нишонае [барои ибрат гирифтан] аст; ва бештарашон муъмин набуданд

191. Ва бе тардид, Парвардигорат ҳамон шикастнопазири меҳрубон аст

وَإِنَّ رَبَّكَ لَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٩١﴾

192. Ва ба ростӣ, [ин] Қуръон фуруфиристодаи Парвардигори ҷаҳониён аст

وَإِنَّهُۥ لَتَنزِيلُ رَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿١٩٢﴾

193. Рӯҳу-л-амин [Ҷабраил] онро фуруд овардааст

نَزَلَ بِهِ ٱلرُّوحُ ٱلْأَمِينُ ﴿١٩٣﴾

194. Бар қалби ту [нозил кардааст], то бимдиҳанда бошӣ

عَلَىٰ قَلْبِكَ لِتَكُونَ مِنَ ٱلْمُنذِرِينَ ﴿١٩٤﴾

195. [Қуръонро] Ба забони арабии равшан [нозил намуд]

بِلِسَانٍ عَرَبِيٍّ مُّبِينٍ ﴿١٩٥﴾

196. Ва бе тардид, [башорати нузули] он дар китобҳои пешиниён [низ омада] аст

وَإِنَّهُۥ لَفِى زُبُرِ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿١٩٦﴾

197. Оё ҳамин нишона барояшон кофӣ нест, ки уламои Бани Исроил аз [ҳақиқати] Қуръон огоҳанд?

أَوَلَمْ يَكُن لَّهُمْ ءَايَةً أَن يَعْلَمَهُۥ عُلَمَٰٓؤُا۟ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ﴿١٩٧﴾

198. Ва агар онро бар баъзе аз ғайриарабҳо нозил мекардем

وَلَوْ نَزَّلْنَٰهُ عَلَىٰ بَعْضِ ٱلْأَعْجَمِينَ ﴿١٩٨﴾

199. Ва [паёмбар] онро барояшон мехонд, ба он имон намеоварданд

فَقَرَأَهُۥ عَلَيْهِم مَّا كَانُوا۟ بِهِۦ مُؤْمِنِينَ ﴿١٩٩﴾

200. [Ore] Ин гуна он [куфру такзиб]-ро дар дилҳои гунаҳгорон ҷой додем

كَذَٰلِكَ سَلَكْنَٰهُ فِى قُلُوبِ ٱلْمُجْرِمِينَ ﴿٢٠٠﴾

201. Аммо ба он имон намеоваранд, то он гоҳ ки азоби дарднокро бубинанд

لَا يُؤْمِنُونَ بِهِۦ حَتَّىٰ يَرَوُا۟ ٱلْعَذَابَ ٱلْأَلِيمَ ﴿٢٠١﴾

202. Пас, ногаҳон дар ҳоле ки бехабаранд, ба суроғашон меояд

فَيَأْتِيَهُم بَغْتَةً وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ ﴿٢٠٢﴾

203. Пас, [дар он ҳол] мегӯянд: “Оё муҳлате [барои тавба] хоҳем дошт?”

فَيَقُولُوا۟ هَلْ نَحْنُ مُنظَرُونَ ﴿٢٠٣﴾

204. Оё онон азоби моро ба шитоб хостаранд?

أَفَبِعَذَابِنَا يَسْتَعْجِلُونَ ﴿٢٠٤﴾

205. Оё донистӣ, ки агар ононро солҳо [аз зиндагии дунё] бахраманд созем

أَفَرَءَيْتَ إِن مَّتَّعْنَٰهُمْ سِنِينَ ﴿٢٠٥﴾

206. Сипас он чи ки ба онон ваъда дода шудааст, ба суроғашон биёяд

ثُمَّ جَآءَهُم مَّا كَانُواْ يُوعَدُونَ ﴿٢٠٦﴾

207. Ин баҳрамандиашон [аз дунё дар ҳангоми азоб] суде барояшон нахоҳад дошт?

مَآ أَغۡنَىٰ عَنۡهُم مَّا كَانُواْ يُمَتَّعُونَ ﴿٢٠٧﴾

208. Ва Мо [сокинони] ҳеҷ шаҳреро ҳалок накардем, магар ин ки ҳушдордиҳандагоне [аз паёмбарон] доштанд

وَمَآ أَهۡلَكۡنَا مِن قَرۡيَةٍ إِلَّا لَهَا مُنذِرُونَ ﴿٢٠٨﴾

209. То ононро панд диҳанд ва Мо ҳаргиз ситамгор набудаем [ки итмоми ҳуҷҷат накунем]

ذِكۡرَىٰ وَمَا كُنَّا ظَٰلِمِينَ ﴿٢٠٩﴾

210. Ва ин Қуръонро шаётин нозил накардаанд

وَمَا تَنَزَّلَتۡ بِهِ ٱلشَّيَٰطِينُ ﴿٢١٠﴾

211. Онон на дархӯри ин коранд ва на тавонашро доранд

وَمَا يَنۢبَغِي لَهُمۡ وَمَا يَسۡتَطِيعُونَ ﴿٢١١﴾

212. Бе тардид, онон аз шунидани [ваҳй] барканоранд

إِنَّهُمۡ عَنِ ٱلسَّمۡعِ لَمَعۡزُولُونَ ﴿٢١٢﴾

213. Пас, [эй паёмбар] ҳеҷ маъбудеро бо Аллоҳ таоло махон, ки азоб хоҳӣ шуд

فَلَا تَدۡعُ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ فَتَكُونَ مِنَ ٱلۡمُعَذَّبِينَ ﴿٢١٣﴾

214. Ва хешовандони наздикатро [аз азоби илоҳӣ] бим деҳ

وَأَنذِرۡ عَشِيرَتَكَ ٱلۡأَقۡرَبِينَ ﴿٢١٤﴾

215. Ва бо муъминоне, ки аз ту пайравӣ кардаанд, меҳрубон [-у фурӯтан] бош

وَٱخۡفِضۡ جَنَاحَكَ لِمَنِ ٱتَّبَعَكَ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ﴿٢١٥﴾

216. Пас, агар аз [фармони] ту сарпечӣ карданд, бигӯ: “Ба ростӣ, ман аз он чи мекунед, безорам”

فَإِنۡ عَصَوۡكَ فَقُلۡ إِنِّي بَرِيٓءٞ مِّمَّا تَعۡمَلُونَ ﴿٢١٦﴾

217. Ва бар [Аллоҳи] шикастнопазири меҳрубон таваккал кун

وَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱلۡعَزِيزِ ٱلرَّحِيمِ ﴿٢١٧﴾

218. Ҳамон ки чун [барои ибодат] бармехезӣ, туро мебинад

ٱلَّذِي يَرَىٰكَ حِينَ تَقُومُ ﴿٢١٨﴾

219. Ва ҳаракат [ва нишасту бархости] туро миёни саҷдакунандагон [мебинад]

وَتَقَلُّبَكَ فِي ٱلسَّٰجِدِينَ ﴿٢١٩﴾

220. Бе тардид, Ӯ ҳамон шунавои доност

إِنَّهُۥ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ﴿٢٢٠﴾

هَلۡ أُنَبِّئُكُمۡ عَلَىٰ مَن تَنَزَّلُ ٱلشَّيَٰطِينُ ﴿٢٢١﴾

221. Оё ба шумо хабар диҳам, ки шаётин бар чи касе нозил мешаванд?

تَنَزَّلُ عَلَىٰ كُلِّ أَفَّاكٍ أَثِيمٍ ﴿٢٢٢﴾

222. Бар ҳар дурӯғгӯи гунаҳкор

يُلۡقُونَ ٱلسَّمۡعَ وَأَكۡثَرُهُمۡ كَٰذِبُونَ ﴿٢٢٣﴾

223. Онон шунидаҳое [-ро, ки дуздона аз малакут гӯш додаанд, ба ҷодугарон ва фолгирон] илқо мекунанд ва бештарашон дурӯғгӯ ҳастанд

وَٱلشُّعَرَآءُ يَتَّبِعُهُمُ ٱلۡغَاوُۥنَ ﴿٢٢٤﴾

224. Ва [Муҳаммад шоир нест, зеро] шоиронро гумроҳон пайравӣ мекунанд

أَلَمۡ تَرَ أَنَّهُمۡ فِي كُلِّ وَادٖ يَهِيمُونَ ﴿٢٢٥﴾

225. Оё надидӣ, ки онон дар ҳар лағву беҳудае [ҳайрону] саргаштаанд?

وَأَنَّهُمۡ يَقُولُونَ مَا لَا يَفۡعَلُونَ ﴿٢٢٦﴾

226. Ва чизеро мегӯянд, ки [худ ба он эътиқод надоранд ва] амал намекунанд?

إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَذَكَرُواْ ٱللَّهَ كَثِيرٗا وَٱنتَصَرُواْ مِنۢ بَعۡدِ مَا ظُلِمُواْۚ وَسَيَعۡلَمُ ٱلَّذِينَ ظَلَمُوٓاْ أَيَّ مُنقَلَبٖ يَنقَلِبُونَ ﴿٢٢٧﴾

227. Магар касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд ва Аллоҳро бисёр ёд кардаанд ва пас аз он ки ситам диданд, интиқом гирифтанд [ва бо шеъри худ аз ислому муслимин дифоъ намуданд] ва касоне, ки ситам карданд, ба зудӣ хоҳанд донист, ба чи бозгаштгоҳе бозмегарданд

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

طسٓ تِلْكَ ءَايَٰتُ ٱلْقُرْءَانِ وَكِتَابٍ مُّبِينٍ ﴿١﴾

1. То, син.(1) Ин оёти Қуръон ва китобе равшангар аст

هُدًى وَبُشْرَىٰ لِلْمُؤْمِنِينَ ﴿٢﴾

2. [Ки] Ҳидояту башорате барои муъминон аст

ٱلَّذِينَ يُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤْتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَهُم بِٱلْءَاخِرَةِ هُمْ يُوقِنُونَ ﴿٣﴾

3. [Ҳамон] Касоне, ки намоз барпо медоранд ва закот мепардозанд ва ба охират яқин доранд

إِنَّ ٱلَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ بِٱلْءَاخِرَةِ زَيَّنَّا لَهُمْ أَعْمَٰلَهُمْ فَهُمْ يَعْمَهُونَ ﴿٤﴾

4. Дар ҳақиқат, касоне, ки ба охират имон намеоваранд, аъмолашонро барояшон оростаем, пас, [кӯрдилу] саргаштаанд

أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ لَهُمْ سُوٓءُ ٱلْعَذَابِ وَهُمْ فِى ٱلْءَاخِرَةِ هُمُ ٱلْأَخْسَرُونَ ﴿٥﴾

5. Ононанд, ки азоби дарднок [дар пеш] доранд ва дар охират зиёнкортаранд

وَإِنَّكَ لَتُلَقَّى ٱلْقُرْءَانَ مِن لَّدُنْ حَكِيمٍ عَلِيمٍ ﴿٦﴾

6. Ва [эй паёмбар] яқинан, ту Қуръонро аз пешгоҳи [Парвардигори] ҳакими доно дарёфт мекунӣ

إِذْ قَالَ مُوسَىٰ لِأَهْلِهِۦٓ إِنِّىٓ ءَانَسْتُ نَارًا سَـَٔاتِيكُم مِّنْهَا بِخَبَرٍ أَوْ ءَاتِيكُم بِشِهَابٍ قَبَسٍ لَّعَلَّكُمْ تَصْطَلُونَ ﴿٧﴾

7. [Ёд кун аз] Ҳангоме ки Мӯсо ба хонаводааш гуфт: “[Биистед] Ман оташе [аз дур] дидам. Ба зудӣ хабаре аз он бароятон меоварам ё шуълаи оташе меоварам, то гарм шавед”

فَلَمَّا جَآءَهَا نُودِىَ أَنۢ بُورِكَ مَن فِى ٱلنَّارِ وَمَنْ حَوْلَهَا وَسُبْحَٰنَ ٱللَّهِ رَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٨﴾

8. Пас, чун ба он [оташ] расид, нидо дода шуд, ки: “Муборак [ва хуҷаста] бод он ки дар оташ аст ва ҳар [фариштае], ки перомуни он аст ва поку муназзаҳ аст Аллоҳ таоло - Парвардигори ҷаҳониён

يَٰمُوسَىٰٓ إِنَّهُۥٓ أَنَا ٱللَّهُ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٩﴾

9. Эй Мӯсо, ба ростӣ, ки Манам Аллоҳи шикастнопазири ҳаким

وَأَلْقِ عَصَاكَ ۖ فَلَمَّا رَءَاهَا تَهْتَزُّ كَأَنَّهَا جَآنٌّ وَلَّىٰ مُدْبِرًا وَلَمْ يُعَقِّبْ ۚ يَٰمُوسَىٰ لَا تَخَفْ إِنِّى لَا يَخَافُ لَدَىَّ ٱلْمُرْسَلُونَ ﴿١٠﴾

10. Ва асоятро биафкан. Пас, чун [Мӯсо] онро дид, ки ҳамчун море [бо суръат] мехазад,

(*) Намл (Мурча).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

[аз тарс] пушт кард ва гурехт ва бознагашт. [Нидо омад] “Эй Мӯсо, натарс! Паёмбарон дар пешгоҳи Ман ҳеҷ тарсе надоранд

إِلَّا مَن ظَلَمَ ثُمَّ بَدَّلَ حُسْنًۢا بَعْدَ سُوٓءٍ فَإِنِّى غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١١﴾

11. Аммо касе, ки ситам кунад, он гоҳ [пас аз тавба] бадиро ба некӣ табдил намояд, [бидонад, ки] бе тардид, Ман омурзандаи меҳрубонам

وَأَدْخِلْ يَدَكَ فِى جَيْبِكَ تَخْرُجْ بَيْضَآءَ مِنْ غَيْرِ سُوٓءٍ ۖ فِى تِسْعِ ءَايَـٰتٍ إِلَىٰ فِرْعَوْنَ وَقَوْمِهِۦٓ ۚ إِنَّهُمْ كَانُوا۟ قَوْمًا فَـٰسِقِينَ ﴿١٢﴾

12. Ва дастатро дар гиребон фурӯ бар, [то] сапед ва бидуни айб [-у бемории песӣ] хориҷ шавад. [Ин муъҷизаест] Дар зумраи муъҷизоти нуҳгона [ки бояд] ба сӯйи Фиръавн ва қавмаш [бибарӣ, чаро ки] бе тардид, онон гурӯҳе нофармонанд”

فَلَمَّا جَآءَتْهُمْ ءَايَـٰتُنَا مُبْصِرَةً قَالُوا۟ هَـٰذَا سِحْرٌ مُّبِينٌ ﴿١٣﴾

13. Пас, чун оёти Мо равшан [-у возеҳ] ба сӯяшон омад, гуфтанд: “Ин ҷодуе ошкор аст”

وَجَحَدُوا۟ بِهَا وَٱسْتَيْقَنَتْهَآ أَنفُسُهُمْ ظُلْمًا وَعُلُوًّا ۚ فَٱنظُرْ كَيْفَ كَانَ عَـٰقِبَةُ ٱلْمُفْسِدِينَ ﴿١٤﴾

14. Ва онҳоро аз рӯи ситаму саркашӣ инкор карданд, дар ҳоле ки дилҳояшон ба онҳо яқин доштанд; пас бингар, ки саранҷоми муфсидон чи гуна бувад

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا دَاوُۥدَ وَسُلَيْمَـٰنَ عِلْمًا ۖ وَقَالَا ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِى فَضَّلَنَا عَلَىٰ كَثِيرٍ مِّنْ عِبَادِهِ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٥﴾

15. Ва ба ростӣ, ба Довуд ва Сулаймон донише [азим] додем ва онон гуфтанд: “Ситоиш аз они Аллоҳ таоло аст, ки моро бар бисёре аз бандагони муъмини худ бартарӣ бахшид”

وَوَرِثَ سُلَيْمَـٰنُ دَاوُۥدَ ۖ وَقَالَ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ عُلِّمْنَا مَنطِقَ ٱلطَّيْرِ وَأُوتِينَا مِن كُلِّ شَىْءٍ ۖ إِنَّ هَـٰذَا لَهُوَ ٱلْفَضْلُ ٱلْمُبِينُ ﴿١٦﴾

16. Ва Сулаймон аз Довуд мерос бурд ва гуфт: “Эй мардум, [фаҳми] забони парандагон ба мо омӯхта шуда ва аз ҳар чиз ба мо [баҳрае] додаанд. Бе тардид, ин фазле ошкор [аз ҷониби Парвардигор] аст”

وَحُشِرَ لِسُلَيْمَـٰنَ جُنُودُهُۥ مِنَ ٱلْجِنِّ وَٱلْإِنسِ وَٱلطَّيْرِ فَهُمْ يُوزَعُونَ ﴿١٧﴾

17. Ва сипоҳиёни Сулаймон - аз ҷинну инс ва парандагон - наздаш гирд омаданд; он гоҳ муназзам [ва пайваста дар канори якдигар] мерафтанд

حَتَّىٰٓ إِذَآ أَتَوْا۟ عَلَىٰ وَادِ ٱلنَّمْلِ قَالَتْ نَمْلَةٌ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّمْلُ ٱدْخُلُوا۟ مَسَـٰكِنَكُمْ لَا يَحْطِمَنَّكُمْ سُلَيْمَـٰنُ وَجُنُودُهُۥ وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ ﴿١٨﴾

18. [Онон ба роҳи худ идома доданд], то вақте ба сарзамини мӯрчагон [дар Шом] расиданд. Мӯрчае гуфт: «Эй мӯрчагон, ба лонаҳои худ

биравед, то Сулаймон ва лашкариёнаш шуморо [надида ва] надониста поймол накунанд”

فَتَبَسَّمَ ضَاحِكًا مِّن قَوْلِهَا وَقَالَ رَبِّ أَوْزِعْنِيٓ أَنْ أَشْكُرَ نِعْمَتَكَ ٱلَّتِيٓ أَنْعَمْتَ عَلَيَّ وَعَلَىٰ وَٰلِدَيَّ وَأَنْ أَعْمَلَ صَٰلِحًا تَرْضَىٰهُ وَأَدْخِلْنِي بِرَحْمَتِكَ فِي عِبَادِكَ ٱلصَّٰلِحِينَ ﴿١٩﴾

19. Пас [Сулаймон] аз сухани он [мӯрча] хандид ва гуфт: «Парвардигоро, ба ман тавфиқ бидеҳ, то шукри неъматеро, ки бар ман ва бар падару модарам арзонӣ доштаӣ ба ҷой оварам ва [ёриам кун, то] коре шоистае анҷом диҳам, ки мояи хушнудиат гардад ва ба раҳмати хеш маро дар ҷамъи бандагони шоистаат ворид кун”

وَتَفَقَّدَ ٱلطَّيْرَ فَقَالَ مَالِيَ لَآ أَرَى ٱلْهُدْهُدَ أَمْ كَانَ مِنَ ٱلْغَآئِبِينَ ﴿٢٠﴾

20. Ва [Сулаймон ҳоли] парандагонро ҷӯё шуд ва гуфт: «Чи шудааст, ки ҳудҳудро намебинам? [Оё ҷойе пинҳон шуда] ё ғоиб аст?

لَأُعَذِّبَنَّهُۥ عَذَابًا شَدِيدًا أَوْ لَأَا۟ذْبَحَنَّهُۥٓ أَوْ لَيَأْتِيَنِّي بِسُلْطَٰنٍ مُّبِينٍ ﴿٢١﴾

21. [Пас, чун ӯро наёфт гуфт] Ҳатман, ба сахтӣ муҷозот мекунам ё сарашро мебурам, магар он ки далели равшане [барои ғайбаташ] биёварад»

فَمَكَثَ غَيْرَ بَعِيدٍ فَقَالَ أَحَطتُ بِمَا لَمْ تُحِطْ بِهِۦ وَجِئْتُكَ مِن سَبَإٍۭ بِنَبَإٍ يَقِينٍ ﴿٢٢﴾

22. Пас, дере напоид [ки ҳудҳуд омад] ва гуфт: «Аз чизе огоҳӣ ёфтаам, ки ту бад-он огоҳӣ наёфтаӣ ва аз [сарзамини] Сабаъ бароят хабаре боэътимод овардаам

إِنِّي وَجَدتُّ ٱمْرَأَةً تَمْلِكُهُمْ وَأُوتِيَتْ مِن كُلِّ شَىْءٍ وَلَهَا عَرْشٌ عَظِيمٌ ﴿٢٣﴾

23. Ман [он ҷо] занеро ёфтаам, ки бар онон фармонравоӣ мекунад ва [ба ӯ] аз ҳар гуна неъмате додаанд ва тахти бузурге дорад

وَجَدتُّهَا وَقَوْمَهَا يَسْجُدُونَ لِلشَّمْسِ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَزَيَّنَ لَهُمُ ٱلشَّيْطَٰنُ أَعْمَٰلَهُمْ فَصَدَّهُمْ عَنِ ٱلسَّبِيلِ فَهُمْ لَا يَهْتَدُونَ ﴿٢٤﴾

24. Ӯ ва қавмашро дидам, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло барои хуршед саҷда мекунанд ва шайтон корҳои [ботили] ононро барояшон ороста ва эшонро аз роҳ [-и рост] боздоштааст, аз ин рӯ, ҳидоят намешаванд»

أَلَّا يَسْجُدُوا۟ لِلَّهِ ٱلَّذِي يُخْرِجُ ٱلْخَبْءَ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَيَعْلَمُ مَا تُخْفُونَ وَمَا تُعْلِنُونَ ﴿٢٥﴾

25. [Шайтон фиребашон додааст] То барои Аллоҳ таоло саҷда накунанд [ҳамон маъбуде], ки ниҳони осмонҳо ва заминро ошкор мекунад ва он чиро, ки пинҳон мекунед ва ошкор месозед, [ҳамаро] медонад

ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ رَبُّ ٱلْعَرْشِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٢٦﴾

26. Аллоҳ таоло, ки ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз ӯ нест, Парвардигори Арши бузург аст

۞قَالَ سَنَنظُرُ أَصَدَقْتَ أَمْ كُنتَ مِنَ ٱلْكَٰذِبِينَ ﴿٢٧﴾

27. [Сулаймон] гуфт: «Хоҳем дид, ки оё рост гуфтаӣ ё дурӯғгӯӣ

ٱذْهَب بِّكِتَٰبِى هَٰذَا فَأَلْقِهْ إِلَيْهِمْ ثُمَّ تَوَلَّ عَنْهُمْ فَٱنظُرْ مَاذَا يَرْجِعُونَ ﴿٢٨﴾

28. Ин номаи маро бибар ва ба сӯйи онон бияфкан, он гоҳ дур шав ва [дар гӯшае биист ва] бингар, ки [дар бораи он] чи мегӯянд»

قَالَتْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلْمَلَؤُا۟ إِنِّىٓ أُلْقِىَ إِلَىَّ كِتَٰبٌ كَرِيمٌ ﴿٢٩﴾

29. [Маликаи Сабаъ] гуфт: «Эй бузургон, номаи арҷманде ба сӯйи ман афканда шудааст

إِنَّهُۥ مِن سُلَيْمَٰنَ وَإِنَّهُۥ بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ﴿٣٠﴾

30. Ин [нома] аз ҷониби Сулаймон аст ва чунин аст: «Ба номи Аллоҳи бахшандаи меҳрубон

أَلَّا تَعْلُوا۟ عَلَىَّ وَأْتُونِى مُسْلِمِينَ ﴿٣١﴾

31. Бар ман бартарӣ маҷӯед ва дар ҳоле ки [аз ширк даст бардошта ва] таслим [-и ҳақ ва тавҳид] шудаед, назди ман биёед»

قَالَتْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلْمَلَؤُا۟ أَفْتُونِى فِىٓ أَمْرِى مَا كُنتُ قَاطِعَةً أَمْرًا حَتَّىٰ تَشْهَدُونِ ﴿٣٢﴾

32. [Малика] Гуфт: «Эй бузургон, назари худро дар ин маврид бигӯед, [чаро ки] ман ҳаргиз бидуни ҳузур [-у машварат]-и шумо дар бораи коре тасмим нагирифтаам»

قَالُوا۟ نَحْنُ أُو۟لُوا۟ قُوَّةٍ وَأُو۟لُوا۟ بَأْسٍ شَدِيدٍ وَٱلْأَمْرُ إِلَيْكِ فَٱنظُرِى مَاذَا تَأْمُرِينَ ﴿٣٣﴾

33. Онон гуфтанд: «Мо неруи бисёр ва ҷангҷӯёни қудратманде дорем, вале ихтиёр [-у тасмими ниҳоӣ] бо туст. Пас, баррасӣ кун, ки чи дастуре бидиҳӣ»

قَالَتْ إِنَّ ٱلْمُلُوكَ إِذَا دَخَلُوا۟ قَرْيَةً أَفْسَدُوهَا وَجَعَلُوٓا۟ أَعِزَّةَ أَهْلِهَآ أَذِلَّةً ۖ وَكَذَٰلِكَ يَفْعَلُونَ ﴿٣٤﴾

34. [Малика] гуфт: «Бе тардид, вақте подшоҳон [ба унвони фотеҳ] вориди шаҳре мешаванд, онро вайрон [ва табоҳ] месозанд ва бузургонашро хору залил мекунанд ва рафторашон ҳамвора чунин будааст

وَإِنِّى مُرْسِلَةٌ إِلَيْهِم بِهَدِيَّةٍ فَنَاظِرَةٌۢ بِمَ يَرْجِعُ ٱلْمُرْسَلُونَ ﴿٣٥﴾

35. Ва ман ҳадяе барояшон мефиристам ва мунтазир мемонам, то бубинам, ки фиристодагон чи посухе [бароям] меоваранд»

فَلَمَّا جَآءَ سُلَيْمَٰنَ قَالَ أَتُمِدُّونَنِ بِمَالٍ فَمَآ ءَاتَىٰنِۦَ ٱللَّهُ خَيْرٌ مِّمَّآ ءَاتَىٰكُم ۖ بَلْ أَنتُم بِهَدِيَّتِكُمْ تَفْرَحُونَ ﴿٣٦﴾

36. Пас, чун [фиристодаи малика] назди Сулаймон омад, [Сулаймон] гуфт: «Оё [мехоҳед] бо мол [-у сарват] ба ман кумак кунед? Он чи Аллоҳ таоло [аз паёмбарӣ ва донишу фармонравӣ]

ба ман бахшида, аз он чизе, ки ба шумо ато карда беҳтар аст, балки шумоед, ки ба ҳадяи хеш [ва сарватҳои дунё] шодмон мешавед

ٱرۡجِعۡ إِلَيۡهِمۡ فَلَنَأۡتِيَنَّهُم بِجُنُودٖ لَّا قِبَلَ لَهُم بِهَا وَلَنُخۡرِجَنَّهُم مِّنۡهَآ أَذِلَّةٗ وَهُمۡ صَٰغِرُونَ ٣٧

37. Назди онон бозгард [ва бигӯ, ки] ҳатман, бо лашкариёне ба сӯяшон хоҳем омад, ки тавони муқобила бо онро надошта бошанд ва бе тардид, ононро аз он [сарзамин] хору зор берун мекунем»

قَالَ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡمَلَؤُاْ أَيُّكُمۡ يَأۡتِينِي بِعَرۡشِهَا قَبۡلَ أَن يَأۡتُونِي مُسۡلِمِينَ ٣٨

38. [Он гоҳ] Гуфт: «Эй бузургон, кадом яке аз шумо, пеш аз он ки онон таслимшуда назди ман биёянд, тахти ӯро бароям меоварад?»

قَالَ عِفۡرِيتٞ مِّنَ ٱلۡجِنِّ أَنَا۠ ءَاتِيكَ بِهِۦ قَبۡلَ أَن تَقُومَ مِن مَّقَامِكَۖ وَإِنِّي عَلَيۡهِ لَقَوِيٌّ أَمِينٞ ٣٩

39. Яке аз ҷинниёни тануманд гуфт: «Пеш аз он ки аз ҷоят бархезӣ, ман онро наздат меоварам ва ҳатман, барои анҷоми ин кор неруманду аминам»

قَالَ ٱلَّذِي عِندَهُۥ عِلۡمٞ مِّنَ ٱلۡكِتَٰبِ أَنَا۠ ءَاتِيكَ بِهِۦ قَبۡلَ أَن يَرۡتَدَّ إِلَيۡكَ طَرۡفُكَۚ فَلَمَّا رَءَاهُ مُسۡتَقِرًّا عِندَهُۥ قَالَ هَٰذَا مِن فَضۡلِ رَبِّي لِيَبۡلُوَنِيٓ ءَأَشۡكُرُ أَمۡ أَكۡفُرُۖ وَمَن شَكَرَ فَإِنَّمَا يَشۡكُرُ لِنَفۡسِهِۦۖ وَمَن كَفَرَ فَإِنَّ رَبِّي غَنِيٌّ كَرِيمٞ ٤٠

40. Касе, ки донише аз китоб [-и илоҳӣ] дошт, гуфт: «Пеш аз он ки чашм бар ҳам бизанӣ, онро бароят меоварам». Пас, чун [Сулаймон] он [тахт]-ро назди худ мустақар дид, гуфт: «Ин аз фазли Парвардигори ман аст, то биозмоядам, ки оё сипос медорам ё носипосӣ мекунам. Пас, ҳар ки сипос гузорад, танҳо ба суди хеш сипос мегузорад ва ҳар ки носипосӣ кунад, пас, [ба зиёни худ носипосӣ кардааст, чаро ки] бе тардид, Парвардигорам бениёзи карим аст

قَالَ نَكِّرُواْ لَهَا عَرۡشَهَا نَنظُرۡ أَتَهۡتَدِيٓ أَمۡ تَكُونُ مِنَ ٱلَّذِينَ لَا يَهۡتَدُونَ ٤١

41. [Сулаймон] гуфт: «Тахташро [тағйири шакл диҳед ва] барояш ношинос кунед, то бубинам, оё [онро] ташхис медиҳад ё аз касонест, ки [ашё ва амволи худро] намешиносанд

فَلَمَّا جَآءَتۡ قِيلَ أَهَٰكَذَا عَرۡشُكِۖ قَالَتۡ كَأَنَّهُۥ هُوَۚ وَأُوتِينَا ٱلۡعِلۡمَ مِن قَبۡلِهَا وَكُنَّا مُسۡلِمِينَ ٤٢

42. Пас, чун [маликаи Сабаъ] омад, [ба ӯ] гуфта шуд: «Оё тахти ту ин гуна аст?». [Малика] гуфт: «Гӯё ҳамон аст». Ва [Сулаймон гуфт] «Ин дониш [ва тавоноӣ] пеш аз ин ба мо дода шудааст ва ҳамвора фармонбардор будаем»

وَصَدَّهَا مَا كَانَت تَّعۡبُدُ مِن دُونِ ٱللَّهِۖ إِنَّهَا كَانَتۡ مِن قَوۡمٖ كَٰفِرِينَ ٤٣

43. Ва он чи ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастед, ӯро [аз имон ва тавҳид] боздошта буд. Бе тардид, [малика] аз ҷумлаи кофирон буд

قِيلَ لَهَا ٱدۡخُلِي ٱلصَّرۡحَۖ فَلَمَّا رَأَتۡهُ حَسِبَتۡهُ لُجَّةٗ وَكَشَفَتۡ عَن سَاقَيۡهَاۚ قَالَ إِنَّهُۥ صَرۡحٞ مُّمَرَّدٞ مِّن قَوَارِيرَۗ قَالَتۡ رَبِّ إِنِّي ظَلَمۡتُ نَفۡسِي وَأَسۡلَمۡتُ مَعَ سُلَيۡمَٰنَ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٤٤

44. Ба вай гуфта шуд: «Ба саҳн [-и қаср] ворид шав». Пас, ҳангоме ки онро дид, пиндошт, ки оби амиқест ва ҷома аз соққо [-и пои] хеш боло кашид [то аз об бигзарад. Сулаймон] Гуфт: «Ин [об нест, балки] кохе аст, ки бо [қитаоти булур фарш шудааст». [Он гоҳ ӯро ба тавҳид даъват кард. Маликаи Сабаъ] Гуфт: «Парвардигоро, ман ба худ ситам кардаам ва [инак] ҳамроҳи Сулаймон таслими Аллоҳ таоло - Парвардигори ҷаҳониён - шудам»

وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَآ إِلَىٰ ثَمُودَ أَخَاهُمۡ صَٰلِحًا أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ فَإِذَا هُمۡ فَرِيقَانِ يَخۡتَصِمُونَ ٤٥

45. Ва ба сӯйи қавми Самуд бародарашон Солеҳро фиристодем, ки [бигӯяд] «Аллоҳи ягонаро бипарастед», вале онон ба ду гурӯҳ [муъминон ва кофирон] тақсим шуданд ва ба ситез пардохтанд

قَالَ يَٰقَوۡمِ لِمَ تَسۡتَعۡجِلُونَ بِٱلسَّيِّئَةِ قَبۡلَ ٱلۡحَسَنَةِۖ لَوۡلَا تَسۡتَغۡفِرُونَ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ٤٦

46. [Солеҳ] Гуфт: «Эй қавми ман, чаро ба ҷойи раҳмат шитобзада хоҳони азоби илоҳӣ ҳастед? Чаро аз Аллоҳ таоло омурзиш намехоҳед? Бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред»

قَالُواْ ٱطَّيَّرۡنَا بِكَ وَبِمَن مَّعَكَۚ قَالَ طَٰٓئِرُكُمۡ عِندَ ٱللَّهِۖ بَلۡ أَنتُمۡ قَوۡمٞ تُفۡتَنُونَ ٤٧

47. Онон гуфтанд: «Мо ту ва касонеро, ки ҳамроҳат ҳастанд, ба фоли бад гирифтаем». [Солеҳ] Гуфт: «Фоли бади шумо [ва дониши он] назди Аллоҳ таоло аст, балки шумо гурӯҳе ҳастед, ки озмоиш мешавед»

وَكَانَ فِي ٱلۡمَدِينَةِ تِسۡعَةُ رَهۡطٖ يُفۡسِدُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلَا يُصۡلِحُونَ ٤٨

48. Ва дар шаҳр [-и Ҳиҷр] нуҳ нафар [сардастаи гурӯҳ] буданд, ки дар он сарзамин ба фасод мепардохтанд ва [ҳеҷ] кори шоистае намекарданд

قَالُواْ تَقَاسَمُواْ بِٱللَّهِ لَنُبَيِّتَنَّهُۥ وَأَهۡلَهُۥ ثُمَّ لَنَقُولَنَّ لِوَلِيِّهِۦ مَا شَهِدۡنَا مَهۡلِكَ أَهۡلِهِۦ وَإِنَّا لَصَٰدِقُونَ ٤٩

49. [Онон ба якдигар] Гуфтанд: «Ба Аллоҳ таоло савганд ёд кунед, ки бар ӯ [Солеҳ] ва хонаводааш шабехун бизанем [ва ононро бикушем]. Он гоҳ ба хунхоҳаш бигӯем: «Мо ҳангоми куштори хонаводааш ҳозир набудем ва ҳатман, рост мегӯем»

وَمَكَرُواْ مَكۡرٗا وَمَكَرۡنَا مَكۡرٗا وَهُمۡ لَا يَشۡعُرُونَ ٥٠

50. Онон [барои қатли Солеҳ ва пайравонаш] найранге ба кор бурданд ва Мо [барои нобудии кофирон] низ найранге андешидем, дар ҳоле ки онон намедонистанд

فَٱنظُرۡ كَيۡفَ كَانَ عَٰقِبَةُ مَكۡرِهِمۡ أَنَّا دَمَّرۡنَٰهُمۡ وَقَوۡمَهُمۡ أَجۡمَعِينَ ٥١

51. Пас, бингар оқибати найрангашон чи шуд: мо ҳамаи он афрод ва қавмашонро нобуд кардем

فَتِلۡكَ بُيُوتُهُمۡ خَاوِيَةَۢ بِمَا ظَلَمُوٓاْۗ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّقَوۡمٖ يَعۡلَمُونَ ٥٢

52. Инак хонаҳояшон ба сазои ситаме, ки карданд, [вайрону] тиҳӣ мондааст. Бе гумон, дар ин [кайфар] барои касоне, ки медонанд [ва имон доранд] нишонае [барои ибрат гирифтан] аст

وَأَنجَيۡنَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ يَتَّقُونَ ٥٣

53. Ва касонеро, ки имон оварда ва парҳезкор буданд, [ҳамроҳи Солеҳ] наҷот додем

وَلُوطًا إِذۡ قَالَ لِقَوۡمِهِۦٓ أَتَأۡتُونَ ٱلۡفَٰحِشَةَ وَأَنتُمۡ تُبۡصِرُونَ ٥٤

54. Ва [ёд кун аз] Лут он гоҳ ки ба қавмаш гуфт: «Бо он ки [зиштӣ ва гуноҳи ливотро] медонед, оё [боз ҳам] муртакиби ин амали бешармона мешавед?

أَئِنَّكُمۡ لَتَأۡتُونَ ٱلرِّجَالَ شَهۡوَةٗ مِّن دُونِ ٱلنِّسَآءِۚ بَلۡ أَنتُمۡ قَوۡمٞ تَجۡهَلُونَ ٥٥

55. Оё аз рӯйи шаҳват ба ҷойи занон бо мардон дармеомезед? Балки шумо гурӯҳе нодонед»

۞فَمَا كَانَ جَوَابَ قَوۡمِهِۦٓ إِلَّآ أَن قَالُوٓاْ أَخۡرِجُوٓاْ ءَالَ لُوطٖ مِّن قَرۡيَتِكُمۡۖ إِنَّهُمۡ أُنَاسٞ يَتَطَهَّرُونَ ٥٦

56. Пас, посухи қавмаш ҷуз ин набуд, ки [ба якдигар] гуфтанд: «Хонаводаи Лутро аз шаҳри худ берун кунед, [чаро ки] бе тардид, инҳо афроде покдоман ҳастанд»

فَأَنجَيۡنَٰهُ وَأَهۡلَهُۥٓ إِلَّا ٱمۡرَأَتَهُۥ قَدَّرۡنَٰهَا مِنَ ٱلۡغَٰبِرِينَ ٥٧

57. Он гоҳ ӯ ва хонаводаашро наҷот додем, магар ҳамсарашро, ки муқаддар кардем аз бозмондагон [дар азоб] бошад

وَأَمۡطَرۡنَا عَلَيۡهِم مَّطَرٗاۖ فَسَآءَ مَطَرُ ٱلۡمُنذَرِينَ ٥٨

58. Ва бар онон бороне [аз санг] боридем ва борони бимдодашудагон чи бад бувад!

قُلِ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ وَسَلَٰمٌ عَلَىٰ عِبَادِهِ ٱلَّذِينَ ٱصۡطَفَىٰٓۗ ءَآللَّهُ خَيۡرٌ أَمَّا يُشۡرِكُونَ ٥٩

59. Бигӯ: «Ситоишу сипос аз они Аллоҳ таоло аст ва салом бар бандагонаш, ки [ононро] баргузидааст» Оё Аллоҳ таоло беҳтар аст ё он чи [бо Ӯ] шарик месозанд?

أَمَّنۡ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ وَأَنزَلَ لَكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ فَأَنۢبَتۡنَا بِهِۦ حَدَآئِقَ ذَاتَ بَهۡجَةٖ مَّا كَانَ لَكُمۡ أَن تُنۢبِتُواْ شَجَرَهَآۗ أَءِلَٰهٞ مَّعَ ٱللَّهِۚ بَلۡ هُمۡ قَوۡمٞ يَعۡدِلُونَ ٦٠

60. [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки осмонҳо ва заминро офарид ва аз осмон бароятон обе нозил кард ва бо он борон бӯстонҳое хуррам [-у зебо] рӯёнидем, ки ҳаргиз тавони рӯёнидани дарахтонро надоштед? Оё маъбуди дигаре бо

Аллоҳ таоло аст? [Ҳаргиз] Балки онҳо гурӯҳе ҳастанд, ки [маҳлуқотро] ҳамтирози [Аллоҳ таоло] қарор медиҳанд

أَمَّن جَعَلَ ٱلْأَرْضَ قَرَارًا وَجَعَلَ خِلَٰلَهَآ أَنْهَٰرًا وَجَعَلَ لَهَا رَوَٰسِيَ وَجَعَلَ بَيْنَ ٱلْبَحْرَيْنِ حَاجِزًا ۗ أَءِلَٰهٌ مَّعَ ٱللَّهِ ۚ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٦١﴾

61. [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки заминро қароргоҳи [амне] сохт ва миёнаш ҷӯйборҳое равон кард ва барояш кӯҳҳое [устувор] падид овард ва миёни ду дарё монеае қарор дод [то оби шӯру ширин бо ҳам наёмезанд]? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло вуҷуд дорад? [Ҳаргиз] Аммо бештарашон намедонанд

أَمَّن يُجِيبُ ٱلْمُضْطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكْشِفُ ٱلسُّوٓءَ وَيَجْعَلُكُمْ خُلَفَآءَ ٱلْأَرْضِ ۗ أَءِلَٰهٌ مَّعَ ٱللَّهِ ۚ قَلِيلًا مَّا تَذَكَّرُونَ ﴿٦٢﴾

62. [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки [дуои] дармондаро - чун бихондаш - иҷобат мекунад ва гирифториро бартараф месозад ва шуморо ҷонишинони [пешиниён дар] замин қарор медиҳад? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло вуҷуд дорад? Чи андак панд мегиред!

أَمَّن يَهْدِيكُمْ فِى ظُلُمَٰتِ ٱلْبَرِّ وَٱلْبَحْرِ وَمَن يُرْسِلُ ٱلرِّيَٰحَ بُشْرًۢا بَيْنَ يَدَىْ رَحْمَتِهِۦٓ ۗ أَءِلَٰهٌ مَّعَ ٱللَّهِ ۚ تَعَٰلَى ٱللَّهُ عَمَّا يُشْرِكُونَ ﴿٦٣﴾

63. [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки дар торикиҳои биёбон ва дарё [ба василаи моҳу ситорагон] ҳидоятатон мекунад ва он ки пеш аз [борони] раҳматаш бодҳоро ба мужда мефиристад? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло вуҷуд дорад? Аллоҳ таоло аз он чи [барояш] шарик қарор медиҳанд, бартар аст

أَمَّن يَبْدَؤُا۟ ٱلْخَلْقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥ وَمَن يَرْزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ ۗ أَءِلَٰهٌ مَّعَ ٱللَّهِ ۚ قُلْ هَاتُوا۟ بُرْهَٰنَكُمْ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٦٤﴾

64. [Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки офаринишро оғоз кард ва сипас онро бозмегардонад ва [ё] он ки аз осмон ва замин ба шумо рӯзӣ медиҳад? Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло вуҷуд дорад? Бигӯ: «Агар ростгӯед, далелатонро биёваред»

قُل لَّا يَعْلَمُ مَن فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ٱلْغَيْبَ إِلَّا ٱللَّهُ ۚ وَمَا يَشْعُرُونَ أَيَّانَ يُبْعَثُونَ ﴿٦٥﴾

65. Бигӯ: «Касе дар осмонҳо ва замин аз ғайб огоҳ нест, магар Аллоҳ таоло. Ва намедонанд чи замоне барангехта мешаванд

بَلِ ٱدَّٰرَكَ عِلْمُهُمْ فِى ٱلْءَاخِرَةِ ۖ بَلْ هُمْ فِى شَكٍّ مِّنْهَا ۖ بَلْ هُم مِّنْهَا عَمُونَ ﴿٦٦﴾

66. Оё илмашон дар бораи охират ба камол расидааст [ва дар бораш яқин доранд? Ҳаргиз], балки онон дар ин маврид дар шак [-у ҳайронӣ] ҳастанд, балки эшон нисбат ба [фаҳми] он [бебасират ва] кӯрдиланд

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَءِذَا كُنَّا تُرَٰبًا وَءَابَآؤُنَآ أَئِنَّا لَمُخۡرَجُونَ ٦٧

67. Ва касоне, ки куфр варзиданд, гуфтанд: «Оё ҳангоме ки мо ва падаронамон хок шудем, моро [зинда мекунанд ва аз гӯр] берун меоваранд?

لَقَدۡ وُعِدۡنَا هَٰذَا نَحۡنُ وَءَابَآؤُنَا مِن قَبۡلُ إِنۡ هَٰذَآ إِلَّآ أَسَٰطِيرُ ٱلۡأَوَّلِينَ ٦٨

68. Дар ҳақиқат, инро ба мо ва пеш аз ин ба падаронамон [низ] ваъда додаанд. Ин [сухан чизе] нест, магар афсонаҳои пешиниён»

قُلۡ سِيرُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ فَٱنظُرُواْ كَيۡفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلۡمُجۡرِمِينَ ٦٩

69. [Эй Паёмбар, ба кофирон] Бигӯ: «Дар замин гардиш кунед ва бингаред, ки саранҷоми гунаҳгорон чи гуна будааст»

وَلَا تَحۡزَنۡ عَلَيۡهِمۡ وَلَا تَكُن فِي ضَيۡقٖ مِّمَّا يَمۡكُرُونَ ٧٠

70. Ва аз [рӯйгардонии] онон ғамгин набош ва аз найрангҳое, ки меварзанд, дилтанг нашав

وَيَقُولُونَ مَتَىٰ هَٰذَا ٱلۡوَعۡدُ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ٧١

71. Ва [кофирон] мегӯянд: «Агар ростгӯед, ин ваъда [-и азоб] кай хоҳад буд»?

قُلۡ عَسَىٰٓ أَن يَكُونَ رَدِفَ لَكُم بَعۡضُ ٱلَّذِي تَسۡتَعۡجِلُونَ ٧٢

72. Бигӯ: «Чи басо бархе аз он чи ба шитоб мехоҳед, ба шумо наздик бошад»

وَإِنَّ رَبَّكَ لَذُو فَضۡلٍ عَلَى ٱلنَّاسِ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَهُمۡ لَا يَشۡكُرُونَ ٧٣

73. Ва бе гумон, Парвардигорат нисбат ба мардум бахшиш [-у раҳмат] дорад, вале бештарашон сипос намегузоранд

وَإِنَّ رَبَّكَ لَيَعۡلَمُ مَا تُكِنُّ صُدُورُهُمۡ وَمَا يُعۡلِنُونَ ٧٤

74. Ва бе тардид, Парвардигорат он чиро дар синаҳояшон пинҳон мекунанд ва он чиро ошкор месозанд, ба хубӣ медонад

وَمَا مِنۡ غَآئِبَةٖ فِي ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ إِلَّا فِي كِتَٰبٖ مُّبِينٍ ٧٥

75. Ва ҳеҷ пинҳонӣ дар осмону замин нест, магар он ки дар китобе равшан [Лавҳи маҳфуз] сабт аст

إِنَّ هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانَ يَقُصُّ عَلَىٰ بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ أَكۡثَرَ ٱلَّذِي هُمۡ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَ ٧٦

76. Бе гумон, ин Қуръон бештар он чиро, ки Бани Исроил дар бораш ихтилоф доранд, барояшон баён мекунад

وَإِنَّهُۥ لَهُدٗى وَرَحۡمَةٞ لِّلۡمُؤۡمِنِينَ ٧٧

77. Ва ҳаққо, ки раҳнамун ва раҳмате барои муъминон аст

إِنَّ رَبَّكَ يَقۡضِي بَيۡنَهُم بِحُكۡمِهِۦۚ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡعَلِيمُ ٧٨

78. Мусалламан, Парвардигорат [дар қиёмат] ба ҳукми хеш миёнашон доварӣ мекунад ва Ӯ шикастнопазири доност

فَتَوَكَّلْ عَلَى ٱللَّهِ ۖ إِنَّكَ عَلَى ٱلْحَقِّ ٱلْمُبِينِ ﴿٧٩﴾

79. Пас, бар Аллоҳ таоло таваккал кун. Ба ростӣ, ки ту бар ҳақиқати ошкор ҳастӣ

إِنَّكَ لَا تُسْمِعُ ٱلْمَوْتَىٰ وَلَا تُسْمِعُ ٱلصُّمَّ ٱلدُّعَآءَ إِذَا وَلَّوْا۟ مُدْبِرِينَ ﴿٨٠﴾

80. Ва ту ҳаргиз наметавонӣ мурдадилонро шунаво созӣ ва [нидои] даъват [-и ҳақ]-ро ба гӯши карон бирасонӣ, он гоҳ ки онон пушт мекунанд ва рӯй мегардонанд

وَمَآ أَنتَ بِهَٰدِى ٱلْعُمْىِ عَن ضَلَٰلَتِهِمْ ۖ إِن تُسْمِعُ إِلَّا مَن يُؤْمِنُ بِـَٔايَٰتِنَا فَهُم مُّسْلِمُونَ ﴿٨١﴾

81. Ва ту наметавонӣ кӯрдилонро аз гумроҳиашон [бозгардонӣ ва] ҳидоят кунӣ. Ту [метавонӣ паёми ҳақро танҳо] ба гӯши касоне бирасонӣ, ки ба оёти Мо имон доранд ва [дар баробари ҳақ] таслиманд

۞ وَإِذَا وَقَعَ ٱلْقَوْلُ عَلَيْهِمْ أَخْرَجْنَا لَهُمْ دَآبَّةً مِّنَ ٱلْأَرْضِ تُكَلِّمُهُمْ أَنَّ ٱلنَّاسَ كَانُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا لَا يُوقِنُونَ ﴿٨٢﴾

82. Ва он гоҳ ки [дар остонаи қиёмат] фармони [азоб] бар онон воҷиб гардад, ҷунбандаеро барояшон аз замин бурун меоварем, ки бо онон [дар ин маврид] сухан бигӯяд, ки мардум ба оёти Мо яқин надоштанд

وَيَوْمَ نَحْشُرُ مِن كُلِّ أُمَّةٍ فَوْجًا مِّمَّن يُكَذِّبُ بِـَٔايَٰتِنَا فَهُمْ يُوزَعُونَ ﴿٨٣﴾

83. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки аз ҳар уммате гурӯҳе аз онон, ки оёти Моро дурӯғ меангоштанд, ҷамъ мекунем, он гоҳ [барои ҳисобрасӣ ба саф] нигоҳ дошта мешаванд

حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءُو قَالَ أَكَذَّبْتُم بِـَٔايَٰتِى وَلَمْ تُحِيطُوا۟ بِهَا عِلْمًا أَمَّاذَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٨٤﴾

84. То ҳангоме ки [ба ҷойгоҳи ҳисобрасӣ] бирасанд, [дар он ҷо Аллоҳ таоло] мефармояд: «Оё дар ҳоле ки нисбат ба [ҳақиқати] оётам донише надоштед, онҳоро дурӯғ меангоштед? Ин чи коре буд, ки мекардед?»

وَوَقَعَ ٱلْقَوْلُ عَلَيْهِم بِمَا ظَلَمُوا۟ فَهُمْ لَا يَنطِقُونَ ﴿٨٥﴾

85. Ва ба хотири ситаме, ки карданд, фармон [-и азоб] бар онон воқеъ мегардад ва ҳеҷ сухане [дар дифоъ аз худ] намегӯянд

أَلَمْ يَرَوْا۟ أَنَّا جَعَلْنَا ٱلَّيْلَ لِيَسْكُنُوا۟ فِيهِ وَٱلنَّهَارَ مُبْصِرًا ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٨٦﴾

86. Оё надиданд, ки шабро падид овардаем, то дар он оромиш ёбанд ва рӯзро равшанибахш [сохтаем, то ба кор ва талош бипардозанд]? Бе тардид, дар ин [офариниш] барои онон, ки имон меоваранд, нишонаҳо [-и равшане аз қудрати Аллоҳ таоло] аст

وَيَوْمَ يُنفَخُ فِي ٱلصُّورِ فَفَزِعَ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَن فِي ٱلْأَرْضِ إِلَّا مَن شَآءَ ٱللَّهُ ۚ وَكُلٌّ أَتَوْهُ دَٰخِرِينَ ﴿٨٧﴾

87. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки дар сур дамида мешавад ва ҳар ки дар осмонҳо ва замин аст, ваҳшат мекунад, магар он ки Аллоҳ таоло бихоҳад ва ҳамагӣ бо хорӣ [ва зиллат] ба пешгоҳи Аллоҳ таоло меоянд

وَتَرَى ٱلْجِبَالَ تَحْسَبُهَا جَامِدَةً وَهِيَ تَمُرُّ مَرَّ ٱلسَّحَابِ ۚ صُنْعَ ٱللَّهِ ٱلَّذِيٓ أَتْقَنَ كُلَّ شَيْءٍ ۚ إِنَّهُۥ خَبِيرٌۢ بِمَا تَفْعَلُونَ ﴿٨٨﴾

88. Ва кӯҳҳоро мебинӣ [ва] онҳоро беҳаракат мепиндорӣ, ҳол он ки монанди гузари абрҳо дар ҳаракатанд. Ин офариниши илоҳӣ аст, ки ҳар чизеро маҳкам [-у устувор] падид овардааст. Бе тардид, Ӯ ба он чи мекунед огоҳ аст

مَن جَآءَ بِٱلْحَسَنَةِ فَلَهُۥ خَيْرٌ مِّنْهَا وَهُم مِّن فَزَعٍ يَوْمَئِذٍ ءَامِنُونَ ﴿٨٩﴾

89. Ҳар ки [дар рӯзӣ қиёмат] некӣ биёварад, [подоше] беҳтар аз он хоҳад дошт ва аз ваҳшати он рӯз дар амонанд

وَمَن جَآءَ بِٱلسَّيِّئَةِ فَكُبَّتْ وُجُوهُهُمْ فِي ٱلنَّارِ هَلْ تُجْزَوْنَ إِلَّا مَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٩٠﴾

90. Ва ҳар ки бадӣ биёварад, бо рӯяш дар оташ нагунсор мешаванд [ва ба онон гуфта мешавад]: «Оё ҷуз дар баробари он чи кардаед, мучозот мешавед?»

إِنَّمَآ أُمِرْتُ أَنْ أَعْبُدَ رَبَّ هَٰذِهِ ٱلْبَلْدَةِ ٱلَّذِي حَرَّمَهَا وَلَهُۥ كُلُّ شَيْءٍ ۖ وَأُمِرْتُ أَنْ أَكُونَ مِنَ ٱلْمُسْلِمِينَ ﴿٩١﴾

91. [Эй Паёмбар, ба кофирон бигӯ] «Ман фақат маъмурам, ки Парвардигори ин шаҳр [Макка]-ро бипарастам, ҳамон ки ба ин ҷо ҳурмат бахшида ва ҳама чиз аз они Ӯст ва маъмурам, ки таслим [-и фармонаш] бошам

وَأَنْ أَتْلُوَا۟ ٱلْقُرْءَانَ ۖ فَمَنِ ٱهْتَدَىٰ فَإِنَّمَا يَهْتَدِي لِنَفْسِهِۦ ۖ وَمَن ضَلَّ فَقُلْ إِنَّمَآ أَنَا۠ مِنَ ٱلْمُنذِرِينَ ﴿٩٢﴾

92. Ва ин ки Қуръонро тиловат кунам. Пас, ҳар ки ҳидоят шавад, ба суди хеш ҳидоят ёфтааст, ва [ба] ҳар ки гумроҳ мегардад, бигӯ: «Ман фақат бимдиҳандаам»

وَقُلِ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ سَيُرِيكُمْ ءَايَٰتِهِۦ فَتَعْرِفُونَهَا ۚ وَمَا رَبُّكَ بِغَٰفِلٍ عَمَّا تَعْمَلُونَ ﴿٩٣﴾

93. Ва бигӯ: «Ситоиш аз они Аллоҳ таоло аст. Ба зудӣ нишонаҳо [-и қудрат]-и хешро нишонатон хоҳад дод ва онҳоро хоҳед шинохт». Ва Парвардигорат аз он чи мекунед, ғофил нест

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

طسٓمٓ ﴿١﴾

1. То, син, мим.(1)

تِلْكَ ءَايَٰتُ ٱلْكِتَٰبِ ٱلْمُبِينِ ﴿٢﴾

2. Ин оёти китоби равшангар аст

نَتْلُواْ عَلَيْكَ مِن نَّبَإِ مُوسَىٰ وَفِرْعَوْنَ بِٱلْحَقِّ لِقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٣﴾

3. [бахшҳое] аз достони Мӯсо ва Фиръавнро барои касоне, ки имон овардаанд, ба дурустӣ бар ту тиловат мекунем

إِنَّ فِرْعَوْنَ عَلَا فِى ٱلْأَرْضِ وَجَعَلَ أَهْلَهَا شِيَعًا يَسْتَضْعِفُ طَآئِفَةً مِّنْهُمْ يُذَبِّحُ أَبْنَآءَهُمْ وَيَسْتَحْىِۦ نِسَآءَهُمْ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ مِنَ ٱلْمُفْسِدِينَ ﴿٤﴾

4. Бе тардид, Фиръавн дар сарзамини [Миср] бартарихоҳӣ кард ва мардумашро ба гурӯҳҳо тақсим намуд. Гурӯҳе аз ононро ба нотавонӣ [ва хорӣ] мекашонд, [чунон ки] писаронашонро мекушт ва занонашонро [барои канизӣ] зинда нигаҳ медошт. Ба ростӣ, ки ӯ аз табаҳкорон буд

وَنُرِيدُ أَن نَّمُنَّ عَلَى ٱلَّذِينَ ٱسْتُضْعِفُواْ فِى ٱلْأَرْضِ وَنَجْعَلَهُمْ أَئِمَّةً وَنَجْعَلَهُمُ ٱلْوَٰرِثِينَ ﴿٥﴾

5. Ва мехостем бар Бани Исроил, ки дар он сарзамин ба нотавонӣ кашида шуда буданд, [бо нобуд кардани душманашон] миннат бигузорем ва пешвоён [-и мардум] қарорашон диҳем ва [пас аз нобудии Фиръавн] ононро ворисон [-и сарзамини Шом] намоем

وَنُمَكِّنَ لَهُمْ فِى ٱلْأَرْضِ وَنُرِىَ فِرْعَوْنَ وَهَٰمَٰنَ وَجُنُودَهُمَا مِنْهُم مَّا كَانُواْ يَحْذَرُونَ ﴿٦﴾

6. Ва дар он сарзамин ҳукумат ба эшон диҳем ва он чиро Фиръавн ва [вазираш] Ҳомон ва сипоҳиёнашон ҳамвора аз он метарсиданд [сукути ҳукумат], ба онон нишон диҳем

وَأَوْحَيْنَآ إِلَىٰٓ أُمِّ مُوسَىٰٓ أَنْ أَرْضِعِيهِ ۖ فَإِذَا خِفْتِ عَلَيْهِ فَأَلْقِيهِ فِى ٱلْيَمِّ وَلَا تَخَافِى وَلَا تَحْزَنِىٓ ۖ إِنَّا رَآدُّوهُ إِلَيْكِ وَجَاعِلُوهُ مِنَ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٧﴾

7. Ва ба модари Мӯсо илҳом кардем, ки: «Ӯро шир бидеҳ ва ҳангоме ки [аз осеби фиръавниён] бар ӯ тарсидӣ, [кӯдакро дар сандуқе бигзор ва] ба рӯд [-и Нил] биандозаш ва натарс ва андуҳгин нашав [зеро] ҳатман, ӯро ба ту бозмегардонем ва аз паёмбарон қарораш медиҳем»

(*) Қасас (Достонҳо).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

فَٱلۡتَقَطَهُۥٓ ءَالُ فِرۡعَوۡنَ لِيَكُونَ لَهُمۡ عَدُوّٗا وَحَزَنًاۗ إِنَّ فِرۡعَوۡنَ وَهَٰمَٰنَ وَجُنُودَهُمَا كَانُواْ خَٰطِـِٔينَ ٨

8. Пас, [чун модари Мӯсо чунин кард] хонадони Фиръавн ӯро [аз об] гирифтанд, то саранҷом [солҳо баъд ин фарзанди Бани Исроил] душман ва [мояи] андуҳашон гардад. Ба ростӣ, ки Фиръавн ва Ҳомон ва сипоҳиёнашон гунаҳгор буданд

وَقَالَتِ ٱمۡرَأَتُ فِرۡعَوۡنَ قُرَّتُ عَيۡنٖ لِّي وَلَكَۖ لَا تَقۡتُلُوهُ عَسَىٰٓ أَن يَنفَعَنَآ أَوۡ نَتَّخِذَهُۥ وَلَدٗا وَهُمۡ لَا يَشۡعُرُونَ ٩

9. Ва [чун Фиръавн дастури қатли Мӯсоро дод, Осия] ҳамсари Фиръавн гуфт: «[Ин писар] Нури чашми ману туст. Ӯро накушед. Чи басо ба мо суде бибахшад, ё ӯро ба фарзандӣ бигирем», ҳол он ки [оқибати корро] намедонистанд

وَأَصۡبَحَ فُؤَادُ أُمِّ مُوسَىٰ فَٰرِغًاۖ إِن كَادَتۡ لَتُبۡدِي بِهِۦ لَوۡلَآ أَن رَّبَطۡنَا عَلَىٰ قَلۡبِهَا لِتَكُونَ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ١٠

10. Ва дили модари Мӯсо [аз ҳама чиз ҷуз ёди писараш] тиҳӣ гашт ва агар қалбашро қавӣ накарда будем, ки [ба ваъдаи Мо] имон дошта бошад, наздик буд он розро фош кунад

وَقَالَتۡ لِأُخۡتِهِۦ قُصِّيهِۖ فَبَصُرَتۡ بِهِۦ عَن جُنُبٖ وَهُمۡ لَا يَشۡعُرُونَ ١١

11. Ва [модари Мӯсо пас аз он ки ӯро дар Нил раҳо кард] ба хоҳари ӯ гуфт: «Ба дунболаш бирав», пас, [хоҳараш] аз дур ба ӯ менигарист, дар ҳоле ки онон намедонистанд [ки он духтар, хоҳари ин кӯдак аст]

۞وَحَرَّمۡنَا عَلَيۡهِ ٱلۡمَرَاضِعَ مِن قَبۡلُ فَقَالَتۡ هَلۡ أَدُلُّكُمۡ عَلَىٰٓ أَهۡلِ بَيۡتٖ يَكۡفُلُونَهُۥ لَكُمۡ وَهُمۡ لَهُۥ نَٰصِحُونَ ١٢

12. Ва Мо [шири] ҳамаи занони ширдеҳро аз қабл бар ӯ ҳаром кардем [чунон ки синаи ҳеҷ якро напазируфт]. Он гоҳ [хоҳараш] гуфт: «Мехоҳед хонаводаеро нишонатон диҳам, ки ӯро бароятон нигаҳ доранд ва хайрхоҳаш бошанд?»

فَرَدَدۡنَٰهُ إِلَىٰٓ أُمِّهِۦ كَيۡ تَقَرَّ عَيۡنُهَا وَلَا تَحۡزَنَ وَلِتَعۡلَمَ أَنَّ وَعۡدَ ٱللَّهِ حَقّٞ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ ١٣

13. Пас, [онон пазируфтанд ва бад-ин сурат] ӯро ба модараш бозгардонидем, то чашмаш равшан гардад ва ғамгин набошад ва то бидонад, ки ваъдаи Аллоҳ таоло ҳақ аст, вале бештарашон намедонанд

وَلَمَّا بَلَغَ أَشُدَّهُۥ وَٱسۡتَوَىٰٓ ءَاتَيۡنَٰهُ حُكۡمٗا وَعِلۡمٗاۚ وَكَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١٤

14. Ва чун Мӯсо ба рушду камоли хеш расид ва баруманд шуд, ба ӯ ҳикмату дониш [-и оини Бани Исроилро] ато кардем ва накукоронро инчунин подош медиҳем

وَدَخَلَ ٱلۡمَدِينَةَ عَلَىٰ حِينِ غَفۡلَةٖ مِّنۡ أَهۡلِهَا فَوَجَدَ فِيهَا رَجُلَيۡنِ يَقۡتَتِلَانِ هَٰذَا مِن شِيعَتِهِۦ وَهَٰذَا مِنۡ عَدُوِّهِۦۖ فَٱسۡتَغَٰثَهُ ٱلَّذِي مِن شِيعَتِهِۦ عَلَى

15. Ҳангоме ки мардум [машғули истироҳат ва] бехабар буданд, Мӯсо [махфиёна] вориди

ٱلَّذِى مِنْ عَدُوِّهِۦ فَوَكَزَهُۥ مُوسَىٰ فَقَضَىٰ عَلَيْهِ ۖ قَالَ هَٰذَا مِنْ عَمَلِ ٱلشَّيْطَٰنِ ۖ إِنَّهُۥ عَدُوٌّ مُّضِلٌّ مُّبِينٌ ﴿١٥﴾

шаҳр шуд ва ду мардро дид, ки бо якдигар даргир шудаанд. Яке аз онон [аз қавми Бани Исроил ва] аз дӯстони Мӯсо буд ва дигаре [қибтӣ буд ва] аз душманонаш. Пас, он ки аз дӯстони ӯ буд, алайҳи душманаш аз Мӯсо ёрӣ хост, пас, [Мӯсо] мушт [-и маҳкам]-е ба вай заду ӯро аз пой даровард [он гоҳ] гуфт: «Ин кори шайтон буд. Ҳаққо, ки ӯ душман [-и инсон ва] гумроҳкунандаи ошкоре аст»

قَالَ رَبِّ إِنِّى ظَلَمْتُ نَفْسِى فَٱغْفِرْ لِى فَغَفَرَ لَهُۥٓ ۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلْغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٦﴾

16. [Сипас] Гуфт: «Парвардигоро, ман ба худ ситам кардаам, пас, маро бибахш» ва [Аллоҳ таоло] ӯро бахшид. Бе тардид, Ӯ омурзандаи меҳрубон аст

قَالَ رَبِّ بِمَآ أَنْعَمْتَ عَلَىَّ فَلَنْ أَكُونَ ظَهِيرًا لِّلْمُجْرِمِينَ ﴿١٧﴾

17. [Он гоҳ] Гуфт: «Парвардигоро, ба шукронаи он ки бар ман неъмат [-и қудрату дониш] арзонӣ доштай, ҳаргиз пуштибони муҷримон нахоҳам буд»

فَأَصْبَحَ فِى ٱلْمَدِينَةِ خَآئِفًا يَتَرَقَّبُ فَإِذَا ٱلَّذِى ٱسْتَنصَرَهُۥ بِٱلْأَمْسِ يَسْتَصْرِخُهُۥ ۚ قَالَ لَهُۥ مُوسَىٰٓ إِنَّكَ لَغَوِىٌّ مُّبِينٌ ﴿١٨﴾

18. [Мӯсо] Шабро бо тарсу нигаронӣ дар шаҳр ба субҳ расонд, ки ногоҳ марде, ки дирӯз аз ӯ ёрӣ хоста буд, боз ба фарёд аз ӯ ёрӣ хост. Мӯсо ба ӯ гуфт: «Воқеан, ошкор аст, ки ту [мочароҷӯ ва] гумроҳӣ»

فَلَمَّآ أَنْ أَرَادَ أَن يَبْطِشَ بِٱلَّذِى هُوَ عَدُوٌّ لَّهُمَا قَالَ يَٰمُوسَىٰٓ أَتُرِيدُ أَن تَقْتُلَنِى كَمَا قَتَلْتَ نَفْسًۢا بِٱلْأَمْسِ ۖ إِن تُرِيدُ إِلَّآ أَن تَكُونَ جَبَّارًا فِى ٱلْأَرْضِ وَمَا تُرِيدُ أَن تَكُونَ مِنَ ٱلْمُصْلِحِينَ ﴿١٩﴾

19. Пас, ҳангоме ки [Мӯсо] хост, ба касе, ки душмани ҳар дуи онон буд, ҳамла кунад, [он марди қибтӣ] гуфт: «Эй Мӯсо, оё мехоҳӣ ҳамон гуна ки дирӯз касеро куштӣ, [имрӯз низ] маро бикушӣ? Қасди ту фақат зӯргӯй дар ин сарзамин аст ва намехоҳӣ аз ислоҳгарон [байни афрод] бошӣ»

وَجَآءَ رَجُلٌ مِّنْ أَقْصَا ٱلْمَدِينَةِ يَسْعَىٰ قَالَ يَٰمُوسَىٰٓ إِنَّ ٱلْمَلَأَ يَأْتَمِرُونَ بِكَ لِيَقْتُلُوكَ فَٱخْرُجْ إِنِّى لَكَ مِنَ ٱلنَّٰصِحِينَ ﴿٢٠﴾

20. Ва [дар ин ҳангом] марде [ки аз дӯстони Мӯсо буд] аз дуртарин нуқтаи шаҳр шитобон омад [ва] гуфт: «Эй Мӯсо, бузургон [-и қавми Фиръавн] дар бораи куштанат ба машварат нишастаанд, пас, бедиранг [аз шаҳр] хориҷ шав, [ки] ман ҳатман, хайрхоҳат ҳастам»

فَخَرَجَ مِنْهَا خَآئِفًا يَتَرَقَّبُ ۖ قَالَ رَبِّ نَجِّنِى مِنَ ٱلْقَوْمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٢١﴾

21. Пас, Мӯсо бо тарсу нигаронӣ аз шаҳр берун рафт ва гуфт: «Парвардигоро, маро аз [осеби] ситамгорон наҷот бидеҳ»

وَلَمَّا تَوَجَّهَ تِلۡقَآءَ مَدۡيَنَ قَالَ عَسَىٰ رَبِّيٓ أَن يَهۡدِيَنِي سَوَآءَ ٱلسَّبِيلِ ٢٢

22. Ва чун ба шаҳри Мадян рӯ овард, гуфт: «Умед аст, Парвардигорам маро ба роҳи рост ҳидоят кунад»

وَلَمَّا وَرَدَ مَآءَ مَدۡيَنَ وَجَدَ عَلَيۡهِ أُمَّةٗ مِّنَ ٱلنَّاسِ يَسۡقُونَ وَوَجَدَ مِن دُونِهِمُ ٱمۡرَأَتَيۡنِ تَذُودَانِۖ قَالَ مَا خَطۡبُكُمَاۖ قَالَتَا لَا نَسۡقِي حَتَّىٰ يُصۡدِرَ ٱلرِّعَآءُۖ وَأَبُونَا شَيۡخٞ كَبِيرٞ ٢٣

23. Ва ҳангоме ки ба [чоҳи] оби Мадян расид, бар сари чоҳ гурӯҳе аз мардумро дид, ки [чаҳорпоёни худро] об медиҳанд ва наздики онон ду занро дид, ки [гӯсфандонашонро] канор мекашиданд [ва аз дигарон фосила мегирифтанд. Мӯсо] гуфт: «Шумо чи мекунед? [Чаро гӯсфандони худро об намедиҳед.] Онон гуфтанд: «Мо [ба рамаи худ] об намедиҳем, то ин чӯпонҳо бозгарданд [ва музоҳимамон набошанд]. Падарамон пирамарде куҳансол аст [ва тавоноии ин корро надорад]»

فَسَقَىٰ لَهُمَا ثُمَّ تَوَلَّىٰٓ إِلَى ٱلظِّلِّ فَقَالَ رَبِّ إِنِّي لِمَآ أَنزَلۡتَ إِلَيَّ مِنۡ خَيۡرٖ فَقِيرٞ ٢٤

24. Мӯсо барои он ду нафар [гӯсфандонашонро] об дод, он гоҳ сӯйи соя бозгашт ва гуфт: «Парвардигоро, ба ҳар хайре, ки бароям бифиристӣ, сахт ниёзмандам»

فَجَآءَتۡهُ إِحۡدَىٰهُمَا تَمۡشِي عَلَى ٱسۡتِحۡيَآءٖ قَالَتۡ إِنَّ أَبِي يَدۡعُوكَ لِيَجۡزِيَكَ أَجۡرَ مَا سَقَيۡتَ لَنَاۚ فَلَمَّا جَآءَهُۥ وَقَصَّ عَلَيۡهِ ٱلۡقَصَصَ قَالَ لَا تَخَفۡۖ نَجَوۡتَ مِنَ ٱلۡقَوۡمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ٢٥

25. Он гоҳ яке аз он ду [зан], дар ҳоле ки бо шарму ҳаё гом бармедошт, наздаш омаду гуфт: «Падарам даъватат мекунад [ки наздаш биравӣ], то музди он ки [гӯсфандон]-ро бароямон об додӣ, ба ту пардохт кунад». Чун [Мӯсо] назди ӯ рафту саргузашташро барои ӯ ҳикоят кард, вай гуфт: «Натарс, ки аз гурӯҳи ситамгор наҷот ёфтай»

قَالَتۡ إِحۡدَىٰهُمَا يَٰٓأَبَتِ ٱسۡتَـٔۡجِرۡهُۖ إِنَّ خَيۡرَ مَنِ ٱسۡتَـٔۡجَرۡتَ ٱلۡقَوِيُّ ٱلۡأَمِينُ ٢٦

26. Яке аз он ду [духтар] гуфт: «Падарҷон, ӯро истихдом кун, [зеро] бе тардид, беҳтарин касе, ки метавонӣ ба кор бигирӣ он аст, ки неруманду амонатдор бошад [ва ӯ чунин аст]»

قَالَ إِنِّيٓ أُرِيدُ أَنۡ أُنكِحَكَ إِحۡدَى ٱبۡنَتَيَّ هَٰتَيۡنِ عَلَىٰٓ أَن تَأۡجُرَنِي ثَمَٰنِيَ حِجَجٖۖ فَإِنۡ أَتۡمَمۡتَ عَشۡرٗا فَمِنۡ عِندِكَۖ وَمَآ أُرِيدُ أَنۡ أَشُقَّ عَلَيۡكَۚ سَتَجِدُنِيٓ إِن شَآءَ ٱللَّهُ مِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ٢٧

27. [Пирамард ба Мӯсо] Гуфт: «Мехоҳам яке аз ду духтарамро ба ҳамсариат дароварам, ба ин [шарт] ки ҳашт сол бароям кор кунӣ ва агар [ин корро] то даҳ сол идома диҳӣ, лутфу муҳаббате аз сӯйи туст. Ман намехоҳам бар ту сахтгирӣ кунам. Ин шоал-л-лоҳ маро шоиста [ва накукор] хоҳӣ ёфт»

قَالَ ذَٰلِكَ بَيۡنِي وَبَيۡنَكَۖ أَيَّمَا ٱلۡأَجَلَيۡنِ قَضَيۡتُ فَلَا عُدۡوَٰنَ عَلَيَّۖ وَٱللَّهُ عَلَىٰ مَا نَقُولُ وَكِيلٞ ٢٨

28. [Мӯсо] Гуфт: «Ин [қарордод] миёни ману ту бошад, ки ҳар кадом аз ин ду муддат [ҳашт ё даҳ сол]-ро, ки анҷом додам, [ба аҳди худ вафо кардаам], пас, ситаме бар ман набошад [ва нахоҳӣ, ки бештар бимонам] ва Аллоҳ таоло бар он чи мегӯем, гувоҳ аст»

فَلَمَّا قَضَىٰ مُوسَى ٱلۡأَجَلَ وَسَارَ بِأَهۡلِهِۦٓ ءَانَسَ مِن جَانِبِ ٱلطُّورِ نَارٗاۖ قَالَ لِأَهۡلِهِ ٱمۡكُثُوٓاْ إِنِّيٓ ءَانَسۡتُ نَارٗا لَّعَلِّيٓ ءَاتِيكُم مِّنۡهَا بِخَبَرٍ أَوۡ جَذۡوَةٖ مِّنَ ٱلنَّارِ لَعَلَّكُمۡ تَصۡطَلُونَ ٢٩

29. Ҳангоме ки Мӯсо [он] муддат [-и муайян]-ро ба поён расонд ва ҳамроҳи хонаводааш [аз Мадян ба сӯйи Миср] ҳаракат кард, [ногаҳон дар торикии шаб] аз сӯйи [кӯҳи] Тӯр оташе дид, ба хонаводааш гуфт: «Биистед, ки ман оташе [аз дур] дидам. Шояд хабаре аз он бароятон биёварам ё шуълаи оташе [биёварам], то гарм шавед»

فَلَمَّآ أَتَىٰهَا نُودِيَ مِن شَٰطِيِٕ ٱلۡوَادِ ٱلۡأَيۡمَنِ فِي ٱلۡبُقۡعَةِ ٱلۡمُبَٰرَكَةِ مِنَ ٱلشَّجَرَةِ أَن يَٰمُوسَىٰٓ إِنِّيٓ أَنَا ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٣٠

30. Пас, вақте ба он оташ наздик шуд, дар канораи рости он сарзамини дар минтақаи пурбаракат [-и Тӯр] аз [миёни] як дарахт нидо дода шуд, ки: «Эй Мӯсо, бе тардид, ман Аллоҳ таоло-Парвардигори ҷаҳониёнам

وَأَنۡ أَلۡقِ عَصَاكَۚ فَلَمَّا رَءَاهَا تَهۡتَزُّ كَأَنَّهَا جَآنّٞ وَلَّىٰ مُدۡبِرٗا وَلَمۡ يُعَقِّبۡۚ يَٰمُوسَىٰٓ أَقۡبِلۡ وَلَا تَخَفۡۖ إِنَّكَ مِنَ ٱلۡأٓمِنِينَ ٣١

31. Ва асоятро биафкан». Пас, чун [Мӯсо чунин карду] онро дид, ки ҳамчун море [босуръат] мехазад, [аз тарс] пушт карду гурехт ва бознагашт. [Нидо омад] «Эй Мӯсо, пеш о ва натарс. Ҳатман, ту аз [осеби хатарҳо] эмин шудай

ٱسۡلُكۡ يَدَكَ فِي جَيۡبِكَ تَخۡرُجۡ بَيۡضَآءَ مِنۡ غَيۡرِ سُوٓءٖ وَٱضۡمُمۡ إِلَيۡكَ جَنَاحَكَ مِنَ ٱلرَّهۡبِۖ فَذَٰنِكَ بُرۡهَٰنَانِ مِن رَّبِّكَ إِلَىٰ فِرۡعَوۡنَ وَمَلَإِيْهِۦٓۚ إِنَّهُمۡ كَانُواْ قَوۡمٗا فَٰسِقِينَ ٣٢

32. Ва дастро дар гиребонат фурӯ бар [то] сапеду бидуни айб [ва бемории песӣ] хориҷ шавад ва [барои раҳоӣ] аз ин тарс дастонатро ба самти худ ҷамъ кун [ва ба синаат бичаспон]. Ин ду [муъҷизаи асо ва яди байзо] ду далели [равшан] аз сӯи Парвардигорат барои Фиръавн ва бузургони [қавми] ӯст. Ба ростӣ, ки онон гурӯҳе нофармонанд»

قَالَ رَبِّ إِنِّي قَتَلۡتُ مِنۡهُمۡ نَفۡسٗا فَأَخَافُ أَن يَقۡتُلُونِ ٣٣

33. [Мӯсо] Гуфт: «Парвардигоро, ман яке аз ононро [бидуни амд] куштаам, метарсам, ки [ба қасоси он қатл] маро бикушанд

وَأَخِي هَٰرُونُ هُوَ أَفۡصَحُ مِنِّي لِسَانٗا فَأَرۡسِلۡهُ مَعِيَ رِدۡءٗا يُصَدِّقُنِيٓۖ إِنِّيٓ أَخَافُ أَن يُكَذِّبُونِ ٣٤

34. Ва бародарам - Ҳорун - забонаш аз ман шевотар аст, пас, ӯро ҳамроҳам бифирист, то ёварам

бошад ва ростгӯиямро таъйид кунад, зеро метарсам, маро дурӯғгӯ ангоранд»

قَالَ سَنَشُدُّ عَضُدَكَ بِأَخِيكَ وَنَجْعَلُ لَكُمَا سُلْطَٰنًا فَلَا يَصِلُونَ إِلَيْكُمَا بِـَٔايَٰتِنَآ أَنتُمَا وَمَنِ ٱتَّبَعَكُمَا ٱلْغَٰلِبُونَ ﴿٣٥﴾

35. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Туро бо [пайвастани] бародарат тақвият хоҳем намуд ва бароятон тасаллуте қарор медиҳем, ки [фиръавниён ҳаргиз] ба шумо даст наёбанд ва ба [баракати] муъҷизотамон [ки дар ихтиёр доред] шумо ва ҳар ки аз шумо пайравӣ кунад, пирӯзед»

فَلَمَّا جَآءَهُم مُّوسَىٰ بِـَٔايَٰتِنَا بَيِّنَٰتٍ قَالُوا۟ مَا هَٰذَآ إِلَّا سِحْرٌ مُّفْتَرًى وَمَا سَمِعْنَا بِهَٰذَا فِىٓ ءَابَآئِنَا ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٣٦﴾

36. Пас, чун Мӯсо бо муъҷизоти равшани Мо ба сӯяшон омад, гуфтанд: «Ин [чизе] нест, магар ҷодуе сохта ва мо ҳаргиз ин [иддаои яктопарастӣ]-ро аз падаронамон нашнидаем»

وَقَالَ مُوسَىٰ رَبِّىٓ أَعْلَمُ بِمَن جَآءَ بِٱلْهُدَىٰ مِنْ عِندِهِۦ وَمَن تَكُونُ لَهُۥ عَٰقِبَةُ ٱلدَّارِ ۖ إِنَّهُۥ لَا يُفْلِحُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٣٧﴾

37. Ва Мӯсо гуфт: «Парвардигорам беҳтар медонад, чи касе ҳидоятро аз назди Ӯ овардааст ва [огоҳтар аст, ки] оқибати неки он саро барои кист. Бе тардид, ситамгорон росткор намешаванд»

وَقَالَ فِرْعَوْنُ يَٰٓأَيُّهَا ٱلْمَلَأُ مَا عَلِمْتُ لَكُم مِّنْ إِلَٰهٍ غَيْرِى فَأَوْقِدْ لِى يَٰهَٰمَٰنُ عَلَى ٱلطِّينِ فَٱجْعَل لِّى صَرْحًا لَّعَلِّىٓ أَطَّلِعُ إِلَىٰٓ إِلَٰهِ مُوسَىٰ وَإِنِّى لَأَظُنُّهُۥ مِنَ ٱلْكَٰذِبِينَ ﴿٣٨﴾

38. Фиръавн гуфт: «Эй бузургон, маъбуде ба ҷуз худ бароятон намешиносам, пас, эй Ҳомон, бароям оташе бар гил барафрӯз [ва хишт бипаз], он гоҳ бурҷи баланде бисоз, бошад, ки аз маъбуди Мӯсо бохабар шавам. Ҳар чанд ки ҳатман, ӯро дурӯғгӯ мепиндорам»

وَٱسْتَكْبَرَ هُوَ وَجُنُودُهُۥ فِى ٱلْأَرْضِ بِغَيْرِ ٱلْحَقِّ وَظَنُّوٓا۟ أَنَّهُمْ إِلَيْنَا لَا يُرْجَعُونَ ﴿٣٩﴾

39. Ва ӯ [Фиръавн] ва лашкариёнаш ба ноҳақ дар сарзамин [-и Миср] саркашӣ карданд ва пиндоштанд, ки ба сӯйи Мо бозгардонда намешаванд

فَأَخَذْنَٰهُ وَجُنُودَهُۥ فَنَبَذْنَٰهُمْ فِى ٱلْيَمِّ ۖ فَٱنظُرْ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٤٠﴾

40. Пас, [мо] ӯ ва лашкариёнашро [ба азоб] фурӯ гирифтем ва ононро ба дарё андохтем. Пас, бингар, ки оқибати ситамгорон чи гуна буд

وَجَعَلْنَٰهُمْ أَئِمَّةً يَدْعُونَ إِلَى ٱلنَّارِ ۖ وَيَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ لَا يُنصَرُونَ ﴿٤١﴾

41. Ва ононро пешвоёне қарор додем, ки [пайравонашонро] ба оташи [дузах] даъват мекарданд ва рӯзи қиёмат ёрӣ намешаванд

وَأَتْبَعْنَٰهُمْ فِى هَٰذِهِ ٱلدُّنْيَا لَعْنَةً ۖ وَيَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ هُم مِّنَ ٱلْمَقْبُوحِينَ ﴿٤٢﴾

42. Дар ин дунё ба дунболашон лаънат равон кардем ва рӯзи қиёмат [низ] зиштманзаранд

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا مُوسَى ٱلْكِتَٰبَ مِنۢ بَعْدِ مَآ أَهْلَكْنَا ٱلْقُرُونَ ٱلْأُولَىٰ بَصَآئِرَ لِلنَّاسِ وَهُدًى وَرَحْمَةً لَّعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ ﴿٤٣﴾

43. Ва ба ростӣ, пас аз он ки умматҳои пешинро нобуд намудем, ба Мӯсо китоб [Таврот] додем, ки [муштамил бар] равшангариҳо ва ҳидоят ва раҳмате барои мардум буд, бошад, ки панд пазиранд

وَمَا كُنتَ بِجَانِبِ ٱلْغَرْبِيِّ إِذْ قَضَيْنَآ إِلَىٰ مُوسَى ٱلْأَمْرَ وَمَا كُنتَ مِنَ ٱلشَّٰهِدِينَ ﴿٤٤﴾

44. Ва ту [эй Паёмбар] он гоҳ ки фармони [нубувват]-ро ба Мӯсо медодем, дар доманаи ғарбӣ [-и кӯҳи Тӯр] ҳузур надоштӣ ва аз гувоҳон [низ] набудӣ

وَلَٰكِنَّآ أَنشَأْنَا قُرُونًا فَتَطَاوَلَ عَلَيْهِمُ ٱلْعُمُرُ ۚ وَمَا كُنتَ ثَاوِيًا فِىٓ أَهْلِ مَدْيَنَ تَتْلُوا۟ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتِنَا وَلَٰكِنَّا كُنَّا مُرْسِلِينَ ﴿٤٥﴾

45. Ва [Мо пас аз Мӯсо] наслҳое офаридем ва солҳои тӯлонӣ бар онон гузашт [ва паймони илоҳиро фаромӯш карданд]. Ва ту дар миёни аҳли Мадян иқомат надоштӣ [ки аз достони Мӯсо бохабар бошӣ ва] оёти Моро бар онон [мардуми Макка] бихонӣ, балки Мо будем, ки [ин оётро ба сӯят] мефиристодем

وَمَا كُنتَ بِجَانِبِ ٱلطُّورِ إِذْ نَادَيْنَا وَلَٰكِن رَّحْمَةً مِّن رَّبِّكَ لِتُنذِرَ قَوْمًا مَّآ أَتَىٰهُم مِّن نَّذِيرٍ مِّن قَبْلِكَ لَعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ ﴿٤٦﴾

46. Ва он гоҳ ки [ба Мӯсо] нидо додем, ту дар канори кӯҳи Тӯр набудӣ, вале ба унвони раҳмате аз сӯйи Парвадигорат [ба ту ваҳӣ намудем], то гурӯҳеро, ки пеш аз ту бимдиҳандае ба суроғашон наомадааст, [бо ин оёт] бим диҳӣ, бошад, ки панд пазиранд

وَلَوْلَآ أَن تُصِيبَهُم مُّصِيبَةٌۢ بِمَا قَدَّمَتْ أَيْدِيهِمْ فَيَقُولُوا۟ رَبَّنَا لَوْلَآ أَرْسَلْتَ إِلَيْنَا رَسُولًا فَنَتَّبِعَ ءَايَٰتِكَ وَنَكُونَ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٤٧﴾

47. [Бо кофирон итмоми ҳуҷҷат кардем] То вақте ба кайфари корҳое, ки дар гузашта муртакиб шудаанд, мусибате ба онҳо мерасад, нагӯянд: «Парвардигоро, чаро паёмбаре бар мо нафиристодӣ, то аз оётат пайравӣ кунем ва аз муъминон бошем»?

فَلَمَّا جَآءَهُمُ ٱلْحَقُّ مِنْ عِندِنَا قَالُوا۟ لَوْلَآ أُوتِىَ مِثْلَ مَآ أُوتِىَ مُوسَىٰٓ ۚ أَوَلَمْ يَكْفُرُوا۟ بِمَآ أُوتِىَ مُوسَىٰ مِن قَبْلُ ۖ قَالُوا۟ سِحْرَانِ تَظَٰهَرَا وَقَالُوٓا۟ إِنَّا بِكُلٍّ كَٰفِرُونَ ﴿٤٨﴾

48. Вале ҳангоме ки [Паёмбари] ҳақ аз ҷониби Мо ба суроғашон омад, [яҳудиён аз сари лаҷоҷат] гуфтанд: «Чаро муъҷизоте ҳаммонанд Мӯсо ба ӯ дода нашудааст»? [Дар посухашон бигӯ] «Магар [яҳудиён] дар гузашта муъҷизоти Мӯсоро инкор накарданд»? Онон гуфтанд: «[Қурьону Таврот] ду ҷоду ҳастанд, ки якдигарро таъйид мекунанд» ва гуфтанд: «Мо тамоми [матолиби] онҳоро инкор мекунем»

قُلْ فَأْتُواْ بِكِتَٰبٍ مِّنْ عِندِ ٱللَّهِ هُوَ أَهْدَىٰ مِنْهُمَآ أَتَّبِعْهُ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٤٩﴾

49. Бигӯ: «Агар ростгӯед, аз ҷониби Аллоҳ таоло китобе ҳидоятбахштар аз ин ду [китоб] биёваред, то ман низ аз он пайравӣ кунам»

فَإِن لَّمْ يَسْتَجِيبُواْ لَكَ فَٱعْلَمْ أَنَّمَا يَتَّبِعُونَ أَهْوَآءَهُمْۚ وَمَنْ أَضَلُّ مِمَّنِ ٱتَّبَعَ هَوَىٰهُ بِغَيْرِ هُدًى مِّنَ ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥٠﴾

50. Пас, агар [Қурайш] ба дархостат посухе надоданд, бидон, ки онон фақат аз ҳавои нафсашон пайравӣ мекунанд ва кист гумроҳтар аз он ки бидуни раҳнамуде аз сӯи Аллоҳ таоло аз ҳавои нафсаш пайравӣ мекунад? Бе тардид, Аллоҳ таоло гурӯҳи ситамгорро ҳидоят намекунад

۞وَلَقَدْ وَصَّلْنَا لَهُمُ ٱلْقَوْلَ لَعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ ﴿٥١﴾

51. Ва ба ростӣ, Мо ин оёт [ва ҳикоёт]-ро яке пас аз дигаре барои онон [мушрикону яҳудиён] нозил кардем, бошад, ки панд гиранд

ٱلَّذِينَ ءَاتَيْنَٰهُمُ ٱلْكِتَٰبَ مِن قَبْلِهِۦ هُم بِهِۦ يُؤْمِنُونَ ﴿٥٢﴾

52. Касоне, ки пеш аз ин [оёти илоҳӣ] ба онон китоб [Таврот] додаем, ба ин [Қуръон] низ имон меоваранд

وَإِذَا يُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ قَالُوٓاْ ءَامَنَّا بِهِۦٓ إِنَّهُ ٱلْحَقُّ مِن رَّبِّنَآ إِنَّا كُنَّا مِن قَبْلِهِۦ مُسْلِمِينَ ﴿٥٣﴾

53. Ва чун [оёташ] бар онон хонда мешавад, мегӯянд: «Ба он имон овардем. Яқинан, сухани ҳаққе аст аз ҷониби Парвардигорамон. Ба ростӣ, ки Мо пеш аз [нузули] он низ таслим [-и фармони Парвардигор] будаем»

أُوْلَٰٓئِكَ يُؤْتَوْنَ أَجْرَهُم مَّرَّتَيْنِ بِمَا صَبَرُواْ وَيَدْرَءُونَ بِٱلْحَسَنَةِ ٱلسَّيِّئَةَ وَمِمَّا رَزَقْنَٰهُمْ يُنفِقُونَ ﴿٥٤﴾

54. Инонанд, ки ба поси он ки шикебой карданд, подошашонро ду бор мегиранд ва бо корҳои нек [гуноҳон ва] бадиҳоро дафъ мекунанд ва аз он чи ба онон рӯзӣ додаем, инфоқ менамоянд

وَإِذَا سَمِعُواْ ٱللَّغْوَ أَعْرَضُواْ عَنْهُ وَقَالُواْ لَنَآ أَعْمَٰلُنَا وَلَكُمْ أَعْمَٰلُكُمْ سَلَٰمٌ عَلَيْكُمْ لَا نَبْتَغِى ٱلْجَٰهِلِينَ ﴿٥٥﴾

55. Ва ҳар гоҳ сухане беҳуда [ва ношоиста аз аҳли китоб] мешунаванд, [бо бетаваҷҷуҳӣ] аз он рӯй мегардонанд ва мегӯянд: «[Подоши] Корҳои мо барои мост ва [кайфари] корҳои шумо аз они шумост, [шумо аз озору носозии мо] дар амонед. Мо ба дунболи [ҳамсуҳбатӣ бо] ҷоҳилон нестем»

إِنَّكَ لَا تَهْدِى مَنْ أَحْبَبْتَ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَهْدِى مَن يَشَآءُۚ وَهُوَ أَعْلَمُ بِٱلْمُهْتَدِينَ ﴿٥٦﴾

56. [Эй Паёмбар] Бе тардид, ту ҳар киро дӯст дошта бошӣ, наметавонӣ [ба иҷбор ба роҳи рост] ҳидоят кунӣ, балки Аллоҳ таоло аст, ки

ҳар касро бихоҳад, ҳидоят мекунад ва Ӯ ба [ҳоли] роҳёфтагон донотар аст

وَقَالُوٓاْ إِن نَّتَّبِعِ ٱلۡهُدَىٰ مَعَكَ نُتَخَطَّفۡ مِنۡ أَرۡضِنَآۚ أَوَلَمۡ نُمَكِّن لَّهُمۡ حَرَمًا ءَامِنٗا يُجۡبَىٰٓ إِلَيۡهِ ثَمَرَٰتُ كُلِّ شَيۡءٖ رِّزۡقٗا مِّن لَّدُنَّا وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ ٥٧

57. Ва [мушрикон] гуфтанд: «Агар ҳамроҳи ту аз ҳидоят пайравӣ кунем, моро аз сарзаминамон мерабоянд». Оё мо ононро дар ҳарами амне ҷой нахдодем, ки анвои маҳсулот - ба унвони рӯзие аз ҷониби Мо - ба сӯяшон сарозер мегардад? Вале бештарашон [қадри неъматҳои илоҳиро] намедонанд

وَكَمۡ أَهۡلَكۡنَا مِن قَرۡيَةِۭ بَطِرَتۡ مَعِيشَتَهَاۖ فَتِلۡكَ مَسَٰكِنُهُمۡ لَمۡ تُسۡكَن مِّنۢ بَعۡدِهِمۡ إِلَّا قَلِيلٗاۖ وَكُنَّا نَحۡنُ ٱلۡوَٰرِثِينَ ٥٨

58. Ва чи бисёр [мардуми] шаҳрҳоеро нобуд сохтем, ки дар ҳаққи неъматҳои илоҳӣ носипосӣ карда буданд. Ин хонаҳои [вайроншудаи] онон аст, ки пас аз эшон ҷуз андаке - [касе] дар онҳо сукунат накардааст ва Мо вориси онон будем

وَمَا كَانَ رَبُّكَ مُهۡلِكَ ٱلۡقُرَىٰ حَتَّىٰ يَبۡعَثَ فِيٓ أُمِّهَا رَسُولٗا يَتۡلُواْ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِنَاۚ وَمَا كُنَّا مُهۡلِكِي ٱلۡقُرَىٰٓ إِلَّا وَأَهۡلُهَا ظَٰلِمُونَ ٥٩

59. Ва Парвардигорат ҳаргиз [мардуми] шаҳрҳоро нобуд намекунад, магар он ки дар шаҳри бузурге аз онҳо [ҳамчун Макка] паёмбаре бифиристад, ки оёти Моро бар онон бихонад. Ва Мо ҳаргиз шаҳрҳоро нобуд накардем, магар он ки сокинонаш [кофиру] ситамгор будаанд

وَمَآ أُوتِيتُم مِّن شَيۡءٖ فَمَتَٰعُ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَزِينَتُهَاۚ وَمَا عِندَ ٱللَّهِ خَيۡرٞ وَأَبۡقَىٰٓۚ أَفَلَا تَعۡقِلُونَ ٦٠

60. Ва он чи ба шумо дода шудааст, баҳра [-и гузаро] ва зинати зиндагии дунёст ва он чи назди Аллоҳ таоло аст, беҳтар ва пойдортар аст. Оё намеандешед?

أَفَمَن وَعَدۡنَٰهُ وَعۡدًا حَسَنٗا فَهُوَ لَٰقِيهِ كَمَن مَّتَّعۡنَٰهُ مَتَٰعَ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا ثُمَّ هُوَ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ مِنَ ٱلۡمُحۡضَرِينَ ٦١

61. Оё касе, ки ба ӯ ваъдаи наку додаем ва ба он хоҳад расид, ҳамчун касест, ки ӯро аз баҳраи зиндагии дунё бархӯрдор сохтаем ва рӯзи қиёмат аз [ҷумлаи] эҳзоршудагон [дар оташи дузах] аст?

وَيَوۡمَ يُنَادِيهِمۡ فَيَقُولُ أَيۡنَ شُرَكَآءِيَ ٱلَّذِينَ كُنتُمۡ تَزۡعُمُونَ ٦٢

62. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки Аллоҳ таоло ба онон нидо медиҳад ва мегӯяд: «Афроде, ки шарикони ман [дар парастиш] мепиндоштед, кучо ҳастанд?»

قَالَ ٱلَّذِينَ حَقَّ عَلَيۡهِمُ ٱلۡقَوۡلُ رَبَّنَا هَٰٓؤُلَآءِ ٱلَّذِينَ أَغۡوَيۡنَآ أَغۡوَيۡنَٰهُمۡ كَمَا غَوَيۡنَاۖ تَبَرَّأۡنَآ إِلَيۡكَۖ مَا كَانُوٓاْ إِيَّانَا يَعۡبُدُونَ ٦٣

63. Касоне [аз сарони кофирон], ки азоб бароямон ҳатмӣ аст, мегӯянд: «Парвардигоро, инҳо

касоне ҳастанд, ки мо гумроҳашон кардем. [Ore] Ононро гумроҳ кардем, чунон ки [худ низ] гумроҳ шудем. Аз [ширку тавассули] эшон ба сӯят безорӣ меҷӯем. [Дар ҳақиқат] Онон моро намепарастиданд [балки шайтонро парастиш мекарданд]»

وَقِيلَ ٱدْعُواْ شُرَكَآءَكُمْ فَدَعَوْهُمْ فَلَمْ يَسْتَجِيبُواْ لَهُمْ وَرَأَوُاْ ٱلْعَذَابَۚ لَوْ أَنَّهُمْ كَانُواْ يَهْتَدُونَ ﴿٦٤﴾

64. Ва [ба мушрикон] гуфта мешавад: «Шариконатонро [ки ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастидед] фаро бихонед [то ёриатон кунанд]». Пас, ононро мехонанд, вале посухе ба эшон намедиҳанд ва азоби [дузах]-ро мебинанд [ва орзу мекунанд], кош ҳидоятёфта буданд

وَيَوْمَ يُنَادِيهِمْ فَيَقُولُ مَاذَآ أَجَبْتُمُ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٦٥﴾

65. Ва рӯзе, ки [Аллоҳ таоло] ононро нидо медиҳад ва мефармояд: «Ба [даъвати] паёмбарон чи посухе додед?»

فَعَمِيَتْ عَلَيْهِمُ ٱلْأَنۢبَآءُ يَوْمَئِذٍ فَهُمْ لَا يَتَسَآءَلُونَ ﴿٦٦﴾

66. Дар он рӯз ҳамаи далоил [ва баҳонаҳое, ки барои тавҷеҳ доранд] аз онон пинҳон мегардад ва аз [шиддати азоб аз ҳоли] якдигар намепурсанд

فَأَمَّا مَن تَابَ وَءَامَنَ وَعَمِلَ صَٰلِحًا فَعَسَىٰٓ أَن يَكُونَ مِنَ ٱلْمُفْلِحِينَ ﴿٦٧﴾

67. Аммо касе, ки тавба кунад ва имон оварад ва кори шоиста анҷом диҳад, умед аст, ки аз растагорон бошад

وَرَبُّكَ يَخْلُقُ مَا يَشَآءُ وَيَخْتَارُۗ مَا كَانَ لَهُمُ ٱلْخِيَرَةُۚ سُبْحَٰنَ ٱللَّهِ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشْرِكُونَ ﴿٦٨﴾

68. Ва Парвардигорат ҳар чи бихоҳад, меофаринад ва [ҳар киро бихоҳад ба парастиш ва паёмбарӣ] бармегузинад. Мушрикон ихтиёре надоранд [ки дар ин маврид эътироз кунанд]. Аллоҳ таоло муназзаҳ ва бартар аст аз он чи бо Ӯ шарик медонанд

وَرَبُّكَ يَعْلَمُ مَا تُكِنُّ صُدُورُهُمْ وَمَا يُعْلِنُونَ ﴿٦٩﴾

69. Ва Парвардигорат он чи дар синаҳояшон пинҳон мекунанд ва он чи ошкор месозанд, [ҳамаро] медонад

وَهُوَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ لَهُ ٱلْحَمْدُ فِى ٱلْأُولَىٰ وَٱلْءَاخِرَةِۖ وَلَهُ ٱلْحُكْمُ وَإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ ﴿٧٠﴾

70. Ва Ӯ Аллоҳ таоло аст, ки ҳеҷ маъбуде [бар ҳақ] ҷуз Ӯ нест. Ситоиш дар дунёву охират барои Ӯст ва ҳукм [-у фармонравоӣ низ] аз они Ӯст ва [ҳамагӣ] ба сӯйи Ӯ бозгарданда мешавед

قُلْ أَرَءَيْتُمْ إِن جَعَلَ ٱللَّهُ عَلَيْكُمُ ٱلَّيْلَ سَرْمَدًا إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَـٰمَةِ مَنْ إِلَـٰهٌ غَيْرُ ٱللَّهِ يَأْتِيكُم بِضِيَآءٍ ۚ أَفَلَا تَسْمَعُونَ ﴿٧١﴾

71. [Ба мушрикон] бигӯ: «Ба ман бигӯед, агар Аллоҳ таоло [торикии] шабро то рӯзи қиёмат бар шумо поянда гардонад, кадом маъбуд ба ҷуз Аллоҳ таоло бароятон равшанӣ меоварад? Оё [сухани ҳақро] намешунавед?

قُلْ أَرَءَيْتُمْ إِن جَعَلَ ٱللَّهُ عَلَيْكُمُ ٱلنَّهَارَ سَرْمَدًا إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَـٰمَةِ مَنْ إِلَـٰهٌ غَيْرُ ٱللَّهِ يَأْتِيكُم بِلَيْلٍ تَسْكُنُونَ فِيهِ ۚ أَفَلَا تُبْصِرُونَ ﴿٧٢﴾

72. Бигӯ “Ба ман бигӯед, агар Аллоҳ таоло [рӯшноии] рӯзро то рӯзи қиёмат бар шумо поянда гардонад, кадом маъбуд ба ҷуз Аллоҳ таоло бароятон шабе меоварад, ки дар он ором бигиред? Оё [ин нишонаҳои қудрати илоҳиро] намебинед?

وَمِن رَّحْمَتِهِۦ جَعَلَ لَكُمُ ٱلَّيْلَ وَٱلنَّهَارَ لِتَسْكُنُوا۟ فِيهِ وَلِتَبْتَغُوا۟ مِن فَضْلِهِۦ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ ﴿٧٣﴾

73. Ва Аллоҳ таоло аз раҳмати хеш шабу рӯзро бароятон қарор дод, то дар шаб ором гиред ва дар рӯз [талош кунед ва] аз бахшиши Ӯ [рӯзӣ] биҷӯед ва бошад, ки сипос гузоред

وَيَوْمَ يُنَادِيهِمْ فَيَقُولُ أَيْنَ شُرَكَآءِىَ ٱلَّذِينَ كُنتُمْ تَزْعُمُونَ ﴿٧٤﴾

74. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки Аллоҳ таоло ба онон нидо медиҳад ва мегӯяд: «Афроде, ки шарикони ман [дар парастиш] мепиндоштед, кучо ҳастанд?»

وَنَزَعْنَا مِن كُلِّ أُمَّةٍ شَهِيدًا فَقُلْنَا هَاتُوا۟ بُرْهَـٰنَكُمْ فَعَلِمُوٓا۟ أَنَّ ٱلْحَقَّ لِلَّهِ وَضَلَّ عَنْهُم مَّا كَانُوا۟ يَفْتَرُونَ ﴿٧٥﴾

75. Ва аз ҳар уммате гувоҳе бармегузинем [ки паёмбари онон аст ва дар мавриди куфрашон шаҳодат медиҳад]. Сипас ба онон мегӯем: «Далели [куфру ширки] хешро биёваред», пас, медонанд, ки ҳақ аз они Аллоҳ таоло аст ва дурӯғҳое, ки мебофтанд [ва он чи мушрикона мепарастиданд], маҳву нобуд гаштааст

۞إِنَّ قَـٰرُونَ كَانَ مِن قَوْمِ مُوسَىٰ فَبَغَىٰ عَلَيْهِمْ ۖ وَءَاتَيْنَـٰهُ مِنَ ٱلْكُنُوزِ مَآ إِنَّ مَفَاتِحَهُۥ لَتَنُوٓأُ بِٱلْعُصْبَةِ أُو۟لِى ٱلْقُوَّةِ إِذْ قَالَ لَهُۥ قَوْمُهُۥ لَا تَفْرَحْ ۖ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ ٱلْفَرِحِينَ ﴿٧٦﴾

76. Қорун аз қавми Мӯсо буд, аммо бар онон фахрфурӯшӣ намуд ва аз ганҷина он қадар ба вай дода будем, ки [ҳатто] ҳамли калидҳояш барои гурӯҳе неруманд мушкил буд. Ҳангоме ки [мардуми] қавмаш ба ӯ гуфтанд: «[Ба хотири сарватат чунин мағруру] сармаст набош. Бе тардид, Аллоҳ таоло сармастонро дӯст намедорад

وَٱبْتَغِ فِيمَآ ءَاتَىٰكَ ٱللَّهُ ٱلدَّارَ ٱلْـَٔاخِرَةَ ۖ وَلَا تَنسَ نَصِيبَكَ مِنَ ٱلدُّنْيَا ۖ وَأَحْسِن كَمَآ أَحْسَنَ ٱللَّهُ إِلَيْكَ ۖ وَلَا تَبْغِ ٱلْفَسَادَ فِى ٱلْأَرْضِ ۖ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ ٱلْمُفْسِدِينَ ﴿٧٧﴾

77. Ва бо он чи Аллоҳ таоло ба ту бахшидааст, [савоби] сарои охиратро биҷӯй ва [дар айни ҳол] бахраатро аз [зиндагии] дунё низ фаромӯш накун ва чунон ки Аллоҳ таоло ба ту некӣ

кардааст, ту низ [ба бандагонаш] некӣ кун ва ҳаргиз дар пайи табаҳкорӣ [ва фасод] дар замин набош. Бе тардид, Аллоҳ таоло муфсидонро дӯст намедорад»

قَالَ إِنَّمَآ أُوتِيتُهُۥ عَلَىٰ عِلْمٍ عِندِىٓ ۚ أَوَلَمْ يَعْلَمْ أَنَّ ٱللَّهَ قَدْ أَهْلَكَ مِن قَبْلِهِۦ مِنَ ٱلْقُرُونِ مَنْ هُوَ أَشَدُّ مِنْهُ قُوَّةً وَأَكْثَرُ جَمْعًا ۚ وَلَا يُسْـَٔلُ عَن ذُنُوبِهِمُ ٱلْمُجْرِمُونَ ﴿٧٨﴾

78. [Қорун] гуфт: «Он чи ба ман дода шуда, дар натиҷаи [қудрату] донишест, ки назди ман аст». Оё намедонист, ки Аллоҳ таоло наслҳоеро пеш аз вай нобуд карда буд, ки аз ӯ нерумандтар ва сарватмандтар буданд? Ва [рӯзи қиёмат] аз муҷримон дар бораи гуноҳонашон суол намешавад [зеро Аллоҳ таоло ҳамаро медонад]

فَخَرَجَ عَلَىٰ قَوْمِهِۦ فِى زِينَتِهِۦ ۖ قَالَ ٱلَّذِينَ يُرِيدُونَ ٱلْحَيَوٰةَ ٱلدُّنْيَا يَٰلَيْتَ لَنَا مِثْلَ مَآ أُوتِىَ قَٰرُونُ إِنَّهُۥ لَذُو حَظٍّ عَظِيمٍ ﴿٧٩﴾

79. Он гоҳ Қорун бо [таҷаммулоту] зинатҳояш дар баробари қавмаш зоҳир шуд. Афроде [аз атрофиёни ӯ], ки хостори зиндагии дунё буданд, гуфтанд: «Эй кош, ҳаммонанди он чи ба Қорун дода шудааст, мо низ доштем. Воқеан, ӯ баҳраи бузурге [аз моли дунё] дорад»

وَقَالَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْعِلْمَ وَيْلَكُمْ ثَوَابُ ٱللَّهِ خَيْرٌ لِّمَنْ ءَامَنَ وَعَمِلَ صَٰلِحًا ۚ وَلَا يُلَقَّىٰهَآ إِلَّا ٱلصَّٰبِرُونَ ﴿٨٠﴾

80. Аммо касоне, ки дониш [-и ҳақиқӣ] ёфта буданд, гуфтанд: «Вой бар шумо! Барои касе, ки имон овардааст ва корҳои шоиста мекунад, савоби илоҳӣ беҳтар аст ва ин [сухан]-ро касоне ба ҷуз шикебоён намепазиранд»

فَخَسَفْنَا بِهِۦ وَبِدَارِهِ ٱلْأَرْضَ فَمَا كَانَ لَهُۥ مِن فِئَةٍ يَنصُرُونَهُۥ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَمَا كَانَ مِنَ ٱلْمُنتَصِرِينَ ﴿٨١﴾

81. Он гоҳ Қорунро ҳамроҳи [хонааш дар замин фуру бурдем, пас, ҳеҷ гурӯҳе надошт, ки дар баробари [азоби] Аллоҳ таоло ёриаш кунанд ва [худ низ] натавонист ба хештан ёрӣ расонад

وَأَصْبَحَ ٱلَّذِينَ تَمَنَّوْا۟ مَكَانَهُۥ بِٱلْأَمْسِ يَقُولُونَ وَيْكَأَنَّ ٱللَّهَ يَبْسُطُ ٱلرِّزْقَ لِمَن يَشَآءُ مِنْ عِبَادِهِۦ وَيَقْدِرُ ۖ لَوْلَآ أَن مَّنَّ ٱللَّهُ عَلَيْنَا لَخَسَفَ بِنَا ۖ وَيْكَأَنَّهُۥ لَا يُفْلِحُ ٱلْكَٰفِرُونَ ﴿٨٢﴾

82. Ва касоне, ки дирӯз орзу мекарданд, ба ҷойи ӯ бошанд, бомдод [-и рӯзи баъд] мегуфтанд: «Вой бар мо! Гӯӣ Аллоҳ таоло аст, ки [неъмату] рӯзиро бар ҳар ки бихоҳад густурда медорад ва [ё] танг мегирад. Агар Аллоҳ таоло бар мо миннат наниҳода буд, ҳатман, моро [низ ба сазои суханонамон ба жарфои замин] фурӯ мебурд. Эй вой! Гӯӣ кофирон ҳаргиз растагор намешаванд

تِلْكَ ٱلدَّارُ ٱلْأٓخِرَةُ نَجْعَلُهَا لِلَّذِينَ لَا يُرِيدُونَ عُلُوًّا فِى ٱلْأَرْضِ وَلَا فَسَادًا ۚ وَٱلْعَٰقِبَةُ لِلْمُتَّقِينَ ﴿٨٣﴾

83. Ин сарои охиратро [фақат] барои касоне қарор медиҳем, ки хоҳони гарданкашӣ ва фасод дар замин нестанд ва саранҷоми нек аз они парҳезкорон аст

مَن جَآءَ بِٱلْحَسَنَةِ فَلَهُۥ خَيْرٌ مِّنْهَا ۖ وَمَن جَآءَ بِٱلسَّيِّئَةِ فَلَا يُجْزَى ٱلَّذِينَ عَمِلُوا۟ ٱلسَّيِّـَٔاتِ إِلَّا مَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿٨٤﴾

84. [Рӯзи қиёмат] Ҳар ки некӣ биёварад, [подоше] беҳтар аз он хоҳад дошт ва ҳар ки бадӣ биёварад, [бидонад, ки] касоне, ки корҳои ношоиста кардаанд, ҷуз [ба миқдори] он чи мекарданд, кайфар намебинанд

إِنَّ ٱلَّذِى فَرَضَ عَلَيْكَ ٱلْقُرْءَانَ لَرَآدُّكَ إِلَىٰ مَعَادٍ ۚ قُل رَّبِّىٓ أَعْلَمُ مَن جَآءَ بِٱلْهُدَىٰ وَمَنْ هُوَ فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٨٥﴾

85. Ҳамон [Парвардигоре], ки Қуръонро [нозил намуд ва таблиғашро] бар ту воҷиб кард, ҳатман, туро ба ҷойгоҳат [дар Макка] бозмегардонад. Бигӯ: «Парвардигорам беҳтар медонад, чи касе ҳидоят овардааст ва чи касе дар гумроҳии ошкор аст»

وَمَا كُنتَ تَرْجُوٓا۟ أَن يُلْقَىٰٓ إِلَيْكَ ٱلْكِتَٰبُ إِلَّا رَحْمَةً مِّن رَّبِّكَ ۖ فَلَا تَكُونَنَّ ظَهِيرًا لِّلْكَٰفِرِينَ ﴿٨٦﴾

86. Ва [пеш аз биъсат] ту орзу надоштӣ, ки ин китоб [-и осмонӣ] бар ту нозил шавад. [Ин набуд] Магар раҳмате аз ҷониби Парвардигорат. Пас, ҳаргиз пуштибони кофирон набош

وَلَا يَصُدُّنَّكَ عَنْ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ بَعْدَ إِذْ أُنزِلَتْ إِلَيْكَ ۖ وَٱدْعُ إِلَىٰ رَبِّكَ ۖ وَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ﴿٨٧﴾

87. Ва мабодо [кофирон] туро аз [таблиғи] оёти илоҳӣ - пас аз он ки бар ту нозил шуд - боздоранд! Ва [мардумро] ба сӯйи Парвардигорат даъват кун ва ҳаргиз аз мушрикон набош

وَلَا تَدْعُ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ ۘ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۚ كُلُّ شَىْءٍ هَالِكٌ إِلَّا وَجْهَهُۥ ۚ لَهُ ٱلْحُكْمُ وَإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ ﴿٨٨﴾

88. Ва маъбуди дигаре бо Аллоҳ таоло [ба ниёиш] нахон. Ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест. Ҳама чиз фанопазир аст, магар [зоти ҷовид ва] рӯйи Ӯ. Фармонравоӣ [танҳо] аз они Ӯст ва [рӯзи қиёмат ҳамагӣ] ба пешгоҳаш бозгардонда мешавед

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓمٓ ﴿١﴾

1. Алиф, лом, мим.(1)

أَحَسِبَ ٱلنَّاسُ أَن يُتْرَكُوٓاْ أَن يَقُولُوٓاْ ءَامَنَّا وَهُمْ لَا يُفْتَنُونَ ﴿٢﴾

2. Оё мардум пиндоштаанд, ҳамин ки [ба забон] бигӯянд: «Имон овардем», ононро [ба ҳоли худ] вомегузоранд ва озмуда намешаванд?

وَلَقَدْ فَتَنَّا ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْۖ فَلَيَعْلَمَنَّ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ صَدَقُواْ وَلَيَعْلَمَنَّ ٱلْكَٰذِبِينَ ﴿٣﴾

3. Ва ба ростӣ касонеро, ки пеш аз онон буданд, низ озмудем ва то Аллоҳ таоло касонеро, ки [дар бораи имонашон] рост гуфтаанд, бозшиносад ва дурӯғгӯёнро [низ] маълум гардонад

أَمْ حَسِبَ ٱلَّذِينَ يَعْمَلُونَ ٱلسَّيِّـَٔاتِ أَن يَسْبِقُونَاۚ سَآءَ مَا يَحْكُمُونَ ﴿٤﴾

4. Оё касоне, ки корҳои ношоиста кардаанд, пиндоштаанд, ки метавонанд аз Мо пешӣ бигиранд [ва аз азобамон бигурезанд]? Чи бад доварӣ мекунанд!

مَن كَانَ يَرْجُواْ لِقَآءَ ٱللَّهِ فَإِنَّ أَجَلَ ٱللَّهِ لَأٓتٖۚ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴿٥﴾

5. Ҳар ки ба дидори Аллоҳ таоло умед дорад, [бидонад, ки] ваъдаи Аллоҳ таоло, ҳатман, хоҳад омад ва ӯ шунавову доност

وَمَن جَٰهَدَ فَإِنَّمَا يُجَٰهِدُ لِنَفْسِهِۦٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَغَنِيٌّ عَنِ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٦﴾

6. Ва ҳар ки [дар роҳи ҳақ] бикӯшад, ба суди хеш кӯшидааст. Бе тардид, Аллоҳ таоло аз ҷаҳониён бениёз аст

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَنُكَفِّرَنَّ عَنْهُمْ سَيِّـَٔاتِهِمْ وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ أَحْسَنَ ٱلَّذِى كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿٧﴾

7. Ва касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, яқинан гуноҳонашонро мезудоем ва ононро ба беҳтар аз он чи кардаанд, подош медиҳем

وَوَصَّيْنَا ٱلْإِنسَٰنَ بِوَٰلِدَيْهِ حُسْنًاۖ وَإِن جَٰهَدَاكَ لِتُشْرِكَ بِى مَا لَيْسَ لَكَ بِهِۦ عِلْمٞ فَلَا تُطِعْهُمَآۚ إِلَىَّ مَرْجِعُكُمْ فَأُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٨﴾

8. Ва ба инсон супориш кардем, ки ба падару модараш некӣ намояд ва [гуфтем]: «Агар он ду кӯшиданд, то чизеро, ки ту ба он донише

(*) Анкабут (Тортанак).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

надорӣ шарики Ман созӣ, пас, аз онҳо итоат макун. Бозгаштатон ба сӯи Ман аст, он гоҳ шуморо аз [ҳақиқати] он чи мекардед, огоҳ хоҳам кард

9. Ва касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, албатта, ононро дар [зумраи] шоистагон дармеоварем

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَنُدۡخِلَنَّهُمۡ فِي ٱلصَّٰلِحِينَ ٩

10. Ва бархе аз мардум ҳастанд, ки мегӯянд «ба Аллоҳ таоло имон овардем». Аммо ҳангоме ки дар роҳи Аллоҳ таоло озор мебинанд, озори кофиронро ҳамчун азоби Аллоҳ таоло [сахту ҷонкоҳ] медонанд [ва аз имонашон даст мекашанд] ва агар аз сӯйи Парвардигорат пирӯзӣ [ва кушоише бароятон] пеш ояд, мегӯянд: «Бе тардид, мо [низ] бо шумо ҳамроҳ будем». Оё Аллоҳ таоло ба он чи дар дилҳои ҷаҳониён аст, донотар нест?

وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَقُولُ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ فَإِذَآ أُوذِيَ فِي ٱللَّهِ جَعَلَ فِتۡنَةَ ٱلنَّاسِ كَعَذَابِ ٱللَّهِۖ وَلَئِن جَآءَ نَصۡرٞ مِّن رَّبِّكَ لَيَقُولُنَّ إِنَّا كُنَّا مَعَكُمۡۚ أَوَلَيۡسَ ٱللَّهُ بِأَعۡلَمَ بِمَا فِي صُدُورِ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٠

11. Ва ба ростӣ, Аллоҳ таоло касонеро, ки имон овардаанд, ба хубӣ мешиносад ва яқинан, мунофиқонро [низ] мешиносад

وَلَيَعۡلَمَنَّ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَلَيَعۡلَمَنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ ١١

12. Ва касоне, ки куфр варзиданд, ба касоне, ки имон оварданд, мегуфтанд: «Аз роҳи мо пайравӣ кунед, ва ҳатман, бори гуноҳонатонро ба ухда мегирем», вале онон ҳаргиз чизе аз гуноҳони эшонро бар уҳда нахоҳанд гирифт. Ба ростӣ, ки онон дурӯғгӯ ҳастанд

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لِلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّبِعُواْ سَبِيلَنَا وَلۡنَحۡمِلۡ خَطَٰيَٰكُمۡ وَمَا هُم بِحَٰمِلِينَ مِنۡ خَطَٰيَٰهُم مِّن شَيۡءٍۖ إِنَّهُمۡ لَكَٰذِبُونَ ١٢

13. Ва, ҳатман, бори сангини [гуноҳи] худ ва борҳои сангин [-и гуноҳи пайравон]-ашонро ҳамроҳи бори сангини худ ба дӯш хоҳанд кашид ва яқинан, рӯзи қиёмат дар мавриди дурӯғҳое, ки мебофтанд, бозхост хоҳанд шуд

وَلَيَحۡمِلُنَّ أَثۡقَالَهُمۡ وَأَثۡقَالٗا مَّعَ أَثۡقَالِهِمۡۖ وَلَيُسۡـَٔلُنَّ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ عَمَّا كَانُواْ يَفۡتَرُونَ ١٣

14. Ва Мо Нуҳро ба сӯи қавмаш фиристодем ва ӯ нуҳсаду панҷоҳ сол дар миёни онон буд. Он гоҳ, дар ҳоле ки ситамгор [-у кофир] буданд, тӯфон [-и сангин] ононро фаро гирифт

وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا نُوحًا إِلَىٰ قَوۡمِهِۦ فَلَبِثَ فِيهِمۡ أَلۡفَ سَنَةٍ إِلَّا خَمۡسِينَ عَامٗا فَأَخَذَهُمُ ٱلطُّوفَانُ وَهُمۡ ظَٰلِمُونَ ١٤

فَأَنجَيْنَٰهُ وَأَصْحَٰبَ ٱلسَّفِينَةِ وَجَعَلْنَٰهَآ ءَايَةً لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿١٥﴾

15. Пас ӯ [Нуҳ] ва сарнишинони киштиро наҷот додем ва он [киштӣ]-ро нишонае барои [ибрат гирифтани] ҷаҳониён қарор додем

وَإِبْرَٰهِيمَ إِذْ قَالَ لِقَوْمِهِ ٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ وَٱتَّقُوهُ ۖ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿١٦﴾

16. Ва [ёд кун аз] Иброҳим он гоҳ ки ба қавмаш гуфт: «Аллоҳро бипарастед ва аз Ӯ парво кунед, [ки] агар бидонед, ин кор бароятон беҳтар аст

إِنَّمَا تَعْبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَوْثَٰنًا وَتَخْلُقُونَ إِفْكًا ۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ تَعْبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ لَا يَمْلِكُونَ لَكُمْ رِزْقًا فَٱبْتَغُوا۟ عِندَ ٱللَّهِ ٱلرِّزْقَ وَٱعْبُدُوهُ وَٱشْكُرُوا۟ لَهُۥٓ ۖ إِلَيْهِ تُرْجَعُونَ ﴿١٧﴾

17. Ҷуз ин нест, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло шумо фақат бутҳое [аз сангу чӯб]-ро мепарастед ва [бо ин кор ба Аллоҳ таоло] дурӯғ мебандед. Дар ҳақиқат, касонеро, ки шумо ба ҷойи Аллоҳ таоло мепарастед, ихтиёри рӯзиатонро надоранд, пас, [неъмату] рӯзиро танҳо аз пешгоҳи Аллоҳ таоло талаб кунед ва Ӯро бипарастед ва шукри Ӯро ба ҷо оваред [ки] ба сӯйи Ӯ бозгардонда мешавед

وَإِن تُكَذِّبُوا۟ فَقَدْ كَذَّبَ أُمَمٌ مِّن قَبْلِكُمْ ۖ وَمَا عَلَى ٱلرَّسُولِ إِلَّا ٱلْبَلَٰغُ ٱلْمُبِينُ ﴿١٨﴾

18. Ва [эй мушрикон] агар шумо [Муҳаммадро] дурӯғгӯ бидонед, [аҷиб нест] бе тардид, бархе аз умматҳои пеш аз шумо низ [паёмбарони илоҳиро] дурӯғгӯ ангоштанд. Ва паёмбар вазифае ҷуз расонидани ошкори [ваҳй] надорад»

أَوَلَمْ يَرَوْا۟ كَيْفَ يُبْدِئُ ٱللَّهُ ٱلْخَلْقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥٓ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٌ ﴿١٩﴾

19. Оё надиданд, ки Аллоҳ таоло чи гуна офаринишро оғоз мекунад, сипас онро [пас аз маргаш] бозмегардонад? Ҳатман, ин кор барои Аллоҳ таоло осон аст

قُلْ سِيرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ فَٱنظُرُوا۟ كَيْفَ بَدَأَ ٱلْخَلْقَ ۚ ثُمَّ ٱللَّهُ يُنشِئُ ٱلنَّشْأَةَ ٱلْءَاخِرَةَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٢٠﴾

20. [Эй Паёмбар, ба кофирон] бигӯ: «Дар замин гардиш кунед ва бингаред, ки Аллоҳ таоло чи гуна офаринишро оғоз кард, пас, [ба ҳамин сурат низ] зиндагии дигарро падид меоварад. Бе тардид, Аллоҳ таоло бар ҳар коре тавоност

يُعَذِّبُ مَن يَشَآءُ وَيَرْحَمُ مَن يَشَآءُ ۖ وَإِلَيْهِ تُقْلَبُونَ ﴿٢١﴾

21. Ӯ ҳар киро бихоҳад, азоб мекунад ва бар ҳар ки бихоҳад, раҳмат меоварад ва [ҳамагӣ] ба сӯяш бозгардонда мешавед

وَمَآ أَنتُم بِمُعْجِزِينَ فِى ٱلْأَرْضِ وَلَا فِى ٱلسَّمَآءِ ۖ وَمَا لَكُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ مِن وَلِىٍّ وَلَا نَصِيرٍ ﴿٢٢﴾

22. Шумо - [на] дар замин ва на дар осмон - ҳаргиз нотавонкунандаи Ӯ нестед ва ҷуз Аллоҳ таоло ҳеҷ корсозу ёваре надоред»

وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِـَٔايَـٰتِ ٱللَّهِ وَلِقَآئِهِۦٓ أُوْلَـٰٓئِكَ يَئِسُواْ مِن رَّحْمَتِى وَأُوْلَـٰٓئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٢٣﴾

23. Ва касоне, ки ба оёти Аллоҳ таоло ва дидори Ӯ куфр варзиданд, ононанд, ки аз раҳмати Ман маъюсанд ва азоби дардноке барояшон [дар пеш] аст

فَمَا كَانَ جَوَابَ قَوْمِهِۦٓ إِلَّآ أَن قَالُواْ ٱقْتُلُوهُ أَوْ حَرِّقُوهُ فَأَنجَىٰهُ ٱللَّهُ مِنَ ٱلنَّارِ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَـٰتٍ لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٢٤﴾

24. Он гоҳ ҷавоби қавми ӯ [Иброҳим] ҷуз ин набуд, ки гуфтанд: «Ӯро бикушед, бисӯзонед». Пас, Аллоҳ таоло аз оташ наҷоташ дод. Бе тардид, дар ин [раҳоӣ аз оташ] барои гурӯҳе, ки имон меоваранд, нишонаҳое [барои ибрат гирифтан] аст

وَقَالَ إِنَّمَا ٱتَّخَذْتُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ أَوْثَـٰنًا مَّوَدَّةَ بَيْنِكُمْ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا ۖ ثُمَّ يَوْمَ ٱلْقِيَـٰمَةِ يَكْفُرُ بَعْضُكُم بِبَعْضٍ وَيَلْعَنُ بَعْضُكُم بَعْضًا وَمَأْوَىٰكُمُ ٱلنَّارُ وَمَا لَكُم مِّن نَّـٰصِرِينَ ﴿٢٥﴾

25. Ва [Иброҳим] гуфт: «Шумо ба ҷойи Аллоҳ таоло бутҳое барои худ баргузидаед, ки [мояи дӯстӣ ва] муҳаббат миёни шумо дар зиндагии дунё бошад. Он гоҳ рӯзи қиёмат мункири якдигар мешавед ва ҳамдигарро лаънат мекунед ва ҷойгоҳатон оташ аст ва ҳеҷ ёригаре нахоҳед дошт»

فَـَٔامَنَ لَهُۥ لُوطٌ ۘ وَقَالَ إِنِّى مُهَاجِرٌ إِلَىٰ رَبِّىٓ ۖ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٢٦﴾

26. Пас, Лут ба ӯ имон овард ва [Иброҳим] гуфт: «Ман ба сӯйи Парвардигорам [ба сарзамини Шом] ҳиҷрат мекунам. Бе тардид, Ӯ шикастнопазири ҳаким аст»

وَوَهَبْنَا لَهُۥٓ إِسْحَـٰقَ وَيَعْقُوبَ وَجَعَلْنَا فِى ذُرِّيَّتِهِ ٱلنُّبُوَّةَ وَٱلْكِتَـٰبَ وَءَاتَيْنَـٰهُ أَجْرَهُۥ فِى ٱلدُّنْيَا ۖ وَإِنَّهُۥ فِى ٱلْـَٔاخِرَةِ لَمِنَ ٱلصَّـٰلِحِينَ ﴿٢٧﴾

27. Ва Исҳоқу Яъқубро ба ӯ бахшидем ва миёни фарзандонаш нубувват ва китоб [-и осмонӣ] қарор додем ва подошашро дар ин дунё додем ва яқинан, ӯ дар охират [низ] аз шоистагон хоҳад буд

وَلُوطًا إِذْ قَالَ لِقَوْمِهِۦٓ إِنَّكُمْ لَتَأْتُونَ ٱلْفَـٰحِشَةَ مَا سَبَقَكُم بِهَا مِنْ أَحَدٍ مِّنَ ٱلْعَـٰلَمِينَ ﴿٢٨﴾

28. Ва [ёд кун аз] Лут ҳангоме ки ба қавмаш гуфт: «Воқеан, кори бисёр зиште мекунед, ки пеш аз шумо ҳеҷ як аз мардуми ҷаҳон анҷом надодааст

أَئِنَّكُمْ لَتَأْتُونَ ٱلرِّجَالَ وَتَقْطَعُونَ ٱلسَّبِيلَ وَتَأْتُونَ فِى نَادِيكُمُ ٱلْمُنكَرَ ۖ فَمَا كَانَ جَوَابَ قَوْمِهِۦٓ إِلَّآ أَن قَالُواْ ٱئْتِنَا بِعَذَابِ ٱللَّهِ إِن كُنتَ مِنَ ٱلصَّـٰدِقِينَ ﴿٢٩﴾

29. Оё бо мардон меомезед ва [ба қасди таҷовуз ба мусофирон] роҳро мебандед ва дар маҷолиси худ муртакиби корҳои нописанд мешаведӣ? Пас, посухи қавмаш ҷуз ин набуд, ки гуфтанд: «Агар ростгӯй, азоби илоҳиро пеш овар»

قَالَ رَبِّ ٱنصُرۡنِي عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡمُفۡسِدِينَ ٣٠

30. [Лут] Гуфт: «Парвардигоро, маро дар баробари муфсидон ёрӣ кун»

وَلَمَّا جَآءَتۡ رُسُلُنَآ إِبۡرَٰهِيمَ بِٱلۡبُشۡرَىٰ قَالُوٓاْ إِنَّا مُهۡلِكُوٓاْ أَهۡلِ هَٰذِهِ ٱلۡقَرۡيَةِۖ إِنَّ أَهۡلَهَا كَانُواْ ظَٰلِمِينَ ٣١

31. Ва ҳангоме ки фиристодагони мо ба Иброҳим башорати [таваллуди писарашро] доданд, ба ӯ гуфтанд: «Мо сокинони шаҳри [Садум]-ро нобуд хоҳем кард, [чаро ки] бе тардид, мардуми он ҷо ситамгоранд»

قَالَ إِنَّ فِيهَا لُوطٗاۚ قَالُواْ نَحۡنُ أَعۡلَمُ بِمَن فِيهَاۖ لَنُنَجِّيَنَّهُۥ وَأَهۡلَهُۥٓ إِلَّا ٱمۡرَأَتَهُۥ كَانَتۡ مِنَ ٱلۡغَٰبِرِينَ ٣٢

32. [Иброҳим] Гуфт: «Лут низ дар он ҷост». Фариштагон гуфтанд: «Мо беҳтар медонем чи касоне дар он ҷо ҳастанд. Ӯ ва хонаводаашро, ҳатман, наҷот хоҳем дод, магар ҳамсараш, ки аз бозмондагон [дар азоб] хоҳад буд»

وَلَمَّآ أَن جَآءَتۡ رُسُلُنَا لُوطَا سِيٓءَ بِهِمۡ وَضَاقَ بِهِمۡ ذَرۡعٗا وَقَالُواْ لَا تَخَفۡ وَلَا تَحۡزَنۡ إِنَّا مُنَجُّوكَ وَأَهۡلَكَ إِلَّا ٱمۡرَأَتَكَ كَانَتۡ مِنَ ٱلۡغَٰبِرِينَ ٣٣

33. Ва чун фариштагони мо назди Лут омаданд, аз [тасаввури бешармии қавмаш нисбат ба] онон нигарон ва дилтанг шуд ва [фариштагон] гуфтанд: Натарс ва андуҳгин набош. Мо ту ва хонаводаатро, ҳатман, наҷот медиҳем, магар ҳамсаратро, ки аз бозмондагон [дар азоб] аст

إِنَّا مُنزِلُونَ عَلَىٰٓ أَهۡلِ هَٰذِهِ ٱلۡقَرۡيَةِ رِجۡزٗا مِّنَ ٱلسَّمَآءِ بِمَا كَانُواْ يَفۡسُقُونَ ٣٤

34. Мо бар сокинони ин шаҳр - ба кайфари он ки нофармонӣ [ва гуноҳ] кардаанд - азобе аз осмон фуруд меоварем»

وَلَقَد تَّرَكۡنَا مِنۡهَآ ءَايَةَۢ بَيِّنَةٗ لِّقَوۡمٖ يَعۡقِلُونَ ٣٥

35. Ва дар ҳақиқат, мо аз он шаҳр [-и вайроншуда] барои касоне, ки меандешанд, нишона [ва ибрати] ошкоре боқӣ гузоштем

وَإِلَىٰ مَدۡيَنَ أَخَاهُمۡ شُعَيۡبٗا فَقَالَ يَٰقَوۡمِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱرۡجُواْ ٱلۡيَوۡمَ ٱلۡأٓخِرَ وَلَا تَعۡثَوۡاْ فِي ٱلۡأَرۡضِ مُفۡسِدِينَ ٣٦

36. Ва ба сӯйи [сокинони] Мадян бародарашон Шуайб [-ро фирситодем]. Ӯ гуфт: «Эй қавми ман, Аллоҳро бипарастед ва ба рӯзи бозпасин умедвор бошед ва дар замин ба фасод [ва табоҳӣ] накӯшед»

فَكَذَّبُوهُ فَأَخَذَتۡهُمُ ٱلرَّجۡفَةُ فَأَصۡبَحُواْ فِي دَارِهِمۡ جَٰثِمِينَ ٣٧

37. Вале ӯро дурӯғгӯ ангоштанд ва зилзила ононро фаро гирифт. Пас, дар хонаҳои худ ба рӯй афтоданд ва ҳалок шуданд

وَعَادٗا وَثَمُودَاْ وَقَد تَّبَيَّنَ لَكُم مِّن مَّسَٰكِنِهِمۡۖ وَزَيَّنَ لَهُمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ

38. Ва [қавми] Од ва Самудро [низ ҳалок кардем]

أَعۡمَٰلَهُمۡ فَصَدَّهُمۡ عَنِ ٱلسَّبِيلِ وَكَانُواْ مُسۡتَبۡصِرِينَ ٣٨

ва яқинан бархе аз хонаҳои [вайроншудаи] онон бароятон намоён аст. Ва шайтон корҳояшонро дар назарашон биёрост ва ононро аз роҳи [ҳақ] боздошт, дар ҳоле ки [нисбат ба ҳаққу ботил] бино буданд

وَقَٰرُونَ وَفِرۡعَوۡنَ وَهَٰمَٰنَۖ وَلَقَدۡ جَآءَهُم مُّوسَىٰ بِٱلۡبَيِّنَٰتِ فَٱسۡتَكۡبَرُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَمَا كَانُواْ سَٰبِقِينَ ٣٩

39. Ва Қорун ва Фиръавн ва Ҳомонро [низ нобуд кардем] ва ба ростӣ, Мӯсо бо далоили равшан наздашон омад, пас, онон дар сарзамин [-и Миср] саркашӣ карданд, вале [аз азоби илоҳӣ] пешӣ нагирифтанд [ва роҳи фирор надоштанд]

فَكُلًّا أَخَذۡنَا بِذَنۢبِهِۦۖ فَمِنۡهُم مَّنۡ أَرۡسَلۡنَا عَلَيۡهِ حَاصِبٗا وَمِنۡهُم مَّنۡ أَخَذَتۡهُ ٱلصَّيۡحَةُ وَمِنۡهُم مَّنۡ خَسَفۡنَا بِهِ ٱلۡأَرۡضَ وَمِنۡهُم مَّنۡ أَغۡرَقۡنَاۚ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيَظۡلِمَهُمۡ وَلَٰكِن كَانُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ يَظۡلِمُونَ ٤٠

40. Пас, ҳар яке аз эшонро ба [кайфари] гуноҳашон азоб кардем. Пас, ба бархе аз онон борони санг фиристодем ва бархе дигарро бонги маргбор фурӯ гирифт ва бархеро дар замин фурӯ бурдем ва бархеро ғарқ кардем. Аллоҳ таоло ҳаргиз ба онон ситам накард, балки онон [худ] ба хештан ситам мекарданд

مَثَلُ ٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَوۡلِيَآءَ كَمَثَلِ ٱلۡعَنكَبُوتِ ٱتَّخَذَتۡ بَيۡتٗاۖ وَإِنَّ أَوۡهَنَ ٱلۡبُيُوتِ لَبَيۡتُ ٱلۡعَنكَبُوتِۚ لَوۡ كَانُواْ يَعۡلَمُونَ ٤١

41. Масали касоне, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло дӯстоне [аз сангу чӯб ва мурдагонро ба унвони шафоатгар] барои худ баргузидаанд, ҳамчун масали анкабут аст, ки хонаи [бедавомро паноҳгоҳи хеш] баргузидааст ва бе тардид, суститарин хонаҳо хонаи анкабут аст. Агар [мушрикон ин ҳақиқатро] медонистанд, [бутҳоро ба парастиш намегирифтанд]

إِنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ مَا يَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ مِن شَيۡءٖۚ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٤٢

42. Яқинан, Аллоҳ таоло ҳар он чиро ба ҷойи Ӯ [ба парастиш] мехонанд медонад ва Ӯ шикастнопазири ҳаким аст

وَتِلۡكَ ٱلۡأَمۡثَٰلُ نَضۡرِبُهَا لِلنَّاسِۖ وَمَا يَعۡقِلُهَآ إِلَّا ٱلۡعَٰلِمُونَ ٤٣

43. Ин масалҳоро барои мардум мезанем ва ҷуз доноён касе онҳоро дарнамеёбад

خَلَقَ ٱللَّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ بِٱلۡحَقِّۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّلۡمُؤۡمِنِينَ ٤٤

44. Аллоҳ таоло осмонҳо ва заминро ба ҳақ офарид. Бе тардид, дар ин [офариниш] барои муъминон нишонае [аз кудрати илоҳӣ] аст

ٱتۡلُ مَآ أُوحِيَ إِلَيۡكَ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَأَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَۖ إِنَّ ٱلصَّلَوٰةَ تَنۡهَىٰ عَنِ

45. [Эй Паёмбар] Он чиро аз ин китоб бар ту

ٱلْفَحْشَآءِ وَٱلْمُنكَرِ ۗ وَلَذِكْرُ ٱللَّهِ أَكْبَرُ ۗ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ مَا تَصْنَعُونَ ﴿٤٥﴾

ваҳй шудааст, тиловат кун ва намоз барпо дор. Ба ростӣ, ки намоз инсонро аз гуноҳ ва зиштқорӣ бозмедорад ва, албатта, ёди Аллоҳ таоло [аз ҳар коре] болотар аст ва Аллоҳ таоло медонад, ки чи мекунед

۞ وَلَا تُجَٰدِلُوٓاْ أَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ إِلَّا بِٱلَّتِى هِىَ أَحْسَنُ إِلَّا ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ مِنْهُمْ ۖ وَقُولُوٓاْ ءَامَنَّا بِٱلَّذِىٓ أُنزِلَ إِلَيْنَا وَأُنزِلَ إِلَيْكُمْ وَإِلَٰهُنَا وَإِلَٰهُكُمْ وَٰحِدٌ وَنَحْنُ لَهُۥ مُسْلِمُونَ ﴿٤٦﴾

46. [Эй муъминон] Бо аҳли китоб ҷуз ба беҳтарин шева баҳсу мунозира накунед, магар касоне аз онон, ки ситам карданд [ва бо шумо ба ҷанг бархостанд] ва бигӯед: «Мо ба тамоми он чи [аз сӯйи Аллоҳ таоло] бар мо ва шумо нозил шудааст, имон овардаем ва маъбуди мо ва шумо якест ва мо таслими [фармони] Ӯ ҳастем»

وَكَذَٰلِكَ أَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ ۚ فَٱلَّذِينَ ءَاتَيْنَٰهُمُ ٱلْكِتَٰبَ يُؤْمِنُونَ بِهِۦ ۖ وَمِنْ هَٰٓؤُلَآءِ مَن يُؤْمِنُ بِهِۦ ۚ وَمَا يَجْحَدُ بِـَٔايَٰتِنَآ إِلَّا ٱلْكَٰفِرُونَ ﴿٤٧﴾

47. Ва бад-ин гуна [ки ба паёмбарони пешин китоби осмонӣ фурӯ фиристодем] ин китобро [низ] бар ту нозил кардем, пас, касоне, ки [пеш аз ту] ба онон китоб [-и осмонӣ] додем, ба ин [Қуръон низ] имон меоваранд ва аз инон [мушрикон] касоне ҳастанд, ки ба он имон меоваранд ва ҷуз кофирон [касе] оёти Моро инкор намекунад

وَمَا كُنتَ تَتْلُواْ مِن قَبْلِهِۦ مِن كِتَٰبٍ وَلَا تَخُطُّهُۥ بِيَمِينِكَ ۖ إِذًا لَّٱرْتَابَ ٱلْمُبْطِلُونَ ﴿٤٨﴾

48. Ва пеш аз [нузули] Қуръон ту [ҳаргиз] ҳеҷ китобе намехондӣ ва бо дасти худ чизе наменавиштӣ, вагарна, ҳатман, ботиландешон [дар бораи ҳақиқати паёмбариат] тардид мекарданд

بَلْ هُوَ ءَايَٰتٌۢ بَيِّنَٰتٌ فِى صُدُورِ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلْعِلْمَ ۚ وَمَا يَجْحَدُ بِـَٔايَٰتِنَآ إِلَّا ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٤٩﴾

49. Балки он [китоб муштамил бар] оёти равшанест, ки дар синаи донишварон [-и муъмин] ҷой дорад ва ҷуз ситамгорон [-и мушрик касе] оёти Моро инкор намекунад

وَقَالُواْ لَوْلَآ أُنزِلَ عَلَيْهِ ءَايَٰتٌ مِّن رَّبِّهِۦ ۖ قُلْ إِنَّمَا ٱلْـَٔايَٰتُ عِندَ ٱللَّهِ وَإِنَّمَآ أَنَا۠ نَذِيرٌ مُّبِينٌ ﴿٥٠﴾

50. Ва [мушрикон] гуфтанд: «Чаро муъҷизоте аз сӯи Парвардигораш бар ӯ нозил нашудааст»? Бигӯ: «Муъҷизот назди Аллоҳ таоло аст [ва ба фармони Ӯ нозил мешавад] ва ман фақат бимдиҳандаи ошкорам»

أَوَلَمْ يَكْفِهِمْ أَنَّآ أَنزَلْنَا عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ يُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَرَحْمَةً وَذِكْرَىٰ لِقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٥١﴾

51. Оё барояшон кофӣ нест, ки Мо Қуръонро бар ту нозил кардем, ки [пайваста] бар онон

хонда мешавад? Бе гумон, дар ин [Қуръон] барои мардуме, ки имон меоваранд, раҳмату панд аст

52. Бигӯ: «Ҳамин бас, ки Аллоҳ таоло миёни ману шумо гувоҳ аст. Ӯ он чиро, ки дар осмонҳо ва замин аст, медонад ва касоне, ки ба ботил гаравидаанд ва ба Аллоҳ таоло куфр варзидаанд, ононанд, ки зиёнкоранд»

قُلْ كَفَىٰ بِٱللَّهِ بَيْنِى وَبَيْنَكُمْ شَهِيدًا ۖ يَعْلَمُ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۗ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ بِٱلْبَٰطِلِ وَكَفَرُوا۟ بِٱللَّهِ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْخَٰسِرُونَ ﴿٥٢﴾

53. Ва [мушрикон] ба шитоб аз ту дархости азоб мекунанд ва агар мавъиди муқарраре [дар кор] набуд, яқинан, азоби [илоҳӣ] ба [суроғи] онон меомад ва [саранҷом] дар ҳоле ки ғофиланд, ногаҳон ба суроғашон хоҳад омад

وَيَسْتَعْجِلُونَكَ بِٱلْعَذَابِ وَلَوْلَآ أَجَلٌ مُّسَمًّى لَّجَآءَهُمُ ٱلْعَذَابُ ۚ وَلَيَأْتِيَنَّهُم بَغْتَةً وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ ﴿٥٣﴾

54. Ва [мушрикон] ба шитоб аз ту дархости азоб мекунанд, ва яқинан, дузах бар кофирон иҳота дорад

يَسْتَعْجِلُونَكَ بِٱلْعَذَابِ وَإِنَّ جَهَنَّمَ لَمُحِيطَةٌۢ بِٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٥٤﴾

55. Рӯзе, ки азоб аз болои сару зери пояшон ононро фаро мегирад ва [Аллоҳ таоло ба онон] мефармояд: «[Кайфари] Он чиро анҷом медодед, бичашед

يَوْمَ يَغْشَىٰهُمُ ٱلْعَذَابُ مِن فَوْقِهِمْ وَمِن تَحْتِ أَرْجُلِهِمْ وَيَقُولُ ذُوقُوا۟ مَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٥٥﴾

56. Эй бандагони ман, ки имон овардаед, бе гумон, замини Ман густарда аст [пас, барои раҳоӣ аз фишори мушрикон ҳиҷрат кунед] ва танҳо Маро парастед»

يَٰعِبَادِىَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِنَّ أَرْضِى وَٰسِعَةٌ فَإِيَّٰىَ فَٱعْبُدُونِ ﴿٥٦﴾

57. Ҳар касе чашандаи [таъми] марг аст; он гоҳ ба сӯи Мо бозгардонда мешавед

كُلُّ نَفْسٍ ذَآئِقَةُ ٱلْمَوْتِ ۖ ثُمَّ إِلَيْنَا تُرْجَعُونَ ﴿٥٧﴾

58. Ва касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, ҳатман, ононро дар ғурфаҳое аз биҳишт ҷой медиҳем, ки ҷӯйборҳо аз зери он ҷорӣ аст. Ҷовидона дар он хоҳанд монд. Чи накуст подоши амалкунандагон!

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَنُبَوِّئَنَّهُم مِّنَ ٱلْجَنَّةِ غُرَفًا تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا ۚ نِعْمَ أَجْرُ ٱلْعَٰمِلِينَ ﴿٥٨﴾

59. [Ҳамон] Касоне, ки шикебоӣ варзиданд ва танҳо бар Парвардигорашон таваккал мекунанд

ٱلَّذِينَ صَبَرُوا۟ وَعَلَىٰ رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ ﴿٥٩﴾

وَكَأَيِّن مِّن دَآبَّةٍ لَّا تَحۡمِلُ رِزۡقَهَا ٱللَّهُ يَرۡزُقُهَا وَإِيَّاكُمۡۚ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ﴿٦٠﴾

60. Ва чи бисёр ҷондороне, ки [наметавонанд] рӯзии худро ҳамл [ё захира] кунанд. Аллоҳ таоло ба онҳо ва шумо рӯзӣ медиҳад ва Ӯ шунавову доност

وَلَئِن سَأَلۡتَهُم مَّنۡ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ وَسَخَّرَ ٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُۖ فَأَنَّىٰ يُؤۡفَكُونَ ﴿٦١﴾

61. Ва агар аз онон [мушрикон] бипурсӣ: «Чи касе осмонҳо ва заминро офарида ва хуршеду моҳро ба хидмат [-и инсон] гумоштааст?». Мусалламан, мегӯянд: «Аллоҳ таоло. Пас, чи гуна [аз ҳақ] рӯйгардон мешаванд?

ٱللَّهُ يَبۡسُطُ ٱلرِّزۡقَ لِمَن يَشَآءُ مِنۡ عِبَادِهِۦ وَيَقۡدِرُ لَهُۥٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٞ ﴿٦٢﴾

62. Аллоҳ таоло [неъмату] рӯзиро бар ҳар ки бихоҳад густурда медорад ва [ё] танг мегирад. Бе тардид, Аллоҳ таоло ба ҳар чизе доност

وَلَئِن سَأَلۡتَهُم مَّن نَّزَّلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَحۡيَا بِهِ ٱلۡأَرۡضَ مِنۢ بَعۡدِ مَوۡتِهَا لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُۚ قُلِ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِۚ بَلۡ أَكۡثَرُهُمۡ لَا يَعۡقِلُونَ ﴿٦٣﴾

63. Ва агар аз онон бипурсӣ: «Чи касе аз осмон борон фиристод ва ба василаи он заминро - пас аз хушкӣ ва хазонаш - зинда кард»? Мусалламан, мегӯянд: «Аллоҳ таоло». Бигӯ: «Ҳамду ситоиш махсуси Аллоҳ таоло аст», балки бештарашон [дар ин нишонаҳо] намеандешанд

وَمَا هَٰذِهِ ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَآ إِلَّا لَهۡوٞ وَلَعِبٞۚ وَإِنَّ ٱلدَّارَ ٱلۡأٓخِرَةَ لَهِيَ ٱلۡحَيَوَانُۚ لَوۡ كَانُواْ يَعۡلَمُونَ ﴿٦٤﴾

64. Ва ин зиндагии дунё [чизе] ҷуз саргармӣ ва бозича нест ва бе тардид, сарои охират зиндагонӣ [-и ростин] аст. Агар [кофирон ин ҳақиқатро] медонистанд [ба дунё дилбаста намебуданд]

فَإِذَا رَكِبُواْ فِي ٱلۡفُلۡكِ دَعَوُاْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ فَلَمَّا نَجَّىٰهُمۡ إِلَى ٱلۡبَرِّ إِذَا هُمۡ يُشۡرِكُونَ ﴿٦٥﴾

65. Вақте [мушрикон] дар киштӣ савор мешаванд, Аллоҳро бо ихлос мехонанд, аммо чун ононро ба хушкӣ мерасонад ва [аз хатари ғарқ шудан] мераҳонад, он гоҳ [боз ҳам] ширк меварзанд

لِيَكۡفُرُواْ بِمَآ ءَاتَيۡنَٰهُمۡ وَلِيَتَمَتَّعُواْۚ فَسَوۡفَ يَعۡلَمُونَ ﴿٦٦﴾

66. [Чунин мекунанд] То нисбат ба неъматҳое, ки ба эшон додаем, носипосӣ кунанд ва [аз лаззатҳои зиндагии дунё] баҳраманд бошанд. Пас, ба зудӣ [саранҷоми дарднокашонро] хоҳанд донист

أَوَلَمۡ يَرَوۡاْ أَنَّا جَعَلۡنَا حَرَمًا ءَامِنٗا وَيُتَخَطَّفُ ٱلنَّاسُ مِنۡ حَوۡلِهِمۡۚ أَفَبِٱلۡبَٰطِلِ يُؤۡمِنُونَ وَبِنِعۡمَةِ ٱللَّهِ يَكۡفُرُونَ ﴿٦٧﴾

67. Оё надидаанд, дар ҳоле ки мардум перомунашон [гирифтори қатлу ғорат ҳастанд ва] мавриди дастбурд қарор мегиранд, Мо ҳарами амне [барои мардуми Макка] падид овардем? Оё

[боз ҳам] ба [бутҳои] ботил имон меоваранд ва нисбат ба неъмати Аллоҳ таоло носипосӣ мекунанд?

68. Ва кист ситамгортар аз он ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебандад ё ҳақро - он гоҳ ба ӯ мерасад - дурӯғ меангорад? Оё дар дузах ҷойгоҳе барои кофирон нест?

وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنِ ٱفْتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا أَوْ كَذَّبَ بِٱلْحَقِّ لَمَّا جَآءَهُۥٓ ۚ أَلَيْسَ فِى جَهَنَّمَ مَثْوًى لِّلْكَٰفِرِينَ ﴿٦٨﴾

69. Касоне, ки дар роҳи [хушнудии] Мо мекӯшанд, ҳатман, ба роҳҳои хеш ҳидояташон мекунем ва бе тардид, Аллоҳ таоло бо накукорон аст

وَٱلَّذِينَ جَٰهَدُوا۟ فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا ۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَمَعَ ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿٦٩﴾

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Алиф, лом, мим.[1]	الٓمٓ ١
2. Румиён [дар ҷанг бо Форс] шикаст хӯрданд	غُلِبَتِ ٱلرُّومُ ٢
3. Дар наздиктарин сарзамин [марзи Шом бо Форс] ва онон пас аз шикасташон [дар набарди дигаре] пирӯз хоҳанд шуд	فِيٓ أَدۡنَى ٱلۡأَرۡضِ وَهُم مِّنۢ بَعۡدِ غَلَبِهِمۡ سَيَغۡلِبُونَ ٣
4. Дар чанд соли [оянда]. Чи қабл ва чи баъд ин [пирӯзӣ сарриштаи] кор дар ихтиёри Аллоҳ таоло аст ва дар он рӯз муъминон шодмон мегарданд	فِي بِضۡعِ سِنِينَۗ لِلَّهِ ٱلۡأَمۡرُ مِن قَبۡلُ وَمِنۢ بَعۡدُۚ وَيَوۡمَئِذٖ يَفۡرَحُ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ٤
5. [Ин шодӣ] ба хотири ёрӣ расонидани Аллоҳ таоло [ба аҳли китоб] аст ва Ӯ ҳар киро бихоҳад, ёрӣ мекунад ва Ӯ шикастнопазири меҳрубон аст	بِنَصۡرِ ٱللَّهِۚ يَنصُرُ مَن يَشَآءُۖ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ٥
6. [Ин пирӯзӣ] Ваъдаи Аллоҳ таоло аст [ва] Аллоҳ таоло ҳаргиз аз ваъдаи худ тахаллуф намекунад, вале бештари мардум намедонанд	وَعۡدَ ٱللَّهِۖ لَا يُخۡلِفُ ٱللَّهُ وَعۡدَهُۥ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٦
7. Онон фақат зоҳире аз зиндагии дунёро медонанд ва аз охират ғофиланд	يَعۡلَمُونَ ظَٰهِرٗا مِّنَ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَهُمۡ عَنِ ٱلۡأٓخِرَةِ هُمۡ غَٰفِلُونَ ٧
8. Оё бо худ намеандешанд, ки Аллоҳ таоло осмонҳо ва замин ва он чиро, ки миёни онҳост, ҷуз ба ҳақ ва барои муддати муайяне наофаридааст? Бе тардид, бисёре аз мардум ба дидори Парвардигорашон [дар қиёматро] бовар надоранд	أَوَلَمۡ يَتَفَكَّرُواْ فِيٓ أَنفُسِهِمۖ مَّا خَلَقَ ٱللَّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ وَمَا بَيۡنَهُمَآ إِلَّا بِٱلۡحَقِّ وَأَجَلٖ مُّسَمّٗىۗ وَإِنَّ كَثِيرٗا مِّنَ ٱلنَّاسِ بِلِقَآيِٕ رَبِّهِمۡ لَكَٰفِرُونَ ٨
9. Оё [мушрикон] дар замин гардиш накардаанд, то бубинанд саранҷоми касоне, ки пеш аз онон	أَوَلَمۡ يَسِيرُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ فَيَنظُرُواْ كَيۡفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۚ كَانُوٓاْ أَشَدَّ مِنۡهُمۡ قُوَّةٗ وَأَثَارُواْ ٱلۡأَرۡضَ وَعَمَرُوهَآ أَكۡثَرَ

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

буданд, чи гуна будааст? Онҳо бисёр нерумандтар аз инон буданд ва заминро [барои кишоварзӣ ва ободкорӣ] беш аз инон дигаргун сохтанд ва обод карданд ва паёмбаронашон бо далоили равшан ба суроғашон омаданд [аммо онон инкор карданд ва нобуд шуданд]. Аллоҳ таоло ҳаргиз бар он набуд, ки ба эшон ситам кунад, балки онон худ ба хештан ситам мекарданд

مِمَّا عَمَرُوهَا وَجَآءَتْهُمْ رُسُلُهُم بِٱلْبَيِّنَٰتِ ۖ فَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيَظْلِمَهُمْ وَلَٰكِن كَانُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ ﴿٩﴾

10. Он гоҳ саранҷоми касоне, ки бадӣ карда буданд, бисёр бадтар шуд, чаро ки оёти Аллоҳро дурӯғ меангоштанд ва онҳоро ба тамасхур мегирифтанд

ثُمَّ كَانَ عَٰقِبَةَ ٱلَّذِينَ أَسَٰٓـُٔوا۟ ٱلسُّوٓأَىٰٓ أَن كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَكَانُوا۟ بِهَا يَسْتَهْزِءُونَ ﴿١٠﴾

11. Аллоҳ таоло офаринишро оғоз мекунад, сипас онро [пас аз маргаш] бозмегардонад, он гоҳ [дар қиёмат ҳамагӣ] ба сӯяш бозгардонда мешавед

ٱللَّهُ يَبْدَؤُا۟ ٱلْخَلْقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥ ثُمَّ إِلَيْهِ تُرْجَعُونَ ﴿١١﴾

12. Рӯзе, ки қиёмат барпо гардад, гунаҳгорон [аз раҳмати илоҳӣ] ноумед мешаванд

وَيَوْمَ تَقُومُ ٱلسَّاعَةُ يُبْلِسُ ٱلْمُجْرِمُونَ ﴿١٢﴾

13. [Дар он рӯз] Мушрикон аз байни маъбудони худ [ки мепарастиданд] ҳеҷ шафоатгаре нахоҳанд дошт ва нисбат ба маъбудонашон [ки онҳоро ҳамтои Аллоҳ таоло қарор дода буданд] куфр меварзанд

وَلَمْ يَكُن لَّهُم مِّن شُرَكَآئِهِمْ شُفَعَٰٓؤُا۟ وَكَانُوا۟ بِشُرَكَآئِهِمْ كَٰفِرِينَ ﴿١٣﴾

14. Рӯзе, ки қиёмат барпо гардад, [мардум бар асоси корҳояшон] аз якдигар ҷудо мешаванд

وَيَوْمَ تَقُومُ ٱلسَّاعَةُ يَوْمَئِذٍ يَتَفَرَّقُونَ ﴿١٤﴾

15. Аммо касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, дар бӯстоне [аз биҳишт] шодмон мегарданд

فَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَهُمْ فِى رَوْضَةٍ يُحْبَرُونَ ﴿١٥﴾

16. Ва аммо онон, ки куфр варзиданд ва оёти Мо ва дидорамон дар охиратро дурӯғ ангоштанд, инон эҳзоршудагон дар азобанд

وَأَمَّا ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَكَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا وَلِقَآئِ ٱلْـَٔاخِرَةِ فَأُو۟لَٰٓئِكَ فِى ٱلْعَذَابِ مُحْضَرُونَ ﴿١٦﴾

17. Пас, Аллоҳро ба покӣ ситоиш кунед, он гоҳ ки ба шаб дармеоед ва он дам, ки ба субҳ мерасед

فَسُبْحَٰنَ ٱللَّهِ حِينَ تُمْسُونَ وَحِينَ تُصْبِحُونَ ﴿١٧﴾

وَلَهُ ٱلۡحَمۡدُ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَعَشِيّٗا وَحِينَ تُظۡهِرُونَ ١٨

18. ва асргоҳон ва ҳангоме ки ба нимрӯз мерасед ва ҳамду ситоиш дар осмонҳо ва замин аз они Ӯст

يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَيُحۡيِ ٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ مَوۡتِهَاۚ وَكَذَٰلِكَ تُخۡرَجُونَ ١٩

19. Ӯ [мавҷуди] зиндаро аз [моддаи] бечон [нутфа] падид меоварад ва [моддаи] бечонро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад ва заминро - пас аз хушкӣ ва хазонаш - зинда месозад ва [шумо низ рӯзи қиёмат] инчунин барангехта мешавед

وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦٓ أَنۡ خَلَقَكُم مِّن تُرَابٍ ثُمَّ إِذَآ أَنتُم بَشَرٞ تَنتَشِرُونَ ٢٠

20. Ва аз нишонаҳои Ӯ [ин] аст, ки шуморо аз хок офарид, сипас инсонҳое шудед [ки таваллуди мисл кардед ва дар замин] пароканда гаштед

وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦٓ أَنۡ خَلَقَ لَكُم مِّنۡ أَنفُسِكُمۡ أَزۡوَٰجٗا لِّتَسۡكُنُوٓاْ إِلَيۡهَا وَجَعَلَ بَيۡنَكُم مَّوَدَّةٗ وَرَحۡمَةًۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَتَفَكَّرُونَ ٢١

21. Ва дар нишонаҳои Ӯ [ин] аст, ки барои шумо аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то дар канорашон ором гиред ва миёнатон муҳаббату меҳрубонӣ падид овард. Бе гумон, дар ин [неъмат] барои хирадварзон нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст

وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦ خَلۡقُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَٱخۡتِلَٰفُ أَلۡسِنَتِكُمۡ وَأَلۡوَٰنِكُمۡۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّلۡعَٰلِمِينَ ٢٢

22. Ва аз нишонаҳои Ӯ офариниши осмонҳо ва замин ва ихтилофи забонҳо ва рангҳои шумост. Бе тардид, дар ин [умур] барои донишварон нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст

وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦ مَنَامُكُم بِٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ وَٱبۡتِغَآؤُكُم مِّن فَضۡلِهِۦٓۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَسۡمَعُونَ ٢٣

23. Ва аз нишонаҳои Ӯ хоби шумо дар шаб ва рӯз ва талошатон барои баҳрагирӣ аз бахшиши Парвардигор [ва таъмини маош] аст. Бе гумон, дар ин умур барои онон, ки гӯши шунаво доранд, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст

وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦ يُرِيكُمُ ٱلۡبَرۡقَ خَوۡفٗا وَطَمَعٗا وَيُنَزِّلُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ فَيُحۡيِۦ بِهِ ٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ مَوۡتِهَآۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَعۡقِلُونَ ٢٤

24. Ва аз нишонаҳои Ӯ [ин] аст, ки соиқаро барои биму умед нишонатон медиҳад ва аз осмон обе мефиристад ва заминро - пас аз хушкӣ ва хазонаш - бо он зинда месозад. Бе гумон, дар ин умур барои онон, ки меандешанд, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст

وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦٓ أَن تَقُومَ ٱلسَّمَآءُ وَٱلۡأَرۡضُ بِأَمۡرِهِۦۚ ثُمَّ إِذَا دَعَاكُمۡ دَعۡوَةٗ مِّنَ ٱلۡأَرۡضِ إِذَآ أَنتُمۡ تَخۡرُجُونَ ٢٥

25. Ва аз нишонаҳои Ӯ [ин] аст, ки осмонҳо ва замин ба фармонаш барпост ва [рӯзи қиёмат] ҳангоме ки бо нидое шуморо аз замин фаро мехонад, ногаҳон [ҳамагӣ аз гӯрҳо] берун меоед

وَلَهُۥ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ كُلّٞ لَّهُۥ قَٰنِتُونَ ٢٦

26. Ҳар ки [ва ҳар чи] дар осмонҳо ва замин аст аз они Аллоҳ таоло аст ва ҳамагӣ [таслиму] фармонбари Ӯ ҳастанд

وَهُوَ ٱلَّذِي يَبۡدَؤُاْ ٱلۡخَلۡقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥ وَهُوَ أَهۡوَنُ عَلَيۡهِۚ وَلَهُ ٱلۡمَثَلُ ٱلۡأَعۡلَىٰ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٢٧

27. Ӯст, ки офаринишро оғоз мекунад, сипас онро [пас аз маргаш] бозмегардонад ва ин кор барояш осонтар [аз офариниши нахустин] аст ва бартарин васф дар осмонҳо ва замин барои Ӯст ва Ӯ шикастнопазири ҳаким аст

ضَرَبَ لَكُم مَّثَلٗا مِّنۡ أَنفُسِكُمۡۖ هَل لَّكُم مِّن مَّا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُم مِّن شُرَكَآءَ فِي مَا رَزَقۡنَٰكُمۡ فَأَنتُمۡ فِيهِ سَوَآءٞ تَخَافُونَهُمۡ كَخِيفَتِكُمۡ أَنفُسَكُمۡۚ كَذَٰلِكَ نُفَصِّلُ ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يَعۡقِلُونَ ٢٨

28. [Эй мушрикон] Аллоҳ таоло барои шумо аз худатон мисоле меоварад: «Оё аз бардагонатон касе ҳаст, ки дар амволе ба шумо додаем, шарикатон бошад, чунон ки ҳар ду [дар бархӯрдорӣ аз он амвол] яксон бошед ва ҳамон тавр ки [ба хотири тасарруфи мол] аз якдигар бим доред, аз онон низ бим дошта бошед? [Ҳол ки чунин нест, пас, чаро бандагон ва махлуқоти Аллоҳро бо Ӯ шарик медонед]? Мо оятамонро барои касоне, ки меандешанд, ин чунин ба равшани баён мекунем

بَلِ ٱتَّبَعَ ٱلَّذِينَ ظَلَمُوٓاْ أَهۡوَآءَهُم بِغَيۡرِ عِلۡمٖۖ فَمَن يَهۡدِي مَنۡ أَضَلَّ ٱللَّهُۖ وَمَا لَهُم مِّن نَّٰصِرِينَ ٢٩

29. [Далели ширк камбуди далоили тавҳидӣ нест] Балки ситамгорон бидуни илму огоҳӣ аз ҳавою ҳаваси худ пайравӣ мекунанд, пас онро, ки Аллоҳ таоло гумроҳ кардааст, чи касе ҳидоят мекунад? Ва онон [дар баробари азоби илоҳӣ] ҳеҷ ёваре нахоҳанд дошт

فَأَقِمۡ وَجۡهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفٗاۚ فِطۡرَتَ ٱللَّهِ ٱلَّتِي فَطَرَ ٱلنَّاسَ عَلَيۡهَاۚ لَا تَبۡدِيلَ لِخَلۡقِ ٱللَّهِۚ ذَٰلِكَ ٱلدِّينُ ٱلۡقَيِّمُ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٣٠

30. Пас, [эй Паёмбар,] ҳақгароёна ва холисона ба ин дин рӯ овар. [Ин оини пок] Ислом аст, ки Аллоҳ таоло фитрати мардумро бар асоси он сиришта аст. Ҳеҷ тағйире дар офариниши Аллоҳ таоло нест. Ин аст [роҳи рост ва] дини устувор, вале бештари мардум [ҳақиқатро] намедонанд

مُنِيبِينَ إِلَيۡهِ وَٱتَّقُوهُ وَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَلَا تَكُونُواْ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ٣١

31. [Эй муъминон, ба даргоҳи Парвардигор тавба кунед ва] Ба сӯи Ӯ бозгардед ва аз Ӯ парво кунед ва намоз барпо доред ва аз мушрикон набошед

مِنَ ٱلَّذِينَ فَرَّقُواْ دِينَهُمۡ وَكَانُواْ شِيَعٗاۖ كُلُّ حِزۡبِۭ بِمَا لَدَيۡهِمۡ فَرِحُونَ ٣٢

32. Аз касоне [набошед], ки дар динашон тафриқа эҷод карданд ва даста-даста шуданд ва ҳар гурӯҳе ба он чи назди хеш доранд хушнуданд

33. Ҳангоме ки ба мардум [ранҷу] зиёне бирасад, зорикунон Парвардигорашонро мехонанд, сипас чун [Аллоҳ таоло] раҳмате аз ҷониби хеш ба онон бичашонад [ва гирех аз корашон бикшояд], он гоҳ гурӯҳе аз онон ба Парвардигорашон ширк меоваранд

وَإِذَا مَسَّ ٱلنَّاسَ ضُرٌّ دَعَوْا۟ رَبَّهُم مُّنِيبِينَ إِلَيْهِ ثُمَّ إِذَآ أَذَاقَهُم مِّنْهُ رَحْمَةً إِذَا فَرِيقٌ مِّنْهُم بِرَبِّهِمْ يُشْرِكُونَ ﴿٣٣﴾

34. То ба он чи ки ба онон додаем, носипосӣ кунанд. Пас, [аз лаззатҳои дунявӣ] баҳра бигиред, ки ба зудӣ [натиҷаи кирдоратонро] хоҳед донист

لِيَكْفُرُوا۟ بِمَآ ءَاتَيْنَٰهُمْ ۚ فَتَمَتَّعُوا۟ فَسَوْفَ تَعْلَمُونَ ﴿٣٤﴾

35. Оё [дар китобҳои осмонӣ] далели муҳкаме бар онон нозил кардаем, ки аз [дурустии] он чи ба Ӯ [Аллоҳ таоло] ширк варзиданд, сухан мегӯяд [ва ин корро таъйид мекунад]?

أَمْ أَنزَلْنَا عَلَيْهِمْ سُلْطَٰنًا فَهُوَ يَتَكَلَّمُ بِمَا كَانُوا۟ بِهِۦ يُشْرِكُونَ ﴿٣٥﴾

36. Вақте раҳмате ба мардум бичашонем, аз он хушнуд мегарданд ва агар ба сазои корҳое, ки мекарданд, ранҷу мусибате ба эшон бирасад, [аз раҳмати илоҳӣ] ноумед мешаванд

وَإِذَآ أَذَقْنَا ٱلنَّاسَ رَحْمَةً فَرِحُوا۟ بِهَا ۖ وَإِن تُصِبْهُمْ سَيِّئَةٌۢ بِمَا قَدَّمَتْ أَيْدِيهِمْ إِذَا هُمْ يَقْنَطُونَ ﴿٣٦﴾

37. Оё надиданд, ки Аллоҳ таоло [неъмату] рӯзиро бар ҳар ки бихоҳад густурда медорад ва [ё] танг мегирад? Бе гумон, дар ин [кушоишу сахтӣ] барои муъминон нишонаҳое [аз лутфу раҳмати Парвардигор] аст

أَوَلَمْ يَرَوْا۟ أَنَّ ٱللَّهَ يَبْسُطُ ٱلرِّزْقَ لِمَن يَشَآءُ وَيَقْدِرُ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٣٧﴾

38. Пас, ҳаққи [силаи раҳими] хешованд ва [садақа ва закоти] мустаманду дармондаро адо кун. Ин [кор] барои касоне, ки [хушнудии] Аллоҳро металабанд, беҳтар аст ва ононанд, ки растагоранд

فَـَٔاتِ ذَا ٱلْقُرْبَىٰ حَقَّهُۥ وَٱلْمِسْكِينَ وَٱبْنَ ٱلسَّبِيلِ ۚ ذَٰلِكَ خَيْرٌ لِّلَّذِينَ يُرِيدُونَ وَجْهَ ٱللَّهِ ۖ وَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٣٨﴾

39. Он чи аз амвол [-и худ, ки ба қасд]-и рибо ба мардум медиҳед, то [бо пас гирифтани он ба мизони бештаре бар амволатон] афзун гардад, назди Аллоҳ таоло афзоиш намеёбад, ва[-ле] он чи барои хушнудии Аллоҳ таоло [ба унвони] закот мепардозед, [баракату афзоиш меёбад] ва [касоне, ки чунин мекунанд] ононанд, ки подошашон [назди Аллоҳ таоло] чанд баробар мегардад

وَمَآ ءَاتَيْتُم مِّن رِّبًا لِّيَرْبُوَا۟ فِىٓ أَمْوَٰلِ ٱلنَّاسِ فَلَا يَرْبُوا۟ عِندَ ٱللَّهِ ۖ وَمَآ ءَاتَيْتُم مِّن زَكَوٰةٍ تُرِيدُونَ وَجْهَ ٱللَّهِ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُضْعِفُونَ ﴿٣٩﴾

ٱللَّهُ ٱلَّذِى خَلَقَكُمْ ثُمَّ رَزَقَكُمْ ثُمَّ يُمِيتُكُمْ ثُمَّ يُحْيِيكُمْ ۖ هَلْ مِن شُرَكَآئِكُم مَّن يَفْعَلُ مِن ذَٰلِكُم مِّن شَىْءٍ ۚ سُبْحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشْرِكُونَ ﴿٤٠﴾

40. Аллоҳ таоло аст, ки шуморо офарид ва рӯзӣ дод, он гоҳ шуморо мемиронад ва боз [дар қиёмат] зинда мекунад. Оё дар миёни шариконатон касе ҳаст, ки чизе аз ин [корҳо]-ро анҷом диҳад? Муназзаҳ аст Ӯ ва аз он чи бо Вай шарик месозанд, бартар аст

ظَهَرَ ٱلْفَسَادُ فِى ٱلْبَرِّ وَٱلْبَحْرِ بِمَا كَسَبَتْ أَيْدِى ٱلنَّاسِ لِيُذِيقَهُم بَعْضَ ٱلَّذِى عَمِلُوا۟ لَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ ﴿٤١﴾

41. Ба сабаби гуноҳоне, ки мардум муртакиб шудаанд, фасод [-у табоҳӣ] дар хушкӣ ва дарё ошкор гаштааст, то [Аллоҳ таоло] ҷазои бархе аз аъмолашонро ба эшон бичашонад, бошад, ки [ба сӯйи ҳақ] бозгарданд

قُلْ سِيرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ فَٱنظُرُوا۟ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلُ ۚ كَانَ أَكْثَرُهُم مُّشْرِكِينَ ﴿٤٢﴾

42. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Дар замин гардиш кунед, то бубинед саранҷоми касоне, ки пеш аз шумо буданд, чи гуна будааст. Бештари онон мушрик буданд [ва ба ҳамин сабаб ҳалок шуданд]»

فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ ٱلْقَيِّمِ مِن قَبْلِ أَن يَأْتِىَ يَوْمٌ لَّا مَرَدَّ لَهُۥ مِنَ ٱللَّهِ ۖ يَوْمَئِذٍ يَصَّدَّعُونَ ﴿٤٣﴾

43. Пас, ба сӯйи дини мустақим [ва пойдор] рӯй овар, пеш аз он ки рӯзе аз ҷониби Аллоҳ таоло фаро расад, ки бозгаште надорад. Дар он рӯз [мардум] пароканда мешаванд [гурӯҳе ба биҳишт мераванд ва гурӯҳе ба дузах]

مَن كَفَرَ فَعَلَيْهِ كُفْرُهُۥ ۖ وَمَنْ عَمِلَ صَٰلِحًا فَلِأَنفُسِهِمْ يَمْهَدُونَ ﴿٤٤﴾

44. Ҳар ки куфр биварзад, куфраш ба зиёни [худи] ӯст ва ҳар ки коре шоиста анҷом диҳад, [биҳиштро] барои худ омода месозад

لِيَجْزِىَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِن فَضْلِهِۦٓ ۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٤٥﴾

45. То [Аллоҳ таоло] касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, аз фазли худ подош диҳад. Бе тардид, Ӯ кофиронро дӯст намедорад

وَمِنْ ءَايَٰتِهِۦٓ أَن يُرْسِلَ ٱلرِّيَاحَ مُبَشِّرَٰتٍ وَلِيُذِيقَكُم مِّن رَّحْمَتِهِۦ وَلِتَجْرِىَ ٱلْفُلْكُ بِأَمْرِهِۦ وَلِتَبْتَغُوا۟ مِن فَضْلِهِۦ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ ﴿٤٦﴾

46. Аз нишонаҳои [қудрати] Ӯ ин аст, ки бодҳои башоратбахшро [бо муждаи борон] мефиристад, то аз раҳмати хеш ба шумо бичашонад ва киштиҳо ба фармонаш равон шаванд, то аз бахшиши Ӯ [рӯзӣ] биҷӯед, бошад, ки сипос гузоред

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ رُسُلًا إِلَىٰ قَوْمِهِمْ فَجَآءُوهُم بِٱلْبَيِّنَٰتِ فَٱنتَقَمْنَا مِنَ ٱلَّذِينَ أَجْرَمُوا۟ ۖ وَكَانَ حَقًّا عَلَيْنَا نَصْرُ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٤٧﴾

47. Ва дар ҳақиқат, пеш аз ту [низ]паёмбаронеро ба сӯйи қавмашон фиристодем ва онон ба

далоили равшан наздашон омаданд [вале онҳоро дурӯғ ангоштанд]. Сипас аз онон, ки муртакиби гуноҳ шуда буданд, интиқом гирифтем [ва муъминонро наҷот додем] ва ёрӣ додани [муъминон [ҳаққе] бар уҳдаи Мо буд

48. Аллоҳ таоло аст, ки бодҳоро равон мекунад ва [онҳо низ тудаи] абреро ба ҳаракат дармеоваранд ва [Аллоҳ таоло] онҳоро чунон ки мехоҳад дар [паҳнои] осмон мегустаронад ва ба сурати пораҳое дармеоварад ва боронро мебинӣ, ки аз миёни он [абрҳо] берун меояд ва чун [Парвардигори меҳрубон] ин [борони ҳаётбахш]-ро ба ҳар як аз бандагонаш, ки бихоҳад фурӯ борад, он гоҳ аст, ки шодмон мешаванд

ٱللَّهُ ٱلَّذِى يُرۡسِلُ ٱلرِّيَٰحَ فَتُثِيرُ سَحَابٗا فَيَبۡسُطُهُۥ فِى ٱلسَّمَآءِ كَيۡفَ يَشَآءُ وَيَجۡعَلُهُۥ كِسَفٗا فَتَرَى ٱلۡوَدۡقَ يَخۡرُجُ مِنۡ خِلَٰلِهِۦۖ فَإِذَآ أَصَابَ بِهِۦ مَن يَشَآءُ مِنۡ عِبَادِهِۦٓ إِذَا هُمۡ يَسۡتَبۡشِرُونَ ﴿٤٨﴾

49. Ва ҳатман, пеш аз он ки бар эшон биборад. [Оре] Пеш аз он ноумед буданд

وَإِن كَانُواْ مِن قَبۡلِ أَن يُنَزَّلَ عَلَيۡهِم مِّن قَبۡلِهِۦ لَمُبۡلِسِينَ ﴿٤٩﴾

50. Пас, ба осори раҳмати илоҳӣ бингар, ки чи гуна заминро пас аз хушкӣ ва хазонаш зинда мекунад. Ба ростӣ, Ӯст, ки яқинан зиндагибахши мурдагон аст ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност

فَٱنظُرۡ إِلَىٰٓ ءَاثَٰرِ رَحۡمَتِ ٱللَّهِ كَيۡفَ يُحۡىِ ٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ مَوۡتِهَآۚ إِنَّ ذَٰلِكَ لَمُحۡىِ ٱلۡمَوۡتَىٰۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىۡءٖ قَدِيرٞ ﴿٥٠﴾

51. Агар бод [-и сӯзон]-е бифиристем ва он [киштзорҳояшон]-ро зард [-у пажмурда] бубинанд, ҳатман, аз он пас носипосӣ мекунанд

وَلَئِنۡ أَرۡسَلۡنَا رِيحٗا فَرَأَوۡهُ مُصۡفَرّٗا لَّظَلُّواْ مِنۢ بَعۡدِهِۦ يَكۡفُرُونَ ﴿٥١﴾

52. Пас, [эй Паёмбар] ту ҳаргиз наметавонӣ мурдагонро шунаво созӣ ва овои даъват [-и ҳақ]-ро ба гӯши карон бирасонӣ, он гоҳ ки онон пушт мекунанд ва рӯй мегардонанд

فَإِنَّكَ لَا تُسۡمِعُ ٱلۡمَوۡتَىٰ وَلَا تُسۡمِعُ ٱلصُّمَّ ٱلدُّعَآءَ إِذَا وَلَّوۡاْ مُدۡبِرِينَ ﴿٥٢﴾

53. Ва ту роҳнамои кӯрдилон аз гумроҳияшон нестӣ. Ту танҳо [сухани ҳақро] ба гӯши касоне мерасонӣ, ки ба оёти Мо имон доранд ва [дар баробари фармони Аллоҳ таоло] таслиманд

وَمَآ أَنتَ بِهَٰدِ ٱلۡعُمۡيِ عَن ضَلَٰلَتِهِمۡۖ إِن تُسۡمِعُ إِلَّا مَن يُؤۡمِنُ بِـَٔايَٰتِنَا فَهُم مُّسۡلِمُونَ ﴿٥٣﴾

54. Аллоҳ таоло аст, ки шуморо аз [оби] беарзише офарид, сипас баъд аз нотавонӣ [даврони хурдсолӣ] нерумандӣ бахшид, он гоҳ пас аз нерумандӣ заъфу куҳансолӣ падид оварад. Ӯ ҳар чи бихоҳад, меофаринад ва Ӯ донову тавоност

ٱللَّهُ ٱلَّذِى خَلَقَكُم مِّن ضَعۡفٖ ثُمَّ جَعَلَ مِنۢ بَعۡدِ ضَعۡفٖ قُوَّةٗ ثُمَّ جَعَلَ مِنۢ بَعۡدِ قُوَّةٖ ضَعۡفٗا وَشَيۡبَةٗۚ يَخۡلُقُ مَا يَشَآءُۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيمُ ٱلۡقَدِيرُ ﴿٥٤﴾

وَيَوْمَ تَقُومُ ٱلسَّاعَةُ يُقْسِمُ ٱلْمُجْرِمُونَ مَا لَبِثُواْ غَيْرَ سَاعَةٍۚ كَذَٰلِكَ كَانُواْ يُؤْفَكُونَ ﴿٥٥﴾

55. Ва рӯзе, ки қиёмат барпо гардад, гунаҳгорон савганд ёд мекунанд, ки ҷуз соате [дар гӯр] диранг накардаанд. Онон [дар дунё низ] ин гуна ба инҳироф кашида мешуданд

وَقَالَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلْعِلْمَ وَٱلْإِيمَٰنَ لَقَدْ لَبِثْتُمْ فِي كِتَٰبِ ٱللَّهِ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْبَعْثِۖ فَهَٰذَا يَوْمُ ٱلْبَعْثِ وَلَٰكِنَّكُمْ كُنتُمْ لَا تَعْلَمُونَ ﴿٥٦﴾

56. Ва касоне, ки ба онон дониш ва имон дода шудааст, [ба гунаҳгорон] мегӯянд: «Бе тардид, шумо [бар асоси он чи] дар китоби Аллоҳ таоло [муқаддар будааст], то рӯзи растохез диранг кардаед. Пас, ин рӯзи растохез аст, аммо шумо намедонистед [ва инкораш мекардед]»

فَيَوْمَئِذٍ لَّا يَنفَعُ ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ مَعْذِرَتُهُمْ وَلَا هُمْ يُسْتَعْتَبُونَ ﴿٥٧﴾

57. Дар он рӯз узрхоҳии касоне, ки ситам кардаанд, суде надорад ва аз онон дархости пузиш намешавад

وَلَقَدْ ضَرَبْنَا لِلنَّاسِ فِي هَٰذَا ٱلْقُرْءَانِ مِن كُلِّ مَثَلٍۚ وَلَئِن جِئْتَهُم بِـَٔايَةٍ لَّيَقُولَنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ إِنْ أَنتُمْ إِلَّا مُبْطِلُونَ ﴿٥٨﴾

58. Ба ростӣ, ки дар ин Қуръон барои мардум аз ҳар гуна масале овардем ва агар нишонае [дар мавриди ростгӯият] барояшон биёварӣ, касоне, ки куфр варзиданд, мегӯянд: «Шумо ботиландешоне беш нестед»

كَذَٰلِكَ يَطْبَعُ ٱللَّهُ عَلَىٰ قُلُوبِ ٱلَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٥٩﴾

59. Аллоҳ таоло бар дилҳои касоне, ки [сухани ҳақро] намефаҳманд, ин гуна муҳр [-и ғафлат] мениҳад

فَٱصْبِرْ إِنَّ وَعْدَ ٱللَّهِ حَقٌّۖ وَلَا يَسْتَخِفَّنَّكَ ٱلَّذِينَ لَا يُوقِنُونَ ﴿٦٠﴾

60. [Эй паёмбар, бар озору такзиби мушрикон] Шикебо бош, [ки] ҳатман, ваъда [-и ёрӣ]-и Аллоҳ таоло ҳақ аст ва мабодо касоне, ки [ба растохез] бовар надоранд, туро аз шикебоӣ боздоранд

(31) Луқмон لقمان

Ҷузъи 21

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓمٓ ١

1. Алиф, лом, мим.[1]

تِلْكَ ءَايَٰتُ ٱلْكِتَٰبِ ٱلْحَكِيمِ ٢

2. Ин оёти китоби ҳаким аст

هُدًى وَرَحْمَةً لِّلْمُحْسِنِينَ ٣

3. [Ки] Ҳидоят ва раҳмате барои накукорон аст

ٱلَّذِينَ يُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤْتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَهُم بِٱلْءَاخِرَةِ هُمْ يُوقِنُونَ ٤

4. Касоне, ки намоз барпо медоранд ва закот мепардозанд ва ба охират яқин доранд

أُوْلَٰٓئِكَ عَلَىٰ هُدًى مِّن رَّبِّهِمْ ۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ٥

5. Онон аз ҷониби Парвардигорашон аз ҳидояте бархурдоранд ва ононанд, ки растагоранд

وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَشْتَرِى لَهْوَ ٱلْحَدِيثِ لِيُضِلَّ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ بِغَيْرِ عِلْمٍ وَيَتَّخِذَهَا هُزُوًا ۚ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ مُّهِينٌ ٦

6. Ва аз мардум касе ҳаст, ки дар пайи сухани ёва аст, то [дигаронро] аз роҳи Аллоҳ таоло гумроҳ созад ва он [оёти равшангар]-ро ба тамасхур мегирад. Онон [ки рафторашон чунин аст], азоби хоркунанда [дар пеш] доранд

وَإِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِ ءَايَٰتُنَا وَلَّىٰ مُسْتَكْبِرًا كَأَن لَّمْ يَسْمَعْهَا كَأَنَّ فِىٓ أُذُنَيْهِ وَقْرًا ۖ فَبَشِّرْهُ بِعَذَابٍ أَلِيمٍ ٧

7. Ва ҳангоме ки оёти Мо бар ӯ хонда мешавад, мутакаббирона рӯй мегардонад, гӯё онро нашнида [ва] гӯё дар гӯшҳояш сангинӣ аст. Пас, ӯро ба азобе дарднок башорат деҳ

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُمْ جَنَّٰتُ ٱلنَّعِيمِ ٨

8. Бе тардид, касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, боғҳои пурнеъмати [биҳишт] барои эшон аст

خَٰلِدِينَ فِيهَا ۖ وَعْدَ ٱللَّهِ حَقًّا ۚ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ٩

9. Дар он ҷо ҷовидонанд. Ваъдаи Аллоҳ таоло рост аст ва Ӯ шикастнопазири ҳаким аст

خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ بِغَيْرِ عَمَدٍ تَرَوْنَهَا ۖ وَأَلْقَىٰ فِى ٱلْأَرْضِ رَوَٰسِىَ أَن تَمِيدَ بِكُمْ وَبَثَّ فِيهَا مِن كُلِّ دَآبَّةٍ ۚ وَأَنزَلْنَا مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَنۢبَتْنَا فِيهَا مِن كُلِّ زَوْجٍ كَرِيمٍ ١٠

10. Чунон ки мебинед, [Аллоҳ таоло] осмонҳоро бидуни сутун офарид ва дар замин кӯҳҳои устувор [-у муҳкаме] пайафканад, то [замини] шуморо наларзонад ва аз ҳар гуна ҷунбандае

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

дар он пароканда сохт ва аз осмон обе фиристодем ва аз ҳар [гиёҳ]-и судманде дар он рӯёндем

هَٰذَا خَلۡقُ ٱللَّهِ فَأَرُونِي مَاذَا خَلَقَ ٱلَّذِينَ مِن دُونِهِۦۚ بَلِ ٱلظَّٰلِمُونَ فِي ضَلَٰلٖ مُّبِينٖ ١١

11. Ин офариниши Аллоҳ таоло аст. Инак [эй мушрикон] ба ман нишон диҳед, ки касоне, ки ғайр аз Ӯ ҳастанд [ва шумо мепарастедашон] чи офаридаанд? Балки ситамгорон [мушрикон] дар гумроҳии ошкоранд

وَلَقَدۡ ءَاتَيۡنَا لُقۡمَٰنَ ٱلۡحِكۡمَةَ أَنِ ٱشۡكُرۡ لِلَّهِۚ وَمَن يَشۡكُرۡ فَإِنَّمَا يَشۡكُرُ لِنَفۡسِهِۦۖ وَمَن كَفَرَ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَنِيٌّ حَمِيدٞ ١٢

12. Ба ростӣ, Мо ба Луқмон дониш [-и фаҳми дин ва тадбири зиндагӣ] бахшидем [ва ба ӯ гуфтем], ки: Шукри Аллоҳро ба ҷой овар, пас, ҳар ки шукр кунад, танҳо ба суди хеш шукргузоранда аст ва ҳар ки носипосӣ кунад, пас, [бидонад, ки] бе тардид, Аллоҳ таоло бениёзи сутуда аст

وَإِذۡ قَالَ لُقۡمَٰنُ لِٱبۡنِهِۦ وَهُوَ يَعِظُهُۥ يَٰبُنَيَّ لَا تُشۡرِكۡ بِٱللَّهِۖ إِنَّ ٱلشِّرۡكَ لَظُلۡمٌ عَظِيمٞ ١٣

13. Ва [ёд кун аз] он гоҳ ки Луқмон ба писараш [чунин] панд медод: «Писарам, ба Аллоҳ таоло ширк наовар [ва чизеро ҳамтояш қарор мадеҳ, чаро ки] яқинан, ширк ситами бузургест»

وَوَصَّيۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ بِوَٰلِدَيۡهِ حَمَلَتۡهُ أُمُّهُۥ وَهۡنًا عَلَىٰ وَهۡنٖ وَفِصَٰلُهُۥ فِي عَامَيۡنِ أَنِ ٱشۡكُرۡ لِي وَلِوَٰلِدَيۡكَ إِلَيَّ ٱلۡمَصِيرُ ١٤

14. Мо инсонро [дар бораи накуӣ] ба падару модараш супориш кардем, [аз он рӯ, ки] модараш ӯро бо нотавонии рӯзафзун бордор шуд ва [даврони ширхорагӣ ва] бозгирифтанаш аз шир ду сол тӯл мекашад. [Ба ӯ гуфтем] Ки: «шукри Ман ва падару модаратро ба ҷо овар, [ки] бозгашт [ҳама] ба сӯйи Ман аст

وَإِن جَٰهَدَاكَ عَلَىٰٓ أَن تُشۡرِكَ بِي مَا لَيۡسَ لَكَ بِهِۦ عِلۡمٞ فَلَا تُطِعۡهُمَاۖ وَصَاحِبۡهُمَا فِي ٱلدُّنۡيَا مَعۡرُوفٗاۖ وَٱتَّبِعۡ سَبِيلَ مَنۡ أَنَابَ إِلَيَّۚ ثُمَّ إِلَيَّ مَرۡجِعُكُمۡ فَأُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ١٥

15. Ва агар он ду [мушрик бошанд ва] талош кунанд, ки ту чизеро шарики Ман қарор диҳӣ, ки нисбат ба он донише надорӣ, пас, аз он ду итоат накун ва дар дунё бо эшон ба шоистагӣ [ва накуӣ] рафтор кун ва аз роҳи касе пайравӣ кун, ки [муваҳҳидона] ба сӯйи Ман бозомадааст. Бозгашти ҳама ба сӯйи Ман аст ва аз он чи мекардед, огоҳатон мекунам

يَٰبُنَيَّ إِنَّهَآ إِن تَكُ مِثۡقَالَ حَبَّةٖ مِّنۡ خَرۡدَلٖ فَتَكُن فِي صَخۡرَةٍ أَوۡ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ أَوۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ يَأۡتِ بِهَا ٱللَّهُۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَطِيفٌ خَبِيرٞ ١٦

16. [Луқмон гуфт] «Писарам, агар [амали нек ё бад] ҳамсанги донаи хардал бошад ва даруни

тахтасанге ё дар [гӯшае аз] осмонҳо ё дар замин [нуҳуфта] бошад, Аллоҳ таоло онро [рӯзи қиёмат ба ҳисоб] меоварад. Бе тардид, Аллоҳ таоло борикбини огоҳ аст

17. Писарам, намоз барпо дор ва [мардумро] ба некӣ фармон бидеҳ ва аз нописанд боздор ва бар он чи [ки аз сахтиҳои ин кор] ба ту мерасад, шикебо бош. Бе тардид, ин аз [ҷумлаи корҳоест, ки ниёзманди иродаи қавӣ ва] азми устувор аст

يَٰبُنَيَّ أَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَ وَأۡمُرۡ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَٱنۡهَ عَنِ ٱلۡمُنكَرِ وَٱصۡبِرۡ عَلَىٰ مَآ أَصَابَكَۖ إِنَّ ذَٰلِكَ مِنۡ عَزۡمِ ٱلۡأُمُورِ ١٧

18. Ва [бо беэътиноӣ] аз мардум рӯй нагардон ва мағрурона дар замин роҳ нарав. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло ҳеҷ мутакаббиру фахрфурӯшеро дӯст намедорад

وَلَا تُصَعِّرۡ خَدَّكَ لِلنَّاسِ وَلَا تَمۡشِ فِي ٱلۡأَرۡضِ مَرَحًاۖ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ كُلَّ مُخۡتَالٖ فَخُورٖ ١٨

19. Ва [дар манишу рафторат] миёнарав бош ва ба оромӣ сухан бигӯ [на бо садои баланд, чаро ки] ҳатман, зишттарин садо садои харон аст

وَٱقۡصِدۡ فِي مَشۡيِكَ وَٱغۡضُضۡ مِن صَوۡتِكَۚ إِنَّ أَنكَرَ ٱلۡأَصۡوَٰتِ لَصَوۡتُ ٱلۡحَمِيرِ ١٩

20. [Эй мардум] Оё надидаед, ки Аллоҳ таоло он чиро дар осмонҳо ва замин аст, ба хидмататон гумошта ва [бахшиши] неъматҳои ошкор ва пинҳони хешро бар шумо тамом кард? [Бо ин ҳол] Аз мардум касе ҳаст, ки бидуни ҳеҷ дониш ва ҳидоят ва китоби равшангаре дар [мавриди] Аллоҳ таоло муҷодала мекунад

أَلَمۡ تَرَوۡاْ أَنَّ ٱللَّهَ سَخَّرَ لَكُم مَّا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِ وَأَسۡبَغَ عَلَيۡكُمۡ نِعَمَهُۥ ظَٰهِرَةٗ وَبَاطِنَةٗۗ وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يُجَٰدِلُ فِي ٱللَّهِ بِغَيۡرِ عِلۡمٖ وَلَا هُدٗى وَلَا كِتَٰبٖ مُّنِيرٖ ٢٠

21. Ва ҳангоме ки ба онон гуфта мешавад: «Аз он чи Аллоҳ таоло нозил кардааст, пайравӣ кунед». Мегӯянд: «[На] Балки аз чизе пайравӣ мекунем, ки падаронамонро бар он ёфтем». Оё агар шайтон ононро ба сӯйи азоби [оташи] сӯзон даъват кунад [боз ҳам аз падаронашон пайравӣ мекунанд]?

وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ ٱتَّبِعُواْ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ قَالُواْ بَلۡ نَتَّبِعُ مَا وَجَدۡنَا عَلَيۡهِ ءَابَآءَنَآۚ أَوَلَوۡ كَانَ ٱلشَّيۡطَٰنُ يَدۡعُوهُمۡ إِلَىٰ عَذَابِ ٱلسَّعِيرِ ٢١

22. Ҳар ки [холисона] ба Аллоҳ таоло рӯ оварад ва накукор бошад, ба ростӣ, ки ба дастовези муҳкаме чанг задааст ва саранҷоми корҳо ба сӯйи Аллоҳ таоло аст

۞وَمَن يُسۡلِمۡ وَجۡهَهُۥٓ إِلَى ٱللَّهِ وَهُوَ مُحۡسِنٞ فَقَدِ ٱسۡتَمۡسَكَ بِٱلۡعُرۡوَةِ ٱلۡوُثۡقَىٰۗ وَإِلَى ٱللَّهِ عَٰقِبَةُ ٱلۡأُمُورِ ٢٢

23. Ҳар ки куфр варзад, куфраш туро ғамгин насозад. Бозгашти онон ба сӯи Мост, он гоҳ

وَمَن كَفَرَ فَلَا يَحۡزُنكَ كُفۡرُهُۥٓۚ إِلَيۡنَا مَرۡجِعُهُمۡ فَنُنَبِّئُهُم بِمَا عَمِلُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمُۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ٢٣

аз он чи кардаанд, огоҳашон месозем. Бе тардид, Аллоҳ таоло аз [рози] дилҳо огоҳ аст

24. Онон [кофирон]-ро андаке [аз неъматҳои дунё] баҳраманд месозем, он гоҳ ба таҳаммули азобе сахт дучорашон мекунем

نُمَتِّعُهُمْ قَلِيلًا ثُمَّ نَضْطَرُّهُمْ إِلَىٰ عَذَابٍ غَلِيظٍ ﴿٢٤﴾

25. Ва агар аз мушрикон бипурсӣ: Чи касе осмонҳо ва заминро офаридааст?», қатъан, мегӯянд: «Аллоҳ таоло». Бигӯ: Сипос [-у ситоиш] махсуси Аллоҳ таоло аст [ки шуморо аз ин ҳақиқат огоҳ намуд]», балки бештарашон намедонанд

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُ ۚ قُلِ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ۚ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٢٥﴾

26. Он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст. Бе тардид, Аллоҳ таоло бениёзу сутуда аст

لِلَّهِ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْغَنِىُّ ٱلْحَمِيدُ ﴿٢٦﴾

27. Агар [ҳамаи] дарахтони рӯи замин қалам шавад ва дарё [ранг гардад] ва ҳафт дарёи дигар ба ёриашон биёяд [то дониши илоҳиро бинависанд], суханони Аллоҳ таоло поён намеёбад. Бе тардид, Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст

وَلَوْ أَنَّمَا فِى ٱلْأَرْضِ مِن شَجَرَةٍ أَقْلَٰمٌ وَٱلْبَحْرُ يَمُدُّهُۥ مِنۢ بَعْدِهِۦ سَبْعَةُ أَبْحُرٍ مَّا نَفِدَتْ كَلِمَٰتُ ٱللَّهِ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٢٧﴾

28. [Эй мардум] Офариниш ва барангехтани шумо [дар қиёмат] ҳамчун як нафар беш нест. Бе тардид, Аллоҳ таоло шунавову биност

مَّا خَلْقُكُمْ وَلَا بَعْثُكُمْ إِلَّا كَنَفْسٍ وَٰحِدَةٍ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌۢ بَصِيرٌ ﴿٢٨﴾

29. Оё надидӣ, ки Аллоҳ таоло аз шаб мекоҳад ва бар рӯз меафзояд ва аз рӯз мекоҳад ва бар шаб меафзояд ва хуршеду моҳро ба хидмат [-и инсон] гумоштааст, ки ҳар як то замоне муайян дар [мадори худ] равон бошад? Бе тардид, Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, огоҳ аст

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ يُولِجُ ٱلَّيْلَ فِى ٱلنَّهَارِ وَيُولِجُ ٱلنَّهَارَ فِى ٱلَّيْلِ وَسَخَّرَ ٱلشَّمْسَ وَٱلْقَمَرَ ۖ كُلٌّ يَجْرِىٓ إِلَىٰٓ أَجَلٍ مُّسَمًّى وَأَنَّ ٱللَّهَ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ﴿٢٩﴾

30. Ин [тақдиру тадбир] аз он рӯст, ки Аллоҳ таоло ҳақ аст ва он чи ҷуз Ӯ мехонанд, [ҳама] ботил аст ва Аллоҳ таоло аст, ки баландмартаба [ва] бузург аст

ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْحَقُّ وَأَنَّ مَا يَدْعُونَ مِن دُونِهِ ٱلْبَٰطِلُ وَأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْعَلِىُّ ٱلْكَبِيرُ ﴿٣٠﴾

31. Оё надидӣ, ки киштиҳо ба [фармону] неъмати Аллоҳ таоло дар дарё равонанд, то бархе аз

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱلْفُلْكَ تَجْرِى فِى ٱلْبَحْرِ بِنِعْمَتِ ٱللَّهِ لِيُرِيَكُم مِّنْ ءَايَٰتِهِۦٓ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّكُلِّ صَبَّارٍ شَكُورٍ ﴿٣١﴾

нишонаҳои хешро ба шумо бинамояд? Бе тардид, дар ин амр барои ҳар шикебои сипосгузор нишонаҳое [аз қудрату лутфи Парвардигор] аст

وَإِذَا غَشِيَهُم مَّوْجٌ كَٱلظُّلَلِ دَعَوُاْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ فَلَمَّا نَجَّىٰهُمۡ إِلَى ٱلۡبَرِّ فَمِنۡهُم مُّقۡتَصِدٞۚ وَمَا يَجۡحَدُ بِـَٔايَٰتِنَآ إِلَّا كُلُّ خَتَّارٖ كَفُورٖ ٣٢

32. Ва он гоҳ ки мавҷи кӯҳпайкаре ононро иҳота мекунад, Аллоҳро дар ҳоли холисона мехонанд, ки дин [-у парастиш]-ро танҳо вижаи Ӯ медонанд. Он гоҳ чун ононро [аз марг] раҳонад ва ба хушкӣ расонад, бархе аз эшон миёнарав [мешаванд, вале чунон ки бояд, сипос намегузоранд, дар ҳоле ки бархе дигар носипосанд] ва оёти Моро касе ҷуз паймоншиканони носипос инкор намекунанд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمۡ وَٱخۡشَوۡاْ يَوۡمٗا لَّا يَجۡزِي وَالِدٌ عَن وَلَدِهِۦ وَلَا مَوۡلُودٌ هُوَ جَازٍ عَن وَالِدِهِۦ شَيۡـًٔاۚ إِنَّ وَعۡدَ ٱللَّهِ حَقّٞۖ فَلَا تَغُرَّنَّكُمُ ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا وَلَا يَغُرَّنَّكُم بِٱللَّهِ ٱلۡغَرُورُ ٣٣

33. Эй мардум, аз Парвардигоратон парво кунед ва аз рӯзе битарсед, ки на ҳеҷ падаре барои фарзандаш суде дорад ва на ҳеҷ фарзанде судрасони падар аст. Яқинан, ваъдаи Аллоҳ таоло [дар мавриди қиёмат] ҳақиқат дорад. Пас, [ҳушёр бошед, ки лаззатҳои] зиндагии дунёӣ шуморо нафиребад ва шайтон нисбат ба [таъхири азоб ва шикебоии] Аллоҳ таоло фиребатон надиҳад

إِنَّ ٱللَّهَ عِندَهُۥ عِلۡمُ ٱلسَّاعَةِ وَيُنَزِّلُ ٱلۡغَيۡثَ وَيَعۡلَمُ مَا فِي ٱلۡأَرۡحَامِۖ وَمَا تَدۡرِي نَفۡسٞ مَّاذَا تَكۡسِبُ غَدٗاۖ وَمَا تَدۡرِي نَفۡسُۢ بِأَيِّ أَرۡضٖ تَمُوتُۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرُۢ ٣٤

34. Бе тардид, огоҳӣ [аз замони вуқуи] қиёмат [танҳо] назди Аллоҳ таоло аст ва [Ӯст, ки] борон нозил мекунад ва он чиро, ки дар раҳимҳост, медонад ва касе намедонад, фардо чи ба даст меоварад ва ҳеҷ кас огоҳ нест, ки дар кадом сарзамин мемирад. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло донову огоҳ аст

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

الٓمٓ ﴿١﴾

1. Алиф, лом, мим.[1]

تَنزِيلُ ٱلْكِتَٰبِ لَا رَيْبَ فِيهِ مِن رَّبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٢﴾

2. Нузули ин китоб, ки дар [ҳаққонияти] он ҳеҷ шакке нест, аз ҷониби Парвардигори ҷаҳониён аст

أَمْ يَقُولُونَ ٱفْتَرَىٰهُۚ بَلْ هُوَ ٱلْحَقُّ مِن رَّبِّكَ لِتُنذِرَ قَوْمًا مَّآ أَتَىٰهُم مِّن نَّذِيرٍ مِّن قَبْلِكَ لَعَلَّهُمْ يَهْتَدُونَ ﴿٣﴾

3. [Кофирон] Мегӯянд: «[Муҳаммад] Онро ба дурӯғ [ба Парвардигораш] нисбат медиҳад». [Ҳаргиз чунин нест] Балки он [оёт сухани] ҳаққе аз ҷониби Парвардигори туст, то ба қавме, ки пеш аз ту барояшон [ҳеҷ] бимдиҳандае наомадааст, ҳушдор диҳӣ, бошад, ки ҳидоят шаванд

ٱللَّهُ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا فِى سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ ٱسْتَوَىٰ عَلَى ٱلْعَرْشِۖ مَا لَكُم مِّن دُونِهِۦ مِن وَلِىٍّ وَلَا شَفِيعٍۚ أَفَلَا تَتَذَكَّرُونَ ﴿٤﴾

4. Аллоҳ таоло аст, ки осмонҳо ва замин ва он чиро, ки миёни онҳост, дар шаш рӯз офарид, он гоҳ, [ки шоистаи шукӯҳи Ӯст] бар Арш қарор гирифт. Шумо ба ҷуз Ӯ ҳеҷ корсозу шафоатгаре надоред. Оё панд намегиред?

يُدَبِّرُ ٱلْأَمْرَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ إِلَى ٱلْأَرْضِ ثُمَّ يَعْرُجُ إِلَيْهِ فِى يَوْمٍ كَانَ مِقْدَارُهُۥٓ أَلْفَ سَنَةٍ مِّمَّا تَعُدُّونَ ﴿٥﴾

5. Кор [-и ҷаҳони ҳастӣ]-ро аз осмон то замин тадбир мекунад. Он гоҳ дар рӯзе, ки миқдори он барои шумо [инсонҳо] ҳазор сол аст, [ин корҳо] ба сӯи Ӯ боло меравад

ذَٰلِكَ عَٰلِمُ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ٱلْعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ﴿٦﴾

6. Ин [Парвардигори шумост] донои пинҳону ошкор, шикастнопазири меҳрубон

ٱلَّذِىٓ أَحْسَنَ كُلَّ شَىْءٍ خَلَقَهُۥۖ وَبَدَأَ خَلْقَ ٱلْإِنسَٰنِ مِن طِينٍ ﴿٧﴾

7. [Ҳамон] Касе, ки ҳар чи офарид, ба накутарин [шакл] офарид ва офариниши [нахустини] инсонро аз гил оғоз кард

ثُمَّ جَعَلَ نَسْلَهُۥ مِن سُلَٰلَةٍ مِّن مَّآءٍ مَّهِينٍ ﴿٨﴾

8. Сипас насли ӯро аз чакидаи оби беарзиш падид овард

ثُمَّ سَوَّىٰهُ وَنَفَخَ فِيهِ مِن رُّوحِهِۦۖ وَجَعَلَ لَكُمُ ٱلسَّمْعَ وَٱلْأَبْصَٰرَ وَٱلْأَفْـِٔدَةَۚ قَلِيلًا مَّا تَشْكُرُونَ ﴿٩﴾

9. Он гоҳ [андоми] ӯро сомон дод ва аз руҳи хеш [рухе, ки худ офарид] дар вай дамид ва барои

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

шумо [неъмати] гӯшу чашм ва дил қарор дод. Чи андак сипос мегузоред!

10. [Мушрикон] Мегӯянд: «Оё вақте [мурдем ва] дар замин нопадид шудем, офариниши ҷадиде хоҳем ёфт»? Балки онон дидори Парвардигорашонро мункиранд

وَقَالُوٓاْ أَءِذَا ضَلَلۡنَا فِي ٱلۡأَرۡضِ أَءِنَّا لَفِي خَلۡقٖ جَدِيدِۭۚ بَلۡ هُم بِلِقَآءِ رَبِّهِمۡ كَٰفِرُونَ ١٠

11. [Эй паёмбар] бигӯ: «Фариштаи марг, ки бар шумо гумошта шудааст, ҷонатонро мегирад, он гоҳ ба сӯйи Парвардигоратон бозгардонда мешавед»

۞قُلۡ يَتَوَفَّىٰكُم مَّلَكُ ٱلۡمَوۡتِ ٱلَّذِي وُكِّلَ بِكُمۡ ثُمَّ إِلَىٰ رَبِّكُمۡ تُرۡجَعُونَ ١١

12. Ва чун [дар қиёмат] гунаҳгоронро дар пешгоҳи Парвардигорашон бубинӣ, сар ба зер афкандаанд [ва мегӯянд] «Парвардигоро, [акнун ҳақиқатро] дидем ва шунидем, пас, моро бозгардон, то кори шоистае анҷом диҳем. Бе тардид, мо [ба қиёмат] яқин дорем»

وَلَوۡ تَرَىٰٓ إِذِ ٱلۡمُجۡرِمُونَ نَاكِسُواْ رُءُوسِهِمۡ عِندَ رَبِّهِمۡ رَبَّنَآ أَبۡصَرۡنَا وَسَمِعۡنَا فَٱرۡجِعۡنَا نَعۡمَلۡ صَٰلِحًا إِنَّا مُوقِنُونَ ١٢

13. Агар мехостем, ба ҳар касе [тавфиқ ва] ҳидояташро арзонӣ медоштем, вале ин сухан [-у ваъдаи] ман ҳақ аст, ки: «Дузахро аз ҳамаи ҷинниён ва одамиён [-и кофир] анбошта хоҳам кард»

وَلَوۡ شِئۡنَا لَأٓتَيۡنَا كُلَّ نَفۡسٖ هُدَىٰهَا وَلَٰكِنۡ حَقَّ ٱلۡقَوۡلُ مِنِّي لَأَمۡلَأَنَّ جَهَنَّمَ مِنَ ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ أَجۡمَعِينَ ١٣

14. [Ба онон гуфта мешавад] «Ба сазои он ки дидори имрӯзатонро фаромӯш кардед, [азоби сӯзонро] бичашед. Яқинан, мо [низ] шуморо [дар оташ] раҳо кардаем ва [акнун] ба сазои он чи мекардед, азоби ҷовидонро бичашед

فَذُوقُواْ بِمَا نَسِيتُمۡ لِقَآءَ يَوۡمِكُمۡ هَٰذَآ إِنَّا نَسِينَٰكُمۡۖ وَذُوقُواْ عَذَابَ ٱلۡخُلۡدِ بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ١٤

15. Фақат касоне ба оёти Мо имон меоваранд, ки чун ба онҳо панд дода шавад, ба саҷда меафтанд ва Парвардигорашонро ба покӣ меситоянд ва такаббур намекунанд

إِنَّمَا يُؤۡمِنُ بِـَٔايَٰتِنَا ٱلَّذِينَ إِذَا ذُكِّرُواْ بِهَا خَرُّواْ سُجَّدٗا وَسَبَّحُواْ بِحَمۡدِ رَبِّهِمۡ وَهُمۡ لَا يَسۡتَكۡبِرُونَ ١٥

16. [Дар дили шаб] Аз бистарҳо бармехезанд ва Парвардигорашонро бо биму умед [ба ниёиш] мехонанд ва аз он чи ба онон рӯзӣ додаем, инфоқ мекунанд

تَتَجَافَىٰ جُنُوبُهُمۡ عَنِ ٱلۡمَضَاجِعِ يَدۡعُونَ رَبَّهُمۡ خَوۡفٗا وَطَمَعٗا وَمِمَّا رَزَقۡنَٰهُمۡ يُنفِقُونَ ١٦

17. Пас, ҳеҷ кас намедонад, ба [поси] он чи [ин муъминон дар дунё] анҷом медиҳанд, чи [бисёр мояи] равшании чашмҳо барояшон нуҳуфта аст

فَلَا تَعۡلَمُ نَفۡسٞ مَّآ أُخۡفِيَ لَهُم مِّن قُرَّةِ أَعۡيُنٖ جَزَآءَۢ بِمَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٧

أَفَمَن كَانَ مُؤْمِنًا كَمَن كَانَ فَاسِقًا ۚ لَّا يَسْتَوُۥنَ ﴿١٨﴾

18. Оё [подоши] касе, ки муъмин аст, ҳамчун касест, ки нофармон аст? Ҳаргиз баробар нестанд

أَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَلَهُمْ جَنَّٰتُ ٱلْمَأْوَىٰ نُزُلًۢا بِمَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿١٩﴾

19. Аммо касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, ҷойгоҳашон боғҳо [-и биҳишт] аст. Подошест ба [поси] он чи мекарданд

وَأَمَّا ٱلَّذِينَ فَسَقُواْ فَمَأْوَىٰهُمُ ٱلنَّارُ ۖ كُلَّمَآ أَرَادُوٓاْ أَن يَخْرُجُواْ مِنْهَآ أُعِيدُواْ فِيهَا وَقِيلَ لَهُمْ ذُوقُواْ عَذَابَ ٱلنَّارِ ٱلَّذِى كُنتُم بِهِۦ تُكَذِّبُونَ ﴿٢٠﴾

20. Ва аммо касоне, ки нофармонӣ карданд, ҷойгоҳашон оташ [-и дузах] аст. Ҳар гоҳ бихоҳанд аз он хориҷ шаванд, ба дарунаш бозгардонда мешаванд ва ба онон гуфта мешавад: «Бичашед азоби оташеро, ки ҳамвора дурӯғаш меангоштед»

وَلَنُذِيقَنَّهُم مِّنَ ٱلْعَذَابِ ٱلْأَدْنَىٰ دُونَ ٱلْعَذَابِ ٱلْأَكْبَرِ لَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ ﴿٢١﴾

21. Яқинан пеш аз азоби бузурги [охират] аз азоби наздик [ва сахтиҳои ин дунё] ба онон мечашонем, бошад, ки [ба даргоҳи илоҳӣ] бозгарданд

وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّن ذُكِّرَ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِۦ ثُمَّ أَعْرَضَ عَنْهَآ ۚ إِنَّا مِنَ ٱلْمُجْرِمِينَ مُنتَقِمُونَ ﴿٢٢﴾

22. Кист ситамгортар аз он ки ӯро ба оёти Парвардигораш панд дода мешавад, сипас аз он рӯй мегардонад? Бе тардид, Мо аз гунаҳгорон интиқом мегирем

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا مُوسَى ٱلْكِتَٰبَ فَلَا تَكُن فِى مِرْيَةٍ مِّن لِّقَآئِهِۦ ۖ وَجَعَلْنَٰهُ هُدًى لِّبَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ﴿٢٣﴾

23. Мо ба Мӯсо китоб [Таврот] додем - пас, [эй паёмбар] аз дидори Ӯ дар тардид набош - ва онро раҳнамуди Бани Исроил гардонидем

وَجَعَلْنَا مِنْهُمْ أَئِمَّةً يَهْدُونَ بِأَمْرِنَا لَمَّا صَبَرُواْ ۖ وَكَانُواْ بِـَٔايَٰتِنَا يُوقِنُونَ ﴿٢٤﴾

24. ва чун онон [бар ибодат ва дурӣ аз гуноҳ] шикебоӣ мекарданд ва ба оёти Мо яқин доштанд, аз миёнашон пешвоёне баргумоштем, ки ба фармони Мо [мардумро] ҳидоят мекарданд

إِنَّ رَبَّكَ هُوَ يَفْصِلُ بَيْنَهُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ فِيمَا كَانُواْ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ ﴿٢٥﴾

25. Мусалламан, Парвардигори туст, ки рӯзи қиёмат дар мавриди он чи ихтилоф доштанд, миёнашон доварӣ мекунад

أَوَلَمْ يَهْدِ لَهُمْ كَمْ أَهْلَكْنَا مِن قَبْلِهِم مِّنَ ٱلْقُرُونِ يَمْشُونَ فِى مَسَٰكِنِهِمْ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَٰتٍ ۖ أَفَلَا يَسْمَعُونَ ﴿٢٦﴾

26. Оё барояшон равшан нашудааст, ки чи бисёр наслҳоеро пеш аз онон нобуд кардем, ки [акнун ин кофирон] дар хонаҳои онҳо роҳ мераванд? Ба ростӣ, ки дар ин [азобу нобудӣ] ибратҳост. Оё [боз ҳам сухани ҳақро] намешунаванд?

أَوَلَمۡ يَرَوۡاْ أَنَّا نَسُوقُ ٱلۡمَآءَ إِلَى ٱلۡأَرۡضِ ٱلۡجُرُزِ فَنُخۡرِجُ بِهِۦ زَرۡعٗا تَأۡكُلُ مِنۡهُ أَنۡعَٰمُهُمۡ وَأَنفُسُهُمۡۖ أَفَلَا يُبۡصِرُونَ ٢٧

27. Оё надиданд, ки Мо боронро ба сӯйи замини хушк [ва бегиёҳ] мефиристем ва ба василаи он киштзоре падид меоварем, ки худ ва чаҳорпоёнашон аз он мехӯранд? Оё [нишонаҳои қудрати Аллоҳ таоло бар растохезро] намебинанд?

وَيَقُولُونَ مَتَىٰ هَٰذَا ٱلۡفَتۡحُ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ٢٨

28. Ва [кофирон] мегӯянд: «Агар ростгӯед, ин доварӣ [миёни мо ва шумо] кай фаро мерасад»?

قُلۡ يَوۡمَ ٱلۡفَتۡحِ لَا يَنفَعُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ إِيمَٰنُهُمۡ وَلَا هُمۡ يُنظَرُونَ ٢٩

29. Бигӯ: «Дар рӯзи доварӣ [ки ҷудоии ҳақ ва ботил аст] имон овардани касоне, ки куфр варзиданд, суде надорад ва ба онон муҳлат [-и тавба] дода намешавад»

فَأَعۡرِضۡ عَنۡهُمۡ وَٱنتَظِرۡ إِنَّهُم مُّنتَظِرُونَ ٣٠

30. Пас, [эй Паёмбар, акнун ки бар ширк пофишорӣ мекунанд] аз эшон рӯй бигардон ва мунтазири [азобашон] бош [ки] бе тардид, онон [низ] мунтазиранд

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ ٱتَّقِ ٱللَّهَ وَلَا تُطِعِ ٱلْكَٰفِرِينَ وَٱلْمُنَٰفِقِينَۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيمًا حَكِيمًا ①

1. Эй Паёмбар, аз Аллоҳ таоло парво кун ва аз кофирон ва мунофиқон итоат накун. Бе тардид, Аллоҳ таоло ҳамвора донои ҳаким аст

وَٱتَّبِعْ مَا يُوحَىٰٓ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرًا ②

2. Ва аз он чи аз ҷониби Парвардигорат ба ту ваҳй мешавад пайравӣ кун. Бе тардид, Аллоҳ таоло ҳамвора ба он чи мекунед, огоҳ аст

وَتَوَكَّلْ عَلَى ٱللَّهِۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ وَكِيلًا ③

3. Ва бар Аллоҳ таоло таваккал кун ва ҳамин басанда аст, ки Аллоҳ таоло корсози ту бошад

مَّا جَعَلَ ٱللَّهُ لِرَجُلٍ مِّن قَلْبَيْنِ فِى جَوْفِهِۦۚ وَمَا جَعَلَ أَزْوَٰجَكُمُ ٱلَّٰٓـِٔى تُظَٰهِرُونَ مِنْهُنَّ أُمَّهَٰتِكُمْۚ وَمَا جَعَلَ أَدْعِيَآءَكُمْ أَبْنَآءَكُمْۚ ذَٰلِكُمْ قَوْلُكُم بِأَفْوَٰهِكُمْۖ وَٱللَّهُ يَقُولُ ٱلْحَقَّ وَهُوَ يَهْدِى ٱلسَّبِيلَ ④

4. Аллоҳ таоло даруни ҳеҷ марде ду қалб барояш наниҳодааст ва [ба ҳамин сурат] ҳаргиз ҳамсаронатонро ки мавриди зиҳор [ва таҳрими ҷинсӣ] қарор медиҳед, [ҳамчун] модаронатон нагардондааст; ва [ҳамчунин] писархондаҳоятонро писаронатон насохтааст. Ин сухани [нодуруст] аст, ки бар забон меоваред ва Аллоҳ таоло ҳақро мегӯяд ва Ӯст, ки ба роҳи рост ҳидоят мекунад

ٱدْعُوهُمْ لِءَابَآئِهِمْ هُوَ أَقْسَطُ عِندَ ٱللَّهِۚ فَإِن لَّمْ تَعْلَمُوٓاْ ءَابَآءَهُمْ فَإِخْوَٰنُكُمْ فِى ٱلدِّينِ وَمَوَٰلِيكُمْۚ وَلَيْسَ عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ فِيمَآ أَخْطَأْتُم بِهِۦ وَلَٰكِن مَّا تَعَمَّدَتْ قُلُوبُكُمْۚ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا ⑤

5. Онон [писархондаҳо]-ро ба падаронашон нисбат диҳед, [ки] назди Аллоҳ таоло одилонатар аст. Агар падаронашонро намешиносед, пас, онҳо бародарони динӣ ва бардагони озодшуда [ва дар ҳукми дӯстони] шумо ҳастанд. Дар мавриди он чи [қаблан] иштибоҳ кардаед, гуноҳе бар шумо нест; вале он чи дилҳоятон қасди онро дорад [ва амдан бар забон меоваред, гуноҳ аст; пас, агар тавба кунед] ҳамвора Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

ٱلنَّبِىُّ أَوْلَىٰ بِٱلْمُؤْمِنِينَ مِنْ أَنفُسِهِمْۖ وَأَزْوَٰجُهُۥٓ أُمَّهَٰتُهُمْۗ وَأُوْلُواْ ٱلْأَرْحَامِ بَعْضُهُمْ أَوْلَىٰ بِبَعْضٍ فِى كِتَٰبِ ٱللَّهِ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُهَٰجِرِينَ إِلَّآ أَن تَفْعَلُوٓاْ إِلَىٰٓ أَوْلِيَآئِكُم مَّعْرُوفًاۚ كَانَ ذَٰلِكَ فِى ٱلْكِتَٰبِ مَسْطُورًا ⑥

6. Паёмбар [дар тамоми умур] нисбат ба муъминон, аз худашон сазовортар аст [ва назар ва хосташ авлавият дорад] ва ҳамсарони ӯ [аз лиҳози

(*) Аҳзоб (Гурӯҳҳо).

ҳурмати издивоҷ дар ҳукм] модаронашон ҳастанд; ва дар китоби Аллоҳ таоло, хешовандон [дар ирс бурдан аз якдигар] нисбат ба муъмином ва муҳоҷирон авлавият доранд [ва милоки ирс, хешовандӣ аст на имон]; магар ин ки [бихоҳед] ба дӯстонатон некӣ кунед [ва бахше аз амволатонро ба эшон бидиҳед]. Ин [ҳукм] дар он китоб [Лавҳи маҳфуз] навишта шудааст

7. Ва [эй Паёмбар, ёд кун аз] ҳангоме ки аз паёмбарон паймон [яктопарастӣ ва нубувват] гирифтем ва [ба вижа] аз ту ва Нуҳ ва Иброҳим ва Мӯсо ва Исо- писари Марям; ва аз ҳамаи онон паймони маҳкаме [дар бораи таблиғи дин] гирифтем

وَإِذْ أَخَذْنَا مِنَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ مِيثَٰقَهُمْ وَمِنكَ وَمِن نُّوحٍ وَإِبْرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ وَعِيسَى ٱبْنِ مَرْيَمَ ۖ وَأَخَذْنَا مِنْهُم مِّيثَٰقًا غَلِيظًا ۝٧

8. [Аллоҳ таоло чунин кард] то [бо кофирон итмоми ҳуҷҷат карда бошад ва] аз ростгӯён [паёмбарон] дар бораи ростиашон бипурсад ва барои кофирон азобе дарднок муҳайё кардааст

لِّيَسْـَٔلَ ٱلصَّٰدِقِينَ عَن صِدْقِهِمْ ۚ وَأَعَدَّ لِلْكَٰفِرِينَ عَذَابًا أَلِيمًا ۝٨

9. Эй касоне, ки имон овардаед, неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд оваред; он гоҳ ки сипоҳиёне [аз қабоили араб] ба сӯятон омаданд. Пас, Мо тундбоде [сахт] ва лашкаре [аз фариштагон] ки онҳоро намедидед, бар онон фиристодем [ва ба сахти шикасташон додем]; ва ҳамвора Аллоҳ таоло ба он чи мекунед биност

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱذْكُرُواْ نِعْمَةَ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ جَآءَتْكُمْ جُنُودٌ فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ رِيحًا وَجُنُودًا لَّمْ تَرَوْهَا ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ بَصِيرًا ۝٩

10. Вақте [дар ғазваи Хандақ] душманон аз боло ва поён [ва аз шарқ ва ғарби шаҳр] ба сӯятон омаданд [ва Мадинаро муҳосира карданд]; он гоҳ ки чашмҳо [ба фаровонии душман] хира гашта ва ҷонҳо [аз шиддат ва ваҳшат] ба гулугоҳ расида буд ва шумо ба Аллоҳ таоло гумонҳо [-и гуногун] мебурдед

إِذْ جَآءُوكُم مِّن فَوْقِكُمْ وَمِنْ أَسْفَلَ مِنكُمْ وَإِذْ زَاغَتِ ٱلْأَبْصَٰرُ وَبَلَغَتِ ٱلْقُلُوبُ ٱلْحَنَاجِرَ وَتَظُنُّونَ بِٱللَّهِ ٱلظُّنُونَا ۝١٠

11. Онҷо буд, ки муъминон озмоиш шуданд ва шадидан ба ваҳшат ва изтироб афтоданд

هُنَالِكَ ٱبْتُلِىَ ٱلْمُؤْمِنُونَ وَزُلْزِلُواْ زِلْزَالًا شَدِيدًا ۝١١

12. Ва [низ ба ёд оваред] ҳангоме ки мунофиқон ва касоне, ки дар дилҳояшон беморӣ [шак ва

وَإِذْ يَقُولُ ٱلْمُنَٰفِقُونَ وَٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِم مَّرَضٌ مَّا وَعَدَنَا ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥٓ إِلَّا غُرُورًا ۝١٢

тардид] буд, мегуфтанд: «Он чи Аллоҳ таоло ва Паёмбараш [дар бораи пирӯзӣ бар кофирон] ваъда додаанд, ҷуз фиребе беш нест»

13. Ва [низ] ҳангоме ки гурӯҳе аз онон гуфтанд: «Эй аҳли Ясриб, инҷо ҷойи мондани шумо нест; пас, [ба хонаҳоятон] бозгардед»; ва бархе аз онон аз Паёмбар иҷозати [бозгашт] мехостанд ва мегуфтанд: «Хонаҳои мо бе ҳифзкунанда аст»; дар ҳоле ки бе ҳифзкунанда набуд. Онон чизе ҷуз фирор [аз ҷиҳод] намехостанд

وَإِذْ قَالَت طَّآئِفَةٌ مِّنْهُمْ يَـٰٓأَهْلَ يَثْرِبَ لَا مُقَامَ لَكُمْ فَٱرْجِعُواْ ۚ وَيَسْتَـْٔذِنُ فَرِيقٌ مِّنْهُمُ ٱلنَّبِىَّ يَقُولُونَ إِنَّ بُيُوتَنَا عَوْرَةٌ وَمَا هِىَ بِعَوْرَةٍ ۖ إِن يُرِيدُونَ إِلَّا فِرَارًا ﴿١٣﴾

14. Агар [лашкари душманон] аз атрофи он [шаҳр] бар онон ворид мешуданд [ва хонаҳояшонро муҳосира мекарданд] ва аз онон хоста мешуд, ба куфр ва ширк бозгарданд, ҳатман чунин [тааҳҳуде ба душман] доданд ва ҷуз теъдоде андак [дар баробари ин дархост] муқовимат намекарданд

وَلَوْ دُخِلَتْ عَلَيْهِم مِّنْ أَقْطَارِهَا ثُمَّ سُئِلُواْ ٱلْفِتْنَةَ لَأَتَوْهَا وَمَا تَلَبَّثُواْ بِهَآ إِلَّا يَسِيرًا ﴿١٤﴾

15. Ва пеш аз ин [вақте ҳамин мунофиқон дар ҷанги Уҳуд аз муқобили кофирон гурехтанд] бо Аллоҳ таоло паймон бастанд, ки [ҳаргиз ба душман] пушт накунанд [ва аз майдон нагурезанд]; ва ҳамвора паймони илоҳӣ бозхост дорад

وَلَقَدْ كَانُواْ عَـٰهَدُواْ ٱللَّهَ مِن قَبْلُ لَا يُوَلُّونَ ٱلْأَدْبَـٰرَ ۚ وَكَانَ عَهْدُ ٱللَّهِ مَسْـُٔولًا ﴿١٥﴾

16. [Эй Паёмбар, ба мунофиқон] бигӯ: «Агар аз марг ё кушта шудан фирор кунед, ҳаргиз суде ба ҳолатон надорад; ва дар он сурат низ [аз зиндагии дунё] ҷуз андаке бахраманд намешавед»

قُل لَّن يَنفَعَكُمُ ٱلْفِرَارُ إِن فَرَرْتُم مِّنَ ٱلْمَوْتِ أَوِ ٱلْقَتْلِ وَإِذًا لَّا تُمَتَّعُونَ إِلَّا قَلِيلًا ﴿١٦﴾

17. Бигӯ: «Агар Аллоҳ таоло бароятон мусибат ё раҳмате хоста бошад, кист, ки шуморо дар баробари [иҷрои фармони] Ӯ ҳифз кунад?» ва онон барои хеш ба ҷуз Аллоҳ таоло ҳеҷ корсоз ва ёригаре намеёбанд

قُلْ مَن ذَا ٱلَّذِى يَعْصِمُكُم مِّنَ ٱللَّهِ إِنْ أَرَادَ بِكُمْ سُوٓءًا أَوْ أَرَادَ بِكُمْ رَحْمَةً ۚ وَلَا يَجِدُونَ لَهُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ وَلِيًّا وَلَا نَصِيرًا ﴿١٧﴾

18. Аллоҳ таоло касонеро аз шумо, ки боздоранда [-и мардум аз ҷиҳод] ҳастанд ва ба бародаронашон мегӯянд: «Ба мо бипайвандед» ба хубӣ мешиносад.

۞ قَدْ يَعْلَمُ ٱللَّهُ ٱلْمُعَوِّقِينَ مِنكُمْ وَٱلْقَآئِلِينَ لِإِخْوَٰنِهِمْ هَلُمَّ إِلَيْنَا ۖ وَلَا يَأْتُونَ ٱلْبَأْسَ إِلَّا قَلِيلًا ﴿١٨﴾

[Онон сустбоваранд] ва ҷуз андаке ба майдони ҷанг намеоянд

أَشِحَّةً عَلَيْكُمْۖ فَإِذَا جَآءَ ٱلْخَوْفُ رَأَيْتَهُمْ يَنظُرُونَ إِلَيْكَ تَدُورُ أَعْيُنُهُمْ كَٱلَّذِى يُغْشَىٰ عَلَيْهِ مِنَ ٱلْمَوْتِۖ فَإِذَا ذَهَبَ ٱلْخَوْفُ سَلَقُوكُم بِأَلْسِنَةٍ حِدَادٍ أَشِحَّةً عَلَى ٱلْخَيْرِۚ أُوْلَٰٓئِكَ لَمْ يُؤْمِنُواْ فَأَحْبَطَ ٱللَّهُ أَعْمَٰلَهُمْۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرًا ﴿١٩﴾

19. [Мунофиқон дар ҳама чиз] бар шумо бухл меварзанд; ва ҳангоме ки бим [ҷанг пеш] меояд, дар ҳоле ки чашмҳояшон [аз ваҳшат дар косахона] мечархад, ҳамчун касе, ки аз [сахтии] марг беҳуш шуда бошад, туро нигоҳ мекунанд; ва чун [буҳрон ва] тарс бартараф шуд, ба хотири ҳирс ва тамаъе, ки ба ғаноим доранд, бо забонҳои тунд ва нешдор шуморо меранҷонанд. Онон [ҳаргиз] имон наёвардаанд; пас, Аллоҳ таоло аъмолашонро табоҳ мегардонад ва ин [кор] ҳамвора бар Аллоҳ таоло осон аст

يَحْسَبُونَ ٱلْأَحْزَابَ لَمْ يَذْهَبُواْۖ وَإِن يَأْتِ ٱلْأَحْزَابُ يَوَدُّواْ لَوْ أَنَّهُم بَادُونَ فِى ٱلْأَعْرَابِ يَسْـَٔلُونَ عَنْ أَنۢبَآئِكُمْۖ وَلَوْ كَانُواْ فِيكُم مَّا قَٰتَلُوٓاْ إِلَّا قَلِيلًا ﴿٢٠﴾

20. [Мунофиқон] мепиндоранд [ки лашкариён] аҳзоб [ҳануз аз атрофи Мадина] нарафтаанд; ва агар аҳзоб бозгарданд, [ин сустбоварон] орзу мекунанд, ки миёни бодиянишинон [пинҳон] бошанд [ва аз ҳамон ҷо] ахбори [даргирии] шуморо ҷӯё шаванд; ва [ҳатто] агар байни [сипоҳи] шумо буданд, ҷуз андаке намеҷангиданд

لَّقَدْ كَانَ لَكُمْ فِى رَسُولِ ٱللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِّمَن كَانَ يَرْجُواْ ٱللَّهَ وَٱلْيَوْمَ ٱلْءَاخِرَ وَذَكَرَ ٱللَّهَ كَثِيرًا ﴿٢١﴾

21. Бе тардид, дар [рафтор ва гуфтори] Расулуллоҳ, барои шумо сармашқи некуе аст; барои ҳар ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи охират умед дорад ва Аллоҳро бисёр ёд мекунад

وَلَمَّا رَءَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلْأَحْزَابَ قَالُواْ هَٰذَا مَا وَعَدَنَا ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ وَصَدَقَ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥۖ وَمَا زَادَهُمْ إِلَّآ إِيمَٰنًا وَتَسْلِيمًا ﴿٢٢﴾

22. Ва чун муъминон [лашкари] аҳзобро диданд, гуфтанд: «Ин [имтиҳони илоҳӣ ва пирӯзии ниҳоияш] ҳамон чизе аст, ки Аллоҳ таоло ва Паёмбараш ба мо ваъда додаанд ва [бар ҳақ] Аллоҳ таоло ва Паёмбараш рост гуфтанд» ва [мушоҳидаи анбӯҳи душман] ҷуз бар имон ва таслимашон [дар муқобили Парвардигор] наяфзуд

مِّنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ رِجَالٌ صَدَقُواْ مَا عَٰهَدُواْ ٱللَّهَ عَلَيْهِۖ فَمِنْهُم مَّن قَضَىٰ نَحْبَهُۥ وَمِنْهُم مَّن يَنتَظِرُۖ وَمَا بَدَّلُواْ تَبْدِيلًا ﴿٢٣﴾

23. Аз миёни муъминон мардоне ҳастанд ба аҳд ва паймоне, ки бо Аллоҳ таоло баста буданд, [содиқона] вафо карданд; бархе аз онон то охир бар аҳд ва паймони ҳуд истоданд [ва дар ин

роҳ даргузаштанд ё шаҳид шуданд] ва бархе дигар ҳануз чашмингизор [шаҳодат] ҳастанд ва ҳаргиз [паймони худро] дигаргун насохтаанд

24. [Ин рӯйдодҳо пеш меояд] то Аллоҳ таоло ростгӯёнро ба [поси поймардӣ ва] ростгӯияшон подош диҳад ва мунофиқонро - агар бихоҳад - азоб кунад ё тавбаашонро бипазирад. Бе тардид, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

لِّيَجْزِيَ ٱللَّهُ ٱلصَّٰدِقِينَ بِصِدْقِهِمْ وَيُعَذِّبَ ٱلْمُنَٰفِقِينَ إِن شَآءَ أَوْ يَتُوبَ عَلَيْهِمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ غَفُورًا رَّحِيمًا ﴿٢٤﴾

25. Ва Аллоҳ таоло [сипоҳи] касонеро, ки куфр варзида буданд бо [тамоми нокомӣ ва] хашмашон [аз ин ки] ба ҳеҷ ғанимате даст наёфта буданд, [аз атрофи Мадина] бозгардонд ва [пуштибонии] Аллоҳ таоло дар ҷанг, муъминонро кифоят кард; ва Аллоҳ таоло ҳамвора тавонову шикастнопазир аст

وَرَدَّ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ بِغَيْظِهِمْ لَمْ يَنَالُوا۟ خَيْرًا ۚ وَكَفَى ٱللَّهُ ٱلْمُؤْمِنِينَ ٱلْقِتَالَ ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ قَوِيًّا عَزِيزًا ﴿٢٥﴾

26. [Аллоҳ таоло] Гурӯҳе аз аҳли китоб [яҳудиёни Бани Қурайза]- ро, ки аз онон [мушрикон] пуштибонӣ карда буданд, аз қалъаҳояшон ба зер кашид ва дар дилҳояшон ваҳшат андохт; [чунон ки шумо] гурӯҳе [аз онон] –ро мекуштед ва гурӯҳеро ба асорат мегирифтед

وَأَنزَلَ ٱلَّذِينَ ظَٰهَرُوهُم مِّنْ أَهْلِ ٱلْكِتَٰبِ مِن صَيَاصِيهِمْ وَقَذَفَ فِى قُلُوبِهِمُ ٱلرُّعْبَ فَرِيقًا تَقْتُلُونَ وَتَأْسِرُونَ فَرِيقًا ﴿٢٦﴾

27. Ва заминҳои кишоварзӣ ва хонаҳо ва амволашон ва [ҳамчунин] сарзаминеро, ки ҳаргиз по ба он ҷо нагузошта будед [Хайбар], дар ихтиёратон ниҳод; ва Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност

وَأَوْرَثَكُمْ أَرْضَهُمْ وَدِيَٰرَهُمْ وَأَمْوَٰلَهُمْ وَأَرْضًا لَّمْ تَطَـُٔوهَا ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرًا ﴿٢٧﴾

28. Эй Паёмбар, ба ҳамсаронат [ки нафақаи бештаре мехоҳанд] бигӯ: «Агар зиндагии дунё ва зинатҳояшро мехоҳед, биёед, то шуморо [бо ҳадяи муносиб] баҳраманд созам ва [бидуни ҳеҷ озоре] ба шоистагӣ раҳоятон кунам

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِىُّ قُل لِّأَزْوَٰجِكَ إِن كُنتُنَّ تُرِدْنَ ٱلْحَيَوٰةَ ٱلدُّنْيَا وَزِينَتَهَا فَتَعَالَيْنَ أُمَتِّعْكُنَّ وَأُسَرِّحْكُنَّ سَرَاحًا جَمِيلًا ﴿٢٨﴾

29. Ва агар муштоқи Аллоҳ таоло ва паёмбараш ва сарои охират ҳастед, пас, [бидонед, ки] бе тардид, Аллоҳ таоло барои некукоронатон подоши бузурге фароҳам кардааст»

وَإِن كُنتُنَّ تُرِدْنَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَٱلدَّارَ ٱلْـَٔاخِرَةَ فَإِنَّ ٱللَّهَ أَعَدَّ لِلْمُحْسِنَٰتِ مِنكُنَّ أَجْرًا عَظِيمًا ﴿٢٩﴾

30. Эй занони Паёмбар, ҳар яке аз шумо, ки [гуноҳи] ношоисти ошкоре муртакиб шавад,

يَٰنِسَآءَ ٱلنَّبِىِّ مَن يَأْتِ مِنكُنَّ بِفَٰحِشَةٍ مُّبَيِّنَةٍ يُضَٰعَفْ لَهَا ٱلْعَذَابُ ضِعْفَيْنِ ۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرًا ﴿٣٠﴾

азобаш дучандон мегардад; ва ин [кор] ҳамвора барои Аллоҳ таоло осон аст

31. Ва ҳар яке аз шумо, ки пайваста фармонбардори Аллоҳ таоло ва Паёмбараш бошад ва коре шоиста кунад, подошашро ду баробар медиҳем ва барояш [дар биҳишт] рӯзии арзишманде фароҳам овардаем

۞وَمَن يَقْنُتْ مِنكُنَّ لِلَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَتَعْمَلْ صَٰلِحًا نُّؤْتِهَآ أَجْرَهَا مَرَّتَيْنِ وَأَعْتَدْنَا لَهَا رِزْقًا كَرِيمًا ﴿٣١﴾

32. Эй занони Паёмбар, агар парҳезкорӣ кунед, [дар бартарӣ ва шарофат] монанди ҳеҷ як аз занони [одӣ] нахоҳед буд; пас, ҳангоми сухан гуфтан [бо мардон] ноз ва нармиш ба кор набаред, то [мабодо] он ки дар дилаш беморӣ аст, [дар шумо] тамаъ кунад ва ба шеваи шоиста сухан бигӯед

يَٰنِسَآءَ ٱلنَّبِىِّ لَسْتُنَّ كَأَحَدٍ مِّنَ ٱلنِّسَآءِ إِنِ ٱتَّقَيْتُنَّ فَلَا تَخْضَعْنَ بِٱلْقَوْلِ فَيَطْمَعَ ٱلَّذِى فِى قَلْبِهِۦ مَرَضٌ وَقُلْنَ قَوْلًا مَّعْرُوفًا ﴿٣٢﴾

33. Ва дар хонаҳоятон бимонед ва ҳамчун ҷилвагари [-и занон дар даврони] ҷоҳилияти пешин, ҷилвагарӣ [ва худнамоӣ] накунед ва намоз барпо доред ва закот бипардозед ва аз Аллоҳ таоло ва Паёмбараш итоат кунед. Эй аҳли хона [паёмбар], ҷуз ин нест Аллоҳ таоло мехоҳад палидӣ [ва озори бегонагон]-ро аз шумо дур намояд ва комилан покатон гардонад

وَقَرْنَ فِى بُيُوتِكُنَّ وَلَا تَبَرَّجْنَ تَبَرُّجَ ٱلْجَٰهِلِيَّةِ ٱلْأُولَىٰ وَأَقِمْنَ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتِينَ ٱلزَّكَوٰةَ وَأَطِعْنَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ إِنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنكُمُ ٱلرِّجْسَ أَهْلَ ٱلْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيرًا ﴿٣٣﴾

34. Ва ҳар он чиро, ки аз оёти илоҳӣ ва суннати Паёмбар дар хонаҳоятон хонда мешавад, ба ёд дошта бошед. Бе тардид, Аллоҳ таоло ҳамвора борикбини огоҳ аст

وَٱذْكُرْنَ مَا يُتْلَىٰ فِى بُيُوتِكُنَّ مِنْ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ وَٱلْحِكْمَةِ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ لَطِيفًا خَبِيرًا ﴿٣٤﴾

35. Аллоҳ таоло барои мардони мусулмон ва занони мусулмон ва мардони муъмин ва занони муъмин ва мардони фармонбардор ва занони фармонбардор ва мардони ростгӯ ва занони ростгӯ ва мардони шикебо ва занони шикебо ва мардони фурӯтан ва занони фурӯтан ва мардони инфоқгар ва занони инфоқгар ва мардони рӯзадор ва занони рӯзадор ва мардони покдоман ва занони покдоман ва мардон ва заноне, ки Аллоҳро бисёр ёд мекунанд, барои [ҳамаи] онон омурзиш ва подоши бузург фароҳам намудааст

إِنَّ ٱلْمُسْلِمِينَ وَٱلْمُسْلِمَٰتِ وَٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ وَٱلْقَٰنِتِينَ وَٱلْقَٰنِتَٰتِ وَٱلصَّٰدِقِينَ وَٱلصَّٰدِقَٰتِ وَٱلصَّٰبِرِينَ وَٱلصَّٰبِرَٰتِ وَٱلْخَٰشِعِينَ وَٱلْخَٰشِعَٰتِ وَٱلْمُتَصَدِّقِينَ وَٱلْمُتَصَدِّقَٰتِ وَٱلصَّٰٓئِمِينَ وَٱلصَّٰٓئِمَٰتِ وَٱلْحَٰفِظِينَ فُرُوجَهُمْ وَٱلْحَٰفِظَٰتِ وَٱلذَّٰكِرِينَ ٱللَّهَ كَثِيرًا وَٱلذَّٰكِرَٰتِ أَعَدَّ ٱللَّهُ لَهُم مَّغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًا ﴿٣٥﴾

وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلَا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥٓ أَمْرًا أَن يَكُونَ لَهُمُ ٱلْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ ۗ وَمَن يَعْصِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَٰلًا مُّبِينًا ﴿٣٦﴾

36. Барои ҳеҷ мард ва зани муъмине шоиста нест, ки вақте Аллоҳ таоло ва расулаш ба коре фармон медиҳанд [дар ичрои он фармон] ихтиёре дошта бошанд;ва ҳар ки аз Аллоҳ таоло ва расулаш нофармонӣ кунад, ҳаққо, ки дар гумроҳии ошкоре гирифтор шудааст

وَإِذْ تَقُولُ لِلَّذِىٓ أَنْعَمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِ وَأَنْعَمْتَ عَلَيْهِ أَمْسِكْ عَلَيْكَ زَوْجَكَ وَٱتَّقِ ٱللَّهَ وَتُخْفِى فِى نَفْسِكَ مَا ٱللَّهُ مُبْدِيهِ وَتَخْشَى ٱلنَّاسَ وَٱللَّهُ أَحَقُّ أَن تَخْشَىٰهُ ۖ فَلَمَّا قَضَىٰ زَيْدٌ مِّنْهَا وَطَرًا زَوَّجْنَٰكَهَا لِكَىْ لَا يَكُونَ عَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ حَرَجٌ فِىٓ أَزْوَٰجِ أَدْعِيَآئِهِمْ إِذَا قَضَوْا۟ مِنْهُنَّ وَطَرًا ۚ وَكَانَ أَمْرُ ٱللَّهِ مَفْعُولًا ﴿٣٧﴾

37. [Ба ёд овар] Вақте ба [Зайд ибни Ҳориса]-касе, ки Аллоҳ таоло ба ӯ неъмат [Ислом] дода буд ва ту неъмат [озодӣ] бахшида будӣ-[ба насиҳат] мегуфтӣ: «Ҳамсаратро барои худ нигаҳ дор ва аз Аллоҳ таоло парво кун» ва дар дили хеш [дар мавриди издивоҷ бо Зайнаб пас аз талоқаш] пинҳон медоштӣ, ки Аллоҳ таоло ошкоркунандаи он буд ва [чун ин издивоҷ бо суннатҳои ҷоҳилӣ мухолиф буд] аз [сарзаниши] мардум метарсидӣ; ҳол он ки Аллоҳ таоло сазовортар аст, ки аз Ӯ битарсӣ. Пас, ҳангоме ки Зайд ниёзашро аз вай ба поён бурд [ва талоқаш дод], ӯро ба издивоҷи ту даровардем, то барои муъминон дар мавриди издивоҷ бо ҳамсарони писархондаҳояшон, ки аз онон ком гирифтаанд [ва талоқашон додаанд], ҳеҷ гуноҳе набошад; ва фармони Аллоҳ таоло ҳамвора анҷомпазир аст

مَّا كَانَ عَلَى ٱلنَّبِىِّ مِنْ حَرَجٍ فِيمَا فَرَضَ ٱللَّهُ لَهُۥ ۖ سُنَّةَ ٱللَّهِ فِى ٱلَّذِينَ خَلَوْا۟ مِن قَبْلُ ۚ وَكَانَ أَمْرُ ٱللَّهِ قَدَرًا مَّقْدُورًا ﴿٣٨﴾

38. Бар Паёмбар, дар мавриди он чи Аллоҳ таоло барояш муқаррар [ва ҳалол] доштааст, ҳеҷ гуна гуноҳе вуҷуд надорад. [Ин кор] Суннати илоҳӣ аст [ва] дар бораи касоне [паёмбароне], ки пеш аз ин будаанд [низ сидқ мекунад]; ва фармони Аллоҳ таоло ҳамвора дақиқ ва ҳисобшуда аст

ٱلَّذِينَ يُبَلِّغُونَ رِسَٰلَٰتِ ٱللَّهِ وَيَخْشَوْنَهُۥ وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا ٱللَّهَ ۗ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ حَسِيبًا ﴿٣٩﴾

39. [Ҳамон] касоне, ки паёмҳои Аллоҳро [ба мардум] мерасонанд ва танҳо аз Ӯ метарсанд ва аз ҳеҷ кас ҷуз Аллоҳ таоло тарсе надоранд; ва Аллоҳ таоло барои ҳисобрасии [корҳои бандагонаш] кофӣ аст

مَّا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَآ أَحَدٍ مِّن رِّجَالِكُمْ وَلَٰكِن رَّسُولَ ٱللَّهِ وَخَاتَمَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ ۗ وَكَانَ ٱللَّهُ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمًا ﴿٤٠﴾

40. Муҳаммад ҳаргиз падари ҳеҷ яки аз мардони шумо [аз ҷумла Зайд] нест; балки расули Аллоҳ таоло ва хотами паёмбарон аст; ва Аллоҳ таоло ҳамвора ба ҳар чизе доност

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ ذِكۡرٗا كَثِيرٗا ﴿٤١﴾

41. Эй касоне, ки имон овардаед, Аллоҳро бисёр ёд кунед

وَسَبِّحُوهُ بُكۡرَةٗ وَأَصِيلًا ﴿٤٢﴾

42. Ва бомдод ва шомгоҳ Ӯро ба покӣ биситоед

هُوَ ٱلَّذِي يُصَلِّي عَلَيۡكُمۡ وَمَلَٰٓئِكَتُهُۥ لِيُخۡرِجَكُم مِّنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِۚ وَكَانَ بِٱلۡمُؤۡمِنِينَ رَحِيمٗا ﴿٤٣﴾

43. Ӯст, ки бар шумо дуруд [ва раҳмат] мефиристад ва фариштагонаш [низ дуоятон мекунанд], то шуморо аз торикиҳо ба сӯйи нур берун оварад ва [Аллоҳ таоло] ҳамвора нисбат ба муъминон меҳрубон аст

تَحِيَّتُهُمۡ يَوۡمَ يَلۡقَوۡنَهُۥ سَلَٰمٞۚ وَأَعَدَّ لَهُمۡ أَجۡرٗا كَرِيمٗا ﴿٤٤﴾

44. Рӯзе, ки бо Ӯ дидор мекунанд, дурудашон «Салом» аст ва [Аллоҳ таоло] бар эшон подоше арҷманд фароҳам сохтааст

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ إِنَّآ أَرۡسَلۡنَٰكَ شَٰهِدٗا وَمُبَشِّرٗا وَنَذِيرٗا ﴿٤٥﴾

45. Эй Паёмбар, Мо туро гувоҳ ва башоратбахш ва бимдиҳанда фиристодаем

وَدَاعِيًا إِلَى ٱللَّهِ بِإِذۡنِهِۦ وَسِرَاجٗا مُّنِيرٗا ﴿٤٦﴾

46. Ва [туро] даъватгаре ба сӯйи Аллоҳ таоло ба фармони Ӯ ва чароғи равшанибахш [қарор додем]

وَبَشِّرِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ بِأَنَّ لَهُم مِّنَ ٱللَّهِ فَضۡلٗا كَبِيرٗا ﴿٤٧﴾

47. Ва ба муъминон башорат бидеҳ, ки аз ҷониби Аллоҳ таоло бахшиши бузурге барояшон [дар пеш] аст

وَلَا تُطِعِ ٱلۡكَٰفِرِينَ وَٱلۡمُنَٰفِقِينَ وَدَعۡ أَذَىٰهُمۡ وَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱللَّهِۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ وَكِيلٗا ﴿٤٨﴾

48. Ва аз кофирон ва мунофиқон итоат накун ва ба озорашон бетаваҷҷуҳ бош ва бар Аллоҳ таоло таваккал кун; ва ҳамин басанда аст, ки Аллоҳ таоло [ёвар ва] коргузори ту бошад

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نَكَحۡتُمُ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتِ ثُمَّ طَلَّقۡتُمُوهُنَّ مِن قَبۡلِ أَن تَمَسُّوهُنَّ فَمَا لَكُمۡ عَلَيۡهِنَّ مِنۡ عِدَّةٖ تَعۡتَدُّونَهَاۖ فَمَتِّعُوهُنَّ وَسَرِّحُوهُنَّ سَرَاحٗا جَمِيلٗا ﴿٤٩﴾

49. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар гоҳ бо занони муъмин издивоҷ кардед, сипас пеш аз онки бо онон ҳамбистар шавед талоқашон додед, аз ҷониби шумо ҳеҷ иддае бар уҳдаи онон нест, ки ҳисобашро нигоҳ доред; аз ин рӯ, эшонро [бо ҳадяи муносиб] баҳраманд созед ва ба некутарин ваҷҳ раҳояшон созед

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ إِنَّآ أَحۡلَلۡنَا لَكَ أَزۡوَٰجَكَ ٱلَّٰتِيٓ ءَاتَيۡتَ أُجُورَهُنَّ وَمَا مَلَكَتۡ يَمِينُكَ مِمَّآ أَفَآءَ ٱللَّهُ عَلَيۡكَ وَبَنَاتِ عَمِّكَ وَبَنَاتِ عَمَّٰتِكَ وَبَنَاتِ خَالِكَ وَبَنَاتِ خَٰلَٰتِكَ ٱلَّٰتِي هَاجَرۡنَ مَعَكَ وَٱمۡرَأَةٗ مُّؤۡمِنَةً إِن وَهَبَتۡ نَفۡسَهَا لِلنَّبِيِّ إِنۡ أَرَادَ ٱلنَّبِيُّ أَن يَسۡتَنكِحَهَا خَالِصَةٗ لَّكَ مِن

50. Эй Паёмбар, Мо ҳамсаронат, ки маҳрашонро пардохтаӣ ва [низ] канизонеро, ки Аллоҳ таоло [аз баҳраи ҷанг] ба ту арзонӣ доштааст, бароят ҳалол кардаем ва [низ издивоҷ бо] духтари

دُونِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَۗ قَدۡ عَلِمۡنَا مَا فَرَضۡنَا عَلَيۡهِمۡ فِيٓ أَزۡوَٰجِهِمۡ وَمَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُهُمۡ لِكَيۡلَا يَكُونَ عَلَيۡكَ حَرَجٞۗ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ٥٠

амуҳоят ва духтари аммаҳоят ва духтартағоҳоят ва духтархолаҳоят, ки бо ту ҳиҷрат кардаанд ва [ҳамчунин] агар зани муъмине худро [бидуни маҳрия] ба Паёмбар бибахшад, чунончи Паёмбар бихоҳад, [метавонад] бо вай издивоҷ кунад. [Ин ҳукм] Вижаи туст, на дигар муъминон. Бе тардид, Мо медонем барои онон дар мавриди ҳамсарон ва канизонашон чи ҳукме таъйин кардаем. [Ин ҳукми вижаро барқарор кардем] То ҳеҷ тангное [дар роҳи анҷоми вазифа] бар ту набошад; ва Аллоҳ таоло ҳамвора омурзандаи меҳрубон аст

تُرۡجِي مَن تَشَآءُ مِنۡهُنَّ وَتُـٔۡوِيٓ إِلَيۡكَ مَن تَشَآءُۖ وَمَنِ ٱبۡتَغَيۡتَ مِمَّنۡ عَزَلۡتَ فَلَا جُنَاحَ عَلَيۡكَۚ ذَٰلِكَ أَدۡنَىٰٓ أَن تَقَرَّ أَعۡيُنُهُنَّ وَلَا يَحۡزَنَّ وَيَرۡضَيۡنَ بِمَآ ءَاتَيۡتَهُنَّ كُلُّهُنَّۚ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ مَا فِي قُلُوبِكُمۡۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَلِيمٗا ٥١

51. [Навбати] ҳар як аз онон [ҳамсаронат]- ро, ки бихоҳӣ [метавонӣ] ба таъхир андозӣ ва ҳар кадомро бихоҳӣ, [метавонӣ] назди хеш ҷой диҳӣ; ва агар ҳар як аз ононро, ки аз ӯ канора гирифтаӣ [ва навбаташ ба таъхир афтодааст] талаб кунӣ, [дар ҳар ҳол] ҳеҷ гуноҳе бар ту нест. Ин [ихтиёр дар интихоб] наздиктар аст ва ин ки чашмашон равшан шавад ва андӯҳгин набошанд ва ҳамагиашон аз он чи ба онон бахшидаӣ хушнуд гардидаанд; ва Аллоҳ таоло медонад, ки шумо [мардон дар бораи муҳаббати бештар ба бархе занонатон] чи дар дил доред; ва Аллоҳ таоло ҳамвора донои бурдбор аст

لَّا يَحِلُّ لَكَ ٱلنِّسَآءُ مِنۢ بَعۡدُ وَلَآ أَن تَبَدَّلَ بِهِنَّ مِنۡ أَزۡوَٰجٖ وَلَوۡ أَعۡجَبَكَ حُسۡنُهُنَّ إِلَّا مَا مَلَكَتۡ يَمِينُكَۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ رَّقِيبًا ٥٢

52. Аз ин пас [дигар издивоҷ бо] ҳеҷ зане бароят ҳалол нест ва набояд [бархе аз ҳамсаронатро талоқ диҳӣ, то] ҳамсаронеро ҷойнишини онон кунӣ, ҳатто агар зебоии онон [занони ҷадид] туро хуш ояд. Магар он ки [ба сурати каниз] дар ихтиёрат бошад; ва Аллоҳ таоло ҳамвора бар ҳар чизе нигаҳбон аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَدۡخُلُواْ بُيُوتَ ٱلنَّبِيِّ إِلَّآ أَن يُؤۡذَنَ لَكُمۡ إِلَىٰ طَعَامٍ غَيۡرَ نَٰظِرِينَ إِنَىٰهُ وَلَٰكِنۡ إِذَا دُعِيتُمۡ فَٱدۡخُلُواْ فَإِذَا طَعِمۡتُمۡ فَٱنتَشِرُواْ وَلَا مُسۡتَـٔۡنِسِينَ لِحَدِيثٍۚ إِنَّ ذَٰلِكُمۡ كَانَ يُؤۡذِي ٱلنَّبِيَّ فَيَسۡتَحۡيِۦ مِنكُمۡۖ وَٱللَّهُ لَا يَسۡتَحۡيِۦ مِنَ ٱلۡحَقِّۚ وَإِذَا سَأَلۡتُمُوهُنَّ مَتَٰعٗا فَسۡـَٔلُوهُنَّ مِن وَرَآءِ حِجَابٖۚ ذَٰلِكُمۡ أَطۡهَرُ لِقُلُوبِكُمۡ وَقُلُوبِهِنَّۚ وَمَا كَانَ لَكُمۡ أَن تُؤۡذُواْ رَسُولَ ٱللَّهِ وَلَآ أَن تَنكِحُوٓاْ أَزۡوَٰجَهُۥ مِنۢ بَعۡدِهِۦٓ أَبَدًاۚ إِنَّ ذَٰلِكُمۡ كَانَ عِندَ ٱللَّهِ عَظِيمًا ٥٣

53. Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонаҳои Паёмбар дохил нашавед; магар он ки барои [сарфи] ғизое ба шумо иҷозат диҳанд; бе он ки [зудтар аз вақти ғизо биравед ва] мунтазири омода шуданаш шавед; вале ҳангоме ки шуморо фаро хонданд, ворид шавед ва чун ғизо хӯрдед, пароканда гардед ва саргарми [баҳс ва] гуфтугӯ нашавед. Ин [рафторатон]

Паёмбарро меозорад ва ӯро аз [ибрози ин мавзӯъ дар баробари] шумо шарм дорад; [вале] Аллоҳ таоло аз [баёни] ҳақ шарм надорад. Ва ҳангоме ки аз ҳамсарони ӯ дархосте доред, [ниёзатонро] аз пушти пардае аз онон бихоҳед [ва дар чеҳраи онон нанигаред; чаро ки] ин [кор] барои дилҳои шумо ва эшон поктар аст; ва [ҳамчунин] бароятон сазовор нест, ки Расулуллоҳро биёзоред ва ҳаргиз шоистаи шумо нест, ки пас аз ӯ бо ҳамсаронаш издивоҷ кунед. Ба ростӣ, ки ин [кор] назди Аллоҳ таоло [гуноҳе] бузург аст

إِن تُبْدُواْ شَيْـًٔا أَوْ تُخْفُوهُ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمًا ﴿٥٤﴾

54. Агар чизеро ошкор кунед ё пинҳон доред, [бидонед, ки] бетардид, Аллоҳ таоло ба ҳар чизе огоҳ аст

لَّا جُنَاحَ عَلَيْهِنَّ فِىٓ ءَابَآئِهِنَّ وَلَآ أَبْنَآئِهِنَّ وَلَآ أَبْنَآئِهِنَّ وَلَآ إِخْوَٰنِهِنَّ وَلَآ أَبْنَآءِ إِخْوَٰنِهِنَّ وَلَآ أَبْنَآءِ أَخَوَٰتِهِنَّ وَلَا نِسَآئِهِنَّ وَلَا مَا مَلَكَتْ أَيْمَٰنُهُنَّ ۚ وَٱتَّقِينَ ٱللَّهَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ شَهِيدًا ﴿٥٥﴾

55. Бар онон [занони мусулмон] гуноҳе нест [дар надоштани ҳиҷоб] назди падаронашон ва писаронашон ва бародаронашон ва писарони бародаронашон ва писарони хоҳаронашон ва занон [ҳамдин]-ашон ва бардагонашон; ва [эй занони мусулмон] аз Аллоҳ таоло парво кунед. Бе тардид, Аллоҳ таоло бар ҳама чиз гувоҳ аст

إِنَّ ٱللَّهَ وَمَلَٰٓئِكَتَهُۥ يُصَلُّونَ عَلَى ٱلنَّبِىِّ ۚ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ صَلُّواْ عَلَيْهِ وَسَلِّمُواْ تَسْلِيمًا ﴿٥٦﴾

56. Ба ростӣ, Аллоҳ таоло ва фариштагонаш бар Паёмбар дуруд мефиристанд; [пас] эй касоне, ки имон овардаед [шумо низ] бар ӯ дуруд фиристед ва ба шоистагӣ салом гӯед

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُؤْذُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ لَعَنَهُمُ ٱللَّهُ فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ وَأَعَدَّ لَهُمْ عَذَابًا مُّهِينًا ﴿٥٧﴾

57. Касоне ки Аллоҳ таоло ва Паёмбарашро меозоранд, Аллоҳ таоло дар дунё ва охират ононро аз раҳмати хеш дур мекунад ва барояшон азоби хоркунанда омода кардааст

وَٱلَّذِينَ يُؤْذُونَ ٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ بِغَيْرِ مَا ٱكْتَسَبُواْ فَقَدِ ٱحْتَمَلُواْ بُهْتَٰنًا وَإِثْمًا مُّبِينًا ﴿٥٨﴾

58. Ва онон, ки мардон ва занони муъминро бе он ки муртакиби [амали зиште] шуда бошанд, [бо иттиҳомоти нораво] меозоранд, бори дурӯғ ва гуноҳи ошкорро бар дӯш мекашанд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِىُّ قُل لِّأَزْوَٰجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَآءِ ٱلْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِن جَلَٰبِيبِهِنَّ ۚ ذَٰلِكَ أَدْنَىٰٓ أَن يُعْرَفْنَ فَلَا يُؤْذَيْنَ ۗ وَكَانَ

59. Эй Паёмбар, ба ҳамсарон ва духтаронат ва дигар занони муъмин бигӯ, ки чодарҳояшонро ба

шоистагӣ бар [сар ва синаи] хеш бияфкананд. Ин [гуна пӯшиш] муносибтар аст ба ин ки [дар ҷомеа матонат ва виқор] шинохта шаванд ва [дар натиҷа] мавриди озор [ҳарзагон] қарор нагиранд, Ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

ٱللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا ﴿٥٩﴾

60. Агар мунофиқон ва касоне, ки дар дилҳояшон беморӣ [нифоқ] аст ва овозасозӣ дар Мадина [аз дурӯғгӯӣ ва шоеасозӣ] даст барнадоранд, яқинан туро бар онон мусаллат мегардонем. Дар ин сурат ҷуз муддати кӯтоҳе наметавонанд дар ин шаҳр дар канори ту бимонанд

لَّئِن لَّمْ يَنتَهِ ٱلْمُنَٰفِقُونَ وَٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِم مَّرَضٌ وَٱلْمُرْجِفُونَ فِى ٱلْمَدِينَةِ لَنُغْرِيَنَّكَ بِهِمْ ثُمَّ لَا يُجَاوِرُونَكَ فِيهَآ إِلَّا قَلِيلًا ﴿٦٠﴾

61. Лаънатшудагонанд ва ҳар ҷо ки ёфта шаванд, бояд бемуҳобо дастгир ва кушта шаванд

مَّلْعُونِينَ ۖ أَيْنَمَا ثُقِفُوٓا۟ أُخِذُوا۟ وَقُتِّلُوا۟ تَقْتِيلًا ﴿٦١﴾

62. [Ин] Суннати Аллоҳ таоло дар мавриди афроде [аз мунофиқон] , ки пештар будаанд, ҷорӣ гаштааст; ва ҳаргиз дар суннати Аллоҳ таоло дигаргунӣ [ва тағйире] намеёбӣ

سُنَّةَ ٱللَّهِ فِى ٱلَّذِينَ خَلَوْا۟ مِن قَبْلُ ۖ وَلَن تَجِدَ لِسُنَّةِ ٱللَّهِ تَبْدِيلًا ﴿٦٢﴾

63. [Эй Паёмбар] Мардум дар бораи [замони вуқуъи] қиёмат аз ту мепурсанд; бигӯ: «Дониши он танҳо назди Аллоҳ таоло аст»; ва ту чи медонӣ? Шояд қиёмат наздик бошад

يَسْـَٔلُكَ ٱلنَّاسُ عَنِ ٱلسَّاعَةِ ۖ قُلْ إِنَّمَا عِلْمُهَا عِندَ ٱللَّهِ ۚ وَمَا يُدْرِيكَ لَعَلَّ ٱلسَّاعَةَ تَكُونُ قَرِيبًا ﴿٦٣﴾

64. Бе тардид, Аллоҳ таоло кофиронро аз раҳмати хеш дур карда ва барояшон оташи афрӯхта муҳайё кардааст

إِنَّ ٱللَّهَ لَعَنَ ٱلْكَٰفِرِينَ وَأَعَدَّ لَهُمْ سَعِيرًا ﴿٦٤﴾

65. [Оташе] Ки ҷовидона дар он хоҳанд монд [ва барои дифоъ аз худ] ҳеҷ корсоз ва ёригаре намеёбанд

خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ۖ لَّا يَجِدُونَ وَلِيًّا وَلَا نَصِيرًا ﴿٦٥﴾

66. Рӯзе, ки чеҳраҳояшон дар оташи дузах дигаргун мешавад, [бо пушаймонӣ] мегӯянд: «Эй кош, аз Аллоҳ таоло ва Паёмбар итоат карда будем

يَوْمَ تُقَلَّبُ وُجُوهُهُمْ فِى ٱلنَّارِ يَقُولُونَ يَٰلَيْتَنَآ أَطَعْنَا ٱللَّهَ وَأَطَعْنَا ٱلرَّسُولَا۠ ﴿٦٦﴾

67. [Онон баҳона меоваранд ва] мегӯянд: «Парвардигоро, мо аз раҳбарон ва бузургони худ итоат кардем ва онон [буданд], ки моро гумроҳ карданд

وَقَالُوا۟ رَبَّنَآ إِنَّآ أَطَعْنَا سَادَتَنَا وَكُبَرَآءَنَا فَأَضَلُّونَا ٱلسَّبِيلَا۠ ﴿٦٧﴾

رَبَّنَآ ءَاتِهِمۡ ضِعۡفَيۡنِ مِنَ ٱلۡعَذَابِ وَٱلۡعَنۡهُمۡ لَعۡنٗا كَبِيرٗا ٦٨

68. Парвардигоро! Азобашонро дучандон кун ва ба лаънати бузург [ва сахт] лаънат бифармо!»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ ءَاذَوۡاْ مُوسَىٰ فَبَرَّأَهُ ٱللَّهُ مِمَّا قَالُواْۚ وَكَانَ عِندَ ٱللَّهِ وَجِيهٗا ٦٩

69. Эй касоне, ки имон овардаед, [Паёмбарро наёзоред ва] монанди касоне набошед ки Мӯсоро [бо тӯҳматҳои нораво] озурданд, сипас Аллоҳ таоло ӯро [аз он чи дар ҳаққаш мегуфтанд] табриа намуд; ва [Мӯсо] ҳамвора назди Аллоҳ обрӯманд аст.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَقُولُواْ قَوۡلٗا سَدِيدٗا ٧٠

70. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва сухани рост ва дуруст бигӯед

يُصۡلِحۡ لَكُمۡ أَعۡمَٰلَكُمۡ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ذُنُوبَكُمۡۗ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَقَدۡ فَازَ فَوۡزًا عَظِيمًا ٧١

71. [Парҳезгор ва ростгӯ бошед] то Аллоҳ таоло корҳоятонро ислоҳ кунад ва гуноҳонатонро биёмурзад ва [бидонед] ҳар ки аз Аллоҳ таоло ва Паёмбараш итоат кунад, яқинан ба комёбии бузурге даст ёфтааст

إِنَّا عَرَضۡنَا ٱلۡأَمَانَةَ عَلَى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَٱلۡجِبَالِ فَأَبَيۡنَ أَن يَحۡمِلۡنَهَا وَأَشۡفَقۡنَ مِنۡهَا وَحَمَلَهَا ٱلۡإِنسَٰنُۖ إِنَّهُۥ كَانَ ظَلُومٗا جَهُولٗا ٧٢

72. Мо амонати [анҷоми амрҳои шаръӣ] - ро бар осмонҳо ва замин ва кӯҳсорон арза доштем ва онҳо аз таҳаммулаш сар боз заданд ва аз он тарсиданд ва [-ле] инсон онро пазируфт. Ҳаққо, ки ӯ [дар ҳаққи хеш] ҳамвора ситамгор ва нодон аст

لِّيُعَذِّبَ ٱللَّهُ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ وَٱلۡمُنَٰفِقَٰتِ وَٱلۡمُشۡرِكِينَ وَٱلۡمُشۡرِكَٰتِ وَيَتُوبَ ٱللَّهُ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ٧٣

73. [Инсон чунин кард] то Аллоҳ таоло мардону занони мунофиқ ва мардону занони мушрикро азоб кунад ва тавбаи мардону занони муъминро [ки амонатдорони шоистае буданд] бипазирад; ва Аллоҳ таоло ҳамвора омурзандаи меҳрубон аст

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Ситоиш махсуси Аллоҳ таоло, ки он чи дар осмонҳо ва замин аст аз они Ӯст ва дар охират [низ] ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ҳакиму огоҳ аст

ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِى لَهُۥ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ وَلَهُ ٱلْحَمْدُ فِى ٱلْءَاخِرَةِ ۚ وَهُوَ ٱلْحَكِيمُ ٱلْخَبِيرُ ﴿١﴾

2. Ҳар чи дар замин фурӯ меравад ва ҳар чи аз он бармеояд ва он чи аз осмон фуруд меояд ва он чи ба сӯйи он боло меравад [ҳамаро Аллоҳ таоло] медонад ва Ӯ меҳрубони омурзанда аст

يَعْلَمُ مَا يَلِجُ فِى ٱلْأَرْضِ وَمَا يَخْرُجُ مِنْهَا وَمَا يَنزِلُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ وَمَا يَعْرُجُ فِيهَا ۚ وَهُوَ ٱلرَّحِيمُ ٱلْغَفُورُ ﴿٢﴾

3. Касоне, ки куфр варзиданд, мегӯянд: «Қиёмат ҳаргиз ба суроғи мо нахоҳад омад». Бигӯ: «Оре, савганд ба Парвардигорам, ки донои ғайб аст, ҳатман, ба суроғатон меояд. ҳамсанги заррае дар осмонҳо ва замин аз Ӯ пӯшида нест ва кучактар ва бузургтар аз он зарра чизе нест, магар он ки дар китобе ошкор [Лавҳи маҳфуз] сабт аст

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لَا تَأْتِينَا ٱلسَّاعَةُ ۖ قُلْ بَلَىٰ وَرَبِّى لَتَأْتِيَنَّكُمْ عَٰلِمِ ٱلْغَيْبِ ۖ لَا يَعْزُبُ عَنْهُ مِثْقَالُ ذَرَّةٍ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِى ٱلْأَرْضِ وَلَآ أَصْغَرُ مِن ذَٰلِكَ وَلَآ أَكْبَرُ إِلَّا فِى كِتَٰبٍ مُّبِينٍ ﴿٣﴾

4. То касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд подош диҳад. Эшонанд, ки бахшоиш ва рӯзии арзишманде [дар пеш] доранд»

لِّيَجْزِىَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ لَهُم مَّغْفِرَةٌ وَرِزْقٌ كَرِيمٌ ﴿٤﴾

5. Ва касоне, ки дар [роҳи инкор ва такзиби] оёти Мо кӯшиданд, то [ба пиндори хеш] Моро дармонда кунанд, азобе сахт ва дарднок [дар пеш] доранд

وَٱلَّذِينَ سَعَوْ فِىٓ ءَايَٰتِنَا مُعَٰجِزِينَ أُو۟لَٰٓئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ مِّن رِّجْزٍ أَلِيمٌ ﴿٥﴾

6. Аҳли дониш [донишмандони саҳоба ва уламои муъмини аҳли китоб] медонанд он чи ки аз сӯйи Парвардигорат бар ту нозил шуда, ҳақ аст ва ба роҳи [Аллоҳ таоло] шикастнопазири сутуда ҳидоят мекунад

وَيَرَى ٱلَّذِينَ أُو۟تُوا۟ ٱلْعِلْمَ ٱلَّذِىٓ أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ هُوَ ٱلْحَقَّ وَيَهْدِىٓ إِلَىٰ صِرَٰطِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْحَمِيدِ ﴿٦﴾

7. Касоне, ки куфр вазиданд [бо тамасхур ба якдигар] мегӯянд: «Мехоҳед мардеро нишонатон

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ هَلْ نَدُلُّكُمْ عَلَىٰ رَجُلٍ يُنَبِّئُكُمْ إِذَا مُزِّقْتُمْ كُلَّ مُمَزَّقٍ إِنَّكُمْ لَفِى خَلْقٍ جَدِيدٍ ﴿٧﴾

(*) Сабаъ (Қабилаи Сабаъ).

диҳем, ки иддио мекунад вақте [пас аз марг] комилан муталошӣ шудед, [бори дигар] дар офаринише нав дархоҳед омад?

أَفۡتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا أَم بِهِۦ جِنَّةُۢۗ بَلِ ٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِٱلۡأٓخِرَةِ فِي ٱلۡعَذَابِ وَٱلضَّلَٰلِ ٱلۡبَعِيدِ ٨

8. Оё [ин мард] бар Аллоҳ таоло дурӯғ мебандад ё девона аст?» [ҳаргиз чунин нест] балки касоне, ки ба охират имон надоранд, дар азоб [шадиди охират] ва гумроҳии дуру дароз [дунё] гирифторанд

أَفَلَمۡ يَرَوۡاْ إِلَىٰ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِۚ إِن نَّشَأۡ نَخۡسِفۡ بِهِمُ ٱلۡأَرۡضَ أَوۡ نُسۡقِطۡ عَلَيۡهِمۡ كِسَفٗا مِّنَ ٱلسَّمَآءِۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّكُلِّ عَبۡدٖ مُّنِيبٖ ٩

9. Оё [кофирон] ба осмону замине, ки пеши рӯ ва пушти сарашон аст, нанигаристаанд? Агар бихоҳем, ононро [монанди Қорун] дар замин фурӯ мебарем ё [ҳамчун қавми Шуайб] тиккае аз осмонро бар сарашон меафканем. Бе гумон, дар ин [хушдор] барои ҳар бандаи тавбакор, нишонае [аз кудрати Аллоҳ таоло] аст

وَلَقَدۡ ءَاتَيۡنَا دَاوُۥدَ مِنَّا فَضۡلٗاۖ يَٰجِبَالُ أَوِّبِي مَعَهُۥ وَٱلطَّيۡرَۖ وَأَلَنَّا لَهُ ٱلۡحَدِيدَ ١٠

10. Мо аз ҷониби хеш ба Довуд фазилате [ҳукмронӣ ва нубувват] бахшидем [ва гуфтем] «Эй кӯҳсорон ва эй парандагон, [дар ситоиш ва ниёиш] бо ӯ ҳамовоз шавед» ва оҳанро барояш нарм кардем [то ҳар чи мехоҳад бисозад]

أَنِ ٱعۡمَلۡ سَٰبِغَٰتٖ وَقَدِّرۡ فِي ٱلسَّرۡدِۖ وَٱعۡمَلُواْ صَٰلِحًاۖ إِنِّي بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ١١

11. [Ба ӯ дастур додем] ки: «Зиреҳҳои баланд [ва фарох] бисоз ва дар бофтан [ва пайвастани ҳалқаҳои зирех] санҷида ва дақиқ кор кун ва [шумо эй мардум] некукорӣ кунед, [ки] бе тардид, Ман ба он чи мекунед, бино ҳастам»

وَلِسُلَيۡمَٰنَ ٱلرِّيحَ غُدُوُّهَا شَهۡرٞ وَرَوَاحُهَا شَهۡرٞۖ وَأَسَلۡنَا لَهُۥ عَيۡنَ ٱلۡقِطۡرِۖ وَمِنَ ٱلۡجِنِّ مَن يَعۡمَلُ بَيۡنَ يَدَيۡهِ بِإِذۡنِ رَبِّهِۦۖ وَمَن يَزِغۡ مِنۡهُمۡ عَنۡ أَمۡرِنَا نُذِقۡهُ مِنۡ عَذَابِ ٱلسَّعِيرِ ١٢

12. Ва барои Сулаймон бодро [ба хидмат гумоштем], ки [дар вазиш] субҳгоҳон, масири як моҳаро тай мекард ва шомгоҳон [низ] масири як моҳаро мепаймуд; ва чашмаи миси [гудохта]-ро барояш равон сохтем ва гурӯҳе аз ҷинниён, ба фармони Парвардигораш, назди ӯ кор мекарданд ва ҳар як аз онон, ки аз фармони Мо сарпечӣ мекард, ба ӯ аз азоби сӯзон мечашондем

يَعۡمَلُونَ لَهُۥ مَا يَشَآءُ مِن مَّحَٰرِيبَ وَتَمَٰثِيلَ وَجِفَانٖ كَٱلۡجَوَابِ وَقُدُورٖ رَّاسِيَٰتٍۚ ٱعۡمَلُوٓاْ ءَالَ دَاوُۥدَ شُكۡرٗاۚ وَقَلِيلٞ مِّنۡ عِبَادِيَ ٱلشَّكُورُ ١٣

13. Онҳо барои ӯ ҳар чи мехост месохтанд: аз [кох ва] ибодатгоҳ ва муҷассама ва косаҳое [ки аз бузургӣ] ҳамчун ҳавз [буданд] ва дегҳое

бисёр бузург ва собит. [Ба онон гуфтем] «Эй оли Довуд, сипоси [неъматҳои Маро] ба ҷой оваред» ва [-ле] андаке аз бандагонам сипосгузоранд

فَلَمَّا قَضَيْنَا عَلَيْهِ ٱلْمَوْتَ مَا دَلَّهُمْ عَلَىٰ مَوْتِهِۦٓ إِلَّا دَآبَّةُ ٱلْأَرْضِ تَأْكُلُ مِنسَأَتَهُۥ ۖ فَلَمَّا خَرَّ تَبَيَّنَتِ ٱلْجِنُّ أَن لَّوْ كَانُوا۟ يَعْلَمُونَ ٱلْغَيْبَ مَا لَبِثُوا۟ فِى ٱلْعَذَابِ ٱلْمُهِينِ ﴿١٤﴾

14 Пас, чун маргро бар Сулаймон муқаррар доштем, [хеҷ кас] ононро аз маргаш огоҳ насохт, магар мӯриёна [кирмак]-е, ки асояшро хӯрд. Пас, чун [пайкари Сулаймон] фурӯ афтод, ҷинниён дарёфтанд, ки агар аз ғайб огоҳ буданд, ҳаргиз дар он азоби сангин [ва кори тоқатфарсо] боқӣ намемонданд

لَقَدْ كَانَ لِسَبَإٍ فِى مَسْكَنِهِمْ ءَايَةٌ ۖ جَنَّتَانِ عَن يَمِينٍ وَشِمَالٍ ۖ كُلُوا۟ مِن رِّزْقِ رَبِّكُمْ وَٱشْكُرُوا۟ لَهُۥ ۚ بَلْدَةٌ طَيِّبَةٌ وَرَبٌّ غَفُورٌ ﴿١٥﴾

15. Дар маҳалли сукунати [қавми] «Сабаъ» ду боғ [бузург] аз рост ва чап [қарор дошт], ки нишонае [аз қудрат ва бахшиши илоҳӣ] буд. [Ба онон гуфтем] «Аз рӯзии Парвардигоратон бихӯред ва шукргузораш бошед, [ки] сарзамине пок ва Парвардигоре омурзанда [доред]

فَأَعْرَضُوا۟ فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ سَيْلَ ٱلْعَرِمِ وَبَدَّلْنَٰهُم بِجَنَّتَيْهِمْ جَنَّتَيْنِ ذَوَاتَىْ أُكُلٍ خَمْطٍ وَأَثْلٍ وَشَىْءٍ مِّن سِدْرٍ قَلِيلٍ ﴿١٦﴾

16. Аммо онон [аз шукр ва имон] рӯй гардонданд; пас, Мо сели вайронгар ба сӯяшон равон кардем ва ду боғи [пурмаҳсули] ононро ба ду боғи [беарзиш] табдил намудем, [ки танҳо] меваҳои талх ва дарахти шӯрагаз ва андаке дарахти сидр дошт

ذَٰلِكَ جَزَيْنَٰهُم بِمَا كَفَرُوا۟ ۖ وَهَلْ نُجَٰزِىٓ إِلَّا ٱلْكَفُورَ ﴿١٧﴾

17. Мо ононро ба сазои носипосиашон, инчунин, кайфар додем ва оё ҷуз носипосро кайфар медиҳем?

وَجَعَلْنَا بَيْنَهُمْ وَبَيْنَ ٱلْقُرَى ٱلَّتِى بَٰرَكْنَا فِيهَا قُرًى ظَٰهِرَةً وَقَدَّرْنَا فِيهَا ٱلسَّيْرَ ۖ سِيرُوا۟ فِيهَا لَيَالِىَ وَأَيَّامًا ءَامِنِينَ ﴿١٨﴾

18. Ва [ҳамчунин] миёни онҳо [қавми Сабаъ дар Яман] ва сарзаминҳое, ки ба онҳо баракат дода будем, [Шом] шаҳрҳое [хуррам ва] ба ҳам пайваста қарор додем ва сайру сафаре [осон] дар он муқаррар намудем [ва ба онон гуфтем] «Шабу рӯз байни онҳо эмин [ва осуда] сафар кунед»

فَقَالُوا۟ رَبَّنَا بَٰعِدْ بَيْنَ أَسْفَارِنَا وَظَلَمُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ فَجَعَلْنَٰهُمْ أَحَادِيثَ وَمَزَّقْنَٰهُمْ كُلَّ مُمَزَّقٍ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَٰتٍ لِّكُلِّ صَبَّارٍ شَكُورٍ ﴿١٩﴾

19. Аммо онон [бо носипосӣ] гуфтанд: «Парвардигоро, миёни сафарҳои мо фосила

[-и бештаре] эҷод кун [то арзиши аспҳо ва шутурҳоямон намоён гардад ва бенавоён натавонанд ҳамчун сарватмандон ба роҳати сафар кунанд]» ва ба хештан ситам карданд; пас, Мо [низ саргузашти] ононро достоне [ибратомӯз] барои дигарон сохтем ва сахт [муталошӣ ва] парокандаашон намудем. Ба ростӣ, ки дар ин [моҷаро] барои ҳар шикебои сипосгузор, нишонаҳое [аз қудрати илоҳӣ] аст

وَلَقَدْ صَدَّقَ عَلَيْهِمْ إِبْلِيسُ ظَنَّهُۥ فَٱتَّبَعُوهُ إِلَّا فَرِيقًا مِّنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٢٠﴾

20. Ва яқинан, иблис гумони худро дар мавриди онон ба таҳаққуқ расонд; пас, ҷуз гурӯҳе [андак] аз муъминон, [ҳамагӣ] аз ӯ пайравӣ карданд

وَمَا كَانَ لَهُۥ عَلَيْهِم مِّن سُلْطَٰنٍ إِلَّا لِنَعْلَمَ مَن يُؤْمِنُ بِٱلْءَاخِرَةِ مِمَّنْ هُوَ مِنْهَا فِى شَكٍّ ۗ وَرَبُّكَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ حَفِيظٌ ﴿٢١﴾

21. [Шайтон] бар онон ҳеҷ тасаллуте надошт; балки [Мо мехостем] касеро, ки ба охират имон дорад, аз касе, ки дар бораи он тардид дорад, боз шиносем; ва Парвардигорат бар ҳар чизе нигаҳбон аст

قُلِ ٱدْعُوا۟ ٱلَّذِينَ زَعَمْتُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ لَا يَمْلِكُونَ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِى ٱلْأَرْضِ وَمَا لَهُمْ فِيهِمَا مِن شِرْكٍ وَمَا لَهُۥ مِنْهُم مِّن ظَهِيرٍ ﴿٢٢﴾

22. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Касонеро, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло [ёвар ва шафоатгари худ] мепиндоред, [ба фарёд] бихонед. Онон ҳатто ҳамсанги заррае дар осмонҳо ва замин молики чизе нестанд ва на дар [офариниш ва тадбири] он ду [замину осмон] ширкате доранд ва на Ӯ [Аллоҳ таоло] аз ҷониби онон ҳеҷ пуштибоне дорад

وَلَا تَنفَعُ ٱلشَّفَٰعَةُ عِندَهُۥٓ إِلَّا لِمَنْ أَذِنَ لَهُۥ ۚ حَتَّىٰٓ إِذَا فُزِّعَ عَن قُلُوبِهِمْ قَالُوا۟ مَاذَا قَالَ رَبُّكُمْ ۖ قَالُوا۟ ٱلْحَقَّ ۖ وَهُوَ ٱلْعَلِىُّ ٱلْكَبِيرُ ﴿٢٣﴾

23. Шафоат [ҳеҷ кас] назди Ӯ [Аллоҳ таоло] суде надорад; магар барои он ки [Аллоҳ таоло] ба ӯ иҷозат дода бошад. [Дар он рӯз фариштагон аз хавф ва ҳайбати илоҳӣ тарсонанд] то онгоҳ, ки изтироб [ва ташвиш] аз дилҳояшон бартараф мегардад, [гурӯҳе аз онон ба гурӯҳи дигар] мегӯянд: «Парвардигоратон чӣ гуфт?» [Онон дар посух] мегӯянд: «ҳақро [фармуд] ва Ӯ баланмартабаи бузург аст»

قُلْ مَن يَرْزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ قُلِ ٱللَّهُ ۖ وَإِنَّآ أَوْ إِيَّاكُمْ لَعَلَىٰ هُدًى أَوْ فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٢٤﴾

24. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Чи касе аз осмонҳо ва замин ба шумо рӯзӣ медиҳад?»

[Дар посух] бигӯ: «Аллоҳ таоло; ва яқинан [як гурӯҳ аз байни] мо ва шумост ё бар [роҳи] ҳидоят ё дар гумроҳии ошкор»

قُل لَّا تُسۡـَٔلُونَ عَمَّآ أَجۡرَمۡنَا وَلَا نُسۡـَٔلُ عَمَّا تَعۡمَلُونَ ٢٥

25. Бигӯ: «[Рӯзи қиёмат] Шумо аз гуноҳе, ки мо муртакиб шудаем, бозхост намешавед ва моро [низ] ба хотири он чи шумо анҷом медиҳед, бозхост намекунанд

قُلۡ يَجۡمَعُ بَيۡنَنَا رَبُّنَا ثُمَّ يَفۡتَحُ بَيۡنَنَا بِٱلۡحَقِّ وَهُوَ ٱلۡفَتَّاحُ ٱلۡعَلِيمُ ٢٦

26. Бигӯ: «[Он рӯз] Парвардигорамон [ҳамаи] моро гирд меоварад, сипас миёни мо ба ҳақ [ва адолат] доварӣ мекунад ва Ӯ довари доност»

قُلۡ أَرُونِيَ ٱلَّذِينَ أَلۡحَقۡتُم بِهِۦ شُرَكَآءَ كَلَّاۚ بَلۡ هُوَ ٱللَّهُ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٢٧

27. Бигӯ: «Касонеро, ки [дар қудрат ва тадбир] шарики Ӯ [Аллоҳ таоло] сохтаед, нишонам диҳед. Ҳаргиз [чунин нест, ки мепиндоред], балки Ӯ шикастнопазири ҳаким аст

وَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ إِلَّا كَآفَّةٗ لِّلنَّاسِ بَشِيرٗا وَنَذِيرٗا وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٢٨

28. [Эй Паёмбар] Мо туро ҷуз башоратбахш ва бимдиҳандае барои ҳамаи мардум нафиристодаем; аммо бештари мардум [ин ҳақиқатро] намедонанд

وَيَقُولُونَ مَتَىٰ هَٰذَا ٱلۡوَعۡدُ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ٢٩

29. Ва [кофирон] мегӯянд: «Агар ростгӯед, ин ваъда [қиёмат] кай хоҳад буд?»

قُل لَّكُم مِّيعَادُ يَوۡمٖ لَّا تَسۡتَـٔۡخِرُونَ عَنۡهُ سَاعَةٗ وَلَا تَسۡتَقۡدِمُونَ ٣٠

30. Бигӯ: «Ваъдагоҳатон рӯзест, ки на соате аз он таъхир мекунед ва на [бар он] пешӣ мегиред»

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَن نُّؤۡمِنَ بِهَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانِ وَلَا بِٱلَّذِي بَيۡنَ يَدَيۡهِۗ وَلَوۡ تَرَىٰٓ إِذِ ٱلظَّٰلِمُونَ مَوۡقُوفُونَ عِندَ رَبِّهِمۡ يَرۡجِعُ بَعۡضُهُمۡ إِلَىٰ بَعۡضٍ ٱلۡقَوۡلَ يَقُولُ ٱلَّذِينَ ٱسۡتُضۡعِفُواْ لِلَّذِينَ ٱسۡتَكۡبَرُواْ لَوۡلَآ أَنتُمۡ لَكُنَّا مُؤۡمِنِينَ ٣١

31. Ва касоне, ки куфр варзиданд мегӯянд: «Мо ҳаргиз ба ин Қуръон ва ба он [китобҳое], ки пеш аз он будааст, имон намеоварем». Кош медидӣ он вақтро, ки ин ситамгорон дар пешгоҳи Парвардигорашон нигоҳ дошта мешаванд [ва] сухани якдигарро рад мекунанд [ва ҳар як гуноҳро ба гардани дигаре меандозад]. Онон, ки [дар дунё] ба нотавонӣ кашида шуда буданд ба касоне, ки гарданкашӣ мекарданд, мегӯянд: «Агар шумо набудед, мо ҳатман, имон меовардем»

قَالَ ٱلَّذِينَ ٱسۡتَكۡبَرُواْ لِلَّذِينَ ٱسۡتُضۡعِفُوٓاْ أَنَحۡنُ صَدَدۡنَٰكُمۡ عَنِ ٱلۡهُدَىٰ بَعۡدَ إِذۡ جَآءَكُمۡ بَلۡ كُنتُم مُّجۡرِمِينَ ٣٢

32. Онон, ки гарданкашӣ мекарданд, [дар посух ба] касоне, ки ба нотавонӣ кашида шуда буданд,

мегӯянд: «Оё мо [будем, ки] шуморо аз ҳидоят-пас аз он ки ба сӯятон омад- боздоштем? [Ҳаргиз] Балки шумо худ гунаҳгор [ва аҳли фасод] будед»

وَقَالَ ٱلَّذِينَ ٱسۡتُضۡعِفُواْ لِلَّذِينَ ٱسۡتَكۡبَرُواْ بَلۡ مَكۡرُ ٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ إِذۡ تَأۡمُرُونَنَآ أَن نَّكۡفُرَ بِٱللَّهِ وَنَجۡعَلَ لَهُۥٓ أَندَادٗاۚ وَأَسَرُّواْ ٱلنَّدَامَةَ لَمَّا رَأَوُاْ ٱلۡعَذَابَۚ وَجَعَلۡنَا ٱلۡأَغۡلَٰلَ فِيٓ أَعۡنَاقِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْۖ هَلۡ يُجۡزَوۡنَ إِلَّا مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٣٣

33. Онон, ки ба нотавонӣ кашида шуда баданд, ба касоне, ки гарданкашӣ мекарданд, мегӯянд: «[Чунин нест] балки найранги шабу рӯз [-и шумо сабаб шуд, ки аз ҳидоят бозмонем] онгоҳ, ки ба мо дастур медодед, ба Аллоҳ таоло кофир шавем ва барояш [дар қудрат ва парастиш] ҳамтоёне қарор диҳем». Онон ҳангоме ки азоб [-и илоҳӣ]-ро мебинанд, пушаймонии худро [дар дил] пинҳон мекунанд ва Мо ғулу занҷирҳоро дар гардани ононе, ки куфр варзидаанд, меандозем. Оё ҷуз [ба кайфари] он чи мекарданд, муҷозот мешаванд?

وَمَآ أَرۡسَلۡنَا فِي قَرۡيَةٖ مِّن نَّذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتۡرَفُوهَآ إِنَّا بِمَآ أُرۡسِلۡتُم بِهِۦ كَٰفِرُونَ ٣٤

34. Ва дар ҳеҷ шаҳре бимдиҳандае нафиристодем, магар ин ки сарватмандони саркаши онҷо гуфтанд: «Паёмеро, ки маъмур ба [расидани] он шудаед, ҳатман, инкор мекунем»

وَقَالُواْ نَحۡنُ أَكۡثَرُ أَمۡوَٰلٗا وَأَوۡلَٰدٗا وَمَا نَحۡنُ بِمُعَذَّبِينَ ٣٥

35. Онон мегуфтанд: «Амвол ва фарзандони мо [аз шумо] бештар аст ва ҳаргиз муҷозот нахоҳем шуд»

قُلۡ إِنَّ رَبِّي يَبۡسُطُ ٱلرِّزۡقَ لِمَن يَشَآءُ وَيَقۡدِرُ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٣٦

36. [Эй Паёмбар] бигӯ: «Бе тардид, Парвардигорам [барои озмоиши мардум, неъмат ва] рӯзиро бар ҳар ки бихоҳад, густурда медорад ва [ё] танг мегирад; вале бештари мардум намедонанд

وَمَآ أَمۡوَٰلُكُمۡ وَلَآ أَوۡلَٰدُكُم بِٱلَّتِي تُقَرِّبُكُمۡ عِندَنَا زُلۡفَىٰٓ إِلَّا مَنۡ ءَامَنَ وَعَمِلَ صَٰلِحٗا فَأُوْلَٰٓئِكَ لَهُمۡ جَزَآءُ ٱلضِّعۡفِ بِمَا عَمِلُواْ وَهُمۡ فِي ٱلۡغُرُفَٰتِ ءَامِنُونَ ٣٧

37. Ва амволу фарзандонатон [фазилате] нест, ки шуморо ба пешгоҳи Мо наздик созад, магар касе, ки имон оварда ва коре шоиста анҷом додааст; пас, онон дар баробари он чи кардаанд, подоши дучандон доранд ва дар хонаҳои баланди биҳишт дар амну осоишанд

وَٱلَّذِينَ يَسۡعَوۡنَ فِيٓ ءَايَٰتِنَا مُعَٰجِزِينَ أُوْلَٰٓئِكَ فِي ٱلۡعَذَابِ مُحۡضَرُونَ ٣٨

38. Ва касоне, ки дар [дур кардани мардум аз] оёти Мо мекӯшанд, то [ба пиндори хеш]

Моро дармонда кунанд, ононанд, ки [ба азоби дузах] фаро хонда мешаванд

39. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Бе тардид, Парвардигорам [неъмат ва] рӯзиро бар ҳар ки бихоҳад, густурда медорад ва [ё] танг мегирад; ва ҳар чизеро [ки дар роҳи Аллоҳ таоло] инфоқ кунед, Ӯ ба ҷойи он [мол- ва беҳтар аз он -ба шумо] бозпас медиҳад; ва Ӯ беҳтарин рӯзидиҳанда аст»

قُلْ إِنَّ رَبِّي يَبْسُطُ ٱلرِّزْقَ لِمَن يَشَآءُ مِنْ عِبَادِهِۦ وَيَقْدِرُ لَهُۥ ۚ وَمَآ أَنفَقْتُم مِّن شَيْءٍ فَهُوَ يُخْلِفُهُۥ ۖ وَهُوَ خَيْرُ ٱلرَّٰزِقِينَ ﴿٣٩﴾

40. Ва [ёд кун аз] рӯзе, ки Аллоҳ таоло ҳамаи ононро бармеангезад, онгоҳ ба фариштагон мегӯяд: «Оё инҳо шуморо мепарастиданд?»

وَيَوْمَ يَحْشُرُهُمْ جَمِيعًا ثُمَّ يَقُولُ لِلْمَلَٰٓئِكَةِ أَهَٰٓؤُلَآءِ إِيَّاكُمْ كَانُوا۟ يَعْبُدُونَ ﴿٤٠﴾

41. [Фариштагон] мегӯянд: «Ту муназзаҳӣ; [дӯст ва] корсози мо Ту ҳастӣ, на онон; балки [ин мушрикон] шаётинро мепарастиданд ва бештарашон ба онҳо имон доштанд»

قَالُوا۟ سُبْحَٰنَكَ أَنتَ وَلِيُّنَا مِن دُونِهِم ۖ بَلْ كَانُوا۟ يَعْبُدُونَ ٱلْجِنَّ ۖ أَكْثَرُهُم بِهِم مُّؤْمِنُونَ ﴿٤١﴾

42. Пас, имрӯз ҳеҷ як аз шумо суд ва зиёне барои дигаре надорад; ва ба касоне, ки [бо ширк варзидан] ба худ ситам мекарданд, мегӯем: «Бичашед азоби оташеро, ки дурӯғаш меангоштед

فَٱلْيَوْمَ لَا يَمْلِكُ بَعْضُكُمْ لِبَعْضٍ نَّفْعًا وَلَا ضَرًّا ۚ وَنَقُولُ لِلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ ذُوقُوا۟ عَذَابَ ٱلنَّارِ ٱلَّتِى كُنتُم بِهَا تُكَذِّبُونَ ﴿٤٢﴾

43. Ва ҳангоме ки оёти равшани Мо бар онон [кофирон] хонда мешавад, мегӯянд: «Ин ҷуз марде нест, ки мехоҳад шуморо аз он чи падаронатон мепарастиданд, боздорад»; ва [низ] мегӯянд: «Ин [Қуръон] ҷуз дурӯғе барбофта нест»; ва касоне, ки куфр варзиданд, дар бораи ҳақ - вақте ба сӯяшон омад - гуфтанд: «Ин [Қуръон, чизе] нест, магар ҷодуе ошкор»

وَإِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتُنَا بَيِّنَٰتٍ قَالُوا۟ مَا هَٰذَآ إِلَّا رَجُلٌ يُرِيدُ أَن يَصُدَّكُمْ عَمَّا كَانَ يَعْبُدُ ءَابَآؤُكُمْ ۚ وَقَالُوا۟ مَا هَٰذَآ إِلَّآ إِفْكٌ مُّفْتَرًى ۚ وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لِلْحَقِّ لَمَّا جَآءَهُمْ إِنْ هَٰذَآ إِلَّا سِحْرٌ مُّبِينٌ ﴿٤٣﴾

44. Мо [пеш аз ин Қуръон] ҳеҷ китобе ба онон [мушрикон] надодаем, ки онро бихонанд [ва бо истинод ба матолибаш туро дурӯғгӯ бидонанд] ва пеш аз ту ҳеҷ бимдиҳандае ба сӯяшон нафиристодаем

وَمَآ ءَاتَيْنَٰهُم مِّن كُتُبٍ يَدْرُسُونَهَا ۖ وَمَآ أَرْسَلْنَآ إِلَيْهِمْ قَبْلَكَ مِن نَّذِيرٍ ﴿٤٤﴾

45. Касоне, ки пеш аз онон буданд [низ паёмбарони илоҳиро] дурӯғгӯ ангоштанд ва [ин дар ҳоле

وَكَذَّبَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ وَمَا بَلَغُوا۟ مِعْشَارَ مَآ ءَاتَيْنَٰهُمْ فَكَذَّبُوا۟ رُسُلِى ۖ فَكَيْفَ كَانَ نَكِيرِ ﴿٤٥﴾

аст, ки мушрикони қавми ту, ҳатто] ба даҳяки он чи [аз қудрату сарват] ба онон дода будем, нарасидаанд, вале [он кофирон] паёмбаронамро дурӯғгӯ ангоштанд; пас, [бингар, ки] кайфари Ман чи гуна буд

46. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Ман фақат шуморо ба як [сухан] панд медиҳам, ки: ду-ду ва як-як [гурӯҳ-гурӯҳ ё инфиродӣ] барои Аллоҳ таоло бархезед, сипас [дар аҳвол ва зиндагии паёмбар] бияндешед, [то бидонед, ки] ин ҳамнишини шумо [Муҳаммад] девона нест; ӯ бимдиҳандаест, ки пеш аз [фаро расидани] азоби сахт, барои [ҳидояти] шумо омадааст»

قُلْ إِنَّمَآ أَعِظُكُم بِوَٰحِدَةٍ ۖ أَن تَقُومُواْ لِلَّهِ مَثْنَىٰ وَفُرَٰدَىٰ ثُمَّ تَتَفَكَّرُواْ ۚ مَا بِصَاحِبِكُم مِّن جِنَّةٍ ۚ إِنْ هُوَ إِلَّا نَذِيرٌ لَّكُم بَيْنَ يَدَىْ عَذَابٍ شَدِيدٍ ﴿٤٦﴾

47. Бигӯ: «Ҳар подоше, ки [барои рисолатам] аз шумо хостаам, барои худатон бошад. Подоши ман ҷуз бар [уҳдаи] Аллоҳ таоло нест ва Ӯ бар ҳар чизе гувоҳ аст»

قُلْ مَا سَأَلْتُكُم مِّنْ أَجْرٍ فَهُوَ لَكُمْ ۖ إِنْ أَجْرِىَ إِلَّا عَلَى ٱللَّهِ ۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ شَهِيدٌ ﴿٤٧﴾

48. Бигӯ: «Яқинан Парвардигорам, ки донои розҳои ниҳон аст, [истидлолҳои] ҳақро бар ботил фурӯ меафканад [ва онро нобуд месозад]»

قُلْ إِنَّ رَبِّى يَقْذِفُ بِٱلْحَقِّ عَلَّٰمُ ٱلْغُيُوبِ ﴿٤٨﴾

49. Бигӯ: «Ҳақ [Ислом] фаро расид ва ботил наметавонад [таъсир ва қудрати ҷадиде] оғоз кунад ва на [нуфузи гузаштаашро] бозгардонад

قُلْ جَآءَ ٱلْحَقُّ وَمَا يُبْدِئُ ٱلْبَٰطِلُ وَمَا يُعِيدُ ﴿٤٩﴾

50. Бигӯ: «Агар [ман бо расондани ин паём] гумроҳ шуда бошам, ҷуз ин нест, ки ба зиёни хеш гумроҳ шудаам ва агар ҳидоят ёфта бошам, ба сабаби он [сухане] аст, ки Парвардигорам бар ман ваҳй мекунад. Бе тардид, Ӯ шунаво [ва] наздик аст»

قُلْ إِن ضَلَلْتُ فَإِنَّمَآ أَضِلُّ عَلَىٰ نَفْسِى ۖ وَإِنِ ٱهْتَدَيْتُ فَبِمَا يُوحِىٓ إِلَىَّ رَبِّىٓ ۚ إِنَّهُۥ سَمِيعٌ قَرِيبٌ ﴿٥٠﴾

51. Кош ҳангомеро медидӣ, ки [кофирон аз мушоҳидаи азоб] ваҳшатзада мешаванд ва [ҳеҷ роҳи] гурезе нест ва ононро аз ҷойи наздике [ки интизорашро надоранд] дастгир мекунанд

وَلَوْ تَرَىٰٓ إِذْ فَزِعُواْ فَلَا فَوْتَ وَأُخِذُواْ مِن مَّكَانٍ قَرِيبٍ ﴿٥١﴾

وَقَالُوٓاْ ءَامَنَّا بِهِۦ وَأَنَّىٰ لَهُمُ ٱلتَّنَاوُشُ مِن مَّكَانٍۭ بَعِيدٍ ﴿٥٢﴾

52. Онон [дар ин ҳол] мегӯянд: «Ба ин [қиёмат] имон овардем»; ва [акнун, ки мурдаанд] чи гуна аз ҷойи [чунин] дур дастрасӣ [ба имон] барояшон мумкин аст?

وَقَدْ كَفَرُواْ بِهِۦ مِن قَبْلُۖ وَيَقْذِفُونَ بِٱلْغَيْبِ مِن مَّكَانِۭ بَعِيدٍ ﴿٥٣﴾

53. Ҳол он ки онон дар дунё ин [қиёмат]-ро инкор мекарданд ва аз дур [ва бидуни дониш ва огоҳӣ, ба Паёмбар] нисбатҳои нораво медонанд

وَحِيلَ بَيْنَهُمْ وَبَيْنَ مَا يَشْتَهُونَ كَمَا فُعِلَ بِأَشْيَاعِهِم مِّن قَبْلُۚ إِنَّهُمْ كَانُواْ فِى شَكٍّ مُّرِيبٍ ﴿٥٤﴾

54. Ва [саранҷом] миёни онон ва он чи [аз лаззатҳои дунявӣ] ки хуш доранд, ҷудоӣ афтод; чунонки пеш аз ин низ бо амсоли [ва ҳамфикрони] эшон низ чунин рафторе шуд [чаро ки] яқинан онон [низ нисбат ба қиёмат] сахт дар тардид буданд

(35) Фотир(*) فاطر

Ҷузъи 22

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Сипос [ва ситоиш] аз они Аллоҳи офаринандаи осмонҳо ва замин аст; [Парвардигоре, ки] фариштагонро бо болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, фиристодагон [-и хеш ба сӯйи мардум] қарор дод [ва] ҳар чи бихоҳад дар офариниш меафзояд. Бе тардид, Аллоҳ таоло бар ҳар чизе тавоност

ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ فَاطِرِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ جَاعِلِ ٱلْمَلَٰٓئِكَةِ رُسُلًا أُو۟لِىٓ أَجْنِحَةٍ مَّثْنَىٰ وَثُلَٰثَ وَرُبَٰعَ ۚ يَزِيدُ فِى ٱلْخَلْقِ مَا يَشَآءُ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿١﴾

2. Ҳар [бахшоиш ва] раҳмате, ки Аллоҳ таоло барои мардумон бикушояд, ҳеҷ боздорандае барояш нест ва ҳар чиро бозгирад, фиристандае пас аз Ӯ вуҷуд надорад; ва Ӯ шикастнопазиру ҳаким аст

مَّا يَفْتَحِ ٱللَّهُ لِلنَّاسِ مِن رَّحْمَةٍ فَلَا مُمْسِكَ لَهَا ۖ وَمَا يُمْسِكْ فَلَا مُرْسِلَ لَهُۥ مِنۢ بَعْدِهِۦ ۚ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٢﴾

3. Эй мардум, неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд оваред. Оё офаринандае ҷуз Аллоҳ таоло ҳаст, ки шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ диҳад? Ҳеҷ маъбуде ҷуз Ӯ нест. Пас, чи гуна [аз ҳақ] мунҳариф мешавед?

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱذْكُرُوا۟ نِعْمَتَ ٱللَّهِ عَلَيْكُمْ ۚ هَلْ مِنْ خَٰلِقٍ غَيْرُ ٱللَّهِ يَرْزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ ۚ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ فَأَنَّىٰ تُؤْفَكُونَ ﴿٣﴾

4. [Эй Паёмбар] Агар мушрикон туро дурӯғгӯ меангоранд [ғамгин мабош; зеро] паёмбарони пеш аз туро низ дурӯғгӯ ангоштанд ва [саранҷом ҳамаи] корҳо ба Аллоҳ таоло боз гардонида мешавад

وَإِن يُكَذِّبُوكَ فَقَدْ كُذِّبَتْ رُسُلٌ مِّن قَبْلِكَ ۚ وَإِلَى ٱللَّهِ تُرْجَعُ ٱلْأُمُورُ ﴿٤﴾

5. Эй мардум, яқинан, ваъдаи Аллоҳ таоло [дар мавриди қиёмат] ҳақ аст; пас, [ҳушёр бошед, ки лаззатҳои] зиндагии дунё шуморо нафиребад ва шайтон шуморо нисбат ба [таъхир дар азоб ва шикебоӣ] Аллоҳ таоло нафиребад

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنَّ وَعْدَ ٱللَّهِ حَقٌّ ۖ فَلَا تَغُرَّنَّكُمُ ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَا وَلَا يَغُرَّنَّكُم بِٱللَّهِ ٱلْغَرُورُ ﴿٥﴾

6. Бе тардид, шайтон душмани шумост; пас, шумо низ ӯро душман [-и худ] гиред. Ҷуз ин

إِنَّ ٱلشَّيْطَٰنَ لَكُمْ عَدُوٌّ فَٱتَّخِذُوهُ عَدُوًّا ۚ إِنَّمَا يَدْعُوا۟ حِزْبَهُۥ لِيَكُونُوا۟ مِنْ أَصْحَٰبِ ٱلسَّعِيرِ ﴿٦﴾

(*) Фотир (Офаринанда).

нест, ки ӯ пайравонашро [ба куфр] мехонад, то аз аҳли оташ бошанд

7. Касоне, ки куфр варзидаанд, азобе сахт [дар пеш] доранд ва касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд омурзиш ва подоше бузург [дар итизор] доранд

ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَهُمْ عَذَابٌ شَدِيدٌ ۖ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُم مَّغْفِرَةٌ وَأَجْرٌ كَبِيرٌ ۝٧

8. Пас, оё касе, ки кирдори зишташ дар назараш ороста гаштааст ва онро неку мебинад [ҳамчун муъмини ҳақиқатбин аст?] пас, бе тардид, Аллоҳ таоло ҳар киро хоҳад гумроҳ месозад ва ҳар киро бихоҳад ҳидоят мекунад; пас, [эй паёмбар] вуҷудатро ба хотири дареғҳо [-и фаровон] бар [гумроҳии] онон табоҳ накун. Бе тардид, Аллоҳ таоло бар он чи мекунанд, огоҳ аст

أَفَمَن زُيِّنَ لَهُۥ سُوٓءُ عَمَلِهِۦ فَرَءَاهُ حَسَنًا ۖ فَإِنَّ ٱللَّهَ يُضِلُّ مَن يَشَآءُ وَيَهْدِى مَن يَشَآءُ ۖ فَلَا تَذْهَبْ نَفْسُكَ عَلَيْهِمْ حَسَرَٰتٍ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌۢ بِمَا يَصْنَعُونَ ۝٨

9. Аллоҳ таоло аст, ки бодҳоро равон мекунад ва [онҳо низ] абреро бармеангезанд; сипас Мо он [абр]-ро ба сӯйи сарзамине [хушк ва] мурда мефиристем ва ба [василаи] он заминро - пас аз хушкӣ ва хазонаш-зинда мекунем. Барангехтан [-и мурдагон аз қабрҳо низ] чунин аст

وَٱللَّهُ ٱلَّذِىٓ أَرْسَلَ ٱلرِّيَٰحَ فَتُثِيرُ سَحَابًا فَسُقْنَٰهُ إِلَىٰ بَلَدٍ مَّيِّتٍ فَأَحْيَيْنَا بِهِ ٱلْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا ۚ كَذَٰلِكَ ٱلنُّشُورُ ۝٩

10. Ҳар ки сарбаландӣ [-и дунё ва охиратро] мехоҳад, [бидонад, ки] сарбаландӣ ҳама аз они Аллоҳ таоло аст. Гуфтори пок [ва зикри илоҳӣ] ба сӯяш авҷ мегирад ва кирдори шоистаи он [гуфтор]-ро боло мебарад; ва онон, ки зиштиҳо [ва гуноҳон]-ро дасисачинӣ мекунанд, азоби сахте [дар пеш] доранд ва [нақша ва] найрангашон нобуд мегардад

مَن كَانَ يُرِيدُ ٱلْعِزَّةَ فَلِلَّهِ ٱلْعِزَّةُ جَمِيعًا ۚ إِلَيْهِ يَصْعَدُ ٱلْكَلِمُ ٱلطَّيِّبُ وَٱلْعَمَلُ ٱلصَّٰلِحُ يَرْفَعُهُۥ ۚ وَٱلَّذِينَ يَمْكُرُونَ ٱلسَّيِّـَٔاتِ لَهُمْ عَذَابٌ شَدِيدٌ ۖ وَمَكْرُ أُوْلَٰٓئِكَ هُوَ يَبُورُ ۝١٠

11. Ва Аллоҳ таоло [нахустин] шуморо аз хоке офарид ва он гоҳ [фарзандонаш] аз нутфае [падид овард]; сипас шуморо ҷуфтҳо [-и якдигар] қарор дод. Ҳеҷ [ҷондори] модае бордор намешавад ва зоймон намекунад, магар бо дониш [ва огоҳии] Ӯ; ва ҳеҷ [ҷондори] куҳансоле умри тӯлонӣ намекунад ва аз умраш коста намегардад, магар он ки дар китобе [Лавҳи маҳфуз] сабт аст. Ба ростӣ, ки ин кор барои Аллоҳ таоло осон аст

وَٱللَّهُ خَلَقَكُم مِّن تُرَابٍ ثُمَّ مِن نُّطْفَةٍ ثُمَّ جَعَلَكُمْ أَزْوَٰجًا ۚ وَمَا تَحْمِلُ مِنْ أُنثَىٰ وَلَا تَضَعُ إِلَّا بِعِلْمِهِۦ ۚ وَمَا يُعَمَّرُ مِن مُّعَمَّرٍ وَلَا يُنقَصُ مِنْ عُمُرِهِۦٓ إِلَّا فِى كِتَٰبٍ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٌ ۝١١

وَمَا يَسْتَوِي ٱلْبَحْرَانِ هَٰذَا عَذْبٌ فُرَاتٌ سَآئِغٌ شَرَابُهُۥ وَهَٰذَا مِلْحٌ أُجَاجٌ ۖ وَمِن كُلٍّ تَأْكُلُونَ لَحْمًا طَرِيًّا وَتَسْتَخْرِجُونَ حِلْيَةً تَلْبَسُونَهَا ۖ وَتَرَى ٱلْفُلْكَ فِيهِ مَوَاخِرَ لِتَبْتَغُوا۟ مِن فَضْلِهِۦ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ ﴿١٢﴾

12. Ва он ду дарё яксон нестанд: ин яке ширин ва хушгувор аст ва нӯшиданаш гуворост ва он яке шӯру талх аст; ва аз [сайди] ҳар як гӯште тоза мехӯред ва зеваре [ҳамчун марворид ва марҷон аз аъмоқаш] берун меоваред, ки онҳоро бар тан мекунед; ва киштиҳоро дар он дарё мебинӣ, ки [синаи амвоҷро] мешикофанд, то аз бахшоиши он баҳраманд гардед; бошад, ки сипос гузоред

يُولِجُ ٱلَّيْلَ فِى ٱلنَّهَارِ وَيُولِجُ ٱلنَّهَارَ فِى ٱلَّيْلِ وَسَخَّرَ ٱلشَّمْسَ وَٱلْقَمَرَ ۖ كُلٌّ يَجْرِى لِأَجَلٍ مُّسَمًّى ۚ ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمْ لَهُ ٱلْمُلْكُ ۚ وَٱلَّذِينَ تَدْعُونَ مِن دُونِهِۦ مَا يَمْلِكُونَ مِن قِطْمِيرٍ ﴿١٣﴾

13. [Аллоҳ таоло] шабро дар рӯз дармеоварад ва рӯзро дар шаб дармеоварад [ва инчунин бар тӯли ҳар яке меафзояд] ва хуршед ва моҳро ба хидмат [-и инсон] гумошт, ки ҳар як то замоне муайян [дар мадори худ] равон бошанд. Ин аст Аллоҳ таоло-Парвардгори шумо; фармонравоӣ аз они Ӯст ва касонеро, ки ба ҷойи Ӯ мехонед, [дар баробараш чунон фақиранд, ки ҳатто] пусти ҳастаи хурмоеро доро нестанд

إِن تَدْعُوهُمْ لَا يَسْمَعُوا۟ دُعَآءَكُمْ وَلَوْ سَمِعُوا۟ مَا ٱسْتَجَابُوا۟ لَكُمْ ۖ وَيَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ يَكْفُرُونَ بِشِرْكِكُمْ ۚ وَلَا يُنَبِّئُكَ مِثْلُ خَبِيرٍ ﴿١٤﴾

14. Агар ононро бихонед, садоятонро намешунаванд ва [ба фарзи маҳол] агар бишнаванд, посухатонро намедиҳанд ва рӯзи қиёмат аз ширки шумо безорӣ мечӯянд; ва [эй паёмбар] ҳеҷ кас ҳамчун [Парвардгори] огоҳ туро [аз ҳақоиқ] хабардор намесозад

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ أَنتُمُ ٱلْفُقَرَآءُ إِلَى ٱللَّهِ ۖ وَٱللَّهُ هُوَ ٱلْغَنِىُّ ٱلْحَمِيدُ ﴿١٥﴾

15. Эй мардум, [ҳамаи] шумо ба Аллоҳ таоло ниёзмандед ва [танҳо] Аллоҳ таоло аст, ки бениёзи сутуда аст

إِن يَشَأْ يُذْهِبْكُمْ وَيَأْتِ بِخَلْقٍ جَدِيدٍ ﴿١٦﴾

16. Ӯ агар бихоҳад, шуморо [аз миён] мебарад ва офаринише ҷадид [ба ҷойи шумо падид] меоварад

وَمَا ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ بِعَزِيزٍ ﴿١٧﴾

17. Ва [анҷоми] ин кор барои Аллоҳ таоло душвор нест

وَلَا تَزِرُ وَازِرَةٌ وِزْرَ أُخْرَىٰ ۚ وَإِن تَدْعُ مُثْقَلَةٌ إِلَىٰ حِمْلِهَا لَا يُحْمَلْ مِنْهُ شَىْءٌ وَلَوْ كَانَ ذَا قُرْبَىٰ ۗ إِنَّمَا تُنذِرُ ٱلَّذِينَ يَخْشَوْنَ رَبَّهُم بِٱلْغَيْبِ وَأَقَامُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ ۚ وَمَن تَزَكَّىٰ فَإِنَّمَا يَتَزَكَّىٰ لِنَفْسِهِۦ ۚ وَإِلَى ٱللَّهِ ٱلْمَصِيرُ ﴿١٨﴾

18. Ва ҳеҷ гунаҳгоре, бори гуноҳи дигареро ба дӯш намегирад ва агар [шахси] гаронборе, [дигареро] барои ҳамли бори [гуноҳони] хеш фаро бихонад, [чизе аз он бор] бардошта намешавад; ҳарчанд, ки ӯ хешованд [-и наздикаш] бошад. [Эй паёмбар] Ҷуз ин нест, ки ту фақат

ба касоне хушдор медиҳӣ, ки дар ниҳон аз [муҷозоти] Парвардгорашон метарсанд ва намоз барпо медоранд. Ҳар ки [аз гуноҳон] пок шавад, пас? яқинан танҳо ба суди хеш пок гаштааст ва бозгашт [-и ҳама] ба сӯйи Аллоҳ таоло аст

وَمَا يَسْتَوِى ٱلْأَعْمَىٰ وَٱلْبَصِيرُ ﴿١٩﴾

19. Ва [кофир ва муъмин баробар нестанд; чунонки] нобино ва бино яксон нестанд

وَلَا ٱلظُّلُمَٰتُ وَلَا ٱلنُّورُ ﴿٢٠﴾

20. Ва на торикиҳо ва нур

وَلَا ٱلظِّلُّ وَلَا ٱلْحَرُورُ ﴿٢١﴾

21. Ва на соя ва боди сӯзон

وَمَا يَسْتَوِى ٱلْأَحْيَآءُ وَلَا ٱلْأَمْوَٰتُ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُسْمِعُ مَن يَشَآءُ ۖ وَمَآ أَنتَ بِمُسْمِعٍ مَّن فِى ٱلْقُبُورِ ﴿٢٢﴾

22. Ва зиндагон ва мурдагон яксон нестанд. Бе тардид, Аллоҳ таоло [нидои ҳақро] ба гӯши ҳар ки бихоҳад мерасонад ва ту [эй паёмбар] наметавонӣ касонеро, ки дар гӯрҳо ҳастанд, шунаво созӣ

إِنْ أَنتَ إِلَّا نَذِيرٌ ﴿٢٣﴾

23. Ту ҷуз бимдиҳандае [беш] нестӣ

إِنَّآ أَرْسَلْنَٰكَ بِٱلْحَقِّ بَشِيرًا وَنَذِيرًا ۚ وَإِن مِّنْ أُمَّةٍ إِلَّا خَلَا فِيهَا نَذِيرٌ ﴿٢٤﴾

24. Ба ростӣ, Мо туро ба ҳақ башоратдиҳанда ва бимдиҳанда фиристодем ва [дар наслҳои гузашта низ] ҳеҷ уммате набуд, магар он ки миёнашон бимдиҳандае гузашта аст

وَإِن يُكَذِّبُوكَ فَقَدْ كَذَّبَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ جَآءَتْهُمْ رُسُلُهُم بِٱلْبَيِّنَٰتِ وَبِٱلزُّبُرِ وَبِٱلْكِتَٰبِ ٱلْمُنِيرِ ﴿٢٥﴾

25. Ва агар [мушрикон] туро дурӯғгӯ меангоранд, [аҷиб нест; чаро ки] бе тардид, касоне, ки пеш аз онон буданд, [низ] паёмбаронашонро, ки бо далоили равшан ва китобҳои осмонӣ ва китоби равшангар ба суроғашон омаданд, дурӯғгӯ ангоштанд

ثُمَّ أَخَذْتُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ۖ فَكَيْفَ كَانَ نَكِيرِ ﴿٢٦﴾

26. Он гоҳ [Ман низ] касонеро, ки куфр варзида буданд, нобуд кардам; пас, [бингар, ки] кайфари Ман чи гуна буд

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ أَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَخْرَجْنَا بِهِۦ ثَمَرَٰتٍ مُّخْتَلِفًا أَلْوَٰنُهَا ۚ وَمِنَ ٱلْجِبَالِ جُدَدٌۢ بِيضٌ وَحُمْرٌ مُّخْتَلِفٌ أَلْوَٰنُهَا وَغَرَابِيبُ سُودٌ ﴿٢٧﴾

27. Оё надидай, ки Аллоҳ таоло аз осмон обе нозил кард ва ба [василаи] он [аз дарахтони мухталиф] меваҳое падид овардем, ки рангҳояш гуногун аст ва аз кӯҳҳо [низ рагаҳо ва] роҳҳое сафед ва қирмиз ва комилан сиёҳ [офаридем], ки рангҳояш гуногун аст?

وَمِنَ ٱلنَّاسِ وَٱلدَّوَآبِّ وَٱلۡأَنۡعَٰمِ مُخۡتَلِفٌ أَلۡوَٰنُهُۥ كَذَٰلِكَۗ إِنَّمَا يَخۡشَى ٱللَّهَ مِنۡ عِبَادِهِ ٱلۡعُلَمَٰٓؤُاْۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ غَفُورٞ ٢٨

28. Ва ҳамчунин аз инсонҳо ва ҷунбандагон ва чаҳорпоён [низ махлуқоте офаридем, ки] рангҳояш гуногун аст. Ба ростӣ, аз [миёни] бандагони Аллоҳ таоло, танҳо доноён [ҳастанд, ки ба сифот ва аҳкоми илоҳӣ огоҳӣ доранд ва] аз Ӯ метарсанд. Бе тардид, Аллоҳ таоло шикастнопазири омурзанда аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَتۡلُونَ كِتَٰبَ ٱللَّهِ وَأَقَامُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَنفَقُواْ مِمَّا رَزَقۡنَٰهُمۡ سِرّٗا وَعَلَانِيَةٗ يَرۡجُونَ تِجَٰرَةٗ لَّن تَبُورَ ٢٩

29. Дар ҳақиқат, касоне, ки китоби Аллоҳро мехонанд ва намоз барпо медоранд ва аз он чи ба эшон рӯзӣ додаем, пинҳону ошкор инфоқ мекунанд, ба тиҷорате [пурсуд] умед доранд, ки ҳаргиз зиён [ва касодӣ] надорад

لِيُوَفِّيَهُمۡ أُجُورَهُمۡ وَيَزِيدَهُم مِّن فَضۡلِهِۦٓۚ إِنَّهُۥ غَفُورٞ شَكُورٞ ٣٠

30. То [Аллоҳ таоло] подошашонро ба тамомӣ бидиҳад ва аз фазли хеш бар [ҳаққи] онон биафзояд. Бе тардид, Ӯ омурзандаи сипосгузор аст

وَٱلَّذِيٓ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ هُوَ ٱلۡحَقُّ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِۗ إِنَّ ٱللَّهَ بِعِبَادِهِۦ لَخَبِيرُۢ بَصِيرٞ ٣١

31. [Эй Паёмбар] он чи аз ин китоб ба ту ваҳӣ кардем ҳақ аст ва он [китобҳои осмонӣ]-ро, ки пештар будааст, тасдиқ мекунад. Бе тардид, Аллоҳ таоло ба [ҳоли] бандагонаш огоҳ ва биност

ثُمَّ أَوۡرَثۡنَا ٱلۡكِتَٰبَ ٱلَّذِينَ ٱصۡطَفَيۡنَا مِنۡ عِبَادِنَاۖ فَمِنۡهُمۡ ظَالِمٞ لِّنَفۡسِهِۦ وَمِنۡهُم مُّقۡتَصِدٞ وَمِنۡهُمۡ سَابِقُۢ بِٱلۡخَيۡرَٰتِ بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡفَضۡلُ ٱلۡكَبِيرُ ٣٢

32. Онгоҳ ин китоб [Қуръон]-ро ба гурӯҳе аз бандагонамон, ки баргузидем [уммати Муҳаммад] ба мерос додем; пас, [бархе] аз онон дар ҳаққи хеш ситамгоранд ва [бархе дигар] аз онон миёнарав ҳастанд ва [бархе] аз онон ба фармони Аллоҳ таоло дар некиҳо пештозанд. Ин [мусулмонӣ ва баҳрамандӣ аз Қуръон, фазилат ва] бахшоиши бузург аст

جَنَّٰتُ عَدۡنٖ يَدۡخُلُونَهَا يُحَلَّوۡنَ فِيهَا مِنۡ أَسَاوِرَ مِن ذَهَبٖ وَلُؤۡلُؤٗاۖ وَلِبَاسُهُمۡ فِيهَا حَرِيرٞ ٣٣

33. [Подошашон] боғҳои ҷовидон [-и биҳиштӣ] аст, ки ба он ворид мешаванд. Дар он ҷо ба дастбандҳое аз тилло ва марворид ороста мегарданд ва либосашон аз ҳарир аст

وَقَالُواْ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ ٱلَّذِيٓ أَذۡهَبَ عَنَّا ٱلۡحَزَنَۖ إِنَّ رَبَّنَا لَغَفُورٞ شَكُورٌ ٣٤

34. [Онон пас аз вуруд] мегӯянд: «Сипос [ва ситоиш] аз они Аллоҳ таоло аст, ки андӯҳро аз мо дур кард. Ба ростӣ, ки Парвардигорамон омурзандаи сипосгузор аст

ٱلَّذِيٓ أَحَلَّنَا دَارَ ٱلۡمُقَامَةِ مِن فَضۡلِهِۦ لَا يَمَسُّنَا فِيهَا نَصَبٞ وَلَا يَمَسُّنَا فِيهَا لُغُوبٞ ٣٥

35. Он [маъбуде], ки аз фазли хеш моро дар ин сарои ҷовид ҷой дод; дар он ҷо ранҷе ба мо

намерасад ва дучори хастагӣ [ва касолат] намешавем

وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَهُمۡ نَارُ جَهَنَّمَ لَا يُقۡضَىٰ عَلَيۡهِمۡ فَيَمُوتُواْ وَلَا يُخَفَّفُ عَنۡهُم مِّنۡ عَذَابِهَاۚ كَذَٰلِكَ نَجۡزِي كُلَّ كَفُورٖ ٣٦

36. Ва барои касоне, ки куфр варзидаанд оташи дузах [дар пеш] аст. На фармон [-и марг] бар онон қорӣ мешавад, то бимиранд ва на [чизе] аз азобаш бар онон коста мегардад. Мо ҳар носипосеро чунин ҷазо медиҳем

وَهُمۡ يَصۡطَرِخُونَ فِيهَا رَبَّنَآ أَخۡرِجۡنَا نَعۡمَلۡ صَٰلِحًا غَيۡرَ ٱلَّذِي كُنَّا نَعۡمَلُۚ أَوَلَمۡ نُعَمِّرۡكُم مَّا يَتَذَكَّرُ فِيهِ مَن تَذَكَّرَ وَجَآءَكُمُ ٱلنَّذِيرُۖ فَذُوقُواْ فَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِن نَّصِيرٍ ٣٧

37. [Дузахиён] Дар он [оташ] фарёд мезананд: «Парвардигоро, моро [аз ин азоб] берун овар, то ғайр аз он чи [пештар] мекардем, кори шоистае анҷом диҳем». [Ба онон гуфта мешавад] «Оё ба шумо [он қадар фурсат ва] умр надодем, то ҳар ки пандпазир аст, дар он [муддат] панд гирад? Ва [паёмбар низ ба унвони] бимдиҳанда наздатон омад; пас, [ҳоло ки итоат накардед, таъми азоброн] бичашед, ки ситамгорон ҳеҷ ёригаре надоранд

إِنَّ ٱللَّهَ عَٰلِمُ غَيۡبِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ إِنَّهُۥ عَلِيمُۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ٣٨

38. Бе тардид, Аллоҳ таоло донои ниҳони осмонҳо ва замин аст [ва] Ӯст, ки ба рози дилҳо доност

هُوَ ٱلَّذِي جَعَلَكُمۡ خَلَٰٓئِفَ فِي ٱلۡأَرۡضِۚ فَمَن كَفَرَ فَعَلَيۡهِ كُفۡرُهُۥۗ وَلَا يَزِيدُ ٱلۡكَٰفِرِينَ كُفۡرُهُمۡ عِندَ رَبِّهِمۡ إِلَّا مَقۡتٗاۖ وَلَا يَزِيدُ ٱلۡكَٰفِرِينَ كُفۡرُهُمۡ إِلَّا خَسَارٗا ٣٩

39. Ӯст, ки шуморо дар замин ҷонишин [-и пешиниён] қарор дод; пас, ҳар ки куфр биварзад, куфраш ба зиёни худи ӯст; ва кофиронро куфрашон назди Парвардгорашон ҷуз хашм [ва безорӣ] намеафзояд; ва кофиронро куфрашон ҷуз зиён [ва гуноҳ, чизе] намеафзояд

قُلۡ أَرَءَيۡتُمۡ شُرَكَآءَكُمُ ٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَرُونِي مَاذَا خَلَقُواْ مِنَ ٱلۡأَرۡضِ أَمۡ لَهُمۡ شِرۡكٞ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ أَمۡ ءَاتَيۡنَٰهُمۡ كِتَٰبٗا فَهُمۡ عَلَىٰ بَيِّنَتٖ مِّنۡهُۚ بَلۡ إِن يَعِدُ ٱلظَّٰلِمُونَ بَعۡضُهُم بَعۡضًا إِلَّا غُرُورًا ٤٠

40. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Он маъбудоне, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло мехонед, нишонам диҳед, чи чизе аз заминро офаридаанд? Ё [ҳамроҳи Аллоҳ таоло] дар офариниши осмонҳо ширкат доштаанд? Ё ба онон [мушрикон] китобе додаем ва аз [матолиби] он нишонаи равшане [бар ҳаққонияти худ] доранд?» [Чунин нест] Балки ситамгорон [-и мушрик] ҷуз фиреб, ба якдигар ваъдае намедиҳанд

إِنَّ ٱللَّهَ يُمۡسِكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ أَن تَزُولَاۚ وَلَئِن زَالَتَآ إِنۡ أَمۡسَكَهُمَا مِنۡ أَحَدٖ مِّنۢ بَعۡدِهِۦٓۚ إِنَّهُۥ كَانَ حَلِيمًا غَفُورٗا ٤١

41. Ба ростӣ, Аллоҳ таоло, ки осмонҳо ва заминро нигаҳ медорад, то [аз масиру мадори худ]

мунҳариф нашаванд ва агар инҳироф ёбанд, пас, аз Ӯ касе онҳоро нигаҳ намедорад. Бе тардид, Аллоҳ таоло ҳамвора бурдбори омурзанда аст

وَأَقْسَمُواْ بِٱللَّهِ جَهْدَ أَيْمَٰنِهِمْ لَئِن جَآءَهُمْ نَذِيرٌ لَّيَكُونُنَّ أَهْدَىٰ مِنْ إِحْدَى ٱلْأُمَمِۖ فَلَمَّا جَآءَهُمْ نَذِيرٌ مَّا زَادَهُمْ إِلَّا نُفُورًا ﴿٤٢﴾

42. [Кофирон] Бо сахттарин савгандҳояшон ба Аллоҳ таоло савганд ёд карданд, ки агар [паёмбари] бимдиҳандае бар эшон биёяд, аз ҳар уммате роҳёфтатаранд; аммо чун [Муҳаммад ба унвони] бимдиҳандае наздашон омад, ҷуз дурӣ [ва нафрат аз ҳақ чизе] бар онон наафзуд

ٱسْتِكْبَارًا فِى ٱلْأَرْضِ وَمَكْرَ ٱلسَّيِّئِۚ وَلَا يَحِيقُ ٱلْمَكْرُ ٱلسَّيِّئُ إِلَّا بِأَهْلِهِۦۚ فَهَلْ يَنظُرُونَ إِلَّا سُنَّتَ ٱلْأَوَّلِينَۚ فَلَن تَجِدَ لِسُنَّتِ ٱللَّهِ تَبْدِيلًاۖ وَلَن تَجِدَ لِسُنَّتِ ٱللَّهِ تَحْوِيلًا ﴿٤٣﴾

43. [Савгандҳояшон содиқона набуд; балки] Аз рӯйи гарданкашӣ дар замин ва найранги зишт [буд] ва найранги зишт, ҷуз домангири соҳибаш намегардад. Пас, оё [кофирон чизе] ҷуз суннати [илоҳӣ ва кайфари] пешиниёнро интизор доранд? Пас, ҳаргиз дар суннати Аллоҳ таоло табдиле намеёбӣ ва ҳаргиз дар суннати Аллоҳ таоло тағйире намеёбӣ

أَوَلَمْ يَسِيرُواْ فِى ٱلْأَرْضِ فَيَنظُرُواْ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ وَكَانُوٓاْ أَشَدَّ مِنْهُمْ قُوَّةًۚ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيُعْجِزَهُۥ مِن شَىْءٍ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِى ٱلْأَرْضِۚ إِنَّهُۥ كَانَ عَلِيمًا قَدِيرًا ﴿٤٤﴾

44. Оё [кофирон] дар замин гардиш накардаанд, то бубинанд саранҷоми касоне, ки пеш аз онон ва нерумандтар аз онон буданд, чи гуна шуд? Ҳеҷ чизе дар осмонҳо ва замин нест, ки Аллоҳро нотавон созад [ва аз ҳавзаи қудрataш берун равад]. Бе тардид, Ӯ ҳамвора донову тавоност

وَلَوْ يُؤَاخِذُ ٱللَّهُ ٱلنَّاسَ بِمَا كَسَبُواْ مَا تَرَكَ عَلَىٰ ظَهْرِهَا مِن دَآبَّةٍ وَلَٰكِن يُؤَخِّرُهُمْ إِلَىٰٓ أَجَلٍ مُّسَمًّىۖ فَإِذَا جَآءَ أَجَلُهُمْ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ بِعِبَادِهِۦ بَصِيرًا ﴿٤٥﴾

45. Ва агар Аллоҳ таоло мардумро ба сабаби он чи кардаанд, муҷозот мекард, ҳеҷ ҷунбандаеро бар пушти замин боқӣ намегузошт, аммо [муҳлат медиҳад ва кайфари] ононро то саромади муайяне ба таъхир меандозад; пас, ҳангоме ки аҷалашон [дар қиёмат] фаро расад, яқинан, Аллоҳ таоло ба ҳоли бандагонаш биност.

(36) Ёсин(*) يس

Ҷузъи 22

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يسٓ ﴿١﴾

1. Ё, син.(1)

وَٱلْقُرْءَانِ ٱلْحَكِيمِ ﴿٢﴾

2. Савганд ба Қуръони ҳаким

إِنَّكَ لَمِنَ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٣﴾

3. Бе тардид, ту аз паёмбарон [-и Мо] ҳастӣ

عَلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿٤﴾

4. [Ва] Бар роҳи рост [Ислом қарор дорӣ]

تَنزِيلَ ٱلْعَزِيزِ ٱلرَّحِيمِ ﴿٥﴾

5. [Ин Қуръон] Фуруфиристодаи [Парвардигори] шикастнопазири меҳрубон аст

لِتُنذِرَ قَوْمًا مَّآ أُنذِرَ ءَابَآؤُهُمْ فَهُمْ غَٰفِلُونَ ﴿٦﴾

6. То мардумеро [дар бораи азоби қиёмат] бим диҳӣ, ки падаронашон ҳушдор наёфтаанд ва [бад-ин сабаб] онҳо низ ғофиланд

لَقَدْ حَقَّ ٱلْقَوْلُ عَلَىٰٓ أَكْثَرِهِمْ فَهُمْ لَا يُؤْمِنُونَ ﴿٧﴾

7. Яқинан, фармон [-и азоби илоҳӣ] бар бештарашон таҳаққуқ ёфтааст; пас, [лаҷоҷат мекунанд ва] имон намеоваранд

إِنَّا جَعَلْنَا فِىٓ أَعْنَٰقِهِمْ أَغْلَٰلًا فَهِىَ إِلَى ٱلْأَذْقَانِ فَهُم مُّقْمَحُونَ ﴿٨﴾

8. [Мисоли гумроҳии кофирон, чунон аст, ки гӯӣ] Мо бар гарданҳояшон занҷирҳое ниҳодаем, ки то зери манаххояшон [печидашуда] аст, чунонки сарҳояшон боло мондааст [ва аз анҷоми ҳар хайре оҷизанд ва роҳи ҳидоятро намеёбанд]

وَجَعَلْنَا مِنۢ بَيْنِ أَيْدِيهِمْ سَدًّا وَمِنْ خَلْفِهِمْ سَدًّا فَأَغْشَيْنَٰهُمْ فَهُمْ لَا يُبْصِرُونَ ﴿٩﴾

9. Ва аз пеши рӯяшон деворе ва аз пушти сарашон низ деворе ниҳодаем ва чашмонашонро бо пардае пӯшонидаем; аз ин рӯст, ки [ҳақиқатро] намебинанд

وَسَوَآءٌ عَلَيْهِمْ ءَأَنذَرْتَهُمْ أَمْ لَمْ تُنذِرْهُمْ لَا يُؤْمِنُونَ ﴿١٠﴾

10. [Эй Паёмбар] барояшон яксон аст, ки ононро бим диҳӣ ё надиҳӣ; [дар ҳар ҳол] имон намеоваранд

إِنَّمَا تُنذِرُ مَنِ ٱتَّبَعَ ٱلذِّكْرَ وَخَشِىَ ٱلرَّحْمَٰنَ بِٱلْغَيْبِ ۖ فَبَشِّرْهُ بِمَغْفِرَةٍ وَأَجْرٍ كَرِيمٍ ﴿١١﴾

11. Ҷуз ин нест, ки ту ба касе бим медиҳӣ [ва ин кор барои касе суд дорад], ки пайрави Қуръон

(*) Ёсин (Ё, Син).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

бошад ва дар ниҳон аз [Парвардигори] Раҳмон битарсад; пас, Ӯро [ки чунин аст] ба омурзиш ва подоши арҷманд башорат бидеҳ

12. Яқинан, Моем, ки мурдагонро зинда мекунем ва он чиро, ки аз пеш фиристодаанд ва осори [боқимонда аз] эшонро менависем; ва ҳама чизро дар Китоби равшан [Лавҳ-ул-маҳфуз] ба шумор овардаем

إِنَّا نَحْنُ نُحْيِ ٱلْمَوْتَىٰ وَنَكْتُبُ مَا قَدَّمُوا۟ وَءَاثَٰرَهُمْ ۚ وَكُلَّ شَىْءٍ أَحْصَيْنَٰهُ فِىٓ إِمَامٍ مُّبِينٍ ﴿١٢﴾

13. [Эй Паёмбар] барояшон [моҷарои] мардуми он шаҳрро мисол бизан, он гоҳ ки паёмбарон наздашон рафтанд

وَٱضْرِبْ لَهُم مَّثَلًا أَصْحَٰبَ ٱلْقَرْيَةِ إِذْ جَآءَهَا ٱلْمُرْسَلُونَ ﴿١٣﴾

14. Ва вақте ду нафар аз паёмбаронро ба сӯяшон фиристодем; аммо [мардум] ононро дурӯғгӯ ангоштанд; пас, бо фиристодани паёмбари савум он дуро [таъйид ва] тақвият кардем. Онон [ба аҳолии шаҳр] мегуфтанд: «Мо фиристодагон [-и илоҳӣ] ба сӯи шумо ҳастем»

إِذْ أَرْسَلْنَآ إِلَيْهِمُ ٱثْنَيْنِ فَكَذَّبُوهُمَا فَعَزَّزْنَا بِثَالِثٍ فَقَالُوٓا۟ إِنَّآ إِلَيْكُم مُّرْسَلُونَ ﴿١٤﴾

15. [Онон дар посух] гуфтанд: «Шумо ҷуз башаре ҳаммонанди мо нестед ва [Парвардигори] Раҳмон чизе [аз ваҳй] нозил накардааст. Шумо ҷуз дурӯғ намегӯед»

قَالُوا۟ مَآ أَنتُم إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُنَا وَمَآ أَنزَلَ ٱلرَّحْمَٰنُ مِن شَىْءٍ إِنْ أَنتُمْ إِلَّا تَكْذِبُونَ ﴿١٥﴾

16. [Паёмбарон] гуфтанд: «Парвардигорамон медонад, ки қатъан, ба сӯйи шумо фиристода шудаем

قَالُوا۟ رَبُّنَا يَعْلَمُ إِنَّآ إِلَيْكُمْ لَمُرْسَلُونَ ﴿١٦﴾

17. Ва мо вазифае ҷуз расонидани ошкор [-и ваҳй] надорем»

وَمَا عَلَيْنَآ إِلَّا ٱلْبَلَٰغُ ٱلْمُبِينُ ﴿١٧﴾

18. [Мардум] Гуфтанд: «Мо шуморо ба фоли бад гирифтаем. Агар [аз таблиғ] даст барнадоред, ҳатман, сангсоратон мекунем ва бе тардид, азоби дардноке аз [ҷониби] мо ба шумо хоҳад расид»

قَالُوٓا۟ إِنَّا تَطَيَّرْنَا بِكُمْ ۖ لَئِن لَّمْ تَنتَهُوا۟ لَنَرْجُمَنَّكُمْ وَلَيَمَسَّنَّكُم مِّنَّا عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿١٨﴾

19. [Паёмбарон] Гуфтанд: «Шумии шумо бо худатон [ва ношӣ аз куфру гуноҳ] аст. Оё агар пандатон диҳанд, [онро шум мепиндоред?] балки [ҳақиқат ин аст, ки шумо дар иртикоби гуноҳ] мардуми исрофкоред»

قَالُوا۟ طَٰٓئِرُكُم مَّعَكُمْ ۚ أَئِن ذُكِّرْتُم ۚ بَلْ أَنتُمْ قَوْمٌ مُّسْرِفُونَ ﴿١٩﴾

وَجَآءَ مِنْ أَقْصَا ٱلْمَدِينَةِ رَجُلٌ يَسْعَىٰ قَالَ يَٰقَوْمِ ٱتَّبِعُوا۟ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٢٠﴾

20. Ва марде аз дуртарин нуқтаи шаҳр шитобон омад [ва] гуфт: «Эй қавми ман, аз ин паёмбарон пайравӣ кунед»

ٱتَّبِعُوا۟ مَن لَّا يَسْـَٔلُكُمْ أَجْرًا وَهُم مُّهْتَدُونَ ﴿٢١﴾

21. Пайрави касоне бошед, ки аз шумо подоше намехоҳанд ва худ ҳидоят ёфтаанд

وَمَا لِىَ لَآ أَعْبُدُ ٱلَّذِى فَطَرَنِى وَإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ ﴿٢٢﴾

22. Ва чаро маъбудеро напарастам, ки маро офаридааст ва [шумо низ] ба сӯяш бозгардонда мешавед?

ءَأَتَّخِذُ مِن دُونِهِۦٓ ءَالِهَةً إِن يُرِدْنِ ٱلرَّحْمَٰنُ بِضُرٍّ لَّا تُغْنِ عَنِّى شَفَٰعَتُهُمْ شَيْـًٔا وَلَا يُنقِذُونِ ﴿٢٣﴾

23. Оё ба ҷои Ӯ маъбудоне баргузинам, ки агар [Парвардигори] Раҳмон бихоҳад, газанде ба ман бирасонад, на шафоаташон бароям суде дорад ва на метавонанд [аз азоби илоҳӣ] наҷотам диҳанд?

إِنِّىٓ إِذًا لَّفِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٢٤﴾

24. Дар он сурат, яқинан, дар гумроҳии ошкоре хоҳам буд

إِنِّىٓ ءَامَنتُ بِرَبِّكُمْ فَٱسْمَعُونِ ﴿٢٥﴾

25. Ман ба Парвардигоратон имон овардаам [ва аз марг ҳаросе надорам] пас, суханонамро бишунавед

قِيلَ ٱدْخُلِ ٱلْجَنَّةَ ۖ قَالَ يَٰلَيْتَ قَوْمِى يَعْلَمُونَ ﴿٢٦﴾

26. [Пас, чун он мард ба дасти қавмаш ба шаҳодат расид] Ба вай гуфта шуд: «Вориди биҳишт шав». Ӯ гуфт: «Эй кош, қавми ман медонистанд,

بِمَا غَفَرَ لِى رَبِّى وَجَعَلَنِى مِنَ ٱلْمُكْرَمِينَ ﴿٢٧﴾

27. ки Парвардигорам маро омурзида ва гиромӣ доштааст»

۞ وَمَآ أَنزَلْنَا عَلَىٰ قَوْمِهِۦ مِنۢ بَعْدِهِۦ مِن جُندٍ مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَمَا كُنَّا مُنزِلِينَ ﴿٢٨﴾

28. Пас аз [шаҳодати] ӯ бар қавмаш ҳеҷ сипоҳе аз осмон нафиристодем ва [пеш аз ин низ] фуру фиристанда набудем

إِن كَانَتْ إِلَّا صَيْحَةً وَٰحِدَةً فَإِذَا هُمْ خَٰمِدُونَ ﴿٢٩﴾

29. [Кайфарашон] Ҷуз як бонги маргбор набуд; пас, ба ногоҳ ҳамагӣ [мурда ва] хомӯш гаштанд

يَٰحَسْرَةً عَلَى ٱلْعِبَادِ ۚ مَا يَأْتِيهِم مِّن رَّسُولٍ إِلَّا كَانُوا۟ بِهِۦ يَسْتَهْزِءُونَ ﴿٣٠﴾

30. Эй афсӯс, бар ин бандагон! Ҳеҷ паёмбаре ба сӯяшон наёмад, магар он ки масхарааш мекарданд

أَلَمْ يَرَوْا۟ كَمْ أَهْلَكْنَا قَبْلَهُم مِّنَ ٱلْقُرُونِ أَنَّهُمْ إِلَيْهِمْ لَا يَرْجِعُونَ ﴿٣١﴾

31. Оё надиданд [ва намедонанд] ки қабл аз онон

чи бисёр наслҳоро ҳалок кардаем, ки дигар назди инҳо [ба дунё] бознамегарданд?

وَإِن كُلٌّ لَّمَّا جَمِيعٌ لَّدَيْنَا مُحْضَرُونَ ﴿٣٢﴾

32. Ва [рӯзи қиёмат] ҳеҷ кас нест, магар он ки ҳамагӣ назди Мо эҳзор мешаванд

وَءَايَةٌ لَّهُمُ ٱلْأَرْضُ ٱلْمَيْتَةُ أَحْيَيْنَٰهَا وَأَخْرَجْنَا مِنْهَا حَبًّا فَمِنْهُ يَأْكُلُونَ ﴿٣٣﴾

33. Барои онон [ки қиёматро бовар надоранд] замини хушк нишонае [ибратомӯз] аст: Мо он [замин]-ро зинда кардем ва аз [хоки] он донаҳое рӯёнидем, ки [махлуқоти илоҳӣ] аз он мехӯранд

وَجَعَلْنَا فِيهَا جَنَّٰتٍ مِّن نَّخِيلٍ وَأَعْنَٰبٍ وَفَجَّرْنَا فِيهَا مِنَ ٱلْعُيُونِ ﴿٣٤﴾

34. Ва дар он [замин] боғҳое аз нахл ва ангур падид овардем ва дар он чашмаҳо равон сохтем

لِيَأْكُلُوا۟ مِن ثَمَرِهِۦ وَمَا عَمِلَتْهُ أَيْدِيهِمْ ۖ أَفَلَا يَشْكُرُونَ ﴿٣٥﴾

35. То мардум аз меваash бихӯранд, дар ҳоле ки ин [маҳсулот, ҳосили талоши онҳо нест ва онҳо]-ро бо дастони худ амал наовардаанд. Пас, оё сипос намегузоранд?

سُبْحَٰنَ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلْأَزْوَٰجَ كُلَّهَا مِمَّا تُنۢبِتُ ٱلْأَرْضُ وَمِنْ أَنفُسِهِمْ وَمِمَّا لَا يَعْلَمُونَ ﴿٣٦﴾

36. Пок ва муназзаҳ аст, он [Парвардигоре] ки ҳамаи нару модаҳоро офарида аст; аз он чи замин мерӯёнад [гиёҳону дарахтон] ва аз худашон [инсонҳо] ва аз он чи намедонанд

وَءَايَةٌ لَّهُمُ ٱلَّيْلُ نَسْلَخُ مِنْهُ ٱلنَّهَارَ فَإِذَا هُم مُّظْلِمُونَ ﴿٣٧﴾

37. Ва шаб барои онон нишонае [дигар аз қудрати илоҳӣ] аст, [ки] рӯзро аз он барканор мекунем ва ногаҳон [ҳама] дар торикӣ фуру мераванд

وَٱلشَّمْسُ تَجْرِى لِمُسْتَقَرٍّ لَّهَا ۚ ذَٰلِكَ تَقْدِيرُ ٱلْعَزِيزِ ٱلْعَلِيمِ ﴿٣٨﴾

38. Ва хуршед [низ пайваста] ба сӯйи қароргоҳаш дар ҳаракат аст. Ин тақдири [Парвардигори] шикастнопазиру доност

وَٱلْقَمَرَ قَدَّرْنَٰهُ مَنَازِلَ حَتَّىٰ عَادَ كَٱلْعُرْجُونِ ٱلْقَدِيمِ ﴿٣٩﴾

39. Ва барои моҳ [низ] манзилгоҳҳое муқаррар намудаем, то [саранҷом аз курси комил ба ҳилол ва] ба шакли шохаи хушки хурмо бозгардад

لَا ٱلشَّمْسُ يَنۢبَغِى لَهَآ أَن تُدْرِكَ ٱلْقَمَرَ وَلَا ٱلَّيْلُ سَابِقُ ٱلنَّهَارِ ۚ وَكُلٌّ فِى فَلَكٍ يَسْبَحُونَ ﴿٤٠﴾

40. На хуршедро сазовор аст, ки [дар сайри худ] ба моҳ бирасад в на шаб бар рӯз пешӣ мегирад; ва ҳар як аз [ситораву сайёра] дар мадоре шиновaранд

وَءَايَةٌ لَّهُمْ أَنَّا حَمَلْنَا ذُرِّيَّتَهُمْ فِى ٱلْفُلْكِ ٱلْمَشْحُونِ ﴿٤١﴾

41. Нишонае [дигар аз қудрати Парвардигор] барои онон ин аст, ки падаронашонро дар киштӣ анбошта [аз сарнишин ва бор] ҳамл кардем

42. Ҳамчунин, барояшон чизе ҳаммонанди он [киштӣ] офаридаем, ки савораш шаванд

وَخَلَقْنَا لَهُم مِّن مِّثْلِهِۦ مَا يَرْكَبُونَ ﴿٤٢﴾

43. Агар бихоҳем, ғарқашон мекунем; дар ин сурат, на фарёдрасе доранд ва на [аз тақдири илоҳӣ] раҳоӣ меёбанд

وَإِن نَّشَأْ نُغْرِقْهُمْ فَلَا صَرِيخَ لَهُمْ وَلَا هُمْ يُنقَذُونَ ﴿٤٣﴾

44. Магар ин ки раҳмате аз ҷониби Мо [бинанд] ва баҳрамандӣ [аз неъматҳои дунё] то замоне [муайян шомили ҳолашон шавад]

إِلَّا رَحْمَةً مِّنَّا وَمَتَٰعًا إِلَىٰ حِينٍ ﴿٤٤﴾

45. Ва чун ба онон [мушрикон] гуфта мешавад: «Аз он чи пешорӯи шумост [азоби охират] ва он чи пушти сар мегузоред [сахтиҳои дунё] парво кунед; бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред», [итоат намекунанд]

وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ ٱتَّقُوا۟ مَا بَيْنَ أَيْدِيكُمْ وَمَا خَلْفَكُمْ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ ﴿٤٥﴾

46. Ҳеҷ нишонае аз нишонаҳои [кудрат ва бузургии] Парвардигорашон бар онон арза намегардад, магар он ки аз он рӯй мегардонанд

وَمَا تَأْتِيهِم مِّنْ ءَايَةٍ مِّنْ ءَايَٰتِ رَبِّهِمْ إِلَّا كَانُوا۟ عَنْهَا مُعْرِضِينَ ﴿٤٦﴾

47. Ва чун ба онон гуфта мешавад: «Аз он чи Аллоҳ таоло рӯзиятон кардааст, инфоқ кунед», касоне, ки куфр варзидаанд, ба онон, ки имон овардаанд мегӯянд: «Оё ба касе ғизо бидиҳем, ки агар Аллоҳ таоло мехост, [Худ] ба ӯ ғизо медод? Шумо ҷуз дар гумроҳии ошкор нестед»

وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ أَنفِقُوا۟ مِمَّا رَزَقَكُمُ ٱللَّهُ قَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لِلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ أَنُطْعِمُ مَن لَّوْ يَشَآءُ ٱللَّهُ أَطْعَمَهُۥٓ إِنْ أَنتُمْ إِلَّا فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٤٧﴾

48. Ва [бо тамасхур ба муъминон] мегӯянд: «Агар ростгӯед, ин ваъда [қиёмат] кай хоҳад буд»?

وَيَقُولُونَ مَتَىٰ هَٰذَا ٱلْوَعْدُ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٤٨﴾

49. [Ин мункирони қиёмат] ҷуз дар интизори як бонги маргбор нестанд, ки ногаҳон, дар ҳоле ки саргарми ҷидол [дар умури дунё] ҳастанд, ононро фаро гирад

مَا يَنظُرُونَ إِلَّا صَيْحَةً وَٰحِدَةً تَأْخُذُهُمْ وَهُمْ يَخِصِّمُونَ ﴿٤٩﴾

50. Пас, [дар он ҳангом] наметавонанд [ба касе] васият кунанд ва на ба сӯи хонаводаи худ бозгарданд

فَلَا يَسْتَطِيعُونَ تَوْصِيَةً وَلَآ إِلَىٰٓ أَهْلِهِمْ يَرْجِعُونَ ﴿٥٠﴾

51. Ва [ҳангоме ки барои дувумин бор] дар сур дамида шавад ва ногаҳон аз қабрҳояшон [берун меоянд ва] ба сӯи Парвардигорашон мешитобанд

وَنُفِخَ فِى ٱلصُّورِ فَإِذَا هُم مِّنَ ٱلْأَجْدَاثِ إِلَىٰ رَبِّهِمْ يَنسِلُونَ ﴿٥١﴾

قَالُواْ يَٰوَيۡلَنَا مَنۢ بَعَثَنَا مِن مَّرۡقَدِنَاۜ هَٰذَا مَا وَعَدَ ٱلرَّحۡمَٰنُ وَصَدَقَ ٱلۡمُرۡسَلُونَ ﴿٥٢﴾

52. [Ва бо нобоварӣ] Мегӯянд: «Вой бар мо! Чи касе моро аз қабрҳоямон барангехт?» [Ба онон гуфта мешавад] «Ин ҳамон [рӯзе] аст, ки [Парвардигори] Раҳмон ваъда дода буд; ва паёмбарон [дар ин бора] рост мегуфтанд

إِن كَانَتۡ إِلَّا صَيۡحَةٗ وَٰحِدَةٗ فَإِذَا هُمۡ جَمِيعٞ لَّدَيۡنَا مُحۡضَرُونَ ﴿٥٣﴾

53. [Барангехтани мурдагон аз гӯр] Ҷуз як бонги ҳавлнок [дувумин дамидани сур] нест ва ногаҳон ҳамаро назди Мо ҳозир мекунанд

فَٱلۡيَوۡمَ لَا تُظۡلَمُ نَفۡسٞ شَيۡـٔٗا وَلَا تُجۡزَوۡنَ إِلَّا مَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ﴿٥٤﴾

54. Пас, [бидонед, ки] имрӯз, ба ҳеҷ кас ситаме намешавад ва ҷуз дар баробари он чи [дар дунё] кардаед, ҷазо намебинед

إِنَّ أَصۡحَٰبَ ٱلۡجَنَّةِ ٱلۡيَوۡمَ فِي شُغُلٖ فَٰكِهُونَ ﴿٥٥﴾

55. Бе тардид, аҳли биҳишт имрӯз бо шодмонӣ саргарм [-и неъматҳои илоҳӣ] ҳастанд

هُمۡ وَأَزۡوَٰجُهُمۡ فِي ظِلَٰلٍ عَلَى ٱلۡأَرَآئِكِ مُتَّكِـُٔونَ ﴿٥٦﴾

56. Онон ва ҳамсаронашон дар сояҳо [-и густурдаи биҳиштӣ] бар тахтҳо такя задаанд

لَهُمۡ فِيهَا فَٰكِهَةٞ وَلَهُم مَّا يَدَّعُونَ ﴿٥٧﴾

57. Дар он ҷо [ҳар гуна] мева ва ҳар чи бихоҳанд, барояшон [фароҳам] ҳаст

سَلَٰمٞ قَوۡلٗا مِّن رَّبّٖ رَّحِيمٖ ﴿٥٨﴾

58. [Бартар аз ин неъматҳо] саломест, ки сухани Парвардигори меҳрубон аст

وَٱمۡتَٰزُواْ ٱلۡيَوۡمَ أَيُّهَا ٱلۡمُجۡرِمُونَ ﴿٥٩﴾

59. [Он гоҳ ба мушрикон хитоб мешавад] «Эй гунаҳкорон, имрӯз [аз муъминон] ҷудо шавед

۞أَلَمۡ أَعۡهَدۡ إِلَيۡكُمۡ يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ أَن لَّا تَعۡبُدُواْ ٱلشَّيۡطَٰنَۖ إِنَّهُۥ لَكُمۡ عَدُوّٞ مُّبِينٞ ﴿٦٠﴾

60. Эй фарзандони Одам, оё бо шумо паймон набастам [ва фармон надодам], ки шайтонро напарастед, [ки] қатъан ӯ душмани ошкори шумост?

وَأَنِ ٱعۡبُدُونِيۚ هَٰذَا صِرَٰطٞ مُّسۡتَقِيمٞ ﴿٦١﴾

61. Ва ин ки [танҳо] Маро бипарастед, [ки] роҳи рост ҳамин аст?

وَلَقَدۡ أَضَلَّ مِنكُمۡ جِبِلّٗا كَثِيرًاۖ أَفَلَمۡ تَكُونُواْ تَعۡقِلُونَ ﴿٦٢﴾

62. Ва бе тардид, шайтон бисёре аз шуморо гумроҳ сохт. Оё андеша намекардед?

هَٰذِهِۦ جَهَنَّمُ ٱلَّتِي كُنتُمۡ تُوعَدُونَ ﴿٦٣﴾

63. Ин [ҳамон] дузахест, ки ба шумо ваъда дода мешуд

ٱصۡلَوۡهَا ٱلۡيَوۡمَ بِمَا كُنتُمۡ تَكۡفُرُونَ ﴿٦٤﴾

64. Имрӯз ба сазои он ки куфр меварзидед, ба он [оташ] ворид шавед»

65. Имрӯз бар даҳонҳояшон муҳр мениҳем ва дастҳояшон бо Мо сухан мегӯянд ва пойҳояшон ба он чи мекарданд, гувоҳӣ медиҳанд

ٱلْيَوْمَ نَخْتِمُ عَلَىٰٓ أَفْوَٰهِهِمْ وَتُكَلِّمُنَآ أَيْدِيهِمْ وَتَشْهَدُ أَرْجُلُهُم بِمَا كَانُوا۟ يَكْسِبُونَ ﴿٦٥﴾

66. Ва агар бихоҳем, бе тардид, чашмонашонро маҳв мекунем, пас, [бо чашми баста] ба сӯйи [пули] сирот [аз якдигар] пешӣ мегиранд [то ба биҳишт роҳ ёбанд]; аммо магар куҷоро мебинанд?

وَلَوْ نَشَآءُ لَطَمَسْنَا عَلَىٰٓ أَعْيُنِهِمْ فَٱسْتَبَقُوا۟ ٱلصِّرَٰطَ فَأَنَّىٰ يُبْصِرُونَ ﴿٦٦﴾

67. Ва агар бихоҳем [зоҳирашонро тағйир медиҳем ва чунон] ононро дар ҷои худ масх [ва замингир] мекунем, ки натавонанд гоме ба пеш бигузоранд ё ба ақиб бозгарданд

وَلَوْ نَشَآءُ لَمَسَخْنَٰهُمْ عَلَىٰ مَكَانَتِهِمْ فَمَا ٱسْتَطَٰعُوا۟ مُضِيًّا وَلَا يَرْجِعُونَ ﴿٦٧﴾

68. Ва Мо ба ҳар ки умри тӯлонӣ бидиҳем, дар офариниш дигаргунаш мекунем [ва ӯро ба нотавонии зеҳнӣ ва бадани даврони кӯдакӣ бармегардонем]. Пас, оё [дар бораи қудрати Парвардигор] намеандешанд?

وَمَن نُّعَمِّرْهُ نُنَكِّسْهُ فِى ٱلْخَلْقِ ۖ أَفَلَا يَعْقِلُونَ ﴿٦٨﴾

69. Ва Мо ба ӯ [Муҳаммад] шеър наомӯхтаем ва [шоирӣ] шоистаи ӯ нест. Ин [ки омӯхтаем, чизе] нест, магар андарз ва Қуръоне равшан

وَمَا عَلَّمْنَٰهُ ٱلشِّعْرَ وَمَا يَنۢبَغِى لَهُۥٓ ۚ إِنْ هُوَ إِلَّا ذِكْرٌ وَقُرْءَانٌ مُّبِينٌ ﴿٦٩﴾

70. То ҳар киро зинда [-дил] бошад, бим диҳад ва азоб бар кофирон муҳаққақ гардад

لِّيُنذِرَ مَن كَانَ حَيًّا وَيَحِقَّ ٱلْقَوْلُ عَلَى ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٧٠﴾

71. Оё надидаанд, ки Мо аз он чи дастҳоямон сохтааст, чаҳорпоёне барояшон офаридаем, ки молики онҳо ҳастанд?

أَوَلَمْ يَرَوْا۟ أَنَّا خَلَقْنَا لَهُم مِّمَّا عَمِلَتْ أَيْدِينَآ أَنْعَٰمًا فَهُمْ لَهَا مَٰلِكُونَ ﴿٧١﴾

72. Ва онҳоро дар хидмати эшон гузоштаем, то бар бархе савор шаванд ва аз [гӯшти] бархе тағзия кунанд

وَذَلَّلْنَٰهَا لَهُمْ فَمِنْهَا رَكُوبُهُمْ وَمِنْهَا يَأْكُلُونَ ﴿٧٢﴾

73. Ва аз он [ҳайвонот] баҳраҳои дигар ва нӯшиданиҳое [шир] доранд. Пас, оё сипос намегузоранд?

وَلَهُمْ فِيهَا مَنَٰفِعُ وَمَشَارِبُ ۖ أَفَلَا يَشْكُرُونَ ﴿٧٣﴾

74. [Бо ин ҳама неъмат мушрикон] ба ҷои Аллоҳ таоло маъбудоне баргузидаанд; ба ин умед, ки [аз сӯйи онҳо] ёрӣ шаванд

وَٱتَّخَذُوا۟ مِن دُونِ ٱللَّهِ ءَالِهَةً لَّعَلَّهُمْ يُنصَرُونَ ﴿٧٤﴾

75. Он [маъбудҳои беҷон] қодир ба ёриашон нестанд; ва ин [мушрикон дар қиёмат] лашкаре

لَا يَسْتَطِيعُونَ نَصْرَهُمْ وَهُمْ لَهُمْ جُندٌ مُّحْضَرُونَ ﴿٧٥﴾

барои онҳо [бутҳо] хоҳанд буд, ки [ҳамагӣ дар оташи дузах] эҳзор мешаванд

فَلَا يَحۡزُنكَ قَوۡلُهُمۡۘ إِنَّا نَعۡلَمُ مَا يُسِرُّونَ وَمَا يُعۡلِنُونَ ٧٦

76. [Эй Паёмбар] сухани онон туро ғамгин насозад. Бе тардид, Мо он чиро пинҳон мекунанд ва ошкор месозанд, [ба хубӣ] медонем

أَوَلَمۡ يَرَ ٱلۡإِنسَٰنُ أَنَّا خَلَقۡنَٰهُ مِن نُّطۡفَةٖ فَإِذَا هُوَ خَصِيمٞ مُّبِينٞ ٧٧

77. Оё инсон надидааст, ки Мо ӯро аз нутфае офаридаем [он гоҳ мароҳили рушдро тай кард ва] сипас душмане ошкор шуд?

وَضَرَبَ لَنَا مَثَلٗا وَنَسِيَ خَلۡقَهُۥۖ قَالَ مَن يُحۡيِ ٱلۡعِظَٰمَ وَهِيَ رَمِيمٞ ٧٨

78. Ва барои Мо мисоле зад ва офариниши хешро фаромӯш кард [ва] гуфт: «Чи касе ин устухонҳоро [дубора] зинда мекунад, дар ҳоле ки пӯсидааст?»

قُلۡ يُحۡيِيهَا ٱلَّذِيٓ أَنشَأَهَآ أَوَّلَ مَرَّةٖۖ وَهُوَ بِكُلِّ خَلۡقٍ عَلِيمٌ ٧٩

79. Бигӯ: «ҳамон касе зиндааш мекунад, ки нахустин бор онро падид овард ва Ӯ ба ҳар офаринише доност

ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُم مِّنَ ٱلشَّجَرِ ٱلۡأَخۡضَرِ نَارٗا فَإِذَآ أَنتُم مِّنۡهُ تُوقِدُونَ ٨٠

80. Ҳамон ки аз дарахти сабз оташе бароятон падид овард ва шумо [дар сурати ниёз] худ аз он [дарахт] оташ меафрӯзед»

أَوَلَيۡسَ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ بِقَٰدِرٍ عَلَىٰٓ أَن يَخۡلُقَ مِثۡلَهُمۚ بَلَىٰ وَهُوَ ٱلۡخَلَّٰقُ ٱلۡعَلِيمُ ٨١

81. Оё касе, ки осмонҳо ва заминро офаридааст, наметавонад ҳаммонанди инҳоро [пас аз маргашон дубора] биофаринад? Оре [метавонад] ва Ӯ Офаринандаи доност

إِنَّمَآ أَمۡرُهُۥٓ إِذَآ أَرَادَ شَيۡـًٔا أَن يَقُولَ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ٨٢

82. Фармони Ӯ чун чизеро ирода кунад, танҳо ин аст, ки ба он мегӯяд: «Мавҷуд шав»; пас, [бедиранг] мавҷуд мешавад

فَسُبۡحَٰنَ ٱلَّذِي بِيَدِهِۦ مَلَكُوتُ كُلِّ شَيۡءٖ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ ٨٣

83. Пас, пок ва муназзаҳ аст Парвардигоре, ки [ҳокимият ва] ихтиёри ҳама чиз ба дасти Ӯст ва [ҳамагӣ] ба сӯи Ӯ бозгардонида мешавед

(37) Соффот[*] الصافات

Ҷузъи 23

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

وَٱلصَّٰٓفَّٰتِ صَفّٗا ١	**1**. Савганд ба фариштагони саф ба саф [ки барои парастиши Парвардигор истодаанд]
فَٱلزَّٰجِرَٰتِ زَجۡرٗا ٢	**2**. Ва савганд ба фариштагоне, ки абрҳоро меронанд
فَٱلتَّٰلِيَٰتِ ذِكۡرًا ٣	**3**. Ва савганд ба фариштагоне, ки Қуръон тиловат мекунанд
إِنَّ إِلَٰهَكُمۡ لَوَٰحِدٞ ٤	**4**. [ки] Бе тардид, маъбуди шумо яктост
رَّبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَمَا بَيۡنَهُمَا وَرَبُّ ٱلۡمَشَٰرِقِ ٥	**5**. [Ҳамон] Парвардигори осмонҳову замин ва он чи миёни онҳост ва Парвардигори [хуршед дар ғурубгоҳҳо ва] тулуъгоҳҳо
إِنَّا زَيَّنَّا ٱلسَّمَآءَ ٱلدُّنۡيَا بِزِينَةٖ ٱلۡكَوَاكِبِ ٦	**6**. Ба ростӣ, ки Мо осмони дунёро бо зевари ситорагон оростем
وَحِفۡظٗا مِّن كُلِّ شَيۡطَٰنٖ مَّارِدٖ ٧	**7**. Ва онро аз [дастрасии] ҳар шайтони саркаш ҳифз кардем
لَّا يَسَّمَّعُونَ إِلَى ٱلۡمَلَإِ ٱلۡأَعۡلَىٰ وَيُقۡذَفُونَ مِن كُلِّ جَانِبٖ ٨	**8**. [Он шаётин ҳаргиз] наметавонанд [суханони фариштагони] олами болоро бишунаванд ва аз ҳар сӯ [бо шаҳобҳои оташин] тирборон мешаванд
دُحُورٗا وَلَهُمۡ عَذَابٞ وَاصِبٌ ٩	**9**. [Аз вуруди онон ба олами фариштагон ҷилавгирӣ мешавад ва ҳамвора ба] ақиб ронда мешаванд ва азоби ҷовидон [дар пеш] доранд
إِلَّا مَنۡ خَطِفَ ٱلۡخَطۡفَةَ فَأَتۡبَعَهُۥ شِهَابٞ ثَاقِبٞ ١٠	**10**. Магар касе, ки ногаҳон чизе [аз гуфтугӯи фариштагон]-ро дуздида гӯш диҳад, ки [дар ин сурат] шаҳоби дурахшон ӯро дунбол мекунад
فَٱسۡتَفۡتِهِمۡ أَهُمۡ أَشَدُّ خَلۡقًا أَم مَّنۡ خَلَقۡنَآۚ إِنَّا خَلَقۡنَٰهُم مِّن طِينٖ لَّازِبِۭ ١١	**11**. Аз онон [кофирон] бипурс, ки оё офариниши [пайкарҳои] онон сахттар аст ё он чи ки Мо [аз

(*) Соффот (Фариштагони сафбаста).

замину осмонҳо ва ҷаҳони бекарон] офаридаем; [дар ҳоле ки] Мо онҳоро аз гили [беарзиш ва] часпида падид овардем

12. Ту [аз инкори онон] дар шигифтӣ ва онҳо [низ суханонатро дар бораи қиёмат] масхара мекунанд — بَلْ عَجِبْتَ وَيَسْخَرُونَ ﴿١٢﴾

13. Ва чун панд дода шаванд, намепазиранд — وَإِذَا ذُكِّرُواْ لَا يَذْكُرُونَ ﴿١٣﴾

14. Ва чун нишонаҳои [дар мавриди ростгӯии Паёмбар] мебинанд, [онро] ба тамасхур мегиранд — وَإِذَا رَأَوْاْ ءَايَةً يَسْتَسْخِرُونَ ﴿١٤﴾

15. Ва мегӯянд: «Ин [Қуръон чизе] нест, магар ҷодуе ошкор — وَقَالُوٓاْ إِنْ هَٰذَآ إِلَّا سِحْرٌ مُّبِينٌ ﴿١٥﴾

16. Оё ҳангоме ки мурдем ва хок ва устухон шудем, барангехта хоҳем шуд? — أَءِذَا مِتْنَا وَكُنَّا تُرَابًا وَعِظَٰمًا أَءِنَّا لَمَبْعُوثُونَ ﴿١٦﴾

17. Оё падарони мо [низ барангехта мешаванд]?» — أَوَءَابَآؤُنَا ٱلْأَوَّلُونَ ﴿١٧﴾

18. Бигӯ: «Оре, шумо, дар ҳоле ки хор ҳастед [зинда мешавед]» — قُلْ نَعَمْ وَأَنتُمْ دَٰخِرُونَ ﴿١٨﴾

19. Пас, [вуқуи қиёмат] танҳо бо як бонг [-и саҳмнок] аст ва ногаҳон [ҳама аз қабрҳо берун меоянд ва дар интизори дастури Парвардигор, ваҳшати қиёматро] назорат мекунанд — فَإِنَّمَا هِىَ زَجْرَةٌ وَٰحِدَةٌ فَإِذَا هُمْ يَنظُرُونَ ﴿١٩﴾

20. Ва мегӯянд: «Вой бар мо! Ин [ҳамон] рӯзи ҷазост» — وَقَالُواْ يَٰوَيْلَنَا هَٰذَا يَوْمُ ٱلدِّينِ ﴿٢٠﴾

21. [Гуфта мешавад: Оре] ин ҳамон рӯзи довариест, ки дурӯғаш меангоштед» — هَٰذَا يَوْمُ ٱلْفَصْلِ ٱلَّذِى كُنتُم بِهِۦ تُكَذِّبُونَ ﴿٢١﴾

22. [Ба фариштагон гуфта мешавад] «Касонеро, ки [бо ширк ба хеш] ситам карданд,ё бо [ҳамфикрон ва] ҳаммонандҳояшон — ۞ٱحْشُرُواْ ٱلَّذِينَ ظَلَمُواْ وَأَزْوَٰجَهُمْ وَمَا كَانُواْ يَعْبُدُونَ ﴿٢٢﴾

23. ва он чи ба ҷои Аллоҳ таоло мепарастиданд, гирд оваред ва ба роҳи дузах ҳидояташон кунед — مِن دُونِ ٱللَّهِ فَٱهْدُوهُمْ إِلَىٰ صِرَٰطِ ٱلْجَحِيمِ ﴿٢٣﴾

24. Ва ононро нигаҳ доред, ки, ҳатман, [пеш аз рафтан ба дузах] бозхост хоҳанд шуд	وَقِفُوهُمْ إِنَّهُم مَّسْـُٔولُونَ ﴿٢٤﴾
25. [Аз дузахиён мепурсанд] «Чаро [монанди дунё] аз якдигар ҳимоят намекунед?»	مَا لَكُمْ لَا تَنَاصَرُونَ ﴿٢٥﴾
26. Балки имрӯз [ҳамагӣ] таслим [-и амри Парвардигор] ҳастанд	بَلْ هُمُ ٱلْيَوْمَ مُسْتَسْلِمُونَ ﴿٢٦﴾
27. Ва сарзанишкунон ба якдигар рӯ меоранд	وَأَقْبَلَ بَعْضُهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ يَتَسَآءَلُونَ ﴿٢٧﴾
28. [Ва ба роҳбарон ва бузургони худ] мегӯянд: «Шумо [барои ба куфр кашондани мо бо иддаои дини ростин ва] аз ҷониби ҳақ ба суроғамон меомадед»	قَالُوٓاْ إِنَّكُمْ كُنتُمْ تَأْتُونَنَا عَنِ ٱلْيَمِينِ ﴿٢٨﴾
29. [Роҳбаронашон] Мегӯянд: «Мо муқассир нестем], балки шумо худ имон надоштед	قَالُواْ بَل لَّمْ تَكُونُواْ مُؤْمِنِينَ ﴿٢٩﴾
30. Ва мо ҳеҷ тасаллуте бар шумо надоштем; балки шумо худ гурӯҳи саркаш будед	وَمَا كَانَ لَنَا عَلَيْكُم مِّن سُلْطَٰنٍ بَلْ كُنتُمْ قَوْمًا طَٰغِينَ ﴿٣٠﴾
31. Пас, [акнун] фармони муҷозоти Парвардигорамон бар мо муҳаққақ шуда ва ба ростӣ, мо [ҳамагӣ азоби дузахро] чашандаем	فَحَقَّ عَلَيْنَا قَوْلُ رَبِّنَآ إِنَّا لَذَآئِقُونَ ﴿٣١﴾
32. Пас, шуморо гумроҳ намудем [чаро ки] дар ҳақиқат, худ низ гумроҳ будем»	فَأَغْوَيْنَٰكُمْ إِنَّا كُنَّا غَٰوِينَ ﴿٣٢﴾
33. Пас, яқинан он рӯз ҳамаи [онон] дар азоб шариканд	فَإِنَّهُمْ يَوْمَئِذٍ فِى ٱلْعَذَابِ مُشْتَرِكُونَ ﴿٣٣﴾
34. Бе тардид, Мо бо гунаҳкорон инчунин [рафтор] мекунем	إِنَّا كَذَٰلِكَ نَفْعَلُ بِٱلْمُجْرِمِينَ ﴿٣٤﴾
35. Онон буданд, ки чун ба эшон гуфта мешуд: «Маъбуде [барҳақ] ҷуз Аллоҳ таоло нест» саркашӣ [ва такаббур] мекарданд	إِنَّهُمْ كَانُوٓاْ إِذَا قِيلَ لَهُمْ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ يَسْتَكْبِرُونَ ﴿٣٥﴾
36. ва мегуфтанд: «Оё мо маъбудонамонро ба хотири [сухани] шоире девона раҳо кунем?»	وَيَقُولُونَ أَئِنَّا لَتَارِكُوٓاْ ءَالِهَتِنَا لِشَاعِرٍ مَّجْنُونٍ ﴿٣٦﴾

37. [Чунин нест] балки ӯ ҳақ [тавҳид]- ро оварда ва паёмбарони [пешин] - ро тасдиқ кардааст	بَلْ جَآءَ بِٱلْحَقِّ وَصَدَّقَ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٣٧﴾
38. Шумо [кофирон], ҳатман, азоби дардноки [дузах]-ро мечашед	إِنَّكُمْ لَذَآئِقُواْ ٱلْعَذَابِ ٱلْأَلِيمِ ﴿٣٨﴾
39. Ва ҷуз [дар баробари] он чи мекардед, муҷозот намешавед	وَمَا تُجْزَوْنَ إِلَّا مَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٣٩﴾
40. Ҳама азоб мебинанд, магар бандагони мухлиси Аллоҳ таоло	إِلَّا عِبَادَ ٱللَّهِ ٱلْمُخْلَصِينَ ﴿٤٠﴾
41. Онон [дар пешгоҳи Парвардигор ризқу] рӯзии мушаххасе доранд	أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمْ رِزْقٌ مَّعْلُومٌ ﴿٤١﴾
42. [Анвои] меваҳо [-ро дар ихтиёр хоҳанд дошт] ва гиромӣ дошта мешаванд	فَوَٰكِهُ وَهُم مُّكْرَمُونَ ﴿٤٢﴾
43. Дар боғҳои пурнеъмати [биҳишт]	فِى جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ﴿٤٣﴾
44. Дар ҳоле ки муқобили якдигар бар тахтҳо [такя задаанд]	عَلَىٰ سُرُرٍ مُّتَقَٰبِلِينَ ﴿٤٤﴾
45. ҷоме аз шароби ноб [ва зулол] перомунашон мегардонанд	يُطَافُ عَلَيْهِم بِكَأْسٍ مِّن مَّعِينٍ ﴿٤٥﴾
46. [Шаробе равшан ва] сафед, ки барои нӯшандагонашон лаззатбахш аст	بَيْضَآءَ لَذَّةٍ لِّلشَّٰرِبِينَ ﴿٤٦﴾
47. [Шаробе, ки хуморӣ ва] сардардӣ дар нӯшиданаш нест ва аз он маст намегарданд	لَا فِيهَا غَوْلٌ وَلَا هُمْ عَنْهَا يُنزَفُونَ ﴿٤٧﴾
48. Ва наздашон занони дурушtчашм аст, ки [танҳо ба шавҳарони худ] назар доранд	وَعِندَهُمْ قَٰصِرَٰتُ ٱلطَّرْفِ عِينٌ ﴿٤٨﴾
49. [Занон чунон сафедандоманд, ки] гӯё тухм [-и парандагон] ҳастанд [ва зери пар ва боли онҳо аз дастрасии ҳамагон] пинҳон мондаанд	كَأَنَّهُنَّ بَيْضٌ مَّكْنُونٌ ﴿٤٩﴾
50. [Биҳиштиён дар бораи рӯйдодҳои дунё суҳбат мекунанд ва] бархе аз онон пурсишкунон рӯ ба бархе дигар мекунанд	فَأَقْبَلَ بَعْضُهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ يَتَسَآءَلُونَ ﴿٥٠﴾

51. Яке аз онон мегӯяд: «Ман [дар дунё] ҳамнишине доштам

قَالَ قَآئِلٌ مِّنْهُمْ إِنِّي كَانَ لِي قَرِينٌ ﴿٥١﴾

52. [Ӯ пайваста] Мегуфт: Оё ту воқеан [ба қиёмат] бовар дорӣ?

يَقُولُ أَءِنَّكَ لَمِنَ ٱلْمُصَدِّقِينَ ﴿٥٢﴾

53. Оё ҳангоме ки мурдем ва хок ва устухон шудем, оё ҳақиқатан [зинда мешавем ва ба хотири корҳоямон] ба мо кайфар медиҳанд?»

أَءِذَا مِتْنَا وَكُنَّا تُرَابًا وَعِظَامًا أَءِنَّا لَمَدِينُونَ ﴿٥٣﴾

54. [Сипас, ба дӯстони биҳиштиаш] мегӯяд: «Оё [шумо низ ҳамроҳи ман] сар мекашед [то бидонем ӯ куҷост]?»

قَالَ هَلْ أَنتُم مُّطَّلِعُونَ ﴿٥٤﴾

55. Он гоҳ худи ӯ сар мекашад ва ӯро дар миёни дузах мебинад

فَٱطَّلَعَ فَرَءَاهُ فِي سَوَآءِ ٱلْجَحِيمِ ﴿٥٥﴾

56. Ба ӯ мегӯяд: «Ба Аллоҳ таоло савганд, ки наздик буд маро [бо васвасаҳои куфромезат] нобуд созӣ

قَالَ تَٱللَّهِ إِن كِدتَّ لَتُرْدِينِ ﴿٥٦﴾

57. Агар неъмати [ҳидояти] Парвардигорам набуд, ман низ аз ҳозиршудагон [дар дузах] будам»

وَلَوْلَا نِعْمَةُ رَبِّي لَكُنتُ مِنَ ٱلْمُحْضَرِينَ ﴿٥٧﴾

58. [Он гоҳ ба биҳиштиён мегӯяд] «Оё мо дигар марге нахоҳем дошт

أَفَمَا نَحْنُ بِمَيِّتِينَ ﴿٥٨﴾

59. ҷуз марги нахустин, ва азоб намешавем?

إِلَّا مَوْتَتَنَا ٱلْأُولَىٰ وَمَا نَحْنُ بِمُعَذَّبِينَ ﴿٥٩﴾

60. Ба ростӣ, ки ин ҳамон комёбии бузург аст

إِنَّ هَٰذَا لَهُوَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿٦٠﴾

61. Аҳли амал бояд барои чунин [подош] бикӯшанд

لِمِثْلِ هَٰذَا فَلْيَعْمَلِ ٱلْعَٰمِلُونَ ﴿٦١﴾

62. Оё ин [неъмати биҳишт, каримонатар ва] барои пазирой беҳтар аст ё дарахти зақум [дар дузах]?

أَذَٰلِكَ خَيْرٌ نُّزُلًا أَمْ شَجَرَةُ ٱلزَّقُّومِ ﴿٦٢﴾

63. Бе тардид, Мо он дарахтро мояи озмоиши ситамгорони [мушрик] додаем [чаро ки мегӯянд: «Ҳеҷ дарахте дар оташ намерӯяд»]

إِنَّا جَعَلْنَٰهَا فِتْنَةً لِّلظَّٰلِمِينَ ﴿٦٣﴾

64. Дар ҳақиқат, он [мояи азоб] дарахте аст, ки аз жарфои дузах мерӯяд

إِنَّهَا شَجَرَةٌ تَخْرُجُ فِيٓ أَصْلِ ٱلْجَحِيمِ ﴿٦٤﴾

طَلْعُهَا كَأَنَّهُۥ رُءُوسُ ٱلشَّيَٰطِينِ ﴿٦٥﴾

65. Меваҳояш [чунон бадманзар аст, ки] гӯё сарҳои шаётин аст

فَإِنَّهُمْ لَءَاكِلُونَ مِنْهَا فَمَالِـُٔونَ مِنْهَا ٱلْبُطُونَ ﴿٦٦﴾

66. Онон [дузахиён] аз [меваҳои талхи] он мехӯранд ва шикамҳоро аз онҳо анбошта мекунанд

ثُمَّ إِنَّ لَهُمْ عَلَيْهَا لَشَوْبًا مِّنْ حَمِيمٍ ﴿٦٧﴾

67. Он гоҳ рӯи ин [ғизои нопок, ба ҷойи нӯшидани] омезаҳои аз оби ҷӯшон доранд

ثُمَّ إِنَّ مَرْجِعَهُمْ لَإِلَى ٱلْجَحِيمِ ﴿٦٨﴾

68. Сипас, яқинан, бозгашташон ба дузах аст

إِنَّهُمْ أَلْفَوْا۟ ءَابَآءَهُمْ ضَآلِّينَ ﴿٦٩﴾

69. Онон падарони худро гумроҳ ёфтанд

فَهُمْ عَلَىٰٓ ءَاثَٰرِهِمْ يُهْرَعُونَ ﴿٧٠﴾

70. Ва [ҳамчунон] дар пайи онон мешитофтанд

وَلَقَدْ ضَلَّ قَبْلَهُمْ أَكْثَرُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٧١﴾

71. Ва, ҳатман, қабл аз онон низ бештари пешиниён гумроҳ шуданд

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا فِيهِم مُّنذِرِينَ ﴿٧٢﴾

72. Ва бе тардид, Мо миёнашон ҳушдордиҳандагон [-и бисёр] фиристодем

فَٱنظُرْ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلْمُنذَرِينَ ﴿٧٣﴾

73. Пас, бингар, ки саранҷоми ҳушдорёфтагон чи гуна буд

إِلَّا عِبَادَ ٱللَّهِ ٱلْمُخْلَصِينَ ﴿٧٤﴾

74. [Ҳама гирифтори азоб шуданд] магар бандагони мухлиси Аллоҳ таоло

وَلَقَدْ نَادَىٰنَا نُوحٌ فَلَنِعْمَ ٱلْمُجِيبُونَ ﴿٧٥﴾

75. Нуҳ ба даргоҳи Мо дуо кард ва [Мо] чи наку иҷобаткунанда будем!

وَنَجَّيْنَٰهُ وَأَهْلَهُۥ مِنَ ٱلْكَرْبِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٧٦﴾

76. Ва ӯ ва хонаводаашро [бо ҳамроҳи муъминон] аз балои бузурги [туфон] наҷот додем

وَجَعَلْنَا ذُرِّيَّتَهُۥ هُمُ ٱلْبَاقِينَ ﴿٧٧﴾

77. Ва [пас аз туфон, фақат пайравони муъмин ва] хонаводаи ӯро [дар замин] боқӣ гузоштем

وَتَرَكْنَا عَلَيْهِ فِى ٱلْـَٔاخِرِينَ ﴿٧٨﴾

78. Ва барояш дар миёни ояндагон [номи нек] бар ҷой ниҳодем

سَلَٰمٌ عَلَىٰ نُوحٍ فِى ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٧٩﴾

79. Салом [ва ситоиши] ҷаҳониён бар Нуҳ бод

إِنَّا كَذَٰلِكَ نَجْزِى ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿٨٠﴾

80. Ба ростӣ Мо накукоронро, инчунин, подош медиҳем

81. Бе тардид, ӯ аз бандагони муъмини Мо буд	إِنَّهُۥ مِنْ عِبَادِنَا ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٨١﴾
82. Он гоҳ дигаронро [ки дар туфон монда буданд] ғарқ кардем	ثُمَّ أَغْرَقْنَا ٱلْـَٔاخَرِينَ ﴿٨٢﴾
83. Ва, ҳатман, Иброҳим аз пайравони ӯ [Нуҳ] буд	۞وَإِنَّ مِن شِيعَتِهِۦ لَإِبْرَٰهِيمَ ﴿٨٣﴾
84. [Ёд кун аз] ҳангоме ки вай бо дили пок [ва холӣ аз ширк] ба [даргоҳи] Парвардигораш омад	إِذْ جَآءَ رَبَّهُۥ بِقَلْبٍ سَلِيمٍ ﴿٨٤﴾
85. Он гоҳ ки ба падар ва қавмаш гуфт: «Чи чизе мепарастед?	إِذْ قَالَ لِأَبِيهِ وَقَوْمِهِۦ مَاذَا تَعْبُدُونَ ﴿٨٥﴾
86. Оё ба ҷойи Аллоҳ таоло ин маъбудони дурӯғинро мехоҳед?	أَئِفْكًا ءَالِهَةً دُونَ ٱللَّهِ تُرِيدُونَ ﴿٨٦﴾
87. Гумонатон дар бораи Парвардигори ҷаҳониён чист?»	فَمَا ظَنُّكُم بِرَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٨٧﴾
88. Сипас нигоҳе ба ситорагон афканд [ва андешид]	فَنَظَرَ نَظْرَةً فِى ٱلنُّجُومِ ﴿٨٨﴾
89. Ва гуфт: «Ман беморам [ва дар ҷашн ширкат намекунам]»	فَقَالَ إِنِّى سَقِيمٌ ﴿٨٩﴾
90. Мардум ӯро тарк карданд ва рафтанд	فَتَوَلَّوْا۟ عَنْهُ مُدْبِرِينَ ﴿٩٠﴾
91. Он гоҳ пинҳонӣ назди бутҳояшон рафт ва [бо тамасхур] гуфт: «Чизе намехуред?	فَرَاغَ إِلَىٰٓ ءَالِهَتِهِمْ فَقَالَ أَلَا تَأْكُلُونَ ﴿٩١﴾
92. Шуморо чи шудааст, ки сухан намегӯед?»	مَا لَكُمْ لَا تَنطِقُونَ ﴿٩٢﴾
93. Сипас бо дасти рости худ зарбаҳои [муҳкам] бар онҳо ворид овард [ва ҷуз бути бузург ҳамаро шикаст]	فَرَاغَ عَلَيْهِمْ ضَرْبًۢا بِٱلْيَمِينِ ﴿٩٣﴾
94. Пас, қавмаш шитофтанд ва ба сӯйи ӯ омаданд	فَأَقْبَلُوٓا۟ إِلَيْهِ يَزِفُّونَ ﴿٩٤﴾
95. [Иброҳим] гуфт: «Оё чизеро, ки худ метарошед, мепарастед?	قَالَ أَتَعْبُدُونَ مَا تَنْحِتُونَ ﴿٩٥﴾
96. Ва ҳол он ки Аллоҳ таоло [ҳам] шумо ва [ҳам] он чиро анҷом медиҳед офаридааст	وَٱللَّهُ خَلَقَكُمْ وَمَا تَعْمَلُونَ ﴿٩٦﴾

97. [Вақте бутпарастон аз посух дармонданд] Гуфтанд: «Барояш бинои [баланд] бисозед ва ӯро дар оташ биафканед»

قَالُواْ ٱبۡنُواْ لَهُۥ بُنۡيَٰنٗا فَأَلۡقُوهُ فِي ٱلۡجَحِيمِ ٩٧

98. Пас, барои [нобудии] ӯ найранг хостанд, [вале] Мо ононро паст ва [мағлуб] сохтем [ва оташ бар Иброҳим сард ва беасар шуд]

فَأَرَادُواْ بِهِۦ كَيۡدٗا فَجَعَلۡنَٰهُمُ ٱلۡأَسۡفَلِينَ ٩٨

99. Ва гуфт: «Ман ба сӯи [сарзамини дигаре барои ибодати] Парвардигорам меравам ва Ӯ ҳидоятам хоҳад кард

وَقَالَ إِنِّي ذَاهِبٌ إِلَىٰ رَبِّي سَيَهۡدِينِ ٩٩

100. Парвардигоро, ба ман [фарзанде] аз шоистагон ато кун»

رَبِّ هَبۡ لِي مِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ١٠٠

101. Мо [дуояшро мустаҷоб кардем ва] ӯро ба таваллуди писари бурдборе башорат додем

فَبَشَّرۡنَٰهُ بِغُلَٰمٍ حَلِيمٖ ١٠١

102. Ва чун [Исмоил] ба [синни навҷавонӣ ва] ҳадди талош [ва ҳамкорӣ] бо ӯ [Иброҳим] расид, ба вай гуфт: Писарам, дар хоб [ба ман ваҳй мешавад ва] мебинам, ки туро забҳ мекунам. Назарат дар ин бора чист?» [Исмоил] гуфт: «Падарҷон, он чиро ки ба ту амр шудааст анҷом бидеҳ. Иншоаллоҳ маро [дар баробари ин фармон] шикебо хоҳӣ ёфт»

فَلَمَّا بَلَغَ مَعَهُ ٱلسَّعۡيَ قَالَ يَٰبُنَيَّ إِنِّيٓ أَرَىٰ فِي ٱلۡمَنَامِ أَنِّيٓ أَذۡبَحُكَ فَٱنظُرۡ مَاذَا تَرَىٰۚ قَالَ يَٰٓأَبَتِ ٱفۡعَلۡ مَا تُؤۡمَرُۖ سَتَجِدُنِيٓ إِن شَآءَ ٱللَّهُ مِنَ ٱلصَّٰبِرِينَ ١٠٢

103. Пас, чун ҳар ду таслими [фармони Парвардигор] шуданд ва [Иброҳим] ӯро бо гуна [бар хок] ниҳод

فَلَمَّآ أَسۡلَمَا وَتَلَّهُۥ لِلۡجَبِينِ ١٠٣

104. Ба ӯ нидо додем, ки «Эй Иброҳим!

وَنَٰدَيۡنَٰهُ أَن يَٰٓإِبۡرَٰهِيمُ ١٠٤

105. Яқинан хобатро таҳаққуқ бахшидӣ». Мо накукоронро чунин подош медиҳем

قَدۡ صَدَّقۡتَ ٱلرُّءۡيَآۚ إِنَّا كَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١٠٥

106. Бе тардид, ин [хоб] озмоише ошкор буд [ва Иброҳим аз он сарбаланд берун омад]

إِنَّ هَٰذَا لَهُوَ ٱلۡبَلَٰٓؤُاْ ٱلۡمُبِينُ ١٠٦

107. Ва [чони] ӯро дар баробари қурбонии бузурге бозхаридем

وَفَدَيۡنَٰهُ بِذِبۡحٍ عَظِيمٖ ١٠٧

108. Ва барояш дар миёни ояндагон [номи нек] бар ҷой ниҳодем

وَتَرَكۡنَا عَلَيۡهِ فِي ٱلۡأٓخِرِينَ ١٠٨

109. Салом бар Иброҳим	سَلَٰمٌ عَلَىٰٓ إِبۡرَٰهِيمَ ١٠٩
110. Мо накукоронро чунин подош медиҳем	كَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١١٠
111. Бе тардид, ӯ аз бандагони муъмини Мо буд	إِنَّهُۥ مِنۡ عِبَادِنَا ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ١١١
112. Ва ӯро ба [таваллуди] Исҳоқ, ки паёмбаре аз шоистагон буд, башорат додем	وَبَشَّرۡنَٰهُ بِإِسۡحَٰقَ نَبِيًّا مِّنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ١١٢
113. [Мо] Ба ӯ ва Исҳоқ баракат додем, ва [бархе] аз афроди дудмонашон накукор буданд ва [бархе дигар] ошкоро нисбат ба хештан ситамгор буданд	وَبَٰرَكۡنَا عَلَيۡهِ وَعَلَىٰٓ إِسۡحَٰقَۚ وَمِن ذُرِّيَّتِهِمَا مُحۡسِنٞ وَظَالِمٞ لِّنَفۡسِهِۦ مُبِينٞ ١١٣
114. Ва ба ростӣ, бар Мӯсо ва Ҳорун миннат ниҳодем	وَلَقَدۡ مَنَنَّا عَلَىٰ مُوسَىٰ وَهَٰرُونَ ١١٤
115. Ва он дуро ҳамроҳи қавмашон аз андуҳи бузург [ситами Фиръавн ва хатари ғарқ шудан дар Нил] наҷот додем	وَنَجَّيۡنَٰهُمَا وَقَوۡمَهُمَا مِنَ ٱلۡكَرۡبِ ٱلۡعَظِيمِ ١١٥
116. Ва ёриашон кардем, то пирӯз шуданд	وَنَصَرۡنَٰهُمۡ فَكَانُواْ هُمُ ٱلۡغَٰلِبِينَ ١١٦
117. Ва ба он ду китоби равшангар [Таврот] додем	وَءَاتَيۡنَٰهُمَا ٱلۡكِتَٰبَ ٱلۡمُسۡتَبِينَ ١١٧
118. Ва ба роҳи рост ҳидояташон кардем	وَهَدَيۡنَٰهُمَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ ١١٨
119. Ва бароямон дар миёни ояндагон [номи нек] бар ҷой ниҳодем	وَتَرَكۡنَا عَلَيۡهِمَا فِي ٱلۡأٓخِرِينَ ١١٩
120. Салом бар Мӯсо ва Ҳорун	سَلَٰمٌ عَلَىٰ مُوسَىٰ وَهَٰرُونَ ١٢٠
121. Мо накукоронро чунин подош медиҳем	إِنَّا كَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١٢١
122. Бе тардид, он ду бандагони муъмини Мо буданд	إِنَّهُمَا مِنۡ عِبَادِنَا ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ١٢٢
123. Ва, ҳатман, Илёс [низ] яке аз паёмбарони [Мо] буд	وَإِنَّ إِلۡيَاسَ لَمِنَ ٱلۡمُرۡسَلِينَ ١٢٣
124. [Ёд кун аз] Ҳангоме ки ӯ ба қавмаш гуфт: «Оё [аз Аллоҳ таоло] парво намекунед?	إِذۡ قَالَ لِقَوۡمِهِۦٓ أَلَا تَتَّقُونَ ١٢٤

125. Оё [бути] «Баъл»-ро [ба парастиш] мехонед ва беҳтарин офарандаро раҳо мекунед?	أَتَدْعُونَ بَعْلًا وَتَذَرُونَ أَحْسَنَ ٱلْخَٰلِقِينَ ﴿١٢٥﴾
126. Аллоҳ таоло [-ро тарк мекунед], ки Парвардигори шумо ва Парвардигори падаронатон аст»	ٱللَّهَ رَبَّكُمْ وَرَبَّ ءَابَآئِكُمُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿١٢٦﴾
127. Аммо ӯро дурӯғгӯ ангоштанд ва мусалламан, [барои азоб] ҳозир карда мешаванд	فَكَذَّبُوهُ فَإِنَّهُمْ لَمُحْضَرُونَ ﴿١٢٧﴾
128. Магар бандагони мухлиси Аллоҳ таоло	إِلَّا عِبَادَ ٱللَّهِ ٱلْمُخْلَصِينَ ﴿١٢٨﴾
129. Мо барояш дар миёни ояндагон [номи нек] бар ҷой ниҳодем	وَتَرَكْنَا عَلَيْهِ فِى ٱلْءَاخِرِينَ ﴿١٢٩﴾
130. Салом бар Илёс	سَلَٰمٌ عَلَىٰٓ إِلْ يَاسِينَ ﴿١٣٠﴾
131. Ба ростӣ, Мо накукоронро чунин подош медиҳем	إِنَّا كَذَٰلِكَ نَجْزِى ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿١٣١﴾
132. Бе тардид, ӯ аз бандагони муъмини Мо буд	إِنَّهُۥ مِنْ عِبَادِنَا ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٣٢﴾
133. Ва ҳатман, Лут [низ] яке аз паёмбарони [Мо] буд	وَإِنَّ لُوطًا لَّمِنَ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿١٣٣﴾
134. [Ёд кун аз] ҳангоме ки ӯ ва ҳамаи хонаводаашро наҷот додем	إِذْ نَجَّيْنَٰهُ وَأَهْلَهُۥٓ أَجْمَعِينَ ﴿١٣٤﴾
135. Магар пиразане, ки аз боқимондагон [дар азоб] буд	إِلَّا عَجُوزًا فِى ٱلْغَٰبِرِينَ ﴿١٣٥﴾
136. Сипас дигаронро ҳалок кардем	ثُمَّ دَمَّرْنَا ٱلْءَاخَرِينَ ﴿١٣٦﴾
137. Ва шумо [дар сафар ба сарзамини Шом] субҳгоҳон бар [вайронаҳои шаҳрҳои] онон мегузаред,	وَإِنَّكُمْ لَتَمُرُّونَ عَلَيْهِم مُّصْبِحِينَ ﴿١٣٧﴾
138. ва шабонгоҳ. Оё намеандешед [ва ибрат намегиред]?	وَبِٱلَّيْلِ ۗ أَفَلَا تَعْقِلُونَ ﴿١٣٨﴾
139. Ва, ҳатман, Юнус [низ] яке аз паёмбарони [Мо] буд	وَإِنَّ يُونُسَ لَمِنَ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿١٣٩﴾
140. [Ёд кун аз] ҳангоме ки [хашмгин аз куфри қавмаш, бидуни иҷозати Парвардигор] ба киштии анбошта [аз мусофир ва бор] гурехт	إِذْ أَبَقَ إِلَى ٱلْفُلْكِ ٱلْمَشْحُونِ ﴿١٤٠﴾

فَسَاهَمَ فَكَانَ مِنَ ٱلْمُدْحَضِينَ ﴿١٤١﴾

141. Пас, [чун киштӣ дар ҳоли ғарқ шудан буд, Юнус ҳамроҳи мусофирон барои берун андохтани бархе афрод] қуръа андохтанд ва бозанда шуд [ва ӯро ба дарё андохтанд]

فَٱلْتَقَمَهُ ٱلْحُوتُ وَهُوَ مُلِيمٌ ﴿١٤٢﴾

142. Сипас моҳии [бузурге] ӯро балъид [фурӯ бурд], дар ҳоле ки [худро ба хотири тарки вазифа] сарзаниш мекард

فَلَوْلَآ أَنَّهُۥ كَانَ مِنَ ٱلْمُسَبِّحِينَ ﴿١٤٣﴾

143. Пас, агар дар зумраи тасбеҳгӯёни [Парвардигор] набуд,

لَلَبِثَ فِى بَطْنِهِۦٓ إِلَىٰ يَوْمِ يُبْعَثُونَ ﴿١٤٤﴾

144. Яқинан, то рӯзе, ки [мардум] барангехта мешаванд, дар шиками он [моҳӣ] боқӣ мемонд

فَنَبَذْنَٰهُ بِٱلْعَرَآءِ وَهُوَ سَقِيمٌ ﴿١٤٥﴾

145. Он гоҳ ӯро дар ҳоле ки [заъиф ва] бемор буд ба сарзамини хушк [ва бегиёҳ] афкандем

وَأَنۢبَتْنَا عَلَيْهِ شَجَرَةً مِّن يَقْطِينٍ ﴿١٤٦﴾

146. Ва бар [сари] ӯ бутаи каду рӯёндем [то аз соя ва меваҳояш баҳра гирад]

وَأَرْسَلْنَٰهُ إِلَىٰ مِاْئَةِ أَلْفٍ أَوْ يَزِيدُونَ ﴿١٤٧﴾

147. Ва [дубора] ӯро ба сӯйи сад ҳазор нафар ё бештар [ба рисолат] фиристодем

فَـَٔامَنُوا۟ فَمَتَّعْنَٰهُمْ إِلَىٰ حِينٍ ﴿١٤٨﴾

148. Пас, онон имон оварданд ва Мо низ то муддате [аз неъматҳои зиндагӣ] баҳрамандашон сохтем

فَٱسْتَفْتِهِمْ أَلِرَبِّكَ ٱلْبَنَاتُ وَلَهُمُ ٱلْبَنُونَ ﴿١٤٩﴾

149. Пас, аз эшон [мушрикон] бипурс, оё духтарҳо барои Парвардигори ту ва писарҳо барои онҳост?

أَمْ خَلَقْنَا ٱلْمَلَٰٓئِكَةَ إِنَٰثًا وَهُمْ شَٰهِدُونَ ﴿١٥٠﴾

150. Оё Мо фариштагонро духтар офаридем ва онҳо ҳузур доштанд?

أَلَآ إِنَّهُم مِّنْ إِفْكِهِمْ لَيَقُولُونَ ﴿١٥١﴾

151. Огоҳ бош! Онон аз [рӯи туҳмат ва] дурӯғгӯй

وَلَدَ ٱللَّهُ وَإِنَّهُمْ لَكَٰذِبُونَ ﴿١٥٢﴾

152. мегӯянд: «Аллоҳ таоло фарзанд дорад» ва, яқинан, дурӯғ мегӯянд

أَصْطَفَى ٱلْبَنَاتِ عَلَى ٱلْبَنِينَ ﴿١٥٣﴾

153. Оё [Аллоҳ таоло] духтаронро бар писарон тарҷеҳ додааст?

مَا لَكُمْ كَيْفَ تَحْكُمُونَ ﴿١٥٤﴾

154. Шуморо чи шудааст? Чи гуна ҳукм мекунед?

155. Оё [намеандешед ва] панд намегиред? أَفَلَا تَذَكَّرُونَ ﴿١٥٥﴾

156. Оё [бар иддаои ботили хеш] далели равшане доред? أَمْ لَكُمْ سُلْطَٰنٌ مُّبِينٌ ﴿١٥٦﴾

157. Пас, агар ростгӯед, китобатонро биёваред فَأْتُواْ بِكِتَٰبِكُمْ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿١٥٧﴾

158. [Мушрикон] байни Ӯ [Аллоҳ таоло] ва фариштагон, хешовандӣ қоил шудаанд; дар ҳоле ки фариштагон ба яқин медонанд, ки [мушрикон рӯзи қиёмат барои ҳисобрасӣ] эҳзор мешаванд وَجَعَلُواْ بَيْنَهُۥ وَبَيْنَ ٱلْجِنَّةِ نَسَبًا ۚ وَلَقَدْ عَلِمَتِ ٱلْجِنَّةُ إِنَّهُمْ لَمُحْضَرُونَ ﴿١٥٨﴾

159. Аллоҳ таоло аз он чи [мушрикон] тавсиф мекунанд, муназзаҳ аст سُبْحَٰنَ ٱللَّهِ عَمَّا يَصِفُونَ ﴿١٥٩﴾

160. [Мардум дар тавсифи Парвардигор, сухани газоф мегӯянд] магар бандагони мухлиси Аллоҳ таоло إِلَّا عِبَادَ ٱللَّهِ ٱلْمُخْلَصِينَ ﴿١٦٠﴾

161. Пас, шумо [мушрикон] ва он чи мепарастед, فَإِنَّكُمْ وَمَا تَعْبُدُونَ ﴿١٦١﴾

162. [ҳаргиз] гумроҳгари [касе аз дини ҳақ] нестед مَآ أَنتُمْ عَلَيْهِ بِفَٰتِنِينَ ﴿١٦٢﴾

163. Магар он ки [ба тақдири илоҳӣ] аҳли дузах бошад إِلَّا مَنْ هُوَ صَالِ ٱلْجَحِيمِ ﴿١٦٣﴾

164. Ва [фариштагон мегӯянд]: «Ҳеҷ як аз мо нест, магар он ки мақоми мушаххасе [дар пешгоҳи илоҳӣ] дорад وَمَا مِنَّآ إِلَّا لَهُۥ مَقَامٌ مَّعْلُومٌ ﴿١٦٤﴾

165. Моем, ки [барои парастиш ва ниёиш ба даргоҳи Парвардигор] ба саф истодаем وَإِنَّا لَنَحْنُ ٱلصَّآفُّونَ ﴿١٦٥﴾

166. Ва бе тардид, моем, ки тасбеҳгӯи [Ӯ] ҳастем» وَإِنَّا لَنَحْنُ ٱلْمُسَبِّحُونَ ﴿١٦٦﴾

167. Ва [кофирон, пеш аз биъсат] ҳамвора мегуфтанд: وَإِن كَانُواْ لَيَقُولُونَ ﴿١٦٧﴾

168. «Агар китобе аз [китобҳои осмонии] пешиниён наздамон буд, لَوْ أَنَّ عِندَنَا ذِكْرًا مِّنَ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿١٦٨﴾

169. яқинан, аз бандагони мухлиси Аллоҳ таоло мешудем» لَكُنَّا عِبَادَ ٱللَّهِ ٱلْمُخْلَصِينَ ﴿١٦٩﴾

فَكَفَرُواْ بِهِۦۖ فَسَوۡفَ يَعۡلَمُونَ ١٧٠

170. Аммо [ҳангоме ки паёмбар бо Қуръон ба сӯяшон омад, ҳаққонияти] онро инкор карданд; пас, ба зудӣ [натиҷаи ин корашонро] хоҳанд донист

وَلَقَدۡ سَبَقَتۡ كَلِمَتُنَا لِعِبَادِنَا ٱلۡمُرۡسَلِينَ ١٧١

171. Ва ҳатман суханони Мо дар бораи бандагони фиристодаамон аз пеш содир шудааст

إِنَّهُمۡ لَهُمُ ٱلۡمَنصُورُونَ ١٧٢

172. Онон, ҳатман, аз ҷониби Мо ёрӣ шудаанд

وَإِنَّ جُندَنَا لَهُمُ ٱلۡغَٰلِبُونَ ١٧٣

173. Ва бе тардид, лашкари Мо пирӯзанд

فَتَوَلَّ عَنۡهُمۡ حَتَّىٰ حِينٖ ١٧٤

174. Пас, [эй Паёмбар] то муддате аз онон [мушрикон] рӯй бигардон

وَأَبۡصِرۡهُمۡ فَسَوۡفَ يُبۡصِرُونَ ١٧٥

175. Ва ононро [дар ҳангоми нузули азоб] бингар; пас, ба зудӣ худ [низ натиҷаи куфрашонро] хоҳанд дид

أَفَبِعَذَابِنَا يَسۡتَعۡجِلُونَ ١٧٦

176. Оё онон азоби моро ба шитоб хостаранд?

فَإِذَا نَزَلَ بِسَاحَتِهِمۡ فَسَآءَ صَبَاحُ ٱلۡمُنذَرِينَ ١٧٧

177. Он гоҳ ки [азоби илоҳӣ] бар хонаҳояшон фуруд ояд, чи бад аст бомдоди ҳушдорёфтагон!

وَتَوَلَّ عَنۡهُمۡ حَتَّىٰ حِينٖ ١٧٨

178. Ва то муддате аз онон рӯй бигардон

وَأَبۡصِرۡ فَسَوۡفَ يُبۡصِرُونَ ١٧٩

179. Ва ононро [дар ҳангоми нузули азоб] бингар; пас, ба зудӣ худ [низ натиҷаи куфрашонро] хоҳанд дид

سُبۡحَٰنَ رَبِّكَ رَبِّ ٱلۡعِزَّةِ عَمَّا يَصِفُونَ ١٨٠

180. Пок ва муназзаҳ аст Парвардигорат - Парвардигори иззат ва қудрат-аз он чи [мушрикон ба дурӯғ] васф мекунанд

وَسَلَٰمٌ عَلَى ٱلۡمُرۡسَلِينَ ١٨١

181. Ва салом бар паёмбарон

وَٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٨٢

182. Ва сипос [ва ситоиш] аз они Аллоҳ таоло- Парвардигори ҷаҳониён- аст

(38) Сод ص

Ҷузъи 23

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

صٓۚ وَٱلْقُرْءَانِ ذِى ٱلذِّكْرِ ﴿١﴾

1. Сод.[1] Савганд ба Қуръони пандомӯз [ки Аллоҳ таоло ҳеҷ шарике надорад]

بَلِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فِى عِزَّةٍ وَشِقَاقٍ ﴿٢﴾

2. Аммо кофирон гирифтори таассуб [-у ҷоҳилият] ва ситезанд

كَمْ أَهْلَكْنَا مِن قَبْلِهِم مِّن قَرْنٍ فَنَادَواْ وَّلَاتَ حِينَ مَنَاصٍ ﴿٣﴾

3. Чи бисёр наслҳои кофирро пеш аз онон ҳалок кардем, ки [дар ҳангоми нузули азоб] фарёд мезаданд, аммо [он замон дигар] ҳангоми наҷот набуд

وَعَجِبُوٓاْ أَن جَآءَهُم مُّنذِرٌ مِّنْهُمْ ۖ وَقَالَ ٱلْكَٰفِرُونَ هَٰذَا سَٰحِرٌ كَذَّابٌ ﴿٤﴾

4. Мушрикон аз ин ки бимдиҳандае аз миёни худашон ба суроғашон омадааст, ибрози шигифтӣ карданд ва гуфтанд: «Ин мард ҷодугару дурӯғгӯст

أَجَعَلَ ٱلْءَالِهَةَ إِلَٰهًا وَٰحِدًا ۖ إِنَّ هَٰذَا لَشَىْءٌ عُجَابٌ ﴿٥﴾

5. Оё ба ҷойи маъбудони мухталиф маъбуде ягона қарор додааст? Воқеан, кори аҷибе аст»

وَٱنطَلَقَ ٱلْمَلَأُ مِنْهُمْ أَنِ ٱمْشُواْ وَٱصْبِرُواْ عَلَىٰٓ ءَالِهَتِكُمْ ۖ إِنَّ هَٰذَا لَشَىْءٌ يُرَادُ ﴿٦﴾

6. Бузургонашон ба по хостанд [ва ба пайравони худ гуфтанд]: «Биравед ва бар [парастишу ҳифзи] маъбудонатон истодагарӣ кунед. Бе тардид, [Муҳаммад бо] ин кор хостааст [ки шуморо гумроҳ кунад ва худро ба раёсат бирасонад]

مَا سَمِعْنَا بِهَٰذَا فِى ٱلْمِلَّةِ ٱلْءَاخِرَةِ إِنْ هَٰذَآ إِلَّا ٱخْتِلَٰقٌ ﴿٧﴾

7. Мо ин [назарияи тавҳид]-ро ҳатто дар оини масеҳият ҳам нашнидаем. Ин сухан ҷуз дурӯғ [чизе] нест

أَءُنزِلَ عَلَيْهِ ٱلذِّكْرُ مِنۢ بَيْنِنَا ۖ بَلْ هُمْ فِى شَكٍّ مِّن ذِكْرِىْ ۖ بَل لَّمَّا يَذُوقُواْ عَذَابِ ﴿٨﴾

8. Оё аз миёни [ҳамаи] мо Қуръон ба ӯ нозил шудааст»? [Чунин нест, ки онон мегӯянд] Балки онон дар [асли] ваҳйи Ман тардид доранд ва ҳанӯз азоби Маро начашидаанд

أَمْ عِندَهُمْ خَزَآئِنُ رَحْمَةِ رَبِّكَ ٱلْعَزِيزِ ٱلْوَهَّابِ ﴿٩﴾

9. Оё ганҷинаҳои раҳмати Парвардигори шикастнопазири бахшандаат наздашон ҳаст?

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

أَمْ لَهُم مُّلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا ۖ فَلْيَرْتَقُوا۟ فِى ٱلْأَسْبَٰبِ ﴿١٠﴾

10. Оё фармонравои осмонҳо ва замин ва байни онҳо ҳастанд? [Агар чунин аст] Бо васоил [-у имконоти худ ба осмон] авҷ бигиранд [ва монеи нузули ваҳй гарданд]

جُندٌ مَّا هُنَالِكَ مَهْزُومٌ مِّنَ ٱلْأَحْزَابِ ﴿١١﴾

11. [Ин кофирон] Лашкаре шикастхӯрда аз ҷумла соири гурӯҳҳо [ва аҳзоби мухолифи паёмбарон] ҳастанд

كَذَّبَتْ قَبْلَهُمْ قَوْمُ نُوحٍ وَعَادٌ وَفِرْعَوْنُ ذُو ٱلْأَوْتَادِ ﴿١٢﴾

12. Пеш аз онон низ қавми Нуҳ ва Од ва Фиръавни соҳибсипоҳ низ [паёмбарони Моро] такзиб карданд

وَثَمُودُ وَقَوْمُ لُوطٍ وَأَصْحَٰبُ لْـَٔيْكَةِ ۖ أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلْأَحْزَابُ ﴿١٣﴾

13. Қавми Самуд ва қавми Лут ва асҳоби Айка [қавми Шуайб] низ аз он гурӯҳҳо буданд [ки паёмбаронро такзиб карданд]

إِن كُلٌّ إِلَّا كَذَّبَ ٱلرُّسُلَ فَحَقَّ عِقَابِ ﴿١٤﴾

14. Ҳар як [аз ин гурӯҳҳо] паёмбарон [-и худ]-ро такзиб карданд ва кайфари ман [дар мавридашон] таҳаққуқ ёфт

وَمَا يَنظُرُ هَٰٓؤُلَآءِ إِلَّا صَيْحَةً وَٰحِدَةً مَّا لَهَا مِن فَوَاقٍ ﴿١٥﴾

15. Инон фақат бонге саҳмнокро интизор мекашанд, ки ҳеҷ бозгаште надорад

وَقَالُوا۟ رَبَّنَا عَجِّل لَّنَا قِطَّنَا قَبْلَ يَوْمِ ٱلْحِسَابِ ﴿١٦﴾

16. [Бо тамасхур] Мегӯянд: «Парвардигоро, пеш аз фаро расидани рӯзи ҳисоб баҳраи моро [аз азоб] ба шитоб бидеҳ»

ٱصْبِرْ عَلَىٰ مَا يَقُولُونَ وَٱذْكُرْ عَبْدَنَا دَاوُۥدَ ذَا ٱلْأَيْدِ ۖ إِنَّهُۥٓ أَوَّابٌ ﴿١٧﴾

17. [Эй паёмбар] Дар баробари гуфторашон шикебо бош ва аз Довуд, бандаи тавонманди Мо ёд кун, ки ҳамвора [бо тавба ва анҷоми кори хайр ба даргоҳи мо] бозмегашт

إِنَّا سَخَّرْنَا ٱلْجِبَالَ مَعَهُۥ يُسَبِّحْنَ بِٱلْعَشِىِّ وَٱلْإِشْرَاقِ ﴿١٨﴾

18. Мо кӯҳҳоро ба ӯ ба хидмат гумоштем, ки ҳамнаво бо ӯ шомгоҳон ва бомдодон [Парвардигорро] тасбеҳ мегуфтанд

وَٱلطَّيْرَ مَحْشُورَةً ۖ كُلٌّ لَّهُۥٓ أَوَّابٌ ﴿١٩﴾

19. Ва парандагонро [низ ба хидмат гумоштем], ки гирд меомаданд ва ҳамагӣ мутеаш буданд [ва бо вай дар зикри Парвардигор ҳамовозӣ мекарданд]

وَشَدَدْنَا مُلْكَهُۥ وَءَاتَيْنَٰهُ ٱلْحِكْمَةَ وَفَصْلَ ٱلْخِطَابِ ﴿٢٠﴾

20. Мо фармонравоиашро устувор намудем ва ба ӯ паёмбарӣ ва каломе файсалабахш ато кардем

۞وَهَلۡ أَتَىٰكَ نَبَؤُاْ ٱلۡخَصۡمِ إِذۡ تَسَوَّرُواْ ٱلۡمِحۡرَابَ ٢١

21. Оё хабари афроде ба ту расидааст, ки барои додхоҳӣ [ба суроғи Довуд омаданд ва] аз девори ибодатгоҳаш боло рафтанд?

إِذۡ دَخَلُواْ عَلَىٰ دَاوُۥدَ فَفَزِعَ مِنۡهُمۡۖ قَالُواْ لَا تَخَفۡۖ خَصۡمَانِ بَغَىٰ بَعۡضُنَا عَلَىٰ بَعۡضٖ فَٱحۡكُم بَيۡنَنَا بِٱلۡحَقِّ وَلَا تُشۡطِطۡ وَٱهۡدِنَآ إِلَىٰ سَوَآءِ ٱلصِّرَٰطِ ٢٢

22. Чун [бидуни иттилоъ] бар Довуд ворид шуданд, аз диданашон ба ваҳшат афтод; онон гуфтанд: «Натарс, мо ду нафари шокӣ [шикояткунанда] ҳастем, ки яке бар дигаре ситам кардааст. Миёнамон ба адолат доварӣ кун ва аз ҳақ дур нашав ва моро ба роҳи рост ҳидоят кун»

إِنَّ هَٰذَآ أَخِي لَهُۥ تِسۡعٞ وَتِسۡعُونَ نَعۡجَةٗ وَلِيَ نَعۡجَةٞ وَٰحِدَةٞ فَقَالَ أَكۡفِلۡنِيهَا وَعَزَّنِي فِي ٱلۡخِطَابِ ٢٣

23. [Яке аз онон гуфт] «Ин мард бародари ман аст. Ӯ наваду нуҳ меш дорад ва ман як меш дорам ва [ба исрор] мегӯяд: «Он [як меш]-ро ҳам ба ман во гузор» ва дар баҳс бар ман пирӯз шудааст»

قَالَ لَقَدۡ ظَلَمَكَ بِسُؤَالِ نَعۡجَتِكَ إِلَىٰ نِعَاجِهِۦۖ وَإِنَّ كَثِيرٗا مِّنَ ٱلۡخُلَطَآءِ لَيَبۡغِي بَعۡضُهُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٍ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَقَلِيلٞ مَّا هُمۡۗ وَظَنَّ دَاوُۥدُ أَنَّمَا فَتَنَّٰهُ فَٱسۡتَغۡفَرَ رَبَّهُۥ وَخَرَّ رَاكِعٗا وَأَنَابَ۩ ٢٤

24. [Довуд] Гуфт: «Мусалламан, ӯ бо хостани меши ту [барои афзудан] ба мешҳои худаш бар ту ситам кардааст ва бисёре аз шарикон [ва ҳамкорон] дар ҳаққи якдигар ситам мекунанд, магар касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, ки [онҳо низ] бисёр нодиранд». Довуд [ки бидуни тавзеҳ хостан аз тарафи дигар ҳукм содир карда буд] мутаваҷҷеҳ шуд, ки имтиҳонаш кардаем. Он гоҳ аз Парвардигораш омурзиш хост ва бо фурӯтанӣ ба замин афтод ва [ба даргоҳи илоҳӣ] тавба кард

فَغَفَرۡنَا لَهُۥ ذَٰلِكَۖ وَإِنَّ لَهُۥ عِندَنَا لَزُلۡفَىٰ وَحُسۡنَ مَـَٔابٖ ٢٥

25. Пас, ӯро ба хотири он [хато] бахшидем ва барояш дар пешгоҳи худ мақоме воло қарор додем ва [дар охират] бозгашти некуе хоҳад дошт

يَٰدَاوُۥدُ إِنَّا جَعَلۡنَٰكَ خَلِيفَةٗ فِي ٱلۡأَرۡضِ فَٱحۡكُم بَيۡنَ ٱلنَّاسِ بِٱلۡحَقِّ وَلَا تَتَّبِعِ ٱلۡهَوَىٰ فَيُضِلَّكَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَضِلُّونَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ لَهُمۡ عَذَابٞ شَدِيدُۢ بِمَا نَسُواْ يَوۡمَ ٱلۡحِسَابِ ٢٦

26. Эй Довуд, мо туро дар замин халифа ва фармонраво қарор додем; Пас, дар миёни мардум ба ҳақ доварӣ кун ва пайрави ҳаво [-и нафс] набош, ки аз роҳи Аллоҳ таоло гумроҳат мекунад. Бе гумон касоне, ки аз роҳи Аллоҳ таоло гумроҳ мешаванд, ба сазои он ки рӯзи ҳисобро фаромӯш кардаанд, азоби шадиде [дар пеш] доранд

وَمَا خَلَقۡنَا ٱلسَّمَآءَ وَٱلۡأَرۡضَ وَمَا بَيۡنَهُمَا بَٰطِلٗاۚ ذَٰلِكَ ظَنُّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْۚ فَوَيۡلٞ لِّلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنَ ٱلنَّارِ ٢٧

27. Мо осмон ва замин ва он чиро, ки миёни онҳост, беҳуда наофаридаем. Ин гумони кофирон аст. Пас, вой бар кофирон аз оташи дузах!

أَمْ نَجْعَلُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ كَٱلْمُفْسِدِينَ فِي ٱلْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ ٱلْمُتَّقِينَ كَٱلْفُجَّارِ ﴿٢٨﴾

28. Оё касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, монанди касоне ба ҳисоб меоварем, ки дар замин табаҳкорӣ кардаанд? Оё парҳезкоронро монанди бадкорон ба ҳисоб меоварем?

كِتَٰبٌ أَنزَلْنَٰهُ إِلَيْكَ مُبَٰرَكٌ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلْأَلْبَٰبِ ﴿٢٩﴾

29. [Эй Муҳаммад, ин Қуръон] Китобест пурбаракат, ки бар ту нозил кардем, то [мардум] дар оёташ биандешанд ва хирадмандон панд гиранд

وَوَهَبْنَا لِدَاوُۥدَ سُلَيْمَٰنَ ۚ نِعْمَ ٱلْعَبْدُ إِنَّهُۥٓ أَوَّابٌ ﴿٣٠﴾

30. Мо Сулаймонро ба Довуд ато кардем, неку бандае буд ва ҳамвора [ба даргоҳи Парвардигораш] тавба мекард

إِذْ عُرِضَ عَلَيْهِ بِٱلْعَشِيِّ ٱلصَّٰفِنَٰتُ ٱلْجِيَادُ ﴿٣١﴾

31. [Ёд кун] Он гоҳ ки асргоҳон аспҳои асил [ва тундпо] барояш оварданд

فَقَالَ إِنِّيٓ أَحْبَبْتُ حُبَّ ٱلْخَيْرِ عَن ذِكْرِ رَبِّي حَتَّىٰ تَوَارَتْ بِٱلْحِجَابِ ﴿٣٢﴾

32. [Сулаймон саргарми тамошои аспҳо шуд ва вақти намоз гузашт.] Он гоҳ гуфт: «Ба ростӣ, ки дӯстии ин аспҳо, маро аз ёди Парвардигорам ғофил кард, то он ки [хуршед] дар пардаи мағриб пинҳон шуд

رُدُّوهَا عَلَيَّ ۖ فَطَفِقَ مَسْحًۢا بِٱلسُّوقِ وَٱلْأَعْنَاقِ ﴿٣٣﴾

33. [Бори дигар] Онҳоро назди ман бозгардонед». Он гоҳ [ба нишонаи вақф дар роҳи Аллоҳ таоло] ба соқу гардани аспҳо даст кашид

وَلَقَدْ فَتَنَّا سُلَيْمَٰنَ وَأَلْقَيْنَا عَلَىٰ كُرْسِيِّهِۦ جَسَدًا ثُمَّ أَنَابَ ﴿٣٤﴾

34. Сулаймонро озмудем ва ҷасади навзодеро [ки бидуни таваккал бар Аллоҳ таоло муштоқона дар интизори таваллудаш буд] бар тахташ афкандем [то дарёбад, ки қудрат ба тамомӣ дар ихтиёри Аллоҳ таоло аст]. Он гоҳ [тавба кард ва ба даргоҳи илоҳӣ] бозгашт

قَالَ رَبِّ ٱغْفِرْ لِي وَهَبْ لِي مُلْكًا لَّا يَنۢبَغِي لِأَحَدٍ مِّنۢ بَعْدِيٓ ۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْوَهَّابُ ﴿٣٥﴾

35. Гуфт: «Парвардигоро, маро биомурз ва ҳукумате ба ман арзонӣ дор, ки пас аз ман беназир бошад, ки бахшоянда Туӣ, Ту»

فَسَخَّرْنَا لَهُ ٱلرِّيحَ تَجْرِي بِأَمْرِهِۦ رُخَآءً حَيْثُ أَصَابَ ﴿٣٦﴾

36. Пас, [Мо] бодро дар хидматаш гумоштем, ки ҳар кучо ирода мекард, ба фармони Ӯ ба оромӣ равон мешуд

وَٱلشَّيَٰطِينَ كُلَّ بَنَّآءٍ وَغَوَّاصٍ ﴿٣٧﴾

37. Ва ҳар бинокор ва ғаввосе аз ҷинниёнро [ки мехост, ба фармонаш даровардем]

وَءَاخَرِينَ مُقَرَّنِينَ فِي ٱلْأَصْفَادِ ﴿٣٨﴾

38. Ва [гурӯҳи] дигаре [аз ҷиниён]-ро [ки ҳамагӣ] дар ғулу занҷир буданд, [таҳти султааш] даровардем

هَٰذَا عَطَآؤُنَا فَٱمْنُنْ أَوْ أَمْسِكْ بِغَيْرِ حِسَابٍ ﴿٣٩﴾

39. [Ба ӯ гуфтем] «Ин атои Мост, пас, [ба ҳар кас мехоҳӣ] бибахш ва аз ҳар ки мехоҳӣ, боз дор. Ҳисобе бар ту нест»

وَإِنَّ لَهُۥ عِندَنَا لَزُلْفَىٰ وَحُسْنَ مَـَٔابٍ ﴿٤٠﴾

40. Бе тардид, барои Сулаймон дар пешгоҳи худ мақоми воло қарор додем ва [дар охират] бозгаште неку хоҳад дошт

وَٱذْكُرْ عَبْدَنَآ أَيُّوبَ إِذْ نَادَىٰ رَبَّهُۥٓ أَنِّى مَسَّنِىَ ٱلشَّيْطَٰنُ بِنُصْبٍ وَعَذَابٍ ﴿٤١﴾

41. [Эй паёмбар] Аз бандаи Мо Аюб ёд кун, он гоҳ ки Парвардигорашро нидо дод, ки: «Шайтон маро ба ранҷу дард овардааст»

ٱرْكُضْ بِرِجْلِكَ ۖ هَٰذَا مُغْتَسَلٌۢ بَارِدٌ وَشَرَابٌ ﴿٤٢﴾

42. [Ба ӯ фармон додем] «Пойи худро бар замин бикӯб [то чашмае биҷӯшад]. Ин чашмасоре хунук барои шустушӯ ва ошомиданист»

وَوَهَبْنَا لَهُۥٓ أَهْلَهُۥ وَمِثْلَهُم مَّعَهُمْ رَحْمَةً مِّنَّا وَذِكْرَىٰ لِأُو۟لِى ٱلْأَلْبَٰبِ ﴿٤٣﴾

43. Ва хонаводаашро [ки аз даст дода буд] дучанд ба вай бахшидем, то [нишонаи] раҳмате аз ҷониби Мо ва андарзе барои хирадмандон бошад

وَخُذْ بِيَدِكَ ضِغْثًا فَٱضْرِب بِّهِۦ وَلَا تَحْنَثْ ۗ إِنَّا وَجَدْنَٰهُ صَابِرًا ۚ نِّعْمَ ٱلْعَبْدُ ۖ إِنَّهُۥٓ أَوَّابٌ ﴿٤٤﴾

44. Ва [ба ӯ фармон додем] «Дастае аз шохаҳо [-и борикро] баргир ва бо он [ҳамсаратро] бизан ва савгандатро [ки дар ҳангоми хашм ёд карда будӣ] нашикан. Бе тардид, ӯ марди шикебое буд. Чи неку бандае! Ба ростӣ, ки ӯ бисёр тавбакор буд

وَٱذْكُرْ عِبَٰدَنَآ إِبْرَٰهِيمَ وَإِسْحَٰقَ وَيَعْقُوبَ أُو۟لِى ٱلْأَيْدِى وَٱلْأَبْصَٰرِ ﴿٤٥﴾

45. Ва [эй паёмбар] аз бандагони Мо Иброҳим ва Исҳоқ ва Яъқуб, ки тавонманду бобасират буданд

إِنَّآ أَخْلَصْنَٰهُم بِخَالِصَةٍ ذِكْرَى ٱلدَّارِ ﴿٤٦﴾

46. Мо бо [мавҳибати] ёди охират ба онон хулуси вижае бахшидем

وَإِنَّهُمْ عِندَنَا لَمِنَ ٱلْمُصْطَفَيْنَ ٱلْأَخْيَارِ ﴿٤٧﴾

47. Онон дар пешгоҳи Мо некмард ва баргузида буданд

وَٱذْكُرْ إِسْمَٰعِيلَ وَٱلْيَسَعَ وَذَا ٱلْكِفْلِ ۖ وَكُلٌّ مِّنَ ٱلْأَخْيَارِ ﴿٤٨﴾

48. Ва [низ] ёд кун аз Исмоил ва Ясаъ ва Зулкифл, ки ҳамагӣ аз некон буданд

هَٰذَا ذِكْرٌ ۚ وَإِنَّ لِلْمُتَّقِينَ لَحُسْنَ مَـَٔابٍ ﴿٤٩﴾

49. Ин [Қуръон] пандест ва бе гумон, парҳезгорон [дар биҳишт] манзилгоҳе неку хоҳанд дошт

جَنَّٰتِ عَدۡنٖ مُّفَتَّحَةٗ لَّهُمُ ٱلۡأَبۡوَٰبُ ٥٠

50. Боғҳое ҷовидон, ки дарҳояш ба рӯяшон кушодааст

مُتَّكِـِٔينَ فِيهَا يَدۡعُونَ فِيهَا بِفَٰكِهَةٖ كَثِيرَةٖ وَشَرَابٖ ٥١

51. Он ҷо, дар ҳоле ки бар тахтҳо такя задаанд, дастури меваҳои фаровон ва нӯшиданӣ медиҳанд

وَعِندَهُمۡ قَٰصِرَٰتُ ٱلطَّرۡفِ أَتۡرَابٌ ٥٢

52. Ва наздашон занони дуруштчашм аст, ки [танҳо ба шавҳарони худ] назар доранд ва [ҳамагӣ] ҳамсин ҳастанд

هَٰذَا مَا تُوعَدُونَ لِيَوۡمِ ٱلۡحِسَابِ ٥٣

53. Ин ҳамон неъматҳоест, ки барои рӯзи ҳисоб ба шумо ваъда дода мешавад

إِنَّ هَٰذَا لَرِزۡقُنَا مَا لَهُۥ مِن نَّفَادٍ ٥٤

54. Ин ризқу рӯзӣ аз ҷониби Мост, ки ҳаргиз [қатъ намешавад ва] поён намепазирад

هَٰذَاۚ وَإِنَّ لِلطَّٰغِينَ لَشَرَّ مَـَٔابٖ ٥٥

55. Ин [подоши парҳезкорон] аст ва саркашон бадтарин бозгаштро доранд

جَهَنَّمَ يَصۡلَوۡنَهَا فَبِئۡسَ ٱلۡمِهَادُ ٥٦

56. [Ҳамон] Дузах, ки дар он ворид мешаванд ва чи бад қароргоҳе аст!

هَٰذَا فَلۡيَذُوقُوهُ حَمِيمٞ وَغَسَّاقٞ ٥٧

57. Ин [муҷозот] оби ҷӯшон ва хунобаи чирколудест, ки бояд аз он бичашанд

وَءَاخَرُ مِن شَكۡلِهِۦٓ أَزۡوَٰجٌ ٥٨

58. Ва ҷуз инҳо кайфарҳои гуногуни дигаре ҳаммонанди он доранд

هَٰذَا فَوۡجٞ مُّقۡتَحِمٞ مَّعَكُمۡ لَا مَرۡحَبَۢا بِهِمۡۚ إِنَّهُمۡ صَالُواْ ٱلنَّارِ ٥٩

59. [Ба раҳбарони дузахӣ гуфта мешавад] «Ин гурӯҳ низ ҳамроҳи шумо [ба дузах] дармеоянд». [Онон посух медиҳанд] «Хуш омад бар онон мабод! Чаро ки ба оташ дармеоянд»

قَالُواْ بَلۡ أَنتُمۡ لَا مَرۡحَبَۢا بِكُمۡۖ أَنتُمۡ قَدَّمۡتُمُوهُ لَنَاۖ فَبِئۡسَ ٱلۡقَرَارُ ٦٠

60. [Пайравон] Мегӯянд: «Балки, шуморо хушомад мабод, ки ин [азоб]-ро пеши пойи мо ниҳодед. Пас, [дузах] чи бад қароргоҳе аст»!

قَالُواْ رَبَّنَا مَن قَدَّمَ لَنَا هَٰذَا فَزِدۡهُ عَذَابٗا ضِعۡفٗا فِي ٱلنَّارِ ٦١

61. [Сипас] Мегӯянд: «Парвардигоро, ҳар кас, ки ин [азоб]-ро барои Мо фароҳам кардааст, азобашро дар оташ дучанд кун»

وَقَالُواْ مَا لَنَا لَا نَرَىٰ رِجَالٗا كُنَّا نَعُدُّهُم مِّنَ ٱلۡأَشۡرَارِ ٦٢

62. [Дузахиёни мутакаббир] Мегӯянд: «Чаро касонеро, ки [дар дунё] дар зумраи ашрор мепиндоштем, [дар дузах] намебинем?

أَتَّخَذْنَٰهُمْ سِخْرِيًّا أَمْ زَاغَتْ عَنْهُمُ ٱلْأَبْصَٰرُ ﴿٦٣﴾

63. Оё [бе ҷиҳат] ононро, ки тамасхур мегирифтем ё [ин ҷо ҳастанд ва] чашмон [-и мо] бар эшон намеафтад?»

إِنَّ ذَٰلِكَ لَحَقٌّ تَخَاصُمُ أَهْلِ ٱلنَّارِ ﴿٦٤﴾

64. Ин муҷодалаи аҳли оташ қатъан рост аст

قُلْ إِنَّمَآ أَنَا۠ مُنذِرٌ ۖ وَمَا مِنْ إِلَٰهٍ إِلَّا ٱللَّهُ ٱلْوَٰحِدُ ٱلْقَهَّارُ ﴿٦٥﴾

65. [Эй Паёмбар, ба кофирон] Бигӯ: «Ман фақат бимдиҳандаам ва ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Аллоҳи ягонаи пирӯзманд нест

رَبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا ٱلْعَزِيزُ ٱلْغَفَّارُ ﴿٦٦﴾

66. Парвардигори осмонҳо ва замин ва он чи миёни онҳост. [Он] Шикастнопазири омурзанда»

قُلْ هُوَ نَبَؤٌا۟ عَظِيمٌ ﴿٦٧﴾

67. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ин [Қуръон] хабаре бузург аст,

أَنتُمْ عَنْهُ مُعْرِضُونَ ﴿٦٨﴾

68. шумо аз он рӯйгардонед

مَا كَانَ لِىَ مِنْ عِلْمٍۭ بِٱلْمَلَإِ ٱلْأَعْلَىٰٓ إِذْ يَخْتَصِمُونَ ﴿٦٩﴾

69. [Агар ба ман ваҳй намешуд] Аз олами болотар он гоҳ, ки фариштагон [дар мавриди офариниши инсон] ҷидол мекарданд, ҳеҷ иттилое надоштам

إِن يُوحَىٰٓ إِلَىَّ إِلَّآ أَنَّمَآ أَنَا۠ نَذِيرٌ مُّبِينٌ ﴿٧٠﴾

70. Танҳо аз он рӯй ба ман ваҳй мешавад, ки бимдиҳандае ошкорам»

إِذْ قَالَ رَبُّكَ لِلْمَلَٰٓئِكَةِ إِنِّى خَٰلِقٌۢ بَشَرًا مِّن طِينٍ ﴿٧١﴾

71. [Ёд кун аз] Ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон гуфт: «Ман башаре аз гил меофаринам

فَإِذَا سَوَّيْتُهُۥ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِن رُّوحِى فَقَعُوا۟ لَهُۥ سَٰجِدِينَ ﴿٧٢﴾

72. Он гоҳ ки ӯро сомон додам ва аз рӯҳи хеш дар ӯ дамидам, дар баробараш саҷда кунед»

فَسَجَدَ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ كُلُّهُمْ أَجْمَعُونَ ﴿٧٣﴾

73. Пас, [чун Одам халқ шуд] фариштагон ҳамагӣ саҷда карданд

إِلَّآ إِبْلِيسَ ٱسْتَكْبَرَ وَكَانَ مِنَ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٧٤﴾

74. Магар Иблис, ки такаббур варзид ва кофир шуд

قَالَ يَٰٓإِبْلِيسُ مَا مَنَعَكَ أَن تَسْجُدَ لِمَا خَلَقْتُ بِيَدَىَّ ۖ أَسْتَكْبَرْتَ أَمْ كُنتَ مِنَ ٱلْعَالِينَ ﴿٧٥﴾

75. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Эй Иблис, чи чиз муҷиб шуд, ки дар баробари он чи ба дастони худ офаридаам, саҷда накунӣ? Оё такаббур варзидӣ ё бартариҷӯӣ кардӣ»?

قَالَ أَنَا۠ خَيْرٌ مِّنْهُ خَلَقْتَنِى مِن نَّارٍ وَخَلَقْتَهُۥ مِن طِينٍ ﴿٧٦﴾

76. Гуфт: «Ман аз ӯ бартарам: Маро аз оташ офаридаӣ ва ӯро аз гил»

قَالَ فَٱخْرُجْ مِنْهَا فَإِنَّكَ رَجِيمٌ ﴿٧٧﴾

77. Аллоҳ таоло фармуд: «Аз биҳишт берун шав, ки ту [манфуру] рондашудаӣ

78. Ва лаънати Ман то рӯзи қиёмат бар ту хоҳад буд»	وَإِنَّ عَلَيْكَ لَعْنَتِيٓ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلدِّينِ ﴿٧٨﴾
79 [Иблис] Гуфт: «Парвардигоро, пас то рӯзе, ки [бандагонат] барангехта мешаванд, ба ман муҳлат бидеҳ»	قَالَ رَبِّ فَأَنظِرْنِيٓ إِلَىٰ يَوْمِ يُبْعَثُونَ ﴿٧٩﴾
80. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Муҳлат хоҳӣ дошт	قَالَ فَإِنَّكَ مِنَ ٱلْمُنظَرِينَ ﴿٨٠﴾
81. То [рӯзи қиёмат] он вақти муайян»	إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْوَقْتِ ٱلْمَعْلُومِ ﴿٨١﴾
82. [Иблис] Гуфт: «Ба иззатат савганд, ки ҳамаи ононро гумроҳ хоҳам кард	قَالَ فَبِعِزَّتِكَ لَأُغْوِيَنَّهُمْ أَجْمَعِينَ ﴿٨٢﴾
83. Магар бандагони холиси Ту аз [миёни] онон [ки ҳидояташон кардай]»	إِلَّا عِبَادَكَ مِنْهُمُ ٱلْمُخْلَصِينَ ﴿٨٣﴾
84. [Аллоҳ таоло] Фармуд: «Пас, [сухани Ман] ҳақ аст ва ҳақро мегӯям	قَالَ فَٱلْحَقُّ وَٱلْحَقَّ أَقُولُ ﴿٨٤﴾
85. Қатъан, ҷаҳаннамро аз ту ва ҳар ки аз ту пайравӣ кунад, анбошта хоҳам сохт»	لَأَمْلَأَنَّ جَهَنَّمَ مِنكَ وَمِمَّن تَبِعَكَ مِنْهُمْ أَجْمَعِينَ ﴿٨٥﴾
86. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Ман [дар баробари рисолатам] ҳеҷ подоше аз шумо намехоҳам ва фиребкор нестам [ва ба дурӯғ иддаои нубувват намекунам]»	قُلْ مَآ أَسْـَٔلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ وَمَآ أَنَا۠ مِنَ ٱلْمُتَكَلِّفِينَ ﴿٨٦﴾
87. Ин [Қуръон] ҷуз панд барои ҷаҳониён [инсон ва ҷин] нест	إِنْ هُوَ إِلَّا ذِكْرٌ لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿٨٧﴾
88. Ва қатъан, пас аз марг аз хабари [ҳаққоният ва ростии] он огоҳ хоҳед шуд	وَلَتَعْلَمُنَّ نَبَأَهُۥ بَعْدَ حِينٍۭ ﴿٨٨﴾

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

تَنزِيلُ ٱلْكِتَٰبِ مِنَ ٱللَّهِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْحَكِيمِ ﴿١﴾

1. Нузули ин китоб аз ҷониби Аллоҳи шикастнопазири ҳаким аст

إِنَّآ أَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ بِٱلْحَقِّ فَٱعْبُدِ ٱللَّهَ مُخْلِصًا لَّهُ ٱلدِّينَ ﴿٢﴾

2. Ин китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, пас, Аллоҳро бо хулуси эътиқод парастиш кун

أَلَا لِلَّهِ ٱلدِّينُ ٱلْخَالِصُ ۚ وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُوا۟ مِن دُونِهِۦٓ أَوْلِيَآءَ مَا نَعْبُدُهُمْ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلْفَىٰٓ إِنَّ ٱللَّهَ يَحْكُمُ بَيْنَهُمْ فِى مَا هُمْ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى مَنْ هُوَ كَٰذِبٌ كَفَّارٌ ﴿٣﴾

3. Огоҳ бошед, ки дини холис [ва холӣ аз ширк] аз они Аллоҳ таоло аст ва афроде, ки ғайри Аллоҳро [дӯст ва] корсози худ интихоб кардаанд [пиндорашон ин аст, ки]: «Онҳоро фақат ба ин далел мепарастем, ки моро ба Аллоҳ таоло наздик гардонанд [ва манзалатамонро бештар кунанд]». Аллоҳ таоло дар мавориди ихтилофашон миёни онон [ва муваҳҳидони ростин] доварӣ хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ таоло касеро, ки дурӯғгӯи носипос бошад, ҳидоят нахоҳад кард

لَّوْ أَرَادَ ٱللَّهُ أَن يَتَّخِذَ وَلَدًا لَّٱصْطَفَىٰ مِمَّا يَخْلُقُ مَا يَشَآءُ ۚ سُبْحَٰنَهُۥ ۖ هُوَ ٱللَّهُ ٱلْوَٰحِدُ ٱلْقَهَّارُ ﴿٤﴾

4. Агар Аллоҳ таоло мехост фарзанде баргузинад, аз миёни офаридагони худ ҳар чи мехост, бармегузид. Ӯ муназзаҳ [аз ин нисбатҳо] аст ва Ӯст Аллоҳи ягонаи пирӯзманд

خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ بِٱلْحَقِّ ۖ يُكَوِّرُ ٱلَّيْلَ عَلَى ٱلنَّهَارِ وَيُكَوِّرُ ٱلنَّهَارَ عَلَى ٱلَّيْلِ ۖ وَسَخَّرَ ٱلشَّمْسَ وَٱلْقَمَرَ ۖ كُلٌّ يَجْرِى لِأَجَلٍ مُّسَمًّى ۗ أَلَا هُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْغَفَّارُ ﴿٥﴾

5. Осмонҳо ва заминро ба ҳақ [ва бо ҳадаф] офарид. Шабро бар рӯз мегустуронад ва рӯзро бар шаб ва хуршеду моҳро дар хидмат [-и шумо] гумошт, ки ҳар як то саромади муайяне равон аст. Огоҳ бошед! Ӯ шикастнопазири омурзгор аст

خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَٰحِدَةٍ ثُمَّ جَعَلَ مِنْهَا زَوْجَهَا وَأَنزَلَ لَكُم مِّنَ ٱلْأَنْعَٰمِ ثَمَٰنِيَةَ أَزْوَٰجٍ ۚ يَخْلُقُكُمْ فِى بُطُونِ أُمَّهَٰتِكُمْ خَلْقًا مِّنۢ بَعْدِ خَلْقٍ فِى ظُلُمَٰتٍ ثَلَٰثٍ ۚ ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمْ لَهُ ٱلْمُلْكُ ۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ فَأَنَّىٰ تُصْرَفُونَ ﴿٦﴾

6. Ӯ шуморо аз як тан офарид, он гоҳ ҳамсарашро низ аз вай падид овард ва барои [истифодаи] шумо ҳашт навъ аз чаҳорпоён [нару модаи шутур, гов, гӯсфанд ва буз]-ро офарид. Шуморо дар шиками модаратон тайи мароҳили мухталиф

(*) Зумар (Ҷамоъатҳо).

дар ниҳонгоҳҳои сегона меофаринад. Ин аст Аллоҳ таоло, Парвардигори шумо, ки фармонравоӣ хоси Ӯст. Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест, пас, чи гуна ба бероҳа меравед?

إِن تَكۡفُرُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَنِيٌّ عَنكُمۡۖ وَلَا يَرۡضَىٰ لِعِبَادِهِ ٱلۡكُفۡرَۖ وَإِن تَشۡكُرُواْ يَرۡضَهُ لَكُمۡۗ وَلَا تَزِرُ وَازِرَةٞ وِزۡرَ أُخۡرَىٰۚ ثُمَّ إِلَىٰ رَبِّكُم مَّرۡجِعُكُمۡ فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَۚ إِنَّهُۥ عَلِيمُۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ٧

7. Агар носипосӣ кунед, [бидонед, ки] Аллоҳ таоло аз шумо бениёз аст ва ҳаргиз носипосии бандагонашро намеписандад ва агар шукри Ӯро ба ҷой оваред, ин корро бароятон меписандад ва ҳеҷ гунаҳгоре бори гуноҳи дигареро бар дӯш намекашад, пас, бозгаштатон ба сӯйи Парвардигоратон аст. Он гоҳ Ӯ шуморо аз он чи анҷом медодед, огоҳ мекунад. Яқинан, Ӯ аз рози дилҳо огоҳ аст

۞وَإِذَا مَسَّ ٱلۡإِنسَٰنَ ضُرّٞ دَعَا رَبَّهُۥ مُنِيبًا إِلَيۡهِ ثُمَّ إِذَا خَوَّلَهُۥ نِعۡمَةٗ مِّنۡهُ نَسِيَ مَا كَانَ يَدۡعُوٓاْ إِلَيۡهِ مِن قَبۡلُ وَجَعَلَ لِلَّهِ أَندَادٗا لِّيُضِلَّ عَن سَبِيلِهِۦۚ قُلۡ تَمَتَّعۡ بِكُفۡرِكَ قَلِيلًا إِنَّكَ مِنۡ أَصۡحَٰبِ ٱلنَّارِ ٨

8. Ҳаргоҳ инсон дучори [ранҷу] зиёне мешавад, Парвардигорашро [бо тазарруъ ва зорӣ] мехонад ва ба даргоҳаш бозмегардад. Аммо ҳангоме ки неъмате аз ҷониби худ ба вай мебахшем, мушкилеро, ки қаблан барояш дуо мекард, аз ёд мебарад ва барои Аллоҳ таоло [дар қудрат] ҳамтоёне қоил мешавад, то [дигаронро низ] аз роҳи Ӯ гумроҳ кунад. [Эй паёмбар, ба чунин касе] Бигӯ: «Андак замоне бо носипосӣ [аз неъматҳои дунё] баҳраманд шав, ки қатъан дузахӣ хоҳӣ буд»

أَمَّنۡ هُوَ قَٰنِتٌ ءَانَآءَ ٱلَّيۡلِ سَاجِدٗا وَقَآئِمٗا يَحۡذَرُ ٱلۡأٓخِرَةَ وَيَرۡجُواْ رَحۡمَةَ رَبِّهِۦۗ قُلۡ هَلۡ يَسۡتَوِي ٱلَّذِينَ يَعۡلَمُونَ وَٱلَّذِينَ لَا يَعۡلَمُونَۗ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ ٩

9. Оё [чунин мушрике беҳтар аст ё] он ки дар тӯли шаб дар ҳоли саҷда ва қиём ба ибодат машғул аст ва аз [азоби] охират тарсон аст ва ба раҳмати Парвардигораш умед дорад? Бигӯ: «Оё касоне, ки [ҳаққи бандагии Парвардигорро] медонанд ва касоне, ки намедонанд, яксонанд? Танҳо хирадмандон панд мепазиранд»

قُلۡ يَٰعِبَادِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمۡۚ لِلَّذِينَ أَحۡسَنُواْ فِي هَٰذِهِ ٱلدُّنۡيَا حَسَنَةٞۗ وَأَرۡضُ ٱللَّهِ وَٰسِعَةٌۗ إِنَّمَا يُوَفَّى ٱلصَّٰبِرُونَ أَجۡرَهُم بِغَيۡرِ حِسَابٖ ١٠

10. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Эй бандагони боимони ман, аз Парвардигоратон парво кунед. Афроде, ки некуӣ мекунанд [илова бар охират дар ин дунё низ] подоши неку доранд. Замини Аллоҳ таоло густурдааст [пас, агар барои ҳифзи ақидаи худ дучори мушкил шудед,

ҳичрат кунед]. Қатъан, подоши пойдорон комилу бедареғ ато хоҳад шуд»

قُلْ إِنِّيٓ أُمِرْتُ أَنْ أَعْبُدَ ٱللَّهَ مُخْلِصًا لَّهُ ٱلدِّينَ ﴿١١﴾

11. Бигӯ: «Ман маъмурам бо хулуси эътиқод Аллоҳро бипарастам

وَأُمِرْتُ لِأَنْ أَكُونَ أَوَّلَ ٱلْمُسْلِمِينَ ﴿١٢﴾

12. Ва маъмур шудаам нахустин касе [дар ин уммат] бошам, ки таслим [маҳз дар муқобили Парвардигор] аст»

قُلْ إِنِّيٓ أَخَافُ إِنْ عَصَيْتُ رَبِّي عَذَابَ يَوْمٍ عَظِيمٍ ﴿١٣﴾

13. Бигӯ: «Агар дар баробари Парвардигорам нофармон бошам, аз азоби рӯзи бузург [қиёмат] метарсам»

قُلِ ٱللَّهَ أَعْبُدُ مُخْلِصًا لَّهُۥ دِينِي ﴿١٤﴾

14. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ман Аллоҳро бо хулуси эътиқоди худ мепарастам

فَٱعْبُدُوا۟ مَا شِئْتُم مِّن دُونِهِۦ ۗ قُلْ إِنَّ ٱلْخَـٰسِرِينَ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ وَأَهْلِيهِمْ يَوْمَ ٱلْقِيَـٰمَةِ ۗ أَلَا ذَٰلِكَ هُوَ ٱلْخُسْرَانُ ٱلْمُبِينُ ﴿١٥﴾

15. Шумо низ ғайр аз Аллоҳ таоло ҳар чиро мехоҳед, бипарастед». Бигӯ: «Зиёнкорон [-и воқеӣ] касоне ҳастанд, ки [ба тамаъи дунё] худ ва хонаводаашонро дар растохез ба зиён андохтаанд. Огоҳ бошед, ки ин ҳамон зиёни ошкор аст

لَهُم مِّن فَوْقِهِمْ ظُلَلٌ مِّنَ ٱلنَّارِ وَمِن تَحْتِهِمْ ظُلَلٌ ۚ ذَٰلِكَ يُخَوِّفُ ٱللَّهُ بِهِۦ عِبَادَهُۥ ۚ يَـٰعِبَادِ فَٱتَّقُونِ ﴿١٦﴾

16. Бар болои сар ва зери пояшон табақоте аз оташ аст. Ин аст он чи Аллоҳ таоло бандагонашро аз он метарсонад. Эй бандагони Ман, аз [нофармонии] Ман парво кунед

وَٱلَّذِينَ ٱجْتَنَبُوا۟ ٱلطَّـٰغُوتَ أَن يَعْبُدُوهَا وَأَنَابُوٓا۟ إِلَى ٱللَّهِ لَهُمُ ٱلْبُشْرَىٰ ۚ فَبَشِّرْ عِبَادِ ﴿١٧﴾

17. Башорат барои касонест, ки аз парастиши тоғут [бутҳо] иҷтиноб варзиданд ва [тавбакунон] ба даргоҳи илоҳӣ бозгаштанд. Пас, [эй паёмбар] ба бандагонам [биҳиштро] башорат бидеҳ

ٱلَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ ٱلْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُۥ ۚ أُو۟لَـٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ هَدَىٰهُمُ ٱللَّهُ ۖ وَأُو۟لَـٰٓئِكَ هُمْ أُو۟لُوا۟ ٱلْأَلْبَـٰبِ ﴿١٨﴾

18. [Ҳамон] Касоне, ки сухан [-хои мухталиф]-ро мешунаванд ва аз беҳтарини он пайравӣ мекунанд. Онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таоло ҳидояташон карда ва хирадманданд

أَفَمَنْ حَقَّ عَلَيْهِ كَلِمَةُ ٱلْعَذَابِ أَفَأَنتَ تُنقِذُ مَن فِى ٱلنَّارِ ﴿١٩﴾

19. Оё касеро, ки фармони муҷозот бар ӯ қатъӣ шудааст [метавон ҳидоят намуд]? Оё ту метавонӣ касеро, ки дар оташ аст, наҷот диҳӣ?

لَٰكِنِ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوْا۟ رَبَّهُمْ لَهُمْ غُرَفٌ مِّن فَوْقِهَا غُرَفٌ مَّبْنِيَّةٌ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ ۖ وَعْدَ ٱللَّهِ لَا يُخْلِفُ ٱللَّهُ ٱلْمِيعَادَ ﴿٢٠﴾

20. Аммо касоне, ки аз Парвардигорашон парво доранд, [дар биҳишт] ғурфаҳое доранд, ки бар фарози онҳо ғурфаҳое [дигар] сохта шудааст [ва] аз зери онҳо ҷӯйборҳо ҷорист. Аллоҳ таоло [ба дурустӣ] ваъда додааст ва ваъдахилофӣ намекунад

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ أَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَسَلَكَهُۥ يَنَٰبِيعَ فِى ٱلْأَرْضِ ثُمَّ يُخْرِجُ بِهِۦ زَرْعًا مُّخْتَلِفًا أَلْوَٰنُهُۥ ثُمَّ يَهِيجُ فَتَرَىٰهُ مُصْفَرًّا ثُمَّ يَجْعَلُهُۥ حُطَٰمًا ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَذِكْرَىٰ لِأُو۟لِى ٱلْأَلْبَٰبِ ﴿٢١﴾

21. Оё надидаӣ, ки Аллоҳ таоло бороне аз осмон фиристод ва онро [ба сурати] чашмаҳое дар замин ҷорӣ сохт. Он гоҳ ба василаи он киштзоре бо рангҳои гуногун падид меоварад. Сипас пажмурда мегардад ва мебинӣ, ки зард шудааст. Он гоҳ онро хурду хошок месозад? Бе тардид, дар ин [дигаргуниҳо] панде барои хирадмандон аст

أَفَمَن شَرَحَ ٱللَّهُ صَدْرَهُۥ لِلْإِسْلَٰمِ فَهُوَ عَلَىٰ نُورٍ مِّن رَّبِّهِۦ ۚ فَوَيْلٌ لِّلْقَٰسِيَةِ قُلُوبُهُم مِّن ذِكْرِ ٱللَّهِ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٢٢﴾

22. Оё касе, ки Аллоҳ таоло дилашро пазирои Ислом карда ва аз ҷониби Парвардигораш аз нур [ҳидоят ва басират] бархӯрдор гашта [ҳаммонанди сахтдилон аст]? Вой бар онон дар баробари зикри Аллоҳ таоло сангдил шудаанд! Онон дар гумроҳии ошкоранд

ٱللَّهُ نَزَّلَ أَحْسَنَ ٱلْحَدِيثِ كِتَٰبًا مُّتَشَٰبِهًا مَّثَانِىَ تَقْشَعِرُّ مِنْهُ جُلُودُ ٱلَّذِينَ يَخْشَوْنَ رَبَّهُمْ ثُمَّ تَلِينُ جُلُودُهُمْ وَقُلُوبُهُمْ إِلَىٰ ذِكْرِ ٱللَّهِ ۚ ذَٰلِكَ هُدَى ٱللَّهِ يَهْدِى بِهِۦ مَن يَشَآءُ ۚ وَمَن يُضْلِلِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِنْ هَادٍ ﴿٢٣﴾

23. Аллоҳ таоло беҳтарин суханро дар сурати китобе нозил карда, ки [бархе аз оёташ] ҳаммонанди якдигар ва [бархе низ] мукаррар аст. Касоне, ки аз [муҷозоти] Парвардигорашон бим доранд, [бо шунидани ин оёт] мӯй бар танашон рост мешавад ва сипас дилу ҷонашон ба ёди Аллоҳ таоло ором мегирад. Ин ҳидояти Аллоҳ таоло аст, ки ҳар киро бихоҳад, ба он роҳ менамояд ва ҳар киро Аллоҳ таоло гумроҳ созад, ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад дошт

أَفَمَن يَتَّقِى بِوَجْهِهِۦ سُوٓءَ ٱلْعَذَابِ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ ۚ وَقِيلَ لِلظَّٰلِمِينَ ذُوقُوا۟ مَا كُنتُمْ تَكْسِبُونَ ﴿٢٤﴾

24. Оё касе, ки дар рӯзи қиёмат [дастонаш баста аст ва ночор] бо рӯяш он азоби сахтро дафъ мекунад, [ҳамчун касест, ки дар осоиши биҳишт қарор дорад]? Ба ситамгорон [-и мушрик] гуфта шавад, [натиҷаи] дастовардатонро бичашед

كَذَّبَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ فَأَتَىٰهُمُ ٱلْعَذَابُ مِنْ حَيْثُ لَا يَشْعُرُونَ ﴿٢٥﴾

25. Касоне, ки пеш аз онон буданд, низ [оёти Аллоҳро] дурӯғ шумурданд ва аз ҷойе, ки фикр намекарданд, азоб домангирашон шуд

فَأَذَاقَهُمُ ٱللَّهُ ٱلْخِزْيَ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا ۖ وَلَعَذَابُ ٱلْءَاخِرَةِ أَكْبَرُ ۚ لَوْ كَانُوا۟ يَعْلَمُونَ ﴿٢٦﴾

26. Пас, Аллоҳ таоло [таъми] расвоӣ ва хориро дар зиндагии дунё ба онон чашонд ва мусалламан, азоби охират бузургтар [ва сахттар] аст. Агар мушрикон медонистанд [ки рафторашон чи пайомаде дорад, ибрат мегирифтанд]

وَلَقَدْ ضَرَبْنَا لِلنَّاسِ فِى هَٰذَا ٱلْقُرْءَانِ مِن كُلِّ مَثَلٍ لَّعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ ﴿٢٧﴾

27. Дар ин Қуръон аз ҳар [гуна] масале барои мардум овардаем, бошад, ки панд пазиранд

قُرْءَانًا عَرَبِيًّا غَيْرَ ذِى عِوَجٍ لَّعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ ﴿٢٨﴾

28. Қуръоне ба забони фасеҳи арабӣ ва бидуни ҳеҷ гуна иҳқому инҳироф [нозил кардем], бошад, ки [таҳти таълимоташ аз Парвардигори якто] парво кунанд

ضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلًا رَّجُلًا فِيهِ شُرَكَآءُ مُتَشَٰكِسُونَ وَرَجُلًا سَلَمًا لِّرَجُلٍ هَلْ يَسْتَوِيَانِ مَثَلًا ۚ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ۚ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٢٩﴾

29. Аллоҳ таоло [барои муқоисаи мушрику муваҳҳид] мардеро мисол мезанад, ки чанд шарик дар бораи [моликияти] ӯ пайваста бо ҳам ихтилофу мушоҷара доранд ва дар муқобилаш марде, ки таҳти фармони як нафар қарор дорад. Оё ин ду нафар [аз назари мавқеият] яксонанд? Ситоиш махсуси Аллоҳ таоло аст, вале бештарашон намедонанд

إِنَّكَ مَيِّتٌ وَإِنَّهُم مَّيِّتُونَ ﴿٣٠﴾

30. [Эй Паёмбар] Қатъан, ту хоҳӣ мурд ва онон [низ] хоҳанд мурд

ثُمَّ إِنَّكُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ عِندَ رَبِّكُمْ تَخْتَصِمُونَ ﴿٣١﴾

31. Он гоҳ [шумо-мардум] дар рӯзи қиёмат назди Парвардигоратон [дар бораи масоили мавриди ихтилоф] муҷодала хоҳед кард

۞ فَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّن كَذَبَ عَلَى ٱللَّهِ وَكَذَّبَ بِٱلصِّدْقِ إِذْ جَآءَهُۥٓ ۚ أَلَيْسَ فِى جَهَنَّمَ مَثْوًى لِّلْكَٰفِرِينَ ﴿٣٢﴾

32. Ва кист ситамгортар аз он ки ба Аллоҳ таоло, дурӯғ нисбат медиҳад ва сухани ростеро, ки ба вай расидааст, дурӯғ мешуморад? Оё дар дузах ҷойгоҳе барои кофирон нест?

وَٱلَّذِى جَآءَ بِٱلصِّدْقِ وَصَدَّقَ بِهِۦٓ ۙ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُتَّقُونَ ﴿٣٣﴾

33. Аммо онон, ки паёми ростин биёваранд [ва дигаронро ба пазириши он даъват кунанд] ва худ низ онро тасдиқ намоянд, ба ростӣ, парҳезгоранд

لَهُم مَّا يَشَآءُونَ عِندَ رَبِّهِمْ ۚ ذَٰلِكَ جَزَٰٓؤُا۟ ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿٣٤﴾

34. Ҳар чи бихоҳанд, назди Парвардигорашон доранд. Подоши некукорон ҳамин аст

لِيُكَفِّرَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ أَسْوَأَ ٱلَّذِى عَمِلُواْ وَيَجْزِيَهُمْ أَجْرَهُم بِأَحْسَنِ ٱلَّذِى كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿٣٥﴾

35. То Аллоҳ таоло бадтарин рафторашонро аз [корномаи] онон бизудояд ва бар асоси беҳтарин аъмолашон ба эшон подош диҳад

أَلَيْسَ ٱللَّهُ بِكَافٍ عَبْدَهُۥ ۖ وَيُخَوِّفُونَكَ بِٱلَّذِينَ مِن دُونِهِۦ ۚ وَمَن يُضْلِلِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِنْ هَادٍ ﴿٣٦﴾

36. Оё Аллоҳ таоло барои дифоъ аз бандааш кофӣ нест? Аммо мушрикон туро аз бутҳо ва маъбудонашон метарсонанд ва ҳар киро Аллоҳ таоло гумроҳ кунад, ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад дошт

وَمَن يَهْدِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِن مُّضِلٍّ ۗ أَلَيْسَ ٱللَّهُ بِعَزِيزٍ ذِى ٱنتِقَامٍ ﴿٣٧﴾

37. Ва ҳар киро, ки Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, ҳеҷ кас гумроҳаш нахоҳад сохт. Оё Аллоҳ таоло шикастнопазиру додситон нест?!

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُ ۚ قُلْ أَفَرَءَيْتُم مَّا تَدْعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ إِنْ أَرَادَنِىَ ٱللَّهُ بِضُرٍّ هَلْ هُنَّ كَٰشِفَٰتُ ضُرِّهِۦٓ أَوْ أَرَادَنِى بِرَحْمَةٍ هَلْ هُنَّ مُمْسِكَٰتُ رَحْمَتِهِۦ ۚ قُلْ حَسْبِىَ ٱللَّهُ ۖ عَلَيْهِ يَتَوَكَّلُ ٱلْمُتَوَكِّلُونَ ﴿٣٨﴾

38. [Эй Паёмбар] Агар аз мушрикон бипурсӣ: «Чи касе осмонҳо ва заминро офаридааст»? Мусалламан, мегӯянд: «Аллоҳ таоло». Ба онон бигӯ: «Пас, ба назари шумо, агар Аллоҳ таоло нохушӣ ва ранҷе бароям бихоҳад, оё он чи ба ҷойи Аллоҳ таоло [ба ниёиш] мехонед, метавонанд осебашро бартараф кунанд? Ё агар Аллоҳ таоло раҳмате барои ман бихоҳад, оё метавонанд монеаш шаванд?» Бигӯ: [Пуштибонии] Аллоҳ таоло бароям кофӣ аст. Аҳли таваккал танҳо бар Ӯ таваккал мекунанд»

قُلْ يَٰقَوْمِ ٱعْمَلُواْ عَلَىٰ مَكَانَتِكُمْ إِنِّى عَٰمِلٌ ۖ فَسَوْفَ تَعْلَمُونَ ﴿٣٩﴾

39. Бигӯ: «Эй қавми ман, шумо бар ҳол [ва вазъи ширкомез]-и худ бошед, ман низ [ба вазоифи худ] амал мекунам. Ба зудӣ хоҳед донист,

مَن يَأْتِيهِ عَذَابٌ يُخْزِيهِ وَيَحِلُّ عَلَيْهِ عَذَابٌ مُّقِيمٌ ﴿٤٠﴾

40. [Ба зудӣ хоҳед донист,] ки кист он ки [дар дунё] гирифтори азоби расвогар мешавад ва [дар охират] азоби поянда бар сараш меборад»

إِنَّآ أَنزَلْنَا عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ لِلنَّاسِ بِٱلْحَقِّ ۖ فَمَنِ ٱهْتَدَىٰ فَلِنَفْسِهِۦ ۖ وَمَن ضَلَّ فَإِنَّمَا يَضِلُّ عَلَيْهَا ۖ وَمَآ أَنتَ عَلَيْهِم بِوَكِيلٍ ﴿٤١﴾

41. Ин китоби осмониро барои [ҳидояти] мардум, барҳақ бар ту нозил кардем. Ҳар ки ҳидоят шавад, ба суди худи ӯст ва ҳар ки гумроҳ гашт, ба зиёни хеш гумроҳ шудааст ва ту [нигаҳбон ва] корсозашон нестӣ [ки ононро ба ҳидоят иҷбор кунӣ]

ٱللَّهُ يَتَوَفَّى ٱلۡأَنفُسَ حِينَ مَوۡتِهَا وَٱلَّتِي لَمۡ تَمُتۡ فِي مَنَامِهَاۖ فَيُمۡسِكُ ٱلَّتِي قَضَىٰ عَلَيۡهَا ٱلۡمَوۡتَ وَيُرۡسِلُ ٱلۡأُخۡرَىٰٓ إِلَىٰٓ أَجَلٖ مُّسَمًّىۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَتَفَكَّرُونَ ٤٢

42. Аллоҳ таоло ҷонҳоро дар лаҳзаи марг мегирад ва[низ] ҷони касеро, ки намурдааст, ба ҳангоми хобаш [мегирад], он гоҳ ҷонҳоеро, ки ҳукми марг бар онҳо рондааст, нигаҳ медорад ва ҷони дигаронро бозпас мефиристад, то ҳангоми муайян [марг]. Дар ин [амр] барои ҳар ки биандешад, нишонаҳое [аз қиёмат] аст

أَمِ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِ ٱللَّهِ شُفَعَآءَۚ قُلۡ أَوَلَوۡ كَانُواْ لَا يَمۡلِكُونَ شَيۡـٔٗا وَلَا يَعۡقِلُونَ ٤٣

43. Оё мушрикон ғайр аз Аллоҳ таоло [барои худ аз миёни бутҳо] шафоаткунандагоне интихоб кардаанд? [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Ҳатто агар онҳо молики чизе набошанд ва [чизеро] дарк накунанд [боз ҳам онҳоро ба шафоат металабед]»?

قُل لِّلَّهِ ٱلشَّفَٰعَةُ جَمِيعٗاۖ لَّهُۥ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ ثُمَّ إِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ ٤٤

44. Бигӯ: «Шафоат ба тамомӣ аз они Аллоҳ таоло аст. Фармонравоии осмонҳо ва замин низ аз они Ӯст ва ниҳоятан [ҳамагӣ] ба пешгоҳи Ӯ бозгардонда мешавед»

وَإِذَا ذُكِرَ ٱللَّهُ وَحۡدَهُ ٱشۡمَأَزَّتۡ قُلُوبُ ٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِٱلۡأٓخِرَةِۖ وَإِذَا ذُكِرَ ٱلَّذِينَ مِن دُونِهِۦٓ إِذَا هُمۡ يَسۡتَبۡشِرُونَ ٤٥

45. Ҳангоме ки Аллоҳ таоло ба яктоӣ [ва тавҳид] ёд мешавад, дилҳои касоне, ки ба охират имон надоранд, мутанаффир [ва безор] мегардад. Ва чун аз маъбудоне ғайр аз Аллоҳ таоло ёд шавад, он гоҳ аст, ки мушрикон шодмон мегарданд

قُلِ ٱللَّهُمَّ فَاطِرَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ عَٰلِمَ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ أَنتَ تَحۡكُمُ بَيۡنَ عِبَادِكَ فِي مَا كَانُواْ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَ ٤٦

46. Бигӯ: «Бор илоҳо, [эй] офаринандаи осмонҳо ва замин, эй донои ниҳону ошкор, Ту дар миёни бандагонат дар мавориди ихтилофашон доварӣ хоҳӣ кард»

وَلَوۡ أَنَّ لِلَّذِينَ ظَلَمُواْ مَا فِي ٱلۡأَرۡضِ جَمِيعٗا وَمِثۡلَهُۥ مَعَهُۥ لَٱفۡتَدَوۡاْ بِهِۦ مِن سُوٓءِ ٱلۡعَذَابِ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۚ وَبَدَا لَهُم مِّنَ ٱللَّهِ مَا لَمۡ يَكُونُواْ يَحۡتَسِبُونَ ٤٧

47. Агар ду баробари он чи дар замин аст, дар ихтиёри ситамгорон [мушрикон] бошад, ҳамаро барои наҷоти худ аз сахтии азоби рӯзи қиёмат фидо мекунанд [Вале пазируфтанӣ нест]. Ва аз ҷониби Аллоҳ таоло умуре барояшон ошкор мегардад, ки тасаввурашро ҳам намекарданд

وَبَدَا لَهُمۡ سَيِّـَٔاتُ مَا كَسَبُواْ وَحَاقَ بِهِم مَّا كَانُواْ بِهِۦ يَسۡتَهۡزِءُونَ ٤٨

48. [Дар он рӯз] Дастоварди зишташон бар онон ошкор мешавад ва азобе, ки масхара мекарданд, домангирашон хоҳад шуд

فَإِذَا مَسَّ ٱلْإِنسَٰنَ ضُرٌّ دَعَانَا ثُمَّ إِذَا خَوَّلْنَٰهُ نِعْمَةً مِّنَّا قَالَ إِنَّمَآ أُوتِيتُهُۥ عَلَىٰ عِلْمٍۭ ۚ بَلْ هِىَ فِتْنَةٌ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٤٩﴾

49. Ҳар гоҳ инсон дучори [ранҷу] зиёне шавад, Моро [ба ниёиш] мехонад ва чун аз ҷониби хеш неъмате ба вай арзонӣ дорем, мегӯяд: «Фақат [лаёқат ва] доноии худам муҷиби ин неъмат шудааст. [На] балки ин озмоиш [-и илоҳӣ] аст, вале бештари мардум намедонанд

قَدْ قَالَهَا ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ فَمَآ أَغْنَىٰ عَنْهُم مَّا كَانُوا۟ يَكْسِبُونَ ﴿٥٠﴾

50. Пешиниёнашон ҳам ҳамин суханро гуфтанд, вале [ба ҳангоми азоб] дастовардашон суде ба ҳолашон надошт

فَأَصَابَهُمْ سَيِّـَٔاتُ مَا كَسَبُوا۟ ۚ وَٱلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ مِنْ هَٰٓؤُلَآءِ سَيُصِيبُهُمْ سَيِّـَٔاتُ مَا كَسَبُوا۟ وَمَا هُم بِمُعْجِزِينَ ﴿٥١﴾

51. Ва [уқубати] дастоварди зишташон домангирашон шуд. Ин ситамгорон [-и мушрик] низ ба уқубати дастовардашон гирифтор хоҳанд шуд ва [Парвардигори мутаолро] ба танг нахоҳанд овард

أَوَلَمْ يَعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ يَبْسُطُ ٱلرِّزْقَ لِمَن يَشَآءُ وَيَقْدِرُ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿٥٢﴾

52. Оё мушрикон намедонанд, ки Аллоҳ таоло [неъмат ва] рӯзиро бар ҳар касе, ки бихоҳад, густурда медорад ва ё танг мегирад? Бе гумон, дар ин амр барои муъминон нишонаҳое [аз тадбири илоҳӣ] аст

قُلْ يَٰعِبَادِىَ ٱلَّذِينَ أَسْرَفُوا۟ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ لَا تَقْنَطُوا۟ مِن رَّحْمَةِ ٱللَّهِ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَغْفِرُ ٱلذُّنُوبَ جَمِيعًا ۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلْغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ﴿٥٣﴾

53. [Эй Паёмбар] Ба бандагонам, ки [дар иртикоб ба ширку гуноҳ] зиёдаравӣ кардаанд, бигӯ: «Аз раҳмати илоҳӣ маъюс набошед, чаро ки [агар тавба кунед] Аллоҳ таоло ҳамаи гуноҳонатонро мебахшад. Ба ростӣ, ки Ӯ бисёр омурзанда ва меҳрубон аст

وَأَنِيبُوٓا۟ إِلَىٰ رَبِّكُمْ وَأَسْلِمُوا۟ لَهُۥ مِن قَبْلِ أَن يَأْتِيَكُمُ ٱلْعَذَابُ ثُمَّ لَا تُنصَرُونَ ﴿٥٤﴾

54. Пеш аз он ки азоб ба суроғатон биёяд ва ҳеҷ кас натавонад ёриатон кунад, ба сӯйи Парвардигоратон бозгардед ва таслими [фармони] Ӯ гардед

وَٱتَّبِعُوٓا۟ أَحْسَنَ مَآ أُنزِلَ إِلَيْكُم مِّن رَّبِّكُم مِّن قَبْلِ أَن يَأْتِيَكُمُ ٱلْعَذَابُ بَغْتَةً وَأَنتُمْ لَا تَشْعُرُونَ ﴿٥٥﴾

55. Ва пеш аз он ки ногаҳон, дар ҳоле ки ғофилед, азоб ба суроғатон биёяд, аз беҳтарин дастурҳое, ки аз ҷониби Парвардигоратон ба шумо нозил шудааст, пайравӣ кунед

أَن تَقُولَ نَفْسٌ يَٰحَسْرَتَىٰ عَلَىٰ مَا فَرَّطتُ فِى جَنۢبِ ٱللَّهِ وَإِن كُنتُ لَمِنَ ٱلسَّٰخِرِينَ ﴿٥٦﴾

56. [Ҳам акнун барҳазар бошед] то касе [дар рӯзи қиёмат] нагӯяд: «Эй дареғ бар ман,

ки дар ҳаққи Аллоҳ таоло кӯтоҳӣ намудам ва [муъминонро] масхара мекардам»!

أَوْ تَقُولَ لَوْ أَنَّ ٱللَّهَ هَدَىٰنِى لَكُنتُ مِنَ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿٥٧﴾

57. Ё [гуноҳи худро бар гардани тақдир наандозад ва] нагӯяд: «Агар Аллоҳ таоло маро ҳидоят карда буд, қатъан, парҳезкор будам»

أَوْ تَقُولَ حِينَ تَرَى ٱلْعَذَابَ لَوْ أَنَّ لِى كَرَّةً فَأَكُونَ مِنَ ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿٥٨﴾

58. Ё ҳангоме ки азобро мебинад, нагӯяд: «Эй кош, бозгашт [ба дунё] доштам, то дар зумраи некукорон қарор мегирифтам»

بَلَىٰ قَدْ جَآءَتْكَ ءَايَٰتِى فَكَذَّبْتَ بِهَا وَٱسْتَكْبَرْتَ وَكُنتَ مِنَ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٥٩﴾

59. [Аллоҳ таоло мефармояд] «Оёти Ман бароят омад ва ту онҳоро дурӯғ пиндоштӣ ва такаббур намудӣ ва куфр варзидӣ»

وَيَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ تَرَى ٱلَّذِينَ كَذَبُوا۟ عَلَى ٱللَّهِ وُجُوهُهُم مُّسْوَدَّةٌ أَلَيْسَ فِى جَهَنَّمَ مَثْوًى لِّلْمُتَكَبِّرِينَ ﴿٦٠﴾

60. Ва рӯзи қиёмат касонеро, ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ бастаанд, сияҳрӯй мебинӣ. Оё дар дузах ҷойгоҳе барои мутакаббирон нест»?

وَيُنَجِّى ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوْا۟ بِمَفَازَتِهِمْ لَا يَمَسُّهُمُ ٱلسُّوٓءُ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٦١﴾

61. Аллоҳ таоло парҳезкоронро бо ворид кардан ба макони комёбиашон, [аз азоб] наҷот медиҳад. [Дар биҳишт] На ранҷе ба онон мерасад ва на андуҳгин мешаванд

ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَىْءٍ ۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ وَكِيلٌ ﴿٦٢﴾

62. Аллоҳ таоло офаридгори ҳар чизест ва Ӯ бар ҳама чиз [нигаҳбону] корсоз аст

لَّهُۥ مَقَالِيدُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۗ وَٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْخَٰسِرُونَ ﴿٦٣﴾

63. Калиди ганҷинаҳои осмонҳо ва замин аз они Ӯст ва касоне, ки ба оёти илоҳӣ кофир шуданд, қатъан, зиёнкоранд

قُلْ أَفَغَيْرَ ٱللَّهِ تَأْمُرُوٓنِّىٓ أَعْبُدُ أَيُّهَا ٱلْجَٰهِلُونَ ﴿٦٤﴾

64. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Эй бехабарон, оё ба ман фармон медиҳед, ки [маъбуде] ғайр аз Аллоҳро парастиш кунам?!»

وَلَقَدْ أُوحِىَ إِلَيْكَ وَإِلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِكَ لَئِنْ أَشْرَكْتَ لَيَحْبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ ٱلْخَٰسِرِينَ ﴿٦٥﴾

65. Ба ту ва паёмбарони пеш аз ту ваҳй шудааст, ки: «Агар ширк биварзӣ, [подоши] корҳоят, қатъан, барбод хоҳад рафт ва зиёнкор хоҳӣ шуд

بَلِ ٱللَّهَ فَٱعْبُدْ وَكُن مِّنَ ٱلشَّٰكِرِينَ ﴿٦٦﴾

66. Балки танҳо Аллоҳро парастиш кун ва сипосгузор бош»

67. Мушрикон Аллоҳро чунон ки сазовори Ӯст, арҷ наниҳоданд, ҳол он ки дар рӯзи қиёмат замин яксара дар қабзаи Ӯст ва осмонҳо ба дасти Вай дарҳампечида хоҳад шуд. Поку муназзаҳ аст Аллоҳ таоло ва аз он чи бо вай шарик месозанд, бартар аст

وَمَا قَدَرُواْ ٱللَّهَ حَقَّ قَدۡرِهِۦ وَٱلۡأَرۡضُ جَمِيعٗا قَبۡضَتُهُۥ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَٱلسَّمَٰوَٰتُ مَطۡوِيَّٰتُۢ بِيَمِينِهِۦۚ سُبۡحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ٦٧

68. [Дар остонаи қиёмат] Дар сур дамида мешавад. Пас, ҳар ки дар осмонҳо ва дар замин аст, мадҳуши марг хоҳад шуд, магар касе, ки Аллоҳ таоло бихоҳад, он гоҳ бори дигар дар он дамида мешавад ва ногаҳон [ҳама аз марг] бармехезанд ва чашм ба роҳ [-и фармони Парвардигор] ҳастанд

وَنُفِخَ فِي ٱلصُّورِ فَصَعِقَ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَن فِي ٱلۡأَرۡضِ إِلَّا مَن شَآءَ ٱللَّهُۖ ثُمَّ نُفِخَ فِيهِ أُخۡرَىٰ فَإِذَا هُمۡ قِيَامٞ يَنظُرُونَ ٦٨

69. [Дар рӯзи қиёмат] замин ба нури Парвардигораш равшан хоҳад шуд ва нома [-и аъмол] ниҳода мешавад ва паёмбарон ва гувоҳонро меоваранд ва миёни бандагон ба ҳақ ва адолат доварӣ мешавад ва ба ҳеҷ кас ситам нахоҳад шуд

وَأَشۡرَقَتِ ٱلۡأَرۡضُ بِنُورِ رَبِّهَا وَوُضِعَ ٱلۡكِتَٰبُ وَجِاْيٓءَ بِٱلنَّبِيِّـۧنَ وَٱلشُّهَدَآءِ وَقُضِيَ بَيۡنَهُم بِٱلۡحَقِّ وَهُمۡ لَا يُظۡلَمُونَ ٦٩

70. Ва ҷазои амалкарди ҳар кас ба тамомӣ дода мешавад. Ва Аллоҳ таоло нисбат ба аъмолашон донотар аст

وَوُفِّيَتۡ كُلُّ نَفۡسٖ مَّا عَمِلَتۡ وَهُوَ أَعۡلَمُ بِمَا يَفۡعَلُونَ ٧٠

71. Кофирон гурӯҳ-гурӯҳ ба сӯйи дузах ронда мешаванд. Ҳамин ки ба он ҷо мерасанд, дарҳояш кушода мегардад ва нигаҳбононаш мегӯянд: «Оё паёмбароне аз миёни худи шумо ба суроғатон наомаданд, ки оёти Парвардигоратонро барои шумо мехонданд ва дар бораи дидори ин рӯз ҳушдор медоданд? Онон [дар посух] мегӯянд: Оре, вале [мо инкорашон кардем ва] фармони муҷозот сазои кофирон аст»

وَسِيقَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ إِلَىٰ جَهَنَّمَ زُمَرًاۖ حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءُوهَا فُتِحَتۡ أَبۡوَٰبُهَا وَقَالَ لَهُمۡ خَزَنَتُهَآ أَلَمۡ يَأۡتِكُمۡ رُسُلٞ مِّنكُمۡ يَتۡلُونَ عَلَيۡكُمۡ ءَايَٰتِ رَبِّكُمۡ وَيُنذِرُونَكُمۡ لِقَآءَ يَوۡمِكُمۡ هَٰذَاۚ قَالُواْ بَلَىٰ وَلَٰكِنۡ حَقَّتۡ كَلِمَةُ ٱلۡعَذَابِ عَلَى ٱلۡكَٰفِرِينَ ٧١

72. [Ба онон] Гуфта мешавад: «Аз дарҳои дузах ворид шавед ва ҷовидона дар он ба сар баред. Ва [ба ростӣ] ҷойгоҳи мутакаббирон чи бад [ҷойгоҳе] аст!»

قِيلَ ٱدۡخُلُوٓاْ أَبۡوَٰبَ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَاۖ فَبِئۡسَ مَثۡوَى ٱلۡمُتَكَبِّرِينَ ٧٢

73. Ва касоне, ки аз Парвардигорашон парво доштанд, гурӯҳ-гурӯҳ ба сӯйи биҳишт ҳидоят мешаванд.

وَسِيقَ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ رَبَّهُمۡ إِلَى ٱلۡجَنَّةِ زُمَرًاۖ حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءُوهَا وَفُتِحَتۡ أَبۡوَٰبُهَا وَقَالَ لَهُمۡ خَزَنَتُهَا سَلَٰمٌ عَلَيۡكُمۡ طِبۡتُمۡ فَٱدۡخُلُوهَا خَٰلِدِينَ ٧٣

Ҳамин ки ба он ҷо мерасанд, дар ҳоле ки дарҳои биҳишт кушода шудааст, [бо иззату эҳтиром ворид мешаванд] ва нигаҳбонони он ҷо мегӯянд: «Салом бар шумо. Хуш омадед. Ҷовидона ба биҳишт дароед»

وَقَالُواْ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ ٱلَّذِي صَدَقَنَا وَعۡدَهُۥ وَأَوۡرَثَنَا ٱلۡأَرۡضَ نَتَبَوَّأُ مِنَ ٱلۡجَنَّةِ حَيۡثُ نَشَآءُۖ فَنِعۡمَ أَجۡرُ ٱلۡعَٰمِلِينَ ٧٤

74. Биҳиштиён мегӯянд: «Ситоиш ва сипос махсуси Аллоҳ таоло аст, ки ваъдаи хешро дар мавриди мо таҳаққуқ бахшид ва сарзамин [-и биҳишт]-ро ба мо мерос дод, ки дар ҳар ҷойи он бихоҳем, манзил мегирем. Ва [ба ростӣ] подоши аҳли амал чи некуст»

وَتَرَى ٱلۡمَلَٰٓئِكَةَ حَآفِّينَ مِنۡ حَوۡلِ ٱلۡعَرۡشِ يُسَبِّحُونَ بِحَمۡدِ رَبِّهِمۡۚ وَقُضِيَ بَيۡنَهُم بِٱلۡحَقِّۚ وَقِيلَ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٧٥

75. [Дар он рӯз] Фариштагонро хоҳӣ дид, ки перомуни Арш ҳалқа задаанд ва Парвардигорашонро ба покӣ меситоянд. Ва миёни мардум ба ҳаққу адолат доварӣ хоҳад шуд ва гуфта мешавад: «Ситоишу сипос махсуси Аллоҳ таоло Парвардигори ҷаҳониён аст»

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

حمٓ ﴿١﴾

1. Ҳо, мим.(1)

تَنزِيلُ ٱلْكِتَٰبِ مِنَ ٱللَّهِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْعَلِيمِ ﴿٢﴾

2. Нузули [ин] китоб аз сӯйи Аллоҳи шикастнопазири доност

غَافِرِ ٱلذَّنۢبِ وَقَابِلِ ٱلتَّوْبِ شَدِيدِ ٱلْعِقَابِ ذِى ٱلطَّوْلِ ۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ إِلَيْهِ ٱلْمَصِيرُ ﴿٣﴾

3. [Парвардигоре, ки] Омурзандаи гуноҳ ва тавбапазир, сахткайфар ва неъматбахш аст. Ҳеҷ маъбуде ба [ҳақ] ҷуз Ӯ нест ва бозгашт [-и ҳама] ба сӯйи Ӯст

مَا يُجَٰدِلُ فِىٓ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ إِلَّا ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ فَلَا يَغْرُرْكَ تَقَلُّبُهُمْ فِى ٱلْبِلَٰدِ ﴿٤﴾

4. Танҳо кофирон ҳастанд, ки дар бораи оёти илоҳӣ муҷодала мекунанд, пас, мабодо рафтуомадашон дар шаҳрҳо [барои тиҷорату баҳрамандиашон аз неъматҳои дунё] туро бифиребад

كَذَّبَتْ قَبْلَهُمْ قَوْمُ نُوحٍ وَٱلْأَحْزَابُ مِنۢ بَعْدِهِمْ ۖ وَهَمَّتْ كُلُّ أُمَّةٍۭ بِرَسُولِهِمْ لِيَأْخُذُوهُ ۖ وَجَٰدَلُوا۟ بِٱلْبَٰطِلِ لِيُدْحِضُوا۟ بِهِ ٱلْحَقَّ فَأَخَذْتُهُمْ ۖ فَكَيْفَ كَانَ عِقَابِ ﴿٥﴾

5. Пеш аз онон қавми Нуҳ ва пас аз онон низ гурӯҳҳои дигаре [ҳамчун қавми Од ва Самуд ва Лут низ паёмбаронашонро] дурӯғгӯ шумурданд ва ҳар қавме хост паёмбарашро дастгир кунад [ва ба қатл бирасонад]. Онон ба ботил муҷодала карданд, то бад-он васила ҳақро аз миён бардоранд. Ман низ ононро азоб кардам. [Пас, бингаред, ки] азоби Ман чи гуна буд

وَكَذَٰلِكَ حَقَّتْ كَلِمَتُ رَبِّكَ عَلَى ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓا۟ أَنَّهُمْ أَصْحَٰبُ ٱلنَّارِ ﴿٦﴾

6. Ва фармони азоби Парвардигорат дар бораи кофирон инчунин ба таҳаққуқ пайваст, ки онон аҳли оташанд

ٱلَّذِينَ يَحْمِلُونَ ٱلْعَرْشَ وَمَنْ حَوْلَهُۥ يُسَبِّحُونَ بِحَمْدِ رَبِّهِمْ وَيُؤْمِنُونَ بِهِۦ وَيَسْتَغْفِرُونَ لِلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ۖ رَبَّنَا وَسِعْتَ كُلَّ شَىْءٍ رَّحْمَةً وَعِلْمًا فَٱغْفِرْ لِلَّذِينَ تَابُوا۟ وَٱتَّبَعُوا۟ سَبِيلَكَ وَقِهِمْ عَذَابَ ٱلْجَحِيمِ ﴿٧﴾

7. Фариштагоне, ки Аршро ҳамл мекунанд ва онон, ки гирди он ҳалқа задаанд, Парвардигорашонро ба покӣ меситоянд ва ба Ӯ имон доранд ва [ин гуна] барои аҳли имон омурзиш мехоҳанд: «Парвадигоро, раҳмат ва донишат ҳар чизеро

(*) Ғофир (Омӯрзанда).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

фаро гирифтааст, пас, касонеро, ки тавба карданд ва пайрави роҳи Ту шуданд, биёмурз ва аз азоби дузах нигаҳ дор»

رَبَّنَا وَأَدۡخِلۡهُمۡ جَنَّٰتِ عَدۡنٍ ٱلَّتِي وَعَدتَّهُمۡ وَمَن صَلَحَ مِنۡ ءَابَآئِهِمۡ وَأَزۡوَٰجِهِمۡ وَذُرِّيَّٰتِهِمۡۚ إِنَّكَ أَنتَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٨

8. Парвардигоро, онон ва падарон [ва модарон] ва ҳамсарону фарзандони солеҳашонро дар боғҳои ҷовидони биҳишт, ки ваъда додай, дохил кун, ки бе тардид, Ту шикастнопазиру ҳакимӣ

وَقِهِمُ ٱلسَّيِّـَٔاتِۚ وَمَن تَقِ ٱلسَّيِّـَٔاتِ يَوۡمَئِذٖ فَقَدۡ رَحِمۡتَهُۥۚ وَذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ٩

9. [Бор илоҳо] Ононро аз [кайфари] бадиҳо ҳифз кун ва ҳар киро дар он рӯз аз [кайфари] бадиҳо нигоҳ дорӣ, фарогирифтаи раҳматат қарор додай. Ин ҳамон комёбии бузург аст»

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ يُنَادَوۡنَ لَمَقۡتُ ٱللَّهِ أَكۡبَرُ مِن مَّقۡتِكُمۡ أَنفُسَكُمۡ إِذۡ تُدۡعَوۡنَ إِلَى ٱلۡإِيمَٰنِ فَتَكۡفُرُونَ ١٠

10. Ва кофиронро [дар дузах] нидо медиҳанд, ки: «Душманӣ ва хашми Аллоҳ таоло сахттар аз душманӣ ва хашми шумо нисбат ба худатон аст, чаро ки ба имон даъват мешудед, вале [бо душманӣ нисбат ба худ ақидаи тавҳидро] инкор мекардед»

قَالُواْ رَبَّنَآ أَمَتَّنَا ٱثۡنَتَيۡنِ وَأَحۡيَيۡتَنَا ٱثۡنَتَيۡنِ فَٱعۡتَرَفۡنَا بِذُنُوبِنَا فَهَلۡ إِلَىٰ خُرُوجٖ مِّن سَبِيلٖ ١١

11. Онон [дар посух] мегӯянд: «Парвардигоро, моро ду бор мирондӣ ва ду бор зинда кардӣ, пас, [акнун ки] ба гуноҳони худ эътироф кардем, оё роҳе барои хуруҷ [аз дузах] вуҷуд дорад»?

ذَٰلِكُم بِأَنَّهُۥٓ إِذَا دُعِيَ ٱللَّهُ وَحۡدَهُۥ كَفَرۡتُمۡ وَإِن يُشۡرَكۡ بِهِۦ تُؤۡمِنُواْۚ فَٱلۡحُكۡمُ لِلَّهِ ٱلۡعَلِيِّ ٱلۡكَبِيرِ ١٢

12. [Ба онон гуфта мешавад] «Ин [азоб] бад-он сабаб аст, ки чун Аллоҳ таоло ба яктоӣ хонда мешуд, инкор мекардед, вале агар ба Ӯ ширк оварда мешуд, имон меовардед. [Акнун] Доварӣ аз они Аллоҳи баландмартабаи бузург аст»

هُوَ ٱلَّذِي يُرِيكُمۡ ءَايَٰتِهِۦ وَيُنَزِّلُ لَكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ رِزۡقٗاۚ وَمَا يَتَذَكَّرُ إِلَّا مَن يُنِيبُ ١٣

13. Ӯст, ки нишонаҳои [тавон ва тадбири] худро ба шумо ироа медиҳад ва бароятон [бо нузули борон] аз осмон рӯзӣ мефиристад, вале танҳо касоне панд мегиранд, ки [холисона ба даргоҳи илоҳӣ] тавба кунанд

فَٱدۡعُواْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ وَلَوۡ كَرِهَ ٱلۡكَٰفِرُونَ ١٤

14. [Танҳо] Аллоҳро бо хулуси эътиқод бихонед, ҳарчанд кофирон нохушнуд бошанд

رَفِيعُ ٱلدَّرَجَٰتِ ذُو ٱلۡعَرۡشِ يُلۡقِي ٱلرُّوحَ مِنۡ أَمۡرِهِۦ عَلَىٰ مَن يَشَآءُ مِنۡ عِبَادِهِۦ لِيُنذِرَ يَوۡمَ ٱلتَّلَاقِ ١٥

15. Ӯ дорои дараҷоти рафеъ ва соҳиби Арш аст ва ба сӯйи ҳар як аз бандагонаш, ки бихоҳад,

ба фармони хеш ваҳй мефиристад, то [ба онон] дар бораи рӯзи мулоқот ҳушдор диҳад

يَوْمَ هُم بَٰرِزُونَۖ لَا يَخْفَىٰ عَلَى ٱللَّهِ مِنْهُمْ شَىْءٌۚ لِّمَنِ ٱلْمُلْكُ ٱلْيَوْمَۖ لِلَّهِ ٱلْوَٰحِدِ ٱلْقَهَّارِ ﴿١٦﴾

16. Он рӯз, ки мардум ҳозир ва намоён мешаванд ва чизе аз онон бар Аллоҳ таоло пӯшида нахоҳад монд [Аллоҳ таоло мефармояд]: «Имрӯз фармонравоӣ аз они кист»? [Он гоҳ худ мефармояд] «Аз они Аллоҳи ягонаи пирӯзманд»

ٱلْيَوْمَ تُجْزَىٰ كُلُّ نَفْسٍۭ بِمَا كَسَبَتْۚ لَا ظُلْمَ ٱلْيَوْمَۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَرِيعُ ٱلْحِسَابِ ﴿١٧﴾

17. Имрӯз ҳар кас дар баробари он чи кардааст, подош дода мешавад ва ҳеҷ ситаме дар миён нест. Бе гумон, Аллоҳ таоло дар ҳисобрасӣ сареъ аст

وَأَنذِرْهُمْ يَوْمَ ٱلْأٓزِفَةِ إِذِ ٱلْقُلُوبُ لَدَى ٱلْحَنَاجِرِ كَٰظِمِينَۚ مَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنْ حَمِيمٍ وَلَا شَفِيعٍ يُطَاعُ ﴿١٨﴾

18. Ба онон дар мавриди рӯзи қиёмат [ки бисёр наздик аст] ҳушдор бидеҳ, он гоҳ ки [аз шиддати ваҳшат] ҷонҳо ба гулӯгоҳ мерасад, дар ҳоле ки саршор аз андуҳ шудаанд. [Дар он рӯз] Ситамгарон на дӯсти меҳрубоне доранд ва на шафеъе, ки суханаш пазируфта шавад

يَعْلَمُ خَآئِنَةَ ٱلْأَعْيُنِ وَمَا تُخْفِى ٱلصُّدُورُ ﴿١٩﴾

19. [Аллоҳ таоло] Ҳаракоти бади чашмҳо ва он чиро, ки дар дилҳои афрод нуҳуфта аст, [ба хубӣ] медонад

وَٱللَّهُ يَقْضِى بِٱلْحَقِّۖ وَٱلَّذِينَ يَدْعُونَ مِن دُونِهِۦ لَا يَقْضُونَ بِشَىْءٍۗ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْبَصِيرُ ﴿٢٠﴾

20. Аллоҳ таоло ба адолат доварӣ мекунад ва маъбудоне, ки [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ таоло ибодат мекунанд, ҳеҷ гуна доварӣ надоранд. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло шунавову биност

۞أَوَلَمْ يَسِيرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ فَيَنظُرُوا۟ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلَّذِينَ كَانُوا۟ مِن قَبْلِهِمْۚ كَانُوا۟ هُمْ أَشَدَّ مِنْهُمْ قُوَّةً وَءَاثَارًا فِى ٱلْأَرْضِ فَأَخَذَهُمُ ٱللَّهُ بِذُنُوبِهِمْ وَمَا كَانَ لَهُم مِّنَ ٱللَّهِ مِن وَاقٍ ﴿٢١﴾

21. Оё мушрикон дар замин гардиш накардаанд, то бубинанд саранҷоми касоне, ки пеш аз онон буданд, чи гуна будааст? Он ақвоми гузашта нерумандтар аз инҳо буданд ва осору биноҳои бештаре дар замин падид оварданд, аммо Аллоҳ таоло ононро ба [сабаби] гуноҳонашон азоб кард, дар ҳоле ки дар баробари [азоби] Аллоҳ таоло ҳеҷ [ёр ва] мудофеъе надоштанд

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ كَانَت تَّأْتِيهِمْ رُسُلُهُم بِٱلْبَيِّنَٰتِ فَكَفَرُوا۟ فَأَخَذَهُمُ ٱللَّهُۚ إِنَّهُۥ قَوِىٌّ شَدِيدُ ٱلْعِقَابِ ﴿٢٢﴾

22. Ин [кайфар] бад-он сабаб буд, ки Паёмбарашон нишонаҳои равшан барояшон ироа мекарданд, вале онон инкор меварзиданд ва Аллоҳ таоло

низ азобашон кард. Бе гумон, Ӯ тавонманди сахткайфар аст

23. Мо Мӯсоро бо муъҷизоти худ ва далели қотеъ фиристодем

وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا مُوسَىٰ بِـَٔايَٰتِنَا وَسُلۡطَٰنٖ مُّبِينٍ ٢٣

24. Ба сӯйи Фиръавн ва Ҳомон ва Қорун, вале [онон] гуфтанд: «[Ӯ] Ҷодугаре дурӯғгӯст»

إِلَىٰ فِرۡعَوۡنَ وَهَٰمَٰنَ وَقَٰرُونَ فَقَالُواْ سَٰحِرٞ كَذَّابٞ ٢٤

25. Аммо ҳангоме ки Мӯсо муъҷизоти илоҳӣ ва далоили маҳкамро аз ҷониби Мо бар онон нишондод, [Фиръавн ва ёронаш саркашӣ карданд ва] гуфтанд: «Писарони касонеро, ки ба Мӯсо имон овардаанд, бикушед ва занонашонро [барои канизӣ] зинда нигоҳ доред», вале найранги кофирон маҳкум ба фаност

فَلَمَّا جَآءَهُم بِٱلۡحَقِّ مِنۡ عِندِنَا قَالُواْ ٱقۡتُلُوٓاْ أَبۡنَآءَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥ وَٱسۡتَحۡيُواْ نِسَآءَهُمۡۚ وَمَا كَيۡدُ ٱلۡكَٰفِرِينَ إِلَّا فِي ضَلَٰلٖ ٢٥

26. Фиръавн гуфт: «Бигузоред, то Мӯсоро бикушам ва [чун касеро надорад] ногузир аст Парвардигорашро ба ёрӣ бихонад [ва ман аз вай ҳаросе надорам]. Метарсам, ки ӯ динатонро дигаргун созад ё дар ин сарзамин табоҳӣ ба бор оварад»

وَقَالَ فِرۡعَوۡنُ ذَرُونِيٓ أَقۡتُلۡ مُوسَىٰ وَلۡيَدۡعُ رَبَّهُۥٓۖ إِنِّيٓ أَخَافُ أَن يُبَدِّلَ دِينَكُمۡ أَوۡ أَن يُظۡهِرَ فِي ٱلۡأَرۡضِ ٱلۡفَسَادَ ٢٦

27. Мӯсо гуфт: «Ман аз [шарри] ҳар мутакаббире, ки ба рӯзи ҳисоб бовар надорад, ба Парвардигори хеш ва Парвардигори шумо паноҳ мебарам»

وَقَالَ مُوسَىٰٓ إِنِّي عُذۡتُ بِرَبِّي وَرَبِّكُم مِّن كُلِّ مُتَكَبِّرٖ لَّا يُؤۡمِنُ بِيَوۡمِ ٱلۡحِسَابِ ٢٧

28. Ва марди муъмине аз хонаводаи Фиръавн, ки имонашро пинҳон медошт, гуфт: «Оё мехоҳед ин мардро [фақат ба хотири ин ҷурм] бикушед, ки мегӯяд: «Парвардигорам Аллоҳ таоло аст» ва [дар таъйиди суханаш низ] далоили равшане аз сӯйи Парвардигратон барои шумо овардааст? Агар дурӯғгӯ бошад, [гуноҳи] дурӯғаш бар уҳдаи худи ӯст ва агар рост гуфта бошад, [дасти кам] бархе аз азобҳое, ки ваъда медиҳад, ба шумо хоҳад расид

وَقَالَ رَجُلٞ مُّؤۡمِنٞ مِّنۡ ءَالِ فِرۡعَوۡنَ يَكۡتُمُ إِيمَٰنَهُۥٓ أَتَقۡتُلُونَ رَجُلًا أَن يَقُولَ رَبِّيَ ٱللَّهُ وَقَدۡ جَآءَكُم بِٱلۡبَيِّنَٰتِ مِن رَّبِّكُمۡۖ وَإِن يَكُ كَٰذِبٗا فَعَلَيۡهِ كَذِبُهُۥۖ وَإِن يَكُ صَادِقٗا يُصِبۡكُم بَعۡضُ ٱلَّذِي يَعِدُكُمۡۖ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي مَنۡ هُوَ مُسۡرِفٞ كَذَّابٞ ٢٨

29. Бе тардид, Аллоҳ таоло касеро, ки исрофкору дурӯғгӯст, ҳидоят намекунад. Эй қавми ман, имрӯз фармонравоӣ дар ихтиёри шумост ва дар ин сарзамин султа доред, вале агар сахтгирии Аллоҳ таоло домангирамон шавад,

يَٰقَوۡمِ لَكُمُ ٱلۡمُلۡكُ ٱلۡيَوۡمَ ظَٰهِرِينَ فِي ٱلۡأَرۡضِ فَمَن يَنصُرُنَا مِنۢ بَأۡسِ ٱللَّهِ إِن جَآءَنَاۚ قَالَ فِرۡعَوۡنُ مَآ أُرِيكُمۡ إِلَّا مَآ أَرَىٰ وَمَآ أَهۡدِيكُمۡ إِلَّا سَبِيلَ ٱلرَّشَادِ ٢٩

чи касе моро ёрӣ хоҳад кард»? Фиръавн гуфт: «Ман фақат он чиро салоҳ медонам, мегӯям ва шуморо ба роҳи рост ҳидоят мекунам»

وَقَالَ ٱلَّذِىٓ ءَامَنَ يَٰقَوۡمِ إِنِّيٓ أَخَافُ عَلَيۡكُم مِّثۡلَ يَوۡمِ ٱلۡأَحۡزَابِ ٣٠

30. Он марди муъмин гуфт: «Эй қавми ман, метарсам азобе ҳамчун азоби ақвоми пешин [ки аз паёмбаронашон сарпечӣ карданд] бар саратон биёяд

مِثۡلَ دَأۡبِ قَوۡمِ نُوحٖ وَعَادٖ وَثَمُودَ وَٱلَّذِينَ مِنۢ بَعۡدِهِمۡۚ وَمَا ٱللَّهُ يُرِيدُ ظُلۡمٗا لِّلۡعِبَادِ ٣١

31. Монанди шеваи [азоби] қавми Нуҳ ва Оду Самуд ва касоне ки баъд аз онон буданд, дар ҳоле Аллоҳ таоло ситаме барои бандагонаш намехоҳад

وَيَٰقَوۡمِ إِنِّيٓ أَخَافُ عَلَيۡكُمۡ يَوۡمَ ٱلتَّنَادِ ٣٢

32. Ва эй қавми ман, бар шумо аз рӯзе метарсам, ки мардум ба фарёд аз якдигар ёрӣ мехоҳанд

يَوۡمَ تُوَلُّونَ مُدۡبِرِينَ مَا لَكُم مِّنَ ٱللَّهِ مِنۡ عَاصِمٖۗ وَمَن يُضۡلِلِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِنۡ هَادٖ ٣٣

33. [Ҳамон] Рӯзе, ки ҳамагӣ [аз тарс] ба ақиб боз мегардед ва дар баробари [муҷозоти] Аллоҳ таоло ҳеҷ муҳофизе надоред ва ҳар киро Аллоҳ таоло гумроҳ кунад, ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад дошт

وَلَقَدۡ جَآءَكُمۡ يُوسُفُ مِن قَبۡلُ بِٱلۡبَيِّنَٰتِ فَمَا زِلۡتُمۡ فِي شَكّٖ مِّمَّا جَآءَكُم بِهِۦۖ حَتَّىٰٓ إِذَا هَلَكَ قُلۡتُمۡ لَن يَبۡعَثَ ٱللَّهُ مِنۢ بَعۡدِهِۦ رَسُولٗاۚ كَذَٰلِكَ يُضِلُّ ٱللَّهُ مَنۡ هُوَ مُسۡرِفٞ مُّرۡتَابٌ ٣٤

34. Пеш аз ин низ Юсуф бо далоили равшан наздатон омад, аммо шумо аз он чи бароятон оварда буд, пайваста дар шак будед, то замоне, ки аз дунё рафт [ва бар тардидатон афзуда шуд]. Он гоҳ гуфтед: «Аллоҳ таоло ҳаргиз пас аз вай паёмбареро мабъус нахоҳад кард». Аллоҳ таоло исрофкори бадгумонро ин гуна гумроҳ месозад

ٱلَّذِينَ يُجَٰدِلُونَ فِيٓ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ بِغَيۡرِ سُلۡطَٰنٍ أَتَىٰهُمۡۖ كَبُرَ مَقۡتًا عِندَ ٱللَّهِ وَعِندَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْۚ كَذَٰلِكَ يَطۡبَعُ ٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ قَلۡبِ مُتَكَبِّرٖ جَبَّارٖ ٣٥

35. Касоне, ки дар мавриди оёти илоҳӣ, бе он ки далеле дошта бошад, ба муҷодала бармехезад, [рафторашон] назди Аллоҳ таоло ва муъминин сахт нописанд аст. Аллоҳ таоло ин гуна бар дили ҳар мутакаббири ҳудкома муҳр [-и ғафлат] мезанад

وَقَالَ فِرۡعَوۡنُ يَٰهَٰمَٰنُ ٱبۡنِ لِي صَرۡحٗا لَّعَلِّيٓ أَبۡلُغُ ٱلۡأَسۡبَٰبَ ٣٦

36. Фиръавн [ба вазираш] гуфт: «Эй Ҳомон, барои ман бинои баланде бисоз, шояд ба роҳҳое бирасам

أَسۡبَٰبَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ فَأَطَّلِعَ إِلَىٰٓ إِلَٰهِ مُوسَىٰ وَإِنِّي لَأَظُنُّهُۥ كَٰذِبٗاۚ وَكَذَٰلِكَ زُيِّنَ لِفِرۡعَوۡنُ سُوٓءُ عَمَلِهِۦ وَصُدَّ عَنِ ٱلسَّبِيلِۚ وَمَا كَيۡدُ فِرۡعَوۡنَ إِلَّا فِي تَبَابٖ ٣٧

37. Роҳҳое дар осмонҳо [ки маро то Арши илоҳӣ бибарад], то ба маъбуди Мӯсо бингарам [ва аз Ӯ огоҳ шавам], ҳарчанд, ман қатъан ӯро

дурӯғгӯ мепиндорам». Бад-ин сон зиштии кирдори Фиръавн [дар назарш] ороста гашт ва аз роҳ [-и ҳақ] бозмонд ва найранги Фиръавн ба зиён ва табоҳӣ анҷомид

وَقَالَ ٱلَّذِىٓ ءَامَنَ يَٰقَوۡمِ ٱتَّبِعُونِ أَهۡدِكُمۡ سَبِيلَ ٱلرَّشَادِ ﴿٣٨﴾

38. Он марди муъмин гуфт: «Эй қавми ман, аз ман пайравӣ кунед, то шуморо ба роҳи рост ҳидоят кунам

يَٰقَوۡمِ إِنَّمَا هَٰذِهِ ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا مَتَٰعٞ وَإِنَّ ٱلۡأٓخِرَةَ هِىَ دَارُ ٱلۡقَرَارِ ﴿٣٩﴾

39. Эй қавми ман, ин зиндагии дунё баҳрае [андак ва зудгузар] аст ва охират сарои ҷовидон аст

مَنۡ عَمِلَ سَيِّئَةٗ فَلَا يُجۡزَىٰٓ إِلَّا مِثۡلَهَاۖ وَمَنۡ عَمِلَ صَٰلِحٗا مِّن ذَكَرٍ أَوۡ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤۡمِنٞ فَأُوْلَٰٓئِكَ يَدۡخُلُونَ ٱلۡجَنَّةَ يُرۡزَقُونَ فِيهَا بِغَيۡرِ حِسَابٖ ﴿٤٠﴾

40. Ҳар ки кори баде муртакиб шавад, ба таносуби он кайфар хоҳад дид ва мардон ва занони муъмин ва некукор ба биҳишт ворид мешаванд ва дар он ҷо аз неъмати бешумор бархӯрдор хоҳанд шуд

۞وَيَٰقَوۡمِ مَا لِىٓ أَدۡعُوكُمۡ إِلَى ٱلنَّجَوٰةِ وَتَدۡعُونَنِىٓ إِلَى ٱلنَّارِ ﴿٤١﴾

41. Эй қавми ман, чи шуда, ки ман шуморо ба роҳи наҷот даъват мекунам, вале шумо маро ба оташ фаро мехонед?

تَدۡعُونَنِى لِأَكۡفُرَ بِٱللَّهِ وَأُشۡرِكَ بِهِۦ مَا لَيۡسَ لِى بِهِۦ عِلۡمٞ وَأَنَا۠ أَدۡعُوكُمۡ إِلَى ٱلۡعَزِيزِ ٱلۡغَفَّٰرِ ﴿٤٢﴾

42. Маро даъват мекунед, ки Аллоҳро инкор кунам ва чизеро, ки [дар қудрат] бо Аллоҳ таоло шарик гардонам, ки ҳеҷ иттилое аз он надорам, дар ҳоле ки ман шуморо ба сӯйи [Парвардигори] шикастнопазир ва омурзгор фаро мехонам

لَا جَرَمَ أَنَّمَا تَدۡعُونَنِىٓ إِلَيۡهِ لَيۡسَ لَهُۥ دَعۡوَةٞ فِى ٱلدُّنۡيَا وَلَا فِى ٱلۡأٓخِرَةِ وَأَنَّ مَرَدَّنَآ إِلَى ٱللَّهِ وَأَنَّ ٱلۡمُسۡرِفِينَ هُمۡ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِ ﴿٤٣﴾

43. Ногузир он чи маро бад-он даъват мекунед, дар дунё ва охират [тавони иҷобати] дуоеро надорад ва бозгашти мо ба пешгоҳи Аллоҳ таоло аст ва исрофкорон [дар куфру гуноҳ] дузахӣ ҳастанд

فَسَتَذۡكُرُونَ مَآ أَقُولُ لَكُمۡۚ وَأُفَوِّضُ أَمۡرِىٓ إِلَى ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ بَصِيرُۢ بِٱلۡعِبَادِ ﴿٤٤﴾

44. Ба зудӣ суханони маро ба ёд хоҳед овард ва ман кори худро ба Аллоҳ таоло вогузор мекунам, зеро Аллоҳ таоло нисбат ба [кирдори] бандагон биност»

فَوَقَىٰهُ ٱللَّهُ سَيِّـَٔاتِ مَا مَكَرُواْ وَحَاقَ بِـَٔالِ فِرۡعَوۡنَ سُوٓءُ ٱلۡعَذَابِ ﴿٤٥﴾

45. Пас, Аллоҳ таоло ӯро аз осеби дасисаи онон ҳифз намуд ва азоби сахт домангири фиръавниён шуд

46. Ҳамон оташе, ки [дар қабрҳояшон] бомдоду шомгоҳ бар он арза мешаванд ва рӯзе, ки қиёмат барпо гардад [фармон мерасад]: «Фиръавниёнро дар сахттарин азоб ворид кунед»

ٱلنَّارُ يُعْرَضُونَ عَلَيْهَا غُدُوًّا وَعَشِيًّا ۚ وَيَوْمَ تَقُومُ ٱلسَّاعَةُ أَدْخِلُوٓا۟ ءَالَ فِرْعَوْنَ أَشَدَّ ٱلْعَذَابِ ﴿٤٦﴾

47. Он гоҳ ки дар оташи дузах кашмакаш [муҷодала] мекунанд, мардумони зердаст ба роҳбарони гумроҳгар мегӯянд: «Мо пайрави шумо будем, оё мумкин аст бахше аз азоби оташро аз мо дур кунед?»

وَإِذْ يَتَحَآجُّونَ فِى ٱلنَّارِ فَيَقُولُ ٱلضُّعَفَٰٓؤُا۟ لِلَّذِينَ ٱسْتَكْبَرُوٓا۟ إِنَّا كُنَّا لَكُمْ تَبَعًا فَهَلْ أَنتُم مُّغْنُونَ عَنَّا نَصِيبًا مِّنَ ٱلنَّارِ ﴿٤٧﴾

48. Роҳбарони гумроҳгар мегӯянд: «Бе тардид, ҳамаи мо дар оташ хоҳем буд. Аллоҳ таоло миёни бандагонаш доварӣ кардааст»

قَالَ ٱلَّذِينَ ٱسْتَكْبَرُوٓا۟ إِنَّا كُلٌّ فِيهَآ إِنَّ ٱللَّهَ قَدْ حَكَمَ بَيْنَ ٱلْعِبَادِ ﴿٤٨﴾

49. Ва касоне, ки дар оташанд, ба нигаҳбонони дузах мегӯянд: «Аз Парвардигоратон бихоҳед, ки барои як рӯз ин азобро аз мо бардорад»

وَقَالَ ٱلَّذِينَ فِى ٱلنَّارِ لِخَزَنَةِ جَهَنَّمَ ٱدْعُوا۟ رَبَّكُمْ يُخَفِّفْ عَنَّا يَوْمًا مِّنَ ٱلْعَذَابِ ﴿٤٩﴾

50. Онон посух медиҳанд: «Магар паёмбаронатон нишонаҳои равшан бар шумо ироа накарданд»? Дузахиён мегӯянд: «Бале». Ва маъмурон мегӯянд: «Пас, [бе натиҷа] дархост кунед, ки дархости кофирон [мардуду] табоҳ аст»

قَالُوٓا۟ أَوَلَمْ تَكُ تَأْتِيكُمْ رُسُلُكُم بِٱلْبَيِّنَٰتِ ۖ قَالُوا۟ بَلَىٰ ۚ قَالُوا۟ فَٱدْعُوا۟ ۗ وَمَا دُعَٰٓؤُا۟ ٱلْكَٰفِرِينَ إِلَّا فِى ضَلَٰلٍ ﴿٥٠﴾

51. Бе гумон, Мо паёмбарони худ ва аҳли имонро дар зиндагии дунё ва рӯзе, ки гувоҳон [ба шаҳодат] бармехезанд, ёрӣ мекунем

إِنَّا لَنَنصُرُ رُسُلَنَا وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ فِى ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا وَيَوْمَ يَقُومُ ٱلْأَشْهَٰدُ ﴿٥١﴾

52. Рӯзе, ки узрхоҳии ситамгарон суде ба ҳолашон нахоҳад дошт. Онон аз раҳмати илоҳӣ ба дуранд ва душвории азоби охиратро [дар пеш] доранд

يَوْمَ لَا يَنفَعُ ٱلظَّٰلِمِينَ مَعْذِرَتُهُمْ ۖ وَلَهُمُ ٱللَّعْنَةُ وَلَهُمْ سُوٓءُ ٱلدَّارِ ﴿٥٢﴾

53. Мо ба Мӯсо [мақоми] ҳидоят бахшидем ва Бани Исроилро ворисони Таврот қарор додем

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا مُوسَى ٱلْهُدَىٰ وَأَوْرَثْنَا بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ٱلْكِتَٰبَ ﴿٥٣﴾

54. [Китобе, ки] Барои хирадмандон ҳидояту панд аст

هُدًى وَذِكْرَىٰ لِأُو۟لِى ٱلْأَلْبَٰبِ ﴿٥٤﴾

55. Пас, [эй паёмбар, бар озори мушрикон] шикебо бош, [ки] яқинан, ваъдаи Аллоҳ таоло рост аст ва барои гуноҳат омурзиш бихоҳ ва

فَٱصْبِرْ إِنَّ وَعْدَ ٱللَّهِ حَقٌّ وَٱسْتَغْفِرْ لِذَنۢبِكَ وَسَبِّحْ بِحَمْدِ رَبِّكَ بِٱلْعَشِىِّ وَٱلْإِبْكَٰرِ ﴿٥٥﴾

Парвардигоратро шомгоҳ ва бомдод ба покӣ ситоиш кун

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُجَٰدِلُونَ فِيٓ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ بِغَيۡرِ سُلۡطَٰنٍ أَتَىٰهُمۡ إِن فِي صُدُورِهِمۡ إِلَّا كِبۡرٞ مَّا هُم بِبَٰلِغِيهِۚ فَٱسۡتَعِذۡ بِٱللَّهِۖ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ٥٦

56. Касоне, ки дар мавриди оёти илоҳӣ, бе он ки далеле дар ихтиёрашон бошад, ба муҷодала бармехезанд, дар дилҳояшон [ғуруру] такаббурест, ки ҳаргиз бад-он нахоҳанд расид, пас, [аз шарри эшон] ба Аллоҳ таоло паноҳ бибар, ки ба ростӣ, Ӯ шунавову биност

لَخَلۡقُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ أَكۡبَرُ مِنۡ خَلۡقِ ٱلنَّاسِ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٥٧

57. Мусалламан, офариниши осмонҳо ва замин бузургтар аз офариниши инсонҳост [пас, барпо кардани қиёмат барои Аллоҳ таоло душвор нест], вале бештари мардум намедонанд

وَمَا يَسۡتَوِي ٱلۡأَعۡمَىٰ وَٱلۡبَصِيرُ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَلَا ٱلۡمُسِيٓءُۚ قَلِيلٗا مَّا تَتَذَكَّرُونَ ٥٨

58. Ҳаргиз нобино ва бино баробар нестанд, ва муъминони накукор бо бадкорон яксон нахоҳанд буд, [вале] иддаи каме аз шумо панд мепазиред

إِنَّ ٱلسَّاعَةَ لَأٓتِيَةٞ لَّا رَيۡبَ فِيهَا وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يُؤۡمِنُونَ ٥٩

59. Ҳеҷ тардиде дар ин нест, ки рӯзи қиёмат фаро мерасад, вале бештари мардум имон намеоваранд

وَقَالَ رَبُّكُمُ ٱدۡعُونِيٓ أَسۡتَجِبۡ لَكُمۡۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَسۡتَكۡبِرُونَ عَنۡ عِبَادَتِي سَيَدۡخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ ٦٠

60. Парвардигоратон фармуд: «Маро бихонед, то [дуои] шуморо иҷобат кунам. Касоне, ки аз ибодати Ман саркашӣ мекунанд, ба зудӣ бо хорӣ ба ҷаҳаннам ворид мешаванд»

ٱللَّهُ ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلَّيۡلَ لِتَسۡكُنُواْ فِيهِ وَٱلنَّهَارَ مُبۡصِرًاۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَذُو فَضۡلٍ عَلَى ٱلنَّاسِ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَشۡكُرُونَ ٦١

61. Аллоҳ таоло аст, ки шабро бароятон падид овард, то дар он оромиш ёбед ва рӯзро равшанибахш [қарор дод, то ба талош пардозед]. Ба ростӣ, Аллоҳ таоло нисбат ба мардум [лутфу] бахшиш дорад, вале бештари мардум сипос намегузоранд

ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمۡ خَٰلِقُ كُلِّ شَيۡءٖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ فَأَنَّىٰ تُؤۡفَكُونَ ٦٢

62. Ин аст Аллоҳ таоло Парвардигори шумо, [ки] офаринандаи ҳар мавҷуде [аст]. Ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест, пас, чи гуна [аз парастиши Ӯ] мунҳариф мешавед?

كَذَٰلِكَ يُؤۡفَكُ ٱلَّذِينَ كَانُواْ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ يَجۡحَدُونَ ٦٣

63. Ба ҳамин сурат касоне, ки оёти илоҳиро инкор мекунанд, низ [аз ҳақ] мунҳариф мегарданд

ٱللَّهُ ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلۡأَرۡضَ قَرَارٗا وَٱلسَّمَآءَ بِنَآءٗ وَصَوَّرَكُمۡ فَأَحۡسَنَ صُوَرَكُمۡ وَرَزَقَكُم مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِۚ ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمۡۖ

64. Аллоҳ таоло аст, ки заминро қароргоҳ ва осмонро сарпаноҳатон муқаррар дошт ва

فَتَبَارَكَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٦٤﴾

шуморо шакле бахшид ва шаклҳоятонро зебо биофарид ва аз неъматҳои покиза ба шумо рӯзӣ дод. Ин аст Аллоҳ таоло - Парвардигори шумо, пас, пурбаракату бузургвор аст Аллоҳ таоло, ки Парвардигори ҷаҳониён аст

هُوَ ٱلْحَىُّ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ فَٱدْعُوهُ مُخْلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ ۗ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٦٥﴾

65. Аллоҳ таоло зинда [ва поянда] аст ва маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест, пас, Ӯро бо хулуси эътиқод бихонед. Ситоиш ва сипос махсуси Аллоҳ таоло-Парвардигори ҷаҳониён аст

۞ قُلْ إِنِّى نُهِيتُ أَنْ أَعْبُدَ ٱلَّذِينَ تَدْعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ لَمَّا جَآءَنِىَ ٱلْبَيِّنَٰتُ مِن رَّبِّى وَأُمِرْتُ أَنْ أُسْلِمَ لِرَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٦٦﴾

66. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ман аз парастиши афроде, ки шумо ба ҷойи Аллоҳ таоло [ба ниёиш] мехонед, наҳӣ шудаам, зеро нишонаҳои равшане аз ҷониби Парвардигорам ба ман расидааст ва фармон ёфтаам, ки [танҳо] дар баробари Парвардигори ҷаҳониён таслим бошам»

هُوَ ٱلَّذِى خَلَقَكُم مِّن تُرَابٍ ثُمَّ مِن نُّطْفَةٍ ثُمَّ مِنْ عَلَقَةٍ ثُمَّ يُخْرِجُكُمْ طِفْلًا ثُمَّ لِتَبْلُغُوٓاْ أَشُدَّكُمْ ثُمَّ لِتَكُونُواْ شُيُوخًا ۚ وَمِنكُم مَّن يُتَوَفَّىٰ مِن قَبْلُ ۖ وَلِتَبْلُغُوٓاْ أَجَلًا مُّسَمًّى وَلَعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ ﴿٦٧﴾

67. Ӯст, ки шуморо аз хок ва сипас [тайи мароҳили мухталиф] аз нутфа ва он гоҳ хуни баста [ҷанини ибтидоӣ] офарид, сипас шуморо [ба сурати] кӯдаке [ба дунё] меоварад ва имкон медиҳад, то ба ҳадди рушд [ва камоли неру] бирасед. Сипас [солҳо зиндагӣ мекунед, то] солхӯрда мешавед. Бархе аз шумо дучори марги зудрас хоҳанд шуд ва [ба гурӯҳе дигар имкон медиҳад], то ба аҷали муайян бирасед, бошад, ки биандешед

هُوَ ٱلَّذِى يُحْىِۦ وَيُمِيتُ ۖ فَإِذَا قَضَىٰٓ أَمْرًا فَإِنَّمَا يَقُولُ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ﴿٦٨﴾

68. Ӯст, ки зинда мекунад ва мемиронад ва ҳангоме ки чизеро мехоҳад, танҳо ба ӯ мегӯяд: «Мавҷуд шав», пас, [бедиранг] мавҷуд мешавад

أَلَمْ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ يُجَٰدِلُونَ فِىٓ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ أَنَّىٰ يُصْرَفُونَ ﴿٦٩﴾

69. Оё надидӣ касоне, ки дар бораи оёти илоҳӣ муҷодала мекунанд, чи гуна [аз роҳи ҳақ] мунҳариф мегарданд?

ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِٱلْكِتَٰبِ وَبِمَآ أَرْسَلْنَا بِهِۦ رُسُلَنَا ۖ فَسَوْفَ يَعْلَمُونَ ﴿٧٠﴾

70. Касоне, ки китоби [осмонӣ] ва паёми паёмбарони моро дурӯғ шумурданд, ба зудӣ [натиҷаи кирдорашонро] хоҳанд донист

إِذِ ٱلْأَغْلَٰلُ فِىٓ أَعْنَاقِهِمْ وَٱلسَّلَٰسِلُ يُسْحَبُونَ ﴿٧١﴾

71. Он гоҳ ки ғул ва занҷир бар гарданашон қарор гирифта ва кашида мешаванд

فِي ٱلۡحَمِيمِ ثُمَّ فِي ٱلنَّارِ يُسۡجَرُونَ ٧٢

72. [Ибтидо] Дар оби ҷӯшомада ва сипас дар оташи дузах афрӯхта мешаванд

ثُمَّ قِيلَ لَهُمۡ أَيۡنَ مَا كُنتُمۡ تُشۡرِكُونَ ٧٣

73. Он гоҳ ба эшон гуфта мешавад: «Бутҳое, ки шарики [Аллоҳ таоло] қарор медодед, кучо ҳастанд?

مِن دُونِ ٱللَّهِۖ قَالُواْ ضَلُّواْ عَنَّا بَل لَّمۡ نَكُن نَّدۡعُواْ مِن قَبۡلُ شَيۡـٔٗاۚ كَذَٰلِكَ يُضِلُّ ٱللَّهُ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٧٤

74. [Ҳамон маъбудоне, ки] ба ҷойи Аллоҳ таоло [ибодат мекардед]. Онон гӯянд: «Аз [назари] мо нопадид шуданд, гӯй мо ҳаргиз пеш аз ин чизеро [ба парастиш] намехондем». Ин гуна Аллоҳ таоло кофиронро гумроҳ мекунад

ذَٰلِكُم بِمَا كُنتُمۡ تَفۡرَحُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ بِغَيۡرِ ٱلۡحَقِّ وَبِمَا كُنتُمۡ تَمۡرَحُونَ ٧٥

75. Ин [азоб] аз он ҷиҳат аст, ки ба ноҳақ дар замин шодмонӣ ва сармастӣ мекардед ва фахр мефурӯхтед

ٱدۡخُلُوٓاْ أَبۡوَٰبَ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَاۖ فَبِئۡسَ مَثۡوَى ٱلۡمُتَكَبِّرِينَ ٧٦

76. [Акнун] Аз дарҳои ҷаҳаннм ворид шавед ва ҷовидона дар он ҷо бимонед. Ва [ба ростӣ, ки] ҷойгоҳи мутакаббирон чи бад [ҷойгоҳе] аст!

فَٱصۡبِرۡ إِنَّ وَعۡدَ ٱللَّهِ حَقّٞۚ فَإِمَّا نُرِيَنَّكَ بَعۡضَ ٱلَّذِي نَعِدُهُمۡ أَوۡ نَتَوَفَّيَنَّكَ فَإِلَيۡنَا يُرۡجَعُونَ ٧٧

77. [Эй Паёмбар, бар озори мушрикон] Шикебо бош, ки ваъдаи илоҳӣ ҳақ аст ва агар бархе аз муҷозотҳоеро, ки ба онон ваъда додаем, [дар зиндагӣ] ба ту бинамоем ё [пеш аз нузули азоб] ҷони туро бигирем, дар ҳар ҳол ба пешгоҳи мо бозгардонда мешаванд [ва роҳи гурезе аз азоб надоранд]

وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا رُسُلٗا مِّن قَبۡلِكَ مِنۡهُم مَّن قَصَصۡنَا عَلَيۡكَ وَمِنۡهُم مَّن لَّمۡ نَقۡصُصۡ عَلَيۡكَۗ وَمَا كَانَ لِرَسُولٍ أَن يَأۡتِيَ بِـَٔايَةٍ إِلَّا بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ فَإِذَا جَآءَ أَمۡرُ ٱللَّهِ قُضِيَ بِٱلۡحَقِّ وَخَسِرَ هُنَالِكَ ٱلۡمُبۡطِلُونَ ٧٨

78. Пеш аз ту низ паёмбароне фиристодаем, ки [саргузашти] бархе аз эшонро бароят ҳикоят кардаем ва бархе дигарро ҳикоят накардаем ва ҳеҷ расуле наметавонист бидуни фармони илоҳӣ муъҷизае ироа кунад ва он гоҳ ки фармони Аллоҳ таоло [барои подош ва кайфар] фаро расад, ба ҳақ ва адолат доварӣ хоҳад шуд ва ботиландешон зиёнкор хоҳанд буд

ٱللَّهُ ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلۡأَنۡعَٰمَ لِتَرۡكَبُواْ مِنۡهَا وَمِنۡهَا تَأۡكُلُونَ ٧٩

79. Аллоҳ таоло аст, ки чаҳорпоёнро бароятон офарид, то аз бархе барои саворӣ ва аз бархе барои тағзия истифода кунед

وَلَكُمۡ فِيهَا مَنَٰفِعُ وَلِتَبۡلُغُواْ عَلَيۡهَا حَاجَةٗ فِي صُدُورِكُمۡ وَعَلَيۡهَا وَعَلَى ٱلۡفُلۡكِ تُحۡمَلُونَ ٨٠

80. Ва барои шумо дар онҳо судҳои дигаре низ ҳаст ва низ барои он ки савор бар онҳо ба

мақсаде, ки дар дил доред, бирасед ва бар онҳо ва бар киштиҳо [ба ҳар ҷо ки мехоҳед] мунтақил мешавед

وَيُرِيكُمْ ءَايَٰتِهِۦ فَأَىَّ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ تُنكِرُونَ ﴿٨١﴾

81. Аллоҳ таоло нишонаҳои [қудрату тадбири] худро ба шумо нишон медиҳад, пас, кадом як аз нишонаҳои илоҳиро инкор мекунед?

أَفَلَمْ يَسِيرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ فَيَنظُرُوا۟ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ ۚ كَانُوٓا۟ أَكْثَرَ مِنْهُمْ وَأَشَدَّ قُوَّةً وَءَاثَارًا فِى ٱلْأَرْضِ فَمَآ أَغْنَىٰ عَنْهُم مَّا كَانُوا۟ يَكْسِبُونَ ﴿٨٢﴾

82. Оё мушрикон дар замин гардиш накардаанд, то бубинанд саранҷоми касоне, ки пеш аз онон буданд, чи гуна будааст? Он ақвоми гузашта шуморашон аз инҳо афзунтар буд ва осору биноҳои бештаре дар замин падид оварда буданд, аммо [ҳангоми нузули азоб] дастовардашон суде ба ҳолашон надошт

فَلَمَّا جَآءَتْهُمْ رُسُلُهُم بِٱلْبَيِّنَٰتِ فَرِحُوا۟ بِمَا عِندَهُم مِّنَ ٱلْعِلْمِ وَحَاقَ بِهِم مَّا كَانُوا۟ بِهِۦ يَسْتَهْزِءُونَ ﴿٨٣﴾

83. Ҳангоме ки паёмбаронашон бо нишонаҳои равшан ба суроғашон омаданд, ба донишу кордонии худ сармаст [ва аз тавҳид рӯйгардон] шуданд ва ҳамон азобе, ки масхарааш мекарданд, домангирашон шуд

فَلَمَّا رَأَوْا۟ بَأْسَنَا قَالُوٓا۟ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ وَحْدَهُۥ وَكَفَرْنَا بِمَا كُنَّا بِهِۦ مُشْرِكِينَ ﴿٨٤﴾

84. Пас, чун азоби Моро диданд, гуфтанд: «Танҳо ба Аллоҳ таоло имон овардем ва маъбудонеро, ки шарики Ӯ қарор дода будем, инкор мекунем»

فَلَمْ يَكُ يَنفَعُهُمْ إِيمَٰنُهُمْ لَمَّا رَأَوْا۟ بَأْسَنَا ۖ سُنَّتَ ٱللَّهِ ٱلَّتِى قَدْ خَلَتْ فِى عِبَادِهِۦ ۖ وَخَسِرَ هُنَالِكَ ٱلْكَٰفِرُونَ ﴿٨٥﴾

85. Аммо имон оварданашон ба ҳангоми мушоҳидаи азоб ҳеҷ суде надошт. Ин суннати илоҳӣ [ки дар ҳангоми азоб тавбаи касе пазируфта намегардад, ҳамвора] дар мавриди бандагони Аллоҳ таоло ҷорӣ будааст ва дар ин ҷо кофирон зиёнкор шуданд

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

حمٓ ﴿١﴾

1. Ҳо, мим.(1)

تَنزِيلٌ مِّنَ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ﴿٢﴾

2. [Ин Қуръон] Аз сӯи Аллоҳи бахшандаи меҳрубон нозил шудааст

كِتَٰبٌ فُصِّلَتْ ءَايَٰتُهُۥ قُرْءَانًا عَرَبِيًّا لِّقَوْمٍ يَعْلَمُونَ ﴿٣﴾

3. Китобест, ки оёташ ба забони арабӣ барои мардуме, ки медонанд, ба шевоӣ ва равшанӣ баён шудааст

بَشِيرًا وَنَذِيرًا فَأَعْرَضَ أَكْثَرُهُمْ فَهُمْ لَا يَسْمَعُونَ ﴿٤﴾

4. [Китобе] Башоратдиҳанда ва бимдиҳанда аст, вале бештари мардум рӯйгардонанд ва [ҳақоиқро] намешунаванд

وَقَالُوا۟ قُلُوبُنَا فِىٓ أَكِنَّةٍ مِّمَّا تَدْعُونَآ إِلَيْهِ وَفِىٓ ءَاذَانِنَا وَقْرٌ وَمِنۢ بَيْنِنَا وَبَيْنِكَ حِجَابٌ فَٱعْمَلْ إِنَّنَا عَٰمِلُونَ ﴿٥﴾

5. Мушрикон гуфтанд: «Дилҳои мо нисбат ба он чи моро даъват мекунӣ, дар пӯшише [аз бетафовутӣ] қарор дорад ва дар гӯшҳоямон сангинӣ аст ва миёни мо ва ту фосила аст, пас, ту ба кори худ машғул бош ва мо низ ба кори худ»

قُلْ إِنَّمَآ أَنَا۠ بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يُوحَىٰٓ إِلَىَّ أَنَّمَآ إِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ فَٱسْتَقِيمُوٓا۟ إِلَيْهِ وَٱسْتَغْفِرُوهُ ۗ وَوَيْلٌ لِّلْمُشْرِكِينَ ﴿٦﴾

6. [Эй Паёмбар, ба онон] бигӯ: «Ман фақат башаре ҳамчун шумо ҳастам [бо ин тафовут], ки ба ман ваҳй мешавад: «Маъбуди шумо маъбудест ягона, пас, ба Ӯ рӯй оваред ва аз Ӯ омурзиш бихоҳед ва вой ба ҳоли мушрикон!»

ٱلَّذِينَ لَا يُؤْتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَهُم بِٱلْءَاخِرَةِ هُمْ كَٰفِرُونَ ﴿٧﴾

7. Онон, ки закот намепардозанд ва охиратро инкор мекунанд

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُمْ أَجْرٌ غَيْرُ مَمْنُونٍ ﴿٨﴾

8. [Вале] Муъминони некукор подоше бепоён доранд

۞ قُلْ أَئِنَّكُمْ لَتَكْفُرُونَ بِٱلَّذِى خَلَقَ ٱلْأَرْضَ فِى يَوْمَيْنِ وَتَجْعَلُونَ لَهُۥٓ أَندَادًا ۚ ذَٰلِكَ رَبُّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٩﴾

9. Бигӯ: Оё он [Холиқи тавонманд]- ero, ки заминро дар ду рӯз офарид, инкор мекунед ва барояш

(*) Фуссилат (Равшан сохта шуд).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

ҳамтоёне қоил мешавед? Ин [Офаридгори яктост, ки] Парвардигори ҷаҳониён аст

10. Ӯ тайи чаҳор рӯз бар рӯйи замин кӯҳҳои устуворро падид оварда ва дар он хайру баракати фаровон ниҳод ва ризқу рӯзии онро дуруст ба андозаи ниёзи тақозокунандагон муқаддар намуд

وَجَعَلَ فِيهَا رَوَٰسِيَ مِن فَوۡقِهَا وَبَٰرَكَ فِيهَا وَقَدَّرَ فِيهَآ أَقۡوَٰتَهَا فِيٓ أَرۡبَعَةِ أَيَّامٖ سَوَآءٗ لِّلسَّآئِلِينَ ١٠

11. Он гоҳ ба осмон пардохт, дар ҳоле ки [ҳанӯз] ба сурати газ [дуд] буд. Ва ба осмону замин гуфт: «Хоҳ- нохоҳ аз дари таслим дароед». Он ду гуфтанд: «Бо майл аз дари таслим даромадем»

ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰٓ إِلَى ٱلسَّمَآءِ وَهِيَ دُخَانٞ فَقَالَ لَهَا وَلِلۡأَرۡضِ ٱئۡتِيَا طَوۡعًا أَوۡ كَرۡهٗا قَالَتَآ أَتَيۡنَا طَآئِعِينَ ١١

12. Сипас он тӯдаи газро ба сурати ҳафт осмон дар ду рӯз офарид ва ба ҳар осмоне барномаашро ваҳй кард ва осмони дунёро бо чароғҳое [аз ситорагон] оростем ва [аз шарри шаётин] ҳифз намудем. Ин аст тақдири [Парвардигори] шикастнопазири доно»

فَقَضَىٰهُنَّ سَبۡعَ سَمَٰوَاتٖ فِي يَوۡمَيۡنِ وَأَوۡحَىٰ فِي كُلِّ سَمَآءٍ أَمۡرَهَاۚ وَزَيَّنَّا ٱلسَّمَآءَ ٱلدُّنۡيَا بِمَصَٰبِيحَ وَحِفۡظٗاۚ ذَٰلِكَ تَقۡدِيرُ ٱلۡعَزِيزِ ٱلۡعَلِيمِ ١٢

13. [Эй Паёмбар] Агар онон [аз пазириши ислом] рӯй гардонанд, бигӯ: «Ба шумо дар бораи соиқае назири [он чи] қавми Оду Самуд [-ро аз пой даровард] ҳушдор медиҳам»

فَإِنۡ أَعۡرَضُواْ فَقُلۡ أَنذَرۡتُكُمۡ صَٰعِقَةٗ مِّثۡلَ صَٰعِقَةِ عَادٖ وَثَمُودَ ١٣

14. Он гоҳ ки паёмбарони илоҳӣ паёпай ба суроғашон меомаданд, [бо ин паём] ки: «Ҷуз Аллоҳро напарастед», онон [дар посух] мегуфтанд: «Агар Парвардигорамон мехост, [паёми ҳидоятгаре бифиристад] фариштагоне нозил мекард. Мо паёмеро, ки шумо маъмури [иблоғи] он ҳастед, бовар намекунем»

إِذۡ جَآءَتۡهُمُ ٱلرُّسُلُ مِنۢ بَيۡنِ أَيۡدِيهِمۡ وَمِنۡ خَلۡفِهِمۡ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّا ٱللَّهَۖ قَالُواْ لَوۡ شَآءَ رَبُّنَا لَأَنزَلَ مَلَٰٓئِكَةٗ فَإِنَّا بِمَآ أُرۡسِلۡتُم بِهِۦ كَٰفِرُونَ ١٤

15. Аммо [қавми] Од ба ноҳақ дар замин такаббур меварзиданд ва мегуфтанд: «Чи касе нерумандтар аз мост»? Оё намедонистанд Аллоҳ таоло [он Холиқи якто]-е, ки ононро офарида, нерумандтар аз онон аст? Вале [бо ситезу гарданкашӣ] оёти Моро инкор мекарданд

فَأَمَّا عَادٞ فَٱسۡتَكۡبَرُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ بِغَيۡرِ ٱلۡحَقِّ وَقَالُواْ مَنۡ أَشَدُّ مِنَّا قُوَّةًۖ أَوَلَمۡ يَرَوۡاْ أَنَّ ٱللَّهَ ٱلَّذِي خَلَقَهُمۡ هُوَ أَشَدُّ مِنۡهُمۡ قُوَّةٗۖ وَكَانُواْ بِـَٔايَٰتِنَا يَجۡحَدُونَ ١٥

16. Саранҷом тундбоде сарду сахт дар рӯзҳое шум ба онон фиристодем, то азоби расвоӣ

فَأَرۡسَلۡنَا عَلَيۡهِمۡ رِيحٗا صَرۡصَرٗا فِيٓ أَيَّامٖ نَّحِسَاتٖ لِّنُذِيقَهُمۡ عَذَابَ ٱلۡخِزۡيِ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۖ وَلَعَذَابُ ٱلۡأٓخِرَةِ أَخۡزَىٰۖ وَهُمۡ لَا يُنصَرُونَ ١٦

[ва сангин]-ро дар зиндагии дунё ба онон бичашонем, вале азоби охират расвокунандатар аст ва [аз ҳеҷ сӯ] ёрӣ нахоҳанд шуд

17. Ва аммо қавми Самудро низ ҳидоят кардем, вале онон кӯрдилиро ба ҳидоят тарҷеҳ доданд ва ба [сазои] дастовардашон соиқаи азоби хоркунанда ононро фаро гирифт

وَأَمَّا ثَمُودُ فَهَدَيْنَٰهُمْ فَٱسْتَحَبُّواْ ٱلْعَمَىٰ عَلَى ٱلْهُدَىٰ فَأَخَذَتْهُمْ صَٰعِقَةُ ٱلْعَذَابِ ٱلْهُونِ بِمَا كَانُواْ يَكْسِبُونَ ﴿١٧﴾

18. Ва касонеро, ки имон оварда ва [аз гуноҳу нофармонӣ] парво мекарданд, наҷот додем

وَنَجَّيْنَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ يَتَّقُونَ ﴿١٨﴾

19. [Эй Паёмбар, ёд кун аз] Рӯзе, ки душманони Аллоҳро ба сӯйи оташи дузах эҳзор мекунанд ва [аз парокандагӣ] бозмедоранд

وَيَوْمَ يُحْشَرُ أَعْدَآءُ ٱللَّهِ إِلَى ٱلنَّارِ فَهُمْ يُوزَعُونَ ﴿١٩﴾

20. То чун ба дузах мерасанд, гӯшу чашму пусташон аъмолашонро гувоҳӣ медиҳанд

حَتَّىٰٓ إِذَا مَا جَآءُوهَا شَهِدَ عَلَيْهِمْ سَمْعُهُمْ وَأَبْصَٰرُهُمْ وَجُلُودُهُم بِمَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ ﴿٢٠﴾

21. Онон ба пӯсти худ мегӯянд: «Чаро алайҳи мо гувоҳӣ додед»? [Дар ҷавоб] Мегӯянд: «Аллоҳ таоло [ҳамон Холиқи тавонманде], ки ҳама мавҷудотро гӯё карда, моро низ ба сухан даровардааст ва Ӯст, ки нахустин бор шуморо офарид ва [саранҷом ҳамагӣ] ба пешгоҳи Ӯ бозгардонда мешавед»

وَقَالُواْ لِجُلُودِهِمْ لِمَ شَهِدتُّمْ عَلَيْنَا ۖ قَالُوٓاْ أَنطَقَنَا ٱللَّهُ ٱلَّذِىٓ أَنطَقَ كُلَّ شَىْءٍ وَهُوَ خَلَقَكُمْ أَوَّلَ مَرَّةٍ وَإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ ﴿٢١﴾

22. Шумо, ки [гуноҳонатонро] пинҳон намекардед, на аз он бобат буд, ки тасаввур мекардед, гӯшу чашму пӯстатон алайҳи шумо гувоҳӣ намедиҳанд, балки гумон мекардед, ки Аллоҳ таоло бар бисёре аз аъмоле, ки мекунед, огоҳ нест

وَمَا كُنتُمْ تَسْتَتِرُونَ أَن يَشْهَدَ عَلَيْكُمْ سَمْعُكُمْ وَلَآ أَبْصَٰرُكُمْ وَلَا جُلُودُكُمْ وَلَٰكِن ظَنَنتُمْ أَنَّ ٱللَّهَ لَا يَعْلَمُ كَثِيرًا مِّمَّا تَعْمَلُونَ ﴿٢٢﴾

23. Ин пиндори шумо дар бораи Парвардигоратон буд, ки муҷиби ҳалокати шумо гардид ва [саранҷом] зиёнкор шудед

وَذَٰلِكُمْ ظَنُّكُمُ ٱلَّذِى ظَنَنتُم بِرَبِّكُمْ أَرْدَىٰكُمْ فَأَصْبَحْتُم مِّنَ ٱلْخَٰسِرِينَ ﴿٢٣﴾

24. Агар шикебоӣ ва таҳаммул кунанд [ё накунанд], оташ ҷойгоҳашон аст ва агар талаби ризоят кунанд, пазируфта нахоҳанд шуд

فَإِن يَصْبِرُواْ فَٱلنَّارُ مَثْوًى لَّهُمْ ۖ وَإِن يَسْتَعْتِبُواْ فَمَا هُم مِّنَ ٱلْمُعْتَبِينَ ﴿٢٤﴾

25. Мо ҳамнишиноне [аз шаётин] бар онон гумоштем, ки [корҳои] гузашта ва [орзуҳои] ояндаро дар

۞ وَقَيَّضْنَا لَهُمْ قُرَنَآءَ فَزَيَّنُواْ لَهُم مَّا بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَمَا خَلْفَهُمْ وَحَقَّ عَلَيْهِمُ ٱلْقَوْلُ فِىٓ أُمَمٍ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِم مِّنَ ٱلْجِنِّ وَٱلْإِنسِ ۖ إِنَّهُمْ

назарашон оростаанд ва [бад-ин сон] фармони муҷозот дар мавриди онон таҳаққуқ ёфт ва ба азоби аквоми гумроҳе аз ҷину инс, ки пеш аз онон буданд, гирифтор шуданд. Бе гумон, онон зиёнкор буданд

كَانُواْ خَٰسِرِينَ ﴿٢٥﴾

26. Кофирон [ки дар баробари ҳақ оҷиз гашта буданд] гуфтанд: «Ба ин Қуръон гӯш накунед ва [ҳангоми тиловати] он ҷанҷол кунед [ва суханони беҳуда бигӯед], бошад, ки пирӯз гардед»

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَا تَسۡمَعُواْ لِهَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانِ وَٱلۡغَوۡاْ فِيهِ لَعَلَّكُمۡ تَغۡلِبُونَ ﴿٢٦﴾

27. Пас, яқинан, ба кофирон азоби сахте мечашонем ва ононро бар асоси [ҷазои] бадтарини корҳояшон кайфар медиҳем

فَلَنُذِيقَنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ عَذَابٗا شَدِيدٗا وَلَنَجۡزِيَنَّهُمۡ أَسۡوَأَ ٱلَّذِي كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ﴿٢٧﴾

28. Ин аст сазои душманони Аллоҳ таоло: оташе, ки дар он сукунати ҷовидон доранд, ба кайфари он ки оёти Моро инкор мекарданд

ذَٰلِكَ جَزَآءُ أَعۡدَآءِ ٱللَّهِ ٱلنَّارُۖ لَهُمۡ فِيهَا دَارُ ٱلۡخُلۡدِ جَزَآءَۢ بِمَا كَانُواْ بِـَٔايَٰتِنَا يَجۡحَدُونَ ﴿٢٨﴾

29. Кофирон [ба ҳангоми азоб] мегӯянд: «Парвардигоро, [афроде] аз ду гурӯҳ: ҷин ва инсро, ки омили гумроҳиямон буданд, ба мо нишон бидеҳ, ки лагадкӯбашон кунем, то аз ҳама залилтар шаванд»

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ رَبَّنَآ أَرِنَا ٱلَّذَيۡنِ أَضَلَّانَا مِنَ ٱلۡجِنِّ وَٱلۡإِنسِ نَجۡعَلۡهُمَا تَحۡتَ أَقۡدَامِنَا لِيَكُونَا مِنَ ٱلۡأَسۡفَلِينَ ﴿٢٩﴾

30. [Аммо] Касоне, ки гуфтанд: «Парвардигори мо Аллоҳ таоло аст», он гоҳ [аз бандагии ғайри Ӯ сар боз заданд ва бар эътиқоди худ] пой фишурданд, фариштагон бар онон фуруд меоянд [ва мегӯянд]: «Натарсед ва андуҳ надошта бошед ва башорат бод бар шумо он биҳишти мавъудатон!

إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسۡتَقَٰمُواْ تَتَنَزَّلُ عَلَيۡهِمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ أَلَّا تَخَافُواْ وَلَا تَحۡزَنُواْ وَأَبۡشِرُواْ بِٱلۡجَنَّةِ ٱلَّتِي كُنتُمۡ تُوعَدُونَ ﴿٣٠﴾

31. Мо дар зиндагии дунё ва охират дӯстдори шумоем ва дар биҳишт ҳар чи дилатон бихоҳад ва дархост кунед, дар ихтиёри шумост

نَحۡنُ أَوۡلِيَآؤُكُمۡ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِۖ وَلَكُمۡ فِيهَا مَا تَشۡتَهِيٓ أَنفُسُكُمۡ وَلَكُمۡ فِيهَا مَا تَدَّعُونَ ﴿٣١﴾

32. Ба унвони пазироӣ аз ҷониби омурзгоре меҳрубон»

نُزُلٗا مِّنۡ غَفُورٖ رَّحِيمٖ ﴿٣٢﴾

33. Кист хушгуфтортар аз он ки ба сӯйи Аллоҳ таоло даъват кунад ва ба шоистагӣ амал менамояд ва мегӯяд: «Таслим [-и авомири илоҳӣ] ҳастам»?

وَمَنۡ أَحۡسَنُ قَوۡلٗا مِّمَّن دَعَآ إِلَى ٱللَّهِ وَعَمِلَ صَٰلِحٗا وَقَالَ إِنَّنِي مِنَ ٱلۡمُسۡلِمِينَ ﴿٣٣﴾

وَلَا تَسْتَوِى ٱلْحَسَنَةُ وَلَا ٱلسَّيِّئَةُ ۚ ٱدْفَعْ بِٱلَّتِى هِىَ أَحْسَنُ فَإِذَا ٱلَّذِى بَيْنَكَ وَبَيْنَهُۥ عَدَٰوَةٌ كَأَنَّهُۥ وَلِىٌّ حَمِيمٌ ﴿٣٤﴾

34. [Ҳаргиз] Некӣ ва бадӣ яксон нест. Ҳамвора ба шевае, ки беҳтар аст, посух бидеҳ, ки дар он сурат касе, ки байни ту ва ӯ душманист, ҳамчун дӯсти меҳрубон гардад

وَمَا يُلَقَّىٰهَآ إِلَّا ٱلَّذِينَ صَبَرُوا۟ وَمَا يُلَقَّىٰهَآ إِلَّا ذُو حَظٍّ عَظِيمٍ ﴿٣٥﴾

35. Танҳо шикебоён ва онон, ки баҳраи бузурге [аз имону ахлоқ] доранд, ба чунин мақоме мерасанд

وَإِمَّا يَنزَغَنَّكَ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ نَزْغٌ فَٱسْتَعِذْ بِٱللَّهِ ۖ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴿٣٦﴾

36. Ва ҳар гоҳ аз ҷониби шайтон васвасае туро фаро гирифт, ба Аллоҳ таоло паноҳ бибар, ки яқинан, Ӯ шунавову доност

وَمِنْ ءَايَٰتِهِ ٱلَّيْلُ وَٱلنَّهَارُ وَٱلشَّمْسُ وَٱلْقَمَرُ ۚ لَا تَسْجُدُوا۟ لِلشَّمْسِ وَلَا لِلْقَمَرِ وَٱسْجُدُوا۟ لِلَّهِ ٱلَّذِى خَلَقَهُنَّ إِن كُنتُمْ إِيَّاهُ تَعْبُدُونَ ﴿٣٧﴾

37. Аз нишонаҳои [тавону тадбири] Ӯ шабу рӯз ва хуршеду моҳ аст. Дар баробари хуршеду моҳ саҷда накунед, балки агар танҳо Ӯро мепарастед, бар Аллоҳ таоло, ки онҳоро офаридааст, саҷда кунед

فَإِنِ ٱسْتَكْبَرُوا۟ فَٱلَّذِينَ عِندَ رَبِّكَ يُسَبِّحُونَ لَهُۥ بِٱلَّيْلِ وَٱلنَّهَارِ وَهُمْ لَا يَسْـَٔمُونَ ﴿٣٨﴾

38. Ва агар [гурӯҳҳое аз ниёиши Ӯ] такаббур варзанд, [фариштагон ва] муқаррабони даргоҳи Парвардигорат шабу рӯз бидуни хастагӣ Ӯро ба покӣ меситоянд

وَمِنْ ءَايَٰتِهِۦٓ أَنَّكَ تَرَى ٱلْأَرْضَ خَٰشِعَةً فَإِذَآ أَنزَلْنَا عَلَيْهَا ٱلْمَآءَ ٱهْتَزَّتْ وَرَبَتْ ۚ إِنَّ ٱلَّذِىٓ أَحْيَاهَا لَمُحْىِ ٱلْمَوْتَىٰٓ ۚ إِنَّهُۥ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٣٩﴾

39. Аз ҷумлаи нишонаҳои [қудрати] илоҳӣ ин аст, ки замини хушку фарсударо мебинӣ, ки чун борон бар он фурӯ мерезем, ба ҷунбиш дармеояд ва [гиёҳонаш] рушд мекунад. Он [Парвардигори тавонманде], ки заминро зинда мекунад, мурдагонро низ зинда хоҳад кард. Ба ростӣ, ки Ӯ бар ҳар коре тавоност

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُلْحِدُونَ فِىٓ ءَايَٰتِنَا لَا يَخْفَوْنَ عَلَيْنَا ۗ أَفَمَن يُلْقَىٰ فِى ٱلنَّارِ خَيْرٌ أَم مَّن يَأْتِىٓ ءَامِنًا يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ ۚ ٱعْمَلُوا۟ مَا شِئْتُمْ إِنَّهُۥ بِمَا تَعْمَلُونَ بَصِيرٌ ﴿٤٠﴾

40. [Гуфтору рафтори] Касоне, ки дар мавриди оёти Мо каҷравӣ [ва онро таҳриф] мекунанд, бар Мо пӯшида нахоҳанд буд. Оё касе, ки ба оташи [дузах] меафтад, беҳтар аст ё он ки дар рӯзи растохез эмин [аз азоб] аст? Ҳар чи мехоҳед, амал кунед, ки бе тардид, Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, биност

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ بِٱلذِّكْرِ لَمَّا جَآءَهُمْ ۖ وَإِنَّهُۥ لَكِتَٰبٌ عَزِيزٌ ﴿٤١﴾

41. Касоне, ки ин Қуръонро, ки барои [ҳидоят] - ашон омадааст, инкор кардаанд [дар қиёмат азоб хоҳанд шуд]. Ин [каломи илоҳӣ] китобе аст шикастнопазир

42. Сухани ботил аз пешу пас ба он роҳ намеёбад ва аз ҷониби [Парвардигори] ҳакими сутуда нозил шудааст

لَّا يَأْتِيهِ ٱلْبَٰطِلُ مِنۢ بَيْنِ يَدَيْهِ وَلَا مِنْ خَلْفِهِۦ ۖ تَنزِيلٌ مِّنْ حَكِيمٍ حَمِيدٍ ﴿٤٢﴾

43. [Эй Паёмбар, кофирон] Ба ту ҳамон [суханони ботиле] -ро мегӯянд, ки ба паёмбарони пеш аз ту низ мегуфтанд. Бе гумон, Парвардигорат омурзиш ва [дар айни ҳол] кайфаре дарднок дорад

مَّا يُقَالُ لَكَ إِلَّا مَا قَدْ قِيلَ لِلرُّسُلِ مِن قَبْلِكَ ۚ إِنَّ رَبَّكَ لَذُو مَغْفِرَةٍ وَذُو عِقَابٍ أَلِيمٍ ﴿٤٣﴾

44. Агар Қуръонро [ба забони] ғайриарабӣ нозил карда будем, кофирон мегуфтанд: «Чаро оёташ [арабӣ нест ва] ба равшанӣ баён нашудааст? Китобе ғайриарабиву паёмбаре араб»? [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Ин китоб барои муъминон мояи ҳидояту шифост ва онон, ки имон намеоваранд, дар гӯшҳояшон сангинӣ аст ва Қуръон барояшон номафҳум аст. [Гӯё] Ононро аз роҳи дур садо мезананд»

وَلَوْ جَعَلْنَٰهُ قُرْءَانًا أَعْجَمِيًّا لَّقَالُوا۟ لَوْلَا فُصِّلَتْ ءَايَٰتُهُۥٓ ۖ ءَا۬عْجَمِىٌّ وَعَرَبِىٌّ ۗ قُلْ هُوَ لِلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ هُدًى وَشِفَآءٌ ۖ وَٱلَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ فِىٓ ءَاذَانِهِمْ وَقْرٌ وَهُوَ عَلَيْهِمْ عَمًى ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ يُنَادَوْنَ مِن مَّكَانٍۭ بَعِيدٍ ﴿٤٤﴾

45. Ва ба ростӣ, [Мо] ба Мӯсо китоб додем, пас, дар он ихтилоф шуд.Ва агар пештар [дар мавриди муҳлат ба гунаҳгорон ва ҳисобрасӣ дар қиёмат] сухане аз ҷониби Парвардигорат баён нашуда буд, яқинан, [дар ҳамин дунё] миёнашон доварӣ мешуд [ва азоб нозил мегашт] ва ба ростӣ, ки онон [яҳудиён ва мушрикон] дар бораи [ҳаққонияти] ин [Қуръон] сахт дар тардиданд

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا مُوسَى ٱلْكِتَٰبَ فَٱخْتُلِفَ فِيهِ ۚ وَلَوْلَا كَلِمَةٌ سَبَقَتْ مِن رَّبِّكَ لَقُضِىَ بَيْنَهُمْ ۚ وَإِنَّهُمْ لَفِى شَكٍّ مِّنْهُ مُرِيبٍ ﴿٤٥﴾

46. Ҳар ки ба шоистагӣ амал кунад, ба суди худи ӯст ва ҳар ки бадӣ кунад, ба зиёни хеш бад кардааст ва Парвардигори ту ҳаргиз ба бандагон ситам намекунад

مَّنْ عَمِلَ صَٰلِحًا فَلِنَفْسِهِۦ ۖ وَمَنْ أَسَآءَ فَعَلَيْهَا ۗ وَمَا رَبُّكَ بِظَلَّٰمٍ لِّلْعَبِيدِ ﴿٤٦﴾

47. Огоҳӣ аз [лаҳзаи вуқуи] қиёмат танҳо марбут ба Аллоҳ таоло аст ва хуруҷи ҳар мевае аз шукуфааш ва бордориву вазъи ҳамли ҳар моддае бо огоҳии Ӯст ва он рӯз, ки Аллоҳ таоло ба мушрикон нидо медиҳад, ки: «Афроде, ки [дар қудрат] шарики Ман тасаввур мекардед, [ва ба он тавассул меҷустед] куҷо ҳастанд»? Онон мегӯянд: «Акнун дар баробари ту эътироф мекунем, ки ҳеҷ як аз мо [ба дурустии эътиқоди мушриконаи худ] гувоҳ нест»

إِلَيْهِ يُرَدُّ عِلْمُ ٱلسَّاعَةِ ۚ وَمَا تَخْرُجُ مِن ثَمَرَٰتٍ مِّنْ أَكْمَامِهَا وَمَا تَحْمِلُ مِنْ أُنثَىٰ وَلَا تَضَعُ إِلَّا بِعِلْمِهِۦ ۚ وَيَوْمَ يُنَادِيهِمْ أَيْنَ شُرَكَآءِى قَالُوٓا۟ ءَاذَنَّٰكَ مَا مِنَّا مِن شَهِيدٍ ﴿٤٧﴾

وَضَلَّ عَنْهُم مَّا كَانُواْ يَدْعُونَ مِن قَبْلُ ۖ وَظَنُّواْ مَا لَهُم مِّن مَّحِيصٍ ﴿٤٨﴾

48. Он чи дар гузашта [такягоҳи худ] мехонданд, аз назарашон нопадид мешавад ва дармеёбанд, ки [аз оташи азоби илоҳӣ] ҳеҷ роҳи гурезе нахоҳанд дошт

لَّا يَسْـَٔمُ ٱلْإِنسَٰنُ مِن دُعَآءِ ٱلْخَيْرِ وَإِن مَّسَّهُ ٱلشَّرُّ فَيَـُٔوسٌ قَنُوطٌ ﴿٤٩﴾

49. Инсон дар таманнои хайр хастанопазир аст, ва [-ле] агар бадӣ ба ӯ бирасад, маъюсу дилсард хоҳад шуд

وَلَئِنْ أَذَقْنَٰهُ رَحْمَةً مِّنَّا مِنۢ بَعْدِ ضَرَّآءَ مَسَّتْهُ لَيَقُولَنَّ هَٰذَا لِى وَمَآ أَظُنُّ ٱلسَّاعَةَ قَآئِمَةً وَلَئِن رُّجِعْتُ إِلَىٰ رَبِّىٓ إِنَّ لِى عِندَهُۥ لَلْحُسْنَىٰ ۚ فَلَنُنَبِّئَنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِمَا عَمِلُواْ وَلَنُذِيقَنَّهُم مِّنْ عَذَابٍ غَلِيظٍ ﴿٥٠﴾

50. Ва агар пас аз ранҷе, ки ба инсон мерасад, раҳмате аз ҷониби хеш ба ӯ бирасонем, [мағрурона] мегӯяд: «Ин ҳаққи ман аст ва гумон намекунам қиёмат барпо шавад ва агар [ҳам бошад ва] ба сӯйи Парвардигорам бозгардонда шавам, назди Ӯ [сарвату подошҳоии] некуе хоҳам дошт». Мусаламан, кофиронро аз амалкардашон огоҳ хоҳем сохт ва азобе сахт ба онон мечашонем

وَإِذَآ أَنْعَمْنَا عَلَى ٱلْإِنسَٰنِ أَعْرَضَ وَنَـَٔا بِجَانِبِهِۦ وَإِذَا مَسَّهُ ٱلشَّرُّ فَذُو دُعَآءٍ عَرِيضٍ ﴿٥١﴾

51. Ҳар гоҳ ба инсон неъмате мебахшем, [бо сармастӣ] рӯй мегардонад ва мутакаббирона [аз ҳақ] дур мешавад ва ҳангоме ки ранҷе [ҳамчун фақру беморӣ] ба суроғаш меояд, [ба даргоҳи илоҳӣ] дуо ва дархости фаровон дорад

قُلْ أَرَءَيْتُمْ إِن كَانَ مِنْ عِندِ ٱللَّهِ ثُمَّ كَفَرْتُم بِهِۦ مَنْ أَضَلُّ مِمَّنْ هُوَ فِى شِقَاقٍۭ بَعِيدٍ ﴿٥٢﴾

52. [Эй Паёмбар, ба кофирон] Бигӯ: «Ба ман бигӯед, [агар Қуръон] аз ҷониби Аллоҳ таоло [расида] бошад ва шумо инкораш кунед, кист гумроҳтар аз он ки [бо вуҷуди ошкор будани ҳақ] дар ситези бепоён ба он қарор дорад?»

سَنُرِيهِمْ ءَايَٰتِنَا فِى ٱلْءَافَاقِ وَفِىٓ أَنفُسِهِمْ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ ٱلْحَقُّ ۗ أَوَلَمْ يَكْفِ بِرَبِّكَ أَنَّهُۥ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ شَهِيدٌ ﴿٥٣﴾

53. [Дар ин дунё ва ҳангомаи қиёмат] нишонаҳои [тавону тадбири] худро дар офоқи [ҷаҳон] ва дар [вуҷуди] худашон ба онон нишон хоҳем дод, то барояшон равшан шавад, ки Қуръон ҳақ аст. Оё кофӣ нест, ки Парвардигорат бар ҳар чизе гувоҳ аст?

أَلَآ إِنَّهُمْ فِى مِرْيَةٍ مِّن لِّقَآءِ رَبِّهِمْ ۗ أَلَآ إِنَّهُۥ بِكُلِّ شَىْءٍ مُّحِيطٌ ﴿٥٤﴾

54. Огоҳ бошед, ки онон дар мавриди дидори Парвардигорашон [дар қиёмат] тардид доранд! [Ва] Огоҳ бошед, ки Аллоҳ таоло бар ҳар чизе иҳота дорад!

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

حمٓ ﴿١﴾

1. Ҳо, мим.(1)

عٓسٓقٓ ﴿٢﴾

2. Айн, син қоф

كَذَٰلِكَ يُوحِيٓ إِلَيۡكَ وَإِلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكَ ٱللَّهُ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ﴿٣﴾

3. Аллоҳи шикастнопазири ҳаким бар ту ва паёмбарони пеш аз ту чунин ваҳй мефиристад

لَهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۖ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ ﴿٤﴾

4. Ҳар чи дар осмонҳо ва замин аст, мутааллиқ ба Ӯст ва Ӯ баландмартаба ва бузург аст

تَكَادُ ٱلسَّمَٰوَٰتُ يَتَفَطَّرۡنَ مِن فَوۡقِهِنَّۚ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ يُسَبِّحُونَ بِحَمۡدِ رَبِّهِمۡ وَيَسۡتَغۡفِرُونَ لِمَن فِي ٱلۡأَرۡضِۗ أَلَآ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ﴿٥﴾

5. Наздик аст осмонҳо [аз шукӯҳу азамати илоҳӣ] аз фарози якдигар бишкофанд ва фариштагон Парвардигорашонро бо ситоиш тақдис мекунанд ва барои сокинони замин [ки тавба кардаанд] омурзиш металабанд. Огоҳ бошед, ки Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ أَوۡلِيَآءَ ٱللَّهُ حَفِيظٌ عَلَيۡهِمۡ وَمَآ أَنتَ عَلَيۡهِم بِوَكِيلٖ ﴿٦﴾

6. [Эй Паёмбар] Аллоҳ худ муроқиби [рафтори] касонест, ки ғайри Ӯро [дӯсту] корсози худ баргузидаанд ва ту коргузор [ва масъули рафтор]-и онон нестӣ

وَكَذَٰلِكَ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ قُرۡءَانًا عَرَبِيّٗا لِّتُنذِرَ أُمَّ ٱلۡقُرَىٰ وَمَنۡ حَوۡلَهَا وَتُنذِرَ يَوۡمَ ٱلۡجَمۡعِ لَا رَيۡبَ فِيهِۚ فَرِيقٞ فِي ٱلۡجَنَّةِ وَفَرِيقٞ فِي ٱلسَّعِيرِ ﴿٧﴾

7. Мо Қуръонро ин гуна ба забони арабӣ бар ту ваҳй кардем, то аҳли Макка ва сокинони атрофашро бим диҳӣ ва ба онон дар мавриди рӯзи маҳшар, ки тардиде дар вуқуаш нест, ҳушёр диҳӣ [Он рӯз] гурӯҳе биҳиштианд ва гурӯҳе дар оташи сӯзон

وَلَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ لَجَعَلَهُمۡ أُمَّةٗ وَٰحِدَةٗ وَلَٰكِن يُدۡخِلُ مَن يَشَآءُ فِي رَحۡمَتِهِۦۚ وَٱلظَّٰلِمُونَ مَا لَهُم مِّن وَلِيّٖ وَلَا نَصِيرٍ ﴿٨﴾

8. Агар Аллоҳ таоло мехост, ҳамаи мардумро уммати воҳид [ва яктопараст] қарор медод, вале [ба инсон ихтиёр дод, пас] ҳар киро бихоҳад, ба раҳмати хеш дармеоварад; ва мушрикон ҳеҷ корсоз ва ёваре нахоҳанд дошт

(*) Шуро (Машварат кардан)

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

أَمِ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ أَوۡلِيَآءَۖ فَٱللَّهُ هُوَ ٱلۡوَلِيُّ وَهُوَ يُحۡيِ ٱلۡمَوۡتَىٰ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ٩

9. Оё онон ба ҷойи Ӯ каси [дигарро ба унвони дӯсту] корсоз баргузидаанд? Ҳол он ки корсоз [-и ҷаҳониён] Аллоҳ таоло аст ва Ӯст, ки мурдагонро зинда мекунад ва бар ҳар коре тавоност

وَمَا ٱخۡتَلَفۡتُمۡ فِيهِ مِن شَيۡءٖ فَحُكۡمُهُۥٓ إِلَى ٱللَّهِۚ ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبِّي عَلَيۡهِ تَوَكَّلۡتُ وَإِلَيۡهِ أُنِيبُ ١٠

10. [Бигӯ: «Эй мардум] Ҳар ихтилофе байни шумост, довариаш бо Аллоҳ таоло аст. Чунин аст Аллоҳ таоло Парвардигори ман. Бар Ӯ таваккал кардам ва ба пешгоҳаш бозмеоям»

فَاطِرُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ جَعَلَ لَكُم مِّنۡ أَنفُسِكُمۡ أَزۡوَٰجٗا وَمِنَ ٱلۡأَنۡعَٰمِ أَزۡوَٰجٗا يَذۡرَؤُكُمۡ فِيهِۚ لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١١

11. Ӯ офаринандаи осмонҳо ва замин аст. Барои шумо ҳамсароне аз [ҷинси] худатон қарор дод ва аз чаҳорпоён низ ҷуфт офарид, бад-ин сурат, теъдоди шуморо афзоиш медиҳад. Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Аллоҳ таоло нест ва Ӯ шунаво ва биност

لَهُۥ مَقَالِيدُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ يَبۡسُطُ ٱلرِّزۡقَ لِمَن يَشَآءُ وَيَقۡدِرُۚ إِنَّهُۥ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٞ ١٢

12. Калиди [ганҷинаи] осмонҳо ва замин дар ихтиёри Ӯст. [Неъмату] Рӯзиро бар ҳар кас, ки бихоҳад, густурда медорад ва ё танг мегирад. Ба ростӣ, ки Ӯ бар ҳар чизе доност

۞شَرَعَ لَكُم مِّنَ ٱلدِّينِ مَا وَصَّىٰ بِهِۦ نُوحٗا وَٱلَّذِيٓ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ وَمَا وَصَّيۡنَا بِهِۦٓ إِبۡرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ وَعِيسَىٰٓۖ أَنۡ أَقِيمُواْ ٱلدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُواْ فِيهِۚ كَبُرَ عَلَى ٱلۡمُشۡرِكِينَ مَا تَدۡعُوهُمۡ إِلَيۡهِۚ ٱللَّهُ يَجۡتَبِيٓ إِلَيۡهِ مَن يَشَآءُ وَيَهۡدِيٓ إِلَيۡهِ مَن يُنِيبُ ١٣

13. Аз дин ҳамонро барои шумо муқаррар кард, ки ба Нуҳ амр карда буд ва низ он чи ба ту ваҳй кардем ва он чи ба Иброҳим ва Мӯсо ва Исо амр кардем, ин ки: «Динро барпо нигоҳ доред ва дар мавриди он фирқа-фирқа нашавед [ва ихтилоф наварзед]». [Пазириши] Даъвати ту бар мушрикон гарон омадааст. Аллоҳ таоло аст, ки ҳар касро бихоҳад [тавфиқи ибодат медиҳад ва] ба сӯйи хеш бармегузинад ва ҳар киро [ки тавба кунад ва ба даргоҳаш] боз ояд, ба сӯйи хеш ҳидоят хоҳад кард

وَمَا تَفَرَّقُوٓاْ إِلَّا مِنۢ بَعۡدِ مَا جَآءَهُمُ ٱلۡعِلۡمُ بَغۡيَۢا بَيۡنَهُمۡۚ وَلَوۡلَا كَلِمَةٞ سَبَقَتۡ مِن رَّبِّكَ إِلَىٰٓ أَجَلٖ مُّسَمّٗى لَّقُضِيَ بَيۡنَهُمۡۚ وَإِنَّ ٱلَّذِينَ أُورِثُواْ ٱلۡكِتَٰبَ مِنۢ بَعۡدِهِمۡ لَفِي شَكّٖ مِّنۡهُ مُرِيبٖ ١٤

14. Ҳангоме ки далоили маҳками нубуввати паёмбар бар кофирон арза шуд, онон аз рӯйи бартарихоҳӣ [ва ҳасодат]-е ки байнашон буд, роҳи тафриқа тай намуданд ва агар фармони Парвардигорат [дар мавриди муҳлат ва таъхири азоб] то замоне муайян аз пеш муқаррар нашуда буд, [бе диранг] миёнашон доварӣ мешуд ва

аммо пас аз кофирон [ва ба далели инкору ихтилофи онон] ворисони китоб [Таврот ва Инҷил низ] дар мавриди Қуръон сахт дар тардид ва бадгумонӣ ҳастанд

فَلِذَٰلِكَ فَٱدۡعُۖ وَٱسۡتَقِمۡ كَمَآ أُمِرۡتَۖ وَلَا تَتَّبِعۡ أَهۡوَآءَهُمۡۖ وَقُلۡ ءَامَنتُ بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ مِن كِتَٰبٖۖ وَأُمِرۡتُ لِأَعۡدِلَ بَيۡنَكُمُۖ ٱللَّهُ رَبُّنَا وَرَبُّكُمۡۖ لَنَآ أَعۡمَٰلُنَا وَلَكُمۡ أَعۡمَٰلُكُمۡۖ لَا حُجَّةَ بَيۡنَنَا وَبَيۡنَكُمُۖ ٱللَّهُ يَجۡمَعُ بَيۡنَنَاۖ وَإِلَيۡهِ ٱلۡمَصِيرُ ١٥

15. [Эй Паёмбар, мардумро] ба сӯйи ин [оини илоҳӣ] даъват кун ва чунон ки фармон ёфтаӣ, пойдорӣ кун ва аз ҳавасҳои онон пайравӣ накун ва бигӯ: «Ба ҳамаи китобҳое, ки Аллоҳ таоло нозил кардааст имон дорам ва фармон ёфтаам, ки дар барорбари шумо ба адолат рафтор кунам. Аллоҳ таоло Парвардигори мову шумост. [натиҷаи] аъмоли мо барои мост ва [натиҷаи] аъмоли шумо барои шумо. Ҳеҷ [душманиву] ҷидоле байни мову шумо нест. Аллоҳ таоло ҳамаи моро [дар қиёмат] ҷамъ хоҳад кард ва бозгашти [ҳама] ба сӯи Ӯст»

وَٱلَّذِينَ يُحَآجُّونَ فِي ٱللَّهِ مِنۢ بَعۡدِ مَا ٱسۡتُجِيبَ لَهُۥ حُجَّتُهُمۡ دَاحِضَةٌ عِندَ رَبِّهِمۡ وَعَلَيۡهِمۡ غَضَبٞ وَلَهُمۡ عَذَابٞ شَدِيدٞ ١٦

16. Касоне, ки пас аз пазириши умумӣ, дар бораи [ҳаққонияти дини] Аллоҳ таоло далел меоваранд, мантиқашон назди Парвардигорашон [ботил ва] бепоя аст. Хашм [-и илоҳӣ] гиребонгирашон мешавад ва азобе сахт [дар пеш] доранд

ٱللَّهُ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ وَٱلۡمِيزَانَۗ وَمَا يُدۡرِيكَ لَعَلَّ ٱلسَّاعَةَ قَرِيبٞ ١٧

17. Аллоҳ таоло аст, ки Қуръон ва миқёси адолатро ба ҳақ нозил кардааст ва ту чи медонӣ? Шояд қиёмат наздик бошад

يَسۡتَعۡجِلُ بِهَا ٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِهَاۖ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مُشۡفِقُونَ مِنۡهَا وَيَعۡلَمُونَ أَنَّهَا ٱلۡحَقُّۗ أَلَآ إِنَّ ٱلَّذِينَ يُمَارُونَ فِي ٱلسَّاعَةِ لَفِي ضَلَٰلِۭ بَعِيدٍ ١٨

18. Касоне, ки қиёматро бовар надоранд, [бо тамасхур ва] ба шитоб онро мехоҳанд. Ва касоне, ки [ба рӯзи ҷазо] бовар доранд ва медонанд, ки ҳақ аст, аз он дар ҳаросанд. Огоҳ бошед! Онон, ки дар мавриди қиёмат ҷадалу инкор мекунанд, дар гумроҳии бепоёне қарор доранд

ٱللَّهُ لَطِيفُۢ بِعِبَادِهِۦ يَرۡزُقُ مَن يَشَآءُۖ وَهُوَ ٱلۡقَوِيُّ ٱلۡعَزِيزُ ١٩

19. Аллоҳ таоло нисбат ба бандагонаш борикбин [ва меҳрубон] аст. Ба ҳар кас, ки бихоҳад, рӯзӣ мебахшад ва Ӯ тавонои шикастнопазир аст

مَن كَانَ يُرِيدُ حَرۡثَ ٱلۡأٓخِرَةِ نَزِدۡ لَهُۥ فِي حَرۡثِهِۦۖ وَمَن كَانَ يُرِيدُ حَرۡثَ ٱلدُّنۡيَا نُؤۡتِهِۦ مِنۡهَا وَمَا لَهُۥ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِن نَّصِيبٍ ٢٠

20. Касе, ки кишти охиратро бихоҳад, кишташро баракат мебахшем ва ҳар ки [танҳо] кишти

дунёро бихоҳад, дар ихтиёраш қарор медиҳем, вале дар охират баҳрае нахоҳад дошт

أَمْ لَهُمْ شُرَكَٰٓؤُا۟ شَرَعُوا۟ لَهُم مِّنَ ٱلدِّينِ مَا لَمْ يَأْذَنۢ بِهِ ٱللَّهُ ۚ وَلَوْلَا كَلِمَةُ ٱلْفَصْلِ لَقُضِىَ بَيْنَهُمْ ۗ وَإِنَّ ٱلظَّٰلِمِينَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٢١﴾

21. Оё [мушрикон] маъбудоне доранд, ки бидуни иҷозати Аллоҳ таоло [қавонини] дине барои онон муқаррар кардаанд? Агар ҳукми қатъӣ [барои муҳлат додан ба гунаҳкорон] дар миён набуд, [бе диранг] миёнашон доварӣ мешуд ва ситамгорон азобе дарднок [дар пеш] доранд

تَرَى ٱلظَّٰلِمِينَ مُشْفِقِينَ مِمَّا كَسَبُوا۟ وَهُوَ وَاقِعٌۢ بِهِمْ ۗ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فِى رَوْضَاتِ ٱلْجَنَّٰتِ ۖ لَهُم مَّا يَشَآءُونَ عِندَ رَبِّهِمْ ۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلْفَضْلُ ٱلْكَبِيرُ ﴿٢٢﴾

22. [Дар рӯзи қиёмат] ситамгоронро аз дастовардашон ҳаросон мебинӣ ва [хоҳӣ дид, ки кайфари он корҳо] домангирашон аст, вале муъминони накукор дар боғҳои биҳиштанд, ҳар чи бихоҳанд, назди Парвардигорашон доранд. Фазлу бахшиши бузург ҳамин аст

ذَٰلِكَ ٱلَّذِى يُبَشِّرُ ٱللَّهُ عِبَادَهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ ۗ قُل لَّآ أَسْـَٔلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا إِلَّا ٱلْمَوَدَّةَ فِى ٱلْقُرْبَىٰ ۗ وَمَن يَقْتَرِفْ حَسَنَةً نَّزِدْ لَهُۥ فِيهَا حُسْنًا ۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ شَكُورٌ ﴿٢٣﴾

23. Ин ҳамон [фазилате] аст, ки Аллоҳ таоло ба бандагони муъмин ва некукораш башорат медиҳад. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Дар баробари ин рисолат, подоше аз шумо намехоҳам, ҷуз [риояи дӯстӣ ва] муҳаббати хешовандӣ ва ҳар ки [дар ин росто] иқдоми некуе кунад, бар подошаш дар он [маврид] меафзоем. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло омурзгори қадршинос аст

أَمْ يَقُولُونَ ٱفْتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا ۖ فَإِن يَشَإِ ٱللَّهُ يَخْتِمْ عَلَىٰ قَلْبِكَ ۗ وَيَمْحُ ٱللَّهُ ٱلْبَٰطِلَ وَيُحِقُّ ٱلْحَقَّ بِكَلِمَٰتِهِۦٓ ۚ إِنَّهُۥ عَلِيمٌۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ﴿٢٤﴾

24. Оё мушрикон мегӯянд: «[Муҳаммад] ба Аллоҳ таоло дурӯғ нисбат додааст»? Агар Аллоҳ таоло бихоҳад, бар дили ту меҳр мениҳад, ва [-ле] Аллоҳ таоло ботилро маҳв мекунад ва ҳақро бо суханони [ва тамҳидоти] хеш ба курсӣ менишонад, ки Ӯ ба рози дилҳо доност

وَهُوَ ٱلَّذِى يَقْبَلُ ٱلتَّوْبَةَ عَنْ عِبَادِهِۦ وَيَعْفُوا۟ عَنِ ٱلسَّيِّـَٔاتِ وَيَعْلَمُ مَا تَفْعَلُونَ ﴿٢٥﴾

25. Ӯст, ки тавбаи бандагонашро мепазирад ва аз бадиҳо дармегузарад ва он чи мекунед, медонад

وَيَسْتَجِيبُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَيَزِيدُهُم مِّن فَضْلِهِۦ ۚ وَٱلْكَٰفِرُونَ لَهُمْ عَذَابٌ شَدِيدٌ ﴿٢٦﴾

26. Ӯ [дархости] муъминони некукорро мепазирад ва аз фазли хеш бар [подоши] онон меафзояд ва кофирон азобе сахт дар пеш доранд

۞وَلَوۡ بَسَطَ ٱللَّهُ ٱلرِّزۡقَ لِعِبَادِهِۦ لَبَغَوۡاْ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلَٰكِن يُنَزِّلُ بِقَدَرٖ مَّا يَشَآءُۚ إِنَّهُۥ بِعِبَادِهِۦ خَبِيرُۢ بَصِيرٞ ٢٧

27. Агар Аллоҳ таоло рӯзии [бархе аз] бандагонашро кушоиш медод, дар замин ситаму саркашӣ мекарданд, вале ба андозае, ки бихоҳад муқаррар медорад, ки Ӯ ба [ҳоли] бандагонаш огоҳ ва биност

وَهُوَ ٱلَّذِي يُنَزِّلُ ٱلۡغَيۡثَ مِنۢ بَعۡدِ مَا قَنَطُواْ وَيَنشُرُ رَحۡمَتَهُۥۚ وَهُوَ ٱلۡوَلِيُّ ٱلۡحَمِيدُ ٢٨

28. Ӯст, ки боронро пас аз навмедӣ [-и мардум] мефиристад ва раҳмати хешро мегустарад ва Ӯ корсозу сутуда аст

وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦ خَلۡقُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَمَا بَثَّ فِيهِمَا مِن دَآبَّةٖۚ وَهُوَ عَلَىٰ جَمۡعِهِمۡ إِذَا يَشَآءُ قَدِيرٞ ٢٩

29. Аз нишонаҳои [тавону тадбири] Ӯ офариниши осмонҳо ва замину мавҷудоти зиндаест, ки дар онҳо пароканда кардааст ва ҳар гоҳ ирода кунад, бар ҷамъоварии онҳо низ тавоност

وَمَآ أَصَٰبَكُم مِّن مُّصِيبَةٖ فَبِمَا كَسَبَتۡ أَيۡدِيكُمۡ وَيَعۡفُواْ عَن كَثِيرٖ ٣٠

30. Ҳар мусибате, ки ба шумо расад, ба хотири корҳоест, ки анҷом додаед ва [Аллоҳ таоло] аз бисёре [аз гуноҳонатон] гузашт мекунад

وَمَآ أَنتُم بِمُعۡجِزِينَ فِي ٱلۡأَرۡضِۖ وَمَا لَكُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ مِن وَلِيّٖ وَلَا نَصِيرٖ ٣١

31. Шумо ҳаргиз дар замин [ва осмон Аллоҳро] ба танг намеоваред ва дар баробари Аллоҳ таоло ҳеҷ корсозу ёваре нахоҳед дошт

وَمِنۡ ءَايَٰتِهِ ٱلۡجَوَارِ فِي ٱلۡبَحۡرِ كَٱلۡأَعۡلَٰمِ ٣٢

32. Аз нишонаҳои [тавону тадбири] илоҳӣ, киштиҳои кӯҳпайкарест, ки дар дарёҳо равонанд

إِن يَشَأۡ يُسۡكِنِ ٱلرِّيحَ فَيَظۡلَلۡنَ رَوَاكِدَ عَلَىٰ ظَهۡرِهِۦٓۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّكُلِّ صَبَّارٖ شَكُورٍ ٣٣

33. Агар Аллоҳ таоло бихоҳад, бодро сокин мегардонад, то [киштиҳо] бар паҳнаи дарё беҳаракат бимонанд. Ба ростӣ, дар ин [амр] барои ҳар шикебои сипосгузор нишонаҳоест

أَوۡ يُوبِقۡهُنَّ بِمَا كَسَبُواْ وَيَعۡفُ عَن كَثِيرٖ ٣٤

34. Ё [агар бихоҳад сарнишинони] он киштиҳоро ба кайфари аъмолашон нобуд месозад, дар ҳоле ки Ӯ аз бисёре [аз гуноҳон] гузашт мекунад

وَيَعۡلَمَ ٱلَّذِينَ يُجَٰدِلُونَ فِيٓ ءَايَٰتِنَا مَا لَهُم مِّن مَّحِيصٖ ٣٥

35. [То муҷиби ибрат бошад] Ва касоне, ки дар мавриди оёти Мо ба муҷодала бармехезанд, бидонанд, ки [агар азоби илоҳӣ фаро расад] роҳи гурезе нахоҳанд дошт

فَمَآ أُوتِيتُم مِّن شَيۡءٖ فَمَتَٰعُ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۖ وَمَا عِندَ ٱللَّهِ خَيۡرٞ وَأَبۡقَىٰ لِلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَلَىٰ رَبِّهِمۡ يَتَوَكَّلُونَ ٣٦

36. [Эй мардум] Он чи ба шумо дода шудааст, неъматҳои [гузарои] дунёст ва он чи назди

Аллоҳ таоло аст, барои муъминоне, ки бар Парвардигорашон таваккал мекунанд, беҳтар ва пояндтар аст

37. Ва [низ барои] онон, ки аз гуноҳони бузургу бешармиҳо канора мегиранд ва онгоҳ, ки хашмгин мешаванд, гузашт мекунанд

وَٱلَّذِينَ يَجْتَنِبُونَ كَبَٰٓئِرَ ٱلْإِثْمِ وَٱلْفَوَٰحِشَ وَإِذَا مَا غَضِبُوا۟ هُمْ يَغْفِرُونَ ﴿٣٧﴾

38. Ва онон, ки [даъвати] Парвардигорашонро пазиро мешаванд ва намоз барпо медоранд ва умурашон дар миёнашон ба машварат ниҳода мешавад ва аз он чи рӯзияшон кардаем, инфоқ мекунанд

وَٱلَّذِينَ ٱسْتَجَابُوا۟ لِرَبِّهِمْ وَأَقَامُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَمْرُهُمْ شُورَىٰ بَيْنَهُمْ وَمِمَّا رَزَقْنَٰهُمْ يُنفِقُونَ ﴿٣٨﴾

39. Ва касоне, ки ҳар гоҳ ситаме ба онон бирасад, [ба дифоъ ва] интиқом бармехезанд

وَٱلَّذِينَ إِذَآ أَصَابَهُمُ ٱلْبَغْىُ هُمْ يَنتَصِرُونَ ﴿٣٩﴾

40. Ва ҷазои ҳар бадӣ кайфаре ҳаммонанди он бадӣ аст [на бештар], пас, ҳар ки гузашт кунад ва корро ба ислоҳ [ва оштӣ] оварад, подошаш бар уҳдаи Аллоҳ таоло аст. Бе гумон, Ӯ ситамгоронро дӯст намедорад

وَجَزَٰٓؤُا۟ سَيِّئَةٍ سَيِّئَةٌ مِّثْلُهَا ۖ فَمَنْ عَفَا وَأَصْلَحَ فَأَجْرُهُۥ عَلَى ٱللَّهِ ۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٤٠﴾

41. Албатта, касоне, ки пас аз ситаме, ки дидаанд, интиқом мегиранд, ҳеҷ [бозхосту] сарзанише бар онон нест

وَلَمَنِ ٱنتَصَرَ بَعْدَ ظُلْمِهِۦ فَأُو۟لَٰٓئِكَ مَا عَلَيْهِم مِّن سَبِيلٍ ﴿٤١﴾

42. Роҳи [бозхосту] сарзаниш танҳо бар ситамгороне кушода аст, ки ба ноҳақ дар замин бартариҷӯӣ мекунанд. Онон азоби дарднок [дар пеш] доранд

إِنَّمَا ٱلسَّبِيلُ عَلَى ٱلَّذِينَ يَظْلِمُونَ ٱلنَّاسَ وَيَبْغُونَ فِى ٱلْأَرْضِ بِغَيْرِ ٱلْحَقِّ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٤٢﴾

43. Аммо ҳар ки шикебой ва гузашт кунад, нишон аз қудрати ирода [-и Ӯ] дорад

وَلَمَن صَبَرَ وَغَفَرَ إِنَّ ذَٰلِكَ لَمِنْ عَزْمِ ٱلْأُمُورِ ﴿٤٣﴾

44. Ҳар киро Аллоҳ таоло гумроҳ кунад, пас, аз Аллоҳ таоло ҳеҷ [ёвару] корсозе нахоҳад дошт ва [дар рӯзи қиёмат] ситамгоронро мебинӣ, ки чун азобро мушоҳида кунанд, мегӯянд: «Оё роҳи бозгаште [ба дунё] ҳаст?»

وَمَن يُضْلِلِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِن وَلِىٍّ مِّنۢ بَعْدِهِۦ ۗ وَتَرَى ٱلظَّٰلِمِينَ لَمَّا رَأَوُا۟ ٱلْعَذَابَ يَقُولُونَ هَلْ إِلَىٰ مَرَدٍّ مِّن سَبِيلٍ ﴿٤٤﴾

45. [Дар он рӯз] Ситамгоронро мушоҳида хоҳӣ кард, ки бар оташ арза мешаванд ва дар ҳоле

وَتَرَىٰهُمْ يُعْرَضُونَ عَلَيْهَا خَٰشِعِينَ مِنَ ٱلذُّلِّ يَنظُرُونَ مِن طَرْفٍ خَفِىٍّ ۗ وَقَالَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِنَّ ٱلْخَٰسِرِينَ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ

وَأَهۡلِيهِمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۗ أَلَآ إِنَّ ٱلظَّٰلِمِينَ فِي عَذَابٖ مُّقِيمٖ ﴿٤٥﴾

ки аз [шиддати] хорӣ фурӯтан шудаанд, бо таги чашм менигаранд ва [дар он ҳол] муъминон мегӯянд: «Зиёнкорон [-и воқеӣ] касоне ҳастанд, ки [ба тамаъи дунё] худ ва хонаводаҳояшонро дар қиёмат ба зиён андохтаанд. Огоҳ бошед! Ситамгорон гирифтори азобе пойдоранд

وَمَا كَانَ لَهُم مِّنۡ أَوۡلِيَآءَ يَنصُرُونَهُم مِّن دُونِ ٱللَّهِۗ وَمَن يُضۡلِلِ ٱللَّهُ فَمَا لَهُۥ مِن سَبِيلٍ ﴿٤٦﴾

46. Ва онон дар баробари Аллоҳ таоло корсозе нахоҳанд дошт, ки ёриашон кунад ва ҳар киро Аллоҳ таоло гумроҳ кунад, роҳе [барои наҷот] нахоҳад дошт

ٱسۡتَجِيبُواْ لِرَبِّكُم مِّن قَبۡلِ أَن يَأۡتِيَ يَوۡمٞ لَّا مَرَدَّ لَهُۥ مِنَ ٱللَّهِۚ مَا لَكُم مِّن مَّلۡجَإٖ يَوۡمَئِذٖ وَمَا لَكُم مِّن نَّكِيرٖ ﴿٤٧﴾

47. [Эй мардум] Пеш аз он ки рӯзе фаро расад, ки бозгаште аз ҷониби Аллоҳ таоло надорад, даъвати Парвардигоратонро бипазиред. Дар он рӯз на паноҳгоҳе хоҳед дошт, на [фурсате барои] инкор

فَإِنۡ أَعۡرَضُواْ فَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ عَلَيۡهِمۡ حَفِيظًاۖ إِنۡ عَلَيۡكَ إِلَّا ٱلۡبَلَٰغُۗ وَإِنَّآ إِذَآ أَذَقۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ مِنَّا رَحۡمَةٗ فَرِحَ بِهَاۖ وَإِن تُصِبۡهُمۡ سَيِّئَةُۢ بِمَا قَدَّمَتۡ أَيۡدِيهِمۡ فَإِنَّ ٱلۡإِنسَٰنَ كَفُورٞ ﴿٤٨﴾

48. Пас [эй Паёмбар] агар [мушрикон аз даъвати ту] рӯй мегардонанд [тавфиқро аз худ салб мекунанд]. Мо туро нигаҳбони онон нафиристодем ва ту вазифае ҷуз расонидан [-и ваҳй] надорӣ ва чун раҳмате аз ҷониби худ ба инсон бичашонем, бад-он сармаст мешавад ва агар ба сазои рафтори гузаштаи худ дучори мусибате шавад, [ба ҷойи бедорӣ носипосӣ мекунад]. Ба ростӣ, ки инсон бисёр носипос аст

لِلَّهِ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ يَخۡلُقُ مَا يَشَآءُۚ يَهَبُ لِمَن يَشَآءُ إِنَٰثٗا وَيَهَبُ لِمَن يَشَآءُ ٱلذُّكُورَ ﴿٤٩﴾

49. Фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст. Ӯ ҳар чи бихоҳад, меофаринад, ба ҳар ки бихоҳад, [фарзанди] духтар мебахшад ва ба ҳар ки бихоҳад, [фарзанди] писар

أَوۡ يُزَوِّجُهُمۡ ذُكۡرَانٗا وَإِنَٰثٗاۖ وَيَجۡعَلُ مَن يَشَآءُ عَقِيمًاۚ إِنَّهُۥ عَلِيمٞ قَدِيرٞ ﴿٥٠﴾

50. Ё писару духтарро -ҳар ду бо ҳам медиҳад ва ҳар киро бихоҳад, нозо мегардонад, ки Ӯ донои тавоност

وَمَا كَانَ لِبَشَرٍ أَن يُكَلِّمَهُ ٱللَّهُ إِلَّا وَحۡيًا أَوۡ مِن وَرَآيِٕ حِجَابٍ أَوۡ يُرۡسِلَ رَسُولٗا فَيُوحِيَ بِإِذۡنِهِۦ مَا يَشَآءُۚ إِنَّهُۥ عَلِيٌّ حَكِيمٞ ﴿٥١﴾

51. Дархӯри ҳеҷ башаре нест, ки Аллоҳ таоло бо ӯ сухан бигӯяд, магар бо ваҳй ё аз фаросӯи ҳиҷобе ё [ин ки Аллоҳ таоло] фариштае бифиристад,

ки ба фармонаш ҳар чи бихоҳад, ваҳй кунад. Бе тардид, Ӯ баландмартабаи ҳаким аст

وَكَذَٰلِكَ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ رُوحٗا مِّنۡ أَمۡرِنَاۚ مَا كُنتَ تَدۡرِي مَا ٱلۡكِتَٰبُ وَلَا ٱلۡإِيمَٰنُ وَلَٰكِن جَعَلۡنَٰهُ نُورٗا نَّهۡدِي بِهِۦ مَن نَّشَآءُ مِنۡ عِبَادِنَاۚ وَإِنَّكَ لَتَهۡدِيٓ إِلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ ٥٢

52. [Эй Паёмбар] бад-ин гуна Қуръонро [тавассути Ҷабраил ва] ба фармони хеш бар ту ваҳй кардем. [Пеш аз он] Ту огоҳӣ надоштӣ, ки китобу имон чист, вале Мо онро нуре сохтем, ки ҳар касе аз бандагони хешро, ки бихоҳем, бад-он ҳидоят кунем ва мусалламан, ту ба роҳи рост [Ислом] ҳидоят мекунӣ

صِرَٰطِ ٱللَّهِ ٱلَّذِي لَهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ أَلَآ إِلَى ٱللَّهِ تَصِيرُ ٱلۡأُمُورُ ٥٣

53. Роҳи илоҳӣ, ки он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. Огоҳ бошед, [ҳамаи] умур ба сӯйи Аллоҳ таоло бозмегардад

(43) Зухруф(*) الزخرف

Ҷузъи 25

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

حمٓ ﴿١﴾

1. Ҳо, мим.(1)

وَٱلْكِتَٰبِ ٱلْمُبِينِ ﴿٢﴾

2. Савганд ба китоби равшангар

إِنَّا جَعَلْنَٰهُ قُرْءَٰنًا عَرَبِيًّا لَّعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ ﴿٣﴾

3. Мо онро Қуръоне ба забони арабӣ падид овардем, бошад, ки хирадварзӣ кунед

وَإِنَّهُۥ فِىٓ أُمِّ ٱلْكِتَٰبِ لَدَيْنَا لَعَلِىٌّ حَكِيمٌ ﴿٤﴾

4. Ин китоб, ки баландмартаба ва ҳикматомӯз аст, дар Лавҳи маҳфуз назди Мо сабт шудааст [ва дастхуши тағйир нахоҳад шуд]

أَفَنَضْرِبُ عَنكُمُ ٱلذِّكْرَ صَفْحًا أَن كُنتُمْ قَوْمًا مُّسْرِفِينَ ﴿٥﴾

5. Оё ба сирфи ин ки шумо [мушрикон] гурӯҳе исрофкоред [ва паёми илоҳиро инкор мекунед, нузули] Қуръонро аз шумо боздорем?

وَكَمْ أَرْسَلْنَا مِن نَّبِىٍّ فِى ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٦﴾

6. Чи бисёр паёмбароне, ки дар миёни пешиниён фиристодем

وَمَا يَأْتِيهِم مِّن نَّبِىٍّ إِلَّا كَانُوا۟ بِهِۦ يَسْتَهْزِءُونَ ﴿٧﴾

7. Вале ҳар паёмбаре ба сӯйи онон меомад, масхарааш мекарданд

فَأَهْلَكْنَآ أَشَدَّ مِنْهُم بَطْشًا وَمَضَىٰ مَثَلُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٨﴾

8. Мо афроди нерумандтар аз мушрикони Маккаро ҳалок кардаем ва достони [ибратангези] пешиниён гузашт

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ خَلَقَهُنَّ ٱلْعَزِيزُ ٱلْعَلِيمُ ﴿٩﴾

9. [Эй Паёмбар] Агар аз мушрикон бипурсӣ: «Осмонҳо ва заминро чи касе офардиааст?» Ҳатман, мегӯянд: «[Аллоҳи] Шикастнопазири доно»

ٱلَّذِى جَعَلَ لَكُمُ ٱلْأَرْضَ مَهْدًا وَجَعَلَ لَكُمْ فِيهَا سُبُلًا لَّعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ ﴿١٠﴾

10. Ҳамон [Парвардигоре] ки заминро маҳалли озмоиши шумо қарор дод ва бароятон дар он роҳҳое падид овард, то роҳ ёбед

(*) Зухруф (Зинат).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

وَٱلَّذِى نَزَّلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءًۢ بِقَدَرٍ فَأَنشَرْنَا بِهِۦ بَلْدَةً مَّيْتًا ۚ كَذَٰلِكَ تُخْرَجُونَ ﴿١١﴾

11. Ва ҳамон касе, ки аз осмон боронро ба миқдори муайяне фиристод, он гоҳ сарзамини хазонзада ва хушкро ба василаи он ҳаёт бахшидем. Шумо низ ҳамин гуна [аз гӯрҳо] берун оварда мешавед

وَٱلَّذِى خَلَقَ ٱلْأَزْوَٰجَ كُلَّهَا وَجَعَلَ لَكُم مِّنَ ٱلْفُلْكِ وَٱلْأَنْعَٰمِ مَا تَرْكَبُونَ ﴿١٢﴾

12. Парвардигоре, ки тамоми маҳлуқотро офарид ва бароятон аз киштиҳо ва чаҳорпоён василаи саворӣ падид овард

لِتَسْتَوُۥا۟ عَلَىٰ ظُهُورِهِۦ ثُمَّ تَذْكُرُوا۟ نِعْمَةَ رَبِّكُمْ إِذَا ٱسْتَوَيْتُمْ عَلَيْهِ وَتَقُولُوا۟ سُبْحَٰنَ ٱلَّذِى سَخَّرَ لَنَا هَٰذَا وَمَا كُنَّا لَهُۥ مُقْرِنِينَ ﴿١٣﴾

13. То бар пушти онҳо қарор гиред ва он гоҳ ки бар онҳо қарор гирифтед, неъмати Парвардигоратонро ёд кунед ва бигӯед: «Поку муназзаҳ аст касе, ки ин [васила]-ро дар хидмати мо гумошт ва мо худ тавони ин корро надоштем

وَإِنَّآ إِلَىٰ رَبِّنَا لَمُنقَلِبُونَ ﴿١٤﴾

14. Ва мо ба пешгоҳи Парвардигорамон бозмегардем»

وَجَعَلُوا۟ لَهُۥ مِنْ عِبَادِهِۦ جُزْءًا ۚ إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لَكَفُورٌ مُّبِينٌ ﴿١٥﴾

15. Мушрикон аз миёни бандагони Аллоҳ таоло барояш саҳме [аз фарзанд] қарор доданд. Ба ростӣ, ки инсон ошкоро носипос аст

أَمِ ٱتَّخَذَ مِمَّا يَخْلُقُ بَنَاتٍ وَأَصْفَىٰكُم بِٱلْبَنِينَ ﴿١٦﴾

16. Оё [мепиндоред] Аллоҳ таоло аз миёни офаридагонаш духтаронро интихоб карда ва писаронро ба шумо ихтисос додааст?

وَإِذَا بُشِّرَ أَحَدُهُم بِمَا ضَرَبَ لِلرَّحْمَٰنِ مَثَلًا ظَلَّ وَجْهُهُۥ مُسْوَدًّا وَهُوَ كَظِيمٌ ﴿١٧﴾

17. Аммо ҳар гоҳ ба яке аз онон ҳамон чизеро, ки башорат диҳанд, ки барои Аллоҳи раҳмон қоил ҳастанд [таваллуди духтар], дар ҳоле ки хашми худро фурӯ мехӯрад, чеҳарааш [аз андуҳ] тира мегардад

أَوَمَن يُنَشَّؤُا۟ فِى ٱلْحِلْيَةِ وَهُوَ فِى ٱلْخِصَامِ غَيْرُ مُبِينٍ ﴿١٨﴾

18. Оё касеро, ки дар зевар [ва роҳатӣ] парвариш меёбад ва дар [ҳангоми] ҷидол [қодир ба] баёни мақсудаш нест [ба Аллоҳ таоло нисбат медиҳед]?

وَجَعَلُوا۟ ٱلْمَلَٰٓئِكَةَ ٱلَّذِينَ هُمْ عِبَٰدُ ٱلرَّحْمَٰنِ إِنَٰثًا ۚ أَشَهِدُوا۟ خَلْقَهُمْ ۚ سَتُكْتَبُ شَهَٰدَتُهُمْ وَيُسْـَٔلُونَ ﴿١٩﴾

19. Мушрикон фариштагонро, ки бандагони [Аллоҳи] Раҳмонанд, муаннас [зан] пиндоштанд. Оё ба ҳангоми офариниши онон ҳузур доштанд? Суханонашон сабт мегардад ва [дар рӯзи қиёмат] бозхост хоҳанд шуд

وَقَالُواْ لَوۡ شَآءَ ٱلرَّحۡمَٰنُ مَا عَبَدۡنَٰهُمۡۗ مَّا لَهُم بِذَٰلِكَ مِنۡ عِلۡمٍۖ إِنۡ هُمۡ إِلَّا يَخۡرُصُونَ ٢٠

20. [Онон барои тавҷеҳи ширки ҳуд] мегӯянд: «Агар [Аллоҳи] Раҳмон мехост, мо фариштагонро парастиш намекардем». Онон дар мавриди ин [сухан] беиттилоанд ва ҷуз сухани дурӯғ намегӯянд

أَمۡ ءَاتَيۡنَٰهُمۡ كِتَٰبٗا مِّن قَبۡلِهِۦ فَهُم بِهِۦ مُسۡتَمۡسِكُونَ ٢١

21. Оё пеш аз Қуръон китобе ба онон додаем, ки бад-он истидлол кунанд?

بَلۡ قَالُوٓاْ إِنَّا وَجَدۡنَآ ءَابَآءَنَا عَلَىٰٓ أُمَّةٖ وَإِنَّا عَلَىٰٓ ءَاثَٰرِهِم مُّهۡتَدُونَ ٢٢

22. Балки мегӯянд: «Ниёгонамон низ ҳамин оинро доштанд ва мо [низ] роҳи ононро дунбол мекунем»

وَكَذَٰلِكَ مَآ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ فِي قَرۡيَةٖ مِّن نَّذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتۡرَفُوهَآ إِنَّا وَجَدۡنَآ ءَابَآءَنَا عَلَىٰٓ أُمَّةٖ وَإِنَّا عَلَىٰٓ ءَاثَٰرِهِم مُّقۡتَدُونَ ٢٣

23. Пеш аз ту низ ҳар [паёмбари] ҳушдордиҳандаеро ба ҳар шаҳре фиристодем, сарватмандони саркаши он шаҳр мегуфтанд: «Ниёгонамон низ ҳамин оинро доштанд ва мо [низ] роҳи ононро дунбол мекунем»

قَٰلَ أَوَلَوۡ جِئۡتُكُم بِأَهۡدَىٰ مِمَّا وَجَدتُّمۡ عَلَيۡهِ ءَابَآءَكُمۡۖ قَالُوٓاْ إِنَّا بِمَآ أُرۡسِلۡتُم بِهِۦ كَٰفِرُونَ ٢٤

24. [Паёмбарашон] Мегуфт: «Агар оине ҳидоятбахштар аз он чи ниёгонатон доштанд, оварда бошам [боз ҳам аз онон пайравӣ мекунед]? Онон [дар посух] мегуфтанд: «[Оре] паёмеро, ки маъмури [иблоғи] он шудаед, инкор мекунем»

فَٱنتَقَمۡنَا مِنۡهُمۡۖ فَٱنظُرۡ كَيۡفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلۡمُكَذِّبِينَ ٢٥

25. Мо низ аз онон интиқом гирифтем, пас, бингар, ки саранҷоми такзибкунандагон чи гуна буд

وَإِذۡ قَالَ إِبۡرَٰهِيمُ لِأَبِيهِ وَقَوۡمِهِۦٓ إِنَّنِي بَرَآءٞ مِّمَّا تَعۡبُدُونَ ٢٦

26. [Ёд кун] Ҳангомеро, ки Иброҳим ба падар ва қавмаш гуфт: «Аз он чи шумо мепарастед, безорам

إِلَّا ٱلَّذِي فَطَرَنِي فَإِنَّهُۥ سَيَهۡدِينِ ٢٧

27. Магар аз касе, ки маро офаридааст, ки Ӯ ҳидоятам хоҳад кард»

وَجَعَلَهَا كَلِمَةَۢ بَاقِيَةٗ فِي عَقِبِهِۦ لَعَلَّهُمۡ يَرۡجِعُونَ ٢٨

28. Иброҳим, яктопарастиро дар миёни наслҳои пас аз худ сухане мондагор қарор дод, бошад, ки [ба пешгоҳи илоҳӣ] бозгарданд

بَلۡ مَتَّعۡتُ هَٰٓؤُلَآءِ وَءَابَآءَهُمۡ حَتَّىٰ جَآءَهُمُ ٱلۡحَقُّ وَرَسُولٞ مُّبِينٞ ٢٩

29. Ин мушрикони Макка ва падаронашонро [аз неъматҳои дунё] бархӯрдор кардам, то ин ки Қуръон ва паёмбаре равшангар ба сурағашон омад

وَلَمَّا جَآءَهُمُ ٱلۡحَقُّ قَالُواْ هَٰذَا سِحۡرٞ وَإِنَّا بِهِۦ كَٰفِرُونَ ٣٠

30. Ва он гоҳ ки Қуръон бар онон ироа шуд, гуфтанд: «Ин ҷодуст ва онро инкор мекунем»

وَقَالُواْ لَوۡلَا نُزِّلَ هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانُ عَلَىٰ رَجُلٖ مِّنَ ٱلۡقَرۡيَتَيۡنِ عَظِيمٍ ٣١

31. Ва гуфтанд: «Чаро ин Қуръон бар марде бузург аз ду шаҳр [Макка ва Тоиф] нозил нашудааст?»

أَهُمۡ يَقۡسِمُونَ رَحۡمَتَ رَبِّكَۚ نَحۡنُ قَسَمۡنَا بَيۡنَهُم مَّعِيشَتَهُمۡ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۚ وَرَفَعۡنَا بَعۡضَهُمۡ فَوۡقَ بَعۡضٖ دَرَجَٰتٖ لِّيَتَّخِذَ بَعۡضُهُم بَعۡضٗا سُخۡرِيّٗاۗ وَرَحۡمَتُ رَبِّكَ خَيۡرٞ مِّمَّا يَجۡمَعُونَ ٣٢

32. Оё онон раҳмати Парвардигоратро тақсим мекунанд? Моем, ки рӯзӣ [ва маишати] ононро дар зиндагии дунё миёнашон тақсим кардаем ва ононро нисбат ба ҳам ба дараҷоте бартарӣ бахшидаем, то аз хадамоти [мутақобили] якдигар истифода кунанд ва раҳмати Парвардигорат аз амволе, ки ҷамъ мекунанд, беҳтар аст

وَلَوۡلَآ أَن يَكُونَ ٱلنَّاسُ أُمَّةٗ وَٰحِدَةٗ لَّجَعَلۡنَا لِمَن يَكۡفُرُ بِٱلرَّحۡمَٰنِ لِبُيُوتِهِمۡ سُقُفٗا مِّن فِضَّةٖ وَمَعَارِجَ عَلَيۡهَا يَظۡهَرُونَ ٣٣

33. Агар [нигаронӣ аз онон] набуд, ки ҳама мардум [дар дунёталабӣ ва инкори Аллоҳ таоло] як гурӯҳ шаванд, сақфи хонаи касонеро, ки ба Аллоҳи раҳмон имон надоранд, аз нуқра қарор медодем ва низ паллаҳое [дар он мениҳодем], ки битавонанд аз [табақоти] он [хона] боло раванд

وَلِبُيُوتِهِمۡ أَبۡوَٰبٗا وَسُرُرًا عَلَيۡهَا يَتَّكِـُٔونَ ٣٤

34. Ва барои хонаҳояшон дарҳое [аз тилло] мегузоштем ва тахтҳое [қарор медодем], ки бар он такя зананд

وَزُخۡرُفٗاۚ وَإِن كُلُّ ذَٰلِكَ لَمَّا مَتَٰعُ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۚ وَٱلۡأٓخِرَةُ عِندَ رَبِّكَ لِلۡمُتَّقِينَ ٣٥

35. Ва таҷаммул [ва зинатҳое] фаровон [бароямон фароҳам мекардем] ва тамоми инҳо баҳраи [ночизи] зиндагии дунёст ва охират назди Парвардигорат барои парҳезкорон аст

وَمَن يَعۡشُ عَن ذِكۡرِ ٱلرَّحۡمَٰنِ نُقَيِّضۡ لَهُۥ شَيۡطَٰنٗا فَهُوَ لَهُۥ قَرِينٞ ٣٦

36. Ҳар ки аз ёди [Аллоҳи] раҳмон дил бигардонад, шайтоне бар ӯ мегуморем, то ҳамнишинаш бошад [ва ҳамвора фиребаш диҳад]

وَإِنَّهُمۡ لَيَصُدُّونَهُمۡ عَنِ ٱلسَّبِيلِ وَيَحۡسَبُونَ أَنَّهُم مُّهۡتَدُونَ ٣٧

37. Шаётин ин гурӯҳро аз роҳи [Аллоҳ таоло] бозмедоранд, вале онон гумон мекунанд, ки ҳидоят ёфтаанд

حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءَنَا قَالَ يَٰلَيۡتَ بَيۡنِي وَبَيۡنَكَ بُعۡدَ ٱلۡمَشۡرِقَيۡنِ فَبِئۡسَ ٱلۡقَرِينُ ٣٨

38. То он гоҳ ки [дар қиёмат] назди Мо биёяд, [ба шайтони ҳамнишинаш] мегӯяд: Эй кош, миёни ману ту фосилае ба дурии шарқу ғарб буд! Чи ҳамнишини бадe будӣ!»

وَلَن يَنفَعَكُمُ ٱلۡيَوۡمَ إِذ ظَّلَمۡتُمۡ أَنَّكُمۡ فِي ٱلۡعَذَابِ مُشۡتَرِكُونَ ﴿٣٩﴾

39. [Аллоҳ таоло мефармояд] «Имрӯз [пушаймонӣ] суде ба ҳолатон нахоҳад дошт; зеро ситам кардаед ва ҳамагӣ дар азоб шарикед»

أَفَأَنتَ تُسۡمِعُ ٱلصُّمَّ أَوۡ تَهۡدِي ٱلۡعُمۡيَ وَمَن كَانَ فِي ضَلَٰلٖ مُّبِينٖ ﴿٤٠﴾

40. [Эй Паёмбар] Оё метавонӣ [паёми худро] ба гӯши ношунавоён бирасонӣ ё нобиноён ва гумроҳони ошкорро [ба роҳи рост] ҳидоят кунӣ?

فَإِمَّا نَذۡهَبَنَّ بِكَ فَإِنَّا مِنۡهُم مُّنتَقِمُونَ ﴿٤١﴾

41. Агар ҳам туро пеш аз азоби онон аз дунё [бибарем] дар ҳар ҳол [аз эшон интиқом хоҳем гирифт

أَوۡ نُرِيَنَّكَ ٱلَّذِي وَعَدۡنَٰهُمۡ فَإِنَّا عَلَيۡهِم مُّقۡتَدِرُونَ ﴿٤٢﴾

42. Ё азоберо, ки ба онон ваъда додаем, [дар даврони ҳаётат] ба ту менамоем. Бе тардид, Мо бар онон иқтидор [-и комил] дорем

فَٱسۡتَمۡسِكۡ بِٱلَّذِيٓ أُوحِيَ إِلَيۡكَۖ إِنَّكَ عَلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ ﴿٤٣﴾

43. Пас, ба он чи ба ту ваҳй мешавад, тамассук бичӯ, ки бе гумон, бар роҳи рост қарор дорӣ

وَإِنَّهُۥ لَذِكۡرٞ لَّكَ وَلِقَوۡمِكَۖ وَسَوۡفَ تُسۡـَٔلُونَ ﴿٤٤﴾

44. Тардиде нест, ки Қуръон барои ту ва қавмат мояи андарз [ва сарбаландӣ] аст ва [дар рӯзи қиёмат дар бораи имону амал ба он] бозхост хоҳед шуд

وَسۡـَٔلۡ مَنۡ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ مِن رُّسُلِنَآ أَجَعَلۡنَا مِن دُونِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ءَالِهَةٗ يُعۡبَدُونَ ﴿٤٥﴾

45. Аз паёмбароне, ки пеш аз ту фиристодем, бипурс, ки оё ғайр аз [Аллоҳи] Раҳмон маъбудоне барои парастиш қарор додаем [мусалламан, чунин нест]

وَلَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا مُوسَىٰ بِـَٔايَٰتِنَآ إِلَىٰ فِرۡعَوۡنَ وَمَلَإِيْهِۦ فَقَالَ إِنِّي رَسُولُ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿٤٦﴾

46. Мо Мӯсоро бо муъҷизоти хеш ба сӯи Фиръавн ва сарони қавмаш фиристодем ва ба онон гуфт: «Ман фиристодаи Парвардигори ҷаҳониёнам»

فَلَمَّا جَآءَهُم بِـَٔايَٰتِنَآ إِذَا هُم مِّنۡهَا يَضۡحَكُونَ ﴿٤٧﴾

47. Ва чун оёт [ва муъҷизоти] Моро бар онон ироа кард, ҳамагӣ ба онҳо хандиданд

وَمَا نُرِيهِم مِّنۡ ءَايَةٍ إِلَّا هِيَ أَكۡبَرُ مِنۡ أُخۡتِهَاۖ وَأَخَذۡنَٰهُم بِٱلۡعَذَابِ لَعَلَّهُمۡ يَرۡجِعُونَ ﴿٤٨﴾

48. Ҳар муъҷизае ба онон ироа додем, яке аз дигаре бузургтар буд ва [чун ҳамаро такзиб карданд] ба азоб гирифторашон кардем, бошад, ки [аз куфр] бозгарданд

وَقَالُواْ يَٰٓأَيُّهَ ٱلسَّاحِرُ ٱدۡعُ لَنَا رَبَّكَ بِمَا عَهِدَ عِندَكَ إِنَّنَا لَمُهۡتَدُونَ ﴿٤٩﴾

49. [Пас, ҳангоме ки гӯшаҳое аз азоби илоҳиро чашиданд] гуфтанд: «Эй ҷодугар, аз Парвардигорат

бинобар аҳде, ки бо ту дорад, бихоҳ [то азобро аз мо дур кунад], ки мо [дигар] роҳёфтаем»

فَلَمَّا كَشَفْنَا عَنْهُمُ ٱلْعَذَابَ إِذَا هُمْ يَنكُثُونَ ﴿٥٠﴾

50. Ва чун азобро аз онон бардоштем, паймон шикастанд

وَنَادَىٰ فِرْعَوْنُ فِى قَوْمِهِۦ قَالَ يَٰقَوْمِ أَلَيْسَ لِى مُلْكُ مِصْرَ وَهَٰذِهِ ٱلْأَنْهَٰرُ تَجْرِى مِن تَحْتِىٓ ۖ أَفَلَا تُبْصِرُونَ ﴿٥١﴾

51. Фиръавн дар миёни қавми худ нидо сар дод ва гуфт: «Эй қавми ман, оё фармонравоии Миср дар ихтиёри ман нест ва ин наҳрҳо аз доманаи қасри ман ҷараён надорад? Оё [қудрату азаматамро] намебинед?

أَمْ أَنَا۠ خَيْرٌ مِّنْ هَٰذَا ٱلَّذِى هُوَ مَهِينٌ وَلَا يَكَادُ يُبِينُ ﴿٥٢﴾

52. Ман аз ин марди бемиқдор, ки [ҳатто] наметавонад ба равшанӣ сухан бигӯяд, шоистатарам

فَلَوْلَآ أُلْقِىَ عَلَيْهِ أَسْوِرَةٌ مِّن ذَهَبٍ أَوْ جَآءَ مَعَهُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ مُقْتَرِنِينَ ﴿٥٣﴾

53. Ҷаро [ба нишонаи сарварӣ] дастбандҳои зарин [аз осмон] бар ӯ афканда нашудааст [то собит шавад, ки паёмбар аст]? Ё чаро фариштагон ҳамроҳаш наёмадаанд?»

فَٱسْتَخَفَّ قَوْمَهُۥ فَأَطَاعُوهُ ۚ إِنَّهُمْ كَانُوا۟ قَوْمًا فَٰسِقِينَ ﴿٥٤﴾

54. Ӯ қавми худро ба [бехирадӣ ва] сабуксарӣ кашонд ва ҳамагӣ мутеаш шуданд. Ҳаққо, ки онон [нисбат ба авомири илоҳӣ] нофармон буданд

فَلَمَّآ ءَاسَفُونَا ٱنتَقَمْنَا مِنْهُمْ فَأَغْرَقْنَٰهُمْ أَجْمَعِينَ ﴿٥٥﴾

55. Пас, чун моро ба хашм оварданд, аз онон интиқом гирифтем ва ҳамагиро [дар дарё] ғарқ кардем

فَجَعَلْنَٰهُمْ سَلَفًا وَمَثَلًا لِّلْءَاخِرِينَ ﴿٥٦﴾

56. Он гоҳ ононро дар шумори пешгомони [куфру нофармонӣ] ва ибрате [барои ояндагон] қарор додем

۞ وَلَمَّا ضُرِبَ ٱبْنُ مَرْيَمَ مَثَلًا إِذَا قَوْمُكَ مِنْهُ يَصِدُّونَ ﴿٥٧﴾

57. Ва чун достони [таваллуди] писари Марям матраҳ шуд, қавми ту [ки гумон карданд, метавонанд монанди масеҳиён чанд маъбуд дошта бошанд] ба ногоҳ шодӣ ва ҳаёҳу ба роҳ андохтанд

وَقَالُوٓا۟ ءَأَٰلِهَتُنَا خَيْرٌ أَمْ هُوَ ۚ مَا ضَرَبُوهُ لَكَ إِلَّا جَدَلًۢا ۚ بَلْ هُمْ قَوْمٌ خَصِمُونَ ﴿٥٨﴾

58. Ва гуфтанд: «Маъбудони мо беҳтаранд ё Исо»? Онон ин суханро танҳо барои ҷидол бо ту унвон кардаанд. Ба ростӣ, ки гурӯҳе ситезачӯ ҳастанд

إِنْ هُوَ إِلَّا عَبْدٌ أَنْعَمْنَا عَلَيْهِ وَجَعَلْنَٰهُ مَثَلًا لِّبَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ﴿٥٩﴾

59. Исо фақат бандаест, ки бар ӯ неъмат [-и рисолат] арзонӣ доштем ва ӯро намунае [аз қудрати илоҳӣ] барои Бани Исроил қарор додем

وَلَوْ نَشَآءُ لَجَعَلْنَا مِنكُم مَّلَٰٓئِكَةً فِى ٱلْأَرْضِ يَخْلُفُونَ ﴿٦٠﴾

60. Агар мехостем, [ҳамаи шумо инсонҳоро нобуд мекардем ва] ба ҷоятон фариштагоне падид меовардем, ки дар замин ҷонишин [-и шумо] шаванд

وَإِنَّهُۥ لَعِلْمٌ لِّلسَّاعَةِ فَلَا تَمْتَرُنَّ بِهَا وَٱتَّبِعُونِ ۚ هَٰذَا صِرَٰطٌ مُّسْتَقِيمٌ ﴿٦١﴾

61. [Таваллуди] Исо [ба муъҷизаи ҳаёт бахшиданаш] далеле барои қиёмат аст. Пас, ҳаргиз дар мавриди қиёмат шак накунед ва пайрави ман бошед, ки роҳи рост ҳамин аст

وَلَا يَصُدَّنَّكُمُ ٱلشَّيْطَٰنُ ۖ إِنَّهُۥ لَكُمْ عَدُوٌّ مُّبِينٌ ﴿٦٢﴾

62. [Огоҳ бошед, ки] Шайтон шуморо [аз роҳи Аллоҳ таоло] бознадорад, чаро ки ӯ душмани ошкори шумост

وَلَمَّا جَآءَ عِيسَىٰ بِٱلْبَيِّنَٰتِ قَالَ قَدْ جِئْتُكُم بِٱلْحِكْمَةِ وَلِأُبَيِّنَ لَكُم بَعْضَ ٱلَّذِى تَخْتَلِفُونَ فِيهِ ۖ فَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿٦٣﴾

63. Ва чун Исо [муъҷизоту] нишонаҳои равшан бар онон ироа кард, гуфт: «Ман барои шумо ҳикмат овардаам, то [бад-он роҳ ёбед] ва бархе аз маворидиро ихтилофатонро равшан кунам, пас, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва мутеъи [дастурҳои] ман бошед

إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ رَبِّى وَرَبُّكُمْ فَٱعْبُدُوهُ ۚ هَٰذَا صِرَٰطٌ مُّسْتَقِيمٌ ﴿٦٤﴾

64. Аллоҳ таоло Парвардигори ман ва шумост, пас, Ӯро бипарастед, ки роҳи рост ҳамин аст»

فَٱخْتَلَفَ ٱلْأَحْزَابُ مِنۢ بَيْنِهِمْ ۖ فَوَيْلٌ لِّلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ مِنْ عَذَابِ يَوْمٍ أَلِيمٍ ﴿٦٥﴾

65. Он гоҳ гурӯҳҳои [мухталифи] Бани Исроил миёни худ [дар бораи Исо] дучори ихтилоф шуданд, пас, вой бар ситамгорон аз азоби рӯзи дарднок!

هَلْ يَنظُرُونَ إِلَّا ٱلسَّاعَةَ أَن تَأْتِيَهُم بَغْتَةً وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ ﴿٦٦﴾

66. Оё ҷуз ин интизор доранд, ки қиёмат, дар ҳоле ки ғофиланд, ногаҳон бар онон фаро расад?

ٱلْأَخِلَّآءُ يَوْمَئِذٍۭ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ إِلَّا ٱلْمُتَّقِينَ ﴿٦٧﴾

67. Дӯстон [-и дунёӣ] дар он рӯз душмани якдигаранд, магар парҳезкорон

يَٰعِبَادِ لَا خَوْفٌ عَلَيْكُمُ ٱلْيَوْمَ وَلَآ أَنتُمْ تَحْزَنُونَ ﴿٦٨﴾

68. [Аллоҳ таоло ба онон мефармояд] «Эй бандагони [парҳезкори] Ман имрӯз тарсу андуҳе нахоҳед дошт

ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا وَكَانُوا۟ مُسْلِمِينَ ﴿٦٩﴾

69. Ҳамон бандагоне, ки ба оёти Мо имон овардаанд ва таслим [-и фармони Мо] буданд

70. Шумо ва дигар муъминоне, ки ҳамчун шумо ҳастанд, ба биҳишт дароед, то [аз неъматҳои ҷовидонаш баҳраманд гардед ва] шодмон шавед

ٱدۡخُلُواْ ٱلۡجَنَّةَ أَنتُمۡ وَأَزۡوَٰجُكُمۡ تُحۡبَرُونَ ٧٠

71. Зарфҳо ва ҷомҳои зарин перомунашон мегардонанд ва ҳар чи дилҳо бихоҳад ва дидаҳо лаззат барад, дар он ҷо ҳаст ва шумо дар биҳишт ҷовидонаед

يُطَافُ عَلَيۡهِم بِصِحَافٖ مِّن ذَهَبٖ وَأَكۡوَابٖۖ وَفِيهَا مَا تَشۡتَهِيهِ ٱلۡأَنفُسُ وَتَلَذُّ ٱلۡأَعۡيُنُۖ وَأَنتُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ٧١

72. Ин ҳамон биҳиштест, ки дар барорбари рафторатон ба шумо додаанд

وَتِلۡكَ ٱلۡجَنَّةُ ٱلَّتِيٓ أُورِثۡتُمُوهَا بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ٧٢

73. Дар онҷо меваҳои фаровоне дар ихтиёр доред, ки аз онҳо мехӯред

لَكُمۡ فِيهَا فَٰكِهَةٞ كَثِيرَةٞ مِّنۡهَا تَأۡكُلُونَ ٧٣

74. Бе тардид, муҷримон дар азоби дузах ҷовидонанд

إِنَّ ٱلۡمُجۡرِمِينَ فِي عَذَابِ جَهَنَّمَ خَٰلِدُونَ ٧٤

75. [Дар ҳоле ки азоб] аз онон коста намешавад ва дар яъсу ноумедӣ фурӯ рафтаанд

لَا يُفَتَّرُ عَنۡهُمۡ وَهُمۡ فِيهِ مُبۡلِسُونَ ٧٥

76. Мо ба онон ситам накардаем, балки онҳо худ ба хештан ситам мекарданд

وَمَا ظَلَمۡنَٰهُمۡ وَلَٰكِن كَانُواْ هُمُ ٱلظَّٰلِمِينَ ٧٦

77. [Дузахиён] Нигаҳбони оташро садо мезананд ва фарёд бар меоранд: «Эй Молик [кош] Парвардигорат кори моро яксара кунад [ва бимиронад]» Ӯ мегӯяд: «На, шумо [дар ин азоб] мондагоред»

وَنَادَوۡاْ يَٰمَٰلِكُ لِيَقۡضِ عَلَيۡنَا رَبُّكَۖ قَالَ إِنَّكُم مَّٰكِثُونَ ٧٧

78. Ба ростӣ, ҳақро барои шумо овардем, вале бештаратон аз он кароҳат доштед

لَقَدۡ جِئۡنَٰكُم بِٱلۡحَقِّ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَكُمۡ لِلۡحَقِّ كَٰرِهُونَ ٧٨

79. Онон азми [худро барои тавтеа алайҳи ту] ҷазм карданд, Мо низ иродаи муҳкаме [бар ноком гузоштани эшон] дорем

أَمۡ أَبۡرَمُوٓاْ أَمۡرٗا فَإِنَّا مُبۡرِمُونَ ٧٩

80. Оё мепиндоранд, ки Мо суханони сиррӣ ва нақвоишонро намешунавем? Оре, фариштагони Мо дар канорашон [ҳастанд ва ҳама чизро] сабт мекунанд

أَمۡ يَحۡسَبُونَ أَنَّا لَا نَسۡمَعُ سِرَّهُمۡ وَنَجۡوَىٰهُمۡۚ بَلَىٰ وَرُسُلُنَا لَدَيۡهِمۡ يَكۡتُبُونَ ٨٠

قُلْ إِن كَانَ لِلرَّحْمَٰنِ وَلَدٌ فَأَنَا۠ أَوَّلُ ٱلْعَٰبِدِينَ ﴿٨١﴾

81. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Агар [ба фарзи маҳол Аллоҳи] Раҳмон фарзанде дошт, ман нахустин парастишгар [-и Ӯ] будам»

سُبْحَٰنَ رَبِّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ رَبِّ ٱلْعَرْشِ عَمَّا يَصِفُونَ ﴿٨٢﴾

82. [Маъбуди яктое, ки] Парвардигори осмонҳо ва замин ва Арш аст, аз тавсифи [ҷоҳилонаи] онон муназзаҳ аст

فَذَرْهُمْ يَخُوضُوا۟ وَيَلْعَبُوا۟ حَتَّىٰ يُلَٰقُوا۟ يَوْمَهُمُ ٱلَّذِى يُوعَدُونَ ﴿٨٣﴾

83. Пас, [эй Паёмбар] ононро [ба ҳоли худ] бигузор, то ёвагӯӣ кунанд ва ба бозӣ саргарм бошанд, то саранҷом бо рӯзи мавъуд [қиёмат] мувоҷеҳ шаванд [ва сазои аъмолашонро бубинанд]

وَهُوَ ٱلَّذِى فِى ٱلسَّمَآءِ إِلَٰهٌ وَفِى ٱلْأَرْضِ إِلَٰهٌ ۚ وَهُوَ ٱلْحَكِيمُ ٱلْعَلِيمُ ﴿٨٤﴾

84. Ӯст, ки дар осмон ва замин маъбуд аст ва Ӯ ҳакими доност

وَتَبَارَكَ ٱلَّذِى لَهُۥ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا ۖ وَعِندَهُۥ عِلْمُ ٱلسَّاعَةِ ۖ وَإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ ﴿٨٥﴾

85. Пурбаракат ва бузургвор аст касе, ки фармонравоии осмонҳову замин ва он чи миёни онҳост, аз они Ӯст ва огоҳӣ аз [лаҳзаи барпоии] растохез танҳо дар ихтиёри Ӯст ва [ҳамагӣ] ба пешгоҳи Ӯ бозгардонда мешавед

وَلَا يَمْلِكُ ٱلَّذِينَ يَدْعُونَ مِن دُونِهِ ٱلشَّفَٰعَةَ إِلَّا مَن شَهِدَ بِٱلْحَقِّ وَهُمْ يَعْلَمُونَ ﴿٨٦﴾

86. Касоне, ки [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ таоло [ба ниёиш] мехонанд, қодир ба шафоат нестанд, магар афроде, ки ба [калимаи тавҳид ва] ҳақ аз руи илм гувоҳӣ медиҳанд

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَهُمْ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُ ۖ فَأَنَّىٰ يُؤْفَكُونَ ﴿٨٧﴾

87. Агар аз мушрикон бипурсӣ, чи касе ононро офаридааст, мусалламан, мегӯянд: «Аллоҳ таоло». Пас, чи гуна [аз ҳақ] бар мегарданд?

وَقِيلِهِۦ يَٰرَبِّ إِنَّ هَٰٓؤُلَآءِ قَوْمٌ لَّا يُؤْمِنُونَ ﴿٨٨﴾

88. [Шикоят ва] Сухани паёмбар [ин буд]: «Парвардигоро, инон қавме ҳастанд, ки имон намеоваранд»

فَٱصْفَحْ عَنْهُمْ وَقُلْ سَلَٰمٌ ۚ فَسَوْفَ يَعْلَمُونَ ﴿٨٩﴾

89. Пас, [эй Паёмбар] аз онон даргузар ва [барои раҳоӣ аз шаррашон] бигӯ: «Салом бар Шумо»! Ба зудӣ хоҳанд донист [ки азобашон чи гуна аст]

(44) Духон[*] الدخان

Ҷузъи 25

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

حمٓ ﴿١﴾

1. Ҳо, мим.[1]

وَٱلْكِتَٰبِ ٱلْمُبِينِ ﴿٢﴾

2. Савганд ба китоби равшангар

إِنَّآ أَنزَلْنَٰهُ فِى لَيْلَةٍ مُّبَٰرَكَةٍ ۚ إِنَّا كُنَّا مُنذِرِينَ ﴿٣﴾

3. Мо Қуръонро дар шаби муборак [ва фархундаи қадр] нозил кардем, [зеро] ки Мо [ҳамвора] ҳушдордиҳанда будаем

فِيهَا يُفْرَقُ كُلُّ أَمْرٍ حَكِيمٍ ﴿٤﴾

4. Дар он [шаб] ҳар амри муҳимме файсала меёбад [ва тадбир мешавад]

أَمْرًا مِّنْ عِندِنَآ ۚ إِنَّا كُنَّا مُرْسِلِينَ ﴿٥﴾

5. [Ин] корест [ки] аз ҷониби Мо [сурат мегирад] бе гумон, Мо фиристандаи [паёмбарон] будаем

رَحْمَةً مِّن رَّبِّكَ ۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴿٦﴾

6. Ба унвони раҳмате аз Парвардигорат. Бе тардид, Ӯ шунавои доност

رَبِّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَآ ۖ إِن كُنتُم مُّوقِنِينَ ﴿٧﴾

7. Парвардигори осмонҳову замин ва он чи миёни онҳост. Агар [ба ин ҳақиқат] яқин доред [ба Аллоҳ таоло ва Паёмбараш имон биёваред]

لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ يُحْىِۦ وَيُمِيتُ ۖ رَبُّكُمْ وَرَبُّ ءَابَآئِكُمُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٨﴾

8. Ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест, зиндагӣ мебахшад ва мемиронад. Парвардигори шумо ва ниёгони шумост

بَلْ هُمْ فِى شَكٍّ يَلْعَبُونَ ﴿٩﴾

9. Вале мушрикон тардид доранд ва саргарми [лаззатҳои дунё] ва бозӣ ҳастанд

فَٱرْتَقِبْ يَوْمَ تَأْتِى ٱلسَّمَآءُ بِدُخَانٍ مُّبِينٍ ﴿١٠﴾

10. Пас, [эй Паёмбар] мунтазири рӯзе бош, ки осмон, дуде ошкор [падид] оварад

يَغْشَى ٱلنَّاسَ ۖ هَٰذَا عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿١١﴾

11. Ки [тамоми] мардумро фаро мегирад. Ин азобе дарднок аст

(*) Духон (Дуд).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

رَبَّنَا ٱكۡشِفۡ عَنَّا ٱلۡعَذَابَ إِنَّا مُؤۡمِنُونَ ﴿١٢﴾	**12**. [Он гоҳ кофирон мегӯянд] «Парвардигоро, [ин] азобро аз мо бартараф кун, ки имон овардаем»
أَنَّىٰ لَهُمُ ٱلذِّكۡرَىٰ وَقَدۡ جَآءَهُمۡ رَسُولٞ مُّبِينٞ ﴿١٣﴾	**13**. Чи гуна [ва аз куҷо] панд мепазиранд, дар ҳоле ки [пештар] паёмбари равшангар ба сӯяшон омада буд?
ثُمَّ تَوَلَّوۡاْ عَنۡهُ وَقَالُواْ مُعَلَّمٞ مَّجۡنُونٌ ﴿١٤﴾	**14**. Аммо аз ӯ рӯй гардониданд ва гуфтанд: «[Ӯ] омӯзишёфтаи девона аст»
إِنَّا كَاشِفُواْ ٱلۡعَذَابِ قَلِيلًاۚ إِنَّكُمۡ عَآئِدُونَ ﴿١٥﴾	**15**. [Барои озмоиши шумо] Замоне андак азобро бармедорем, ва [-ле] шумо [ба куфри хеш] бозмегардед
يَوۡمَ نَبۡطِشُ ٱلۡبَطۡشَةَ ٱلۡكُبۡرَىٰٓ إِنَّا مُنتَقِمُونَ ﴿١٦﴾	**16**. Рӯзе сахт бар онон метозем. [Оре] Мо [аз кофирон ба хотири куфру такзибашон] интиқом мегирем
۞وَلَقَدۡ فَتَنَّا قَبۡلَهُمۡ قَوۡمَ فِرۡعَوۡنَ وَجَآءَهُمۡ رَسُولٞ كَرِيمٌ ﴿١٧﴾	**17**. Пеш аз онон низ қавми Фиръавнро озмудем ва паёмбари бузургвор ба сӯяшон омад
أَنۡ أَدُّوٓاْ إِلَيَّ عِبَادَ ٱللَّهِۖ إِنِّي لَكُمۡ رَسُولٌ أَمِينٞ ﴿١٨﴾	**18**. [Ва ба онон гуфт] Ки «[кори Бани Исроил ин] бандагони Аллоҳро ба ман вогузоред, ки ман барои шумо паёмбари аминам
وَأَن لَّا تَعۡلُواْ عَلَى ٱللَّهِۖ إِنِّيٓ ءَاتِيكُم بِسُلۡطَٰنٖ مُّبِينٖ ﴿١٩﴾	**19**. Ва [низ] бар Аллоҳ таоло бартарӣ мачӯед, ки ман бароятон далели равшане овардаам
وَإِنِّي عُذۡتُ بِرَبِّي وَرَبِّكُمۡ أَن تَرۡجُمُونِ ﴿٢٠﴾	**20**. Ва аз ин ки сангсорам кунед, ба Парвардигори худ ва Парвардигори шумо паноҳ мебарам
وَإِن لَّمۡ تُؤۡمِنُواْ لِي فَٱعۡتَزِلُونِ ﴿٢١﴾	**21**. Агар ба ман имон намеоваред, пас, аз ман канора бигиред [ва раҳоям кунед]
فَدَعَا رَبَّهُۥٓ أَنَّ هَٰٓؤُلَآءِ قَوۡمٞ مُّجۡرِمُونَ ﴿٢٢﴾	**22**. Он гоҳ ба даргоҳи Парвардигораш дуо кард, ки: «[Бор илоҳо] Инон гурӯҳе табоҳкоранд»
فَأَسۡرِ بِعِبَادِي لَيۡلًا إِنَّكُم مُّتَّبَعُونَ ﴿٢٣﴾	**23**. [Ба Мӯсо ваҳй кардем, ки] «Бандагонамро шабона [аз Миср] берун бибар, зеро [сипоҳи Фиръавн] шуморо таъқиб хоҳад кард
وَٱتۡرُكِ ٱلۡبَحۡرَ رَهۡوًاۖ إِنَّهُمۡ جُندٞ مُّغۡرَقُونَ ﴿٢٤﴾	**24**. Ва дарёро ором пушти сар бигузор, ки онон сипоҳе ҳастанд ки ғарқ хоҳанд шуд

كَمْ تَرَكُواْ مِن جَنَّٰتٖ وَعُيُونٖ ﴿٢٥﴾

25. Чи бисёр боғҳову чашмасорҳоро, ки раҳо карданд [ва рафтанд]

وَزُرُوعٖ وَمَقَامٖ كَرِيمٖ ﴿٢٦﴾

26. Ва киштзорҳову қасрҳои наку [ва зебо]

وَنَعۡمَةٖ كَانُواْ فِيهَا فَٰكِهِينَ ﴿٢٧﴾

27. Ва неъмате, ки дар он [шодмон] буданд

كَذَٰلِكَۖ وَأَوۡرَثۡنَٰهَا قَوۡمًا ءَاخَرِينَ ﴿٢٨﴾

28. [Сарнавишташон] Ин гуна [буд] ва [тамомии] он неъматҳоро ба гурӯҳе дигар вогузоштем

فَمَا بَكَتۡ عَلَيۡهِمُ ٱلسَّمَآءُ وَٱلۡأَرۡضُ وَمَا كَانُواْ مُنظَرِينَ ﴿٢٩﴾

29. Осмону замин бар [нобудии] онон қатраи ашке нарехт ва муҳлате [барои тавба] низ наёфтанд

وَلَقَدۡ نَجَّيۡنَا بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ مِنَ ٱلۡعَذَابِ ٱلۡمُهِينِ ﴿٣٠﴾

30. Бе тардид, Бани Исроилро аз азоби хоркунанда наҷот додем

مِن فِرۡعَوۡنَۚ إِنَّهُۥ كَانَ عَالِيٗا مِّنَ ٱلۡمُسۡرِفِينَ ﴿٣١﴾

31. Аз Фиръавн, ки [роҳбари] саркаше дар зумраи исрофкорон буд

وَلَقَدِ ٱخۡتَرۡنَٰهُمۡ عَلَىٰ عِلۡمٍ عَلَى ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿٣٢﴾

32. Мо бо дониши Худ Бани Исроилро бар мардуми замона бартарӣ додем

وَءَاتَيۡنَٰهُم مِّنَ ٱلۡأٓيَٰتِ مَا فِيهِ بَلَٰٓؤٞا مُّبِينٌ ﴿٣٣﴾

33. Ва нишонаҳое [аз қудрати хеш] дар ихтиёрашон гузоштем, ки озмоише равшан дар он буд

إِنَّ هَٰٓؤُلَآءِ لَيَقُولُونَ ﴿٣٤﴾

34. Ин мушрикон мегӯянд:

إِنۡ هِيَ إِلَّا مَوۡتَتُنَا ٱلۡأُولَىٰ وَمَا نَحۡنُ بِمُنشَرِينَ ﴿٣٥﴾

35. «Ҷуз марги нахустини мо ҳеҷ [зиндагии дигаре] нест ва ҳаргиз барангехта нахоҳем шуд

فَأۡتُواْ بِـَٔابَآئِنَآ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ﴿٣٦﴾

36. Ва агар рост мегӯед, ниёгонамонро [зинда кунед ва] биёваред»

أَهُمۡ خَيۡرٌ أَمۡ قَوۡمُ تُبَّعٖ وَٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ أَهۡلَكۡنَٰهُمۡۖ إِنَّهُمۡ كَانُواْ مُجۡرِمِينَ ﴿٣٧﴾

37. Оё эшон беҳтаранд ё қавми [неруманди] Туббаъ ва пешиниёни онҳо, ки чун базаҳкор буданд, ҳалокашон кардем?

وَمَا خَلَقۡنَا ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ وَمَا بَيۡنَهُمَا لَٰعِبِينَ ﴿٣٨﴾

38. Ва Мо осмону замин ва он чиро, ки миёни онҳост ба бозича наёфаридаем

مَا خَلَقۡنَٰهُمَآ إِلَّا بِٱلۡحَقِّ وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ ﴿٣٩﴾

39. Онҳоро ба ҳақ [ва бо ҳадаф] офаридаем, вале бештарашон намедонанд

40. Бе тардид, рӯзи доварӣ [қиёмат] ваъдагоҳи ҳамаи онон аст

إِنَّ يَوْمَ ٱلْفَصْلِ مِيقَٰتُهُمْ أَجْمَعِينَ ﴿٤٠﴾

41. Рӯзе, ки ҳеҷ дӯсте барои дӯсти худ судманд нест ва [аз ҳеҷ сӯ] ёрӣ намешаванд

يَوْمَ لَا يُغْنِى مَوْلًى عَن مَّوْلًى شَيْـًٔا وَلَا هُمْ يُنصَرُونَ ﴿٤١﴾

42. Магар касе, ки Аллоҳ таоло [бар ӯ] раҳм кунад, ки Ӯ шикастнопазири меҳрубон аст

إِلَّا مَن رَّحِمَ ٱللَّهُ ۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلرَّحِيمُ ﴿٤٢﴾

43. Бе гумон, дарахти Заққум

إِنَّ شَجَرَتَ ٱلزَّقُّومِ ﴿٤٣﴾

44. ғизои гунаҳкорон аст

طَعَامُ ٱلْأَثِيمِ ﴿٤٤﴾

45. [Мевааш аз шиддати ҳарорат] ҳамчун миси гудохта дар шикамҳо меҷӯшад

كَٱلْمُهْلِ يَغْلِى فِى ٱلْبُطُونِ ﴿٤٥﴾

46. Монанди ҷӯшиши оби гарм [ҷӯшидаистода]

كَغَلْىِ ٱلْحَمِيمِ ﴿٤٦﴾

47. [Хитоб мерасад] «Он [ситамгор]-ро бигиред ва ба миёни дузах дарафканед

خُذُوهُ فَٱعْتِلُوهُ إِلَىٰ سَوَآءِ ٱلْجَحِيمِ ﴿٤٧﴾

48. Он гоҳ аз азоби оби доғ бар сараш фурӯ резед»

ثُمَّ صُبُّوا۟ فَوْقَ رَأْسِهِۦ مِنْ عَذَابِ ٱلْحَمِيمِ ﴿٤٨﴾

49. [Дар он ҳол ба ӯ гуфта мешавад] «Бичаш, ки ту [дар миёни қавми худ] иззатманд ва бузургворӣ

ذُقْ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْكَرِيمُ ﴿٤٩﴾

50. Ин ҳамон [сарнавишти дардноке] аст, ки дар мавридаш тардид доштед»

إِنَّ هَٰذَا مَا كُنتُم بِهِۦ تَمْتَرُونَ ﴿٥٠﴾

51. Яқинан парҳезкорон дар ҷойгоҳи амне ҳастанд

إِنَّ ٱلْمُتَّقِينَ فِى مَقَامٍ أَمِينٍ ﴿٥١﴾

52. дар [миёни] боғҳо ва [канори] чашмасорҳои биҳишт

فِى جَنَّٰتٍ وَعُيُونٍ ﴿٥٢﴾

53. Либосҳое аз дебои нозук ва дебои захим мепӯшанд, дар ҳоле ки рӯёрӯи якдигар [ба суҳбат] нишастаанд

يَلْبَسُونَ مِن سُندُسٍ وَإِسْتَبْرَقٍ مُّتَقَٰبِلِينَ ﴿٥٣﴾

54. Чунин аст [вазъи онон] ва ҳуриёни ғизолчашм [-и биҳиштӣ]-ро ба ҳамсарии онон дармеоварем

كَذَٰلِكَ وَزَوَّجْنَٰهُم بِحُورٍ عِينٍ ﴿٥٤﴾

يَدۡعُونَ فِيهَا بِكُلِّ فَٰكِهَةٍ ءَامِنِينَ ٥٥

55. Дар он ҷо ҳар мевае, ки ирода кунанд, бе дағдаға дар ихтиёрашон аст

لَا يَذُوقُونَ فِيهَا ٱلۡمَوۡتَ إِلَّا ٱلۡمَوۡتَةَ ٱلۡأُولَىٰۖ وَوَقَىٰهُمۡ عَذَابَ ٱلۡجَحِيمِ ٥٦

56. Дар биҳишт таъми маргро нахоҳанд чашид, ҷуз ҳамон марги нахустин ва [Парвардигори меҳрубон] аз муҷозоти дузах барканорашон доштааст

فَضۡلٗا مِّن رَّبِّكَۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ٥٧

57. [Ин] Бахшишест аз [ҷониби] Парвардигорат ва ин ҳамон комёбии бузург аст

فَإِنَّمَا يَسَّرۡنَٰهُ بِلِسَانِكَ لَعَلَّهُمۡ يَتَذَكَّرُونَ ٥٨

58. [Эй Паёмбар] Мо Қуръонро ба забони ту равон [ва осон] сохтем, бошад, ки [мушрикон] панд гиранд

فَٱرۡتَقِبۡ إِنَّهُم مُّرۡتَقِبُونَ ٥٩

59. Пас, дар интизори [ваъдаҳои илоҳӣ] бош, ки бе гумон, онон [низ] мунтазиранд

(45) Ҷосия[*] الجاثية

Ҷузъи 25

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

حمٓ ﴿١﴾

1. Ҳо, мим.[1]

تَنزِيلُ ٱلْكِتَٰبِ مِنَ ٱللَّهِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْحَكِيمِ ﴿٢﴾

2. Нузули [ин] китоб аз ҷониби Аллоҳи шикастнопазири ҳаким аст

إِنَّ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ لَءَايَٰتٍ لِّلْمُؤْمِنِينَ ﴿٣﴾

3. Ба ростӣ, ки дар осмонҳо ва замин нишонаҳое [аз қудрати илоҳӣ] барои муъминон [падидор] аст

وَفِى خَلْقِكُمْ وَمَا يَبُثُّ مِن دَآبَّةٍ ءَايَٰتٌ لِّقَوْمٍ يُوقِنُونَ ﴿٤﴾

4. Ва [низ] дар офариниши худатон ва мавҷудоти зиндае, ки [дар замин] пароканда месозад, барои аҳли яқин нишонаҳое [аз тавон ва тадбири Аллоҳ таоло ошкор] аст

وَٱخْتِلَٰفِ ٱلَّيْلِ وَٱلنَّهَارِ وَمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مِن رِّزْقٍ فَأَحْيَا بِهِ ٱلْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا وَتَصْرِيفِ ٱلرِّيَٰحِ ءَايَٰتٌ لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ ﴿٥﴾

5. Ва дар гардиши паёпайи шабу рӯз ва ризқе, ки Аллоҳ таоло [ба сурати борон] аз осмон мефиристад ва бо он заминро пас аз хазон ва хушкиаш зинда месозад ва [низ] дар гардиши бодҳо барои хирадварзон, нишонаҳое [аз қудрати Парвардигор] аст

تِلْكَ ءَايَٰتُ ٱللَّهِ نَتْلُوهَا عَلَيْكَ بِٱلْحَقِّ ۖ فَبِأَىِّ حَدِيثٍۭ بَعْدَ ٱللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ يُؤْمِنُونَ ﴿٦﴾

6. [Эй Паёмбар] Инҳо оёт [ва нишонаҳо]-и илоҳист, ки ба ҳақ бар ту мехонем [Ба ростӣ, мушрикон] пас аз [сухани] Аллоҳ таоло ва оёташ кадом суханро бовар мекунанд?

وَيْلٌ لِّكُلِّ أَفَّاكٍ أَثِيمٍ ﴿٧﴾

7. Вой бар ҳар дурӯғгӯи гунаҳкор!

يَسْمَعُ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ تُتْلَىٰ عَلَيْهِ ثُمَّ يُصِرُّ مُسْتَكْبِرًا كَأَن لَّمْ يَسْمَعْهَا ۖ فَبَشِّرْهُ بِعَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿٨﴾

8. [Он кофире] ки оёти илоҳиро, ки бар ӯ хонда мешавад, мешунавад, вале мутакаббирона бар мухолифат исрор дорад. Гӯё онҳоро нашунидааст. Пас, ӯро ба азобе дарднок башорат бидеҳ

(*) Ҷосия (Зонузананда).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

وَإِذَا عَلِمَ مِنْ ءَايَٰتِنَا شَيْـًٔا ٱتَّخَذَهَا هُزُوًا ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ مُّهِينٌ ﴿٩﴾

9. [Ҳамон ки] чун бар гӯшае аз оёти Мо воқиф шавад, онро ба масхара мегирад. Онон азобе сангину дарднок [дар пеш] доранд

مِّن وَرَآئِهِمْ جَهَنَّمُ ۖ وَلَا يُغْنِى عَنْهُم مَّا كَسَبُوا۟ شَيْـًٔا وَلَا مَا ٱتَّخَذُوا۟ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَوْلِيَآءَ ۖ وَلَهُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿١٠﴾

10. Пешопеши эшон [дар охират] дузах аст ва дастовардашон ва [ёварону] корсозоне, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло баргузидаанд, ҳеҷ суде ба ҳолашон нахоҳанд дошт ва азобе саҳмгин [дар пеш] доранд

هَٰذَا هُدًى ۖ وَٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِمْ لَهُمْ عَذَابٌ مِّن رِّجْزٍ أَلِيمٌ ﴿١١﴾

11. Ин [Қуръон муҷиби] ҳидоят аст ва касоне, ки оёти Парвардигорашонро инкор мекунанд, азобе аз сахттарин азобҳои дардноки [дузахро дар пеш] доранд

۞ ٱللَّهُ ٱلَّذِى سَخَّرَ لَكُمُ ٱلْبَحْرَ لِتَجْرِىَ ٱلْفُلْكُ فِيهِ بِأَمْرِهِۦ وَلِتَبْتَغُوا۟ مِن فَضْلِهِۦ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ ﴿١٢﴾

12. Аллоҳ таоло аст, ки дарёҳоро дар хидмати шумо гумошт, то киштиҳо ба фармонаш дар он равон шаванд ва [шумо битавонед] аз фазли Ӯ [рӯзи] бичӯед, бошад, ки сипос гузоред

وَسَخَّرَ لَكُم مَّا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ جَمِيعًا مِّنْهُ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَـَٔايَٰتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ ﴿١٣﴾

13. Он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз [раҳмати] хеш дар хидмати шумо гумошт, ки дар ин [амр] барои андешамандон нишонаҳое [аз лутф ва қудрати илоҳӣ] аст

قُل لِّلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ يَغْفِرُوا۟ لِلَّذِينَ لَا يَرْجُونَ أَيَّامَ ٱللَّهِ لِيَجْزِىَ قَوْمًۢا بِمَا كَانُوا۟ يَكْسِبُونَ ﴿١٤﴾

14. [Эй Паёмбар] ба муъминон бигӯ: «Аз касоне, ки ба рӯзҳои Аллоҳ таоло [рӯзҳои пирӯзӣ бар куфру интиқом аз мушрикон] умеде надоранд, даргузаранд, то [Аллоҳ таоло ба мавқеи худ ҳар] гурӯҳеро дар баробари он чи ки анҷом додаанд, сазо диҳад»

مَنْ عَمِلَ صَٰلِحًا فَلِنَفْسِهِۦ ۖ وَمَنْ أَسَآءَ فَعَلَيْهَا ۖ ثُمَّ إِلَىٰ رَبِّكُمْ تُرْجَعُونَ ﴿١٥﴾

15. Ҳар ки кори шоистае анҷом диҳад, ба суди худ ва ҳар ки кори баде кунад, ба зиёни худ кардааст. Он гоҳ [барои муҳосиба ва ҷазо] ба пешгоҳи Парвардигоратон бозгардонида мешавед

وَلَقَدْ ءَاتَيْنَا بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحُكْمَ وَٱلنُّبُوَّةَ وَرَزَقْنَٰهُم مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَفَضَّلْنَٰهُمْ عَلَى ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿١٦﴾

16. Ба Бани Исроил Таврот ва [илму] доварӣ [байни мардум] ва нубувват бахшидем ва аз неъматҳои покиза рӯзиашон додем ва ононро [ба мавҳибати тавҳид] бар мардуми замона бартарӣ бахшидем

وَءَاتَيْنَٰهُم بَيِّنَٰتٍ مِّنَ ٱلْأَمْرِ ۖ فَمَا ٱخْتَلَفُوٓا۟ إِلَّا مِنۢ بَعْدِ مَا جَآءَهُمُ ٱلْعِلْمُ بَغْيًۢا بَيْنَهُمْ ۚ إِنَّ رَبَّكَ يَقْضِى بَيْنَهُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ فِيمَا كَانُوا۟ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ ﴿١٧﴾

17. Ва дар амри [бозшиносии ҳақ аз ботил], оёти равшане дар ихтиёрашон қарор додем, вале онон ба далели ҳасад ва бартарихоҳӣ, ки байнашон буд, ихтилоф варзиданд ва бе тардид, Парвардигорат рӯзи қиёмат дар мавориди ихтилофашон миёни онон доварӣ хоҳад кард

ثُمَّ جَعَلْنَٰكَ عَلَىٰ شَرِيعَةٍ مِّنَ ٱلْأَمْرِ فَٱتَّبِعْهَا وَلَا تَتَّبِعْ أَهْوَآءَ ٱلَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ ﴿١٨﴾

18. Он гоҳ туро бар равише [равшан ва комил] аз амри [дин] қарор додем, пас, пайрави ҳамон роҳ бош ва аз ҳавасҳои нодонон пайравӣ накун

إِنَّهُمْ لَن يُغْنُوا۟ عَنكَ مِنَ ٱللَّهِ شَيْـًٔا ۚ وَإِنَّ ٱلظَّٰلِمِينَ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَآءُ بَعْضٍ ۖ وَٱللَّهُ وَلِىُّ ٱلْمُتَّقِينَ ﴿١٩﴾

19. Онон дар баробар [-и азоб]-и Аллоҳ таоло барои ту ҳеҷ фоидае надоранд. Ситамгорон [ёвару] корсози якдигаранд ва Аллоҳ таоло корсози парҳезкорон аст

هَٰذَا بَصَٰٓئِرُ لِلنَّاسِ وَهُدًى وَرَحْمَةٌ لِّقَوْمٍ يُوقِنُونَ ﴿٢٠﴾

20. Ин [Қуръон] мояи басирати мардум аст ва ҳидояту раҳматест барои аҳли яқин

أَمْ حَسِبَ ٱلَّذِينَ ٱجْتَرَحُوا۟ ٱلسَّيِّـَٔاتِ أَن نَّجْعَلَهُمْ كَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ سَوَآءً مَّحْيَاهُمْ وَمَمَاتُهُمْ ۚ سَآءَ مَا يَحْكُمُونَ ﴿٢١﴾

21. Оё касоне, ки муртакиби корҳои ношоиста шуданд, пиндоштаанд, ки ҳамтирози муъминони некукор қарорашон медиҳем, ба гунае ки зиндагӣ ва маргашон [бо онон] яксон бошад? Чи бад доварӣ мекунанд!

وَخَلَقَ ٱللَّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ بِٱلْحَقِّ وَلِتُجْزَىٰ كُلُّ نَفْسٍۭ بِمَا كَسَبَتْ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ ﴿٢٢﴾

22. Аллоҳ таоло осмонҳо ва заминро [ҳадафманд ва] ба ҳақ офарид, то [ҳама озмоиш шаванд] ва ҷазои дастовардҳои ҳама [бандагон] дода шавад, бидуни он ки зулме ба онон шавад

أَفَرَءَيْتَ مَنِ ٱتَّخَذَ إِلَٰهَهُۥ هَوَىٰهُ وَأَضَلَّهُ ٱللَّهُ عَلَىٰ عِلْمٍ وَخَتَمَ عَلَىٰ سَمْعِهِۦ وَقَلْبِهِۦ وَجَعَلَ عَلَىٰ بَصَرِهِۦ غِشَٰوَةً فَمَن يَهْدِيهِ مِنۢ بَعْدِ ٱللَّهِ ۚ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ ﴿٢٣﴾

23. Оё он касеро дидай, ки огоҳона ҳавои нафсашро ба ҷойи маъбуди худ нишонда [ва таслими он шуда] аст? Аллоҳ таоло низ ӯро гумроҳ сохт ва бар гӯшу дилаш муҳри [ғафлат] ниҳод ва бар дидааш пардае кашид. [Агар Аллоҳ таоло ҳидояташ накунад] пас, аз Аллоҳ таоло чи касе ҳидояташ хоҳад кард? Оё панд намегиред?

وَقَالُوا۟ مَا هِىَ إِلَّا حَيَاتُنَا ٱلدُّنْيَا نَمُوتُ وَنَحْيَا وَمَا يُهْلِكُنَآ إِلَّا ٱلدَّهْرُ ۚ وَمَا لَهُم بِذَٰلِكَ مِنْ عِلْمٍ ۖ إِنْ هُمْ إِلَّا يَظُنُّونَ ﴿٢٤﴾

24. [Мушрикон] мегӯянд: «Ҷуз зиндагии дунёи мо ҳеҷ [хабаре] нест. Зиндагӣ мекунем ва мемирем ва ин гардиши рӯзгор аст, ки моро

ба коми марг мебарад». Онон дар мавриди ин [амр] бе иттилоанд ва фақат аз ҳадсу гумон пайравӣ мекунанд

وَإِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتُنَا بَيِّنَٰتٍ مَّا كَانَ حُجَّتَهُمْ إِلَّآ أَن قَالُواْ ٱئْتُواْ بِـَٔابَآئِنَآ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٢٥﴾

25. Ва чун оёти равшангари Мо [дар мавриди қиёмат] бар онон хонда мешавад, далели [инкор]- ашон фақат ин аст, ки мегӯянд: «Агар рост мегӯед, ниёгонамонро [зинда кунед ва] бозгардонед»

قُلِ ٱللَّهُ يُحْيِيكُمْ ثُمَّ يُمِيتُكُمْ ثُمَّ يَجْمَعُكُمْ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ لَا رَيْبَ فِيهِ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٢٦﴾

26. [Эй Паёмбар, ба онон] бигӯ: «Аллоҳ таоло аст, ки шуморо ҳаёт мебахшад ва марг медиҳад. Он гоҳ шуморо дар рӯзи қиёмат, ки ҳеҷ тардид дар он нест, ҷамъ мекунад, вале бештари мардум [ин ҳақиқатро] намедонанд»

وَلِلَّهِ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَيَوْمَ تَقُومُ ٱلسَّاعَةُ يَوْمَئِذٍ يَخْسَرُ ٱلْمُبْطِلُونَ ﴿٢٧﴾

27. Фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст ва рӯзе, ки қиёмат барпо шавад, аҳли ботил зиёнкор хоҳанд буд

وَتَرَىٰ كُلَّ أُمَّةٍ جَاثِيَةً ۚ كُلُّ أُمَّةٍ تُدْعَىٰٓ إِلَىٰ كِتَٰبِهَا ٱلْيَوْمَ تُجْزَوْنَ مَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٢٨﴾

28. [Дар он рӯз] ҳар гурӯҳеро [аз ваҳшати ҳисобу ҷазо хору] ба зонударомада мебинӣ, ҳамаро барои [гирифтани] номаи аъмолашон фаро мехонанд [ва ба онон хитоб мешавад]: «Имрӯз шумо дар баробари он чи кардаед, ҷазо мебинед

هَٰذَا كِتَٰبُنَا يَنطِقُ عَلَيْكُم بِٱلْحَقِّ ۚ إِنَّا كُنَّا نَسْتَنسِخُ مَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٢٩﴾

29. Ин номаи [аъмоли шумо назди] мост, ки ба ҳақ бар шумо гувоҳӣ медиҳад. Мо [тамоми] амалкардатонро [дақиқан] сабт мекардем

فَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَيُدْخِلُهُمْ رَبُّهُمْ فِى رَحْمَتِهِۦ ۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلْفَوْزُ ٱلْمُبِينُ ﴿٣٠﴾

30. Муъминони некукорро Парвардигорашон фарогирифтаи раҳмати хеш қарор хоҳад дод. Ин ҳамон комёбии ошкор аст

وَأَمَّا ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ أَفَلَمْ تَكُنْ ءَايَٰتِى تُتْلَىٰ عَلَيْكُمْ فَٱسْتَكْبَرْتُمْ وَكُنتُمْ قَوْمًا مُّجْرِمِينَ ﴿٣١﴾

31. Вале [ба] кофирон [хитоб мешавад]: «Магар на ин буд, ки дар баробари оёти Ман, ки бар шумо арза мешуд, гарданкашӣ мекардед ва гурӯҳе базаҳкор будед?

وَإِذَا قِيلَ إِنَّ وَعْدَ ٱللَّهِ حَقٌّ وَٱلسَّاعَةُ لَا رَيْبَ فِيهَا قُلْتُم مَّا نَدْرِى مَا ٱلسَّاعَةُ إِن نَّظُنُّ إِلَّا ظَنًّا وَمَا نَحْنُ بِمُسْتَيْقِنِينَ ﴿٣٢﴾

32. Ва чун гуфта мешуд: «Ваъдаи Аллоҳ таоло ҳақ аст ва [дар вуқуи] қиёмат ҳеҷ тардиде нест», мегуфтед: Намедонем қиёмат чист, фақат

тасаввуре [дар] ин маврид] дорем, ва [-ле] ба яқин нарасидаем»

وَبَدَا لَهُمْ سَيِّـَٔاتُ مَا عَمِلُواْ وَحَاقَ بِهِم مَّا كَانُواْ بِهِۦ يَسْتَهْزِءُونَ ﴿٣٣﴾

33. Рафтори зишташон бар онон ошкор мешавад ва азобе, ки масхарааш мекарданд, домангирашон хоҳад шуд

وَقِيلَ ٱلْيَوْمَ نَنسَىٰكُمْ كَمَا نَسِيتُمْ لِقَآءَ يَوْمِكُمْ هَٰذَا وَمَأْوَىٰكُمُ ٱلنَّارُ وَمَا لَكُم مِّن نَّٰصِرِينَ ﴿٣٤﴾

34. [Ба онон] гуфта мешавад: «Имрӯз [дар азоби дузах] раҳоятон мекунем, чунонки шумо [низ дар дунё нисбат] ба дидори имрӯз беэътино будед ва ҷойгоҳатон оташ аст ва ҳеҷ ёваре нахоҳед дошт

ذَٰلِكُم بِأَنَّكُمُ ٱتَّخَذْتُمْ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ هُزُوًا وَغَرَّتْكُمُ ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَا ۚ فَٱلْيَوْمَ لَا يُخْرَجُونَ مِنْهَا وَلَا هُمْ يُسْتَعْتَبُونَ ﴿٣٥﴾

35. Ин [гирифторӣ] аз он рӯст, ки оёти илоҳиро масхара мекардед ва зиндагии дунё firebатон дода буд». Имрӯз [кофиронро] аз оташ берун нахоҳанд овард ва аз онон дархости пузиш намешавад

فَلِلَّهِ ٱلْحَمْدُ رَبِّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَرَبِّ ٱلْأَرْضِ رَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٣٦﴾

36. Пас, ситоиш махсуси Аллоҳ таоло аст, Парвардигори осмонҳо ва замин ва тамоми ҷаҳониён

وَلَهُ ٱلْكِبْرِيَآءُ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٣٧﴾

37. Бузургӣ дар осмонҳо ва замин аз они Ӯст ва Ӯ шикастнопазири ҳаким аст

(46) Аҳқоф[*] الأحقاف

Ҷузъи 26

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

حمٓ ﴿١﴾

1. Ҳо, мим.[1]

تَنزِيلُ ٱلْكِتَٰبِ مِنَ ٱللَّهِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْحَكِيمِ ﴿٢﴾

2. Нузули [ин] китоб аз ҷониби Аллоҳи шикастнопазири ҳаким аст

مَا خَلَقْنَا ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَآ إِلَّا بِٱلْحَقِّ وَأَجَلٍ مُّسَمًّىۚ وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ عَمَّآ أُنذِرُواْ مُعْرِضُونَ ﴿٣﴾

3. Осмонҳо ва замин ва он чиро, ки байни онҳост, ба ҳақ [ва ҳадафманд] ва барои муддати муайяне офаридаем, ва [-ле] кофирон аз он чи ба эшон ҳушдор шуда, рӯйгардонанд

قُلْ أَرَءَيْتُم مَّا تَدْعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَرُونِى مَاذَا خَلَقُواْ مِنَ ٱلْأَرْضِ أَمْ لَهُمْ شِرْكٌ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِۖ ٱئْتُونِى بِكِتَٰبٍ مِّن قَبْلِ هَٰذَآ أَوْ أَثَٰرَةٍ مِّنْ عِلْمٍ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٤﴾

4. [Эй Паёмбар, ба мушрикон] бигӯ: «Оё ба бутҳое, ки ба ҷойи Аллоҳ таоло [ба ниёиш] мехонед, таваҷҷуҳ кардаед? Ба ман нишон диҳед, чи чиз аз [аҷзои] заминро офаридаанд. Оё дар [офариниши] осмонҳо ширкат доштаанд? Агар рост мегӯед, аз китобҳои осмонии пешин ё бозмондае аз дониш [-и гузаштагон далел] биёваред»

وَمَنْ أَضَلُّ مِمَّن يَدْعُواْ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَن لَّا يَسْتَجِيبُ لَهُۥٓ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ وَهُمْ عَن دُعَآئِهِمْ غَٰفِلُونَ ﴿٥﴾

5. Кист гумроҳтар аз он ки ба ҷойи Аллоҳ таоло афродеро [ба ниёиш] мехонад, ки то рӯзи қиёмат низ посухашро намедиҳанд ва аз дархосташон бехабаранд?

وَإِذَا حُشِرَ ٱلنَّاسُ كَانُواْ لَهُمْ أَعْدَآءً وَكَانُواْ بِعِبَادَتِهِمْ كَٰفِرِينَ ﴿٦﴾

6. Ва чун [дар қиёмат] мардум эҳзор шаванд, он маъбудон [-и ботил] душманонашон хоҳанд буд ва ибодаташонро инкор хоҳанд кард

وَإِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتُنَا بَيِّنَٰتٍ قَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لِلْحَقِّ لَمَّا جَآءَهُمْ هَٰذَا سِحْرٌ مُّبِينٌ ﴿٧﴾

7. Ва чун оёти равшангари Мо бар кофирон хонда мешуд, онон дар мавриди сухани ҳаққе, ки бад-эшон расидааст, мегӯянд: «Ин ҷодуе ошкор аст»

أَمْ يَقُولُونَ ٱفْتَرَىٰهُۖ قُلْ إِنِ ٱفْتَرَيْتُهُۥ فَلَا تَمْلِكُونَ لِى مِنَ ٱللَّهِ شَيْـًٔاۖ هُوَ أَعْلَمُ بِمَا تُفِيضُونَ فِيهِۦۖ كَفَىٰ بِهِۦ شَهِيدًۢا بَيْنِى

8. Ё мегӯянд: «[Муҳаммад] Қуръонро худ ҷаъл карда [ва ба Аллоҳ таоло нисбат дода] аст». [Эй

(*) Аҳқоф (Регистонҳо).

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

وَبَيْنَكُمْۖ وَهُوَ ٱلْغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ﴿٨﴾

Паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Агар ман онро ҷаъл карда [ва ба Аллоҳ таоло нисбат дода] бошам, пас, шумо наметавонед дар баробари [азоб ва хашми] Аллоҳ таоло аз ман дифоъ кунед. Аллоҳ таоло ба он чи шумо дар борааш суханчинӣ мекунед, огоҳтар аст ва ба унвони гувоҳ байни ману шумо кофист ва Ӯ омурзгори меҳрубон аст»

قُلْ مَا كُنتُ بِدْعًا مِّنَ ٱلرُّسُلِ وَمَآ أَدْرِى مَا يُفْعَلُ بِى وَلَا بِكُمْۖ إِنْ أَتَّبِعُ إِلَّا مَا يُوحَىٰٓ إِلَىَّ وَمَآ أَنَا۠ إِلَّا نَذِيرٌ مُّبِينٌ ﴿٩﴾

9. Бигӯ: «Ман падидаи навзуҳур дар миёни паёмбарон нестам ва намедонам сарнавишти ман ва шумо чи хоҳад шуд, танҳо аз он чи ба ман ваҳй мешавад, пайравӣ мекунам ва фақат ҳушдордиҳандаи ошкорам»

قُلْ أَرَءَيْتُمْ إِن كَانَ مِنْ عِندِ ٱللَّهِ وَكَفَرْتُم بِهِۦ وَشَهِدَ شَاهِدٌ مِّنۢ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ عَلَىٰ مِثْلِهِۦ فَـَٔامَنَ وَٱسْتَكْبَرْتُمْۖ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٠﴾

10. Бигӯ: «Ба ман бигӯед, агар Қуръон аз сӯйи Аллоҳ таоло [расида] бошад ва бо ин ки шоҳиде аз Бани Исроил мушобиҳаташро [бо Таврот] гувоҳӣ дода ва имон оварда бошад ва Шумо дар баробараш инкор ва такаббур кунед, [оё гумроҳ ва ситамгар нестед]? Бе гумон, Аллоҳ таоло ситамгоронро ҳидоят нахоҳад кард»

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لِلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَوْ كَانَ خَيْرًا مَّا سَبَقُونَآ إِلَيْهِۚ وَإِذْ لَمْ يَهْتَدُوا۟ بِهِۦ فَسَيَقُولُونَ هَٰذَآ إِفْكٌ قَدِيمٌ ﴿١١﴾

11. Кофирон ба муъминон мегӯянд: «Агар Қуръон шоистагӣ дошт, онон [ки бардагон ва фақироне ночизанд] дар пазиришаш бар мо сабқат намегирифтанд». Ва чун бад-он ҳидоят наёфтаанд, мегӯянд: «Ин Қуръон дурӯғи қадимӣ аст»

وَمِن قَبْلِهِۦ كِتَٰبُ مُوسَىٰٓ إِمَامًا وَرَحْمَةًۚ وَهَٰذَا كِتَٰبٌ مُّصَدِّقٌ لِّسَانًا عَرَبِيًّا لِّيُنذِرَ ٱلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ وَبُشْرَىٰ لِلْمُحْسِنِينَ ﴿١٢﴾

12. Дар ҳоле ки пеш аз Қуръон китоби Мӯсо роҳнамо ва раҳмат буд ва ин [Қуръон] китобест, ки [Тавротро] ба забони [шевои] арабӣ тасдиқ мекунад, то ба ситамгорон ҳушдор диҳад ва барои некукорон башорат бошад

إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُوا۟ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسْتَقَٰمُوا۟ فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿١٣﴾

13. Касоне, ки гуфтанд: «Парвардигори мо Аллоҳ таоло аст», он гоҳ [аз бандагии ғайри Ӯ сар боз заданд ва бар эътиқоди худ] пой фишурданд, тарсу андӯҳе нахоҳанд дошт

أُو۟لَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلْجَنَّةِ خَٰلِدِينَ فِيهَا جَزَآءًۢ بِمَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿١٤﴾

14. Онон аҳли биҳиштанд ва ҷовидона дар он ҷо хоҳанд буд. Ин подоши аъмолест, ки анҷом додаанд

وَوَصَّيْنَا ٱلْإِنسَٰنَ بِوَٰلِدَيْهِ إِحْسَٰنًا ۖ حَمَلَتْهُ أُمُّهُۥ كُرْهًا وَوَضَعَتْهُ كُرْهًا ۖ وَحَمْلُهُۥ وَفِصَٰلُهُۥ ثَلَٰثُونَ شَهْرًا ۚ حَتَّىٰٓ إِذَا بَلَغَ أَشُدَّهُۥ وَبَلَغَ أَرْبَعِينَ سَنَةً قَالَ رَبِّ أَوْزِعْنِىٓ أَنْ أَشْكُرَ نِعْمَتَكَ ٱلَّتِىٓ أَنْعَمْتَ عَلَىَّ وَعَلَىٰ وَٰلِدَىَّ وَأَنْ أَعْمَلَ صَٰلِحًا تَرْضَىٰهُ وَأَصْلِحْ لِى فِى ذُرِّيَّتِىٓ ۖ إِنِّى تُبْتُ إِلَيْكَ وَإِنِّى مِنَ ٱلْمُسْلِمِينَ ﴿١٥﴾

15. Ба инсон супориш кардем, ки дар мавриди падару модараш ба шоистагӣ некӣ кунад, [ба вижа] модар, ки ба душворӣ бори ҳамли ӯро бар уҳда дорад ва бо душворӣ вазъи ҳамл мекунад ва [даврони] бордорӣ ва ширхорагиаш [чамъан ҳудуди] сӣ моҳ аст. [Ӯ парвариш меёбад] то ба ҳадди рушд бирасад ва дар чиҳилсолагӣ [ки тавони ҷисмӣ ва зеҳниаш комил аст] мегӯяд: «Парвардигоро, ба ман тавфиқ бидеҳ, то шукри неъматеро, ки ба ман ва падару модарам арзонӣ доштай, ба ҷо оварам ва кори шоистае анҷом диҳам, ки аз он хушнуд гардӣ ва фарзандонамро шоиста гардон. Ба даргоҳат [тавба намуда ва] бозгаштаам ва таслими [фармонат] ҳастам»

أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ نَتَقَبَّلُ عَنْهُمْ أَحْسَنَ مَا عَمِلُوا۟ وَنَتَجَاوَزُ عَن سَيِّـَٔاتِهِمْ فِىٓ أَصْحَٰبِ ٱلْجَنَّةِ ۖ وَعْدَ ٱلصِّدْقِ ٱلَّذِى كَانُوا۟ يُوعَدُونَ ﴿١٦﴾

16. Онон касоне ҳастанд, ки Мо некутарин корҳояшонро мепазирем ва аз гуноҳонашон мегузарем ва дар зумраи аҳли биҳиштанд. Ин ваъдаи ростест, ки ба он навид дода шудаанд

وَٱلَّذِى قَالَ لِوَٰلِدَيْهِ أُفٍّ لَّكُمَآ أَتَعِدَانِنِىٓ أَنْ أُخْرَجَ وَقَدْ خَلَتِ ٱلْقُرُونُ مِن قَبْلِى وَهُمَا يَسْتَغِيثَانِ ٱللَّهَ وَيْلَكَ ءَامِنْ إِنَّ وَعْدَ ٱللَّهِ حَقٌّ فَيَقُولُ مَا هَٰذَآ إِلَّآ أَسَٰطِيرُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿١٧﴾

17. Ва он ки ба падару модараш гуфт: «Уф бар шумо! Чи гуна ба ман ваъда медиҳед ки [аз гӯр] берун оварда хоҳам шуд, дар ҳоле ки пеш аз ман наслҳои фаровоне рафтанд [ва боз нагаштанд]?» Падару модараш ба даргоҳи илоҳӣ зорӣ мекунанд [ки фарзандашонро ҳидоят кунад ва ба ӯ мегӯянд] «Вой бар ту! Имон биёвар, ки ваъдаи илоҳӣ рост аст», [аммо] ӯ посух медиҳад: «Ин [ваъдаҳо] фақат афсонаҳои пешиниён аст»

أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ حَقَّ عَلَيْهِمُ ٱلْقَوْلُ فِىٓ أُمَمٍ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِم مِّنَ ٱلْجِنِّ وَٱلْإِنسِ ۖ إِنَّهُمْ كَانُوا۟ خَٰسِرِينَ ﴿١٨﴾

18. Ин афрод, дар зумраи гурӯҳҳое аз ҷинну инс ҳастанд, ки пештар фармони азоби илоҳӣ дар мавридашон таҳаққуқ ёфтааст. Бе гумон, онон зиёнкор буданд

وَلِكُلٍّ دَرَجَٰتٌ مِّمَّا عَمِلُوا۟ ۖ وَلِيُوَفِّيَهُمْ أَعْمَٰلَهُمْ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ ﴿١٩﴾

19. Ҳар гурӯҳ [биҳиштӣ ё дузахӣ] дараҷоте бар ҳасби аъмолашон доранд [то ҳаққе зоеъ нагардад]. Ва Аллоҳ таоло аъмолашонро ба тамомии пурагӣ медиҳад, бе он ки дар ҳаққашон ситаме шавад

وَيَوْمَ يُعْرَضُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ عَلَى ٱلنَّارِ أَذْهَبْتُمْ طَيِّبَٰتِكُمْ فِى حَيَاتِكُمُ ٱلدُّنْيَا وَٱسْتَمْتَعْتُم بِهَا فَٱلْيَوْمَ تُجْزَوْنَ عَذَابَ ٱلْهُونِ بِمَا كُنتُمْ تَسْتَكْبِرُونَ فِى ٱلْأَرْضِ بِغَيْرِ ٱلْحَقِّ وَبِمَا كُنتُمْ تَفْسُقُونَ ﴿٢٠﴾

20. Рӯзе, ки кофирон бар оташ арза мешаванд [ба онон хитоб мешавад]: «Неъматҳои покизаи худро дар зиндагии дунё аз байн бурдед ва аз онҳо баҳраманд шудед, пас, имрӯз ба хотири бартариҷӯии ноҳақ ва инҳирофе, ки дар замин доштед, бо азобе дарднок муҷозот мешавед»

وَٱذْكُرْ أَخَا عَادٍ إِذْ أَنذَرَ قَوْمَهُۥ بِٱلْأَحْقَافِ وَقَدْ خَلَتِ ٱلنُّذُرُ مِنۢ بَيْنِ يَدَيْهِ وَمِنْ خَلْفِهِۦٓ أَلَّا تَعْبُدُوٓا۟ إِلَّا ٱللَّهَ إِنِّىٓ أَخَافُ عَلَيْكُمْ عَذَابَ يَوْمٍ عَظِيمٍ ﴿٢١﴾

21. [Эй Паёмбар, саргузашти Ҳуд] бародари қавми Одро ёд кун, он гоҳ ки дар сарзамини «Аҳқоф» [регзоре дар Яман] қавмашро ҳушдор медод, дар ҳоле ки ҳушдордиҳандагони [дигаре низ] дар гузаштаҳои наздик ва дур омада буданд [ва чунин мегуфт], ки: «Танҳо Аллоҳро бипарастед, ки ман аз азоби рӯзи бузурге бар шумо метарсам»

قَالُوٓا۟ أَجِئْتَنَا لِتَأْفِكَنَا عَنْ ءَالِهَتِنَا فَأْتِنَا بِمَا تَعِدُنَآ إِن كُنتَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ ﴿٢٢﴾

22. Онон гуфтанд: «Оё омадаӣ, ки моро аз [парастиши] маъбудонамон бозгардонӣ? Агар рост мегӯӣ, азобе, ки ба мо ваъда медиҳӣ, пеш овар»

قَالَ إِنَّمَا ٱلْعِلْمُ عِندَ ٱللَّهِ وَأُبَلِّغُكُم مَّآ أُرْسِلْتُ بِهِۦ وَلَٰكِنِّىٓ أَرَىٰكُمْ قَوْمًا تَجْهَلُونَ ﴿٢٣﴾

23. [Ҳуд] гуфт: «[Вақти нузули азобро] Фақат Аллоҳ таоло медонад ва ман паёмеро, ки маъмур [-и иблоғ]-и он шудаам, ба шумо мерасонам, вале шуморо гурӯҳе нодон мебинам»

فَلَمَّا رَأَوْهُ عَارِضًا مُّسْتَقْبِلَ أَوْدِيَتِهِمْ قَالُوا۟ هَٰذَا عَارِضٌ مُّمْطِرُنَا ۖ بَلْ هُوَ مَا ٱسْتَعْجَلْتُم بِهِۦ ۖ رِيحٌ فِيهَا عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٢٤﴾

24. Ва чун он [азоб]-ро, ки ба сурати абре дар ҷиҳати [дашту] дарраҳо [-и ҳосилхез]- ашон пеш меомад, мушоҳида карданд, [бо шодмонӣ] гуфтанд: «Ин абрест, ки [раҳмате] бар мо меборад». [Ҳуд гуфт: на] Балки ҳамон [азобе] аст, ки барои расиданаш шитоб доштед; тундбодест, ки азобе дарднок бо худ дорад

تُدَمِّرُ كُلَّ شَىْءٍۭ بِأَمْرِ رَبِّهَا فَأَصْبَحُوا۟ لَا يُرَىٰٓ إِلَّا مَسَٰكِنُهُمْ ۚ كَذَٰلِكَ نَجْزِى ٱلْقَوْمَ ٱلْمُجْرِمِينَ ﴿٢٥﴾

25. [Тӯфонест, ки] Ҳар чизеро ба фармони Парвардигораш дар ҳам мекӯбад». Он гоҳ чунон [ҳалок] шуданд, ки ҷуз хонаҳо [-и вайрон]-и онон, асаре ба чашм намехӯрад. Мо гунаҳкоронро ин гуна кайфар медиҳем

وَلَقَدْ مَكَّنَّٰهُمْ فِيمَآ إِن مَّكَّنَّٰكُمْ فِيهِ وَجَعَلْنَا لَهُمْ سَمْعًا وَأَبْصَٰرًا وَأَفْـِٔدَةً فَمَآ أَغْنَىٰ عَنْهُمْ سَمْعُهُمْ وَلَآ أَبْصَٰرُهُمْ وَلَآ أَفْـِٔدَتُهُم مِّن شَىْءٍ إِذْ كَانُوا۟ يَجْحَدُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ وَحَاقَ بِهِم

26. Ба қавми [мунқаризшудаи] Од чунон сарвату қудрате дода будем, ки ба шумо [маккагиён ҳаргиз] надодаем ва бо он ки ба онон низ

مَّا كَانُواْ بِهِۦ يَسۡتَهۡزِءُونَ ٢٦

чашму гӯш ва дил дода будем, аммо гӯшу чашм ва дилҳояшон суде ба ҳолашон надошт, зеро оёти илоҳиро инкор мекарданд ва [саранҷом] азобе, ки масхарааш мекарданд, домангирашон шуд

وَلَقَدۡ أَهۡلَكۡنَا مَا حَوۡلَكُم مِّنَ ٱلۡقُرَىٰ وَصَرَّفۡنَا ٱلۡأٓيَٰتِ لَعَلَّهُمۡ يَرۡجِعُونَ ٢٧

27. [Бисёре аз мардуми] шаҳрҳои перомуни шумо [маккагиён]-ро ҳалок кардем, ва [-ле қаблан] нишонаҳо [ва далоили тавҳид]-ро ба шаклҳои мухталиф дар миён овардем, бошад, ки [аз куфру гумроҳӣ] бозгарданд

فَلَوۡلَا نَصَرَهُمُ ٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِ ٱللَّهِ قُرۡبَانًا ءَالِهَةَۢۖ بَلۡ ضَلُّواْ عَنۡهُمۡۚ وَذَٰلِكَ إِفۡكُهُمۡ وَمَا كَانُواْ يَفۡتَرُونَ ٢٨

28. Пас, чаро бутҳое, ки [мушрикон ононро] барои тақарруб [ба Аллоҳ таоло] маъбудони худ гирифтаанд, [ба ҳангоми бало] ёриашон накарданд? Балки аз назарашон нопадид шуданд ва [саранҷоми] дурӯғҳову туҳматҳояшон ҳамин буд

وَإِذۡ صَرَفۡنَآ إِلَيۡكَ نَفَرٗا مِّنَ ٱلۡجِنِّ يَسۡتَمِعُونَ ٱلۡقُرۡءَانَ فَلَمَّا حَضَرُوهُ قَالُوٓاْ أَنصِتُواْۖ فَلَمَّا قُضِيَ وَلَّوۡاْ إِلَىٰ قَوۡمِهِم مُّنذِرِينَ ٢٩

29. [Эй Паёмбар, ба ёд овар] ҳангоме ки гурӯҳе аз ҷинро сӯйи ту фиристодем, ки Қуръонро бишунаванд, пас, чун назди паёмбар ҳузур ёфтанд, [ба якдигар] гуфтанд: «Хомӯш бошед [то ба оёти Қуръон гӯш фаро диҳем] ва чун [тиловаташ] ба поён расид, назди қавми худ бозгаштанд, то ба онон [дар мавриди авоқиби сарпечӣ аз фармони ҳақ] ҳушдор диҳанд

قَالُواْ يَٰقَوۡمَنَآ إِنَّا سَمِعۡنَا كِتَٰبًا أُنزِلَ مِنۢ بَعۡدِ مُوسَىٰ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ يَهۡدِيٓ إِلَى ٱلۡحَقِّ وَإِلَىٰ طَرِيقٖ مُّسۡتَقِيمٖ ٣٠

30. Гуфтанд: «Эй қавм, мо [оёти] китоберо шунидем, ки пас аз Мӯсо нозил шудааст ва китобҳо [-и осмонӣ]-и пеш аз худро тасдиқ мекунад ва ба [сӯйи] ҳаққу роҳи рост ҳидоят менамояд

يَٰقَوۡمَنَآ أَجِيبُواْ دَاعِيَ ٱللَّهِ وَءَامِنُواْ بِهِۦ يَغۡفِرۡ لَكُم مِّن ذُنُوبِكُمۡ وَيُجِرۡكُم مِّنۡ عَذَابٍ أَلِيمٖ ٣١

31. Эй қавм, [суханони тавҳидии] ин даъватгарро, ки ба сӯйи Аллоҳ таоло фаро мехонад, бипазиред ва ба ӯ имон оваред, то [Аллоҳ таоло] бархе аз гуноҳонатонро бибахшад ва шуморо аз азобе дарднок дар амон бидорад

وَمَن لَّا يُجِبۡ دَاعِيَ ٱللَّهِ فَلَيۡسَ بِمُعۡجِزٖ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلَيۡسَ لَهُۥ مِن دُونِهِۦٓ أَوۡلِيَآءُۚ أُوْلَٰٓئِكَ فِي ضَلَٰلٖ مُّبِينٍ ٣٢

32. Ва ҳар ки [суханони] даъватгареро, ки ба сӯйи Аллоҳ таоло фаро мехонад, напазирад

[ва ба вай имон наоварад, ҳаргиз Аллоҳро] дар замин ба танг намеоварад ва дар баробари Аллоҳ таоло [ёвар ва] корсозе нахоҳад дошт. Чунин касоне дар гумроҳии ошкоранд»

أَوَلَمْ يَرَوْا۟ أَنَّ ٱللَّهَ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ وَلَمْ يَعْىَ بِخَلْقِهِنَّ بِقَٰدِرٍ عَلَىٰٓ أَن يُحْۦِىَ ٱلْمَوْتَىٰ ۚ بَلَىٰٓ إِنَّهُۥ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿٣٣﴾

33. Оё мушрикон надидаанд [ва намедонанд], Аллоҳ таоло, ки осмонҳо ва заминро офарид ва аз офариниши онҳо дармонда нашуд, қодир аст, ки мурдагонро низ зинда кунад? Оре, Ӯ бар ҳар коре тавоност

وَيَوْمَ يُعْرَضُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ عَلَى ٱلنَّارِ أَلَيْسَ هَٰذَا بِٱلْحَقِّ ۖ قَالُوا۟ بَلَىٰ وَرَبِّنَا ۚ قَالَ فَذُوقُوا۟ ٱلْعَذَابَ بِمَا كُنتُمْ تَكْفُرُونَ ﴿٣٤﴾

34. Рӯзе, ки кофирон бар оташ арза мешаванд [аз онон пурсида мешавад]: «Оё ин оташ ҳақ нест [ва ҳақиқат надорад]?» Онон мегӯянд: «Оре, савганд ба Парвардигорамон [ки чунин аст]». [Он гоҳ Аллоҳ таоло] Мегӯяд: «Пас, ба сазои он ки [қиёматро] инкор мекардед, азобро бичашед»

فَٱصْبِرْ كَمَا صَبَرَ أُو۟لُوا۟ ٱلْعَزْمِ مِنَ ٱلرُّسُلِ وَلَا تَسْتَعْجِل لَّهُمْ ۚ كَأَنَّهُمْ يَوْمَ يَرَوْنَ مَا يُوعَدُونَ لَمْ يَلْبَثُوٓا۟ إِلَّا سَاعَةً مِّن نَّهَارٍ ۚ بَلَٰغٌ ۚ فَهَلْ يُهْلَكُ إِلَّا ٱلْقَوْمُ ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿٣٥﴾

35. Пас, [эй Паёмбар] ту низ ҳамчун паёмбарони улулазм [ки ҳамвора собитқадам буданд, дар баробари озору такзиби қавмат] шикебо бош ва дар мавриди [дархости азоби] онон шитоб накун. Рӯзе, ки [ин кофирон] азоби мавъудашонро [дар ҷаҳони охират] бубинанд, [кайфарашон чунон тӯлонӣ аст, ки] гӯӣ фақат бахше аз рӯзро [дар дунё] ба сар бурдаанд. Ин Қуръон паёми [умумӣ барои ҷинну инс] аст. Оё ҷуз нофармонон ҳалок мешаванд?

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَصَدُّواْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ أَضَلَّ أَعۡمَٰلَهُمۡ ١

1. Аллоҳ таоло талоши кофиронро, ки [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло бозмедоранд, табоҳ мекунад

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَءَامَنُواْ بِمَا نُزِّلَ عَلَىٰ مُحَمَّدٖ وَهُوَ ٱلۡحَقُّ مِن رَّبِّهِمۡ كَفَّرَ عَنۡهُمۡ سَيِّـَٔاتِهِمۡ وَأَصۡلَحَ بَالَهُمۡ ٢

2. Ва онон, ки муъмин ва накукор буданд ва ба оёти ҳаққе, ки аз ҷониби Парвардигорашон бар Муҳаммад нозил шудааст, имон овардаанд, бадиҳояшонро мезудояд ва умур [-и дунё ва дин]-ашонро сомон мебахшад [ва ислоҳ мекунад]

ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱتَّبَعُواْ ٱلۡبَٰطِلَ وَأَنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّبَعُواْ ٱلۡحَقَّ مِن رَّبِّهِمۡۚ كَذَٰلِكَ يَضۡرِبُ ٱللَّهُ لِلنَّاسِ أَمۡثَٰلَهُمۡ ٣

3. Ин [подош ва ҷазо] бад-он сабаб аст, ки кофирон пайрави ботил шуданд ва муъминон пайрави [оёти] ҳаққи Парвардигорашон. Аллоҳ таоло барои мардум масалҳояшонро чунин баён мекунад

فَإِذَا لَقِيتُمُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فَضَرۡبَ ٱلرِّقَابِ حَتَّىٰٓ إِذَآ أَثۡخَنتُمُوهُمۡ فَشُدُّواْ ٱلۡوَثَاقَ فَإِمَّا مَنَّۢا بَعۡدُ وَإِمَّا فِدَآءً حَتَّىٰ تَضَعَ ٱلۡحَرۡبُ أَوۡزَارَهَاۚ ذَٰلِكَ وَلَوۡ يَشَآءُ ٱللَّهُ لَٱنتَصَرَ مِنۡهُمۡ وَلَٰكِن لِّيَبۡلُوَاْ بَعۡضَكُم بِبَعۡضٖۗ وَٱلَّذِينَ قُتِلُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ فَلَن يُضِلَّ أَعۡمَٰلَهُمۡ ٤

4. Чун бо кофирон [дар майдони ҷанг] рӯ ба рӯ шудед, ононро гардан бизанед [ва ҷангро идома диҳед], то он ки [бисёре аз онҳоро] бикушед, он гоҳ асиронро ба банд кашед, сипас ё бар онон миннат гузоред [ва бидуни ҳеҷ чашмдоште озодашон кунед] ё [аз онон] фидя бигиред [ва раҳояшон кунед], то сангинии ҷанг фурӯкаш кунад. Ин [ҳукми илоҳӣ] аст ва агар Аллоҳ таоло мехост, худ аз онон интиқом мегирифт, вале [фармони ҷанг дод] то шуморо дар баробари якдигар озмоиш кунад ва касоне, ки дар роҳи Аллоҳ таоло кушта шуданд, [Аллоҳ таоло ҳаргиз] натиҷаи талошашонро табоҳ намекунад

سَيَهۡدِيهِمۡ وَيُصۡلِحُ بَالَهُمۡ ٥

5. Аллоҳ таоло [ба роҳи рост] ҳидояташон хоҳад кард ва умурашонро сомон хоҳад бахшид

وَيُدۡخِلُهُمُ ٱلۡجَنَّةَ عَرَّفَهَا لَهُمۡ ٦

6. ва ононро ба биҳиште, ки [авсофашро] барояшон баён кардааст, ворид хоҳад намуд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تَنصُرُواْ ٱللَّهَ يَنصُرۡكُمۡ وَيُثَبِّتۡ أَقۡدَامَكُمۡ ٧

7. Эй касоне, ки имон овардаед, агар [дину Паёмбари] Аллоҳро ёрӣ кунед, ӯ низ шуморо ёрӣ мекунад ва гомҳоятонро [собиту] устувор медорад

وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فَتَعۡسٗا لَّهُمۡ وَأَضَلَّ أَعۡمَٰلَهُمۡ ٨

8. Ва бар кофирон нагунсорӣ ва ҳалок бод! Аллоҳ таоло аъмолашонро табоҳ мегардонад

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ كَرِهُواْ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأَحۡبَطَ أَعۡمَٰلَهُمۡ ٩

9. Зеро он чиро, ки Аллоҳ таоло нозил кардааст, хуш надоштанд, пас, Аллоҳ таоло низ аъмолашонро табоҳ намуд.

۞أَفَلَمۡ يَسِيرُواْ فِي ٱلۡأَرۡضِ فَيَنظُرُواْ كَيۡفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۖ دَمَّرَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِمۡۖ وَلِلۡكَٰفِرِينَ أَمۡثَٰلُهَا ١٠

10. Оё дар замин гардиш накардаанд, то бубинанд саранҷоми касоне, ки пеш аз онон буданд, чи гуна будааст? Аллоҳ таоло [хонаҳояшонро] бар сарашон вайрон кард [ва ононро нобуд сохт] ва ин кофирон [низ кайфаре] ҳаммонанди он [дар пеш] хоҳанд дошт

ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ مَوۡلَى ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَأَنَّ ٱلۡكَٰفِرِينَ لَا مَوۡلَىٰ لَهُمۡ ١١

11. Зеро Аллоҳ таоло [ёвару] корсози муъминон аст, ва[-ле] кофирон ҳеҷ корсозе надоранд

إِنَّ ٱللَّهَ يُدۡخِلُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُۖ وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ يَتَمَتَّعُونَ وَيَأۡكُلُونَ كَمَا تَأۡكُلُ ٱلۡأَنۡعَٰمُ وَٱلنَّارُ مَثۡوٗى لَّهُمۡ ١٢

12. Аллоҳ таоло муъминони накукорро ба боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунад, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст ва кофирон [танҳо дар дунё] баҳраманд мешаванд ва ҳамчун чаҳорпоён мехӯранд ва оташ [-и дузах] ҷойгоҳашон аст

وَكَأَيِّن مِّن قَرۡيَةٍ هِيَ أَشَدُّ قُوَّةٗ مِّن قَرۡيَتِكَ ٱلَّتِيٓ أَخۡرَجَتۡكَ أَهۡلَكۡنَٰهُمۡ فَلَا نَاصِرَ لَهُمۡ ١٣

13. Ва чи бисёр шаҳрҳое, ки сокинонаш аз [мардуми] шаҳри ту, ки берунат кардаанд, тавонмандтар буданд. Мо ҳалокашон кардем ва [дар баробари азоби илоҳӣ] ҳеҷ ёваре надоштанд

أَفَمَن كَانَ عَلَىٰ بَيِّنَةٖ مِّن رَّبِّهِۦ كَمَن زُيِّنَ لَهُۥ سُوٓءُ عَمَلِهِۦ وَٱتَّبَعُوٓاْ أَهۡوَآءَهُم ١٤

14. Оё касе, ки бар шеваи равшане аз ҷониби Парвардигори хеш аст, ҳамчун касоне аст, ки зиштии рафторашон дар назарашон ороста шуда ва аз ҳавасҳои хеш пайравӣ мекунанд?

مَّثَلُ ٱلۡجَنَّةِ ٱلَّتِي وُعِدَ ٱلۡمُتَّقُونَۖ فِيهَآ أَنۡهَٰرٞ مِّن مَّآءٍ غَيۡرِ ءَاسِنٖ وَأَنۡهَٰرٞ مِّن لَّبَنٖ لَّمۡ يَتَغَيَّرۡ طَعۡمُهُۥ وَأَنۡهَٰرٞ مِّنۡ خَمۡرٖ لَّذَّةٖ لِّلشَّٰرِبِينَ وَأَنۡهَٰرٞ مِّنۡ عَسَلٖ مُّصَفّٗىۖ وَلَهُمۡ فِيهَا مِن كُلِّ ٱلثَّمَرَٰتِ وَمَغۡفِرَةٞ مِّن رَّبِّهِمۡۖ كَمَنۡ هُوَ خَٰلِدٞ فِي ٱلنَّارِ وَسُقُواْ مَآءً حَمِيمٗا فَقَطَّعَ أَمۡعَآءَهُمۡ ١٥

15. Васфи биҳиште, ки ба парҳезкорон ваъда дода шуда, [чунин аст, ки] дар он ҷӯйборҳое ҷорӣ аст, ки таъми обаш тағйирнопазир аст ва ҷӯйборҳое аз шир, ки таъмаш дигаргун намешавад ва ҷӯйборҳое аз шароб, ки мояи лаззати нӯшандагон аст ва ҷӯйборҳое аз асали ноб ва дар он ҷо ҳамаи [анвои] меваҳо дар дастрасашон аст ва [аз ҳама бартар] омурзиши Парвардигорашон. Оё [биҳиштиён] чун сокинони ҷовидони дузаханд, ки обе чунон ҷӯшон ба

онон менӯшонанд, ки рӯдаҳояшонро муталошӣ [пора-пора] мекунад?

16. [Эй Паёмбар] бархе аз мунофиқон ба [гуфтори] ту гӯш фаро медиҳанд ва чун аз ҳузурат хориҷ мешаванд, ба аҳли дониш [бо тамасхур] мегӯянд: «[Фаҳмидед] Лаҳазоте пеш чи мегуфт?» Аллоҳ таоло бар дилҳояшон муҳри [ғафлат] ниҳодааст ва онон аз ҳавасҳои хеш пайравӣ кардаанд

وَمِنْهُم مَّن يَسْتَمِعُ إِلَيْكَ حَتَّىٰٓ إِذَا خَرَجُواْ مِنْ عِندِكَ قَالُواْ لِلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلْعِلْمَ مَاذَا قَالَ ءَانِفًا ۚ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ طَبَعَ ٱللَّهُ عَلَىٰ قُلُوبِهِمْ وَٱتَّبَعُوٓاْ أَهْوَآءَهُمْ ﴿١٦﴾

17. Аллоҳ таоло бар ҳидояти парҳезкорон меафзояд ва парҳезкориашон [-ро қувват] мебахшад

وَٱلَّذِينَ ٱهْتَدَوْاْ زَادَهُمْ هُدًى وَءَاتَىٰهُمْ تَقْوَىٰهُمْ ﴿١٧﴾

18. Оё кофирон ҷуз ин интизор доранд, ки қиёмат ногаҳон бар онон фаро расад, дар ҳоле ки нишонаҳои он ошкор шудааст? Пас, он гоҳ ки қиёмат фаро расад, панд гирифтанашон чи суде хоҳад дошт?

فَهَلْ يَنظُرُونَ إِلَّا ٱلسَّاعَةَ أَن تَأْتِيَهُم بَغْتَةً ۖ فَقَدْ جَآءَ أَشْرَاطُهَا ۚ فَأَنَّىٰ لَهُمْ إِذَا جَآءَتْهُمْ ذِكْرَىٰهُمْ ﴿١٨﴾

19. [Эй Паёмбар] бидон, ки маъбуде [ба ҳақ] ба ҷуз Аллоҳ таоло нест ва барои гуноҳи хеш ва [гуноҳи] мардон ва занони муъмин омурзиш бихоҳ ва [ба ёд дошта бош, ки] Аллоҳ таоло маҳалли рафтуомад [-и рӯзона] ва оромидан [-и шабона]-и шуморо медонад

فَٱعْلَمْ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ وَٱسْتَغْفِرْ لِذَنۢبِكَ وَلِلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ ۗ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ مُتَقَلَّبَكُمْ وَمَثْوَىٰكُمْ ﴿١٩﴾

20. Муъминон мегӯянд: «Чаро сурае [дар бораи иҷозати ҷиҳод] нозил намешавад?» Аммо ҳангоме ки оёти сареҳе дар мавриди ҷанг нозил мегардад, [мунофиқону] бемордилонро мебинӣ, ки ҳамчун касе, ки аз [сахтии] марг дар ҳоли беҳушӣ шуда бошад, ба ту менигаранд, [маргу азоби илоҳӣ] бар онон шоистатар аст

وَيَقُولُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَوْلَا نُزِّلَتْ سُورَةٌ ۖ فَإِذَآ أُنزِلَتْ سُورَةٌ مُّحْكَمَةٌ وَذُكِرَ فِيهَا ٱلْقِتَالُ رَأَيْتَ ٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِم مَّرَضٌ يَنظُرُونَ إِلَيْكَ نَظَرَ ٱلْمَغْشِىِّ عَلَيْهِ مِنَ ٱلْمَوْتِ ۖ فَأَوْلَىٰ لَهُمْ ﴿٢٠﴾

21. Итоату гуфтори шоиста [беҳтар аст] ва чун тасмими қатъӣ [-и ҷиҳод] гирифта шавад, агар [дар тааҳҳуди худ] бо Аллоҳ таоло содиқ бошанд, барои онон [аз нифоқ ва саркашӣ] беҳтар аст

طَاعَةٌ وَقَوْلٌ مَّعْرُوفٌ ۚ فَإِذَا عَزَمَ ٱلْأَمْرُ فَلَوْ صَدَقُواْ ٱللَّهَ لَكَانَ خَيْرًا لَّهُمْ ﴿٢١﴾

22. [Эй мунофиқон] Оё [ҷуз ин] интизор доред, ки агар [аз Қуръону суннати паёмбараш] рӯй бигардонед, дар замин табоҳӣ кунед ва аз хешовандонатон бибуред?

فَهَلْ عَسَيْتُمْ إِن تَوَلَّيْتُمْ أَن تُفْسِدُواْ فِى ٱلْأَرْضِ وَتُقَطِّعُوٓاْ أَرْحَامَكُمْ ﴿٢٢﴾

أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ لَعَنَهُمُ ٱللَّهُ فَأَصَمَّهُمْ وَأَعْمَىٰٓ أَبْصَٰرَهُمْ ﴿٢٣﴾

23. Инон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таоло [бо дурӣ аз раҳмати хеш] лаънаташон кардааст, пас, [гӯши дили] эшонро кар ва чашми [дили] ононро кӯр сохтааст

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلْقُرْءَانَ أَمْ عَلَىٰ قُلُوبٍ أَقْفَالُهَآ ﴿٢٤﴾

24. Оё дар Қуръон тадаббур намекунанд ё бар дилҳояшон қуфлҳо[-и ғафлат] ниҳода шудааст?

إِنَّ ٱلَّذِينَ ٱرْتَدُّوا۟ عَلَىٰٓ أَدْبَٰرِهِم مِّنۢ بَعْدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُمُ ٱلْهُدَى ٱلشَّيْطَٰنُ سَوَّلَ لَهُمْ وَأَمْلَىٰ لَهُمْ ﴿٢٥﴾

25. Касоне, ки пас аз равшан шудани [роҳи] ҳидоят ба роҳи пешини хеш бозгаштаанд [ва муртад шуданд], шайтон [аъмоли зишташонро] барояшон ороста ва [бо орзуҳои дароз] фиребашон додааст

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَالُوا۟ لِلَّذِينَ كَرِهُوا۟ مَا نَزَّلَ ٱللَّهُ سَنُطِيعُكُمْ فِى بَعْضِ ٱلْأَمْرِ ۖ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ إِسْرَارَهُمْ ﴿٢٦﴾

26. Ин [ҷаҳлу гумроҳӣ] бад-он хотир аст, ки мунофиқон ба мушриконе, ки аз ваҳйи илоҳӣ кароҳат доштанд, гуфтанд: «Мо дар бархе аз умур аз шумо пайравӣ мекунем» ва Аллоҳ таоло пинҳонкориашонро медонад

فَكَيْفَ إِذَا تَوَفَّتْهُمُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ يَضْرِبُونَ وُجُوهَهُمْ وَأَدْبَٰرَهُمْ ﴿٢٧﴾

27. Пас, он гоҳ ки фариштагони илоҳӣ бар чеҳра ва пушташон мезананд ва ҷонашонро мегиранд, [ҳоли ин мунофиқон] чи гуна хоҳад буд?

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمُ ٱتَّبَعُوا۟ مَآ أَسْخَطَ ٱللَّهَ وَكَرِهُوا۟ رِضْوَٰنَهُۥ فَأَحْبَطَ أَعْمَٰلَهُمْ ﴿٢٨﴾

28. Ин [кайфар] аз он рӯст, ки онон пайрави роҳе шуданд, ки Аллоҳро ба хашм меоварад ва аз анҷоми корҳое, ки муҷиби хушнудии илоҳӣ мешавад, кароҳат доштанд. Пас, [Аллоҳ таоло низ натиҷаи] корҳояшонро табоҳ сохт

أَمْ حَسِبَ ٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِم مَّرَضٌ أَن لَّن يُخْرِجَ ٱللَّهُ أَضْغَٰنَهُمْ ﴿٢٩﴾

29. Оё бемордилон [-и мунофиқ] пиндоштаанд, ки Аллоҳ таоло ҳаргиз кинаҳояшонро ошкор нахоҳад сохт?

وَلَوْ نَشَآءُ لَأَرَيْنَٰكَهُمْ فَلَعَرَفْتَهُم بِسِيمَٰهُمْ ۚ وَلَتَعْرِفَنَّهُمْ فِى لَحْنِ ٱلْقَوْلِ ۚ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ أَعْمَٰلَكُمْ ﴿٣٠﴾

30. [Эй Паёмбар] агар мехостем, ононро ба ту нишон медодем, ки [ботини] эшонро аз зоҳирашон бозшиносӣ; ва мусалламан аз шеваи суханашон ба хубӣ ононро хоҳӣ шинохт ва [бидонед, ки] Аллоҳ таоло аз корҳоятон огоҳ аст

وَلَنَبْلُوَنَّكُمْ حَتَّىٰ نَعْلَمَ ٱلْمُجَٰهِدِينَ مِنكُمْ وَٱلصَّٰبِرِينَ وَنَبْلُوَا۟ أَخْبَارَكُمْ ﴿٣١﴾

31. Ҳатман, [ҳамаи] шуморо озмоиш мекунем, то аз миёнатон муҷоҳидон ва шикебоёнро бозшиносем ва аҳволи шуморо меозмоем [то ростгӯён мушаххас гарданд]

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَصَدُّواْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ وَشَآقُّواْ ٱلرَّسُولَ مِنۢ بَعۡدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُمُ ٱلۡهُدَىٰ لَن يَضُرُّواْ ٱللَّهَ شَيۡـٔٗا وَسَيُحۡبِطُ أَعۡمَٰلَهُمۡ ٣٢

32. Касоне, ки пас аз равшан шудани роҳи ҳидоят бар онон, куфр варзиданд ва мардумро аз роҳи Аллоҳ таоло боздоштанд ва ба мухолифат бо паёмбар бархостанд, ҳаргиз зиёне ба Аллоҳ таоло нахоҳанд расонид ва [Аллоҳ таоло низ натиҷаи] аъмолашонро табоҳ хоҳад сохт

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَلَا تُبۡطِلُوٓاْ أَعۡمَٰلَكُمۡ ٣٣

33. Эй муъминон, ба Аллоҳ таоло ва паёмбар итоат кунед ва [бо куфру риё] аъмоли [шоистаи] хешро табоҳ накунед

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَصَدُّواْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ ثُمَّ مَاتُواْ وَهُمۡ كُفَّارٞ فَلَن يَغۡفِرَ ٱللَّهُ لَهُمۡ ٣٤

34. Касоне, ки куфр варзиданд ва [дигаронро низ] аз роҳи Аллоҳ таоло боздоштанд ва дар ҳоли куфр мурданд, Аллоҳ таоло ҳаргиз ононро нахоҳад омурзид

فَلَا تَهِنُواْ وَتَدۡعُوٓاْ إِلَى ٱلسَّلۡمِ وَأَنتُمُ ٱلۡأَعۡلَوۡنَ وَٱللَّهُ مَعَكُمۡ وَلَن يَتِرَكُمۡ أَعۡمَٰلَكُمۡ ٣٥

35. Пас, [эй муъминон аз рӯёрӯй бо душманон] сустӣ наварзед ва [аз тарси ҷанг ононро] ба сулҳу оштӣ даъват накунед, дар ҳоле ки шумо бартаред ва Аллоҳ таоло бо шумост ва аз [подоши] аъмолатон нахоҳад кост

إِنَّمَا ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا لَعِبٞ وَلَهۡوٞۚ وَإِن تُؤۡمِنُواْ وَتَتَّقُواْ يُؤۡتِكُمۡ أُجُورَكُمۡ وَلَا يَسۡـَٔلۡكُمۡ أَمۡوَٰلَكُمۡ ٣٦

36. Ба ростӣ, ки зиндагии дунё бозича ва саргармӣ аст; ва агар имон биёваред ва парҳезкорӣ кунед, [Аллоҳ таоло] подошатонро [бекаму кост] хоҳад дод ва [тамоми] амволатонро намехоҳад [балки мефармояд, ки закоташро бипардозед]

إِن يَسۡـَٔلۡكُمُوهَا فَيُحۡفِكُمۡ تَبۡخَلُواْ وَيُخۡرِجۡ أَضۡغَٰنَكُمۡ ٣٧

37. Агар [тамоми] онро аз шумо бихоҳад ва [бар ин дастур] исрор кунад, бухл меварзед ва [ин кор] кинаҳоятонро ошкор месозад

هَٰٓأَنتُمۡ هَٰٓؤُلَآءِ تُدۡعَوۡنَ لِتُنفِقُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ فَمِنكُم مَّن يَبۡخَلُۖ وَمَن يَبۡخَلۡ فَإِنَّمَا يَبۡخَلُ عَن نَّفۡسِهِۦۚ وَٱللَّهُ ٱلۡغَنِيُّ وَأَنتُمُ ٱلۡفُقَرَآءُۚ وَإِن تَتَوَلَّوۡاْ يَسۡتَبۡدِلۡ قَوۡمًا غَيۡرَكُمۡ ثُمَّ لَا يَكُونُوٓاْ أَمۡثَٰلَكُم ٣٨

38. Огоҳ бошед! Шумо касоне ҳастед, ки барои инфоқ дар роҳи Аллоҳ таоло даъват мешавед, вале бархе аз шумо бухл меварзанд ва ҳар ки бухл биварзад, ба зиёни хеш бухл варзидааст ва Аллоҳ таоло бениёз аст ва [ин шумо ҳастед, ки] ниёзмандед ва агар [аз ислом ба сӯйи куфр] бозгардед, Аллоҳ таоло гурӯҳи дигареро ҷойгузинатон хоҳад кард, ки ҳамчун шумо [ба бухл мубтало] набошанд

(48) Фатҳ(*) الفتح

Ҷузъи 26

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

إِنَّا فَتَحْنَا لَكَ فَتْحًا مُّبِينًا ﴿١﴾

1. [Эй Паёмбар] Ба ростӣ, ки Мо пирӯзии ошкореро [дар сулҳи Ҳудайбия] бароят муқаддар кардем

لِّيَغْفِرَ لَكَ اللَّهُ مَا تَقَدَّمَ مِن ذَنبِكَ وَمَا تَأَخَّرَ وَيُتِمَّ نِعْمَتَهُ عَلَيْكَ وَيَهْدِيَكَ صِرَاطًا مُّسْتَقِيمًا ﴿٢﴾

2. То Аллоҳ таоло гуноҳи гузашта ва ояндаатро биёмурзад ва неъматашро бар ту тамом гардонад ва ба роҳи рост ҳидоятат намояд

وَيَنصُرَكَ اللَّهُ نَصْرًا عَزِيزًا ﴿٣﴾

3. Ва Аллоҳ таоло ба пирӯзии шикастнопазире ёриат кунад

هُوَ الَّذِي أَنزَلَ السَّكِينَةَ فِي قُلُوبِ الْمُؤْمِنِينَ لِيَزْدَادُوا إِيمَانًا مَّعَ إِيمَانِهِمْ ۗ وَلِلَّهِ جُنُودُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۚ وَكَانَ اللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمًا ﴿٤﴾

4. Ӯст, ки бар дилҳои муъминон оромиш нозил кард, то бар имонашон бияфзоянд; ва сипоҳиёни осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст; ва Аллоҳ таоло донову ҳаким аст

لِّيُدْخِلَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ جَنَّاتٍ تَجْرِي مِن تَحْتِهَا الْأَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا وَيُكَفِّرَ عَنْهُمْ سَيِّئَاتِهِمْ ۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عِندَ اللَّهِ فَوْزًا عَظِيمًا ﴿٥﴾

5. [Ore, чунин кард] То мардону занони муъминро ба боғҳое [биҳиште] ворид кунад, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст; ҷовидона дар он ҷо хоҳанд буд; ва гуноҳонашонро бизудояд [ва биёмурзад]; ва ин назди Аллоҳ таоло [барои муъминин] комёбии бузурге аст

وَيُعَذِّبَ الْمُنَافِقِينَ وَالْمُنَافِقَاتِ وَالْمُشْرِكِينَ وَالْمُشْرِكَاتِ الظَّانِّينَ بِاللَّهِ ظَنَّ السَّوْءِ ۚ عَلَيْهِمْ دَائِرَةُ السَّوْءِ ۖ وَغَضِبَ اللَّهُ عَلَيْهِمْ وَلَعَنَهُمْ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَهَنَّمَ ۖ وَسَاءَتْ مَصِيرًا ﴿٦﴾

6. Ва мунофиқону мушриконро – дар умум аз зану мард, ки нисбат ба Аллоҳ таоло бадгумонанд, муҷозот кунад; ногуворӣ [ва азоби илоҳӣ] бар эшон бод! Аллоҳ таоло бар онон хашм гирифта ва аз раҳмати хеш дурашон карда ва дузахро барояшон омода намудааст; ва [ба ростӣ, ки дузах] чи бад ҷойгоҳе аст!

وَلِلَّهِ جُنُودُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۚ وَكَانَ اللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمًا ﴿٧﴾

7. Сипоҳиёни осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст; ва Аллоҳ таоло шикастнопазиру ҳаким аст

إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ شَاهِدًا وَمُبَشِّرًا وَنَذِيرًا ﴿٨﴾

8. [Эй Паёмбар] Мо туро гувоҳ ва муждадиҳанда ва ҳушдордиҳанда фиристодем

(*) Фатҳ (Пирӯзӣ).

لِّتُؤْمِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَتُعَزِّرُوهُ وَتُوَقِّرُوهُ ۚ وَتُسَبِّحُوهُ بُكْرَةً وَأَصِيلًا ﴿٩﴾

9. То [шумо мардум] ба Аллоҳ таоло ва Паёмбараш имон биёваред ва [дини] Ӯро ёрӣ кунед ва бузургаш доред ва бомдоду шомгоҳ Аллоҳро тасбеҳ гӯед

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُبَايِعُونَكَ إِنَّمَا يُبَايِعُونَ ٱللَّهَ يَدُ ٱللَّهِ فَوْقَ أَيْدِيهِمْ ۚ فَمَن نَّكَثَ فَإِنَّمَا يَنكُثُ عَلَىٰ نَفْسِهِۦ ۖ وَمَنْ أَوْفَىٰ بِمَا عَٰهَدَ عَلَيْهُ ٱللَّهَ فَسَيُؤْتِيهِ أَجْرًا عَظِيمًا ﴿١٠﴾

10. Бе тардид, касоне, ки бо ту байъат мекунанд, дар ҳақиқат, бо Аллоҳ таоло байъат мекунанд; дасти Аллоҳ таоло болои дастҳои онон аст. Ҳар ки [пас аз байъат] паймоншиканӣ кунад, ба зиёни хеш паймон шикастааст; ва ҳар ки ба паймонаш [дар асоси ёрии дини Аллоҳ таоло ва паёмбараш] вафо кунад, ба зудӣ [Аллоҳ таоло] подоши бузурге ба ӯ хоҳад дод

سَيَقُولُ لَكَ ٱلْمُخَلَّفُونَ مِنَ ٱلْأَعْرَابِ شَغَلَتْنَآ أَمْوَٰلُنَا وَأَهْلُونَا فَٱسْتَغْفِرْ لَنَا ۚ يَقُولُونَ بِأَلْسِنَتِهِم مَّا لَيْسَ فِى قُلُوبِهِمْ ۚ قُلْ فَمَن يَمْلِكُ لَكُم مِّنَ ٱللَّهِ شَيْـًٔا إِنْ أَرَادَ بِكُمْ ضَرًّا أَوْ أَرَادَ بِكُمْ نَفْعًا ۚ بَلْ كَانَ ٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرًا ﴿١١﴾

11. Бодияшинони мутахаллиф [ки аз ширкат дар сафари Макка ва сулҳи Ҳудайбия худдорӣ кардаанд, барои тавҷеҳи кори худ] хоҳанд гуфт: «[Муҳофизати] Амвол ва хонаводаамон моро гирифтор кард; бароямон омурзиш бихоҳ». Онон чизе, ки дар дилҳояшон нест, бар забон меоваранд. Бигӯ: «Агар Аллоҳ таоло ирода кунад, ки ба шумо зиён ё суде бирасад, кист, ки дар муқобили [хости] Аллоҳ таоло аз шумо дифоъ кунад? Оре, Аллоҳ таоло аз он чӣ мекунед, огоҳ аст»

بَلْ ظَنَنتُمْ أَن لَّن يَنقَلِبَ ٱلرَّسُولُ وَٱلْمُؤْمِنُونَ إِلَىٰٓ أَهْلِيهِمْ أَبَدًا وَزُيِّنَ ذَٰلِكَ فِى قُلُوبِكُمْ وَظَنَنتُمْ ظَنَّ ٱلسَّوْءِ وَكُنتُمْ قَوْمًۢا بُورًا ﴿١٢﴾

12. [Узратон ин набуд;] Балки гумон мекардед, ки Паёмбару муъминон [-и ҳамроҳаш аз ин сафари хатарнок] ҳаргиз назди хонаводаи хеш бознахоҳанд гашт; ва ин [андеша] дар дилҳоятон ороста шуд ва гумони бад бурдед [ки Аллоҳ таоло динашро ёрӣ нахоҳад кард; пас, ба хато рафтед] ва ҳалок шудед

وَمَن لَّمْ يُؤْمِنۢ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ فَإِنَّآ أَعْتَدْنَا لِلْكَٰفِرِينَ سَعِيرًا ﴿١٣﴾

13. Ҳар ки ба Аллоҳу паёмбараш имон наоварад, пас, [бидонад, ки] мо барои кофирон оташе сӯзон омода кардаем

وَلِلَّهِ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ يَغْفِرُ لِمَن يَشَآءُ وَيُعَذِّبُ مَن يَشَآءُ ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا ﴿١٤﴾

14. Фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст; ҳар киро бихоҳад меомурзад ва ҳар киро бихоҳад, азоб мекунад; ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

سَيَقُولُ ٱلْمُخَلَّفُونَ إِذَا ٱنطَلَقْتُمْ إِلَىٰ مَغَانِمَ لِتَأْخُذُوهَا ذَرُونَا نَتَّبِعْكُمْ ۖ يُرِيدُونَ أَن يُبَدِّلُواْ كَلَٰمَ ٱللَّهِ ۚ قُل لَّن تَتَّبِعُونَا كَذَٰلِكُمْ قَالَ ٱللَّهُ مِن

15. [Эй муъминон] Ҳангоме ки озим [-и Хайбар ва] ба гирифтани ғанимат мешавед, мутахаллифон

قَبْلُۖ فَسَيَقُولُونَ بَلْ تَحْسُدُونَنَاۚ بَلْ كَانُواْ لَا يَفْقَهُونَ إِلَّا قَلِيلًا ﴿١٥﴾

[аз сафари Макка] хоҳанд гуфт: «Иҷозат диҳед, мо низ ба дунболи шумо биёем». Онон мехоҳанд, каломи илоҳиро тағйир диҳанд. [Эй Паёмбар] Ба эшон бигӯ: «Шумо ҳаргиз ба дунболи мо нахоҳед омад [зеро ин ғаниматҳо махсуси касоне аст, ки дар Ҳудайбия ҳузур доштанд ва дар бораи ин ҳукм] Аллоҳ таоло қаблан чунин фармудааст»; он гоҳ хоҳанд гуфт: «[На] Балки шумо нисбат ба мо ҳасад меварзед». [Ҳаргиз чунин нест] Балки ҷуз иддаи каме [аз онон авомири илоҳиро] дарнамеёбанд

قُل لِّلْمُخَلَّفِينَ مِنَ ٱلْأَعْرَابِ سَتُدْعَوْنَ إِلَىٰ قَوْمٍ أُوْلِى بَأْسٍ شَدِيدٍ تُقَٰتِلُونَهُمْ أَوْ يُسْلِمُونَۖ فَإِن تُطِيعُواْ يُؤْتِكُمُ ٱللَّهُ أَجْرًا حَسَنًاۖ وَإِن تَتَوَلَّوْاْ كَمَا تَوَلَّيْتُم مِّن قَبْلُ يُعَذِّبْكُمْ عَذَابًا أَلِيمًا ﴿١٦﴾

16. [Эй Паёмбар] Ба мутахаллифон бигӯ: «Ба зудӣ ба муқобила бо гурӯҳе ҷанговар фаро хонда хоҳед шуд, ки ононро аз пой дароваред, магар ин ки таслим шаванд; агар итоат кунед, Аллоҳ таоло подоши накуе ба шумо хоҳад дод; ва агар ҳамчун гузашта сарпечӣ кунед, шуморо бо азобе дарднок муҷозот хоҳад кард»

لَّيْسَ عَلَى ٱلْأَعْمَىٰ حَرَجٌ وَلَا عَلَى ٱلْأَعْرَجِ حَرَجٌ وَلَا عَلَى ٱلْمَرِيضِ حَرَجٌۗ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ يُدْخِلْهُ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُۖ وَمَن يَتَوَلَّ يُعَذِّبْهُ عَذَابًا أَلِيمًا ﴿١٧﴾

17. Бар нобино ва ланг ва бемор гуноҳе нест [ки дар ҷанг ширкат накунанд]; ва ҳар ки аз Аллоҳ таоло ва паёмбараш итоат кунад, [Аллоҳ таоло] ӯро ба боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунад, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст; ва ҳар ки сарпечӣ кунад, ба азобе дарднок муҷозоташ хоҳад кард

۞لَّقَدْ رَضِىَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِى قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ﴿١٨﴾

18. Аллоҳ таоло аз муъминоне, ки дар канори он дарахт [дар Ҳудайбия] бо ту байъат карданд, хушнуд шуд ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад; аз ин рӯ оромиш бар онон фуру фиристод ва ба пирӯзии наздик [дар Хайбар] подошашон дод

وَمَغَانِمَ كَثِيرَةً يَأْخُذُونَهَاۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمًا ﴿١٩﴾

19. ва [ҳамчунин] ғаниматҳои фаровоне, ки ба даст меоварданд; ва Аллоҳ таоло ҳамвора шикастнопазир [ва] ҳаким аст

وَعَدَكُمُ ٱللَّهُ مَغَانِمَ كَثِيرَةً تَأْخُذُونَهَا فَعَجَّلَ لَكُمْ هَٰذِهِۦ وَكَفَّ أَيْدِىَ ٱلنَّاسِ عَنكُمْ وَلِتَكُونَ ءَايَةً لِّلْمُؤْمِنِينَ وَيَهْدِيَكُمْ صِرَٰطًا مُّسْتَقِيمًا ﴿٢٠﴾

20. Аллоҳ таоло ғаниматҳои фаровонеро ба шумо ваъда дод, ки [дар оянда] ба онҳо даст хоҳед ёфт; пас, ин [пирӯзӣ ва ғаниматҳои Хайбар]-ро барои шумо зудтар фароҳам сохт ва дасти [тааддӣ ва таҷовузи] душманро аз шумо кӯтоҳ намуд, то барои муъминон нишонаи [аз

лутфи илоҳӣ] бошад ва шуморо ба роҳи рост ҳидоят кунад

21. Ва [ҳамчунин ғаниматҳои] дигаре [дар интизори шумост], ки ҳанӯз ба онҳо даст наёфтаед ва Аллоҳ таоло бар онҳо иҳота дорад [ва аз онҳо огоҳ аст]. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло бар ҳар коре тавоност

وَأُخۡرَىٰ لَمۡ تَقۡدِرُواْ عَلَيۡهَا قَدۡ أَحَاطَ ٱللَّهُ بِهَاۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٗا ٢١

22. Агар кофирон ба ҷанги шумо биёянд [аз таваккал ва салобати шумо] пушт карда ва мегурезанд; пас, аз он низ ҳеҷ корсоз ва ёваре нахоҳанд ёфт

وَلَوۡ قَٰتَلَكُمُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَوَلَّوُاْ ٱلۡأَدۡبَارَ ثُمَّ لَا يَجِدُونَ وَلِيّٗا وَلَا نَصِيرٗا ٢٢

23. Ин суннати илоҳӣ аст, ки пештар низ ҷорӣ будааст; ва ҳаргиз дар суннати илоҳӣ тағйир ва табдиле нахоҳӣ ёфт

سُنَّةَ ٱللَّهِ ٱلَّتِي قَدۡ خَلَتۡ مِن قَبۡلُۖ وَلَن تَجِدَ لِسُنَّةِ ٱللَّهِ تَبۡدِيلٗا ٢٣

24. Ӯст, ки дар Ҳудайбия дасти ононро аз шумо кӯтоҳ намуд [ва монеъ аз он шуд, ки шуморо ба ҷанг во доранд]; ва пас аз пирӯз сохтани шумо дар Макка низ дасти шуморо аз онон боздошт [ки ононро накушед ва ба асорат нагиред]; ва Аллоҳ таоло ҳамвора ба он чӣ мекунед, биност

وَهُوَ ٱلَّذِي كَفَّ أَيۡدِيَهُمۡ عَنكُمۡ وَأَيۡدِيَكُمۡ عَنۡهُم بِبَطۡنِ مَكَّةَ مِنۢ بَعۡدِ أَنۡ أَظۡفَرَكُمۡ عَلَيۡهِمۡۚ وَكَانَ ٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٗا ٢٤

25. Онон касоне буданд, ки кофир шуданд ва шуморо аз [вуруд ба] Масҷид-ул-ҳаром боздоштанд ва низ аз расидани қурбониҳои шумо ба қурбонгоҳаш [дар Мино] ҷилавгирӣ карданд; ва агар мардону занони муъмине [байни мардуми Макка] набуданд, ки [дар сурати ошкор шудани даргирӣ мумкин буд] ононро надониста поймол кунед ва нохоста муртакиби гуноҳ шавед, [фармони ҳамла ба Макка медодем; вале Аллоҳ таоло чунин кард] то [аз маккагиён] ҳар киро бихоҳад, фарогири раҳмати хеш қарор диҳад; ва агар [муъминону кофирон дар Макка] аз якдигар ҷудо буданд, кофиронашонро бо азобе дарднок муҷозот мекардем

هُمُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَصَدُّوكُمۡ عَنِ ٱلۡمَسۡجِدِ ٱلۡحَرَامِ وَٱلۡهَدۡيَ مَعۡكُوفًا أَن يَبۡلُغَ مَحِلَّهُۥۚ وَلَوۡلَا رِجَالٞ مُّؤۡمِنُونَ وَنِسَآءٞ مُّؤۡمِنَٰتٞ لَّمۡ تَعۡلَمُوهُمۡ أَن تَطَـُٔوهُمۡ فَتُصِيبَكُم مِّنۡهُم مَّعَرَّةُۢ بِغَيۡرِ عِلۡمٖۖ لِّيُدۡخِلَ ٱللَّهُ فِي رَحۡمَتِهِۦ مَن يَشَآءُۚ لَوۡ تَزَيَّلُواْ لَعَذَّبۡنَا ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنۡهُمۡ عَذَابًا أَلِيمًا ٢٥

26. [Ба ёд овар] Он гоҳ ки кофирони [Макка дар Ҳудайбия] қалбан дастхуши таассуб, [он ҳам] таассуби ҷоҳилият шуда буданд, Аллоҳ

إِذۡ جَعَلَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فِي قُلُوبِهِمُ ٱلۡحَمِيَّةَ حَمِيَّةَ ٱلۡجَٰهِلِيَّةِ فَأَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَعَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ وَأَلۡزَمَهُمۡ كَلِمَةَ ٱلتَّقۡوَىٰ وَكَانُوٓاْ أَحَقَّ بِهَا وَأَهۡلَهَاۚ وَكَانَ ٱللَّهُ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٗا ٢٦

таоло оромиши [хотире аз ҷониби] хеш бар паёмбараш ва бар муъминин фуру фиристод ва ононро ба асл [ва асоси тавҳид ва] парҳезкорӣ [ло илоҳа илла-Аллоҳ] пойбанд сохт; чаро ки [нисбат ба мушрикон] ба он сазовортар ва шоистатар буданд; ва Аллоҳ таоло ба ҳар чизе доност

لَّقَدْ صَدَقَ ٱللَّهُ رَسُولَهُ ٱلرُّءْيَا بِٱلْحَقِّ ۖ لَتَدْخُلُنَّ ٱلْمَسْجِدَ ٱلْحَرَامَ إِن شَآءَ ٱللَّهُ ءَامِنِينَ مُحَلِّقِينَ رُءُوسَكُمْ وَمُقَصِّرِينَ لَا تَخَافُونَ ۖ فَعَلِمَ مَا لَمْ تَعْلَمُوا۟ فَجَعَلَ مِن دُونِ ذَٰلِكَ فَتْحًا قَرِيبًا ﴿٢٧﴾

27. Аллоҳ таоло руъёи расулашро ба дурустӣ таҳаққуқ бахшид, ки ба хости илоҳӣ, дар ҳоле ки сарҳоятонро тарошида муйҳоятонро кӯтоҳ кардаед, дар эминӣ ва бидуни тарс [аз душман] ба Масҷиду-л-ҳаром ворид хоҳед шуд. [Аллоҳ таоло] Чизҳоеро медонист, ки шумо намедонистед; ва илова бар фатҳи Макка пирӯзии наздики [Хайбар]-ро [низ бароятон] муқаррар намуд

هُوَ ٱلَّذِىٓ أَرْسَلَ رَسُولَهُۥ بِٱلْهُدَىٰ وَدِينِ ٱلْحَقِّ لِيُظْهِرَهُۥ عَلَى ٱلدِّينِ كُلِّهِۦ ۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ شَهِيدًا ﴿٢٨﴾

28. Ӯст, ки паёмбарашро бо [китоби] ҳидоят ва оини ҳақ фиристод, то [ҳаққонияти бартарии] онро бар ҳамаи адён ошкор гардонад; ва Аллоҳ таоло ба унвони гувоҳ кофӣ аст

مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ ۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ ۖ تَرَىٰهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضْوَٰنًا ۖ سِيمَاهُمْ فِى وُجُوهِهِم مِّنْ أَثَرِ ٱلسُّجُودِ ۚ ذَٰلِكَ مَثَلُهُمْ فِى ٱلتَّوْرَىٰةِ ۚ وَمَثَلُهُمْ فِى ٱلْإِنجِيلِ كَزَرْعٍ أَخْرَجَ شَطْـَٔهُۥ فَـَٔازَرَهُۥ فَٱسْتَغْلَظَ فَٱسْتَوَىٰ عَلَىٰ سُوقِهِۦ يُعْجِبُ ٱلزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ ٱلْكُفَّارَ ۗ وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِنْهُم مَّغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًا ﴿٢٩﴾

29. Муҳаммад расулуллоҳ ва [саҳобаи муъмин ва фидокораш ҳамон] касоне, ки ҳамвора бо ӯ ҳастанд, дар баробари кофирон [-и ситезаҷӯ] муҳкаму сахтгиранд ва бо якдигар меҳрубон; эшонро дар ҳоли рукуъ ва саҷда мебинӣ, ки пайваста фазлу хушнудии Аллоҳро меҷӯянд; нишони [имону парҳезгории] онон дар чеҳраҳояшон аз асари саҷда ва ибодат ҳувайдост; ин васфи эшон дар Таврот аст; ва тавсифашон дар Инҷил [низ] ҳамчун гиёҳе аст, ки ҷавонаашро бармеоварад ва онро неру мебахшад, то муҳкам гардад ва бар соқаҳояш устувор биистад; чунон ки муҷиби шигифтии кишоварзон шавад; дар натиҷа, Аллоҳ таоло бо [тақвият ва пешрафти] муъминон кофиронро ба хашм дармеоварад. Аллоҳ таоло ба муъминони накукор [саҳоба ва пайравонашон] ваъдаи омурзиш ва подоше бузург додааст

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُقَدِّمُواْ بَيۡنَ يَدَيِ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٞ ١

1. Эй муъминон, дар баробари Аллоҳ таоло ва паёмбараш [дар ҳеҷ коре] пешӣ нагиред; ва аз Аллоҳ таоло парво кунед, ки Аллоҳ таоло шунавову доност

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَرۡفَعُوٓاْ أَصۡوَٰتَكُمۡ فَوۡقَ صَوۡتِ ٱلنَّبِيِّ وَلَا تَجۡهَرُواْ لَهُۥ بِٱلۡقَوۡلِ كَجَهۡرِ بَعۡضِكُمۡ لِبَعۡضٍ أَن تَحۡبَطَ أَعۡمَٰلُكُمۡ وَأَنتُمۡ لَا تَشۡعُرُونَ ٢

2. Эй муъминон, садоятонро баландтар аз садои Паёмбар накунед; ва ҳамчунон ки бархе аз шумо бо бархе дигар баланд сухан мегӯяд, бо ӯ ба садои баланд сухан нагӯед. Мабодо бе онки бидонед, аъмолатон табоҳ гардад

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَغُضُّونَ أَصۡوَٰتَهُمۡ عِندَ رَسُولِ ٱللَّهِ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ ٱمۡتَحَنَ ٱللَّهُ قُلُوبَهُمۡ لِلتَّقۡوَىٰۚ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَأَجۡرٌ عَظِيمٌ ٣

3. Онон, ки садои худро назди расулуллоҳ поин меоваранд, Аллоҳ таоло дилҳояшонро барои парҳезкоре озмуда [ва холис гардонида] аст. Барои онон омурзишу подоши бузурге [дар пеш] аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُنَادُونَكَ مِن وَرَآءِ ٱلۡحُجُرَٰتِ أَكۡثَرُهُمۡ لَا يَعۡقِلُونَ ٤

4. [Вале] Онон, ки аз пушти утоқҳо [-и ҳамсаронат] туро садо мезананд, бештарашон бехираданд

وَلَوۡ أَنَّهُمۡ صَبَرُواْ حَتَّىٰ تَخۡرُجَ إِلَيۡهِمۡ لَكَانَ خَيۡرٗا لَّهُمۡۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٥

5. Ва агар сабр мекарданд, то худ барои мулоқоташон хориҷ шавӣ, барояшон беҳтар буд; ва Аллоҳ таоло омурзгору меҳрубон аст

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن جَآءَكُمۡ فَاسِقُۢ بِنَبَإٖ فَتَبَيَّنُوٓاْ أَن تُصِيبُواْ قَوۡمَۢا بِجَهَٰلَةٖ فَتُصۡبِحُواْ عَلَىٰ مَا فَعَلۡتُمۡ نَٰدِمِينَ ٦

6. Эй муъминон, агар шахси мунҳарифе хабаре бароятон оварад, таҳқиқ кунед, то мабодо надониста ба гурӯҳе [бегуноҳ] осеб бирасонед ва аз кардаи худ пушаймон шавед

وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ فِيكُمۡ رَسُولَ ٱللَّهِۚ لَوۡ يُطِيعُكُمۡ فِي كَثِيرٖ مِّنَ ٱلۡأَمۡرِ لَعَنِتُّمۡ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ حَبَّبَ إِلَيۡكُمُ ٱلۡإِيمَٰنَ وَزَيَّنَهُۥ فِي قُلُوبِكُمۡ وَكَرَّهَ إِلَيۡكُمُ ٱلۡكُفۡرَ وَٱلۡفُسُوقَ وَٱلۡعِصۡيَانَۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلرَّٰشِدُونَ ٧

7. Бидонед, ки расулуллоҳ миёни шумост [ва салоҳатонро беҳтар медонад]; агар дар бисёре аз умур аз [майлу назари] шумо пайравӣ кунад, дучори заҳмат мешавед; вале Аллоҳ таоло имонро маҳбуби шумо намуд ва онро дар қалбҳоятон биёрост [то ислом биёваред] ва

(*) Ҳуҷурот (Ҳуҷраҳо).

куфру нофармонӣ ва саркаширо дар назаратон нохушоянд гардонд. Онон [ки ороста ба ин авсофанд] пӯяндагони роҳи ҳидоят ва камоланд

فَضْلًا مِّنَ ٱللَّهِ وَنِعْمَةً ۚ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٨﴾

8. [Ин иноят] Ба унвони фазилату неъмате аз ҷониби Аллоҳ таоло [муқаррар шудааст] ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

وَإِن طَآئِفَتَانِ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ٱقْتَتَلُوا۟ فَأَصْلِحُوا۟ بَيْنَهُمَا ۖ فَإِنۢ بَغَتْ إِحْدَىٰهُمَا عَلَى ٱلْأُخْرَىٰ فَقَٰتِلُوا۟ ٱلَّتِى تَبْغِى حَتَّىٰ تَفِىٓءَ إِلَىٰٓ أَمْرِ ٱللَّهِ ۚ فَإِن فَآءَتْ فَأَصْلِحُوا۟ بَيْنَهُمَا بِٱلْعَدْلِ وَأَقْسِطُوٓا۟ ۖ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُقْسِطِينَ ﴿٩﴾

9. Агар ду гурӯҳ аз муъминон бо ҳам даргир шуданд, миёнашон оштӣ барқарор кунед ва агар як гурӯҳ бар дигаре таҷовуз кард, бо гурӯҳи мутаҷовиз бичангед, то ба фармони Аллоҳ таоло боз ояд; агар бозгашт, байнашон сулҳе одилона барқарор кунед ва ба адолат рафтор кунед, ки Аллоҳ таоло одилонро дӯст дорад

إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ فَأَصْلِحُوا۟ بَيْنَ أَخَوَيْكُمْ ۚ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ ﴿١٠﴾

10. Албатта, муъминон бародари якдигаранд; пас, миёни бародарон оштӣ барқарор кунед ва аз Аллоҳ таоло парво кунед; бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا يَسْخَرْ قَوْمٌ مِّن قَوْمٍ عَسَىٰٓ أَن يَكُونُوا۟ خَيْرًا مِّنْهُمْ وَلَا نِسَآءٌ مِّن نِّسَآءٍ عَسَىٰٓ أَن يَكُنَّ خَيْرًا مِّنْهُنَّ ۖ وَلَا تَلْمِزُوٓا۟ أَنفُسَكُمْ وَلَا تَنَابَزُوا۟ بِٱلْأَلْقَٰبِ ۖ بِئْسَ ٱلِٱسْمُ ٱلْفُسُوقُ بَعْدَ ٱلْإِيمَٰنِ ۚ وَمَن لَّمْ يَتُبْ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿١١﴾

11. Ҳаргиз набояд гурӯҳе [аз шумо] гурӯҳи дигареро масхара кунад; чи басо инон аз онон беҳтар бошанд; ва занон низ набояд занони дигарро масхара намоянд; чи басо инон аз онон бартар бошанд; ва аз якдигар айбҷӯӣ накунед; ва якдигарро бо лақабҳо [-и зишт] хитоб накунед [ки ин кор мисдоқи нофармонӣ аз авомири илоҳӣ аст]; ва бадтарин вижагӣ [барои як мусулмон] ин аст, ки пас аз имон овардан [фискӯ] нофармонӣ кунад; ва онон, ки тавба накунанд, [нисбат ба нафси хеш] ситамгоранд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱجْتَنِبُوا۟ كَثِيرًا مِّنَ ٱلظَّنِّ إِنَّ بَعْضَ ٱلظَّنِّ إِثْمٌ ۖ وَلَا تَجَسَّسُوا۟ وَلَا يَغْتَب بَّعْضُكُم بَعْضًا ۚ أَيُحِبُّ أَحَدُكُمْ أَن يَأْكُلَ لَحْمَ أَخِيهِ مَيْتًا فَكَرِهْتُمُوهُ ۚ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ تَوَّابٌ رَّحِيمٌ ﴿١٢﴾

12. Эй муъминон, аз бисёре аз гумонҳои бад бипарҳезед; чаро ки бархе аз гумонҳо гуноҳ аст; ва дар бораи якдигар таҷассусу ғайбат накунед; оё ҳеҷ як аз шумо дӯст дорад, ки гӯшти бародари мурдаашро бихӯрад? [Ҳатман] Онро хуш надоред [ғайбат низ ба ҳамин зиштӣ аст]; аз Аллоҳ таоло парво кунед, ки Аллоҳ таоло тавбапазиру меҳрубон аст

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنَّا خَلَقْنَـٰكُم مِّن ذَكَرٍ وَأُنثَىٰ وَجَعَلْنَـٰكُمْ شُعُوبًا وَقَبَآئِلَ لِتَعَارَفُوٓاْ ۚ إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ ٱللَّهِ أَتْقَىٰكُمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرٌ ﴿١٣﴾

13. Эй мардум, мо шуморо аз [омезиши] марду зане офаридем ва ба ҷамоатҳо ва қабилаҳои мухталиф тақсим кардем, то якдигарро бозшиносед. Бе тардид, бузургвортарини шумо назди Аллоҳ таоло Парҳезкортарини шумост; ва Аллоҳ таоло [ба он чи мекунед] доно ва огоҳ аст

۞ قَالَتِ ٱلْأَعْرَابُ ءَامَنَّا ۖ قُل لَّمْ تُؤْمِنُواْ وَلَـٰكِن قُولُوٓاْ أَسْلَمْنَا وَلَمَّا يَدْخُلِ ٱلْإِيمَـٰنُ فِى قُلُوبِكُمْ ۖ وَإِن تُطِيعُواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ لَا يَلِتْكُم مِّنْ أَعْمَـٰلِكُمْ شَيْـًٔا ۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١٤﴾

14. Аъроб [-и бодиянишин дар ҳузури паёмбар] гуфтанд: «Имон овардаем». [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Шумо имон наёвардаед; вале бигӯед: «Ислом овардаем»; ва ҳанӯз имон дар қалбҳоятон нуфуз накардааст. Агар аз Аллоҳ таоло ва паёмбараш итоат кунед, аз [подоши] аъмоли шумо ҳеҷ нахоҳад кост. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло омурзгору меҳрубон аст»

إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ثُمَّ لَمْ يَرْتَابُواْ وَجَـٰهَدُواْ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ أُوْلَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّـٰدِقُونَ ﴿١٥﴾

15. Муъминон [-и ҳақиқӣ] касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ таоло ва паёмбараш имон овардаанд ва [лаҳзае дар имонашон] тардид накарданд ва бо молу ҷонашон дар роҳи Аллоҳ таоло ба мубориза бархостанд; инонанд, ки [дар эътиқод ва амал] садоқат доранд

قُلْ أَتُعَلِّمُونَ ٱللَّهَ بِدِينِكُمْ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ مَا فِى ٱلسَّمَـٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ ۚ وَٱللَّهُ بِكُلِّ شَىْءٍ عَلِيمٌ ﴿١٦﴾

16. [Эй Паёмбар, ба бодиянишинон] Бигӯ: «Оё мехоҳед, Аллоҳро аз дини хеш огоҳ кунед? Дар ҳоле ки Аллоҳ таоло ҳар чиро, ки дар осмонҳо ва замин аст, медонад; ва Аллоҳ таоло ба ҳар чизе огоҳ аст»

يَمُنُّونَ عَلَيْكَ أَنْ أَسْلَمُواْ ۖ قُل لَّا تَمُنُّواْ عَلَىَّ إِسْلَـٰمَكُم ۖ بَلِ ٱللَّهُ يَمُنُّ عَلَيْكُمْ أَنْ هَدَىٰكُمْ لِلْإِيمَـٰنِ إِن كُنتُمْ صَـٰدِقِينَ ﴿١٧﴾

17. Онон бар ту миннат мениҳанд, ки ислом овардаанд; бигӯ: «Миннати исломи хеш бар ман нагузоред; балки агар [дар ошкор кардани имон] садоқат доред, ин Аллоҳ таоло аст, ки бар шумо миннат дорад, ки ба сӯйи имон ҳидоятатон намудааст

إِنَّ ٱللَّهَ يَعْلَمُ غَيْبَ ٱلسَّمَـٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَٱللَّهُ بَصِيرٌۢ بِمَا تَعْمَلُونَ ﴿١٨﴾

18. Бе тардид, Аллоҳ таоло асрори осмонҳо ва заминро медонад ва ба он чи мекунед, биност

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

قٓۚ وَٱلْقُرْءَانِ ٱلْمَجِيدِ ۝١

1. [Қоф];[1] савганд ба Қуръони арҷманд [ки растохез омаданӣ аст]

بَلْ عَجِبُوٓاْ أَن جَآءَهُم مُّنذِرٌ مِّنْهُمْ فَقَالَ ٱلْكَٰفِرُونَ هَٰذَا شَىْءٌ عَجِيبٌ ۝٢

2. Мушрикон аз ин ки ҳушдордиҳандае аз миёни худашон ба суроғашон омадааст, ибрози шигифтӣ мекунанд ва мегӯянд: «Моҷарои аҷибе аст

أَءِذَا مِتْنَا وَكُنَّا تُرَابًاۖ ذَٰلِكَ رَجْعٌۢ بَعِيدٌ ۝٣

3. Он ҳангоме ки мурдем ва хок шудем [дубора барангехта хоҳем шуд?]. Ин бозгаште баид аст»

قَدْ عَلِمْنَا مَا تَنقُصُ ٱلْأَرْضُ مِنْهُمْۖ وَعِندَنَا كِتَٰبٌ حَفِيظٌۢ ۝٤

4. Бе тардид, зарроте, ки замин аз бадани онон мекоҳад, [ҳамаро] медонем; ва китобе нигоҳбон дар ихтиёр дорем [ки ҳарчи бар онон муқаддар гашта, дар он сабт аст]

بَلْ كَذَّبُواْ بِٱلْحَقِّ لَمَّا جَآءَهُمْ فَهُمْ فِىٓ أَمْرٍ مَّرِيجٍ ۝٥

5. Вақте ки [Қуръон, яъне каломи] ҳақ бар онон расид, такзибаш карданд; пас, дар ҳолати саргардонӣ [ва парешонӣ] ҳастанд [ва дар бораи Қуръон ҳайронанд]

أَفَلَمْ يَنظُرُوٓاْ إِلَى ٱلسَّمَآءِ فَوْقَهُمْ كَيْفَ بَنَيْنَٰهَا وَزَيَّنَّٰهَا وَمَا لَهَا مِن فُرُوجٍ ۝٦

6. Оё кофирон осмонро бар фарозашон наменигаранд, ки чи гуна онро барафроштем ва [ба зевари ситорагон] оростем ва орӣ аз [ҳар гуна] нуқсу халал аст?

وَٱلْأَرْضَ مَدَدْنَٰهَا وَأَلْقَيْنَا فِيهَا رَوَٰسِىَ وَأَنۢبَتْنَا فِيهَا مِن كُلِّ زَوْجٍۭ بَهِيجٍ ۝٧

7. Ва заминро густурдем ва кӯҳҳои собит дар он пай афкандем ва аз ҳар навъ гиёҳи зебо [шодиангезе] дар он рӯёнидем

تَبْصِرَةً وَذِكْرَىٰ لِكُلِّ عَبْدٍ مُّنِيبٍ ۝٨

8. [Онҳоро офаридем] То барои ҳар бандаи тавбакор муҷиби бинишу панд бошад

وَنَزَّلْنَا مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً مُّبَٰرَكًا فَأَنۢبَتْنَا بِهِۦ جَنَّٰتٍ وَحَبَّ ٱلْحَصِيدِ ۝٩

9. Ва аз осмон бороне пурбаракат фиристодем ва бо он боғҳо [-и мева] ва [мазореи] дона [ҳо]-и даравкарданӣ рӯёнидем

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

وَٱلنَّخۡلَ بَاسِقَٰتٖ لَّهَا طَلۡعٞ نَّضِيدٞ ١٠

10. Ва дарахтони саркашидаи хурмо бо хушаҳои барҳамнишаста

رِّزۡقٗا لِّلۡعِبَادِۖ وَأَحۡيَيۡنَا بِهِۦ بَلۡدَةٗ مَّيۡتٗاۚ كَذَٰلِكَ ٱلۡخُرُوجُ ١١

11. Барои рӯзии бандагон; ба василаи он [борон] сарзамини хазонзада ва хушкро ҳаёт бахшидем; хуруҷ аз қабрҳо [дар қиёмат] низ ҳамин гуна аст

كَذَّبَتۡ قَبۡلَهُمۡ قَوۡمُ نُوحٖ وَأَصۡحَٰبُ ٱلرَّسِّ وَثَمُودُ ١٢

12. Пеш аз онон низ қавми Нуҳу аҳолии «Рас» [чоҳ] ва қавми Самуд [паёмбаронашонро] дурӯғгӯ шумурданд

وَعَادٞ وَفِرۡعَوۡنُ وَإِخۡوَٰنُ لُوطٖ ١٣

13. Ва [ҳамчунин қавми] Оду Фиръавн ва қавми Лут

وَأَصۡحَٰبُ ٱلۡأَيۡكَةِ وَقَوۡمُ تُبَّعٖۚ كُلّٞ كَذَّبَ ٱلرُّسُلَ فَحَقَّ وَعِيدِ ١٤

14. ва аҳолии «Айка» [қавми Шуайб] ва қавми «Туббаъ»; ҳар як [аз онон] паёмбарони [илоҳӣ]-ро дурӯғгӯ шумурданд; пас, ваъдаи азоби ман [бар онон] таҳаққуқ ёфт

أَفَعَيِينَا بِٱلۡخَلۡقِ ٱلۡأَوَّلِۚ بَلۡ هُمۡ فِي لَبۡسٖ مِّنۡ خَلۡقٖ جَدِيدٖ ١٥

15. Оё мо дар офариниши нахустин фуру мондем [то аз бозофаринии он оҷиз бошем]? [Ҳаргиз] Балки онон аз офариниши ҷадид дар [ҳайрат ва] тардиданд

وَلَقَدۡ خَلَقۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ وَنَعۡلَمُ مَا تُوَسۡوِسُ بِهِۦ نَفۡسُهُۥۖ وَنَحۡنُ أَقۡرَبُ إِلَيۡهِ مِنۡ حَبۡلِ ٱلۡوَرِيدِ ١٦

16. Мо инсонро офаридем ва аз васвасаҳои замираш огоҳем; ва аз шоҳрагаш ба ӯ наздиктарем

إِذۡ يَتَلَقَّى ٱلۡمُتَلَقِّيَانِ عَنِ ٱلۡيَمِينِ وَعَنِ ٱلشِّمَالِ قَعِيدٞ ١٧

17. Вақте ду фариштa, ки бар самти росту чап муроқиб нишастаанд, [рафторашро] сабт мекунанд

مَّا يَلۡفِظُ مِن قَوۡلٍ إِلَّا لَدَيۡهِ رَقِيبٌ عَتِيدٞ ١٨

18. Ҳар сухане, ки бар забон меоварад, дар канораш [фариштаи] муроқибе омодааст

وَجَآءَتۡ سَكۡرَةُ ٱلۡمَوۡتِ بِٱلۡحَقِّۖ ذَٰلِكَ مَا كُنتَ مِنۡهُ تَحِيدُ ١٩

19. Сахтиҳои марг, ба ростӣ, даррасид. [Эй инсони ғофил] Ин ҳамон чизест, ки аз он мегурехтӣ

وَنُفِخَ فِي ٱلصُّورِۚ ذَٰلِكَ يَوۡمُ ٱلۡوَعِيدِ ٢٠

20. Ва [барои дувумин бор] дар «сур» дамида мешавад [ва қиёмат барпо мегардад]. Он рӯз [рӯзи таҳаққуқи] ваъда [-и азоб] аст

وَجَآءَتۡ كُلُّ نَفۡسٖ مَّعَهَا سَآئِقٞ وَشَهِيدٞ ٢١

21. Ва ҳар кас дар ҳоле [ки ду фариштa ҳамроҳиаш мекунанд, ба арсаи маҳшар] меояд; яке роҳ менамоёнад ва дигаре [бар аъмолаш] гувоҳ аст

لَّقَدْ كُنتَ فِي غَفْلَةٍ مِّنْ هَٰذَا فَكَشَفْنَا عَنكَ غِطَآءَكَ فَبَصَرُكَ ٱلْيَوْمَ حَدِيدٌ ﴿٢٢﴾

22. [Ба ӯ гуфта мешавад:] «Ту аз ин [рӯз] дар ғафлат будӣ ва мо [бо азоби дузах] пардаи [ғафлат]-ро аз муқобилат бардоштем; акнун дидаат тезбин шудааст

وَقَالَ قَرِينُهُۥ هَٰذَا مَا لَدَىَّ عَتِيدٌ ﴿٢٣﴾

23. [Фариштаи] Ҳамнишини вай мегӯяд: «Ин ҳамон [номаи аъмоли ӯ] аст, ки назди ман омадааст»

أَلْقِيَا فِي جَهَنَّمَ كُلَّ كَفَّارٍ عَنِيدٍ ﴿٢٤﴾

24. [Аллоҳ таоло ба он ду фариштa хитоб мекунад:] «Ҳар ситезаҷӯи ҳақситезеро дар дузах бияфканед

مَّنَّاعٍ لِّلْخَيْرِ مُعْتَدٍ مُّرِيبٍ ﴿٢٥﴾

25. [Ҳар] Монеи хайру мутаҷовиз ва бадгумонро

ٱلَّذِي جَعَلَ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ فَأَلْقِيَاهُ فِي ٱلْعَذَابِ ٱلشَّدِيدِ ﴿٢٦﴾

26. Ҳамон касе, ки дар канори Аллоҳ таоло маъбуди дигаре қарор медод. Ӯро дар азобе сахт бияфканед»

۞قَالَ قَرِينُهُۥ رَبَّنَا مَآ أَطْغَيْتُهُۥ وَلَٰكِن كَانَ فِي ضَلَٰلٍ بَعِيدٍ ﴿٢٧﴾

27. [Шайтони] Ҳамнишинаш мегӯяд: «Парвардигоро, ман ӯро ба туғён накашидам, вале ӯ худ дар гумроҳии бепоёне буд»

قَالَ لَا تَخْتَصِمُوا۟ لَدَىَّ وَقَدْ قَدَّمْتُ إِلَيْكُم بِٱلْوَعِيدِ ﴿٢٨﴾

28. Аллоҳ таоло] Мефармояд: «Дар пешгоҳи Ман ситез накунед, ки пеш аз ин ба шумо ҳушдор дода будем

مَا يُبَدَّلُ ٱلْقَوْلُ لَدَىَّ وَمَآ أَنَا۠ بِظَلَّٰمٍ لِّلْعَبِيدِ ﴿٢٩﴾

29. Фармони муҷозот назди Ман тағйирпазир нест; ва Аллоҳ таоло [дар кайфару подош] ба бандагонаш ситам намекунад»

يَوْمَ نَقُولُ لِجَهَنَّمَ هَلِ ٱمْتَلَأْتِ وَتَقُولُ هَلْ مِن مَّزِيدٍ ﴿٣٠﴾

30. Рӯзе, ки ба дузах мегӯем: «Оё [аз ситамгарон] анбошташудаӣ?». [Ва ӯ] Мегӯяд: «Оё беш аз ин ҳам ҳаст?»

وَأُزْلِفَتِ ٱلْجَنَّةُ لِلْمُتَّقِينَ غَيْرَ بَعِيدٍ ﴿٣١﴾

31. [Дар он рӯз] Биҳиштро барои парҳезкорон пеш меоваранд [то неъматҳояшро] аз наздик [бубинанд]

هَٰذَا مَا تُوعَدُونَ لِكُلِّ أَوَّابٍ حَفِيظٍ ﴿٣٢﴾

32. [Ба онон гуфта мешавад:] «Ин ҳамон подошест, ки ба шумо ваъда дода мешуд, ки барои ҳар тавбакоре аст, ки [ба сӯйи Парвардигораш

бозмегардад ва] пойбанд [ба паймону аҳкоми илоҳӣ] аст

33. Ҳамон касе, ки дар ниҳон аз [хашми Аллоҳи] раҳмон метарсад ва бо қалбе тавбакор [ба пешгоҳаш] бозмегардад

مَّنْ خَشِيَ ٱلرَّحْمَٰنَ بِٱلْغَيْبِ وَجَآءَ بِقَلْبٍ مُّنِيبٍ ﴿٣٣﴾

34. Бо саломат ба биҳишт дароед; ин аст рӯзи ҷовидонагӣ»

ٱدْخُلُوهَا بِسَلَٰمٍ ۖ ذَٰلِكَ يَوْمُ ٱلْخُلُودِ ﴿٣٤﴾

35. Дар он ҷо ҳар чи бихоҳанд, дар ихтиёр доранд ва ҳатто бештар аз он низ дар ихтиёри мост

لَهُم مَّا يَشَآءُونَ فِيهَا وَلَدَيْنَا مَزِيدٌ ﴿٣٥﴾

36. Ва чи бисёр умматҳоеро, ки пеш аз мушрикони Макка ҳалок кардем, ки онон [ба маротиб] аз инҳо қавитар буданд; пас, дар гӯша ва канори шаҳрҳо ҷустуҷӯ карданд [ки бубинанд оё аз азобу ҳалокати барояшон] ҳеҷ паноҳ ва гурезгоҳе вуҷуд дорад

وَكَمْ أَهْلَكْنَا قَبْلَهُم مِّن قَرْنٍ هُمْ أَشَدُّ مِنْهُم بَطْشًا فَنَقَّبُوا۟ فِى ٱلْبِلَٰدِ هَلْ مِن مَّحِيصٍ ﴿٣٦﴾

37. Бе гумон дар ин [сухан] барои соҳибдилон ё касоне, ки бо ҳузур [-и қалб ба нидои тавҳид] гӯш фаро медиҳанд ва ҳушёранд, андарз аст

إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَذِكْرَىٰ لِمَن كَانَ لَهُۥ قَلْبٌ أَوْ أَلْقَى ٱلسَّمْعَ وَهُوَ شَهِيدٌ ﴿٣٧﴾

38. Мо осмонҳо ва замин ва он чиро, ки миёни онҳост, дар шаш рӯз офаридем ва [ҳаргиз] ранҷу хастагӣ ба Мо нарасид

وَلَقَدْ خَلَقْنَا ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا فِى سِتَّةِ أَيَّامٍ وَمَا مَسَّنَا مِن لُّغُوبٍ ﴿٣٨﴾

39. [Эй Паёмбар] Дар баробари суханони мушрикон шикебо бош; ва пеш аз баромадани офтоб ва қабл аз фуру шуданаш Парвардигоратро ба покӣ ситоиш кун [ва намоз бигузор]

فَٱصْبِرْ عَلَىٰ مَا يَقُولُونَ وَسَبِّحْ بِحَمْدِ رَبِّكَ قَبْلَ طُلُوعِ ٱلشَّمْسِ وَقَبْلَ ٱلْغُرُوبِ ﴿٣٩﴾

40. Ва низ [дар посе] аз шаб ва пас аз ҳар намоз ӯро ба покӣ ситоиш кун

وَمِنَ ٱلَّيْلِ فَسَبِّحْهُ وَأَدْبَٰرَ ٱلسُّجُودِ ﴿٤٠﴾

41. Ва [эй Паёмбар] он гоҳ ки мунодӣ [-и қиёмат] аз маконе наздик нидо медиҳад, гӯш фаро дор

وَٱسْتَمِعْ يَوْمَ يُنَادِ ٱلْمُنَادِ مِن مَّكَانٍ قَرِيبٍ ﴿٤١﴾

42. Рӯзе, ки ҳамагон бонги саҳмноки растохезро ба ҳақ мешунаванд, [он рӯз] рӯзи хуруҷ [аз гурҳо] аст

يَوْمَ يَسْمَعُونَ ٱلصَّيْحَةَ بِٱلْحَقِّ ۚ ذَٰلِكَ يَوْمُ ٱلْخُرُوجِ ﴿٤٢﴾

إِنَّا نَحْنُ نُحْيِۦ وَنُمِيتُ وَإِلَيْنَا ٱلْمَصِيرُ ﴿٤٣﴾

43. Моем, ки ҳаёт мебахшем ва марг медиҳем; ва бозгашт [-и ҳамагон] ба сӯйи Мост

يَوْمَ تَشَقَّقُ ٱلْأَرْضُ عَنْهُمْ سِرَاعًا ۚ ذَٰلِكَ حَشْرٌ عَلَيْنَا يَسِيرٌ ﴿٤٤﴾

44. Рӯзе, ки замин аз [фарози] онон шикофта мешавад, инсонҳо шитобон [берун меоянд]. Ин эҳзоре аст, ки барои Мо осон аст

نَّحْنُ أَعْلَمُ بِمَا يَقُولُونَ ۖ وَمَآ أَنتَ عَلَيْهِم بِجَبَّارٍ ۖ فَذَكِّرْ بِٱلْقُرْءَانِ مَن يَخَافُ وَعِيدِ ﴿٤٥﴾

45. Мо ба он чи [кофирон] мегӯянд, донотарем; ва ту [эй Паёмбар] бар онон мусаллат нестӣ [ки бихоҳӣ ба имон овардан водорашон кунӣ]; пас, касеро, ки аз азоб [ва ҳушдори] Ман метарсад, ба [василаи] Қуръон андарз бидеҳ

(51) Зориёт(*) الذاريات

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба бодҳои хокафшон	وَٱلذَّٰرِيَٰتِ ذَرۡوٗا ١
2. Ва савганд ба абрҳои сангинбор	فَٱلۡحَٰمِلَٰتِ وِقۡرٗا ٢
3. Ва савганд ба киштиҳои сабуксайр	فَٱلۡجَٰرِيَٰتِ يُسۡرٗا ٣
4. Ва савганд ба фариштагон, ки умури илоҳиро [миёни мардум] тақсим мекунанд	فَٱلۡمُقَسِّمَٰتِ أَمۡرًا ٤
5. Ки он чӣ ба шумо [дар мавриди подош ва азоб] ваъда дода шуда, ҳақиқат дорад	إِنَّمَا تُوعَدُونَ لَصَادِقٞ ٥
6. Ва [рӯзи] ҷазо, ҳатман, ба вуқуъ мепайвандад	وَإِنَّ ٱلدِّينَ لَوَٰقِعٞ ٦
7. Савганд ба осмон, ки [бо ситорагон ороста шуда ва гӯё] дорои роҳҳост	وَٱلسَّمَآءِ ذَاتِ ٱلۡحُبُكِ ٧
8. Ки шумо [дар мавриди Паёмбару Қуръон] ихтилофи назар доред	إِنَّكُمۡ لَفِي قَوۡلٖ مُّخۡتَلِفٖ ٨
9. Ҳар ки [аз роҳи ҳақ] бозгардонда шавад, аз [имон ба] Паёмбар ва Қуръон низ бозгардонда хоҳад шуд	يُؤۡفَكُ عَنۡهُ مَنۡ أُفِكَ ٩
10. Марг [ва лаънат] бар дурӯғгӯён!	قُتِلَ ٱلۡخَرَّٰصُونَ ١٠
11. Ҳамон касоне, ки дар вартаи ҷаҳл ғофиланд	ٱلَّذِينَ هُمۡ فِي غَمۡرَةٖ سَاهُونَ ١١
12. Онон [пайваста ва аз рӯйи инкор] мепурсанд: «Рӯзи ҷазо чи замоне аст?»	يَسۡـَٔلُونَ أَيَّانَ يَوۡمُ ٱلدِّينِ ١٢
13. Ҳамон рӯзе аст, ки ба оташ муҷозот мешаванд	يَوۡمَ هُمۡ عَلَى ٱلنَّارِ يُفۡتَنُونَ ١٣
14. [Ва ба онон гуфта мешавад:] «Азоби худро бичашед; ин ҳамон оташест, ки ба шитоб мехостед»	ذُوقُواْ فِتۡنَتَكُمۡ هَٰذَا ٱلَّذِي كُنتُم بِهِۦ تَسۡتَعۡجِلُونَ ١٤

(*) Зориёт (Бодҳои хокпарокандасоз).

إِنَّ ٱلْمُتَّقِينَ فِى جَنَّٰتٍ وَعُيُونٍ ﴿١٥﴾

15. [Дар рӯзи қиёмат] Мусалламан, парҳезкорон дар боғҳое [аз биҳишт] ва [канори] чашмасорҳо ба сар мебаранд

ءَاخِذِينَ مَآ ءَاتَىٰهُمْ رَبُّهُمْ ۚ إِنَّهُمْ كَانُوا۟ قَبْلَ ذَٰلِكَ مُحْسِنِينَ ﴿١٦﴾

16. Он чи Парвардигорашон ба онон ато кардааст, дарёфт медоранд; зеро дар [зиндагии] гузашта накукор будаанд

كَانُوا۟ قَلِيلًا مِّنَ ٱلَّيْلِ مَا يَهْجَعُونَ ﴿١٧﴾

17. Онон андаке аз шабро мехуфтанд [ва бақияро ба намоз ва ниёиш машғул буданд]

وَبِٱلْأَسْحَارِ هُمْ يَسْتَغْفِرُونَ ﴿١٨﴾

18. Ва саҳаргоҳон омурзиш мехостанд

وَفِىٓ أَمْوَٰلِهِمْ حَقٌّ لِّلسَّآئِلِ وَٱلْمَحْرُومِ ﴿١٩﴾

19. Ва дар амволашон барои соил ва маҳрум ҳаққе [муайян аз садақа ва закот] буд

وَفِى ٱلْأَرْضِ ءَايَٰتٌ لِّلْمُوقِنِينَ ﴿٢٠﴾

20. Дар замин нишонаҳо [-и қудрати илоҳӣ] барои аҳли яқин падидор аст

وَفِىٓ أَنفُسِكُمْ ۚ أَفَلَا تُبْصِرُونَ ﴿٢١﴾

21. ва дар вуҷуди худатон; оё намебинед?

وَفِى ٱلسَّمَآءِ رِزْقُكُمْ وَمَا تُوعَدُونَ ﴿٢٢﴾

22. Ва ризқу рӯзиатон ва он чӣ [аз кайфару подош ва хайру шар, ки] ба шумо ваъда дода мешавад, дар осмон аст

فَوَرَبِّ ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ إِنَّهُۥ لَحَقٌّ مِّثْلَ مَآ أَنَّكُمْ تَنطِقُونَ ﴿٢٣﴾

23. Пас савганд ба Парвардигори осмону замин, ки ваъда [-и қиёмат ва подош ва азоб] ҳамчун сухан гуфтанатон ҳақиқӣ ва қатъӣ аст

هَلْ أَتَىٰكَ حَدِيثُ ضَيْفِ إِبْرَٰهِيمَ ٱلْمُكْرَمِينَ ﴿٢٤﴾

24. [Эй Паёмбар] Оё достони меҳмонони гиромии Иброҳим ба ту расидааст?

إِذْ دَخَلُوا۟ عَلَيْهِ فَقَالُوا۟ سَلَٰمًا ۖ قَالَ سَلَٰمٌ قَوْمٌ مُّنكَرُونَ ﴿٢٥﴾

25. Чун бар ӯ ворид шуданд ва салом гуфтанд, ӯ гуфт: «Салом» [ва зери лаб гуфт:] «Гурӯҳе ношиносанд»

فَرَاغَ إِلَىٰٓ أَهْلِهِۦ فَجَآءَ بِعِجْلٍ سَمِينٍ ﴿٢٦﴾

26. Он гоҳ назди хонаводаи худ рафт ва [гӯшти бирёни] гӯсолаи фарбеҳе [барои пазироӣ] овард

فَقَرَّبَهُۥٓ إِلَيْهِمْ قَالَ أَلَا تَأْكُلُونَ ﴿٢٧﴾

27. [Ӯ ғизоро] Назди онон гузошт ва [чанд лаҳза баъд] гуфт: «Оё намехӯред?»

فَأَوْجَسَ مِنْهُمْ خِيفَةً ۖ قَالُوا۟ لَا تَخَفْ ۖ وَبَشَّرُوهُ بِغُلَٰمٍ عَلِيمٍ ﴿٢٨﴾

28. [Пас, чун даст ба ғизо назаданд] Аз онон эҳсоси тарс кард; гуфтанд: «Натарс [мо фариштаем]; ва ӯро ба [таваллуди] писари доно башорат доданд

فَأَقْبَلَتِ ٱمْرَأَتُهُۥ فِى صَرَّةٍ فَصَكَّتْ وَجْهَهَا وَقَالَتْ عَجُوزٌ عَقِيمٌ ﴿٢٩﴾

29. Ҳамсараш бо фарёд [-у шигифтӣ] пеш омад ва дар ҳоле ки ба рӯйи худ мезад, гуфт: «Пиразани нозо [фарзанд мезояд]?

قَالُوا۟ كَذَٰلِكِ قَالَ رَبُّكِ ۖ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلْحَكِيمُ ٱلْعَلِيمُ ﴿٣٠﴾

30. [Фариштагон] гуфтанд: «Парвардигорат чунин фармудааст; ва бе гумон, Ӯ ҳакиму доност»

۞ قَالَ فَمَا خَطْبُكُمْ أَيُّهَا ٱلْمُرْسَلُونَ ﴿٣١﴾

31. [Иброҳим] Гуфт: «Эй фариштагон [-и Аллоҳ таоло], кору маъмурияти шумо чист?»

قَالُوٓا۟ إِنَّآ أُرْسِلْنَآ إِلَىٰ قَوْمٍ مُّجْرِمِينَ ﴿٣٢﴾

32. [Фариштагон] Гуфтанд: «Мо барои [муҷозоти] қавме муҷрим [ва гунаҳкор] фиристода шудаем

لِنُرْسِلَ عَلَيْهِمْ حِجَارَةً مِّن طِينٍ ﴿٣٣﴾

33. То сангҳое аз гил [-и сахтшуда] бар сарашон фуру борем

مُّسَوَّمَةً عِندَ رَبِّكَ لِلْمُسْرِفِينَ ﴿٣٤﴾

34. [Сангҳое] Ки назди Парвардигорат барои исрофкорон нишон гузошта шудааст

فَأَخْرَجْنَا مَن كَانَ فِيهَا مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿٣٥﴾

35. Пас, муъминонеро, ки дар он [шаҳрҳои қавми Лут] буданд, [пеш аз нузули азоб] берун овардем

فَمَا وَجَدْنَا فِيهَا غَيْرَ بَيْتٍ مِّنَ ٱلْمُسْلِمِينَ ﴿٣٦﴾

36. Вале фақат як хонаводаро ёфтем, ки [нисбат ба авомири илоҳӣ] таслим буданд

وَتَرَكْنَا فِيهَآ ءَايَةً لِّلَّذِينَ يَخَافُونَ ٱلْعَذَابَ ٱلْأَلِيمَ ﴿٣٧﴾

37. Ва дар он [шаҳрҳо] барои мардуме, ки аз азоби дарднок [-и илоҳӣ] тарс доранд, нишонае равшан бар ҷой гузоштем

وَفِى مُوسَىٰٓ إِذْ أَرْسَلْنَٰهُ إِلَىٰ فِرْعَوْنَ بِسُلْطَٰنٍ مُّبِينٍ ﴿٣٨﴾

38. Дар [достони] Мӯсо [низ нишона ва ибратест]; он гоҳ ки ӯро бо далеле равшан назди Фиръавн фиристодем

فَتَوَلَّىٰ بِرُكْنِهِۦ وَقَالَ سَٰحِرٌ أَوْ مَجْنُونٌ ﴿٣٩﴾

39. Вале [Фиръавн] бо такя бар қудрататаш [ҳақро] напазируфт ва гуфт: [«Ин мард ё] Ҷодугар аст ё девона»

فَأَخَذْنَٰهُ وَجُنُودَهُۥ فَنَبَذْنَٰهُمْ فِى ٱلْيَمِّ وَهُوَ مُلِيمٌ ﴿٤٠﴾

40. Ӯро ҳамроҳ бо сипоҳиёнаш гирифтем ва ба дарё афкандем [ва ҳалок кардем]; дар ҳоле ки [дар лаҳзаи марг худро ба хотири нофармонӣ ва куфраш] сарзаниш мекард

وَفِى عَادٍ إِذْ أَرْسَلْنَا عَلَيْهِمُ ٱلرِّيحَ ٱلْعَقِيمَ ﴿٤١﴾

41. Дар [достони қавми] Од [низ дарси ибратест]; он гоҳ ки тундбоде бе хайру баракат бар онон фиристодем

مَا تَذَرُ مِن شَىْءٍ أَتَتْ عَلَيْهِ إِلَّا جَعَلَتْهُ كَٱلرَّمِيمِ ﴿٤٢﴾

42. [Тундбоде] Ки бар ҳар чиз вазид, хоку хошокаш кард

وَفِى ثَمُودَ إِذْ قِيلَ لَهُمْ تَمَتَّعُوا۟ حَتَّىٰ حِينٍ ﴿٤٣﴾

43. Дар [достони қавми] Самуд [низ дарси ибрате аст] он гоҳ ки [тавассути паёмбарашон Солеҳ] ба онон гуфта шуд: «Андаке [аз лаззатҳои зиндагӣ] баҳраманд шавед [ки танҳо се рӯз фурсат доред]»

فَعَتَوْا۟ عَنْ أَمْرِ رَبِّهِمْ فَأَخَذَتْهُمُ ٱلصَّٰعِقَةُ وَهُمْ يَنظُرُونَ ﴿٤٤﴾

44. Онон аз фармони Парвардигорашон сарпечӣ карданд; пас, дар ҳоле ки [ба чашми худ азобро] медиданд, соиқа ононро фаро гирифт

فَمَا ٱسْتَطَٰعُوا۟ مِن قِيَامٍ وَمَا كَانُوا۟ مُنتَصِرِينَ ﴿٤٥﴾

45. [Чунон бар замин афтоданд, ки] На тавони бархостан [ва гурез] доштанд ва на ёрои дифоъ

وَقَوْمَ نُوحٍ مِّن قَبْلُ ۖ إِنَّهُمْ كَانُوا۟ قَوْمًا فَٰسِقِينَ ﴿٤٦﴾

46. Пеш аз он қавми Нуҳро, ки гурӯҳе нофармон буданд [ҳалок кардем]

وَٱلسَّمَآءَ بَنَيْنَٰهَا بِأَيْىٍ۟ وَإِنَّا لَمُوسِعُونَ ﴿٤٧﴾

47. Мо осмонро ба тавон [-и худ] бино ниҳодем ва ҳамвора онро вусъат мебахшем

وَٱلْأَرْضَ فَرَشْنَٰهَا فَنِعْمَ ٱلْمَٰهِدُونَ ﴿٤٨﴾

48. Ва заминро [барои зиндагӣ] густурдем ва чи нек густуронандае ҳастем!

وَمِن كُلِّ شَىْءٍ خَلَقْنَا زَوْجَيْنِ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ ﴿٤٩﴾

49. Ва ҳама чизро ба сурати завҷ [ҷуфт] офаридем; бошад, ки [таваҷҷуҳ кунед ва] панд гиред

فَفِرُّوٓا۟ إِلَى ٱللَّهِ ۖ إِنِّى لَكُم مِّنْهُ نَذِيرٌ مُّبِينٌ ﴿٥٠﴾

50. [Эй Паёмбар, ба мардум бигӯ:] «Пас, ба сӯйи Аллоҳ таоло биштобед, ки ман аз ҷониби Ӯ барои шумо ҳушдордиҳандае ошкорам

وَلَا تَجۡعَلُواْ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَۖ إِنِّي لَكُم مِّنۡهُ نَذِيرٞ مُّبِينٞ ٥١

51. Ва дар канори Аллоҳ таоло маъбуди дигаре қарор надиҳед, яқинан, ман аз [ҷониби] Ӯ барои шумо ҳушдордиҳандае ошкорам»

كَذَٰلِكَ مَآ أَتَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِم مِّن رَّسُولٍ إِلَّا قَالُواْ سَاحِرٌ أَوۡ مَجۡنُونٌ ٥٢

52. Ҳар паёмбаре, ки бар пешиниёнашон мабъус шуд, ҳамин гуна гуфтанд: «[Ӯ ё] Ҷодугар аст ё девона»

أَتَوَاصَوۡاْ بِهِۦۚ بَلۡ هُمۡ قَوۡمٞ طَاغُونَ ٥٣

53. Оё якдигарро ба ин [куфру такзиб] супориш карда буданд? На, балки мардуме саркаш буданд

فَتَوَلَّ عَنۡهُمۡ فَمَآ أَنتَ بِمَلُومٖ ٥٤

54. Пас, [эй паёмбар] аз онон рӯй бигардон, ки ту [ба хотири куфри онон] ҳаргиз сазовори сарзаниш нестӣ

وَذَكِّرۡ فَإِنَّ ٱلذِّكۡرَىٰ تَنفَعُ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٥٥

55. Ва [пайваста ба онон] тазаккур бидеҳ, ки, ҳатман, тазаккур барои муъминон судбахш аст

وَمَا خَلَقۡتُ ٱلۡجِنَّ وَٱلۡإِنسَ إِلَّا لِيَعۡبُدُونِ ٥٦

56. Ва ҷинну инсро фақат барои ин офаридам, ки Маро ибодат кунанд [ва аз бандагии дигарон сар боз зананд]

مَآ أُرِيدُ مِنۡهُم مِّن رِّزۡقٖ وَمَآ أُرِيدُ أَن يُطۡعِمُونِ ٥٧

57. На аз онон рӯзӣ мехоҳам, на ин ки Маро хӯрок диҳанд

إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلرَّزَّاقُ ذُو ٱلۡقُوَّةِ ٱلۡمَتِينُ ٥٨

58. [Зеро] Аллоҳ таоло аст, ки рӯзирасони неруманд ва барқарор аст

فَإِنَّ لِلَّذِينَ ظَلَمُواْ ذَنُوبٗا مِّثۡلَ ذَنُوبِ أَصۡحَٰبِهِمۡ فَلَا يَسۡتَعۡجِلُونِ ٥٩

59. Ситамгорон [-и мушрик низ] ҳамчун ёрон [-и гузашта]-и хеш саҳме аз азоб доранд; пас, ба шитоб [онро] аз Ман нахоҳанд

فَوَيۡلٞ لِّلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن يَوۡمِهِمُ ٱلَّذِي يُوعَدُونَ ٦٠

60. Пас, вой бар кофирон аз [азоби] рӯзи мавъудашон!

(52) Тур[*] الطور

Ҷузъи 27

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба кӯҳи Тур	وَٱلطُّورِ ﴿١﴾
2. ва савганд ба китоби навишташуда	وَكِتَٰبٍ مَّسْطُورٍ ﴿٢﴾
3. Дар саҳифаҳои кушуда	فِى رَقٍّ مَّنشُورٍ ﴿٣﴾
4. Ва савганд ба «Байту-л-маъмур» [ки фариштагон дар он ба ибодати Парвардигор машғуланд]	وَٱلْبَيْتِ ٱلْمَعْمُورِ ﴿٤﴾
5. Ва савганд ба [осмони баланд ҳамон] сақфи барафрошта [бар замин]	وَٱلسَّقْفِ ٱلْمَرْفُوعِ ﴿٥﴾
6. Ва савганд ба дарёи оганда [аз об]	وَٱلْبَحْرِ ٱلْمَسْجُورِ ﴿٦﴾
7. Ки бе тардид, азоби Парвардигорат ба вуқуъ хоҳад пайваст	إِنَّ عَذَابَ رَبِّكَ لَوَٰقِعٌ ﴿٧﴾
8. Ва ҳеҷ боздорандае онро бознадорад	مَّا لَهُۥ مِن دَافِعٍ ﴿٨﴾
9. Рӯзе, ки осмон ба сахтӣ дар ҷунбиш ва изтироб афтад	يَوْمَ تَمُورُ ٱلسَّمَآءُ مَوْرًا ﴿٩﴾
10. Ва кӯҳҳо ба ҳаракате шадид равон шаванд	وَتَسِيرُ ٱلْجِبَالُ سَيْرًا ﴿١٠﴾
11. Дар он рӯз вой ба ҳоли такзибкунандагон	فَوَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿١١﴾
12. Ҳамон касоне, ки дар беҳудагӣ саргарми бозианд	ٱلَّذِينَ هُمْ فِى خَوْضٍ يَلْعَبُونَ ﴿١٢﴾
13. Рӯзе, ки бо хушунат ба сӯйи оташи дузах ронда мешаванд	يَوْمَ يُدَعُّونَ إِلَىٰ نَارِ جَهَنَّمَ دَعًّا ﴿١٣﴾
14. [Ба онон гуфта мешавад] «Ин [ҳамон] оташест, ки онро дурӯғ мепиндоштед	هَٰذِهِ ٱلنَّارُ ٱلَّتِى كُنتُم بِهَا تُكَذِّبُونَ ﴿١٤﴾
15. Оё ин [оташу азоби] ҷодуст ё [ҳанӯз ҳам онро] намебинед?	أَفَسِحْرٌ هَٰذَآ أَمْ أَنتُمْ لَا تُبْصِرُونَ ﴿١٥﴾

(*) Тур (Кӯҳи Тур).

ٱصۡلَوۡهَا فَٱصۡبِرُوٓاْ أَوۡ لَا تَصۡبِرُواْ سَوَآءٌ عَلَيۡكُمۡۖ إِنَّمَا تُجۡزَوۡنَ مَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ١٦

16. Ба оташ дароед [ва бисӯзед], ки шикебоӣ ва ношикебоии шумо [дар баробари шуълаҳои сӯзонаш] бароятон яксон аст; танҳо дар баробари он чи кардаед, муҷозот мешавед»

إِنَّ ٱلۡمُتَّقِينَ فِي جَنَّٰتٖ وَنَعِيمٖ ١٧

17. Ба ростӣ, ки парҳезкорон дар боғҳои биҳишт дар нозу неъматанд

فَٰكِهِينَ بِمَآ ءَاتَىٰهُمۡ رَبُّهُمۡ وَوَقَىٰهُمۡ رَبُّهُمۡ عَذَابَ ٱلۡجَحِيمِ ١٨

18. Ва аз бахшишҳои [бедареғи] Парвардигорашон ва аз ин ки аз азоби дузах нигоҳашон доштааст, шодмонанд

كُلُواْ وَٱشۡرَبُواْ هَنِيٓـَٔۢا بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ١٩

19. [Ба онон гуфта мешавад] «Ба подоши кирдоратон [дар дунё инак] гуворо бихӯред ва биошомед»

مُتَّكِـِٔينَ عَلَىٰ سُرُرٖ مَّصۡفُوفَةٖۖ وَزَوَّجۡنَٰهُم بِحُورٍ عِينٖ ٢٠

20. Дар ҳоле ки бар тахтҳое радифшуда такя задаанд ва ҳурони ғизолчашмро ба ҳамсарии онон дармеоварем

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَٱتَّبَعَتۡهُمۡ ذُرِّيَّتُهُم بِإِيمَٰنٍ أَلۡحَقۡنَا بِهِمۡ ذُرِّيَّتَهُمۡ وَمَآ أَلَتۡنَٰهُم مِّنۡ عَمَلِهِم مِّن شَيۡءٖۚ كُلُّ ٱمۡرِيِٕۭ بِمَا كَسَبَ رَهِينٞ ٢١

21. Муъминоне, ки фарзандонашон дар имон пайрави онон буданд, фарзандонашонро [низ дар биҳишт] ба онон мулҳақ хоҳем кард ва аз [подоши] амалашон заррае намекоҳем; чаро ки [сарнавишти] ҳар кас дар гарави дастоварди худи ӯст

وَأَمۡدَدۡنَٰهُم بِفَٰكِهَةٖ وَلَحۡمٖ مِّمَّا يَشۡتَهُونَ ٢٢

22. [Дар биҳишт аз] Ҳар навъ мева ва гӯште, ки бихоҳанд, пайдарпай дар дастрасашон қарор медиҳем.

يَتَنَٰزَعُونَ فِيهَا كَأۡسٗا لَّا لَغۡوٞ فِيهَا وَلَا تَأۡثِيمٞ ٢٣

23. Дар он ҷо ҷомҳои шаробе аз дасти якдигар мегиранд, ки на муҷиби беҳудагӯӣ аст ва на гуноҳ;

۞وَيَطُوفُ عَلَيۡهِمۡ غِلۡمَانٞ لَّهُمۡ كَأَنَّهُمۡ لُؤۡلُؤٞ مَّكۡنُونٞ ٢٤

24. Ва навҷавононе [ки барои хидмат] перомунашон дар рафту омаданд, гӯӣ [аз зебоӣ ва сапедрӯӣ] ҳамчун марвориде дар садаф ҳастанд

وَأَقۡبَلَ بَعۡضُهُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖ يَتَسَآءَلُونَ ٢٥

25. [Биҳиштиён] Ба якдигар рӯ меоваранд ва аз [дунё ва аҳволи гузаштаи] худ суол мекунанд

قَالُوٓاْ إِنَّا كُنَّا قَبۡلُ فِيٓ أَهۡلِنَا مُشۡفِقِينَ ٢٦

26. Мегӯянд: «Мо дар дунё дар хонаводаи худ [аз азоби илоҳӣ] метарсидем

فَمَنَّ ٱللَّهُ عَلَيۡنَا وَوَقَىٰنَا عَذَابَ ٱلسَّمُومِ ٢٧

27. Аллоҳ таоло [бо неъмти ислом] бар мо миннат ниҳод ва аз азоби сӯзон [-и дузах] ҳифзамон кард

إِنَّا كُنَّا مِن قَبْلُ نَدْعُوهُ ۖ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلْبَرُّ ٱلرَّحِيمُ ﴿٢٨﴾

28. Мо дар зиндагии дунё ҳамвора Ӯро [парастиш мекардем ва ба рубубият] мехондем. Бе тардид, Ӯ накукору меҳрубон аст

فَذَكِّرْ فَمَآ أَنتَ بِنِعْمَتِ رَبِّكَ بِكَاهِنٍ وَلَا مَجْنُونٍ ﴿٢٩﴾

29. Пас, [эй Паёмбар, бо оёти Қуръон ба мардум] андарз бидеҳ, ки ба лутфи Парвардигорат [ту бар хилофи иддаои кофирон] на коҳинӣ ва на маҷнун

أَمْ يَقُولُونَ شَاعِرٌ نَّتَرَبَّصُ بِهِۦ رَيْبَ ٱلْمَنُونِ ﴿٣٠﴾

30. Оё мегӯянд: «[Муҳаммад] Шоирест, ки мунтазирем, то маргаш фаро расад [ва аз суханонаш раҳоӣ ёбем]?»

قُلْ تَرَبَّصُوا۟ فَإِنِّى مَعَكُم مِّنَ ٱلْمُتَرَبِّصِينَ ﴿٣١﴾

31. Бигӯ: «Мунтазир [-и марги ман] бошед; ман низ бо шумо мунтазир хоҳам монд [то азобатонро ба чашм бинам]»

أَمْ تَأْمُرُهُمْ أَحْلَٰمُهُم بِهَٰذَآ ۚ أَمْ هُمْ قَوْمٌ طَاغُونَ ﴿٣٢﴾

32. Оё ақлҳояшон ба [баёни] ин [суханони ботил] ҳукм мекунад, ё [асосан] мардуме саркаш ҳастанд?

أَمْ يَقُولُونَ تَقَوَّلَهُۥ ۚ بَل لَّا يُؤْمِنُونَ ﴿٣٣﴾

33. Оё мегӯянд: «[Муҳаммад] Қуръонро ҷаъл кардааст?». [Ҳаргиз чунин нест] Балки [ғарқ дар такаббуранд, ки] имон намеоваранд

فَلْيَأْتُوا۟ بِحَدِيثٍ مِّثْلِهِۦٓ إِن كَانُوا۟ صَٰدِقِينَ ﴿٣٤﴾

34. Агар рост мегӯянд, сухане монанди он биёваранд

أَمْ خُلِقُوا۟ مِنْ غَيْرِ شَىْءٍ أَمْ هُمُ ٱلْخَٰلِقُونَ ﴿٣٥﴾

35. Оё онон аз ҳеҷ офарида шудаанд ё худ офаринандаи хешанд?

أَمْ خَلَقُوا۟ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ ۚ بَل لَّا يُوقِنُونَ ﴿٣٦﴾

36. Оё онон осмонҳо ва заминро офаридаанд? [На] Балки онон яқин надоранд [ки Аллоҳ таоло офаринандаи мутлақ аст]

أَمْ عِندَهُمْ خَزَآئِنُ رَبِّكَ أَمْ هُمُ ٱلْمُصَيْطِرُونَ ﴿٣٧﴾

37. Оё ганҷинаҳои [неъмат ва ҳидояти] Парвардигорат назди эшон аст? Оё [бар ҳама чиз] тасаллут доранд?

أَمْ لَهُمْ سُلَّمٌ يَسْتَمِعُونَ فِيهِ ۖ فَلْيَأْتِ مُسْتَمِعُهُم بِسُلْطَٰنٍ مُّبِينٍ ﴿٣٨﴾

38. Оё нардбоне доранд, ки ба василаи он [гуфтори фариштагони ваҳйро] мешунаванд? Пас, ҳар ки шунидааст, бояд далеле равшан биёварад

أَمْ لَهُ ٱلْبَنَٰتُ وَلَكُمُ ٱلْبَنُونَ ﴿٣٩﴾

39. Оё Аллоҳ таоло фарзандони духтар дорад ва шумо писар?

أَمْ تَسْـَٔلُهُمْ أَجْرًا فَهُم مِّن مَّغْرَمٍ مُّثْقَلُونَ ﴿٤٠﴾

40. [Эй Паёмбар] Оё аз онон подоше дархост мекунӣ, ки [аз пардохташ дар ранҷанд ва харҷаш] барояшон [гарону] сангин аст?

أَمْ عِندَهُمُ ٱلْغَيْبُ فَهُمْ يَكْتُبُونَ ﴿٤١﴾

41. Оё аз илми ғайб огоҳанд ва [хабарҳои ниҳонро] менависанд?

أَمْ يُرِيدُونَ كَيْدًا ۖ فَٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ هُمُ ٱلْمَكِيدُونَ ﴿٤٢﴾

42. Оё қасди найранг[ва нақшаи палиде бароят] доранд? Вале кофирон худ гирифтори найранг [ва тадбири илоҳӣ] ҳастанд

أَمْ لَهُمْ إِلَٰهٌ غَيْرُ ٱللَّهِ ۚ سُبْحَٰنَ ٱللَّهِ عَمَّا يُشْرِكُونَ ﴿٤٣﴾

43. Оё онон маъбуде ғайр аз Аллоҳ таоло доранд? Аллоҳ таоло аз он чи бо Ӯ шарик қарор медиҳанд, поку муназзаҳ аст

وَإِن يَرَوْا۟ كِسْفًا مِّنَ ٱلسَّمَآءِ سَاقِطًا يَقُولُوا۟ سَحَابٌ مَّرْكُومٌ ﴿٤٤﴾

44. [Ин кофирон, ҳатто] Агар порае аз осмонро низ дар ҳоли суқут бубинанд, [боз ҳам имон намеоваранд ва] мегӯянд: «Абре мутароким аст»

فَذَرْهُمْ حَتَّىٰ يُلَٰقُوا۟ يَوْمَهُمُ ٱلَّذِى فِيهِ يُصْعَقُونَ ﴿٤٥﴾

45. Пас, ононро [ба ҳоли худ] раҳо кун, то бо рӯзи мавъудашон, ки [бо нахустин дамидани сур] мадҳуши марг мегарданд, мувоҷеҳ шаванд

يَوْمَ لَا يُغْنِى عَنْهُمْ كَيْدُهُمْ شَيْـًٔا وَلَا هُمْ يُنصَرُونَ ﴿٤٦﴾

46. Рӯзе, ки найрангашон судманд нахоҳад буд ва [аз ҳеҷ сӯ] ёрӣ намешаванд

وَإِنَّ لِلَّذِينَ ظَلَمُوا۟ عَذَابًا دُونَ ذَٰلِكَ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٤٧﴾

47. Ситамгорон [дар дунё низ ба дасти муъминон] ба азоби дигаре гирифтор хоҳанд шуд; вале бештарашон намедонанд

وَٱصْبِرْ لِحُكْمِ رَبِّكَ فَإِنَّكَ بِأَعْيُنِنَا ۖ وَسَبِّحْ بِحَمْدِ رَبِّكَ حِينَ تَقُومُ ﴿٤٨﴾

48. [Эй Паёмбар] Дар баробари ҳукми Парвардигорат шикебо бош; зеро ту таҳти назар ва ҳифозати Мой; ва ҳангоме ки [аз хоб ё ба қасди ибодат] бармехезӣ, Парвардигоратро ба покӣ ситоиш кун

وَمِنَ ٱلَّيْلِ فَسَبِّحْهُ وَإِدْبَٰرَ ٱلنُّجُومِ ﴿٤٩﴾

49. Ва низ [дар посе] аз шаб Ӯро ситоиш кун [ва намоз бигузор] ва ба ҳангоми нопадид шудани ситорагон [дар сапедадам низ намози субҳ бигузор]

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба ситора, он гоҳ ки нопадид шавад	وَٱلنَّجۡمِ إِذَا هَوَىٰ ١
2. Ки ёри шумо [Муҳаммад] ҳаргиз гумроҳ нашуда ва ба роҳи табоҳе наафтодааст	مَا ضَلَّ صَاحِبُكُمۡ وَمَا غَوَىٰ ٢
3. Ва аз рӯйи ҳавои нафс сухан намегӯяд	وَمَا يَنطِقُ عَنِ ٱلۡهَوَىٰٓ ٣
4. [Ин Қуръон] Ваҳй [-и илоҳӣ] аст, ки [ба ӯ] илқо мешавад. Ин [Қуръон] ҷуз панд барои ҷаҳониён [инсон ва ҷин] нест	إِنۡ هُوَ إِلَّا وَحۡيٞ يُوحَىٰ ٤
5. [Ҷабраил, ки фариштае аст] Пуртавон таълимаш додааст	عَلَّمَهُۥ شَدِيدُ ٱلۡقُوَىٰ ٥
6. [Ҳамон фариштаи] Хушманзаре, ки [бо чеҳраи ҳақиқиаш дар баробари Паёмбар] истод	ذُو مِرَّةٖ فَٱسۡتَوَىٰ ٦
7. Дар ҳоле ки ӯ дар уфуқи боло [дар осмон] қарор дошт	وَهُوَ بِٱلۡأُفُقِ ٱلۡأَعۡلَىٰ ٧
8. Сипас [Ҷабраил] наздик шуд; ва наздиктар	ثُمَّ دَنَا فَتَدَلَّىٰ ٨
9. Пас, [фосилаи ӯ бо Паёмбар] ба андозаи тӯли ду камон камтар буд	فَكَانَ قَابَ قَوۡسَيۡنِ أَوۡ أَدۡنَىٰ ٩
10. Он гоҳ [он фариштаи бузургвор] он чиро, ки бояд ба бандаи Аллоҳ таоло ваҳй мекард, ваҳй намуд	فَأَوۡحَىٰٓ إِلَىٰ عَبۡدِهِۦ مَآ أَوۡحَىٰ ١٠
11. Он чиро, ки [паёмбар] дид, қалбаш дурӯғ напиндошт	مَا كَذَبَ ٱلۡفُؤَادُ مَا رَأَىٰٓ ١١
12. Оё бо ӯ дар бораи он чи мебинад, муҷодала мекунед?	أَفَتُمَٰرُونَهُۥ عَلَىٰ مَا يَرَىٰ ١٢

(*) Нағм (Ситора).

13. Дар ҳақиқат, паёмбар як бори дигар низ он фариштаро [ба сурати комил] мушоҳида карда буд

وَلَقَدْ رَءَاهُ نَزْلَةً أُخْرَىٰ ﴿١٣﴾

14. Дар канори [дарахти бузург] «Сидрату-л-мунтаҳо» [дар осмони ҳафтум]

عِندَ سِدْرَةِ ٱلْمُنتَهَىٰ ﴿١٤﴾

15. ки оромишгоҳи биҳишт ҳамон ҷост

عِندَهَا جَنَّةُ ٱلْمَأْوَىٰٓ ﴿١٥﴾

16. Он гоҳ ки ҳолате он дарахтро пӯшонида буд

إِذْ يَغْشَى ٱلسِّدْرَةَ مَا يَغْشَىٰ ﴿١٦﴾

17. Чашми [паёмбар ба чапу рост] мунҳариф нашуд ва [аз ҳад] таҷовуз накард

مَا زَاغَ ٱلْبَصَرُ وَمَا طَغَىٰ ﴿١٧﴾

18. Ба ростӣ, ки ӯ бархе аз бузургтарин нишонаҳои Парвардигорашро [дар он ҷо] мушоҳида кард

لَقَدْ رَأَىٰ مِنْ ءَايَٰتِ رَبِّهِ ٱلْكُبْرَىٰٓ ﴿١٨﴾

19. [Эй мушрикон] Оё «Лот»-у «Уззо»-ро дидаед?

أَفَرَءَيْتُمُ ٱللَّٰتَ وَٱلْعُزَّىٰ ﴿١٩﴾

20. Ва «Маннот» он савумин [бути беарзиш]-ро? [Оё ҳеҷ суду зиёне ба шумо мерасонанд?]

وَمَنَوٰةَ ٱلثَّالِثَةَ ٱلْأُخْرَىٰٓ ﴿٢٠﴾

21. Оё [иддао мекунед, ки] фарзанди писар барои шумост ва духтар барои Аллоҳ таоло?

أَلَكُمُ ٱلذَّكَرُ وَلَهُ ٱلْأُنثَىٰ ﴿٢١﴾

22. Дар ин сурат, тақсиме ноодилона аст

تِلْكَ إِذًا قِسْمَةٌ ضِيزَىٰٓ ﴿٢٢﴾

23. Ин бутҳо фақат исмҳое [бемаъно] ҳастанд, ки худ ва падаронатон бо онҳо [маъбудҳои дурӯғини худро] ном ниҳодаед ва Аллоҳ таоло ҳеҷ далеле [бар ҳаққонияти ин кор] нозил накардааст. [Мушрикон дар эътиқодоташон] Фақат пайрави гумону хостаҳои дили хешанд; ҳол он ки [муҷиботи] ҳидоят аз ҷониби Парвардигорашон бар онон расидааст

إِنْ هِىَ إِلَّآ أَسْمَآءٌ سَمَّيْتُمُوهَآ أَنتُمْ وَءَابَآؤُكُم مَّآ أَنزَلَ ٱللَّهُ بِهَا مِن سُلْطَٰنٍ ۚ إِن يَتَّبِعُونَ إِلَّا ٱلظَّنَّ وَمَا تَهْوَى ٱلْأَنفُسُ ۖ وَلَقَدْ جَآءَهُم مِّن رَّبِّهِمُ ٱلْهُدَىٰٓ ﴿٢٣﴾

24. Оё инсон ҳар чи [аз шафоати ин маъбудони ботил] орзу кунад, барояш муяссар аст?

أَمْ لِلْإِنسَٰنِ مَا تَمَنَّىٰ ﴿٢٤﴾

25. Дунё ва охират аз они Аллоҳ аст [ва ба ҳар кас, ҳар чиро салоҳ бидонад мебахшад]

فَلِلَّهِ ٱلْأٓخِرَةُ وَٱلْأُولَىٰ ﴿٢٥﴾

26. Чи бисёр фариштагоне, ки дар осмонҳо ҳастанд, ки шафоаташон ба ҳеҷ вачҳ судманд нахоҳад

۞وَكَم مِّن مَّلَكٍ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ لَا تُغْنِى شَفَٰعَتُهُمْ شَيْـًٔا إِلَّا مِنۢ بَعْدِ أَن يَأْذَنَ ٱللَّهُ لِمَن يَشَآءُ وَيَرْضَىٰٓ ﴿٢٦﴾

буд; магар пас аз он ки Аллоҳ таоло барои ҳар ки бихоҳад ва хушнуд бошад, иҷозат диҳад

إِنَّ ٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِٱلۡأٓخِرَةِ لَيُسَمُّونَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةَ تَسۡمِيَةَ ٱلۡأُنثَىٰ ٢٧

27. Касоне, ки ба охират бовар надоранд, бар фариштагони илоҳӣ номи духтар мегузоранд [ва ононро духтарони Аллоҳ таоло медонанд]

وَمَا لَهُم بِهِۦ مِنۡ عِلۡمٍۖ إِن يَتَّبِعُونَ إِلَّا ٱلظَّنَّۖ وَإِنَّ ٱلظَّنَّ لَا يُغۡنِي مِنَ ٱلۡحَقِّ شَيۡـٔٗا ٢٨

28. Онон дар мавриди ин амр [комилан] беиттилоанд [ва] фақат аз ҳадсу гумон пайравӣ мекунанд; дар ҳоле ки барои [шиноҳти] ҳақиқат гумон кофӣ нест

فَأَعۡرِضۡ عَن مَّن تَوَلَّىٰ عَن ذِكۡرِنَا وَلَمۡ يُرِدۡ إِلَّا ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا ٢٩

29. Пас, [эй Паёмбар] ту низ аз касе, ки аз ёди Мо рӯй гардонида ва фақат [лаззатҳои] зиндагии дунёро мехоҳад, рӯй бартоб

ذَٰلِكَ مَبۡلَغُهُم مِّنَ ٱلۡعِلۡمِۚ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعۡلَمُ بِمَن ضَلَّ عَن سَبِيلِهِۦ وَهُوَ أَعۡلَمُ بِمَنِ ٱهۡتَدَىٰ ٣٠

30. Ниҳояти дарку фаҳмашон ҳамин аст. Бе тардид, Парвардигорат ба ҳоли касоне, ки аз роҳи Ӯ мунҳариф шудаанд огоҳтар аст; ва низ ба ҳоли роҳёфтагон

وَلِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِ لِيَجۡزِيَ ٱلَّذِينَ أَسَٰٓـُٔواْ بِمَا عَمِلُواْ وَيَجۡزِيَ ٱلَّذِينَ أَحۡسَنُواْ بِٱلۡحُسۡنَى ٣١

31. Ҳар чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ таоло аст, [роҳи хайру шарро ба инсон ироа кард] то бадкоронро дар баробари рафторашон кайфар диҳад ва накукоронро [бо неъматҳои биҳишт] подоши наку ато намояд

ٱلَّذِينَ يَجۡتَنِبُونَ كَبَٰٓئِرَ ٱلۡإِثۡمِ وَٱلۡفَوَٰحِشَ إِلَّا ٱللَّمَمَۚ إِنَّ رَبَّكَ وَٰسِعُ ٱلۡمَغۡفِرَةِۚ هُوَ أَعۡلَمُ بِكُمۡ إِذۡ أَنشَأَكُم مِّنَ ٱلۡأَرۡضِ وَإِذۡ أَنتُمۡ أَجِنَّةٞ فِي بُطُونِ أُمَّهَٰتِكُمۡۖ فَلَا تُزَكُّوٓاْ أَنفُسَكُمۡۖ هُوَ أَعۡلَمُ بِمَنِ ٱتَّقَىٰٓ ٣٢

32. Ҳамон касоне, ки аз гуноҳони кабира ва корҳои зишту бешармона дурӣ мекунанд; магар лағжишҳои камаҳамият [ва гуноҳони сағира, ки бо тавба ва ибодат бахшида мешаванд], ки омурзиши Парвардигорат густурда аст; аз ҳамон дам, ки шуморо аз замин падид овард ва он гоҳ ки ба сурати ҷанин дар шиками модаронатон будед, ба [табиати] шумо огоҳтар [аз худатон] аст; пас, худситоӣ накунед, ки Ӯ ба ҳоли парҳезкорон донотар аст

أَفَرَءَيۡتَ ٱلَّذِي تَوَلَّىٰ ٣٣

33. Оё он касеро, ки [аз ҳақ] рӯй бартофт, дидаӣ?

وَأَعۡطَىٰ قَلِيلٗا وَأَكۡدَىٰٓ ٣٤

34. Ва андаке инфоқ кард ва [сипас] худдорӣ намуд

أَعِندَهُۥ عِلۡمُ ٱلۡغَيۡبِ فَهُوَ يَرَىٰٓ ٣٥

35. Оё илми ғайб дорад ва [ояндаро] мебинад?

36. Оё бохабар нашудааст аз матолиби китоби осмонии Мӯсо	أَمْ لَمْ يُنَبَّأْ بِمَا فِي صُحُفِ مُوسَىٰ ﴿٣٦﴾
37. ва [таълимоти] Иброҳим, ки ҳаққи [рисолат ва бандагии Мо]-ро ба тамомӣ адо кард?	وَإِبْرَاهِيمَ الَّذِي وَفَّىٰ ﴿٣٧﴾
38. Ки ҳеҷ гунаҳгоре бори гуноҳи дигареро бар дӯш нахоҳад кашид	أَلَّا تَزِرُ وَازِرَةٌ وِزْرَ أُخْرَىٰ ﴿٣٨﴾
39. Ва ин ки инсон фақат самараи талош [-у нияти] худро хоҳад дошт	وَأَن لَّيْسَ لِلْإِنسَانِ إِلَّا مَا سَعَىٰ ﴿٣٩﴾
40. Ва ин ки бе гумон талоши ӯ [дар муҳосибаи аъмолаш дар рӯзи қиёмат] манзур хоҳад шуд	وَأَنَّ سَعْيَهُ سَوْفَ يُرَىٰ ﴿٤٠﴾
41. Он гоҳ подошашро ба тамомӣ хоҳанд дод	ثُمَّ يُجْزَاهُ الْجَزَاءَ الْأَوْفَىٰ ﴿٤١﴾
42. Ва ин ки бозгашт [-и ҳамаи умур] ба сӯйи Парвардигори туст	وَأَنَّ إِلَىٰ رَبِّكَ الْمُنتَهَىٰ ﴿٤٢﴾
43. Ва Ӯст, ки механдонад ва мегирёнад	وَأَنَّهُ هُوَ أَضْحَكَ وَأَبْكَىٰ ﴿٤٣﴾
44. Ва Ӯст, ки мемиронад ва [дар охират] зинда мекунад	وَأَنَّهُ هُوَ أَمَاتَ وَأَحْيَا ﴿٤٤﴾
45. Ва ҳам Ӯст, ки завҷи нару модаро меофарад,	وَأَنَّهُ خَلَقَ الزَّوْجَيْنِ الذَّكَرَ وَالْأُنثَىٰ ﴿٤٥﴾
46. аз нутфае, ки [дар раҳим] рехта мешавад	مِن نُّطْفَةٍ إِذَا تُمْنَىٰ ﴿٤٦﴾
47. ва падид овардани дубораи онҳо [дар қиёмат низ бар уҳдаи] Аллоҳ таоло аст	وَأَنَّ عَلَيْهِ النَّشْأَةَ الْأُخْرَىٰ ﴿٤٧﴾
48. Ва Ӯст, ки [шуморо] бениёз мекунад ва сармоя мебахшад	وَأَنَّهُ هُوَ أَغْنَىٰ وَأَقْنَىٰ ﴿٤٨﴾
49. Ва Ӯст, ки Парвардигори [ситораи] «Шиъро» аст	وَأَنَّهُ هُوَ رَبُّ الشِّعْرَىٰ ﴿٤٩﴾
50. Ва Ӯст, ки қавми Одро дар гузашта ҳалок кард	وَأَنَّهُ أَهْلَكَ عَادًا الْأُولَىٰ ﴿٥٠﴾
51. Ва қавми Самудро [низ нобуд кард] ва [ҳеҷ як аз ононро] боқӣ нагузошт	وَثَمُودَا فَمَا أَبْقَىٰ ﴿٥١﴾

52. Ва қавми Нуҳро, ки ситамгортар ва саркаштар буданд, пеш аз он [ҳалок намуд]	وَقَوْمَ نُوحٍ مِّن قَبْلُ ۖ إِنَّهُمْ كَانُوا۟ هُمْ أَظْلَمَ وَأَطْغَىٰ ﴿٥٢﴾
53. Ва шаҳрҳои зерурӯшуда [-и қавми Лут]-ро дар ҳам кӯбид	وَٱلْمُؤْتَفِكَةَ أَهْوَىٰ ﴿٥٣﴾
54. Ва ононро [бо азобе фарогир] – чунон ки бояд пӯшонид	فَغَشَّىٰهَا مَا غَشَّىٰ ﴿٥٤﴾
55. Ҳол [эй инсон] дар мавриди кадом як аз неъматҳои Парвардигорат тардид раво медорӣ [ва муҷодала мекунӣ]?	فَبِأَىِّ ءَالَآءِ رَبِّكَ تَتَمَارَىٰ ﴿٥٥﴾
56. Ин [паёмбар низ] ҳушдордиҳандаест аз [гурӯҳи] ҳушдордиҳандагони пешин	هَٰذَا نَذِيرٌ مِّنَ ٱلنُّذُرِ ٱلْأُولَىٰٓ ﴿٥٦﴾
57. Қиёмат наздик мешавад	أَزِفَتِ ٱلْآزِفَةُ ﴿٥٧﴾
58. Ва ҳеҷ кас - ҷуз Аллоҳ таоло - наметавонад ошкораш кунад [ва сахтиҳояшро бартараф созад]	لَيْسَ لَهَا مِن دُونِ ٱللَّهِ كَاشِفَةٌ ﴿٥٨﴾
59. [Эй мушрикон] Оё аз ин сухан дар шигифтед?	أَفَمِنْ هَٰذَا ٱلْحَدِيثِ تَعْجَبُونَ ﴿٥٩﴾
60. Ва дар ҳоли ғафлат ва ғурур [ба оёти Қуръон] механдед ва [аз шунидани ҳушдорҳояш наметарсед ва] ашк намерезед?	وَتَضْحَكُونَ وَلَا تَبْكُونَ ﴿٦٠﴾
61. Ва шумо бозикунандагонед	وَأَنتُمْ سَٰمِدُونَ ﴿٦١﴾
62. Пас, [ҳамагӣ] барои Аллоҳ таоло саҷда кунед ва [танҳо] Ӯро бипарастед	فَٱسْجُدُوا۟ لِلَّهِ وَٱعْبُدُوا۟ ۩ ﴿٦٢﴾

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

اقْتَرَبَتِ السَّاعَةُ وَانشَقَّ الْقَمَرُ ﴿١﴾

1. Қиёмат наздик шуд ва моҳ [аз ҳам] шикофт

وَإِن يَرَوْا آيَةً يُعْرِضُوا وَيَقُولُوا سِحْرٌ مُّسْتَمِرٌّ ﴿٢﴾

2. Агар [кофирон] муъҷизае бубинанд, рӯ мегардонанд ва мегӯянд: «[Ин] Ҷодуе [ботилу] зудгузар аст»

وَكَذَّبُوا وَاتَّبَعُوا أَهْوَاءَهُمْ ۚ وَكُلُّ أَمْرٍ مُّسْتَقِرٌّ ﴿٣﴾

3. Онон [оёт ва нишонаҳои илоҳиро] дурӯғ мепиндоранд ва аз ҳавои нафси хеш пайравӣ мекунанд; ва ҳар амре [аз подошу кайфарҳои қиёмат] дар замони махсус ба худ қарор дорад

وَلَقَدْ جَاءَهُم مِّنَ الْأَنبَاءِ مَا فِيهِ مُزْدَجَرٌ ﴿٤﴾

4. Ва мутмаинан [моҷарои азоби ақвоми гузашта ва] ахборе, ки боиси даст кашидан аз гуноҳ мешавад, ба мушрикон расидааст

حِكْمَةٌ بَالِغَةٌ ۖ فَمَا تُغْنِ النُّذُرُ ﴿٥﴾

5. Ин [оёти илоҳӣ донишу] ҳикмате расост; вале [барои афроди лаҷуҷ] ҳушдорҳо суде надорад

فَتَوَلَّ عَنْهُمْ ۘ يَوْمَ يَدْعُ الدَّاعِ إِلَىٰ شَيْءٍ نُّكُرٍ ﴿٦﴾

6. Пас, [эй Паёмбар] аз онон рӯ бартоб, [ва мунтазири] рӯзе [бош], ки [фариштаи] даъваткунанда [бо дамидан дар сур] ононро ба амре бас душвор [-у ваҳшатнок] фаро бихонад

خُشَّعًا أَبْصَارُهُمْ يَخْرُجُونَ مِنَ الْأَجْدَاثِ كَأَنَّهُمْ جَرَادٌ مُّنتَشِرٌ ﴿٧﴾

7. Бо дидагони фуруафтода [аз ваҳшат] аз гурҳо хориҷ мешаванд; [ҳаракаташон ба сӯйи додгоҳи илоҳӣ чунон аст, ки] гӯӣ малахҳое парокандаанд

مُّهْطِعِينَ إِلَى الدَّاعِ ۖ يَقُولُ الْكَافِرُونَ هَٰذَا يَوْمٌ عَسِرٌ ﴿٨﴾

8. [Ҳароснок] Ба сӯйи мунодӣ [-и маҳшар] мешитобанд ва кофирон мегӯянд: «Имрӯз рӯзи душворе аст»

كَذَّبَتْ قَبْلَهُمْ قَوْمُ نُوحٍ فَكَذَّبُوا عَبْدَنَا وَقَالُوا مَجْنُونٌ وَازْدُجِرَ ﴿٩﴾

9. Пеш аз онон низ қавми Нуҳ [паёмбарашонро] такзиб карданд ва бандаи Моро дурӯғгӯ

(*) Қамар (Моҳ).

хонданд ва гуфтанд: «Девона аст»; ва ӯро сахт озурданд

10. Пас, ӯ Парвардигорашро хонд [ва гуфт]: «Ман мағлуб шудаам; пас, ёриам фармо [ва аз онон интиқом бигир]»

فَدَعَا رَبَّهُۥٓ أَنِّى مَغْلُوبٌ فَٱنتَصِرْ ﴿١٠﴾

11. Мо низ дарҳои осмонро барои [резиши] борони селосо кушудем

فَفَتَحْنَآ أَبْوَٰبَ ٱلسَّمَآءِ بِمَآءٍ مُّنْهَمِرٍ ﴿١١﴾

12. Ва аз замин низ чашмаҳо ҷорӣ сохтем ва обҳо [аз замину осмон] барои тӯфоне, ки муқаддар шуда буд, ба ҳам пайваст

وَفَجَّرْنَا ٱلْأَرْضَ عُيُونًا فَٱلْتَقَى ٱلْمَآءُ عَلَىٰٓ أَمْرٍ قَدْ قُدِرَ ﴿١٢﴾

13. Ва Нуҳро бар [киштии] сохта ва пардохта аз тахтаҳо ва меххо савор кардем

وَحَمَلْنَٰهُ عَلَىٰ ذَاتِ أَلْوَٰحٍ وَدُسُرٍ ﴿١٣﴾

14. Ки таҳти назар [ва ҳифозати] Мо ҳаракат мекард. Ин подоши касе буд, ки [қавмаш] инкораш карда буданд

تَجْرِى بِأَعْيُنِنَا جَزَآءً لِّمَن كَانَ كُفِرَ ﴿١٤﴾

15. Мо он [кайфару наҷот]-ро нишонае [аз қудрати худ] бар ҷой гузоштем; оё пандпазире ҳаст?

وَلَقَد تَّرَكْنَٰهَآ ءَايَةً فَهَلْ مِن مُّدَّكِرٍ ﴿١٥﴾

16. Пас, [бингаред] ки азобу ҳушдорҳои Ман чи гуна буд

فَكَيْفَ كَانَ عَذَابِى وَنُذُرِ ﴿١٦﴾

17. Ба ростӣ, ки Қуръонро барои панд гирифтан осон сохтем; оё пандпазире ҳаст?

وَلَقَدْ يَسَّرْنَا ٱلْقُرْءَانَ لِلذِّكْرِ فَهَلْ مِن مُّدَّكِرٍ ﴿١٧﴾

18. Қавми Од [низ паёмбарашонро] дурӯғгӯ пиндоштанд; пас, [эй аҳли Макка, бингаред, ки] азобу ҳушдорҳои Ман чи гуна буд

كَذَّبَتْ عَادٌ فَكَيْفَ كَانَ عَذَابِى وَنُذُرِ ﴿١٨﴾

19. Мо тундбоде сарду сахтро дар як рӯзи шум ва тӯлонӣ бар онон фиристодем

إِنَّآ أَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ رِيحًا صَرْصَرًا فِى يَوْمِ نَحْسٍ مُّسْتَمِرٍّ ﴿١٩﴾

20. [Тӯфоне ваҳшатнок] Ки мардумро чунон аз ҷой меканд, ки гӯӣ танаҳои нахли решаканшуда буданд

تَنزِعُ ٱلنَّاسَ كَأَنَّهُمْ أَعْجَازُ نَخْلٍ مُّنقَعِرٍ ﴿٢٠﴾

فَكَيْفَ كَانَ عَذَابِي وَنُذُرِ ﴿٢١﴾

21. Пас, [бингаред] ки азобу ҳушдорҳои Ман чи гуна буд

وَلَقَدْ يَسَّرْنَا ٱلْقُرْءَانَ لِلذِّكْرِ فَهَلْ مِن مُّدَّكِرٍ ﴿٢٢﴾

22. Ба ростӣ, ки Қуръонро барои панд гирифтан осон сохтем; оё пандпазире ҳаст?

كَذَّبَتْ ثَمُودُ بِٱلنُّذُرِ ﴿٢٣﴾

23. Қавми Самуд [низ] ҳушдоркунандагонро дурӯғгӯ пиндоштанд

فَقَالُوٓاْ أَبَشَرًا مِّنَّا وَٰحِدًا نَّتَّبِعُهُۥٓ إِنَّآ إِذًا لَّفِى ضَلَٰلٍ وَسُعُرٍ ﴿٢٤﴾

24. Онон гуфтанд: «Оё [сазовор аст] башаре аз миёни худамонро пайравӣ кунем? Дар он сурат дар гумроҳӣ ва сардаргумӣ хоҳем буд

أَءُلْقِىَ ٱلذِّكْرُ عَلَيْهِ مِنۢ بَيْنِنَا بَلْ هُوَ كَذَّابٌ أَشِرٌ ﴿٢٥﴾

25. Оё аз миёни ҳамаи мо танҳо бар ӯ ваҳй нозил шудааст? [Чунин нест] Балки ӯ дурӯғгӯе худписанд аст»

سَيَعْلَمُونَ غَدًا مَّنِ ٱلْكَذَّابُ ٱلْأَشِرُ ﴿٢٦﴾

26. Фардо хоҳанд донист, ки дурӯғгӯи худписанд кист

إِنَّا مُرْسِلُوا۟ ٱلنَّاقَةِ فِتْنَةً لَّهُمْ فَٱرْتَقِبْهُمْ وَٱصْطَبِرْ ﴿٢٧﴾

27. Ба Солеҳ гуфтем] «Барои озмоиши онон модашутуре [-ро, ки дархост кардаанд, аз дили кӯҳ ба сӯяшон] хоҳем фиристод; пас, муроқиби рафторашон бош ва [бар озорашон] шикебоӣ кун

وَنَبِّئْهُمْ أَنَّ ٱلْمَآءَ قِسْمَةٌۢ بَيْنَهُمْ ۖ كُلُّ شِرْبٍ مُّحْتَضَرٌ ﴿٢٨﴾

28. Ва ба онон эълом кун, ки оби [чоҳ] байни эшон [ва он модашутур] саҳмиябандӣ шудааст ва ҳар ки дар навбати худ бояд ҳозир шавад»

فَنَادَوْا۟ صَاحِبَهُمْ فَتَعَاطَىٰ فَعَقَرَ ﴿٢٩﴾

29. Вале онон ҳамдасташонро нидо доданд; ӯ низ даст ба кор шуд ва [шутурро] ба қатл расонд

فَكَيْفَ كَانَ عَذَابِي وَنُذُرِ ﴿٣٠﴾

30. Пас, [бингаред] ки азобу ҳушдорҳои Ман чи гуна буд

إِنَّآ أَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ صَيْحَةً وَٰحِدَةً فَكَانُوا۟ كَهَشِيمِ ٱلْمُحْتَظِرِ ﴿٣١﴾

31. Мо бар онон бонги маргборе фиристодем; пас, [ҳамагӣ] ҳамчун гиёҳи хушкида [бозмонда аз оғилҳо] хурду рез шуданд

وَلَقَدْ يَسَّرْنَا ٱلْقُرْءَانَ لِلذِّكْرِ فَهَلْ مِن مُّدَّكِرٍ ﴿٣٢﴾

32. Ба ростӣ, ки Қуръонро барои панд гирифтан осон сохтем; оё пандпазире ҳаст?

كَذَّبَتْ قَوْمُ لُوطٍۭ بِٱلنُّذُرِ ﴿٣٣﴾

33. Қавми Лут [низ] ҳушдордиҳандагонро дурӯғгӯ пиндоштанд

إِنَّآ أَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ حَاصِبًا إِلَّآ ءَالَ لُوطٍ ۖ نَّجَّيْنَٰهُم بِسَحَرٍ ﴿٣٤﴾

34. [Мо низ] Тӯфони регборе бар сарашон фиристодем [ки ҳамагиро ҳалок кард]; магар хонаводаи Лут, ки саҳаргоҳон наҷоташон додем

نِّعْمَةً مِّنْ عِندِنَا ۚ كَذَٰلِكَ نَجْزِى مَن شَكَرَ ﴿٣٥﴾

35. [Ин наҷот] Неъмате аз ҷониби Мо буд; ва ба ҳар ки сипосгузорӣ кунад, ин гуна подош медиҳем

وَلَقَدْ أَنذَرَهُم بَطْشَتَنَا فَتَمَارَوْا۟ بِٱلنُّذُرِ ﴿٣٦﴾

36. Лут ононро аз кайфари [сахти] Мо бим дод; вале онон дар баробари ҳушдорҳо ба муҷодала [ва ситез] бархостанд

وَلَقَدْ رَٰوَدُوهُ عَن ضَيْفِهِۦ فَطَمَسْنَآ أَعْيُنَهُمْ فَذُوقُوا۟ عَذَابِى وَنُذُرِ ﴿٣٧﴾

37. Онон аз Лут хостанд, ки меҳмононашро [барои комҷӯӣ] дар ихтиёрашон бигзорад; пас, Мо низ чашмонашонро кӯр кардем [ва гуфтем]: «Таъми азобу [натиҷаи] ҳушдорҳоямро бичашед»

وَلَقَدْ صَبَّحَهُم بُكْرَةً عَذَابٌ مُّسْتَقِرٌّ ﴿٣٨﴾

38. Ва субҳгоҳон азобе пойдор ононро фаро гирифт

فَذُوقُوا۟ عَذَابِى وَنُذُرِ ﴿٣٩﴾

39. [Ва гуфтем] «Таъми азобу [натиҷаи] ҳушдорҳоямро бичашед»

وَلَقَدْ يَسَّرْنَا ٱلْقُرْءَانَ لِلذِّكْرِ فَهَلْ مِن مُّدَّكِرٍ ﴿٤٠﴾

40. Ба ростӣ, ки Қуръонро барои панд гирифтан осон сохтем; оё пандпазире ҳаст?

وَلَقَدْ جَآءَ ءَالَ فِرْعَوْنَ ٱلنُّذُرُ ﴿٤١﴾

41. Ҳушдордиҳандагон ба суроғи фиръавниён [низ] рафтанд

كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا كُلِّهَا فَأَخَذْنَٰهُمْ أَخْذَ عَزِيزٍ مُّقْتَدِرٍ ﴿٤٢﴾

42. [Вале] Онон тамомии оёти Моро дурӯғ шумурданд; мо низ чунон [ки шоистаи Парвардигори] шикастнопазиру муқтадир [аст] азобашон кардем

أَكُفَّارُكُمْ خَيْرٌ مِّنْ أُو۟لَٰٓئِكُمْ أَمْ لَكُم بَرَآءَةٌ فِى ٱلزُّبُرِ ﴿٤٣﴾

43. [Эй аҳли Макка] Оё кофирони шумо аз онон беҳтаранд ё барои шумо амонномае дар китобҳои [осмонии пешин навишташуда] аст?

أَمْ يَقُولُونَ نَحْنُ جَمِيعٌ مُّنتَصِرٌ ﴿٤٤﴾

44. Ё мегӯянд: «Мо ҷамоате муттаҳиду интиқомҷӯ ҳастем»

سَيُهۡزَمُ ٱلۡجَمۡعُ وَيُوَلُّونَ ٱلدُّبُرَ ﴿٤٥﴾	**45**. Ба зудӣ [дар ҷанги Бадр] ҷамъашон шикаст мехӯранд ва фирорӣ хоҳанд шуд
بَلِ ٱلسَّاعَةُ مَوۡعِدُهُمۡ وَٱلسَّاعَةُ أَدۡهَىٰ وَأَمَرُّ ﴿٤٦﴾	**46**. Ваъдагоҳашон қиёмат аст, ки [нисбат ба майдони Бадр рӯзгоре бисёр] сахттару талхтар аст
إِنَّ ٱلۡمُجۡرِمِينَ فِي ضَلَٰلٖ وَسُعُرٖ ﴿٤٧﴾	**47**. Гунаҳгорон дар гумроҳӣ ва азобанд
يَوۡمَ يُسۡحَبُونَ فِي ٱلنَّارِ عَلَىٰ وُجُوهِهِمۡ ذُوقُواْ مَسَّ سَقَرَ ﴿٤٨﴾	**48**. Рӯзе, ки бо чеҳраҳояшон дар оташ кашида мешаванд [ва ба онон мегӯянд] «Оташи дузахро бичашед»
إِنَّا كُلَّ شَيۡءٍ خَلَقۡنَٰهُ بِقَدَرٖ ﴿٤٩﴾	**49**. Бе тардид, Мо ҳар чизеро ба андоза офаридаем
وَمَآ أَمۡرُنَآ إِلَّا وَٰحِدَةٞ كَلَمۡحِۭ بِٱلۡبَصَرِ ﴿٥٠﴾	**50**. Ва [чун чизеро ирода намоем] фармони Мо фақат як [калима] аст; ба суръати як чашм бар ҳам задан [камтар анҷом мепазирад].
وَلَقَدۡ أَهۡلَكۡنَآ أَشۡيَاعَكُمۡ فَهَلۡ مِن مُّدَّكِرٖ ﴿٥١﴾	**51**. Мо [дар гузашта] ҳаммонанди шумо [кофирон]-ро ҳалок кардем; пас, оё пандпазире ҳаст?
وَكُلُّ شَيۡءٖ فَعَلُوهُ فِي ٱلزُّبُرِ ﴿٥٢﴾	**52**. Рафторашон ба тамомӣ дар номаҳои аъмол сабт шудааст
وَكُلُّ صَغِيرٖ وَكَبِيرٖ مُّسۡتَطَرٞ ﴿٥٣﴾	**53**. Ва ҳар кучаку бузурге [дар он] навишта шудааст
إِنَّ ٱلۡمُتَّقِينَ فِي جَنَّٰتٖ وَنَهَرٖ ﴿٥٤﴾	**54**. Парҳезкорон дар боғҳо ва [канори] ҷӯйборҳо [-и биҳиштӣ] ҷой доранд
فِي مَقۡعَدِ صِدۡقٍ عِندَ مَلِيكٖ مُّقۡتَدِرِۢ ﴿٥٥﴾	**55**. Дар маҷлисе саршор аз ростӣ [ва шоистагӣ ва назди фармонравое муқтадир]

(55) Раҳмон[*] الرحمن

Ҷузъи 27

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Аллоҳи] Раҳмон	ٱلرَّحۡمَٰنُ ١
2. Қуръонро омӯзиш дод	عَلَّمَ ٱلۡقُرۡءَانَ ٢
3. Инсонро офарид	خَلَقَ ٱلۡإِنسَٰنَ ٣
4. [Ва] Ба ӯ сухан гуфтан омӯхт	عَلَّمَهُ ٱلۡبَيَانَ ٤
5. Хуршеду моҳ бо ҳисобе муназзам [-у дақиқ] дар гардишанд	ٱلشَّمۡسُ وَٱلۡقَمَرُ بِحُسۡبَانٖ ٥
6. Ва ситора ва дарахт [бароят] саҷда мекунанд	وَٱلنَّجۡمُ وَٱلشَّجَرُ يَسۡجُدَانِ ٦
7. Ӯ осмонро барафрошт ва мизони [адолатро дар замин] барқарор намуд	وَٱلسَّمَآءَ رَفَعَهَا وَوَضَعَ ٱلۡمِيزَانَ ٧
8. [Эй мардум, чунин кард] То дар вазну паймона [ба якдигар] ситам накунед;	أَلَّا تَطۡغَوۡاْ فِي ٱلۡمِيزَانِ ٨
9. Ва санҷиш [-и ҳуқуқи дигарон]-ро ба адолат бароварда кунед ва дар санҷиш зиён нарасонед [ва камфурӯшӣ накунед]	وَأَقِيمُواْ ٱلۡوَزۡنَ بِٱلۡقِسۡطِ وَلَا تُخۡسِرُواْ ٱلۡمِيزَانَ ٩
10. Ӯ заминро барои [зиндагии] инсонҳо муқаррар дошт	وَٱلۡأَرۡضَ وَضَعَهَا لِلۡأَنَامِ ١٠
11. Ки дар он [анвои] меваҳо ва нахлҳои хушадор аст	فِيهَا فَٰكِهَةٞ وَٱلنَّخۡلُ ذَاتُ ٱلۡأَكۡمَامِ ١١
12. Ва [ҳамчунин] ҳубуботи баргдор ва гиёҳони хушбӯй	وَٱلۡحَبُّ ذُو ٱلۡعَصۡفِ وَٱلرَّيۡحَانُ ١٢
13. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?	فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ١٣

(*) Раҳмон (Бахшоянда).

14. Ӯ инсонро аз гиле ҳамчун сафол офарид	خَلَقَ ٱلۡإِنسَٰنَ مِن صَلۡصَٰلٖ كَٱلۡفَخَّارِ ١٤
15. Ва ҷинро аз шуълае аз оташ халқ кард	وَخَلَقَ ٱلۡجَآنَّ مِن مَّارِجٖ مِّن نَّارٖ ١٥
16. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?	فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ١٦
17. Парвардигори машриқҳо ва мағрибҳост	رَبُّ ٱلۡمَشۡرِقَيۡنِ وَرَبُّ ٱلۡمَغۡرِبَيۡنِ ١٧
18. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?	فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ١٨
19. Ӯ ду дарё [-е шӯру ширин]-ро равон кард, то [ба якдигар] бирасанд	مَرَجَ ٱلۡبَحۡرَيۡنِ يَلۡتَقِيَانِ ١٩
20. [Дар айни ҳол] Миёнашон монеъе аст, ки бо ҳам намеомезанд	بَيۡنَهُمَا بَرۡزَخٞ لَّا يَبۡغِيَانِ ٢٠
21. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?	فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٢١
22. Аз он ду [дарё] марвориду марҷон ба даст меояд	يَخۡرُجُ مِنۡهُمَا ٱللُّؤۡلُؤُ وَٱلۡمَرۡجَانُ ٢٢
23. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?	فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٢٣
24. Киштиҳои кӯҳпайкари бодбонбарафрошта дар дарё барои Ӯст	وَلَهُ ٱلۡجَوَارِ ٱلۡمُنشَـَٔاتُ فِي ٱلۡبَحۡرِ كَٱلۡأَعۡلَٰمِ ٢٤
25. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?	فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٢٥
26. Ҳар чӣ рӯи замин аст, фанопазир аст	كُلُّ مَنۡ عَلَيۡهَا فَانٖ ٢٦
27. Ва [танҳо зоти ҷовиду] рӯйи Парвардигори бошукӯҳу арҷмандат боқӣ хоҳад монд	وَيَبۡقَىٰ وَجۡهُ رَبِّكَ ذُو ٱلۡجَلَٰلِ وَٱلۡإِكۡرَامِ ٢٧
28. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?	فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٢٨
29. [Тамоми] Касоне, ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд аз Ӯ дархости ниёз мекунанд ва Ӯ ҳар рӯз [ва ҳар лаҳза] дар коре аст	يَسۡـَٔلُهُۥ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ كُلَّ يَوۡمٍ هُوَ فِي شَأۡنٖ ٢٩

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٣٠﴾

30. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

سَنَفْرُغُ لَكُمْ أَيُّهَ ٱلثَّقَلَانِ ﴿٣١﴾

31. Эй гурӯҳи ҷинну инс, ба зудӣ ба ҳисоби шумо мепардозем

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٣٢﴾

32. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

يَٰمَعْشَرَ ٱلْجِنِّ وَٱلْإِنسِ إِنِ ٱسْتَطَعْتُمْ أَن تَنفُذُوا۟ مِنْ أَقْطَارِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ فَٱنفُذُوا۟ لَا تَنفُذُونَ إِلَّا بِسُلْطَٰنٍ ﴿٣٣﴾

33. Эй гурӯҳи ҷинну инс, агар метавонед аз каронаҳои осмону замин гузар кунед, [то аз муҷозоти илоҳӣ бираҳед] пас, гузар кунед; қодир [ба ин кор] нахоҳед буд, магар бо қудрати [фаровоне, ки шумо онро надоред]

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٣٤﴾

34. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

يُرْسَلُ عَلَيْكُمَا شُوَاظٌ مِّن نَّارٍ وَنُحَاسٌ فَلَا تَنتَصِرَانِ ﴿٣٥﴾

35. Шарорае аз оташ ва зарроти оташе бар шумо борида мешавад, ки [дар баробари он] қодир ба дифоъ нестед

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٣٦﴾

36. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فَإِذَا ٱنشَقَّتِ ٱلسَّمَآءُ فَكَانَتْ وَرْدَةً كَٱلدِّهَانِ ﴿٣٧﴾

37. Он гоҳ ки осмон бишкофад ва ҳамчун равғани гудохта сурхфом гардад [қиёмат оғоз хоҳад шуд]

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٣٨﴾

38. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فَيَوْمَئِذٍ لَّا يُسْـَٔلُ عَن ذَنۢبِهِۦٓ إِنسٌ وَلَا جَآنٌّ ﴿٣٩﴾

39. Он рӯз [ба иллати равшан будани ҳамаи умур] аз инсу ҷин [дар бораи гуноҳонашон] суол нахоҳад шуд

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٤٠﴾

40. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

يُعْرَفُ ٱلْمُجْرِمُونَ بِسِيمَٰهُمْ فَيُؤْخَذُ بِٱلنَّوَٰصِى وَٱلْأَقْدَامِ ﴿٤١﴾

41. Гунаҳкорон аз чеҳраҳояшон шинохта мешаванд; он гоҳ [ононро] аз мӯйи пешонӣ ва пойҳояшон мегиранд [ва ба дузах меандозанд]

42. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٤٢﴾

43. Ин [ҳамон] ҷаҳаннаме аст, ки гунаҳкорон инкораш мекарданд

هَٰذِهِۦ جَهَنَّمُ ٱلَّتِى يُكَذِّبُ بِهَا ٱلْمُجْرِمُونَ ﴿٤٣﴾

44. [Дар он ҷо] Миёни оташу оби ҷӯшон дар ҳаракатанд

يَطُوفُونَ بَيْنَهَا وَبَيْنَ حَمِيمٍ ءَانٍ ﴿٤٤﴾

45. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٤٥﴾

46. Ҳар ки аз истодан дар пешгоҳи Парвардигораш [барои ҳисоб] метарсад, ду боғ [дар биҳишт] дорад

وَلِمَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِۦ جَنَّتَانِ ﴿٤٦﴾

47. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٤٧﴾

48. [Бо дарахтоне] Пур аз шохсор

ذَوَاتَآ أَفْنَانٍ ﴿٤٨﴾

49. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٤٩﴾

50. Дар он боғҳо ду чашмаи равон аст

فِيهِمَا عَيْنَانِ تَجْرِيَانِ ﴿٥٠﴾

51. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٥١﴾

52. Дар он боғҳо аз ҳар мевае ду навъ вуҷуд дорад

فِيهِمَا مِن كُلِّ فَٰكِهَةٍ زَوْجَانِ ﴿٥٢﴾

53. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٥٣﴾

54. [Биҳиштиён] Бар бистарҳое, ки астарашон аз дебои захим аст, такя мезананд ва меваҳои он боғҳо дар дастрасашон аст

مُتَّكِـِٔينَ عَلَىٰ فُرُشٍۭ بَطَآئِنُهَا مِنْ إِسْتَبْرَقٍ ۚ وَجَنَى ٱلْجَنَّتَيْنِ دَانٍ ﴿٥٤﴾

55. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٥٥﴾

فِيهِنَّ قَٰصِرَٰتُ ٱلطَّرۡفِ لَمۡ يَطۡمِثۡهُنَّ إِنسٞ قَبۡلَهُمۡ وَلَا جَآنّٞ ﴿٥٦﴾

56. Дар он боғҳо ҳуроне афтоданигоҳ ҳастанд, ки дасти аҳаде аз инсу ҷин қаблан ба онон нарасидааст

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٥٧﴾

57. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

كَأَنَّهُنَّ ٱلۡيَاقُوتُ وَٱلۡمَرۡجَانُ ﴿٥٨﴾

58. Гӯӣ он ҳурон ёқуту марҷонанд

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٥٩﴾

59. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

هَلۡ جَزَآءُ ٱلۡإِحۡسَٰنِ إِلَّا ٱلۡإِحۡسَٰنُ ﴿٦٠﴾

60. Оё подоши некӣ ҷуз некӣ ҳаст?

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٦١﴾

61. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

وَمِن دُونِهِمَا جَنَّتَانِ ﴿٦٢﴾

62. Дар канори он боғҳо ду боғи [биҳиштии] дигар аст

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٦٣﴾

63. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

مُدۡهَآمَّتَانِ ﴿٦٤﴾

64. [Ду боғ] Ки [дарахтонаш] дар ниҳояти сабзӣ [ва хуррамӣ] аст

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٦٥﴾

65. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فِيهِمَا عَيۡنَانِ نَضَّاخَتَانِ ﴿٦٦﴾

66. Дар он ду [боғи биҳиштӣ] ду чашмаи ҷӯшон ҷорӣ аст

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٦٧﴾

67. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فِيهِمَا فَٰكِهَةٞ وَنَخۡلٞ وَرُمَّانٞ ﴿٦٨﴾

68. Ва дар онҳо [дарахтони] мева ва дарахтони хурмо ва анор ҳаст

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ﴿٦٩﴾

69. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

فِيهِنَّ خَيۡرَٰتٌ حِسَانٞ ٧٠

70. Дар миёни он боғҳо занони нексират ва некрӯй ҳузур доранд

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٧١

71. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

حُورٞ مَّقۡصُورَٰتٞ فِي ٱلۡخِيَامِ ٧٢

72. Ҳуроне, ки дар саропардаи хаймаҳои биҳиштӣ нишастаанд

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٧٣

73. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

لَمۡ يَطۡمِثۡهُنَّ إِنسٞ قَبۡلَهُمۡ وَلَا جَآنّٞ ٧٤

74. [Душизагоне, ки] Дасти аҳаде аз инсу ҷин қаблан ба онон нарасидааст

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٧٥

75. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

مُتَّكِـِٔينَ عَلَىٰ رَفۡرَفٍ خُضۡرٖ وَعَبۡقَرِيٍّ حِسَانٖ ٧٦

76. [Биҳиштиён] Бар болиштҳое сабзу бистарҳое нафису зебо орамидаанд

فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ٧٧

77. Пас, [эй ҷинну инс] кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед?

تَبَارَكَ ٱسۡمُ رَبِّكَ ذِي ٱلۡجَلَٰلِ وَٱلۡإِكۡرَامِ ٧٨

78. Номи Парвардигори бошукӯҳу арҷмандат бобаракату фархунда аст

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Ҳангоме ки воқеаи қиёмат рух диҳад	إِذَا وَقَعَتِ ٱلْوَاقِعَةُ ﴿١﴾
2. [Хоҳед дид, ки] Дар вуқуи он дурӯғе нест	لَيْسَ لِوَقْعَتِهَا كَاذِبَةٌ ﴿٢﴾
3. [Гурӯҳеро] Хор мекунад ва [гурӯҳеро] рафъати мақом мебахшад	خَافِضَةٌ رَّافِعَةٌ ﴿٣﴾
4. Он гоҳ ки замин ба сахтӣ ларзонда шавад	إِذَا رُجَّتِ ٱلْأَرْضُ رَجًّا ﴿٤﴾
5. Ва кӯҳҳо ба тамомӣ муталошӣ гардад	وَبُسَّتِ ٱلْجِبَالُ بَسًّا ﴿٥﴾
6. Ва [ҳамчун] ғуборе пароканда шавад	فَكَانَتْ هَبَآءً مُّنۢبَثًّا ﴿٦﴾
7. Ва шумо ба се гурӯҳ тақсим шавед	وَكُنتُمْ أَزْوَٰجًا ثَلَٰثَةً ﴿٧﴾
8. [Нахуст] Саодатмандон [ҳастанд]; чи саодатмандоне [ва чи наку ҷойгоҳе]!	فَأَصْحَٰبُ ٱلْمَيْمَنَةِ مَآ أَصْحَٰبُ ٱلْمَيْمَنَةِ ﴿٨﴾
9. Ва [гурӯҳи дигар] тирабахтон [ҳастанд]; чи тирабахтоне [ва чи бад ҷойгоҳе]!	وَأَصْحَٰبُ ٱلْمَشْـَٔمَةِ مَآ أَصْحَٰبُ ٱلْمَشْـَٔمَةِ ﴿٩﴾
10. Ва [савумин гурӯҳ] пешгомон, ки [дар некиҳо] сабқат гирифтанд	وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلسَّٰبِقُونَ ﴿١٠﴾
11. Онон муқаррабони [даргоҳи илоҳӣ] ҳастанд	أُو۟لَٰٓئِكَ ٱلْمُقَرَّبُونَ ﴿١١﴾
12. Дар боғҳои пурнеъмат [-и биҳишт ҷой доранд]	فِى جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ﴿١٢﴾
13. Гурӯҳи бисёре аз онон дар зумраи пешиниён ҳастанд [хоҳ аз уммати ислом ё аз умматҳои гузашта];	ثُلَّةٌ مِّنَ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿١٣﴾
14. ва андаке аз ояндагон [ва мутааххирон] ҳастанд	وَقَلِيلٌ مِّنَ ٱلْـَٔاخِرِينَ ﴿١٤﴾

(*) Воқиъа (Қиёмат).

15. Ки бар тахтҳои гавҳарнишон	عَلَىٰ سُرُرٍ مَّوْضُونَةٍ ﴿١٥﴾
16. рӯбарӯи ҳам такя задаанд	مُّتَّكِـِٔينَ عَلَيْهَا مُتَقَٰبِلِينَ ﴿١٦﴾
17. Навҷавононе ҳамвора шодоб гирди онон [ба хидмат] мегарданд	يَطُوفُ عَلَيْهِمْ وِلْدَٰنٌ مُّخَلَّدُونَ ﴿١٧﴾
18. Бо ҷомҳо ва кӯзаҳо ва қадаҳҳое аз шароби ҷорӣ	بِأَكْوَابٍ وَأَبَارِيقَ وَكَأْسٍ مِّن مَّعِينٍ ﴿١٨﴾
19. [Шаробе] Ки аз нӯшиданаш сардард намегарданд ва дастхуши мастӣ намешаванд	لَّا يُصَدَّعُونَ عَنْهَا وَلَا يُنزِفُونَ ﴿١٩﴾
20. Ва аз ҳар мева [дар ихтиёр доранд]	وَفَٰكِهَةٍ مِّمَّا يَتَخَيَّرُونَ ﴿٢٠﴾
21. ва гӯшти паранда, ки бихоҳанд	وَلَحْمِ طَيْرٍ مِّمَّا يَشْتَهُونَ ﴿٢١﴾
22. Ва ҳуроне ғизолчашм	وَحُورٌ عِينٌ ﴿٢٢﴾
23. Ҳамчун марвориди пинҳон дар садаф	كَأَمْثَٰلِ ٱللُّؤْلُوِ ٱلْمَكْنُونِ ﴿٢٣﴾
24. [Инҳо ҳама] Подоши аъмолашон аст	جَزَآءًۢ بِمَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿٢٤﴾
25. Дар он ҷо [сухани] ёва ва гуноҳолуд нахоҳанд шунид	لَا يَسْمَعُونَ فِيهَا لَغْوًا وَلَا تَأْثِيمًا ﴿٢٥﴾
26. Дар он ҷо сухане ҷуз салом ва дуруд [-и фариштагон ва биҳиштиён] нест	إِلَّا قِيلًا سَلَٰمًا سَلَٰمًا ﴿٢٦﴾
27. Ва [аммо] саодатмандон; чи саодатмандоне!	وَأَصْحَٰبُ ٱلْيَمِينِ مَآ أَصْحَٰبُ ٱلْيَمِينِ ﴿٢٧﴾
28. Дар канори дарахтони бехори сидр [ҳастанд]	فِى سِدْرٍ مَّخْضُودٍ ﴿٢٨﴾
29. Ва дарахтони мавз бо хушаҳои барҳамнишаста	وَطَلْحٍ مَّنضُودٍ ﴿٢٩﴾
30. Бо сояе густурда	وَظِلٍّ مَّمْدُودٍ ﴿٣٠﴾
31. Ва оби ҳамвора равон	وَمَآءٍ مَّسْكُوبٍ ﴿٣١﴾
32. Ва меваҳое фаровон,	وَفَٰكِهَةٍ كَثِيرَةٍ ﴿٣٢﴾
33. ки на тамом шавад ва на мамнуъ гардад	لَّا مَقْطُوعَةٍ وَلَا مَمْنُوعَةٍ ﴿٣٣﴾

34. Ва бистарҳои барафрошта [ва арзишманд]	وَفُرُشٍ مَّرْفُوعَةٍ ﴿٣٤﴾
35. Ва ҳамсароне, ки бо офаринише вижа падид овардем [ки зебоӣ ва ҷавонии ҷовидон доранд]	إِنَّآ أَنشَأْنَٰهُنَّ إِنشَآءً ﴿٣٥﴾
36. Ҳамвора душизаанд	فَجَعَلْنَٰهُنَّ أَبْكَارًا ﴿٣٦﴾
37. ва шавҳардӯстоне ҳамсиннусол ҳастанд	عُرُبًا أَتْرَابًا ﴿٣٧﴾
38. [Ҳамаи ин неъматҳо] Барои саодатмандон аст,	لِّأَصْحَٰبِ ٱلْيَمِينِ ﴿٣٨﴾
39. Дар боғҳои пурнеъмат [-и биҳишт ҷой доранд]	ثُلَّةٌ مِّنَ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿٣٩﴾
40. ки бархе аз онон дар зумраи пешиниён ва бархе дигар дар зумраи мутааххирон ҳастанд	وَثُلَّةٌ مِّنَ ٱلْءَاخِرِينَ ﴿٤٠﴾
41. Ва [аммо] тирабахтон; чи тирабахтоне!	وَأَصْحَٰبُ ٱلشِّمَالِ مَآ أَصْحَٰبُ ٱلشِّمَالِ ﴿٤١﴾
42. Дар миёни боди заҳрогин ва оби ҷӯшон қарор доранд	فِى سَمُومٍ وَحَمِيمٍ ﴿٤٢﴾
43. Ва сояҳое аз дуди сиёҳ,	وَظِلٍّ مِّن يَحْمُومٍ ﴿٤٣﴾
44. ки на хунук аст ва на хуш	لَّا بَارِدٍ وَلَا كَرِيمٍ ﴿٤٤﴾
45. Онон дар дунё сарватманду саркаш буданд	إِنَّهُمْ كَانُوا۟ قَبْلَ ذَٰلِكَ مُتْرَفِينَ ﴿٤٥﴾
46. Ва бар гуноҳи бузург [-и ширк] исрор меварзиданд	وَكَانُوا۟ يُصِرُّونَ عَلَى ٱلْحِنثِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٤٦﴾
47. Ва мегуфтанд: «Оё ҳангоме ки мурдем ва хоку устухон шудем, барангехта хоҳем шуд?	وَكَانُوا۟ يَقُولُونَ أَئِذَا مِتْنَا وَكُنَّا تُرَابًا وَعِظَٰمًا أَءِنَّا لَمَبْعُوثُونَ ﴿٤٧﴾
48. Оё ниёкони мо низ [барангехта мешаванд]?»	أَوَءَابَآؤُنَا ٱلْأَوَّلُونَ ﴿٤٨﴾
49. [Эй Паёмбар, ба кофирон] Бигӯ: «Бе тардид, гузаштагон ва ояндагон	قُلْ إِنَّ ٱلْأَوَّلِينَ وَٱلْءَاخِرِينَ ﴿٤٩﴾
50. ҳама дар ваъдагоҳи қиёмат ҷамъ хоҳанд шуд»	لَمَجْمُوعُونَ إِلَىٰ مِيقَٰتِ يَوْمٍ مَّعْلُومٍ ﴿٥٠﴾
51. Он гоҳ шумо, эй гумроҳони такзибкунанда	ثُمَّ إِنَّكُمْ أَيُّهَا ٱلضَّآلُّونَ ٱلْمُكَذِّبُونَ ﴿٥١﴾
52. Ҳатман, аз [меваи] дарахти зақум хоҳед хӯрд	لَءَاكِلُونَ مِن شَجَرٍ مِّن زَقُّومٍ ﴿٥٢﴾

53. Ва шикамҳоро аз он анбошта мекунед	فَمَالِـُٔونَ مِنْهَا ٱلْبُطُونَ ﴿٥٣﴾
54. Он гоҳ рӯйи он оби ҷӯшон менӯшед	فَشَٰرِبُونَ عَلَيْهِ مِنَ ٱلْحَمِيمِ ﴿٥٤﴾
55. Ҳамчун шутурони ташна	فَشَٰرِبُونَ شُرْبَ ٱلْهِيمِ ﴿٥٥﴾
56. Ин пазироии онон дар рӯзи ҷазост	هَٰذَا نُزُلُهُمْ يَوْمَ ٱلدِّينِ ﴿٥٦﴾
57. Моем, ки шуморо [аз ҳеҷ] офаридаем; пас, чаро [офариниши дубораро] бовар надоред?	نَحْنُ خَلَقْنَٰكُمْ فَلَوْلَا تُصَدِّقُونَ ﴿٥٧﴾
58. Оё ба нутфае, ки [дар раҳими ҳамсаронатон] мерезед, таваҷҷуҳ кардаед?	أَفَرَءَيْتُم مَّا تُمْنُونَ ﴿٥٨﴾
59. Оё шумо онро меофаринед ё мо офаринандааш ҳастем?	ءَأَنتُمْ تَخْلُقُونَهُۥٓ أَمْ نَحْنُ ٱلْخَٰلِقُونَ ﴿٥٩﴾
60. Мо дар миёни шумо маргро муқаддар кардем ва нотавон нестем,	نَحْنُ قَدَّرْنَا بَيْنَكُمُ ٱلْمَوْتَ وَمَا نَحْنُ بِمَسْبُوقِينَ ﴿٦٠﴾
61. ки амсоли шуморо ҷойгузин [-и худатон] кунем ва шуморо ба гунае ки аз он бехабаред, [дар офаринише нав] падид оварем	عَلَىٰٓ أَن نُّبَدِّلَ أَمْثَٰلَكُمْ وَنُنشِئَكُمْ فِى مَا لَا تَعْلَمُونَ ﴿٦١﴾
62. Шумо, ки аз офариниши нахустин ба равшанӣ огоҳ шудаед, чаро [ба ёди охират намеафтед ва] панд намегиред?	وَلَقَدْ عَلِمْتُمُ ٱلنَّشْأَةَ ٱلْأُولَىٰ فَلَوْلَا تَذَكَّرُونَ ﴿٦٢﴾
63. Оё ба донаҳое, ки мекоред, таваҷҷуҳ кардаед?	أَفَرَءَيْتُم مَّا تَحْرُثُونَ ﴿٦٣﴾
64. Оё шумо ҳастед, ки онро мерӯёнед ё Мо рӯёнандаем?	ءَأَنتُمْ تَزْرَعُونَهُۥٓ أَمْ نَحْنُ ٱلزَّٰرِعُونَ ﴿٦٤﴾
65. Агар мехостем, хошокаш мекардем; чунон ки шигифтзада шавед	لَوْ نَشَآءُ لَجَعَلْنَٰهُ حُطَٰمًا فَظَلْتُمْ تَفَكَّهُونَ ﴿٦٥﴾
66. [Ва чунон нобудаш мекардем, ки бигӯед] «Мо зиён кардаем,	إِنَّا لَمُغْرَمُونَ ﴿٦٦﴾
67. балки ҳама чизро аз даст додаем	بَلْ نَحْنُ مَحْرُومُونَ ﴿٦٧﴾
68. Оё ба обе, ки менӯшед, таваҷҷуҳ кардаед?	أَفَرَءَيْتُمُ ٱلْمَآءَ ٱلَّذِى تَشْرَبُونَ ﴿٦٨﴾

69. Оё шумо онро аз абр фуру боридед ё Мо фуруборандаи он ҳастем	ءَأَنتُمْ أَنزَلْتُمُوهُ مِنَ ٱلْمُزْنِ أَمْ نَحْنُ ٱلْمُنزِلُونَ ﴿٦٩﴾
70. Агар мехостем, онро шӯру талх мекардем, пас, чаро сипос намегузоред?	لَوْ نَشَآءُ جَعَلْنَٰهُ أُجَاجًا فَلَوْلَا تَشْكُرُونَ ﴿٧٠﴾
71. Оё ба оташе, ки меафрӯзед, таваҷҷуҳ кардаед?	أَفَرَءَيْتُمُ ٱلنَّارَ ٱلَّتِى تُورُونَ ﴿٧١﴾
72. Оё шумо дарахташро офаридаед Мо офаридаем?	ءَأَنتُمْ أَنشَأْتُمْ شَجَرَتَهَآ أَمْ نَحْنُ ٱلْمُنشِـُٔونَ ﴿٧٢﴾
73. Мо ин оташро василаи ёдоварии [азоби дузах] ва мояи бархӯрдорӣ [ва роҳатии] мусофирон қарор додаем	نَحْنُ جَعَلْنَٰهَا تَذْكِرَةً وَمَتَٰعًا لِّلْمُقْوِينَ ﴿٧٣﴾
74. Пас, [эй Паёмбар,] ба номи Парвардигори бузургат тасбеҳ гӯ [ва Ӯро ба покӣ ёд кун]	فَسَبِّحْ بِٱسْمِ رَبِّكَ ٱلْعَظِيمِ ﴿٧٤﴾
75. Савганд ба ҷойгоҳи ситорагон	۞فَلَآ أُقْسِمُ بِمَوَٰقِعِ ٱلنُّجُومِ ﴿٧٥﴾
76. Ки агар бидонед, савганди бузурге аст	وَإِنَّهُۥ لَقَسَمٌ لَّوْ تَعْلَمُونَ عَظِيمٌ ﴿٧٦﴾
77. Ки ин [гуфтор] Қуръоне гаронқадр аст	إِنَّهُۥ لَقُرْءَانٌ كَرِيمٌ ﴿٧٧﴾
78. Дар лавҳи маҳфуз қарор дорад	فِى كِتَٰبٍ مَّكْنُونٍ ﴿٧٨﴾
79. Ҷуз фариштагони поксират касе [онро намебинад] ба он дастрасӣ надорад	لَّا يَمَسُّهُۥٓ إِلَّا ٱلْمُطَهَّرُونَ ﴿٧٩﴾
80. Аз сӯйи Парвардигори ҷаҳониён нозил шудааст	تَنزِيلٌ مِّن رَّبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٨٠﴾
81. Оё ин суханро сабук мешуморед?	أَفَبِهَٰذَا ٱلْحَدِيثِ أَنتُم مُّدْهِنُونَ ﴿٨١﴾
82. Ва ба ҷойи шукри рӯзиҳое, ки ба шумо дода шудааст, онро дурӯғ мепиндоред?	وَتَجْعَلُونَ رِزْقَكُمْ أَنَّكُمْ تُكَذِّبُونَ ﴿٨٢﴾
83. Он гоҳ ки [ҷони наздиконатон] ба гулугоҳ мерасад	فَلَوْلَآ إِذَا بَلَغَتِ ٱلْحُلْقُومَ ﴿٨٣﴾
84. Ва шумо дар он ҳангом наззора мекунед	وَأَنتُمْ حِينَئِذٍ تَنظُرُونَ ﴿٨٤﴾
85. Ва Мо аз шумо ба ӯ наздиктарем, вале намебинед	وَنَحْنُ أَقْرَبُ إِلَيْهِ مِنكُمْ وَلَٰكِن لَّا تُبْصِرُونَ ﴿٨٥﴾

86. Агар рост мегӯед ва ҳаргиз дар баробари аъмолатон ҷазо дода намешавед [ва қиёмате нест],	فَلَوْلَآ إِن كُنتُمْ غَيْرَ مَدِينِينَ ﴿٨٦﴾
87. пас, чаро ҷонашро бознамегардонед?	تَرْجِعُونَهَآ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٨٧﴾
88. Аммо агар ӯ дар зумраи муқаррабон бошад	فَأَمَّآ إِن كَانَ مِنَ ٱلْمُقَرَّبِينَ ﴿٨٨﴾
89. Дар оромишу кушоиш ва биҳишти пурнеъмат аст	فَرَوْحٌ وَرَيْحَانٌ وَجَنَّتُ نَعِيمٍ ﴿٨٩﴾
90. Ва агар дар зумраи саодатмандон бошад,	وَأَمَّآ إِن كَانَ مِنْ أَصْحَٰبِ ٱلْيَمِينِ ﴿٩٠﴾
91. [ба ӯ гуфта мешавад] «Саломат ва амният бар ту бод, ки аз саодатмандон ҳастӣ»	فَسَلَٰمٌ لَّكَ مِنْ أَصْحَٰبِ ٱلْيَمِينِ ﴿٩١﴾
92. Аммо агар аз такзибкунандагони гумроҳ [ва дар зумраи тирабахтон] бошад	وَأَمَّآ إِن كَانَ مِنَ ٱلْمُكَذِّبِينَ ٱلضَّآلِّينَ ﴿٩٢﴾
93. бо оби ҷӯшон [аз ӯ] пазироӣ мешавад	فَنُزُلٌ مِّنْ حَمِيمٍ ﴿٩٣﴾
94. ва ба [оташи] дузах дармеояд	وَتَصْلِيَةُ جَحِيمٍ ﴿٩٤﴾
95. Ин [ваъдаи подош ва азоб] яқинан ҳақиқат дорад [ва тардиде дар он нест]	إِنَّ هَٰذَا لَهُوَ حَقُّ ٱلْيَقِينِ ﴿٩٥﴾
96. Пас, [эй Паёмбар] бо [зикри] номи Парвардигори бузургат [ӯро] тасбеҳ гӯй	فَسَبِّحْ بِٱسْمِ رَبِّكَ ٱلْعَظِيمِ ﴿٩٦﴾

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۖ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ ﴿١﴾

1. Он чӣ дар осмонҳо ва замин аст, барои Аллоҳ таоло тасбеҳ мегӯянд; ва Ӯ пирӯзманди ҳаким аст

لَهُ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۖ يُحْيِي وَيُمِيتُ ۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ ﴿٢﴾

2. Фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст; ҳаёт мебахшад ва марг медиҳад; ва бар ҳар коре тавоност

هُوَ الْأَوَّلُ وَالْآخِرُ وَالظَّاهِرُ وَالْبَاطِنُ ۖ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ ﴿٣﴾

3. Ӯ азалӣ ва абадӣ аст ва пайдо ва нопайдо; ва ба ҳар чизе доност

هُوَ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَىٰ عَلَى الْعَرْشِ ۖ يَعْلَمُ مَا يَلِجُ فِي الْأَرْضِ وَمَا يَخْرُجُ مِنْهَا وَمَا يَنْزِلُ مِنَ السَّمَاءِ وَمَا يَعْرُجُ فِيهَا ۖ وَهُوَ مَعَكُمْ أَيْنَ مَا كُنْتُمْ ۚ وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ بَصِيرٌ ﴿٤﴾

4. Ӯст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид; он гоҳ бар арш қарор гирифт. Ҳар чӣ дар замин нуфуз мекунад ё аз он бармеояд ва ҳар чӣ аз осмон фуруд меояд ё дар он суъуд мекунад, [ҳамаро] медонад; ва ҳар ҷо, ки бошед, ҳамроҳи шумост; ва Аллоҳ таоло ба он чӣ мекунед, биност

لَهُ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۚ وَإِلَى اللَّهِ تُرْجَعُ الْأُمُورُ ﴿٥﴾

5. Фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст; ва ҳамаи умур танҳо ба Ӯ бозгардонда мешавад

يُولِجُ اللَّيْلَ فِي النَّهَارِ وَيُولِجُ النَّهَارَ فِي اللَّيْلِ ۚ وَهُوَ عَلِيمٌ بِذَاتِ الصُّدُورِ ﴿٦﴾

6. [Бо тағйири тадриҷии фаслҳо] шабро дар рӯз мекашонад ва рӯзро дар шаб; ва Ӯ ба рози дилҳо доност

ءَامِنُوا بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ وَأَنفِقُوا مِمَّا جَعَلَكُم مُّسْتَخْلَفِينَ فِيهِ ۖ فَالَّذِينَ ءَامَنُوا مِنكُمْ وَأَنفَقُوا لَهُمْ أَجْرٌ كَبِيرٌ ﴿٧﴾

7. Ба Аллоҳ таоло ва Паёмбараш имон оваред ва аз амволе, ки шуморо ҷонишин [ва намояндаи худ дар истифода аз онҳо] қарор додааст, инфоқ кунед; зеро афроде аз шумо, ки имон биёваранд ва инфоқ кунанд, подоши бузурге [дар пеш] дорад

وَمَا لَكُمْ لَا تُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَالرَّسُولُ يَدْعُوكُمْ لِتُؤْمِنُوا بِرَبِّكُمْ وَقَدْ أَخَذَ مِيثَاقَكُمْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿٨﴾

8. Чаро ба Аллоҳ таоло имон намеоваред, ҳол он ки Паёмбар шуморо фаромехонад, ки ба Парвардигоратон имон биёваред? Агар бовар

(*) Ҳадид (Оҳан).

доред [ба ёд дошта бошед, ки Аллоҳ таоло дар ин маврид] аз шумо паймон гирифтааст

هُوَ ٱلَّذِى يُنَزِّلُ عَلَىٰ عَبۡدِهِۦٓ ءَايَٰتِۭ بَيِّنَٰتٖ لِّيُخۡرِجَكُم مِّنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ بِكُمۡ لَرَءُوفٞ رَّحِيمٞ ٩

9. Ӯст, ки оёти равшангаре бар бандааш нозил мекунад, то шуморо аз торикиҳо [-и куфру ширк] ба сӯйи нур [-и имон] раҳсипор гардонад, [зеро] Аллоҳ таоло нисбат ба шумо дилсӯзу меҳрубон аст

وَمَا لَكُمۡ أَلَّا تُنفِقُواْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلِلَّهِ مِيرَٰثُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ لَا يَسۡتَوِى مِنكُم مَّنۡ أَنفَقَ مِن قَبۡلِ ٱلۡفَتۡحِ وَقَٰتَلَۚ أُوْلَٰٓئِكَ أَعۡظَمُ دَرَجَةٗ مِّنَ ٱلَّذِينَ أَنفَقُواْ مِنۢ بَعۡدُ وَقَٰتَلُواْۚ وَكُلّٗا وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلۡحُسۡنَىٰۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ خَبِيرٞ ١٠

10. Чаро дар роҳи Аллоҳ таоло инфоқ намекунед, ҳол он ки мероси осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ таоло аст? Касоне, ки пеш аз фатҳи [Макка] инфоқ карданд ва ҷангиданд, [бо дигарон] баробар нестанд. Дараҷаи онон волотар аз касонест, ки пас аз фатҳ инфоқ карданд ва ҷангиданд, вале Аллоҳ таоло ба ҳар ду гурӯҳ накутарин [подошҳо]-ро ваъда додааст ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, огоҳ аст

مَّن ذَا ٱلَّذِى يُقۡرِضُ ٱللَّهَ قَرۡضًا حَسَنٗا فَيُضَٰعِفَهُۥ لَهُۥ وَلَهُۥٓ أَجۡرٞ كَرِيمٞ ١١

11. Кист, ки ба Аллоҳ таоло воме наку диҳад [ва инфоқ кунад], то Аллоҳ таоло низ онро барояш чандин баробар созад ва [дар охират] подоше фохир дошта бошад?

يَوۡمَ تَرَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتِ يَسۡعَىٰ نُورُهُم بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَبِأَيۡمَٰنِهِم بُشۡرَىٰكُمُ ٱلۡيَوۡمَ جَنَّٰتٞ تَجۡرِى مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَاۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ١٢

12. [Ин подоши бузург дар] Рӯзест, ки мардону занони муъминро менигарӣ, ки нурашон пеши рӯ ва дар самти росташон ба шитоб ҳаракат мекунад [ва ба онон хитоб мешавад]: «Имрӯз башорати боғҳое [аз биҳишт] бар шумо бод, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст ва ҷовидона дар он ба сар хоҳед бурд. Ин аст ҳамон комёбии бузург».

يَوۡمَ يَقُولُ ٱلۡمُنَٰفِقُونَ وَٱلۡمُنَٰفِقَٰتُ لِلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱنظُرُونَا نَقۡتَبِسۡ مِن نُّورِكُمۡ قِيلَ ٱرۡجِعُواْ وَرَآءَكُمۡ فَٱلۡتَمِسُواْ نُورٗاۚ فَضُرِبَ بَيۡنَهُم بِسُورٖ لَّهُۥ بَابُۢ بَاطِنُهُۥ فِيهِ ٱلرَّحۡمَةُ وَظَٰهِرُهُۥ مِن قِبَلِهِ ٱلۡعَذَابُ ١٣

13. Рӯзе, ки мардону занони мунофиқ ба муъминон мегӯянд: «Ба мо назаре бияфканед, то партаве аз нуратон баргирем». Ба онон гуфта мешавад: «Ба ақиб бозгардед ва касби нур кунед. Он гоҳ миёнашон деворе қарор мегирад, ки даре дорад, даруни он [ки ба сӯи муъминон аст] рӯ ба раҳмат аст ва берунаш [ки ба самти мунофиқон аст] рӯ ба азоб аст

يُنَادُونَهُمۡ أَلَمۡ نَكُن مَّعَكُمۡۖ قَالُواْ بَلَىٰ وَلَٰكِنَّكُمۡ فَتَنتُمۡ أَنفُسَكُمۡ وَتَرَبَّصۡتُمۡ وَٱرۡتَبۡتُمۡ وَغَرَّتۡكُمُ ٱلۡأَمَانِىُّ حَتَّىٰ جَآءَ أَمۡرُ ٱللَّهِ وَغَرَّكُم بِٱللَّهِ ٱلۡغَرُورُ ١٤

14. [Мунофиқон] ба муъминон мегӯянд: «Магар мо [дар диндорӣ ва парастиш] ҳамроҳи шумо набудем?». Онон посух медиҳанд: «Бале, вале

шумо [бо дурӯягӣ ва тазвир] худро ба фитна андохтед [ва ҳалок кардед] ва дар интизор [-и шикасти муъминон ва бозгашт ба ширку куфр] будед ва [дар бораи ёрӣ расонидани Аллоҳ таоло ба муъминон] тардид доштед ва орзуҳо [-и дурӯғин] фиребатон дод, то он ки фармон [-и маргатон аз ҷониби] Аллоҳ таоло дар ҳоле фаро расид, ки шайтон шуморо дар баробари Ӯ густох карда буд»

فَٱلۡيَوۡمَ لَا يُؤۡخَذُ مِنكُمۡ فِدۡيَةٞ وَلَا مِنَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْۚ مَأۡوَىٰكُمُ ٱلنَّارُۖ هِيَ مَوۡلَىٰكُمۡۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ١٥

15. Имрӯз на аз шумо [мунофиқон] ғаромат мепазиранд ва на аз кофирон. Ҷойгоҳатон оташ аст, ки [ба ростӣ] шоистаи шумост ва чи бад саранҷоме аст!

أَلَمۡ يَأۡنِ لِلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَن تَخۡشَعَ قُلُوبُهُمۡ لِذِكۡرِ ٱللَّهِ وَمَا نَزَلَ مِنَ ٱلۡحَقِّ وَلَا يَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ مِن قَبۡلُ فَطَالَ عَلَيۡهِمُ ٱلۡأَمَدُ فَقَسَتۡ قُلُوبُهُمۡۖ وَكَثِيرٞ مِّنۡهُمۡ فَٰسِقُونَ ١٦

16. Оё ҳангоми он фаро нарасидааст, ки дилҳои муъминон ба ёди Аллоҳ таоло ва каломи ҳаққе, ки нозил шудааст, фурутан шавад ва ҳамчун касоне набошанд, ки қаблан аҳли китоб буданд ва чун [аз биъсати паёмбаронашон] замоне тӯлонӣ бар онон гузашт, дилҳояшон сахт шуд ва бисёре аз онон аз динашон мунҳариф шуданд?

ٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ يُحۡيِ ٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ مَوۡتِهَاۚ قَدۡ بَيَّنَّا لَكُمُ ٱلۡأٓيَٰتِ لَعَلَّكُمۡ تَعۡقِلُونَ ١٧

17. Огоҳ бошед, ки Аллоҳ таоло заминро пас аз хазону хушкиаш зинда месозад. [Эй мардум] Мусалламан, Мо нишонаҳо [-и тавону тадбири худ]-ро барои шумо ба равшанӣ баён кардаем, бошад, ки бияндешед

إِنَّ ٱلۡمُصَّدِّقِينَ وَٱلۡمُصَّدِّقَٰتِ وَأَقۡرَضُواْ ٱللَّهَ قَرۡضًا حَسَنٗا يُضَٰعَفُ لَهُمۡ وَلَهُمۡ أَجۡرٞ كَرِيمٞ ١٨

18. Бе гумон, мардону заноне, ки инфоқ мекунанд ва ба Аллоҳ таоло қарзе наку медиҳанд, савобашон дучандон мегардад ва [дар охират] подоше фохир [-у нек] хоҳанд дошт

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦٓ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصِّدِّيقُونَۖ وَٱلشُّهَدَآءُ عِندَ رَبِّهِمۡ لَهُمۡ أَجۡرُهُمۡ وَنُورُهُمۡۖ وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَكَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَآ أُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلۡجَحِيمِ ١٩

19. Касоне, ки ба Аллоҳ таоло ва паёмбаронаш имон оварданд, ростгӯён [-и росткирдор] ҳастанд ва шаҳидон назди Парвардигорашон ба сар мебаранд ва [дар охират] подошу нурашон маҳфуз аст. Ва касоне, ки куфр варзиданд ва оёти Моро дурӯғ шумурданд, дузахианд

ٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّمَا ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا لَعِبٞ وَلَهۡوٞ وَزِينَةٞ وَتَفَاخُرُۢ بَيۡنَكُمۡ وَتَكَاثُرٞ فِي ٱلۡأَمۡوَٰلِ وَٱلۡأَوۡلَٰدِۖ كَمَثَلِ غَيۡثٍ أَعۡجَبَ ٱلۡكُفَّارَ نَبَاتُهُۥ ثُمَّ يَهِيجُ فَتَرَىٰهُ مُصۡفَرّٗا ثُمَّ يَكُونُ حُطَٰمٗاۖ وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِ

20. Бидонед, ки зиндагии дунё, бозича ва саргармӣ ва зевар аст ва фахрфурӯшӣ дар баробари якдигар ва афзунталабӣ дар амволу фарзандон.

عَذَابٌ شَدِيدٌ وَمَغْفِرَةٌ مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضْوَٰنٌ ۚ وَمَا ٱلْحَيَوٰةُ ٱلدُّنْيَآ إِلَّا مَتَٰعُ ٱلْغُرُورِ ﴿٢٠﴾

[Ин зиндагӣ] Дар масал ҳамчун боронест, ки гиёҳон [-и рӯйида] аз он кишоварзонро ба шигифт меоварад; сипас [ин гиёҳи шодоб] пажмурда шавад, он гоҳ мебинӣ, ки зард мешавад ва сипас хошок мегардад ва дар охират [насиби мунофиқону кофирон] азоби шадид аст ва [насиби муъминон] омурзишу хушнудии илоҳӣ аст. [Дар ҳар ҳол] Зиндагии дунё чизе ҷуз [лаззату] бархӯрдории фонӣ [ва фиребанда] нест

سَابِقُوٓاْ إِلَىٰ مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا كَعَرْضِ ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ أُعِدَّتْ لِلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ ۚ ذَٰلِكَ فَضْلُ ٱللَّهِ يُؤْتِيهِ مَن يَشَآءُ ۚ وَٱللَّهُ ذُو ٱلْفَضْلِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٢١﴾

21. [Эй мардум] Барои расидан ба омурзиши Парвардигоратон ва биҳиште, ки паҳнои он ҳамчун паҳнои осмону замин аст, аз якдигар пешӣ бигиред. [Ин биҳишт] Барои касоне омода шудааст, ки ба Аллоҳ таоло ва паёмбаронаш имон овардаанд. Ин [подош ношӣ аз] фазли илоҳӣ аст, онро ба ҳар ки бихоҳад [ва шоиста бидонад], ато мекунад, ки Аллоҳ таоло фазлу бахшиши беҳад дорад

مَآ أَصَابَ مِن مُّصِيبَةٍ فِى ٱلْأَرْضِ وَلَا فِىٓ أَنفُسِكُمْ إِلَّا فِى كِتَٰبٍ مِّن قَبْلِ أَن نَّبْرَأَهَآ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٌ ﴿٢٢﴾

22. Ҳеҷ осебе дар замин ва ё дар вуҷуди шумо рӯй нахоҳад дод, магар он ки пеш аз эҷодаш дар дафтари [илми илоҳӣ] рақам хӯрдааст. Ба ростӣ, ки ин кор бар Аллоҳ таоло осон аст

لِّكَيْلَا تَأْسَوْاْ عَلَىٰ مَا فَاتَكُمْ وَلَا تَفْرَحُواْ بِمَآ ءَاتَىٰكُمْ ۗ وَٱللَّهُ لَا يُحِبُّ كُلَّ مُخْتَالٍ فَخُورٍ ﴿٢٣﴾

23. [Ин нуктаро тазаккур додем] То бар он чи аз дастатон меравад, афсӯс нахӯред ва бад-он чи ба даст меоваред, сармаст нагардед, ки Аллоҳ таоло ҳеҷ мутакаббири фахрфурӯшеро дӯст намедорад

ٱلَّذِينَ يَبْخَلُونَ وَيَأْمُرُونَ ٱلنَّاسَ بِٱلْبُخْلِ ۗ وَمَن يَتَوَلَّ فَإِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْغَنِىُّ ٱلْحَمِيدُ ﴿٢٤﴾

24. Ҳамон касоне, ки бухл меварзанд ва мардумро ба бухл во медоранд ва ҳар ки [аз инфоқ] рӯй бигардонад, [бидонад, ки] Аллоҳ таоло бениёзи сутуда аст

لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِٱلْبَيِّنَٰتِ وَأَنزَلْنَا مَعَهُمُ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْمِيزَانَ لِيَقُومَ ٱلنَّاسُ بِٱلْقِسْطِ ۖ وَأَنزَلْنَا ٱلْحَدِيدَ فِيهِ بَأْسٌ شَدِيدٌ وَمَنَٰفِعُ لِلنَّاسِ وَلِيَعْلَمَ ٱللَّهُ مَن يَنصُرُهُۥ وَرُسُلَهُۥ بِٱلْغَيْبِ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ قَوِىٌّ عَزِيزٌ ﴿٢٥﴾

25. Мо паёмбарони хешро бо нишонаҳои равшан фиристодем ва ҳамроҳашон китобу мизон [-и ташхиси ҳақ аз ботил] нозил кардем, то мардум ба адолат бархезанд. Ва оҳан [ва соири фулузот]-ро падид овардем, ки дар он ҳам неруе шадид вуҷуд дорад ва ҳам манофее барои мардум. [Чунин кардем] То Аллоҳ таоло бидонад, чи

касоне бидуни он ки Парвардигорашонро бубинанд, [бо ҷангафзорҳои оҳанин] Ӯ ва паёмбаронашро [дар майдонҳои ҷанг] ёрӣ мекунанд. Бе тардид, Аллоҳ таоло неруманди шикастнопазир аст

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا نُوحًا وَإِبْرَٰهِيمَ وَجَعَلْنَا فِى ذُرِّيَّتِهِمَا ٱلنُّبُوَّةَ وَٱلْكِتَٰبَ فَمِنْهُم مُّهْتَدٍ ۖ وَكَثِيرٌ مِّنْهُمْ فَٰسِقُونَ ﴿٢٦﴾

26. Мо Нуҳ ва Иброҳимро [ба рисолат] фиристодем ва дар миёни фарзандонашон [мавҳибати] паёмбарӣ ва китоб муқаррар доштем. Бархе аз онон роҳ ёфтанд ва бисёре аз онон нофармонӣ карданд

ثُمَّ قَفَّيْنَا عَلَىٰٓ ءَاثَٰرِهِم بِرُسُلِنَا وَقَفَّيْنَا بِعِيسَى ٱبْنِ مَرْيَمَ وَءَاتَيْنَٰهُ ٱلْإِنجِيلَ ۖ وَجَعَلْنَا فِى قُلُوبِ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُ رَأْفَةً وَرَحْمَةً ۚ وَرَهْبَانِيَّةً ٱبْتَدَعُوهَا مَا كَتَبْنَٰهَا عَلَيْهِمْ إِلَّا ٱبْتِغَآءَ رِضْوَٰنِ ٱللَّهِ فَمَا رَعَوْهَا حَقَّ رِعَايَتِهَا ۖ فَـَٔاتَيْنَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مِنْهُمْ أَجْرَهُمْ ۖ وَكَثِيرٌ مِّنْهُمْ فَٰسِقُونَ ﴿٢٧﴾

27. Сипас ба дунболи онон паёмбарони дигарамонро [мабъус кардем] ва сипас Исо писари Марямро фиристодем ва Инҷилро ба ӯ ато намудем ва дар дили пайравонаш раъфат ва меҳрубонӣ ниҳодем, вале [дунёгурезӣ ва] раҳбониятеро, ки бидъат ниҳоданд, Мо бар онон муқаррар надоштем ва ҳарчанд ҳадафашон ҷалби хушнудии илоҳӣ буд, вале ҳаққи онро [чунонки бояд] риоят накарданд. Аз ин рӯ, Мо ба афроде аз эшон, ки имон оварданд, подошашонро ато кардем, вале бисёре аз онон [ба бероҳа рафтанд ва] нофармон буданд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَءَامِنُوا۟ بِرَسُولِهِۦ يُؤْتِكُمْ كِفْلَيْنِ مِن رَّحْمَتِهِۦ وَيَجْعَل لَّكُمْ نُورًا تَمْشُونَ بِهِۦ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ۚ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٢٨﴾

28. Эй муъминон, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва ба паёмбараш [холисона] имон биёваред, то Аллоҳ таоло аз раҳмати хеш баҳраи дучандон ба шумо ато намояд ва бароятон нуре падид оварад, ки дар партави он гом бардоред ва шуморо бибахшояд. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

لِّئَلَّا يَعْلَمَ أَهْلُ ٱلْكِتَٰبِ أَلَّا يَقْدِرُونَ عَلَىٰ شَىْءٍ مِّن فَضْلِ ٱللَّهِ وَأَنَّ ٱلْفَضْلَ بِيَدِ ٱللَّهِ يُؤْتِيهِ مَن يَشَآءُ ۚ وَٱللَّهُ ذُو ٱلْفَضْلِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٢٩﴾

29. [Инро баён кардем] То аҳли китоб бидонанд, ки ба фазлу бахшиши илоҳӣ дастрасӣ надоранд [ва наметавонанд онро ба касе ихтисос диҳанд ё аз касе боздоранд] ва ин ки тамоми бартарӣ ба дасти Аллоҳ таоло аст ва ба ҳар кӣ бихоҳад [ва шоиста бидонад] ато мекунад. Бе гумон, Аллоҳ таоло фазлу бахшиши беҳад дорад

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

قَدْ سَمِعَ ٱللَّهُ قَوْلَ ٱلَّتِي تُجَٰدِلُكَ فِي زَوْجِهَا وَتَشْتَكِيٓ إِلَى ٱللَّهِ وَٱللَّهُ يَسْمَعُ تَحَاوُرَكُمَآ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌۢ بَصِيرٌ ﴿١﴾

1. Аллоҳ таоло сухани он занро шунид, ки бо ту дар бораи шавҳараш суҳбат мекард ва ба Аллоҳ таоло шикоят мебурд. Аллоҳ таоло гуфтугӯи шуморо мешунавад, чаро ки Аллоҳ таоло шунавои биност

ٱلَّذِينَ يُظَٰهِرُونَ مِنكُم مِّن نِّسَآئِهِم مَّا هُنَّ أُمَّهَٰتِهِمْ ۖ إِنْ أُمَّهَٰتُهُمْ إِلَّا ٱلَّٰٓـِٔي وَلَدْنَهُمْ ۚ وَإِنَّهُمْ لَيَقُولُونَ مُنكَرًا مِّنَ ٱلْقَوْلِ وَزُورًا ۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَعَفُوٌّ غَفُورٌ ﴿٢﴾

2. Касоне аз шумо, ки ҳамсарони хешро [аз лиҳози ҳурмати ҳамбистарӣ ҳамчун] модари худ талаққӣ мекунанд, [бидонанд, ки] он занон ҳаргиз модаронашон нахоҳанд буд; модарони эшон фақат заноне ҳастанд, ки онҳоро ба дунё овардаанд. Онон сухане нописанд ва ноҳақ мегӯянд ва [агар тавба кунанд] Аллоҳ таоло бахшояндаи омурзгор аст

وَٱلَّذِينَ يُظَٰهِرُونَ مِن نِّسَآئِهِمْ ثُمَّ يَعُودُونَ لِمَا قَالُوا۟ فَتَحْرِيرُ رَقَبَةٍ مِّن قَبْلِ أَن يَتَمَآسَّا ۚ ذَٰلِكُمْ تُوعَظُونَ بِهِۦ ۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ﴿٣﴾

3. Касоне, ки занонашонро зиҳор мекунанд, сипас аз он чи гуфтаанд, бозмегарданд, бояд пеш аз омезиши ҷинсӣ бо ҳам бардаеро озод кунанд. Ин ҳукмест, ки ба он [панду] андарз дода мешавед ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, огоҳ аст

فَمَن لَّمْ يَجِدْ فَصِيَامُ شَهْرَيْنِ مُتَتَابِعَيْنِ مِن قَبْلِ أَن يَتَمَآسَّا ۖ فَمَن لَّمْ يَسْتَطِعْ فَإِطْعَامُ سِتِّينَ مِسْكِينًا ۚ ذَٰلِكَ لِتُؤْمِنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ۚ وَتِلْكَ حُدُودُ ٱللَّهِ ۗ وَلِلْكَٰفِرِينَ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٤﴾

4. Пас, касе, ки [бардаеро] наёбад, пеш аз омезиши ҷинсӣ ду моҳ паёпай рӯза бигирад ва касе, ки наметавонад [рӯза бигирад, дар он сурат] бояд шаст мискинро таом диҳад. Ин [каффора] барои он аст, ки ба Аллоҳ таоло ва расулаш имон биёваред ва инҳо ҳудуди [аҳкоми] илоҳӣ аст ва барои кофирон азоби дардноке [дар пеш] аст

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحَآدُّونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ كُبِتُوا۟ كَمَا كُبِتَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ ۚ وَقَدْ أَنزَلْنَآ ءَايَٰتٍۭ بَيِّنَٰتٍ ۚ وَلِلْكَٰفِرِينَ عَذَابٌ مُّهِينٌ ﴿٥﴾

5. Ҳамоно касоне, ки бо Аллоҳ таоло ва расулаш душманӣ мекунанд, хор [-у залил] мешаванд, ҳамон гуна ки пешиниён онҳо низ хор [-у залил] шуданд ва ба ростӣ, Мо оёти равшане нозил кардем ва барои кофирон азоби хоркунандае [дар пеш] аст

(*) Муҷодала (Ҷидол ва муноқиша кардан).

يَوْمَ يَبْعَثُهُمُ ٱللَّهُ جَمِيعًا فَيُنَبِّئُهُم بِمَا عَمِلُوٓاْۚ أَحْصَىٰهُ ٱللَّهُ وَنَسُوهُۚ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ شَهِيدٌ ٦

6. Рӯзе, ки Аллоҳ таоло ҳамаи онҳоро [аз гӯр] бармеангезад, сипас онҳоро аз он чи кардаанд, бохабар месозад, [ҳамон аъмоле, ки] Аллоҳ таоло ҳисоби онро нигаҳ дошта, аммо онҳо фаромӯшаш кардаанд ва Аллоҳ таоло бар ҳама чиз гувоҳ [ва нозир] аст

أَلَمْ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ يَعْلَمُ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلْأَرْضِۖ مَا يَكُونُ مِن نَّجْوَىٰ ثَلَٰثَةٍ إِلَّا هُوَ رَابِعُهُمْ وَلَا خَمْسَةٍ إِلَّا هُوَ سَادِسُهُمْ وَلَآ أَدْنَىٰ مِن ذَٰلِكَ وَلَآ أَكْثَرَ إِلَّا هُوَ مَعَهُمْ أَيْنَ مَا كَانُواْۖ ثُمَّ يُنَبِّئُهُم بِمَا عَمِلُواْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِۚ إِنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ ٧

7. Магар надидаӣ, ки Аллоҳ таоло он чиро, ки дар осмонҳо ва он чиро, ки дар замин аст, медонад? Ҳеҷ нақвое миёни се нафар набошад, магар он ки Ӯ чаҳорумини онҳост ва на миёни панҷ нафар, магар он ки Ӯ шашумини онҳост ва на камтар аз ин [адад] на бештар, магар он ки ҳар куҷо бошанд, Ӯ ҳамроҳи онҳост. Сипас рӯзи қиёмат онҳоро аз он чи кардаанд, бохабар месозад. Бе гумон, Аллоҳ таоло ба ҳама чиз доност

أَلَمْ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ نُهُواْ عَنِ ٱلنَّجْوَىٰ ثُمَّ يَعُودُونَ لِمَا نُهُواْ عَنْهُ وَيَتَنَٰجَوْنَ بِٱلْإِثْمِ وَٱلْعُدْوَٰنِ وَمَعْصِيَتِ ٱلرَّسُولِۖ وَإِذَا جَآءُوكَ حَيَّوْكَ بِمَا لَمْ يُحَيِّكَ بِهِ ٱللَّهُ وَيَقُولُونَ فِيٓ أَنفُسِهِمْ لَوْلَا يُعَذِّبُنَا ٱللَّهُ بِمَا نَقُولُۚ حَسْبُهُمْ جَهَنَّمُ يَصْلَوْنَهَاۖ فَبِئْسَ ٱلْمَصِيرُ ٨

8. [Эй Паёмбар,] магар надидаӣ касонеро, ки аз нақво наҳӣ шуданд, сипас ба он чӣ аз он наҳӣ шуда буданд, бозмегарданд ва ба гуноҳ ва тақовуз ва нофармонӣ аз паёмбар бо ҳам нақво мекунанд ва ҳангоме ки назди ту меоянд, ба нақво ба ту дуруд мефиристанд, ки [ҳатто] Аллоҳ таоло бо он [калимот] ба ту дуруду салом нагуфтааст; ва [онҳо] дар дили худ мегӯянд: «Чаро Аллоҳ таоло моро ба [кайфари] он чи мегӯем, азоб намекунад?» Ҷаҳаннам барояшон кофӣ аст, [ки] ба он ворид мешаванд; ва чи бад [саранҷом ва] ҷойгоҳе аст!

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا تَنَٰجَيْتُمْ فَلَا تَتَنَٰجَوْاْ بِٱلْإِثْمِ وَٱلْعُدْوَٰنِ وَمَعْصِيَتِ ٱلرَّسُولِ وَتَنَٰجَوْاْ بِٱلْبِرِّ وَٱلتَّقْوَىٰۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ٱلَّذِيٓ إِلَيْهِ تُحْشَرُونَ ٩

9. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки бо якдигар нақво мекунед, ба қасди гуноҳ ва тақовуз ва нофармонӣ аз расул нақво накунед ва ба некӣ ва парҳезгорӣ нақво кунед ва аз Аллоҳ таоло битарсед, ки ба сӯи Ӯ ҳашр хоҳед шуд.

إِنَّمَا ٱلنَّجْوَىٰ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ لِيَحْزُنَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَلَيْسَ بِضَآرِّهِمْ شَيْـًٔا إِلَّا بِإِذْنِ ٱللَّهِۚ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلْيَتَوَكَّلِ ٱلْمُؤْمِنُونَ ١٠

10. Ҷуз ин нест, ки сухани пинҳоне [ки муҷиби гуноҳ ва душманӣ мегардад] аз сӯи шайтон аст, то касонеро, ки имон овардаанд, [бо онҳо гирифтор кунад ва дар натиҷа] андӯҳгин созад ва [ҳол он ки ӯ] ҷуз ба фармони Аллоҳ таоло наметавонад ҳеҷ зарареро ба онон бирасонад; пас, муъминон бояд бар Аллоҳ таоло таваккал кунанд

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا قِيلَ لَكُمۡ تَفَسَّحُواْ فِي ٱلۡمَجَٰلِسِ فَٱفۡسَحُواْ يَفۡسَحِ ٱللَّهُ لَكُمۡۖ وَإِذَا قِيلَ ٱنشُزُواْ فَٱنشُزُواْ يَرۡفَعِ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مِنكُمۡ وَٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡعِلۡمَ دَرَجَٰتٖۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ خَبِيرٞ ١١

11. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки ба шумо гуфта шавад: «Дар маҷолис ҷо боз кунед», пас, [ҷо] боз кунед [ки бо ин кор] Аллоҳ таоло барои шумо кушоиш меоварад ва ҳангоме ки гуфта шавад: «Бархезед», пас, бархезед. Аллоҳ таоло мақом [-у дараҷот]-и касоне аз шуморо, ки имон овардаанд ва касонеро, ки илм дода шудаанд, боло мебарад ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, огоҳ аст

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نَٰجَيۡتُمُ ٱلرَّسُولَ فَقَدِّمُواْ بَيۡنَ يَدَيۡ نَجۡوَىٰكُمۡ صَدَقَةٗۚ ذَٰلِكَ خَيۡرٞ لَّكُمۡ وَأَطۡهَرُۚ فَإِن لَّمۡ تَجِدُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٌ ١٢

12. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки мехоҳед бо расулуллоҳ наҷво кунед, пеш аз наҷвоятон садақае [дар роҳи Аллоҳ таоло] бидиҳед. Ин [кор] барои шумо беҳтару покизатар аст. Аммо агар чизе наёфтед, бе гумон, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

ءَأَشۡفَقۡتُمۡ أَن تُقَدِّمُواْ بَيۡنَ يَدَيۡ نَجۡوَىٰكُمۡ صَدَقَٰتٖۚ فَإِذۡ لَمۡ تَفۡعَلُواْ وَتَابَ ٱللَّهُ عَلَيۡكُمۡ فَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥۚ وَٱللَّهُ خَبِيرُۢ بِمَا تَعۡمَلُونَ ١٣

13. Оё [аз фақр] тарсидед, ки пеш аз наҷвоятон садақаҳое диҳед? Ҳол ки чунин накардед ва Аллоҳ таоло аз шумо даргузашт, пас, намоз барпо доред ва закот бипардозед, ва аз Аллоҳ таоло ва Паёмбараш итоат кунед ва Аллоҳ таоло ба он чи мекунед, огоҳ аст.

۞أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ تَوَلَّوۡاْ قَوۡمًا غَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِم مَّا هُم مِّنكُمۡ وَلَا مِنۡهُمۡ وَيَحۡلِفُونَ عَلَى ٱلۡكَذِبِ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ١٤

14. [Эй Паёмбар] Оё надидӣ касонеро, ки бо қавме дӯстӣ карданд, ки Аллоҳ таоло бар онон хашм [-у ғазаб] кардааст; онҳо на аз шумо ҳастанд ва на аз онон [яҳудиён]; ва ба дурӯғ савганд ёд мекунанд [ки мусулмонанд], дар ҳоле ки худ медонанд [ки мунофиқанд].

أَعَدَّ ٱللَّهُ لَهُمۡ عَذَابٗا شَدِيدًاۖ إِنَّهُمۡ سَآءَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٥

15. Аллоҳ таоло азоби сахте барои онҳо омода кардааст, чаро ки бе гумон, аъмоли баде анҷом медоданд

ٱتَّخَذُوٓاْ أَيۡمَٰنَهُمۡ جُنَّةٗ فَصَدُّواْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ فَلَهُمۡ عَذَابٞ مُّهِينٞ ١٦

16. Онҳо савгандҳои худро сипар [-и бало] қарор доданд ва [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло боздоштанд; пас, азоби хоркунандае [дар пеш] доранд.

لَّن تُغۡنِيَ عَنۡهُمۡ أَمۡوَٰلُهُمۡ وَلَآ أَوۡلَٰدُهُم مِّنَ ٱللَّهِ شَيۡـٔٗاۚ أُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ١٧

17. Ҳаргиз амволу фарзандонашон чизе аз азоби Аллоҳро аз онҳо дафъ нахоҳад кард. Онҳо аҳл [-и оташ]-и дузаханд ва ҷовидона дар он мемонанд

يَوْمَ يَبْعَثُهُمُ ٱللَّهُ جَمِيعًا فَيَحْلِفُونَ لَهُۥ كَمَا يَحْلِفُونَ لَكُمْ وَيَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ عَلَىٰ شَىْءٍ ۚ أَلَآ إِنَّهُمْ هُمُ ٱلْكَٰذِبُونَ ﴿١٨﴾

18. Рӯзе, ки Аллоҳ таоло ҳамагии онҳоро бармеангезад, он гоҳ онҳо барои Ӯ [низ] савганд ёд мекунанд, ҳамон гуна ки [имрӯз дар дунё] барои шумо савганд ёд мекунанд ва гумон мекунанд, ки бар чизе [судманд] ҳастанд. Огоҳ бошед [ва бидонед], ки онҳо дурӯғгӯёнанд

ٱسْتَحْوَذَ عَلَيْهِمُ ٱلشَّيْطَٰنُ فَأَنسَىٰهُمْ ذِكْرَ ٱللَّهِ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ حِزْبُ ٱلشَّيْطَٰنِ ۚ أَلَآ إِنَّ حِزْبَ ٱلشَّيْطَٰنِ هُمُ ٱلْخَٰسِرُونَ ﴿١٩﴾

19. Шайтон бар онҳо чира шуда ва ёди Аллоҳро аз хотирашон бурдааст. Онҳо ҳизби шайтон ҳастанд ва огоҳ бошед [ва бидонед], ки ҳизби шайтон зиёнкоранд

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحَآدُّونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ أُو۟لَٰٓئِكَ فِى ٱلْأَذَلِّينَ ﴿٢٠﴾

20. Бе гумон, касоне, ки бо Аллоҳ таоло ва паёмбараш мухолифат [ва душманӣ] мекунанд, дар зумраи хортарин [афрод]-анд

كَتَبَ ٱللَّهُ لَأَغْلِبَنَّ أَنَا۠ وَرُسُلِىٓ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ قَوِىٌّ عَزِيزٌ ﴿٢١﴾

21. Аллоҳ таоло муқаррар доштааст, ки «яқинан, ману расулонам пирӯз мешавем». Бе гумон, Аллоҳ таоло неруманди шикастнопазир аст.

لَّا تَجِدُ قَوْمًا يُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ يُوَآدُّونَ مَنْ حَآدَّ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَلَوْ كَانُوٓا۟ ءَابَآءَهُمْ أَوْ أَبْنَآءَهُمْ أَوْ إِخْوَٰنَهُمْ أَوْ عَشِيرَتَهُمْ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ كَتَبَ فِى قُلُوبِهِمُ ٱلْإِيمَٰنَ وَأَيَّدَهُم بِرُوحٍ مِّنْهُ ۖ وَيُدْخِلُهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا ۚ رَضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا۟ عَنْهُ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ حِزْبُ ٱللَّهِ ۚ أَلَآ إِنَّ حِزْبَ ٱللَّهِ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٢٢﴾

22. [Эй Паёмбар] ҳеҷ қавмеро намеёбӣ, ки ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон дошта бошанд ва бо касоне, ки бо Аллоҳу расулаш [душманӣ ва] мухолифат меварзанд, дӯстӣ кунанд; агарчи падаронашон ё фарзандонашон ё бародаронашон ё хешовандонашон бошанд. Онҳо касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таоло имонро дар [сафҳаи] дилҳояшон навиштааст ва ба рӯҳе аз ҷониби худ онҳоро тақвият [ва таъйид] намудааст ва онҳоро ба боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунад, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорӣ аст, ҷовидона дар он мемонанд. Аллоҳ таоло аз онҳо хушнуд аст ва онҳо [низ] аз Аллоҳ таоло хушнуданд. Онҳо ҳизби Аллоҳ таоло ҳастанд. Огоҳ бошед! Бе тардид, ҳизби Аллоҳ таоло растагоранд

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ ۖ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ ﴿١﴾

1. Он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин аст, барои Аллоҳ таоло тасбеҳ мегӯянд ва Ӯ пирӯзманди ҳаким аст

هُوَ الَّذِي أَخْرَجَ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ مِن دِيَارِهِمْ لِأَوَّلِ الْحَشْرِ ۚ مَا ظَنَنتُمْ أَن يَخْرُجُوا ۖ وَظَنُّوا أَنَّهُم مَّانِعَتُهُمْ حُصُونُهُم مِّنَ اللَّهِ فَأَتَاهُمُ اللَّهُ مِنْ حَيْثُ لَمْ يَحْتَسِبُوا ۖ وَقَذَفَ فِي قُلُوبِهِمُ الرُّعْبَ ۚ يُخْرِبُونَ بُيُوتَهُم بِأَيْدِيهِمْ وَأَيْدِي الْمُؤْمِنِينَ فَاعْتَبِرُوا يَا أُولِي الْأَبْصَارِ ﴿٢﴾

2. Ӯст, ки касоне аз аҳли китобро, ки кофир шуданд, бо нахустин бархӯрд [ва гирдоварии лашкар] аз диёрашон берун ронд. Гумон намекардед, ки онҳо хориҷ шуданд ва худашон [низ] гумон мекарданд, ки дижҳо [-и муҳкам]а-шон онҳоро аз [азоби] Аллоҳ таоло монеъ мешавад; пас, [азоби] Аллоҳ таоло аз ҷойе, ки гумон намекарданд, ба суроғашон омад ва дар дилҳояшон тарсу ваҳшат афканд, [ба гунае ки] хонаҳои худро бо дасти худ ва бо дасти муъминон вайрон мекарданд; пас, эй соҳибони биниш, ибрат гиред

وَلَوْلَا أَن كَتَبَ اللَّهُ عَلَيْهِمُ الْجَلَاءَ لَعَذَّبَهُمْ فِي الدُّنْيَا ۖ وَلَهُمْ فِي الْآخِرَةِ عَذَابُ النَّارِ ﴿٣﴾

3. Агар Аллоҳ таоло тарки ватан [ва оворагӣ]-ро бар онон муқаррар надошта буд, яқинан ононро дар [ҳамин] дунё азоб мекард ва барои эшон дар охират азоби оташ [-и ҷаҳаннам] аст

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ شَاقُّوا اللَّهَ وَرَسُولَهُ ۖ وَمَن يُشَاقِّ اللَّهَ فَإِنَّ اللَّهَ شَدِيدُ الْعِقَابِ ﴿٤﴾

4. Ин [оворагӣ ва азоб] ба хотири он аст, ки онҳо бо Аллоҳ таоло ва паёмбараш мухолифат [ва душманӣ] карданд ва ҳар кас бо Аллоҳ таоло мухолифат [ва душманӣ] кунад, бе гумон, Аллоҳ таоло сахткайфар аст

مَا قَطَعْتُم مِّن لِّينَةٍ أَوْ تَرَكْتُمُوهَا قَائِمَةً عَلَىٰ أُصُولِهَا فَبِإِذْنِ اللَّهِ وَلِيُخْزِيَ الْفَاسِقِينَ ﴿٥﴾

5. Он чи аз дарахти хурмо буридед ва ё онро истода бар решааш боқӣ гузоридед, ба фармони Аллоҳ таоло буд, то фосиқонро хор [-у расво] созад.

وَمَا أَفَاءَ اللَّهُ عَلَىٰ رَسُولِهِ مِنْهُمْ فَمَا أَوْجَفْتُمْ عَلَيْهِ مِنْ خَيْلٍ وَلَا رِكَابٍ وَلَٰكِنَّ اللَّهَ يُسَلِّطُ رُسُلَهُ عَلَىٰ مَن يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ ﴿٦﴾

6. Ва он чи Аллоҳ таоло аз [амволи] онҳо ба паёмбараш бозгардонида [ва бахшида] аст, пас, бар он [амвол] на аспе тохтед ва на шутуре;

(*) Ҳашр (Рондан).

вале Аллоҳ таоло расулонашро бар ҳар кас, ки бихоҳад, чира мегардонад ва Аллоҳ таоло бар ҳар чиз тавоност

مَّآ أَفَآءَ ٱللَّهُ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ مِنْ أَهْلِ ٱلْقُرَىٰ فَلِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ وَلِذِى ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْيَتَٰمَىٰ وَٱلْمَسَٰكِينِ وَٱبْنِ ٱلسَّبِيلِ كَىْ لَا يَكُونَ دُولَةًۢ بَيْنَ ٱلْأَغْنِيَآءِ مِنكُمْ ۚ وَمَآ ءَاتَىٰكُمُ ٱلرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَىٰكُمْ عَنْهُ فَٱنتَهُوا۟ ۚ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ ۖ إِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلْعِقَابِ ﴿٧﴾

7. Ва он чи Аллоҳ таоло аз [амволи] аҳли ободиҳо ба паёмбараш бозгардонида [ва бахшида] аст, аз они Аллоҳ таоло ва расул ва хешовандони ӯ ва ятимон ва бенавоён ва дарроҳмондагон аст. То [ин амвол] дар миёни сарватмандони шумо даст ба даст нашавад; ва он чи ки расулуллоҳ ба шумо дод, бигиред ва аз он чи ки шуморо аз он наҳй кард, даст бардоред ва аз Аллоҳ таоло парво кунед, ки Аллоҳ таоло сахткайфар аст

لِلْفُقَرَآءِ ٱلْمُهَٰجِرِينَ ٱلَّذِينَ أُخْرِجُوا۟ مِن دِيَٰرِهِمْ وَأَمْوَٰلِهِمْ يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضْوَٰنًا وَيَنصُرُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ﴿٨﴾

8. [Ин амвол] Барои фуқарои муҳоҷире аст, ки аз хона ва амволашон берун ронда шуданд, аз Аллоҳ таоло фазл ва хушнудӣ металабанд ва Аллоҳ таоло ва паёмбарашро ёрӣ мекунанд. Онҳо ростгӯёнанд

وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلْإِيمَٰنَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِى صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِّمَّآ أُوتُوا۟ وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ ۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِۦ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٩﴾

9. Ва [низ] касоне, ки пеш аз онон дар диёри ислом [Мадина] ҷой гирифта ва имон овардаанд, афродеро, ки ба сӯяшон ҳиҷрат мекунанд, дӯст доранд ва дар дилҳои худ аз он чи [ба муҳоҷирон] дода шуда, эҳсоси ҳасад [ва ниёз] намекунанд ва эшонро бар худ муқаддам медоранд, ҳатто агар худ ниёзманд бошанд; ва касоне, ки аз бухл [-у ҳирс]-и нафси хеш дар амон бимонанд [ва дар роҳи Аллоҳ таоло инфоқ кунанд], онон растагоранд

وَٱلَّذِينَ جَآءُو مِنۢ بَعْدِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَا ٱغْفِرْ لَنَا وَلِإِخْوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلْإِيمَٰنِ وَلَا تَجْعَلْ فِى قُلُوبِنَا غِلًّا لِّلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿١٠﴾

10. Ва [низ] Касоне, ки пас аз онҳо [пас аз муҳоҷирону ансор] омадаанд, мегӯянд: «Парвардигоро, мо ва бародаронамонро, ки дар имон бар мо пешӣ гирифтанд, биёмурз ва дар дилҳоямон нисбат ба касоне, ки имон овардаанд, кинае қарор мадеҳ. Парвардигоро, бе гумон, Ту дилсӯзи меҳрубонӣ»

۞ أَلَمْ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ نَافَقُوا۟ يَقُولُونَ لِإِخْوَٰنِهِمُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ مِنْ أَهْلِ ٱلْكِتَٰبِ لَئِنْ أُخْرِجْتُمْ لَنَخْرُجَنَّ مَعَكُمْ وَلَا نُطِيعُ فِيكُمْ أَحَدًا أَبَدًا وَإِن قُوتِلْتُمْ لَنَنصُرَنَّكُمْ وَٱللَّهُ يَشْهَدُ إِنَّهُمْ لَكَٰذِبُونَ ﴿١١﴾

11. Оё мунофиқонро надидӣ, ки пайваста ба бародарони аҳли китобашон, ки куфр варзидаанд, мегӯянд: «Агар шуморо [аз сарзаминатон] берун кунанд,

мо [низ] бо шумо берун хоҳем омад ва ҳаргиз [сухани] касеро дар мавриди шумо итоат нахоҳем кард ва агар бо шумо ҷанг шавад, албатта ёритон хоҳем кард?». Аллоҳ таоло гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо дурӯғгӯ ҳастанд

لَئِنْ أُخْرِجُواْ لَا يَخْرُجُونَ مَعَهُمْ وَلَئِن قُوتِلُواْ لَا يَنصُرُونَهُمْ وَلَئِن نَّصَرُوهُمْ لَيُوَلُّنَّ ٱلْأَدْبَرَ ثُمَّ لَا يُنصَرُونَ ﴿١٢﴾

12. Агар онҳо [яҳудиён]-ро [аз ватанашон] берун кунанд, эшон ҳамроҳи онон берун намераванд ва агар бо онҳо ҷанг шавад, ёриашон нахоҳанд кард ва агар [ҳам] ёриашон кунанд, албатта, пушт [ба майдон] карда, фирор мекунанд ва дигар ёрӣ дода намешаванд

لَأَنتُمْ أَشَدُّ رَهْبَةً فِى صُدُورِهِم مِّنَ ٱللَّهِ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لَّا يَفْقَهُونَ ﴿١٣﴾

13. [Эй муъминон] Шумо, ҳатман, дар дилҳои онон беш аз Аллоҳ таоло мояи ҳаросед, зеро онон мардумоне ҳастанд, ки намефаҳманд

لَا يُقَٰتِلُونَكُمْ جَمِيعًا إِلَّا فِى قُرًى مُّحَصَّنَةٍ أَوْ مِن وَرَآءِ جُدُرٍ ۚ بَأْسُهُم بَيْنَهُمْ شَدِيدٌ ۚ تَحْسَبُهُمْ جَمِيعًا وَقُلُوبُهُمْ شَتَّىٰ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لَّا يَعْقِلُونَ ﴿١٤﴾

14. Онҳо [яҳудиён] ҳаргиз дастаҷамъӣ бо шумо намеҷанганд, магар дар рустоҳо [ва дижҳо]-и муҳкам ё аз пушти деворҳо. Ҷангашон дар миёни худашон сахт аст. Ту онҳоро муттаҳид мепиндорӣ, дар холе ки дилҳояшон пароканда аст, зеро онҳо қавме ҳастанд, ки намеандешанд

كَمَثَلِ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ قَرِيبًا ذَاقُواْ وَبَالَ أَمْرِهِمْ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿١٥﴾

15. [Достони ин яҳудиён] Монанди [достони] касонест, ки андаке пеш аз онон буданд [ва дар воқеаи Бадр] сазои кор [-и бад]-и худро чашиданд ва барои эшон азоби дардноке [дар пеш] аст

كَمَثَلِ ٱلشَّيْطَٰنِ إِذْ قَالَ لِلْإِنسَٰنِ ٱكْفُرْ فَلَمَّا كَفَرَ قَالَ إِنِّى بَرِىٓءٌ مِّنكَ إِنِّىٓ أَخَافُ ٱللَّهَ رَبَّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿١٦﴾

16. Ҳамчун [достони] шайтон аст, ҳангоме ки ба инсон гуфт: «Кофир шав»; пас, чун кофир шуд, [ба ӯ] гуфт: «Ман аз ту безорам, [чаро ки] ман аз Аллоҳ таоло - Парвардигори ҷаҳониён - метарсам»

فَكَانَ عَٰقِبَتَهُمَآ أَنَّهُمَا فِى ٱلنَّارِ خَٰلِدَيْنِ فِيهَا ۚ وَذَٰلِكَ جَزَٰٓؤُاْ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٧﴾

17. Пас, саранҷом [-и кор]-и онҳо ин шуд, ки онҳо ҳар ду дар оташи [дузах] хоҳанд буд. Ҷовидона дар он мемонанд ва ин аст кайфари ситамгорон.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَلْتَنظُرْ نَفْسٌ مَّا قَدَّمَتْ لِغَدٍ ۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ خَبِيرٌۢ بِمَا تَعْمَلُونَ ﴿١٨﴾

18. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва ҳар кас бояд бингарад,

ки барои фардо чи пеш фиристодааст ва аз Аллоҳ таоло битарсед. Бе гумон, Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст

19. Ва ҳамчун касоне набошед, ки Аллоҳро фаромӯш карданд, пас, Аллоҳ таоло [низ] ононро дучори худфаромӯшӣ сохт. Онҳо [бадкору] нофармонанд

وَلَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ نَسُواْ ٱللَّهَ فَأَنسَىٰهُمۡ أَنفُسَهُمۡۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَٰسِقُونَ ١٩

20. Ҳаргиз аҳли ҷаҳаннам ва аҳли биҳишт яксон нестанд. Аҳли биҳишт растагоранд

لَا يَسۡتَوِيٓ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِ وَأَصۡحَٰبُ ٱلۡجَنَّةِۚ أَصۡحَٰبُ ٱلۡجَنَّةِ هُمُ ٱلۡفَآئِزُونَ ٢٠

21. Агар ин Қуръонро бар кӯҳе нозил мекардем, яқинан, онро аз тарси Аллоҳ таоло фурутан ва аз ҳам пошида медидӣ; ва ин масалҳоро барои мардум мезанем, бошад, ки бияндешанд.

لَوۡ أَنزَلۡنَا هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانَ عَلَىٰ جَبَلٖ لَّرَأَيۡتَهُۥ خَٰشِعٗا مُّتَصَدِّعٗا مِّنۡ خَشۡيَةِ ٱللَّهِۚ وَتِلۡكَ ٱلۡأَمۡثَٰلُ نَضۡرِبُهَا لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمۡ يَتَفَكَّرُونَ ٢١

22. Ӯ Аллоҳ таоло аст, ки ҷуз Ӯ маъбуде [ростин] нест; донои ғайб ва ошкор аст; Ӯ бахшандаи меҳрубон аст

هُوَ ٱللَّهُ ٱلَّذِي لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ عَٰلِمُ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِۖ هُوَ ٱلرَّحۡمَٰنُ ٱلرَّحِيمُ ٢٢

23. Ӯ Аллоҳест, ки ҷуз Ӯ маъбуде [баҳақ] нест; [Ӯст] фармонраво, муназзаҳ, беайб ва нуқс, тасдиқкунандаи паёмбаронаш, мурақиб [-и аъмоли бандагонаш], қудратманди шикастнопазир, шукӯҳманду шикастдиҳандаи мутлақ, воломақому шоистаи азамат. Аллоҳ таоло аз он чи [барои Ӯ] шарик меоваранд, поку муназзаҳ аст

هُوَ ٱللَّهُ ٱلَّذِي لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡمَلِكُ ٱلۡقُدُّوسُ ٱلسَّلَٰمُ ٱلۡمُؤۡمِنُ ٱلۡمُهَيۡمِنُ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡجَبَّارُ ٱلۡمُتَكَبِّرُۚ سُبۡحَٰنَ ٱللَّهِ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ٢٣

24. Ӯ Аллоҳ таоло аст: холиқи ҳастӣ, офаридгори он аз нестӣ [ва] шаклдиҳандаи махлуқот; номҳои нек барои Ӯст. Он чи дар осмонҳо ва замин аст, тасбеҳи Ӯ мегӯянд ва Ӯ қудратманди шикастнопазир [ва] ҳаким аст.

هُوَ ٱللَّهُ ٱلۡخَٰلِقُ ٱلۡبَارِئُ ٱلۡمُصَوِّرُۖ لَهُ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰۚ يُسَبِّحُ لَهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٢٤

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ عَدُوِّى وَعَدُوَّكُمْ أَوْلِيَآءَ تُلْقُونَ إِلَيْهِم بِٱلْمَوَدَّةِ وَقَدْ كَفَرُواْ بِمَا جَآءَكُم مِّنَ ٱلْحَقِّ يُخْرِجُونَ ٱلرَّسُولَ وَإِيَّاكُمْ أَن تُؤْمِنُواْ بِٱللَّهِ رَبِّكُمْ إِن كُنتُمْ خَرَجْتُمْ جِهَـٰدًا فِى سَبِيلِى وَٱبْتِغَآءَ مَرْضَاتِى ۚ تُسِرُّونَ إِلَيْهِم بِٱلْمَوَدَّةِ وَأَنَا۠ أَعْلَمُ بِمَآ أَخْفَيْتُمْ وَمَآ أَعْلَنتُمْ ۚ وَمَن يَفْعَلْهُ مِنكُمْ فَقَدْ ضَلَّ سَوَآءَ ٱلسَّبِيلِ ﴿١﴾

1. Эй касоне, ки имон овардаед, агар барои ҷиҳод дар роҳи Ман ва талаби хушнудии Ман аз [ватани худ] берун омадаед, душмани Ману душмани худатонро дӯст магиред, ки ба онҳо меҳрубонӣ кунӣ; ва ҳол он ки онон ба дини ҳаққе, ки барои шумо омадааст, куфру инкор варзидаанд ва паёмбар ва шуморо овора кардаанд; чаро ки ба Аллоҳ таоло - Парвардигоратон - имон доред. Шумо пинҳонӣ бо онҳо пайванди дӯстӣ барқарор мекунед, дар ҳоле ки Ман ба он чи ки пинҳон медоред ва он чи ки ошкор месозед, донотарам; ва ҳар кас аз шумо, ки чунин [коре] кунад, яқинан роҳи ростро гум кардааст.

إِن يَثْقَفُوكُمْ يَكُونُواْ لَكُمْ أَعْدَآءً وَيَبْسُطُوٓاْ إِلَيْكُمْ أَيْدِيَهُمْ وَأَلْسِنَتَهُم بِٱلسُّوٓءِ وَوَدُّواْ لَوْ تَكْفُرُونَ ﴿٢﴾

2. Агар онҳо бар шумо даст ёбанд, душманонатон хоҳанд буд ва ба озоратон дасту забон мекушоянд ва дӯст доранд, ки шумо [низ] кофир гардед

لَن تَنفَعَكُمْ أَرْحَامُكُمْ وَلَآ أَوْلَـٰدُكُمْ ۚ يَوْمَ ٱلْقِيَـٰمَةِ يَفْصِلُ بَيْنَكُمْ ۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ بَصِيرٌ ﴿٣﴾

3. Рӯзи қиёмат ҳаргиз хешовандонатон ва фарзандонатон ба ҳолатон суде нахоҳанд дошт. Аллоҳ таоло дар миёни шумо ҷудоӣ меандозад ва Аллоҳ таоло ба он чи анҷом медиҳед, биност

قَدْ كَانَتْ لَكُمْ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ فِىٓ إِبْرَٰهِيمَ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ ۖ إِذْ قَالُواْ لِقَوْمِهِمْ إِنَّا بُرَءَٰٓؤُاْ مِنكُمْ وَمِمَّا تَعْبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ كَفَرْنَا بِكُمْ وَبَدَا بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمُ ٱلْعَدَٰوَةُ وَٱلْبَغْضَآءُ أَبَدًا حَتَّىٰ تُؤْمِنُواْ بِٱللَّهِ وَحْدَهُۥٓ ۖ إِلَّا قَوْلَ إِبْرَٰهِيمَ لِأَبِيهِ لَأَسْتَغْفِرَنَّ لَكَ وَمَآ أَمْلِكُ لَكَ مِنَ ٱللَّهِ مِن شَىْءٍ ۖ رَّبَّنَا عَلَيْكَ تَوَكَّلْنَا وَإِلَيْكَ أَنَبْنَا وَإِلَيْكَ ٱلْمَصِيرُ ﴿٤﴾

4. Яқинан барои шумо дар [зиндагии] Иброҳим ва касоне, ки бо ӯ буданд, сармашқи хубе вуҷуд дорад; он гоҳ ки ба қавми худ гуфтанд: «Мо аз шумо ва аз он чи ғайр аз Аллоҳ таоло мепарастед, безорем; ба шумо кофир шудаем ва миёни мо ва шумо душманӣ ва кинаи ҳамешагӣ падид омадааст, то вақте ки ба Аллоҳи ягона имон оваред», магар он сухани Иброҳим, ки ба падараш [Озар] гуфт: «Ман бароят омурзиш талаб мекунам ва дар баробари Аллоҳ таоло барои ту ихтиёри чизеро надорам».

(*) Мумтаҳана (Зани Имтиҳоншуда).

Парвардигоро, бар Ту таваккал кардем ва ба сӯйи Ту рӯй овардем ва бозгашт [-и ҳама] ба сӯи Туст.

رَبَّنَا لَا تَجۡعَلۡنَا فِتۡنَةٗ لِّلَّذِينَ كَفَرُواْ وَٱغۡفِرۡ لَنَا رَبَّنَآۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٥

5. Парвардигоро, моро дастхуши [фитнаи] кофирон қарор мадеҳ ва моро биёмурз эй Парвардигори мо; ҳамоно Ту пирӯзманди ҳакимӣ»

لَقَدۡ كَانَ لَكُمۡ فِيهِمۡ أُسۡوَةٌ حَسَنَةٞ لِّمَن كَانَ يَرۡجُواْ ٱللَّهَ وَٱلۡيَوۡمَ ٱلۡأٓخِرَۚ وَمَن يَتَوَلَّ فَإِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡغَنِيُّ ٱلۡحَمِيدُ ٦

6. Мусалламан барои шумо дар [зиндагии] онҳо [Иброҳим ва ёронаш] сармашқи хубе аст, барои касоне, ки умед ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат доранд; ва ҳар кас рӯйгардон шавад, [бидонад, ки] Аллоҳ таоло бениёзу сутуда аст

عَسَى ٱللَّهُ أَن يَجۡعَلَ بَيۡنَكُمۡ وَبَيۡنَ ٱلَّذِينَ عَادَيۡتُم مِّنۡهُم مَّوَدَّةٗۚ وَٱللَّهُ قَدِيرٞۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٧

7. Чи басо Аллоҳ таоло миёни шумо ва касоне [аз мушрикин], ки бо онҳо душманӣ доштаед, [пайванди] дӯстӣ [ва муҳаббат] барқарор кунад; ва Аллоҳ таоло тавоност; ва Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст.

لَّا يَنۡهَىٰكُمُ ٱللَّهُ عَنِ ٱلَّذِينَ لَمۡ يُقَٰتِلُوكُمۡ فِي ٱلدِّينِ وَلَمۡ يُخۡرِجُوكُم مِّن دِيَٰرِكُمۡ أَن تَبَرُّوهُمۡ وَتُقۡسِطُوٓاْ إِلَيۡهِمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُقۡسِطِينَ ٨

8. Аллоҳ таоло шуморо аз некӣ кардан ва риояти адолат нисбат ба касоне, ки дар [амри] дин бо шумо наҷангидаанд ва шуморо аз диёратон берун накардаанд, наҳӣ намекунад. Бе гумон, Аллоҳ таоло адолатпешагонро дӯст медорад

إِنَّمَا يَنۡهَىٰكُمُ ٱللَّهُ عَنِ ٱلَّذِينَ قَٰتَلُوكُمۡ فِي ٱلدِّينِ وَأَخۡرَجُوكُم مِّن دِيَٰرِكُمۡ وَظَٰهَرُواْ عَلَىٰٓ إِخۡرَاجِكُمۡ أَن تَوَلَّوۡهُمۡۚ وَمَن يَتَوَلَّهُمۡ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ٩

9. [Ӯ] Танҳо шуморо аз дӯстӣ бо касоне наҳӣ мекунад, ки дар [амри] дин бо шумо ҷангидаанд ва шуморо аз диёратон берун кардаанд ва бар берун рондани шумо [ба дигарон] кумак кардаанд; ва ҳар кас бо онон дӯстӣ кунад, ононанд, ки ситамгоронанд.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا جَآءَكُمُ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتُ مُهَٰجِرَٰتٖ فَٱمۡتَحِنُوهُنَّۖ ٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِإِيمَٰنِهِنَّۖ فَإِنۡ عَلِمۡتُمُوهُنَّ مُؤۡمِنَٰتٖ فَلَا تَرۡجِعُوهُنَّ إِلَى ٱلۡكُفَّارِۖ لَا هُنَّ حِلّٞ لَّهُمۡ وَلَا هُمۡ يَحِلُّونَ لَهُنَّۖ وَءَاتُوهُم مَّآ أَنفَقُواْۚ وَلَا جُنَاحَ عَلَيۡكُمۡ أَن تَنكِحُوهُنَّ إِذَآ ءَاتَيۡتُمُوهُنَّ أُجُورَهُنَّۚ وَلَا تُمۡسِكُواْ بِعِصَمِ ٱلۡكَوَافِرِ وَسۡـَٔلُواْ مَآ أَنفَقۡتُمۡ وَلۡيَسۡـَٔلُواْ مَآ أَنفَقُواْۚ ذَٰلِكُمۡ حُكۡمُ ٱللَّهِ يَحۡكُمُ بَيۡنَكُمۡۚ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٞ ١٠

10. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки занони муъмини муҳоҷир ба назди шумо меоянд, онҳоро биозмоед; Аллоҳ таоло ба имонашон донотар аст. Пас, агар онҳоро [занони] муъмин ёфтед, эшонро ба сӯйи кофирон бознагардонед. На он занон бар эшон [кофирон] ҳалоланд ва на он [мардон] бар ин занони ҳалол; ва ҳар чи [шавҳарони кофир] харҷи [ин занон] кардаанд, ба онҳо бидиҳед; ва бар шумо гуноҳе нест, ки

пас аз он ки маҳрияҳояшонро пардохтед, бо онон издивоҷ кунед; ва ба [нигаҳ доштани пайванди заношӯӣ бо] занони кофир дил набандед; [ва чун занони шумо назди онон раванд, раҳояшон кунед] ва он чиро харҷ кардаед, [аз эшон] мутолиба кунед; ва [кофирон низ] он чиро харҷ кардаанд, мутолиба кунанд. Ин ҳукми Аллоҳ таоло аст, ки дар миёни шумо доварӣ мекунад; ва Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

وَإِن فَاتَكُمْ شَيْءٌ مِّنْ أَزْوَٰجِكُمْ إِلَى ٱلْكُفَّارِ فَعَاقَبْتُمْ فَـَٔاتُوا۟ ٱلَّذِينَ ذَهَبَتْ أَزْوَٰجُهُم مِّثْلَ مَآ أَنفَقُوا۟ ۚ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ ٱلَّذِىٓ أَنتُم بِهِۦ مُؤْمِنُونَ ﴿١١﴾

11. Агар яке аз ҳамсарони шумо ба сӯйи кофирон рафт, он гоҳ шумо [дар ҷанг бар онон пирӯз шудед ва] ба интиқом аз кофирон бархостед, пас, ба касоне, ки ҳамсаронашон [ба сӯйи куффор] рафтаанд, ҳаммонанди он чиро, ки харҷ кардаанд, [аз ғаноим] бипардозед; ва аз Аллоҳе, ки шумо ба Ӯ имон доред, парво кунед

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِىُّ إِذَا جَآءَكَ ٱلْمُؤْمِنَـٰتُ يُبَايِعْنَكَ عَلَىٰٓ أَن لَّا يُشْرِكْنَ بِٱللَّهِ شَيْـًٔا وَلَا يَسْرِقْنَ وَلَا يَزْنِينَ وَلَا يَقْتُلْنَ أَوْلَـٰدَهُنَّ وَلَا يَأْتِينَ بِبُهْتَـٰنٍ يَفْتَرِينَهُۥ بَيْنَ أَيْدِيهِنَّ وَأَرْجُلِهِنَّ وَلَا يَعْصِينَكَ فِى مَعْرُوفٍ فَبَايِعْهُنَّ وَٱسْتَغْفِرْ لَهُنَّ ٱللَّهَ ۖ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١٢﴾

12. Эй Паёмбар, ҳангоме ки занони муъмин назди ту омаданд, то бо ту байъат кунанд, ки чизеро бо Аллоҳ таоло шарик насозанд ва дуздӣ накунанд ва муртакиби зино нашаванд ва фарзандони худро накушанд ва фарзандеро ба дурӯғ ба шавҳаронашон нисбат надиҳанд ва дар корҳои нек аз ту нофармонӣ накунанд, бо онон байъат кун ва аз Аллоҳ таоло барояшон омурзиш бихоҳ. Бе гумон, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا تَتَوَلَّوْا۟ قَوْمًا غَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيْهِمْ قَدْ يَئِسُوا۟ مِنَ ٱلْـَٔاخِرَةِ كَمَا يَئِسَ ٱلْكُفَّارُ مِنْ أَصْحَـٰبِ ٱلْقُبُورِ ﴿١٣﴾

13. Эй касоне, ки имон овардаед, бо қавме, ки Аллоҳ таоло бар онон хашм [-у ғазаб] гирифтааст, дӯстӣ накунед. Онҳо аз охират маъюсанд, ҳамон гуна ки кофирон аз гӯрхуфтагон [мурдагони дар гӯристон дафншуда] маъюсанд

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ ۖ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ ﴿١﴾

1. Он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин аст, тасбеҳи Аллоҳ таоло мегӯянд ва Ӯ пирӯзманди ҳаким аст

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لِمَ تَقُولُونَ مَا لَا تَفْعَلُونَ ﴿٢﴾

2. Эй касоне, ки имон овардаед, чаро чизеро мегӯед, ки [ба он] амал намекунед?

كَبُرَ مَقْتًا عِندَ اللَّهِ أَن تَقُولُوا مَا لَا تَفْعَلُونَ ﴿٣﴾

3. Назди Аллоҳ таоло сахт нописанд [ва муҷиби хашм] аст, ки чизеро бигӯед, ки [ба он] амал намекунед.

إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الَّذِينَ يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِهِ صَفًّا كَأَنَّهُم بُنْيَانٌ مَّرْصُوصٌ ﴿٤﴾

4. Бе гумон, Аллоҳ таоло касонеро, ки чун бинои оҳанин саф баста [ва] дар роҳи Ӯ пайкор мекунанд, дӯст медорад

وَإِذْ قَالَ مُوسَىٰ لِقَوْمِهِ يَا قَوْمِ لِمَ تُؤْذُونَنِي وَقَد تَّعْلَمُونَ أَنِّي رَسُولُ اللَّهِ إِلَيْكُمْ ۖ فَلَمَّا زَاغُوا أَزَاغَ اللَّهُ قُلُوبَهُمْ ۚ وَاللَّهُ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الْفَاسِقِينَ ﴿٥﴾

5. Ва [эй Паёмбар, ба ёд овар] ҳангомеро, ки Мӯсо ба қавмаш гуфт: «Эй қавми ман, чаро маро озор [ва азият] мерасонед, дар ҳоле ки медонед, бе гумон, ман фиристодаи Аллоҳ таоло ба сӯи шумо ҳастам?». Пас, чун онон [аз ҳақ] мунҳариф шуданд, Аллоҳ таоло дилҳояшонро мунҳариф сохт; ва Аллоҳ таоло қавми нофармонро ҳидоят намекунад.

وَإِذْ قَالَ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ إِنِّي رَسُولُ اللَّهِ إِلَيْكُم مُّصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيَّ مِنَ التَّوْرَاةِ وَمُبَشِّرًا بِرَسُولٍ يَأْتِي مِن بَعْدِي اسْمُهُ أَحْمَدُ ۖ فَلَمَّا جَاءَهُم بِالْبَيِّنَاتِ قَالُوا هَٰذَا سِحْرٌ مُّبِينٌ ﴿٦﴾

6. Ва [ёдовар бош] ҳангоме ки Исо писари Марям гуфт: «Эй Бани Исроил, бе гумон, ман фиристодаи Аллоҳ таоло ба сӯйи шумо ҳастам. Он чи аз Таврот, ки пеш аз ман буда тасдиқ мекунам ва [низ] муждадиҳанда ба расуле ҳастам, ки баъд аз ман меояд ва номаш «Аҳмад» аст». Пас ҳангоме ки ӯ [Аҳмад] бо муъҷизаҳо [ва далоили равшан] ба сӯи онон омад, гуфтанд: «Ин ҷодуи ошкор аст».

وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنِ افْتَرَىٰ عَلَى اللَّهِ الْكَذِبَ وَهُوَ يُدْعَىٰ إِلَى الْإِسْلَامِ ۚ وَاللَّهُ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ ﴿٧﴾

7. Чи касе ситамгортар аз он касе аст, ки бар Аллоҳ таоло дурӯғ бубандад, дар ҳоле ки ба [дини] ислом даъват мешавад? Ва Аллоҳ таоло гурӯҳи ситамгоронро ҳидоят намекунад.

يُرِيدُونَ لِيُطْفِـُٔوا۟ نُورَ ٱللَّهِ بِأَفْوَٰهِهِمْ وَٱللَّهُ مُتِمُّ نُورِهِۦ وَلَوْ كَرِهَ ٱلْكَٰفِرُونَ ﴿٨﴾

8. Онҳо мехоҳанд нури Аллоҳро бо даҳони худ хомӯш кунанд, вале Аллоҳ таоло комилкунандаи нури хеш аст; ҳарчанд кофирон хуш надошта бошанд.

هُوَ ٱلَّذِىٓ أَرْسَلَ رَسُولَهُۥ بِٱلْهُدَىٰ وَدِينِ ٱلْحَقِّ لِيُظْهِرَهُۥ عَلَى ٱلدِّينِ كُلِّهِۦ وَلَوْ كَرِهَ ٱلْمُشْرِكُونَ ﴿٩﴾

9. Ӯст, ки Паёмбарашро бо ҳидояту дини ҳақ фиристодааст, то онро бар ҳамаи адён пирӯз гардонад, ҳарчанд мушрикон нохушнуд бошанд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ هَلْ أَدُلُّكُمْ عَلَىٰ تِجَٰرَةٍ تُنجِيكُم مِّنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿١٠﴾

10. Эй касоне, ки имон овардаед, оё [мехоҳед] шуморо ба тиҷорате роҳнамоӣ кунам, ки шуморо аз азоби дарднок наҷот диҳад?

تُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَتُجَٰهِدُونَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ بِأَمْوَٰلِكُمْ وَأَنفُسِكُمْ ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿١١﴾

11. Ба Аллоҳ таоло ва паёмбараш имон биёваред ва бо амвол ва ҷонҳоятон дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод кунед. Агар бидонед, ин [кор] барои шумо беҳтар аст.

يَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ وَيُدْخِلْكُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ وَمَسَٰكِنَ طَيِّبَةً فِى جَنَّٰتِ عَدْنٍ ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٢﴾

12. [Агар чунин кардед, Аллоҳ таоло] гуноҳонатонро мебахшад ва шуморо дар боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунад, ки ҷӯйборон аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст ва дар хонаҳои покиза дар биҳишт ҷовидон [ҷой медиҳад]. Ин комёбии бузурге аст.

وَأُخْرَىٰ تُحِبُّونَهَا ۖ نَصْرٌ مِّنَ ٱللَّهِ وَفَتْحٌ قَرِيبٌ ۗ وَبَشِّرِ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٣﴾

13. Ва [неъмати] дигаре, ки онро дӯст доред, [низ ба шумо иноят мефармояд, ки ҳамоно] ёрӣ аз сӯйи Аллоҳ таоло ва пирӯзии наздик аст; ва муъминонро [ба ин пирӯзӣ] башорат деҳ.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ كُونُوٓا۟ أَنصَارَ ٱللَّهِ كَمَا قَالَ عِيسَى ٱبْنُ مَرْيَمَ لِلْحَوَارِيِّـۧنَ مَنْ أَنصَارِىٓ إِلَى ٱللَّهِ ۖ قَالَ ٱلْحَوَارِيُّونَ نَحْنُ أَنصَارُ ٱللَّهِ ۖ فَـَٔامَنَت طَّآئِفَةٌ مِّنۢ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ وَكَفَرَت طَّآئِفَةٌ ۖ فَأَيَّدْنَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ عَلَىٰ عَدُوِّهِمْ فَأَصْبَحُوا۟ ظَٰهِرِينَ ﴿١٤﴾

14. Эй касоне, ки имон овардаед, ёварони [дини] Аллоҳ таоло бошед; ҳамон гуна ки Исо - писари Марям - ба ҳавориюн гуфт: «Чи касоне ёварони ман [дар даъват] ба сӯи Аллоҳ таоло ҳастанд?». Ҳавориюн гуфтанд: «Мо ёварони [дини] Аллоҳ таоло ҳастем». Пас, гурӯҳе аз Бани Исроил имон оварданд ва гурӯҳе кофир шуданд. Он гоҳ мо касонеро, ки имон оварда буданд, бар душманонашон неру [ва тавоноӣ] додем, ва саранҷом пирӯз шуданд

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يُسَبِّحُ لِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلْأَرْضِ ٱلْمَلِكِ ٱلْقُدُّوسِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْحَكِيمِ ﴿١﴾

1. Он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин аст, тасбеҳи Аллоҳ таоло мегӯянд; [Аллоҳ таоло] ки фармонраво, муназзаҳ [ва] пирӯзманду ҳаким аст

هُوَ ٱلَّذِي بَعَثَ فِي ٱلْأُمِّيِّـۧنَ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُواْ عَلَيْهِمْ ءَايَٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَإِن كَانُواْ مِن قَبْلُ لَفِي ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٢﴾

2. Ӯст, ки аз миёни бесаводон Паёмбаре аз миёни худашон барангехт, ки оятҳояшро бар онҳо бихонад ва эшонро пок гардонад ва ба онон Китоб [Қуръон] ва ҳикмат биёмӯзад; агарчи пеш аз ин дар гумроҳии ошкор буданд

وَءَاخَرِينَ مِنْهُمْ لَمَّا يَلْحَقُواْ بِهِمْ ۚ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٣﴾

3. Ва [ин Паёмбар] бар гурӯҳи дигаре аз онон [низ мабъус шудааст], ки ҳанӯз ба онҳо [наслҳои пешин] напайвастаанд; ва Ӯ шикастнопазири ҳаким аст

ذَٰلِكَ فَضْلُ ٱللَّهِ يُؤْتِيهِ مَن يَشَآءُ ۚ وَٱللَّهُ ذُو ٱلْفَضْلِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٤﴾

4. Ин фазли Аллоҳ таоло аст, ки онро ба ҳар кас, ки бихоҳад, мебахшад; ва Аллоҳ таоло дорои фазли азим аст

مَثَلُ ٱلَّذِينَ حُمِّلُواْ ٱلتَّوْرَىٰةَ ثُمَّ لَمْ يَحْمِلُوهَا كَمَثَلِ ٱلْحِمَارِ يَحْمِلُ أَسْفَارًۢا ۚ بِئْسَ مَثَلُ ٱلْقَوْمِ ٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ ۚ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِي ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥﴾

5. Масали касоне, ки [амал ба] Таврот ба онон таклиф шуд, вале онро [чунончи бояду шояд] риоя накарданд, ҳамчун харест, ки китобҳоеро ҳамл мекунад [аммо аз он чизе намефаҳмад]. Чи бад аст масали гурӯҳе, ки оёти илоҳиро такзиб карданд! Ва Аллоҳ таоло гурӯҳи ситамгоронро ҳидоят намекунад

قُلْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ هَادُوٓاْ إِن زَعَمْتُمْ أَنَّكُمْ أَوْلِيَآءُ لِلَّهِ مِن دُونِ ٱلنَّاسِ فَتَمَنَّوُاْ ٱلْمَوْتَ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٦﴾

6. Бигӯ: «Эй яҳудиён, агар гумон доред, ки [танҳо] шумо дӯстони Аллоҳ таоло ҳастед, на мардуми дигар, пас, агар рост мегӯед, орзуи марг кунед»

وَلَا يَتَمَنَّوْنَهُۥٓ أَبَدًۢا بِمَا قَدَّمَتْ أَيْدِيهِمْ ۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌۢ بِٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٧﴾

7. Вале онҳо ба хотири он чи аз пеш фиристодаанд, ҳаргиз он орзуро нахоҳанд кард; ва Аллоҳ таоло [аз ҳоли] ситамгорон огоҳ аст

قُلْ إِنَّ ٱلْمَوْتَ ٱلَّذِى تَفِرُّونَ مِنْهُ فَإِنَّهُۥ مُلَٰقِيكُمْ ثُمَّ تُرَدُّونَ إِلَىٰ عَٰلِمِ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٨﴾

8. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Он марге, ки аз он фирор мекунед, яқинан, ба шумо хоҳад расид, сипас ба сӯйи [Аллоҳ таоло он] донои ғайб ва ошкор бозгардонда мешавед; он гоҳ шуморо аз он чи анҷом медодед, огоҳ месозад»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِذَا نُودِىَ لِلصَّلَوٰةِ مِن يَوْمِ ٱلْجُمُعَةِ فَٱسْعَوْا۟ إِلَىٰ ذِكْرِ ٱللَّهِ وَذَرُوا۟ ٱلْبَيْعَ ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٩﴾

9. Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки дар рӯзи ҷумъа барои намоз азон гуфта шавад, ба сӯйи [намозу] зикри Аллоҳ таоло бишитобед ва хариду фурӯшро раҳо кунед. Агар бидонед, ин барои шумо беҳтар аст

فَإِذَا قُضِيَتِ ٱلصَّلَوٰةُ فَٱنتَشِرُوا۟ فِى ٱلْأَرْضِ وَٱبْتَغُوا۟ مِن فَضْلِ ٱللَّهِ وَٱذْكُرُوا۟ ٱللَّهَ كَثِيرًا لَّعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ﴿١٠﴾

10. Пас, ҳангоме ки намоз поён ёфт, [барои касби ризқу рӯзӣ] дар замин пароканда шавед ва аз фазли Аллоҳ таоло талаб кунед; ва Аллоҳро бисёр ёд кунед, то растагор шавед

وَإِذَا رَأَوْا۟ تِجَٰرَةً أَوْ لَهْوًا ٱنفَضُّوٓا۟ إِلَيْهَا وَتَرَكُوكَ قَآئِمًا ۚ قُلْ مَا عِندَ ٱللَّهِ خَيْرٌ مِّنَ ٱللَّهْوِ وَمِنَ ٱلتِّجَٰرَةِ ۚ وَٱللَّهُ خَيْرُ ٱلرَّٰزِقِينَ ﴿١١﴾

11. [Эй Паёмбар, бархе аз ин мардум] Ҳангоме ки тиҷорат ё саргармие бубинанд, [аз атрофи ту] ба сӯйи он пароканда мешаванд ва туро истода [бар минбар] раҳо мекунанд. Бигӯ: «Он чи дар назди Аллоҳ таоло аст, беҳтар аз саргармӣ ва тиҷорат аст; ва Аллоҳ таоло беҳтарин рӯзидиҳанда аст»

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

إِذَا جَآءَكَ ٱلْمُنَٰفِقُونَ قَالُوا۟ نَشْهَدُ إِنَّكَ لَرَسُولُ ٱللَّهِ ۘ وَٱللَّهُ يَعْلَمُ إِنَّكَ لَرَسُولُهُۥ ۗ وَٱللَّهُ يَشْهَدُ إِنَّ ٱلْمُنَٰفِقِينَ لَكَٰذِبُونَ ﴿١﴾

1. Ҳангоме ки мунофиқон назди ту оянд, [савганд мехӯранд ва] мегӯянд: «Мо гувоҳӣ медиҳем, ки, яқинан, ту фиристодаи Аллоҳ таоло ҳастӣ»; ва Аллоҳ таоло медонад, ки бе гумон, ту фиристодаи Ӯ ҳастӣ ва Аллоҳ таоло гувоҳӣ медиҳад, ки мунофиқон, яқинан, дурӯғгӯ ҳастанд

ٱتَّخَذُوٓا۟ أَيْمَٰنَهُمْ جُنَّةً فَصَدُّوا۟ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ إِنَّهُمْ سَآءَ مَا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿٢﴾

2. Онҳо савгандҳои худро сипар қарор доданд, пас, [мардумро] аз роҳи Аллоҳ таоло боздоштанд. Ростӣ, ки онон чи бад мекунанд!

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ ءَامَنُوا۟ ثُمَّ كَفَرُوا۟ فَطُبِعَ عَلَىٰ قُلُوبِهِمْ فَهُمْ لَا يَفْقَهُونَ ﴿٣﴾

3. Ин бад-он хотир аст, ки онҳо имон оварданд, сипас кофир шуданд, он гоҳ бар дилҳояшон муҳр ниҳода шуда, пас, дарнамеёбанд

۞ وَإِذَا رَأَيْتَهُمْ تُعْجِبُكَ أَجْسَامُهُمْ ۖ وَإِن يَقُولُوا۟ تَسْمَعْ لِقَوْلِهِمْ ۖ كَأَنَّهُمْ خُشُبٌ مُّسَنَّدَةٌ ۖ يَحْسَبُونَ كُلَّ صَيْحَةٍ عَلَيْهِمْ ۚ هُمُ ٱلْعَدُوُّ فَٱحْذَرْهُمْ ۚ قَٰتَلَهُمُ ٱللَّهُ ۖ أَنَّىٰ يُؤْفَكُونَ ﴿٤﴾

4. Ва ҳангоме ки онҳоро бубинӣ, ҷисм [ва чеҳра]-ашон туро ба шигифт оварад ва агар [сухан] гӯянд, [ба хотири фасоҳати каломашон] ба суханонашон гӯш медиҳӣ. Гӯё, онҳо чӯбҳои такядода ба деворанд, ҳар бонгеро алайҳи худ мепиндоранд. Онон душман [-и ҳақиқӣ] ҳастанд; пас, аз онон бар ҳазар бош. Аллоҳ таоло онҳоро бикушад! Чи гуна [аз ҳақ] мунҳариф мешаванд?

وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ تَعَالَوْا۟ يَسْتَغْفِرْ لَكُمْ رَسُولُ ٱللَّهِ لَوَّوْا۟ رُءُوسَهُمْ وَرَأَيْتَهُمْ يَصُدُّونَ وَهُم مُّسْتَكْبِرُونَ ﴿٥﴾

5. Ва ҳангоме ки ба онҳо гуфта шавад: «Биёед, то расулуллоҳ барои шумо омурзиш бихоҳад», сарҳои худро такон медиҳанд ва онҳоро мебинӣ, ки [аз суханони ту] рӯйгардон мешаванд ва такаббур меварзанд

سَوَآءٌ عَلَيْهِمْ أَسْتَغْفَرْتَ لَهُمْ أَمْ لَمْ تَسْتَغْفِرْ لَهُمْ لَن يَغْفِرَ ٱللَّهُ لَهُمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلْفَٰسِقِينَ ﴿٦﴾

6. Барои онҳо яксон аст, ки барояшон омурзиш бихоҳӣ ё нахоҳӣ; Аллоҳ таоло ҳаргиз ононро намебахшад. Бе гумон, Аллоҳ таоло қавми нофармонро ҳидоят намекунад

هُمُ ٱلَّذِينَ يَقُولُونَ لَا تُنفِقُواْ عَلَىٰ مَنۡ عِندَ رَسُولِ ٱللَّهِ حَتَّىٰ يَنفَضُّواْۗ وَلِلَّهِ خَزَآئِنُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَلَٰكِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ لَا يَفۡقَهُونَ ٧

7. Онҳо касоне ҳастанд, ки мегӯянд: «Ба онон, ки назди Расулуллоҳ ҳастанд, [чизе] инфоқ накунед, то [аз гирди ӯ] пароканда шаванд; ҳоло онки ганҷинаҳои осмон ва замин аз они Аллоҳ таоло аст, вале мунофиқон дарнамеёбанд

يَقُولُونَ لَئِن رَّجَعۡنَآ إِلَى ٱلۡمَدِينَةِ لَيُخۡرِجَنَّ ٱلۡأَعَزُّ مِنۡهَا ٱلۡأَذَلَّۚ وَلِلَّهِ ٱلۡعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِۦ وَلِلۡمُؤۡمِنِينَ وَلَٰكِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ لَا يَعۡلَمُونَ ٨

8. Онҳо мегӯянд: «Агар ба Мадина бозгардем, яқинан соҳибони иззат фурумоягонро аз он ҷо берун мекунанд»; дар ҳоле ки иззат аз они Аллоҳ таоло ва фиристодаи Ӯ ва муъминон аст; вале мунофиқон намедонанд

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُلۡهِكُمۡ أَمۡوَٰلُكُمۡ وَلَآ أَوۡلَٰدُكُمۡ عَن ذِكۡرِ ٱللَّهِۚ وَمَن يَفۡعَلۡ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ ٩

9. Эй касоне, ки имон овардаед, амволу фарзандонатон шуморо аз ёди Аллоҳ таоло ғофил накунад; ва ҳар кас, ки чунин кунад, онон зиёнкоранд

وَأَنفِقُواْ مِن مَّا رَزَقۡنَٰكُم مِّن قَبۡلِ أَن يَأۡتِيَ أَحَدَكُمُ ٱلۡمَوۡتُ فَيَقُولَ رَبِّ لَوۡلَآ أَخَّرۡتَنِيٓ إِلَىٰٓ أَجَلٖ قَرِيبٖ فَأَصَّدَّقَ وَأَكُن مِّنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ١٠

10. Ва аз он чи ба шумо рӯзӣ додаем, [дар роҳи Аллоҳ таоло] инфоқ кунед, пеш аз он ки марг ба суроғи яке аз шумо ояд ва бигӯяд: «Парвардигоро, эй кош [марги] маро муддати каме ба таъхир меандохтӣ, то [дар роҳи ту] садақа диҳам ва аз накукорон бошам»

وَلَن يُؤَخِّرَ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِذَا جَآءَ أَجَلُهَاۚ وَٱللَّهُ خَبِيرُۢ بِمَا تَعۡمَلُونَ ١١

11. Ва[-ле] ҳар кас аҷалаш фаро расад, ҳаргиз Аллоҳ таоло [онро] ба таъхир намеандозад, ва Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, огоҳ аст

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يُسَبِّحُ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ ۖ لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ ۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ ﴿١﴾

1. Он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин аст, ҳама тасбеҳи Аллоҳ таоло мегӯянд. Фармонравоӣ аз они Ӯст ва сипос [-у ситоиш низ] аз они Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз тавоност

هُوَ الَّذِي خَلَقَكُمْ فَمِنكُمْ كَافِرٌ وَمِنكُم مُّؤْمِنٌ ۚ وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ بَصِيرٌ ﴿٢﴾

2. Ӯст, ки шуморо офарид; пас, [гурӯҳе] аз шумо кофиранд ва [гурӯҳе] аз шумо муъмин ҳастанд; ва Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, огоҳ аст

خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ بِالْحَقِّ وَصَوَّرَكُمْ فَأَحْسَنَ صُوَرَكُمْ ۖ وَإِلَيْهِ الْمَصِيرُ ﴿٣﴾

3. Осмонҳо ва заминро ба ҳақ офарид ва шуморо [дар раҳими модаронатон] шаклу сурат бахшид. Пас, шаклу сурататонро наку [ва зебо] гардонд, ва бозгашт [-и ҳама] ба сӯйи Ӯст

يَعْلَمُ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَيَعْلَمُ مَا تُسِرُّونَ وَمَا تُعْلِنُونَ ۚ وَاللَّهُ عَلِيمٌ بِذَاتِ الصُّدُورِ ﴿٤﴾

4. Он чиро, ки дар осмонҳо ва замин аст медонад ва он чиро пинҳон медоред ва он чиро ки ошкор мекунед, [низ] медонад; ва Аллоҳ таоло аз он чи дар синаҳост, огоҳ аст

أَلَمْ يَأْتِكُمْ نَبَؤُا الَّذِينَ كَفَرُوا مِن قَبْلُ فَذَاقُوا وَبَالَ أَمْرِهِمْ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٥﴾

5. Оё хабари касонеро, ки пеш аз ин кофир шуданд, ба шумо нарасидааст? Онҳо [таъми] кайфари кори худро чашиданд ва азоби дардноке хоҳанд дошт

ذَٰلِكَ بِأَنَّهُ كَانَت تَّأْتِيهِمْ رُسُلُهُم بِالْبَيِّنَاتِ فَقَالُوا أَبَشَرٌ يَهْدُونَنَا فَكَفَرُوا وَتَوَلَّوا ۚ وَّاسْتَغْنَى اللَّهُ ۚ وَاللَّهُ غَنِيٌّ حَمِيدٌ ﴿٦﴾

6. Ин бад-он сабаб аст, ки паёмбаронашон бо муъҷизот [ва далоили равшан] ба сӯйи онон омаданд, пас, [онҳо аз рӯи такаббур] гуфтанд: «Оё башаре [монанди мо] мехоҳад ҳидоятамон кунад?». Он гоҳ кофир шуданд ва рӯй гардонданд ва Аллоҳ таоло [аз онон ва имонашон] бениёз буд; ва Аллоҳ таоло бениёзи сутуда аст

زَعَمَ الَّذِينَ كَفَرُوا أَن لَّن يُبْعَثُوا ۚ قُلْ بَلَىٰ وَرَبِّي لَتُبْعَثُنَّ ثُمَّ لَتُنَبَّؤُنَّ بِمَا عَمِلْتُمْ ۚ وَذَٰلِكَ عَلَى اللَّهِ يَسِيرٌ ﴿٧﴾

7. Касоне, ки кофир шуданд, гумон бурданд, ки ҳаргиз барангехта нахоҳанд шуд. Бигӯ: «Оре;

(*) Тағобун (Рӯзе ки муъмин аз кофир ҷудо мешавад).

ба Парвардигорам савганд, яқинан [ҳама] барангехта хоҳед шуд; он гоҳ аз он чи мекардед, ба шумо хабар хоҳанд дод ва ин [кор] бар Аллоҳ таоло осон аст»

فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَٱلنُّورِ ٱلَّذِيٓ أَنزَلۡنَاۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ خَبِيرٞ ٨

8. Пас, ба Аллоҳ таоло ва Паёмбараш ва нуре, ки нозил кардаем, имон биёваред; ва Аллоҳ таоло аз он чи мекунед, огоҳ аст.

يَوۡمَ يَجۡمَعُكُمۡ لِيَوۡمِ ٱلۡجَمۡعِۖ ذَٰلِكَ يَوۡمُ ٱلتَّغَابُنِۗ وَمَن يُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ وَيَعۡمَلۡ صَٰلِحٗا يُكَفِّرۡ عَنۡهُ سَيِّـَٔاتِهِۦ وَيُدۡخِلۡهُ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۚ ذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ٩

9. Рӯзе, ки ҳамаи шуморо [дар маҳшар] гирд меоварад. Он рӯз рӯзи зиёнкоре аст ва ҳар кас ба Аллоҳ таоло имон оварад ва корҳои шоиста анҷом диҳад, гуноҳони ӯро мебахшад ва ӯро ба боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунад, ки ҷӯйборҳо зери [дарахтони] он ҷорӣ аст; ҷовидона дар он мемонанд. Ин комёбии бузург аст.

وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَكَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَآ أُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِ خَٰلِدِينَ فِيهَاۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ١٠

10. Ва касоне, ки кофир шуданд ва оёти Моро такзиб карданд, онон аҳли оташ [-и дузах]-анд ва ҷовидона дар он мемонанд; ва чи бад [саранҷом ва] ҷойгоҳе аст!

مَآ أَصَابَ مِن مُّصِيبَةٍ إِلَّا بِإِذۡنِ ٱللَّهِۗ وَمَن يُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ يَهۡدِ قَلۡبَهُۥۚ وَٱللَّهُ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٞ ١١

11. Ҳеҷ мусибате [ба инсон] намерасад, магар ба ҳукм [-у фармони] Аллоҳ таоло; ва ҳар кас ба Аллоҳ таоло имон оварад, [Аллоҳ таоло] қалбашро ҳидоят мекунад; ва Аллоҳ таоло ба ҳама чиз доност.

وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَۚ فَإِن تَوَلَّيۡتُمۡ فَإِنَّمَا عَلَىٰ رَسُولِنَا ٱلۡبَلَٰغُ ٱلۡمُبِينُ ١٢

12. Аз Аллоҳ таоло итоат кунед ва расулро [низ] итоат кунед. Пас, агар рӯй бигардонед, [бидонед, ки] фиристодаи Мо вазифае ҷуз иблоғи ошкор надорад.

ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۚ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلۡيَتَوَكَّلِ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ١٣

13. Аллоҳ таоло аст, ки ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест; пас муъминон бояд бар Аллоҳ таоло таваккал кунанд.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّ مِنۡ أَزۡوَٰجِكُمۡ وَأَوۡلَٰدِكُمۡ عَدُوّٗا لَّكُمۡ فَٱحۡذَرُوهُمۡۚ وَإِن تَعۡفُواْ وَتَصۡفَحُواْ وَتَغۡفِرُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٌ ١٤

14. Эй касоне, ки имон овардаед, ба ростӣ, ки [баъзе] аз ҳамсаронатон ва фарзандонатон душманони шумо ҳастанд; пас, аз онҳо барҳазар бошед; ва агар афв кунед ва чашм бипӯшед ва бибахшед, бе гумон, Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст.

إِنَّمَآ أَمۡوَٰلُكُمۡ وَأَوۡلَٰدُكُمۡ فِتۡنَةٞۚ وَٱللَّهُ عِندَهُۥٓ أَجۡرٌ عَظِيمٞ ١٥

15. Ҷуз ин нест, ки амволу фарзандонатон василаи омурзиши [шумо] ҳастанд; ва Аллоҳ таоло аст, ки подоши бузург назди Ӯст.

فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ مَا ٱسۡتَطَعۡتُمۡ وَٱسۡمَعُواْ وَأَطِيعُواْ وَأَنفِقُواْ خَيۡرٗا لِّأَنفُسِكُمۡۗ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفۡسِهِۦ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ١٦

16. Пас то он ҷо ки метавонед, аз Аллоҳ таоло парво кунед ва [ҳақро] бишнавед ва фармон баред ва инфоқ кунед, ки барои худи шумо беҳтар аст; ва касоне, ки аз бухлу ҳирси нафси хеш дар амон бимонанд, ононанд, ки растагоранд.

إِن تُقۡرِضُواْ ٱللَّهَ قَرۡضٗا حَسَنٗا يُضَٰعِفۡهُ لَكُمۡ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡۚ وَٱللَّهُ شَكُورٌ حَلِيمٌ ١٧

17. Агар ба Аллоҳ таоло қарзи наку диҳед, онро барои шумо афзун мекунад ва шуморо меомурзад; ва Аллоҳ таоло қадршиноси бурдбор аст.

عَٰلِمُ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ١٨

18. [Ӯ] Донои ниҳону ошкор [ва] бузургу баландмартаба аст

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ إِذَا طَلَّقْتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَطَلِّقُوهُنَّ لِعِدَّتِهِنَّ وَأَحْصُواْ ٱلْعِدَّةَۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ رَبَّكُمْۖ لَا تُخْرِجُوهُنَّ مِنۢ بُيُوتِهِنَّ وَلَا يَخْرُجْنَ إِلَّآ أَن يَأْتِينَ بِفَٰحِشَةٖ مُّبَيِّنَةٖۚ وَتِلْكَ حُدُودُ ٱللَّهِۚ وَمَن يَتَعَدَّ حُدُودَ ٱللَّهِ فَقَدْ ظَلَمَ نَفْسَهُۥۚ لَا تَدْرِي لَعَلَّ ٱللَّهَ يُحْدِثُ بَعْدَ ذَٰلِكَ أَمْرٗا ١

1. Эй Паёмбар, ҳаргоҳ хостед занонро талоқ диҳед, пас, онҳоро дар замони [оғози] идда талоқ диҳед ва ҳисоби иддаро нигаҳ доред ва аз Аллоҳ таоло, ки Парвардигори шумост, парво кунед. На шумо онҳоро аз хонаҳояшон берун кунед ва на онҳо берун раванд; магар он ки кори зишти ошкоре муртакиб шаванд; ва ин ҳудуди [аҳкоми] Аллоҳ таоло аст ва ҳар кас аз ҳудуди Аллоҳ таоло таҷовуз кунад, мусалламан, ба худ ситам кардааст. Ту намедонӣ, шояд Аллоҳ таоло пас аз он, вазъи тозае фароҳам оварад [ки ба сулҳу оштӣ мунҷар шавад]

فَإِذَا بَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ فَأَمْسِكُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ أَوْ فَارِقُوهُنَّ بِمَعْرُوفٖ وَأَشْهِدُواْ ذَوَيْ عَدْلٖ مِّنكُمْ وَأَقِيمُواْ ٱلشَّهَٰدَةَ لِلَّهِۚ ذَٰلِكُمْ يُوعَظُ بِهِۦ مَن كَانَ يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْأٓخِرِۚ وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يَجْعَل لَّهُۥ مَخْرَجٗا ٢

2. Пас, чун [онҳоро талоқ додед ва] иддаашон ба сар расид, эшонро ба тарзи шоистае нигаҳ доред ё ба тарзи шоистае аз онҳо ҷудо шавед; ва ду марди одил аз худатонро гувоҳ бигиред ва шаҳодатро барои Аллоҳ таоло барпо доред. Ин [ҳукме аст], ки ҳар кас ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёмат имон дорад, ба он панду андарз дода мешавад; ва ҳар кас, ки аз Аллоҳ таоло битарсад, роҳи наҷоте барои ӯ қарор медиҳад

وَيَرْزُقْهُ مِنْ حَيْثُ لَا يَحْتَسِبُۚ وَمَن يَتَوَكَّلْ عَلَى ٱللَّهِ فَهُوَ حَسْبُهُۥۚ إِنَّ ٱللَّهَ بَٰلِغُ أَمْرِهِۦۚ قَدْ جَعَلَ ٱللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٖ قَدْرٗا ٣

3. Ва ӯро аз ҷойе, ки гумон надорад, рӯзӣ медиҳад; ва ҳар кас бар Аллоҳ таоло таваккал кунад, пас, ҳамон ӯро кофӣ аст. Бе гумон, Аллоҳ таоло фармони худро ба анҷом мерасонад. Мусалламан, Аллоҳ таоло барои ҳар чизе андозае қарор додааст.

وَٱلَّٰٓـِٔي يَئِسْنَ مِنَ ٱلْمَحِيضِ مِن نِّسَآئِكُمْ إِنِ ٱرْتَبْتُمْ فَعِدَّتُهُنَّ ثَلَٰثَةُ أَشْهُرٖ وَٱلَّٰٓـِٔي لَمْ يَحِضْنَۚ وَأُوْلَٰتُ ٱلْأَحْمَالِ أَجَلُهُنَّ أَن يَضَعْنَ حَمْلَهُنَّۚ وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يَجْعَل لَّهُۥ مِنْ أَمْرِهِۦ يُسْرٗا ٤

4. Ва касоне аз занонатон, ки аз одати моҳона маъюс шудаанд, агар [ба бордории онон] шак кардед, иддаи онон се моҳ аст ва [низ] онҳо, ки ҳайз нашудаанд ва иддаи занони бордор ин

аст, ки вазъи ҳамл кунанд ва ҳар кас аз Аллоҳ таоло битарсад корашро барояш осон месозад

ذَٰلِكَ أَمۡرُ ٱللَّهِ أَنزَلَهُۥٓ إِلَيۡكُمۡۚ وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يُكَفِّرۡ عَنۡهُ سَيِّـَٔاتِهِۦ وَيُعۡظِمۡ لَهُۥٓ أَجۡرًا ۝٥

5. Ин фармони Аллоҳ таоло аст, ки бар шумо нозил кардааст; ва ҳар кас аз Аллоҳ таоло парво кунад, Аллоҳ таоло гуноҳҳояшро аз ӯ мезудояд [ва мебахшад] ва подоши ӯро бузург мегардонад

أَسۡكِنُوهُنَّ مِنۡ حَيۡثُ سَكَنتُم مِّن وُجۡدِكُمۡ وَلَا تُضَآرُّوهُنَّ لِتُضَيِّقُواْ عَلَيۡهِنَّۚ وَإِن كُنَّ أُوْلَٰتِ حَمۡلٖ فَأَنفِقُواْ عَلَيۡهِنَّ حَتَّىٰ يَضَعۡنَ حَمۡلَهُنَّۚ فَإِنۡ أَرۡضَعۡنَ لَكُمۡ فَـَٔاتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ وَأۡتَمِرُواْ بَيۡنَكُم بِمَعۡرُوفٖۖ وَإِن تَعَاسَرۡتُمۡ فَسَتُرۡضِعُ لَهُۥٓ أُخۡرَىٰ ۝٦

6. Онон [занони муталлақа]-ро дар ҳадди тавони худ ҳар ҷо ки худатон сукунат доред, [ва дар тавонии шумост] сукунат диҳед ва ба онҳо зиён нарасонед, то [арсаро] бар онон танг кунед [ва пеш аз поёни идда маҷбур ба тарки манзил шаванд] ва агар бордор ҳастанд, нафақаи онҳоро бидиҳед, то вазъи ҳамл кунанд. Пас, агар [фарзандатонро] барои шумо шир медиҳанд, муздашонро бипардозед ва [ин корро] ба некӣ ва бо машварати ҳамдигар анҷом диҳед; ва агар ба тавофуқ нарасидед, пас зани дигаре [ба дархости шавҳар] ӯро шир диҳад

لِيُنفِقۡ ذُو سَعَةٖ مِّن سَعَتِهِۦۖ وَمَن قُدِرَ عَلَيۡهِ رِزۡقُهُۥ فَلۡيُنفِقۡ مِمَّآ ءَاتَىٰهُ ٱللَّهُۚ لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا مَآ ءَاتَىٰهَاۚ سَيَجۡعَلُ ٱللَّهُ بَعۡدَ عُسۡرٖ يُسۡرٗا ۝٧

7. Онон, ки доро [ва сарватманд] ҳастанд, бояд аз дороӣ [ва сарвати] худ инфоқ кунанд ва касе, ки тангдаст аст, бояд аз он чи ки Аллоҳ таоло ба ӯ дода инфоқ кунад. Аллоҳ таоло ҳеҷ касро ҷуз ба он андоза, ки ба ӯ [тавон] додааст, мукаллаф намекунад. Аллоҳ таоло ба зудӣ баъд аз сахтӣ [ва тангдастӣ] осонӣ [ва кушоиш] қарор медиҳад

وَكَأَيِّن مِّن قَرۡيَةٍ عَتَتۡ عَنۡ أَمۡرِ رَبِّهَا وَرُسُلِهِۦ فَحَاسَبۡنَٰهَا حِسَابٗا شَدِيدٗا وَعَذَّبۡنَٰهَا عَذَابٗا نُّكۡرٗا ۝٨

8. Чи бисёр [аҳолии] шаҳрҳо, ки аз фармони Парвардигорашон ва [фармони] паёмбаронаш сарпечӣ карданд; пас, Мо ба шиддат аз онҳо ҳисоб кашидем ва ба азобе сахт [ва саҳмнок] азобашон кардем.

فَذَاقَتۡ وَبَالَ أَمۡرِهَا وَكَانَ عَٰقِبَةُ أَمۡرِهَا خُسۡرًا ۝٩

9. Пас онон кайфари кори худро чашиданд ва саранҷоми корашон зиён буд.

أَعَدَّ ٱللَّهُ لَهُمْ عَذَابًا شَدِيدًا ۖ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ يَـٰٓأُوْلِى ٱلْأَلْبَـٰبِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ۚ قَدْ أَنزَلَ ٱللَّهُ إِلَيْكُمْ ذِكْرًا ﴿١٠﴾

10. Аллоҳ таоло азоби сахте барояшон муҳайё кардааст. Пас, эй хирадмандоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ таоло парво кунед. Ҳамоно Аллоҳ таоло зикр [Қуръон]-ро ба сӯйи шумо нозил кардааст

رَّسُولًا يَتْلُواْ عَلَيْكُمْ ءَايَـٰتِ ٱللَّهِ مُبَيِّنَـٰتٍ لِّيُخْرِجَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّـٰلِحَـٰتِ مِنَ ٱلظُّلُمَـٰتِ إِلَى ٱلنُّورِ ۚ وَمَن يُؤْمِنۢ بِٱللَّهِ وَيَعْمَلْ صَـٰلِحًا يُدْخِلْهُ جَنَّـٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَـٰرُ خَـٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ۖ قَدْ أَحْسَنَ ٱللَّهُ لَهُۥ رِزْقًا ﴿١١﴾

11. [Ва низ] Паёмбаре [фиристода], ки оёти равшани Аллоҳро бар шумо мехонад, то касонеро, ки имон оварда ва корҳои шоиста анҷом додаанд, аз торикиҳо ба сӯйи нур берун оварад; ва ҳар кас ба Аллоҳ таоло имон оварад ва кори шоиста анҷом диҳад, [Аллоҳ таоло] ӯро ба боғҳое [аз биҳишт] ворид мекунад, ки аз зери [дарахтони] он ҷӯйборҳо ҷорӣ аст; ҷовидона дар он бимонанд. Ба ростӣ, Аллоҳ таоло ризқу рӯзиашро наку гардонидааст

ٱللَّهُ ٱلَّذِى خَلَقَ سَبْعَ سَمَـٰوَٰتٍ وَمِنَ ٱلْأَرْضِ مِثْلَهُنَّ ۖ يَتَنَزَّلُ ٱلْأَمْرُ بَيْنَهُنَّ لِتَعْلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ وَأَنَّ ٱللَّهَ قَدْ أَحَاطَ بِكُلِّ شَىْءٍ عِلْمًۢا ﴿١٢﴾

12. Аллоҳ таоло аст, ки ҳафт осмонро офарид ва аз замин [низ] ҳаммонанди онҳоро [офарид] ва фармони [Аллоҳ таоло] пайваста дар миёни онҳо нозил мешавад, то бидонед, ки Аллоҳ таоло бар ҳар чиз тавоност ва ин ки илми Аллоҳ таоло бар ҳама чиз иҳота дорад

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ لِمَ تُحَرِّمُ مَآ أَحَلَّ ٱللَّهُ لَكَ ۖ تَبْتَغِى مَرْضَاتَ أَزْوَٰجِكَ ۚ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿١﴾

1. Эй Паёмбар, чаро чизеро, ки Аллоҳ таоло бар ту ҳалол кардааст, ба хотири хушнудии ҳамсаронат [бар худ] ҳаром мекунӣ? Ва [бидон, ки дар ҳама ҳол] Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст.

قَدْ فَرَضَ ٱللَّهُ لَكُمْ تَحِلَّةَ أَيْمَٰنِكُمْ ۚ وَٱللَّهُ مَوْلَىٰكُمْ ۖ وَهُوَ ٱلْعَلِيمُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٢﴾

2. Ба ростӣ, ки Аллоҳ таоло шикасти савгандҳоятонро [бо додани каффора] бар шумо раво доштааст; ва Аллоҳ таоло дӯстдори шумост ва Ӯ донои ҳаким аст.

وَإِذْ أَسَرَّ ٱلنَّبِىُّ إِلَىٰ بَعْضِ أَزْوَٰجِهِۦ حَدِيثًا فَلَمَّا نَبَّأَتْ بِهِۦ وَأَظْهَرَهُ ٱللَّهُ عَلَيْهِ عَرَّفَ بَعْضَهُۥ وَأَعْرَضَ عَنۢ بَعْضٍ ۖ فَلَمَّا نَبَّأَهَا بِهِۦ قَالَتْ مَنْ أَنۢبَأَكَ هَٰذَا ۖ قَالَ نَبَّأَنِىَ ٱلْعَلِيمُ ٱلْخَبِيرُ ﴿٣﴾

3. Ва ҳангоме ки Паёмбар ба баъзе аз ҳамсаронаш суханонеро ба роз гуфт, пас, чун [он ҳамсар] онро [ба дигаре] хабар дод ва Аллоҳ таоло ӯ [Паёмбар]-ро бар он огоҳ кард, қисмате аз онро барои ӯ баён кард ва аз қисмате [дигар] худдорӣ намуд. Пас, ҳангоме ки [паёмбар] ӯро аз он хабар дод, [он зан] гуфт: «Чи касе инро ба ту хабар додааст?». [Паёмбар] Гуфт: «[Аллоҳи] донои огоҳ маро хабар додааст»

إِن تَتُوبَآ إِلَى ٱللَّهِ فَقَدْ صَغَتْ قُلُوبُكُمَا ۖ وَإِن تَظَٰهَرَا عَلَيْهِ فَإِنَّ ٱللَّهَ هُوَ مَوْلَىٰهُ وَجِبْرِيلُ وَصَٰلِحُ ٱلْمُؤْمِنِينَ ۖ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةُ بَعْدَ ذَٰلِكَ ظَهِيرٌ ﴿٤﴾

4. [Эй ҳамсарони паёмбар] агар шумо ду нафар ба даргоҳи Аллоҳ таоло тавба кунед [ба суди шумост]; бе гумон, дилҳоятон [аз ҳақ] мунҳариф гаштааст ва агар шумо ду нафар бар алайҳи ӯ ҳамдаст [муттафиқ] шавед, [бидонед] ки Аллоҳ таоло дӯсту ёвари ӯст ва [низ] Ҷабраил ва мардумони шоиста - аз муъминону фариштагон - [низ] баъд аз он пуштибон [мададгори ӯ] ҳастанд

عَسَىٰ رَبُّهُۥٓ إِن طَلَّقَكُنَّ أَن يُبْدِلَهُۥٓ أَزْوَٰجًا خَيْرًا مِّنكُنَّ مُسْلِمَٰتٍ مُّؤْمِنَٰتٍ قَٰنِتَٰتٍ تَٰٓئِبَٰتٍ عَٰبِدَٰتٍ سَٰٓئِحَٰتٍ ثَيِّبَٰتٍ وَأَبْكَارًا ﴿٥﴾

5. Чи басо агар шуморо талоқ диҳад, Парвардигораш ҳамсароне беҳтар аз шумо барояш ҷойгузин кунад, [ки] дӯшизагон ё занони мусулмон,

(*) Таҳрим (Ҳаром кардан).

муъмин, фармонбардор, тавбакор, ибодатгар [ва] рӯзадор бошанд

6. Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонаводаатонро аз оташе, ки ҳезуми он мардуму сангҳост нигаҳ доред; [оташе, ки] бар он фариштагони хашин ва сахтгир [гуморида шудаанд], ки ҳаргиз аз Аллоҳ таоло дар [мавриди] он чи ба онон фармон дода, нофармонӣ намекунанд ва ҳар чи фармон меёбанд, анҷом медиҳанд.

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَأَهۡلِيكُمۡ نَارٗا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُ عَلَيۡهَا مَلَـٰٓئِكَةٌ غِلَاظٞ شِدَادٞ لَّا يَعۡصُونَ ٱللَّهَ مَآ أَمَرَهُمۡ وَيَفۡعَلُونَ مَا يُؤۡمَرُونَ ٦

7. Эй касоне, ки кофир шудаед, имрӯз узрхоҳӣ накунед. Ҷуз ин нест, ки дар баробари он чи мекардед, ҷазо дода мешавед

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَا تَعۡتَذِرُواْ ٱلۡيَوۡمَۖ إِنَّمَا تُجۡزَوۡنَ مَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ٧

8. Эй касоне, ки имон овардаед, ба сӯйи Аллоҳ таоло тавба кунед, тавбае холисона. Умед аст Парвардигоратон гуноҳонатонро аз шумо бизудояд ва шуморо ба боғҳое [аз биҳишт] ворид кунад, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст. Дар рӯзе ки Аллоҳ таоло Паёмбар ва касонеро ки ҳамроҳи ӯ эмон овардаанд хор намекунад. Нурашон пешопеши онон ба самти росташон дар ҳаракат аст, мегӯянд: «Парвардигоро, нури моро ба тамом [ва камол] бирасон ва моро биёмурз. Бе гумон, Ту бар ҳар чиз тавоноӣ».

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ تُوبُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ تَوۡبَةٗ نَّصُوحًا عَسَىٰ رَبُّكُمۡ أَن يُكَفِّرَ عَنكُمۡ سَيِّـَٔاتِكُمۡ وَيُدۡخِلَكُمۡ جَنَّـٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ يَوۡمَ لَا يُخۡزِي ٱللَّهُ ٱلنَّبِيَّ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥۖ نُورُهُمۡ يَسۡعَىٰ بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَبِأَيۡمَـٰنِهِمۡ يَقُولُونَ رَبَّنَآ أَتۡمِمۡ لَنَا نُورَنَا وَٱغۡفِرۡ لَنَآۖ إِنَّكَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ٨

9. Эй Паёмбар, бо кофирону мунофиқон ҷиҳод кун ва бар онҳо сахт бигир ва ҷойгоҳашон ҷаҳаннам аст; ва чи бад ҷойгоҳе аст!

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ جَٰهِدِ ٱلۡكُفَّارَ وَٱلۡمُنَـٰفِقِينَ وَٱغۡلُظۡ عَلَيۡهِمۡۚ وَمَأۡوَىٰهُمۡ جَهَنَّمُۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ٩

10. Аллоҳ таоло барои касоне, ки кофир шудаанд, ҳамсари Нуҳ ва ҳамсари Лутро масал задааст, ки он ду дар никоҳи ду тан аз бандагони солеҳи Мо буданд, пас, ба он ду хиёнат карданд ва [он ду бандаи солеҳ] натавонистанд, чизе аз [азоби] Аллоҳро аз он ду [зан] дафъ кунанд ва [ба онҳо] гуфта шуд: «Ҳамроҳи воридшавандагони ба оташ [ҷаҳаннам шумо низ] ворид шавед»

ضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلٗا لِّلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱمۡرَأَتَ نُوحٖ وَٱمۡرَأَتَ لُوطٖۖ كَانَتَا تَحۡتَ عَبۡدَيۡنِ مِنۡ عِبَادِنَا صَٰلِحَيۡنِ فَخَانَتَاهُمَا فَلَمۡ يُغۡنِيَا عَنۡهُمَا مِنَ ٱللَّهِ شَيۡـٔٗا وَقِيلَ ٱدۡخُلَا ٱلنَّارَ مَعَ ٱلدَّٰخِلِينَ ١٠

وَضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلًا لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱمۡرَأَتَ فِرۡعَوۡنَ إِذۡ قَالَتۡ رَبِّ ٱبۡنِ لِي عِندَكَ بَيۡتٗا فِي ٱلۡجَنَّةِ وَنَجِّنِي مِن فِرۡعَوۡنَ وَعَمَلِهِۦ وَنَجِّنِي مِنَ ٱلۡقَوۡمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ١١

11. Аллоҳ таоло барои касоне, ки имон овардаанд, ҳамсари Фиръавн [Осия]-ро масал задааст, ҳангоме ки гуфт: «Парвардигоро, хонае бароям назди худ дар биҳишт бисоз ва маро аз Фиръавн ва кирдораш наҷот бидеҳ ва маро аз қавми ситамгар раҳоӣ бахш»

وَمَرۡيَمَ ٱبۡنَتَ عِمۡرَٰنَ ٱلَّتِيٓ أَحۡصَنَتۡ فَرۡجَهَا فَنَفَخۡنَا فِيهِ مِن رُّوحِنَا وَصَدَّقَتۡ بِكَلِمَٰتِ رَبِّهَا وَكُتُبِهِۦ وَكَانَتۡ مِنَ ٱلۡقَٰنِتِينَ ١٢

12. Ва [низ] Марям - духтари Имрон - ро [масал задааст], ки шармгоҳи хешро [пок] нигаҳ дошт, пас, Мо аз рӯҳи худ дар он дамидем ва [ӯ] калимоти Парвардигораш ва китобҳои Ӯро тасдиқ кард ва аз фармонбардорон буд

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

تَبَٰرَكَ ٱلَّذِى بِيَدِهِ ٱلْمُلْكُ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ﴿١﴾

1. Пурбаракату бузургвор аст касе, ки фармонравоии ҷаҳони ҳастӣ ба дасти Ӯст ва Ӯ бар ҳар чиз тавоност

ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلْمَوْتَ وَٱلْحَيَوٰةَ لِيَبْلُوَكُمْ أَيُّكُمْ أَحْسَنُ عَمَلًا ۚ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْغَفُورُ ﴿٢﴾

2. [Ҳамон] Касе, ки маргу зиндагиро офарид, то шуморо биозмояд, ки кадом яке аз шумо накукортар аст; ва Ӯ пирӯзманду бахшанда аст

ٱلَّذِى خَلَقَ سَبْعَ سَمَٰوَٰتٍ طِبَاقًا ۖ مَّا تَرَىٰ فِى خَلْقِ ٱلرَّحْمَٰنِ مِن تَفَٰوُتٍ ۖ فَٱرْجِعِ ٱلْبَصَرَ هَلْ تَرَىٰ مِن فُطُورٍ ﴿٣﴾

3. Он ки ҳафт осмонро бар фарози якдигар офарид. Дар офариниш [-и Аллоҳ таоло] ҳеҷ беназмӣ ва халале намебинӣ. Бори дигар нигоҳ кун; оё нуқсе мебинӣ?

ثُمَّ ٱرْجِعِ ٱلْبَصَرَ كَرَّتَيْنِ يَنقَلِبْ إِلَيْكَ ٱلْبَصَرُ خَاسِئًا وَهُوَ حَسِيرٌ ﴿٤﴾

4. Бори дигар [ба олами ҳастӣ] нигоҳ кун; [нуқсе нахоҳӣ дид ва] чашми ту, дар ҳоле ки хаста ва нотавон аст ба сӯйи ту бозмегардад

وَلَقَدْ زَيَّنَّا ٱلسَّمَآءَ ٱلدُّنْيَا بِمَصَٰبِيحَ وَجَعَلْنَٰهَا رُجُومًا لِّلشَّيَٰطِينِ ۖ وَأَعْتَدْنَا لَهُمْ عَذَابَ ٱلسَّعِيرِ ﴿٥﴾

5. Ба ростӣ, Мо осмони дунёро бо чароғҳо оростем ва онҳоро барои рондани шаётин қарор додем ва барои онон азоби [оташи] сӯзон омода сохтем

وَلِلَّذِينَ كَفَرُوا۟ بِرَبِّهِمْ عَذَابُ جَهَنَّمَ ۖ وَبِئْسَ ٱلْمَصِيرُ ﴿٦﴾

6. Ва барои касоне, ки ба Парвардигорашон кофир шуданд, азоби ҷаҳаннам аст; ва чӣ бад ҷойгоҳе аст!

إِذَآ أُلْقُوا۟ فِيهَا سَمِعُوا۟ لَهَا شَهِيقًا وَهِىَ تَفُورُ ﴿٧﴾

7. Ҳангоме ки дар он андохта шаванд, аз он наърае [ваҳшатнок] мешунаванд, дар ҳоле ки он мечӯшад

تَكَادُ تَمَيَّزُ مِنَ ٱلْغَيْظِ ۖ كُلَّمَآ أُلْقِىَ فِيهَا فَوْجٌ سَأَلَهُمْ خَزَنَتُهَآ أَلَمْ يَأْتِكُمْ نَذِيرٌ ﴿٨﴾

8. Аз шиддати хашм наздик аст [ҷаҳаннам] пора-пора шавад. Ҳар гоҳ ки гурӯҳе дар он андохта мешаванд, нигаҳбононаш аз онон мепурсанд: «Оё бимдиҳандае ба суроғатон наомад?»

قَالُوا۟ بَلَىٰ قَدْ جَآءَنَا نَذِيرٌ فَكَذَّبْنَا وَقُلْنَا مَا نَزَّلَ ٱللَّهُ مِن شَىْءٍ إِنْ أَنتُمْ إِلَّا فِى ضَلَٰلٍ كَبِيرٍ ﴿٩﴾

9. Мегӯянд: «Бале; бимдиҳанда ба сӯи мо омад, он гоҳ мо ӯро такзиб кардем ва гуфтем; «Ҳаргиз Аллоҳ таоло чизе нозил накардааст. Шумо ҷуз дар гумроҳии бузург нестед»

وَقَالُواْ لَوۡ كُنَّا نَسۡمَعُ أَوۡ نَعۡقِلُ مَا كُنَّا فِيٓ أَصۡحَٰبِ ٱلسَّعِيرِ ١٠

10. Ва [боз] мегӯянд: «Агар мо мешунидем ё тааққул мекардем, дар [зумраи] дузахиён набудем»

فَٱعۡتَرَفُواْ بِذَنۢبِهِمۡ فَسُحۡقٗا لِّأَصۡحَٰبِ ٱلسَّعِيرِ ١١

11. Пас, онҳо ба гуноҳи худ эътироф мекунанд. Пас, дурӣ [аз раҳмати Аллоҳ таоло] баҳраи дузахиён бод!

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَخۡشَوۡنَ رَبَّهُم بِٱلۡغَيۡبِ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَأَجۡرٞ كَبِيرٞ ١٢

12. Бе гумон, касоне, ки дар ниҳон аз Парвардигорашон метарсанд, онон омурзишу подоши бузурге доранд

وَأَسِرُّواْ قَوۡلَكُمۡ أَوِ ٱجۡهَرُواْ بِهِۦٓۖ إِنَّهُۥ عَلِيمُۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ١٣

13. [Хоҳ] Гуфтори худро пинҳон доред ё онро ошкор созед, [ба ҳар ҳол] Ӯ ба он чӣ дар дилҳост, огоҳ аст

أَلَا يَعۡلَمُ مَنۡ خَلَقَ وَهُوَ ٱللَّطِيفُ ٱلۡخَبِيرُ ١٤

14. Оё касе, ки [ҳамаи мавҷудотро] офаридааст, [ҳоли бандагонро] намедонад? Дар ҳоле ки Ӯ борикбин ва огоҳ аст

هُوَ ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلۡأَرۡضَ ذَلُولٗا فَٱمۡشُواْ فِي مَنَاكِبِهَا وَكُلُواْ مِن رِّزۡقِهِۦۖ وَإِلَيۡهِ ٱلنُّشُورُ ١٥

15. Ӯ касе аст, ки заминро барои шумо ром гардонид, пас, дар гӯша ва канори он роҳ биравед ва аз рӯзии Ӯ бихӯред; ва бозгашт [-и ҳама] ба сӯйи Ӯст

ءَأَمِنتُم مَّن فِي ٱلسَّمَآءِ أَن يَخۡسِفَ بِكُمُ ٱلۡأَرۡضَ فَإِذَا هِيَ تَمُورُ ١٦

16. Оё худро аз [азоби] касе, ки дар осмон аст, дар амон медонед, ки [фармон диҳад] замин шуморо фуру барад ва ногаҳон ба ларзиш дарояд?

أَمۡ أَمِنتُم مَّن فِي ٱلسَّمَآءِ أَن يُرۡسِلَ عَلَيۡكُمۡ حَاصِبٗاۖ فَسَتَعۡلَمُونَ كَيۡفَ نَذِيرِ ١٧

17. Ё худро аз касе, ки дар осмон аст, дар амон медонед, ки тӯфони сахте бар шумо фиристад? Пас, ба зудӣ хоҳед донист, ки ҳушдори Ман чи гуна аст!

وَلَقَدۡ كَذَّبَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ فَكَيۡفَ كَانَ نَكِيرِ ١٨

18. Ҳамоно касоне, ки пеш аз онон буданд, [низ даъвати паёмбаронро] такзиб карданд; пас, [бингар, ки] уқубати Ман чи гуна буд!

أَوَلَمۡ يَرَوۡاْ إِلَى ٱلطَّيۡرِ فَوۡقَهُمۡ صَٰٓفَّٰتٖ وَيَقۡبِضۡنَۚ مَا يُمۡسِكُهُنَّ إِلَّا ٱلرَّحۡمَٰنُۚ إِنَّهُۥ بِكُلِّ شَيۡءِۭ بَصِيرٌ ١٩

19. Оё ба парандагоне, ки бар фарози сарашон аст, нигоҳ накарданд, ки гоҳе болҳои худро мегушоянд ва гоҳе фуру мебанданд? Ҷуз [Аллоҳи] Раҳмон [касе] онҳоро [бар фарози осмон] нигоҳ намедорад; бе гумон, Ӯ ба ҳар чиз биност

أَمَّنۡ هَٰذَا ٱلَّذِي هُوَ جُندٞ لَّكُمۡ يَنصُرُكُم مِّن دُونِ ٱلرَّحۡمَٰنِۚ إِنِ ٱلۡكَٰفِرُونَ إِلَّا فِي غُرُورٍ ٢٠

20. Оё он касе, ки лашкари шумост, метавонад шуморо дар баробари Аллоҳ таоло ёрӣ диҳад? Кофирон ҷуз дар фиреб [ва ғурурашон] нестанд

أَمَّنْ هَٰذَا ٱلَّذِى يَرْزُقُكُمْ إِنْ أَمْسَكَ رِزْقَهُۥ ۚ بَل لَّجُّوا۟ فِى عُتُوٍّ وَنُفُورٍ ﴿٢١﴾

21. Ё он касе, ки шуморо рӯзӣ медиҳад, агар рӯзиашро боздорад, [чи касе метавонад ниёзи шуморо таъмин кунад?]. Вале онҳо дар саркашӣ ва фирор аз ҳақиқат лаҷоҷат меварзанд

أَفَمَن يَمْشِى مُكِبًّا عَلَىٰ وَجْهِهِۦٓ أَهْدَىٰٓ أَمَّن يَمْشِى سَوِيًّا عَلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿٢٢﴾

22. Оё касе, ки ба рӯ афтода [ва нагунсор] ҳаракат мекунад, ба ҳидоят наздиктар аст, ё он ки росту устувор бар роҳи рост гом бармедорад?

قُلْ هُوَ ٱلَّذِىٓ أَنشَأَكُمْ وَجَعَلَ لَكُمُ ٱلسَّمْعَ وَٱلْأَبْصَٰرَ وَٱلْأَفْـِٔدَةَ ۖ قَلِيلًا مَّا تَشْكُرُونَ ﴿٢٣﴾

23. Бигӯ: «Ӯ касе аст, ки шуморо офарид ва бароятон гӯшу чашмон ва дил қарор дод; [аммо шумо] андаке сипосгузорӣ мекунед»

قُلْ هُوَ ٱلَّذِى ذَرَأَكُمْ فِى ٱلْأَرْضِ وَإِلَيْهِ تُحْشَرُونَ ﴿٢٤﴾

24. Бигӯ: «Ӯ касест шуморо дар замин пароканд ва ба сӯйи Ӯ ҳашр мешавед»

وَيَقُولُونَ مَتَىٰ هَٰذَا ٱلْوَعْدُ إِن كُنتُمْ صَٰدِقِينَ ﴿٢٥﴾

25. Ва мегӯянд: «Агар рост мегӯед, ин ваъда [-и қиёмат] чи замоне аст?»

قُلْ إِنَّمَا ٱلْعِلْمُ عِندَ ٱللَّهِ وَإِنَّمَآ أَنَا۠ نَذِيرٌ مُّبِينٌ ﴿٢٦﴾

26. Бигӯ: «Илм [-и қиёмат] танҳо назди Аллоҳ таоло аст ва ман фақат бимдиҳандаи ошкорам»

فَلَمَّا رَأَوْهُ زُلْفَةً سِيٓـَٔتْ وُجُوهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَقِيلَ هَٰذَا ٱلَّذِى كُنتُم بِهِۦ تَدَّعُونَ ﴿٢٧﴾

27. Пас, чун он [ваъда ва азоби илоҳӣ]-ро аз наздик бубинанд, чеҳраи касоне, ки кофир шудаанд, сиёҳу андӯҳгин мегардад ва [ба онон] гуфта мешавад: «Ин ҳамон чизе аст, ки дархост мекардед»

قُلْ أَرَءَيْتُمْ إِنْ أَهْلَكَنِىَ ٱللَّهُ وَمَن مَّعِىَ أَوْ رَحِمَنَا فَمَن يُجِيرُ ٱلْكَٰفِرِينَ مِنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿٢٨﴾

28. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба ман хабар диҳед, агар Аллоҳ таоло маро ва касонеро, ки бо ман ҳастанд, нобуд кунад, ё бар мо раҳмат оварад, пас, кист, ки кофиронро аз азоби дарднок паноҳ диҳад?»

قُلْ هُوَ ٱلرَّحْمَٰنُ ءَامَنَّا بِهِۦ وَعَلَيْهِ تَوَكَّلْنَا ۖ فَسَتَعْلَمُونَ مَنْ هُوَ فِى ضَلَٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٢٩﴾

29. Бигӯ: «Ӯ [Аллоҳи] Раҳмон аст? ба Ӯ имон овардаем ва бар Ӯ таваккал кардаем, пас, [эй кофирон] ба зудӣ хоҳед донист, ки чи касе дар гумроҳии ошкор аст»

قُلْ أَرَءَيْتُمْ إِنْ أَصْبَحَ مَآؤُكُمْ غَوْرًا فَمَن يَأْتِيكُم بِمَآءٍ مَّعِينٍۢ ﴿٣٠﴾

30. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба ман хабар диҳед, агар оби [ошомидании] шумо [дар замин] фуру равад, чи касе метавонад барои шумо оби равону гуворо] биёварад?»

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Нун.[1] Савганд ба қалам ва он чи менависанд	نٓۚ وَٱلۡقَلَمِ وَمَا يَسۡطُرُونَ ١
2. Ки ту [эй паёмбар] ба неъмат [ва фазли] Парвардигорат девона нестӣ	مَآ أَنتَ بِنِعۡمَةِ رَبِّكَ بِمَجۡنُونٖ ٢
3. Ва барои ту подоше бепоён [дар пеш] аст	وَإِنَّ لَكَ لَأَجۡرًا غَيۡرَ مَمۡنُونٖ ٣
4. Ва яқинан ту ахлоқи бисёр наку ва волое дорӣ	وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٖ ٤
5. Пас, ба зудӣ хоҳӣ дид ва онҳо [низ] хоҳанд дид,	فَسَتُبۡصِرُ وَيُبۡصِرُونَ ٥
6. ки кадом як аз шумо девона аст	بِأَييِّكُمُ ٱلۡمَفۡتُونُ ٦
7. Парвардигорат беҳтар медонад, чи касе аз роҳи Ӯ гумроҳ гашта ва [низ] Ӯ ба ҳидоятёфтагон донотар аст	إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعۡلَمُ بِمَن ضَلَّ عَن سَبِيلِهِۦ وَهُوَ أَعۡلَمُ بِٱلۡمُهۡتَدِينَ ٧
8. Пас аз такзибкунандагон итоат макун	فَلَا تُطِعِ ٱلۡمُكَذِّبِينَ ٨
9. Онҳо дӯст медоранд [ва мехоҳанд], ки нармӣ [ва мадоро] кунӣ, то онон [низ] нармӣ [ва мадоро] кунанд	وَدُّواْ لَوۡ تُدۡهِنُ فَيُدۡهِنُونَ ٩
10. Ва аз ҳар фурумояе, ки бисёр савганд [-и дурӯғ] ёд мекунад, итоат макун	وَلَا تُطِعۡ كُلَّ حَلَّافٖ مَّهِينٍ ١٠
11. [Он ки] Бисёр айбҷуст ва ба суханчинӣ омадушуд мекунад	هَمَّازٖ مَّشَّآءِۭ بِنَمِيمٖ ١١
12. Ва бисёр монеи кори хайр ва мутаҷовизу гунаҳгор аст	مَّنَّاعٖ لِّلۡخَيۡرِ مُعۡتَدٍ أَثِيمٍ ١٢
13. Гузашта аз он, дурушту бетабор ва бадном аст	عُتُلِّۭ بَعۡدَ ذَٰلِكَ زَنِيمٍ ١٣

(1) Нигаред ба эзоҳи ояти 1 сураи Бақара.

أَن كَانَ ذَا مَالٍ وَبَنِينَ ﴿١٤﴾

14. Бад-он хотир, ки соҳиби молу фарзандони бисёр аст

إِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِ ءَايَٰتُنَا قَالَ أَسَٰطِيرُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿١٥﴾

15. Ҳангоме ки оёти Мо бар ӯ хонда шавад, мегӯяд: «[Инҳо] Афсонаҳои гузаштагон аст»

سَنَسِمُهُۥ عَلَى ٱلْخُرْطُومِ ﴿١٦﴾

16. Ба зудӣ бар бинии ӯ доғ [-и нангу расвоӣ] мениҳем

إِنَّا بَلَوْنَٰهُمْ كَمَا بَلَوْنَآ أَصْحَٰبَ ٱلْجَنَّةِ إِذْ أَقْسَمُوا۟ لَيَصْرِمُنَّهَا مُصْبِحِينَ ﴿١٧﴾

17. Мо онҳоро озмоиш кардем, ҳамон гуна ки соҳибони боғро озмудем, ҳангоме ки савганд ёд карданд, ки субҳгоҳон [ки мустамандон набошанд] меваҳои боғро бичинанд

وَلَا يَسْتَثْنُونَ ﴿١٨﴾

18. Ва [-ле] «иншоаллоҳ» нагуфтанд

فَطَافَ عَلَيْهَا طَآئِفٌ مِّن رَّبِّكَ وَهُمْ نَآئِمُونَ ﴿١٩﴾

19. Пас, азобе [фарогир] аз сӯйи Парвардигорат бар [боғи] онҳо фуруд омад, дар ҳоле ки ҳама дар хоб буданд

فَأَصْبَحَتْ كَٱلصَّرِيمِ ﴿٢٠﴾

20. Пас, он боғ [-и сабзу хуррам пас аз оташсӯзӣ] ҳамчун шаби сиёҳ шуд

فَتَنَادَوْا۟ مُصْبِحِينَ ﴿٢١﴾

21. Он гоҳ субҳгоҳон якдигарро нидо доданд

أَنِ ٱغْدُوا۟ عَلَىٰ حَرْثِكُمْ إِن كُنتُمْ صَٰرِمِينَ ﴿٢٢﴾

22. Ки агар мехоҳед, дарав кунед, ба сӯйи киштзор [ва боғ]-и хеш биравед

فَٱنطَلَقُوا۟ وَهُمْ يَتَخَٰفَتُونَ ﴿٢٣﴾

23. Пас [ба сӯйи киштзор] ҳаракат карданд, дар ҳоле ки оҳиста бо ҳам мегуфтанд:

أَن لَّا يَدْخُلَنَّهَا ٱلْيَوْمَ عَلَيْكُم مِّسْكِينٌ ﴿٢٤﴾

24. «[Муроқиб бошед] Ки имрӯз ҳеҷ [ниёзманд ва] бенавое дар он [боғ] ворид нашавад!»

وَغَدَوْا۟ عَلَىٰ حَرْدٍ قَٰدِرِينَ ﴿٢٥﴾

25. Ва субҳгоҳон бо тасмими ҷиддӣ бар ҷилавгирӣ [аз вуруди мустамандон ба самти боғ] берун шуданд

فَلَمَّا رَأَوْهَا قَالُوٓا۟ إِنَّا لَضَآلُّونَ ﴿٢٦﴾

26. Пас, ҳангоме ки он [боғ]-ро диданд, гуфтанд: «Яқинан мо [иштибоҳ омадаем ва] роҳро гум кардаем

27. балки ҳама чизро аз даст додаем

بَلْ نَحْنُ مَحْرُومُونَ ﴿٢٧﴾

28. Яке аз беҳтарин [ва хирадмандтарин]-и эшон гуфт: «Оё ба шумо нагуфтам, чаро [шукру] тасбеҳ [-и Аллоҳро] намегӯед?»

قَالَ أَوْسَطُهُمْ أَلَمْ أَقُل لَّكُمْ لَوْلَا تُسَبِّحُونَ ﴿٢٨﴾

29. Гуфтанд: «Парвардигори мо поку муназзаҳ аст. Мусалламан, мо ситамгор будем»

قَالُوا۟ سُبْحَٰنَ رَبِّنَآ إِنَّا كُنَّا ظَٰلِمِينَ ﴿٢٩﴾

30. Он гоҳ маломаткунон ба якдигар рӯ оварданд

فَأَقْبَلَ بَعْضُهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ يَتَلَٰوَمُونَ ﴿٣٠﴾

31. [ва] Гуфтанд: «Вой бар мо, ки туғёнгар [ва саркаш] будем!

قَالُوا۟ يَٰوَيْلَنَآ إِنَّا كُنَّا طَٰغِينَ ﴿٣١﴾

32. Умедворем, ки Парвардигорамон [моро бибахшад ва] дар иваз чизе беҳтар аз он [боғ] ба мо диҳад, [чаро ки] бе гумон, мо ба сӯи Парвардигори худ рӯй овардаем»

عَسَىٰ رَبُّنَآ أَن يُبْدِلَنَا خَيْرًا مِّنْهَآ إِنَّآ إِلَىٰ رَبِّنَا رَٰغِبُونَ ﴿٣٢﴾

33. Азоби [Аллоҳ таоло дар дунё] чунин аст ва агар медонистанд, азоби охират мусалламан бузургтар [-у бештар] аст.

كَذَٰلِكَ ٱلْعَذَابُ ۖ وَلَعَذَابُ ٱلْءَاخِرَةِ أَكْبَرُ ۚ لَوْ كَانُوا۟ يَعْلَمُونَ ﴿٣٣﴾

34. Ба ростӣ, барои парҳезкорон назди Парвардигорашон боғҳои пурнеъмат аст

إِنَّ لِلْمُتَّقِينَ عِندَ رَبِّهِمْ جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ﴿٣٤﴾

35. Оё мо мусулмононро ҳамчун муҷримон [ва гунаҳгорон] қарор медиҳем?

أَفَنَجْعَلُ ٱلْمُسْلِمِينَ كَٱلْمُجْرِمِينَ ﴿٣٥﴾

36. Шуморо чи шудааст? Чӣ гуна доварӣ мекунед?

مَا لَكُمْ كَيْفَ تَحْكُمُونَ ﴿٣٦﴾

37. Оё шумо китобе [осмонӣ] доред, ки дар он фаромегиред?

أَمْ لَكُمْ كِتَٰبٌ فِيهِ تَدْرُسُونَ ﴿٣٧﴾

38. Ва [оё] он чиро интихоб мекунед, дар он [китоб] барои шумо [навишта шуда] аст?

إِنَّ لَكُمْ فِيهِ لَمَا تَخَيَّرُونَ ﴿٣٨﴾

39. Ё ин ки бар [уҳдаи] Мо аҳду паймони устуворе то рӯзи қиёмат доред, ки ҳар чиро ҳукм кунед, [ҳақ] барои шумо бошад?

أَمْ لَكُمْ أَيْمَٰنٌ عَلَيْنَا بَٰلِغَةٌ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ ۙ إِنَّ لَكُمْ لَمَا تَحْكُمُونَ ﴿٣٩﴾

سَلْهُمْ أَيُّهُم بِذَٰلِكَ زَعِيمٌ ﴿٤٠﴾

40. [Эй Паёмбар,] аз онҳо бипурс кадом як аз онон дар баробари ин [иддаоҳо] мутааҳҳид аст?

أَمْ لَهُمْ شُرَكَآءُ فَلْيَأْتُوا۟ بِشُرَكَآئِهِمْ إِن كَانُوا۟ صَٰدِقِينَ ﴿٤١﴾

41. Ва ё ин ки [маъбудон ва] шариконе доранд? Пас агар рост мегӯянд, бояд шарикон [ва маъбудони] хешро биёваранд

يَوْمَ يُكْشَفُ عَن سَاقٍ وَيُدْعَوْنَ إِلَى ٱلسُّجُودِ فَلَا يَسْتَطِيعُونَ ﴿٤٢﴾

42. Рӯзе, ки [соқ ошкор гардад ва] кор сахту душвор шавад ва [мардум] ба саҷда фаро хонда мешаванд, вале [кофирон ва мунофиқон] наметавонанд [саҷда кунанд]

خَٰشِعَةً أَبْصَٰرُهُمْ تَرْهَقُهُمْ ذِلَّةٌ ۖ وَقَدْ كَانُوا۟ يُدْعَوْنَ إِلَى ٱلسُّجُودِ وَهُمْ سَٰلِمُونَ ﴿٤٣﴾

43. [Дар ҳоле ки] Дидагонашон [аз тарсу надомат] фуру афтода ва зиллату хорӣ вуҷудашонро фаро гирифтааст ва, яқинан, пеш аз ин [дар дунё] дар ҳоле ки тандуруст буданд, ба саҷда фаро хонда мешуданд

فَذَرْنِى وَمَن يُكَذِّبُ بِهَٰذَا ٱلْحَدِيثِ ۖ سَنَسْتَدْرِجُهُم مِّنْ حَيْثُ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٤٤﴾

44. Пас, [эй Паёмбар] Маро бо он касе, ки ин сухан [Қуръон]-ро такзиб мекунад, вогузор. Мо ононро андак-андак [ва] ба гунае ки дарнаёбанд [ва аз ҷое ки мутаваҷҷеҳ нагарданд], ба сӯйи азоб хоҳем кашонд

وَأُمْلِى لَهُمْ ۚ إِنَّ كَيْدِى مَتِينٌ ﴿٤٥﴾

45. Ва ба онон муҳлат медиҳам. Ба ростӣ, ки тадбири Ман устувор [ва ҳисобшуда] аст

أَمْ تَسْـَٔلُهُمْ أَجْرًا فَهُم مِّن مَّغْرَمٍ مُّثْقَلُونَ ﴿٤٦﴾

46. [Эй Паёмбар] Магар ту аз эшон музде дархост мекунӣ, ки [аз адои он дар ранҷанд ва] бар эшон сангин аст?

أَمْ عِندَهُمُ ٱلْغَيْبُ فَهُمْ يَكْتُبُونَ ﴿٤٧﴾

47. Ё [асрори] ғайб назди онҳост ва онон [он чиро мегуянд, аз рӯи он] менависанд

فَٱصْبِرْ لِحُكْمِ رَبِّكَ وَلَا تَكُن كَصَاحِبِ ٱلْحُوتِ إِذْ نَادَىٰ وَهُوَ مَكْظُومٌ ﴿٤٨﴾

48. Пас, [эй Паёмбар] барои фармон [ва ҳукми] Парвардигорат сабр кун ва монанди соҳиби моҳӣ [Юнус] мабош, ки бо диле шармсор аз хашму андӯҳ [Аллоҳро] нидо дод.

لَّوْلَآ أَن تَدَارَكَهُۥ نِعْمَةٌ مِّن رَّبِّهِۦ لَنُۢبِذَ بِٱلْعَرَآءِ وَهُوَ مَذْمُومٌ ﴿٤٩﴾

49. Агар неъмат [-у раҳмате] аз сӯи Парвардигораш ба ёрии ӯ наомада буд, яқинан, дар ҳоле ки

накӯҳида буд, [аз шиками моҳӣ] ба саҳрои хушкида берун афканда мешуд

فَٱجۡتَبَٰهُ رَبُّهُۥ فَجَعَلَهُۥ مِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ﴿٥٠﴾

50. Пас, Парвардигораш ӯро баргузид ва аз солеҳон қарор дод

وَإِن يَكَادُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَيُزۡلِقُونَكَ بِأَبۡصَٰرِهِمۡ لَمَّا سَمِعُواْ ٱلذِّكۡرَ وَيَقُولُونَ إِنَّهُۥ لَمَجۡنُونٞ ﴿٥١﴾

51. Ва [эй Паёмбар] наздик аст онон, ки кофир шуданд, ҳангоме ки оёти Қуръонро мешунаванд, туро чашмзахм зананд ва [ба хотири хашму ҳасадашон] мегӯянд: «Ҳатман, ӯ девона аст»

وَمَا هُوَ إِلَّا ذِكۡرٞ لِّلۡعَٰلَمِينَ ﴿٥٢﴾

52. Дар ҳоле ки ин [Қуръон] ҷуз панде барои ҷаҳониён нест.

(69) Ҳоққа[*] الحاقة

Ҷузъи 29

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Рӯзи] Воқеъшуданӣ [растохез]	ٱلْحَآقَّةُ ﴿١﴾
2. Он воқеъшуданӣ чист?	مَا ٱلْحَآقَّةُ ﴿٢﴾
3. Ва ту чи донӣ он воқеъшуданӣ чист [ва чи гуна аст]?	وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا ٱلْحَآقَّةُ ﴿٣﴾
4. [Қавми] Самуд ва [қавми] Од [қиёмати] дарҳамкӯбандаро такзиб карданд	كَذَّبَتْ ثَمُودُ وَعَادٌۢ بِٱلْقَارِعَةِ ﴿٤﴾
5. Ва аммо [қавми] Самуд ба бонги саҳмгин ҳалок шуданд	فَأَمَّا ثَمُودُ فَأُهْلِكُوا۟ بِٱلطَّاغِيَةِ ﴿٥﴾
6. Ва аммо [қавми] Од бо тундбоде саркаш ва сард ба ҳалокат расиданд	وَأَمَّا عَادٌ فَأُهْلِكُوا۟ بِرِيحٍ صَرْصَرٍ عَاتِيَةٍ ﴿٦﴾
7. [Аллоҳ таоло] ҳафт шабу ҳафт рӯз паёпай он [азоб]-ро бар онҳо мусаллат намуд. Пас, [агар он ҷо будӣ] [он] қавмро [дар асари он тундбод] монанди танаҳои пӯсидаи дарахтони хурмо бар замин афтода [ва ҳалокшуда] медидӣ	سَخَّرَهَا عَلَيْهِمْ سَبْعَ لَيَالٍ وَثَمَٰنِيَةَ أَيَّامٍ حُسُومًا ۖ فَتَرَى ٱلْقَوْمَ فِيهَا صَرْعَىٰ كَأَنَّهُمْ أَعْجَازُ نَخْلٍ خَاوِيَةٍ ﴿٧﴾
8. Пас, оё аз онҳо касеро мебинӣ, ки боқӣ монда бошад?	فَهَلْ تَرَىٰ لَهُم مِّنۢ بَاقِيَةٍ ﴿٨﴾
9. Ва Фиръавну касоне, ки пеш аз ӯ буданд ва [мардуми] шаҳрҳои вайроншудаи [қавми Лут] муртакиби гуноҳони [бузург] шуданд	وَجَآءَ فِرْعَوْنُ وَمَن قَبْلَهُۥ وَٱلْمُؤْتَفِكَٰتُ بِٱلْخَاطِئَةِ ﴿٩﴾
10. Пас, онҳо аз [фармони] фиристодаи Парвардигорашон сарпечӣ карданд, он гоҳ [Аллоҳ таоло] ононро ба азоби сахте гирифтор кард	فَعَصَوْا۟ رَسُولَ رَبِّهِمْ فَأَخَذَهُمْ أَخْذَةً رَّابِيَةً ﴿١٠﴾
11. Ҳангоме ки об туғён кард, Мо шуморо дар киштӣ савор кардем	إِنَّا لَمَّا طَغَا ٱلْمَآءُ حَمَلْنَٰكُمْ فِى ٱلْجَارِيَةِ ﴿١١﴾

(*) Ҳоққа (Рӯзи барҳақ, Рӯзи қиёмат).

لِنَجْعَلَهَا لَكُمْ تَذْكِرَةً وَتَعِيَهَآ أُذُنٌ وَٰعِيَةٌ ﴿١٢﴾

12. То панде барои шумо қарор диҳем ва гӯшҳои шунаво онро бишнаванд ва ба ёд биспоранд

فَإِذَا نُفِخَ فِي ٱلصُّورِ نَفْخَةٌ وَٰحِدَةٌ ﴿١٣﴾

13. Пас, он гоҳ ки як бор дар сур дамида шавад

وَحُمِلَتِ ٱلْأَرْضُ وَٱلْجِبَالُ فَدُكَّتَا دَكَّةً وَٰحِدَةً ﴿١٤﴾

14. Ва замину кӯҳҳо аз ҷо канда шуда ва якбора дарҳам кӯбида [ва муталошӣ] шаванд

فَيَوْمَئِذٍ وَقَعَتِ ٱلْوَاقِعَةُ ﴿١٥﴾

15. Дар он рӯз воқеаи [азими] қиёмат ба вуқуъ] мепайвандад

وَٱنشَقَّتِ ٱلسَّمَآءُ فَهِيَ يَوْمَئِذٍ وَاهِيَةٌ ﴿١٦﴾

16. Ва осмон шикофта мешавад ва дар он рӯз суст мегардад [ва фурӯ мерезад]

وَٱلْمَلَكُ عَلَىٰٓ أَرْجَآئِهَا ۚ وَيَحْمِلُ عَرْشَ رَبِّكَ فَوْقَهُمْ يَوْمَئِذٍ ثَمَٰنِيَةٌ ﴿١٧﴾

17. Ва фариштагон бар канораҳои он [осмон] қарор мегиранд ва он рӯз ҳашт [фариштаи] арши Парвардигоратро бар сари худ ҳамл мекунанд

يَوْمَئِذٍ تُعْرَضُونَ لَا تَخْفَىٰ مِنكُمْ خَافِيَةٌ ﴿١٨﴾

18. Дар он рӯз шумо [ҳамагӣ барои ҳисобрасӣ ба пешгоҳи Аллоҳ таоло] арза мешавед ва ҳеҷ чиз аз [корҳои] шумо пинҳон нахоҳад монд

فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ بِيَمِينِهِۦ فَيَقُولُ هَآؤُمُ ٱقْرَءُوا۟ كِتَٰبِيَهْ ﴿١٩﴾

19. Аммо касе, ки номаи [аъмолаш]-ро ба дасти росташ диҳанд, мегӯяд: «Биёед, нома [-и аъмол] -и маро бихонед

إِنِّي ظَنَنتُ أَنِّي مُلَٰقٍ حِسَابِيَهْ ﴿٢٠﴾

20. Ман яқин доштам, ки бо ҳисоб [-и аъмол]-и худ мувоҷеҳ хоҳам шуд»

فَهُوَ فِي عِيشَةٍ رَّاضِيَةٍ ﴿٢١﴾

21. Пас, ӯ дар як зиндагии писандида [ва ризоятбахш] хоҳад буд

فِي جَنَّةٍ عَالِيَةٍ ﴿٢٢﴾

22. Дар биҳиште барин

قُطُوفُهَا دَانِيَةٌ ﴿٢٣﴾

23. Ки меваҳояш [барои чидан] дар дастрас аст

كُلُوا۟ وَٱشْرَبُوا۟ هَنِيٓـًٔۢا بِمَآ أَسْلَفْتُمْ فِي ٱلْأَيَّامِ ٱلْخَالِيَةِ ﴿٢٤﴾

24. [Ва ба онҳо гуфта мешавад]: «Ба [хотири] он чи дар айёми гузашта пеш фиристодаед, бихӯред ва биёшомед, гуворотон бод»

وَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ بِشِمَالِهِۦ فَيَقُولُ يَٰلَيْتَنِي لَمْ أُوتَ كِتَٰبِيَهْ ﴿٢٥﴾

25. Ва аммо касе, ки нома [-и аъмол]-ашро ба дасти чапаш диҳанд, мегӯяд: «Эй кош, ҳаргиз нома [-и аъмол] - амро ба ман намедоданд

26. Ва намедонистам, ҳисобам чист!	وَلَمْ أَدْرِ مَا حِسَابِيَهْ ﴿٢٦﴾
27. Эй кош, [бо марг] ҳама чиз тамом мешуд [ва поёни кор буд]!	يَٰلَيْتَهَا كَانَتِ ٱلْقَاضِيَةَ ﴿٢٧﴾
28. Молу дороиям маро бениёз накард [ва суде набахшид]	مَآ أَغْنَىٰ عَنِّى مَالِيَهْ ﴿٢٨﴾
29. Қудрату фармонравоиям [низ] аз [дасти] ман рафт [ва ба куллӣ нобуд шуд]»	هَلَكَ عَنِّى سُلْطَٰنِيَهْ ﴿٢٩﴾
30. [Ба фариштагон гуфта мешавад] «Ӯро бигиред ва дар банду занҷир кунед	خُذُوهُ فَغُلُّوهُ ﴿٣٠﴾
31. Сипас ӯро ба [оташи] дузах бияфканед.	ثُمَّ ٱلْجَحِيمَ صَلُّوهُ ﴿٣١﴾
32. Он гоҳ вайро дар занҷире бибандед, ки тӯлаш ҳафтод зироъ аст	ثُمَّ فِى سِلْسِلَةٍ ذَرْعُهَا سَبْعُونَ ذِرَاعًا فَٱسْلُكُوهُ ﴿٣٢﴾
33. Бе гумон, ӯ ҳаргиз ба Аллоҳи бузург имон намеовард	إِنَّهُۥ كَانَ لَا يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٣٣﴾
34. Ва ҳаргиз [мардумро] бар таом додани бенаво[-ён] ташвиқ намекард	وَلَا يَحُضُّ عَلَىٰ طَعَامِ ٱلْمِسْكِينِ ﴿٣٤﴾
35. Пас, имрӯз дар ин ҷо дӯсти самимӣ [ва меҳрубоне] надорад [ки ёриаш кунад]	فَلَيْسَ لَهُ ٱلْيَوْمَ هَٰهُنَا حَمِيمٌ ﴿٣٥﴾
36. Ва ғизое ба ҷуз чирку хун надорад	وَلَا طَعَامٌ إِلَّا مِنْ غِسْلِينٍ ﴿٣٦﴾
37. [Ғизое, ки] Ҷуз гунаҳгорон онро намехӯранд»	لَّا يَأْكُلُهُۥٓ إِلَّا ٱلْخَٰطِـُٔونَ ﴿٣٧﴾
38. Пас, савганд ба он чи мебинед	فَلَآ أُقْسِمُ بِمَا تُبْصِرُونَ ﴿٣٨﴾
39. Ва ба он чи намебинед	وَمَا لَا تُبْصِرُونَ ﴿٣٩﴾
40. Бе тардид, ин [Қуръон сухани Аллоҳ таоло аст, ки иблоғаш ба паёмбар бар уҳдаи] фиристодаи бузургвор [Ҷабраил] аст	إِنَّهُۥ لَقَوْلُ رَسُولٍ كَرِيمٍ ﴿٤٠﴾
41. Ва инҳо гуфтори шоире нест, [аммо шумо кофирон] камтар имон меоваред	وَمَا هُوَ بِقَوْلِ شَاعِرٍ ۚ قَلِيلًا مَّا تُؤْمِنُونَ ﴿٤١﴾

42. Ва [низ] гуфтори коҳине нест, [аммо шумо] камтар панд мегиред.	وَلَا بِقَوْلِ كَاهِنٍۚ قَلِيلًا مَّا تَذَكَّرُونَ ﴿٤٢﴾
43. Аз сӯйи Парвардигори ҷаҳониён нозил шудааст	تَنزِيلٌ مِّن رَّبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٤٣﴾
44. Ва агар [паёмбар] суханон [-и дурӯғ] бар Мо мебаст	وَلَوْ تَقَوَّلَ عَلَيْنَا بَعْضَ ٱلْأَقَاوِيلِ ﴿٤٤﴾
45. Мусалламан, Мо дасти рости ӯро мегирифтем	لَأَخَذْنَا مِنْهُ بِٱلْيَمِينِ ﴿٤٥﴾
46. Сипас [шоҳ] раги қалбашро қатъ мекардем	ثُمَّ لَقَطَعْنَا مِنْهُ ٱلْوَتِينَ ﴿٤٦﴾
47. Ва ҳеҷ як аз шумо наметавонист монеъ [-и азоб]-и ӯ гардад	فَمَا مِنكُم مِّنْ أَحَدٍ عَنْهُ حَٰجِزِينَ ﴿٤٧﴾
48. Яқинан, ин [Қуръон] панду тазкире барои парҳезкорон аст	وَإِنَّهُۥ لَتَذْكِرَةٌ لِّلْمُتَّقِينَ ﴿٤٨﴾
49. Ва Мо яқинан, медонем, ки бархе аз шумо такзибкунандагон [-и ин каломи илоҳӣ] ҳастед	وَإِنَّا لَنَعْلَمُ أَنَّ مِنكُم مُّكَذِّبِينَ ﴿٤٩﴾
50. Ва ҳамоно ин [Қуръон] бар кофирон моияи ҳасрату надомат аст	وَإِنَّهُۥ لَحَسْرَةٌ عَلَى ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٥٠﴾
51. Ва бе гумон, ин [Қуръон] ҳақиқати ростин аст	وَإِنَّهُۥ لَحَقُّ ٱلْيَقِينِ ﴿٥١﴾
52. Пас, [эй паёмбар] бо [зикри] номи Парвардигори бузургат [Ӯро] тасбеҳ гӯй	فَسَبِّحْ بِٱسْمِ رَبِّكَ ٱلْعَظِيمِ ﴿٥٢﴾

(70) Маъорич[*] المعارج

Ҷузъи 29

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

سَأَلَ سَآئِلٌۢ بِعَذَابٍ وَاقِعٍ ﴿١﴾

1. Дархосткунандае [ба тамасхур] тақозои азоберо кард, ки вуқуаш [дар қиёмат] ҳатмӣ аст

لِّلْكَٰفِرِينَ لَيْسَ لَهُۥ دَافِعٌ ﴿٢﴾

2. [Ин азоб] Барои кофирон аст [ва] ҳеҷ дафъкунандае надорад

مِّنَ ٱللَّهِ ذِى ٱلْمَعَارِجِ ﴿٣﴾

3. Аз сӯйи Аллоҳ таоло [ба вуқуъ мепайвандад, ки] соҳиби маротиб ва дараҷоти волост

تَعْرُجُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ وَٱلرُّوحُ إِلَيْهِ فِى يَوْمٍ كَانَ مِقْدَارُهُۥ خَمْسِينَ أَلْفَ سَنَةٍ ﴿٤﴾

4. Фариштагон ва Руҳ [Ҷабраил] ба сӯйи Ӯ уруҷ мекунанд, дар рӯзе, ки миқдораш [дар миқёси башарӣ] панҷоҳ ҳазор сол аст

فَٱصْبِرْ صَبْرًا جَمِيلًا ﴿٥﴾

5. Пас, ту [эй Паёмбар, дар баробари тамасхури эшон] сабри наку пеша кун

إِنَّهُمْ يَرَوْنَهُۥ بَعِيدًا ﴿٦﴾

6. Бе гумон, онҳо он [рӯз]-ро дур мебинанд

وَنَرَىٰهُ قَرِيبًا ﴿٧﴾

7. Ва Мо онро наздик мебинем

يَوْمَ تَكُونُ ٱلسَّمَآءُ كَٱلْمُهْلِ ﴿٨﴾

8. [Ҳамон] Рӯзе, ки осмон чун миси гудохта шавад

وَتَكُونُ ٱلْجِبَالُ كَٱلْعِهْنِ ﴿٩﴾

9. Ва кӯҳҳо монанди пашми рангин [муталошӣ ва пароканда] шавад

وَلَا يَسْـَٔلُ حَمِيمٌ حَمِيمًا ﴿١٠﴾

10. Ва ҳеҷ дӯсти самимӣ [ва хешованде] аз [ҳоли] дӯсти самимӣ [ва хешовандаш] намепурсад

يُبَصَّرُونَهُمْ ۚ يَوَدُّ ٱلْمُجْرِمُ لَوْ يَفْتَدِى مِنْ عَذَابِ يَوْمِئِذٍۭ بِبَنِيهِ ﴿١١﴾

11. [Дар ҳоле ки] Онон ба якдигар нишон дода мешаванд, гунаҳгор [дӯст дорад ва] орзу мекунад, ки фарзандони худро дар баробари [раҳоӣ аз] азоби он рӯз бидиҳад

وَصَٰحِبَتِهِۦ وَأَخِيهِ ﴿١٢﴾

12. Ва [ҳамчунин] ҳамсару бародарашро

(*) Маъорич (Осмонҳо).

13. ва қабилаашро, ки [ҳамеша] ба ӯ ҷо ва паноҳ медод	وَفَصِيلَتِهِ ٱلَّتِي تُـٔۡوِيهِ ١٣
14. Ва [ҳамчунин] ҳамаи онҳоеро, ки рӯйи замин ҳастанд, [фидо кунад] то наҷот ёбад	وَمَن فِي ٱلۡأَرۡضِ جَمِيعٗا ثُمَّ يُنجِيهِ ١٤
15. [Аммо] Ҳаргиз чунин нест! Бе гумон, он шуълаҳои [оташи] сӯзон аст	كَلَّآۖ إِنَّهَا لَظَىٰ ١٥
16. [Ки] пӯст аз сар бармеканад	نَزَّاعَةٗ لِّلشَّوَىٰ ١٦
17. Касонеро, ки [ба фармони Аллоҳ таоло] пушт карданд ва [аз ҳақ] рӯй гардониданд, [ба сӯи худ] фаро мехонад	تَدۡعُواْ مَنۡ أَدۡبَرَ وَتَوَلَّىٰ ١٧
18. Ва [низ касонеро, ки] амволро ҷамъоварӣ ва захира карданд [ва ҳаққи онро напардохтанд]	وَجَمَعَ فَأَوۡعَىٰٓ ١٨
19. Яқинан, инсон камтоқат [-у ҳарис] офарида шудааст	۞إِنَّ ٱلۡإِنسَٰنَ خُلِقَ هَلُوعًا ١٩
20. Ҳар гоҳ бадӣ [ва мусибате] ба ӯ расад, бетобӣ мекунад	إِذَا مَسَّهُ ٱلشَّرُّ جَزُوعٗا ٢٠
21. Ва ҳар гоҳ хубӣ ба ӯ расад, боздоранда [ва бахил] мегардад	وَإِذَا مَسَّهُ ٱلۡخَيۡرُ مَنُوعًا ٢١
22. Магар намозгузорон	إِلَّا ٱلۡمُصَلِّينَ ٢٢
23. Ҳамон касоне, ки бар намозҳояшон ҳамеша пойдорӣ мекунанд.	ٱلَّذِينَ هُمۡ عَلَىٰ صَلَاتِهِمۡ دَآئِمُونَ ٢٣
24. Ва касоне, ки дар амволашон ҳаққи [муайяну] маълуме ҳаст	وَٱلَّذِينَ فِيٓ أَمۡوَٰلِهِمۡ حَقّٞ مَّعۡلُومٞ ٢٤
25. Барои мустаманд ва маҳрум	لِّلسَّآئِلِ وَٱلۡمَحۡرُومِ ٢٥
26. Ва [ҳамон] касоне, ки рӯзи ҷазоро тасдиқ мекунанд	وَٱلَّذِينَ يُصَدِّقُونَ بِيَوۡمِ ٱلدِّينِ ٢٦
27. Ва касоне, ки аз азоби Парвардигорашон метарсанд	وَٱلَّذِينَ هُم مِّنۡ عَذَابِ رَبِّهِم مُّشۡفِقُونَ ٢٧

28. [Чаро ки] Бе гумон, аз азоби Парвардигорашон дар амон натавонанд буд

إِنَّ عَذَابَ رَبِّهِمْ غَيْرُ مَأْمُونٍ ﴿٢٨﴾

29. Ва касоне, ки шармгоҳҳояшонро нигаҳ медоранд

وَٱلَّذِينَ هُمْ لِفُرُوجِهِمْ حَٰفِظُونَ ﴿٢٩﴾

30. Магар бо ҳамсарону канизоне, ки молики онҳо ҳастанд, ки [дар ин сурат] сарзанише бар онҳо нест

إِلَّا عَلَىٰٓ أَزْوَٰجِهِمْ أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَٰنُهُمْ فَإِنَّهُمْ غَيْرُ مَلُومِينَ ﴿٣٠﴾

31. Пас, ҳар кас фаротар аз инҳоро бихоҳад, онон мутаҷовизон ҳастанд

فَمَنِ ٱبْتَغَىٰ وَرَآءَ ذَٰلِكَ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْعَادُونَ ﴿٣١﴾

32. Ва касоне, ки амонатҳо ва паймонҳояшонро риоя мекунанд

وَٱلَّذِينَ هُمْ لِأَمَٰنَٰتِهِمْ وَعَهْدِهِمْ رَٰعُونَ ﴿٣٢﴾

33. Ва касоне, ки ба шаҳодатҳои худ мутааҳҳиданд

وَٱلَّذِينَ هُم بِشَهَٰدَٰتِهِمْ قَآئِمُونَ ﴿٣٣﴾

34. Ва касоне, ки бар намозашон пойдорӣ мекунанд

وَٱلَّذِينَ هُمْ عَلَىٰ صَلَاتِهِمْ يُحَافِظُونَ ﴿٣٤﴾

35. Инон дар боғҳо [-и биҳишт] гиромӣ дошта мешаванд

أُو۟لَٰٓئِكَ فِى جَنَّٰتٍ مُّكْرَمُونَ ﴿٣٥﴾

36. Пас, [эй Паёмбар] кофиронро чи шудааст, ки ба сӯйи ту мешитобанд?

فَمَالِ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ قِبَلَكَ مُهْطِعِينَ ﴿٣٦﴾

37. [Ва] Аз росту чап гурӯҳ-гурӯҳ [хучум меоваранд?]

عَنِ ٱلْيَمِينِ وَعَنِ ٱلشِّمَالِ عِزِينَ ﴿٣٧﴾

38. Оё ҳар кадом аз онҳо [бо он аъмоли нописандашон] тамаъ доранд, ки дар биҳишти пурнеъмат [-и илоҳӣ] дароварда шаванд?

أَيَطْمَعُ كُلُّ ٱمْرِئٍ مِّنْهُمْ أَن يُدْخَلَ جَنَّةَ نَعِيمٍ ﴿٣٨﴾

39 Ҳаргиз чунин нест! Бе гумон, Мо онҳоро аз он чи [худ] медонанд, офаридаем

كَلَّآ ۖ إِنَّا خَلَقْنَٰهُم مِّمَّا يَعْلَمُونَ ﴿٣٩﴾

40. Пас, ба Парвардигори машриқҳо ва мағрибҳо савганд мехӯрам, ки Мо яқинан қодирем

فَلَآ أُقْسِمُ بِرَبِّ ٱلْمَشَٰرِقِ وَٱلْمَغَٰرِبِ إِنَّا لَقَٰدِرُونَ ﴿٤٠﴾

41. Бар ин ки [касони дигаре] бехтар аз эшонро ҷойгузин кунем ва Мо [барои анҷоми ин кор] дармонда ва нотавон нестем

عَلَىٰٓ أَن نُّبَدِّلَ خَيْرًا مِّنْهُمْ وَمَا نَحْنُ بِمَسْبُوقِينَ ﴿٤١﴾

فَذَرْهُمْ يَخُوضُواْ وَيَلْعَبُواْ حَتَّىٰ يُلَٰقُواْ يَوْمَهُمُ ٱلَّذِى يُوعَدُونَ ﴿٤٢﴾

42. Пас, [эй Паёмбар] ононро ба ҳоли худ вогузор, то дар ботили худ фуру раванд ва бозӣ кунанд, то ба рӯзе бирасанд, ки бад-эшон ваъда дода шудааст

يَوْمَ يَخْرُجُونَ مِنَ ٱلْأَجْدَاثِ سِرَاعًا كَأَنَّهُمْ إِلَىٰ نُصُبٍ يُوفِضُونَ ﴿٤٣﴾

43. [Ҳамон] Рӯзе, ки шитобон аз қабрҳо хориҷ мешаванд, гӯӣ ба сӯйи бутҳо медаванд

خَٰشِعَةً أَبْصَٰرُهُمْ تَرْهَقُهُمْ ذِلَّةٌ ۚ ذَٰلِكَ ٱلْيَوْمُ ٱلَّذِى كَانُواْ يُوعَدُونَ ﴿٤٤﴾

44. [Дар ҳоле ки] Чашмҳояшон [аз шарму ваҳшат] ба зер афтода ва зиллат [-у хорӣ] ононро пӯшидааст. Ин ҳамон рӯзест, ки ба эшон ваъда дода мешавад

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

إِنَّآ أَرۡسَلۡنَا نُوحًا إِلَىٰ قَوۡمِهِۦٓ أَنۡ أَنذِرۡ قَوۡمَكَ مِن قَبۡلِ أَن يَأۡتِيَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ ١

1. Бе гумон, Мо Нуҳро ба сӯйи қавмаш фиристодем [ва гуфтем]: «Қавми худро - пеш аз он ки азоби дарднок ба суроғашон ояд - ҳушдор деҳ [ва битарсон]

قَالَ يَٰقَوۡمِ إِنِّي لَكُمۡ نَذِيرٞ مُّبِينٌ ٢

2. [Нуҳ] Гуфт: «Эй қавм, ман барои шумо бимдиҳандае ошкор ҳастам

أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱتَّقُوهُ وَأَطِيعُونِ ٣

3. Ки Аллоҳро бипарастед ва аз Ӯ парво намоед ва мутеи [дастурҳои] ман бошед

يَغۡفِرۡ لَكُم مِّن ذُنُوبِكُمۡ وَيُؤَخِّرۡكُمۡ إِلَىٰٓ أَجَلٖ مُّسَمًّىۚ إِنَّ أَجَلَ ٱللَّهِ إِذَا جَآءَ لَا يُؤَخَّرُۖ لَوۡ كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٤

4. [Пас, агар чунин кардед, Аллоҳ таоло] гуноҳони шуморо меомурзад ва шуморо то замони муайяне муҳлат медиҳад, зеро ҳангоме ки аҷали илоҳӣ фаро расад, таъхир нахоҳад дошт, агар медонистед»

قَالَ رَبِّ إِنِّي دَعَوۡتُ قَوۡمِي لَيۡلٗا وَنَهَارٗا ٥

5. Ва Нуҳ [пас аз насиҳату даъват] гуфт: «Парвардигоро, ба ростӣ, ки ман қавми худро шабу рӯз [ба имон] даъват кардам

فَلَمۡ يَزِدۡهُمۡ دُعَآءِيٓ إِلَّا فِرَارٗا ٦

6. Вале даъвати ман ҷуз ба гурезашон [аз ҳақ] наафзуд

وَإِنِّي كُلَّمَا دَعَوۡتُهُمۡ لِتَغۡفِرَ لَهُمۡ جَعَلُوٓاْ أَصَٰبِعَهُمۡ فِيٓ ءَاذَانِهِمۡ وَٱسۡتَغۡشَوۡاْ ثِيَابَهُمۡ وَأَصَرُّواْ وَٱسۡتَكۡبَرُواْ ٱسۡتِكۡبَارٗا ٧

7. Ва ман ҳар чи даъваташон кардам, то саранҷоми ононро биёмурзӣ, ангуштони худро дар гӯшҳояшон фурӯ карданд ва либосҳояшонро [ба худ] печиданд ва [дар мухолифат] исрор [-у пофишорӣ] карданд ва ба шиддат гарданкашӣ ва такаббур намуданд

ثُمَّ إِنِّي دَعَوۡتُهُمۡ جِهَارٗا ٨

8. Он гоҳ онҳоро бо садои баланд [ва ошкор] даъват кардам

ثُمَّ إِنِّيٓ أَعۡلَنتُ لَهُمۡ وَأَسۡرَرۡتُ لَهُمۡ إِسۡرَارٗا ٩

9. Он гоҳ ошкоро барояшон гуфтам ва дар ниҳон барои [ҳар кадом аз] онон баён кардам

10. Пас, гуфтам: «Аз Парвардигори хеш омурзиш бихоҳед [ки] бе гумон, Ӯ бисёр омурзанда аст

فَقُلْتُ ٱسْتَغْفِرُوا۟ رَبَّكُمْ إِنَّهُۥ كَانَ غَفَّارًا ﴿١٠﴾

11. То аз осмон [борони] паёпай бар шумо бифиристад

يُرْسِلِ ٱلسَّمَآءَ عَلَيْكُم مِّدْرَارًا ﴿١١﴾

12. Ва шуморо бо амволу фарзандони бисёр ёрӣ кунад, ба шумо боғҳои [сарсабз] бидиҳад ва бароятон ҷӯйборҳо[-и ҷорӣ] қарор диҳад

وَيُمْدِدْكُم بِأَمْوَٰلٍ وَبَنِينَ وَيَجْعَل لَّكُمْ جَنَّٰتٍ وَيَجْعَل لَّكُمْ أَنْهَٰرًا ﴿١٢﴾

13. Шуморо чи шудааст, ки барои Аллоҳ таоло азамат [-у шукӯҳ] қоил нестед?

مَّا لَكُمْ لَا تَرْجُونَ لِلَّهِ وَقَارًا ﴿١٣﴾

14. Дар ҳоле ки шуморо дар мароҳили гуногун офарид

وَقَدْ خَلَقَكُمْ أَطْوَارًا ﴿١٤﴾

15. Оё намебинед, чи гуна Аллоҳ таоло ҳафт осмонро бар фарози якдигар офарид?

أَلَمْ تَرَوْا۟ كَيْفَ خَلَقَ ٱللَّهُ سَبْعَ سَمَٰوَٰتٍ طِبَاقًا ﴿١٥﴾

16. Ва моҳро дар миёни осмонҳо мояи рӯшноӣ қарор дод ва хуршедро чароғи [фурӯзоне] гардонид?

وَجَعَلَ ٱلْقَمَرَ فِيهِنَّ نُورًا وَجَعَلَ ٱلشَّمْسَ سِرَاجًا ﴿١٦﴾

17. Ва Аллоҳ таоло шуморо ҳамчун гиёҳе аз замин рӯёнид

وَٱللَّهُ أَنۢبَتَكُم مِّنَ ٱلْأَرْضِ نَبَاتًا ﴿١٧﴾

18. Сипас шуморо ба он [замин] бозмегардонад ва бори дигар шуморо берун меовард

ثُمَّ يُعِيدُكُمْ فِيهَا وَيُخْرِجُكُمْ إِخْرَاجًا ﴿١٨﴾

19. Ва Аллоҳ таоло заминро барои шумо густурда сохт

وَٱللَّهُ جَعَلَ لَكُمُ ٱلْأَرْضَ بِسَاطًا ﴿١٩﴾

20. То аз роҳҳои паҳновари он [ба сӯйи мақсади худ] рафтуомад кунед»

لِّتَسْلُكُوا۟ مِنْهَا سُبُلًا فِجَاجًا ﴿٢٠﴾

21. Нуҳ гуфт: «Парвардигоро, онҳо аз ман нофармонӣ намуданд ва аз касе пайравӣ карданд, ки молу фарзандаш чизе ҷуз зиёнкорӣ бар ӯ наафзудааст

قَالَ نُوحٌ رَّبِّ إِنَّهُمْ عَصَوْنِى وَٱتَّبَعُوا۟ مَن لَّمْ يَزِدْهُ مَالُهُۥ وَوَلَدُهُۥٓ إِلَّا خَسَارًا ﴿٢١﴾

22. Ва [он пешвоёни гумроҳ] найранги бузурге ба кор бурданд

وَمَكَرُوا۟ مَكْرًا كُبَّارًا ﴿٢٢﴾

وَقَالُواْ لَا تَذَرُنَّ ءَالِهَتَكُمۡ وَلَا تَذَرُنَّ وَدّٗا وَلَا سُوَاعٗا وَلَا يَغُوثَ وَيَعُوقَ وَنَسۡرٗا ٢٣

23. Ва гуфтанд: «Маъбудони худро раҳо накунед ва [ба хусус] «Вадда» ва «Сувоъ» ва «Яғус» ва «Яъуқ» ва «Наср»-ро [раҳо накунед]

وَقَدۡ أَضَلُّواْ كَثِيرٗاۖ وَلَا تَزِدِ ٱلظَّٰلِمِينَ إِلَّا ضَلَٰلٗا ٢٤

24. Ба ростӣ, онҳо бисёреро гумроҳ карданд ва [ту эй Парвардигор] ситамгоронро ҷуз гумроҳӣ маафзой»

مِّمَّا خَطِيٓـَٰٔتِهِمۡ أُغۡرِقُواْ فَأُدۡخِلُواْ نَارٗا فَلَمۡ يَجِدُواْ لَهُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ أَنصَارٗا ٢٥

25. [Саранҷом онон] Ба кайфари гуноҳонашон [ҳамагӣ] ғарқ шуданд, пас, дар оташ [-и дузах] дароварда шуданд ва дар баробари [азоби] илоҳӣ ёвар [-у мададгоре] барои худ наёфтанд

وَقَالَ نُوحٞ رَّبِّ لَا تَذَرۡ عَلَى ٱلۡأَرۡضِ مِنَ ٱلۡكَٰفِرِينَ دَيَّارًا ٢٦

26. Нуҳ гуфт: «Парвардигоро, ҳеҷ як аз кофиронро бар рӯйи замин боқӣ магузор

إِنَّكَ إِن تَذَرۡهُمۡ يُضِلُّواْ عِبَادَكَ وَلَا يَلِدُوٓاْ إِلَّا فَاجِرٗا كَفَّارًا ٢٧

27. Чаро ки агар онҳоро боқӣ гузорӣ, бандагонатро гумроҳ мекунанд ва ҷуз [насле] бадкор ва кофир ба вуҷуд намеоваранд

رَّبِّ ٱغۡفِرۡ لِي وَلِوَٰلِدَيَّ وَلِمَن دَخَلَ بَيۡتِيَ مُؤۡمِنٗا وَلِلۡمُؤۡمِنِينَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتِۖ وَلَا تَزِدِ ٱلظَّٰلِمِينَ إِلَّا تَبَارٗا ٢٨

28. Парвардигоро, маро ва падару модарам ва ҳар он касеро, ки бо имон вориди хонаи ман мешавад ва [тамоми] мардони муъмин ва занони муъминро биёмурз ва ситамгоронро ҷуз ҳалокат [ва нобудӣ] маафзо»

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

قُلْ أُوحِيَ إِلَيَّ أَنَّهُ ٱسْتَمَعَ نَفَرٌ مِّنَ ٱلْجِنِّ فَقَالُوٓاْ إِنَّا سَمِعْنَا قُرْءَانًا عَجَبًا ﴿١﴾

1. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Ба ман ваҳй шудааст, ки гурӯҳе аз ҷинниён [ба ин Қуръон] гӯш фаро додаанд, пас, гуфтанд: «Бе гумон, мо Қуръоне шигифтовар шунидем

يَهْدِيٓ إِلَى ٱلرُّشْدِ فَـَٔامَنَّا بِهِۦ ۖ وَلَن نُّشْرِكَ بِرَبِّنَآ أَحَدًا ﴿٢﴾

2. Ки ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Пас, мо ба он имон овардем ва ҳаргиз касеро бо Парвардигорамон шарик қарор намедиҳем

وَأَنَّهُۥ تَعَٰلَىٰ جَدُّ رَبِّنَا مَا ٱتَّخَذَ صَٰحِبَةً وَلَا وَلَدًا ﴿٣﴾

3. Ва ин ки шаъну азамати Парвардигорамон бас [азиму] баланд аст. Ӯ [ҳаргиз барои худ] ҳамсару фарзанде интихоб накардааст

وَأَنَّهُۥ كَانَ يَقُولُ سَفِيهُنَا عَلَى ٱللَّهِ شَطَطًا ﴿٤﴾

4. Ва ин ки сафеҳ [-у нодон]-и мо [шайтон] дар бораи Аллоҳ таоло суханони норавое мегуфт

وَأَنَّا ظَنَنَّآ أَن لَّن تَقُولَ ٱلْإِنسُ وَٱلْجِنُّ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا ﴿٥﴾

5. Ва мо [чунин] гумон мекардем, ки ҳаргиз инсу ҷин бар Аллоҳ таоло дурӯғ намебанданд

وَأَنَّهُۥ كَانَ رِجَالٌ مِّنَ ٱلْإِنسِ يَعُوذُونَ بِرِجَالٍ مِّنَ ٱلْجِنِّ فَزَادُوهُمْ رَهَقًا ﴿٦﴾

6. Ва ин ки мардоне аз одамиён ба мардоне аз ҷинниён паноҳ мебурданд ва [бад-ин васила] бар гумроҳӣ ва саркашии эшон меафзуданд

وَأَنَّهُمْ ظَنُّواْ كَمَا ظَنَنتُمْ أَن لَّن يَبْعَثَ ٱللَّهُ أَحَدًا ﴿٧﴾

7. Ва ин ки онон [кофирон] гумон мекарданд - ҳамон гуна ки шумо [ҷинниён] мепиндоштед - ки Аллоҳ таоло ҳеҷ касро [дубора] зинда намегардонад

وَأَنَّا لَمَسْنَا ٱلسَّمَآءَ فَوَجَدْنَٰهَا مُلِئَتْ حَرَسًا شَدِيدًا وَشُهُبًا ﴿٨﴾

8. Ва ин ки мо осмонро ҷустуҷӯ кардем, пас, онро пур аз муҳофизони неруманд ва тирҳои шиҳоб ёфтем

وَأَنَّا كُنَّا نَقْعُدُ مِنْهَا مَقَٰعِدَ لِلسَّمْعِ ۖ فَمَن يَسْتَمِعِ ٱلْـَٰٔنَ يَجِدْ لَهُۥ شِهَابًا رَّصَدًا ﴿٩﴾

9. Ва ин ки дар [осмон] барои шунидан ба камин менишастем, [аммо] акнун ҳар ки бихоҳад ба гӯш бошад, тири шиҳобе дар камини худ меёбад

وَأَنَّا لَا نَدْرِيٓ أَشَرٌّ أُرِيدَ بِمَن فِي ٱلْأَرْضِ أَمْ أَرَادَ بِهِمْ رَبُّهُمْ رَشَدًا ﴿١٠﴾

10. Ва ин ки мо намедонем, оё барои аҳли замин шарре ирода шуда, ё Парвардигорашон хайру ҳидояти эшонро хостааст

وَأَنَّا مِنَّا ٱلصَّٰلِحُونَ وَمِنَّا دُونَ ذَٰلِكَ ۖ كُنَّا طَرَآئِقَ قِدَدًا ﴿١١﴾

11. Ва ин ки дар миёни мо афроде солеҳ ва афроде нодуруст, мо гурӯҳҳое мутафовит [ва гуногун] ҳастем

وَأَنَّا ظَنَنَّآ أَن لَّن نُّعْجِزَ ٱللَّهَ فِي ٱلْأَرْضِ وَلَن نُّعْجِزَهُۥ هَرَبًا ﴿١٢﴾

12. Ва ин ки мо яқин дорем, ки ҳаргиз наметавонем дар рӯйи замин Аллоҳро оҷизу нотавон кунем ва ҳаргиз бо гурез наметавонем, Ӯро нотавон созем [ва роҳи фироре надорем]

وَأَنَّا لَمَّا سَمِعْنَا ٱلْهُدَىٰٓ ءَامَنَّا بِهِۦ ۖ فَمَن يُؤْمِنۢ بِرَبِّهِۦ فَلَا يَخَافُ بَخْسًا وَلَا رَهَقًا ﴿١٣﴾

13. Ва ин ки мо ҳангоме ки [сухани] ҳидоятро шунидем, ба он имон овардем. Пас, ҳар касе, ки ба Парвардигораш имон оварад, на аз нуқсон меҳаросаду на аз ситам [бим дорад]

وَأَنَّا مِنَّا ٱلْمُسْلِمُونَ وَمِنَّا ٱلْقَٰسِطُونَ ۖ فَمَنْ أَسْلَمَ فَأُو۟لَٰٓئِكَ تَحَرَّوْا۟ رَشَدًا ﴿١٤﴾

14. Ва ин ки гурӯҳе аз мо мусулмон ва гурӯҳе кофир [ва золим] ҳастанд. Пас, ҳар кас, ки ислом оварда, ононанд, ки роҳи растагориро ҷустуҷу карда [ва баргузида]-анд

وَأَمَّا ٱلْقَٰسِطُونَ فَكَانُوا۟ لِجَهَنَّمَ حَطَبًا ﴿١٥﴾

15. Ва аммо кофирон [ва ситамгорон] ҳезуми [оташи] ҷаҳаннам хоҳанд буд

وَأَلَّوِ ٱسْتَقَٰمُوا۟ عَلَى ٱلطَّرِيقَةِ لَأَسْقَيْنَٰهُم مَّآءً غَدَقًا ﴿١٦﴾

16. Ва ин ки агар онҳо бар роҳи рост пойдорӣ кунанд, албатта, бо оби фаровон серобашон мекунем

لِّنَفْتِنَهُمْ فِيهِ ۚ وَمَن يُعْرِضْ عَن ذِكْرِ رَبِّهِۦ يَسْلُكْهُ عَذَابًا صَعَدًا ﴿١٧﴾

17. То онҳоро бо он [неъматҳо] биозмоем. Ва ҳар кас аз ёд [-у зикри] Парвардигораш рӯ бартобад, [Аллоҳ таоло] ӯро ба азобе сахт гирифтор месозад

وَأَنَّ ٱلْمَسَٰجِدَ لِلَّهِ فَلَا تَدْعُوا۟ مَعَ ٱللَّهِ أَحَدًا ﴿١٨﴾

18. Ва ин ки масоҷид аз они Аллоҳ таоло аст, пас, касеро бо Аллоҳ таоло [ба парастишу ёрихоҳӣ] нахонед

وَأَنَّهُۥ لَمَّا قَامَ عَبْدُ ٱللَّهِ يَدْعُوهُ كَادُوا۟ يَكُونُونَ عَلَيْهِ لِبَدًا ﴿١٩﴾

19. Ва ин ки ҳангоме ки бандаи Аллоҳ таоло [Муҳаммад] қиём кард, то Ӯро бихонад [ва ибодат кунад], наздик буд, ки [аз издиҳом бар гирди ӯ] бар сари ҳам фурӯ резанд»

قُلْ إِنَّمَآ أَدْعُواْ رَبِّى وَلَآ أُشْرِكُ بِهِۦٓ أَحَدًا ﴿٢٠﴾

20. [Эй паёмбар, ба онҳо] Бигӯ: «Ман танҳо Парвардигорамро мехонам ва касеро бо Ӯ шарик намесозам»

قُلْ إِنِّى لَآ أَمْلِكُ لَكُمْ ضَرًّا وَلَا رَشَدًا ﴿٢١﴾

21. Бигӯ: «Бе гумон, ман наметавонам ба шумо зиёне бирасонам ва на хайру суде»

قُلْ إِنِّى لَن يُجِيرَنِى مِنَ ٱللَّهِ أَحَدٌ وَلَنْ أَجِدَ مِن دُونِهِۦ مُلْتَحَدًا ﴿٢٢﴾

22. Бигӯ: «[Агар ман низ бар хилофи фармонаш рафтор кунам] ҳеҷ кас маро дар баробари Ӯ ҳимоят намекунад ва паноҳгоҳе ҷуз Ӯ намеёбам

إِلَّا بَلَٰغًا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِسَٰلَٰتِهِۦ ۚ وَمَن يَعْصِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَإِنَّ لَهُۥ نَارَ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ﴿٢٣﴾

23. [Вазифаи ман] Танҳо иблоғе аз ҷониби Аллоҳ таоло ва [расонидани] паёмҳои ӯст. Ва ҳар кас аз Аллоҳу паёмбараш нофармонӣ кунад, бе гумон, оташи ҷаҳаннам аз они Ӯст, ҷовидона дар он хоҳад монд»

حَتَّىٰٓ إِذَا رَأَوْاْ مَا يُوعَدُونَ فَسَيَعْلَمُونَ مَنْ أَضْعَفُ نَاصِرًا وَأَقَلُّ عَدَدًا ﴿٢٤﴾

24. [Кори кофирон ҳамчунон идома дорад] То замоне, ки он чиро ба онҳо ваъда дода шуда, бубинанд. Он гоҳ хоҳанд донист, ки чи касе ёвараш нотавонтар ва ҷамъияташ камтар аст

قُلْ إِنْ أَدْرِىٓ أَقَرِيبٌ مَّا تُوعَدُونَ أَمْ يَجْعَلُ لَهُۥ رَبِّىٓ أَمَدًا ﴿٢٥﴾

25. [Эй паёмбар] Бигӯ: «Ман намедонам, оё он чи ки ба шумо ваъда дода шуда, наздик аст ё Парвардигорам замоне [дур] барои он қарор медиҳад»

عَٰلِمُ ٱلْغَيْبِ فَلَا يُظْهِرُ عَلَىٰ غَيْبِهِۦٓ أَحَدًا ﴿٢٦﴾

26. [Аллоҳ таоло] Донои ғайб аст ва ҳеҷ касро бар [асрори] ғайби худ огоҳ намесозад

إِلَّا مَنِ ٱرْتَضَىٰ مِن رَّسُولٍ فَإِنَّهُۥ يَسْلُكُ مِنۢ بَيْنِ يَدَيْهِ وَمِنْ خَلْفِهِۦ رَصَدًا ﴿٢٧﴾

27. Магар расулоне, ки ононро писандида [ва баргузида] аст. Пас, бе гумон, аз пеши рӯйи ӯ ва пушти сараш нигаҳбоне [аз фариштагон барои муҳофизат аз вай] мегуморад

لِّيَعْلَمَ أَن قَدْ أَبْلَغُواْ رِسَٰلَٰتِ رَبِّهِمْ وَأَحَاطَ بِمَا لَدَيْهِمْ وَأَحْصَىٰ كُلَّ شَىْءٍ عَدَدًا ﴿٢٨﴾

28. То бидонад, ки [паёмбарон] рисолатҳои Парвардигорашонро иблоғ кардаанд ва [Аллоҳ таоло] ба он чи назди онҳост иҳота дорад ва ҳар чизеро ба адад баршумурдааст

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Эй ҷомабахудпечида!	يَٰٓأَيُّهَا ٱلْمُزَّمِّلُ ﴿١﴾
2. Шабро - ҷуз андаке - ба по хез [ва ибодат кун]	قُمِ ٱلَّيْلَ إِلَّا قَلِيلًا ﴿٢﴾
3. Нимае аз онро ё андаке аз он кам кун	نِّصْفَهُۥٓ أَوِ ٱنقُصْ مِنْهُ قَلِيلًا ﴿٣﴾
4. Ё андаке бар [нисфи] он биафзо ва Қуръонро бо тартил [-у тааммул] бихон	أَوْ زِدْ عَلَيْهِ وَرَتِّلِ ٱلْقُرْءَانَ تَرْتِيلًا ﴿٤﴾
5. Яқинан Мо ба зудӣ сухане сангин бар ту нозил хоҳем кард	إِنَّا سَنُلْقِى عَلَيْكَ قَوْلًا ثَقِيلًا ﴿٥﴾
6. Бе гумон, шабзиндадорӣ [бар нафс] душвор аст ва барои гуфтор [ва ниёиш] муносибтар ва устувортар аст	إِنَّ نَاشِئَةَ ٱلَّيْلِ هِىَ أَشَدُّ وَطْـًٔا وَأَقْوَمُ قِيلًا ﴿٦﴾
7. Ва яқинан ту дар рӯз машғулияти бисёр дорӣ	إِنَّ لَكَ فِى ٱلنَّهَارِ سَبْحًا طَوِيلًا ﴿٧﴾
8. Ва номи Парвардигоратро ёд кун ва танҳо ба Ӯ дил бибанд	وَٱذْكُرِ ٱسْمَ رَبِّكَ وَتَبَتَّلْ إِلَيْهِ تَبْتِيلًا ﴿٨﴾
9. [Ҳамон] Парвардигори машриқу мағриб, ки маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест. Пас, Ӯро корсоз [-у нигаҳбони худ] баргузин	رَبُّ ٱلْمَشْرِقِ وَٱلْمَغْرِبِ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ فَٱتَّخِذْهُ وَكِيلًا ﴿٩﴾
10. Ва бар он чи [мушрикон] мегӯянд, шикебо бош ва ба шеваи наку [ва шоиста] аз онон дурӣ кун	وَٱصْبِرْ عَلَىٰ مَا يَقُولُونَ وَٱهْجُرْهُمْ هَجْرًا جَمِيلًا ﴿١٠﴾
11. Ва маро бо ин такзибкунандагони бархурдор аз неъмат вогузор ва ба онон каме муҳлат деҳ	وَذَرْنِى وَٱلْمُكَذِّبِينَ أُو۟لِى ٱلنَّعْمَةِ وَمَهِّلْهُمْ قَلِيلًا ﴿١١﴾
12. Бе гумон, назди Мо қайд [-у бандҳо]-и сангин ва [оташи] дузах аст	إِنَّ لَدَيْنَآ أَنكَالًا وَجَحِيمًا ﴿١٢﴾

(*) Муззаммил (Ҷома бар худ печида).

وَطَعَامًا ذَا غُصَّةٍ وَعَذَابًا أَلِيمًا ﴿١٣﴾

13. Ва таоме гулугир ва азобе дарднок

يَوْمَ تَرْجُفُ ٱلْأَرْضُ وَٱلْجِبَالُ وَكَانَتِ ٱلْجِبَالُ كَثِيبًا مَّهِيلًا ﴿١٤﴾

14. Рӯзе, ки замину кӯҳҳо ба ларза дарояд ва кӯҳҳо [муталошӣ шаванд ва] ҳамчун тӯдаи реги нарм [равон] гарданд

إِنَّآ أَرْسَلْنَآ إِلَيْكُمْ رَسُولًا شَٰهِدًا عَلَيْكُمْ كَمَآ أَرْسَلْنَآ إِلَىٰ فِرْعَوْنَ رَسُولًا ﴿١٥﴾

15. Яқинан, Мо Паёмбаре ба сӯйи шумо фиристодем, ки бар шумо шоҳид [ва гувоҳ] аст, ҳамон гуна ки ба сӯйи Фиръавн паёмбаре фиристодем

فَعَصَىٰ فِرْعَوْنُ ٱلرَّسُولَ فَأَخَذْنَٰهُ أَخْذًا وَبِيلًا ﴿١٦﴾

16. Он гоҳ Фиръавн аз он паёмбар нофармонӣ [ва бо ӯ мухолифат] кард ва Мо ӯро ба сахтӣ муҷозот кардем

فَكَيْفَ تَتَّقُونَ إِن كَفَرْتُمْ يَوْمًا يَجْعَلُ ٱلْوِلْدَٰنَ شِيبًا ﴿١٧﴾

17. Пас, агар кофир шавед, чи гуна худро [аз азоб] дар амон медоред, [дар] рӯзе, ки кӯдаконро пир мекунад?

ٱلسَّمَآءُ مُنفَطِرٌۢ بِهِۦ ۚ كَانَ وَعْدُهُۥ مَفْعُولًا ﴿١٨﴾

18. [Дар он рӯз] Осмон шикофта мешавад [ва] ваъдаи Ӯ, ҳатман, ба вуқуъ мепайвандад.

إِنَّ هَٰذِهِۦ تَذْكِرَةٌ ۖ فَمَن شَآءَ ٱتَّخَذَ إِلَىٰ رَبِّهِۦ سَبِيلًا ﴿١٩﴾

19. Бе гумон, ин [оёт] панд [-у ҳушдоре] аст, то ҳар ки бихоҳад, ба сӯи Парвардигори худ роҳе дар пеш гирад

۞إِنَّ رَبَّكَ يَعْلَمُ أَنَّكَ تَقُومُ أَدْنَىٰ مِن ثُلُثَيِ ٱلَّيْلِ وَنِصْفَهُۥ وَثُلُثَهُۥ وَطَآئِفَةٌ مِّنَ ٱلَّذِينَ مَعَكَ ۚ وَٱللَّهُ يُقَدِّرُ ٱلَّيْلَ وَٱلنَّهَارَ ۚ عَلِمَ أَن لَّن تُحْصُوهُ فَتَابَ عَلَيْكُمْ ۖ فَٱقْرَءُوا۟ مَا تَيَسَّرَ مِنَ ٱلْقُرْءَانِ ۚ عَلِمَ أَن سَيَكُونُ مِنكُم مَّرْضَىٰ وَءَاخَرُونَ يَضْرِبُونَ فِى ٱلْأَرْضِ يَبْتَغُونَ مِن فَضْلِ ٱللَّهِ وَءَاخَرُونَ يُقَٰتِلُونَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ۖ فَٱقْرَءُوا۟ مَا تَيَسَّرَ مِنْهُ ۚ وَأَقِيمُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُوا۟ ٱلزَّكَوٰةَ وَأَقْرِضُوا۟ ٱللَّهَ قَرْضًا حَسَنًا ۚ وَمَا تُقَدِّمُوا۟ لِأَنفُسِكُم مِّنْ خَيْرٍ تَجِدُوهُ عِندَ ٱللَّهِ هُوَ خَيْرًا وَأَعْظَمَ أَجْرًا ۚ وَٱسْتَغْفِرُوا۟ ٱللَّهَ ۖ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٢٠﴾

20. [Эй Паёмбар] Яқинан Парвардигорат медонад, ки ту ва гурӯҳе аз онҳо, ки бо ту ҳастанд, наздики ду савуми шаб [аз се ду ҳиссаи шаб] ва [ё] нисф [ё] як савум [сеяк]-и онро ба [намоз] бармехезед. Ва Аллоҳ таоло шабу рӯзро андозагирӣ мекунад. [Ӯ] Медонад, ки шумо наметавонед шумориши онро [дақиқ] муҳосиба кунед, пас, шуморо бахшид. Пас, акнун ҳар чи [барои шумо] муяссар бошад, аз Қуръон бихонед. [Аллоҳ таоло] Медонад, ки бархе аз шумо бемор хоҳанд шуд ва гурӯҳе [дигар] барои ба даст овардани фазлу неъмати Аллоҳ таоло дар замин сафар мекунанд ва гурӯҳе [низ] дар роҳи Аллоҳ таоло ҷиҳод мекунанд, пас, он чи муяссар

бошад, аз он бихонед ва намоз барпо доред ва закот диҳед ва ба Аллоҳ таоло қарзи наку диҳед ва [бидонед, ки] он чи аз корҳои хайр пешопеш барои худ мефиристед, [онро] назди Аллоҳ таоло ба беҳтарин вачҳ ва бузургтарин подош хоҳед ёфт ва аз Аллоҳ таоло омурзиш бихоҳед, ки ҳамоно Аллоҳ таоло омурзандаи меҳрубон аст

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Эй ҷомабарсаркашида!	يَـٰٓأَيُّهَا ٱلْمُدَّثِّرُ ﴿١﴾
2. Бархез ва бим деҳ!	قُمْ فَأَنذِرْ ﴿٢﴾
3. Ва Парвардигоратро бузург шумор!	وَرَبَّكَ فَكَبِّرْ ﴿٣﴾
4. Ва ҷомаро покиза бидор!	وَثِيَابَكَ فَطَهِّرْ ﴿٤﴾
5. Ва аз палидӣ дурӣ кун!	وَٱلرُّجْزَ فَٱهْجُرْ ﴿٥﴾
6. Барои ин базлу бахшиш макун, ки афзунталабӣ кунӣ	وَلَا تَمْنُن تَسْتَكْثِرُ ﴿٦﴾
7. Ва барои [хушнудии] Парвардигорат шикебо бош	وَلِرَبِّكَ فَٱصْبِرْ ﴿٧﴾
8. Пас, ҳангоме ки дар «сур» дамида шавад	فَإِذَا نُقِرَ فِى ٱلنَّاقُورِ ﴿٨﴾
9. Он рӯз рӯзи сахт [ва душворе] аст	فَذَٰلِكَ يَوْمَئِذٍ يَوْمٌ عَسِيرٌ ﴿٩﴾
10. Бар кофирон осон нест	عَلَى ٱلْكَـٰفِرِينَ غَيْرُ يَسِيرٍ ﴿١٠﴾
11. [Эй Паёмбар] Маро бо касе, ки ӯро танҳо [ва бидуни амволу авлод] офаридаам, вогузор	ذَرْنِى وَمَنْ خَلَقْتُ وَحِيدًا ﴿١١﴾
12. [Ҳамон касе, ки] моли фаровоне барояш қарор додам	وَجَعَلْتُ لَهُۥ مَالًا مَّمْدُودًا ﴿١٢﴾
13. Ва фарзандоне, ки ҳамеша [дар хидмати ӯ ва] бо ӯ ҳастанд	وَبَنِينَ شُهُودًا ﴿١٣﴾
14. Ва ҳамаи васоил [ва имконоти] зиндагиро дар ихтиёраш қарор додам	وَمَهَّدتُّ لَهُۥ تَمْهِيدًا ﴿١٤﴾
15. Боз [ҳам] тамаъ дорад, ки [бар он] биафзоям	ثُمَّ يَطْمَعُ أَنْ أَزِيدَ ﴿١٥﴾

(*) Мудассир (Ҷома дар сар кашида).

كَلَّآۖ إِنَّهُۥ كَانَ لِأَٰيَٰتِنَا عَنِيدًا ﴿١٦﴾

16. Ҳаргиз [чунин нахоҳад шуд]! Бе гумон, ӯ нисбат ба оёти Мо душманӣ дорад

سَأُرْهِقُهُۥ صَعُودًا ﴿١٧﴾

17. Ва ба зудӣ ӯро ба машаққату сахтӣ меандозам

إِنَّهُۥ فَكَّرَ وَقَدَّرَ ﴿١٨﴾

18. Зеро ӯ [барои мубориза бо Қуръон] андешид ва муҳосиба кард

فَقُتِلَ كَيْفَ قَدَّرَ ﴿١٩﴾

19. Пас, марг бар ӯ бод! Чи гуна андоза [ва муҳосиба] кард?

ثُمَّ قُتِلَ كَيْفَ قَدَّرَ ﴿٢٠﴾

20. Боз [ҳам] марг бар ӯ бод! Чи гуна андоза [ва муҳосиба] кард?

ثُمَّ نَظَرَ ﴿٢١﴾

21. Сипас назар афканд

ثُمَّ عَبَسَ وَبَسَرَ ﴿٢٢﴾

22. Он гоҳ чеҳра дар ҳам кашид ва рӯ турш кард

ثُمَّ أَدْبَرَ وَٱسْتَكْبَرَ ﴿٢٣﴾

23. Сипас [ба ҳақ] пушт намуд ва такаббур варзид

فَقَالَ إِنْ هَٰذَآ إِلَّا سِحْرٌ يُؤْثَرُ ﴿٢٤﴾

24. Он гоҳ гуфт: «Ин [Қуръон] чизе ҷуз ҷодуе, ки [аз дигарон] омӯхта шуда, нест

إِنْ هَٰذَآ إِلَّا قَوْلُ ٱلْبَشَرِ ﴿٢٥﴾

25. Ва ин [чизе] ҷуз гуфтори башар нест»

سَأُصْلِيهِ سَقَرَ ﴿٢٦﴾

26. Ба зудӣ ӯро ба дузах дархоҳам оварда

وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا سَقَرُ ﴿٢٧﴾

27. Ва ту чи донӣ, ки дузах чи гуна аст?

لَا تُبْقِي وَلَا تَذَرُ ﴿٢٨﴾

28. [Оташи сӯзонест, ки] На [чизеро] боқӣ мегузорад ва на [чизеро] раҳо мекунад

لَوَّاحَةٌ لِّلْبَشَرِ ﴿٢٩﴾

29. Пӯстро [дигаргун карда] месӯзонад

عَلَيْهَا تِسْعَةَ عَشَرَ ﴿٣٠﴾

30. Бар он [оташ] нуздаҳ [фариштa] гуморида шудааст.

وَمَا جَعَلْنَآ أَصْحَٰبَ ٱلنَّارِ إِلَّا مَلَٰٓئِكَةً ۙ وَمَا جَعَلْنَا عِدَّتَهُمْ إِلَّا فِتْنَةً لِّلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لِيَسْتَيْقِنَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْكِتَٰبَ وَيَزْدَادَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِيمَٰنًا وَلَا يَرْتَابَ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْمُؤْمِنُونَ وَلِيَقُولَ ٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِم مَّرَضٌ وَٱلْكَٰفِرُونَ مَاذَآ أَرَادَ ٱللَّهُ بِهَٰذَا

31. Мо маъмурони дузахро фақат аз фариштагон қарор додем ва шумори онҳоро танҳо барои озмоиши кофирон муайян кардаем, то аҳли китоб яқин кунанд ва касоне, ки имон

مَثَلًا ۚ كَذَٰلِكَ يُضِلُّ ٱللَّهُ مَن يَشَآءُ وَيَهۡدِي مَن يَشَآءُ ۚ وَمَا يَعۡلَمُ جُنُودَ رَبِّكَ إِلَّا هُوَ ۚ وَمَا هِيَ إِلَّا ذِكۡرَىٰ لِلۡبَشَرِ ﴿٣١﴾

овардаанд, бар имони худ бияфзоянд ва аҳли китоб ва муъминон гирифтори шакку тардид нашаванд ва то касоне, ки дар дилҳояшон мараз аст ва [низ] кофирон бигӯянд: «Аллоҳ таоло аз ин масал [ва тавсиф] чи хостааст?». Бад-ин гуна, Аллоҳ таоло ҳар касро бихоҳад, гумроҳ месозад ва ҳар касро бихоҳад, ҳидоят мекунад ва [шумори] лашкариёни Парвардигоратро [касе] ҷуз Ӯ намедонад ва ин ҷуз панду андарзе барои инсонҳо нест

كَلَّا وَٱلۡقَمَرِ ﴿٣٢﴾

32. Оре, савганд ба моҳ [ки ҳаргиз чунин нест, ки онон тасаввур мекунанд]

وَٱلَّيۡلِ إِذۡ أَدۡبَرَ ﴿٣٣﴾

33. Ва [савганд ба] шаб ҳангоме ки пушт кунад

وَٱلصُّبۡحِ إِذَآ أَسۡفَرَ ﴿٣٤﴾

34. Ва ба субҳ ҳангоме ки равшан шавад

إِنَّهَا لَإِحۡدَى ٱلۡكُبَرِ ﴿٣٥﴾

35. Ки он [оташи дузах] яке аз [азобҳои] бузург [ва ҳавлнок] аст

نَذِيرٗا لِّلۡبَشَرِ ﴿٣٦﴾

36. Барои инсон бимдиҳанда аст

لِمَن شَآءَ مِنكُمۡ أَن يَتَقَدَّمَ أَوۡ يَتَأَخَّرَ ﴿٣٧﴾

37. Барои касе аз шумо, ки бихоҳад [бо корҳои наку] пеш афтад, ё [бо гуноҳ кардан] ақиб бимонад

كُلُّ نَفۡسِۭ بِمَا كَسَبَتۡ رَهِينَةٌ ﴿٣٨﴾

38. Ҳар кас дар гарави аъмоли хеш аст

إِلَّآ أَصۡحَٰبَ ٱلۡيَمِينِ ﴿٣٩﴾

39. Магар асҳоби ямин [муъминон]

فِي جَنَّٰتٖ يَتَسَآءَلُونَ ﴿٤٠﴾

40. Ки дар боғҳо [-и биҳишт] ҳастанд ва мепурсанд

عَنِ ٱلۡمُجۡرِمِينَ ﴿٤١﴾

41. аз гунаҳгорон:

مَا سَلَكَكُمۡ فِي سَقَرَ ﴿٤٢﴾

42. «Чӣ чиз шуморо ба дузах даровард?

قَالُواْ لَمۡ نَكُ مِنَ ٱلۡمُصَلِّينَ ﴿٤٣﴾

43. [Дузахиён] Мегӯянд: «Мо аз намозгузорон набудем

وَلَمۡ نَكُ نُطۡعِمُ ٱلۡمِسۡكِينَ ﴿٤٤﴾

44. Ва бенаво[-ён]-ро итъом намекардем

45. Ва пайваста ҳамроҳи ёвагӯён [ва аҳли ботил] ҳамсадо мешудем	وَكُنَّا نَخُوضُ مَعَ ٱلۡخَآئِضِينَ ﴿٤٥﴾
46. Ва ҳамвора рӯзи ҷазоро такзиб мекардем	وَكُنَّا نُكَذِّبُ بِيَوۡمِ ٱلدِّينِ ﴿٤٦﴾
47. То замоне, ки марг ба суроғамон омад	حَتَّىٰٓ أَتَىٰنَا ٱلۡيَقِينُ ﴿٤٧﴾
48. Пас, шафоати шафоаткунандагон ба онҳо суде намебахшад	فَمَا تَنفَعُهُمۡ شَفَٰعَةُ ٱلشَّٰفِعِينَ ﴿٤٨﴾
49. Пас, онҳоро чи шудааст, ки аз панд [-у тазаккур] рӯй гардондаанд?	فَمَا لَهُمۡ عَنِ ٱلتَّذۡكِرَةِ مُعۡرِضِينَ ﴿٤٩﴾
50. Гӯӣ, ки гӯрхароне рамидаанд	كَأَنَّهُمۡ حُمُرٞ مُّسۡتَنفِرَةٞ ﴿٥٠﴾
51. Ки аз [муқобили] шер гурехтаанд	فَرَّتۡ مِن قَسۡوَرَةِۭ ﴿٥١﴾
52. Балки ҳар кадом аз онҳо [таваққуъ дорад ва] мехоҳад, ки [ба ӯ] номае кушода [ва ҷудогона аз сӯйи Аллоҳ таоло] дода шавад	بَلۡ يُرِيدُ كُلُّ ٱمۡرِيٕٖ مِّنۡهُمۡ أَن يُؤۡتَىٰ صُحُفٗا مُّنَشَّرَةٗ ﴿٥٢﴾
53. Ҳаргиз, чунин нест [ки онон мепиндоранд]! Балки онҳо аз [азоби] охират наметарсанд	كَلَّاۖ بَل لَّا يَخَافُونَ ٱلۡأٓخِرَةَ ﴿٥٣﴾
54. На, чунин нест, ки онҳо мегӯянд, он [Қуръон] як тазаккур ва ёдоварӣ аст	كَلَّآ إِنَّهُۥ تَذۡكِرَةٞ ﴿٥٤﴾
55. Пас, ҳар касе, ки бихоҳад аз он панд гирад	فَمَن شَآءَ ذَكَرَهُۥ ﴿٥٥﴾
56. Ва ёд намекунанд [ва панд намегиранд], магар ин ки Аллоҳ таоло бихоҳад. Ӯст, ки сазовори парво кардан ва омурзидан аст.	وَمَا يَذۡكُرُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُۚ هُوَ أَهۡلُ ٱلتَّقۡوَىٰ وَأَهۡلُ ٱلۡمَغۡفِرَةِ ﴿٥٦﴾

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Ба рӯзи қиёмат савганд меҳӯрам	لَآ أُقۡسِمُ بِيَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِ ١
2. Ва ба нафси маломаттгар савганд меҳӯрам	وَلَآ أُقۡسِمُ بِٱلنَّفۡسِ ٱللَّوَّامَةِ ٢
3. Оё инсон мепиндорад, ки [пас аз марг] ҳаргиз устухонҳояшро ҷамъ нахоҳем кард?	أَيَحۡسَبُ ٱلۡإِنسَٰنُ أَلَّن نَّجۡمَعَ عِظَامَهُۥ ٣
4. Оре, Мо қодирем, ки [ҳатто хутути сари] ангуштонашро яксону мураттаб кунем.	بَلَىٰ قَٰدِرِينَ عَلَىٰٓ أَن نُّسَوِّيَ بَنَانَهُۥ ٤
5. Балки инсон мехоҳад, ки [озодона ва бидуни тарс аз охират] дар гуноҳу бадкорӣ мудовимат кунад	بَلۡ يُرِيدُ ٱلۡإِنسَٰنُ لِيَفۡجُرَ أَمَامَهُۥ ٥
6. [Аз ин рӯ] Мепурсад: «Рӯзи қиёмат кай хоҳад буд?»	يَسۡـَٔلُ أَيَّانَ يَوۡمُ ٱلۡقِيَٰمَةِ ٦
7. Пас, ҳангоме ки чашм хира шавад	فَإِذَا بَرِقَ ٱلۡبَصَرُ ٧
8. Ва моҳ тира [ва бе нур] гардад	وَخَسَفَ ٱلۡقَمَرُ ٨
9. Ва хуршеду моҳ як ҷо ҷамъ шаванд	وَجُمِعَ ٱلشَّمۡسُ وَٱلۡقَمَرُ ٩
10. Он рӯз инсон мегӯяд: «Роҳи гурез куҷост?»	يَقُولُ ٱلۡإِنسَٰنُ يَوۡمَئِذٍ أَيۡنَ ٱلۡمَفَرُّ ١٠
11. Ҳаргиз! Ҳеҷ гурезгоҳе нест	كَلَّا لَا وَزَرَ ١١
12. Он рӯз қароргоҳ [-и ниҳоне] ба сӯйи Парвардигори туст	إِلَىٰ رَبِّكَ يَوۡمَئِذٍ ٱلۡمُسۡتَقَرُّ ١٢
13. Ва дар он рӯз инсонро аз тамоми корҳое, ки аз пеш ё пас фиристода, огоҳ мекунанд	يُنَبَّؤُاْ ٱلۡإِنسَٰنُ يَوۡمَئِذِۭ بِمَا قَدَّمَ وَأَخَّرَ ١٣
14. Балки инсон ба хубӣ бар хештан огоҳ аст	بَلِ ٱلۡإِنسَٰنُ عَلَىٰ نَفۡسِهِۦ بَصِيرَةٞ ١٤
15. Агарчи [дар дифоъ аз худ] узрҳояшро дар миён оварад	وَلَوۡ أَلۡقَىٰ مَعَاذِيرَهُۥ ١٥

16. [Эй паёмбар, ҳангоми нузули Қуръон] забонатро барои [такрор ва хондани] он шитобзада ҳаракат мадеҳ	لَا تُحَرِّكْ بِهِۦ لِسَانَكَ لِتَعْجَلَ بِهِۦٓ ﴿١٦﴾
17. Мусалламан, ҷамъоварӣ ва хондани он бар [уҳдаи] Мост	إِنَّ عَلَيْنَا جَمْعَهُۥ وَقُرْءَانَهُۥ ﴿١٧﴾
18. Пас, ҳар гоҳ [тавассути Ҷабраил] онро [бар ту] хондем, аз хондани ӯ пайравӣ кун	فَإِذَا قَرَأْنَٰهُ فَٱتَّبِعْ قُرْءَانَهُۥ ﴿١٨﴾
19. Сипас баён карданаш бар [уҳдаи] Мост	ثُمَّ إِنَّ عَلَيْنَا بَيَانَهُۥ ﴿١٩﴾
20. Ҳаргиз чунин нест [ки шумо мушрикон мепиндоред]! Балки дунё [-и зудгузар]-ро дӯст медоред	كَلَّا بَلْ تُحِبُّونَ ٱلْعَاجِلَةَ ﴿٢٠﴾
21. Ва охиратро раҳо мекунед	وَتَذَرُونَ ٱلْءَاخِرَةَ ﴿٢١﴾
22. Он рӯз чеҳраҳое тоза [ва шодоб] аст	وُجُوهٌ يَوْمَئِذٍ نَّاضِرَةٌ ﴿٢٢﴾
23. Ба сӯйи Парвардигораш менигарад	إِلَىٰ رَبِّهَا نَاظِرَةٌ ﴿٢٣﴾
24. Ва дар он рӯз чеҳраҳое абус [ва дарҳамкашида] аст	وَوُجُوهٌ يَوْمَئِذٍۭ بَاسِرَةٌ ﴿٢٤﴾
25. Яқин дорад, ки осебе камаршикан ба ӯ мерасад	تَظُنُّ أَن يُفْعَلَ بِهَا فَاقِرَةٌ ﴿٢٥﴾
26. Оре, чун [ҷон] ба гулугоҳаш бирасад	كَلَّآ إِذَا بَلَغَتِ ٱلتَّرَاقِىَ ﴿٢٦﴾
27. Ва гуфта шавад: «Чи касест, ки афсун бихонад? [Ва ӯро наҷот диҳад]	وَقِيلَ مَنْ ۜ رَاقٍ ﴿٢٧﴾
28. Ва яқин кунад, ки замони ҷудоӣ [аз дунё] аст.	وَظَنَّ أَنَّهُ ٱلْفِرَاقُ ﴿٢٨﴾
29. Ва [кор боло гирад ва] соқҳо[-и пояш аз сахтии ҷон додан] ба ҳам печад.	وَٱلْتَفَّتِ ٱلسَّاقُ بِٱلسَّاقِ ﴿٢٩﴾
30. Дар он рӯз масири ҳама ба сӯйи Парвардигорат хоҳад буд	إِلَىٰ رَبِّكَ يَوْمَئِذٍ ٱلْمَسَاقُ ﴿٣٠﴾
31. Пас, [мункири меод] на тасдиқ карда ва на намоз гузоридааст	فَلَا صَدَّقَ وَلَا صَلَّىٰ ﴿٣١﴾

32. Балки [Куръонро] такзиб кард ва [аз имон] рӯ гардонд	وَلَٰكِن كَذَّبَ وَتَوَلَّىٰ ﴿٣٢﴾
33. Сипас хиромон ба сӯйи хонаводааш бозгашт	ثُمَّ ذَهَبَ إِلَىٰٓ أَهۡلِهِۦ يَتَمَطَّىٰٓ ﴿٣٣﴾
34. Вой бар ту! Пас, вой бар ту!	أَوۡلَىٰ لَكَ فَأَوۡلَىٰ ﴿٣٤﴾
35. Боз ҳам вой бар ту! Пас, вой бар ту!	ثُمَّ أَوۡلَىٰ لَكَ فَأَوۡلَىٰٓ ﴿٣٥﴾
36. Оё инсон гумон мекунад, ки [бе ҳадаф ва бидуни ҳисоб ва ҷазо] ба худ раҳо мешавад?	أَيَحۡسَبُ ٱلۡإِنسَٰنُ أَن يُتۡرَكَ سُدًى ﴿٣٦﴾
37. Оё [ӯ] нутфае аз манӣ набуд, ки [дар раҳим] рехта мешавад?	أَلَمۡ يَكُ نُطۡفَةٗ مِّن مَّنِيّٖ يُمۡنَىٰ ﴿٣٧﴾
38. Он гоҳ ба сурати хуни баста даромад ва [Аллоҳ таоло ӯро] офарид ва дурусту устувор сохт	ثُمَّ كَانَ عَلَقَةٗ فَخَلَقَ فَسَوَّىٰ ﴿٣٨﴾
39. Сипас аз ӯ ду завҷи нару мода падид овард	فَجَعَلَ مِنۡهُ ٱلزَّوۡجَيۡنِ ٱلذَّكَرَ وَٱلۡأُنثَىٰٓ ﴿٣٩﴾
40. Оё [чунин Офаридгоре] қодир нест, ки мурдагонро [дубора] зинда кунад?	أَلَيۡسَ ذَٰلِكَ بِقَٰدِرٍ عَلَىٰٓ أَن يُحۡۦِيَ ٱلۡمَوۡتَىٰ ﴿٤٠﴾

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

هَلْ أَتَىٰ عَلَى ٱلْإِنسَٰنِ حِينٌ مِّنَ ٱلدَّهْرِ لَمْ يَكُن شَيْـًٔا مَّذْكُورًا ﴿١﴾

1. Яқинан, замони тӯлоние бар инсон гузашт, ки чизе [муҳимму] қобили зикр набуд

إِنَّا خَلَقْنَا ٱلْإِنسَٰنَ مِن نُّطْفَةٍ أَمْشَاجٍ نَّبْتَلِيهِ فَجَعَلْنَٰهُ سَمِيعًۢا بَصِيرًا ﴿٢﴾

2. Ба ростӣ, Мо инсонро аз нутфаи мухталит [омехта]-е офаридем, ӯро меозмоем. Пас, ӯро шунавову бино қарор додем

إِنَّا هَدَيْنَٰهُ ٱلسَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرًا وَإِمَّا كَفُورًا ﴿٣﴾

3. Ҳамоно Мо роҳро ба ӯ нишон додем, хоҳ сипосгузор бошад ё носипос

إِنَّآ أَعْتَدْنَا لِلْكَٰفِرِينَ سَلَٰسِلَا۟ وَأَغْلَٰلًا وَسَعِيرًا ﴿٤﴾

4. Ба ростӣ, Мо барои кофирон занҷирҳо ва бандҳо ва оташи сӯзон муҳайё кардаем

إِنَّ ٱلْأَبْرَارَ يَشْرَبُونَ مِن كَأْسٍ كَانَ مِزَاجُهَا كَافُورًا ﴿٥﴾

5. Бе гумон, накукорон [дар биҳишт] аз ҷоме менӯшанд, ки омехта ба кофур аст

عَيْنًا يَشْرَبُ بِهَا عِبَادُ ٱللَّهِ يُفَجِّرُونَهَا تَفْجِيرًا ﴿٦﴾

6. [Аз] Чашмае, ки бандагони [хоси] Аллоҳ таоло аз он менӯшанд, [ҳар вақту] ҳар ҷо бихоҳанд он [чашма]-ро ҷорӣ месозанд

يُوفُونَ بِٱلنَّذْرِ وَيَخَافُونَ يَوْمًا كَانَ شَرُّهُۥ مُسْتَطِيرًا ﴿٧﴾

7. [Бандагони накукор] Ба назр вафо мекунанд ва аз рӯзе метарсанд, ки [азобу] шарри он фарогир аст

وَيُطْعِمُونَ ٱلطَّعَامَ عَلَىٰ حُبِّهِۦ مِسْكِينًا وَيَتِيمًا وَأَسِيرًا ﴿٨﴾

8. Ва ғизоро бо ин ки [ниёз ва] дӯст доранд, ба мустаманду ятим ва асир мебахшанд

إِنَّمَا نُطْعِمُكُمْ لِوَجْهِ ٱللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنكُمْ جَزَآءً وَلَا شُكُورًا ﴿٩﴾

9. [Ва дар дил мегӯянд] «Мо фақат ба хотири Аллоҳ таоло ба шумо ғизо медиҳем, на аз шумо подоше мехоҳем ва на сипосе

إِنَّا نَخَافُ مِن رَّبِّنَا يَوْمًا عَبُوسًا قَمْطَرِيرًا ﴿١٠﴾

10. Ҳамоно мо аз Парвардигорамон метарсем, [аз азоби] рӯзе, ки туршрӯ ва душвор аст»

فَوَقَىٰهُمُ ٱللَّهُ شَرَّ ذَٰلِكَ ٱلْيَوْمِ وَلَقَّىٰهُمْ نَضْرَةً وَسُرُورًا ﴿١١﴾

11. Пас, Аллоҳ таоло ононро аз [сахтӣ ва] шарри он рӯз нигаҳ дошт ва ба эшон хуррамӣ ва шодмонӣ бахшид

وَجَزَىٰهُم بِمَا صَبَرُوا۟ جَنَّةً وَحَرِيرًا ﴿١٢﴾

12. Ва ба [шукронаи] сабре, ки карданд, биҳишт ва [либосҳои] ҳарир [-и биҳиштӣ] ба эшон подош дод

مُّتَّكِـِٔينَ فِيهَا عَلَى ٱلْأَرَآئِكِ ۖ لَا يَرَوْنَ فِيهَا شَمْسًا وَلَا زَمْهَرِيرًا ﴿١٣﴾

13. Дар он ҷо бар тахтҳо [-и зебо] такя кардаанд, на [ҳарорати] офтобе дар он ҷо мебинед ва на [сӯзи] сармое

وَدَانِيَةً عَلَيْهِمْ ظِلَٰلُهَا وَذُلِّلَتْ قُطُوفُهَا تَذْلِيلًا ﴿١٤﴾

14. Ва сояҳояш бар онон фурӯ афтода ва меваҳояш [барои чидан] дар дастрас аст

وَيُطَافُ عَلَيْهِم بِـَٔانِيَةٍ مِّن فِضَّةٍ وَأَكْوَابٍ كَانَتْ قَوَارِيرَا۠ ﴿١٥﴾

15. Ва дар гирдогирди эшон зарфҳои симин [-и ғизо] ва косаҳои булурин [-и нӯшиданӣ] гардонида мешавад

قَوَارِيرَا۟ مِن فِضَّةٍ قَدَّرُوهَا تَقْدِيرًا ﴿١٦﴾

16. [Косаҳои] Булурине аз нуқра, ки онҳоро ба андозаи муносиб [лабрез ва] омода кардаанд

وَيُسْقَوْنَ فِيهَا كَأْسًا كَانَ مِزَاجُهَا زَنجَبِيلًا ﴿١٧﴾

17. Ва дар он ҷо ҷомҳое сероб мешаванд, ки омезааш занҷабил аст

عَيْنًا فِيهَا تُسَمَّىٰ سَلْسَبِيلًا ﴿١٨﴾

18. [Ин ҷомҳо аз] Чашмае пур мегардад, ки дар он ҷо Салсабил номида мешавад

۞وَيَطُوفُ عَلَيْهِمْ وِلْدَٰنٌ مُّخَلَّدُونَ إِذَا رَأَيْتَهُمْ حَسِبْتَهُمْ لُؤْلُؤًا مَّنثُورًا ﴿١٩﴾

19. Ва ҳамвора навҷавононе ҷовидона бар гирдашон мечарханд, ки ҳар гоҳ онҳоро бубинӣ, гумон мекунӣ, ки марвориди пароканда ҳастанд

وَإِذَا رَأَيْتَ ثَمَّ رَأَيْتَ نَعِيمًا وَمُلْكًا كَبِيرًا ﴿٢٠﴾

20. Ва чун [ба ҳар самте] бингарӣ, он ҷо неъмати бисёр ва фармонравоии азиме мебинӣ

عَٰلِيَهُمْ ثِيَابُ سُندُسٍ خُضْرٌ وَإِسْتَبْرَقٌ ۖ وَحُلُّوٓا۟ أَسَاوِرَ مِن فِضَّةٍ وَسَقَىٰهُمْ رَبُّهُمْ شَرَابًا طَهُورًا ﴿٢١﴾

21. Бар онон [биҳиштиён] либосҳое сабзранг аз дебои нозук ва дебои захим [пӯшонида шуда]-аст ва бо дастбандҳое аз нуқра ороста шудаанд ва Парвардигорашон шароби пок ба эшон менӯшонад

إِنَّ هَٰذَا كَانَ لَكُمْ جَزَآءً وَكَانَ سَعْيُكُم مَّشْكُورًا ﴿٢٢﴾

22. [Ва ба онҳо гуфта мешавад] «Ин [неъматҳо] подоши шумост ва [бидонед, ки] аз саъю кӯшиши шумо қадрдонӣ шудааст»

إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا عَلَيْكَ ٱلْقُرْءَانَ تَنزِيلًا ﴿٢٣﴾

23. [Эй Паёмбар] Яқинан, Мо Қуръонро бар ту тадриҷан нозил кардем

24. Пас, бар ҳукми Парвардигорат шикебо бош ва аз ҳеҷ кадом аз гунаҳгорон ва бединонашон фармон мабар

فَٱصۡبِرۡ لِحُكۡمِ رَبِّكَ وَلَا تُطِعۡ مِنۡهُمۡ ءَاثِمًا أَوۡ كَفُورٗا ٢٤

25. Ва субҳу шом номи Парвардигоратро ёд кун

وَٱذۡكُرِ ٱسۡمَ رَبِّكَ بُكۡرَةٗ وَأَصِيلٗا ٢٥

26. Ва [низ] бахше аз шаб барояш саҷда кун [ва намоз бигузор] ва дар бахши баланде аз шаб [қисмати дарози шаб, ки ҳама дар хобанд] Ӯро тасбеҳ гӯй

وَمِنَ ٱلَّيۡلِ فَٱسۡجُدۡ لَهُۥ وَسَبِّحۡهُ لَيۡلٗا طَوِيلًا ٢٦

27. Бе гумон, инон [кофирон] дунёи зудгузарро дӯст медоранд ва рӯзи сахте [-ро, ки дар пеш доранд] пушти сари худ раҳо мекунанд [ва ба он аҳамият намедиҳанд]

إِنَّ هَٰٓؤُلَآءِ يُحِبُّونَ ٱلۡعَاجِلَةَ وَيَذَرُونَ وَرَآءَهُمۡ يَوۡمٗا ثَقِيلٗا ٢٧

28. Мо онҳоро офаридем ва пайванди вуҷудашонро муҳкам кардем ва ҳар замон, ки бихоҳем, ҷойи ононро ба [гурӯҳи дигаре] монандашон медиҳем

نَّحۡنُ خَلَقۡنَٰهُمۡ وَشَدَدۡنَآ أَسۡرَهُمۡۖ وَإِذَا شِئۡنَا بَدَّلۡنَآ أَمۡثَٰلَهُمۡ تَبۡدِيلًا ٢٨

29. Бе гумон, ин ёдоварӣ [ва панд] аст, пас, ҳар кас, ки бихоҳад, роҳе ба сӯйи Парвардигораш баргузинад

إِنَّ هَٰذِهِۦ تَذۡكِرَةٞۖ فَمَن شَآءَ ٱتَّخَذَ إِلَىٰ رَبِّهِۦ سَبِيلٗا ٢٩

30. Ва шумо чизеро намехоҳед, магар ин ки Аллоҳ таоло бихоҳад. Бе гумон, Аллоҳ таоло донои ҳаким аст

وَمَا تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيمًا حَكِيمٗا ٣٠

31. Ҳар касро, ки бихоҳад, дар раҳмати худ ворид мекунад ва барои ситамгорон азоби дардноке омода кардааст

يُدۡخِلُ مَن يَشَآءُ فِي رَحۡمَتِهِۦۚ وَٱلظَّٰلِمِينَ أَعَدَّ لَهُمۡ عَذَابًا أَلِيمَۢا ٣١

(77) Мурсалот[*] المرسلات

Ҷузъи 29

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба фариштагоне, ки паёпай фиристода мешаванд	وَٱلْمُرْسَلَٰتِ عُرْفًا ﴿١﴾
2. Ҳамчун тундбод мераванд	فَٱلْعَٰصِفَٰتِ عَصْفًا ﴿٢﴾
3. Ва савганд ба фариштагоне, ки [абрҳоро] пароканда мекунанд	وَٱلنَّٰشِرَٰتِ نَشْرًا ﴿٣﴾
4. Ва савганд ба фариштагоне, ки ҷудокунандаи [ҳақ аз ботил] ҳастанд	فَٱلْفَٰرِقَٰتِ فَرْقًا ﴿٤﴾
5. Ва савганд ба фариштагоне, ки ваҳй [-и илоҳӣ]-ро [ба паёмбарон] илқо мекунанд	فَٱلْمُلْقِيَٰتِ ذِكْرًا ﴿٥﴾
6. Барои итмоми ҳуҷҷат, барои бим ва ҳушдор	عُذْرًا أَوْ نُذْرًا ﴿٦﴾
7. Бе гумон, он чи ба шумо ваъда дода мешавад, воқеъ хоҳад шуд	إِنَّمَا تُوعَدُونَ لَوَٰقِعٌ ﴿٧﴾
8. Пас, он гоҳ ки ситорагон тира [ва маҳв] шавад	فَإِذَا ٱلنُّجُومُ طُمِسَتْ ﴿٨﴾
9. Ва он гоҳ ки осмон шикофта шавад	وَإِذَا ٱلسَّمَآءُ فُرِجَتْ ﴿٩﴾
10. Ва он гоҳ ки кӯҳҳо [аз ҷо канда ва] пароканда шавад	وَإِذَا ٱلْجِبَالُ نُسِفَتْ ﴿١٠﴾
11. Ва он гоҳ ки барои паёмбарон [ҷиҳати гувоҳӣ додан дар мавриди умматҳо] вақт таъйин шавад	وَإِذَا ٱلرُّسُلُ أُقِّتَتْ ﴿١١﴾
12. Ин [амр] барои чи рӯзе ба таъхир афтодааст?	لِأَيِّ يَوْمٍ أُجِّلَتْ ﴿١٢﴾
13. Барои рӯзи ҷудоӣ [ва довариҳо]	لِيَوْمِ ٱلْفَصْلِ ﴿١٣﴾
14. Ва ту чи донӣ, ки рӯзи ҷудоӣ [ва довариҳо] чист?	وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا يَوْمُ ٱلْفَصْلِ ﴿١٤﴾
15. Дар он рӯз [қиёмат] вой бар такзибкунандагон!	وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿١٥﴾

(*) Мурсалот (Бодҳо).

16. Оё мо пешиниён[-и муҷрим]-ро нобуд накардем?	أَلَمۡ نُهۡلِكِ ٱلۡأَوَّلِينَ ﴿١٦﴾
17. Сипас дигаронро дар пайи онҳо хоҳем оварда	ثُمَّ نُتۡبِعُهُمُ ٱلۡأٓخِرِينَ ﴿١٧﴾
18. Ин чунин бо гунаҳгорон рафтор мекунем	كَذَٰلِكَ نَفۡعَلُ بِٱلۡمُجۡرِمِينَ ﴿١٨﴾
19. Дар он рӯз вой бар такзибкунандагон!	وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ﴿١٩﴾
20. Оё шуморо аз обе паст [-у ночиз] наофаридем?	أَلَمۡ نَخۡلُقكُّم مِّن مَّآءٖ مَّهِينٖ ﴿٢٠﴾
21. Ки сипас онро дар қароргоҳе маҳфуз [раҳим] қарор додем	فَجَعَلۡنَٰهُ فِي قَرَارٖ مَّكِينٍ ﴿٢١﴾
22. То замоне муайян	إِلَىٰ قَدَرٖ مَّعۡلُومٖ ﴿٢٢﴾
23. Пас, мо [бар ин кор] тавоно будем ва чи нек тавоно [ва қудратманд] ҳастем	فَقَدَرۡنَا فَنِعۡمَ ٱلۡقَٰدِرُونَ ﴿٢٣﴾
24. Дар он рӯз вой бар такзибкунандагон!	وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ﴿٢٤﴾
25. Оё заминро ҷойгоҳи [таҷаммуи мардум] қарор надодем?	أَلَمۡ نَجۡعَلِ ٱلۡأَرۡضَ كِفَاتًا ﴿٢٥﴾
26. Ҳам дар ҳоли ҳаёт ва ҳам маргашон?	أَحۡيَآءٗ وَأَمۡوَٰتٗا ﴿٢٦﴾
27. Ва дар он кӯҳҳои бисёр баланд [ва устувор] қарор додем ва обе ширин [ва гуворо] ба шумо нӯшонидем	وَجَعَلۡنَا فِيهَا رَوَٰسِيَ شَٰمِخَٰتٖ وَأَسۡقَيۡنَٰكُم مَّآءٗ فُرَاتٗا ﴿٢٧﴾
28. Дар он рӯз вой бар такзибкунандагон!	وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ﴿٢٨﴾
29. [Ба онҳо гуфта мешавад] «Ба сӯйи ҳамон чизе биравед, ки пайваста такзибаш мекардед.	ٱنطَلِقُوٓاْ إِلَىٰ مَا كُنتُم بِهِۦ تُكَذِّبُونَ ﴿٢٩﴾
30. Биравед ба сӯйи сояи [дудҳои оташи] сешоха	ٱنطَلِقُوٓاْ إِلَىٰ ظِلّٖ ذِي ثَلَٰثِ شُعَبٖ ﴿٣٠﴾
31. На сояафкан [ва хунук] аст ва на аз [гармии] шуълаҳои оташ ҷилавгирӣ мекунад»	لَّا ظَلِيلٖ وَلَا يُغۡنِي مِنَ ٱللَّهَبِ ﴿٣١﴾
32. Ҳамоно он [дузах] шарораҳое чун кохе [баланд] меафканад.	إِنَّهَا تَرۡمِي بِشَرَرٖ كَٱلۡقَصۡرِ ﴿٣٢﴾
33. Гӯй, ки он [шарораҳо] шутурони зардранг ҳастанд	كَأَنَّهُۥ جِمَٰلَتٞ صُفۡرٞ ﴿٣٣﴾

34. Дар он рӯз вой бар такзибкунандагон!	وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿٣٤﴾
35. Ин [ҳамон] рӯзест, ки сухан намегӯянд	هَٰذَا يَوْمُ لَا يَنطِقُونَ ﴿٣٥﴾
36. Ва ба онҳо иҷозат дода намешавад, то узрхоҳӣ кунанд	وَلَا يُؤْذَنُ لَهُمْ فَيَعْتَذِرُونَ ﴿٣٦﴾
37. Дар он рӯз, вой бар такзибкунандагон!	وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿٣٧﴾
38. Ин [ҳамон] рӯзи ҷудоӣ [ва доварӣ] аст, ки шумо ва гузаштагонро гирд овардаем	هَٰذَا يَوْمُ ٱلْفَصْلِ ۖ جَمَعْنَٰكُمْ وَٱلْأَوَّلِينَ ﴿٣٨﴾
39. Пас, агар [ҳила ва] найранге доред, онро дар ҳаққи ман ба кор гиред	فَإِن كَانَ لَكُمْ كَيْدٌ فَكِيدُونِ ﴿٣٩﴾
40. Дар он рӯз вой бар такзибкунандагон!	وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿٤٠﴾
41. Ба ростӣ, ки [дар он рӯз] парҳезкорон дар сояҳо ва [канори] чашмаҳо қарор доранд	إِنَّ ٱلْمُتَّقِينَ فِى ظِلَٰلٍ وَعُيُونٍ ﴿٤١﴾
42. Ва меваҳое, ки майл дошта бошанд	وَفَوَٰكِهَ مِمَّا يَشْتَهُونَ ﴿٤٢﴾
43. [Ба онҳо гуфта мешавад] «Ба подоши он чи мекардед, гуворо бихӯред ва биёшомед»	كُلُوا۟ وَٱشْرَبُوا۟ هَنِيٓـًٔۢا بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿٤٣﴾
44. Мо ин гуна накукоронро подош медиҳем»	إِنَّا كَذَٰلِكَ نَجْزِى ٱلْمُحْسِنِينَ ﴿٤٤﴾
45. Дар он рӯз вой бар такзибкунандагон!	وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿٤٥﴾
46. «[Эй кофирон, дар ин дунё] андаке бихӯред ва баҳра гиред, зеро шумо гунаҳгоред»	كُلُوا۟ وَتَمَتَّعُوا۟ قَلِيلًا إِنَّكُم مُّجْرِمُونَ ﴿٤٦﴾
47. Дар он рӯз вой бар такзибкунандагон!	وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿٤٧﴾
48. Ва ҳангоме ки ба онҳо гуфта шавад: «[Намоз бигузоред ва] рукуъ кунед, [намоз намегузоранд ва] рукуъ намекунанд	وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ ٱرْكَعُوا۟ لَا يَرْكَعُونَ ﴿٤٨﴾
49. Дар он рӯз вой бар такзибкунандагон!	وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿٤٩﴾
50. [Агар мардум ба ин Қуръон имон намеоваранд] Пас, баъд аз он ба кадом сухан имон меоваранд?	فَبِأَىِّ حَدِيثٍۭ بَعْدَهُۥ يُؤْمِنُونَ ﴿٥٠﴾

(78) Наба[*] النبأ

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Кофирон] Дар бораи чи чиз аз якдигар суол мекунанд?	عَمَّ يَتَسَآءَلُونَ ﴿١﴾
2. Аз хабаре бузург	عَنِ ٱلنَّبَإِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٢﴾
3. Ҳамон [хабаре] ки онҳо дар он ихтилоф доранд	ٱلَّذِى هُمْ فِيهِ مُخْتَلِفُونَ ﴿٣﴾
4. Чунин нест [ки онҳо меандешанд] ба зудӣ хоҳанд донист	كَلَّا سَيَعْلَمُونَ ﴿٤﴾
5. Боз ҳам чунин нест; ба зудӣ хоҳанд донист	ثُمَّ كَلَّا سَيَعْلَمُونَ ﴿٥﴾
6. Оё заминро бистаре [барои осоиши шумо] қарор надодем?	أَلَمْ نَجْعَلِ ٱلْأَرْضَ مِهَٰدًا ﴿٦﴾
7. Ва кӯҳҳоро мехҳо [-и он] қарор надодем?	وَٱلْجِبَالَ أَوْتَادًا ﴿٧﴾
8. Ва шуморо ҷуфт [нару мода] офаридем.	وَخَلَقْنَٰكُمْ أَزْوَٰجًا ﴿٨﴾
9. Ва хоби шуморо [мояи] оромишатон қарор додем	وَجَعَلْنَا نَوْمَكُمْ سُبَاتًا ﴿٩﴾
10. Ва шабро пӯшише [бароятон] қарор додем	وَجَعَلْنَا ٱلَّيْلَ لِبَاسًا ﴿١٠﴾
11. Ва рӯзро [василаи] зиндагӣ ва [касби маош] қарор додем	وَجَعَلْنَا ٱلنَّهَارَ مَعَاشًا ﴿١١﴾
12. Ва бар фарози шумо ҳафт [осмон] муҳкам бино кардем	وَبَنَيْنَا فَوْقَكُمْ سَبْعًا شِدَادًا ﴿١٢﴾
13. Ва [хуршедро] чароғе дурахшон офаридем	وَجَعَلْنَا سِرَاجًا وَهَّاجًا ﴿١٣﴾
14. Ва аз абрҳои боронзо обе фаровон фурӯ фиристодем	وَأَنزَلْنَا مِنَ ٱلْمُعْصِرَٰتِ مَآءً ثَجَّاجًا ﴿١٤﴾
15. То бад-он дона ва гиёҳ бисёр бирӯёнем	لِّنُخْرِجَ بِهِۦ حَبًّا وَنَبَاتًا ﴿١٥﴾

(*) Наба (Хабар).

16. Ва боғҳое пурдарахт [бо он парвариш диҳем]	وَجَنَّٰتٍ أَلۡفَافًا ﴿١٦﴾
17. Бе гумон, рӯзи доварӣ ваъдагоҳ [-и Мо бо шумо] аст	إِنَّ يَوۡمَ ٱلۡفَصۡلِ كَانَ مِيقَٰتًا ﴿١٧﴾
18. Рӯзе, ки дар «сур» дамида мешавад ва шумо гурӯҳ-гурӯҳ [ба маҳшар] меоед	يَوۡمَ يُنفَخُ فِي ٱلصُّورِ فَتَأۡتُونَ أَفۡوَاجٗا ﴿١٨﴾
19. Ва осмон кушуда мешавад ва ба сурати дарҳои мутааддид дармеояд	وَفُتِحَتِ ٱلسَّمَآءُ فَكَانَتۡ أَبۡوَٰبٗا ﴿١٩﴾
20. Ва кӯҳҳо ба ҳаракат дармеояд ва ба сурати саробе мешавад	وَسُيِّرَتِ ٱلۡجِبَالُ فَكَانَتۡ سَرَابًا ﴿٢٠﴾
21. Ва бе гумон, ҷаҳаннам камингоҳест	إِنَّ جَهَنَّمَ كَانَتۡ مِرۡصَادٗا ﴿٢١﴾
22. Ва маҳалли бозгаште барои туғёнгарон	لِّلطَّٰغِينَ مَـَٔابٗا ﴿٢٢﴾
23. Муддати замоне дароз дар он ҷо бимонанд	لَّٰبِثِينَ فِيهَآ أَحۡقَابٗا ﴿٢٣﴾
24. Дар он ҷо [чизи] хунуке намечашанд ва на ошомиданӣ [-и гуворое хоҳанд дошт]	لَّا يَذُوقُونَ فِيهَا بَرۡدٗا وَلَا شَرَابًا ﴿٢٤﴾
25. Ҷуз обе сӯзон ва [моеъе, ки] чирку хун [аст]	إِلَّا حَمِيمٗا وَغَسَّاقٗا ﴿٢٥﴾
26. [Ин] Кайфаре аст муносиб ва дархӯр [-и аъмолашон]	جَزَآءٗ وِفَاقًا ﴿٢٦﴾
27. Чаро ки онҳо ҳеҷ умеде ба [рӯзи] ҳисоб надоштанд	إِنَّهُمۡ كَانُواْ لَا يَرۡجُونَ حِسَابٗا ﴿٢٧﴾
28. Ва оёти Моро ба шиддат такзиб карданд	وَكَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا كِذَّابٗا ﴿٢٨﴾
29. Ва Мо ҳама чизро [дар Лавҳи маҳфуз] шуморишу сабт кардаем	وَكُلَّ شَيۡءٍ أَحۡصَيۡنَٰهُ كِتَٰبٗا ﴿٢٩﴾
30. Пас, [кайфари аъмоли худро] бичашед, ки чизе ҷуз азоб бар шумо намеафзоем	فَذُوقُواْ فَلَن نَّزِيدَكُمۡ إِلَّا عَذَابًا ﴿٣٠﴾
31. Бе гумон, барои парҳезкорон комёбӣ [-и бузурге] аст	إِنَّ لِلۡمُتَّقِينَ مَفَازًا ﴿٣١﴾
32. Боғҳои [мева] ва токзорҳо	حَدَآئِقَ وَأَعۡنَٰبٗا ﴿٣٢﴾

وَكَوَاعِبَ أَتْرَابًا ﴿٣٣﴾

33. Ва ҳуроне ҷавон ва ҳамсиннусол

وَكَأْسًا دِهَاقًا ﴿٣٤﴾

34. Ва ҷомҳое лабрез ва паёпай [аз шароби покизаи биҳишт]

لَّا يَسْمَعُونَ فِيهَا لَغْوًا وَلَا كِذَّابًا ﴿٣٥﴾

35. Дар он ҷо на сухани беҳудае мешунаванд ва на дурӯғе

جَزَآءً مِّن رَّبِّكَ عَطَآءً حِسَابًا ﴿٣٦﴾

36. [Ин] Подош аз ҷониби Парвардигори туст ва атое аз рӯйи ҳисоб

رَّبِّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا ٱلرَّحْمَٰنِ ۖ لَا يَمْلِكُونَ مِنْهُ خِطَابًا ﴿٣٧﴾

37. [Ҳамон] Парвардигори осмонҳо ва замин ва он чи дар миёни онҳост; [ҳамон Аллоҳи] Раҳмон [ки] ҳеҷ кас [дар он рӯз] ёрои сухан гуфтан бо ӯро надорад

يَوْمَ يَقُومُ ٱلرُّوحُ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةُ صَفًّا ۖ لَّا يَتَكَلَّمُونَ إِلَّا مَنْ أَذِنَ لَهُ ٱلرَّحْمَٰنُ وَقَالَ صَوَابًا ﴿٣٨﴾

38. Рӯзе, ки Руҳ [Ҷабраил] ва фариштагон ба саф биистанд, ҳеҷ кас сухан нагӯяд, ҷуз касе, ки Аллоҳи раҳмон ба ӯ иҷозат дода бошад ва [ӯ] сухани дуруст [ва савоб] гӯяд

ذَٰلِكَ ٱلْيَوْمُ ٱلْحَقُّ ۖ فَمَن شَآءَ ٱتَّخَذَ إِلَىٰ رَبِّهِۦ مَـَٔابًا ﴿٣٩﴾

39. Он [рӯз] рӯзи ҳақ аст; пас, ҳар ки хоҳад, роҳи бозгаште ба сӯи Парвардигори худ бичӯяд

إِنَّآ أَنذَرْنَٰكُمْ عَذَابًا قَرِيبًا يَوْمَ يَنظُرُ ٱلْمَرْءُ مَا قَدَّمَتْ يَدَاهُ وَيَقُولُ ٱلْكَافِرُ يَٰلَيْتَنِى كُنتُ تُرَٰبًا ﴿٤٠﴾

40. Ба ростӣ, Мо шуморо аз азобе наздик бим додем: рӯзе, ки инсон он чиро аз қабл бо дастҳои худ фиристодааст, мебинад ва кофир мегӯяд: «Эй кош, ман хок будам [ва барои ҳисоб барангехта намешудам!»

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба фариштагоне, ки ҷон [-и кофирон]-ро ба шиддат берун мекашанд	وَٱلنَّٰزِعَٰتِ غَرۡقٗا ١
2. Ва савганд ба фариштагоне, ки ҷон [-и муъминон]-ро ба нармӣ ва осонӣ мегиранд	وَٱلنَّٰشِطَٰتِ نَشۡطٗا ٢
3. Ва савганд ба фариштагоне, ки [ба амри Аллоҳ таоло аз осмон ба сӯйи замин] шиновранд	وَٱلسَّٰبِحَٰتِ سَبۡحٗا ٣
4. Ва савганд ба фариштагоне, ки [дар иҷрои авомири илоҳӣ] бар якдигар сабқат мегиранд	فَٱلسَّٰبِقَٰتِ سَبۡقٗا ٤
5. Ва савганд ба фариштагоне [ки ба амри илоҳӣ] корҳоро тадбир мекунанд	فَٱلۡمُدَبِّرَٰتِ أَمۡرٗا ٥
6. Рӯзе, ки [пас аз аввалин дамидан дар сур] замин [ва кӯҳҳо ва ҳама чиз] ба ларза дарояд	يَوۡمَ تَرۡجُفُ ٱلرَّاجِفَةُ ٦
7. [Ва] Дар пайи он [дамидани дувуми ҳашр] биёяд	تَتۡبَعُهَا ٱلرَّادِفَةُ ٧
8. Дар он рӯз дилҳое сахт музтариб [ва тарсон] аст	قُلُوبٞ يَوۡمَئِذٖ وَاجِفَةٌ ٨
9. Ва чашмҳои онон [аз тарсу шармсорӣ] фуру афтодааст	أَبۡصَٰرُهَا خَٰشِعَةٞ ٩
10. [Кофирон дар дунё] Мегӯянд: «Оё мо [пас аз марг дубора] ба ҳоли аввали худ бозгардонда мешавем?	يَقُولُونَ أَءِنَّا لَمَرۡدُودُونَ فِي ٱلۡحَافِرَةِ ١٠
11. Оё ҳангоме ки устухонҳои пӯсида шудем [ва ба хок табдил гаштем, боз ҳам зинда мешавем]?»	أَءِذَا كُنَّا عِظَٰمٗا نَّخِرَةٗ ١١
12. Гӯянд: «[Агар чунин ваъдае дуруст бошад] он гоҳ он бозгаште зиёнбор аст»	قَالُواْ تِلۡكَ إِذٗا كَرَّةٌ خَاسِرَةٞ ١٢
13. Пас он [бозгашт] танҳо бо як бонги боҳайбат аст	فَإِنَّمَا هِيَ زَجۡرَةٞ وَٰحِدَةٞ ١٣

(*) Нозиъот (Фариштагони гирандаи ҷон).

14. Ва ногаҳон ҳамагӣ бар арсаи замин [-и маҳшар] зоҳир] мешаванд	فَإِذَا هُم بِٱلسَّاهِرَةِ ﴿١٤﴾
15. [Эй Паёмбар] Оё достони Мӯсо ба ту расидааст?	هَلۡ أَتَىٰكَ حَدِيثُ مُوسَىٰٓ ﴿١٥﴾
16. Он гоҳ ки Парвардигораш ӯро дар сарзамини муқаддаси «Туво» нидо дод [ва фармуд]	إِذۡ نَادَىٰهُ رَبُّهُۥ بِٱلۡوَادِ ٱلۡمُقَدَّسِ طُوًى ﴿١٦﴾
17. «Ба сӯи Фиръавн бирав, ки ӯ туғён кардааст	ٱذۡهَبۡ إِلَىٰ فِرۡعَوۡنَ إِنَّهُۥ طَغَىٰ ﴿١٧﴾
18. Ва ба ӯ бигӯ: «Оё мехоҳӣ [аз куфру гуноҳ] пок шавӣ?	فَقُلۡ هَل لَّكَ إِلَىٰٓ أَن تَزَكَّىٰ ﴿١٨﴾
19. Ва ман туро ба сӯйи Парвардигорат ҳидоят кунам, то [аз Ӯ] битарсӣ [ва фармонбардор шавӣ]?	وَأَهۡدِيَكَ إِلَىٰ رَبِّكَ فَتَخۡشَىٰ ﴿١٩﴾
20. Пас, [Мусо] муъҷизаи бузургро ба ӯ нишон дод	فَأَرَىٰهُ ٱلۡأٓيَةَ ٱلۡكُبۡرَىٰ ﴿٢٠﴾
21. Аммо ӯ такзибу саркашӣ кард	فَكَذَّبَ وَعَصَىٰ ﴿٢١﴾
22. Сипас пушт кард ва ба кӯшишу талош [алайҳи ӯ] пардохт	ثُمَّ أَدۡبَرَ يَسۡعَىٰ ﴿٢٢﴾
23. Пас, [қавмашро] ҷамъ карду нидо дод	فَحَشَرَ فَنَادَىٰ ﴿٢٣﴾
24. Ва гуфт: «Ман Парвардигори бартари шумо ҳастам»	فَقَالَ أَنَا۠ رَبُّكُمُ ٱلۡأَعۡلَىٰ ﴿٢٤﴾
25. Пас, Аллоҳ таоло ӯро ба азоби охират ва дунё гирифтор кард	فَأَخَذَهُ ٱللَّهُ نَكَالَ ٱلۡأٓخِرَةِ وَٱلۡأُولَىٰٓ ﴿٢٥﴾
26. Бе гумон, дар ин [воқеа] барои ҳар кас, ки [аз Аллоҳ таоло] метарсад, ибрате ҳаст	إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَعِبۡرَةٗ لِّمَن يَخۡشَىٰٓ ﴿٢٦﴾
27. Оё офариниши шумо [баъд аз марг] сахттар аст ё осмоне, ки [Аллоҳ таоло] онро бино кард?	ءَأَنتُمۡ أَشَدُّ خَلۡقًا أَمِ ٱلسَّمَآءُۚ بَنَىٰهَا ﴿٢٧﴾
28. Сақфи онро барафрошту ба он шаклу назм дод	رَفَعَ سَمۡكَهَا فَسَوَّىٰهَا ﴿٢٨﴾
29. Ва шабашро торик ва рӯзашро равшан гардонид	وَأَغۡطَشَ لَيۡلَهَا وَأَخۡرَجَ ضُحَىٰهَا ﴿٢٩﴾
30. Ва заминро баъд аз он густаронид	وَٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ ذَٰلِكَ دَحَىٰهَآ ﴿٣٠﴾
31. Ва аз он об [чашмаҳо ва чоҳҳо ва] чарогоҳашро берун овард	أَخۡرَجَ مِنۡهَا مَآءَهَا وَمَرۡعَىٰهَا ﴿٣١﴾

32. Ва кӯҳҳоро муҳкам ва устувор [бар рӯйи замин] қарор дод

وَٱلْجِبَالَ أَرْسَىٰهَا ﴿٣٢﴾

33. [Ҳамаи инҳо] барои баҳрагирии шумо ва чаҳорпоёнатон аст

مَتَٰعًا لَّكُمْ وَلِأَنْعَٰمِكُمْ ﴿٣٣﴾

34. Пас, ҳангоме ки [он] ҳодисаи бузург [-и қиёмат] фаро расад

فَإِذَا جَآءَتِ ٱلطَّآمَّةُ ٱلْكُبْرَىٰ ﴿٣٤﴾

35. Дар он рӯз инсон [тамоми аъмолу] талошҳои худро ба ёд меоварад

يَوْمَ يَتَذَكَّرُ ٱلْإِنسَٰنُ مَا سَعَىٰ ﴿٣٥﴾

36. Ва ҷаҳаннам барои ҳар бинандае ошкор мешавад

وَبُرِّزَتِ ٱلْجَحِيمُ لِمَن يَرَىٰ ﴿٣٦﴾

37. Пас, он кас, ки туғён [ва саркашӣ] карда бошад

فَأَمَّا مَن طَغَىٰ ﴿٣٧﴾

38. Ва зиндагии дунёро [бар охират] тарҷеҳ дода бошад

وَءَاثَرَ ٱلْحَيَوٰةَ ٱلدُّنْيَا ﴿٣٨﴾

39. Бе тардид, ҷаҳаннам ҷойгоҳи ӯст

فَإِنَّ ٱلْجَحِيمَ هِىَ ٱلْمَأْوَىٰ ﴿٣٩﴾

40. Ва аммо касе, ки аз истодан дар ҳузури Парвардигораш бимнок буда ва нафсро аз ҳаво [ва ҳавас] боздошта бошад

وَأَمَّا مَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِۦ وَنَهَى ٱلنَّفْسَ عَنِ ٱلْهَوَىٰ ﴿٤٠﴾

41. Ҳатман, биҳишт ҷойгоҳи ӯст

فَإِنَّ ٱلْجَنَّةَ هِىَ ٱلْمَأْوَىٰ ﴿٤١﴾

42. [Эй Паёмбар] Дар бораи қиёмат аз ту мепурсанд, ки дар чи замоне воқеъ мешавад?

يَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلسَّاعَةِ أَيَّانَ مُرْسَىٰهَا ﴿٤٢﴾

43. Туро бо ёдоварии ин сухан чи кор аст?

فِيمَ أَنتَ مِن ذِكْرَىٰهَآ ﴿٤٣﴾

44. [Саранҷом ва] Мунтаҳои [илми] он назди Парвардигори туст

إِلَىٰ رَبِّكَ مُنتَهَىٰهَآ ﴿٤٤﴾

45. Ту, ҳатман, бимдиҳандаи касоне ҳастӣ, ки аз он метарсанд

إِنَّمَآ أَنتَ مُنذِرُ مَن يَخْشَىٰهَا ﴿٤٥﴾

46. Рӯзе, ки [кофирон қиёматро] бубинанд, [чунин эҳсос мекунанд, ки] гӯӣ [дар дунё] ҷуз як шомгоҳ ё бомдод ба сар набурдаанд

كَأَنَّهُمْ يَوْمَ يَرَوْنَهَا لَمْ يَلْبَثُوٓا۟ إِلَّا عَشِيَّةً أَوْ ضُحَىٰهَا ﴿٤٦﴾

(80) Абаса[*] عبس

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Паёмбар] чеҳра дар ҳам кашид ва рӯй баргардонд	عَبَسَ وَتَوَلَّىٰٓ ﴿١﴾
2. Аз ин ки он нобино [Абдуллоҳ ибни Умми Мактум] наздаш омад	أَن جَآءَهُ ٱلْأَعْمَىٰ ﴿٢﴾
3. Ва [эй Паёмбар] ту чи медонӣ? Чи басо ӯ [аз гуноҳонаш] пок шавад	وَمَا يُدْرِيكَ لَعَلَّهُۥ يَزَّكَّىٰٓ ﴿٣﴾
4. Ё панд гирад ва ин панд ба судаш бошад	أَوْ يَذَّكَّرُ فَتَنفَعَهُ ٱلذِّكْرَىٰٓ ﴿٤﴾
5. Аммо он ки [аз имон] бениёзӣ меварзад	أَمَّا مَنِ ٱسْتَغْنَىٰ ﴿٥﴾
6. Пас, ту ба ӯ рӯ меоварӣ	فَأَنتَ لَهُۥ تَصَدَّىٰ ﴿٦﴾
7. Дар ҳоле ки агар ӯ худро [аз куфр] пок насозад, эроде бар ту нест	وَمَا عَلَيْكَ أَلَّا يَزَّكَّىٰ ﴿٧﴾
8. Аммо касе, ки шитобон ба суроғи ту меояд	وَأَمَّا مَن جَآءَكَ يَسْعَىٰ ﴿٨﴾
9. Ва [аз Аллоҳ таоло] метарсад	وَهُوَ يَخْشَىٰ ﴿٩﴾
10. Пас, ту аз ӯ ғофил мешавӣ [ва ба дигарон мепардозӣ]	فَأَنتَ عَنْهُ تَلَهَّىٰ ﴿١٠﴾
11. Ҳаргиз чунин нест; бе гумон, ин [оёт барои] тазаккур ва ёдоварӣ аст	كَلَّآ إِنَّهَا تَذْكِرَةٌ ﴿١١﴾
12. Пас, ҳар ки бихоҳад, аз он панд гирад	فَمَن شَآءَ ذَكَرَهُۥ ﴿١٢﴾
13. Дар саҳифаҳои арҷманде [сабт] аст	فِى صُحُفٍ مُّكَرَّمَةٍ ﴿١٣﴾
14. [Дар ҷойгоҳе] Баландпоя ва покиза [аз палидӣ]	مَّرْفُوعَةٍ مُّطَهَّرَةٍۭ ﴿١٤﴾
15. Дар дасти сафирон [-и ваҳӣ] аст	بِأَيْدِى سَفَرَةٍ ﴿١٥﴾

(*) Абаса (Рӯй турш кард) .

16. [Ки] бузургвору накукоранд	كِرَامٍۭ بَرَرَةٍ ﴿١٦﴾
17. Марг бар инсон [-и кофир, ки] чи қадар носипос аст!	قُتِلَ ٱلۡإِنسَٰنُ مَآ أَكۡفَرَهُۥ ﴿١٧﴾
18. [Аллоҳ таоло] Ӯро аз чи чиз офаридааст?	مِنۡ أَيِّ شَيۡءٍ خَلَقَهُۥ ﴿١٨﴾
19. Ӯро аз нутфа [-и ночизе] офарид ва сипас мавзунаш сохт	مِن نُّطۡفَةٍ خَلَقَهُۥ فَقَدَّرَهُۥ ﴿١٩﴾
20. Он гоҳ роҳро барояш осон намуд	ثُمَّ ٱلسَّبِيلَ يَسَّرَهُۥ ﴿٢٠﴾
21. Он гоҳ [пас аз поёни умр] ӯро миронд ва дар қабр [пинҳон] намуд	ثُمَّ أَمَاتَهُۥ فَأَقۡبَرَهُۥ ﴿٢١﴾
22. Сипас ҳар гоҳ бихоҳад, ӯро [зинда мекунад ва] бармеангезад	ثُمَّ إِذَا شَآءَ أَنشَرَهُۥ ﴿٢٢﴾
23. Ҳаргиз чунин нест [ки ӯ мепиндорад]. Ӯ ҳанӯз он чиро, ки [Аллоҳ таоло] фармон дода, ба ҷой наовардааст	كَلَّا لَمَّا يَقۡضِ مَآ أَمَرَهُۥ ﴿٢٣﴾
24. Пас, инсон бояд ба ғизои хеш [ва офариниши он] бингарад	فَلۡيَنظُرِ ٱلۡإِنسَٰنُ إِلَىٰ طَعَامِهِۦٓ ﴿٢٤﴾
25. Мо оби фаровон [аз осмон] фуру рехтем	أَنَّا صَبَبۡنَا ٱلۡمَآءَ صَبّٗا ﴿٢٥﴾
26. Сипас заминро аз ҳам шикофтем	ثُمَّ شَقَقۡنَا ٱلۡأَرۡضَ شَقّٗا ﴿٢٦﴾
27. Он гоҳ дар он дона [-ҳои фаровон] рӯёнидем	فَأَنۢبَتۡنَا فِيهَا حَبّٗا ﴿٢٧﴾
28. Ва ангуру сабзӣ [хӯрокии бисёр]	وَعِنَبٗا وَقَضۡبٗا ﴿٢٨﴾
29. Ва зайтуну нахл	وَزَيۡتُونٗا وَنَخۡلٗا ﴿٢٩﴾
30. Ва боғҳое [анбуҳ ва] пурдарахт	وَحَدَآئِقَ غُلۡبٗا ﴿٣٠﴾
31. Ва [анвои] мева ва алаф [падид овардем]	وَفَٰكِهَةٗ وَأَبّٗا ﴿٣١﴾
32. [Ҳамаи инҳо] Барои баҳрагирии шумо ва чаҳорпоёнатон аст	مَّتَٰعٗا لَّكُمۡ وَلِأَنۡعَٰمِكُمۡ ﴿٣٢﴾

33. Пас, ҳангоме ки [он] садои боҳайбати [-и қиёмат] фаро расад	فَإِذَا جَآءَتِ ٱلصَّآخَّةُ ﴿٣٣﴾
34. Рӯзе, ки инсон аз бародараш мегурезад	يَوْمَ يَفِرُّ ٱلْمَرْءُ مِنْ أَخِيهِ ﴿٣٤﴾
35. Ва аз модараш ва аз падараш	وَأُمِّهِۦ وَأَبِيهِ ﴿٣٥﴾
36. Ва аз занаш ва писаронаш [низ мегурезад]	وَصَٰحِبَتِهِۦ وَبَنِيهِ ﴿٣٦﴾
37. Дар он рӯз ҳар касро корест, ки ӯро ба худ машғул медорад	لِكُلِّ ٱمْرِئٍ مِّنْهُمْ يَوْمَئِذٍ شَأْنٌ يُغْنِيهِ ﴿٣٧﴾
38. Чеҳраҳое дар он рӯз кушода ва равшан аст	وُجُوهٌ يَوْمَئِذٍ مُّسْفِرَةٌ ﴿٣٨﴾
39. [Ба хотири неъмату раҳмати Аллоҳ таоло] хандону шод аст	ضَاحِكَةٌ مُّسْتَبْشِرَةٌ ﴿٣٩﴾
40. Ва чеҳраҳое дар он рӯз ғуборолуд аст	وَوُجُوهٌ يَوْمَئِذٍ عَلَيْهَا غَبَرَةٌ ﴿٤٠﴾
41. Сиёҳӣ [ва торикӣ] онҳоро пӯшонидааст	تَرْهَقُهَا قَتَرَةٌ ﴿٤١﴾
42. Инон ҳамон кофирони бадкирдоранд	أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْكَفَرَةُ ٱلْفَجَرَةُ ﴿٤٢﴾

(81) Таквир[*] التكوير

Ҷузъи 30

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

إِذَا ٱلشَّمْسُ كُوِّرَتْ ﴿١﴾

1. Он гоҳ ки хуршед дар ҳам печида [ва торик] гардад

وَإِذَا ٱلنُّجُومُ ٱنكَدَرَتْ ﴿٢﴾

2. Ва он гоҳ ки ситорагон бефурӯғ шаванд

وَإِذَا ٱلْجِبَالُ سُيِّرَتْ ﴿٣﴾

3. Ва он гоҳ ки кӯҳҳо ба ҳаракат дароянд

وَإِذَا ٱلْعِشَارُ عُطِّلَتْ ﴿٤﴾

4. ва он гоҳ ки модашутурони бордор раҳо шаванд

وَإِذَا ٱلْوُحُوشُ حُشِرَتْ ﴿٥﴾

5. Ва он гоҳ ки ҳайвоноти ваҳшӣ [дар канори инсон] гирд оварда шаванд

وَإِذَا ٱلْبِحَارُ سُجِّرَتْ ﴿٦﴾

6. Ва он гоҳ ки дарёҳо [чӯшону] барафрӯхта шаванд

وَإِذَا ٱلنُّفُوسُ زُوِّجَتْ ﴿٧﴾

7. Ва он гоҳ ки ҳар кас бо ҳамсони худ қарин гардад

وَإِذَا ٱلْمَوْءُۥدَةُ سُئِلَتْ ﴿٨﴾

8. Ва он гоҳ ки аз духтари зиндабагуршуда пурсида шавад

بِأَىِّ ذَنۢبٍ قُتِلَتْ ﴿٩﴾

9. [Ки] Ба кадомин гуноҳ кушта шудааст

وَإِذَا ٱلصُّحُفُ نُشِرَتْ ﴿١٠﴾

10. Ва он гоҳ ки номаҳо [-и аъмол] кушода шавад

وَإِذَا ٱلسَّمَآءُ كُشِطَتْ ﴿١١﴾

11. Ва он гоҳ ки парда аз рӯи осмон баргирифта шавад

وَإِذَا ٱلْجَحِيمُ سُعِّرَتْ ﴿١٢﴾

12. Ва он гоҳ ки дузах афрӯхта [ва шуълавар] гардад

وَإِذَا ٱلْجَنَّةُ أُزْلِفَتْ ﴿١٣﴾

13. Ва он гоҳ ки биҳишт [барои парҳезкорон] наздик оварда шавад

عَلِمَتْ نَفْسٌ مَّآ أَحْضَرَتْ ﴿١٤﴾

14. [Дар он ҳангом] Ҳар кас хоҳад донист, ки чи чизе [барои охирати худ] омода кардааст

فَلَآ أُقْسِمُ بِٱلْخُنَّسِ ﴿١٥﴾

15. Пас, савганд ба ситорагоне, ки [ба ҷойгоҳи худ] бозмегарданд

(*) Инфитор (Шикофтан).

16. [Шитобон] Ҳаракат мекунанд [ва аз назар] пинҳон мешаванд	ٱلْجَوَارِ ٱلْكُنَّسِ ﴿١٦﴾
17. Ва савганд ба шаб, ҳангоме ки [торикиаш коста шавад ва] пушт кунад	وَٱلَّيْلِ إِذَا عَسْعَسَ ﴿١٧﴾
18. Ва савганд ба субҳ, ҳангоме ки бидамад	وَٱلصُّبْحِ إِذَا تَنَفَّسَ ﴿١٨﴾
19. Бе тардид, ин [Қуръон сухани Аллоҳ таоло аст, ки иблоғаш ба Паёмбар ба уҳдаи] фиристодаи бузургвор [Ҷабраил] аст	إِنَّهُۥ لَقَوْلُ رَسُولٍ كَرِيمٍ ﴿١٩﴾
20. [Ҳамон фариштае] Ки [муқтадир ва] неруманд аст ва назди [Аллоҳи] соҳиби Арш мақоми волое дорад	ذِى قُوَّةٍ عِندَ ذِى ٱلْعَرْشِ مَكِينٍ ﴿٢٠﴾
21. [Дар малакути аъло ва олами фариштагон] Аз ӯ фармон мебаранд ва амин [-и ваҳй] аст	مُّطَاعٍ ثَمَّ أَمِينٍ ﴿٢١﴾
22. [Эй мардум] Ҳамнишини шумо [Муҳаммад] девона нест	وَمَا صَاحِبُكُم بِمَجْنُونٍ ﴿٢٢﴾
23. Ва бе тардид, [Муҳаммад] ӯ [Ҷабраил]-ро дар уфуқи равшан дидааст	وَلَقَدْ رَءَاهُ بِٱلْأُفُقِ ٱلْمُبِينِ ﴿٢٣﴾
24. Ва ӯ бар [иблоғи он чи аз тариқи] ғайб [ба вай ваҳй мегардад] бахил нест	وَمَا هُوَ عَلَى ٱلْغَيْبِ بِضَنِينٍ ﴿٢٤﴾
25. Ва ин [Қуръон] гуфтаи шайтони рондашуда нест	وَمَا هُوَ بِقَوْلِ شَيْطَٰنٍ رَّجِيمٍ ﴿٢٥﴾
26. Пас, ба кучо меравед?	فَأَيْنَ تَذْهَبُونَ ﴿٢٦﴾
27. Ин [Қуръон] чуз панд барои ҷаҳониён [инсон ва ҷин] нест	إِنْ هُوَ إِلَّا ذِكْرٌ لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿٢٧﴾
28. Барои ҳар як аз шумо, ки бихоҳад роҳи рости [ҳақро] дар пеш гирад	لِمَن شَآءَ مِنكُمْ أَن يَسْتَقِيمَ ﴿٢٨﴾
29. Ва шумо [чизеро] намехоҳед, магар он ки Парвардигори ҷаҳониён [ирода кунад ва] бихоҳад	وَمَا تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٢٩﴾

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

إِذَا ٱلسَّمَآءُ ٱنفَطَرَتْ ﴿١﴾

1. Он гоҳ ки осмон шикофта шавад

وَإِذَا ٱلْكَوَاكِبُ ٱنتَثَرَتْ ﴿٢﴾

2. Он гоҳ ки ситорагон пароканда шаванд [ва фуру резанд]

وَإِذَا ٱلْبِحَارُ فُجِّرَتْ ﴿٣﴾

3. Ва он гоҳ ки дарёҳо [ба ҳам омезанд ва] равон гарданд

وَإِذَا ٱلْقُبُورُ بُعْثِرَتْ ﴿٤﴾

4. Ва он гоҳ ки қабрҳо зеру рӯ шавад

عَلِمَتْ نَفْسٌ مَّا قَدَّمَتْ وَأَخَّرَتْ ﴿٥﴾

5. [Дар он ҳангом] Ҳар кас медонад, чи чизҳоеро пешопеш фиристода ва чи чизҳоеро вопас ниҳода [ва бар ҷой гузоштааст]

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلْإِنسَـٰنُ مَا غَرَّكَ بِرَبِّكَ ٱلْكَرِيمِ ﴿٦﴾

6. Эй инсон, чи чизе туро [нисбат] ба Парвардигори каримат мағрур сохтааст?

ٱلَّذِى خَلَقَكَ فَسَوَّىٰكَ فَعَدَلَكَ ﴿٧﴾

7. Он [Парвардигоре], ки туро офарид ва сипас сару сомонат дод ва он гоҳ мутаодил ва муносибат кардааст

فِىٓ أَىِّ صُورَةٍ مَّا شَآءَ رَكَّبَكَ ﴿٨﴾

8. Ва ба ҳар шакле [ва сурате], ки хост, туро таркиб намуд

كَلَّا بَلْ تُكَذِّبُونَ بِٱلدِّينِ ﴿٩﴾

9. Ҳаргиз чунин нест [ки шумо гумон мекунед]; балки шумо рӯзи ҷазоро такзиб мекунед

وَإِنَّ عَلَيْكُمْ لَحَـٰفِظِينَ ﴿١٠﴾

10. Ва бе гумон, нигоҳбононе [аз фариштагон] бар шумо гуморида шудаанд

كِرَامًا كَـٰتِبِينَ ﴿١١﴾

11. Ки нависандагоне бузургворанд

يَعْلَمُونَ مَا تَفْعَلُونَ ﴿١٢﴾

12. Он чиро анҷом медиҳед, медонанд [ва аъмоли неку бади шуморо сабт мекунанд]

(*) Инфитор (Шикофтан).

إِنَّ ٱلۡأَبۡرَارَ لَفِي نَعِيمٖ ١٣

13. Мусалламан, накукорон дар неъмат [-ҳои биҳишт] ҳастанд

وَإِنَّ ٱلۡفُجَّارَ لَفِي جَحِيمٖ ١٤

14. Ва яқинан бадкорон дар [оташи] ҷаҳаннаманд

يَصۡلَوۡنَهَا يَوۡمَ ٱلدِّينِ ١٥

15. Рӯзи ҷазо ба он дароянд [ва бисӯзанд]

وَمَا هُمۡ عَنۡهَا بِغَآئِبِينَ ١٦

16. Ва ҳаргиз онон аз он ҷо ба дур ва [дар амон] набошанд

وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا يَوۡمُ ٱلدِّينِ ١٧

17. Ва ту чи донӣ, ки рӯзи ҷазо чист?

ثُمَّ مَآ أَدۡرَىٰكَ مَا يَوۡمُ ٱلدِّينِ ١٨

18. Боз ту чи медонӣ, ки рӯзи ҷазо чист?

يَوۡمَ لَا تَمۡلِكُ نَفۡسٞ لِّنَفۡسٖ شَيۡـٔٗاۖ وَٱلۡأَمۡرُ يَوۡمَئِذٖ لِّلَّهِ ١٩

19. Рӯзе, ки ҳеҷ кас қодир ба анҷоми коре барои дигаре нест; ва дар он рӯзи ҳукм [ва фармон] аз они Аллоҳ таоло аст

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Вой бар камфурӯшон!	وَيْلٌ لِّلْمُطَفِّفِينَ ﴿١﴾
2. Касоне, ки чун [барои худ] аз мардум паймона мекунанд, ҳаққи худро комил мегиранд	ٱلَّذِينَ إِذَا ٱكْتَالُوا۟ عَلَى ٱلنَّاسِ يَسْتَوْفُونَ ﴿٢﴾
3. Ва ҳангоме ки [мехоҳанд] барои онон паймона ё вазн кунанд, кам мегузоранд	وَإِذَا كَالُوهُمْ أَو وَّزَنُوهُمْ يُخْسِرُونَ ﴿٣﴾
4. Оё онҳо гумон намекунанд, ки [қиёмат фаро мерасад ва аз қабрҳо] барангехта мешаванд	أَلَا يَظُنُّ أُو۟لَٰٓئِكَ أَنَّهُم مَّبْعُوثُونَ ﴿٤﴾
5. Дар рӯзе бузург?	لِيَوْمٍ عَظِيمٍ ﴿٥﴾
6. [Ҳамон] Рӯзе, ки мардум дар пешгоҳи Парвардигори ҷаҳониён меистанд	يَوْمَ يَقُومُ ٱلنَّاسُ لِرَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٦﴾
7. Ҳаргиз чунин нест [ки кофирон пиндоштаанд]! Ба ростӣ, ки номаи [аъмоли] бадкорон дар сиҷҷин аст	كَلَّآ إِنَّ كِتَٰبَ ٱلْفُجَّارِ لَفِى سِجِّينٍ ﴿٧﴾
8. Ва ту чи донӣ, ки сиҷҷин чист?	وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا سِجِّينٌ ﴿٨﴾
9. Китобест, ки [аъмоли бадкорон дар он] навишта шудааст	كِتَٰبٌ مَّرْقُومٌ ﴿٩﴾
10. Дар он рӯз вой бар такзибкунандагон!	وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿١٠﴾
11. Онон, ки рӯзи ҷазоро [инкор ва] такзиб мекунанд	ٱلَّذِينَ يُكَذِّبُونَ بِيَوْمِ ٱلدِّينِ ﴿١١﴾
12. Ва ҷуз ситамкорони гунаҳкор [касе] он [рӯз]-ро такзиб намекунад	وَمَا يُكَذِّبُ بِهِۦٓ إِلَّا كُلُّ مُعْتَدٍ أَثِيمٍ ﴿١٢﴾
13. Ҳангоме ки оёти Мо бар ӯ тиловат шавад, гӯяд: «[Ин] Афсонаҳои гузаштагон аст»	إِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِ ءَايَٰتُنَا قَالَ أَسَٰطِيرُ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿١٣﴾

(*) Мутаффифин (Камкунандагон).

كَلَّا ۖ بَلْ ۜ رَانَ عَلَىٰ قُلُوبِهِم مَّا كَانُوا۟ يَكْسِبُونَ ﴿١٤﴾

14. Ҳаргиз чунин нест [ки онҳо гумон мекунанд]; балки [ба сабаби] он чӣ кардаанд, бар дилҳояшон зангор бастааст

كَلَّآ إِنَّهُمْ عَن رَّبِّهِمْ يَوْمَئِذٍ لَّمَحْجُوبُونَ ﴿١٥﴾

15. Ҳаргиз чунин нест [ки онҳо мепиндоранд]. Бе гумон, онон дар он рӯз аз [дидори] Парвардигорашон маҳруманд

ثُمَّ إِنَّهُمْ لَصَالُوا۟ ٱلْجَحِيمِ ﴿١٦﴾

16. Ва [баъд аз ҳисоб] мусалламан вориди дузах мешаванд

ثُمَّ يُقَالُ هَٰذَا ٱلَّذِى كُنتُم بِهِۦ تُكَذِّبُونَ ﴿١٧﴾

17. Онгоҳ ба эшон гуфта мешавад: «Ин [оташ] ҳамон чизест, ки онро такзиб мекардед»

كَلَّآ إِنَّ كِتَٰبَ ٱلْأَبْرَارِ لَفِى عِلِّيِّينَ ﴿١٨﴾

18. Ҳаргиз чунин нест [ки онҳо мепиндоранд]; бе гумон, номаи [аъмоли] накукорон дар «илиййин» аст

وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا عِلِّيُّونَ ﴿١٩﴾

19. Ва ту чи донӣ, ки «илиййин» чист?

كِتَٰبٌ مَّرْقُومٌ ﴿٢٠﴾

20. Китобест, ки [аъмоли бадкорон дар он] навишта шудааст

يَشْهَدُهُ ٱلْمُقَرَّبُونَ ﴿٢١﴾

21. Ки муқарробони [даргоҳи илоҳӣ] бар он ҳозир шаванд [ва гувоҳӣ диҳанд]

إِنَّ ٱلْأَبْرَارَ لَفِى نَعِيمٍ ﴿٢٢﴾

22. Ҳамоно накукорон дар неъмат [-ҳои биҳишт] ҳастанд

عَلَى ٱلْأَرَآئِكِ يَنظُرُونَ ﴿٢٣﴾

23. Бар тахтҳо [такя зада ва] менигаранд

تَعْرِفُ فِى وُجُوهِهِمْ نَضْرَةَ ٱلنَّعِيمِ ﴿٢٤﴾

24. Хуррамӣ ва нишоти неъматро дар чеҳраҳояшон [мебинӣ ва] мешиносӣ

يُسْقَوْنَ مِن رَّحِيقٍ مَّخْتُومٍ ﴿٢٥﴾

25. Онҳо аз шароби ноби муҳршуда [нӯшонида ва] сероб мешаванд

خِتَٰمُهُۥ مِسْكٌ ۚ وَفِى ذَٰلِكَ فَلْيَتَنَافَسِ ٱلْمُتَنَٰفِسُونَ ﴿٢٦﴾

26. Муҳре, ки бар он ниҳодашуда аз мушк аст ва дар ин [шароб ва дигар неъматҳои биҳиштӣ] муштоқон [-и раҳмат] бояд бар якдигар пешӣ гиранд

وَمِزَاجُهُۥ مِن تَسْنِيمٍ ﴿٢٧﴾

27. Ва омезааш аз тасним аст

عَيۡنٗا يَشۡرَبُ بِهَا ٱلۡمُقَرَّبُونَ ٢٨

28. [Ҳамон] чашмае, ки муқаррабон [-и даргоҳи илоҳӣ] аз он менӯшанд

إِنَّ ٱلَّذِينَ أَجۡرَمُواْ كَانُواْ مِنَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ يَضۡحَكُونَ ٢٩

29. Ҳамоно касоне, ки ҷурму гуноҳ карданд, пайваста [дар дунё] бар касоне, ки имон оварда буданд, механдиданд

وَإِذَا مَرُّواْ بِهِمۡ يَتَغَامَزُونَ ٣٠

30. Ва ҳар гоҳ [муъминон] аз канорашон мегузаштанд, бо чашму абрӯ ба ҳам ишора мекарданд [ва ононро ба сухрия мегирифтанд]

وَإِذَا ٱنقَلَبُوٓاْ إِلَىٰٓ أَهۡلِهِمُ ٱنقَلَبُواْ فَكِهِينَ ٣١

31. Ва чун ба сӯйи хонаводаи худ бозмегаштанд, [ба хотири тамасхури муъминон] шодмону хандон буданд

وَإِذَا رَأَوۡهُمۡ قَالُوٓاْ إِنَّ هَٰٓؤُلَآءِ لَضَآلُّونَ ٣٢

32. Ва ҳангоме ки муъминонро медиданд, мегуфтанд: «Бе гумон, инон гумроҳонанд»

وَمَآ أُرۡسِلُواْ عَلَيۡهِمۡ حَٰفِظِينَ ٣٣

33. Дар ҳоле ки онон барои муроқибат [ва нигаҳбонӣ] бар муъминон фиристода нашуда буданд

فَٱلۡيَوۡمَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مِنَ ٱلۡكُفَّارِ يَضۡحَكُونَ ٣٤

34. Вале имрӯз касоне, ки имон овардаанд, ба кофирон механданд

عَلَى ٱلۡأَرَآئِكِ يَنظُرُونَ ٣٥

35. Бар тахтҳо [-и ороста нишаста ва ба неъматҳои илоҳӣ] менигаранд

هَلۡ ثُوِّبَ ٱلۡكُفَّارُ مَا كَانُواْ يَفۡعَلُونَ ٣٦

36. Оё кофирон [бо чашидани азоб] ҷазои он чиро, ки мекарданд, дарёфт намудаанд?

(84) Иншиқоқ(*) الانشقاق

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

إِذَا ٱلسَّمَآءُ ٱنشَقَّتْ ﴿١﴾

1. Он гоҳ ки осмон шикофта шавад

وَأَذِنَتْ لِرَبِّهَا وَحُقَّتْ ﴿٢﴾

2. Ва ба [фармони] Парвардигораш гӯш фаро диҳад [ва таслим шавад]; ва сазовор аст [ки чунин кунад]

وَإِذَا ٱلْأَرْضُ مُدَّتْ ﴿٣﴾

3. Ва он гоҳ ки замин густурда [ва ҳамвор] шавад

وَأَلْقَتْ مَا فِيهَا وَتَخَلَّتْ ﴿٤﴾

4. Ва ҳар чиро даруни худ дорад, берун резад ва тиҳӣ гардад

وَأَذِنَتْ لِرَبِّهَا وَحُقَّتْ ﴿٥﴾

5. Ва ба [фармони] Парвардигораш гӯш фаро диҳад [ва таслим шавад]; ва сазовор аст [ки чунин кунад]

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلْإِنسَـٰنُ إِنَّكَ كَادِحٌ إِلَىٰ رَبِّكَ كَدْحًا فَمُلَـٰقِيهِ ﴿٦﴾

6. Эй инсон, бе гумон, ту дар роҳи [расидан ба] Парвардигорат сахт талошу кӯшиш мекунӣ; пас, Ӯро мулоқот хоҳӣ кард

فَأَمَّا مَنْ أُوتِىَ كِتَـٰبَهُۥ بِيَمِينِهِۦ ﴿٧﴾

7. Ва аммо касе, ки нома [-и аъмолаш] ба дасти росташ дода шавад

فَسَوْفَ يُحَاسَبُ حِسَابًا يَسِيرًا ﴿٨﴾

8. Ба зудӣ ба ҳисобе осон муҳосиба мешавад

وَيَنقَلِبُ إِلَىٰٓ أَهْلِهِۦ مَسْرُورًا ﴿٩﴾

9. Ва шодмон ба сӯйи хонаводааш бозмегардад

وَأَمَّا مَنْ أُوتِىَ كِتَـٰبَهُۥ وَرَآءَ ظَهْرِهِۦ ﴿١٠﴾

10. Ва аммо касе, ки номаи [аъмолаш] аз пушти сараш ба ӯ дода шавад

فَسَوْفَ يَدْعُوا۟ ثُبُورًا ﴿١١﴾

11. Пас, ҳалоки худро хоҳад талабид

وَيَصْلَىٰ سَعِيرًا ﴿١٢﴾

12. Ва ба [оташи] ҷаҳаннами шуълавар хоҳад даромад

(*) Иншиқоқ (Шикофта шудан).

إِنَّهُۥ كَانَ فِىٓ أَهْلِهِۦ مَسْرُورًا ﴿١٣﴾

13. Бе гумон, ӯ дар [дунё ба хотири гуноҳонаш] миёни хонаводаи худ шодмон буд

إِنَّهُۥ ظَنَّ أَن لَّن يَحُورَ ﴿١٤﴾

14. Ӯ гумон мекард, ки ҳаргиз [ба назди Аллоҳ таоло] бознахоҳад гашт

بَلَىٰٓ ۚ إِنَّ رَبَّهُۥ كَانَ بِهِۦ بَصِيرًا ﴿١٥﴾

15. Оре, ҳамоно Парвардигораш аз ҳоли вай огоҳ буд

فَلَآ أُقْسِمُ بِٱلشَّفَقِ ﴿١٦﴾

16. Пас, ба шафақ савганд мехӯрам

وَٱلَّيْلِ وَمَا وَسَقَ ﴿١٧﴾

17. Ва савганд ба шаб ва он чиро фуру мепӯшад

وَٱلْقَمَرِ إِذَا ٱتَّسَقَ ﴿١٨﴾

18. Ва савганд ба моҳ чун [фурӯғаш] комил шавад

لَتَرْكَبُنَّ طَبَقًا عَن طَبَقٍ ﴿١٩﴾

19. Ҳатман, маротибу ҳолоти мухталиферо яке пас аз дигаре [дар масири зиндагии дунявӣ] тай хоҳед кард

فَمَا لَهُمْ لَا يُؤْمِنُونَ ﴿٢٠﴾

20. Пас, ононро чи шуда, ки имон намеоваранд?

وَإِذَا قُرِئَ عَلَيْهِمُ ٱلْقُرْءَانُ لَا يَسْجُدُونَ ۩ ﴿٢١﴾

21. Ва [чаро] ҳангоме ки Қуръон бар онон тиловат шавад, саҷда намекунанд?

بَلِ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ يُكَذِّبُونَ ﴿٢٢﴾

22. Балки касоне, ки кофир шуданд, пайваста [оёти илоҳиро] такзиб мекунанд

وَٱللَّهُ أَعْلَمُ بِمَا يُوعُونَ ﴿٢٣﴾

23. Ва Аллоҳ таоло ба он чи дар дил пинҳон медоранд, донотар аст

فَبَشِّرْهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿٢٤﴾

24. Пас, [эй Паёмбар] ононро ба азоби дардноке башорат деҳ

إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُمْ أَجْرٌ غَيْرُ مَمْنُونٍ ﴿٢٥﴾

25. Магар касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом доданд, ки барои онон подоше беминнат ва пайваста аст

(85) Буруҷ(*) البروج

Ҷузъи 30

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба осмон, ки дорандаи бурҷҳост	وَٱلسَّمَآءِ ذَاتِ ٱلْبُرُوجِ ﴿١﴾
2. Ва савганд ба рӯзи мавъуд [қиёмат]	وَٱلْيَوْمِ ٱلْمَوْعُودِ ﴿٢﴾
3. Ва савганд ба ҳар ки гувоҳӣ диҳад ва ба ҳар ки мавриди гувоҳӣ қарор гирад	وَشَاهِدٍ وَمَشْهُودٍ ﴿٣﴾
4. Марг бар одамсӯзони хандақ!	قُتِلَ أَصْحَٰبُ ٱلْأُخْدُودِ ﴿٤﴾
5. [Ҳамон оташи] Афрӯхта аз ҳезумҳои бисёр [ки муъминонро дар он месӯзонданд];	ٱلنَّارِ ذَاتِ ٱلْوَقُودِ ﴿٥﴾
6. ҳангоме ки бар [канораи] он нишаста буданд	إِذْ هُمْ عَلَيْهَا قُعُودٌ ﴿٦﴾
7. Ва он чиро бо муъминон анҷом медоданд, тамошо мекарданд	وَهُمْ عَلَىٰ مَا يَفْعَلُونَ بِٱلْمُؤْمِنِينَ شُهُودٌ ﴿٧﴾
8. Ва ҳеҷ эроде аз онон нагирифтанд, ҷуз ин ки ба Аллоҳи пирӯзманди сутуда имон оварда буданд	وَمَا نَقَمُوا۟ مِنْهُمْ إِلَّآ أَن يُؤْمِنُوا۟ بِٱللَّهِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْحَمِيدِ ﴿٨﴾
9. [Ҳамон] Касе, ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст; ва Аллоҳ таоло бар ҳама чиз гувоҳ аст	ٱلَّذِى لَهُۥ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ شَهِيدٌ ﴿٩﴾
10. Ба ростӣ, касоне, ки мардону занони муъминро шиканҷа [ва озор] доданд ва пас [аз анҷоми он кор] тавба накарданд, пас, барои эшон азоби ҷаҳаннам [муҳайё] аст ва азоби оташ [дар пеш доранд]	إِنَّ ٱلَّذِينَ فَتَنُوا۟ ٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ ثُمَّ لَمْ يَتُوبُوا۟ فَلَهُمْ عَذَابُ جَهَنَّمَ وَلَهُمْ عَذَابُ ٱلْحَرِيقِ ﴿١٠﴾
11. Ҳамоно барои касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд, боғҳое [аз биҳишт]	إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُمْ جَنَّٰتٌ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْكَبِيرُ ﴿١١﴾

(*) Буруҷ (Бурҷҳо).

аст, ки ҷӯйборҳо зери [дарахтони] он ҷорӣ аст; ва ин аст комёбии бузург

12. Бе гумон, [муҷозоту] сахтгирии Парвардигорат бисёр шадид аст — إِنَّ بَطۡشَ رَبِّكَ لَشَدِيدٌ ﴿١٢﴾

13. Дар ҳақиқат, Ӯст, ки [офаринишро] оғоз мекунад ва дубора [баъд аз марг] бозмегардонад — إِنَّهُۥ هُوَ يُبۡدِئُ وَيُعِيدُ ﴿١٣﴾

14. Ва ҳам Ӯ омурзанда [ва] дӯстор [-и муъминон] аст — وَهُوَ ٱلۡغَفُورُ ٱلۡوَدُودُ ﴿١٤﴾

15. [Ӯ Аллоҳ таоло] Соҳиби Арш, [ва] баландмартаба [ва шукӯҳманд] аст — ذُو ٱلۡعَرۡشِ ٱلۡمَجِيدُ ﴿١٥﴾

16. [Ва] Он чиро бихоҳад, анҷом медиҳад — فَعَّالٞ لِّمَا يُرِيدُ ﴿١٦﴾

17. [Эй Паёмбар] Оё достони лашкариён [-и ҳақситез] ба ту расидааст? — هَلۡ أَتَىٰكَ حَدِيثُ ٱلۡجُنُودِ ﴿١٧﴾

18. [Лашкари] Фиръавн ва [қавми] Самуд — فِرۡعَوۡنَ وَثَمُودَ ﴿١٨﴾

19. Балки касоне, ки кофир шуданд, пайваста дар такзиб [-и ҳақ] ҳастанд — بَلِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فِي تَكۡذِيبٖ ﴿١٩﴾

20. Ва Аллоҳ таоло аз ҳар сӯ бар онон иҳота дорад — وَٱللَّهُ مِن وَرَآئِهِم مُّحِيطُۢ ﴿٢٠﴾

21. Оре, ин [оёт шеъру сеҳр нест, балки] Қуръони шукӯҳманд аст — بَلۡ هُوَ قُرۡءَانٞ مَّجِيدٞ ﴿٢١﴾

22. Дар Лавҳи маҳфуз [аз ҳар гуна таҳрифу табдил дар амон] аст — فِي لَوۡحٖ مَّحۡفُوظِۭ ﴿٢٢﴾

(86) Ториқ[*] الطارق

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба осмон ва савганд ба ситораи шабгард	وَٱلسَّمَآءِ وَٱلطَّارِقِ ﴿١﴾
2. Ва чи медонӣ, ки ситораи шабгард чист?	وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا ٱلطَّارِقُ ﴿٢﴾
3. [Ҳамон] Ситораи фурӯзон аст	ٱلنَّجۡمُ ٱلثَّاقِبُ ﴿٣﴾
4. Ҳеҷ кас нест магар он ки бар ӯ нигаҳбоне [аз фариштагон гумошта шуда] аст	إِن كُلُّ نَفۡسٖ لَّمَّا عَلَيۡهَا حَافِظٞ ﴿٤﴾
5. Инсон бояд бингарад, ки аз чӣ чиз офарида шудааст	فَلۡيَنظُرِ ٱلۡإِنسَٰنُ مِمَّ خُلِقَ ﴿٥﴾
6. Аз як оби ҷаҳанда офарида шудааст	خُلِقَ مِن مَّآءٖ دَافِقٖ ﴿٦﴾
7. Ки аз миёни [устухони] пушт [-и мард] ва сина [-и зан] берун меояд	يَخۡرُجُ مِنۢ بَيۡنِ ٱلصُّلۡبِ وَٱلتَّرَآئِبِ ﴿٧﴾
8. Бе гумон, Аллоҳ таоло бар бозгардондани ӯ [пас аз марг] тавоност	إِنَّهُۥ عَلَىٰ رَجۡعِهِۦ لَقَادِرٞ ﴿٨﴾
9. Рӯзе, ки розҳо ошкор гардад	يَوۡمَ تُبۡلَى ٱلسَّرَآئِرُ ﴿٩﴾
10. [Дар он рӯз] Инсон ҳеҷ тавону ёваре надорад	فَمَا لَهُۥ مِن قُوَّةٖ وَلَا نَاصِرٖ ﴿١٠﴾
11. Савганд ба осмони пурборон	وَٱلسَّمَآءِ ذَاتِ ٱلرَّجۡعِ ﴿١١﴾
12. Ва савганд ба замини пуршикоф [ки гиёҳон аз он сар бармеоваранд]	وَٱلۡأَرۡضِ ذَاتِ ٱلصَّدۡعِ ﴿١٢﴾
13. Бе гумон, ин Қуръон сухани ҷудокунандаи ҳақ аз ботил аст	إِنَّهُۥ لَقَوۡلٞ فَصۡلٞ ﴿١٣﴾
14. Ва [сухани] ҳазлу беҳуда нест	وَمَا هُوَ بِٱلۡهَزۡلِ ﴿١٤﴾

(*) Ториқ (Ончӣ дар шаб ояд).

إِنَّهُمْ يَكِيدُونَ كَيْدًا ﴿١٥﴾

15. Онон [кофирон] пайваста ҳила ва найранг мекунанд

وَأَكِيدُ كَيْدًا ﴿١٦﴾

16. Ва ман [низ] ҳила [ва тадбир] мекунам

فَمَهِّلِ ٱلْكَٰفِرِينَ أَمْهِلْهُمْ رُوَيْدًا ﴿١٧﴾

17. Пас, кофиронро муҳлат деҳ, [ва] андаке раҳояшон кун [то ғарқи гуноҳ бошанд]

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Номи Парвардигори баландмартабаатро ба покӣ ёд кун[1]	سَبِّحِ ٱسْمَ رَبِّكَ ٱلْأَعْلَى ﴿١﴾
2. [Ҳамон] ки [инсонро] офарид ва ҳамоҳанг ва мутаодил сохт	ٱلَّذِى خَلَقَ فَسَوَّىٰ ﴿٢﴾
3. Ва [ҳамон] касе, ки андозагирӣ кард ва [ба шоистагӣ офарид] ва сипас ҳидоят намуд	وَٱلَّذِى قَدَّرَ فَهَدَىٰ ﴿٣﴾
4. Ва [он] касе, ки чарогоҳро [барои тағзияи ҷондорон] рӯёнид	وَٱلَّذِىٓ أَخْرَجَ ٱلْمَرْعَىٰ ﴿٤﴾
5. Сипас онро хушку сиёҳ гардонид	فَجَعَلَهُۥ غُثَآءً أَحْوَىٰ ﴿٥﴾
6. Мо ба зудӣ [Қуръонро] бар ту мехонем; пас, ту ҳаргиз [онро] фаромӯш нахоҳӣ кард	سَنُقْرِئُكَ فَلَا تَنسَىٰٓ ﴿٦﴾
7. Магар он чиро, ки Аллоҳ таоло бихоҳад; ҳамоно Ӯ ошкору ниҳонро медонад	إِلَّا مَا شَآءَ ٱللَّهُ ۚ إِنَّهُۥ يَعْلَمُ ٱلْجَهْرَ وَمَا يَخْفَىٰ ﴿٧﴾
8. Ва барои ту осонтарин [роҳ]-ро фароҳам мегардонем	وَنُيَسِّرُكَ لِلْيُسْرَىٰ ﴿٨﴾
9. Пас, агар панди муфид бошад, [мардумро бо оёти Қуръон] панд деҳ	فَذَكِّرْ إِن نَّفَعَتِ ٱلذِّكْرَىٰ ﴿٩﴾
10. Ба зудӣ, касе, ки [аз Аллоҳ таоло] метарсад, панд мепазирад	سَيَذَّكَّرُ مَن يَخْشَىٰ ﴿١٠﴾
11. Ва бадбахттарин [-и мардум] аз он дурӣ мегузинад	وَيَتَجَنَّبُهَا ٱلْأَشْقَى ﴿١١﴾
12. [Ҳамон] Касе, ки дар оташи бузург [-и ҷаҳаннам] дарҳоҳад омад	ٱلَّذِى يَصْلَى ٱلنَّارَ ٱلْكُبْرَىٰ ﴿١٢﴾

(*) Аъло (Бартар).

13. Ва дар он [оташ] на мемирад ва на зинда мемонад

ثُمَّ لَا يَمُوتُ فِيهَا وَلَا يَحۡيَىٰ ١٣

14. Яқинан, касе, ки худро [аз куфру гуноҳ] пок кунад, растагор хоҳад шуд

قَدۡ أَفۡلَحَ مَن تَزَكَّىٰ ١٤

15. Ва [низ касе, ки] номи Парвардигорашро ёд кунад ва намоз бигузорад

وَذَكَرَ ٱسۡمَ رَبِّهِۦ فَصَلَّىٰ ١٥

16. Вале шумо [мардум] зиндагии дунёро [бар охират] тарҷеҳ медиҳед

بَلۡ تُؤۡثِرُونَ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا ١٦

17. Дар ҳоле ки охират беҳтар ва пояндатар аст

وَٱلۡأٓخِرَةُ خَيۡرٞ وَأَبۡقَىٰٓ ١٧

18. Ба ростӣ, ин [пандҳо] дар китобҳои осмонии пешин [низ] буд

إِنَّ هَٰذَا لَفِي ٱلصُّحُفِ ٱلۡأُولَىٰ ١٨

19. Китобҳои Иброҳим ва Мӯсо

صُحُفِ إِبۡرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ ١٩

(88) Ғошия[*] الغاشية

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Эй Паёмбар] Оё хабари қиёмати ҳавлноки фарогир ба ту расидааст?	هَلْ أَتَىٰكَ حَدِيثُ ٱلْغَٰشِيَةِ ﴿١﴾
2. Дар он рӯз чеҳраҳое хору залил хоҳанд буд	وُجُوهٌ يَوْمَئِذٍ خَٰشِعَةٌ ﴿٢﴾
3. [Дар дунё] Пайваста талош карда [ва] хаста шуда [ва чун дар роҳи ҳақ набуда, натиҷае надидаанд]	عَامِلَةٌ نَّاصِبَةٌ ﴿٣﴾
4. Дар оташи сӯзон дармеоянд	تَصْلَىٰ نَارًا حَامِيَةً ﴿٤﴾
5. Аз чашмаи бисёр гарм ба онҳо нӯшонда мешаванд	تُسْقَىٰ مِنْ عَيْنٍ ءَانِيَةٍ ﴿٥﴾
6. Ғизое ҷуз хори хушку талх надоранд	لَّيْسَ لَهُمْ طَعَامٌ إِلَّا مِن ضَرِيعٍ ﴿٦﴾
7. Ки на [ононро] фарбеҳ кунад ва на гуруснагиро дафъ менамояд	لَّا يُسْمِنُ وَلَا يُغْنِي مِن جُوعٍ ﴿٧﴾
8. Дар он рӯз чеҳраҳое шодобу тоза ҳастанд	وُجُوهٌ يَوْمَئِذٍ نَّاعِمَةٌ ﴿٨﴾
9. Ва аз саъй [-ю талош]-и худ хушнуданд	لِّسَعْيِهَا رَاضِيَةٌ ﴿٩﴾
10. Дар биҳишти барин ҳастанд	فِي جَنَّةٍ عَالِيَةٍ ﴿١٠﴾
11. Дар он ҷо ҳеҷ сухани беҳудае намешунаванд	لَّا تَسْمَعُ فِيهَا لَٰغِيَةً ﴿١١﴾
12. Дар он чашма [-ҳои об] равон бошад	فِيهَا عَيْنٌ جَارِيَةٌ ﴿١٢﴾
13. Дар он тахтҳои [зебои] баланд [поя] аст	فِيهَا سُرُرٌ مَّرْفُوعَةٌ ﴿١٣﴾
14. Ва ҷомҳое [ки дар канори чашмаҳо] ниҳода шуда	وَأَكْوَابٌ مَّوْضُوعَةٌ ﴿١٤﴾
15. Ва болиштҳои [муназзам] чидашуда	وَنَمَارِقُ مَصْفُوفَةٌ ﴿١٥﴾

(*) Ғошия (Пӯшида).

16. Ва [низ] фаршҳои гаронбаҳо густурда шудааст	وَزَرَابِيُّ مَبْثُوثَةٌ ﴿١٦﴾
17. Оё [кофирон] ба шутур наменигаранд, ки чи гуна офарида шудааст?	أَفَلَا يَنظُرُونَ إِلَى ٱلْإِبِلِ كَيْفَ خُلِقَتْ ﴿١٧﴾
18. Ва ба осмон [наменигаранд], ки чи гуна барафрошта шудааст?	وَإِلَى ٱلسَّمَآءِ كَيْفَ رُفِعَتْ ﴿١٨﴾
19. Ва ба кӯҳҳо [наменигаранд], ки чи гуна [муҳкам бар замин] насб шудааст?	وَإِلَى ٱلْجِبَالِ كَيْفَ نُصِبَتْ ﴿١٩﴾
20. Ва ба замин [наменигаранд], ки чи гуна густурда шудааст?	وَإِلَى ٱلْأَرْضِ كَيْفَ سُطِحَتْ ﴿٢٠﴾
21. Пас, [эй Паёмбар] панд бидеҳ, ки ту танҳо панддиҳандай	فَذَكِّرْ إِنَّمَآ أَنتَ مُذَكِّرٌ ﴿٢١﴾
22. Ту бар онон мусаллат [-у чира] нестӣ [ки бар имон водорашон кунӣ]	لَّسْتَ عَلَيْهِم بِمُصَيْطِرٍ ﴿٢٢﴾
23. Аммо касе, ки рӯй бигардонад ва кофир шавад	إِلَّا مَن تَوَلَّىٰ وَكَفَرَ ﴿٢٣﴾
24. Сипас Аллоҳ таоло ӯро бо бузургтарин азоб муҷозот мекунад	فَيُعَذِّبُهُ ٱللَّهُ ٱلْعَذَابَ ٱلْأَكْبَرَ ﴿٢٤﴾
25. Ҳамоно бозгашти онҳо ба сӯйи Мост	إِنَّ إِلَيْنَآ إِيَابَهُمْ ﴿٢٥﴾
26. Сипас бе гумон, ҳисобашон [низ] бо Мост	ثُمَّ إِنَّ عَلَيْنَا حِسَابَهُم ﴿٢٦﴾

(89) Фаҷр[*] الفجر

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба субҳ	وَٱلْفَجْرِ ﴿١﴾
2. Ва ба шабҳои даҳгона [-и оғози зулҳиҷҷа]	وَلَيَالٍ عَشْرٍ ﴿٢﴾
3. Ва ба завҷ ва фард [-и ашё]	وَٱلشَّفْعِ وَٱلْوَتْرِ ﴿٣﴾
4. Ва савганд ба шаб, ҳангоме ки [ҳаракат мекунад ва] меравад	وَٱلَّيْلِ إِذَا يَسْرِ ﴿٤﴾
5. Оё дар ин [чизҳо] савганде барои соҳибхирад нест [ки ӯро қонеъ намояд]?	هَلْ فِي ذَٰلِكَ قَسَمٌ لِّذِي حِجْرٍ ﴿٥﴾
6. [Эй Паёмбар] Оё надидӣ, ки Парвардигорат бо [қавми] Од чи кард?	أَلَمْ تَرَ كَيْفَ فَعَلَ رَبُّكَ بِعَادٍ ﴿٦﴾
7. [Ҳамон қабилаи] Ирам, ки дорои [кохҳои бо] сутунҳои баланд буданд	إِرَمَ ذَاتِ ٱلْعِمَادِ ﴿٧﴾
8. Ки ҳаммонанди он дар шаҳрҳо офарида нашуда буд?	ٱلَّتِي لَمْ يُخْلَقْ مِثْلُهَا فِي ٱلْبِلَادِ ﴿٨﴾
9. Ва [низ қавми] Самуд, онҳое, ки сахраҳои сахтро аз [канори] водӣ метарошиданд [ва барои худ хона месохтанд]?	وَثَمُودَ ٱلَّذِينَ جَابُوا۟ ٱلصَّخْرَ بِٱلْوَادِ ﴿٩﴾
10. Ва Фиръавн соҳиби сипоҳи [бузург ва қудратманд]	وَفِرْعَوْنَ ذِي ٱلْأَوْتَادِ ﴿١٠﴾
11. [Ҳамон] Касоне, ки дар шаҳрҳо туғён [ва саркашӣ] карданд	ٱلَّذِينَ طَغَوْا۟ فِي ٱلْبِلَادِ ﴿١١﴾
12. Ва дар онҳо фасоди бисёр ба бор оварданд	فَأَكْثَرُوا۟ فِيهَا ٱلْفَسَادَ ﴿١٢﴾
13. Он гоҳ Парвардигорат тозиёнаи азобро бар онон фуруд овард	فَصَبَّ عَلَيْهِمْ رَبُّكَ سَوْطَ عَذَابٍ ﴿١٣﴾

(*) Фаҷр (Сапедаи субҳ).

إِنَّ رَبَّكَ لَبِٱلْمِرْصَادِ ﴿١٤﴾

14. Яқинан Парвардигори ту дар камингоҳ аст

فَأَمَّا ٱلْإِنسَٰنُ إِذَا مَا ٱبْتَلَىٰهُ رَبُّهُۥ فَأَكْرَمَهُۥ وَنَعَّمَهُۥ فَيَقُولُ رَبِّىٓ أَكْرَمَنِ ﴿١٥﴾

15. Ва аммо инсон ҳангоме ки Парвардигораш ӯро биозмояд ва гиромӣ дорад ва ба ӯ неъмат бахшад, [мағрур мегардад ва] мегӯяд: «Парвардигорам маро гиромӣ доштааст»

وَأَمَّآ إِذَا مَا ٱبْتَلَىٰهُ فَقَدَرَ عَلَيْهِ رِزْقَهُۥ فَيَقُولُ رَبِّىٓ أَهَٰنَنِ ﴿١٦﴾

16. Ва аммо ҳангоме ки ӯро биозмояд ва рӯзиашро бар ӯ танг гирад, [дилсард шуда] мегӯяд: «Парвардигорам маро хор кардааст»

كَلَّا ۖ بَل لَّا تُكْرِمُونَ ٱلْيَتِيمَ ﴿١٧﴾

17. Ҳаргиз чунин нест [ки шумо мепиндоред]; балки шумо ятимро гиромӣ намедоред

وَلَا تَحَٰٓضُّونَ عَلَىٰ طَعَامِ ٱلْمِسْكِينِ ﴿١٨﴾

18. Ва якдигарро бар итъоми мустамандон тарғиб намекунед

وَتَأْكُلُونَ ٱلتُّرَاثَ أَكْلًا لَّمًّا ﴿١٩﴾

19. Ва меросро ҳарисона мехӯред [ва ҳаққи заифонро намедиҳед]

وَتُحِبُّونَ ٱلْمَالَ حُبًّا جَمًّا ﴿٢٠﴾

20. Ва молу сарват [-и дунё]-ро бисёр дӯст медоред

كَلَّآ إِذَا دُكَّتِ ٱلْأَرْضُ دَكًّا دَكًّا ﴿٢١﴾

21. Ҳаргиз чунин нест [ки шумо гумон мекунед]; ҳангоме ки замин сахт дарҳам кӯбида шавад [ва ҳамвор гардад]

وَجَآءَ رَبُّكَ وَٱلْمَلَكُ صَفًّا صَفًّا ﴿٢٢﴾

22. Ва Парвардигорат [барои додрасӣ] биёяд ва [низ] фариштагон саф дар саф [биистанд]

وَجِاْىٓءَ يَوْمَئِذٍۭ بِجَهَنَّمَ ۚ يَوْمَئِذٍ يَتَذَكَّرُ ٱلْإِنسَٰنُ وَأَنَّىٰ لَهُ ٱلذِّكْرَىٰ ﴿٢٣﴾

23. Ва дар он рӯз ҷаҳаннам оварда шавад, дар он рӯз инсони [кофир] панд мегирад [ва тавба мекунад]; ва [аммо] ин панд гирифтан чи суде барояш дорад?

يَقُولُ يَٰلَيْتَنِى قَدَّمْتُ لِحَيَاتِى ﴿٢٤﴾

24. Вай мегӯяд: «Эй кош, [дар дунё] барои [ин] зиндагиам [чизе аз] пеш фиристода будам!

فَيَوْمَئِذٍ لَّا يُعَذِّبُ عَذَابَهُۥٓ أَحَدٌ ﴿٢٥﴾

25. Пас, дар он рӯз ҳеҷ кас ҳаммонанди азоби Ӯ [Аллоҳ таоло] азоб намекунад

وَلَا يُوثِقُ وَثَاقَهُۥٓ أَحَدٌ ﴿٢٦﴾

26. Ва ҳеҷ кас ҳамчун банд кашидани Ӯ [Аллоҳ таоло] касеро ба банд намекашад

27. [Аммо ба муъмин нидо мешавад] «Эй рӯҳи оромёфта!

يَـٰٓأَيَّتُهَا ٱلنَّفْسُ ٱلْمُطْمَئِنَّةُ ﴿٢٧﴾

28. Ба сӯйи Парвардигорат бозгард, дар ҳоле ки ту [аз подоши Аллоҳ таоло] хушнудӣ ва Ӯ аз [аъмоли] ту хушнуд аст

ٱرْجِعِىٓ إِلَىٰ رَبِّكِ رَاضِيَةً مَّرْضِيَّةً ﴿٢٨﴾

29. Пас, дар зумраи бандагони [хосси] Ман даро

فَٱدْخُلِى فِى عِبَـٰدِى ﴿٢٩﴾

30. Ва ба биҳишти Ман ворид шав»

وَٱدْخُلِى جَنَّتِى ﴿٣٠﴾

(90) Балад[*] البلد

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба ин шаҳр [Макка]	لَآ أُقۡسِمُ بِهَٰذَا ٱلۡبَلَدِ ١
2. Ва ту дар ин шаҳр сокинӣ [ва ҷанг дар ин шаҳр барои ту ҳалол аст]	وَأَنتَ حِلُّۢ بِهَٰذَا ٱلۡبَلَدِ ٢
3. Ва савганд ба падар [Одам] ва фарзандонаш	وَوَالِدٖ وَمَا وَلَدَ ٣
4. Яқинан, инсонро дар ранҷ офаридем	لَقَدۡ خَلَقۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ فِي كَبَدٍ ٤
5. Оё ӯ гумон мекунад, ҳеҷ кас бар [муҷозоти] вай тавоно нест?	أَيَحۡسَبُ أَن لَّن يَقۡدِرَ عَلَيۡهِ أَحَدٞ ٥
6. Мегӯяд: «[Ба хотири инфоқ] Моли зиёдеро табоҳ кардаам»	يَقُولُ أَهۡلَكۡتُ مَالٗا لُّبَدًا ٦
7. Оё мепиндорад, ки ҳеҷ кас ӯро надидааст?	أَيَحۡسَبُ أَن لَّمۡ يَرَهُۥٓ أَحَدٞ ٧
8. Оё барои ӯ ду чашм қарор надодем?	أَلَمۡ نَجۡعَل لَّهُۥ عَيۡنَيۡنِ ٨
9. Ва як забон ва ду лаб?	وَلِسَانٗا وَشَفَتَيۡنِ ٩
10. Ва ӯро ба ду роҳ [хайр ва шар] роҳнамоӣ кардем	وَهَدَيۡنَٰهُ ٱلنَّجۡدَيۡنِ ١٠
11. Пас, ба гардана [и сахт] қадам нагузошт [ва наомад]	فَلَا ٱقۡتَحَمَ ٱلۡعَقَبَةَ ١١
12. Ва ту чи медонӣ, ки гардана [-и сахт] чист?	وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا ٱلۡعَقَبَةُ ١٢
13. Озод кардани барда аст	فَكُّ رَقَبَةٍ ١٣
14. Итъом дар рӯзи қаҳтӣ [ва гуруснагӣ]	أَوۡ إِطۡعَٰمٞ فِي يَوۡمٖ ذِي مَسۡغَبَةٖ ١٤
15. [Хоҳ] Ятиме аз хешовандон [бошад]	يَتِيمٗا ذَا مَقۡرَبَةٍ ١٥

(*) Балад (Шаҳр).

أَوْ مِسْكِينًا ذَا مَتْرَبَةٍ ﴿١٦﴾

16. Ё мустаманде хокнишин

ثُمَّ كَانَ مِنَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَتَوَاصَوْاْ بِٱلصَّبْرِ وَتَوَاصَوْاْ بِٱلْمَرْحَمَةِ ﴿١٧﴾

17. Он гоҳ аз касоне бошад, ки имон овардаанд ва якдигарро ба сабр [бар ибодат ва дурӣ аз гуноҳ] ва меҳрубонӣ [бо бандагон] тавсия намудаанд

أُوْلَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلْمَيْمَنَةِ ﴿١٨﴾

18. Инон аҳли саодатанд [ки номаи аъмол ба дасти росташон дода мешавад ва аҳли биҳиштанд]

وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِـَٔايَٰتِنَا هُمْ أَصْحَٰبُ ٱلْمَشْـَٔمَةِ ﴿١٩﴾

19. Аммо касоне, ки ба оёти Мо куфр варзиданд, онон аҳли шақоватанд [ки номаи аъмол ба дасти чапашон дода мешавад ва ба дузах мераванд]

عَلَيْهِمْ نَارٌ مُّؤْصَدَةٌ ﴿٢٠﴾

20. Бар онон [аз ҳар сӯ] оташи сарпӯшидае аст [ки роҳи фирор надоранд]

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба хуршед ва равшании он [ба ҳангоми бомдод]	وَٱلشَّمْسِ وَضُحَىٰهَا ﴿١﴾
2. Ва савганд ба моҳ, ҳангоме ки баъд аз он барояд	وَٱلْقَمَرِ إِذَا تَلَىٰهَا ﴿٢﴾
3. Ва савганд ба рӯз, ҳангоме ки он [хуршед]-ро равшан [ва ҷилвагар] кунад	وَٱلنَّهَارِ إِذَا جَلَّىٰهَا ﴿٣﴾
4. Ва савганд ба шаб, ҳангоме ки онро бипӯшонад	وَٱلَّيْلِ إِذَا يَغْشَىٰهَا ﴿٤﴾
5. Ва савганд ба осмон ва ба он ки онро бино кард	وَٱلسَّمَآءِ وَمَا بَنَىٰهَا ﴿٥﴾
6. Ва савганд ба замин ва ба он ки онро густуронид	وَٱلْأَرْضِ وَمَا طَحَىٰهَا ﴿٦﴾
7. Ва савганд ба ҷон [-и инсон] ва он ки онро [офарид ва] наку гардонид	وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّىٰهَا ﴿٧﴾
8. Сипас нофармонӣ ва парҳезгориашро [ба ӯ] илҳом кард	فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَىٰهَا ﴿٨﴾
9. Бе тардид, ҳар ки нафси худро [аз гуноҳон] пок кард, растагор шуд	قَدْ أَفْلَحَ مَن زَكَّىٰهَا ﴿٩﴾
10. Ва ҳар ки онро [бо гуноҳ] олуда сохт, яқинан, зиёнкор шуд	وَقَدْ خَابَ مَن دَسَّىٰهَا ﴿١٠﴾
11. [Қавми] Самуд аз рӯйи саркашӣ [паёмбарашонро] такзиб карданд	كَذَّبَتْ ثَمُودُ بِطَغْوَىٰهَآ ﴿١١﴾
12. Он гоҳ ки бадкортарини эшон [барои иқдом ба ҷиноят] бархост	إِذِ ٱنۢبَعَثَ أَشْقَىٰهَا ﴿١٢﴾

(*) Шамс (Офтоб)

فَقَالَ لَهُمْ رَسُولُ ٱللَّهِ نَاقَةَ ٱللَّهِ وَسُقْيَٰهَا ﴿١٣﴾

13. Пас, паёмбари Аллоҳ таоло [Солеҳ] ба онон гуфт: «Модашутури Аллоҳ таоло ва [навбати] обхӯрданашро [ҳурмат ниҳед]»

فَكَذَّبُوهُ فَعَقَرُوهَا فَدَمْدَمَ عَلَيْهِمْ رَبُّهُم بِذَنۢبِهِمْ فَسَوَّىٰهَا ﴿١٤﴾

14. [Вале онон] ӯро такзиб карданд ва он [модашутур]-ро куштанд; пас, Парвардигорашон ба сабаби гуноҳонашон бар сарашон азоб оварда ва ҳамагии ононро бо хок яксон кард

وَلَا يَخَافُ عُقْبَٰهَا ﴿١٥﴾

15. Ва [Аллоҳ таоло] аз саранҷоми он [кор] бим надорад

(92) Лайл[*] الليل

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба шаб, ҳангоме ки [ҳама чизро] бипӯшонад	وَٱلَّيۡلِ إِذَا يَغۡشَىٰ ١
2. Ва савганд ба рӯз, ҳангоме ки ошкор шавад	وَٱلنَّهَارِ إِذَا تَجَلَّىٰ ٢
3. Ва савганд ба он ки нару модаро офарид	وَمَا خَلَقَ ٱلذَّكَرَ وَٱلۡأُنثَىٰٓ ٣
4. Ки, яқинан, саъй [-ю талош]-и шумо мухталиф [ва неку бад] аст	إِنَّ سَعۡيَكُمۡ لَشَتَّىٰ ٤
5. Ва аммо касе, ки [дар роҳи Аллоҳ таоло] бахшид ва парҳезкорӣ кард	فَأَمَّا مَنۡ أَعۡطَىٰ وَٱتَّقَىٰ ٥
6. Ва [ваъдаи Аллоҳ таоло ва суханони] некро тасдиқ кард	وَصَدَّقَ بِٱلۡحُسۡنَىٰ ٦
7. Пас, Мо [анҷоми аъмоли наку ва инфоқ дар роҳи Аллоҳро] барояш осон месозем	فَسَنُيَسِّرُهُۥ لِلۡيُسۡرَىٰ ٧
8. Ва аммо касе, ки бухл варзид ва бениёзӣ талабид	وَأَمَّا مَنۢ بَخِلَ وَٱسۡتَغۡنَىٰ ٨
9. Ва [ваъдаи Аллоҳ таоло ва суханони] некро такзиб кард	وَكَذَّبَ بِٱلۡحُسۡنَىٰ ٩
10. Пас, Мо [анҷоми аъмоли шарру палидро] барояш осон месозем	فَسَنُيَسِّرُهُۥ لِلۡعُسۡرَىٰ ١٠
11. Ва дар ҳангом [-и маргу] вуруд ба дузах дороияш ба ҳоли ӯ суде нахоҳад дошт	وَمَا يُغۡنِي عَنۡهُ مَالُهُۥٓ إِذَا تَرَدَّىٰٓ ١١
12. Мусалламан, ҳидоят [-и бандагон] бар [уҳдаи] Мост	إِنَّ عَلَيۡنَا لَلۡهُدَىٰ ١٢

(*) Лайл (Шаб).

13. Ва қатъан охират ва дунё [низ] аз они Мост

وَإِنَّ لَنَا لَلْآخِرَةَ وَٱلْأُولَىٰ ﴿١٣﴾

14. Пас, ман шуморо аз оташе шуълавар бим додам

فَأَنذَرْتُكُمْ نَارًا تَلَظَّىٰ ﴿١٤﴾

15. Ки ҷуз бадбахттарин [-и мардум] дар он наафтад

لَا يَصْلَىٰهَآ إِلَّا ٱلْأَشْقَى ﴿١٥﴾

16. [Ҳамон] Касе, ки [оёти Моро] такзиб кард ва рӯ гардонид

ٱلَّذِى كَذَّبَ وَتَوَلَّىٰ ﴿١٦﴾

17. Ва ба зудӣ парҳезкортарин [-и мардум] аз он дур нигаҳ дошта мешавад

وَسَيُجَنَّبُهَا ٱلْأَتْقَى ﴿١٧﴾

18. [Ҳамон] Касе, ки моли худро [дар роҳи Аллоҳ таоло] мебахшад, то [аз гуноҳ] пок шавад

ٱلَّذِى يُؤْتِى مَالَهُۥ يَتَزَكَّىٰ ﴿١٨﴾

19. Ва ҳеҷ касро ба қасди подош ёфтани неъмат намебахшад

وَمَا لِأَحَدٍ عِندَهُۥ مِن نِّعْمَةٍ تُجْزَىٰٓ ﴿١٩﴾

20. Магар [барои] касби ризо [ва хушнудии] Парвардигори бартараш

إِلَّا ٱبْتِغَآءَ وَجْهِ رَبِّهِ ٱلْأَعْلَىٰ ﴿٢٠﴾

21. Ва ба ростӣ, ки [бо подоши Аллоҳ таоло] хушнуд хоҳад шуд

وَلَسَوْفَ يَرْضَىٰ ﴿٢١﴾

(93) Зуҳо(*) الضحى

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба оғози рӯз	وَٱلضُّحَىٰ ﴿١﴾
2. Ва савганд ба шаб, ҳангоме ки ором гирад	وَٱلَّيۡلِ إِذَا سَجَىٰ ﴿٢﴾
3. [Ки] Парвардигорат туро во нагузошта ва [бар ту] хашм нагирифтааст	مَا وَدَّعَكَ رَبُّكَ وَمَا قَلَىٰ ﴿٣﴾
4. Ва мусалламан охират барои ту аз дунё беҳтар аст	وَلَلۡأٓخِرَةُ خَيۡرٞ لَّكَ مِنَ ٱلۡأُولَىٰ ﴿٤﴾
5. Ва ба зудӣ Парвардигорат ба ту [ва уммати ту он қадр] ато хоҳад кард, ки хушнуд гардӣ	وَلَسَوۡفَ يُعۡطِيكَ رَبُّكَ فَتَرۡضَىٰٓ ﴿٥﴾
6. Оё туро ятим наёфт, пас, паноҳ дод?	أَلَمۡ يَجِدۡكَ يَتِيمٗا فَـَٔاوَىٰ ﴿٦﴾
7. Ва туро [гумроҳ ва] саргашта ёфт, пас, ҳидоят кард	وَوَجَدَكَ ضَآلّٗا فَهَدَىٰ ﴿٧﴾
8. Ва туро фақир ёфт, пас, бениёз намуд	وَوَجَدَكَ عَآئِلٗا فَأَغۡنَىٰ ﴿٨﴾
9. Пас, [ту низ] ятимро маёзор	فَأَمَّا ٱلۡيَتِيمَ فَلَا تَقۡهَرۡ ﴿٩﴾
10. Ва [мустаманди] ниёзхоҳро марон [ва бо ӯ дурушт макун]	وَأَمَّا ٱلسَّآئِلَ فَلَا تَنۡهَرۡ ﴿١٠﴾
11. Ва неъматҳои Парвардигоратро бозгӯ кун [ва сипос гузор]	وَأَمَّا بِنِعۡمَةِ رَبِّكَ فَحَدِّثۡ ﴿١١﴾

(*) Зуҳо (Оғози рӯз)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Эй Паёмбар] Оё Мо синаатро [барои нузули ваҳй] бароят накушудем? — أَلَمْ نَشْرَحْ لَكَ صَدْرَكَ ﴿١﴾

2. Ва сангини [-и бори гуноҳ ва душвории рисолат]-ро аз [дӯши] ту барнадоштем? — وَوَضَعْنَا عَنكَ وِزْرَكَ ﴿٢﴾

3. Ҳамон [боре], ки бар пуштат сангинӣ мекард — ٱلَّذِىٓ أَنقَضَ ظَهْرَكَ ﴿٣﴾

4. Ва [ному] овозаи туро баланд сохтем — وَرَفَعْنَا لَكَ ذِكْرَكَ ﴿٤﴾

5. Пас, мусалламан, бо [ҳар] душворӣ осонӣ аст — فَإِنَّ مَعَ ٱلْعُسْرِ يُسْرًا ﴿٥﴾

6. [Ore] Мусалламан, бо [ҳар] душворӣ осонӣ аст — إِنَّ مَعَ ٱلْعُسْرِ يُسْرًا ﴿٦﴾

7. Пас, ҳангоме ки [аз кору умури дунё] фориғ шудӣ, [ба ибодати Парвардигорат] бикӯш — فَإِذَا فَرَغْتَ فَٱنصَبْ ﴿٧﴾

8. Ва ба сӯйи Парвардигорат рағиб [ва муштоқ] шав — وَإِلَىٰ رَبِّكَ فَٱرْغَب ﴿٨﴾

(*) Шарҳ (Кушодан).

(95) Тин[*] التين

Ҷузъи 30

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба анҷир ва зайтун [ва ба Фаластин сарзамини рӯиши онҳо]	وَٱلتِّينِ وَٱلزَّيْتُونِ ﴿١﴾
2. Ва савганд ба Тӯри Сино	وَطُورِ سِينِينَ ﴿٢﴾
3. Ва савганд ба ин шаҳри амн [Макка]	وَهَٰذَا ٱلْبَلَدِ ٱلْأَمِينِ ﴿٣﴾
4. [Ки] Яқинан, Мо инсонро дар беҳтарин сурат [ва бо фитрати пок] офаридем	لَقَدْ خَلَقْنَا ٱلْإِنسَٰنَ فِىٓ أَحْسَنِ تَقْوِيمٍ ﴿٤﴾
5. Сипас ӯро [ки инҳироф ёфт] ба пасттарин [мароҳили] пастӣ баргардонидем.	ثُمَّ رَدَدْنَٰهُ أَسْفَلَ سَٰفِلِينَ ﴿٥﴾
6. Магар касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом доданд; пас, барои онон подоше пойдор [дар пеш] аст	إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَلَهُمْ أَجْرٌ غَيْرُ مَمْنُونٍ ﴿٦﴾
7. Пас, [эй инсон] чи чизе баъд [аз ин ҳама далоили равшан] туро ба такзиби [рӯзи] ҷазо во медорад?	فَمَا يُكَذِّبُكَ بَعْدُ بِٱلدِّينِ ﴿٧﴾
8. Оё Аллоҳ таоло беҳтарин довар [ва ҳокими мутлақ] нест?	أَلَيْسَ ٱللَّهُ بِأَحْكَمِ ٱلْحَٰكِمِينَ ﴿٨﴾

(*) Тин (Анҷир).

(96) Алақ[*] العلق

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Эй Паёмбар] Бихон ба номи Парвардигорат, ки [ҳастиро] офарид	ٱقْرَأْ بِٱسْمِ رَبِّكَ ٱلَّذِى خَلَقَ ﴿١﴾
2. [Ҳамон Парвардигоре, ки] Инсонро аз хуни баста офарид	خَلَقَ ٱلْإِنسَـٰنَ مِنْ عَلَقٍ ﴿٢﴾
3. Бихон ва Парвардигорат [аз ҳама] бузургвортар аст	ٱقْرَأْ وَرَبُّكَ ٱلْأَكْرَمُ ﴿٣﴾
4. [Ҳамон] Касе, ки ба василаи қалам [навиштан] омӯхт	ٱلَّذِى عَلَّمَ بِٱلْقَلَمِ ﴿٤﴾
5. Ба инсон он чиро, ки намедонист, омӯхт	عَلَّمَ ٱلْإِنسَـٰنَ مَا لَمْ يَعْلَمْ ﴿٥﴾
6. Чунин нест [ки шумо мепиндоред]; ҳаққо, ки инсон туғён [ва саркашӣ] мекунад	كَلَّآ إِنَّ ٱلْإِنسَـٰنَ لَيَطْغَىٰٓ ﴿٦﴾
7. [Баъд] Аз ин ки худро бениёз [ва тавонгар] бубинад	أَن رَّءَاهُ ٱسْتَغْنَىٰٓ ﴿٧﴾
8. Яқинан, бозгашт [-и ҳама] ба сӯйи Парвардигори туст	إِنَّ إِلَىٰ رَبِّكَ ٱلرُّجْعَىٰٓ ﴿٨﴾
9. [Эй Паёмбар] Оё дидай он касе, ки [аз ибодати Аллоҳ таоло] бозмедорад	أَرَءَيْتَ ٱلَّذِى يَنْهَىٰ ﴿٩﴾
10. Бандаеро, ҳангоме ки намоз мехонад	عَبْدًا إِذَا صَلَّىٰٓ ﴿١٠﴾
11. Ба ман хабар бидеҳ, агар ин [банда] бар [роҳи] ҳидоят бошад	أَرَءَيْتَ إِن كَانَ عَلَى ٱلْهُدَىٰٓ ﴿١١﴾
12. [Мардумро] Ба парҳезкорӣ фармон диҳад [пас, сазои касе, ки чунин бандаеро биёзорад чист?]	أَوْ أَمَرَ بِٱلتَّقْوَىٰٓ ﴿١٢﴾

(*) Алақ (Хунлахта).

13. Ба ман хабар деҳ, агар ин [шахси саркаш ҳақро] такзиб кард ва рӯйгардон шуд [оё сазовори азоб нест?]

أَرَءَيْتَ إِن كَذَّبَ وَتَوَلَّىٰٓ ﴿١٣﴾

14. Оё намедонад, ки бе тардид, Аллоҳ таоло [ҳама аъмолашро] мебинад?

أَلَمْ يَعْلَم بِأَنَّ ٱللَّهَ يَرَىٰ ﴿١٤﴾

15. Чунин нест [ки ӯ гумон мекунад]; агар боз наояд [ва даст аз шарорат барнадорад], ҳатман, мӯйи пешониашро ба сахтӣ хоҳем гирифт [ва ба сӯйи дузах хоҳем кашонид]

لَنَسْفَعًۢا بِٱلنَّاصِيَةِ ﴿١٥﴾

16. Мӯйи пешонии [ҳамон] дурӯғгӯи хатокорро

نَاصِيَةٍ كَٰذِبَةٍ خَاطِئَةٍ ﴿١٦﴾

17. Пас, бояд ҳаммаҷлисонашро [ба кумак] бихонад

فَلْيَدْعُ نَادِيَهُۥ ﴿١٧﴾

18. Мо [низ] оташбонони [дузах]-ро фаро хоҳем хонд

سَنَدْعُ ٱلزَّبَانِيَةَ ﴿١٨﴾

19. Чунин нест [ки ӯ мепиндорад]; ҳаргиз ӯро итоат макун ва саҷда кун ва [ба Аллоҳ таоло] тақарруб ҷӯй

كَلَّا لَا تُطِعْهُ وَٱسْجُدْ وَٱقْتَرِب ۩ ﴿١٩﴾

(97) Қадр[*] القدر

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

إِنَّآ أَنزَلْنَٰهُ فِى لَيْلَةِ ٱلْقَدْرِ ﴿١﴾

1. Ҳамоно Мо он [Қуръон]-ро дар шаби қадр нозил кардем

وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا لَيْلَةُ ٱلْقَدْرِ ﴿٢﴾

2. Ва ту чи донӣ шаби қадр чист?

لَيْلَةُ ٱلْقَدْرِ خَيْرٌ مِّنْ أَلْفِ شَهْرٍ ﴿٣﴾

3. Шаби қадр беҳтар аз ҳазор моҳ аст

تَنَزَّلُ ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ وَٱلرُّوحُ فِيهَا بِإِذْنِ رَبِّهِم مِّن كُلِّ أَمْرٍ ﴿٤﴾

4. Фариштагон ва Руҳ [Ҷабраил] дар он [шаб] ба фармони Парвардигорашон барои [анҷоми] ҳар коре нозил мешаванд

سَلَٰمٌ هِىَ حَتَّىٰ مَطْلَعِ ٱلْفَجْرِ ﴿٥﴾

5. [Он шаб] То тулуи фаҷр саломат [ва раҳмат] бошад

(*) Қадр (Тақдир).

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

لَمْ يَكُنِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنْ أَهْلِ ٱلْكِتَٰبِ وَٱلْمُشْرِكِينَ مُنفَكِّينَ حَتَّىٰ تَأْتِيَهُمُ ٱلْبَيِّنَةُ ﴿١﴾

1. Касоне аз аҳли китоб ва мушрикон, ки кофир шуданд, [аз оини куфр] даст барнамедоранд, то ин ки барои онон далели равшане биёяд

رَسُولٌ مِّنَ ٱللَّهِ يَتْلُواْ صُحُفًا مُّطَهَّرَةً ﴿٢﴾

2. Паёмбаре аз сӯи Аллоҳ таоло [биёяд], ки саҳифаҳои покро бихонад

فِيهَا كُتُبٌ قَيِّمَةٌ ﴿٣﴾

3. Ва дар он [саҳифаҳо] навиштаҳое устувор [ва дуруст] аст

وَمَا تَفَرَّقَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلْكِتَٰبَ إِلَّا مِنۢ بَعْدِ مَا جَآءَتْهُمُ ٱلْبَيِّنَةُ ﴿٤﴾

4. Ва касоне, ки ба онон китоб дода шуд, [аз ҷумлаи яҳудиён ва масеҳиён] пароканда нашуданд, [ва ихтилоф накарданд] магар баъд аз он ки далели равшан барои онон омад

وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعْبُدُواْ ٱللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ حُنَفَآءَ وَيُقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤْتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ وَذَٰلِكَ دِينُ ٱلْقَيِّمَةِ ﴿٥﴾

5. Ва эшон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд, дар ҳоле ки дини худро барои ӯ холис гардонанд [ва аз ширку бутпарастӣ] ба тавҳид рӯ оваранд; ва намоз барпо доранд ва закот бипардозанд; ва ин аст оини ростин ва мустақим

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنْ أَهْلِ ٱلْكِتَٰبِ وَٱلْمُشْرِكِينَ فِى نَارِ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أُوْلَٰٓئِكَ هُمْ شَرُّ ٱلْبَرِيَّةِ ﴿٦﴾

6. Бе гумон, касоне аз аҳли китоб ва мушрикон, ки кофир шуданд, ҷовидона дар оташи ҷаҳаннам хоҳанд монд. Онон бадтарин офаридагон ҳастанд

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أُوْلَٰٓئِكَ هُمْ خَيْرُ ٱلْبَرِيَّةِ ﴿٧﴾

7. Ҳамоно касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом доданд, онон беҳтарини офаридагон ҳастанд

جَزَآؤُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ جَنَّٰتُ عَدْنٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُواْ عَنْهُ ذَٰلِكَ لِمَنْ خَشِىَ رَبَّهُۥ ﴿٨﴾

8. Подоши эшон назди Парвардигорашон боғҳои [биҳишти] ҷовидон аст, ки ҷӯйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорист; ҳамеша дар он хоҳанд монд; Аллоҳ таоло аз [аъмоли] онҳо хушнуд аст ва онон [низ] аз [подоши] Ӯ хушнуданд; ва ин [мақом ва подош] барои касест, ки аз Парвардигораш битарсад

(*) Байина (Бурҳони равшан).

(99) Залзала[*] الزلزلة

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Ҳангоме ки замин бо шадидтарин таконҳояш ба ларза дарояд	إِذَا زُلْزِلَتِ ٱلْأَرْضُ زِلْزَالَهَا ﴿١﴾
2. Ва замин борҳои санғинашро берун резад	وَأَخْرَجَتِ ٱلْأَرْضُ أَثْقَالَهَا ﴿٢﴾
3. Ва инсон мегӯяд: «Он [замин]-ро чӣ шудааст?»	وَقَالَ ٱلْإِنسَٰنُ مَا لَهَا ﴿٣﴾
4. Дар он рӯз [замин] тамоми хабарҳояшро бозгӯ мекунад	يَوْمَئِذٍ تُحَدِّثُ أَخْبَارَهَا ﴿٤﴾
5. Зеро Парвардигорат ба ӯ [чунин] ваҳй [ва ҳукм] кардааст	بِأَنَّ رَبَّكَ أَوْحَىٰ لَهَا ﴿٥﴾
6. Дар он рӯз мардум гурӯҳ-гурӯҳ бозмегарданд, то [натиҷаи] аъмолашон ба онон нишон дода шавад	يَوْمَئِذٍ يَصْدُرُ ٱلنَّاسُ أَشْتَاتًا لِّيُرَوْا۟ أَعْمَٰلَهُمْ ﴿٦﴾
7. Пас, ҳар кас ба андозаи заррае кори нек анҷом дода бошад, [подоши] онро мебинад	فَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ خَيْرًا يَرَهُۥ ﴿٧﴾
8. Ва ҳар кас ба андозаи заррае кори бад карда бошад, [кайфари] онро мебинад	وَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ شَرًّا يَرَهُۥ ﴿٨﴾

(*) Залзала (Ларзиш).

(100) Одиёт[*] العاديات

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба аспҳои даванда, ки нафасзанон [ба сӯйи майдони ҷиҳод] пеш мерафтанд	وَٱلْعَٰدِيَٰتِ ضَبْحًا ﴿١﴾
2. Ва савганд ба аспҳое, ки [бо бархӯрди сумҳояшон ба сангҳо] шарораи [оташ] эҷод карданд	فَٱلْمُورِيَٰتِ قَدْحًا ﴿٢﴾
3. Боз савганд ба аспҳое, ки дар субҳгоҳон [бар душман] юриш баранд	فَٱلْمُغِيرَٰتِ صُبْحًا ﴿٣﴾
4. Пас, дар он ҳангом гарду ғубор барангезанд	فَأَثَرْنَ بِهِۦ نَقْعًا ﴿٤﴾
5. Он гоҳ ба миёни [сипоҳи душман] дароянд	فَوَسَطْنَ بِهِۦ جَمْعًا ﴿٥﴾
6. Яқинан, инсон дар баробари [неъматҳои] Парвардигораш бисёр носипос аст	إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لِرَبِّهِۦ لَكَنُودٌ ﴿٦﴾
7. Ва бе гумон, ӯ бар ин [носипосӣ] гувоҳ аст	وَإِنَّهُۥ عَلَىٰ ذَٰلِكَ لَشَهِيدٌ ﴿٧﴾
8. Ва ҳамоно ӯ алоқаи фаровоне ба мол [-и дунё] дорад	وَإِنَّهُۥ لِحُبِّ ٱلْخَيْرِ لَشَدِيدٌ ﴿٨﴾
9. Оё ӯ намедонад, ки дар он рӯз он чи дар гурҳост, [ҳама зинда ва] барангехта шаванд?	۞أَفَلَا يَعْلَمُ إِذَا بُعْثِرَ مَا فِى ٱلْقُبُورِ ﴿٩﴾
10. Ва он чи дар синаҳост, [ҳама] ошкор гардад	وَحُصِّلَ مَا فِى ٱلصُّدُورِ ﴿١٠﴾
11. Яқинан, дар он рӯз Парвардигорашон ба [вазъу ҳоли] эшон комилан огоҳ аст	إِنَّ رَبَّهُم بِهِمْ يَوْمَئِذٍ لَّخَبِيرٌۢ ﴿١١﴾

(*) Одиёт (Аспони даванда).

(101) Қориъа[*] القارعة

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Он] Фурукӯбанда	ٱلْقَارِعَةُ ﴿١﴾
2. [Он] Фурукӯбанда чист?	مَا ٱلْقَارِعَةُ ﴿٢﴾
3. Ва ту чи донӣ, ки [он] фурукӯбанда чист?	وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا ٱلْقَارِعَةُ ﴿٣﴾
4. Рӯзе, ки мардум монанди парвонаҳои пароканда [ҳайрону саргардон] хоҳанд буд	يَوْمَ يَكُونُ ٱلنَّاسُ كَٱلْفَرَاشِ ٱلْمَبْثُوثِ ﴿٤﴾
5. Ва кӯҳҳо монанди пашми рангини ҳаллоҷишуда (задашуда) хоҳанд шуд	وَتَكُونُ ٱلْجِبَالُ كَٱلْعِهْنِ ٱلْمَنفُوشِ ﴿٥﴾
6. Ва аммо ҳар касе, ки [дар он рӯз] паллаи мизонаш сангин бошад	فَأَمَّا مَن ثَقُلَتْ مَوَٰزِينُهُۥ ﴿٦﴾
7. [Дар биҳишт] Дар зиндагии роҳатбахш хоҳад буд	فَهُوَ فِى عِيشَةٍ رَّاضِيَةٍ ﴿٧﴾
8. Ва аммо ҳар кас, ки паллаи мизонаш сабук бошад	وَأَمَّا مَنْ خَفَّتْ مَوَٰزِينُهُۥ ﴿٨﴾
9. Пас, [маскану] паноҳгоҳаш «ҳовия» аст	فَأُمُّهُۥ هَاوِيَةٌ ﴿٩﴾
10. Ва ту чи донӣ, ки он [ҳовия] чист?	وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا هِيَهْ ﴿١٠﴾
11. Оташе аст сӯзон [ва шуълавар]	نَارٌ حَامِيَةٌۢ ﴿١١﴾

(*) Қориъа (Кӯбанда).

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Зиёдахоҳӣ шуморо ба худ машғул [ва аз ёди Парвардигор ғофил] сохт	أَلْهَىٰكُمُ ٱلتَّكَاثُرُ ﴿١﴾
2. То [поёни] коратон ба гӯристон расид	حَتَّىٰ زُرْتُمُ ٱلْمَقَابِرَ ﴿٢﴾
3. Ҳаргиз чунин нест [ки шумо мепиндоред]; ба зудӣ хоҳед донист	كَلَّا سَوْفَ تَعْلَمُونَ ﴿٣﴾
4. Боз [ҳам] чунин нест; ба зудӣ хоҳед донист	ثُمَّ كَلَّا سَوْفَ تَعْلَمُونَ ﴿٤﴾
5. Чунин нест [ки шумо гумон мекунед]; агар ба дониши яқинӣ [ва тардиднопазир ҳақиқати қиёматро] медонистед, [аз зиёдахоҳӣ ва ифтихор ба амволу фарзандонатон даст бармедоштед]	كَلَّا لَوْ تَعْلَمُونَ عِلْمَ ٱلْيَقِينِ ﴿٥﴾
6. Савганд, ки дузахро хоҳед дид	لَتَرَوُنَّ ٱلْجَحِيمَ ﴿٦﴾
7. Боз ҳам савганд, ки онро бо чашми яқин хоҳед дид	ثُمَّ لَتَرَوُنَّهَا عَيْنَ ٱلْيَقِينِ ﴿٧﴾
8. Он гоҳ, ҳатман, дар рӯзи қиёмат аз [тамоми] неъматҳо бозхост хоҳед шуд	ثُمَّ لَتُسْـَٔلُنَّ يَوْمَئِذٍ عَنِ ٱلنَّعِيمِ ﴿٨﴾

(*) Такосур (Афзунхоҳӣ).

(103) Аср[*] العصر

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Савганд ба аср[1]	وَٱلْعَصْرِ ﴿١﴾
2. Ки инсон дар зиён аст	إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لَفِى خُسْرٍ ﴿٢﴾
3. Магар муъминони накукоре, ки якдигарро ба ҳақ супориш намудаанд ва ба шикебой тавсия кардаанд	إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَتَوَاصَوْاْ بِٱلْحَقِّ وَتَوَاصَوْاْ بِٱلصَّبْرِ ﴿٣﴾

(*) Аср (Замон).

(104) Ҳуммаза(*) الهمزة

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Вой бар ҳар ғайбаткунанда [ва] айбҷӯе!	وَيْلٌ لِّكُلِّ هُمَزَةٍ لُّمَزَةٍ ﴿١﴾
2. [Ҳамон] Касе, ки моли фаровоне гирд овард ва онро шумориш кард	ٱلَّذِى جَمَعَ مَالًا وَعَدَّدَهُۥ ﴿٢﴾
3. Гумон мекунад, ки молаш ӯро ҷовидона месозад	يَحْسَبُ أَنَّ مَالَهُۥٓ أَخْلَدَهُۥ ﴿٣﴾
4. Ҳаргиз чунин нест [ки ӯ гумон мекунад]; ҳатман, дар оташи дарҳамкӯбанда андохта хоҳад шуд	كَلَّا لَيُنۢبَذَنَّ فِى ٱلْحُطَمَةِ ﴿٤﴾
5. Ва [эй Паёмбар] ту чӣ медонӣ, ки оташи дарҳамкӯбанда чист?	وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا ٱلْحُطَمَةُ ﴿٥﴾
6. Оташи барафрӯхтаи илоҳӣ аст	نَارُ ٱللَّهِ ٱلْمُوقَدَةُ ﴿٦﴾
7. [Оташе] Ки бар дилҳо чира мегардад [ва месӯзонад]	ٱلَّتِى تَطَّلِعُ عَلَى ٱلْأَفْـِٔدَةِ ﴿٧﴾
8. Бе гумон, он [оташ] бар онон фурубаста [ва аз ҳар сӯ муҳосирашон карда] аст	إِنَّهَا عَلَيْهِم مُّؤْصَدَةٌ ﴿٨﴾
9. [Афрӯхта] Дар сутунҳои баланд аст	فِى عَمَدٍ مُّمَدَّدَةٍ ﴿٩﴾

(*) Ҳуммаза (Айбҷӯ).

(105) Фил الفيل

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

أَلَمْ تَرَ كَيْفَ فَعَلَ رَبُّكَ بِأَصْحَٰبِ ٱلْفِيلِ ﴿١﴾	**1**. [Эй Паёмбар] Оё надидӣ Парвардигорат бо асҳоби фил чӣ кард?
أَلَمْ يَجْعَلْ كَيْدَهُمْ فِي تَضْلِيلٍ ﴿٢﴾	**2**. Оё [фиребу] нақшаи ононро дар табоҳӣ қарор надод?
وَأَرْسَلَ عَلَيْهِمْ طَيْرًا أَبَابِيلَ ﴿٣﴾	**3**. Ва парандагоне гурӯҳ-гурӯҳ бар [сари] онон фиристод
تَرْمِيهِم بِحِجَارَةٍ مِّن سِجِّيلٍ ﴿٤﴾	**4**. [Ки] Бо санггил [ки дар минқору чангол доштанд] ононро сангборон мекарданд
فَجَعَلَهُمْ كَعَصْفٍ مَّأْكُولٍ ﴿٥﴾	**5**. Пас, онҳоро ҳамчун коҳи хойидашуда сохт

(106) Қурайш قريش

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. Барои [сипосгузорӣ аз] ҳамбастагӣ ва унси Қурайш	لِإِيلَٰفِ قُرَيْشٍ ﴿١﴾
2. [Ҳамон] Ҳамбастагӣ ва унси онон дар сафарҳои зимистонӣ [ба Яман] ва тобистонӣ [ба Шом]	إِۦلَٰفِهِمْ رِحْلَةَ ٱلشِّتَآءِ وَٱلصَّيْفِ ﴿٢﴾
3. Бояд Парвардигори хонаи Каъбаро бипарастанд	فَلْيَعْبُدُواْ رَبَّ هَٰذَا ٱلْبَيْتِ ﴿٣﴾
4. Ҳамон [Парвардигоре], ки ононро аз гуруснагӣ [раҳонид, ба эшон] хӯрок дод ва аз ваҳшату тарс эмин намуд	ٱلَّذِىٓ أَطْعَمَهُم مِّن جُوعٍ وَءَامَنَهُم مِّنْ خَوْفٍۢ ﴿٤﴾

(107) Моъун[*] الماعون

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

أَرَءَيْتَ ٱلَّذِى يُكَذِّبُ بِٱلدِّينِ ﴿١﴾	**1**. [Эй Паёмбар] Оё касе, ки рӯзи ҷазоро дурӯғ меангорад, дидаӣ?
فَذَٰلِكَ ٱلَّذِى يَدُعُّ ٱلْيَتِيمَ ﴿٢﴾	**2**. Пас ӯ [ҳамон] касест, ки ятимро [бо дурушти аз худ] меронад
وَلَا يَحُضُّ عَلَىٰ طَعَامِ ٱلْمِسْكِينِ ﴿٣﴾	**3**. Ва [дигаронро] ба итъоми тиҳидаст ташвиқ намекунад
فَوَيْلٌ لِّلْمُصَلِّينَ ﴿٤﴾	**4**. Пас, вой бар намозгузорон!
ٱلَّذِينَ هُمْ عَن صَلَاتِهِمْ سَاهُونَ ﴿٥﴾	**5**. Ҳамон касоне, ки аз намозашон ғофиланд
ٱلَّذِينَ هُمْ يُرَآءُونَ ﴿٦﴾	**6**. Касоне, ки худнамоӣ мекунанд
وَيَمْنَعُونَ ٱلْمَاعُونَ ﴿٧﴾	**7**. Ва [аз амонат додани] васоили зарурии зиндагӣ дареғ меварзанд

(*) Моъун (Ёварӣ).

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

إِنَّآ أَعْطَيْنَٰكَ ٱلْكَوْثَرَ ﴿١﴾

1. [Эй Паёмбар] Ба ростӣ, ки Мо ба ту хайри бениҳоят ато кардем

فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَٱنْحَرْ ﴿٢﴾

2. Пас, барои Парвардигорат намоз бихон ва қурбонӣ кун

إِنَّ شَانِئَكَ هُوَ ٱلْأَبْتَرُ ﴿٣﴾

3. Бе тардид, душманат [аз ҳамаи хайроту баракот бебаҳра ва] бурида аст

(109) Кофирун الكافرون

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Эй кофирон!	قُلْ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلْكَـٰفِرُونَ ﴿١﴾
2. Он чиро шумо мепарастед, ман намепарастам	لَآ أَعْبُدُ مَا تَعْبُدُونَ ﴿٢﴾
3. Ва он чиро, ки ман мепарастам, [низ] шумо намепарастед	وَلَآ أَنتُمْ عَـٰبِدُونَ مَآ أَعْبُدُ ﴿٣﴾
4. Ва на ман парастишгари он чи шумо парастиш кардаед, хоҳам буд	وَلَآ أَنَا۠ عَابِدٌ مَّا عَبَدتُّمْ ﴿٤﴾
5. Ва на шумо парастишгари он чи ман мепарастам, хоҳед буд	وَلَآ أَنتُمْ عَـٰبِدُونَ مَآ أَعْبُدُ ﴿٥﴾
6. [Бинобар ин] Оини шумо барои худатон ва оини ман барои худам»	لَكُمْ دِينُكُمْ وَلِىَ دِينِ ﴿٦﴾

(110) Наср(*) النصر

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

إِذَا جَآءَ نَصْرُ ٱللَّهِ وَٱلْفَتْحُ ﴿١﴾

1. [Эй Паёмбар] Ҳангоме ки ёрии Аллоҳ таоло ва пирӯзӣ фаро расад

وَرَأَيْتَ ٱلنَّاسَ يَدْخُلُونَ فِى دِينِ ٱللَّهِ أَفْوَاجًا ﴿٢﴾

2. Ва мардумро бубинӣ, ки гурӯҳ-гурӯҳ дар дини Аллоҳ таоло дохил мешаванд

فَسَبِّحْ بِحَمْدِ رَبِّكَ وَٱسْتَغْفِرْهُ ۚ إِنَّهُۥ كَانَ تَوَّابًا ﴿٣﴾

3. Пас, ба ситоиши Парвардигорат тасбеҳ гӯй ва аз Ӯ омурзиш бихоҳ; ҳамоно Ӯ бисёр тавбапазир аст

(*) Наср (Пирӯзӣ).

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

تَبَّتْ يَدَآ أَبِى لَهَبٍ وَتَبَّ ﴿١﴾	**1**. Бурида бод ҳар ду дасти Абулаҳаб ва ҳалок бод!
مَآ أَغْنَىٰ عَنْهُ مَالُهُۥ وَمَا كَسَبَ ﴿٢﴾	**2**. Молу сарвaташ ва он чӣ ба даст оварда буд, ба ӯ суде набахшид
سَيَصْلَىٰ نَارًا ذَاتَ لَهَبٍ ﴿٣﴾	**3**. Ба зудӣ ба оташи шуълавар хоҳад даромад
وَٱمْرَأَتُهُۥ حَمَّالَةَ ٱلْحَطَبِ ﴿٤﴾	**4**. Ва ҳамсараш [Умми Ҷамил, он] ҳезумкаш [низ вориди оташ мешавад]
فِى جِيدِهَا حَبْلٌ مِّن مَّسَدٍ ﴿٥﴾	**5**. Бар гарданаш танобе аз лифи хурмост

(*) Масад (Лифи хурмо).

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ӯ Аллоҳ таоло яктост	قُلْ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ﴿١﴾
2. Аллоҳ таоло бениёз аст [ва ҳама ниёзманди Ӯ ҳастанд]	ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ﴿٢﴾
3. На [фарзанде] зода ва на зода шудааст	لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ ﴿٣﴾
4. Ва ҳеҷ кас ҳаммонанди ва ҳамтои Ӯ набуда ва нест»	وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدٌۢ ﴿٤﴾

(113) Фалақ[*] الفلق

Ҷузъи 30

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори сапедадам паноҳ мебарам	قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلْفَلَقِ ﴿١﴾
2. Аз шарри тамоми он чи офаридааст	مِن شَرِّ مَا خَلَقَ ﴿٢﴾
3. Ва аз шарри торикии шаб он гоҳ ки ҳама ҷоро фаро гирад	وَمِن شَرِّ غَاسِقٍ إِذَا وَقَبَ ﴿٣﴾
4. Ва аз шар [-и занони ҷодугар], ки бо афсун дар гиреҳҳо медаманд	وَمِن شَرِّ ٱلنَّفَّٰثَٰتِ فِى ٱلْعُقَدِ ﴿٤﴾
5. Ва аз шарри ҳасуд он гоҳ ки ҳасад варзад»	وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ ﴿٥﴾

(*) Фалақ (Субҳгоҳ).

(114) Нос[*] الناس

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

1. [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам	قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ﴿١﴾
2. Фармонравои мардум	مَلِكِ ٱلنَّاسِ ﴿٢﴾
3. Маъбуди мардум	إِلَٰهِ ٱلنَّاسِ ﴿٣﴾
4. Аз шарри [шайтони] васвасагар, ки [ба ҳангоми зикри Аллоҳ таоло] пинҳон мегардад	مِن شَرِّ ٱلْوَسْوَاسِ ٱلْخَنَّاسِ ﴿٤﴾
5. Ҳамоне, ки дар дилҳои мардум васваса мекунад	ٱلَّذِى يُوَسْوِسُ فِى صُدُورِ ٱلنَّاسِ ﴿٥﴾
6. Аз ҷинниён [бошад] ва [ё аз] одамиён»	مِنَ ٱلْجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ ﴿٦﴾

(*) Нос (Мардум).

номҳои сураҳо

Рақам	Рақам	Саҳифа
1	Фотиҳа	1
2	Бақара	2
3	Оли Имрон	58
4	Нисо	91
5	Моида	124
6	Анъом	148
7	Аъроф	176
8	Анфол	207
9	Тавба	219
10	Юнус	242
11	Ҳуд	258
12	Юсуф	276
13	Раъд	292
14	Иброҳим	300
15	Ҳичр	308
16	Наҳл	316
17	Исро	334
18	Каҳф	349
19	Марям	364
20	Тоҳо	374
21	Анбиё	389
22	Ҳаҷ	402
23	Муъминун	414
24	Нур	426
25	Фурқон	437
26	Шуъаро	446
27	Намл	463
28	Қасас	474
29	Анкабут	487
30	Рум	497
31	Луқмон	505
32	Сажда	510
33	Аҳзоб	514
34	Сабаъ	526
35	Фотир	535
36	Ёсин	542
37	Соффот	550
38	Сод	563

Рақам	Рақам	Саҳифа
39	Зумар	571
40	Ғофир	582
41	Фуссилат	593
42	Шуро	600
43	Зухруф	608
44	Духон	617
45	Ҷосия	622
46	Аҳқоф	627
47	Муҳаммад	633
48	Фатҳ	638
49	Ҳужурот	643
50	Қоф	646
51	Зориёт	651
52	Тур	656
53	Нажм	660
54	Қамар	665
55	Раҳмон	670
56	Воқиъа	676
57	Ҳадид	682
58	Мужодала	687
59	Ҳашр	691
60	Мумтаҳана	695
61	Сафф	698
62	Ҷумъа	700
63	Мунофиқун	702
64	Тағобун	704
65	Талоқ	707
66	Таҳрим	710
67	Мулк	713
68	Қалам	716
69	Ҳоққа	721
70	Маъорич	725
71	Нӯҳ	729
72	Ҷин	732
73	Муззаммил	735
74	Муддассир	738
75	Қиёмат	742
76	Инсон	745

Рақам	Рақам	Саҳифа
77	Мурсалот	748
78	Наба	751
79	Нозиъот	754
80	Абаса	757
81	Таквир	760
82	Инфитор	762
83	Мутаффифин	764
84	Иншиқоқ	767
85	Буруҷ	769
86	Ториқ	771
87	Аъло	773
88	Ғошия	775
89	Фаҷр	777
90	Балад	780
91	Шамс	782
92	Лайл	784
93	Зуҳо	786
94	Шарҳ	787
95	Тин	788
96	Алақ	789
97	Қадр	791
98	Байина	792
99	Залзала	793
100	Одиёт	798
101	Қориъа	795
102	Такосур	796
103	Аср	797
104	Ҳуммаза	798
105	Фил	799
106	Қурайш	800
107	Моъун	801
108	Кавсар	802
109	Кофирун	803
110	Наср	804
111	Масад	805
112	Ихлос	806
113	Фалақ	807
114	Нос	808



بيان معاني
القرآن الكريم
باللغة الطاجيكية

مركز رواد الترجمة

موسوعة القرآن الكريم
QuranEnc.com

9 786038 297827